М. ДИНОРШОЕВ

ҶУСТОРҲО ДАР ФАЛСАФАИ ИБНИ СИНО

Душанбе 2017

М. ДИНОРШОЕВ

ҶУСТОРҲО ДАР ФАЛСАФАИ ИБНИ СИНО

Душанбе 2017

ББК 87.3/2тоҷик/+72.3+87.717
Д-60

Диноршоев М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино.
Душанбе: ҶДММ «Мега-принт», 2017, 512 саҳ.

Муҳаррирони масъул:

Диноршоева З.М.,
доктори илмҳои фалсафа, профессор

Содиқова Н.Н..
доктори илмҳои фалсафа, профессор

ISBN 978-99975-984-0-0

©Диноршоев М., 2017

МУНДАРИҶА

Аз муаллиф 5

ИБНИ СИНО ВА ФАЛСАФАИ Ӯ

Пешгуфтор 9

1. Зиндагӣ ва осори Ибни Сино. 10
2. Мантиқи Ибни Сино. 23
3. Фалсафаи назарии Ибни Сино. 51
4. Фалсафаи амалии Ибни Сино. 82

Хулоса 89

АФРУЗАНДАИ НУРИ ХИРАД ВА АФШОНАНДАИ ТУХМИ МАЪРИФАТ

Дебоча 92

Боби якум. Зиндагӣ ва осори Ибни Сино.

1. Зиндагии фидошуда дар роҳи илм. 93
2. Осори ҷовидонагӣ. 113

Боби дуввум. Саҳми Ибни Сино дар рушди фалсафа

1. Тавсифи куллии фалсафаи Ибни Сино. 136
2. Мантиқи Ибни Сино. 140
3. Масоили фалсафаи назарии Ибни Сино. 152
4. Масоили фалсафаи амалии Ибни Сино. 178
5. Аҳкоми илоҳиёти Ибни Сино. 191
6. Ибни Сино ва шукуфоии фарҳанги ҷаҳонӣ. 200

МАТОЛИБИ ФАЛСАФАИ ИБНИ СИНО

Муқаддима 208

Боби якум. Зиндагӣ ва осори Ибни Сино

1. Зиндагии Ибни Сино 214
2. Осори Ибни Сино. 235

Боби дуввум. Сарчашмаҳои назарӣ ва низоми фалсафии Ибни Сино

1. Сарчашмаҳои назарии ғайрибумии фалсафаи Ибни Сино 251
2. Сарчашмаҳои назарии бумии фалсафаи Ибни Сино 257
3. Низоми фалсафии Ибни Сино 280

Боби саввум. Мантиқи Ибни Сино

1. Мантиқ чун фалсафа ва олати илм. Мавзуъ ва вазифаҳои мантиқ 295
2. Назарияи лафз ва мақулот 300

3. Назарияи қазия 310
4. Назарияи қиёс 320
5. Назарияи бурҳон 336

Боби чаҳорум. Фалсафаи ҳастишиносии Ибни Сино
1. Мафҳуми ҳастӣ дар фалсафаи Ибни Сино. Моҳият ва вуҷуд 339
2. Таҷавҳури аҷсом. 344
3. Назарияи сабабият. 348
4. Ҳаракат, макон ва замон. 358
5. Азалият ва абадияти олам. 362
6. Масъалаи тағйирот ва сабот 364
7. Ҷиҳатҳои фалсафии таълимоти Ибни Сино дар бораи нафс 369

Боби панҷум. Фалсафаи маърифатшиносии Ибни Сино
1. Маърифат ҳамчун инъикос. 374
2. Маърифати ҳиссӣ ва навъҳои он. 378
3. Ақл ва маърифати ақлӣ. 382
4. Маърифати ғайрииктисобӣ ва иктисобӣ. Масъалаи ҳадс. 390
5. Ҳақиқат, гумон ва кизб. 392

Боби шашум. Фалсафаи ҳастии иҷтимоъии Ибни Сино
1. Тарҳи масъала 394
2. Инсон - мавҷуди иҷтимоъӣ 396
3. Асосҳои фалсафии таълимоти ахлоқи Ибни Сино 399
4. Фалсафаи манзилдории Ибни Сино 401
5. Назарияи мадинаи одилаи Ибни Сино 405

Боби ҳафтум. Илоҳиёти Ибни Сино
1. Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд 409
2. Назарияи судур 424
3. Пайғамбар ва пайғамбарӣ 431
4. Назарияи илми илоҳии Ибни Сино 434
5. Назарияи маъод ва таносух 442

Боби ҳаштум. Дар бораи таҳаввули ақоиди фалсафии Ибни Сино

1. Тарҳи масъала 453
2. Рисолаҳои тамсилии Ибни Сино ва муҳтавои ақидатии онҳо 455
3. Дар бораи «Ҳикмати машриқия»-и Ибни Сино ва мазмуни ақидатии он 466
4. «Ишорот ва танбеҳот»-и Ибни Сино ва мавқифи ақидатии он 472
Хулоса 490
Китобиёт 493

АЗ МУАЛЛИФ

Ман ба омӯзиши ҳаёт, осор, назариёти мантиқӣ, фалсафӣ ва табиъии Ибни Сино ва нақши ӯ дар тараққии фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ аз охирҳои садаи бистум ба муносибати омодагӣ ба ҷашни ҳазорумин солзоди вай (1980) оғоз кардам. Дар ин муддат дар бораи аҳволу осор ва назариёти фалсафӣ-илмии вай мақолоти зиёд ва чандин китоб ба забони тоҷикӣ ва русӣ таълиф намудам.

Дар ин маҷмуъа, ки "Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино" номида шудааст, танҳо се асари умдатарини муаллиф гирд оварда шудаанд, ки такмили якдигаранд. Асари якум **"Ибни Сино ва фалсафаи ӯ"** ном дорад ва соли 1980 ба муносибати ҳазорумин солзоди ӯ навишта шуда буд. Он бояд ба ҳайси муқаддамаи ҷилди якуми "Осори мунтахаб"-и мутафаккир ба табъ мерасид, вале бо баъзе сабабҳои муғризона ба ҳайси муқаддамаи ҷилди мазкур пазируфта нашуд ва ба чоп нарасид. Акнун он бо андак таҳрир ва иловаҳо ба ин маҷмуъа ворид карда шудааст.

Асари дуввум **"Афрузандаи нури хирад ва афшонандаи тухми маърифат"** мебошад, ки ба муносибати ҳазору биступанҷумин солзоди Шайхуррасис (с. 2005) навишта шуда ва ба ҳайси муқаддамаи ҷилди якуми "Осор"-и вай чоп шуда буд. Дар он шароити ташаккули назариёти фалсафии мутафаккир, аҳвол ва осори ӯ, ақоиди фалсафӣ ва илоҳиётшиносии вай ва саҳмаш дар шукуфоии фарҳанги ҷаҳонӣ нисбат ба асари пешин муфассалтар баррасӣ шудаанд.

Асари саввум **"Матолиби фалсафаи Ибни Сино"** аст, ки соли 2010 ба шарафи ҳазору сиюмин солзоди вай таълиф шуда ва соли 2011 нашр шуда буд. Ин асар китобест, ки дар он аксарияти масоили мантиқ, фалсафаи ҳастишиносӣ, фалсафаи маърифатшиносӣ, фалсафаи иҷтимоъӣ (ба истилоҳи худи файласуф – фалсафаи амалӣ), илоҳиётшиносии Ибни Сино ва ҳамчунин масоили муносибати ӯ ба калом ва тасаввуф ва нақши ӯ дар рушди баъдии фалсафаи Шарқу Ғарб пурратар таҳлил шудаанд.

Бояд таъкид кард, ки сарфи назар аз таҳқиқоти зиёд дар бораи Ибни Сино ва назариёти ӯ, ки аз ҷониби олимон ва файласуфони ватанӣ ва хориҷӣ анҷом дода шудаанд, наметавон гуфт, ки омӯхтан, таҳлил ва баррасии ақоиди фалсафӣ ва илмии ӯ ба поён расидааст. Ҳанӯз ҳам омӯзиши мантиқи ӯ, хусусан, назарияи мақулот, бурҳон ва ҷадали вай, ақоиди илмӣ-табиъӣ, риёзӣ ва тиббии ӯ ниёз ба омӯзиши бештар до-

ранд, то ки нақш ва мақоми ӯ дар ривоҷи тамаддуни миллӣ ва ҷаҳонӣ ва ҷойгаҳаш дар таърихи илм ва фалсафа воқеъбинонатар муқаррар гардад.

Умед аст, ки мутолаъаи ин маҷмӯъа ба хонандагони гиромӣ, хусусан ҷавонон дар шинохти фалсафаи Ибни Сино, ки ҳаким ва файласуфи мутлақ (на мутакаллим, сӯфӣ ва ориф) аст, кӯмаки шоиста хоҳад кард ва барои худшиносии миллии мо мадади воқеъии назарӣ ва амалӣ хоҳад расонд.

ИБНИ СИНО
ВА ФАЛСАФАИ Ӯ

ПЕШГУФТОР

Ибни Сино бузургтарин файласуф ва олими тоҷик-форс аст, ки дар осори пурғановати худ, чун “Китоб-уш-шифо”, “Китоб-ун-наҷот”, “Лавоҳиқ”, “Китоб-ул-инсоф”, “Ҳикмат-ул-машриқия” (ё “Фалсафат-ул-машриқия”), “Мубоҳисот”, “Донишнома”, “ал-Қонун фӣ тиб” ҳама риштаҳои илмҳои замонаш – мантиқ, фалсафа, табиъиёт (физика, заминшиносӣ, маъданшиносӣ, ҳавошиносӣ, осори улвӣ, набототшиносӣ, равоншиносӣ, ҳайвоншиносӣ), риёзиёт (ҳисоб, алҷабр, ҳандаса, ҳайат ва нуҷумшиносӣ), илоҳиёт, ахлоқшиносӣ, ҷомеъашиносӣ, сиёсатшиносӣ, забоншиносӣ, шеършиносӣ, тиб ва соҳаҳои гуногуни онро ба марҳалаи нави тараққиёт иртиқо дод. Дар ин мавриd ӯ, аз як тараф, ба дастовардҳо ва комёбиҳои илму фалсафаи Юнони Қадим, хусусан Арасту, аз тарафи дигар, ба кашфиёт ва ихтирооти пешиниён ва ҳамзамононаш, аз тарафи саввум, ба навовариҳои илмӣ ва фалсафии худаш мутакко буд.

Ибни Сино дар фалсафа ҷонибдори ҳикмати машшоии Арасту буд, ки ҳанӯз дар асри панҷуми мелодӣ ба Осиёи Марказӣ интиқол ёфт ва Паули Форс дар фарҳангистони Гунди Шопур, ки тайи асрҳои 5-8 аз ҷумлаи муҳимтарин марказҳои илмӣ ва фалсафии давлати Сосониён ба шумор мерафт, дар ривоҷу равнақи он дар ин минтақа хизмати арзанда анҷом додааст. Вале нубуғи Ибни Сино зода ва парвардаи машшоияи Гунди Шопур нест. Нубуғи илмӣ ва фалсафии ӯ, аз як сӯй натиҷаи таъсири бевоситаи осори гаронбаҳои Арасту аст, ки онро худ мукаррар гӯшзад кардааст. Аз сӯйи дигар, нубуғи илмӣ ва фалсафии вай парвардаи замони ӯ ва машшоияи шарқӣ аст, ки бунёдгузорони он Киндӣ ва Форобӣ буданд. Таъсири “Ағрози мобаъду-т-табиъа”-и Форобиро дар дарёфтани моҳият ва маънии “Мобаъд-ут-табиъа”-и Арасту худи мутафаккир дар рисолаи “Саргузашт”-аш ошкоро эътироф кардааст. Вале сарфи назар аз ҳамаи ин наметавон Ибни Синоро дар фалсафа муқаллиди софи Арасту, ё Форобӣ донист. Зеро чунон ки дар рафти таҳлили масоили мантиқ, фалсафаи назарӣ ва фалсафаи амалии ӯ ошкор хоҳем кард, вай дар осори худ ба фалсафаи машшо навовариҳо ва кашфиётеро ворид кардааст, ки ба он сурат ва сирати нав додаанд.

Бояд гуфт, ки хидмати Ибни Сино дар тараққӣ ва такомули фалсафа танҳо аз навовариҳо ва кашфиёти илмию фалсафии ӯ иборат нест. Балки аз он низ иборат аст, ки вай тавассути тарбияи шогирдони бевосита ва пайравони содиқаш мактаби хоси фалсафии худро ташкил дод, ки тараққии баъ-

дии фалсафаро таъмин кард. Дар ин маврид аз Абдуубайди Ҷузҷонӣ, Ибни Зайло, Баҳманёри Озарбойҷонӣ, Абулабоси Лавкарӣ, Умари Хайём ва Насриддини Тӯсӣ бояд ёдовар шуд, ки идомаи тараққиёти фалсафаро дар асрҳои баъдӣ таъмин карданд. Ин кор ба онҳо аз роҳи дифоъи назариёти Ибни Сино аз нақдҳои мутакаллимон, сӯфиён ва ишроқиён муяссар гардид. Дар ин росто хусусан хидмати Насриддини Тӯсӣ, ки ба дифоъи фалсафаи Ибни Сино аз нақдҳои каломии он аз ҷониби Муҳаммад Шаҳристонӣ ва Фахруддини Розӣ бархоста буд, шоистаи таҳсин аст.

Фаъолияти фалсафии Ибни Сино барои тараққӣ ва такомули фалсафа дар Аврупо низ аҳамияти бузург дошт. Тарҷумаи осори фалсафии ӯ ба забони лотинӣ ҳанӯз дар асри 12 боиси ба вуҷуд омадани мактаби синоии лотинӣ гардид, ки яке аз намояндагони бузурги он Сигери Брабантӣ буд. Ин мактаби фалсафӣ дар ташаккул ва рушди фалсафаи Аврупо таъсири бисёр муфид дошт. “Ал-Қонун фӣ-т-тиб”-и вай ҳам, ки дар ҳамин давра ба забони лотинӣ тарҷима шуда буд ва то асри 18 китоби дарсии донишгоҳҳои аврупоӣ ба шумор мерафт, дар ривоҷи илми тибб дар Аврупо нақши арзанда бозид.

Назариёти табиъӣ-илмӣ ва риёзии Ибни Сино, хусусан назариёти заминшиносӣ, маъданишиносӣ, набототшиносӣ, ҳайвоншиносӣ, ҳандасӣ, ҳайатшиносӣ ва нуҷумшиносии вай низ дар таърихи илм марҳалаи наве буданд. Аммо ин осори ӯ то ба ҳол басе кам омӯхта шудааст. Агар мутахассисони таърихи илми тоҷик дар ин роҳ иқдоми самарабахш кунанд, дар синошиносӣ саҳми арзандае хоҳанд гузошт.

Ба назардошти хидматҳои шоистаи Ибни Сино дар тараққии илм, фалсафа ва фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ ба таври арзанда баргузор кардани ҷашни ҳазорумин солзоди ӯ вазифа ва қарзи миллии мост.

1. ЗИНДАГӢ ВА ОСОРИ ИБНИ СИНО

Абу Алӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино 16 - уми августи соли 980 дар деҳаи Афшана (дар ҳаволии шаҳри Бухоро) по ба арсаи вуҷуд ниҳодааст. Падари ӯ Абдуллоҳ аз тоҷикони Балх буда, дар замони Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ (976-997) ба Бухоро ҳиҷрат кард ва ба тасарруфи корҳои девонии қарияи Хурмайсан расид. Ситорабону - модари Ҳусайн аз тоҷикони Афшана аст, ки номаш низ бар он далолат мекунад. Дуруст аст, ки на дар сарчашмаҳо ва на дар «Саргузашт»-и Ибни Сино, ки қисми аввалашро худи ӯ имло кардааст ва қисми дуввумашро шогирдаш Абуубайди Ҷузҷонӣ (Ҷурҷонӣ)

навиштааст, мансубияти қавмии ӯ таъкид нашудааст. Вале сарфи назар аз ин то охири садаи 19 касе мансубияти вайро ба қавми тоҷик (форс) рад намекард. Шубҳаҳои аввалин дар ин бора дар охири асри 19 аз ҷониби олимони Туркия баён шуда, солҳои 1937-1940 тавсеъа дода шудаанд. Онҳо кӯшиш намудаанд исбот кунанд, ки Ибни Сино на тоҷик (на форс), балки турк аст. Онон ин даъвои худро бо чунин далел исбот мекарданд, ки Ибни Сино на шиъӣ , балки суннӣ аст ва ӯ ба форсӣ асаре таълиф накардааст [1].Олимони турк ин «далелҳоро» (агар онҳоро далел номидан мумкин бошад) пеш оварда, наметавонистанд надонанд, ки то асри 11 аксарияти мутлақи аҳолии Осиёи Миёнаро мардумони ориётабор ва тоҷикзабон (форсизабон) ташкил медоданд ва дар ин ҷо ҳамеша мазҳаби суннӣ вусъати тамом дошт. Онҳо ҳамчунин наметавонистанд надонанд, ки дар Эрон ҳам, ки Ибни Сино соли 1012 ба он ҷо ҳиҷрат карда буд, то асри 15, яъне то замони истиқрори Сафавиён дар Эрон, аксарияти мутлақи аҳолиро сунниён ташкил медоданд. Онон бояд медонистанд, ки ӯ ба забони тоҷикӣ (форсӣ) бештар аз 30 асар таълиф кардааст, ки дар байнашон асари доиратулмаъорифии «Донишнома» аст ва дар он масоили умдаи мантиқ, фалсафа, илоҳиёт, табиъиёт ва риёзиёт ба забони фасеҳи тоҷикӣ (форсӣ) баён шудаанд. Олимони турк бояд медонистанд, ки Ҳоҷӣ Халифа – тазкиранависи машҳури асри 17, ки дар Туркия мезист, дар китобаш «Кашф-уз-зунун» навиштааст, ки Ибни Сино «Донишнома», «Рисола фӣ маъод» ва «Рисола фӣ меъроҷ»-ро ба забони форсӣ (тоҷикӣ) таълиф кардааст. Олимони турк ҳамчунин бояд медонистанд, ки Ибни Сино ба эътирофи худ танҳо ва танҳо ду забон – забони арабӣ ва форсиро (тоҷикро) медонист. Ӯ худ навиштааст: «Локин луғоте, ки мо медонем холист аз истеъмоли нафйи куллӣ бар ин сурат, ки фарз кардем. Ва дар ҳасри солибаи куллӣ лафзе истеъмол кардаанд, ки мушъир бувад ба зиёдати маъние, ки муқтазои ин итлоқ аст. Дар арабият гуфтанд: «Ло шайа мин Ҷ Б» ва муқтазои ин беш аз он нест, ки ҳеҷ чиз аз он чи Ҷ аст мавсуф нест ба Б, балки салб аст аз ҳар яке аз мавсуфот ба Ҷ, модом ки мавзуъ аст ҷомеъро. **Ва ҳамчунон дар луғати [фасеҳи] форсӣ гуфтаанд:** “Ҳеҷ Ҷ Б нест»[2]. Агар Ибни Сино турк будӣ ва дар руҳи суннатҳо ва фарҳанги туркӣ тарбия шудӣ, дар ин маврид ҳатман ба

1. Буюк турк файласуф ва тиб устоди Ибни Сино шахсияти ва асарлари ҳақида тадгиглар. Ганчи ҳикмат. Истамбул, 1873. The Great Turkish Philosopher and master of medicin Ibn Sina (Avicenna). Studies on his Personalitu and Works. Istanbul 1937; The Question of Persionality and Nationalty of Ibn Sina (Avisenna). Turk tarih Kuramy Beellten. Ankara,4.3.1940.
2. Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. Теҳрон, 1332.С. 36.

донистани забони модарии туркиаш ишорате мекард. Вале азбаски дар осори Ибни Сино ин гуна ишораҳо куллан вуҷуд надоранд, бинобарин ин ҳама пиндоштҳои воҳӣ дар бораи аслу насаби туркии вай бояд қотеъона рад карда шаванд. Аз олимони турк пурсида мешавад, ки чӣ гуна метавон Ибни Синоро турк донист, дар сурате, ки вай мегӯяд: «Мардумоне, ки аз таҳсили фазилатҳо дураанд, чун туркон ва савадон, табиъатан бояд ғулом бошанд»[1].

Тақрибан соли 986 мелодӣ хонаводаи Абдуллоҳ аз Афшана ба шаҳри Бухоро мунтақил шуд. Дар он айём шаҳри Бухоро на танҳо маркази сиёсӣ ва фарҳангии тоҷикон, балки яке аз марокизи муҳими илмӣ ва фарҳангии олами мутамаддини қарни 10 маҳсуб мешуд. Ҳусайн дар муҳити сиёсӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва адабии шаҳри Бухоро чун донишманди комил ва файласуфи мутабаҳҳир нашву нумувв ва рушд намудааст. Ӯ дар синни даҳсолагӣ Қуръон ва тамоми улуми адабии замонашро чунон фаро гирифт, ки аз ӯ шигифтовар буд. Сипас Ҳусайн ба омӯхтани улуми назарӣ ва амалӣ пардохт ва ибтидои риёзиётро назди Маҳмуди Массоҳ, фиқҳро назди Исмоили Зоҳид, фалсафа ва мантиқро назди Абу Абдуллоҳи Нотилӣ фаро гирифт. Вале таълим дар назди асотид натавонист тақозои ақли закии ӯро қонеъ бикунад. Бинобар ин, Ҳусайн ба таври мустақил худ ба мутолаъаи кутуб ва шуруҳ дар улуми фалсафа, мантиқ ва риёзиёт машғул шуд ва дар ин улум чунон даст ёфт, ки назир надошт. Баъди фаро гирифтани улуми мазкур, Ибни Сино ба омӯхтани илми тиб мубодират намуд. Ӯ худ гӯяд: «Сипас ба илми тиб рағбат кардам ва ба хондани кутуби тиббӣ оғоз кардам. Илми тиб аз улуми душвор нест, бинобар ин дар андак муддат дар он чунон бузург шудам, ки фузалои тиб назди ман ба хондани илми тиб оғоз карданд. Ман парастории беморонро ба ӯҳда гирифтам. Дарҳои муолиҷае, ки аз таҷриба ба даст омадааст, ба рӯйи ман чунон кушода мешуданд, ки берун аз васф аст[2]».

Ибни Сино дар ин ҳангом Нӯҳ ибни Мансур - подшоҳи Бухороро аз беморие, ки пизишкон дар илоҷи он оҷиз монда буданд, даво кард ва ба ин васила барои истифода аз китобхонаи ӯ иҷоза дарёфт намуд: «Вай маро иҷозат дод ва вориди сарое шудам, ки хонаҳои бисёр дошт. Дар ҳар хона

1. Ибни Сино. Аш- Шифо. Ал- Илоҳиёт (2). Қоҳира, 1956. С 453.
Дар бораи қавмияти Ибни Сино аз солҳои 80-уми садаи 20-ум назароти дигаре низ баён шудаанд, ки мо онҳоро дар китобҳои худ «Натурфилософия Ибни Сины» (Душанбе, 1985), «Компендиум философии Ибн Сины» (Душанбе, 2010) ва «Матолиби фалсафаи Ибни Сино» (Душанбе, 2011) таҳлил кардаем.
2.Ибни Сино. Ал-Ишороту ва-т-танбиҳот. Ал-қисму-л-аввал. ат-Табъату-с-сонияти. Дорулмаориф. Миср. С. 86.

сандуққои китоб болои ҳам чида буданд. Дар як хона кутуби улуми арабӣ ва шеър, дар дигараш кутуби фиқҳ ва ба ин минвол дар ҳар хона китобҳои як илмро гирд оварда буданд. Сипас феҳристи кутуби қудаморо мутолаъа намудам ва он чиро, ки ба он ниёз доштам, хостам. Кутуберо дидам, ки бисёр касон ҳатто номашонро нашунидаанд ва ман онҳоро қабл аз ин ва пас аз ин надидаам. Он кутубро хонда, судҳо бурдам ва андозаи дониши ҳар марди илмро шинохтам»[1].

Баъдан Ибни Сино омӯзиши мантиқ ва ҳамаи қисматҳои фалсафаро аз сар гирифт ва якуним соли умри худро сарфи ин машғулият намуд. Ӯ дар синни ҳаждаҳсолагӣ аз омӯхтани ҳамаи улуми замонаш фориғ гардид ва чун донишманди комил, табиби ҳозиқ ва файласуфи нуктасанҷ машҳур гашт. Баҳсе, ки соли 998 миёни ӯ ва Абурайҳони Берунӣ дар масоили муҳими табиъатшиносӣ ва фалсафаи Арасту даргирифт, далели он аст. Шояд номаҳои ӯ дар ҷавоби суолҳои Берунӣ роҷеъ ба ишколоти табиъиёт ва фалсафаи Арасту, ки дар 18-солагии вай таълиф шуда буданд, нахустин мусаннафоти илмии ӯ бошанд. Басо шигифтовар аст, ки Ибни Сино дар синни 18-21 солагӣ, яъне тайи солҳои 998-1001 осоре таълиф кардааст, ки баъзеи онҳо аз чандин муҷаллад иборатанд. Дар «Саргузашт»-и худ ӯ навиштааст: «Дар ҳамсоягии ман марде буд, ки ӯро Абулҳасани Арӯзӣ мегуфтанд. Ӯ аз ман дархост барояш китобе бинависам, ки ҷомеъи улум бошад. Барои ӯ «ал-Маҷмӯъ»- ро таълиф кардам… ва дар он ҷуз риёзиёт, соири улумро гирд овардам. Маро дар он ҳангом бисту як сол буд. Инчунин дар ҳамсоягии ман марде буд, ки ӯро Абубакри Баракӣ мегуфтанд ва зодаи Хоразм буд. Ӯ марде буд доносиришт ва дар фиқҳ, тафсир ва зуҳд ягона. Ӯ аз ман шарҳи китоберо хост ва барои вай «Ал-Ҳосил ва-л- маҳсул»-ро қариб дар бист муҷаллад тасниф кардам. Дар ахлоқ барои ӯ китобе нигоштам, ки онро китоби «Ал-Бирр ва-л-исм» ном ниҳодам. Ин ду китоб танҳо назди ӯст ва ҳеҷ касро ба орият намедиҳад, ки аз онҳо нусха бардорад»[2].

Ибни Сино дар ҳамин давраи оғози фаъолияти халлоқаи пурҷушу хуруши худ ба фоҷиъоти сахте мувоҷеҳ мегардад. Аввал ин ки падари бузургвори ӯ, ки дар тарбияи илмӣ ва фарҳангии фарзанди азизаш кӯшиши зиёд ба харҷ дода буд, оламро падруд гуфт ва ҷигаргушаи худро дар ҷаҳони фитнаву найранг бе пушту паноҳ гузошт. Дигар ин ки Давлати Сомониён, ки Ибни Сино дар муҳити илмию фарҳангии он рушд

1. Ибни Сино. Ал-Ишороту ва-т-танбиҳот. С. 88.
2 Ибни Сино. «Ал- Ишороту ва-т- танбиҳот. С. 88.

карда буд ва ба он дилбохтагии фаровон дошт, дар зери зарбаҳои туркони қарохонӣ аз байн рафт ва марказҳои илмию фарҳангии он хароб гардиданд. Ибни Сино шикасти давлати Сомониёнро чун фоҷиаи фалокатбори зиндагии шахсии худ қабул кард. Шояд гуфтори зерини ӯ ишорае ба хамин амри воқеъ бошад: «Зарурат маро водошт, ки аз Бухоро рахт барбандам ва рӯ ба Гурганҷ оварам»[1].

Ибни Сино тақрибан солҳои 1002-1003 (агар тахмин кунем, ки вай баъди шикасти Давлати Сомониён ва баъди як ё ду соли марги падараш азми Хоразм карда бошад) ба Гурганҷ - пойтахти Давлати Хоразмшоҳиён ҳиҷрат карда ба фарҳангистони Маъмун ворид шуд ва то соли 1012 он ҷо монд. Вале на дар «Саргузашт»-и худи ӯ ва на дар маъхази дигаре дар хусуси чӣ ранг ҷараён ёфтани зиндагӣ ва фаъолияти илмию адабии ӯ дар Гурганҷ иттилоъе дар даст нест, танҳо маълум аст, ки Абулҳусайн Аҳмад ибни Муҳаммади Суҳалӣ – вазири Алӣ Ибни Маъмун ӯро сарпараст кардааст.

Ибни Сино соли 1013 (назар ба иттилоъи Абуубайд Ҷурҷонӣ, ки дар муқаддимаи «Аш-Шифо оварда аст: ҳангоме, ки Шайхурраис ба Гургон расид, сию се сол дошт) аз Гурганҷ ба Гургон мусофират намуд. Ибни Сино худ нигоштааст, ки пас зарурат маро маҷбур кард ба Нисо (дар матни асл «Фасо» омадааст, ки бояд ғалат бошад – М.Д), аз он ҷо ба Бовард (яъне Абевард-М.Д), аз он ҷо ба Тус, аз он ҷо ба Шақон (қарияест дар ҳаволии Нишопур- М.Д), аз он ҷо ба Саманиқон (Самангон- М.Д), аз он ҷо ба Ҷоҷарм, ки дар сарҳади Хуросон аст ва аз он ҷо ба Ҷурҷон (Гургон –М.Д) мусофират кунам»[2].

Низомии Арузии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» - и худ аз боби ҳиҷрати Ибни Сино ба шаҳрҳои Эрон сухан ба миён оварда, менависад, ки султон Маҳмуди Ғазнавӣ аз Маъмуни дуввум - шоҳи Хоразм дархост, ки уламои дарборашро ба Ғазна фиристад, то султон аз суҳбати эшон баҳра бибарад. Хоразмшоҳ уламоро аз дархости султон огаҳ сохт. Берунӣ ва соири уламо дархости султонро пазируфтанд ва ба Ғазна рафтанд. Аммо Ибни Сино аз дархости султон Маҳмуд сар боззад ва ба Абу Саҳли Масеҳӣ озими Гургон гардид. Вале ин иттилоъи Арузии Самарқандӣ машкук аст, зеро он ба ҳақоиқи муътамади таърихӣ мухолиф мебошад: якум, чунон ки Берунӣ худ дар асараш «Мардони номвари Хоразм» нигоштааст ва Байҳақӣ дар «Таърихи масъудӣ» онро иқтибос

1 Маъхази номубурда. С. 89.
2 Ибни Сино. Ал-Ишшороту ва-т-танбиҳот. С. 89

кардааст, ҳам Берунӣ ва ҳам соири уламои фарҳангистони Маъмун (ҷуз Ибни Сино ва Абусаҳли Масеҳӣ) то соли 1017, яъне то замони Хоразмро мусаххар кардани султон Маҳмуд, дар он ҷо буданд[1]. Дуюм, Байҳақӣ бар мабнои иқтибос аз «Мардони номвари Хоразм» - и Берунӣ ривоят мекунад, ки Абулаббос Маъмун ибни Маъмул тайи солҳои 1014-1017 роҷеъ ба рафъи хатари истилои Хоразм аз тарафи Султон Маҳмуд бо Берунӣ машварат мекардааст[2]. Сеюм, Берунӣ дар «Таҳдиду ниҳоят-ил-амокин» меоварад, ки 18 сентябри соли 1017 дар яке аз кохҳои Хоразмшоҳӣ ирсодоти нуҷуми анҷом медодааст[3].

Ба ақидаи мо асбоби ҳақиқии азимати Ибни Сино ба Гургон ба ин қарор аст:

1. Соли 1013 Маъмун ибни Маъмун сарпарасти Ибни Сино – вазир Суҳалиро аз вазифа маъзул кард ва вай ҳамон сол ба Бағдод куч баст. Ин амр наметавонист дар вазъи Ибни Сино бе таъсир бошад.

2. Миёни Маъмун ибни Маъмун ва ашрофу аъёни Хоразм соли 1013 низоъе рух дод, ки он боиси бесуботии вазъи Хоразм гардид.

3. Султон Маҳмуд дербоз дар орзуи тасхири Хоразм буд. Ибни Сино дер ё зуд воқеъ шудани ин амалро дарк мекард. Бинобар ин ҳикмати «илоҷи воқеъа пеш аз вуқуъ»-ро беҳтар донист.

Ибни Сино азми Гургон намуда ба пуштибонии Қобус ибни Вушмгир - ҳокими маърифатпарвари Оли Зиёр умедвор буд. Вале чунон ки худи ӯ дар «Саргузашт»-аш хабар медиҳад, “дар ин ҳангом чунин иттифоқ афтод, ки Қобус гирифтор ва маҳбус гардид ва дар зиндон даргузашт»[4] . Шояд ба ин сабаб буд, ки Ибни Сино дар Гургон зиёд иқомат накард ва ба Деҳистон азимат намуд. Вале ба сабаби беморӣ ба Гургон бозгашт. Дар ин ҷо Абуубайди Ҷузҷонӣ ба ӯ пайваст ва то поёнии умри Шайхурраис дар мулозимат ва хидмати ӯ буд.

Аз рӯи маълумоти Абуубайди Ҷузҷонӣ дар Гургон Ибни Сино «Ал -Мухтасар-ул-авсат», (дар илми мантиқ) «Ал - Мабда’ ва-л- маъод» «Ал-Ирсод-ул-куллия», китоби аввали «Ал-Қонун фи-т-тиб», ва «Мухтасару-л-Маҷастӣ» ро таълиф намуд. Аз қасидае, ки ӯ дар Гургон дар ҳасби ҳоли худ сурудааст, чунин ба назар мерасад, ки вазъи иҷтимоии ӯ дар он ҷо

1 Абу ал-Фадл Бейхаки. История Масуда. М.1969. С. 808-828.
2 Маъхази номбурда. С.812-813;
3 Ал-Беруни. Избранные труды. Т. 3. Ташкент. 1966.С.202.
4 Ибни Сино. Ал-Ишорат ва-т-танбеҳот. С.89

чандон хуб набудааст.

Бузург гаштаму майдон васеъ нест маро,
Фузуд қимати ман, вале муштарист нопайдо.

Шояд ба ин сабаб бшад, ки ӯ бори дуввум ба Рай рафт. Вале дар ин ҷо дер иқомат накард: тақрибан соли 1015 ба Ҳамадон рафт. Ибни Сино дар Ҳамадон то соли 1023 иқомат кард. Вай ҳокими Ҳамадон Шамсуддавларо аз дарди қуланҷ даво карда ба эҳтироми зиёд ноил гашт ва ба ин васила ба мартабаи вазирӣ расид. Вале аъёну ашроф ва сарбозони туркнажоди ҳокими Ҳамадон, ки ба ақоиди ӯ дар мавриди идораи умури давлатӣ ва шеваи нигоҳдории лашкариён мухолифат доштанд, бар зидди ӯ бархоста маҳбусаш карданд, хонаашро тороҷ намуданд ва қатлашро аз амир хостгор шуданд Амир Шамсуддавла аз қатли ӯ худдорӣ кард, вале барои ризои лашкариёни турк ва аъёну ашроф вайро аз вазорат маъзул кард. Аммо сипоҳиёни турк ва аъёну ашрофро ин иқдоми ҳоким қонеъ накард. Бинобар ин Ибни Сино чиҳил рӯз дар манзили дӯсташ Абусаъид ибни Даҳдук пинҳон шуд. Дар ин миён Шамсуддавларо бемории қуланҷ аз нав нороҳат сохт ва ӯро ҳоҷат ба дармони Шайхурраис афтод. Ибни Сино дуюм бор ӯро дармон кард ва боз ба мақоми вазорат расид. Вале чанде баъд Шамсуддавла даргузашт ва писараш Самоуддавла рӯи кор омад. Ӯ Шайхурраисро ба вазирӣ напазируфт. Зиёда аз ин ӯро ба иттиҳоми мукотибаи махфӣ бо Алоуддавла - амири Исфаҳон - дар қалъаи Фардаҷон зиндони кард. Ӯ дар қасидае, ки ба ин муносибат иншо кардааст, гӯяд:

Духулам дар яқин тавре ки дидӣ,
Тамоми шубҳа дар тарзи хуруҷ аст[1].

Чунон ки аз ин ҳақоиқ маълум мешавад, зиндагии Ибни Сино дар Ҳамадон ҳам осоишта набудааст. Вале бар рағми он ӯ ҳатто дар зиндон ҳам аз пажӯҳиш ва таълиф даст бознадоштааст. Ӯ дар Ҳамадон фанҳои мантиқ ва табиъиёти «Шифо», «Ал-Адвияту- л - қалбия» ва дар зиндони Фардаҷон «Ал-Ҳидоя», «Ҳай ибни Яқзон ва «Ал - Қуланҷ»-ро таълиф кардааст. Ғайр аз ин ӯ дар Ҳамадон ба таълими шогирдон пардохта, шабҳо тадрис мекард, зеро рӯзона масруфи корҳои давлатӣ буд[2] .

Баъди раҳоӣ аз зиндони қалъаи Фардаҷон Ибни Сино ҳамроҳи бародараш Маҳмуд ва шогирдаш Абуубайди Ҷузҷонӣ ба таври махфӣ дар либоси суфиён ба Исфаҳон ҳиҷрат кард «Он гоҳ дӯстони Шайх ва надимон ва аҳли дар-

1 Аз арабӣ тарҷумаи Суҳайли Ҷавҳаризода.
2 Маъхази номбурда. С. 93.

бори амир Алоуддавла уро истиқбол намуданд ва барои ӯ ҷома ва савориҳои хоса фиристоданд… Ва дар маҷлиси Алоуддавла икром ва эъзозро дид, ки мисли ӯро муносиб аст» [1]. Зиндагии Ибни Сино дар Исфаҳон нисбатан хуш буд ва ба ин сабаб ӯ то поёни умр он ҷо иқомат гузид. Шароити нисбатан ороми зиндагӣ дар Исфаҳон ба ӯ имкон дод, ки таълифоти зиёде ба анҷом бирасонад. Чунон ки Абуубайдӣ Ҷузҷонӣ навиштааст: ӯ «дар Исфаҳон ба анҷом додани китоби «Шифо» пардохта «Мантиқ»-и он ва «Маҷастӣ»-ро ба охир расонд, «Уқлидис», «Арисмотиқӣ» ва «Мусиқӣ»- ро мухтасар кард ва дар ҳар як китоби риёзӣ иловаҳоеро ворид сохт, ки мавриди эҳтиёҷ медонист. Дар «Ал-Маҷастӣ» андар хилофи манзар даҳ шаклро ворид кард ва дар охири Ал-Маҷастӣ дар илми ҳайат чизҳоеро ворид кард, ки қабл аз ин касе нагуфта буд. Дар «Уқлидис» шубҳаҳое (теоремаҳое), дар «Арисмотиқӣ» (Арифметика) нукоти борике ва дар «Мусиқӣ» масоилеро овард, ки қудамо аз онҳо дар ғафлат буданд. Китоби маъруф ба «Шифо»-ро, ҷуз китоби «Набот» ва «Ҳайвон» ба анҷом расонид. Вале ин ду китобро дар соле, ки Алоуддавла оҳанги Собурхост (муарраби Шопурхост, ки байни Хузистон ва Исфаҳон воқеъ буд-М.Д) тасниф намуд. Инчунин китоби «Наҷот»-ро дар роҳи Собурхост гирд овард”. Ибни Сино «Донишномаи алоӣ», «Лисон-ул-араб» (дар даҳ муҷаллад), «Ал - Инсоф» (дар бист муҷаллад), «Ал-Ҳикмат-ул-машриқия», «Мубоҳасот» ва «Ал-Ишорот ва-т-танбеҳот»-ро низ дар Ҳамадон таълиф кардааст. Ҷузҷонӣ дар бораи «Лисон-ул-араб» ва «Ал-Инсоф» нигошта аст: «Шайх дар луғат китобе тасниф карда ва онро «Лисон-ул-араб» ном ниҳод, ки мисли он дар луғат китобе тасниф нашудааст. Ва ҳанӯз онро тозанавис накарда буд, ки аз дунё рафт ва китоб дар шакли мусаввада боқӣ монда ва касе ба тартиби вай даст наёфт… Шайх «Китоб-ул-Инсоф»-ро таълиф кард ва рӯзе, ки Султон Масъуд (писари Султон Маҳмуд, ки баъди падар ба салтанат расида буд-М.Д) ба Исфаҳон ворид шуд, сарбозони ӯ дороии Шайхро ба ғорат бурданд ва китоб дар зимни онҳо буд ва баъд аз он нишоне пайдо нашуд»[2].

Чунон ки маълум шуд зиндагии Ибни Сино басе пурталотум, пуристироб ва ноором будааст. Моҷаро ва тазйиқҳои дарборӣ, ғурбат ва мусофирати тулонӣ, азоб ва азиятҳои рӯзгор, хиёнатҳои пизишкон ва навкарон дар табобати ӯ аз дарди қуланҷ боиси табоҳии сиҳҳати ӯ гардиданд. Соли

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С. 12.
2 Ибни Сино. Ал- Ишорот. С. 95-96.

1037 ҳангоме ки Алоуддавла оҳанги сафари Ҳамадон кард, Шайхро ҳамроҳи худ гирифт. Дар роҳи Ҳамадон бемории қуланҷи ӯ аз нав шиддат гирифт. Баъди чанд рӯз ӯ дар Ҳамадон аз дунё даргузашт ва ҳамон ҷо ба хок супорида шуд.

Зиндагии Ибни Сино кӯтоҳ, вале саршор аз ҳаводиси ногувори рӯзгор буд. Аммо ӯ дар зиндагии кӯтоҳ ва пурмашаққати худ мероси бузурги маънавӣ ба ёдгор гузошт. Байҳақӣ ба ӯ 38, Қифтӣ – 48, Ибни Абӣ Усайбиъа – 45, Шарофиддини Сомӣ – 86, Ибни Халикон – 82, Қаннавотӣ-276, А.М. Баҳоуддинов-300, Саъид Нафисӣ-486, аз ҷумла ба форсӣ 24 китоб, рисола ва мақола нисбат додаанд. Дар «Саргузашт»-и Ибни Сино, ки қисмати аввалаш навиштаи худи ӯ ва қисмати дуюмаш таълифи Ҷузҷонӣ аст, бештар аз панҷоҳ асари Шуйхурраис номбар шудааст, ки бархе аз онҳо аз чандин муҷаллад иборат аст. Масалан, «Лисон-ул-араб» дар даҳ муҷаллад, «Ал - Қонун фит -тибб» дар чаҳордаҳ муҷаллад, «Китоб-уш-Шифо» дар ҳаждаҳ муҷаллад, «Ал-ҳосил ва-л-маҳсул» ва «Ал-Инсоф» ҳар яке дар бист муҷалла тасниф шудаанд. Дар радифи осори муҳими мутафаккир «Донишнома», «Наҷот» ва «Мубоҳисот»-и ӯро низ ном бояд бурд. Агар Ибни Синоро ҷуз инҳо таснифоти дигаре набудӣ, сазад, ки ӯро дар зумраи пурмаҳсултарин донишмандони ҷаҳон ҷой диҳем.

Дар байни осори ёдшудаи файласуф пеш аз ҳама «Китоб-уш- шифо»-и ӯ аҳамияти бузурги фалсафӣ, илмӣ ва фарҳангӣ дорад. Ин китоб, ки аз чаҳор бахш иборат аст, баррасӣ ва таҳлили масоили мантиқ, табиъиёт, риёзиёт ва илоҳиёт (илоҳиёт ба маънии ахас ва фалсафаи уло)-ро шомил аст. Одатан чунин мешуморанд, ки он шарҳи китобҳои Арасту аст. Вале Ҷузҷонӣ, ки ба муҳтавои ин китоб хуб шинос буд, чунин меоварад: «... Ман аз ӯ шарҳи китобҳои Арастуро хостам ва ӯ хотирнишон кард, ки дар ин ҳангом ӯро барои ин кор фурсат нест, валекин гуфт: «Агар ба таснифи китобе аз ман ризо бошӣ, ки дар он ҳар чи аз ин илмҳо назди ман дуруст шудааст, бидуни мунозира бо мухолифон ва пардохтан ба радди онҳо биёрам, ин корро анҷом медиҳам. Ман ба он ризо шудам ва ӯ аз табиъиёти китоби «Шифо» шуруъ кард.... Дар ҳар як китоби риёзиёт иловаҳоеро ворид сохт, ки мавриди эҳтиёҷ медонист. Дар «ал- Маҷистӣ" оид ба ихтилофи манзар даҳ шакл дохил кард ва дар охири «ал- Маҷистӣ» дар илми ҳайат чизҳоеро ворид кард, ки пеш аз ин гуфта нашуда буданд. Дар «Мабодӣ»- и Уқлидис шубҳаҳое (теоремаҳое – М. Д), дар "Арисматиқӣ" хосиятҳои хуб ва дар «Мусиқӣ»

масъалаҳоеро овард, ки пешиниён аз он дар ғафлат буданд»[1]. Чунон ки дар рафти таҳлили назариёти мантиқӣ, табъиётӣ ва илоҳиётии ӯ ишора хоҳад шуд, вай дар «Шифо» дар ин риштҳои улум низ навовариҳои зиёд ворид кардааст. Инро низ бояд гуфт, ки баъзе олимони турк ақида доранд, ки «Шифо»-и Ибни Сино талхиси «ат-Таълим-ус-сонӣ»-и Форобӣ аст, ки гӯё дар «Сивон-ул- ҳикма»-и Исфаҳон маҳфуз будааст[2]. Вале ин ақидаи олимони турк ботил аст. Зеро Ибни Сино ба Исфаҳон танҳо соли 1025 омад, ки то ин замон аксарияти бахшҳои «Шифо»-ро навишта буд. "Дар Исфаҳон, – чунон ки Ҷузҷонӣ шаҳодат медиҳад, - [Ибни Сино] ба анҷом додани китоби «Шифо» пардохт, мантиқ ва «ал-Маҷистӣ»-ро ба охир расонд»[3].

Дар эҷодиёти Ибни Сино марҳилаи тозаро «Ҳикмат-улмашриқия», расоили тамсилии ӯ «Ҳаи ибни Якзон», «Саломон ва Абсол», «Тайр» ва қасидаи «Айния» ташкил медиҳанд. Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла шарқшиноси фарансавӣ Ҳенри Корбен[4], онҳоро намунаи таҳаввули ақоиди Ибни Сино аз машшоия ба ирфон ва тасаввуф медонанд. Вале бояд гуфт, ки мутолаъаи муқоисавии «Шифо» ва қисматҳои маҳфузи «Ҳикмати машриқия» ҳеҷ гуна тафовути ҷиддии ақидатии ин ду асарро зоҳир намекунад. Шарҳҳои расоили рамзии ӯ ҳам, ки аз ҷониби шогирдони бевоситааш Абуубайди Ҷузҷонӣ, Ибни Зайло ва пайрави собитқадамаш Насриддини Тӯсӣ анҷом шудаанд, маънии ирфонӣ ва тасаввуфи доштани онҳоро тасдиқ намекунанд.

Як даста муҳаққиқони осори Ибни Сино, аз ҷумла Гуашон, Эҳсон Ёршотир, Қосим Ғанӣ, Е. Э. Бертелс ва Сайд Хусайн Наср «Ишорот ва танбеҳот» - и Шайхурраисро низ, ки соли 1037- чанде пеш аз маргаш навишта шудааст, намунаи ошкори осори ирфонӣ - тасаввуфӣ - ишроқии ӯ медонанд. Вале ин ақидаи онҳо ҷуз як пешҳадсе чизи дигаре нест, зеро ба таҳлили қаринаии «Ишорот ва танбеҳот» асос наёфтааст. Ба назари мо мазмуни бахшҳои мантиқ, табиъиёт ва илоҳиёти ин китоб аз мазмуни бахшҳои марбути «Шифо» фарқи ақидатии чандоне надоранд. Дар бахшҳои ба ирфон бахшидаи китоб мо аввалин таҳлили назарии моҳияти ирфон, заминаҳои маърифатии вай, равиши ақидатии онро пайдо мекунем. Ҳар гоҳ файласуфе моҳияти ирфон, аслҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, арзишшиносӣ ва равоншиносии онро таҳлил ва

1 Абуали Ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди 1. Душанбе, 1980. С. 22-23
2 Suheil Unver. Tibb tarixi. Istanbul, 1943. C.83
3 Абуалӣи ибни Сино. Осори мунтахаб. С. 23.
4 Ҳенри Корбен. Ибни Сино ва тамсилоти ирфонӣ. Теҳрон, 1387.

баррасӣ мекунад, ин чунин маънӣ надорад, ки ӯ худ ориф аст, ё ба ирфон майл кардааст. Инро низ бояд ба назар гирифт, ки тарзи ҳаёти Ибни Сино ирфонӣ набуд ва ӯ таҷрибаи ирфонӣ надошт.

Дар байни осори илмӣ-фалсафии Ибни Сино «Донишнома»-и ӯ аҳамияти хосро молик аст. Шарқшиноси шуравӣ Е. Э. Бертельс дар боби аҳамияти ин асар навишта буд: «Асарҳои асосии Ибни Сино ба арабӣ таълиф шудаанд. Вале ба назар мерасад, ки ӯ зарурати ба забони модарӣ баргаштанро дарк карда буд. Масалан, маҷмуъаи бузурги оммафаҳми ӯ, ки «Донишномаи алоӣ" ном гирифт, ба забони дарӣ (тоҷикӣ-форсӣ – М. Д.) навишта шудааст. Ин китоб барои омӯхтани таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, [дурустараш таърихи фалсафаи форс-тоҷик – М. Д.] ва забони дарӣ аҳамияти бузург дорад, зеро он яке аз аввалин кӯшишҳо дар роҳи эҷоди истилоҳоти илмии забони модариаш аст»[1] . «Донишнома» аввалин доиратулмаъориф дар забони тоҷикӣ (форсӣ) аст, ки дар он мабодии мантиқ, мобаъдуттабиъа (илоҳиёт ва фалсафа), табиъиёт ва риёзиёт баён шудаанд. Ин асари Ибни Сино суннати ба тоҷикӣ таълиф кардани доиратулмаъорифҳоро ба вуҷуд овард. «Захираи хоразмшоҳӣ»-и Муҳаммади Хоразмӣ ва «Дуррат-ул-тоҷ»-и Қутбуддини Шерозӣ намунаи онҳост.

Ибни Сино на танҳо файласуф, мантиқшинос, табиатшинос, риёзидон ва забоншинос, балки олими нобиға дар тибб ва табиби шаҳир низ буд. Ӯ дар риштаҳои илми тибб бештар аз 60 асар ба мерос гузоштааст. Дар байни онҳо "ал-Қонун фӣ тибб"-и бисёрҷилдаи вай мақоми хос дорад. Ин асари безаволи вай то асри 18 дастури тиббии табибони донишкада ва донишгоҳҳои тиббии Аврупо буд. Дар Шарқ он то ибтидои асри 20 нуфузи бебаҳс дошт. Тибқи ин асар хидмати Ибни Сино дар рушди илми тибб на танҳо аз он иборат аст, ки вай дар роҳи ба вуҷуд овардани назарияи аломатшиносӣ (семиотика)-и тиббӣ, ташхис, пешгирӣ ва табобати бемориҳо кӯшиши зиёд ба харҷ додааст, балки аз он низ иборат аст, ки ӯ дар ин асараш як идда кашфиёт анҷом дода, андешаҳоеро пешниҳод кардааст, ки барои тараққиёти баъдии илми тибб заминаи боэътимод гардида буданд. Хусусияти беҳтарини «ал-Қонун» он аст, ки дар вай масоили назарӣ ва фалсафии илми тибб низ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд: табобати шахсӣ, таъини шахсии давоҳо (доруҳо), санҷиши дақиқи онҳо, робитаи давоҳо бо ҳамдигар, робитаи бадан

1 Бертельс Е. Э. Избранные произведения. Т. 1 М. 1960. С. 117- 118.

(организм) ва муҳит, моҳияти ҳаёт ва марг, сабабмандии ҳама ҳаводиси олам ва ҳолатҳои гуногуни бадани инсон, таносуби руҳониёт ва моддиёт дар бадани вай, маҳалбандӣ (локализатсия)-и ҳама равандҳои рӯҳонӣ дар мағзи сари инсон аз ҳамин қабиланд.

Ибни Сино зимни файласуф, илоҳиётшинос, табиъатшинос, риёзидон, забоншинос, олими тибб ва табиби ҳозиқ буданаш, шеъришинос ва шоъири шинохта низ буд. Дар феҳристи осори ӯ, ки Абуубайди Ҷузҷонӣ тадвин кардааст, маҷмуъаи "Қасоид ва ашъор"-и вай номбар шудааст. Аз маводи мавҷуда ва таҳқиқоти муҳаққиқон маълум мешавад, ки вай ҳам ба арабӣ ва ҳам ба тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) қасида, ғазал, қитъа ва рубоъӣ месурудааст. Аз ҷумлаи қасидаҳои ӯ "ал-Қасида фӣ-н-нафс" ("Қасида андар нафс"), "ал-Қасида-фӣ-л-азамат" ("Қасида андар азамат"), "ал-Қасидат-ул-муздивиҷа фӣ-л-мантиқ", ("Қасидаи маздавиҷа дар мантиқ"), «ал-Қасида фи-л-хамр" ("Қасида андар май"), "ал-Қасидат-ул-айния" ("Қасидаи айния)-ро метавон ном бурд.

Ба қалами ӯ дах урҷуза таъалуқ дорад, ки нухтоашон дар мавзуъҳои тибб ва яктоашон дар мавзуъҳои мантиқ аст:

1. ал-Урҷуза фӣ-т-тиб - Урҷуза андар тибб.
2. ал-Урҷуза фӣ-ҳифзи-с-сиҳат - Урҷуза андар ҳифзи сиҳҳат.
3. ал-Урҷуза фи-л-фусули арбаъа - Урҷуза андар чаҳор фасли сол.
4. ал-Урҷуза фи-т-ташриҳ - Урҷуза андар ташриҳ.
5. ал-Урҷуза фӣ-васоёи Буқрот-Урҷуза андар васиятҳои Буқрот.
6. ал-Урҷуза фи-л-муҷарриботӣ-т-тибб - Урҷуза андар таҷрибаҳои тиббӣ.
7. ал-Урҷуза фӣ-л-васоёи-т-тиббия -Урҷуза андар васиятҳои тиббӣ.
8. ал-Урҷуза фӣ-т-тибб - Урҷуза андар тибб.
9. ал-Урҷуза фӣ-л-боҳ - Урҷуза андар шаҳват.
10. ал-Урҷуза фи-л-мантиқ - Урҷуза андар мантиқ.

Мавзуъҳои шеъри арабии Ибни Синоро шикоят аз пирӣ, аз дӯсти бевафо, зарбаҳои тақдир, накуҳиши ҳасудон, васфи май, баёни масъалаҳои фалсафӣ, илмӣ ва ахлоқӣ ташкил медиҳанд.

Ашъори маҳфузи тоҷикии Ибни Сино, ки аз ғазал, қитъа, рубоъӣ ва фардҳо иборатанд, аз рӯи мавзуъ ва муҳтаво ба ашъори арабии вай наздиканд. Онҳо соли 1953 дар "Маҷмуъаи ашъор"-и ӯ ва соли 1980 дар "Авҷи зуҳал"-и ӯ ба табъ

расидаанд. Инак, намунаи ғазалҳо, қитъаҳо ва рубоиёти тоҷикии вайро пешкаши хонанда мезоем:

Агар дил аз ғами дунё ҷудо тавонӣ кард,
Нишоту айш ба дори бақо тавонӣ кард.
Ва гар ба оҳи риёзат бароварӣ нафасе,
Ҳама кудурати дилҳо сафо тавонӣ кард.
Зи манзилоти ҳавас гар бурун ниҳӣ гоме,
Нузул дар ҳарами кибирё тавонӣ кард.
Ва гар зи ҳастии худ бигзарӣ, яқин медон,
Ки аршу фарши фалак зери по тавонӣ кард.
Валекин ин амали даҳру они чолок аст,
Ту нозанини ҷаҳонӣ, куҷо тавонӣ кард.
На дасту пойи амалро фуру тавонӣ баст,
На рангу бӯйи ҷаҳонро раҳо тавонӣ кард.
Чу Буалӣ бибур зи халқу гӯшае бигзир.
Магар ки хӯйи дил зи халқ во тавонӣ кард.

***

Бо ҳар хасе зи рӯи ҳаво дӯстӣ мадор,
Бо ҳар касе зи содадилӣ розӣ худ магӯй.
Бо мардуми музаввири баддили бадгуҳар,
Дар куйи мардумӣ зи пайи дустӣ мапӯй.
Гар боядат, ки кам нашавад обрӯйи ту,
Фармону ихтилоти фурумоягон маҷӯй.
Дар обрӯй кӯш, азеро ки обрӯй,
Чун кам шавад ба-д–ӯ напазиранд обрӯй.

***

Эй нафас, ки бастаи ҳавову ҳавасӣ,
Биштоб, ки дар ҳимояти як нафасӣ.
Дунё маталаб, ҷоҳ маҷӯ, ишва махар,
К - аз дӯст баройиву ба душман бирасӣ

***

Ҳақ ҷони ҷаҳон асту ҷаҳон ҷумла бадан,
Аҷноси малоика ҳавоси ин тан.
Аҷрому аносиру маволид аъзо,
Тавҳид ҳамин асту дигарҳо ҳама фан.

***

Самъу басарасту шамму завқ асту мисос,
Маҷмуъи ҳавоси зоҳир, эй муъҷази нос.
Пас муштарака, мухайила, фикрату ваҳм,
Бо ҳофиза дон ту панҷ ботин зи ҳавос.

2. МАНТИҚИ ИБНИ СИНО

Ибни Сино тибқи суннати фалсафаи қадим, ки дар асрҳои миёна низ роиҷ буд, маҷмуъи тамоми донишҳои инсониро фалсафа меномид. Низоми фалсафии ӯ тибқи ҳамин таърифи фалсафа тадвин гардида, дар табақабандии аввалин ба ду бахш – (1) Мантиқ ва (2) фалсафа тақсим мешавад.

Мантиқ дар низоми фалсафии Ибни Сино ду ҷиҳат дорад. Аз як сӯ вай илми фалсафӣ аст, аз сӯи дигар - олати таҳсили дониши илмӣ. Шайхурраис дар тавҷеҳи маънии ин ақидаи худ чунин менигорад: «Дар пеш барои ту возеҳ кардем, ки мантиқ ба кадом маънӣ ҷузъи ҳикмат ва ба кадом маънӣ олат аст. Ҳамоно байни касе, ки онро ҷузъи ҳикмат мениҳад ва ҳар касе, ки вайро олат медонад, танокузе нест. Инак, агар мавзуъи мантиқро аз он ҷиҳат бигирем, ки яке аз мавҷудот аст ва дар назар дорем, ки фалсафа илм бар ҳама гуна мавҷудот бувад, пас мантиқ ҷузъи фалсафа аст ва аҳволи яке аз мавҷудотро меомӯзад. Ҳол ва табиъати вай аз он иборат аст, ки чигунагии иктисоби маҷҳулро меомӯзад ва ё дар ин амр ёрӣ мерасонад. Пас аз ҳайси ин ки ин ҳол амри хоси бархе мавҷудот ё оризаи зотии он, ё амри муқаввими вай аст, мантиқ назар дар бораи мавҷудотест, ки ҳоли мушаххас дорад. Пас, мантиқ илме аз улум аст. Лекин чун маълум мешавад, ки маърифати амри мавҷуд дар маърифати амри дигар ёрӣ мерасонад, пас он маърифат, ки ба худии худ маърифат аст, олати таҳсили маърифати дигар мегардад. Вале ғарази олии мантиқ иборат аст аз муъовинати он дар таҳсили илми дигар. Маърифати ҷузъе аз мавҷудот будани мантиқ далел бар он аст, ки вай ҷузъе аз фалсафа аст. Маърифати ҷузъи фалсафа будани мантиқ аз он ки дар таҳсили илми дигаре ёрӣ мерасонад, далел бар он аст, ки ин маърифат худ олат аст. Дар байни ин ки мантиқ ҷузви фалсафа аст ва ин ки вай олат аст ба маънии табоини мутлақ фарқе нест, балки ба он маънӣ фарқ аст, ки яке аз онҳо ахас ва дигаре ом аст, зеро ҳар он чи ки олати улум аст, вай ҳамчунин ҷузъе аз улуми мутлақ аст. Ва ин ҳукм акс намепазирад».[1]

Мантиқ аз назари Ибни Сино таълимотест дар бораи маърифати иктисобӣ ва ашколи тафаккур, яъне дар бораи лафз, қазия, қиёс ва бурҳон. Дар «Ишорот ва танбеҳот» ӯ дар бораи ҳадафи мантиқӣ чунин нигоштааст: «Мантиқиро назар бошад дар маъонии мутақаддам, ки муносиби ҳар матлубе бувад ва дар чигунагии расидан ба матлуби маҷҳул ба воси-

1 Ибни Сино.Ат-Шифо.Ал- Мантиқ.4.Ал- Қиёс, Ал-Қоҳира,1384. С.10-11.

таи маъонии мутақаддами маълум. Пас ғояти назари мантиқи он аст, ки мабодии қавли шореҳ (лафз-М.Д) бидонад ва чигунагии таълифи он, хоҳ ҳад бошад, хоҳ ғайри он ва мабодии ҳуҷҷат бидонад, хоҳ қиёс бошад, хоҳ ғайри он. Ва аввал ифтитоҳ ба таърифи муфрадоте кунад, ки аз он ҳад ва қиёс таълиф пазирад ва он чи ба-д-ин ду монад»[1]. Аз ин ҷо бар меояд, ки Ибни Сино мавзуъи мантиқ ва вазоифи онро нисбат ба Арасту густурдатар медонистааст: Арасту муътақид буд, ки мантиқ илме аст дар бораи қиёс ва чигунагии таълифи он. Ибни Сино бар замми он донистани моҳияти лафз ва қазияро низ аз вазоифи мантиқ мешуморид ва таъкид мекунад, ки омухтани мантиқро аз таҳлили онҳо оғоз мебояд кард, зеро бе лафз ва бе қазия қиёс таълиф напазирад.

Мантиқ чун олати маърифат аз назари Шайхуррайис «илме аст, ки дар вай биомӯзанд вуҷуҳи интиқолот аз маъоние, ки дар зеҳни одамӣ мавҷуд бувад, ба маъоние, ки хоҳад ҳосил кунад ва низ аҳволи он маъонӣ бидонад ва адади аснофи он чи тартиб ва ҳайати интиқол дар вай бар ваҷҳи истиқомат ва аҳволи он асноф, ки на чунин бошад» .[2] Мантиқ аз диди Ибни Сино аз он ҳайс низ олати илм аст, ки муроъоти қавоъиди он одамиро нигаҳ дорад аз он ки дар фикри ӯ халале ва залале афтад. Аз ин ҷо сабаби ҷузви нахустини низоми фалсафаи Ибни Сино будани мантиқ ба хуби ҳувайдо мешавад. Мантиқ олати таҳсили маърифати илмӣ аст ва ҳар касе, ки роҳи пурмашаққати илмро бармегузинад, қаблан бояд роҳу равиши таҳсили маърифати яқинӣ, тарз ва тариқи тафриқаи ҳақ аз ботил, қонун ва қавоиди иҳтизор аз хато ва иштибоҳотро хуб бидонад. Вале мантиқ аз назари Ибни Сино на олати таҳсили ҳама гуна маърифат, балки танҳо олати таҳсили маърифати иктисобӣ асту бас, ки бар мабнои донишҳои ғайрииктисобӣ ва маълуми пешин сурат мегирад. Олати таҳсили чунин маърифат аз назари Ибни Сино иборат аст аз ҳад, расм, лафз, қазия, қиёс, истинбот истиқро, тамсил ва бурҳон. Вале маърифати ғайрииктисоби танҳо аз роҳи ирсод, таҳлил, таркиб, таҷзия ва таҷриба ба даст меояд.

Ин масъала, ки оё мантиқ ҷузви фалсафа аст ё олати маърифат мавриди баҳсҳои доманадори фалосифаи Юнони қадим будааст. Равоқиён муътақид буданд, ки мантиқ танҳо ҷузви фалсафа аст. Машшоиён собит мекарданд, ки мантиқ ҷуз олати фалсафа чизи дигаре нест. Ин ки Арасту мантиқи худро «Органон» номида буд, аз ҳамин амр дарак медиҳад.

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. Теҳрон, 1332. С. 3-4
2 Ҳамон маъхаз. С. 14.

Афлотуниёни навин дар зимни муроъоти ҳадди эътидол таъкид мекарданд, ки мантиқ ҳам ҷузви фалсафа аст ва ҳам олати маърифат. Ибни Сино дар ин масъала роҳи навафлотуниёнро паймудааст, гар чи аз ҳаводорони фалсафаи онон набуд. Ақидаи ӯ дар ҳалли ин масъала, чунон ки баён шуд, аз он иборат аст, ки мантиқ аз ҳайс илм будан олат аст, на аз ҳайс олат будан-илм.

Аз назари Ибни Сино аҳамияти мантиқ ба ҳайси олати маърифат аз он иборат аст, ки вай дар тамоми улум нуфуз намуда, онҳоро дар як низоми том ба ҳам марбут месозад. Дар зимни ин бояд мутазаккир шуд, ки мантиқ дар назди Шайхурраис низоми илмие хосе аст, ки шомили нӯҳ қисм аст:

1. Омузиш андар лафз ё қавли шореҳ
2. Омузиш андар мақулот ё қотиғуриус (категорияҳо)
3. Омузиш дар қазия ё қавли ҷозим
4. Омузиш андар қиёс
5. Бурҳон
6. Тубиқо ё ҷадал
7. Суфистиқо ё муғолата
8. Хитоба
9. Шеър ва қазоёи шеърӣ.

Агар ба ин таснифи ақсоми мантиқ дуруст мутаваҷҷеҳ шавем, ба ин натиҷа маерасем, ки таснифи ақсоми мантиқ дар назди Ибни Сино мустанад бар ду асл аст: Асли аввал аз он иборат аст, ки ашколи басити тафаккур маводеанд, ки дар пояи онҳо ашколи мураккаби тафаккур бунёд меёбанд. Аз рӯи ин асл алфоз маводи бунёди қазия ва қазия маводи бунёди қиёс ва қиёс маводи бунёди бурҳон аст. Бинобар ин Ибни Сино ҳангоми таснифи ашколи тафаккур нахуст лафз, баъд қазия, сипас қиёс ва бурҳонро ба риштаи таҳлил кашидааст. Асли дуюм иборат аз ҳаққоният ва яқиният аст. Тибқи ин асл он қисматҳои мантиқ, ки моҳияти алфоз ва қазоёи содиқро баррасӣ мекунанд, пеш аз фаслҳое оварда шудаанд, ки дар онҳо қазоё ва қиёсҳои ҳақиқатнамо ва козиб таҳқиқ шудаанд.

Чунон ки аз зикри ақсоми мантиқи Ибни Сино ҳувайдо мешавад, ин илм дар назди ӯ басе доманадор будааст. Вале мо дар ин ҷо ба баёни мухтасари нукоти муҳими ақоиди ӯ дар бораи лафз, мақулот, қазия, қиёс, истиқро ва тамсил иктифо мекунем.

Лафз. Лафз аз назари Ибни Сино шакли нахустини тафаккур аст ва бар ашё ва хасоиси он далолат мекунад. Ӯ худ таъкид кардааст, ки «лафзро далолат бар маънӣ ё ба **мутобиқат** бошад, ки возеъи луғат он лафзро аз барои он маънӣ ниҳода

бошад, то ҷуз ӯ чизи дигареро фаро нагирад, чунон ки далолати лафзи мусаллас бар шакле, ки се зилъ бар вай муҳит бувад, ё ба **тазаммун** бошад ба-д-он маънӣ, ки ҷузве бошад аз он маъонӣ, ки лафз мутобиқи ӯ бошад, чунон ки далолати мусаллас бар шакл, зеро ки мусаллас далолат кунад бар шакл на бар он ки номи шакл бошад, балки ба он ки номи маънӣ бошад, ки ҷузъи вай шакл бошад, ва **ба илтизом** бошад, бад-он ки лафз дол бошад ва мутобақа бар маъонӣ ва он маъониро лозим бошад дар хориҷ аз зоти вай, бал чун рафиқи мусоҳиб бувад он маъниро, чунон ки далолати лафзи «сақф» бар «девор» ва далолати лафзи «исон» бар қобили саноъати китобат» .

[1]Тибқи далолати лафз бар ашё лафз **ҷузъӣ ва куллӣ** мешавад. **Лафзи ҷузъӣ** он аст, ки на дар зеҳн ва на дар аъён ҷуз ба як ашё ва ҷуз ба як маънӣ далолат накунад. Ё ба ибораи худи Ибни Сино лафзи ҷузъӣ он аст ки нафси тасаввури маънияш монеъ ояд аз он ки дар вай ширкати дигаре афтад, чунон ки маънии «Зайд» ки на дар вуҷуд ва на дар зеҳн бо «Зайд» каси дигаре шарик натавонад буд.

Лафзи куллӣ он бувад, ки ба як маънӣ бар чизҳои бисёр далолат кунад, чун лафзи «мардум» ки ба як маънӣ бар чизҳои бисёр далолат кунад: ҳам бар «Зайд» ва ҳам бар «Амр» ва ҳам бар «Бакр». Дар бархе лафзи куллӣ ширкат билфеъл мавҷуд бошад, чун лафзи «инсон», дар бархе билқувва, ба имкон, чун лафзи «шакли курравии муҳит бар дувоздаҳ қоидаи мухаммасӣ» ва дар бархе дигар на билфеъл ва на билқувва ва на ба имкон, чун «Офтоб» ки як зот беш нест дар вуҷуд. «Ва агар чунон бувад, ки лафзи куллӣ бар чиз афтода бувад ту таҳаввум тавонӣ кардан, ки ӯро ба чизҳои бисёр афканӣ, ки ба ваҳм тавонӣ аз он маънӣ чизҳои бисёр андешидан, чунон ки тавонӣ андешидани Офтобҳои бисёр ва Моҳтобҳои бисёр»[2] .

Лафзи куллӣ ба ақидаи Ибни Сино ё ба ҳақиқати ашё далолат мекунад ё ба падидаҳои он. Аз ин рӯ он мунқасим мегардад ба лафзи зотӣ ва лафзи арзӣ. Лафзи куллии зотӣ онро гӯяд, ки маънияш ба моҳият ва ҳақиқати ашё даплолат дорад. Вале лафзи куллии аразӣ он бошад, ки ба падида ва аърози ашё далолат намояд. Ибни Сино дар тавзеҳи ин анвоъи алфоз чунин нигошта аст: «ва бояд, ки инро бигӯем: мар мардумро ду сифат аст яке ба дигаре наздик – як зотӣ, ва дуюмӣ аразӣ. Аммо зотӣ чунон ки «нотиқ» ва тафсири вай чунон бувад, ки

1 Ибни Сино, Аш-Шифо, Ал-мантиқ. 4-Ал-қиёс, Қоҳира, 1384. С. 4.
2 Маъхази номбурда.С. 23.

варо ҷони сухангӯё бошад, он ҷон ки сухан гуфтан ва тамайюз ва хосаҳои мардумӣ аз ӯ ояд. Ва дигар аразӣ, чунон ки «зоҳик» ва тафсири вай он аст, ки андар табъи вай чунон аст, ки чун чизе шигифти ғариб бинад ё шунавад, вайро шигифт ояд ва агар боздорандае набувад аз табъ, ё аз хӯй, шояд, ки бихандад. Ва пештар аз ин ду васф бояд ки ҷон бувад нахуст, то мардум бибувад. Пас чун ин ҷон ба тан ҷуфт шавад ва мардум мардум шавад, он гоҳ ханданокӣ ва шигифтдорӣ ояд. Пас сипасин васф онгоҳ ҳамеояд, ки мардум мардум шавад. Ва аз ин қибларо тавонӣ гуфтан, ки нахуст бояд мардумро ҷони мардумӣ бувад, то мардум шавад ва то хандон шавад ба табъ. Ва натавонӣ гуфтан, ки нахуст бояд хандон бошад ба табъ, то ӯро ҷони мардум бошад ва мардум бувад. Пас васфи пешин зотӣ аст ба ҳақиқат ва васфи дуюм ҳарчанд, ки аз мардум барнахезад, зотӣ нест, ки аразӣ аст. Ва аммо он ки гӯи Зайд нишаста аст, ё хуфта аст, ё пир аст, ё ҷавон аст, шак нест ки аразӣ аст, ҳарчанд ки яке зудтар баргардад ва яке дигар дертар бимонад.

Алфози куллии зотӣ аз назари Ибни Сино се гуна аст. Яке **ҷинс** аст, ки бар чизҳои зиёди дар зот ва дар адад мухталиф далолат мекунад ва дар ҷавоби «чист он?» (мо ҳува?) гуфта мешавад. Масалан, лафзи «ҷисм» ҷинс аст ҳам барои ҷамодот, ҳам барои ҳайвон ва ҳам барои инсон, ки чи дар ҳақоиқи зотӣ ва чӣ дар адад мухталифанд. Дигаре **навъ** аст, ки ба чизҳои бисёри мухталиф дар адад, вале муттафиқ дар муқаввимоти зотӣ далолат мекунад ва дар ҷавоби «чист он?» (мо ҳува?) гуфта мешавад, чун лафзи «инсон» барои ашхоси мардум, ки дар ҳақоиқи зотии хеш муттафиқанд. Сеюмӣ **фасл** аст, ки бар тамайюз ва тафриқаи ашё яке аз дигаре далолат дорад ва дар ҷавоби «кадомин чиз?» (ай шайъ?) гуфта мешавад. Масалан, «нотиқ» ва «ҳассос» алфози куллии зотии фасланд, ки мутобиқан ба чигунагии инсон ва ҳайвон далолат менамоянд.

Алфози куллии аразиро Ибни Сино аз ду гуна иборат медонад. Гунаи аввалро ӯ хосса номида ва чунин таъриф кардааст: хосса лафзи куллиест, ки бар падидаҳои як куллӣ далолат кунад, чунон ки ханданокӣ мардумро. Гунаи дуюмро Шайхурраис арази ом ном ниҳода ва дар таърифаш гуфта аст: арази ом лафзи куллие аст, ки бар беш аз як куллӣ далолат дорад, чунон ки «ҷунбанда» ҳам мардумро ва ҳам чизи дигареро ва чун сиёҳӣ ҳам зоғро ва ҳам чизи дигарро. Ба ин тариқа, алфози куллӣ аз назари Ибни Сино панҷ гуна аст: ҷинс, навъ, фасл, хосса ва арази ом. Чунин таснифи анвоъи

алфоз возеҳан нишон медиҳад, ки Шайхурраис дар баррасии масъалаи мазкур равиши таҳқиқи Арсату, Фарфуриуси Сури ва Форобиро идома додааст.

Вале дар масъалаи ташаккули алфоз Ибни Сино истиқлоли ҷиддии афкор зоҳир карда ва як назарияи барои замони худ тозае эҷод намудааст, ки онро назарияи таҷрид метавон номид. Тибқи он ҳар маърифат, чӣ ҳиссӣ бошад, чӣ тахайюлӣ ва чӣ ваҳмӣ ва чӣ ақлӣ аз роҳи таҷриди сурат аз модда падид меояд. Лекин таҷридро маротибе ҳаст ба ин қарор: ҳис суратро аз модда бараҳна месозад ва мегирад, зеро то дар ҳис асаре аз маҳсус падид наёяд, ҳис дар ин ҳол, ки ба феъл расида ба ҳоле, ки ба қувва буда, яксон ва дар як мартаба хоҳад буд. Пас, бояд асаре аз махсус дар он падид ояд. Ин асар бояд ба маҳсус муносибате дошта бошад, зеро агар он бо моҳияти маҳсус номутаносиб бошад, аслан он асар эҳсос намешавад ва дарёфти он маҳсус нахоҳад буд. Ночор бояд сурататаш аз моддааш бараҳна гирифта шавад. Лекин ҳис сурати ашёро ба таври комил ва тамом бараҳна ва муҷаррад намесозад, балки онро бо алоиқи модда ва бо нисбати он бо модда мегирад, ба тавре ки агар модда ғоиб шавад, ин сурат аз миён меравад ва нобуд мегардад.

Аммо хаёл таҷриди бештар ба кор мебарад, ба тавре ки агар модда ғоиб шавад, боз ҳам сурати он дар вай боқӣ мемонад. Лекин на чунон ки аз ҳама авориз ва лавоҳиқи модда пок ва муҷаррад бошад, зеро хаёл танҳо чизҳои маҳсусро инъикос мекунад.

Аммо ваҳм сурати ашёро аз модда бештар таҷрид мекунад. Зеро ваҳм маъониеро мегирад, ки на маҳсус, балки маъқуланд. Чизе ки ҳаст онҳоро ба таври куллӣ будан ва маъқул намегирад, балки ба тавре мегирад, ки бо маҳсус иртибот доранд. Ваҳм ҳамчунон нест, ки маънӣ ва ҳақиқати зор ва нофеъро аз рӯе, ки зор ва нофеъи ҳақиқате аст, куллӣ таваҳҳум кунад, балки аз он рӯй, ки ин ҷузъӣ ва шахсии хос аст.

Вале ақл кори таҷридро ба итмом мерасонад, вай сурати ашёро аз модда ва лавоҳиқи модда ва аз изофа ба модда куллан таҷрид мекунад ва худи суратро ба таври сирф муҷаррад ва холис мегирад. Ин дар ҳангоме аст, ки сурати маъқул худ ба худ муҷаррад набошад. Аммо дар мавриде, ки сурати ашё худ ба худ ва ба ҳасби зот муҷаррад ва маъқул бошад, ба ин тасфия ва таҷрид ниёзе нахоҳад буд[1] .

Аз назариёти Ибни Сино дар бораи далолати лафз бар

1 Ибни Сино, Мабда ва миъод. Теҳрон 1332, с. 177-118; Аш-Шифо, Ат-табиъиёт, 6 Ан-Нафс, Ал-Қоҳира1395, С.50-57.

маънӣ, анвоъи алфоз ва таҷрид чунин натиҷаи муҳим бар меояд, ки алфоз таваҳҳумоти сирф зеҳнӣ ва ақлӣ нестанд, балки натиҷаи дар зеҳн ва ақл муртасим ва мутамассил шудани хасоиси ашёанд. Ба ин муносибат бояд гуфт, ки Шайхурраис ҳастии алфози таваҳҳумиро, чун «анқо», «симурғ», «Абулҳавл», «шарикони Худо», «руди симоб» низ рад накардаст. Вале ӯ мӯътакид буд, ки алфози таваҳҳумӣ натиҷаи дар зеҳн ва ақл мартасим шудани ҳақоиқ, хавос ва аърози ашёанд, ки тахайюл онҳоро нодуруст ба ҳам пайваста ва нодуруст аз ҳам гусаста аст. Инро низ ба инобат бояд гирифт, ки алфози куллӣ аз назари Ибни Сино танҳо дар зеҳн ва ақл вуҷуд доранд ва инъикоси ҳақоиқ, хавос ва аърози куллии ашёи хориҷӣ ва айнӣ мебошанд. Ӯ худ нигоштааст; «маъонии куллӣ аз он ҷиҳат, ки куллӣ аст, мавҷуд нест, илло андар андеша. Ва аммо ҳақиқати вай мавҷуд аст ҳам андар андеша ва ҳам берун аз андеша». Пас ба эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки назарияи алфози Ибни Сино маниш ва машраби моддигаройӣ дорад.

Ибни Сино мақоми маърифатии алфозро низ хуб дарк кардааст: алфози кулли олати забт ва нақли илм ва маърифатанд. Аз ин сабаб аҳли илмро машғулӣ нест ба ҳоли алфози ҷузвӣ, балки шуғли эшон ба маъниҳои куллӣ аст ва шак нест, ки ҳар куллиро ҷузвҳо андар зер бувад. Зиёда аз ин мутафаккир лафзро аз ҷумлаи анвоъи маърифати ақлӣ медонад, ки баъдан ин масъаларо баррасӣ хоҳем кард.

Ибни Сино ба таҳқиқи аъмоли мантиқие, ки бар алфоз иҷро мегардад, таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. Осори вай баёнгари он аст, ки ӯ алфози мантиқии ҳад, расм таъмим ва таҳсири алфозро некӯ медонистааст. Ақоиди ӯ дар ин масъала иҷмолан чунин аст:

Ғараз андар ҳад шинохтан ва донистани ҳақиқати зоти ашё аст. Ҳақиқати зоти ашё, ки дониста шуд, ҷудоӣ ва тафриқаи онҳо худ ба худ маълум хоҳад шуд. «Ҳад кардан, - навишта буд Ибни Сино, - он бувад, ки наздиктарин ҷинси чиз бигирӣ, чунон ки «ҳайвон» «мардум» -ро ва онгоҳ фасли зотии вай биёрӣ, чунон ки «нотиқ». Пас гӯи: «Мардум ҳайвони нотиқ аст. Пас ин ҳадди «мардум» бувад. Барои ин ки дар ҳад хато наяфтад чаҳор қоидаро мебояд риоя кард. Якум, лафзро ба василаи худи он лафз таҳдид набояд кард, зеро ин боиси тасалсул дар ҳад хоҳад шуд. Масалан, дар таҳдиди замон набояд, гуфт ки «замон муддати ҷунбиш аст», зеро «муддат» ва «замон» як чиз аст. Ва он касро, ки ҳадди замон мушкил бувад, ҳадди муддат низ мушкил бувад. Дуюм, лафзро бо

ёрии лафзе, ки дар пушидагӣ ва пайдоӣ монанди якдигар бошанд, таҳдид набояд кард. Масалан, дар таҳдиди «сиёҳӣ» набояд гуфт, ки «сиёҳи он гуна аст, ки зидди сафедӣ» аст. Ин авалотар аз он нест, ки гӯяд «сапедӣ он гуна аст, ки зидди сиёҳӣ аст» зеро «сапедӣ» ва «сиёҳӣ» дар пӯшидагӣ (маҷҳулӣ) ва пайдоӣ (маъруфӣ) ҳаммонанданд. Сеюм, лафзро ба василаи лафзи аз он пӯшидатар (маҷҳултар) набояд таҳдид кард. Масалан, набояд таҳдид дод, ки «оташ он ҷисм аст, ки ба нафс монад», зеро лафзи «оташ» пӯшидатар (маҷҳултар) аз лафзи «нафс» аст. Чаҳорум, лафзро ба лафзе, ки бо ёрии он шинохта намешавад, таҳдид набояд кард. Масалан, дар ҳади «Офтоб» набояд гуфт ки «Офтоб» он ситорае аст, ки ба рӯз барояд», зеро ба ҳақиқат рӯз он замон бувад, ки Офтоб андар вай баромада бувад.

Ибни Сино таъкид мекунад, ки «истеъмоли алфози ғарибу маҷозӣ ва мустаъор дар таҳдид зишт бошад, балки бояд истеъмоли алфози том ва муътадил кунанд. Ва агар иттифоқ афтад, ки маъниро алфози том ва муътадил набошад, бояд, ки баҳри вай лафзи муносибу мувофиқ ихтироъ кунанд ва далел созанд бар он маънӣ, он гоҳ истеъмол кунанд» [1].

Бар хилофи ҳад, ғарази **расм** на шинохтан ва на донистани ҳақиқати ашё ва алфози дол бар он, балки нишон додани онҳост. Расм кардан он бувад, ки лафз ба василаи ҷинс, фасл, арази хос ва арази ом тавсиф шавад. Ба ин сабаб Ибни Сино ду гуна расмро ташхис додаст. Яке расме, ки ба василаи ҷинс ва арази хос сурат мегирад ва мисолаш ин аст: мардум ҳайвоне аст хандон, гирён ва раванда ба ду по. Дигаре расмест, ки ба тавассути ҷинс, арази хос ва ом сурат мебандад, чунон ки гӯянд: «мусалас шаклест, ки се зовия дорад мусовӣ ба ду қоима». Барои он ки дар расм хато наяфтад қавоъидеро, ки дар боби ҳад зикр шуд, риоя мебояд кард.

Аз назари Ибни Сино таъмим ва таҳсири лафз иборат аст аз ҷинс-бандӣ, навъбандӣ ва фаслбандии он. Моҳияти масъаларо мутафаккир худ чунин тасаввур мекардааст: «Аҷнос муртабит шавад ба боло ва анвоъ муртабит шавад ба зер ва воҷиб бошад, ки мунтаҳӣ шаванд ба боло ва зер. Аммо баёни он ки ба куҷо мунтаҳӣ шаванд ва кадоманд, ки мутаваситоти ин ду тарафанд, бар мантиқӣ лозим нест, балки лозимаш он аст, ки бидонанд, ки он ҷо аҷноси олӣ аст, ки аҷнос бошад ва анвоъи софил аст, ки анвоъи анвоъанд. Ва миёни ин ду мутаваситотанд, ки нисбат ба зер ҷинсанд, ки дар зери ваянд

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С. 16

ва нисбат ба боло навъанд, ки бар болои ваянд ва ҳар якеро дар мартабати хеш хосияте аст»[1].

Чунон ки мебинем, Ибни Сино назарияи худро дар бораи лафз бар пояи дастовардҳои мантиқи Арасту, мутобеъони вай, бавижа Форобӣ ва кашифиёти мантиқии хеш дуруст кардааст.

Назарияи қазия. Ибни Сино ҳангоми баррасии масъалаи қазия (қавли ҷозим, сухани ҷозим, хабар) ҳам аз бисёр ҷиҳат Арастуро пайравӣ намудааст. Аз ҷумла, ӯ дар таърифи қазия бо Арасту комилан ҳамақида мебошад: «ҳар қавле, ки дар он нисбати байни ду чиз (яъне мавзуъ ва маҳмул - М.Д.) чунон бувад, ки аз он ҳукми рост, ё дурӯғ бар оянд, қазия ва хабар хонда шавад»[2] . Аммо қавле, ки мисли истифҳом ва илтимос ва таманно ва тараҷҷӣ ва таъаҷуб бошад, қазия набувад, зеро дар он тасдиқ ва такзиб, салб ва эҷоб нест. Қазоё бар се қисманд: ҳамлӣ, шартии муттасил ва шартии мунфасил.

Қазияи ҳамлӣ он аст, ки дар вай ҳукм кунанд, ки маъние маҳмул аст бар маъние, ё бар вай маҳмул нест, чунон ки гӯянд «Инсон ҳайвон аст», «Инсон ҳайвон нест». Ибни Сино худ нигоштааст: «хосияти қазияи ҳамлӣ он бувад ки андар вай ҳукм карда бошем, ки чизе чизе аст, ё чизе чизе нест, чунон ки гӯем «Мардум ҳайвон аст» ё гӯем «Мардум ҳайвон нест».

Аз ҷиҳати сохтор қазияи ҳамлӣ иборат аз мавзуъ, маҳмул ва ҳарфи робита аст. Мавзуъ он пораи қазияро гӯянд, ки ҳукм бар ӯ бувад, ки чизе ҳаст ё нест, чунон ки «мардум» дар қазоёи фавқ. Маҳмул он пораи қазия аст, ки чизеро дар нисбати мавзуъ эҷоб ё салб мекунад, чун «ҳайвон» дар қазияҳои фавқ. Ҳарфи робита он аст, ки исбот ё нафй бо вай бувад, чун «аст» ва «нест» дар мисолҳои мазкур. Бадали мавзуъ ва маҳмули қазия метавон лафзе муфрад, яъне ҳарфе ниҳод ва худи ҳамон маъниро ифода намуд. Масалан, ба ҷои мавзуъи қазияи «Мардум ҳайвон аст» А ва ба ҷои маҳмули он В ниҳода, метавон гуфт, ки А В аст, ки ба ҳамон маънист. Чунон ки мебинем Ибни Сино дар дарки сохти қазия нисбат ба Арасту тағйироти ҷиддӣ ворид намуда аст. Ӯ ҳарфи робитаро аз маҳмули қазия ҷудо намуда ва барои ба василаи румуз ифода кардани анвоъи қазоё имконияти васеъ фароҳам оварда аст. Ибни Сино навишта аст: «ҳаққи қазияи ҳамлӣ он аст, ки ӯро ба маънии мавзуъ ва маънии маҳмул маънии ҷомеъе бошад миёни ҳарду ва ӯ сеюмии он ду маънӣ бошад. Пас, ин солис мустаҳаққи номе бошад ҳаройина, ки бар вай далолат кунад.

1 Маъхази номбурда. С. 12
2 Ибни Сино. Ан-наҷот, Ал-Қоҳира. 1337, саҳ. 12

Ва бошад, ки ин солис матруҳ бошад дар баъзе луғот, ки чунон ки дар аксари аҳвол дар луғати арабӣ маҳзуф бувад, чунон ки гӯйӣ «Зайд котибун» ва боистӣ гуфтан «Зайд ҳува котибун». Ва дар баъзе луғот натавон [ин лафзро] андохтан, чунон ки дар порсии аслӣ, чунон ки гӯйӣ «Зайд дабир аст». **Ва ин лафзи солисро робита гӯянд» .**[1]

Қазоёи ҳамлӣ аз ҳайси кайфият ба ду қисманд: (1) **қазоёи ҳамлии муҷиба ва (2) қазоёи ҳамлии солиба.** Қазияи ҳамлии муҷиба он аст, ки ҳастии чизе ё мансуб будани чизеро ба чизе эҷоб кунад, чунон ки гӯянд: «Зайд котиб аст» ва «Мардум ҳайвон аст». Қазияи ҳамлии солиба он аст, ки ҳастии чизеро салб (нафй) ва мансуб будани чизеро ба чизе инкор кунад, чун «Зайд котиб нест» ва «Мардум санг нест». Муҷибият ва солибияти қазоёе, ки дар таркиби маҳмулашон ҳарфи салб (нафй) доранд аз рӯи кайфияти ҳарфи робитаашон таълин мешавад. Агар ҳарфи робита эҷобӣ бошад, қазияи муҷиба аст, чунон, ки гӯянд: «Зайд нобино аст». Ва агар ҳарфи робита салбӣ бошад, қазия солиба аст, чунон, ки гӯянд: «Зайд нест нобино», ё «Зайд нобино нест».[2]

Аз ҷиҳати каммияти мавзуъ Ибни Сино қазоёро ба ақсоми зерин тасниф намудааст: 1) Қазияи шахсия, ё махсуса. 2) Қазияи куллии муҳмала. 3) Қазияи куллии маҳсура. 4) Қазияи ҷузъии маҳсура.

Қазияи ҳамлие, ки мавзуъи он як чизи ҷузвӣ беш набувад, **қазияи шахсия, ё махсуса ном дорад,** чунон ки гӯем: «Зайд котиб аст” ва ё “Зайд котиб нест».

Қазияи ҳамлие, ки мавзуъи он куллӣ бувад ва каммияти ҳукм мубайян нашуда бошад, то маълум гардад, ки ҳукм бар ҳама аст, ё ба бархе, қазияи **куллии муҳмала хонда шавад.** Масалан: «Мардум ҷумбанда аст», «Мардум ҷунбанда нест». Ин қазоё муҳмалаанд, зеро пайдо нест, ки ҳукм бар ҳамаи мардум аст, ё ба бархе мардум.

Қазияи ҳамлие, ки мавзуъи он куллӣ буда каммияти мавзуъи он мубайян бошад**, қазияи куллии маҳсурра номида мешавад**. Дар қазияи куллии маҳсура каммияти ҳукм ба василаи лафзи пайдогари чандӣ, ки онро сур хонанд, муайян мешавад. Сури қазияи маҳсура аз алфози «ҳама», «ҳар», «ҳар чӣ», «ҳеҷ», ва амсоли он иборат аст. Масалан, «Ҳар чӣ мардум бувад, ҳайвон бувад; «Ҳар мардуме ҳайвон бувад», «Ҳама мардум ҳайвон аст», «Ҳеҷ мардум фариштa нест», «Ҳеҷ яке аз одамӣ санг нест».

1 Ибин Сино. Ишорат ва танбеҳот. С. 24.
2 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С. 23-24.

Қазияи ҳамлие, ки баёни ҳукм ва кайфияти мавзуъи он дар бораи бархе ашё ва аҷсом бувад, **қазияи ҷузъии маҳсура номида мешавад,** мисли ин ки гӯянд: «Бархе мардум дабир аст»; «Бархе мардум дабир нест». Дар қазоёи ҷузъии маҳсура ҳуруфи сур «бархе» ва "баъзе" мебошанд.

Азбаски ҳар як анвоъи ин қазоё метавонад ҳам муҷиб ва ҳам солиб бошанд, пас аснофи қазоёи ҳамлӣ ҳашт навъанд. Ибни Сино гуфтааст: «ва падид омад, ки қазияҳои ҳамлӣ ҳаштанд: махсусаи муҷиба, махсусаи солиба, муҳмалаи муҷиба, муҳмалаи солиба ва чаҳор маҳсура: куллии муҷиба ва куллии солиба ва ҷузвии муҷиба ва ҷузвии солиба. Ва аз ин ҳашт махсуса андар илмҳо ба кор наоянд ва муҳмала ба ҳукми ҷузвист. Бимонад қазияҳои ба кор омаданӣ андар илмҳо чаҳор маҳсура. Аммо муҳмала ҳар ҷо ба кор ояд ба ҷои куллӣ, ғалат афканад ва ташвиш, чунон ки ба ҷои дигар пайдо кунем. Пас аз вай парҳез бояд кардан»[1].

Аз баёни боло чунин бармеояд, ки таснифи қазоёи ҳамлӣ, ки Ибни Сино тадвин намуда аст, аз таснифи Арасту возеҳтар аст. Арасту дар ҳалли ин масъала чандон пайгир набуд. Вай дар «Таҳлили аввал» қазоёи ҳамлиро аз се навъ, яъне куллӣ, ҷузвӣ ва муҳмала иборат медонист. Вале дар «Ал-ибора»-и худ меовард, ки қазоёи ҳамлӣ мунқасим мешавад ба куллӣ, ҷузвӣ ва шахсия (махсуса). Ибни Сино дар ҳама китобҳои худ, чӣ дар «Шифо», «Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот» ва чӣ дар «Донишномаи алоӣ» қазоёи ҳамлиро ба қазоёи шахсия (махсуса), куллии муҳмала, куллии маҳсура ва ҷузвии маҳсура мунқасим менамояд. Зиёда аз ин дар мантиқи Арасту таносуби қазоёи ҳамлии муҳмала ва қазоёи ҷузвӣ рӯшан нест[2].

Ибни Сино масъалаи номбурдаро равшан карда аст: қазоёи куллии муҳмала дар ҳукми қазоёи ҷузвианд. Таснифи қазоёи ҳамлии Ибни Сино аз таснифи мантиқиёни навин низ мутафовит аст. Яке аз ин тафовут он аст, ки ағлаби мантиқиёни кунунӣ ҳангоми таснифи муттаҳидаи каммӣ ва кайфии қазоёи ҳамлӣ, қазияҳои махсусаро навъи ҷудогонаи қазоёи ҳамлӣ намешиносанд ва онҳоро ба қазоёи куллӣ мутасовӣ медонанд[3]. Дигар ин ки мантиқиёни кунуни қазоёи кулии муҳмаларо навъи ҷудогонаи қазоёи ҳамлӣ намедонанд.

Чунон ки маълум аст назарияи қазоёи Арасту танҳо назарияи қазоёи ҳамлӣ аст. Ӯ қазоёи шартиро қавли ҷозим – қазия намедонист, зеро ба ақидаи вай онҳо ба таври возеҳ

1 Шайхурраис Абуалӣ Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». С. 30- 40
2 Барои итиллоъи бештар руҷӯъ шавад: А.О. Макививелский. История логики. Москва. 1967.
3 Руҷӯъ шавад: В.И. Кириллов, А.А. Старченко. Логика, Москва 1982. С. 17

чизеро эҷоб ва салб намекунанд. Бар хилофи вай Ибни Сино қазоёи шартиро қавли ҷозим - қазия медонад [1] ва ҳамаҷониба баррасӣ менамояд. Мухтасари ақидаи вай дар ин маврид чунин аст: қазияи шартӣ ду гуна аст: **қазияи шартии муттасил ё вазъӣ ва қазияи шартии мунфасил.** Қазияи шартии муттасил таълифи миёни ду қазия бошад, ки бо лафзи шарт ва ҷавоб аз хабарият берун рафтаанд ва нисбати байнашон нисбати мутобиат, лузум ва иттисол аст, масалан: «Агар Офтоб барояд, он гоҳ рӯз бувад». Дар ин ҷо «Агар Офтоб барояд» муқаддам ва «рӯз бувад» толӣ аст. «Ҳар яки онҳо ба сари худ қазия аст». «Лекин лафзи шарт муқаддамро аз қазиятӣ бибарад, зеро ки чун гӯӣ «агар Офтоб барояд» бо андаромадани лафзи «агар» ин сухан аз қазиятӣ [берун] шавад, то на рост аст ва на дурӯғ. Ва лафзи ҷавоб мар толиро аз қазиятӣ бибарад, зеро ки чун гӯӣ он гоҳ рӯз бувад на рост бувад ва на дуруғ бувад. Ва лафзи ҷавоб мар толиро аз қазиятӣ бибарад, зеро ки чун гӯйи «онгоҳ рӯз бувад» на рост бувад на дуруғ»[2].

Муқаддам ва толии қазияи шартии муттасилро бе тағйири маънии қазия наметавон акс кард, чунон ки гӯем «Агар Офтоб барояд, он гоҳ рӯз бувад, нашояд, ки ин ҳукм ҳамин ҳукм бувад, агар муқаддам толӣ шавад ва толӣ муқаддам.

Дар қазоёи шартии муттасил толӣ бо муқаддам мувофиқ аст. Аз ин рӯ, муҷиб, ё солиб будани қазияи шартии муттасил иборат аст аз ҳукм кардан ба ин созгорӣ, ё носозгорӣ, чунон ки гӯем «Агар Офтоб барояд, он гоҳ рӯз бувад. «Набувад, ки чун Офтоб барояд, шаб бувад». Метавонад муқаддам ва толӣ солиб буванд, вале қазия ба нафси хеш муҷиб бувад, чун ин созгорӣ исбот шуда бошад, чунон ки гӯем "Агар Офтоб бар наёяд рӯз набувад". Ва ин аз он қибал муҷиб аст, ки ҳукм ба ҳастӣ ва дамдории рӯз ба нобудан карда омадааст мар Офтоб барнаёмаданро»[3].

Масъалаи таснифи қазоёи шартии муттасил аз рӯи кам ва кайф низ дар мадди назари Ибни Сино будааст. Вай дар «Донишномаи алоӣ» оварда аст: «Муҳмалӣ ва маҳсурии қазияи шартии муттасил он аст, ки ҳар гоҳ, ки гӯӣ: «Агар ё чун Офтоб барояд рӯз бувад» ва нагӯӣ, ки «ҳамеша» ва «ҳар боре», ё «гоҳе», ин қазия шартии муҳмала бувад. Аммо, агар гӯӣ «ҳар боре» муҷиби куллӣ бувад. Ё гӯӣ ки, «Чун Офтоб барояд, шаб набувад», ин куллии солиб бувад. Ва бошад, ки қазия шартии муттасили куллӣ бувад ва ҳар ду пораи вай ҷузвӣ

1 Ибни Сино. Ал-шифо, Ал-мантиқ. Ал- Ибора, Қоҳира, 1390.С.37.
2 Ибни Сино. Мантиқи «Донишномаи алоӣ». С. 38. Ишорот ва танбеҳот. С. 19-20.
3 Ибни Сино. Мантиқи «Донишномаи алоӣ». С. 38; Ишорот ва танбеҳот. С. 20.

бувад, чунон ки гӯӣ: Ҳар гоҳ, ки бархе мардум дабир бувад, бархе ҷонвар дабир бувад. Ва ин куллӣ аз он қибалро бувад, ки гуфтаи «ҳар гоҳ».[1]

Қазияи шартии мунфасил аз ду ва ё бештар қазоё таркиб меёбад, ки бо лафзи фасл аз қазиятӣ берун рафтаанд ва нисбати байнашон нисбати муфориқат, инод ва инфисол аст, чунон ки гӯянд « Ё ин шумор ҷуфт бувад, ё ин шумор тоқ, ё кам бувад, ё беш». Агар лафзи «ё» набудӣ, ҳар як аз муқаддам ва толиҳои ин қазоё бар сари худ қазия будӣ. Хасоиси қазоёи шартии мунфасил чунин аст: 1) акси муқаддам ва толии қазияи шартии мунфасил маънии онро халалдор намекунад, балки он маънӣ бар ҷой мемонад. Масалан, метавон гуфт: «Ин Шумор ҷуфт аст ё тоқ»? ва метавон гуфт «Ин Шумор тоқ аст ё ҷуфт» ва маънӣ ҳамон маънӣ аст. 2). Муқаддам ва толии қазияи шартии мунфасил ба ҳам созгор нестанд, чунон, ки «ҷуфт будан, ё тоқ будан». 3) Эҷоб дар қазияи шартии мунфасил иборат аст аз исботи носозгории муқаддам ва толии он: «ё чунин бувад, ё чунон». Салб он аст, ки ин носозгориро нафй кунӣ: «Набувад шумор ё ҷуфт, ё сапед, балки ё ҷуфт, ё тоқ бувад». Қазияи шартии мунфасил он гоҳ куллӣ аст, ки носозгории муқаддам ва толии он доим ва ҳамеша бувад: «Мудом ё чунон бувад ё чунин». **Қазияи шартии муттасили ҷузвӣ** он аст, ки носозгории муқаддам ва толии он «гоҳе» бувад: «Гоҳе бувад, ки мардум ё андар киштӣ бувад, ё ғарқа дар дарё».

Қазияи шартии мунфасил аз назари Ибни Сино ду гуна аст: 1) қазияи шартии мунфасили ҳақиқӣ ё инодӣ: «Ин шумор ба он шумор баробар аст, ё беш», «Мардум ё дар киштӣ аст ё ғарқа дар дарё». Дар қазоёи шартии мунфасили инодӣ танҳо яке аз пораҳои он метавонад рост бошад. 2) қазияи шартии мунфасили ғайриҳақиқӣ: «Ин мард ё табиб аст, ё дабир», «Зайд ё олим аст ё наққош». Дар ин гуна қазоё метавонад, ё як пораи он, ё ҳар дуяшон маънои рост бошад.[2]

Чунон ки гуфтем Арасту қазоёи шартиро қавли ҷозим намедонист ва бинобар ин онро баррасӣ накардааст. Аммо равоқиён ин анвоъи қазоёро ҳукми ҷозим мешумориданд ва то андозае баррасӣ кардаанд. Дар осори мантиқии Форобӣ низ ба ин масъала таваҷҷӯҳе зоҳир шудааст, вале чунон, ки мебояд таҳқиқ нашудааст.[3]

Муҳаққиқоне, ки авзоъи ин масъаларо дар осори Ибни

1 Ибни Сино. Мантиқи «Донишномаи алоӣ». С. 38.
2 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С. 25-26.
3 Руҷуъ шавад: Ал-Форобӣ. Логические трактаты. Алмата, 1975.

Сиио таҳқиқ кардаанд, бар онанд, ки дар бунёди назарияи қазоёи шартӣ Ибни Сино таҳти таъсири равоқиён буда аст. Аммо бояд гуфт, ки Ибни Сино худ дар ин маврид аз равоқиён ҳеҷ ёд накарадааст. Дар ҳар сурат муносибати Ибни Сино ва равоқиёнро муфассалтар бояд баррасӣ намуд, то ки саҳми ӯ дар бунёди назарияи қазоёи шартӣ ба дурустӣ маълум гардад.

Вале агар назарияи қазоёи шартии Ибни Синоро бо назарияи қазоёи шартии мантиқи навин татбиқ намоем, пас метавон гуфт:

1. Ақоиди Ибни Сино дар бораи моҳияти сохт ва анвоъи қазоёи шартӣ ҳаммонанди назарияи қазоёи шартии мантиқи навин аст. Мантиқиёни кунунӣ ҳам қазоёи шартиро қавли ҷозими мураккаб дониста ва ба қазоёи муттасил ва мунфасил мунқасим намудаанд. Ақидаи Ибни Сино дар бораи қазоёи мунфасили ҳақиқӣ ва ғайриҳақиқӣ ва ақидаи мантиқиёни ҷадид дар хусуси қазоёи мунфасили шартии қавӣ ва заъиф низ аслан як маънӣ дорад.

2. Ибни Сино қазоёи шартиро ба мисли қазоёи ҳамлӣ аз рӯи кам ва кайф тасниф намудааст ва барои таҳсири маънии онҳо ҳарфи сур таъйин кардааст. Дар мантиқи навин ин амр расм нест.

Ибни Сино дар перомуни масъалаи ҷиҳати қазоё низ андешаи бисёр варзидааст. Вале ин мухтасар маҷоли баёни муфассали андешаҳои ӯро надорад. Аз ин сабаб танҳо нукоти муҳими ақоиди ӯро хотирнишон мекунем: ҷиҳат се гуна аст; яке воҷиб аст, ки бар давом ва зарурати вуҷуд далолат мекунад. Дигаре мумтаниъ аст, ки бар давоми адам далолат мекунад; саввум имкон, ки на бар давоми вуҷуд ва на бар давоми адам далолат мекунад. Ҷиҳат аслан кайфияти нисбати мавзуъ ва маҳмули қазияро нишон медиҳад ва таъкид менамояд, ки ин нисбат ё нисбати зарурати мавзуъ ва маҳмул, ё нисбати мумтаниъии мавзуъ ва маҳмул, ё нисбати имкони мавзуъ ва маҳмули қазия аст. Тибқи ин усул қазоё се гуна аст:

1. Қазияи зарурӣ: ҳар А ба зарурат В аст; ҳеҷ як А ба зарурат В нест.

2. Қазияи имконӣ: ҳар А ба имкон В аст; ҳеҷ А ба имкон В нест.

3. Қазияи мумтаниъ: мумтаниъ аст, ки А В бошад. Номумтаниъ нест, ки А В бошад.

Аҳамияти ҷиҳати қазоё иборат аз он аст, ки тобишҳои маъноии қазоёро сареҳ ва возеҳ менамояд.

Аз баёни фавқ чунин бар меояд, ки Ибни Сино чун Арасту

ба баррасии ҷанбаи ҳастишиносии ҷиҳати қазое мутавваҷҷеҳ будааст. Вале ҳарчанд ӯ ҷанбаи маърифатии ҷиҳати қазоеро таҳти ҷиҳат накардаст, онро низ ҳар ҷониба таҳқиқ намудаааст. Аз назари маърифатӣ вай чаҳор гуна қазоёро мешиносад, ки иборатанд аз 1) мусалламот (яқиниёт); 2) мазнунот; 3) мушаббаҳот; 4) мухайялот. Дар навбати худ «мусалламот ё муътақидот аст, ё маъхузот. Ва муътақидот бар се қисм аст: воҷибулқабул, машҳурот ва ваҳммиёт. Ва воҷибулқубул авалиёт аст ва мушоҳидот ва муҷарribот ва он чи ба вай монад ва ҳадасиёт ва мутавотирот.[1]

Моҳияти ҳар як анвоъи ин қазоёро Ибни Сино ба таври муфассал тавзеҳ додааст, вале мо фақат нукоти зерини ӯро бозгӯ менамоем: (1) Аз ҷумлаи ин қазоё аввалиёт, таҷрибиёт, маҳсусот ва мутавотирот қазоёӣ яқинианд. Аз ин сабаб онҳо муқаддамоти қиёси бурҳонианд, ки ғарзаш пайдо кардани ҳақ ва яқин аст. (2). машҳурот қазоёи ҷадалӣ, яъне эҳтимолианд ва аз ин сабаб муқаддамоти қиёси ҷадалӣ мебошанд. (3). Ваҳмиёт, хусусан ваҳмиёти сирф, қазоёеанд дар нафси хеш козиб. Ва ваҳмиёт ва мушаббаҳот қазоёи суфистоӣ ва муғолитианд.[2] (4). Мазнунот қазоёеанд, ки дар хитоба бакор раванд. (5). Мухайялот қазоёеанд, ки дар шеър истифода шаванд ва ғолибан дурӯғанд ва агар қазоёи рост ва машҳур дар шеър ояд, на аз баҳри ростӣ ба кор омода бошад, балки аз баҳри мутахайила».[3]

Масъалаи нисбати қазоё мавриди таваҷҷуҳи махсуси Ибни Сино будааст ва ӯ онро ба таври басе мабсут баррасӣ кардааст, вале мо дар ин ҷо ба баёни иҷмолии ақоиди ӯ иктифо мекунем.

Дар байни қазоё метавон ду гуна нисбат таъйин кард, яке нисбати тақобул ва дигари таҷомуъ. Нисбати тақобул худ ду гуна аст, ки якеро тазод ва дигареро танокуз хонанд.

Тазод нисбати ду қазияи куллӣ аст, ки яке муҷиб ва дигаре солиб бошад. Қазоёи мутазод наметавонанд маъан содиқ бошанд, вале метавонанд маъан қозиб буванд. Ё ибораи худ Ибни Сино қазоёи мутақобил ва тазод «дар сидқ албатта ҷамъ наоянд, вале дар кизб ҷамъ оянд»[4]. Чунон ки гӯем: «Ҳамаи мардум нотиқанд» ва «Ҳеҷ мардум нотиқ нест». Танокуз нисбати байни ду қазия аст, ки дар кам ва кайф мухолифанд. Аз рӯи ин таъриф қазияи кулии муҷиба мутаноқиз ба қазияи ҷузвии солиба ва қазияи куллии солиба мутаноқис ба қазияи

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С. 52
2 Ибн Сино. Аш-Шифо. Ал-Мантиқ. 3. Ал-Ибора. Ал-Қоҳира, 1390. С. 46-47
3 Ибн Сино. Мантиқи "Донишномаи алоӣ". С. 38.
4 Ибни Сино. Ал- Шифо. Ал-Мантиқ. 3. Ал-Ибора. Ал-Қоҳира,1390 С. 36-37

ҷузвӣ муҷиба аст. Аз сурати хилофи эшон ҳаройина бояд, ки яке рост бувад ва яке дурӯғ бувад, он гоҳ мар дигарро нақиз буванд»[1]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки нисбати қазоёи мутаноқиз нисбати инод аст. Нисбати таҷомуъи қазоё низ ду гуна бувад, яъне тадохул ва таҳтуттазод. Тадохул нисбати ду қазия аст, ки дар кам мухолиф ва дар кайф мувофиқанд. Равшантар бигӯем нисбати тадохул аз як тараф байни қазоён кулли муҷиба ва ҷузвии муҷиба, аз тарафи дигар байни қазоёи кулии солиба ва ҷузвии солиба афтад. Қазоёи мутадохилаи муҷиба тасдиқанд бар воҷиб, қазоёи мутадохилаи солиба тасдиқанд бар мумтаниъ. Ҳар ду анвоъи қазоёи мазкур сидқ ва кизбро дар мумкин аз ҳам ҷудо мекунанд.[2]

Таҳтуттазод нисбати байни ду қазияи ҷузвист, ки аз рӯи кайф мухолифанд, чунонанд қазоёе, ки дар нисбати таҳтуттазод воқеъ мегарданд, ки гӯем: «Бархе мардум дабир аст» ва «Бархе мардум дабир нест»[3].

Аз матолиби фавқ чунин бармеояд, ки Ибни Сино мазомини қавонини асосии мантиқро ба хубӣ тасаввур мекардааст. Аввалан, он ҷо, ки вай собит мемонад, ки ду қазияи мутазод ва ду қазияи мутаноқиз наметавонанд маъан рост бошанд, балки яке заруратан дуруст ва дигаре ночор дурӯғ аст, қонуни адами таноқузро ифода мекунад. Ибни Сино возеҳан огаҳ будааст, ки дар бораи як шайъ дар як вақт, дар як изофа, дар як макон наметавон ду ҳукми мутазод гуфт. Ӯ дар «Ишорот ва танбеҳот» дар хусуси шартҳои тақобули қазоё нигоштааст: «Воҷиб кунад дар ҳамл ва иттисол ва инфисол муроъоти ҳоли изофат кардан, чунон ки агар гуянд «Фалон падар аст», бидонанд, ки аз он кӣ. Ва ҳамчунин муроъоти вақту замон ва шарт, чунон ки агар гӯянд «Ҳар мутаҳҳарике мутағайир аст», бидонанд модом, ки мутаҳҳарик бошад. Ва ҳамчунин риояти ҳоли ҷузв ва кулл ва қувва ва феъл бибояд кард, чунон ки агар гӯянд. «Хамр мусаккир аст» бибояд донист, ки бақувва ё бафеъл ва ба ҷузв ва ё андак ва ё ба маблағи бисёр, зеро ки иҳмоли чунин маъоние кардан ғалати бисёр афканад» [4]. Сониян, он гоҳ, ки Ибни Сино собит менамояд, ки қазоёи мутаноқиз наметавонанд, маъан рост бошанд, балки яке ногузир содиқ ва дигарӣ ночор қозиб аст, қонуни солиси мадфуъ (қонуни нафйи сеюм)-ро баён мекунад. Солисан, Ибни Сино мазмуни қонуни ҳуваҳувияти (инҳамонии) фикрро низ хуб медонистааст: ҳангоми қазоват ва истидлол мафоҳим ва ал-

1 Ибни Сино. Мантиқи Донишномаи алоӣ. С. 48
2 Ибни Сино. Аш-Шифо. Ал-Мантиқ. 3. Ал-Ибора. С. 48
3 Ибни Сино. Ан-Наҷот. С. 27.
4 Ибни Сино. Ишорат ва танбеҳот. С. 27-28.

фоз бояд ба як маънии муайян истифода шаванд, вагарна дар қазоват ва истидол хато ва иштибоҳ роҳ хоҳад ёфт. Он хато, ки «ба воситаи лафз бошад, ба сабаби он бошад, ки лафз дар ҳар ду [қазия] як бошад ва маънӣ мухтлиф бувад. Ва бошад, ки маънӣ мухталиф бувад ба ҳасби вазъи лафз дар нафси хеш, ҳамчун лафзи «айн». Ва бошад, ки маънӣ дар вай сахт пӯшида бошад, чунон, ки дар лафзи «нур», ки як бор ба маънии «басират» гӯянд ва як бор ба маънии «ҳақ» пеши ақли сареҳ»[1]. Сермаънӣ будани алфоз дар улум аксаран фаҳми мазмунро душвор менамояд ва хато эҷод мекунад.

Ибни Сино масъалаи акси қазоёро, ки дар мантиқи сурии кунунӣ яке аз ашколи истидлоли бевосита маҳсуб мешавад, басе муфассал баррасӣ кардааст. Ӯ ақидаи худро дар «Донишнома» ба таври мухтасар чунин иброз доштааст:

Акс дар қазоёи ҳамлӣ он бошад, ки маҳмули қазия мавзуъ кунӣ ва мавзуъи он маҳмул, чунон ки салб ва эҷоб ва сидқ ва кизб бар ҳоли хеш бувад.

1). Қазияи кулли солиба акс пазирад ба қазияии кулли солиба

Ҳеҷ фалон бостор нест.
Ҳеҷ бостор фалон нест.

2). Қазияи куллии муҷиба акс мешавад ба қазияи ҷузвии муҷиба

Ҳама фалонон бостор буванд
Бархе босторон фалон буванд.

3). Акси қазияи ҷузвии муҷиба қазияи ҷузвии муҷиба аст:

Бархе фалонон бостор буванд.
Бархе босторон фалон буванд.

4). Қазияи ҷузвии солиба акс напазирад, зеро метавон гуфт, ки «Бархе ҳайвон мардум нест», вале наметавон гуфт, ки «Бархе мардум ҳайвон нест».

Дар қазоёи шартии мунфасил акс он аст, ки муқаддам толӣ кунанд ва толӣ муқаддам ва муҷибӣ ва солибӣ, ростӣ ва дурӯғӣ ба ҷой доранд. Қазоёи шартии муттасил акс напазиранд. Зеро агар муқаддами он толӣ ва толии он мукаддам карор дода шавад, маънӣ бар ҷой намонад. Масалан, чун қазияи «Агар Офтоб барояд рӯз бувад»-ро акс кунанд нашояд, ки ҳукм ҳамин ҳукм бошад.[2]

Қиёс. Бахши басо муҳими мантиқии Ибни Синоро назарияи истинтоҷ ташкил медиҳад. Истинтоҷ аз назари мантиқиёни навин ду гуна аст. Истинтоҷи бевосита ва истинтоҷи ба-

1 Ибни Сино. Ишорат ва танбеҳот. С. 58.
2 1 Ибни Сино Мантиқи «Донишномаи алой». С. 37 – 39.

восита. Истинтоҷи бевосита аз ҷониби Ибни Сино ба таври комил баррасӣ нашудааст. Аммо ӯ истинтоҷӣ бавосита ва ашколи он, яъне истиқро, тамсил ва ба вижа қиёсро муфассал таҳқиқ кардааст. Зеро аз назари вай қиёс, хусусан қиёси бурҳонӣ, нисбат ба дигар ашколи истиитоҷ муътамадтар аст[1]. Ҳол бубинем, ки аз назари Ибни Сино қиёс чист ва хасоис он чӣ гуна аст.

Дар «Ишорот ва танбеҳот» Ибни Сино қиёсро чунин таъриф кардааст: Қиёс "қавле аст муаллаф аз ақволе [қазоёе], ки чун мусаллам дошта шаванд, он чи дар вай зикр карда бошад аз қазоё, лозим ояд аз вай қавли дигар лизотиҳи» [2]:

1). Ҳар ҷисме мусаввар аст
Ҳар мусавваре муҳаддас аст.
Ҳар ҷисме муҳаддас аст.
2). Ҳар инсон ҳайвон аст
Ҳар ҳайвон мутаҳаррик аст.
Ҳар мутаҳаррик боланда аст.
Ҳар боланда фонӣ аст.
Ҳар инсон фонӣ аст.

Аз амсоли фавқ чунин бармеояд, ки қиёс истинтоҷ аст аз куллӣ ба ҷузвӣ. Қиёс ду гуна аст: яке қиёси иқтиронӣ ва дуюм қиёси истисноӣ.

Қиёси иқтиронӣ он аст, ки натиҷаи вай дар ҳеҷ яке аз муқаддимаҳояш сареҳан билфеъл пайдо нест, балки билқувва пайдост (амсоли фавқрро муоина кунед -М.Д.). «Қиёси иқтиронӣ ҳам аз ҳамлиёти сода бошад ва ҳам аз шартиёти сода бошад, бошад ки аз ду муттасили сода бошад ва бошад, ки аз ду мунфасили сода бошад ва бошад, ки аз ин ду мураккаб бошад»[3]. Аз ин сабаб қиёси иқтиронӣ ду навъ дорад: қиёси иқтирониии ҳамлӣ ва қиёси иқтирониии шартӣ.

Қиёси иқтирониии ҳамлӣ он аст, ки аз ду, ё бештар қазоёи ҳамлӣ таркиб ёфтаст.

Ақволе (қазоёе), ки қиёси иқтирониии ҳамлӣ аз онон таркиб меёбад, муқаддама ном доранд. Қазияеро, ки аз муқаддимот бар меояд, натиҷа номанд. Муқаддимот ду гунаанд - суғро ва кубро. Муқаддамае, ки мавзуъи натиҷа дар он аст, муқаддимаи суғро ва муқаддимае, ки маҳмули натиҷа дар он аст, муқаддамаи кубро хонда шавад. Таълифоти ин ду муқаддамаро иқтирон гӯянд ва номи қиёси иқтиронӣ аз ин ҷост[4]. Ибни Сино ҷойгоҳи муқаддамотро дар қиёси иқтиронӣ сахт

1 Ибни Сино. Минтиқи «Донишномаи алоӣ». С. 59.
2 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С. 62.
3 Ибни Сино. Ишорат ва танбеҳот. С. 63.
4 Ибни Сино. Ишорат ва танбеҳот. С. 64.

таъйин кардааст. Муқаддамаи суғро ҳамеша дар ҷои аввал ва муқаддами кубро мудом дар ҷои дуюм меояд. Ин амр аз ашколи қиёс ва зуруби он, ки баъдан баррасӣ хоҳанд шуд, ба хубӣ маълум мегардад. Дар ин маврид Ибни Сино аз Арасту, ки дар назарияи қиёсоти ӯ ҷойгоҳи муқаддамот собит нест, ҷудоӣ ҷустааст. Мавқифи Ибни Сино аз мавқифи мантиқиёни навин низ мутафовит аст. Мантиқиёни навин маъмулан муқаддамаи кубороро дар ҷои аввал ва муқаддимаи суғроро дар ҷои дуюм меоваранд.

Ибни Сино ба хубӣ огаҳ будааст, ки на аз таълифи ҳар гуна муқаддамот қиёс бар ояд. Бинобар ин як идда қавоъидеро пешниҳод кардааст, ки тибқи мантиқи кунунӣ метавон ононро қавоъиди куллии муқаддамоти қиёси ҳамлӣ номид:

1). Аз ду муқаддамаи солиб қиёс наояд.

2). Аз ду муқаддамаи ҷузвӣ қиёс наояд.

3). Ҳар гоҳ муқаддамаи суғро солиб бувад ва муқадамаи кубро ҷузвӣ бошад, қиёс бар наояд.

Аз баррасии зуруби қиёси ҳамлӣ маълум мегардад, ки чунин қоъидаи куллии қиёс низ барои ӯ маълум будааст: агар яке аз муқаддамот солиб бувад, натиҷа низ бояд солиб бошад. (Зуруби қазоёеро, ки дар зер оварда мешаванд, муоина кунед). Аз тақсими ҳадди қиёс ба асғар, акбар ва авсат низ чунин бармеояд, ки вай аз қоъидаи куллии «дар қиёси ҳамлӣ танҳо се ҳад мавҷуд аст» огоҳ будааст. Вале муоинаи осори ӯ бар ин далолат мекунад, ки чунин ду қоъидаи ҳадҳои қиёси ҳамлӣ ба ӯ маълум набудааст:

1. Ҳадди авсат ақалан бояд дар яке аз муқаддамоти қиёс мунқасим бувад;

2. Ҳадде, ки дар муқаддамот мунқасим нест, дар натиҷа наметавонад мунқасим бошад.

Ибни Сино таъкид менамояд, ки дар қиёси иқтиронии ҳамлӣ се ҳад метавон таъйин намуд: ҳадди асғар, ҳадди акбар, ҳадди авсат. Лафзе, ки дар натиҷаи қиёс мавзуъ бошад ё муқаддам, онро ҳадди асғар гӯянд. Лафзеро, ки дар натиҷаи қиёс маҳмул бошад, ё толӣ, ҳаддӣ акбар хонанд. Лафзе, ки маъан чузви мушатарак ва муқаррари ҳар ду муқаддама буда, онҳоро ба ҳам мепайвандад ва дар натиҷа ҷой надорад, ҳадди авсат ном дорад. Вай дар асл ҳуҷҷат ва воситаи исботи қиёс аст. Ҳайати таълиф, яъне кайфияти ҳадди авсатро нисбат ба ҳадди асғар ва акбар, шакл хонанд. Дар хусуси ашколи қиёси иқтиронӣ ва анвоъи он Ибни Сино чунин нигоштааст: «Ҳадди авсат ё маҳмул бошад бар асғар ва мавзуъ бошад аз они акбар ва ё ба акси

ин ва ё маҳмул бошад ба ҳарду тараф, ё мавзуъ бошад ҳар ду тарафро. Лекин ҳамчунон ки қисми аввал, ки ӯро шакли аввал хонанд, комил ва фозил ёфтанд, қисми дуюмро аз табъ дур диданд ва [чун] интоҷи ӯро суъубати тамом дараш бувад, илтифот ба ин қисм, яъне ин ки акси қисми аввал аст, накардаанд... ва аммо он ду қисми дигар, агарчи қиёсияти эшон равшан набувад ба нафси хеш, чунон ки шакли аввалро, аммо бо баёни саҳл мешояд сиҳати қиёси он ду намудан. Ва бошад, ки зеҳни софӣ ва табъи рост қиёсияти ин ду бе баён кардан дарёбад. Пас [чун] ҳол бар ин ваҷҳ бувад, эътибор ин се шаклро ниҳоданд: аввалро, ки ба нафси хеш равшан аст ва натоиҷи ӯро ба баёне ҳоҷат набошад ва саввумро ва номи шакли он дуввум карданд ва чаҳорумро ва номи ӯ шакли саввум карданд»[1]. Аз ин сабаб Ибни Сино дар кутуби худ фақат се шакли қиёси иқтирони ҳамлиро баррасӣ кардааст.

Шакли нахустини қиёси иқтидоронӣ: ҳадди авсат маҳмули муқаддамаи суғро ва мавзуъи муқаддамаи кубро аст. Қиёс шудани иқтиронҳои шакли нахустинро ду шарт аст: “яке он аст, ки суғрошон бояд, ки муҷиб бувад ва дигар он аст, ки куброшон бояд куллӣ бувад... пас шарт чун ин ду шарт аст, қиёсҳои ин шакл чаҳор [зарб] бувад” [2], ки барои ихтисор онҳоро ба воситаи рамз чунин менависем:

1). A A /A
Ҳар A B аст
Ҳар B C аст
Ҳар A C аст

2). I A / I
Бархе A B аст
Ҳар B C аст
Бархе A C аст

3). A E / E
Ҳар A B аст
Ҳеҷ B C нест
Ҳеҷ A C нест

4). I E / O
Бархе A B аст
Ҳеҷ B C нест
Бархе A C нест

Шакли дуюми қиёси иқтиронӣ: ҳадди авсат маҳмули ҳар ду муқаддама аст, «шарти дурустии қиёси шакли дуюм он аст, ки яке муқаддама муҷиб бувад ва яке - солиб ва муқаддамаи кубро ба ҳар ҳол куллӣ бувад. Пас қиёсҳои вай чаҳор [зарб] бувад»[3].

1 Ибни Сино. Ишорат ва танбеҳот. С. 64.
2 Ибни Сино. Мантиқи «Донишномаи алоӣ». С. 41.
3 Ҳамон ҷо.

1). Е Е / Е
Ҳар А В аст
Ҳеҷ В С нест
Ҳеҷ А С нест

2). Е А /Е
Ҳеҷ А В нест
Ҳеҷ В С нест
Ҳеҷ А С нест

3) О Е /1
Бархе А В аст
Ҳеҷ В С нест
Бархе А С нест

4). О А / О
На ҳар А В аст
Ҳар С В аст
На ҳар А С аст

Шакли сеюми қиёси иқтиронӣ: ҳадди авсат дар ҳар ду муқаддама мавзуъ аст. «шарти қиёсҳои ин шакл он аст, ки суғро муҷиб бувад ҳар оина ва яке муқадама, ҳар кадоме ки бувад, куллӣ бувад. Пас қиёсҳои ин шакл шаш [зарб] буванд» .

1). А А I
Ҳар А В аст
Ҳар А С аст
Бархе А С аст

2). А Е О
Ҳар А В аст
Ҳеҷ А С нест
На ҳар А С аст

3). I Е I
Бархе А В аст
Ҳар А С аст
Бархе В С аст

4). А I I
Ҳар А В аст
Берхе А С аст
Бархе В С аст

5). А О О
Ҳар А В аст
На ҳар А С аст
На ҳар В С аст

6). I Е О
Бархе А В аст
Ҳеҷ А С нест
Ҳар В С нест

Бар хилофи мантиқиёни пешин Ибни Сино **қиёсҳои иқтирониишартиро** басе муфассал баррасӣ кардааст. Чунон ки маълум аст, Арасту на қазоёи шартӣ ва на қиёсоти шартиро намешинохт. Форобӣ ба таҳқиқи чунин қазоё ва қиёсот пардохта буд, вале онҳоро муфассал баррасӣ накардааст, балки бо баъзе ишорот иктифо намуда аст. Таҳқиқи муфассал ва мабсути қазиёи шартӣ бидуни шакк аз бузургтарин хидматҳои Ибни Сино дар рушди илми мантиқ аст. Ба **қавли вай қиёси иқтирониишартӣ гуфторе аст, ки баъзе, ё ҳамаи муқаддамоти онро қазоёи шартӣ ташкил медиҳанд.** Қиёсоти иқтирониишарти аз рӯи муқаддамаашон шаш гунаанд: 1. қиёси иқтирониишартии муттасил; 2. қиёси иқтирониишартии мунфасил; 3. қиёси иқтирониишартии муттасили ҳамлӣ; 4.

қиёси шартии мунфасили ҳамлӣ; 5. қиёси шартии мунфасили муттасил; 6. қиёси шартии иктиронии муттасили мунфасил. Вале барои он, ки сухан ба дарозо накашад ба баррасии назари Ибни Сино дар боби қиёси иктиронии шартии муттасил иқтифо меварзем[1] .

Қиёси иқтирони шартии муттасил гуфторе аст, ки аз ду қазоёи шартии муттасил таркиб меёбад. Ҳудуди қиёсоти иқтироннии шартӣ, аз ҷумла шартии муттасил, иборатанд аз муқаддам ва толӣ , ки вазифаи мавзуъ ва маҳмудро иҷро мекунанд. **Қиёсӣ иқтиронии шартӣ чун қиёси иқтиронии ҳамлӣ дорӣ се шакл аст.**

Шакли нахустини қиёси шартии муттасил: ҳадди авсат дар муқаддамаи суғро толӣ ва дар муқаддамаи кубро муқаддам аст. Ин шакл аз ду муқаддамаи муттасил таркиб меёбад ва шартҳои мунтаҷ будани он чун шартҳои мунтаҷ буданаш шакли аввали қиёсоти ҳамлӣ аст. Ин шакли қиёси иқтиронии шартии мутасил чаҳор зарб дорад.

Зарби нахустин аз ду қазияи шартии муттасили куллии муҷиб таркиб меёбад:

Ҳар гоҳ A B бошад, C D бувад.
Ҳар гоҳ C D бошад, E F бувад.
Ҳар гоҳ A B бошад, E F бувад.

Зарби дуввум аз ду мукаддамаи куллӣ таълиф меёбад, ки куброшон солиба аст:

Ҳар гоҳ A B бошад, C D бувад.
Агар C D бошад, E ҳаргиз F нест.
AB бошад, E ҳаргиз F нест

Зарби саввум аз ду мукаддамаи куллӣ иборат аст, ки куброшон солиба аст:

Ҳар гоҳ A B бошад, C D бувад.
Ҳар гоҳ C D бошад, E F нест.
Агар A B бошад, E F нест.

Зарби чаҳорум аз муқаддамаи чузъии солибаи суғро ва куллии муҷибаи кубро таълиф меёбад:

Агар бархе A B бошад, C D аст.
Агар C D бошад, ҳаргиз E F нест.
Ҳар гоҳ A B бошад, ҳаргиз E F нест.

Ибин Сино ҳамаи ин зуруби шакли нахустини қиёси иқтиронии шартии муттасилро қиёси комил медонад.

Шакли дуюм қиёси шартии муттасил: ҳадди авсат дар ҳар ду муқаддама толӣ аст. Дар ин шакл аз ду муқаддамаи муҷи-

1 Барои иттилоъи бештар нигаред. Ибни Сино. Аш-Шифо. Ал-Мантиқ. 4. Ал-Қиёс. С. 305 – 348.

ба, аз ду муқаддамаи ҷузъӣ ва аз ду муқаддамаи кубро натиҷа барнаояд. Ин шакл низ чаҳор зарб дорад.

Зарби нахустин аз ду муқаддамаи куллӣ, ки кубро ашон солиб аст, сохта мешаванд:

Ҳар гоҳ A B бошад, C D бувад.
Агар E F бошад, харгиз C D нест.
Агар A B бошад, ҳаргиз E F нест.

Зарби дуюм аз ду муқаддамаи куллӣ таълиф меёбад, ки суғроашон солиб аст:

Агар A B бошад, ҳаргиз C D нест.
Ҳар гоҳ E F бошад, ҳаргиз C D нест.
Агар A B бошад, ҳаргиз E F нест.

Зарби сеюм аз муқаддамаи ҷузъии муҷибаи суғро ва куллии солибаи кубро таркиб меёбад:

Агар бархе A B бошад, ҳаргиз C D нест.
Агар E F бошад,C D аст.
Ҳар гоҳ, бархе A B бошад, E F нест.

Зарби чаҳорум аз муқаддамаи ҷузъии солибаи суғро ва куллии муҷибаи кубро таълиф мешавад:

Вар гоҳ бархе A B бошад, C D нест.
Ҳар гоҳ E F бошад, C D аст.
Ҳар гоҳ A B бошад, E F нест.

Шакли сеюм қиёси шартии муттасил: ҳадди авсат дар ҳар ду муқаддама муқаддам аст. Шартҳои ин шакл чун шартҳои шаклҳои шакти сеюми қиёсоти ҳамлӣ аст ва мисли он шаш зарб дорад.

Зарби нахустин аз ду муқаддамаи муҷиба таълиф мешавад:

Ҳар гоҳ C D бошад, E F аст.
Ҳар гоҳ C D бошад, A B аст.
Агар E F бошад, A B аст.

Зарби дуюм аз ду муқаддамаи куллӣ, ки кубро ашон солиба аст, мураккаб мебошад:

Ҳар гоҳ C D бошад, E F аст.
Агар C D бошад, ҳаргиз A B нест.
Ҳар гоҳ E F бошад, A B нест.

Зарби сеюм аз муқаддамаи муҷиба, ки суғроашон ҷузвӣ аст, сохта мешавад:

Агар бархе C D бошад, E F аст.
Ҳар гоҳ C D бошад, A B аст.
Агар бархе E F бошад, A B аст.

Зарби чаҳорум аз ду муқаддамаи муҷиба, ки кубро ашон ҷузвӣ аст, таълиф мешавад:

Ҳар гоҳ C D бошад, E F аст.

Агар бархе C D бошад, A B аст.
Агар бархе E F бошад, A B аст.

Зарби панҷум аз муқаддамаҳои муҷибаи куллии суғро ва солибаи чузъии кубро таркиб меёбад:

Ҳар гоҳ C D бошад, E F аст.
Ҳар гоҳе, баъзе C D бошад, A B нест.
Ҳар гоҳе E F бошад, A B нест.

Зарби шашум аз муқаддамаҳои муҷибаи суғро ва куллии солибаи кубро таълиф мешавад:

Агар бархе C D бошад, E F аст.
Агар бархе C D бошад, A B нест.
Ҳар гоҳе E F бошад, A B нест.

Қиёси истисноӣ он аст, ки натиҷаи вай дар яке аз муқаддамоташ сареҳан билфеъл пайдост, чунон ки гӯянд:

Агар фалонро таб дорад, раги вай тез бувад.
Лекин фалонро таб дорад.
Фалонро раг тез бувад.

Ҳар як қиёси истисноӣ аз муқаддамаи шартӣ ва муқаддамаи истисноӣ иборат аст. Муқаддамаи истисноӣ ё яке аз аҷзои (яъне ё муқаддам ё толӣ) муқаддамаи шартӣ аст, ё накизи он, ки бо адоти «лекин» ворид мешаванд ва қазияи ҳамлӣ аст. Натиҷаи қиёси истисноӣ низ аз қазияи ҳамлӣ иборат аст.

Қиёси истисноӣ, ки муқаддамаи аввалаш қазияи шартии муттасил аст, ду гуна бувад:

1. Қиёси истисноӣ, ки айни муқаддам истисно шавад, то айни толӣ интоҷ гардад:

Агар Офтоб баромада аст, ҳама кавокиб пӯшидаанд.
Лекин Офтоб баромада аст.
Ҳама кавокиб пӯшидаанд.

2. Қиёси истисноӣ, ки нақизи толӣ истисно шавад, то накизи муқаддам натиҷа диҳад:

Агар Офтоб баромада аст, кавокиб пӯшида аст.
Лекин Офтоб пӯшида нест.
Офтоб набаромада аст.

Қиёси истисноӣ, ки муқаддамаи аввалаш қазияи мунфасили ҳақиқӣ аст, низ ду гуна бувад:

1. Қиёси истисноӣ, ки айни он чӣ иттифоқ афтад, истисно намояд, то интоҷи ҳар чӣ ҷузви вай аст, бикунанд:

Ин адад ё том бувад, ё зоид, ё ноқис.
Лекин ин адад том аст.
Ин адад на зоид бувад, на ноқис.

2. Қиёси истисноӣ, ки нақизи он чи иттифоқ афтад, истисно

кунанд, то интоҷи он боқӣ намонад.

Ин адад ё том бувад, ё зоид, ё ноқис.

Лекин ин адад том нест.

Ин адад ё зоид бувад, ё ноқис

Қиёсҳои истисноӣ метавонанд аз қазоёни шартии мунфасили ғайриҳақиқӣ низ мураккаб гарданд, ки сураташон ба ин қарор аст:

Ё ин шахс дар об аст, ё ғарқ нашавад.

Лекин вай ғарқ гашт.

Пас вай дар об аст.

Қиёси музмар ё замир. Чунон, ки маълум аст, қиёсот дар гуфтор ба тавре ва тартибе, ки баён шуд кам ба кор оянд. Дар амал аксаран қиёсотеро кор банданд, ки ё яке аз муқаддимот, ё натиҷаи он сареҳан ифода нашудааст, балки фақат дар назар аст. Ибин Сино қиёсеро замир меномад, ки муқаддамаи куброаш ба сабаби истизҳор ё барои ниҳон доштани дурруғи он афканда шудааст. Мисоли истизҳор:

Хатҳои А В ва В С аз марказ баромада ба муҳит мерасанд.

Пас ҳар як хати аз марказ баромада ба муҳит мерасад

Мисоли ниҳон доштани дуруғи муқаддамаи кубро:

Ин мард душманро хитоб мекунад, пас ӯ хоин аст.

Ҳар хитобкунандаи душман хоин аст.

Қиёси мурракаб. Ибни Сино ба хубӣ огоҳӣ дошта, ки «на ҳамаи натиҷаҳо аз як қиёс биёянд, то ду муқаддама бас бошанд. Балки бувад, ки яке масъала ба қиёсҳои бисёр дуруст шавад, чунон ки аз ду муқаддама натиҷа оранд, боз он натиҷа муқаддама шавад қиёсе дигарро ва ҳамчунон мешавад то охирин натиҷаи масъала бувад» [1].

Ба ин тариқа, қиёси мураккаб аз таркиби чандин қиёси сода иборат аст, ки натиҷаи қиёси собиқ қиёси лоҳиқ бошад, чунон ки гӯем:

1). Ҳар С В аст
Ҳар В Е аст
Ҳар С Е аст

2). Ҳар С В аст
Ҳар В F аст
Ҳар С F аст

3). Ҳар С F аст
Ҳар F В аст
Ҳар С В аст.

1 1Ибни Сино. Мантиқи «Донишноми алой». С. 44

«Валекин бисёр бувад, ки баъзе муқаддамаҳоро бияфкананд мар ихтисорро, ё мар ҳилатро, ё мар изтизҳор ва ибонатро. Ва бисёр бувад, ки муқаддамаҳоро тақдим ва таъхир кунанд, ва лекин ба ҳақиқат ба ин қиёсҳо оянд, ки гуфтем». Аз ин сабаб қиёси мураккаб ду гуна аст: яке қиёси мураккаби мавсул ва дуюм қиёси мураккаби мафсул.

Қиёси мураккаби мавсул он аст, ки натоиҷи қиёси собиқро дар ҷои худ эрод кунанд ва онҳоро чун дар муқаддамоти қиёси лоҳиқ афтанд, муқаррар созанд:

1). Ҳар А В аст
Ҳар В С аст
Ҳар А С аст
2). Ҳар А С аст
Ҳар С D аст
Ҳар А В аст

3). Ҳар А D аст
Ҳар D Е аст
Ҳар А Е аст

Қиёси мураккаби мафсул он аст, ки натоиҷи қиёси собиқро дар ҷои худ эрод накунанд, балки онҳо маҳзуф бошанд ва дар муқаддамаи қиёси лоҳиқ такрор нашаванд:

Ҳар А В аст
Ҳар В С аст
Ҳар С D аст
Ҳар D А аст

Дар мисоли фавқ натиҷаи қиёси собиқ А Е аст ва дар ҷои худ ироа нашуда ва дар муқаддамаи қиёси лоҳиқ такрор нагардида аст.

Қиёси хулф. Ибни Сино қиёси хулфро, ки аз ҷумлаи қиёсҳои мураккаб аст, нисбат ба Арсату бештар мавриди таҳқиқ қарор дода аст. Ӯ худ гӯяд «Фарқ миёни хулф ва пешин, ки ӯро қиёси рост ва қиёси мустақим хонанд, он аст, ки қиёси хулф даъворо дуруст кунад, ба-д-он, ки хилофи ӯро ботил кунад. Ва хилофи ӯро ба-д-он ботил кунад, ки аз вай муҳол лозим оварад... Арастотолис ишорат ба-д-ин кардааст, ки ман хоҳам гуфтан. Валекин ӯ ин миқдор гуфтааст, ки [қиёси] хулф аз шартӣ аст. Пас падид кардани он,ки [қиёси] хулф шартӣ аст, он аст ки ман хоҳам гуфтан»[1].

Ба қавли Ибин Сино қиёси хулф мураккаб аз ду қиёс ме-

1 Ибни Сино. Мантиқи «Донишномаи алоӣ». С.45.

бошад, ки якеаш қиёси иқтиронии муттасили ғарибест, ки худи ӯ ихтироъ кардааст ва дигараш қиёси шартии иттисолии истисноӣ аст. Ибни Сино моҳияти қиёси хулфро тавассути мисол чунин шарҳ медиҳад: “Агар ҳар А В набошад, пас ҳар А В ва ҳар Ҷ В нест”. Ҳамоно ин қиёси иқтиронии шартии муттасили ҳамлӣ аст. Он натиҷа медиҳад, ки “Ҳар А В нест, пас ҳар А Ҷ нест”. Сипас ту натиҷаро муқаддама мегузорӣ ва нақизи толии онро истисно намуда мегӯйӣ “Агар ҳар А В набошад, пас ҳар А Ҷ нест, локин ҳар А Ҷ аст”. Ин нақизи толӣ аст, ки нақизи муқаддам натиҷа медиҳад ва он ин аст, ки “Ҳар А В аст, сурати қиёси хулф аст”[1].

Фоидаи қиёси хулф, ба ақидаи Ибни Сино, иборат аз он аст, ки маънии бисёр бо сухани андак ва кӯтоҳтар баён шавад. **Ин қиёс дар улум, хусусан ҳандаса бисёр роиҷ аст.**

Аз назари Шайхурраис ҳадафи умдаи қиёс таҳсили дониши яқинӣ ва дарёфтани ҳақиқати ашё ва ҳаводис аст. Аз ин дидгоҳ файласуф қиёсоторо чунин тасниф мекунанд:

1. Қиёси бурҳонӣ, ки муқаддамоташ аз яқиниёт иборат аст ва дар улум ба кор ояд.

2. Қиёси ҷадалӣ, ки муқаддамоташ аз машҳурот ва муссаламот аст ва дар баҳс ва мунозара ба кор ояд ва ҳақиқатнамо бошад.

3. Қиёси сӯфистоӣ ва муғолатӣ, ки муқаддамоташон ваҳмиёт ва мушаббаҳот аст. «Ва дар қиёси суфистоӣ ва муғолатӣ ҳеҷ фоидае нест, илло зиён. Ва агар фоида бувад, он ки биёзмоӣ касеро, ки даъво кунад, донад ё надонад ва он гоҳ онро қиёси имтиҳонӣ хонанд. Ё бозмолӣ даъвокуни беҳунарро, то мардумон аз вай наёмӯзанд ва мартабаи вай бидонанд ва онгоҳ онро қиёси иноди хонанд»[2].

4. Қиёси хитобӣ, ки аз мақбулот, мазнунот ва машҳурот ба зоҳир таркиб ёбад «ва фоидаи хитоба андар сиёсати мардум бувад ва андар шоҳаҳои шариъат ва андар машварат ва хусумат ва итоб ва андар ситоиш ва накӯҳиш ва андар бузург кардани сухан ва хурд кардан ва ҳар чӣ ба-д-он монад»[3].

5. Қиёси шеърӣ, ки аз мухайялот тасниф шавад, ки аксар иғроқ ва ғулуванд «ва агар муқаддамоти рост андар шеър афтад, ё машҳур, на аз баҳри ростиро ба кор омада бошад, ки аз баҳри мутахайиларо»[4].

Истиқро. Истиқро – ҳукме аст аз ҷузвӣ ба куллӣ. Ба қавли худи Ибни Сино «истиқро он бувад, ки ҳукме кунанд бар

1 Ибни Сино. Ан-Наҷот. С.55.
2 Ибни Сино. Мантиқи «Донишномаи алоӣ». С. 45.
3 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.51.
4 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.51.

мавзуъе куллӣ аз он қибал, ки ҳукм андар ҷузъиёти он мавзуъ ёбанд, чунон ки гӯянд: «Ҳар ҳайвоне ба вақти хоидан зуфри зерин ҷунбонад». Агар битавонад ҳар якеро аз ҷузвиёт ёфтан бар ин ҳукм, то ҳеҷ наҷаҳад, ҳукм бар куллӣ яқинӣ бувад»[1]. Равшантар бигӯем истиқро ҳукм аз ҷузвӣ ба куллӣ аст ба сабаби ёфтани амри куллӣ дар ҳар синфи аснофи куллӣ. Барои дарки ин маънии истиқро мисоли зеринро муоина намоед:

Инсон ҳайвони хурдзаҳра аст.
Фарас ҳайвони хурдзаҳра аст.
Фил ҳайвони хурдзаҳра аст.
Инсон, фарас, фил ҳайвони дарозумранд.
Ҳар ҳайвони хурдзаҳра дарозумр аст.

Истиқро ду гуна аст: яке истиқрои том (бурҳонӣ) ва дуюм истиқрои ноқис (ғайритом, маҳсур). **Истиқрои том** он аст, ки ҷузъиёт маҳсур бувад ва ҳукм дар ҳамл собит. Дар ин сурат ҳукми куллӣ, ки натиҷаи истиқро аст, ҳаройина содиқ хоҳад буд. Бинобар ин истиқрои том истиқроест бурҳонӣ. Истиқрои ноқис иборат аз он аст, ки ҷузвиёт мунташир бошад ва ҳаср маълум набувад. Аз ин сабаб ҳукм бар куллӣ яқинӣ натавонад буд, зеро дур нест ҷузве бошад, ки бо аҷзои мазкури ин синф мутабойин бувад. Ибни Сино ин маъниро шарҳ дода, дар идомаи мисоли «Ҳар ҳайвоне ба вақти хоидан зуфри зерин ҷунбонад», чунин меоварад: «Валекин мардумоне, ки истиқро кунанд, чун бисёрро ё бештарро чунин ёбанд, ҳукм кунанд бар ҳама ва ин на зарурӣ бувад, зеро ки шояд будан, ки на дида хилофи дида бувад ва сад ҳазор муттафиқ бувад ва яке хилоф бувад, чунон ки тимсоҳ, ки зуфри забарин биҷунбонад ва зерин наҷунбонад»[2]. **Истиқрои ноқис** бурҳонӣ нест ва дар улум ба кор намеравад. Вале эътимоди ҷадалиён ва мутакаллимон бештар ба истиқрои ноқис аст. Чунон ки мебинем яқинияти истинтоҷи истиқроӣ аз назари Ибни Сино, ба том ва ё ғайритом будани худи истиқро марбут аст. Истиқрои том ногузир натиҷаи яқинӣ медиҳад, натиҷаи истиқрои ғайритом эҳтимолӣ аст. Ин ақоиди ӯ ба назарияи истиқрои мантиқиёни навин мутобиқ аст. Вале бояд мутазаккир шуд, ки Ибни Сино моҳияти истиқроро, ки аз назари ӯ яке аз ашколи истинбот аст, ҳарҷониба мавриди таҳқиқ қарор надодааст. Масалан, вай истиқрои илмӣ ва усули онро аслан баррасӣ накардааст.

Тамсил. Ин шакли истинботро ҳам Ибни Сино камтар мавриди таваҷҷӯҳ қарор додааст. Ӯ бо таъйини моҳияти тамсил,

1 Ибни Сино. Мантиқи «Донишномаи алоӣ». С. 54.
2 Ибни Сино. Мантиқи «Донишномаи алоӣ». С. 45.

мақоми маърифатӣ ва анвои он иктифо намудааст. Вай дар таърифи тамсил гӯяд: «Мисол (яъне тамсил – М.Д.) сусттар аз истикро аст. Ва мисол он бувад, ки ҳукм кунанд бар чизе бад-он чӣ андар монанди ӯ бинанд. Масалан, гӯянд, ки «нафси мардум қуввате аст, ки бояд сипаси тан намонад, чунон ки биноии чашми вай»[1] . Чунон ки ба назар мерасад, ин таърифи тамсил, ки Ибни Сино тадвин намудааст, бо таърифи кунунии тамсил ҳаммонанд аст. Вале, аз ақоиди Ибни Сино чунин бармеояд, ки ӯ бар хилофи мантиқиёни кунунӣ ду навъи тамсилро мешинохтааст: тамсили куллӣ ва тамсили ҷузвӣ. Тамсили куллӣ он аст, ки дар асоси монанд будани баъзе ашёи ин синф ҳукм кунанд ба монанд будани ҳама ашёи ин синф ва ин на зарурӣ бувад, “зеро ки шояд, ки ҳукми монанд хилофи ҳукми монандаи дигар бувад, ки бисёр чизҳоеанд, ки ба як маънӣ монанд бувад ва ба ҳазор маънӣ мухолиф ва бар яке аз эшон ҳукм дуруст бувад, ё шояд ки дуруст бувад ва бар дигаре дуруст набувад ва нашояд [ки дуруст бувад]. Пас мисол (тамсил – М.Д.). дилхуширо шояд ва афкандани гумонро ва яқинро нашояд»[2].

Тамсили куллиро бештар дар корҳои тадбирӣ ва фиқҳ ба кор баранд. Аз ин сабаб, мутафаккир ин навъи тамсилро қиёси фиқҳӣ номида буд.

Тамсили ҷузвӣ он аст, ки истинбот аз ҷузвӣ ба ҷузвӣ бошад. Ин гуна тамсил натиҷаи содиқ медиҳад. Ибни Сино худ нигоштааст: «Ва агар даъво ҷузвӣ бошад, ки «Баъзе фалон бостор аст», мисол, худ ҳуҷҷати дуруст бувад аз шакли сеюм, чунон ки гӯӣ «Он мисол фалон аст» ва «Он мисол бостор аст», натиҷа ояд, ки «Бархе фалон бостор аст»[3]. Ба ин маънии дуюм ақидаи Ибни Сино дар бораи тамсил ба тасаввуроти Арасту ва мантиқиёни кунунӣ шабоҳат дорад.

Аз тавсифи иҷмолии мантиқи Ибни Сино чунин натиҷаи муҳим метавон гирифт: ашхосе, ки Шайхурраисро муқаллид ва шореҳи маҳзи Арасту донистаанд, сахт дар иштибоҳанд, зеро Ибни Сино чунон ки ҳангоми баррасии масоили умдаи мантиқи ӯ хотирнишон кардем, ба мантиқ дастовардҳо ва кашфиётеро ворид кардааст, ки дар кутуби мантиқии Арасту ба назар намерасанд.

3. ФАЛСАФАИ НАЗАРИИ ИБНИ СИНО

Фалсафа ва қисматҳои он. Фалсафа аз назари Ибни Сино ва соири фалосифаи аҳди Бостон ва Садаҳои Миёна маъри-

1 ИБни Сино аш- Шифо ал-Мантиқ. 4 ал-Қиёс с.561-564.
2 Ибни Сино. Мантиқи Донишномаи алоӣ.С.46.
3 Ибни Сино. Мантиқи «Донишномаи алоӣ». С. 46

фати ҳақоиқ ашё ба қадри тоқат ва тавони инсон мебошад. Тибки таърифи мазкур тамоми дониши инсонӣ дониши фалсафӣ аст. Бинобар ин фалосифаи Аҳди Бостон ва Асрҳои Миёна ҳангоми табақабандии улуми фалсафӣ ҷамъи улумро таҳти унвони фалсафа овардаанд.

Аз назари Ибни Сино ва соири фалосифаи он замонҳо фалсафа ба ду бахш тақсим мешавад - фалсафаи назарӣ ва фалсафаи амалӣ.

Фалсафаи назарӣ, ки мавзуъи баҳси он кайфияти ҳастии ашёи айнӣ ва ҳадафаш маърифати ҳақиқати ашёст, дар «Шифо», «Начот», «Донишнома» ва «Ақсоми улуми ақлӣ» ба се бахш – табиъиёт, риёзиёт ва фалсафаи уло (ё илоҳиёт) тақсим шудааст. Ҳар як аз ин анвоъи улум дар навбвти худ шомили чандин асл ва фаръ мебошанд. Масалан, табиъиёт дорои ҳашт асл аст: 1. Фанни самоъи табиъӣ. 2. Илми осмон ва ҷаҳон. 3. Илми кавн ва фасод. 4. Илми маъодин ва осори улвӣ. 5. Илми феъл ва инфиол. 6. Илми нафс. 7. Илми наботот. 8. Илми ҳайвонот. Фаръҳои он бар ҳафт аст. 1. Тиб. 2. Нуҷум. 3. Фаросат. 4. Таъбири хоб. 5. Тилисмот. 6. Найрнаҷот. 7. Кимиё. Риёзиёт дорои чаҳор асл аст, ки иборатанд аз (1) Илми адад. (2) Ҳандаса. (3) Ҳайат. (4) Мусиқӣ. Фурӯъи илми адад аз илми ҷамъ ва тафриқ ва ҷабру муқобала иборатанд. Фурӯъи ҳандасаро улуми масоҳати укар ва курраи мутаҳаррика, ҷарӣ асқол, авзон ва мавозин, олоти ҳарбия, манозир ва мароё ва нақли обҳо ташкил медиҳанд. Фурӯъи ҳайат иборатанд аз улуми тақвим ва зайҷот. Фурӯъи мусиқӣ илми иттихози олоти мусиқӣ мебошад. Фалсафаи уло аз назари Ибни Сино панҷ асл дорад: 1. Маърифати усули оммаи ҷамиъи мавҷудот. 2. Таҳқиқи мабодии табиъиёт, риёзиёт ва мантиқ. 3. Исботи Воҷибулвуҷуд ва баррасии сифоти он. 4. Баҳс дар мабодии аввалия ва ҷавоҳири рӯҳонии самовӣ. 5. Баҳс дар ҷавоҳири рӯҳонии арзӣ. Фурӯъи фалсафаи уло иборатанд аз: 1. Маърифати ваҳй ва нубувват. 2. Илми маъод.

Фалсафаи амалӣ, ки мавзуъи он аз назари Ибни Сино иборат аз аъмоли худи инсонҳо ва ғояташ таъмини саодати мардум аст, дар осори номбурдаи ӯ аз се қисм иборат мебошад: 1. Илми ахлоқ - назар дар таҳзиби ахлоқи афроди инсонӣ. 2. Тадбири манзил - назар дар сиёсти манзилӣ. 3. Тадбири мудун - назар дар ҷомеъаи инсонӣ.

Ибни Сино дар асараш «Ҳикмат-ул-машриқия» дар ин табақандии улум ду тағйироти басо ҷиддӣ ворид намудааст: аввалан ӯ фалсафаро ба номи илми куллӣ аз илоҳиёт ҷудо кардааст ва фалсафаи назариро аз чаҳор қисмати мустақил,

яъне: 1. Табиъиёт. 2. Риёзиёт. 3. Илми куллӣ. 4. Илоҳиёт иборат донистааст. Сониян, фиқҳро ба ҳайси илми мустақил шинохта фалсафаи амалиро низ ба чаҳор қисмат табақабандӣ кардааст: 1. Илми ахлоқ. 2. Илми тадбири манзил. 3.Илми тадбири мудун. 4. Фиқҳ. Вале бо таассуф бояд гуфт, ки ин кӯшиши ҷиддӣ ва аз лиҳози равишшиносӣ самарабахши Ибни Сино дар таърихи фалсафа ва афкори иҷтимоъӣ ба таври бояду шояд арҷгузорӣ нагардидааст ва пазируфта нашудааст. Фалосифаи садаҳои баъдӣ аз табақабандии сегонаи фласафа ҳамвора пуштибонӣ намудаанд. Худи Ибни Сино ҳам дар «Донишнома», ки асари охирини ӯст, ба ҳамон тақсимбандии сегонаи улум баргаштааст, фақат бо ин фарқ, ки илоҳиётро дар мартабаи аввал ҷой додааст.

Инак, аз баёни иҷмолии табакабандии улуми фалсафӣ ҳувайдост, ки фалсафаи Ибни Сино аз маҷмуъи улуми замони ӯ иборат аст. Вале агар ба чунин ақида мутакко бошем, ки фалсафа илм дар бораи умдатарин ва ҷомеътарин усули ҳастӣ ва тафаккур аст, пас эътироф бояд намуд, ки аз маҷмуъи он чӣ ки Ибни Сино ба фалсафа шомил месозад, фақат мантиқ, фанни самоъи табиъӣ, равоншиносӣ, улуми ахлоқ, тадбири манзил ва тадбири мудун фалсафа асту бас. Ҳамаи улуми дигар, ки ҳангоми табақабандӣ улуми фалсафӣ қаламдод шудаанд, улуми ҷузъии табиъӣ, риёзӣ, зистшиносӣ, динӣ (илоҳиёт ба маънии аслии ин мафҳум ва дар муқобили илми куллӣ, ки фалсафаи маҳз аст) ва иҷтимоъӣ мебошанд. Вале бояд ёдовар шуд, ки масоили фалсафӣ дар доираи улуми ҷузъӣ низ, ки Ибни Сино баррасӣ кардааст, кам нестанд. Аммо тамоми ин масоилро наметавонем дар ин ҷо мавриди таҳқиқ қарор бидиҳем. Бинобар ин ба баррасии умдатарин масоили фалсафаи матафаккир, ки равиши ақидатӣ ва мафкуравии фалсафаи ӯро нишон медиҳад, иктифо мекунем.

Назарияи таҷавҳури аҷсом. Масъалаи таҷавҳури аҷсом аз ҷумлаи умдатарин масоили фалсафаи Ибни Сино аст. Тибқи назарияи мазкур ҳастиро ду бахш аст - чавҳар ва араз. Ҷавҳар он аст, ки дар мавзуъ вуҷуд надорад. Ҳастии он баста ба чизе нест, ки ҳовӣ ва пазирои он бошад. Пас, хосияти умдаи ҷавҳар иборат аз мутлақияти он аст. Аз назари Ибни Сино ҷавҳар ба маънии зикршуда аз панҷ навъ иборат аст: 1. Ҳаюло. 2. Сурат. 3. Ҷисм (ки мураккаб аз ҳаюло ва сурат аст). 4. Нафси куллӣ. 5. Нафси нотиқа (ақл). Дар ин ки ҳаюло ва ҷисм ҷавҳар ва моддаи тамоми ҳастии олами моддӣ аст, шакке нест. Вале акидае, ки тибки он нафси куллӣ ва нафси нотиқа (он чи ки ба истилоҳи фалсафаи кунунӣ ба но-

мии шуур ёд мешавад) ё ақлро ҷавҳар, яъне мавҷуди мутлақ мешуморанд, ба дастовардҳои илми кунунӣ созгор нест. Аз назари илми навин нафси нотиқа (ақл) на ҷавҳари мустақил ва мутлақ, балки хосияти мағзи сари инсон аст, ки он худ моддаи басо олиташкил мебошанд. Ин нуқтаро низ бояд хотирнишон сохт, ки мутлақияти ҷавҳар аз назари Ибни Сино нисбӣ аст. Зеро Худо аз рӯи мартаба, манзалат ва авзоъ аз он пешӣ дорад. Вале ӯ дар айни ҳол ҳамроҳии замонии азалӣ ва абадии Воҷибулвуҷуд ва ҷавҳарро эътироф намуда, барои исботи азалият ва абадияти чавҳар, ҳаюло ва олам далели басо қавӣ ироа медорад.

Ибни Сино ҷисмро ба ҳайси яке аз анвоъи муҳими ҷавҳар медонад ва таъкид менамояд, ки вай дорои панҷ мабда аст ва онҳо иборатанд аз: (1) ҳаюло, (2) сурат, (3) адам, 4. Фоъил, (5) ғоят. Таъбири моҳияти мабодии мазкур барои таъйини равиши ақидатии назариёти фалсафӣ аҳамияти вижаӣ дорад. Бинобар ин ба баррасии ақоиди Ибни Сино дар ин мавзуъ мепардозем.

Ибни Сино назарияи худро дар бораи ҳаюло дар «Фунуни самоъи табиъӣ» чунин иброз медорад: «ҳаюло ба эътибори ин ки билқувва пазирандаи сурат ё суратҳост, ҳаюло хонда мешавад ва аз ҳайси ин ки билфеъл хомили сурат аст, мавзуъ гуфта мешавад (дар ин ҷо мавзуъ ба он маънӣ нест, ки дар мантиқ ҷузви расми ҷавҳар гирифтем, чи ба он маънӣ ҳаюлло албатта мавзуъ нест) ва ба эътибори ин ки барои ҳамаи суратҳо муштарак аст, модда ва тинат хонда мешавад ва ба мулоҳизаи ин ки маркаб дар таҳлил ба он мунҳал мегардад ва дар муракаб ҷузъи басити пазирандаи сурат аст, устуқус ном дорад ва ҳамчунин он чи ба манзалаи ӯст ва чун ба ҳамин маънӣ таркиб аз он оғоз мешавад, унсур хонда мешавад ва ҳар чи монанди ӯст. Ба иборати дигар ҳар гоҳ аз он оғоз гардад ва ба мураккаб бирасад, унсур аст. Ва ҳар гоҳ аз мураккаб оғоз кунад ва ба он бирасад, устукус аст, чи устуқус баситтарин аҷзои мураккаб аст»[1]. Аз ин нукта чунин бар меояд, ки ҳаюло мавзуъи тамоми ашёи моддӣ ва ҳаводис, шарти тафрид ва ташхиси сурат, нафс ва ақл аст. Анвоъи мушаххаси ҳаюло аз назари Ибни Сино ва соири фалосифаи машшо иборатанд, аз хок, об, ҳаво ва оташ. Маҳз аз ин анвоъи ҳаюло тамоми ашё ва аҷсоми олам ташкил меёбад. Аърози зотии ҳаюлоро Ибни Сино аз ҳаракат, замон ва макон иборат медонад. Чунин тарҳи масъала ӯро ба ақидаи тағйирпази-

1 Ибни Сино. Фунуни самоъи табиъӣ. Теҳрон, 1319, С. 37.

рии ҳаюло овардааст. Тағйирпазирии ҳаюло аз назари ӯ дар табдили анвоъи он аз яке ба дигаре, дар таҷдиди ашколи мушаххаси ҳастии ашё ва ҳаводис зоҳир мешавад. Назариёти заминшиносӣ, маъданшиносӣ, ҳавошиносӣ ва тибии Ибни Сино низ бар мабнои ҳамин ақидаи зотан диалектикии тағирпазирӣ устувор аст.

Масъалаи азалият ва абадияти ҳаюло ҳам мавриди таваҷҷӯҳи вижаи Ибни Сино будааст. Аз назари ӯ ҳаюло азалӣ (кадим) ва абадӣ аст, зеро (1). ба ҳар як чиз ва ҳаводис ҳаюло пешӣ дорад; (2). ҳаракат, макон ва замон чун аърози зотии ҳаюло азалӣ ва абадианд; (3). ҷисм, ки аз модда ва сурат таркиб ёфтааст, фонӣ мебошад, чунки суратеро мепазирад ва суратеро раҳо менамояд, вале ҳаюлои уло дар ҳамаи ин мавод бардавом ва мудовим барҷо мемонад. Ҳаюло чун мояи омми ҳастии ашё ва ҳаводис на ҳодис, балки ибдоъӣ аст. Ибни Сино нигоштааст: «... ба аъёни мавҷудоти он мабодӣ назар мекунем, ки баъзе ҳаюлоҳо коин ва фосиданд, мисли чӯб барои тахт ва зочу ва мозу барои мидод, валекин ҳаюлои уло… коин ва фосид нест ва ибдоъӣ аст»[1]. Ибдоъӣ будани ҳаюло чи маънӣ дорад? Посухи ин суолро бояд дар таърифи ибдоъ ҷустуҷӯ намуд. Ибни Сино дар рисолаи «Ҳудуд» навиштааст: «Ибдоъ исми ду мафҳум аст, яке аз онҳо ин аст, ки таъсиси чиз на аз чиз ва на ба воситаи чиз аст. Мафҳуми дуввум он аст, ки чиз аз сабаби бемутавассит вуҷуди мутлақ дорад»[2]. Пайдост, ки мафҳуми аввали ибдоъ ҳамон мафҳуми маъмулии динӣ ва каломӣ аст. Дувумин мафҳуми ибдоъ фалсафӣ аст. Ва маънии он ба ақидаи нигоранда чунин аст: худи чиз сабаби бевоситаи худ буда (ба ақидаи Ибни Сино рӯҳониёт сабаби бевоситаи ҷисмониёт буда наметавонад) ва новобаста ба чизи дигаре вуҷуд дорад, яъне мутлақ аст. Агар чунин тарҳи масъала саҳеҳ бошад, метавон чунин натиҷа гирифт, ки ҳаюло худ сабаби худ аст ва ҳастии мутлақ дорад. Агар ин тарҳи масъаларо бипазирем, бояд мутазаккир шавем, ки Ибни Сино аз ақидаи асҳоби ҳаюло дар боби азалият, абадият ва мутлақияти ҳаюло ба таври пардапӯшона пуштибонӣ ба амал овардааст.

Мабдаи дуюми ҷисм сурат аст. Пас сурат чист? Дар «Шифо» сурат чунин таъриф шудааст: «Сурат [1] гоҳ ҳайатеро мегӯянд, ки чун дар модда ҳосил шавад, онро навъ месозад, [2] ва худи навъро ҳам сурат мегӯянд, ва [3] шаклро ҳам билхусус сурат

1 Ибни Сино. Фununи самоъи табиъӣ. Теҳрон, 1319. С. 51

2 Ибни Снно. Тисъа расоил фи-л-ҳикмати ва-ат-табиъиёти. Қустантания, 1319. С. 69.

мехонанд ва [4] ҳайати иҷтимоъияро ҳам сурат меноманд, монанди ҳайати лашкар ва сурати муқаддамоти муқтарана ва [5] низоми маҳфузро ҳам сурат мегӯянд, монанди шариъат ва [6] ҳар ҳайатеро ҳам сурат меноманд … ва [7] ҳақиқати ҳар чизро ҳам сурат мехонанд, хоҳ ҷавҳар бошад, хоҳ араз, … [8] гоҳе ҷинси аълоро ҳам сурат мегӯянд ва [9] гохе маъқулоти муфориқ аз моддаро низ сурат мехонанд. Сурат, ки яке аз мабодии ҷисм аст, он ҷузъ аз мураккаб аст, ки ӯро феълият медиҳад, зеро ки модда ҷисмро феълият намедиҳад ва вуҷудаш ба танҳои кофӣ нест барои ин ки чизе билфеъл мавҷуд бошад ва фақат билқувва хоҳад буд ва билфеъл буданаш ба сабаби вуҷуди сурат аст»[1]. Ба кадоме аз ин маъонӣ сурат мабдаи ҷисм ва ҷавҳар аст? Азбаски аз назари Ибни Сино сурат ҷузви ҷисм аст ва ба сабаби он ҳаюлои азалӣ ва абадӣ ашё ва аҷсоми мушаххас мешавад (масалан, набот, ҳайвон, инсон, тахт, ҳайкал ... мегардад), метавон натиҷа гирифт, ки ӯ суратро ба маъонии 1-6 мабдаи ҷисм ва ба маънии ҳафтум ҷавҳар меномад. Сурат ба маъонии 1-6 чунон ки аз таъбири Ибни Сино бармеояд, муродифи алфози «навъ», «ҳайъати иҷтимоъия» ва «низом» аст. Дар айни ҳол алфози мазкур ба ақидаи нигорандаи ин сатрҳо муродифи мафоҳими кунунии «сохт» ва «сохтмон» (сохтор) мебошанд. Агар чунин тарҳи маъонии 1-6 мафҳуми суратро бипазирем, маълум мегардад, ки он дар фалсафаи Ибни Сино масъалаи ҳайатмандӣ (низомдорӣ ва сохтмонмандӣ) -и ашколи мавҷудот аст, ки дар илм ва фалсафаи кунунӣ ҳам мавриди барраси ва таҳқиқи вижаӣ қарор дорад. Дар сурати пазируфтани чунин тарҳи масъала бояд ёдовар шуд, ки ақоиди Ибни Сино дар бораи тавассути сурат билфеъл шудани ҷисм ва бештар будани саҳми сурат аз саҳми модда дар ҳастии ҷисм маънии басо амиқ ва воқеӣ пайдо хоҳад намуд. Ва ин маънӣ иборат аз он аст, ки модда маҳз тавассути сурати муайян ҷисми мушаххас - тахт, курсӣ, хум, ҳайкал, шамшер ва ҷом - мешавад. Аз ин сабаб нигоранда ақоиди афродеро, ки ниҳодҳои мазкури Ибни Синоро нукоти заъфи низоми фалсафии ӯ ва тазоҳури мусулгаройӣ медонанд, намеписандад.

Мафҳуми сурат ба маънии ҳафтум масъалаи ғомизтар аст. Дар мавридҳое, ки Ибни Сино ҳақиқати (моҳияти) ашёро аз қуввахои табиъии онҳо (қуввахои табиъии ҷисм, нафси наботӣ, нафси ҳайвонӣ) иборат медонад, дар фаҳми масъала чандон ишколе эҷод намекунад. Вале ҳангоме, ки ӯ ҳақиқати ашёро аз ҷавҳари рӯҳонии абадии мутлақ ба зоти худ (нафси

1 Ибни Сино. Фунуни самоъи табиъӣ.С. 92-93; Ибни Сино тисъа расоил.С. 59.

нотиқа, нуфуси фалакӣ) иборат медонад дар дарк ва таъбири масъала душвориҳои зиёд ба вуҷуд меояд. Масалан, вақте ки Ибни Сино нафси нотиқаро ҳақиқат ва моҳияти ҷисми инсон медонад, вале онро на хосияти зотии ӯ, балки ҷавҳари рӯҳонии мустақили абадӣ ва фанонопазир ба зоти худ ба қалам медиҳад, ишколот ва ихтилофот ва бесуботиҳои зиёди илмии назарӣ ва ақидатӣ содир мешавнд, ки мо роҷеъ ба онҳо ба таври мухтасар сӯҳбат хоҳем намуд.

Сурат ба маъниҳои ҳаштум ва нуҳум ба ақидаи нигоранда дорои ҷанбаи назарӣ ва маърифатӣ аст. Зеро тибқи мантиқ ва назарияи маърифати Ибни Сино «аҷноси олӣ» ҳамон мақулоти даҳгона ва «маъқулоти мафориқ аз модда», ҳамон мафоҳиманд, ки сурати ақлӣ ва зеҳнии ашё мебошанд. Моҳияти ақидатӣ ва назарии ин маъонии сурат хангоми суҳбат аз назарияи маърифати файласуф равшан хоҳад шуд. Ин чо факат бояд мутазаккир шуд, ки ҳар гоҳ Ибни Сино мегӯяд, ки «сурат ҷисмро феълият медиҳад» ё «сурат ҷисмро билфеъл мекунад», маъонии 1- 7 суратро дар назар дорад, на маъонии 8 ва 9-и онро, зеро тибқи назариёти ӯ мақулот ва маъқулот на ҷузви таркибии аҷсом ва ашё, балки танҳо сурати зеҳнӣ ва ақлии онҳоянд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар фалсафаи Ибни Сино мафҳуми сурати ҷисмӣ низ вуҷуд дорад, ки он муродифи имтидоди ҷисмонии мутлақ аст. Тибқи ақидаи файласуф сурати ҷисмӣ хосияти зотии аҷсом ва ашёст. Аҷсом ва ашё ҳар гуна, ки тағйир намоянд, сурати ҷисмии онҳо боқӣ мемонад. Ба баёни дигар, аҷсом сарфи назар аз тағйирот ва таҳаввулоташон бе имтидод наметавонанд мушаххас бошанд.

Ҳамчунин бояд ёдовар шуд, ки ақидаи роҷеъ ба иртиботи ногусастании ҳаюло ва сурат аз ҷумлаи умдатарин ва муҳимтарин нукоти назарияи сурати Ибни Сино мебошад. Ӯ ақоиди касонеро, ки ҳаюлоро аз сурат ва ё суратро аз ҳаюло бартар медонистанд нафй намуда, чунин менигорад: «ҳакими табиъӣ дар бароҳини худ ва санъати хеш муҳтоҷ аст ба ин ки ҳам ба суратҳо ва ҳам ба модда иҳота ёбад»[1] .

Аз он чӣ зикр гардид ба натоиҷи зайл метавон расид: Якум, Ибни Сино суратро чун ҳайат, шакл ва низом таъбир карда, масъалаи сохтор ва низоммандии аҷсом ва ашёро матраҳ намудааст, ки дар осори Афлотун ва Арасту ба назар намерасад. Дуюм, у ба назарияи модда ва сурат нуктаи сурати ҷисмониро ворид намуда, масъалаи иртиботи ногусастании модда ва суратро бо суботи бештар таҳқиқ намудааст ва ақи-

1 Ибни Сино. Фununи самоъи табиӣ. С. 84-85.

даи афлотунии санавияти модда ва суатро нисбат ба Арасту бо исрори бештар нафй намудааст. Сеюм, ҳангоме, ки Ибни Сино суратро ҳақиқат (моҳият)-и ачсом медонад ва онро ба бақои зотии онҳо муродиф мешуморад, фалсафаи худро тамоюли воқеъгароёна медахад, вале ҳангоме, ки ҳақиқат (сурат) - и ашёро иборат аз рӯҳонияти абадӣ ва мутлақ мепиндорад, ба мусулгарой моил мешавад. Нуктаи мазкур аз он дарак медиҳад, ки ӯ натавонистааст назарияи санавияти модда ва суратро комилан рафъ намояд. Ақидаи файласуф дар бораи «воҳибуссувар, ки навъҳои табиъиро месозад ва берун аз табиъат аст» низ ҷанбаи мусулгаройӣ дорад. Ин нуктаи назариёти Ибни Синоро Ибни Рушд мавриди интиқод қарор дода, таъкид намудааст, ки берун аз ҳаюло ҳеҷ гуна сурат вуҷуд надорад ва воҳибуссувар қодир нест, ки суварро ба табиъат ворид намояд. Чаҳорум, мавориде, ки Ибни Сино суратро чун шакл, ҳайат, низом, имтидод ва қувваи табиъии ачсом таъбир мекунад, ақоиди ӯ дар бораи тавассути сурат билфеъл шудани ҷисм ва бештар будани саҳми сурат аз саҳми модда дар ҳастӣ чанбаи мусулгаройӣ надорад. Вале ҳангоме, ки ӯ суратро муродифи нуфуси руҳонии абадӣ ва мутлақ медонад ва ин нуфусро ҳақиқати ачсом қарор медиҳад, чунин ақоиди ӯ машраби мусулгаройӣ пайдо мекунад. Зеро аз ин тарҳи масъала чунин натиҷа метавон гирифт, ки гӯё рӯҳониёт (нафсониёт) асос ва мабдаъи чисмониёт аст. Иллати як чунин бесуботии файласуфро, аз як сӯ, дар буғранҷ будани масъала, аз сӯи дигар, дар шароити таърихӣ-иҷтимоӣ ва таърихӣ-фарҳангии замон ва, аз сӯи сеюм, дар манобеъи фалсафаи ӯ бояд чуст.

Мабдаи сеюми ҷисм аз назари Ибни Сино адам аст. Адам аз назари ӯ мабдаи тағйир ва такомули ачсом аст. Ибни Сино навиштааст: «Дар мустакмал ночор бояд зот ноқис бошад, ки комил шавад ва амре дар ӯ ҳосил гардад, ки пеш аз он адам будааст, зеро ки адам шарт аст барои ин, ки чизе битавонад тағйир кунад, ё камол ёбад. Ва агар адаме дар ӯ набувад, муҳол бувад, ки мутағайир ё мустакмал шавад ва камол ва сурати ҳосилаи ӯ пойдор бувад. Пас мутағайир ва мустакмал муҳтоҷанд ба ин, ки пеш аз тағйир ва истиқмоли онҳо адаме бошад, то тағйир ва истикмол дар онҳо мустаҳақ шавад. Валекин адам барои адам будан муҳтоҷ ба тағйир ва истиқмол нест. Пас рафъи адам муҷиби рафъи тағйир ва истикмол аст, аммо рафъи тағйир ва истикмол муҷиби рафъи адам нест»[1]. Вале Ибни Сино муътақид аст, ки на ҳар гуна адам, на адами

1 Ибни Сино. Фунуни самоъи табиъӣ.С.40.

мутлак, балки адаме мабдаи тағйир ва такомул аст, ки «наҳве аз вуҷуд дорад, зеро ки адам чизе аст бо истеъдоди вуҷуди ӯ дар моддаи муайян, чунон ки ҳар ғайриинсоне инсон намешавад, балки он ғайриинсон инсон мешавад, ки пазирандаи инсоният бошад». Ин ақидаи зотан диалектикӣ бар зидди назарияи каломии адами мутлақ равона шуда буд.

Аз назари Ибни Сино ҷисм мабдаи фоъилӣ ва мабдаи ғойӣ низ дорад. Ибни Сино нигошта аст: «мабдаи фоъилӣ он аст, ки сурати аҷсомро дар моддаи онҳо нақш карда ва моддаро ба сурат қивом додаст ва аз онҳо мураккабе сохта шудааст, ки ба сабаби сурататаш фоъил аст ва ба сабаби моддааш мунфаъил»[1]. Мабдаи фоъилӣ ду гуна аст: 1. Мабдаи фоъилии муштарак, ки нахустин феълро анҷом медиҳад ва феълҳои дигар бар он мутараттиб мешаванд, мисли ин ки моддаи уло ва сурати ҷисмияи улоро месозад ва асли аввалро медиҳад, сипас он чӣ бояд биёяд, хоҳад омад. Ин мабдаи фоъилии муштарак зотӣ яктост ва табиъӣ нест, «зеро ки ҳар амри табиъӣ пас аз ин мабда меояд ва он мабда мансуб ба ҳама аст на аз ҷиҳати табиъӣ будан, балки аз ҷиҳати мабда будан ва агар ин мабда табиъӣ бошад, бояд мабдаи худ низ бошад ва ин муҳол аст, ё мабдаи дигаре дошта бошад ва ин хулф аст»[2]. Аз ин ҷо ба осонӣ воқиф шудан мумкин аст, ки Ибни Сино ба маънии аввал Воҷибалвуҷуд (Худо)-ро мабдаи фоъилии муштарак номидааст. Мабдаи фоъилии муштарак, ки ба таври куллӣ муштарак аст, мисли фоъили куллие аст, ки бар ҳар як аз фоъилҳои ҷузъии умури ҷузъи рост ояд. Мабдаи фоъилии муштарак ба ин маънӣ на якто, балки бисёр, на рӯҳонӣ, балки табиъӣ аст ва аз табиъати худи ҷисм иборат мебошад. Мабдаи фоъилӣ ба маънии аввал мабдаи баъид ва ба маънии дуюм мабдаи қариби ҷисм аст.

Мабдаи ғойиро Ибни Сино чунин таъриф кардааст: «Мабдаи ғойӣ он аст, ки барои ӯ сувар дар мавзуъ нақш меёбад»[3]. Мабдаи ғойӣ низ ду гуна аст: 1. Ғояти муштарак, ки барои ҷамиъи умури табиъӣ ғоят аст. 2. Ғояти куллӣ, ки бар ҳар як аз ғоятҳои ҷузъии унсури ҷузъӣ рост меояд. Ғоят ба маънии аввал якто ва ба маънии дуввум бисёр аст ва ба афроди бисёр гуфта мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки ғоят ба маънии аввал ҳамон Воҷибулвуҷуд аст ва ба маънии дуввум – майл ба хайр, яъне тамоюли қонунмандии табиъии ашё мебошад. Ибни Сино ёдовар мешавад, ки ҳеҷ чизе дар олам тасодуфӣ ва иттифоқӣ нест (ба ҷуз дар ҳолатҳои ҷудогона)

1 Ибни Сино. Фununи самоъи табиъӣ. С.38.
2 Ибни Сино. Фununи самоъи табиъӣ. С.38.
3 Ҳамон ҷо. С.38.

ва ба абас пайдо ва нобуд намешавад, балки ҳама чиз тибқи тартиб ва қонунмандии муайяне пайдо мешавад.[1] Агар инро низ ба эътибор бигирем, ки ба ақидаи Ибни Сино табиъат ғараз ва қасде надорад, бояд мутазаккир шуд, ки назари ӯро дар бораи ғоят (ба маънии дуввуми он) наметавон чун ғоятгаройӣ (телеологизм) тавсиф намуд. Яке аз муҳаққиқини осори Арасту навишта аст, ки «ҳолия назарияи ғоятмандии Арасту наметавонад моро ба ваҳшат бияндозад, чунон ки уламои механики қуруни 18-19-ро ба ваҳшат андохта буд. Уламои даврони мо мукаррар таъкид намудаанд, ки мафҳуми арастуии сабаб ва сурати ғойиро бо ёрии истилоҳоти назариёти кунунии коди генетикӣ ва барномаи генетикӣ метавон ташреҳ намуд. Бадеҳист, ки миёни назарияи Арасту ва ақоиди кунунӣ наметавонад мутобиқати том ва дақиқ бошад. Дар ҳар сурат кашфиёти зистшиносии садаи мо табиъиёти Арастуро ба таври тоза ҷилва доданд ва онро на танҳо мафҳумтар, балки ба шеваи басо ҷолиб навтар гардониданд»[2]. Ва ин ҳама бешак нисбат ба Ибни Сино низ, ки аз ҷумлаи тарафдорони фалсафаи Арасту буд, дуруст аст.

Таҳлил ва баррасии назарияи туҷавҳари аҷсоми Ибни Сино моро ба чунин натиҷа меоварад, ки равиши асосии ақидатии ӯ аз моддигаройии худогароёна (деистӣ) иборат аст, ки тибқи он Худо танҳо нахустин феълро барои ҳастии олами аҷсом анҷом медиҳаду бас. Баъди ин ҳаводиси олам тибқи табиъат ва қонунияти хеш рух медиҳанд ва рушду камол меёбад. Ақоиди Ибни Сино дар бораи азалият ва абадияти модда ва сурат, дар бораи мабдаи фоъилӣ ва ғоии аҷсом ин натиҷагирии моро таъйид мекунанд.

Сабабият. Асли басо умдаи фалсафаи Ибни Сино сабабият (иллият) аст. Баррасии осори ӯ хокӣ аз он аст, ки сабабият аз назари вай шакли робитаи куллӣ, айнӣ, моддӣ ва зарурии ашё ва ҳаводис, шакли қонунияти такомул ва асоси маърифати онҳост. Барои таъйиди ин натиҷагирӣ ба таҳлили нукоти умдаи назарияи сабабияти файласуф мепардозем.

Ибни Сино дар «Донишнома» навишта аст: «Ҳар чизе, ки варо ҳастӣ бувад на аз чизе маълум ва ҳастии он чизи маълум ба вай бувад, варо иллати он чизи маълум хонем ва он чизро маълули вай хонем»[3].

Агар бар ин таърифи сабаб (иллат) ва мусабаб (маълул) мутакко бошем, бояд бигӯем, ки назрияи сабабият (иллият)-и Ибни Сино назарияи мутлақияти сабаб (иллат) ва нисбияти

1 Ибни Сино. Ан-Наҷот. С.102.
2 Э.Д.Рожанский. Развитие естествознания в антиности. Москва, 1979. Стр.458.
3 Абуалӣ Ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ. 1. Душанбе, 1980, С. 72.

мусабаб (маълул), назариияи тобеияти мусабаб (маълул) ба сабаб (иллат) аст, на назарияи таъсири мутқобили иллат ва маълул, ки танҳо дар нимаи дуввуми асри 19 аз тарафи Фридрих Энгелс пешниҳод гардида буд ва ҳоло ҳам аз ҷумлаи усули умдаи фалсафаи моддагаройии диалектикӣ ва илми муосир аст. Вале сарфи назар аз ин назарияи сабабияти Ибни Синоро аз чанд лиҳоз метавон назарияи робитаи куллии ашё ва ҳаводис талаққӣ намуд. Якум, таъсири сабаб (иллат) ба мусабаб (маълул), ки Ибни Сино ҳамеша онро эътироф дорад, яке аз ашколи робитаи ашё ва ҳаводис аст. Дуввум, ҳар сababе сабаби чандин мусабаб ва ин мусабаб сабаби мусабаботи дигар буда метавонад. Агар амри сабаб ва мусабаб чунин бошад, пас робитаи сабабии ашё ва ҳаводис, аз назари Ибни Сино, басе доманадор будааст.

Сабабро Ибни Сино ду гуна медонад: яке сабаби зотӣ ва дигарӣ сабаби аразӣ. Сабаби зотӣ он аст, ки дар зоти мусабаб ва баҳрае (қисмате) аз он бошад. Сабаби зотии ашё, ба ақидаи Ибни Сино, аз ҳаюло ва сурат иборат аст, ки аввалӣ сабаби унсурӣ (моддӣ, ҳаюлоӣ) ва дуюми сабаби сурӣ хонда мешавад. Сабаби аразӣ он аст, ки берун аз мусабаб аст ва ҷузъи таркибии он нест. Сабаби аразӣ ё (1) он аст, ки чиз аз баҳри вай аст, ё (2) он аст, ки чиз аз он аст. Якумро сабаби ғоиӣ (тамомӣ) ва дуюмро сабаби фоъилӣ хонанд. Мо дар боло роҷеъ ба ҳаюло, сурат, ғоят ва фоъил сӯҳбат кардем ва ҷанбаву хасоиси ақидатии назароти Ибни Синоро дар ин абвоб ташхис намудем. Умед аст, ки хонандаи соҳибзавқ бар мабнои он тавзеҳот машраби ақидатӣ ва хасоиси назариёти Ибни Синоро роҷеъ ба сабаби унсурӣ, сурӣ, ғоиӣ ва фоъилӣ ба ақли солим ва заковати худ дархоҳад ёфт. Бинобар ин ба таъкиди чанд нукоти муҳим иктифо мекунем.

1. Ибни Сино дар таъини аҷнос ва анвоъи сабаб Арастуро тарафдорӣ карда аст. Ва ин амр ба мисли бисёр нукоти фалсафаи ӯ аз он дарак медиҳад, ки ӯ фалсафаи машоро бунёди ақоиди худ қарор дода аст.

2. Ақоиди Арасту ва Ибни Синоро дар бораи сабабҳои чаҳоргона набояд чунин талаққӣ намуд, ки гӯё онҳо сабабҳои ашёи рангоранги оламро дар чаҳор мунҳасир месохтаанд. Сабаби чаҳоргона аз назари онҳо на сабаби мушаххаси ашё, балки аҷноси олияи сабабанд, ки ҳар кадом дорои навъ, фасл ва ашколи зиёдеанд. Аз ин сабаб дуруст нест бигӯем, ки Арасту ва Ибни Сино рангорангии сабабии ашё ва ҳаводисро муътариф набуданд. Ибни Сино назарияи такассури сабаб ва мусабабро дар «Ал-қонун фи-т-тиб»-и худ басо

равшан ва возеҳ баён намуда аст: таксири сабабҳо он аст, ки як мусабаб дар айни замон машрут ба чандин сабаб аст; такассури мусабаб чунин маънӣ дорад, ки сабаб яке аст, вале мусабаботи зиёдеро ба вуҷуд меорад. Ӯ дар «Ал-қонун»-и худ сареҳатан нигошта аст: «гоҳе иллат яке аст, вале дар абдони инсонҳои гуногун амрози мухталифро берун оварад ва ё дар фаслҳои мухталиф амрози гуногунро ба вуҷуд меоварад». Ақоиди Ибни Сино дар хусуси такассури сабаб ва мусабаб барои тиб ва соири улуми садаҳои миёна аҳамияти басо бузури равишшиносӣ дошта ва аз маншаи диалектикии назарияи сабабияти ӯ дарак медиҳад.

3. Ибни Сино ҳангоми шарҳи сабаби фоъилӣ ёдовар мешавад, ки ин мафҳум ду маънӣ, яъне маънии табиъӣ ва илоҳиётӣ дорад. Ба маънии аввал сабаби фоъилӣ мабдаи моддии биловоситаи ашёву ҳаводис ва ба маънии дуввум мабдаи дури муфориқи ҳастиро ифода мекунад. Дар «Ишорот ва танбеҳот» омада аст: «Бошад, ки ту гӯи, ки аз ин суханон лозим ояд, ки муҳаррики осмон муфорики ақлӣ бошад ва пеш аз ин манъ кардаӣ, ки мубошири таҳаррук чизе бувад ақлӣ, балки қуввате аст ҷисмонӣ. Ҷавоби ту он аст, ки ин ки собит шуд, муҳаррики аввал аст ва равост, ки мулосиқи таҳрик, яъне муҳаррики қариб ҷисмонӣ бошад».[1] Аз ин ҷост ки Ибни Сино дар «Ал-қонун фи-т-тиб» дар қатори сабабҳои фоъилӣ ғизо, об, машрубот, тахлит, қабзият, манзил, кишвар, таҳрикоти ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ, хоб, бсдорӣ ва ғайраро баршумурда аст.

Ибни Сино робитаи сабаб ва мусабабро чун робитаи ҳамешагӣ, зарурӣ ва куллӣ медонистааст. Робитаи доимии сабаб ва мусабаб аз назари вай он аст, ки мусабаб дар тӯли тамоми ҳастии худ тобеъ ва баста ба сабаб аст. Зарурати робитаи сабаб ва мусабаб далолат бар он мекунад, ки ҳар гоҳ сабаб том бошад ва монеъае вуҷуд надошта бошад, мусабаб ногузир содир хоҳад шуд. Куллияти робитаи сабаб ва мусабаб дар назди Ибни Сино чунин маънӣ дорад, ки ҳама ашё ва ҳаводис (аз ҷумла муъҷизот ва каромот низ) машрут ба сабаби моддӣ ва айнӣ мебошад. Дар мавориди ҷудогонае, ки ӯ барои ашё ва ҳаводис сабаби руҳонии муфориқ қоил мешавад, даст аз домани сабаби моддӣ ва айнӣ комилан бар намедорад, балки бо исрор ёдовар мешавад, ки сабаби қариби онҳо ҳамон сабабҳои моддӣ аст. Дар «Ал-қонун фӣ-т-тиб» омада аст: «бархе аз атиббо гумон доранд, ки молахулиё аз таъсири девҳо пайдо мешавад. Вале касе, ки илми тиб меомӯзад, парво надорад,

1 Ибни Сино. Ишорат ва танбеҳот. С. 204.

ки он аз таъсири девҳо пайдо мешавад ё худ намешавад. Мо итминон дорем, ки сабаби қариби молихулиё савдо аст. Баъди ин бигузор манбаъи ин савдо девҳо ё на девҳо бошанд».

Ибни Сино сабаби ботинӣ ва зоҳирӣ, ҳақиқӣ ва маҷозӣ, кариб ва баъид, бевосита ва бавосита, зотӣ ва аразиро шинохта аст ва моҳияти онҳоро дуруст таъбир кардааст. Вале сарфи назар аз эътирофи рангорангии сабаби мавҷудот ва равобити сабаб ва мусабаб ӯ муътақид буд, ки силсилаи сабаб ва мусаббабот номутаноҳӣ ва беохир нест, балки ба сабаби аввал, яъне Худо, ки вуҷуди ғайритабиъӣ ва муфориқ аст, анҷом мепазирад. Ин сабаби аввал барои олам фақат нахустин феълро анҷом медиҳад. Сипас ҳама ашё ва ҳаводиси олам тибқи зарурати табиъӣ ба вуҷуд меояд ва рушду камол меёбад.

Аз баррасии иҷмолии назарияи сабабиёти Ибин Сино метавон чунин натиҷагирӣ намуд:

1. У ашколи гуногуни робитаи сабабиро эътироф карда ду усусли умдаи диалектикӣ – усули робитаи куллӣ ва қонунмандии ҳаводиси табиъатро собит карда аст.

2. Назарияи сабабияти Ибни Сино хокӣ аз он аст, ки вай ҳангоми баррасии моҳияти робитаи сабабӣ ҳам дар мавқифи воқеъгароӣ қарор дошта аст. Тасаввуроти ӯ дар бораи сабабӣ табиъӣ, иллати фоъилӣ ва иллати аввал (Худо) ин натиҷагирии моро ба вазоҳат таъйид менамояд.

Назарияи ҳаракат, замон ва макон. Ибни Сино ба таҳлили моҳияти ҳаракат, замон ва макон, ки аърози зотӣ ва ҷудонопазири аёш ва ҳаводиси оламанд, таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. Ӯ дар «Донишнома» ҳаракатро чунин таъриф карда аст: «ҷунбиш ба ҳақиқат мар онро гӯянд, ки андар ҷой бувад ва лекин акнун номи маънӣ дигар шудааст – омитар аз ҷунбиши ҷойгоҳӣ, ки ҳар ҳоле ва бафеъл будане, ки чизеро бувад, ки вай бақувват чизе аст, аз ҷиҳати бақувват будани он чиз, онро ҷунбиш хонанд»[1]. Ибни Сино дар «Китобу-ш-шифо»-и худ таърифоти гуногуни ҳаракатро баррасӣ намуда, таърифи арастуии онро мепазирад, ва мегӯяд ки «ҳаракат ба худии худ камол ва феъл аст, яъне билфеъл шудан, чи дар баробари он қувваест, зеро ҳар чизе гоҳе мутаҳаррики билқувва аст, гоҳе мутаҳаррики билфеъл ва бакамол ва феъл. Ва камоли ӯ ҳамон ҳаракат аст»[2].

Тибқи ин таъриф ҳаракат на танҳо интиқоли ҷойгоҳӣ (маконӣ, вазъӣ), балки ҳама гуна интиқоли тадриҷии ашё ва ҳаводис аз қувва (имкон) ба феъл (воқеият) аст. Аз ин сабаб

1 Ибни Сино. Табиъиёти «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. С.3
2 Ибни Сино. Фununи самои табиъӣ.С.132.

Ибни Сино тағйироти дафъиро, ки ба як бор ашёро аз қувва ба феъл ва ё аз феъл ба қувва меоранд, ҳаракат наменомад ва ҳаракати ҷавҳариро низ нафй мекунад. Зеро аз назари ӯ чиз ё ба як захм (зарба) ҷавҳар мешавад, ё ба як захм аз ҷавҳарӣ берун меравад. Бинобар ин дар мавриде, ки тадриҷият ва интиқол аз қувва ба феъл нест, ҳаракат низ нест. Дуруст аст, ки чиз дар тули ҳастии худ моҳият ва айнияти худро нигоҳ медорад ва аз ин сабаб шинохта ва дониста мешавад. Вале ба ин сабаб наметавон гуфт, ки дар ҷавҳари ҷисм аслан тағйироте рух намедиҳад. Инро ҳануз Садруддини Шерозӣ - файласуфи шаҳири қарни 17-и мелодии Эрон дарк намуда, ба нақди назарияи Ибни Сино пардохтааст.

Ибни Сино ҳаракатро арази зотии аҷсом медонад. Ин чунин маънӣ дорад, ки ҳаракатро наметавон аз ҷисм ҷудо кард, зеро вай хосияти ҷудонопазири ҷисм аст. Тасаввуроти файласуф роҷеъ ба он, ки ҳаракат ҳамчун тағйироти ҳоли ҷисм аз қувва ба феъл аст, дурустии ин натиҷагириро собит мекунад. Ақидаи Ибин Сино дар бораи майл ва вобастагии суръати ҳаракати ҷисм ба таъсири аҷсоми дигар низ дурустии натиҷагирии мазкурро таъйид менамояд.

Файласуф ҳаракатро тибқи тазоҳураш дар ҳастӣ аз чандин бахш иборат медонад: 1. Ҳаракати камӣ - нумувв, забул, такосуф, тухалхул; 2. Ҳаракати кайфӣ - истиҳола, чун таҳаввули гармӣ ба сардӣ, тарӣ ба хушкӣ, сиҳатӣ ба беморӣ: 3. Ҳаракати айнаӣ (маконӣ)-интиқоли ҷисм аз маконе ба маконе; 4. Ҳаракати вазъӣ (Арасту ҳаракатро дар мақулаи вазъ қоил нашудааст) - тағйири вазъи ҷисм. Вале сарфи назар аз ин Ибни Сино дарки ғайридиалектикии ҳаракатро комилан рафъ накардааст, зеро ҳаракати кайфиро танҳо чун тағйири хавоси аразии ашё медонад, ҳаракати ҷавҳариро эътироф надорад, тағйироти дафъиро ҳаракат намедонад ва ақидаи Арастуро дар бораи муҳаррики аввали собит ва номуфориқ ҷонибдорӣ намуда, дар заминаи назариёти исломӣ ривоҷ додааст.

Ибни Сино масъалаи манбаъи ҳаракатро баррасӣ намуда, ба чунин натиҷа мерасад, ки мабдаи бевоситаи ҳаракат табъати худи ҷисм ва тамоюли хоси он аст (ҳаракати табиъӣ ва иродӣ), ё ҷисми дигаре (ҳаракати қасрӣ ва аразӣ). Аммо мабдаи бавосита ва баъиди ҳаракат мавҷуди муфориқе аст, ки қувваш номутаноҳӣ мебошад. Ин гуна шарҳи масъала баёнгари он аст, ки файласуф дар мавқифи моддагаройии худогароёна басе пойдор будааст ва онро ҳангоми баррасии масъалаи абадият ва азалияти олам бори дигар таъйид наму-

дааст. Ҳаракат аз назари ӯ бар он маънии азалӣ ва абадист, ки оғозу анҷом надорад ва ҷуз Худо чизе бар вай муқаддам нест. Вале ин қадимати Худо ба ҳаракат танҳо қидами рутбаӣ ва зотӣ аст, на сабкати замонӣ. Дар замон онҳо метавонанд анбоз бошанд[1].

Ибни Сино зимни таҳқиқи масъалаи ҳаракат ба баррасии моҳияти замон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст, зеро замон дар назари ӯ шумора ва миқдори ҳаракат аст. Ӯ нигошта аст: «ҳаракат аз ҳайси он, ки дар масофат тақаддум ва таъхир дорад, шумора дорад. Ва боз ин миқдори масофат ҳам миқдор дорад. Пас замон шумораи ҳаракат аст».[2] Ибни Сино хуб дарк карда аст, ки замон ношӣ аз тағйирот, табаддулоти ашё ва ҳаводис аст ва бе ҳаюло ва ҳаракат вуҷуди қоиме надорад. Аз ин сабаб дар «Шифо» овардааст: «... замон қоим ба худ нест ва мумкин нест, ки қоим ба худ бошад, чун зоти ҳосиле надорад ва ҳодис ва фосид аст. Ва ҳар чӣ ин наҳв вуҷуд дорад, вуҷудаш баста ба модда аст. Пас замон моддӣ аст ва бо он, ки моддӣ аст, дар модда вуҷудаш тавассути ҳаракат аст. Ва агар ҳаракат ва тағйире набошад замон нахоҳад буд, зеро ки агар қабл, ё баъд набошад, замон нест. Ва агар амри мутаҷаддиде набошад қабл ва баъд нест... Ва агар ихтилоф ва тағйире набошад, ки чизе ботил ва чизе ҳодис гардад, амре нахоҳад буд, ки қабл бошад, чунки баъде нест. Пас замон мавҷуд намешавад магар ин ки таҷаддуди ҳоле бошад. Ва таҷаддуд бояд мустамар бошад, вагарна боз замон нахоҳад буд»[3]. Чунин дарки моҳияти замон ба файласуф имкон додааст, ки назариёти ваҳмии замон ва бесуботиҳои Арастуро дар таъбири ин масъала рафъ намояд, заъфи назарияи ҷавҳарияти замонро ошкор созад. Ва назарияи нисбияти замонро густариш бидиҳад.

Аз назари Ибни Сино замон ба мисли ҳаюло ва ҳаракат азалӣ ва абадист. Дар «Шифо» омада аст: «аз ҷумлаи он унсур чунин менамояд, ки замон аст, ки ночор на дар гузашта мутаноҳӣ аст, на дар оянда, зеро агар замон ниҳоят дошта бошад, яъне дар гузашта оғозе ва дар оянда анҷоме доша бошад, ночор он гузашта ҳам қабле ва ин оянда ҳам баъде дорад». Зимни баррасии моҳияти замон Ибни Сино маънии мафоҳими «даҳр» ва «сармад»-ро низ таъин карда аст. Тибқи таъбири ӯ «даҳр» ва «сармад» муродифи замони бекарон мебошанд. Аз назари ӯ даҳр муддати ҳастии чизҳои мутағайири моддӣ ва мавҷудоти собити руҳонӣ ва сармад танҳо муддати

1 Ибни Сино. Фununи самои табиъӣ. С. 379-389.
2 Ибни Сино. Фununи самои табиъӣ. С.251.
3 Ҳамон маъхаз. С. 267.

номутаноҳии ҳастии мавҷуди абадию азалии руҳонӣ аст[1].

Дар фалсафаи Ибни Сино ҳаракат ва замон тавассути макон тавсиф мешаванд. Ӯ тибқи анъаноти фалсафаи машшо маконро аз сатҳи ҷисми ҳовӣ иборат медонад[2]. Вай барои исботи ҳастии айнии макон, робитаи вай бо ҳаюло ва ҳаракат ва ҳамчунин нақди назариёти ваҳмии макон саъй ва кушиши зиёд менамояд. Аз назари файласуф интиқол аз макон ба маконе, таъвизи макон, мавҷудияти макони табиъии ҷисм ва вахдати моҳияти имтидоди маконӣ ва ҷисмонӣ далели ҳастии айнии макон аст.

Ибни Сино тавассути эътирофи ваҳдати табиъии имтидоди маконӣ ва ҷисмонӣ яке аз бесуботиҳои муҳими Арастуро дар боби макон рафъ намудааст. Чунон ки маълум аст Арасту, аз як тараф, муътакид буд, ки макон канораи ҷисми ҳовӣ аст, аз сӯи дигар, таъкид мекард, ки он воқеияти хосе аст, ки баста ба ҷисм нест. Ҳарчанд Ибни Сино маконро ҳовии аҷсом мепиндошт (ин ақида дар илм то қарни 19 роиҷ буд), вале онро аз ҳаюло ва ҳаракат ҷудо намекард ва муътақид буд, ки макони мутлақан холӣ (яъне хало) вуҷуд надорад. Ӯ маконро ба мисли замон ва ҳаракат арази зотии ҷудонопазири ҷисм ва шарти моддии ҳаракати моддӣ медонист. Ин аз он дарак медиҳад, ки вай робитаи қавии маконро ба ҳаюло ва ҳаракат қоил будааст. Ибни Сино маконро чун ҳаракат ва замон азалӣ ва абадӣ медонист ва ин нуктаро ба далоиле, ки ҳангоми исботи азалият ва абадияти ҳаракат ва замон вазъ намуда буд, собит мекард. Дар ин робита бояд мутазаккир шуд, ки файласуф на танҳо ҳаракат, замон ва маконро, балки худи оламро низ азалӣ ва абадӣ медонад. Барои исботи ин ақида Ибни Сино далелҳои зиёде вазъ намуда аст, ки муҳимтаринашон иборатанд аз: а) иллат ва маълул дар замон бо ҳам вуҷуд доранд, бино бар ин агар Худо чун сабаби олам қадим бошад, олам низ чун мусабаби он бояд қадим бошад; б) ҳар чӣ ҳастиаш мумтанеъ аст, ҳаргиз пайдо нахоҳад шуд, бинобар ин чиз дар сурате пайдо хоҳад шуд, ки имконияти ҳастӣ дошта бошад. Дар сурати мавҷуд будани сабаб ин ҳастии имконӣ ба ҳастии воқеӣ ва зарурӣ табдил хоҳад ёфт. Олам ҳамеша имконияти вуҷуд дорад, бинобар ин вай ба таври имконӣ қадим аст; в) модда (ҳаюло) бар чизҳои интиҳои замонӣ дошта ҳамеша муқаддам буда, номутаноҳӣ аст[3]. Бинобар ин олам қадим аст.

Ибни Сино барои исботи қадим будани олам аз аҳкоми

1 Ибни Сино. Фununи самои табиъӣ С.276-277.
2 Ибни Сино. Табиъиёти «Донишномаи алоӣ». С. 20-25.
3 Ибни Сино. Фununи самои табиъӣ. С. 267

дин низ истифода карда аст. Яке аз ин аҳком ҳамеша фоъил ва офаридгор будани Худо аст. Агар Худо ҳамеша фоъил ва офаридгор бошад, пас олам қадим аст. Зеро агар бигӯем, ки олам набуд ва баъд Худо онро офарид, натиҷа бар меояд, ки вай на ҳамеша офаридгор буда аст.

Бояд мутазаккир шуд, ки Ибни Сино оламро нисбат ба Худо (чун сабаб) мутааххир донад ҳам, ин мутааххириро на воқеӣ, балки зеҳнӣ медонад. Тибқи таълимоти ӯ «Олам қадим ба замон аст, зеро биззот мутааххир аз вуҷуди воҷиб ва маълули он аст. Лекин таъхири он аз сонеъ, таъхири зеҳнӣ аст, зеро вуҷуди иллат заруратан ва бидуни фосилаи замонӣ муқтазои вуҷуди маълул аст. Ашёи муҳдас ҳамон аъёни ашёи мавҷуд дар оламанд»[1].

Инак, муҳимтарин нукоти фалсафаи Ибни Сино дар бахши ҳастишиносӣ иборатанд аз эътирофи азалият, абадият ва айнияти ҳаюло, ҳаракат, замон, макон ва олам. Маҳз ҳамин нукоти муҳими назариёти ӯ ба мутакаллимон ва аҳли тасаввуфи Садаҳои Миёна ва бархе муҳаққиқони кунунӣ писанд наяфтод ва мавриди нақди шадиди онҳо қарор гирифт. Дар ин маврид Муҳаммад Ғаззолӣ, Муҳаммади Шаҳристонӣ, Фахриддини Розӣ ва дигарон кӯшиши фаровон ба харҷ додаанд.

Назарияи нафси Ибни Сино. Масъалаи нафс ва тан аз ҷумлаи мушкилтарин масоили фалсафаи Ибни Сино аст, ки дорои ҷиҳот ва ҷанбаҳои гуногун аст ва баррасии комилро тақозо мекунад. Вале мо дар ин навиштаи мухтасар ба баёни иҷтимоии назариёти ӯ дар ин боб иктифо мекунем. Қабл аз ҳама бояд гуфт, ки нафс чист? Ибни Сино ба ин суол чунин посух гуфта аст: «Нафс, ки дар паи таҳлили онем, камоли аввали ҷисми табиъии олиест, ки афъоли ҳаётӣ содир мекунад»[2]. Ибни Сино ин таърифи нафсро шарҳ дода, мутазаккир мешавад, ки дар дараҷаи наботот нафс иборат аст аз қуввати тағзия, нумувв ва тавлид; дар олами ҳайвонот он илова бар тағзия, нумувв ва тавлид қуввати ҳаракати иродӣ ва идроки маъонии ҷузъӣ аст, дар дараҷаи инсонӣ нафс илова бар ҳамаи ин неруи маърифати ақлӣ ва афъоли ақлӣ мебошад. Пас нафс чун камол қуввати тағзия, нумувв, тавлид, ҳаракати иродӣ, маърифати хавоси фардии ашё ва маонии ҷузвӣ ва куллии онҳост. Он гоҳ, ки Ибни Сино қувваи тағзия, нумувв, тавлид, ҳаракати иродӣ ва маърифати ҳиссиро мунтабиъ дар ҳаюло (модда) ва мавҷуд дар ҷисми омода ба қабули онҳо медонад (нафси наботӣ ва ҳайвонӣ) назарияи худро дар бораи

1 Забеҳуллоҳ Сафо.Таърихи улуми ақлӣ. Теҳрон, 1341. саҳ. 242.
2 Ибни Сино. Ал-Шифо. Ат-табииъёт. 6. Ан-Нафс. Ал-Қоҳира. 1395. С.10.

нафс чун камоли ҷисми олӣ машраби моддигарои медиҳад, вале ҳангоме, ки ӯ нафси нотиқа ва ақли инсониро ҷавҳарҳои руҳонии номунтабиъ дар ҷисм, ҷавҳарҳои абадӣ ва фанопазир медонад ва таъкид мекунад, ки онҳо баъди фанои тан боқӣ хоҳанд монд ва ҳаёти ҷовидонӣ хоҳанд дошт, фалсафаи худро ҷанбаи мусулгаройӣ медиҳад. Аммо бояд эътироф кард, ки Ибни Сино чун Арасту хасоиси умдаи аҷсоми зиндаро дар дараҷаҳои гуногуни такомули онҳо дуруст таъин ва ташхис дода аст. Ӯ хасоиси олами наботот, ҳайвонот ва инсонро ташхис намуда, онҳоро аз ҳам ба куллӣ ҷудо накарда, балки ваҳдати онҳоро таъкид намуда аст ва ақидаи Арастуро дар мавриди ашколи сифлии нафсро фаро гирифтани ашколи олии он вусъат дода аст.

Назарияи Ибни Сино дар бораи пайдоиши нафс чунин аст: Афлотун нафсро азалӣ хонда аст, вале дар асл он азалӣ нест ва он гоҳ пайдо мешавад, ки ҷисми омодаи қабули вай вуҷуд дошта бошад. Вале сарфи назар аз ин ақидаи ӯро дар бораи пайдоиши нафс наметавон ақидаи комилан моддигароёна донист, зеро вай муътақид аст, ки ҷисм сабаби фоъилӣ, моддӣ, сурӣ ва ғойии пайдоиши нафс нест, балки танҳо сабаби аразии ба вуҷуд омадани он аст. Аз ин сабаб таъини ҷанбаи ақидатии назарияи Ибни Сино дар бораи пайдоиши нафс, таҳқиқи моҳияти ақоиди ӯро роҷеъ ба таносуби нафс ва тан тақозо мекунад. Дар ин робита бояд ёдовар шуд, ки нукоти умдаи ақоиди Ибни Сино дар бораи таносуби нафс ва тан чунинанд: 1) Байни нафс ва тан робитаи мутақобила вуҷуд дорад. Нафс мабдаи ҳаёти ҷисм, мабдаи ҳамаи ҳаракот, афъол ва маърифати он аст. Вай танро идора мекунад ва ҳолати физиологии онро таъин менамояд. Дар навбати худ тан ба нафс дар таҳсили маърифат мадад мекунад, онро ташхис ва такомул медиҳад. Ҳолоти нафс баста ба ҷисм ва мизоҷи он аст. 2) Нафси наботӣ ва ҳайвонӣ ҷисмонӣ буда мунтабиъ дар ҷисманд, онҳо ҳамроҳи ҷисм омодаи пазируфтани сурати аҷсом мешаванд ва ҳангоми фанои онҳо аз мадди назар фано меёбанд. 3) Нафси нотиқаи инсонӣ ҳамроҳи ҷисми омодаи қабули он пайдо мешавад, вале он на ҷисм аст на ҷисмонӣ ва на мунтабиъ дар ҷисме, ки ҳомил ва мавзуъи он аст. Илова бар ин нафси нотиқа ҷавҳари руҳонии мустақилуззот аст, ки баъди инҳилоли тан ҷовид хоҳад монд. Аз ин ҷо чунин бар меояд, ки Ибни Сино нафси наботӣ ва ҳайвониро хосияти зотии ҷисм, вале нафси нотиқаро ҷавҳари мутлақ медонад. Чунин хулосаи мутафаккир на танҳо ба дастовардҳои илмӣ кунунӣ, балки ба назарияи тиббии худи ӯ, ки дар доираи он

вобастагии ҳама ҳолоти руҳониро ба мағзи сари инсон эътироф мекард, мухолиф аст.

Ақидаи Ибни Сино дар бораи абадияти нафси нотиқа ношӣ аз назарияи ҷавҳарияти нафси нотиқа аст. Нафси нотиқа аз назари ӯ ба он сабаб ҷавҳар аст, ки (1) иллати вуҷуди билфеъли мавзуъи худ (2) мукаммил ва эҷодкунандаи анвоъи ҷисми олии зинда ва (3) сурати номунтабиъ дар ҷисм аст.

Вале ин далоили ҷавҳарияти нафси нотиқа на танҳо аз назари илми кунунӣ, балки аз назари илми тибби садаҳои миёна, аз ҷумла назарияи тиббии худи Ибни Сино, ки тамоми ҳаводиси нафсониро ношӣ аз мағзи сари инсон ва вобаста ба он медонист, басо заифанд. Назарияи ҷавҳарият ва абадияти нафси нотиқа ба ақидаи худи мутафаккир дар бораи азалӣ набудани нафси нотиқа ва фонӣ будани ҳама чизи ҳодис низ созгор нест.

Назари Ибни Сино дар боби таносухи нафс чунин аст: ҳеҷ гуна таносухи нафс наметавонад вуҷуд дошта бошад, зеро нафсе, ки дар тане камол ёфта аст, барои тани дигар муносиб нест ва ба мизоҷи он мутобиқ нахоҳад буд. Илова бар ин, робитаи нафс ва тан на робитаи тасодуфӣ, балки робитаи зарурист. Ин амр ҳама гуна таносухро мумтанеъ месозад. Нафйи таносух барои рафъи тасаввуроти устурие, ки дар бораи нафс вуҷуд дошт, басо муфид буд.

Масоили маърифат дар фалсафаи Ибни Сино. Ибни Сино муътақид аст, ки ҳама ҳавводис ва ашёи олам аз мабдаи аввал (яъне Худо) то аносир ва табиъати куллӣ донистанӣ аст ва дар олам чизи ғайри қобили маърифат вуҷуд надорад. Чунин ақидаи файласуф мустанад бар он аст, ки олоти маърифатии инсон метавонанд сурати ашёро дуруст иртисом (инъикос) ва ҳифз кунанд ва ҳангоми зарурат ба тазаккур оранд. Аз ин сабаб вай чунин мешуморад, ки маърифат ва дарёфт аз мутасим шудани сурати ашё ва ҳодиса дар ҳис ва ақли инсон иборат аст. Дар «Ал-шифо» ӯ оварда аст: «Ба ақидаи ман идрок иборат аст аз ин, ки идроккунанда сурати идрокшавандаро бо наҳве аз анҳо бигирад. Ва агар идрокшаванда шайъи моддӣ бошад, ҳамин ки идроккунанда идрокшавандаро таҷрид аз модда кард, идрок ҳосил мешавад»[1]. Агар маърифат ва дарёфт муртасим ва мунтабиъ шудани сурати ашё ва ҳаводис дар ҳис ва ақл бошад, пас иртисом ва интибоъ чист? Ибни Сино, дар ҷавоби ин суол нигоштааст: «Ба ақидаи ман вақте ки гуфта шуд «чизи хориҷиро эҳсос кардам» маънии ин ибо-

1 Ибни Сино. Ал-Фанну- с-содис мин китобу-уш-Шифо. Тарҷумаи равоншиносии «Шифо». Теҳрон, 1348. С. 58.

ра ғайр аз маъни ин ҷумла аст, ки «чизеро дар нафс худ эҳсос кардам» ин аст, ки он чиз дар ҳисси ман мутамасил гашт ва маъни ин ки «чизеро дар нафс худ эҳсос кардаам» ин аст, ки «сурати худи ҷисм дар ҷони (нафси) ман мутамасил шуд»[1]. Дар «Ишорот ва танбеҳот» ҳам Шайхурраис бар ҳамин ақида аст: «Бидон, ки дарёфт мар чизро он бувад, ки ҳақиқати чизи дарёфта мутамассил бошад дар зеҳн дарёбанда ва он дарёбанда мар ӯро мушоҳида мекунад. Ва он ҳақиқат ё ҳақиқати он чиз аст, ки берун аз дарёбанда аст ба ҳангоми дарёфтан, ё ҳақиқате аст, ки дар аъёни хориҷ вуҷуди билфеъл надорад, мисли аксари ашколи ҳандасӣ ва ҳатто аксари мафрузот, ки фарзашон дар ҳандаса мумтанеъ набувад, вале аслан дар вуҷуд наоянд, ё мисли ҳақиқате аст, ки дар зоти дарёбанда бе тафриқае муртасим мешавад»[2]. Лекин ба ақидаи Ибни Сино ашё ва ҳаводис бояд хасосис ва кайфияти хосе дошта бошанд, ки ба ҳис ва ақл таъсир бикунанд ва эҳсосе ба вуҷуд биёваранд. Аз ин сабаб вай ақидаи Демокрит ва пайравони ӯро, ки ҳастии воқеӣ ва айнии хасосис ва кайфияти ашёро нафй мекарданд, написандида ва напазируфта аст. Ӯ навишта буд: «Тааҷҷубовар аст, ки онҳо намефаҳманд мо ашёро танҳо дар сурати доштани ранг ва бӯй ва кайфияти дигарашон эҳсос мекунем ва дар сурати адами кайфият онҳо қобили ҳис нестанд”. Дуруст аст, ки маърифати олам тавассути таъсири ашёву ҳаводис ба ҳис ва ақли инсон сурат мегирад. Вале ин фақат як ҷиҳати масъала аст. Ҷиҳати дигари масъала иборат аз он аст, ки маърифат ва дарки олам ба сабаби таъсири муъарриф (донанда) ба ашё ва ҳаводис ва тағйир додани онҳо тибқи маром ва ҳадафи инсон сурат мепазирад. Аммо Ибни Сино ба сабаби заъфи амалияи тавлидӣ, маърифатӣ ва иҷтимоъии замони худ ҳанӯз ба дарки ин ҳақиқат нарасида буд. Сарфи назар аз ин ақоиди Ибни Сино дар бораи маърифат аз ҷумлаи мутараққитарин ақоиди Садаҳои Миёна буд ва ба пешрафти илм басо мусоидат карда аст.

Ин ақида, ки назарияи маърифати Ибни Сино назарияи инъикос (интибоъ) аст, бо чандин далел ва бурҳони қотеъ собит мешавад. Назарияи абсори ӯ аз ҷумлаи яке аз ин бароҳин аст. Маълум аст, ки файласуфони Аҳди қадим чунин мешумориданд, ки аз, чашм шуъоъе бархоста ба аҷсом мерасад ва онҳоро равшан месозад ва ба ин сабаб онҳо дида ва дониста мешаванд. Аз назари Ибни Сино ақидаи мазкур ботил аст,

1 Ибни Сино. Ал- Фанну-с -содис мин Китоб-ул-Шифо. Тарҷумаи «Равоншиносӣ» -и Шифо. Теҳрон, 1348.С. 62.

2 Ибни Сино. Ал-ишорот ва ат-танбеҳот. Алқисм-ус-солис. Ал-Қоира. 1958. С. 334-339

зеро дар кадом чашм метавонад ин қадар шуъоъ бошад, ки он тамоми оламро аз замин то осмон бибинад. Баъзе файласуфон ва табибони бостонӣ муҳол будани ин ақидаро пай бурда мегуфтанд, ки «аз чашм андак шуъоъ берун ояд ва бо шуъоъи ҳаво чун як чиз гардад ва шуъоъи ҳаво олати дидан шавад, ба вай чизҳоро бибинанд»[1]. Аз назари Ибни Сино ин ақида бо назардошти чанд далел ботил аст: (1). агар ҳаво бо пайванди ин шуъоъ бинанда шавад, бояд ки чун мардумони бисёр гирд оянд, қуввати биноии ҳаво бештар шавад ва марди заъифчашм бо ёрон беҳтар бинад, ки танҳо. Вале дар асл чунин амр мумтанеъ аст; (2). шуъоъ ҷавҳари ҷисмонӣ бувад ва бояд дар ҳаво пароканда шавад ва аз ин сабаб сурати ашёро парканда гирад, на пайваста; (3) агар шуъоъ берун аз чашм бошад, бод ва ҷунбиш вайро биҷунбонад ва ба ин сабаб ҷойи дигар афтад ва чизеро бинад, ки мақсуд на он аст. Бар хилофи файласуфон ва табибони мазкур Ибни Сино муътақид буд, ки «абсор вобаста ба он нест, ки аз чашми мо чизе берун меояд ва ба сӯи ашёи маҳсус мутаваҷҷеҳ мегардад. Пас мо ба он сабаб мебинем, ки чизе аз шайъи маҳсус ба чашми мо ворид мешавад. Азбаски он ҷисм шайъ нест, пас сурати шайъ аст»[2]. Ин ақидаи Шайхурраис натиҷаи тасвири дуруст ва илман саҳеҳи сохтмони чашм аст. Тибқи назари Ибни Сино узвӣ асосии чашм шабакияи он аст, на зуҷоҷияи вай Абсор ба сабаби таъсири ашё ва ҳаводиси олам ба чашм, ки қувваи онро шабакия ба сурати мубсири аҷсом табдил медиҳад, амри воқеъ мегардад. Ибни Сино навишта аст: «Ҳақ дар масъала ин аст, ки шабаҳи мубсар ба чашм, ки узви қобили руият ва соф ва равшан аст, ба тавассути шаффоф мерасад, бе он ки худи шаффоф аслан ин суратро қабул кунад, балки руият дар муқобалае бо маъъие дар лозамон ҳосил мешавад. Зеро шабаҳ нахустин чое, ки мунтабиъ мегардад, дар рутубати ҷалидия аст. Ва агар абсор дар ҷалидия сурат мегирифт, чун дар ду ҷалидияи ду чашм ду сурат аст, бояд ҳамвора як чиз ду чиз дида шавад, чунон ки вақте бо ду даст ламс кардем, ду ламс хоҳад буд. Шабаҳи воқеъ дар рутубати ҷалидия аз миёни ду асаби миёнтиҳӣ ба маҳалли илтиқои он ду, ки ба ҳайати салиб аст, мерасад... Ҳамин тавр ки дар як махрути ваҳмӣ сурати хориҷӣ имтидод меёбад ва рӯй ба торикӣ мегузорад, то дар пушти ҷалидия зовия ташкил диҳад. Ҳамчунин шабаҳе, ки дар ҷалидия аст, барои руҳе, ки дар ин ду асаб аст,

1 Ибни Сино. Табиъиёти "Донишномаи алоӣ». С.87-88.

2 Избранные произведения мыслителей Ближного и Средного Востока. Масква 1961, С. 224.

ба ҳайати махрут ба мултақои он ду асаб мерасад. Ва ин ду махрут дар он ҷо бо якдигар тақотуъ мекунад ва ҷузъе аз руҳ, ки ҳомили нерӯи биноӣ аст, сурати шабаҳро мегирад»[1]. Ба сабаби таъбири дурусти сохтмони чашм ва кашфи шабакия чун узви асосии он Ибни Сино тавонистааст назарияи файзи абсорро ба таври нав таъбир намояд ва барои назарияи интибоъ (инъикос) заминаи илмӣ фароҳам оварад.

Ақидаи Ибни Синоро дар бораи таҷрид низ метавон дуюмин далели назарияи интибоъ будани назарияи маърифатии ӯ ҳисобид. Назарияи таҷриди Шайхурраисро дар боби мантиқ - он ҷо, ки сухан дар боби лафз буд, - иҷмолан баррасӣ намудем, бинобар ин ҳол танҳо бархе аз нукоти муҳими онро ёдовар мешавем:

1) Ҳар маърифате, чӣ ҳиссӣ бошад ва чӣ хаёлӣ ва чӣ ваҳмӣ ва чӣ ақлӣ аз роҳи таъсири ашё ва ҳаводис ба олоти маърифат ва таҷриди сурати онон аз модда ба даст меояд.

2) Таҷриди сурат аз модда ва ташкили алфози куллӣ, ки баёнгари хасоис ва кайфиятҳои ашё ва ҳаводисанд, чандин дараҷа доранд ва ин дараҷот ба қарори зайл аст:

- Эҳсоси бевоситаи ашё бо ҳама кайфият, хавос, авориз ва алоиқи моддиашон, то ки дар ҳавоси зоҳир (биноӣ, басовӣ, чашоӣ, бӯёӣ, шунавоӣ) сурати ашёи муъраф (донисташаванда) мунтабиъ гардад. Ин сурат дар ҳавоси зоҳир таҳти таъсири мустақими ашё ва ҳаводис пайдо мешавад ва бо ғоиб шудани онон зоил мегардад.

- Тафриқаи хаёл модда ва сурати ашёро, ки ҳатто баъди ғоиб шудани ашёи муъраф дар эҳсос ва хаёл боқӣ ва собит мемонад. Вале дар ин заминаи тааҷрид ҳам мафҳумҳои куллӣ ва мақулаҳо ташкил намеёбанд, зеро хаёл (ё тасаввур) танҳо аҷсоми маҳсусро дарк мекунад ва қодир нест шайъро аз тамоми алоиқи моддӣ, кам, (чандӣ), кайф (чигунагӣ), мато (кайӣ), айна (куҷоӣ) ва вазъ ба куллӣ таҷрид кунад.

- Ташаккули лафзҳои ҷузъии мушаххаси маҳсуси шайъ аз тарафи ваҳм. Ваҳм ин лафзҳоро дар пояи суратҳои мунтабиъ дар ҳавос ва дарки маъниҳои ҷузъи аз ҷониби худи он, ташкил медиҳад.

- Ташаккули лафзҳои куллии ашё ва мақулоти ҳастӣ аз ҷониби ақл. Ақл ин гуна лафзҳо ва мақулотро дар пояи лафзҳои ҷузъии маҳсус, ки ваҳм омода карда аст ва дар натиҷаи фаъолияти маърифатии худ ташаккул медиҳад. Ин лафзҳо ва мақулот аз ҳама алоиқи моддӣ, аз ҳама кам, айна, кайф,

1 Ибни Сино. Ал-Фанну-с- содис мин Китоб-уш-Шифо. Тарҷумаи равоншиносии Шифо. Техрон,1348. С.158-159.

мато, вазъ барианд, вале моҳият ва инияти ашёро сареҳан забт менамояд[1].

Инак, таҷрид мутобиқи ҳукми Ибни Сино аз эҳсоси бадеҳии ашёи мушаххас оғоз гардида, ба воситаи тафриқаи модда ва сурати ашё ва аз роҳи ташаккули лафзҳои ҳиссии мушаххас ба пайдоиши лафзҳои куллӣ ва мақулоти ҳастӣ мебарад, ки онҳо баёнгари равобит, хасоис ва муносиботи олами воқеӣ мебошанд.

Маърифати ҳиссӣ ва ақлӣ. Ақоиди Ибни Сино дар бораи маърифати ҳиссӣ ва ақлӣ низ аз бароҳини муътамади назарияи интибоъ (инъикос) будани назарияи маърифати ӯст. Маърифати ҳиссӣ ба ду гуна аст: яке маърифат ба хавоси зоҳир ва дуюм маърифат ба ҳавоси ботин.

Маърифат ба ҳавоси зоҳир, яъне тавассути биноӣ (босира), басовоӣ (ламс), чашоӣ (завқ), бӯёӣ (шома), шунавоӣ (сомиъа) - иборат аст, аз донистани хасоис ва кайфиёти ҷудогонаи ашё. Ҳар як ҳисси зоҳирӣ ба донистани яке аз хавос ва кайфиёти ашё ва ҳаводис ихтисос дорад. Аз ин рӯ ҳавоси зоҳир қодир нестанд, ки сурати куллии муҷарради ашё ва ҳаводис, яъне мафҳуми куллии онҳоро ташаккул бидиҳанд. Маърифат ба ҳавоси зоҳир танҳо дар натиҷаи мушоҳидаи ашё ва ҳаводис ва таъсири онҳо ба ҳавоси зоҳир ба вуҷуд меояд. Дар «Донишнома» ин хасосиси маърифат ба ҳавоси зоҳир чунин тавсиф шуда аст: «Андар ёфтан ба ламс… ба басовидан бувад ва гармиву сардӣ ва тарию хушкӣ ва сахтиву нармӣ ва дуруштиву нағзӣ ва гароиву сабукӣ донад. Ва то андомро кайфияти ин чизи малмус аз ҳол нагардонад, ба кайфият, ё ба гароиш андар наёяд. Ва бӯйидан ба миёнҷии ҷисме бувад, ки бӯй пазирад, ё бо бухори бӯйдор биёмезад ва ба латофати хеш ба роҳи бинӣ пеши мағз расад ба он ду пораи мағз, ки аз ҷумлаи мағз берун омадаанд, чунон чун сарҳои пистон. Ва ин ҷисм чун ҳаво бувад. Ва аммо шунавоӣ мар овозро бувад ва овоз аз мавҷ задании ҳаво бувад... он мавҷ паҳн боз шавад ба шитоби сахт. Чун ба гӯш расад, он ҳаворо, ки даруни гӯш истода бувад ба ковокӣ… ҳамчунон мавҷ пазирад ва мавҷи вай асаби шунавоиро биогоҳонад. Ва аммо чашоӣ ба сабаби он бувад, ки рутубате, ки андар забон офарида омада аст, маззаи чизро пазирад ва андар забон ғавс (фуру) кунад, то асаби забон огоҳ шавад»[2]. Назари Ибни Сино дар бораи би-

1 Барои иттилоъи бештар ручуъ шавад:Ибни Сино. Ал-Шифо. Ат-Табиъиёт. 6-Ан-нафс. С. 50-56; Тарҷумаи китоби равоншиносии Шифо, Теҳрон, 1348, саҳ 58-67; Мабда ва маъод, Теҳрон. 1332, С. 117-119; Ал-Ишорот ва ат-танбеҳот маъа шарҳи Насируддин Ат-тӯсӣ. Алқисму-с-сонӣ. С. 343-347

2 Ибни Сино. Табиъиёти «Донишномаи алоӣ». Теҳрон, 1332 С. 82-83

ноӣ ва нақши маърифатии он қаблан мавриди баррасӣ қарор гирифта буд ва ҳол аз такрори он худдорӣ мекунем.

Маърифат ба ҳавоси ботин, яъне ба ҳисси муштарак, хаёл, тасаввур, тахайюл, ваҳм ва ҳофиза - аз назари Ибни Сино иборат аст аз дарёфти сувари том ва маъонии мушаххаси ҷузъии ашё ва ҳаводиси олам. Сурати томи ашё ва ҳаводисро ҳисси муштарак дармеёбад, зеро вай хазинаи ҳамаи ҳавоси дигар аст ва маълумоти ононро таъмим медиҳад. Маъонии ҷузъии мушаххасро ваҳм идрок мекунад: «қуввати ваҳм он аст, ки андар маҳсусот чизҳои номаҳсус бинад, чунон ки гӯсфанд, ки чун сурати гург бинад ба ҳисси зоҳир, душмании вайро бинад ба ҳисси ботин ва ин ҳисси ботинро ваҳм хонанд ва вай чун хирад аст ҳайвонро»[1]. Ва агар андар ботини ҳайвон ҳокиме набудӣ ҷуз ҳис ва ҷуз хизонаи ҳис, чун гӯсфанде сурати гург дидӣ, душмании вай надонистӣ, ки душманӣ андар ваҳм бувад ва ҳис варо дарнаёбад»[2]. Бояд гуфт, ки назарияи ваҳм яке аз ихтирооти Ибни Сино дар соҳаи равоншиносӣ ва фалсафа аст. Хаёл дар ҷараёни маърифат ду вазифа дорад: яке ҳифзи суратҳое, ки дигар ҳавос ба он расонидаанд. Агар хаёл ин суварро маҳфуз намедошт, ҳайвон ва инсон чизи як бор дидаашонро намешинохтанд ва ҳамеша ба маърифати тозаи ҳамон чиз муҳтоҷ мебуданд. Ин бидуни шак зиндагии ҳайвон ва инсонро халалдор мекард. Вазифаи дуюми хаёл аз он иборат аст, ки вай суратро аз модда ва алоиқи моддӣ бештар таҷрид мекунад ва барои ташаккули сурати ашё шароит омода месозад. Вазифаи ҳофиза иборат аст аз маҳфуз доштани маоние, ки ваҳм дарк кардааст, то ҳайвон ва инсон баъдан он маъниро бишиносанд. Тахайюл сувари маъниеро, ки дигар ҳавос идрок кардаанд ба ҳам мепайвандад ва аз онон сувар ва маъонии тоза падид меоварад. Ба ин тариқ, фарқи маърифат ба ҳавоси ботин аз маърифат ба ҳавоси зоҳир дар навбати аввал иборат аз он аст, ки ҳавоси ботин (аз ҷумла ваҳм) сурати комил ва маонии ҷузъии мушаххаси ашё ва ҳаводисро медонанд ва ба тавассути онон хаёл сувар ва маонии тоза месозад. Тафовути дуюми ин ду анвоъи маърифати ҳиссӣ иборат аз он аст, ки ҳавоси ботин сувар ва маъонии ҷузъиро ҳар чӣ бештар аз модда ва алоиқи модда таҷрид мекунанд ва маҳфуз медоранд (тавасути хаёл ва ҳофиза) ва аз ин сабаб ба маърифати мукаррари он ниёз надоранд. Аз баски ҳавоси ботин чизҳои идрокшударо маҳфуз медоранд, бинобар ин ҳайвон ва инсон ашёи донистаашонро мешино-

1 Ибни Сино. Табиъиёти «Донишномаи алой». С.128
2 Маъхази номбурда.С. 125

санд ва онҳоро ба кор мебаранд, ё аз онҳо ҳазар мекунанд. Вале сарфи назар аз ин Ибни Сино муътақид буд, ки «тоқат нест қуввати ҳайвониро, ки он маъониро, ки куллӣ бувад ва муштарак бувад андар ёбад, балки маъниҳои шахсиро андар ёбад ва ҳамчунин тасдиқҳои куллиро дарнаёбад»[1].

Маърифати маъниҳо ва тасдиқҳои куллӣ ба ҳукми файласуф вазифаи ақл ва нафси нотиқа аст, ки хавоси лозими инсонанд ва ҳеҷ ҳайвонеро дар ақл ва нафси нотиқа ба ӯ анбоз нест. Суратҳои куллӣ, моҳияти ашё ва маъниҳои номаҳсуси куллӣ танҳо он гоҳ дониста мешавад, ки агар дар ақл мунтабиъ гарданд. Ақл моҳияти ашё ва маъниҳои номаҳсуси куллиро дониста, лафзҳои куллиеро ташаккул медиҳад, ки аз тамоми синф ва аҷноси ашё хабар медиҳанд, зеро дар лафзҳо на хасоиси шахсӣ ва фардӣ, балки хавоси куллии ашё, ҳаводис ва маонии номаҳсуси онҳо мунтабиъ мешаванд. Ибни Сино худ навишта аст, ки "сурат ё сурати мавҷудоте аст ки усулан моддӣ нест ва ҳаргиз ҳам моддӣ нахоҳад шуд, ё сувари мавҷудоти моддӣ аст, лекин аз бастагиҳо бо алоиқи моддӣ барӣ аст… Ва пештар баён кардем, ки гоҳе сурате идрок мешавад, ки аз ҳама ҷиҳат аз модда назъ шавад. Пас амри таъаққули мавҷудоти муҷаррад зоҳир аст. Аммо сувареро, ки дар модда мавҷуданд ва дорои вуҷуди моддӣ ҳастанд ва ё онҳоро моддият уруз ёфта, ин қувва онҳоро аз модда ва лавоҳиқи модда назъ мекунад ва аз кам, кайф, айна ва вазъи моддӣ муҷаррад месозад, ба қисме, ки табиъати афроди бисёр ва мутаъаддидро як табиъат мекунанд, то монанди сурати мақулаи «инсонӣ» шавад, ки бар афроди бисёр ҳамл мешаванд. Ва агар ин неру сурати мудраки худро ин тавр муҷаррад накунад, салоҳияти ҳамл бар афродро надорад»[2] . Ин ҳукми Шайхурраис аз он дарак медиҳад, ки вай вазифаи маърифатро аз ташаккул додани лафзҳои куллии ашё иборат медонистааст, зеро бидуни лафзҳои куллӣ моҳияти ашё ва қонуни ҳастии онро ошкор наметавон кард.

Маърифати ақлӣ. Ибни Сино пиромуни маърифати ақлӣ низ ҷусторҳои зиёд анҷом додаст. Аз назари ӯ маърифати ақлӣ низ ду гуна аст: «Яке андаррасидан, ки ба тозӣ «тасаввур» [лафз – М.Д.] хонанд, чунон ки агар касе гӯяд «Мардум», ё «парӣ», ё «фариштa» ва ҳар чӣ ба-д-ин монад, ту фаҳм кунӣ ва тасаввур кунӣ ва андарёбӣ. Ва дуюм гаравидан, чунон ки бигаравӣ ки «парӣ ҳаст», «мардум зери фармон аст» ва ҳар чӣ ба-д-ин монад. Ва инро ба тозӣ «тасдиқ» [қазия –

1 Ибни Сино. Табиъиёти Донишномаи алоӣ. С.106

2 Ибни Сино. Ал-фанн-ус-содис мин китоб-аш-Шифо. Тарҷумаи "Равоншиносӣ"-и Шифо. С. 23

М.Д.] хонанд. Ҳар як аз ин анвоъи маърифат роҳи таҳсили худро дорад. Роҳи таҳсили тасаввур (лафз) ҳад ва расм аст. Тасдиқ аз роҳи казия, қиёс, истиқро ва тамсил ба даст меояд. Ин роҳҳои маърифати ақлӣ дар қисмати мантиқи ҳамин навишта баррасӣ шудаанд. Бинобар ин дар ин ҷо ба шарҳи масъалаи маърифати ҳадсӣ, чун як навъи муҳими маърифат иктифо мекунем.

Лафзи ҳадс дар мусаннафоти Ибни Сино бар ду маънӣ ба кор рафта аст. Ба маънии аввал ҳадс нерӯи олӣ ва қудсии ақл аст, ки дар пояи ақли ҳаюлонӣ ва билмалака рушд мекунад. Нерӯи мазкур чизест нодир ва дар ҳама мардум яксон нест. Одамоне низ ҳастанд, ки қувваи номбурда дар эшон хеле заъиф ва ё аслан вуҷуд надорад. Ба маънии дуюм ҳадс шакли олии маърифати ақлӣ аст. Ба ин маънӣ Ибни Сино ҳадсро чунин таъриф карда аст: «Ҳадс дарёфтан ва бархӯрдан ба ҳадди миёнагини қиёс аст бидуни таълим»[1]. Ӯ дар «Ишорот ва танбеҳот” оварда аст: «Ҳадс он бошад, ки ҳадди авсат ё ба василаи орзу ва шавқи беҳаракат, ё бе шавқ ва бе ҳаракат ба як бор дар зеҳн мутамассил гардад»[2]. Чунон ки Ибни Сино худ шарҳ додааст, ҳадди авсат дар мантиқ василаи иртиботи муқаддамоти қиёс ва таҳсили натиҷа аст, ки дар бораи ашё ва ҳаводис маълумоти тоза медиҳад, вале дар табиъат ҳадди авсат сабаби ҳастии худи ашё, сабаби чигунагӣ ва иртиботи онон аст. «Ба ҷумла ҳама бурҳонҳо бурҳони чароӣ буванд, агар ба «чаро» чароии эътиқод хоҳанд ва чароии даъво, ки ҳадди авсат ба ҳар қиёсе иллати эътиқоди натиҷа бувад. Ва лекин ин ҷо на ин чароӣ ҳамехоҳем, ки чароии ҳоли чиз андар ҳастиаш ҳамехоҳем, ки чаро чунин аст ба худии хеш… Ҳадди авсат бояд, ки иллати будани ҳадди меҳин бувад андар кеҳин, ҳар чанд ки иллати ҳади меҳин набувад, балки, масалан маълули вай бувад ва лекин ба сабаби вай ҳосил шуда бувад ин меҳин андар кеҳин, то сабаби чароӣ бувад, чунон ки гӯӣ: «Мардум ҳайвон аст ва ҳар ҳайвоне ҷисм аст», ҳарчанд ки ҷисм иллати ҳайвонӣ аст ва ҳайвонӣ иллати ҷисмӣ нест. Валекин «ҳайвонӣ иллати он аст, ки мардум ҷисм аст, ки нахуст ҷисмӣ мар ҳайвонирост ва ба сабаби ҳайвонӣ мар мардумрост, ки агар ҳайвонӣ мавҷуд будӣ бе ҷисмият, мардум ҳам чунон будӣ»[3] . Аз рӯи ин таъбир маънии таърифи фавқуззикри ҳадс иборат аст аз дарёфтани сабаби ҳастии ашё ба якбор ва бетаълим, яъне бетаҳқиқ ва омӯзиш. Фарқи умдаи ҳадс аз фикрат, яъне аз донише, ки аз роҳи таҳқиқ ва

1 Ибни Сино. Мабдаъ ва маъод,С.133-134.
2 Ибни Сино. Ал-Ишорот в-т-Танбеҳот. Ал-қисм ас-сонӣ. С.369
3 Ибни Сино. Табиъиёти «Донишномаи алоӣ» Ҳамадон. 1383.С. 150-153.

омӯзиш ҳосил шудааст, иборат аз ҳамин аст. Ибни Сино нигоштааст: «Фикрат ҳаракате аст нафсро барои талаби ҳадди авсат, ё он чӣ ба-д-он монад, то ки аз он илме ҳосил шавад ба чизе маҷҳул. Ва дар аксари аҳвол нафс истиъонат кунад ба тахайюл, то чизҳое, ки дар қувватҳои ботин… махзунанд, бар нафс арз диҳанд. Шояд бо ин ҳаракат ва бо ин феъл нафс ба матлуб бирасад ва шояд, ки нарасад»[1].

Чунон ки аз таърифи ҳадс ва муқобалаи вай ба фикрат натиҷа мешавад, Ибни Сино баъзе ҷиҳатҳои маърифати ҳадсиро дуруст дарк кардааст. Ин ҷиҳот иборатанд аз дарки сареъ, дафъатан ва бадеҳӣ будани ҳадс.

Вале дар айни ҳол бояд гуфт, ки баъзе нукоти афкори ӯ дар бораи ҳадс ба амалияи ташаккули назариёти илмӣ созгор нест. Яке аз ин гуна нукоти ақоиди ӯ чунин аст: ҳадс маърифате аст, ки бетаълим ва бетаъаллум ба даст меояд. Вале таҷоруби фаъолияти илмӣ ва пажӯҳишии як даста донишмандони бузург, ки бархе ҳақоиқи илмиро аз роҳи ҳадс ва ҳатто дар хоб кашф кардаанд, нишон медиҳад, ки онҳо ин амрро дар пояи таҳқиқоти мутадовим, пайгирона ва собитқадамонаи қаблӣ анҷом додаанд. Ибни Сино худ низ нигоштааст: «Ҳар гоҳ дар масъалае ҳайрон мемондам, ё ҳадди миёнагини қиёсро дарнамеёфтм, ба масҷиди ҷомеъ мерафтам ва наммоз мегузоридам ва ба Офаридгори Кулл лоба ва зорӣ мекаардам, то гирехи ин масъала бар ман кушода мешуд ва мушкил осон мегашт. Шаб ба хонаам баргашта чароғ пеши худ мениҳодам ва ба хондан ва навиштан мепардохтам. Ҳар гоҳ хоб бар ман ғалаба мекард ва сустӣ ҳис мекардам, қадаҳе шароб меошомидам, то нерӯям барқарор мешуд ва боз ба хондан машғул мешудам. Ҳар гоҳ маро пинак мебурд он масъаларо айнан дар хоб медидам ва дар хоб ҷиҳатҳои бисёр масъалаҳо бар ман ошкор мегардид» [2].

Дигар нуктаи назарияи Ибни Сино дар бораи ҳадс, ки ба ҳақоиқи ташаккули назариёти илмӣ муғоират дорад, ин аст, ки “гӯи ҳама улум аз ҳадс падид омада…Касе чизеро ҳадс зада ва дигаре бо он олим шуда ва худ ба чизе дигар ҳадс зада ва ба-д-ин равиш то илм ба-д-он ҷои дигар, ки бояд ва шояд расад, мерасад».[3] Таърихи улуми башарӣ нишон медиҳад, ки илм маҳсули таҷриба ва озмун, маҳсули кор ва амали тавлидӣ аст. Ҳадс чун маърифати бадеҳӣ ва ногаҳонӣ танҳо бар мабнои таҳқиқи қаблӣ ва мутадовими ашё ва ҳаводис сурат мегирад. Сарфи назар аз ин ҳадс аз назари Ибни Сино амали

1 Ибни Сино. Ал-Ишорот ва танбиҳот. Ал-қисм ас-сонӣ.С.367
2 Абуалӣ Ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1.С.18.
3 Ибни Сино. Мабда ва маъод.С.133.

ақлӣ ва мантиқӣ аст, на амали ваҳйӣ ва илҳомӣ, чунон ки мутакаллимин ва муташарриъин пиндоштаанд.

Таносуби маърифати ҳиссӣ ва ақлӣ. Масъалаи таносуби маърифати ҳисси ва ақлӣ низ дар мадди назари Ибни Сино будааст. Ӯ фишурдаи фикри худро роҷеъ ба таносуби маърифати ҳисӣ ва ақлӣ ба тариқи зайл баён кардааст: «Қувваи ҳайвонӣ, (янеъ ҳавос - М.Д.) дар корҳое нафси нотиқаро кумак мекунад. Аз ҷумлаи кумакҳои он яке ин аст, ки он чиро ин қувва аз ҷузъиёт ҳис кардааст, бар он ворид мекунад ва аз ин ҷузъиёт барои ақл чаҳор умур ҳосил мешавад. Яке аз ин умур он аст, ки зеҳн куллиёти муфрадаро аз роҳи таҷриди маъонӣ аз модда ва лавоҳиқи модда интизоъ мекунад ва байни онҳо амри муштарак, мутабойин, зотӣ ва аразиро муроъот мекунад. Ба ин сабаб дар нафс мабодии тасаввур пайдо мешавад. Ва ин кор аз роҳи муъовинат ва истеъмоли хаёл ва ваҳм сурат мегирад. Дуюм, нафс байни ин куллиёти муфрада ба мисли салб ва эҷоб муносибате воқеъ месозад. Ҳар гоҳ таълифи куллияти муфрада аз роҳи салб ва эҷоби аввалӣ ва ба худии худ ошкор бошад, нафс онро мегирад. Вале таълиферо, ки ба худии худ ошкор аст нафс онро то дарёфтани воситаи даркаш тарк менамояд. Саввум, нафс ба мадади ҳавос муқаддамоти таҷрибиро ба даст меоварад, яъне ақл ба тавассути ҳисс маҳмулеро ки барои мавзуъе лозими ҳукм аст, ҳосил мекунад. Чаҳорум, нафси нотиқа ахбореро, ки ба сабаби шиддати тавотур тасдиқ мегарданд, аз роҳи муъовинати қувваи ҳайвонӣ ба даст меоварад. Пас нафси инсонӣ барои таҳсили мабодии тасаввур (яъне, лафз- М.Д.) ва тасдиқ (яъне қазия, хабар) аз бадан истиъонат мечӯяд»[1]. Дар навбати худ ақл ҳавоси инсониро бо нури худ мунаввар месозад. Ба ин сабаб ҳавоси инсонӣ, ки аз файзи анвори ақл бархурдоранд, нисбат ба ҳавоси ҳайвонӣ қобилияти қавитари маърифатӣ касб менамоянд. Инро низ бояд гуфт, ки ақидаи мухторияти маърифатии ақл ба Ибни Сино маълум будааст. Файласуф нек медониста, ки бархе мавзуъоте ҳастанд, ки аслан ба ҳис дарнамеоянд. Ва фақат аз роҳи ақл дарёфта мешаванд. Масалан, маъонии куллӣ мутлақан ба ҳис дарнамеоянд ва танҳо тавассути ақл дониста мешаванд. Вале чунон ки аз мусаннифоти ӯ ба назар мерасад, вай дар баъзе маворид мухторияти маърифатии ақлро ба ифрот расонидааст. Ӯ дар «Аш-Шифо» нигоштааст: «Аммо пас аз ин ки нафси нотиқа ба камол расид ва неруманд гардид, мутлақан ба корҳои худ қодир

1 Ибни Сино аш-Шифо. Ат-табиъиёт. 6 Ан-Нафс.С.197.

хоҳад буд»[1].

Ақидаи Ибни Сино дар мавриди таносуби маърифати ҳиссӣ ва маърифати ақлӣ ба ин қарор аст: хавос, хасоиси ҷудогонаи ашё ва маъонии ҷузъиро идрок мекунанд. Ақл мавзуъот ва маъонии куллиро дармеёбад. Вале аз ин ҷо набояд натиҷа гирифт, ки Ибни Сино маърифати ҳиссиро ба маърифати ақлӣ мутлақан муқобил мегузорад. Зеро, чунон ки гуфтем, ӯ муътақид аст, ки ақл куллиёти муфрадаро бо муовинати ҳавос медонад. Ҳавоси инсон ва маърифати ҳиссии ӯ бо нури ақл мунаввар гаштаанд. Дар мавриди маърифати маъонии куллӣ ва куллиёти муштарак низ Ибни Сино маърифати ақлиро ба маърифатӣ ҳиссӣ муқобил намегузорад. Зеро ақидаманд, аст, ки маъноии куллӣ ва куллиёти муштарак ҳам таввасути донистани маонии ҷузъӣ ва куллиёти муфрада дониста мешаванд. Танҳо он гоҳ, ки Ибни Сино ақли ба камол расидаро мутлақан ба донистани куллиёт қодир медонад, то андозае ҳис ва ақл, маърифатӣ ҳиссӣ ва маърифати ақлиро ба ҳам муқобил мегузорад. Вале комилан равшан аст, ки маърифати сирф ҳиссӣ ва маърифати сирф ақлӣ вуҷуд надоранд. Зеро дар ҳар амали маърифатии ҳавос ақл ва дар ҳар амали маърифатии ақл ҳавос иштирок доранд.

Аз баррасии назарияи маърифатии Ибни Сино маълум мегардад, ки таълимоти ӯ дар хусуси моҳияти маърифат, ашкол ва анвоъи он ба ақоиди маърифатии Афлотун тақрибан ҳеҷ қаробат надорад. Зеро Афлотун дар китоби худ «Теэтет» собит мекунад, ки маърифат на дарёфти ҳиссӣ, на занни дуруст, на зани дурусти маънидор, балки тазаккур аст. Ӯ нигошта буд: «Пас инсоне, ки чизеро намедонад, ки донистани он мумкин аст, дар бораи ашёи надонистааш тасаввуре дуруст дорад ва акнун онон ба нохост дар нафси ӯ чун рӯъё падид меоянд. Аз ин сабаб ӯ ашёро на аз роҳи таълим ва таъаллум дар назди кассе, балки аз роҳи ҷавоб ба суолҳо, яъне аз роҳи истихроҷи дониш аз нафси худ хоҳад донист. Магар аз истихроҷи дониш возеҳ нест, ки инсон донишро на аз зиндагии кунунӣ, балки дар замоне дигар таҳсил кардааст? Ва ин замон на он замон аст, ки ӯ ҳанӯз инсон набуд. Агар он замон моҳияти инсон бувад, вале худи инсон ҳанӯз набуда бошад, дар нафс худи зununи дуруст мавҷуд буда, ки баъдан ба тавассути суолҳо ба таҳрик омада ва ба ҳақиқат табдил ёфтаанд. Пас магар нафс ҳамеша ва мудом мудрик нест? Охир возеҳ аст, ки нафс ҳамеша вуҷуд дорад, гарчи инсон на ҳамеша мавҷуд аст… Агар ҳақиқати мавҷудот дар нафси мо ҳамеша пайдо

1 Маъҳази номбурда. С.197.

бошад, пас оё нафс ҷовид нест? Бинобар ин ту чизеро надонӣ, яъне тазаккур накунӣ, барои донистани он бояд бо шуҷоат ба таҳқиқ ва тазаккур бипардозӣ»[1]. Таърифи маърифат чун тазаккур ба таърифи маърифат чун иртисом ва интибоъ ва тачрид комилан мухолиф аст. Ибни Сино, ки дар назарияи маърифат аз тарафдорон ва эҷодкорони назарияи иртисом, интибоъ ва тачрид буд, ба нақди назарияи тазаккури Афлотун пардохта аст. Ӯ таъкид мекунад, ки маърифат аз назари Афлотун тазаккур аст. Ба ин васила Афлотун саъй дорад собит намояд, ки матлуб қабл аз талаб ва қабл аз собит маълум аст. Валекин он гоҳ таҳқиқ мешавад, ки фаромуш шуда бошад. Чун ҷӯёи илм ба баҳс пардохт, тазаккур ва таъаллум мекунад. Пас олим толиби чизест, ки онро қаблан медонистааст. Пас чунин менамояд, ки Афлотун асири ин шубҳа шуда ва роҳи халосӣ аз онро ҷустааст. Вале дар вартаи муҳол мондааст[2]. Далели муътамади Ибни Сино дар ради назарияи тазаккури Афлотун иборат аз он аст, ки нафси нотиқа, чунон ки Афлотун мепиндорад, азалӣ нест, балки ҳодис аст. Нафси нотиқа он гоҳ пайдо мешавад, ки ҷисми барои қабули он омода мавҷуд бошад. Бинобар ин қаблан дар вай ҳеҷ гуна дониш забт нест, то ки баъдан фаромӯш шуда бошад ва пас бо ёрии саолҳо таҳрик ёфта ба тазаккур ояд.

Назарияи маърифати Ибни Сино аз бисёр ҷиҳатҳо ба ақоиди маърифатии Арасту наздик аст. Муқобалаи ақоиди Арасту ва Ибни Сино нишон медиҳад, ки Шайхурраис ҳангоми таснифи назариёти худ дар бораи маърифат, маърифати ҳиссӣ ва ақлӣ, дониши иктисобӣ ва ғайрииктисобӣ, ҳадс ва тачрид ба Муаллими Аввал мутако будааст. Вале ба ин асос Ибни Синоро муқаллиди сирфи Арасту пиндоштан хатои маҳз аст. Зеро Ибни Сино ақоиди мазбури Арастуро, ки бисёрашон дар шакли тахмини илмӣ ва тарҳи муқаддимотӣ баён шуда буданд, бо бароҳини нави илмӣ мудаллал сохт ва онҳоро ба назарияҳои том табдил дод. Масалан, ақидаи интибоъ дар осори Арасту тахмине буд доҳиёна. Ибни Сино ин тахминро дар пояи назарияи нави абсор ба як таълимоти том ва мукаммал мубаддал сохт. Ақидаи тачрид низ дар кутуби Арасту дар шакли тарҳи муқаддимотӣ дарҷ шудааст. Ибни Сино масъалаи ҳадсро ҳам мутобиқи тақозои замони худ бештар ва амиқтар баррасӣ намудааст. Зиёда аз ин файласуфи тоҷик назарияи маърифати ҳиссии Арастуро бо ворид кардани таълимот дар бораи хаёл (тасаввур) ва ваҳм басе

1 Платон. Сочинения. Т.1 Масква.1967. С.391-393;Т.2. Масква, 1970.С.34-40
2 Ибни Сино. Ал-Бурҳон. Ал-Қоҳира 1954, С.28

такмил додааст.

Назариёти маърифатии Ибни Сино бо акоиди маърифатии мутакаллимини ислом созгор набуд. Бинобар ин мутакаллимон ба нақди шадиди нукоти умдаи онҳо пардохтаанд. Масалан, Фахруддини Розӣ дар асарҳои худ «Рисолат-ул-камолия фи-л-ҳақоиқи-л-илоҳия», «Ал-Бароҳин дар илм калом» ва «Лубоб - ул ишорот» бар зидди назарияи интибоъи Ибни Сино чунин эътирозҳоро пеш овардааст:

1. Агар тасаввури ашё аз интибоъи онҳо дар қувваи хаёл иборат бошад, пас барои он ки мо хатти мустақимро бидонем, бояд худамон мустақим бошем. Вале ин муҳол аст.

2. Азбаски мудрики моҳияти ҳаракат, сукун истиқомат ва истидорат ҷавҳари нафс аст, пас он дар як вақт бояд ҳам мутаҳаррик ва ҳам сокин, ҳам мустақим ва ҳам мустадир бошад. Вале ин амрест муҳол.

3. Тибқи назари Ибни Сино агар мо кӯҳе ё дарёеро тасаввур кунем, сурати он кӯҳ ё дарё бояд дар таҷвифи аввали димоғи мо муртасим шавад. Вале ин муҳол аст. Зеро ин гуна сурати бузург дар чунин макони хурд, ки димоғи мост, наметавонад биғунҷад.

Вале ин эътирозоти Фахруддини Розӣ ба ҳадаф намерасанд, зеро вай нафаҳмидааст, ё нахостааст бифаҳмад, ки сурате, ки аз назари Ибни Сино дар ҳавос ва ақл муратасим мешавад, на сурати ҷисмонӣ, балки сурати зеҳнӣ аст, яъне сурате аст, ки аз ҳама алоиқи моддӣ муҷаррад аст. Бинобар ин ҳангоми интибоъи ашёи мустақим, мустадир, мутаҳаррик ва сокин зарур нест, ки муъриф (донанда) худ дар як вақт ҳам мустақим, ҳам мустадир, ҳам мутаҳаррик ва ҳам сокин бошад. Аз сӯи дигар, азбаски сурати муъраф (донисташуда) сурати зеҳнист, маконгир нест. Аз ин сабаб дар димоғи мо сувари ашёи бисёр, аз ҷумла сувари ашёи бузург низ метавонад дар як вақт муртасим гардад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки эътирозоти Фахруддини Розӣ аз надонистани таносуби миёни моддиёт ва рӯҳониёт сар задаст, ки тафовути онҳо барои Ибни Сино хуб маълум буд. Моддиёт ҷисмонист, рӯҳониёт ғайриҷисмонист. Моддиёт таҷзияпазир аст, рӯҳониёт таҷзия намепазирад. Моддиёт ҳаҷм дорад, рӯҳониёт аз ҳаҷм барист. Моддиёт ашёи хориҷист, вале рӯҳониёт сурату маънии зеҳнии ашёи хориҷӣ дар ҳис ва ақли инсон аст. Насируддини Тӯсӣ - файласуфи шаҳири қарни 13 ва пайрави собитқадами Ибни Сино - дар пояи ҳамин тафовутҳои моддиёт ва рӯҳониёт эътирозоти Фахруддини Розиро ботил сохта аст. Бархе муҳаққиқони кунунӣ низ, аз ҷумла Усмон Наҷотӣ, муътақи-

данд, ки Ибни Сино интибоъи сурат ва маъони ашёро дар ҳавос ва ақл мисли мунтабиъ шудани сурати ашё дар сафҳаи аккосӣ тасаввур мекардааст. Вале ба назари мо чунин ақида дуруст нест, зеро дар сафҳаи аккосӣ сурати моддии ашё мунтабиъ мешавад. Аммо сурати ҳиссӣ ва ақлии ашё аз назари Ибни Сино сурати зеҳнӣ ва руҳонист.

4. ФАЛСАФАИ АМАЛИИ ИБНИ СИНО

Дар адабиёт таҳқиқӣ ин назария роиҷ аст, ки Ибни Сино ба баррасӣ ва таҳлили масоили фалсафаи амалӣ басе кам таваҷҷӯҳ кардааст[1].

Вале мо бовар дорем, ки ин ақида дуруст нест. Зеро Ибни Сино ҳанӯз дар овони ҷавониаш, чунон ки аз рисолаи «Саргузашт»-ӯ бармеояд, «Ал-Маҷмӯъ», «Ал-ҳосил ва-л- маҳсул» (дар бист муҷаллад) ва «Ал- бир ва –л-исм» (дар ду ҷилд) барин асарҳо нигоштааст, ки дар онҳо масоили фалсафаи амалӣ – масоили ҳукумат, шаклҳои он, тарзҳои мулкворӣ, фиқҳ, ахлоқ ва дигарон ба таври мабсут баррасӣ шуда буданд. Бинобар ин ӯ раво надидааст, дар осори баъдии худ, ба таҳлили ҳамаҷонибаи масоили фалсафаи амалӣ пардозад. Шояд аз ин сабаб бошад, ки вай дар «Шифо», «Наҷот», «Донишнома», «Андар саъодат» «Таҳсил-ус-саъодат», «Тадбир-ул-ҷунд ва мамолик ва аскар», «Тадбири манзил», «Рисола-фи-с-сиёсат», «Рисола фи-л-ахлоқ» ба таҳлили муҷаз ва мухтасари фалсафаи амалӣ иқтифо кардааст.

Инсон мавҷуди иҷтимоъӣ. Комилан мантиқӣ аст, ки таҳлили масолии фалсафаи амалии Ибни Сино аз баррасии иҷмоилии назороти ӯ дар бораи моҳияти иҷтимоъии инсон шурӯъ намоем. Ин масъала шояд дар асарҳои вай «Ҳақиқат-ул -инсон», «Ал-фирдавс фӣ ҳақиқат-л-инсон» ба таври мабсут баррасӣ шуда бошад. Вале чун онҳо дар дастираси мо қарор надоранд, масъалаи мазкурро дар заминаи ақоиди ӯ, ки дар осори дигари вай мундариҷанд, мухтасар шарҳ медиҳам.

Хулосаи муҳими Ибни Сино дар масъалаи моҳияти инсон аз ин иборат аст, ки инсон аз назари ӯ мавҷуди иҷтимъоӣ аст: чунон ки ҷомеъа бе низоми куллии кори судбахш барои ҳамагон ва бе иттиҳоди одамон имконпазир нест, ҳамчунин зиндагии осудаи одамони алоҳида бе ҳамёрии онон аз имкон дур аст. Аз ин дид метавон гуфт, ки Ибни Сино дар шахси инсон мавҷуди иҷтимоъиеро медид, ки неруҳо ва ҳадафҳояшро танҳо дар ҷомеъа пиёда карда метавонад. Аввалин ва

1 Барои иттилоъи бештар ниг. Г. Лей. Очерк истории средневекового материализма. М. 1962.С. 122; А. В. Сагадаев. Ибн Сина. М. 1980.С. 200.

муҳимтарин аломати мавҷуди иҷтимоъӣ будани инсон, ба ақидаи Шайхурраис, ҳадафмандӣ ва фаъолияти дастаҷамъии судбахш барои ҳамагон аст: Ибни Сино худ ин мазмунро чунин ифода кардааст: «Мо мегӯем, аввалин хосияти инсон ин аст, ки азбаски вай дорои мақсад аст, дар бақои худ аз мушорикат бениёз нест ва наметавонад чун ҳайвонҳои дигар танҳо зиндагӣ карда, фақат ба чизҳое, ки дар табиъат аст, иктифо кунад. Аммо агар як инсони воҳид вуҷуд медошт ва фақат додаҳои табиъат дастрасаш мебуд, вай ҳалок мешуд, ё зиндагии нохуше медошт... Инсон ба чизҳои зиётдар аз он чи дар табиъат аст, ниёз дорад... Пас ба ин сабаб аввалин ниёзи инсон ба кишоварзӣ ва ҳам чунин ба саноъати дигар аст. Бинобар ин инсони воҳид наметавонад ҳама ниёзҳои худро фароҳам созад. Балки ӯ ба мушорикат ва ёрии дигарон ниёзманд аст, то яке барои ӯ нон бипазад ва яке порчае бибофад ва дигаре аз кишварҳои дур барои вай матоъе биёварад ва ӯ ба вай чизе, ки ба матоъ наздик аст, бидиҳанд»[1]. Тафовути бисёр муҳими инсон аз тамоми ҳайвоноти дигар аз он иборат аст, ки вай ашёи табиъатро мувофиқи меъёрҳои худ тағйир медиҳад, то онҳо ба ҳайси ғизо ва пӯшок ба ӯ хизмат карда тавонанд, зеро вай бар хилофи ҳайвоноти дигар ғизои пухта ва пӯшоки духта мехоҳад.

Ибни Сино забонро аз ҷумлаи муҳимтарини аломатҳои вуҷуди иҷтимоъии инсон мешуморад, зеро бовар дорад, ки бе забон, бе нутқи сареҳ тафоҳуми афроди ҷомеъа, ҳамёри ва ҳамкории онон имкон надорад. Аз назари Ибни Сино интиқоли таҷрибаи корӣ ва фарҳангии инсон аз як фард ба фарди дигар, аз як насл ба насли дигар низ бе забон, бе нутқи сареҳ комилан имконнопазир аст.

Ба ақидаи Ибни Сино дигар аз хасоиси муҳими иҷтимоъии инсон, ки ӯро аз олами ҳайвонот ҷудо мекунад, эҷоди санъат аст. Ӯ навиштааст: «иттиҳози маҷомеъ ва истинботи саноеъ[2] аз хасоиси инсон аст. Дар айни ҳол ӯ таъкид кардааст, ки "ҳайвоноти дигар дар сохтани лона санъатҳои шигифт доранд. Аммо санъатгарии онҳо на аз роҳи фикр, истинбот ва қиёс, на аз роҳи ақл, балки ба тақозои тасхири табиъӣ ва илҳом аст. Бинобар ин санъатҳои ҳайвонот рангоранг ва гуногун нестанд, ва бештари онҳо барои ислоҳи аҳвол ва зарурати зиндагиашон мебошад». Вале санъате, ки аз ҳавоси инсон аст, бештар барои зарурати шахсӣ ва салоҳи кори ҳа-

1 Ибни Сино. Аш-Шифо, Ат-Табиъёт. 6. Ан-Нафс. С.181; Ал-Фанн-ул-содис мин «китоб-уш-Шифо». С. 209-210.

2 Дар осори Ибни Сино «санъат» (саноъат, саноеъ) муродифи лафзи «техне»-и юнонӣ аст.

мон шахси санъатгар аст» .

Ахлоқ ҳам аз диди Ибни Сино яке аз муҳимтарин хасоиси мавҷуди иҷтимоъӣ будани инсон аст. Ахлоқи инсон на фитрӣ, балки иктисобӣ аст. Он тавассути таълим, тарбия ва шароити ҳаёти ҷомеъа ташаккул меёбад ва рушд мекунад. Ин хосият дар ҳайвонот вуҷуд надорад[1]. Мо дар поён дар хусуси меъёрҳои ахлоқии инсон аз диди Ибни Сино муфассалтар баҳс хоҳем кард.

Ибни Сино қобилияти сирф инсонии ояндабиниро низ аз ҷумлаи аломатҳои муҳими мавҷуди иҷтимоъӣ будани инсон мешуморад. Ба андешаи ӯ дар ҳайвоноти дигар «аз миёни қобилияти омода будан барои оянда фақат як хосияти фитрӣ вуҷуд дорад ва ин эҳсоси он аст, ки оё ин амал барояшон судманд аст ё музир»[2] . Бар хилофи ҳайвон инсон бо ёрии ақли худ ва истеъдоди ояндабиниаш дар бораи ояндаи худ ва паёмадҳои рафтораш, ҳалли вазифаи пешбинишуда ва амалӣ шудани ҳадафҳояш, дар бораи анҷом додан ё анҷом надодани ин ё он рафтораш андеша мекунад.

Инро низ бояд гуфт, ки аз диди Ибни Сино бузургтарин хасисаи инсон тааққули маъниҳои куллӣ ва муҷаррад аст, ки ҳатто олитарин навъи ҳайвон дар ин хасиса ба ӯ шарик ва анбоз нест.

Фалсафаи ахлоқи Ибни Сино. Аз осори Ибни Сино, ки дар мавзуъҳои фалсафаи ахлоқ баҳс мекунанд, бармеояд, ки аз назари вай мабда ва эҷодгари тамоми амалҳои ахлоқӣ ва ғайриахлоқии инсон нафси ӯст. Бинобар ин «Нахустин сиёсате, ки инсон ба он бояд оғоз кунад, ҳамон сиёсати [ислоҳи] нафси худи ӯст. Яъне аввал бояд дар ислоҳи нафаси худ бикӯшад, ӯ сиёсату тадбирашро дар ин кору кӯшиш ба кор бурда хештанро солеҳ ва некӯ бинамояд... Ва агар касе аз уҳдаи сиёсати некӯ ва ислоҳи нафси худ барояд, он гоҳ боке бар вай нест, ки ба болотар аз он иқдом карда, ба сиёсати билод бипардозад. Яъне касе, ки худро ислоҳ карда бошад, метавонад ба сиёсату тадбири умури мардум иштиғол варзад»[3]. Вале инсон ба ислоҳу такмили ахлоқи худ чӣ гуна метавонад пардозад? Ба ин суол мутафаккир чунин ҷавоб додааст:

Якум, инсонро мебояд аз ҳама айбу нуқси нафс ва ахлоқи худ хуб огоҳ бошад ва роҳҳои рафъи онҳоро некӯ бидонад. Зеро дар сурати ноогоҳ будан аз нуқсонҳои ахлоқи худ, ӯ ба

1 Маъхази номбурда.С.183

2 Маъхази номбурда.С.190-191

3 Абуалӣ Сино.Тадбири манзил// Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди 2. Душанбе, 1983 С.16. Абуалӣ ибни Сино. Рисолаи ахлоқ // Абуалӣ ибни Сино. Осор. Ҷилди 2. Душанбе, 2005. С.644.

беморе монанд мешавад, ки бемории ӯ дар вақташ табобат наёфта ва музмин гаштааст.

Дуюм, инсон ҳама рафтор ва кирдораш, хусусан рафтору кирдори ахлоқиашро, зери назорати қатъии ақли худ нигоҳ дорад, онҳоро бо нури хирадаш мунаввар созад ва андозагирӣ намояд, то некию бадии ахлоқаш ба ӯ ошкор гардад ва роҳҳои ислоҳ ва такмили ахлоқашро дарёбад.

Сеюм, инсон барои ислоҳу такмили нафс ва ахлоқи худ на бояд аз маслиҳату машварати дустони содиқаш сарфи назар кунад ва аз муошарати ҷамъияти олитабор дурӣ ҷуяд, зеро худи ӯ дар арҷгузории рафтору кирдораш наметавонад воқеъбин бошад[1]. Хулоса, инсонҳо аз назари Ибни Сино барои якдигар ойинаҳоеанд, ки ҳусну қубҳи рафтору кирдор ва ахлоқи ҳамдигарро инъикос менамоянд ва роҳҳои рафъи ахлоқи замима ва такмили ахлоқи ҳамидаро нишон медиҳанд.

Чаҳорум, инсон одат ва рафторҳои худро бо одату рафторҳои инсонҳои дигар бояд муқоиса ва муқобала намояд, Ӯ меъёрҳои ахлоқи ҳамидаи ҳамҷинсҳояшро бояд бипазирад ва дар худ такмил бидиҳад, вале меъёрҳои ахлоқи зишти онҳоро қатъян рад намояд ва дур андозад.

Панҷум, инсон ба назардошти такмили нафс ва ахлоқаш бояд барои худ ва нафси худ ҷазо ва сазои муассир таъин намояд, яъне хоҳишҳои разилонаи нафсро барҳам занад ва ниятҳои неки онро таҳким бахшад.

Ибни Сино бовар дорад, ки иҷрои ин шартҳо ба инсон имконият медиҳанд, ки ӯ дар худ сифатҳои ахлоқиеро тарбия намояд, ки ба сифатҳои накӯкорӣ – парҳезкорӣ, шуҷоат, заковат ва адолат мувофиқанд. Дар айни ҳол риъояи ин шартҳо барои рафъи сифатҳои зишти ахлоқӣ, чун ҳарисӣ, ифроткорӣ, молпарастӣ, фориғболӣ ва бехирадӣ сахт кумак хоҳанд кард. Аз ин ҷо бармеояд, ки аҳкоми таҳзиб, таҳким ва такмили ахлоқи ҳамида аз диди Ибни Сино аз худшиносӣ, худогоҳӣ, қиёси худ бо аҳли навъи худ ва назорат бар худ иборатанд.

Назарияи ташаккул, такомул ва таҳзиби ахлоқи Ибни Сино дар заминаи эътирофи асли бунёдии тағйирпазирӣ, иктисобӣ будани ахлоқ ва меъёрҳои ахлоқӣ пайдо шудааст. Ин диди Ибни Сино ба назарияи каломӣ ва тасаввуфии ғайрииктисобӣ будани ахлоқ комилан мухолиф аст. Таърихи такомули ахлоқи инсонӣ, масалан, таърихи ташаккули ахлоқи динӣ ва интиқол аз дине ба дине нишон медиҳад, ки ҳақ дар ҷониби

1 Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб.Ҷилди 2. Душанбе, 1983.С. 17

Ибни Сино аст, на дар ҷониби мутакаллимон ва суфиён. Ақидаи Ибни Сино дар бораи иктисобӣ ва тағйирпазир будани ахлоқ аҳамияти бузурги равишиносӣ дошт ва дорад: танҳо дар пояи ин асл зарурати таълиму тарбия пеш меояд. Дар акси ҳол ба таълиму тарбия ҳеҷ гуна ниёз намемонад.

Фалсафаи манзилдорӣ. Фалсафаи манзилдории Ибни Сино таҳлили масъалаҳои зарурати пайдоиш ва ташаккули манзил (оила), истихроҷ ва нигоҳдории васоили зиндагӣ, тавлид ва имтидоди насли инсон, вазифаҳои оилаву оиладорӣ, муносибати байни зану шавҳар, волидону фарзандон ва хидматгоронро дарбар дорад. Назари мутафаккир дар бораи зарурати пайдоиши оила ва вазифаҳои он чунин аст: «Ҳама кас аз подшоҳу раъият ба ғизову хурок, ки мояи ҳаёт аст ва низ таҳияву омода сохтани зиёдии хурок ва рӯзӣ барои рӯзи ҳоҷат, ки барояш пеш меояд, муҳтоҷ аст. Балки инсон ниёзманд аст ба макону ҷое, ки он чиро ба даст овардааст, дар он ҷо ҷамъу захира карда, барои ҳангоми ҳоҷаташ нигоҳ бидорад. Пас, бинобар ин инсон муҳтоҷ аст ба ин ки барои худ манзилу маскане иттихоз кунад. Чун одамизод манзилу хонае сохт ва дар он ҷо барои ҳангоми ҳоҷаташ захирае андухт, муҳтоҷ мешавад ба касе, ки андухтаашро аз дастбурди дигарон, ки мехоҳанд онро аз вай бирабоянд, ҳифзу ҳиросат бинамояд... Пас, муҳтоҷ аст ба ин, ки барои ҳифзу ҳиросоти андухтааш каси дигарро ҷонишини худ бинамояд. Ва барои ҷонишин ҳам бояд касе бошад, ки мавриди итминони нафс ва оромиши хотир бошад. Барои ин кор касе шоиста ва сазовор нест, магар зан, ки худо ӯро барои мард ҷуфт ва мавриди итминон ва сукунат қарор додаст. Бадин ҷиҳат мард ногузир мешавад, ки зан бигиранд". Аз назари Ибни Сино беҳтарин оила-оилае аст, ки дар пояи муҳаббати зану мард барпо шудааст. Аммо муҳаббат, таъкид кардааст ӯ, ҷуз ба унс баста намегардад ва унс ҷуз ба одат ва одат ҷуз аз роҳи муддати дароз муошират даштан пайдо намешавад. Ибни Сино бо исрор таъкид менамояд, ки зани шоиста ва неку шарики мард аст дар мулкаш, сарпарасти ӯст дар молаш, ҷонишини вай аст дар хонааш, амини вай аст дар парваришу тарбияи фарзандонаш. Манзилдорӣ бояд дар пояи муҳаббат, эҳтироми зану шавҳар ба ҳамдигар ва никоҳи ошкоро сурат бигирад, то ки «дар нисбати меросбарӣ ҳеҷ гуна шакку гумон ба вуҷуд наояд ва ба ин сабаб дар тақсими мерос, ки асоси моликият аст, ҳарҷу марҷ пайдо нашавад, зеро оғози ҳаргуна зиндагӣ бе моликият аз

имкон берун аст»[1].

Муҳимтарин нуктаи дигари фалсафаи манзилдории Ибни Сино аз ин иборат аст, ки манзил василаи асосии таъмини бардавоми ҳаёти инсон тавассути тавлид ва тарбияи насл аст. Аз ин рӯ дар тавлид ва тарбияи насл саҳлангорӣ набояд кард. Вазифаи волидайн, хусусан падар, аз он иборат аст, ки фарзандро дар руҳи ахлоқи ҳамида ва некӯ тарбия намоянд, ба ӯ ба манзури раҳнамоияш барои ҳаёти мустақилона аз рӯи қобилияташ илму ҳунар биёмузад.

Дар айни ҳол Ибни Сино масъалаи масъулияти фарзандонро дар назди волидон дар мадди назар доштааст. Ӯ исрор медарорад, ки фарзанд дар ҳама ҳолат ба волидон гӯш фароҳ бидиҳад, дар ҳама корҳо ба онон мадад расонад ва ҳангоми пирию беморӣ онҳоро парастори намояд.

Масъалаи муносибат ба хидматгорон ва ғуломон низ аз ҷумлаи масоили умдаи фалсафаи манзилдории Ибни Сино аст. Ҷавҳари ақидаи ӯ дар ин хусус дар «Тадбири манзил» вай чунин баён шудааст: хидматгорон ва бардагони инсон ба манзалаи узвҳои бадани вай мебошанд. Аз ин рӯй месазад, ки онҳоро ба худат наздик кунӣ ва аз худат дур накунӣ ва тафаққуд намойӣ ва музиллашон нагузорӣ ва бо рифқ рафтор кунӣ ва танг нагирӣ, зеро ки онҳо ҳам башаранд, хаставу малул мешаванд ва сустию пирӣ ба онҳо низ ориз мегардад. Ҳавоиҷу хоҳишҳое, ки дар табиъати башар ҳаст, барои онҳо ҳам ҳаст. Ин назари Шайхурраис дар бораи хидматгорон ва бандагон бешакк саршори руҳияи баланди инсонпарварӣ буда, ба ақидаи Афлотун ва Арасту дар хусуси ин ки онҳо танҳо олати гӯёи кор, танҳо ҳайвони нотиқанд, комилан зид аст.

Фалсафаи мадинаи одила. Ибни Сино дар ин бахши фалсафаи амалии худ сабабҳои пайдоиш ва моҳияти ҷомеъа, сохтори иҷтимоъию сиёсии он ва ҳокимияти сиёсиро баррасӣ кардааст. Ӯ дар мавриди масъалаш сабабҳои пайдоиши ҷомеъаи инсонӣ чунин нигоштааст: «... Инсон аз ҳамаи ҳайвонот бо он тафовут дорад, ки агар аз ҷомеъа ҷудо шавад, худ ба танҳоӣ наметавонад зиндагии матлубе дошта бошад ва ниёзҳои зарурии худро бе ҳамкорӣ ва мушорикати дигарон анҷом диҳад. Бинобар ин бояд аз афроди дигаре кӯмак бигирад ва худ низ бо онон ҳамкорӣ кунад. Масалан, чунин бошад, ки яке барои дигаре боре ҳамл кунад ва дигарӣ барои ӯ нон бипазад. Ва ин

1 Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди 2.С.15

яке барои дигарон дӯзандагӣ кунад ва он дигаре барои ӯ абзор ва васоили дузандагӣ бисозад, то ниёзи ҳама бароварда шавад. Аз ин рӯ инсон ба зиндагии дастаҷамъӣ гардан ниҳод ва ба эҷоди шаҳр ва ҷомеъа пардохт. Пас агар яке аз онҳо дар эҷоди зиндагии иҷтимоъӣ ба шароити лозима пойбанд набошад, танҳо ба ҳамзистӣ бо афроди ҳаммонанди худ басанда мекунад. Дар натиҷа аз зиндагии бисёр ноҳамгун ба зиндагии инсон, ки дур аз камолоти инсонӣ аст, даст хоҳад ёфт. Бо ин ҳама ин афрод ҳам ночоранд ба навъе зиндагии ҷамъӣ гардан ниҳанд ва худро ба мардумонии иҷтимоъӣ ва муттамаддин ҳамсон созад»[1]. Аз инҷо бармеояд, ки Ибни Сино масъалаи зарурати пайдоиши ҷомеаъи инсониро басе воқеъбинона ва комилан илмӣ дарк ва баён кардааст. Дар зимни ин андеша вай кори ҳамагонии судбахш ва мубодилаи натиҷаи корро шарти ҳастӣ ва пешрафтӣ ҷомеъа медонад ва ақида доранд, ки ҷомеъа вазифадор аст ба муқобили ҳамагуна муфтхӯрон, коргурезон, ҳама гуна фаъолияти зиддииҷтимоъӣ (аз қабили дуздӣ, зинокорӣ, судхурӣ) муборизаи беамон анҷом бидиҳад. Ӯ навиштааст: «Дар мадинаи одила набояд касе бе кор ва бе ҷойи муқаррар вуҷуд дошта бошад. Ҳар кас бояд фоидае ба ҷомеъа расонда бошад»[2].

Дар мавриди таҳлили масъалаи сохтори иҷтимоии ҷомеъа Ибни Сино ба ин натиҷа расидааст: ҷомеъа дар сурате вуҷуд дошта ва рушд карда метавонад, ки агар аҳли он ба табақаҳои зерин ҷудо шуда бошад: 1. мудаббирон – подшоҳон, аҳли дарбор ва лашкаркашон, 2. Ҳунармандон – пешаварон ва зираткорон, 3. Посбонон – лашкариён ва ҳофизони тартиботи ҷомеъа. Ҷомеъа он гоҳ бемайлон рушду камол меёбад, ки дар байни ин табақоти иҷтимоъӣ ҳамкорӣ, ҳусни тафоҳум ва адолат ҷорӣ бошад. Ҳангоми таҳлили назариёти сиёсии Ибни Сино чунин ба назар мерасад, ки ӯ ҷонибдори ҳокимияти сиёсие аст, ки онро метавон халифат номид. Сарварии халифатро халифа ба уҳда дорад. Интихоби халифа бояд дар асоси иҷтиҳод - раъйи якдилона ва иҷтимоъӣ саҳобаи пайғамбар сурат биегирад. Зарур аст, ки интихоби халифа аз тарафи тамоми мардуми кишвар тасвиб гардад. Халифаи интихобшуда бояд ба талабҳои зери ҷавобгӯй бошад: хирадманд, ҷасур, ҷавонмард, эҳтиёткор, нозими кордони масоили иҷтимоъӣ, донишманди дин ва шариъат бувад. Мантиқи

1 1.Ибни Сино. Ал- Наҷот. Ал-Қаҳира. 1337. С. 303.
2 Ибни Сино. Ҳамон маъхаз. С. 304.

фикри Ибни Сино моро водор месозсд ба ин хулоса бирасем, ки ӯ вазифаи асосии ҳокимияти сиёсӣ ва сарвари онро аз муқаррар кардани ҳамкории боадолат ҳамчун заминаи бунёдии фаъолияти ҷомеъа иборат медонад. Ҷомеъае, ки дар он қонуни ҳамкории боадолат ҳукумрон аст, ба фикри ӯ, мадинаи одила аст. Аз тарафи дигар таъкид бояд кард: назариёти сиёсии ӯ ҷанбаи бештарӣ динӣ дорад, ки тақозои даврони ҳаёти ӯ буд. Дар доираи ҳамин таъбири динии масъала вай дар айни ҳол ҷанбаҳои мардумсолерӣ (демократӣ)-ро зимни интихобӣ будани халифа гушзад кардааст.

ХУЛОСА

Мо таҳлили мухтасари фалсафаи Ибни Сино анҷом додем. Ин таҳлили моро ба натиҷаҳои зерин овард:

Якум, фалсафаи Ибни Сино марҳалаи наве дар рушди фалсафаи машшо аст, зеро ӯ ба фалсафаи устоди маънавии худ Арасту навовариҳои зиёде ворид карда, ба ба он сурату сифати тозае бахшидааст. Аз ҷумлаи ин навовариҳо метавон ақоиди ӯро дар бораи мантиқ чун илм дар хусуси ҳама шаклҳои тафаккур (на танҳо қиёс, чунон ки Арасту мепиндошт), мантиқ ҳам фалсафа ва ҳам олати илм, қазаё ва қиёсҳои шартӣ чун навъҳои хоси қазоё ва қиёс, назарияҳои вайро дар бораи аразҳои зотии модда, дар бораи ҷавҳар ва навъҳои он, тағйирпазирии кулли олам ва ҳаводиси он, дониш чун инъикос ва мадинаи фозила ном бурд.

Дуюм, баъзе назарияҳои мутафаккир бо гузашти замон куҳна шудаанд ва эътибори илми худро аз даст доданд, ба мисли назарияҳои модда ва сурат, инкори ҷузъи лоятаҷоз (ё ҷавҳари фард), дониши ғайрииктисоби чун поя ва асоси ҳамгуна дониш, халифат чун шакли давладорӣ...

Сеюм, сарфи назар аз куҳна шудани баъзе назариёти фалсафии Ибни Сино, бояд таъкид кард, ки бисёр ақоиди ӯ ҳануз ҳам мубрамият, тароват ва аҳамияти илмии худро аз даст надодаанд ва ба андозае ба тасаввуроти кунунӣ ҳамово мебошанд. Ақоиди ӯ дар бораи қадимату абадияти олам ва аразҳои зоти он, азалияту абадият ва фанонопазирии модда, қонуният ва сабабияти табиъӣ, тағйирпазарии ҳамагонии ашё ва падидаҳои олам, маърифатпазирии ҷаҳон, моҳияти ҷомеъа, зарурат ва аҳами-

яти иҷтимоъии оила, иктисобияти ахлоқ аз ҳамин ҷумлаанд. Хусусан назарияи башардустии Ибни Сино дар замони ҳозира аҳамияти зиёд пайдо кардааст. Моҳияти ин назарияи ӯро ғамхорӣ дар бораи такомули маънавӣ ва ҷисмонии инсон ташкил медиҳад. Ба ҳамин манзур аст, ки ӯ муҳимтарин осори худро «Шифо», «Наҷот» ва «Қонун дар тибб» номидааст.

АФРУЗАНДАИ НУРИ ХИРАД ВА АФШОНАНДАИ ТУХМИ МАЪРИФАТ

ДЕБОЧА

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.
Мардумони бирад андар ҳар замон,
Рози донишро ба ҳаргуна забон,
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бингоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Рудакӣ

Яке аз мутафаккирони бузург, ки дар осораш тамоми ғановати донишҳои инсониро гирдоварӣ карда ва ҳама риштаҳои илмҳои замони худ – мантиқ, фалсафа, илоҳиёт, табиъиёт, риёзиёт, тиб, забоншиносӣ ва адабиётшиносиро рушду камоли тоза бахшидааст, Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино аст. Ӯ дар бист соли охири асри 10-сеяки аввали асри 11 зиндагӣ кардааст. Аз назари таърихӣ ин замон даврони суқути Давлати Сомониён ва шикасти комили он буд, ки зери фишори хуруҷҳои мардумӣ ва зарбаҳои Қарахониён ба вуқӯъ пайваст. Дар натиҷа дар Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳокимияти хонадонҳои туркии Ғазнавиён, Қарахониён ва Салҷуқиён фармонфармо гардид, ки дар байнашон барои нуфуз дар минтақа муборизаи шадид мерафт. Ин мубориза боиси ҳарҷу марҷи иҷтимоӣ, ҷангу ҷидол, ноороми, таназзули иқтисодиёт, хароб гаштани фарҳанг ва марказҳои фарҳангӣ мегардид. Аз назари иҷтимоъӣ-иқтисодӣ ин замон даврони шиддат гирифтани иқтаъдорӣ масҳуб мешавад, ки он кишоварзонро ба қитъаҳо бештар пойбанд мекард ва истисмори онҳоро пурзӯртар месохт. Дар мавриде, ки ба ҳайси иқтаъ на танҳо қитъаҳои ҷудогонаи замин, балки музофотҳои алоҳида дода мешуд, шиддат гирифтани низоми иқтаъдорӣ боиси заъиф шудани ҳукумати марказӣ, ҷудоихоҳӣ ва ҷангу ҷидолҳои гуногун мегардид. Дар ин замон вазъи маънавӣ ва мафкуравӣ низ муташанниҷ буд: муқобалаи сунниён ва шиъиён, ки аз ҷониби Ғазнавиён ва Салҷуқиён таҳрик дода мешуд, борҳо ба хунрезиҳои шадид анҷомида буд. Тақдири таърихӣ, хатти зиндагӣ ва камолоти маънавии Ибни Синоро ҳамин хосаҳои замони ҳаёти ӯ муайян кардаанд.

БОБИ I

ЗИНДАГӢ ВА ОСОРИ ИБНИ СИНО

1. Зиндагии фидошуда дар роҳи илм

Ибни Сино моҳи сафари соли 370 ҳиҷрии қамарӣ, ки ба 16 август – 14 сентябри соли 980 масеҳӣ мутобиқ аст, дар деҳаи Афшана (яке аз деҳаҳои наздики Бухоро) ба дунё омадааст. Падари ӯ Абдуллоҳ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Сино аз тоҷикони Балх буда, дар замони Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ (976-997) ба Бухоро ҳиҷрат кардааст. Вай аҳли мазҳаби исмоъилия буд. Ибни Сино дар «Саргузашт» -и худ дар ин бора менависад: «Падарам аз касоне буд, ки даъвати доиъии мисриёнро пазируфта буд ва аз ҷумлаи исмоъилиён ба шумор мерафт. Ӯ ва инчунин бародарам зикри нафсу ақлро аз эшон бар ваҷҳе, ки мегуфтанду медонистанд, шунида буданд. Гоҳо ҳарду миёни худ музокара мекарданд ва ман он чиро, ки мегуфтанд, мешунидам ва дармеёфтам. Дар ибтидо маро ҳам ба он ақида даъват мекарданд ва зикри фалсафа ва ҳандаса ва ҳисоби ҳинд бар забонашон мерафт»[1].

Модари Ибни Сино тоҷикзане буд аз деҳаи Афшана – воқеъ дар наздикии Бухоро. Дуруст аст, ки на дар сарчашмаҳо ва на дар «Саргузашт» -и Ибни Сино, ки қисми аввалашро худи ӯ имло кардааст ва қисми дуввумашро шогирдаш Абуубайди Ҷузҷонӣ[2] навишта аст, мансубияти қавмии ӯ таъкид нашудааст. Вале сарфи назар аз ин то охири асри 19 касе мансубияти вайро ба қавми тоҷик (форс) рад намекард. Шубҳаҳои аввалин дар ин бора дар охири асри 19 аз тарафи олимони турк баён шуда, солҳои 1937-1940 тавсеъа дода шуданд. Онҳо кӯшиш намуданд исбот кунанд, ки Ибни Сино на тоҷик (на форс), балки турк аст. Ин даъвои худро ба чунин далелҳо исбот мекарданд, ки Ибни Сино на шиъӣ, балки суннӣ аст ва ӯ ба форсӣ асаре таълиф накардааст.[3] Олимони турк ин далелҳоро (агар онҳоро далел номидан мумкин бошад) пеш оварда наметавонистанд надонанд, ки то асри 11 аксарияти мутлақи аҳолии Осиёи Миёнаро мардумони ориётабор ва эронизабон ташкил медоданд ва дар ин ҷо ҳамеша мазҳаби суннӣ вусъати тамом дошт. Онҳо ҳамчунин наметавонистанд

1 Абуали ибни Сино. Осори мунтахаб. Душанбе, 1980. С.17.

2 Дар адабиёт навишти «Ҷурҷонӣ» низ дида мешавад.

3 The Great Turkish Philosopher and Master of Medicina (Avicinna), Stadiea on his Persona lity and Works. Istanbul, 1937; Tne Qvestion of Personality of 1 bn Sina (Avicenna). Turk tarih Kuramy Belletene, Ankara, 4.3.1940.

надонанд, ки дар Эрон ҳам, ки Ибни Сино соли 1013 ба он ҷо ҳиҷрат карда буд, то асри 15 аксарияти мутлақи аҳолиро сунниён ташкил медоданд. Онҳо инчунин бояд медонистанд, ки ӯ ба забони форсӣ (тоҷикӣ) бештар аз 30 асар таълиф кардааст, ки муҳимтаринашон «Донишнома» аст, ки дар он масоили умдаи мантиқ, фалсафа, илоҳиёт, табиъиёт ва риёзиёт ба забони фасеҳи тоҷикӣ (форсӣ) баён шудаанд. Илова бар ин ӯ ба тоҷикӣ (форсӣ) низ шеър мегуфт. Олимони турк бояд медонистанд, ки Ҳоҷӣ Халифа (асри 17), ки дар Туркия мезист, дар китобаш «Кашфу-з-зунун» навиштааст, ки Ибни Сино «Донишнома», «Рисола фӣ маъод» ва «Рисола фӣ меъроҷ» -ро ба забони форсӣ (тоҷикӣ) таълиф кардааст. Дар заминаи ин далелҳо масъалаи қавмияти тоҷикӣ (форсӣ)-и Ибни Сино бояд дигар мавриди баҳс ва рад намебуд. Вале мутаассифона ақидаи олимони турк то ба ҳол дар байни олимони узбек ва баъзе шарқшиносон тарафдорони пурҳаракат ва пуршуру шавқ дорад. Дар ин бора китоби Л.Г.Салдадзе «Ибн Сина» (Авиценна), ки дар Тошканд чанд бор ба шумораи 100-200 ҳазор нусха чоп шудааст, шаҳодат медиҳад. Муаллиф хостааст, ки дар он андешаҳои зеринро исбот кунад:

1. Абдуллоҳ – падари Ибни Синоро ба сабаби шиъӣ будан ва дар Балх зодашуданаш эронӣ хондан айни беэҳтиётӣ аст. [1]

2. Модари Ибни Синоро аз рӯи Ситора ном доштанаш, ки ба эронӣ (дурустараш ба русӣ – М.Д.) маънои «звезда» -ро дорад низ наметавон эрондухт номид. Охир Шери Кишвар, ки ба эронӣ (дурустараш ба русӣ – М.Д.) маънои «Лев Страны» -ро дорад, шоҳзодаи турк Янг-Соух-тегин аст.

3. Номи деҳаи «Афшана», ки дар манбаъҳо «Афшина» низ хонда мешавад, аз номи қавми туркии «ашин» истихроҷ шудааст, ки ба шарафи шоҳзода Ашин чунин номгузорӣ шудааст. Дар Афшина ба туркӣ ҳарф мезаданд.[2]

4. На дар забони хоразмӣ ва на дар забони суғдӣ олимон то ба ҳол истилоҳеро пайдо накардаанд, ки лафзи «Афшина»-ро шарҳ бидиҳад.[3]

Ҳадафи ҳамаи ин суханони Л.Г.Салдадзе аз он иборат аст, ки ба хонанда исбот ва талқин карда шавад, ки Ибни Сино аз ҷиҳати қавмияти худ эронинажод (форснажод) ё тоҷикнажод нест. Бинобар ин кӯшиш мекунем, ки масъалаи аслу насаби тоҷикӣ (форсӣ)-и Ибни Синоро муфассалтар баррасӣ кунем. Чунин кӯшиш, чунон, ки баъзеҳо мепиндоранд, ҳеҷ

1 Салдадзе Л.Г. Ибн Сина (Авиценна). Ташкент, 1985. С.33.
2 Ҳамон асар. С.35-37.
3 Ҳамон асар. С.41.

гуна маънои миллатгаройӣ надорад ва ин ҳақиқатро инкор намекунад, ки осори маънавии Ибни Сино мутаъаллиқ ба ҳама халқҳои мутамаддини ҷаҳон аст.

Далелҳои мо дар мавриди аслу насаби тоҷикӣ (форсӣ)-и Ибни Сино чунинанд:

1. Ибни Сино танҳо ду забон – забони арабӣ ва забони форсиро медонист. Худи ӯ навиштааст: «Локин луғоте, ки мо медонем, холист аз истеъмоли нафйи куллӣ бар ин сурат, ки фарз кардем. Ва дар ҳасри солибаи куллӣ лафзе истеъмол карданд, ки мушъир бувад ба зиёдати маъние, ки муқтазои ин итлоқ аст. Ва дар арабият гуфтанд «Ло шайа мин Ҷ Б» ва муқтазои ин беш аз он нест, ки ҳеҷ чиз аз он чӣ Ҷ аст мавсуф нест ба Б, балки салб аст аз ҳар яке аз мавсуфот ба Ҷ, модом ки мавзуъ аст ҷимеро. Ва ҳамчунин дар луғати (фасеҳи) форсӣ гуфтаанд: «Ҳеҷ Ҷ Б нест». Ва ин истеъмол шомили зарурист ва он зарбе аз зуруби мутлақ аст, ки шарти вай дар мавзуъ аст».[1]

Агар Ибни Сино турк будӣ ва дар руҳи суннатҳо ва фарҳанги туркӣ тарбия шудӣ, ҳатман ба донистани забони модарии туркиаш ишорате мекард ва таъкид менамуд, ки ҳасри қазияи куллии солиба дар ин забон чӣ гуна ифода мешавад. Вале азбаски дар осори Ибни Сино ин гуна ишораҳо куллан вуҷуд надорад, бинобар ин ҳама пиндоштҳои воҳӣ дар бораи аслу насаби туркии ӯ қотеъона бояд рад карда шаванд.

2. Ибни Сино дар асари худ «Ишорот ва танбеҳот» менависад: «Бошад, ки баъзе табоъ истиъонат кунанд ба афъоле, ки ҳисро аз он ҳайрате падид ояд ва хаёлро вақфае ҳосил шавад. Ва андар ин ҳол он қувват, ки мустаъиди он аст, ки ғайб пазирад, рӯй ба пазируфтани ғайб оварад, рӯй овардане тамом. Ва чун ваҳм рӯй ба як арази муайян оварда бошад, мутахассис шавад ба-д-он сабаб ба пазируфтани он муайян. Чунон ки ҳикоят кунанд аз ҷамоъате туркон, ки чун илтиҷо ба коҳине (шамане – М.Д.) кунанд дар донистани ҳоле пеш аз уфтодани он кор, коҳин илтиҷо ба ҳаракате хасис кунад ба ғоят, ки аз он сахтӣ зуфон (забон)-и вай аз даҳон бурун уфтад».[2] Таваҷҷӯҳ кунед: оё касе, ки ба қавми турк тааллуқ дошта бошад, фикрашро дар шакли «чунон, ки ҳикоят кунанд аз ҷамоъате туркон» адо мекард? Дар бораи чунин гуфтори мутафаккир низ андеша кунед: «Дар кишвари туркон ҳангоми раъд ва падид омадани барқ (аз осмон) ҷисмҳои мисин фуруд меоянд».[3]

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. Теҳрон, 1332 ш. С.36.
2 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.270.
3 Избранные произведения мыслителей Ближнего и Среднего Востока. М. 1961. С. 278

Агар Ибни Сино турк ва Бухоро дар замони вай туркнишин буд, ӯ ҳаргиз фикрашро чунин баён намедошт.

3. Ибни Сино дар «Шифо» (бахши панҷум, мақолаи якум, боби шашум) овардааст: «Дар ҳоли туркон таҳаммул кунед. Азбаски онҳо ба сардӣ одат кардаанд, бинобар ин сардӣ ба тани онҳо таъсири хосе намекунад. Ҳамчунин ҳабашҳо аз гармо мутаассир намешаванд, зеро ба он хӯ гирифтаанд». Гумон аст, ки Ибни Сино чунин менавишт, агар дар замони ӯ аксарияти қавму қабоили турк дар иқлими гарми Осиёи Миёна мезист. Дар «Таърихи ҶШС Узбекистон» ҳам омадааст, ки «аксарияти қабилаҳои турк то асри 10 ҳам дар Ҳафтруд сукунат дошт».[1]

4. Дар мақолаи даҳуми «Илоҳиёт» -и китоби «Шифо» - дар он ҷо, ки сухан аз силсилаи маротиби иҷтимоъии одамон тибқи қобилиятҳои онҳо меравад, Ибни Сино чунин менигорад: «Мардумоне, ки аз таҳсили фазилатҳо дуранд, чун туркон ва савадон, табиъатан бояд ғулом бошанд»[2]. Чунин ақида бе шак ба шаъни Ибни Сино намеафзояд, ба моҳияти ҳақиқии одамияти ӯ ва воқеияти таърихӣ-фарҳангӣ зид аст. Вале бояд гуфт, ки дар он як ҳақиқати бебаҳс ҷой дорад: Ибни Сино худро ба қавми турк мансуб намедонист.

5. Дар заминаи ҳақоиқи баёншуда, ки аз осори худи Ибни Сино берун оварда шудаанд, тоҷикасл (форсиасл) будани падару модари ӯ низ собит мешавад. Охир аз назари мантиқӣ ва ахлоқӣ комилан мумкин нест, ки падару модари ӯ – Абдуллоҳ ва Ситора – турк бошанд, вале фарзанди ҷонӣ ва хунии онҳо Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино, ки дар руҳи фарҳанги туркӣ тарбия ёфтааст, даъво кунад, ки «мардумоне, ки аз таҳсили фазилатҳо дуранд, чун туркон ва савадон, табиатан бояд ғулом бошанд». Ин аз ҷониби ӯ вақоҳати нобахшиданӣ ва поймол кардани меърҳои волои ахлоқӣ дар нисбати падару модари худи ӯ мебуд. Дар хусуси ин ки падари Ибни Сино – Абдуллоҳ ва худи ӯ қавман тоҷик (форс) мебошанд, номи хонаводагии онҳо – Сино низ шаҳодат медиҳад. Сино аз “Saena”-и авестоӣ ва “Syena”-и санскритӣ бармеояд ва дар забони имрӯзаи тоҷикӣ (форсӣ) “Шоҳин” ва “Уқоб” тарҷума мешавад. Дар “Авесто” (Фарвардин яшт, 97) чунин мехонем: “Фраваши Саенаи парҳезкор – пури Ахуш Стутаро, ки нахуст дар ин замин бо сад пайраваш зуҳур кард, сано мехонам”. Дар “Денкард” (китоби 7, боби 6, мақолаи 5) омадааст: “Дар байни муғон дар бораи саена гуфта шуда, ки он баъди сад

1 История Узбекской ССР. Т.1. Ташкент, 1967. С. 347.
2 Ибни Сино. аш-Шифо. ал-Илоҳиёт (2). Қоҳира. 1956. С.453.

соли зуҳур кардани дини зардуштӣ зоида шуда, баъди дусад соли пайдоиши ин дин ҷаҳонро падруд гуфтааст. Ӯ нахустин пайрави Маздаясно аст ва дар рӯи замин бо сад пайраваш зуҳур кардааст". Саена дар байни халқҳои қадими эронӣ, ба вижа дар замони Сосониён, чун номи шахсӣ ва хонаводагӣ фаравон истеъмол мешуд. Донишманди фаронсавӣ Лаборт[1] нишон дода буд, ки дар байни насрониёне, ки Шопури дуввум соли 341 дар Рай қатл кард, марде бо номи Саена низ буд. Забоншиноси олмонӣ Юст[2] дар китоби худ «Номҳои эронӣ» бештар аз бисту ду шахси таърихиро ёд мекунад, ки Saena – Сино ном доштанд.

6. Аслу насаби тоҷикӣ (форсӣ)-и падару модари Ибни Синоро вазъияти забонии Мовароуннаҳр ва Хуросон, ки ҷуғрофиядонон ва сайёҳони араби асри 9-10 Истахрӣ, Ибни Ҳавкал ва Мақдисӣ[3] тавсиф кардаанд, таъйид менамояд. Онҳо шаҳодат медоданд, ки дар ин сарзамини паҳновар лаҳҷаҳои гуногуни забони форсӣ (дарӣ) густариш доранд. Дар Суғд, Бухоро ва деҳоти онҳо баробари забони форсӣ забони суғдӣ ҳам дар истеъмол аст. Ҳеҷ яке аз ин ҷуғрофиёдонон ва сайёҳон дар хусуси мавҷудият ва густариши забони туркӣ дар Бухоро, Суғд ва ё Самарқанд чизе намегӯянд. Бинобар ин даъвои Л.Г.Салдадзе дар ин хусус, ки гӯё дар Афшана ба туркӣ сухан мегуфтанд, қатъиян рад мегардад.

Ақидаи ӯ дар бораи ин ки Афшана ва Афшина номи як мавзеъи ҷуғрофианд, низ бояд рад карда шавад. Зеро чунон ки ҷуғрофиёдонони зикршуда ва таҳқиқоти олимони ҳозира нишон медиҳанд, Афшана ва Афшина ду деҳи ҷудогонаанд. Афшана дар Бухоро, Афшина дар Суғд воқеъ аст. Ақидаи Л.Г.Салдадзе дар бораи ин ки «Афшана» муштақ аз номи қавми туркии «ашин» аст ва олимон то ба ҳол на дар забони хоразмӣ ва на дар забони суғдӣ лафзеро пайдо накардаанд, ки онро тасреҳ кунад, низ комилан ғалат аст. Зеро забоншиносҳо кайҳо муқаррар кардаанд, ки лафзи «афшин» дар забони суғдӣ ба маънии «шоҳ» ва «амир» истеъмол мешавад.[4] Аз назари забоншиносӣ истихроҷи «Афшина» аз «афшин» осонтар ва дақиқтар аз истихроҷи «Афшина» аз «Ашин» аст.

1 J.Labourt. Le christianise dans L empire perse Sous La dinastie Sascanide. Paris, 1904. P 71-72.

2 Jnsti. Iranisches namenbuch. Maryndourd, 1995. С.271. Ниг. Инчунин: Акбари Ризвонӣ. Абуалӣ Сино. Теҳрон. 1334. С.1-6.

3 Ниг. Истахрӣ, Абуисҳоқ Иброҳим. Масолик ва мамолик. Теҳрон, 1348, Ибни Ҳавкал. Сурат-ул-арз. Теҳрон. 1345. Мақдисӣ. Аҳсан-ул-тақосим.

4 См.: Согдийские документы с горы Муг. Вып.2. Юридические документы и письма. Чтение перевод и комментарии В.А.Лифшина. М., 1962. С.50-51; О.И.Смирнова. Очерки из истории Согда. М., 1970. С.54-55; Gershevitch I. A.Grammar of manichean Sogdian. Oxford. P.314.

7. Ибни Сино, ки дар руҳияи шуъубияи тоҷикӣ (форсӣ) ва фарҳанги замони Сомониён парвариш ёфта буд, дар дарбори сулолаи туркони қарохонӣ, ки Бухороро забт карда буданд, зиндагӣ кардан нахост, ҳарчанд ки чун табиб, олим ва файласуфи бузург дар дарбори онҳо низ соҳиби мартаба ва шаъну шараф шуда метавонист. Ӯ ба дарбори туркони Сабуктагинӣ –гумоштагони Сомониён дар Ғазна, ки аз итоати онҳо баромада, давлати соҳибихтиёри Ғазнавиёнро ташкил дода ва дар мубориза бо Қарохониён ба Сомониён кӯмак накарда буданд, низ нарафт. Ин дар сурате буд, ки Балх – ватани падари ӯ - дар ҳудуди Давлати Ғазнавиён қарор дошт. Вай ба Хоразм рафтанро афзалтар донист, ки аҳолии он ба шаҳодати Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» аз дарахти бузурги форсиён аст. Вақте, ки таҳдиди фатҳи Хоразм аз ҷониби султон Маҳмуд ошкор шуд, ӯ ба Эрон ҳиҷрат карданро афзалтар донист. Магар ин ҳақоиқ худ дар бораи худ чизеро ҳикоят намекунанд?

8. Ибни Синоро ба ҳеҷ ваҷҳ аз қавми тоҷик ва аз фарҳанги тоҷикӣ наметавон ҷудо кард, зеро якум ин ки ӯ бунёдгузори истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ (форсӣ) мебошад, дуюм ин ки асосгузори навъи бадеиъи рубоъиёти фалсафист, ки баъдан дар эҷодиёти шоъирони номвари мо, хусусан дар осори Умари Хайём, дар ҷаҳон шӯҳрат ва рушди комил ёфтааст, сеюм ин ки андешаҳои илмӣ ва фалсафии ӯ дар афкори ҷамъиятӣ ва каломи бадеиъи тоҷикон нуфуз карда, ҷузъи ҷудонопазири шуъури миллии онҳо гардидаанд. Барои исботи ин андеша кофист, ки саҳми ӯро дар рушди шохаи тоҷикии машшоияи шарқӣ, дар ташаккулу ақоиди файласуфони мутакаллим Муҳаммад Ғаззолӣ, Фахруддини Розӣ, Тафтазонӣ ва дигарон, дар пайдоиши фалсафаи ишроқи Сӯҳравардӣ ва пайравони ӯ, дар такмили мавзуъҳои шеъри суфиёна аз Саноӣ то Ҷомӣ ёдовар шавем. Инро ҳам бояд дар ёд дошт, ки нубуғи Ибни Сино дар муҳити иҷтимоъӣ, сиёсӣ, ақлонӣ ва фарҳангии халқи тоҷик парвариш ва болиш ёфта буд.

Дар бораи аслу насаб ва қавмияти Ибни Сино назари дигаре низ вуҷуд дорад. Ин назари Ориф Томир – файласуфи муосири араб аст. Аз назари ӯ «Ибни Сино на форс, на турк, на рус», балки «араби асил», «араби дар арабияти худ покнаҷод» аст. [1] Ориф Томир ин ақидаи худро ба он мудаллал месозад, ки гӯё падари Ибни Сино «Абдуллоҳ ибни Ҳусайн аз хонаводаи арабии яманӣ аст... Ӯ дар аҳди халифаи фотимӣ ал-Азизбиллоҳ ба Миср омад ва баъди тамом кардани таҳ-

1 Ориф Томир. Ибн Сино фӣ маробеъи Ихвон-ус-сафо. Бейрут, 1403/1983. С.25.

сил ва тамрин дар мадрасаи мисрии даъвати исмоъилия ба Форс фиристода шуд. ...Аммо мо, - менависад Ориф Томир, - далелҳои зиёде дар даст дорем, ки таъкид мекунанд, ки ӯ на форс буду на афғон. Зеро агар чунин будӣ, пас чаро ҳангоме, ки дучори вазидани тӯфони мухталиф гардид ва вазъаш ноустувор шуд, аз ҳимояти қавми худ, акрабои худ ва ватани худ истифода накард? ... Мо ба сарчашмае барнахӯрдем, ки ишорат кунад, ки ӯ дар билоди Форс хонавода ва ватане дорад».[1] Илова бар ин Ориф Томир менависад, ки «дар улум ва ҳикмат тавфиқ ёфта буд ва ӯ як адад китобу рисолаҳо дорад, ки боаҳамияттаринашон «ал-Янобиъ», «Маноҳил-ул-ҳикма» ва «Мавозин» мебошанд.[2] Аммо дар китоби «Сират» -и худ дар бораи ҷиҳодаш, бархӯрдҳояш дар роҳи даъвати исмоъилӣ, шогирдонаш, рафиқонаш ва душманонаш ҳикоят мекунад»[3] Дар мавриди баёни ин маълумот Ориф Томир ба саҳифаи ҳаждаҳи дастнависи исмоъилии «Китоб ул-фусул ва ал-ахбор» истинод мекунад. Аммо ӯ дар кучо, дар кадом китобхона ва зери кадом рақам маҳфуз будани онро нишон намедиҳад. Ин шаҳодатҳои вайро зери шубҳа қарор медиҳад ва гумони сохта будани онҳоро қавӣ мегардонад, хусусан дар сурате, ки худи вай дар ҷои дигари китобаш менависад, ки ба Абуяъқуби Сиҷистонӣ ҳам китобе бо номи «Янобиъ» нисбат медиҳанд ва мо намедонем, ки ин хатост ё Абдуллоҳ ибни Ҳусайн низ бо ин ном китобе таълиф карда бошад. «Маноҳил ал-ҳикма» ва «Мавозин» -и Абдуллоҳ ибни Ҳусайнро ӯ гум шуда меҳисобад. Вай дар бораи «Сира» -и Абдуллоҳ ибни Ҳусайн низ маълумоте намеоварад. Назари Ориф Томирро дар хусуси аслу насаб ва қавмияти Ибни Сино баррасӣ карда бояд гуфт:

1.Ӯ бешак ҳақ аст, ки Ибни Сино на турк аст, на рус, на муғул, на афғон (паштун).

2.Вале вақте, ки Ориф Томир мекӯшад исбот кунад, ки Ибни Сино – падар ва Ибни Сино – писар форс (тоҷик) нестанд, балки араби асиланд, аз ҳақиқат чашм мепӯшад. Ӯ барои исботи ин даъвии худ аз сарчашмаҳо ҳеҷ гуна далел пешниҳод наменамояд. Ин даъвои ӯ ба шаҳодати худи Ибни Сино «падарам марде аз аҳли Балх буда, дар рӯзгори Нӯҳ ибни Мансур ба Бухоро омад»[4], комилан зид аст. Абӯалӣ ибни Синоро дар сурати араб будани падараш ҳам наметавон араби асилзод номид, зеро модари ӯ Ситора тоҷикбонуи

1 Ориф Томир. Ҳамон асар. С.28-29.
2 Ориф Томир. Ҳамон асар. С.26.
3 Ориф Томир. Ҳамон асар. С.26.
4 Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1. Душанбе, 1980. С.17.

асила аст.

Соли 986 Абдуллоҳ ибни Ҳусайн ба Бухоро кӯчид ва писараш Ҳусайнро назди муаллими Қуръон ва муаллими адаб гузошт. «Бухоро, - навишта буд муаллифи «Ҳудуд – ул - олам», - дар Мовароуннаҳр шаҳри бузург ва ободе буд».[1] Ҷуғрофиядонони арабизабони асрҳои 9-10 Ибни Ҳавқал, Истахрӣ ва Мақдисӣ навишта буданд, ки Бухоро дар Хуросон ва Мовароуннаҳр нисбат ба ҳама шаҳрҳо бештар сохтмон ва зиёдтар аҳолӣ дошт. Дар дижи он, ки деворбанд буд, қароргоҳи амирони сомонӣ, идораи марказии давлат ва китобхона ҷой дошт. Дар майдони Регистон қасри аморат барпо буд ва дар назди он девонхона қомат афрохта буд. Дар шаҳр қасрҳои дигар низ зиёд буданд. Ба вижа қасрҳои маҳали Ҷӯи Муллиён, ки онро Рӯдаки сахт мадҳ кардааст, шӯҳрати зиёд доштанд. Дар шаҳр манораҳо, мадрасаҳо, оромгоҳон зиёд, корвонсарой, ҳамомҳои зиёд вуҷуд дошт. Набзи ҳаёти шаҳр дар бозорҳо, ки дар он ҷо тоҷирон аз мамолики гуногун гирд меомаданд, ба хубӣ эҳсос мешуд. Бухорои асри 10 на танҳо пойтахти сиёсии Давлати Сомониён ва маркази тиҷоратию ҳунармандии Мовароуннаҳр, балки маркази бузурги илмӣ, адабӣ ва ҳунарии Шарқ буд. Ба ин ҷо олимон, адибон ва ҳунарпешагон аз тамоми марказҳои фарҳангии Шарқ ҳузур меовардаанд. Бунёдгузори адабиёти тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар хусуси мақоми сиёсӣ ва фарҳангии Бухоро суруда буд:

Имрӯз ба ҳар ҳол Бағдод Бухорост,
Ҳар ҷо, ки мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.

Дар ҳамин гуна маркази сиёсӣ, тиҷоратӣ, илмӣ, адабӣ ва ҳунарӣ, ки Бухоро ном дошт, солҳои таҳсили Ибни Сино оғоз гардиданд ва ҳукми таъриху тақдир будааст, ки ситораи нубуғи ӯ осмони фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳониро мунаввар сохт. Ҳусайн қобилияти барҷаста ва фавқулодаи ақлонӣ дошт. Ҳамин буд, ки вай дар синни 10-солагӣ Қуръони маҷидро комилан ҳифз кард ва илмҳои нақлӣ-сарфу наҳв, сабкшиносӣ ва илми шеърро аз бар кард. Дар «Саргузашт» -и худ дар ин хусус ба Ҷузҷонӣ чунин имло карда буд: «Баъд ба Бухоро кучида омадем ва маро назди муаллими Қуръон ва муаллими адаб гузоштанд. Чун ба даҳсолагӣ расидам Қуръон ва бисёре аз [улуми] адабро азбар кардам, ба тавре ки ин аз ман шигифтовар буд».[2]

Ба назардошти соли таваллуди мутафаккир (980), азбар

1 Ҳудуд ал-лам. Рукопись Туманского с введением и указаниями В.В.Бартольда. М., 1930. л.22.

2 Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1. С.17.

кардани Қуръони маҷид ва улуми нақлӣ то даҳсолагиаш натиҷа метавон гирифт, ки Ибни Сино дар соли 990 ба омӯхтани риёзиёт, мантиқ ва фиқҳ оғоз мекунад. Ӯ риёзиётро назди тоҷир Маҳмуди Массоҳ, мантиқ ва фиқҳро пеши Исмоъили Зоҳид меомӯзад. Вақте ки олими маъруф Абуабдуллоҳи Нотилӣ ба Бухоро омад (тақрибан соли 991), падари Ҳусайн ӯро дар хонаи худаш маскан дод, то ба писараш таҳсили муназзамро таъмин созад. Ҳусайн таҳти ҳидояти Нотилӣ ба омӯхтани «Исоғуҷӣ» -и Фарфуриуси Тирӣ (Сирӣ) шуруъ кард. Ибни Сино, чунон ки худаш менигорад, назди Нотилӣ қоидаҳои содаи мантиқро азбар карда, сипас худ мустақилона ба омӯхтани нуктаҳои борики мантиқ пардохт, то дар ин илм тавоно гашт. Вай қисман таҳти ҳидояти Нотилӣ ва аксаран мустақилона «Мабодӣ»-и Уқлидус ва «Маҷасти»и Батлимусро мутолаъа ва азбар кард. Баъди чанде Нотилӣ дарк кард, ки шогирди ҷавони ӯ Фарфуриус, Уқлидус ва Батлимусро аз устод беҳтар мефаҳмад. Бинобар ин ӯ ба шогирди пуристеъдодаш пешниҳод кард, ки ин улумро мустақилона биомӯзад. Нотили ба зудӣ бовар ҳосил кард, ки Ҳусайн соҳиби истеъдоди бузург ва фавқуллодаи илмист. Бинобар ин ба падари ӯ талқин кард, ки писарашро ҷуз ба илм ба кори дигаре машғул надорад.

Баъди ба Хоразм рафтани Нотилӣ (тақрибан соли 993) Ибни Сино, чунон ки худ мегӯяд, ба омӯхтани илмҳои фалсафӣ ва табиъӣ оғоз кард. Ӯ китобҳо ва тафсирҳоро дар риштаи фалсафа ва табиъиёт боҷиддияти беҳмато мутолаъа ва азбар кард, то дар ин илмҳо дасти қавӣ ёфт. «Пас, - менависад ӯ, - ба илми тиб рағбат кардам ва ба хондани китобҳои дар он таснифшуда рӯ овардам. Илми тиб аз илмҳои душвор нест, бинобар ин дар андак муддат дар он ба дараҷае забардаст шудам, ки донишмандони тиб илми тибро назди ман ба хондан оғоз карданд ва парастории беморонро ба ӯҳда гирифтам. Дарҳои муъолиҷа, ки аз таҷриба ба даст омадааст, чунон гушода мешуданд, ки берун аз васф аст. Бо вуҷуди ҳамаи ин ба фиқҳ шуғл намудам, дар он мунозара мекардам. Дар ин ҳангом шонздаҳсола будам».[1]

Сарфи назар аз комёбиҳои шигифтовар дар таҳсили улуми қуръонӣ, нақлӣ, фиқҳӣ, риёзӣ, табиъӣ, фалсафӣ, тиббӣ ва илоҳиётшиносӣ, Ибни Сино дар роҳи такмили донишҳои худ, бавижа дар роҳи вусъати донишҳои фалсафии хеш, пайваста кӯшиш ба харҷ медод. Худи ӯ гувоҳӣ медиҳад: «Баъд якуним соли дигар (яъне дар давоми солҳои 998-999 – М.Д.) ба хондан

1 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.18.

машғул шуда, мантиқ ва ҳамаи қисматҳои фалсафаро аз сар мутолаъа кардам. Дар ин муддат ягон шаб пурра нахуфтам ва рӯзона ба ҷуз омӯхтани илм ба коре машғул нашудам».[1] Дар ҳамин айём вай ба омӯхтани «Мобаъдуттабиъа» -и Арасту - донишнома (энсиклопедия)-и фалсафаи антиқа пардохт, ки бе дарки амиқи он файласуфӣ ҳақиқӣ ва ҳирфаӣ шудан амри маҳол буд. Дар ин хусус худи ӯ чунин ҳикоят мекунад: «Дар илмҳои мантиқ, табиъиёт ва риёзиёт тавоно шуда ба илми илоҳӣ баргаштам ва китоби «Мобаъдуттабиъа» -ро хондам. Он чӣ дар он буд нафаҳмидам ва ғарази муаллифи он бар ман пӯшида монд. Бинобар ин онро чиҳил бор хондам ва маро азбар шуд. Бо вуҷуди ин китоб ва мақсади муаллифи ӯро нафаҳмидам ва аз худ навмед шуда, гуфтам: «Ин китобест, ки ба ҳеҷ роҳ фаҳмида намешавад. Рӯзе аз рӯзҳо ҳангоми аср дар миёни саҳҳофон ҳозир будам, ки даллоле дар даст муҷалладе нидо мекард. Вай онро ба ман намуд ва ман ба сахтӣ рад кардам, зеро бовар доштам, ки дар ин илм суде нест. Он гоҳ ӯ ба ман гуфт: «Инро аз ман бихар! Ба ту арзон мефурӯшам: ба се дирҳам. Соҳибаш ба баҳои он муҳтоҷ аст. Ман онро харида дидам, ки китоби Абунасри Форобӣ «Фӣ ағрози китоби «Мобаъду-т-табиъа» будааст. Пас ба хона баргашта, онро бошитоб хондам ва дарҳол ғаразҳои он китоб, ки дар дили ман маҳфуз буд, бар ман гушода шуданд».[2] Сабаби ба Ибни Сино дастнорас будани «Мобаъду-т-табиъа» -и Арасту аз он иборат аст, ки тарҷумаҳои арабии осори мутафаккирони юнонӣ аксаран таҳтулафзӣ ва муғлақ буда, ба фаҳм наздик набуданд. Ибни Сино, ки забони юнонӣ намедонист, аз рӯи тарҷимаҳои таҳтулафзӣ ва муғлақ «Мобаъду-т-табиъа» -и Арастуро ба осонӣ нафаҳмидааст ва ин амре табиъист.

Инак, Ибни Сино то соли 998 тамоми улуми замонашро азбар кард ва дар синни ҳаждаҳсолагӣ чун олими комил ба арсаи илм омад. «Чун ба ҳаждаҳсолагӣ расидам, - менависад ӯ, - аз омӯхтани ҳамаи ин илмҳо фориғ шудам. Он рӯз дар илм бештар ҳифзкунанда будам, имрӯз пухтатар шудам».[3] Дар хусуси ин ки Ибни Сино дар ҳаждаҳсолагиаш олими комил будааст, баҳси ӯ бо Абуррайҳони Берунӣ дарак медиҳад, ки солҳои 998-999 дар бораи масоили гуногуни табиъиёт ва фалсафаи Арасту даргирифта буд.[4] Дар ин бора чунин дақоиқ низ гувоҳ аст, ки Ибни Сино дар тӯли солҳои 999-1001, яъне

1 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар.
2 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.18-19.
3 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.19.
4 Муфассалтар ниг.: Булгаков В.Г. Жизнь и труды Беруни. Ташкент, 1972. С.62-69; Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. Душанбе, 1980. – С.77-95; Шарипов А. Великий мыслитель Беруни. Ташкент, 1972. С.38-42.

то бисту яксолагиаш, чандин китоби муҳим таълиф кардааст, «Китоб ал-маҷмуъ» ё «Ҳикмат ал-арузия», «ал-Ҳосил ва ал-маҳсул», (дар 2 муҷиллад) «ал-Бирр ва ал-исм» аз зумраи онҳоянд[1]. Дар китоби якум ӯ масоили ҳама улуми замонаш, ҷуз риёзиёт, дар китоби дуюм масоили фалсафа ва дар китоби сеюм масъалаҳои илми ахлоқро ба таври мабсут баррасӣ кардааст.

Ибни Сино дар 17-18 солагиаш ҳамчун табиби бузург шӯҳрат ёфт. Табобати самарабахши беморон, умуман, ва амири Сомонӣ Нӯҳ ибни Мансур, хусусан, шӯҳрати ӯро чун табиб басо боло бурд. Дар «Саргузашт» ӯ овардааст: «Дар он ҳангом подшоҳи Бухоро Нуҳ ибни Мансур буд. Ӯро беморие пеш омад, ки пизишкон дар илоҷи он оҷиз монданд. Чун номи ман дар миёни эшон ба бисёр хондан машҳур буд, маро пеши ӯ ёд карда, ҳозир карданамро аз ӯ хостор шуданд. Пас, маро ҳозир карданд ва дар муъолиҷаи ӯ ба онҳо ҳамкорӣ карда, ба хидмати ӯ номзад шудам».[2] Ин ба Ибни Сино имкон дод, ки амирро ба худ моил кунад. Бинобар ин вақте, ки ӯ аз амир иҷозат пурсид, то ба китобхонаи эшон дарояд ва ба мутолаъаи китобҳои тиб, ки дар он ҷост, бипардозад, ба ӯ дарҳол иҷозат дод: «Вай маро иҷозат дод ва вориди сарое шудам, ки хонаҳои бисёр дошта, дар ҳар хонае сандуққои китоб болои ҳам чида шуда буданд. Дар як хона китобҳои илмҳои арабӣ ва шеър, дар дигараш китобҳои фиқҳ ва ҳамин тавр дар ҳар хонае китобҳои як илме ҷой дошт. Сипас феҳристи китобҳои пешиниёнро мутолаъа намуда, он чиро ки ба он ниёз доштам, хостам. Китобҳоеро дидам, ки бисёр касон ҳатто номашонро нашунидаанд ва ман онҳоро на пеш аз ин ва на баъд аз ин надидаам. Он китобҳоро хонда, судҳо бурдам ва андозаи дониши ҳар мардеро шинохтам.»[3]. Дар хусуси ин ки Ибни Сино дар 17-18 солагиаш чун табиби варзида ба камол расида буд, баҳси вай бо файласуф ва табиатшинос Абдулфараҷ Абдуллоҳ ибни Тайиб Ҷасолик, ки солҳои 997-998 рух дода буд, низ шаҳодат медиҳад.[4]

Соли 1001 (ба назардошти ин ки аз рӯи шаҳодати Қифтӣ ва Ибни Абуусайбиъа дар ин айём мутафаккир 21 сола буд: 480+21=1001) Ибни Сино мусибати сахти шахсиро аз сар гузаронд: падари азиз ва ғамхораш аз ин дунё рафт. Ба ин сабаб вазъи ӯ дигаргун гашт ва ӯ маҷбур шуд баъзе корҳои султониро ба уҳда гирад. «Унвони «Султон» -ро менависад

1 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.19.
2 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.19.
3 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар.
4 Муфассалтар ниг.: Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. С.84-85.

Ю.Н.Завадовский, - дар ин давра асосан фармондорони турк истеъмол мекарданд... Зери қалами Байҳақӣ гумон аст, ки ин унвон ба аъзои хонадони Сомонӣ, ки онҳоро бо исрор «подшоҳ» меномад, тааллуқ дошта бошад, балки ин унвон бештар ба Илекхон, Қарахониён ва туркон мансуб аст. [1] Вале ин баёнро наметавон бебаҳс пазируфт, зеро ҳам Байҳақӣ, ҳам Қифтӣ ва ҳам Абиусайбиъа як андар як менависанд, ки «Султони Бухоро дар ин рузгорон Нуҳ ибни Мансур буд». Бинобар ин ибораи «маҷбур шуд, баъзе корҳои султониро ба уҳда гирад», метавонад ин маъниро бирасонад, ки Ибни Сино ба хидмати Абуибраҳим Мунтасири Сомонӣ дохил шудааст, ки ӯ дар тайи солҳои 1000-1005 бо қатъияти тамом бо Қарохониён меҷангид ва на як бор ҳукумати Сомониёнро дар Бухоро аз нав барқарор карда буд.[2]

Вале ӯ дар хидмати Қарахониён ё Абуиброҳим Мунтасири Сомонӣ (ба эҳтимоли қавӣ дар хидмати Мунтасир) дер намонд. Зарурат, чунон ки худаш мегӯяд, ӯро маҷбур сохт, ки Бухороро тарк кунад ва роҳи Гурганҷ – пойтахти Хоразмро пеш гирад. Ин зарурат, ки ӯ дар бораи он ошкоро чизе намегӯяд, метавонад ба ҳалокат (с.1005) расидани Мунтасир бошад, ки дар роҳи барқарор кардани давлати Сомониён бо Қарохониён дар ҷанги беамон буд. Ин ҳодиса Ибни Синоро аз умеду орзӯи дар Бухоро мондан маҳрум кард. Ба назардошти ин ки ӯ дар хидмати султонӣ 2-3 сол иштиғол дошт, метавон ҳадс зад, ки ӯ солҳои 1004-1005 ба Гурганҷ – пойтахти Хоразм ҳиҷрат кардааст.

Ҳаводисе, ки охири асри 10 дар Мовароуннаҳр ва Хуросон рӯй доданд, ба Хоразм ва пойтахти он - Гурганҷ таъсири боризе ворид накарданд. Аз рӯи шаҳодати Мақдисӣ Гурганҷ шаҳри ободе буд ва сохтмонҳояш чунон танготанг сохта шуда буданд, ки дар даруни шаҳр канал гузаронидан басе душвор буд. Дар назди яке аз дарвозаҳои шаҳр кох барпо буд, ки онро Маъмун бино карда буд. Дар шаҳр бозорҳои бисёр андар кор буданд.

Нашву нумуви шаҳр ба тараққиёти тиҷорати корвонӣ марбут буд. Дидангоҳҳои шоёни таваҷҷуҳи шаҳр қарсҳои он буданд. Пойтахти Хоразм – Гуганҷ маркази муҳимми фарҳангӣ низ буд. Дар ин ҷо дар «Фарҳангистони Маъмун» як зумра

1 Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. Душанбе, 1980. С.95

2 Гафуров Б.Г. Таджики. М., 1972. С.387-388. Дар «Доират-ал-маорифи бузурги исломӣ (Ҷилди 4, Теҳрон, 1370. С.2) омадааст, ки Ибни Сино баъди вафоти падараш ба хидмати охирин Сомонӣ Абдулмалик шуруъ кард. Вале ин ба солшумории Сомониён (с.999) мутобиқ нест, зеро чунон ки зиндагинигорони ӯ менависанд, ҳангоми ба хидмати султон оғоз кардан вай на 19-сола, балки 21 ё 22-сола будааст, ки мутобиқ ба соли 1001 ё 1002 мешавад, ҳол он ки Абдумалик соли 999 аз тахти шоҳӣ сарнагун шуда буд.

олимони забардаст, мисли Абуррайҳони Берунӣ, Абусаҳли Масиҳӣ, Абунасри Ироқ (ё Арроқ) ва Абулхайри Хаммор гирд омада буданд. Ба ин зумра Ибни Сино низ ворид гардид. Уламои Хоразм ӯро ба меҳр пазируфтанд. Вазир Абулҳасани Суҳалӣ, ки ба ибораи Ибни Сино дӯстдори илм ва олимон буд, нисбат ба мутафаккир некиии зиёд зоҳир кард. Тавассути ӯ Ибни Сино ба дарбори Хоразмшоҳ Маъмун роҳ ёфт. «Барои ман, - менависад ӯ, - моҳиёнае муқаррар карданд, ки мисли манро кифоя буд». Шояд нишони сипосгузорӣ бошад, ки ӯ дар Хоразм ба унвони Абулҳасани Суҳалӣ «Рисола фӣ кимиё» -ро таълиф кард.

Соли 1012 Ибни Сино Гурганҷро низ тарк кард (агар шаҳодати Ҷурҷониро дар муқаддамаи «Шифо» ба назар бигирем, ки тибқи он Ибни Сино ҳангоми вуруд ба Гургон 32 сола буд) ва аз роҳи Нисо, Абевард, Тус, Шаққон, Самангон ва Ҷоҷарм ба Гургон омад. Ба ақидаи Низоми Арӯзии Самарқандӣ ин иқдоми Ибни Сино баста ба он буд, ки Султон Маҳмуд аз Хоразмшоҳ талаб кард, олимони «Фарҳангистони Маъмун» ба Ғазна фиристода шаванд. Берунӣ ва дигар олимон сар бозниҳоданд ва ба Ғазна рафтанд. Вале Ибни Сино ба ин фармони Султон Маҳмуд тан бознадод ва ҳамроҳи Абусаҳли Масеҳӣ тавассути биёбони Қароқум роҳи Гургонро пеш гирифт. Масеҳӣ бори вазнини роҳро кашидан натавониста вафот ёфт. Ибни Сино машаққати зиёдеро паси сар кард ва ба Гургон расид.[1] Вале ин хабари Арӯзии Самарқандӣ шубҳаомез аст. Зеро аз рӯи китоби Берунӣ «Мардони шаҳири Хоразм», ки порчае аз он дар «Таърихи Масъудӣ»-и Байҳақӣ маҳфуз аст, Берунӣ ва дигар олимони «Фарҳангистони Маъмун» то забти Хоразм дар соли 1017 аз ҷониби Маҳмуди Ғазнавӣ дар Гурганҷ иқомат доштанд.[2] Ин хабари Арузии Самарқандӣ ба дигар ҳақоиқе ҳам, ки Берунӣ дарак медиҳад, вифқ надорад. Аз ҷумла Берунӣ дар асараш «Ниҳоят ал-амокин» ишора мекунад, ки 18 сентябри соли 1016 ӯ дар яке аз қасрҳои Хоразмшоҳ ирсоди ҳайатӣ анҷом дода буд. Суол пеш меояд, ки чӣ гуна ӯ ин ирсодро дар қасри Хоразмшоҳ анҷом додааст, дар сурате, ки тибқи гуфтаи Арузии Самарқандӣ ӯ ҳанӯз соли 1012 ба Ғазна омада буд?

Сабаби Гурганҷро тарк кардани Ибни Сино дурустараш аз он иборат аст, ки Маъмун дар соли 1012 ҳомии ӯ вазир Абулҳасани Суҳалиро аз вазорат маъзул кард ва ӯ ба Бағдод рафт. Аз Гурганҷ рафтани Ибни Сино метавонад сабаби

1 Низами Арузи Самарканди. Четыре статьи. М., 1963. С.112-117.
2 Абу-л-Фазл Бейхаки. История Мас'уда. М., 1969. С.808-827.

дигаре ҳам дошта бошад: Дар Хоразм ба ҷиҳати зиддияти байни Маъмун ва аъёну ашроф дар ҳамон соли 1012 ошӯбе бархост. Бинобар ин Ибни Сино Гурганҷро дигар барои худ макони амният намедид. Ва ниҳоят, Ибни Сино чун марди закӣ таҳдиди султон Маҳмудро ба Хоразм хуб эҳсос мекард. Бинобар ин тасмим гирифт, ки пеш аз вуқӯи ҳодиса Гурганҷро тарк кунад ва ба Гургон роҳ пеш гирад.

Ба Гургон раҳсипор гардида ӯ гумон дошт, ки ба ҳимояти Қобус ибни Вушмгир – ҳокими кишвари Гургон - ноил гардад. Чунин ният тасодуфӣ набуд. Гургон пойтахти хонадони зиёриён буд. Дар ин ҷо аз соли 977 Қобус ибни Вушмгир ҳукумат дошт. Аз рӯи тавсифи шарқшинос Е.Э.Бертельс вай «шоири боистеъдоде буд, ки барои худ дар шеъри арабии пешоисломӣ назирҳо меҷуст. Ӯ сабкшиноси ҳайратангезе буд, ки номаҳои ӯ муддатҳои тулонӣ намунаи беҳтарини сабки номанигории арабӣ маҳсуб мешуданд. Қобус дар атрофи худ намояндагони беҳтарини илму ҳунарро гирд оварда, Ҷурҷон (Гургон)-и кучаки худро ба маркази адаб табдил дода буд, ки намунае буд барои дарборҳои ашрофии Эрони ғарбӣ».[1] Аз ин ҷо ба хубӣ равшан мешавад, ки чаро Ибни Сино ба Гургон ҷазб шуда буд.

Дар бораи иқомати Ибни Сино дар Гургон ду фикр вуҷуд дорад. Аз рӯи фикри аввал ӯ Қобусро дар сари қудрат наёфт, аз рӯи фикри дуюм Қобус ҳанӯз ҳокими Гургон буд. Фикри дуюм ҳақиқати бештаре дорад. Зеро Ибни Сино дар «Саргузашт» менигорад, ки «Мақсади ман амир Қобус буд. Дар ин ҳангом чунин иттифоқ афтод, ки Қобус дастгир шуда, дар қалъае зиндонӣ шуд ва дар он ҷо мурд». [2] Шояд ба ҳамин сабаб бошад, ки Ибни Сино дар Гургон дер наистод ва ба Деҳистон рафт. Вале дар Деҳистон сахт бемор шуд ва боз ба Гургон баргашт. Дар ин ҷо ӯ ба Абуубайди Ҷузҷонӣ во хӯрд, ки шогирди вафодор ва то охири умр содиқи ӯ гардид. Ба шаҳодати Абуубайд дар Гургон Ибни Сино ҷилди якуми «ал-Қонун фи-тиб» -ро навишт ва баъдан дар Рай ва Ҳамадон онро ба анҷом расонид. Дар Гургон ӯ чунин асарҳои худ «Мухтасар-ул-авсат фӣ-л-мантиқ», «Китоби мабда ва маъод», «Китоб ул-ирсод ул-куллия», «Мухтасар уқл-маҷастӣ» -ро таснif кард. Ин аз он дарак медиҳад, ки давраи зиндагии ӯ дар Гургон марҳалаи бисёр муҳимми эҷодиёти илмии файласуф будааст. Ин давра ба ӯ имкон дод, ки нерӯҳои маънавии худро тақвият бидиҳад ва барои кори илмии оянда омодагии

1 Бертельс Е.Э. Предисловие к книге «Кабуснамэ». М., 1958. С.9.
2 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.20.

бештар бигирад. Вале Ибни Сино ин бор ҳам дар Гургон дер наистод. Ӯ баъди чанд вақте ба Рай рафт. Сабаби ба Рай рафтанаш барои мо маълум нест. Вале метавон ҳадс зад, ки ин тасмими мутафаккир натиҷаи тағйир хӯрдани вазъӣ иҷтимоӣ-сиёсии Гургон буд: Писари Қобус, ки ҷонишини падар гардида буд, худро гумгоштаи султон Маҳмуд эълон кард ва ба духтари ӯ издивоҷ кард. Аз хавфи таъқиботи султон Маҳмуд ва гумоштаи гургонии ӯ, чунон ки муаррихон гувоҳӣ медиҳанд, вай соли 1014 ба Рай рафт.

Рай яке аз марказҳои илмии шинохтаи Эрони асрҳои 9-11 буд. Ин ҷо бемористони бузурге вуҷуд дошт, ки замоне Абубакри Розӣ (865-925) – табиби бузурги ҷаҳонӣ – онро сарварӣ карда буд. Дар Рай Абумаҳмуди Хуҷандӣ судсия (секстант)-и худро барои мушоҳидаҳои ҳайатшиносӣ сохта буд, ки баъдан Берунӣ онро тавсиф кардааст. Дар Рай ду китобхонаи бузург вуҷуд дошт, ки феҳристи китобҳои он 10 ҳазор муҷалладро шомил буд. Рай маркази шинохтаи илмӣ низ буд. Рай маркази бувайҳиён ба шумор мерафт. Дар Рай Маҷдуддавла ва модари ӯ Саида ҳукумфармо буданд. «Эшон ӯро ба тавассути китобҳое шинохтанд, ки аз ӯ ба онҳо расида буд ва аз қадри ӯ шаҳодат медоданд». Ибни Сино ба дарбари онҳо пайваст.

Ибни Сино ба хидмати маликаи тавоно Саида, ки нисбат ба ҳамсоягонаш, бавижа нисбат ба Султон Маҳмуд, сиёсати моҳирона, зиракона ва қотеъона анҷом медод, пайваста, умед дошт, ки барои худаш шароити мусоъиди кори илмӣ муҳайё хоҳад кард. «Қобуснома» дар бораи ин сиёсати зиракона, моҳирона ва қотеъонаи Саида чунин менигорад: «Султон Маҳмуд ба-д-ӯ (ба Саида – М.Д.) расул фиристод ва гуфт:

- Бояд, ки хутба ва сикка ба номи ман кунӣ ва хироҷ бипазирӣ, вагарна ман биёям ва Райро биситонам ва туро нест гардонам.

Чун расул беёмад ва пайғом бигузорид, Саида гуфт:

- Бигӯй султон Маҳмудро, то шуйи ман Фахруддавла зинда буд, маро ин андеша ҳамебуд, ки магар туро ин раъй афтад ва қасди Рай кунӣ. Чун вай фармон ёфт (мурд – М.Д.) ва шуғл ба ман афтод, ин андеша аз дили ман бархост. Гуфтам, ки султон Маҳмуд подшоҳе одил аст. Донад, ки чун ӯ маликеро ба ҷанги зане набояд омадан, ки шер ҳам нар бувад ва ҳам модда. Акнун агар биёӣ, Худой огоҳ аст, ки ман нахоҳам гурехт ва ҷангро истодаам, аз баҳри он ки аз ду ваҷҳ берун набувад. Аз ду лашкар яке шикаста шавад. Агар ман туро бишканам, ба ҳама ҳол ба ҳама олам нома бинависам, ки султонеро шикастам, ки сад подшоҳро шикастааст. Ва агар ту маро биш-

канӣ, чӣ тавонӣ навишт? Гӯйӣ, ки занеро шикастам; туро на фатҳномае расад ва на шеъри фатҳ, ки шикастани зане бас фатҳ набошад.

-Ба-д-ин як сухан то вай зинда буд, султон Маҳмуд қасди Рай накард».

Дар Рай Ибни Синоро бо эҳтиромоти зиёд пазируфтанд: «Касоне, ки аз донишмандии Ибни Сино огоҳ буданд, аз омадани ӯ ба Рай воқиф гашта, барояш иқоматгоҳ омода карданд ва ӯро ба дарбори Саида хонданд. Дар қасри Саида Шайхурраис ба хушнудӣ ва эҳтиромоти зиёд пазируфта шуд».

Ин ҷо ӯ ба табобати амири ҷавон Маҷдуддавла пардохт, ки гирифтори молихулиё буд. Табобат ба зудӣ натиҷаҳои хуб дод ва вазъи саломатии бемор комилан беҳбуд ёфт. Ба ин ҷиҳат Саида ӯро ба инъомоти зиёд мушарраф гардонд. Ибни Сино ба муносибати шифо ёфтани Маҷдуддавла китобе ба номи «Маъод» таълиф кард; нахустин бор ба ширкат кардан ба корҳои давлатӣ иҷозат гирифт; ба файласуф ва табиб Ибни Ҳинду (муншии Саида) ва Абуалӣ ибни Мискавайҳ – муаррих, файласуф ва муаллими ахлоқ – мулоқот кард ва суҳбату машваратҳо орост. Вале зиндагии оромонаи ӯ дар Рай дер давом накард. Дар соли 405/1015, чунон ки Ибни Асир хабар медиҳад, ҳаводисе рух дод, ки зиндагии осоиштаро дар Рай пурра парешон кард. Ин ҳаводис аввал ҳуҷуми Ҳилоли Бадр ва баъдан юриши Шамсуддавла (бародари Маҷдуддавла ва писари Саида) ба Рай буданд, то онро забт ва ба сарзаминҳои худ пайваст кунанд. Ин вазъ Ибни Синоро водошт, ки Райро тарк кунад ва ба Қазвин биравад. Вале Қазвин шояд марҳалае барои ҳиҷрат ба Ҳамадон буд. Дар Ҳамадон ӯ ба хидмати Кадбонувеҳ пайваст, ки аз номи Шамсуддавла дар шаҳр ҳукмфармо буд. Ибни Сино ба вай дар иҷрои корҳои идории шаҳр кумак мекард. Вақте Шамсуддавла донист, ки Ибни Сино дар Ҳамадон аст, ӯро назди худ хонд. Шайхурраис ӯро аз бемории қулинҷ табобат кард ва соҳиби обруву эҳтиром гашта, ба мартабаи надим расид. Ӯ Шамсуддавларо ба ҳайси табиб дар юриши бебароҳаш ба Қармисин (ҳоло Кирмоншоҳ) ҳамроҳӣ кард. Баъди ин юриши бебарор Шамсуддавла Ибни Синоро вазири худ таъин кард. Ӯ умед дошт, ки Ибни Сино метавонад дар давлат ва лашкар тартиби дилхоҳ ва судбахш муқаррар кунад. Ибни Сино дар ин мақом кӯшиш ба харҷ дод, то андешаҳояшро дар мавриди давлат ва давлатдорӣ, ки дар асараш «Тадбир ул-ҷунд ва ал-мамолик ва ал-аскар ва арзоқиҳим ва хироҷ ул-мамолик» (Тадбири сар-

бозон, мамлукҳо, аскар ва рӯзии онҳо ва хироҷи мамлакатҳо) ва дигар китобҳояш баён шуда буданд, таҳаққуқ бахшад. Вале ин амали ӯ ба ашрофони дарбор ва сарбозони туркии Шамсуддавла хуш наомад. Онҳо ошӯб барпо карданд, Ибни Синоро ба зиндон кашиданд, қатлашро аз Шамсуддавла талаб намуданд ва молу мулкашро ба ғорат бурданд. Ҷузҷонӣ дар ин бора чунин менигорад: «Сипас аз ӯ хостанд, ки вазоратро ба уҳда бигирад ва ӯ ба уҳда гирифт. Баъдан он қиёми лашкариён бар зидди ӯ иттифоқ афтод ва аз ӯ хостанд, ки бар онҳо меҳрубонӣ кунад. Пас, гирди хонаашро гирифтанд, ӯро ба ҳабс бурда чизу чораашро ғорат карданд, ҳар чӣ дошт ҳамаро бурданд ва аз амир қатли ӯро хостор шуданд. Вале амир аз қатли ӯ худдорӣ карда, барои ризои онҳо бо барканор кардани ӯ аз корҳои давлатӣ иктифо кард»[1].

Сабаби ошӯби сарбозони туркӣ бар зидди Ибни Сино дақиқан маълум нест. Фақат гумон метавон бурд, ки онҳо тарс доштанд, ки барои шикасташон дар ҷанги зидди Иноз танбеҳ ва тавбих хоҳанд шуд ва аз чораҳои Ибни Сино дар бораи тадбири сарбозон, мамлукҳо, лашкариён ва рӯзии онҳо норизӣ буданд, зеро ин тадбирҳоро нисбат ба худ номеҳрубонӣ мепиндоштанд. Шамсуддавла ба хотири ризои онҳо Ибни Синоро аз вазорат маъзул кард, вале ба зиндонӣ кардан ва қатл намудани ӯ ризо нашуд. Ибни Сино, чунон ки Ҷузҷонӣ менависад, - дар хонаи дӯсташ Абусаъиди Даҳдук пинҳон шуд ва ба навиштани китоби «Шифо» оғоз кард. Вале Шамсуддавла, ки ба табобати нав ниёз дошт, Ибни Синоро дубора ба дарбор мехонад ва аз нав ӯро вазир таъин мекунад. Самоъуддавла, ки соли 1021 ба ҷои падар ба тахт нишаст ба Ибни Сино пешниҳод кард, ки дар мақоми вазирӣ бимонад. Олим ин пешниҳодро қатъан напазируфт. Дар натиҷа байни ӯ ва Самоъуддавла ихтилоф эҷод шуд. Ӯ аз қисос хавф бурда, аз ҷамоъат дур ва дар хонаи Абутолиби Аттор пинҳон шуд. Дар ин давра ӯ ба хоҳиши Ҷузҷонӣ навиштани ҳама ҷузъҳои табиъиёт (ба ҷуз китоби набот ва китоби ҳайвон) ва илоҳиёти «Шифо» -ро ба анҷом расонд. Чунон ки Ҷузҷонӣ дар «Саргузашт» мегӯяд ӯ ба ҳеч манбаъе нанигариста, ҳаррӯз аз ёд панҷоҳ саҳифа менавишт. Ин гуфтаи Ҷузҷонӣ бояд муболиға набошад, зеро Ибни Сино ҳарчи мехонд, онро ҳифз мекард ва дар ёд нигоҳ медошт. Ибни Сино ҳангоми дар хонаи Абутолиби Аттор пинҳонӣ зиндагӣ кардан ба ҳокими Исфаҳон мукотибаи махфӣ оғоз кард. Маълумоте дар даст ҳаст, ки иқдоми ин мукотибаи махфиёна аз ҷониби худи Шамсуд-

1 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.21.

давла содир шудааст. Аз тарафи дигар, худи Ибни Сино ҳам охири кори Самоъуддавларо эҳсос мекард, ки соли 1023 ба вуқӯъ пайваст. Дар ин ҳангом ҷосусони Тоҷулмулк – вазири Самоъуддавла ва душмани сарсахти Ибни Сино пайи ӯро гирифтанд, вайро ба мукотибаи махфиёна ба Алоуддавла муттаҳам карданд ва дар қалъаи Фардаҷон ба муддати чаҳор моҳ маҳбусаш карданд. Дар ин зиндон ӯ асарҳои худ «ал-Ҳидоя», «Ҳай ибни Яқзон» ва «Китоб ул-қулундис»-ро таълиф кард.

Ибни Сино аз зиндони Фардаҷон ҳангоми юриши Самоуддавла ба Ҳамадон озод карда шуд. Баъди аз зиндон озод шудан ӯ чанд вақт дар Ҳамадон монд ва ба навиштани қисматҳои нотамоми мантиқи «Шифо» машғул гардид.

Соли 1023 Ибни Сино тасмим гирифт, ки Ҳамадонро тарк кунад ва ба Исфаҳон ҳиҷрат намояд. Ин тасмим натиҷаи муносибатҳои ноҳамвори ӯ ба Самоъуддавла ва вазири ӯ Тоҷуддавла буд. «Сипас, – менависад Ҷузҷонӣ, - Шайхро чунин пеш омад, ки оҳанги Исфаҳон кунад. Ӯ ҳамроҳи ман, бародараш ва ду ғуломе, ки бо ӯ буданд, ношинос, дар ҷомаи сӯфиён берун рафт, то ин ки баъд аз сахтиҳои бисёри роҳ ба Табарон – бар дарвозаи Исфаҳон расидем. Он гоҳ дӯстони Шайх ва надимону аҳли хоси амир Алоуддавла ӯро пешвоз гирифтанд, барои ӯ сару либос ва саворихои хос фиристонданд ва ӯ дар маҳаллае ба номи Кунгунбаз дар сарои Абдуллоҳ ибни Бобӣ фуруд омад. Дар ин ҷо аз олоту фарш ҳарчи мебоист буд ва дар маҷлис он икрому эъзозро дид, ки мисли ӯро муносиб аст».

Дар замони Бувайҳиён Исфаҳон шаҳри густурда ва шукуфое буд. Дар ин ҷо биноҳои бошукӯҳи давлатию шахсӣ, ҳаммомҳо, бозорҳо, боғҳо, шифохонаҳои зиёд вуҷуд дошт. Шумораи аҳолии шаҳр аз рӯи баъзе маълумот (ки шояд муболиғаомез бошанд) бештар аз сад ҳазор буд. Соли 1052 Носири Хусрав аз Исфаҳон дидан карда буд. Ӯ дар «Сафарнома» аш Исфаҳонро бо шӯру шавқи зиёд вафс кардааст: «Исфаҳон... шаҳре аст бар ҳомун ниҳода. Обу ҳавои хуш дорад. Ва ба ҳарҷо, ки даҳ газ чоҳ фурӯ баранд обе сарди хуш берун ояд. Ва шаҳр деворе ҳасини баланд дорад ва дарвозаҳову ҷанггоҳо сохта ва бар ҳама бару кунгура сохта. Ва дар шаҳр ҷӯйҳои оби равон ва биноҳои некӯ ва муртафеъ ва дар миёни шаҳр масҷиди одинаи некӯ... Ва андаруни шаҳр ҳама ободон, ки ҳеҷ аз вай хароб надидам. Ва бозорҳои бисёр ва бозоре дидам аз они саррофон, ки андар ӯ дувист марди сарроф буд ва ҳар бозореро дарбанде ва дарвозае. Ва ҳама маҳаллаҳо-

ву кӯчаҳоро ҳамчунин дарбандҳо ва дарвозаҳои муҳкам ва корвонсаройҳои покиза буд. Ва кӯчае буд, ки онро «Тароз» мегуфтанд ва дар он кӯча панҷоҳ корвонсарои некӯ ва дар як байёъон ва ҳуҷрадорони бисёр нишаста... *Ва ман дар ҳама замини порсигӯён шаҳре некӯтар, ҷомеътар ва ободонтар аз Исфаҳон надидам».*[1]

Дар Исфаҳон ҳаёти ақлонӣ дар ҷӯш буд. Ин ҷо адибон, шоирон, фақиҳон, файласуфон, табиатшиносон, риёзидонон ва табибони зиёде гирд омада буданд. Баъд, - менависад Ҷузҷонӣ, - Алоуддавла қарор дод, ки шабҳои ҷумъа дар ҳузури ӯ бо иштироки тамоми олимон аз ҳар табақае маҷлиси баҳс барпо кунанд. Шайх Абуалӣ аз ҷумлаи онҳо буда дар ягон илм ҳамто надошт».[2]

Давраи ҳаёти Ибни Сино дар Исфаҳон (1023-1037) замони рушду камоли эҷодӣ ва шукуфтани нубуғи ӯ буд. Дар ин ҷо ӯ таълифи доиратулмаъорифи «Шифо» ва ҷомеъулулуми «ал-Қонун фи тиб»-ро анҷом дод. Дар ҳамин ҷо доиратулмаъорифе бо номи «Донишнома» ба забони модариаш – забони тоҷикӣ (форсӣ) иншо кард. Дар ҳамин шаҳр асарҳои бунёдии худ «Ҳикмат ул-машриқия», «Китоб ул-Инсоф», «Мубоҳисот», «ал-Ишорот ва-т-танбеҳот» -ро таълиф намуд.

Дар Исфаҳон дар ҳузури амир Алоуддавла байни Ибни Сино ва забоншинос Абумансури Ҷубоӣ дар масоили забон баҳсе рух дод. Ҷубоӣ ба ӯ гуфт: «Дар воқеъ ту файласуф ва ҳаким астӣ, вале дар забон чизе нахондаӣ, ки боъиси қабули каломи ту бошад. Ба ин сабаб вай дар тули се сол китобҳои забоншиносиро ба шиддати тамом омӯхт ва дар илми забон ба дараҷае расид, ки ҳамто надошт. Дар натиҷа ӯ се қасида иншо карда, дар онҳо калимоти басо нодирро ба кор бурд ва се китоб навишт, ки яке дар сабки Ибни Амид, дигаре дар сабки Соҳиб ва сеюмӣ дар сабки Собӣ нигошта шуда буд. Сипас Шайх дар бораи забон китобе бо номи «Лисон ул-араб» таълиф кард ва ҳанӯз онро тозанавис накарда буд, ки аз дунё даргузашт. Ин китоб дар шакли мусаввада бимонд ва мутаассифона касе ба он даст наёфт ва то замони мо нарасидааст».[3]

Ибни Сино дар Исфаҳон ба дастури Алоуддавла ҳашт сол ба таҳқиқҳои ҳайатшиносӣ ва сохтани асбобҳои расадӣ иштиғол варзид. «Як шаб, - менависад Ҷузҷонӣ, - дар пеши Алоуддавла аз халале сухан рафт, ки дар тақвимҳои маъмулии тибқи расадҳои қадим ворид шуда буд. Пас, амир ба

1 Носири Хусрав. Сафарнома. Теҳрон. 1382. С.214-215.
2 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.23.
3 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.23-24.

Шайх фармуд, ки ба расади ситораҳо бипардозад ва аз мол ин миқдор, ки лозим буд, ба ӯ дод. Шайх ба ин кор оғоз кард ва фароҳам овардани олатҳо ва ба хидмат гирифтани созандагони онҳоро ба ман супурд. Дар натиҷа бисёр масъалаҳо ошкор шуд»[1].

Маъхазҳо хабар медиҳанд, ки дар рафти сохтани расадхона Ибни Сино олоти расадие ихтироъ ва насб кард, ки пеш аз ӯ вуҷуд надоштанд. Вай барои истеъмоли онҳо мақолаҳо (дастурҳо) низ таълиф кардааст. «Мақола фӣ олат ал-расадия» ва «Мақола фи кайфият- ил-расад ва мутобиқатуҳу маъа илмит-табиъӣ» аз ҷумлаи ҳамин мақолотанд, ки дар онҳо масъалаи ихтироъи олоти дақиқи расадӣ матраҳ шудааст. Доираи мисини азиме, ки сад сол пас аз марги Ибни Сино барои олоти ҳайатшиносӣ дар Қоҳира рехта шуда буд, бегумон аз рӯи дастурҳое, ки дар ин мақолот омадаанд, сохта шуда буд. Дар заминаи расадҳои ҳайатшиносӣ, ки Ибни Сино анҷом дода буд, имконият пайдо шуд, ки маълумоти Батламиус тасҳеҳ карда шавад. Абулқосим Баёнӣ дар «Суллам ус-самовот» -и худ овардааст: «Баъзе масъалаҳои ҳайатшиносӣ ва нуҷумиро, ки Батламиус ва дигар қудамо дақиқ ҳал накарда буданд, Ибни Сино бисёр саҳеҳ баён кард. Масалан, масъалаи дар фалаки чорум будани Хуршед ва дар фалаки саввум будани Зуҳалро. Зеро чунон ки худи Абуалӣ мегӯяд, ӯ Зуҳалро дидааст, ки чун мӯр аз рӯи Хуршед равон аст». [2]

Завадовский Ю.Н. барои равшанӣ андохтан ба масъалаи мазкур ба Пулково – ба академик А.А.Михайлов мурочиат карда буд. Академик А.А.Михайлов дар заминаи ҳисобҳои дақиқи риёзӣ чунин ҷавоб дод. «Имкон дорад, ки Ибни Сино дар Исфаҳон ин ҳодисаро соли 1032 мушоҳида карда бошад.»[3] Ин ҳақиқат аз он дарак медиҳад, ки Ибни Сино дар расадхонаи Исфаҳон бешак таҳқиқоти дақиқи ҳайатшиносӣ анҷом медодааст. Ба ин сабаб шояд зарур аст, ки осори риёзии Ибни Сино ҷиддитар таҳқиқ шавад, хидматҳои ӯ дар ин риштаи илм мушаххастар баррасӣ ва нақшу мақоми ӯ дар таърихи илми риёзӣ тачдиди назар гардад.

Зимнан бояд гуфт, ки зиндагии Ибни Сино дар Исфаҳон низ фориғболона ва ором набуд. Дасисаҳои дарбор олимро пайваста озурда мекарданд ва гоҳо ба ҳаёташ таҳдид мекарданд. Мутафаккир соли 1030 вақте ки гумоштаи султон Масъуд ба Исфаҳон ҳуҷум овард ва онро ғорат кард, мусибати сахтеро аз сар гузаронд: хонаи ӯ низ ғорат шуд, дар натиҷа

1 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.23.
2 Иқтибос аз: Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. С.179.
3 Муфассалтар ниг.: Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. С.74.

бисёре аз осори вай, аз ҷумла «Китоб ал-инсоф» -аш, ки иборат аз 20 муҷаллад буд, бенишон гум шуд.

Ҳаёти пурталотум, саргардониҳои зиёд, маҳрумиятҳои бисёр, дасисаҳои дарборӣ, ҳамроҳии амирон ҳангоми юришҳо ва сафарҳояшон ҳатто дар ҳоли беморӣ тандурустии Ибни Синоро комилан хароб карданд. Ӯ дар ҳоле, ки комилан ва сахт бемор буд, Алоуддавларо дар сафари Ҳамадон ҳамроҳӣ кард. Вале ба Ҳамадон нарасида, рӯзи ҷумъаи якӯми моҳи рамазон, яъне 24 июни соли 1037 вафот ёфт ва дар Ҳамадон дафн карда шуд.

2. Осори ҷовидонагӣ

Сарфи назар аз зиндагии кӯтоҳи пурнишебу фароз, Ибни Сино барои наслҳои ояндаи қавми худ ва мардуми тамоми ҷаҳон осори маънавии бузурге боқӣ гузоштааст. Ҳар як асари мустадал ва пурмуҳтавои вай ёдгориест, ки ӯ худ барои хеш боқӣ гузоштааст. Вале байни муаллифони сарчашмаҳо ва муҳаққиқони осори вай дар хусуси адади осори ӯ тавофуқи назар вуҷуд надорад: Байҳақӣ [1] – 104, Ибни Қифтӣ[2] – 48, Ибни Абиусайбиъа [3] – 107, Ибни Халликон [4] – 92, Саъид Нафиси [5]– 482, Қанавотӣ[6] – 276, А.М.Баҳоуддинов[7] – 300, Ю.Н.Заводовский[8] – 169 асарро ба ӯ мутааллиқ медонанд.

Дар захираи дастнависҳои Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Ӯзбекистон нусхаи дастнависи асари Абуубайди Ҷузҷонӣ «Фиҳрист ли кутуб иш-Шайх ур-Раис (№ 2385/XI)» маҳфуз аст, ки 146 номгӯи осори Ибни Синоро дарбар дорад. Муқоисаи ин нусха ба нусхаи Байҳақӣ нишон медиҳад, ки ҳам маъхази феҳристи ӯ ва ҳам маъхази феҳристҳои баъдини осори Ибни Сино ҳамин «Феҳрист» -и Абуубайди Ҷузҷонӣ аст. Ба сабаби бисёр муҳим будани ин «Феҳрист» онро ин ҷо пурра даҷ мекунем ва аз рӯи манбаъҳои дигар такмил медиҳем.

1. كتاب المجموع – Китоби маҷмуъ.
2. كتاب الحكمة القدسية – Китоби ҳикмати қудсия.
3. كتاب الحكمة العرشية – Китоби ҳикмати аршия.
4. كتاب الحكمة المشريقية – Китоби ҳикмати машриқия.
5. كتاب اللواحق – Китоби лавоҳиқ.
6. كتاب الحاصل و المحصول – Китоби ҳосил ва маҳсул.
7. كتاب الشفاء – Китоби шифо.

1 Байҳақӣ. Татимат ус-сивон ул-ҳикма. Лоҳур, 1935. С.38-39.
2 Ибн ал-Қифтӣ. Таърих ул-ҳукамо. Лейптзиқ, 1903. С.418-419.
3 Ибни Абиусайбиъа. Уюн ул-анбо. ал-Қоҳира, 1882. С.45.
4 Ибни Халликон. Вафиёт ул-аъён. Ҷ. 1. С.152.
5 Саъид Нафисӣ. Пури Сино. Теҳрон, 1945. С.8-23.
6 Қанавотӣ. Муаллафоти Ибни Сино. ал-Қоҳира, 1950.
7 Богоуддинов А.М. Великий мыслитель Средневековья. Литературный Таджикистан. Кн.5. Сталинабад, 1953. С.100.
8 Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. Душанбе, 1980. С.213-235.

8. كتاب الانصاف – Китоби инсоф.
9. كتاب القانون في الطب – Китоби қонун дар тиб.
10. كتاب النجاة – Китоби наҷот.
11. كتاب التعليقات – Китоби таълиқот.
12. كتاب المباحثات – Китоби мубоҳисот.
13. كتاب الاشارات – Китоби ишорот.
14. كتاب عيون الحكمة – Китоби сарчашмаҳои ҳикмат.
15. مقتضيات المكتوب السبعة – Муқтазиёти ҳафтгонаи мактуб.
16. اشارات الى علم المنطق – Ишорот ба илми мантиқ.
17. كتاب الاوسط الجزجانى – Китоби авсати Ҷузҷонӣ (дар мантиқ).
18. الجدل الملحق بكتاب الاوسط – Ҷадали мулҳақ ба «Китоби авсат».
19. الاستبصار – Истибсор.
20. كتاب المبدأ و المعاد – Китоби мабда ва маъод.
21. رسالة فى تعقيب المواضع الجدلية – Рисола андар таъқиби мавозеъи ҷадалия.
22. كتاب المهجت – Китоби руҳ ва ҷон.
23. رسالة فى اثبات النبوة – Рисола андар исботи пайғамбарӣ
24. الموجز الكبير في المنطق – Муҷази кабир андар илми мантиқ.
25. الموجز الصغير في المنطق – Муҷази сағир дар илми мантиқ.
26. كتاب ذوات الجهة – Китоб андар завоти ҷиҳат.
27. رسالة في السياسة – Рисола андар сиёсат.
28. كتاب التحفة – Китоби туҳфа.
29. رسالة فى تجزية الاجسام – Рисола андар таҷзияи аҷсом.
30. رسالة فى قوام الارض في حيزه – Рисола андар қивоми арз дар ҳайизи худ.
31. رسالة في التناهى و اللاتناهي – Рисола андар таноҳӣ ва нотаноҳӣ.
32. الجمل من الادلة المحقة لبقاء النفس الناطقة – Маҷмуи далелҳои муҳаққа дар исботи бақои нафси нотиқа.
33. الرسالة الموسومة بالطير – Рисолаи мавсум ба «Тайр».
34. كتاب زبدة القوى الحيوانية – Китоб андар моҳияти неруҳои ҳайвонӣ.
35. رسالة في ان علم زيد غير علم عمرو – Рисола андар ин ки илми Зайд ғайри илми Амр аст.
36. رسالة في القوى الانسانية و ادراكاتها – Рисола андар неруҳои инсонӣ ва идрокоти онҳо.

37. المقالة في خطاء من قال ان الكمية جوهرة – Мақола андар [исботи] хатои кассе, ки каммиятро ҷавҳар гуфт.
38. مقالة في خطاء من قال ان شيأ هو جوهر و عرص معا – Мақола андар [исботи] хатои кассе, ки гуфт чиз маъан ҳам ҷавҳар ва ҳам араз аст.
39. مقالة في القوى الطبيعية الىابى سعيد – Мақола андар неруҳои табиъӣ барои Абусаъид.
40. كتاب التعليق علق لابن زيلا – Китоби таълиқ барои Ибни Зайло.
41. مقالة في خواص خط الاستواء – Мақола дар хавоси хатти истиво.
42. مقالة في غرض قاطيغورياس – Мақола андар ғарази қотиғуриёс (мақулаҳо).
43. تدبير الجند و المماليک و العسكر و ارزاقهم و خراج الممالک – Тадбири сарбозон, мамлукҳо, аскарон ва рӯзии онҳо ва хироҷи мамлакатҳо.
44. مختصر كتاب اقليدس – Мухтасари китоби Уқлидус.
45. مناظرات جرت له في النفس مع ابى علي النيشابوري – Мунозароте, ки байни ӯ ва Абуалии Нишопурӣ андар боби нафс рух дода буд.
46. رسالة في الارثماطيقي – Рисола андар арисмотиқӣ (ҳисоб).
47. جواب رسالة الي علماء بغداد يسألهم الاجتماع بينه و بين رجل همداني يدعى الحكمة – Ҷавоби рисола ба уламои Бағдод, ки аз онҳо хоҳиш намуда буд байни ӯ ва марди Ҳамадонии муддаъии ҳикмат доварӣ намоянд.
48. رسالة الي صديق له يسأله الجمع بينه و بين هذا الهمداني – Рисола ба дӯсте, ки аз вай доварии байни ӯ ва ҳамин ҳамадониро хостааст.
49. شرح كتاب النفس لارسطو – Шарҳи «Китоби нафс»-и Арасту.
50. مقالة في ابطال علم النجوم – Мақола дар ибтоли илми нуҷум.
51. كتاب الملح في النحو – Китоби ҳақиқат дар наҳв.
52. فصل في النفس و الطبيعيات – Фасле андар нафс ва табиъиёт.
53. رسالة الى سعيد ابن جبير على الزهد – Рисола ба Саъид ибни Ҷубайр андар боби зуҳд.
54. مسايل جرت بينه و بين الفضلاء في فنون العلم – Масоиле, ки байни ӯ ва фузало андар боби фунуни илм рух дода буд.
55. مختصر في ان الزاوية التى من المماس و المحيط لا كمية لها – Мухта-

сар андар зовияе, ки аз ҷиҳати мумос ва муҳит каммият надорад.

56. كتاب المعاد – Китоби маъод.
57. الرسالة النوروزية – Рисолаи наврӯзия.
58. كتاب المعاد بالفارسية – Китоби маъод ба форсӣ.
59. كتاب العلأيي – Китоби Алоӣ (яъне «Донишномаи Алоӣ»).
60. كتاب الادوية القلبية – Китоби давоҳои дарди дил.
61. تدارک انواع الخطاء – Ислоҳи навъҳои хато.
62. كتاب الحدود – Китоби ҳудуд.
63. رسالة في هندباء – Рисола андар ҳиндабо.
64. رسالة في العشق – Рисола андар ишқ.
65. رسالة في الحدث – Рисола андар ҳадас (нопокӣ).
66. رسالة في الشعر – Рисола андар шеър.
67. رسالة الي ابي القاسم االكرماني – Нома ба Абдулқосими Кирмонӣ.
68. رسالة في النفس الفلكي – Рисола андар нафси фалакӣ.
69. كتاب الهداية – Китоби ҳидоя.
70. في معرفة اجرام السماوية – Андар донистани аҷроми самовӣ.
71. عهد عهده بنفسه – Аҳде, ки ба худ додаст.
72. رسالة حى بن يقضان – Рисолаи Зинда пури Бедор.
73. رسالة في الاخلاق – Рисола андар ахлоқ.
74. رسالة في اقسام العلوم العقلية – Рисола андар бахшҳои улуми ақлӣ.
75. في الزاوية – Андар зовия.
76. رسالة العروس – Рисолаи арус.
77. اجوبة الى ابى الريحان البيروني – Ҷавоб ба Абуррайҳони Берунӣ.
78. اجوبة عشر مساءل – Ҷавоби даҳ масъала.
79. كتاب الي ابى سعيد بن ابى الخير – Нома ба Абусаъид Абулхайр.
80. كتاب آخر ايضاً اليه – Номаи дигаре ҳам ба ӯ (яъне ба Абусаъид Абулхайр).
81. ارجوزة في المنطق – Урҷуза андар мантиқ.
82. رسالة في القوى الجسمانية – Рисола андар неруҳои ҷисмонӣ.
83. رسالة الي ابى الفضل – Нома ба Абулфазл.
84. رسالة في الشراب المجدول – Рисола андар шароби муҷадвал.
85. رسالة في شراب غير مجدول – Рисола андар шароби ғайри муҷадвал.

86. رسالة في التفاح – Рисола андар себ.
87. رسالة في المسيقي غير ما في الشفاء – Рисола андар мусиқи, ки ғайри он чӣ дар «Шифо» аст.
88. رسالة الي البرقي – Нома ба Баракӣ.
89. رسالة في امر مستور – Рисола андар амри мастур.
90. رسالة الاضحوية في الامر المعاد – Рисолаи азҳавия андар амри маъод.
91. رسالة الي ابى عبيد الجرجاني فى انتقاء بمناسب اليه من معارضه القرآن – Нома ба Абуубайди Ҷузҷонӣ андар нафйи муориза ба Қуръон, ки ба ӯ нисбат медиҳанд.
92. جواب كتاب الى بعض المتكلمين – Ҷавоби нома ба баъзе мутакаллимон.
93. كتاب تعبير الرؤيا – Китоби таъбири хобҳо.
94. كتاب القولنج – Китоби қуланҷ.
95. فصول طبية جرت في مجلسه – Фусули таббӣ, ки дар маҷлиси ӯ ҷорӣ буд.
96. رسالة الى ابى الفرج اليمانى – Рисола ба Абулфараҷи Ямонӣ.
97. رسالة في الرد علي مقالة ابن الفرج – Рисола андар ради мақолаи Ибни Фарач.
98. رسالة في اثبات المبدأ الاول – Рисола андар исботи Мабдаи Аввал.
99. رسالة في الفيض الالهي – Рисола андар файзи илоҳӣ.
100. رسالة النبض – Рисолаи набз.
101. كتاب البر و الاثم – Китоби бир (порсоӣ) ва исм (гуноҳ).
102. تفسير بعض سور كلام الله – Тафсири баъзе сураҳои Каломи Аллоҳ.
103. رسايل و كتب – Расоил ва кутуб.
104. كتاب الى ابى القاسم ابوالفضل بن محمود – Нома ба Абулқосим Абулфазл ибни Маҳмуд.
105. تعاليق في المنطق – Таълиқаҳо андар мантиқ.
106. كتاب الي ابو الفضل بالله – Нома ба Абулфазли Биллоҳ.
107. قصايد و اشعار – Қасоид ва ашъор.
108. لمعان في المنطق – Дурахше андар мантиқ.
109. كتاب يوصف ظفر عضد الدوله – Китоб андар васфи зафарҳои Азудуддавла.
110. الاملاء في المنطق – Имло дар мантиқ.
111. رسالة في معنى الماء و اضرب لهم مثل الحيوة الدنيا كماء – Рисола андар маънии «об» ва зарбулмасали «ҳаёти

дунё чу об аст».

112. رسالة في كيفية انشقاق القمر – Рисола андар чигунагии нагии иншиқоқи Моҳ.
113. رسالة في كميت اصحاب الكهف – Рисола андар чандии «Асҳоби ғор».
114. رسالة في النفس – Рисола андар нафс.
115. رسالة في النفس – Рисола андар нафс.
116. رمالة في االنفس – Рисола андар нафс.
117. نكت المنطق – Нукати мантиқ.
118. رسالة في ذم ما ضغ الخرا – Рисола андар замми кассе, ки хароро мехояд.
119. تدبير المنزل – Тадбири манзил.
120. تدبير المسافرين – Тадбири мусофирон.
121. كتاب لسان العرب – Китоби забони араб.
122. دستور طبي – Дастури тиббӣ.
123. دفع الغم عن الموت – Дафъи ғами марг.
124. في ماهية الحزن – Андар моҳияти ҳузн.
125. رسالة في فردوس – Рисола андар боби фирдавс.
126. شرح المساءل – Шарҳи масъалаҳо.
127. رسالة في الباه – Рисола андар шаҳват.
128. رسالة في السكنجبين – Рисола андар сиканҷабин.
129. في الفصد – Андар хун гирифтан.
130. في قضاء و القدر – Андар қазо ва қадар.
131. رسالة الى ابى طاهر بن حسول – Нома ба Абутоҳир ибни Ҳасул.
132. رسالة الى ابى طاهر متطبيب – Нома ба Абутоҳири мут таббиб.
133. في معني السراج – Андар маънии «сироҷ» («мисбоҳ»).
134. في حفظ الصحة – Андар ҳифзи сиҳҳат.
135. فصول في الالهامات – Фусул андар илҳомот.
136. مقالة في النفس – Мақола андар нафс.
137. مقالة في حد الجسم – Рисола андар ҳадди ҷисм.
138. مقالة في آلة الرصدية – Рисола андар олати расадӣ
139. كتاب مفاتيح الخزاين – Китоби калидҳои хазинаҳо.
140. الطبيعيات – Табиъиёт.
141. رسالة في دعاء– – Рисола андар дуъо.
142. رسالة في الصلوات – Рисола андар намозҳо.
143. رسالة في الارزاق – Рисола андар рӯзиҳо.
144. رسالة في مساءل عويصة – Рисола андар масоили сарпеч.
145. في سر القدر – Андар сирри қадар.

146. في مخارج الحروف – Андар махориҷи ҳарфҳо.
147. كتاب التذاكر – Китоби ёдҳо.
148. المجالس اليمانية – Маҷлисҳои ямонӣ.

Завадовский Ю.Н., ки дар бораи зиндагӣ ва эҷодиёти Ибни Сино таҳқиқоти муфассал анҷом додааст, аз сарчашмаҳо илова бар феҳристи Байҳақӣ 65 номгӯи осори дигари файласуфро меоварад ва шумораи умумии муаллафоти ӯро ба 160-то мерасонад. Аксарияти номҳои ин осор дар «Феҳрист» -и Ҷурҷонӣ вуҷуд доранд. Бинобар ин мо номи он асарҳоеро ин ҷо зикр мекунем, ки дар феҳристи ӯ вуҷуд надоранд:

149. كتاب الارصاد الكلية – Китоби ирсоди куллия..
150. قصيدة في العظمة – Қасида андар азамат.
151. قصيدة في الحكمة – Қасида андар ҳикмат.
152. في ان ابعاد جسم غير ذاتية له – Андар он ки абъоди ҷисм барои он зотӣ нестанд.
153. الحواشي على القانون – Ҳавошӣ бар «Қонун».
154. رسالة في السعادة – Рисола андар саъодат.
155. رسالة في كلف القمر – Рисола андар доғҳои моҳ.
156. مقالة في تعرض – Мақола андар таъарруз.
157. سبع مقالات – Ҳафт мақола.
158. مقالة في كيفيت الرصد و متابقته مع العلم الطبيعي – Мақола андар кайфияти расад ва мутобиқати он ба илми табиъӣ.
159. رسالة الي شيخ ابي الحسن بن سهل بن محمد السهلي في الكميا – Рисола ба шайх Абулҳасан ибни Саҳл ибни Муҳаммад Суҳалӣ андар кимиё.
160. معتصم الشعراء في العروض – Қароргоҳи шоирон андар аруз.
161. تعاليق مسايل حنين في الطب – Таълиқаҳои масоили Ҳунайн андар тиб.
162. قوا نين و معالجات طبية – Қавонин ва муолаҷоти тиббӣ.
163. مسايل عدة طبية – Чанд масоили тиббӣ.
164. مقالة في الممالک و بقاع الارض – Мақола андар мамолик молик ва қитъаҳои замин.
165. اجوبة لسؤالات سأله عنها ابو الحسن العامري – Ҷавоби суолҳое, ки Абулҳасани Омирӣ аз ӯ пурсидааст.

Феҳристи осори Ибни Сино ба ҷиҳати рағбатҳои гуногуни илмиаш касро ба ҳайрат меафканад. Ин феҳрист нишон медиҳад, ки ӯ дар ҳама риштаҳои илми замонаш осори басе муҳимме боқӣ гузошта аст. Вале ба ҳар ҳол шӯҳрати ҷаҳонии ӯ баста ба осори фалсафӣ ва тиббиаш аст.

Аз назари фалсафӣ дар байни осори зиёди ӯ пеш аз ҳама «Китоб-уш-Шифо» -и ӯ (дар 18 муҷаллад) аҳамияти бузурги илмӣ ва фарҳангӣ дорад. Қисми аввали он дар бораи мантиқ баҳс мскунад. Дар ин бахши асар илова ба баррасии мабсути масъалаҳои мантиқ: - лафз, ҳад, қазия, қиёс, истиқро, истинбот, бурҳон, ҷадал, - ақоиди мутафаккир дар бораи хитоба, шеър, таносуби мантиқ ва наҳв, мақулаҳои наҳвии исм, феъл ва монанди инҳо баён шудаанд. Қисми дуввуми китоб табиъиёт ном дорад. Дар он усули куллии фалсафаи табиъиёт - таълимот дар бораи модда, сурат, ҷисм, ҳаракат, макон, замон, таноҳӣ ва лотаноҳӣ, кавну фасод, маъданшиносӣ, осори улвӣ, нафсу тан, наботот, ҳайвонот, равоншиносӣ ва шинохтшиносӣ баён шудаанд. Қисми саввуми китоб ҳама улуми риёзии даврони муаллиф - ҳандаса, ҳисоб, ҳайат, мусиқӣ ва фаръҳои гуногуни онро шомил аст. Баррасии масоили мабаъдуттабиъа (фалсафа ва илоҳиёт) муҳтавои қисми чаҳоруми ин асари бузургро ташкил медиҳад. Дар ин бахш мо баёни муфассали ҳастишиносии фалсафӣ ва динӣ, таҳлили масъалаҳои ҷавҳар, араз, мақулаҳо, умури куллӣ, сабабият, Воҷибулвуҷуд, имконулвуҷуд, файз, моҳият, илми Худо, ҳаёти ҷомеъа ва нубувватро пайдо мекунем.

Дар ҳамин қисмат нақди муфассал ва мудаллали афлотуния ва фисоғурия (мақолаи ҳафтум, фаслҳои 2-3) низ омадааст. Дар бораи «Шифо» сухан гуфта ин ду нуктаро низ бояд гӯшзад кард:

1. Одатан чунин меҳисобанд, ки «Шифо» шарҳи осори Арасту аст. Аммо Ҷузҷонӣ чунин меоварад: «...ман аз ӯ шарҳи китобҳои Арастуро хостам ва ӯ хотирнишон кард, ки дар ин ҳангом ӯро барои ин кор фароғат нест, валекин гуфт: «Агар ба таснифи китобе аз ман ризо бошӣ, ки дар он ҳар чӣ аз ин илмҳо назди ман дуруст шудааст, бидуни мунозира бо мухолифон ва пардохтан бар радди онҳо биёрам, ин корро анҷом медиҳам». Ман ба ин ризо шудам ва ӯ аз табиъиёти китоби «Шифо» шурӯъ кард... Дар ҳар як китоби риёзиёт иловаҳоеро ворид сохт, ки мавриди эҳтиёҷ медонист. Дар «ал-Маҷастӣ» дар бораи ихтилофи манзар даҳ шаклро дохил кард ва дар охири «ал-Маҷастӣ» дар илми ҳайат чизҳоеро ворид кард, ки пеш аз ин гуфта нашуда буданд. Дар «Мабодӣ» -и Уқлидус шубҳаҳое (теоремаҳое – М.Д.) дар арисмотиқӣ хосиятҳои хуб ва дар «Мусиқӣ» масъалаҳоеро овард, ки пешиниён аз онҳо дар ғафлат буданд».[1] Худи Ибни Сино ҳам борҳо таъкид карда аст, ки «Шифо» шарҳ нест ва шарҳнависӣ сифати зо-

1 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.22-23.

тии ӯ намебошад. Дар воқеъ, чунон ки дар рафти баён маълум хоҳад шуд, ӯ дар ҳама риштаҳои улуме, ки «Шифо» онҳоро шомил аст, ибтикорот ва навовариҳои зиёд ворид кардааст.

2.Дар баъзе осори худ, аз ҷумла дар «Мантиқ ул-машрикия» Ибни Сино менависад, ки ӯ «Шифо» -ро барои қонеъ кардани хостҳои ҳаводорони фалсафаи машшо нигоштааст. Вале барои худ ва ҳамфикрони худ «Фалсафаи машриқия» (ё «Ҳикмати машриқия») -ро таълиф кардааст. Вале ин амрро набояд чун нишонаи духурагии фалсафаи Ибни Сино, на чун аломати бо мурури замон дар ақоиди ӯ боло гирифтани ирфон арзёбӣ кард, «зеро файласуф наметавонист фақат барои дилбастагии касе ба Арасту аз ҳақиқат чашм пӯшад, наметавонист чандин соли даврони ҳаёти пурбаҳраашро сарфи мутолаъа ва баррасии андешаҳои барояш бегона кунад: Ӯ наметавонист аз барои ақидаҳои ботинан барояш номақбул дар душвортарин лаҳзаҳои ҳаёташ асари мустадал ва пурмуҳтаво нависад, баъдан онро шарҳ бидиҳад ва суратҳои (вариантҳо)-и мухтасари онро ба забони арабӣ ва форсӣ тадвин кунад».[1] Чунон ки баъдан нишон хоҳем дод, дар фалсафаи Ибни Сино ҳеҷ гуна духурагӣ (дугунагӣ) вуҷуд надорад, зеро дар осори ӯ, ки ба фалсафаи машриқия мансуб дониста мешаванд, масалан, дар қисматҳои маҳфузи «Ҳикмати машриқия», «Ишорот ва танбеҳот», «Зинда пури Бедор», «Тайр», «Саломон ва Абсол» ҳеҷ чизи муҳимме нест, ки аз «Шифо» фарқи куллӣ, аслӣ ва ақидатӣ дошта бошад.

Ба «Шифо» аз рӯи муҳтаво «Лавоҳиқ», «Наҷот», «Мабда ва маъод», «Донишнома», «Ҳикмати машриқия» ва рисолаву мақолаҳои зиёд қаробат доранд. Дар байни ин осори мутафаккир «Донишнома» аҳамияти хосса дорад. Шарқшиноси маъруф Е.Э.Бертелс аз боби аҳамияти ин асар сухан гуфта навишта буд, ки «асарҳои асосии Ибни Сино ба арабӣ таълиф шудаанд. Вале ба назар мерасад, ки ӯ зарурати ба забони модарӣ баргаштанро дарк карда буд. Масалан, баёни оммафаҳми маҷмӯъаи бузурги ӯ, ки... «Донишномаи Алоӣ» ном гирифт, ба забони дарӣ навишта шудааст. Ин китоб барои омӯхтани таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва забони дарӣ аҳамияти бузург дорад, зеро он яке аз аввалин кӯшишҳо дар роҳи эҷоди истилоҳоти илмии забони модарӣ аст»[2]. «Донишнома» аввалин доиратулмаориф дар забони тоҷикӣ (форсӣ) аст, ки дар он мабодии мантиқ, мобаъдуттабиъа (фалсафа ва

1 Сагадеев А.В. Ибни Сина. М., 1980. С.68-69; Диноршоев М. Ибни Сина и его философские воззрения. В кн.: Абу Али ибн Сина. Избранные произведения. Т.1. Душанбе, 1980. С.53-54.

2 Бертельс Е.Э. Избранные произведения. Т.1. М., 1960. С.117-118.

илоҳиёт), табиъиёт ва риёзиёт баён шудааст. Ин асари Ибни Сино суннати ба тоҷикӣ таълиф кардани доиратулмаъорифҳоро ба вуҷуд овард. «Захираи хоразмшоҳи» -и Муҳаммади Хоразмӣ ва «Дуррат ул-тоҷ» -и Қутбиддини Шерозӣ намунаи онҳост.

Барои дарки рушд ва таҳаввули ақоиди Ибни Сино, таносуби фалсафаи машшоӣ ва ҳикмати машриқия дар афкори ӯ, «Китоби инсоф» -и вай (дар бист муҷаллад) аҳамияти бузург дошт. Вале «дар он рӯзе, ки султон Масъуд ба Исфаҳон ворид шуд, сарбозони ӯ анҷомҳои Шайхро ба ғорат бурданд ва китоб дар зимни онҳо буда, аз он нишоне пайдо нашуд»[1]. Ба ҳар ҳол порчаҳое аз ин китоб маҳфуз мондааст. Онҳо гирдоварӣ шудаанд ва дар Қоҳира ба табъ расидаанд. Ибни Сино дар муқаддимаи асараш «Мубоҳисот», ки баъдтар таълиф шудааст, менависад: «Ман китобе бо номи «Инсоф» тасниф кардам. Дар ин китоб ман олимонро ба ду гурӯҳ – шарқиён ва ғарбиён тақсим намудам. Шарқиён ва ғарбиён бо ҳам баҳс меороянд. Дар ҳар баҳс ман зиддияти онҳоро ошкор мекунам ва сипас роҳи ҳалли боинсофонаи ӯро нишон медиҳам. Китоб тақрибан бисту ҳашт ҳазор масъаларо шомил аст».[2]

Марҳалаи муҳимми роҳи эҷодии Ибни Сино китоби ӯ «ал-Ҳикмат ул-машриқия» аст. Муаллиф дар муқаддамаи он навиштааст: «Ғарази мо аз ин иборат нест, ки баёни ҳама қисматҳои фалсафаи назарӣ ва амалиро ба ин китоб ворид кунем. Баръакс, мо ба он ин қадар ворид мекунем, ки илми олат (яъне мантиқ – М.Д.), илми куллӣ (яъне фалсафа – М.Д.), илоҳиёт ва табиъиёти ҳақиқиро дарбар гирад. Аз илми амалӣ ба он фақат он чиро ворид мекунем, ки ҷӯяндаи наҷот ба он ниёз дорад. Аммо илми риёзӣ аз улуме нест, ки дар онҳо гумони зиёд вуҷуд дорад. Он чӣ дар «Китоб уш-Шифо» аст, ҳамонро ба ин китоб ворид мекунем, агар ба риёзиёт иштиғол варзем. Ҳоли улуми амалӣ низ чунин аст, ки онҳоро мо дар ин китоб намеорем». Вале аз ин китоб танҳо ҷузъе аз мантиқ боқӣ мондааст, ки бори нахуст соли 1910 ва бори дуввум соли 1982 дар Қоҳира ба табъ расид, ва фасли нопурраи табиъиёти он дар китобхонаи Сулаймонии Исломбул (ду нухсаи вай таҳти рақамҳои 2403 ва 4894) нигоҳдорӣ мешаванд. Ҳардуи ин нусхаҳоро Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқ бо кӯшиши М.С.Осимов – собиқ президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон ба даст овард. Мутаассифона ҳарду нусха аввалу охир надоранд. Бинобар ин қотеъона наметавон ҳукм

1 Ибни Сино. Осори мунтахаб. С.25.

2 Ибни Сино. Мубоҳисот. Абурраҳмон Бадавӣ. Арасту инда-л-араб. Ал-Қоҳира, 1947. С.21.

кард, ки онҳо воқеан ҷузъҳои «Ҳикмати машриқия» мебошанд. Вале дар мансубияти онҳо ба Ибни Сино шакке нест, зеро муаллиф борҳо ба «Шифо» -и худ ва фаслҳои гуногуни он истинод медиҳад. Аммо ақидае вуҷуд дорад, ки «Ҳикмати машриқия» китобест, ки Ибни Сино онро нанавишта аст ва нияти навиштани онро ҳам надошт.[1] Ин ақидаро пеш аз ҳама шаҳодати худи Ибни Сино рад мекунад, ки дар муқаддамаи «Шифо» навишта буд: «Маро ҷуз ин ду китоб (яъне «Шифо» ва «Лавоҳиқ» - М.Д.), китоби дигаре ҳаст..., ки фалсафа ба зоти худ баён мешавад. Ин китоби «Фалсафаи машриқия (яъне «Ҳикмати машриқия» - М.Д.) аст».[2] Ақидаи мазкурро феҳристи китобҳои Ибни Сино, ки Ҷузҷонӣ ва Байҳақӣ тартиб додаанд, низ комилан рад мекунад, зеро он дар ҳарду феҳрист сареҳан номгӯй шудааст. Дар хусуси чунин китоб таълиф кардани Ибни Сино ҳам мутафаккирони Шарқ (Сӯҳравардӣ) ва ҳам файласуфони Ғарб (Ибни Туфайл, Роҷер Бэкон) шаҳодат додаанд. Аз ҷумла Ибни Туфайл навишта буд: «Он ки ҳақиқати соф ва маҳзро меҷӯяд, бояд асари ӯ «Андар фалсафаи шарқ»-ро мутолаъа кунад».[3]

Ибни Сино дар муқаддамаи «Мантиқи машриқия» хидматҳои бузурги Арастуро дар тараққии фалсафа ва илм эътироф карда, бо таассуф таъкид намудааст, ки пайравони ӯ ба ҷои ин ки хатоҳои устоди худро ислоҳ кунанд, «тамоми умри худро сарфи дарки нуктаҳои дурусти он ва ҳифзи мутаъассибонаи ақоиди ғалат ва хатои вай карданд». Ӯ дар бораи худ менависад: «Мо нукотеро ки онҳо (машшоиён – М.Д.) баён кардан мехостанд ва натавонистанд, равшан кардем. Мо аз хатоҳои машшоиён чашм пӯшидем, ҳарчанд, ки онҳоро медонистем ва амдан кӯшиш доштем, ки барои ин хатоҳо ваҷҳе бисозем ва онҳоро ҳақ бинамоем. Танҳо дар мавридҳое, ки ҳақ нишон додани хатоҳои ошкор имкон надошт, мо маҷбур шудем ошкоро мухолифат кунем».[4] Вале дар бораи маънии «Ҳикмати машриқия» байни муҳаққиқон тавофуқи назар вуҷуд надорад. Назарҳои асосӣ чунинанд:

1.Ҳикмати машриқияи Ибни Сино фалсафаи мактаби Гунди Шопур аст, ки ҳадафаш муқаррар кардани робита байни ақлгароӣ ва таҷрибагароӣ мебошад (Гуашон).

2.Ҳикмати машриқияи Ибни Сино ирфони шарқӣ аст (Л. Гутер, Гарде, Эҳсон Ёршотир, Қосим Ғанӣ).

1 Сагадеев А. В. Ибн Сино М. 1980

2 Ибни Сино. аш-Шифо. ал-Мантиқ. ал-Мадхал. ал-Қоҳира, 1371/1953. С.10.

3 Ибн Туфайл. Роман о Хайе сыне Якзана. – Избранные произведения мыслителей Ближнего и Среднего Востока. С.334.

4 Ибни Сино. Мантиқ ул-Машриқийин. Ат-Табъат- ул-уло. С.19-20.

3.Ҳикмати машриқияи Ибни Сино ҳикмати ишроқ аст (А.Корбен. С.Наср).

4.Ҳикмати машриқия фалсафаи шореҳони бағдодии Арасту аст. Вай дар нисбат ба фалсафаи шореҳони искандаронии Арасту ҳикмати машриқия хонда шудааст (Забеҳулло Сафо).

5.Шарқ-шарҳи Бухоро – меҳани Ибни Сино, Ғарб шаҳри Бағдод – ватани шореҳони Арасту аст. Мутобиқан «Ҳикмати машриқия» - ҳикмати Ибни Сино ва «Ҳикмати ғарбия» - ҳикмати шореҳони бағдодии Арасту аст.[1]

Масъалаи моҳияти «Ҳикмати машриқия» -и Ибни Сино на дар заминаи гумонҳо ва фарзияҳои гуногун, балки бояд аз роҳи таҳқиқ ва баррасии амиқи «Ҳикмати машриқия» -и ӯ ва муқоисаи он бо «Ҳикмати ишроқ» -и Сӯҳравардӣ ва «Мабоҳис ул-машриқия» -и Фахруддини Розӣ ҳаллу фасл гардад. Танҳо дар ҳамин замина метавон дар ин баҳс, ки ҳазор сол боз (аз замони Сӯҳравардӣ) идома дорад, равшанӣ андохт. Дар ҳалли ин масъала муқоисаи асарҳои ӯ, ки ба фалсафаи машшоъ мансубанд ва осори маҷозии вай, ки баъзеҳо онҳоро мутааллиқ ба «Ҳикмати машриқия» медонанд, сахт кӯмак хоҳад кард. Мо дар ин маврид баъзе корҳои муқаддимотиро анҷом додаем. Онҳо моро ба ин натиҷа расонданд, ки «Ҳикмати машриқия» -и Ибни Сино на «Ҳикмати ишроқ» аст, на ирфони шарқӣ, балки ҳамон фалсафаи машшо аст, ки фақат баъзе такяҳо (аксентҳо)-и он андаке тағйир дода шудаанд. Барои исботи дурустии ин андеша далелҳои зерин кофианд:

1. Муқоисаи қисмати маҳфузи "Мантиқи машриқия" бо қисмати мантиқи "Шифо" ва осори пайваст ба он нишон медиҳад, ки ҳам дар он ва ҳам дар ин асарҳо Ибни Сино ҳамон як низом ва назарияи мантиқиро баён мекунад. Вале ба мо гуфта метавонанд: шаклҳо, зарбҳо ва суратҳои мантиқӣ барои ҳама мутафаккирон яксонанд, хоҳ онҳо моддигаро бошанд, хоҳ руҳгаро; хоҳ машшоӣ бошанд, хоҳ ишроқӣ; хоҳ суфӣ бошанд, хоҳ мутакаллим. Бинобар ин яксонии низоми мантиқии «Ҳикмати машриқия» ва «Шифо» далели ягонагии назарияи фалсафии «Ҳикмати машриқия» ва «Шифо» буда наметавонад. Дар ҷавоби ин шубҳа мегӯем: шаклҳо, зарбҳо ва суратҳои мантиқӣ воқеан барои ҳама одамон, аз ҷумла мутафаккирон, яксонанд. Вале аввалан бояд гуфт, ки дар мантиқ масоили ҷаҳоншиносӣ низ вуҷуд дорад. Яке аз онҳо масъалаи лафз ва умури куллӣ аст, ки ҳалли он сарманшаи аз ҳам ҷудо кардани навъҳои ҷаҳоншиносӣ дар ҳудуди мантиқ

1 Барои иттилои бештар ниг.: Саид Ҳусайни Наср. Назари мутафаккирони исломӣ дар бораи табиъат. Теҳрон, 1332.

аст. Муқоиса ва татбиқи «Мантиқи машриқия» ва мантиқи «Шифо» нишон медиҳад, ки Ибни Сино ҳам дар ин ва ҳам дар он китоб як мавқеъ дорад: лафз ва умури куллӣ инъикоси хосиятҳои куллии ашё ва ҳаводис дар ақл буда, тавассути амали таркибдиҳандаи тахаюл ва таҷридкунандаи ваҳму ақл сурат мегирад. Дуюм, ин ки ҳангоми муқоисаи муқаддамоти таълимоти мантиқи калом аз рӯи осори Муҳаммад Ғаззолӣ, мантиқи ишроқии Суҳравардӣ бо мантиқи машшоӣ, аз ҷумла мантиқи Ибни Сино, байни онҳо фарқҳои ҷиддӣ ба назар расид. Аз ин ҷо чунин натиҷа метавон гирифт, ки агар Ибни Сино дар «Мантиқи машриқия» нисбат ба мантиқи «Шифо» таълимоти дигареро баён мекард, тафовути онҳоро ошкор кардан душвор намебуд.

2. Дар қисмати маҳфузи «Ҳикмати машриқия», ки аз рӯи муҳтаво ба бахши табиъиёти «Шифо» мутобиқ аст, ҳама масъалаҳои фалсафаи табиъиёт – таълимот дар бораи ҷавҳарияти аҷсом, сабабият, ҳаракат, макон, замон, ҳаюло, сурат, азалияту абадияти олам, нафсу тан, таноҳӣ ва нотаноҳӣ, сабот ва тағйир на танҳо мутобиқ ба рӯҳ, балки мутобиқ ба ҳарфи «Шифо» баён шудаанд.

3. Ҳам дар «Шифо» ва ҳам дар «Ҳикмати машриқия» ҳамон як назарияи маърифат (шинохтшиносӣ) ба назар мерасад. Ҳам дар «Шифо» ва ҳам дар «Ҳикмати машриқия» дониш чун инъикос (интибоъ, иртисом) чун таҷрид баррасӣ шудааст. Хасоис, анвоъ ва шаклҳои маърифати ҳиссӣ ва маърифати ақлӣ ва моҳияти дониши истидлолӣ ва ҳадсӣ яксон таъбир ва тавҷеҳ гардидааст.

Андешаи моро дар хусуси ин ки «Ҳикмати машриқия» -и Ибни Сино на ирфон аст, на ҳикмати ишроқ, балки ҳамон фалсафаи машшоӣ аст, таҳлили татбиқи (муқоисави)-и «Ҳикмати машриқия» -и Ибни Сино ва «Ҳикмати ишроқ» -и Суҳравардӣ тасвиб мекунад. Тафовути ин ду фалсафа мухтасаран аз инҳо иборат аст.

а) Заминаи назарии фалсафаи «Ҳикмати машриқия» -и Ибни Сино, чунон ки аз қисматҳои маҳфузи он маълум мегардад, таълимоти Арасту аст. Дар ин ҷо ӯ чун дар «Шифо» борҳо ба Арасту истинод мекунад. Вале Суҳравардӣ дар «Ҳикмати ишроқ» ба санавияти нуру зулмати ҳикмати бостонии Эрон ва таълимоти Афлотун ва навафлотуниён такя мекунад;

б) Ибни Сино дар «Ҳикмати машриқия» ҳам Воҷиб-улвуҷуд – Аллоҳро сабаби воқеии тамоми ҳастӣ медонад. Вале Суҳравардӣ дар «Ҳикмати ишроқ» бар он ақидааст, ки илла-

ти тамоми ҳастӣ Нури ғайримоддӣ аст. Тамоми ашё ва ҳаводиси гуногуни олам ҳам фаязони Нури ягонаи номоддӣ аст;

в) Ибни Сино дар «Ҳикмати машриқия» ҳам ҷонибдори назарияи модда ва сурат аст. Вале Суҳравардӣ дар «Ҳикмати ишроқ» ин назарияро қатъиян рад мекунад;

г) Ибни Сино дар «Ҳикмат-ул-Машриқия» назарияи мусули Афлотунро ҷиддан қабул надорад. Дар «Ҳикмати ишроқ» -и Суҳравардӣ он яке аз усули асосӣ ба шумор меояд;

д) Ибни Сино аз ҷонибдорони фалсафаи истидлолӣ аст. Суҳравардӣ илова бар фалсафаи истидлолӣ, ҳикмат (фалсафа)-и ишроқ, ваҳй ва шуҳудро низ эътироф дошт. Ӯ муътақид буд, ки фалсафаи истидлолӣ - фалсафаи сифлӣ, вале фалсафаи ишроқ – фалсафаи олӣ аст. Мутобиқ ба ҳамин Ибни Сино як равиш (метод)-и маърифат – равиши мантиқиро эътироф дошт. Вале Суҳравардӣ зимни равиши мантиқӣ – равиши ишроқиро низ мепазируфт. Дар айни ҳол ӯ таъкид мекард, ки равиши асосии маърифат ҳамон ишроқ аст.[1]

Суҳравардӣ дар китоби худ «ал-Муториҳот» таъкид мекунад, ки ҳикмати машриқияи Ибни Сино ҳикмати ишроқ нест, балки ҳамон фалсафаи машшоия мебошад. Ӯ навиштааст: «Шайх Абӯалӣ (Ибни Сино – М.Д.) дар ҷузваҳое, ки ба машриқиён мансуб дониста мешаванд ва дар ҳоли мутафарриқ ва нотамом вуҷуд доранд... сареҳан баён мекунад, ки лафзҳои сода тарсим карда мешаванд, на таҳдид... ҳарчанд ин ҷузваҳо ба Шарқ мансуб дониста мешаванд, вале зотан аз [баёни] усули машшоиён ва фалсафаи омма иборатанд... Вале шояд ӯ баъзе иборотро табдил медиҳад ё дар бораи баъзе масъалаҳои начандон муҳим таъбирҳое меоварад, ки ба асарҳои дигараш наздиканд, аз онҳо тафовути ҷиддӣ надоранд ва дар хусуси онҳо исрор набояд мекард. Мӯҳтавои ин ҷузваҳо ба усулҳои машриқӣ, ки дар даврони уламои хусравонӣ муқаррар шудааст... мутобиқ нест, зеро он осори бузург ва фалсафаи гузидагон аст. Ҳадафи мо дар ин китоб танҳо аз такмили равишҳои машшоиён, табақабандӣ ва ислоҳи онҳо иборат аст. Ин равишҳо аз фалсафаи оммаи ҳама машшоиён иборатанд, ҳарчанд дар онҳо нуктаҳои олии истидлолӣ ва васиятҳои азим ба ҳам вифқ дода шудааст. Онҳо дар китоби мо, ки шомили усулҳои олист ва ҳикмати ишроқ хонда мешаванд, дарҷ шудаанд.[2]

Чунон, ки гуфтем, Фахруддини Розӣ (асри 12) китобе дорад бо номи «Мабоҳис ул-машриқия», ки то андозае ба мухтавои

1 Шаҳобуддин Суҳравардӣ. Маҷмуъаи мусанафот. Ҷ.2. С.12-13; 93-94; 106-126.
2 Шаҳобуддин Суҳравардӣ. Маҷмуъаи мусанафот. Ҷ. 1. С.195.

«Шифо» -и Ибни Сино наздик аст. Агар Ибни Сино дар «Ҳикмати машриқия» назар ба «Шифо» фалсафаи дигареро баён мекард, Фахруддини Розӣ асари худро «Мабоҳис ул-машриқия» номида, тафовути назарияи худро, ки дар он дарҷ шудааст, аз назарияи Ибни Сино дар «Ҳикмати машриқия» нишон медод. Вале азбаски ӯ дар ин бора хомӯш аст, бо эътимоди қавӣ метавон гуфт, ки вай байни назарияи «Шифо» ва «Ҳикмати машриқия» -и Ибни Сино тафовуте надидааст. Ба маврид аст бигӯем, ки дар таҳқиқоти олимон ақидаҳое вуҷуд доранд, ки тибқи онҳо «Мабоҳис ул-машриқия» -и Розӣ китобест (1) дар фалсафаи ишроқ, (2) дар фалсафаи калом, (3) дар фалсафаи тасаввуф. Вале ҳеҷ кадоми ин назарҳо ба муҳтавои «Мабоҳис ул-машриқия» -и Фахруддини Розӣ мутобиқ нест. Ба назар мерасад, ки мусташриқони Ғарб ин китобро нахонда дар бораи он танҳо тахминҳо задаанд. Ҳақ дар ҷониби олими араб Зарқонӣ аст, ки мегӯяд: «Мабоҳис ул-машриқия» -и Розӣ дар руҳи «Шифо» -и Ибни Сино нигошта шудааст, ҳар чанд дар он баъзе эродот ба Ибни Сино ҷой дорад.

Машҳур аст, ки Муҳаммад Ғаззолӣ (1058-1111) дар «Таҳофут ул-фалосифа» -и худ Ибни Синоро шадидан нақд кардааст. Агар мавқеъи ақидатии Ибни Сино дар «Ҳикмати машриқия» нисбат ба мавқеъи ӯ дар «Шифо» тафовут медошт, ӯ ҳатман онро гӯшзад мекард. Вале азбаски ӯ дар ин бора ишорае накардааст, метавон гуфт, вай байни мавқеъи Ибни Сино дар «Шифо» ва «Ҳикмати машриқия» тавофуте надидааст. Метавонанд бигӯянд, ки Ғаззолӣ дар ин бора аз он сабаб хомӯш мондааст, ки дар замони вай «Ҳикмати машриқия» аз даст рафта буд. Аммо чунин эрод – эроди корӣ нест ва ба шаҳодати Суҳравардӣ, ки баъди Ғаззолӣ зистааст, мутобиқат надорад.

Инак, бурҳонҳое, ки ин ҷо сабт шудаанд, нишон медиҳанд, ки ҳикмати машриқияи Ибни Сино на ҳикмати ишроқ ва на ирфони шарқ аст, балки, чунон ки гуфтем, ҳамон фалсафаи машшо аст, ки баъзе нукоти он такмил шудааст. Яке аз ин такмилот ва тағйирот ба масъалаи табақабандии улум тааллуқ дорад. Ӯ дар «Шифо» улумро ба назарӣ ва амалӣ тақсимбандӣ карда, бахшҳои фалсафаи назариро аз (1) табиъиёт, (2) риёзиёт ва (3) илоҳиёт, бахшҳои фалсафаи амалиро аз (1) илми ахлоқ, (2) тадбири манзил ва (3) сиёсати мудун иборат медонад. Вале дар Ҳикмати «машриқия» ӯ фалсафаи назариро ба (1) табиъиёт, (2) риёзиёт, (3) илоҳиёт, (4) илми куллӣ (фалсафа ба маънии хоси ин калима) ва фалсафаи амалиро ба (1) илми ахлоқ, (2) тадбири манзил, (3) сиёсати мудун, (4)

фиқҳ тақсимбандӣ кардааст. Аз илоҳиёт ҷудо кардани фалсафа (илми куллӣ) барои тараққиёти худмухтори фалсафа аҳамияти бузурги равишшиносӣ (методологӣ) дошт, вале ин иқдоми Ибни Сино дар таърихи фалсафа ҷонибдорӣ наёфт ва ҳамон табақабандии сеҷузъии фалсафа дар ривоҷ буд. Ба ҳайси ҷузъи чаҳоруми фалсафаи амалӣ ҷудо кардани фиқҳ низ ҳамин гуна арзиш дошт. Аммо ин андешаи борики Ибни Сино низ дар таърихи фалсафаи амалӣ тарафдор наёфт. Бояд гуфт, ки худи Ибни Сино ҳам дар ин масъала пайгир набуд. Дар «Донишнома» ӯ ба ҳамон табақабандии сеҷузъии фалсафаи назарӣ ва амалӣ бармегардад, фақат бо ин тафовут, ки илоҳиётро ҷузъи аввали фалсафаи назарӣ қарор медиҳад. Дар «Ишорот ва танбеҳот» бошад, вай табиъиёт ва илоҳиётро бо ҳам меомезад.

Дар эҷодиёти Ибни Сино рисолаҳои рамзии ӯ «Зинда пури Бедор», «Тайр», «Саломон ва Абсол» мақоми хос доранд. Бисёр муҳаққиқон ин рисолаҳоро ба гуруҳи асарҳои ирфонии Ибни Сино ворид намуда, онҳоро баёнгари фалсафаи машриқияи вай медонанд.[1] Вале мо чунин ақида дорем, ки агар истиъора ва рамзҳои ин рисолаҳо гушода шаванд, мазмуни онҳо ба муҳтавои асарҳои асосии Ибни Сино, ки ба ҷумлаи осори ирфонӣ мансуб нестанд, мутобиқ хоҳад буд. Дурустии чунин андешаро шарҳи «Зинда пури Бедор», ки Ибни Зайло шогирди Ибни Сино - анҷом дода аст ва шояд аз назари Шайхурраис ҳам гузашта бошад, тасдиқ мекунад. Аз рӯи ин шарҳ истиъора ва рамзҳои «Зинда пури Бедор» чунин маънӣ доранд:

• Ман дар кишвари худ будам – нафси ман дар бадани ман буд;

• Ҳамроҳони сафар – неруҳои ҳаётӣ ва майлҳо;

• Сайр – майли донистани надонистаҳо;

• Пирамарди нуронӣ ва боазамат – ақли фаъол;

• Зинда пури Бедор – ақл, ки инсонро ба донистан ҳидоят мекунад;

• Ғарб – дунёи моддӣ, олами ҳаюло;

• Шарқ – олами суратҳо (нафсҳо)-и абадӣ;

• Таҳорат бо обҳои чашмаҳои ҳаётбахш – маърифат тавассути фалсафа ва мантиқ;

• Таҳорат бо обҳои чашмаҳои рокид – маърифат аз роҳи дигар илмҳо;

• Баҳри зулмот – нафси инсонӣ, ки бе мадади ақл ба дони-

1 Ниг.:Avisenne. Traites mystiques. Texte arabe aves explication fransaise par A.E.Mehren. Fase 1-4. Leide. 1989-1899.

стани ҳақ қодир нест;

• Кишвари мурда – ҳаюло (модда), ки онро нафс зинда накардааст;

• Баҳри ҷӯшон – олами ҳаюло, ки дар ҳаракат ва таҳаввули ҳамешагист;

• Буқ (шох)-и парвоз - нерӯи ақл ва тахаюл;

• Буқ (шох)-и равон – нерӯи муҳаррик;

• Панҷ роҳи умда – панҷ нерӯи ҳис;

• Соҳиби барид – ҳисси муштарак.

Инак, агар истиъора ва рамзҳои «Зинда пури Бедор» -ро ба ин мафҳум ва мақулаҳо бадал кунем, хоҳем дарёфт, ки Ибни Сино дар ин асараш низ ҳамон назаротеро дар бораи нафс, тан, ҳис, ақл, маърифат, ҳаюло, сурат, саботат ва таҳаввул баён медорад, ки дар «Шифо», «Наҷот», «Донишнома» ... дида мешаванд.

Татбиқи ҳамин равишшиносӣ (методология)-и таҳқиқ дар баррасии «Саломон ва Абсол» ва шарҳи Ҷузҷонӣ, ки ба гуфти худи вай ба ақоиди Ибни Сино дар «Рисолаи қадр» мутобиқ аст, нишон медиҳад, ки рамзҳо ва истиъораҳои ин асар маъниҳои зеринро мерасонанд:

• Саломон – нафси инсонӣ;

• Абсол – ақли назарии инсон, ки рағбати ноил шудан ба ақли мустафодро дорад;

• Зани Саломон – нерӯи ҷисмонӣ, ки мехоҳад тавассути ҳирс, ғазаб ва қувваҳои ҷисмонии дигар ба ҳадафҳои худ бирасад;

• Даст боздоштани Абсол аз қурбат ба зани Саломон – мутаваҷҷеҳ будани ақл ба олами хеш;

• Хоҳари зани Саломон – нерӯи амалӣ, ё ақли амалӣ, ки ба ақли назарӣ тобеъ аст;

• Либоси хоҳари худ дар бар кардани зани Саломон ва ба оромгоҳи Абсол ворид шудани ӯ – найранги нафси амора ҷиҳати ноил шудан ба ниятҳои зишт, ки чун ҳадафҳои олӣ намуда мешаванд;

• Дурахши барқи абри сиёҳ – нури илоҳӣ, ки нафси дар зиштиҳо мустағрақро панд медиҳад;

• Нохушнудии Абсол аз зани бародараш – даст боздоштани ақл аз иштиёқҳои ҷисмонӣ ва ҳавову ҳаваси дунёӣ;

• Кишваркушоиҳои Абсол – огоҳии нафс аз олами улвӣ тавассути ақли назарӣ;

• Кишваркушоиҳои Абсол ба хотири бародараш Саломон – огоҳии нафс аз олами улвӣ ва сифлӣ тавассути ақли назарӣ ва интиқоли он ба олами малакут (илоҳӣ);

• Ниёзмандиҳои тан ва манзилро тадбир кардани нафс – тадбири нафс корҳои ҳарду оламро;

• Аз итоати Абсол сарбоззадани лашкариён – қатъи фаъолияти нерӯҳои ҳиссӣ дар мавриди иртифоъ ба олами улвӣ;

• Заъфи нерӯҳои ҷисмонӣ – даст бозоштани нафси нотиқа аз таваҷҷуҳ ба нерӯҳои ҷисмонӣ ва дигар корбаст накардани онҳо;

• Бозгашти Абсол сӯи бародари хеш – бозгашти ақл сӯи таклифоти аслии хеш;

• Таббох (ошпаз) – нурӯи ғазаб, ки ҳангоми зарурати қисос афрӯхта мешавад;

• Суиқасд ба Абсол – заъф ва фанои ақл дар пирсолӣ;

• Зани худ ва шарикони ӯро аз байн бурдани Саломон – даст бозоштан аз нерӯҳои ҷисмонӣ, нобуд шудани нерӯи ғазаб ва ҳирс;

• Узлат гирифтани Саломон ва ба дигарон вогузор кардани идораи кишвар – қатъи тадбири тан аз ҷониби нафс.

Ба эътибори истиъора ва маҷозҳое, ки мафҳумҳо ва маъниҳои фавқуззикрро мерасонанд, бо эътимоди тамом метавон гуфт, ки Ибни Сино дар «Саломон ва Абсол» ҳамон фалсафаи нафс ва ақлро, ки дар «Шифо», «Наҷот», «Ҳикмати машриқия» ва «Донишнома» -и ӯ мундариҷ аст, баён мекунад. Аз рӯи мундариҷа ва муҳтаво ба «Саломон ва Абсол» рисолаи «Тайр» ва «Қасидаи «айния» қаробати комил доранд.

Инак, ба назардошти таҳлили «Ҳикмати машриқия» ва гушудани рамзу истиъораҳои «Зинда пури Бедор», «Саломон ва Абсол»,[1] «Тайр» ва «Айния» бори дигар таъкид мекунам, ки аз диди ман дар мавқеъи фалсафии Ибни Сино ҳеҷгуна духурагӣ ва дугунагӣ вуҷуд надорад. Ӯ дар тамоми осораш ҳамон фалсафаи машшоиро баён мекунад, ҳарчанд ки ба назардошти хостгоҳҳои ислом ва ниёзҳои замон дар он тасҳеҳоте ворид месозад ва баъзе такяҳои онро тағйир медиҳад.

Дар байни осори бузурги Ибни Сино «Ишорот ва танбеҳот», ки солҳои 1035-1037 таълиф шудааст ва асари охирини ӯ ба шумор меояд, аҳамияти бузург дорад. Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Гуашон, Эҳсон Ёршотир ва Қосим Ғанӣ онро дар радифи осори бахшида бар фалсафаи машриқия ва ирфон қарор медиҳанд. Шарқшиноси маъруф Е.Э.Бертелс ҳатто чунин мешуморид, ки Ибни Сино дар «Ишорот ва танбеҳот» қариб пурра аз Арасту рӯ мегардонад ва фалсафаи хоси ху-

1 Ғайр аз варианти Ибни Сино, вариантҳои «Саломон ва Абсол»-и Ҳунайн ибни Исҳоқ, Насируддини Тӯсӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ низ вуҷуд доранд.

дро ба вуҷуд меоварад.[1] Вале аввал ин ки худи Ибни Сино борҳо қаробати «Шифо» ва «Ишорот ва танбеҳот» -ро ёдрас мешавад, дуюм ин ки таҳлили татбиқии ин ду асар дар байни онҳо ба ҷуз дар як маврид тафовути боризи назарӣ ва равишшиносиро зоҳир наменамояд. Ин маврид аз он иборат аст, ки Ибни Сино дар «Ишорот ва танбеҳот» нисбат ба дигар осораш масоили тасаввуф ва ирфонро муфассалтар баррасӣ кардааст. Мутолаъа ва таҳлили ин асар нишон медиҳад, ки масоили мантиқ, фалсафаи табиъиёт, илоҳиётшиносӣ ва илми куллӣ (фалсафа) дар ин асар ҳам дар руҳи фалсафаи машшоияи Шарқ баён шудаанд. Барои исботи ин андеша кофист, ки назарияи мантиқии «Шифо» ва «Ишорот», назарияи Воҷибул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷуд, модда ва сурат, ҳаракат, замон ва макон, сабабият ва масоили назарияи маърифат, ки дар ин ду асар мундариҷанд, татбиқан (муқоисатан) баррасӣ карда шаванд. Дар ин асар ҳам эътироф кардани робитаи сабабӣ ва қонунмандии айнии ҳаводиси олам, нақши боризи ҳис ва ақл дар маърифати ҷаҳон аз он дарак медиҳанд, ки Ибни Сино ориф ва суфӣ нест, ҳарчанд, ки мавҷудияти унсурҳои тасаввуф ва ирфонро дар осор ва ақоиди ӯ ба пуррагӣ наметавон инкор кард. Дар он наматҳои «Ишорот ва танбеҳот», ки аз мақомоти орифон ва асрори оёт (наматҳои 9-10) сухан меравад, мо танҳо кӯшиши таҳлили илмии моҳияти ирфону тасаввуф ва заминаҳои маърифатию равоншиносии ин таълимотҳоро меёбем. Вай дар таърихи фалсафаи мо шояд аввалин файласуфест, ки кӯшиш ба харҷ додааст моҳияти ирфону тасаввуфро дарк намояд ва аз назари илмӣ онҳоро тавсиф намояд. Вале дар ин замина ӯро ориф ё суфӣ ҳисобидан хатост. Зеро ӯ усули умдаи тасаввуф – ваҳдат, ҳулул, фано ва бақоро эътироф надошт ва чунин мешумурд, ки ваҳдати шахсӣ ба Худо ва аз ин роҳ ба ҳастии абадии шахсӣ расидан тамоман имконнопазир аст. Ибни Сино дар «Мабда ва маъод» -и худ ба исбот расонидааст, ки инсон дар силсилаи маротиби ҳастӣ аз мартабаи пайғамбар болотар рафта наметавонад. Назарияи фалсафии Ибни Сино дар бораи абадияти шахсӣ ва абадияти нафси нотиқаи инсонӣ аз суфиҳо иқтибос нашудааст ва ба асли бақои онҳо мутобиқат надорад.

Ибни Сино тафовути таъбири фалсафӣ ва ирфонии ҳастиро аз рӯи дигар масъалаҳо низ хуб дарк мекард. Ӯ дар асари комилиёри худ «Шифо», масалан, аз боби таносуби модда ва сурат сухан гуфта, чунин меоварад: «Дар ин мабҳас мебинем гоҳе гуфтугӯ аз шавқи ҳаюло ба сурат мекунанд. *Ва ҳаюлоро*

1 Бертельс Е.Э. Избранные произведения. Т.1, 1960. С.117.

ба зан ва суратро ба мард ташбеҳ менамоянд ва ман намефаҳмам, зеро агар шавқи нафсонӣ манзур аст, ҳама муттафиқанд, ки ҳаюло шавқи нафсонӣ надорад. Ва агар шавқи табиъии тасхирӣ манзур аст, ки ҳаюлоро ба қабули сурат вомедорад ва меронад, монанди санге, ки барои истикмол аз нуқсе, ки дар макони ӯ ҳаст, поин меравад, ин шавқ ҳам баъид аст... Бо ин мулоҳизот фаҳми ин калом барои ман душвор аст ва ба суханони суфия наздиктар аст, то ба каломи фалосифа. Ва шояд дигаре ин каломро беҳтар аз ман фаҳм кунад. Пас, бояд ба ӯ мурочиат шавад»[1]. Сарфи назар аз ин наметавон оҳангҳои суфиёнаро дар ақоид ва осори вай комилан рад кард. Дар ин бобат рисолаи «Ишқ», қасидаи «Айния» ва тафсироҳои Қуръонии ӯ далел аст.

Омӯхтан ва ҷамъбаст кардани назария ва амалияи суфиён ба ӯ имкон доданд, ки хусусияти куллӣ доштани асли сабабиятро собит созад. Дар ин замина вай дар «Ишорот ва танбеҳот» як андешаи бисёр муҳимро баён кардааст: афъол ва аъмоле, ки дар назари аввал муъҷиза менамоянд, дар воқеъ машрут ба сабабе ҳастанд ва аз ҳудуди қонунмандии табиъӣ, ё ба истилоҳи худи Ибни Сино, аз доираи мазҳаби табиъат, берун нестанд.

Дар «Ишорот ва танбеҳот» вай боисрор навиштааст, ки муъҷизаҳое, ки суфиён эҷод мекунанд, се манбаъ, се сабаб доранд. Манбаъ (сабаб)-и аввал таъсири нафсҳои осмонӣ ба нафсҳои заминӣ, манбаъи дуввум таъсири нафсҳои нерӯманди заминӣ ба нафсҳои заиъфи заминӣ ва манбаъи сеюм мағнотис аст. Табиист, ки суфиён ба чунин арзёбӣ кардани моҳияти тасаввуф ризо набуданд. Бинобар ин онҳо назарияи ӯро дар бораи ақл чун василаи тавонои маърифати олам шадидан рад мекарданд. «Ақлгароии вай, мегуфтанд онҳо, ваҷҳи Худовандро аз одамон пинҳон медорад, дар сурате ки бояд онро ба онҳо бинамояд ва қурбат бахшад... Саноӣ (вафоташ 1150), ки ҳамақодирӣ ва ҳаматавоноии Худовандро бо шуру шағаби комил васф мекард, нисбат ба Ибни Сино, ки гӯё дар зулмоти низоми фалсафии моҳирона сохтааш роҳгум задааст, тараҳҳум ва дилсӯзӣ зоҳир мекард.

Ҷомӣ (вафоташ с.1492), ки панҷсад сол баъд аз Ибни Сино зиндагӣ ва эҷод мекард ва таъсири файласуф ҳанӯз ҳам дар афкори ҷомеъа сахт бориз буд, одамонро даъват медод, ки «аз ҷустуҷӯи нури нафс дар синаи хушкидаи вай даст бозоранд, зеро танҳо касоне чӣ гуна ва дар куҷо ёфтани ин нурро ба дигарон нишон дода метавонанд, ки чашмҳояшон фаррох

1 Ибни Сино. Фунуни самоъи табиъӣ. С.43-44.

гушода бошад. «Ишорот» -и ӯ, таъкид кардааст вай, сӯи носазо гуфтан ба Худо мебарад ва ҷаҳонбинниаш инсонро шарир мегардонад. «Шифо» -и вай... итоати Худо ва пайғамбарро мардуд месозад. Ҳатто дар «ал-Қонун фи тибб» -и хеш чизи бикр ва тозае намегӯяд».[1] Ҳарчанд, ки суфиён Ибни Синоро шадидан рад мекарданд, вале «бе ҳеҷ гуна шакку шубҳа ва дудилагӣ шакли баъзе осори ӯро мепазируфтанд ва иқтибос мекарданд»,[2] масалан шакл ва муҳтавои «Тайр», «Саломон ва Абсол» ва «Зинда пури Бедор» -ро.

Чунон ки машҳр аст, Ибни Сино аз нобиғатарин табибони замони худ ва садаҳои баъдин ба шумор меояд. Ӯ дар ин риштаи илм бештар аз 60 асар эҷод кардааст. Дар байни онҳо «ал-Қонун фи тиб» -и бисёрҷилдаи ӯ, ки ҳанӯз дар асри 12 ба забони лотинӣ тарҷима шуда буд, шуҳрати ҷаҳонӣ дошт ва дорад. Шуҳрати ҷаҳонии Ибни Сино чун табиб низ баста ба ҳамин асари ӯст. Дар он ҳам дастовардҳои тибби пешин ва ҳам таҷрибаву таҳқиқоти тиббии худи Ибни Сино ҷамъбаст ва ба низоми бисёр сареҳ баён шудааст. Ин китоб то асри 18 дастури муҳимми тиббии табибони Аврупо буд ва дар донишгоҳу донишкадаҳои он ба ҳайси китоби дарсӣ таълим дода мешуд. Дар Шарқ он то ибтидои асри 20 нуфузи бебаҳс дошт. Тибқи ин асар хидмати Ибни Сино дар рушди илми тибб на танҳо аз он иборат аст, ки вай дар роҳи ба вуҷуд овардани назарияи аломатшиносӣ (семиотика)-и тиббӣ, ташхис, пешгирӣ ва табобати бемориҳо кӯшиши зиёд ба харҷ додааст, балки аз он низ иборат аст, ки як идда кашфиёт анҷом дода ва андешаҳое пешниҳод кардааст, ки барои тараққиёти баъдии илми тибб заминаи боэътимод гардида буданд.[3] Хусусияти беҳтарини «ал-Қонун» он аст, ки дар вай масоили назарӣ ва фалсафии илми тибб низ мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор гирифтааст: табобати шахсӣ, таъини шахсии давоҳо (доруҳо), дақиқ санҷидани онҳо, робитаи давоҳо ба ҳамдигар, робитаи организм ва муҳит, моҳияти ҳаёт ва марг, сабабмандии ҳама ҳаводиси олам ва ҳолатҳои гуногуни организми инсон, таносуби руҳониёт ва моддиёт дар организми вай, маҳалбандӣ (локализасиюн)-и ҳама равандҳои руҳӣ дар мағзи сари инсон аз ҳамин қабиланд.[4]

Дар феҳристи осори Ибни Сино, ки Ҷузҷонӣ тадвин кардааст, зери рақами 107 китоби «Қасоид ва ашъор» омадааст. Ин

1 Afnan, S.M. Avisenna. His Lafe and Works. London, 1958. C.234-235.
2 Afnan, S.M. Ҳамон асар. C.235.
3 Барои иттилоъи бештар ниг.: Петров Б.Д. Ибн Сина- великий средневековый ученый-энциклопедист: Абу Али ибн Сина. Канон врачебной науки. Т.1. Ташкент, 1981.
4 Барои иттилоъи бештар ниг.: М.Диноршоев. Философские основания «Канона врачебной науки» Ибн Сины. – Известия АН Тадж.ССР, серия ООН, №1, 1974.

ба он далолат дорад, ки Ибни Сино на танҳо асарҳои илмию фалсафӣ навиштааст, балки ба шеър ва шоирӣ низ шуғл варзидааст. Масалан, урҷузаҳои ӯ маҳфуз ва машҳуранд, ки дар баҳри раҷаз эҷод гардидаанд ва масоили тиббию мантиқиро дар шакли ба осонӣ ҳифз кардан баён менамоянд. Аз ӯ ғазал, касида ва рубоиёт ба забони тоҷикӣ ва арабӣ низ боқӣ мондааст, ки ба табъ расидаанд.

Ибни Сино даҳ урҷуза таълиф кардааст, ки нуҳтоашон дар мавзуъҳои тиббӣ ва яктоашон дар мавзуъҳои мантиқӣ аст.

1. الارجوزة في الطب -Урҷуза андар тиб, 1326 байт;
2. الارجوزة في حفظ الصحة – Урҷуза андар ҳифзи сиҳҳат, 151 байт;
3. الارجوزة في الفصول الاربعة – Урҷуза андар чаҳор фасли сол;
4. الارجوزة في التشريح – Урҷуза андар ташриҳ, 82 байт;
5. الارجوزة في وصايا ابقراط – Урҷуза андар васиятҳои Буқрот;
6. الارجوزة في المجربات في الطب – Урҷуза андар муҷарработи тиббӣ;
7. الارجوزة في الوصايا الطبية – Урҷуза андар васиятҳои тиббӣ;
8. الارجوزة في الطب – Урҷуза андар тиб;
9. الارجوزة في الباه – Урҷуза андар шаҳват;
10. الارجوزة في علم المنطق – Урҷуза андар илми матиқ.

Аз ҷумлаи қасидаҳои Ибни Сино инҳоро метавон ном бурд:

1. القصيدة في النفس Қасида андар нафс.
2. القصيدة في العظمة – Қасида андар азамат;
3. القصيدة في الحكمة – Қасида андар ҳикмат;
4. القصيدة المزدوجة في المنطق –Қасидаи муздавиҷа андар мантиқ;
5. القصيدة في الخمر – Қасида андар май;
6. القصيدة العينية – Қасидаи айния.

Машҳуртарин қасидаи ӯ ҳамин «Қасидаи айния» аст (20 байт). Вай дар назми насиҳатии асрҳои миёна нуфузи сахт дошт. Нуфузи он дар осори Ибни Арабӣ (1165-1240), ки онро шарҳ бастааст, дар шеъри Ибни Фарид (1180-1234), Умари Хайём (1048-1132), Ҷалолуддини Балхӣ (1207-1273) ва Ҳофиз (1320-1389) ба назар мерасад. Зиёда аз ин шоирони араби асри 20 Аҳмад Шавқӣ ва Одил Ғадбон ба он назира навиштаанд. Ибни Сино дар «Айния» доир ба масъалаи нафс назароте баён мекунад, ки аз ақоиди ӯ дар «Шифо», «Наҷот» ва «Донишнома» тафовут дорад. Дар ин асарҳояш, чунон ки баъдан хоҳем гуфт,

вай нафси нотиқаро ғайриазалӣ, вале абадӣ медонад. Аммо дар «Айния» ӯ нафсро ҳам азалӣ ва ҳам абадӣ мешуморад.

Мавзуъҳои асосии шеъри арабии Ибни Синоро шикоят аз пирӣ, аз дӯстӣ бевафо, зарбаҳои тақдир, ҳасудон ва васфи май ташкил медиҳанд.[1] Ибни Сино на танҳо ба арабӣ, балки ба забони модариаш – тоҷикӣ (форсӣ) низ шеър мегуфт. Ӯ аз аввалин адибон аст, ки навъи рубоъии фалсафиро дар адабиёти мо поягузорӣ кард. Дар рубоиъёти тоҷикии вай хосаҳои адабӣ ва бадеъии ин навъи адабӣ тарҳрезӣ шуда буданд, ки дар садаҳои баъд дар осори Умари Хайём, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигарон рушду камол ёфтанд. Ибни Сино дар такомули назарияи шеър низ саҳми арзанда дорад. Тараққиёти баъдии ин риштаи илм зери нуфузи назарияи шеършиносии ӯ сурат гирифтааст. Ақоиди ӯро дар асри 13 Насируддини Тусӣ дар «Меъёр ул-ашъор» -и машҳури худ ривоҷ додааст.

Аз он чӣ ин ҷо баён шуд, хуб маълум мешавад, ки Ибни Сино ҳамоно донишманди мутабаҳҳире будааст, ки ҳама соҳаҳои илми замонашро фаро гирифта, ривоҷ дода ва барои рушди баъдии илму фарҳанг дар мамолики Шарқ ва Ғарб заминаҳои устувор барпо кардааст.

1 Барои иттилооти бештар ниг.: Шидфар Б.Я. Ибн Сина. М.1980.Стр.150-152

БОБИ II
САҲМИ ИБНИ СИНО ДАР РУШДИ ФАСАФА

1. Тавсифи куллии фасафаи Ибни Сино

Аз назари Ибни Сино «фалсафа донистани ашёст ба қадри қудрати инсонӣ»[1]. Аз ин дидгоҳ низоми фалсафии ӯ низоми улум умуман ва фалсафа хосатан мебошад. Ин низоми фалсафии Ибни Сино дар навбати аввал аз ду қисм – мантиқ ва илмҳои фалсафӣ иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо зернизоми махсусе ва унсурҳои сохтории ба худ хос дорад. Ӯ, масалан, дар «Шифо» илмҳои фалсафиро ба ду бахш тақсим мекунад: 1. Илмҳои фалсафии назарӣ, ки моро аз ҳолати ҳастии ашёи айнӣ, воқеъӣ ва хориҷӣ, ки ҳастиашон аз мо вобаста нест, огоҳ мекунанд; 2. Илмҳои фалсафии амалӣ, ки моро аз ҳастии ашёи вобаста аз феъли мо огоҳ месозанд. Ҳадафи илмҳои фалсафии назарӣ донистани ҳақиқат, мақсади илмҳои фалсафии амалӣ расидан ба хайр ва саодат аст. Низоми фалсафаи назариро табиъиёт, риёзиёт ва илоҳиёт (мобаъдуттабиъа) ташкил медиҳанд, ки табақабандӣ ва силсилабандии онҳо аз рӯи: (1) муносибаташон ба модда; (2) таъини мабодии улуми ҷузъӣ аз ҷониби улуми куллӣ; (3) мавзуъи таҳқиқашон муайян карда мешавад. Танзим, табақабандӣ, силсилабандӣ ва муқаррар кардани робитаи мутақобилаи улум аз рӯи мавзуъи таҳқиқашон яке аз ҷиҳатҳои муҳимми назарияи таснифоти улуми Ибни Сино аст. Инро бояд махсус дар назар гирифт, зеро ҳатто дар Аврупои замони нав мо бо кӯшишҳое бархӯрд мекунем, ки илмҳоро на аз рӯи мавзуъи таҳқиққашон, балки тибқи қобилиятҳои руҳонии инсон табақабандӣ мекарданд (масалан, Ф.Бэкон). Аз назари Ибни Сино ҳар як навъи фалсафаи назарӣ зернизомеро ташкил медиҳад, ки чандин асл ва фаръро дарбар мегирад.

Бахши аввали фалсафаи назарӣ фалсафаи табиъиёт аст. Низоми табиъиёт чун илм дар бораи табиъати нозинда ва зинда аз ҳашт асл ва ҳафт фаръ иборат мебошад. Аслҳои табиъиёт аз инҳо иборатанд: 1) илми самоъи табиъӣ, 2) илми осмон ва ҷаҳон, 3) илми кавну фасод, 4) илми феъл ва инфиъол; 5) илми маъданшиносӣ ва осори улвӣ; 6) илми нафс; 7) илми наботот; 8) илми ҳайвонот. Ҳафт фаръи фарсафаи табиъиёт инҳоянд: 1) кимиё, ки бо чандин қайду шарт ба сифати илм эътироф мешавад, 2) нуҷум, ки Ибни Сино онро комилан рад

1 Ибни Сино. аш-Шифо. ал-Мантиқ. ал-Мадхал. Қоҳира. 1371/1952. С.12.

мекунад; 3) фаросат; 4) таъбири хоб (рӯъё); 5) тилисмот; 6) найранҷот; 7) тиб, ки аз муҳимтарин фаръҳои табиъиёт дониста мешавад ва худ дорои бахши назарӣ ва амалӣ мебошад.

Тартиби силсилабандии навъҳои умдаи фасафаи табиъиёт нишон медиҳад, ки он дар пояи асли иртифоъ аз содда ба мураккаб ва аз нозинда ба зинда тадвин шудааст. Ба асли аввалини табақабандӣ ва силсилабандии илмҳои табиъӣ табдил додани ин андеша аз муҳимтарин нуктаҳои таълимоти Ибни Сино аст.

Бахши дуввуми фалсафаи назариро риёзиёт ташкил медиҳад. Аслҳои фалсафаи риёзиётро, аз назари Ибни Сино, илми адад – арисмотиқӣ (арифметика), ҳандаса, ҳайат ва илми мусиқӣ ташкил медиҳанд. Ҳар яки ин аслҳои фалсафаи риёзиёт фаръҳои ба худ хос дорад. Фаръҳои арисмотиқӣ аз ҳисоби ҳиндӣ ва алҷабр; фаръҳои ҳандаса аз илми масоҳат, илми ҳиял, авзон ва мавозин, олоти ҳарбия, манозир ва мароё, нақли обҳо; фуръҳои ҳайат аз улуми зайҷот ва тақвим; фуръҳои мусиқӣ аз интихоби олати мусиқӣ иборат мебошанд.

Агар дар мавриди табақабандии илмҳои риёзӣ, ки Ибни Сино пешниҳод кардааст, андеша бironем, ба осонӣ дарк хоҳем кард, ки ӯ пайрави чунин мантиқ будааст: бе адад, ки онро арисмотиқӣ меомӯзад, бузургиҳои мавриди таҳқиқ ва омӯзиши ҳандасаро наметавон баён ва баррасӣ кард. Дар айни ҳол бе омӯхтани шаклҳо ва бузургиҳои ҳандасӣ илми ҳайат вазъ, бузургӣ ва масофаи байни ҷирмҳои осмониро таъин карда наметавонад.

Бахши саввуми фалсафаи назариро илми мобаъдуттабиъа ташкил медиҳад, ки гоҳо фалсафаи уло ва гоҳо илоҳиёт низ номида шудааст. Мавзуъи таҳқиқи илми мобаъдуттабиъа ҳастии мутлақ, масоили он ҳама ҳаводиси умда ва куллии ҳастӣ мебошад. Баъзе аз ин ҳаводис, масалан, ҷавҳар, араз, каммият (чандӣ) ва кайфият (чигунагӣ), ба манзалаи навъҳои ҳастӣ, баъзеи дигарашон, масалан, фардият, касрат, қувва, феъл, кулл, ҷузъ, имкон ва зарурат осори ҳастӣ мебошанд. Таҳлил ва баррасии ин масоил бар уҳдаи ҳеҷ як аз илмҳои ҷузъӣ нест. Таҳқиқи онҳо вазифаи мобаъдуттабиъа аст, ки ба сабаби баррасии умдатарин масоил ва мабодии ҳастӣ фалсафаи ҳақиқӣ ва воқеъӣ маҳсуб мешавад. Ибни Сино чун дигар илмҳо мобаъдуттабиъаро ба панҷ асл ва чандин фаръ тақсим мекунад. Аслҳои мобаъдуттабиъа аз назари ӯ инҳоянд: (1) маърифати ҳаводисе, ки марбути ҳама навъҳо ҳастанд; (2) таҳқиқи мусалламоти табиъиёт, риёзиёт ва мантиқ; (3) исботи ҳастии Воҷибулвуҷуд; (4) таҳқиқи ҷавоҳири руҳонии заминӣ.

Фаръҳои мобаъдуттабиъа аз назари Ибни Сино иборатанд аз таълимот дар бораи нубувват ва таълимот дар бораи мабда ва маъод.

Дар ҳудуди мобаъдуттабиъа ҷудо кардани аслҳо ва фаръҳои он аз чанд ҷиҳат аҳамияти бузурги равишшиносӣ (методологӣ) дорад. Якум, ин амал барои комилан аз илоҳиёт ҷудо кардани фалсафа замина омода месозад. Маҳз дар ҳамин замина Ибни Сино дар «Фалсафаи машриқия» (ё «Ҳикмати машриқия») фалсафаро бо номи «илми куллӣ» аз илоҳиёт ҷудо мекунад. Дуюм, ин равиши Ибни Сино барои арзёбии мушаххаси фалсафаи ӯ аз дидгоҳи ҷаҳонбинӣ шароит муҳайё месозад.

Ибни Сино фалсафаи амалиро низ ба се бахш тақсим мекунад: 1) илми ахлоқ – таҳзиби ахлоқи фарди инсонӣ; 2) тадбири манзил – тадбири оила ва равобити байни аҳли он; 3) тадбири мудун – таълимот дар бораи ҷамъияти аҳли як кишвар, навъҳои сиёсат, шаҳрҳои фозила ва ғайрифозила, шароити рушди як халқ ва суқути халқи дигар, дар бораи номус (қонун)-и ҳақиқӣ ва ғайра.

Ибни Сино усули таснифоти фалсафаи амалӣ ва моҳияти ҳар як бахши онро баён карда таъкид менамояд: «…ҷиҳати инҳосори он ба ақсоми сегона он аст, ки мегӯем: тадбиру тафаккури инсон ё мухтас ба як нафар аст, ва ё … нисбат ба ашхоси муайян ва мунҳасир дар як манзил аст ва ё роҷеъ ба ашхоси мутаъаддида дар як шаҳр ё дар як мамлакат аст. Аммо он ки мухтас ба як фард аст, онро «Таҳзиби ахлоқ» гӯянд. Ва он чунон аст, ки инсон бидонад, ки чӣ гуна ахлоқро касб кунад ва чӣ гуна сифатро доро бошад ва чӣ қисм афъоле ба ҷо оварад, то боъиси саъодати дунё ва охирати ӯ гардад… Ва аммо қисми дуввум роҷеъ ба як ҷамоати махсус аст, ки онро «Тадбири манзил» номанд ва он чунон аст, ки инсон бидонад, ки чӣ гуна сазовор аст амал кунад ва чӣ гуна тадбири умури манзилро намояд, то иртиботи ӯ бо завҷа ва авлоду худамо ва зердастон бар ваҷҳи неку ва тариқаи уқало шавад, то боъиси саъодат ва хушнудии ӯ гардад. Ва аммо қисми саввумӣ, ки ба мушорикати аҳли як мамлакат аст, он аст, ки инсон бишносад ақсоми саиёсатро ва фаро гирад илми иҷтимоъотро ва мадинаи одиларо, то битавонад тамиз диҳад ва тафриқа гузорад миёни мадинаи одила ва мадинаи разила ва бидонад иллати тараққии ҳар миллате аз чист ва заволи миллати дигаре аз чӣ падид омадааст. Ва дар ҳамин қисми саввум аст, ки шинохта мешавад аз ӯ эҳтиёҷи мардумро ба шариъати ҳаққа ва маълум мешавад ҳудуд ва аҳкоми куллияи муштарак

миёни афроди башарро ва дониста мешавад тафриқаи набии ҳақиқӣ ва миёни муддаъиёни ботил ва мардумони шайёд ва шаётини инсӣ».[1] Аз ин ҷо маълум мешавад, ки аз назари Ибни Сино заминаи низомбандии бахшҳои фалсафаи амалиро андешаи бунёдӣ дар бораи ҷомеъа ҳамчун организмӣ ягона ташкил медиҳад, ки он бе фардҳои алоҳида ва оила чун зинаи аввали сохтори ҷомеъа қобили тасаввур нест. Чунин аст низоми фалсафаи Ибни Сино дар «Шифо».

Вале Ибни Сино дар «Донишнома» низоми дигари илмҳои фалсафиро баён кардааст:

1. Мантиқ ҳамчун равишшиносии дониши иктисобӣ;

2. Фалсафаи назарӣ: а) мобаъдутабиъа, б) риёзиёт ва табиъиёт.

Дар ин маврид мо таҳаққуқи амалии он андешаи Ибни Синоро дармеёбем, ки мувофиқи вай мобаъдуттабиъа дар ҳақиқат фалсафаи улост ва илм на дар бораи чизҳои баъд аз табиъат, балки илм дар бораи чизҳоест, ки пеш аз табиъатанд.

3. Фалсафаи амалӣ: а) тадбири мудун; б) тадбири манзил; в) илми ахлоқ. Мантиқи чунин табақабандии фалсафаи амалӣ шояд аз он иборат аст, ки инсон мавҷуди маданӣ (ҷамъиятӣ) аст ва тарзи манзилдорӣ ва таҳзиби ахлоқи ӯ таҳти таъсири ҷомеъа (мадина) сурат мегирад.

Дар «Фалсафаи машриқия» (ё «Ҳикмати машриқия») дар андешаҳои Ибни Сино доир ба масъалаи таснифоти илмҳои фалсафӣ ду тағйироти ҷиддӣ ба назар мерасад: 1) дар ин асар илми мобаъдуттабиъа ба ду қисми ҷудогона ва мустақил – ба (1) илми куллӣ ва (2) илоҳиёт тақсим шудааст. 2) фиқҳ ба сифати бахши чаҳоруми фалсафаи амалӣ муқаррар гардидааст. Вале ин кӯшиши шуҷоатмандона ва боровари равишшиносии Ибни Сино, ки барои тараққиёти мустақилонаи фалсафа ва фиқҳ аҳамияти бузург дошт, дар таърихи фалсафа ҷонибдорӣ наёфт.

Инак, таҳлили низоми фалсафии Ибни Сино нишон медиҳад, ки он моҳиятан низоми донишҳои илмиест, ки дар замони мутафаккир маъруф буданд. Унсурҳои хос фалсафии ин низом аз мантиқ, фалсафаи табиъиёт, илоҳиёт (то ҳади муайян), илми куллӣ, илми ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун иборатанд. Фалсафаи табиъат аз назари Ибни Сино табиъиёт (табиъатшиносӣ)[2] аст, ки тамоми донишҳоро дар бораи табиъати нозинда ва зинда шомил аст. Яксон дони-

1 Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.2. Душанбе, 1980. С. 102-103

2 Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Душанбе. Ҷ.2. С.103-104. Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Душанбе. Ҷ.2. С.103-104.

стани фалсафаи табиъат ва табиъиёт хусусияти хоси низоми фалсафии Ибни Сино нест, балки ҳодисаест, ки дар таърихи фалсафа ва илм аз замони атиқа то асри 19 ба чашм мерасад. Дар табиъиёти Ибни Сино масъалаҳои соф табиъӣ-илмӣ ва таҳлили мушаххаси осор ва падидаҳои мушаххаси табиъӣ кам нестанд. Ба ҳайси фалсафаи табиъиёт мо фақат он масоилеро маънидод мекунем, ки хусусияти назарӣ ва ҷаҳоншиносӣ дошта ба як маънӣ фалсафаи табиъатшиносиро ташкил медиҳанд. Чунин масъалаҳо пеш аз ҳама дар қисматҳои табиъиёти «Шифо», «Наҷот», «Фалсафаи машриқия», «Донишнома» ва «Ишорот ва танбеҳот таҳлил шудаанд. Масоили таҷавҳури аҷсом, ҳаракат, макон, замон, қидами олам ё ҳудуси он, мутаноҳӣ ва номутаноҳӣ, сабабият, модда ва сурат, саботат ва таҳаввул аз ҷумлаи онҳоянд. Дар китоби шашуми табиъиёти «Шифо» - яъне дар китоби «Нафс» низ, ба ҷуз масоили соф равоншиносӣ, бисёр масоили фалсафӣ ҳам мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз ҷумлаи онҳо масоили моҳияти нафс ва пайдоиши он, таносуби нафсу тан, ҷавҳарияти нафс, таносух, моҳият, механизм, навъҳо ва шаклҳои маърифатро метавон ном бурд. Дар осори табиъӣ-илмӣ ва фалсафии Ибни Сино масъалаҳои зиёди дигари умуминазарӣ, чун моҳияти ҳаёт ва пайдоиши он, робитаи организм ва муҳит, хоб ва хоббинӣ низ ба хубӣ таҳқиқ шудаанд. Чунин амрро ҳам набояд фаромӯш кард, ки дар замони атиқа ва асрҳои миёна тамоми табиъиёт ба сабаби нороиҷ ва ё будани усули озмоиш аксаран равиши фалсафӣ дошт.

Равшан аст, ки дар ҳудуди ин рисола ҳама масоили зикршудаи низоми фалсафии Ибни Синоро баён кардан имкон надорад. Бинобар ин ба тафсили мухтасари назариёти мантиқӣ, фалсафӣ ва илоҳиётшиносии ӯ иктифо мекунем. Дар айни ҳол кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки нақши вайро дар рушди фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ таъин кунем.

2. Мантиқи Ибни Сино.

Мантиқ чун фалсафа ва олати маърифат. Мантиқ дар низоми илмӣ- фалсафии Ибни Сино зернизомеро ташкил медиҳад, ки таълимот дар бораи (1) лафз, (2) мақулаҳо (категорияҳо), (3) қазия, (4) қиёс, (5) бурҳон, (6) ҷадал (диалектика), (7) суфистиқо (софистика), (8) ритуриқо (риторика) ва (9) шеършиносӣ (бутиқо)-ро шомил аст. Бо назардошти андешаи Ибни Сино ин табақабандии унсурҳои зернизоми мантиқ мутакко ба ду нуктаи умда аст: 1) гузор аз сода ба мураккаб, яъне гузор аз лафз чун воҳиди одӣ ва содаи тафаккур тавассути

мақулаҳо ба қазия, қиёс ва бурҳон, ки воҳидҳои мураккабтари тафаккуранд, 2) ҳақиқат ва яқиният, ки мувофиқи онҳо ҷойгоҳи ҷадал, суфистиқо, риторикo ва шеър муқаррар карда шудааст. Аз назари Ибни Сино, агар аҳамияти мантиқ чун илм аз омӯхтани шаклҳои тафаккур иборат бошад, пас арзиши он чун олати тафаккур дар он аст, ки тамоми илмҳоро ба ҳам мепайвандад ва дар як низоми ягона муттаҳид месозад. Мантиқ унсури аввалини низоми илмӣ-фалсафии Ибни Синост, зеро вай олати таҳсили дониши илми иктисобист. Бинобар ин ҳар касе, ки роҳи пурмашаққати илмро бармегузинад, бояд пеш аз ҳама ин илм ва олат, яъне мантиқро биомӯзад ва азбар кунад.

Мантиқ аз назари Ибни Сино табиъати дугона дорад: аз як сӯ он илми фалсафӣ аст, аз сӯи дигар, олат (ё чунон ки акнун мегӯянд - равишшиносӣ) -и дониши илмӣ. Ибни Сино ин ақидаи худро дар бораи моҳияти мантиқ шарҳ дода навишта буд: «Туро пеш баён кардем, ки мантиқ чӣ гуна бахши ҳикмат ва чӣ гуна олат аст. Ҳамоно байни касе, ки онро бахши ҳикмат медонад ва касе, ки онро олат мешуморад танақузе нест. Пас, агар мавзуъи мантиқро ба ҳайси як мавҷудот бигирем ва дар назар дошта бошем, ки фалсафа илм дар бораи ҳама гуна мавҷудот аст, мантиқ бахше аз фалсафа хоҳад буд, ки аҳволи мавҷудотро меомӯзад. Табъиати вай иборат аз он аст, ки меомӯзад чи гуна тавассути он чизи маҷҳул дониста мешавад ва ё чи гуна дар ин кор мадад мекунад. Пас ба сабаби он, ки ин ҳол амри хоси баъзе мавҷудот, ё арази зотии он, ё амри падидорандаи он аст, мантиқ назарест дар бораи вуҷуд. Пас, мантиқ яке аз илмҳост. Вале азбаски баъд маълум мешавад, ки донистани ҳоли ин вуҷуд дар донистани умури дигар мадад мерасонад, пас ин маърифат, ки ба худии худ маърифат аст, олати маърифати чизи дигарест. Балки ғарази олии мантиқ мадад расонидан дар маърифати чизи дигарест. Пас, маърифат будани мантиқ ба ҷузъе аз мавҷудот ба он далолат мекунад, ки вай бахше аз фалсафа аст. Маърифат будани мантиқ ба ҷузъе аз мавҷудот аз ҷиҳати мадад дар таҳсили маърифати дигаре лозим мегардонад, ки ин маърифат олат аст. Ҷузъи ҳикмат будани мантиқ аз олат будани он омтар аст... Фарқи ҷузъи фалсафа будани мантиқ ва олат будани он фарқ ба маънии табоини мутлақи онҳо нест, балки ба он маънӣ аст, ки яке аз онҳо хостар ва дигаре омтар аст. Зеро ҳар чӣ ки олати илм аст, он ҳамчунин ҷузъе аз илми куллист. Ин ҳукм мунъакис намешавад»[1].

1 Ибни Сино. аш-Шифо. ал-Мантиқ. ал-Қиёс. ал-Қоҳира 1384/1964. С.10.

Масъалаи бахши фалсафа ё танҳо олати илм будани мантиқ мавзӯъи баҳси шадиди байни файласуфҳои Юнони қадим буд. Равоқиён эътимод доштанд, ки мантиқ бешубҳа бахши таркибии фалсафа аст, ҳол он, ки машшоиён мӯътақид буданд, ки он танҳо олати тафаккур аст. Афлотуниён роҳи миёнаро гузида, собит мекарданд, ки мантиқ ҳамзамон ҳам бахши фалсафа ва ҳам олати маърифат аст. Ибни Сино дар ҳалли ин масъала аслан ҷонибдори хатти навафлотуниён буд, ҳар чанд ки назариёти фалсафии ононро асосан намепазируфт. Вижагии мавқифи Ибни Сино дар ҳалли ин масъала иборат аз он буд, ки ба ақидаи ӯ мантиқ ба андозаи илм буданаш олати маърифат аст, на баръакс. Ба ибораи дигар мантиқ ҳамчун илм машраби мутлақ ва ҳамчун олати маърифат маниши нисбӣ дорад. Аҳамияти мантиқ ҳамчун олати маърифат аз он иборат аст, ки он дар тамоми улум нуфуз ва русух карда, онҳоро ба ҳам пайванд медиҳад ва дар як низоми ягона муттаҳид месозад.

Мавзуъ ва вазифаҳои мантиқ. Мантиқ ҳамчун олати маърифат илм дар бораи роҳҳо ва тарзҳои донистани надониста тавассути донистаҳост ва ин масоилро баррасӣ мекунад, ки ҳақиқат чист, ҳақиқатнамо чист, дуруғ (кизб) чист ва ҳар кадоми онҳо чанд навъ дорад. Мантиқ аз он сабаб низ олати маърифат аст, ки истифодаи он инсонро аз ворид шудани хато ва иштибоҳ дар тафаккури вай эмин медорад. Аз ин ҷо равшан мегардад, ки барои чӣ Ибни Сино дар ҳама ҳолат – ҳам дар ҳолате ки таҳқиқи фалсафаи назариро аз фалсафаи ало оғоз мекунад («Донишнома»), ҳам дар мавриде ки низоми фалсафаи назариро аз табиъиёт шуруъ мекунад («Шифо», «Наҷот»), ҳам дар сурате ки илоҳиётро аз илми куллӣ ҷудо мекунад («Мантиқ-ул-машриқия»), мантиқро дар ибтидои низоми фалсафии худ қарор медиҳад. Мантиқ аз он сабаб унсури ибтидоии низоми фалсафии Ибни Сино аст, ки вай олат, яъне равиш (метод) ва равишшиносӣ (методология)-и маърифати илмӣ аст ва ҳар касе, ки роҳи пурмашаққати ноҳамвори илмро мегузинад, пеш аз ҳама бояд тарзҳо ва воситаҳои дарёфтаи дониши ҳақиқӣ, роҳҳо ва воситаҳои тамйизи ҳақиқат ва дурӯғ (кизб), роҳҳо ва воситаҳои аз хато ва иштибоҳ барҳазар буданро бидонад. Вале бояд гуфт, ки аз назари Ибни Сино мантиқ на олати ҳамагуна дониш, балки танҳо олати дониши иктисобист. Олати дарёфти дониши иктисобӣ ҳад, расм, истиқро, қиёс ва тамсил аст. Вале дониши ғайрииктисобӣ тавассути мушоҳида, таҳлил, таркиб, таҷриба ва озмун ба даст меояд.

Ибни Сино дар таълимоти мантиқии худ ба Арасту ва дигар пешиниёни худ муттако буд. Вале муҳаққиқон бар онанд, ки ӯ дар ҳаллу фасли масоили мантиқ комилан эҷодкор ва халлоқ аст. Шиносоӣ ба қисмати мантиқи «Ишорот ва танбеҳот» ва «Донишнома» -и ӯ кофист, ки ҳаққонияти ин андеша собит гардад.

Руҳи эҷодкор ва халлоқи Ибни Сино дар таърифи илми мантиқ аз ҷониби ӯ ба хубӣ ҳувайдо мегардад. Ибни Сино бар хилофи Арасту, ки илми эҷодкардаашро таълимот дар бораи бунёди қиёс, хусусан бурҳон, [1] меҳисобид, навишта буд: «Мантиқ илме аст, ки дар вай биёмӯзанд вуҷуҳи интиқолот аз маъоние, ки дар зеҳни одами ҳосил бувад, ба маъоние, ки хоҳад, ки ҳосил кунад ва низ аҳволи он маъонӣ бидонад ва адади аснофи он чӣ тартиб ва ҳайати интиқол дар вай бар ваҷҳи истиқомат бошад ва аҳволи он асноф, ки на чунин бошад». [2] Аз ин таърифи илми мантиқ ду натиҷаи муҳим бармеояд. Якум, мантиқ дар назари Ибни Сино илм дар бораи роҳҳои дарёфтани дониши иктисобӣ аст, ки дар раванди фикр тавассути донишҳои пешин ҳосил мегардад. Дар ин хусус он қисмати таърифи мантиқ далолат менамояд, ки таъкид мекунад: «мантиқ илмест, ки дар вай биёмӯзанд вуҷуҳи интиқолот аз маъоние, ки дар зеҳни одам ҳосил бувад, ба маъоние, ки хоҳад, ки ҳосил кунад». Дар «Донишнома» возеҳ таъкид мешавад, ки «...ҳарчӣ тасаввури вай, ё тасдиқ ба вай ба андеша ба ҷой бояд овардан, пеш аз вай бояд, ки чизе дигар дониста бошем, то надонистаро ба вай бидонем: пас, ҳар чӣ ки надонем ва бихоҳем, ки бидонем, ба чизҳо донем, ки аввал эшонро дониста бошем. Ва ҳар чӣ надониста бувад, ба дониста дониста шавад. Ва илми мантиқ он илм аст, ки андар вай падид шавад ҳоли дониста шудани нодониста ба дониста, ки кадом бувад, ки ба ҳақиқат бувад ва кадом бувад, ки наздик ба ҳақиқат бувад ва кадом бувад, ки ғалат бувад ва ҳар яке чанд гуна бувад».[3]

Ба назардошти ҳамин андешаи худи Ибни Сино собит мешавад, ки ақидае, ки гӯё «мантиқи Ибни Сино илм дар бораи ҳақиқат аст, пас он мутобиқ ба назарияи шинохт (маърифат) мебошад»,[4] дуруст нест, зеро чунон ки мутафаккир борҳо таъкид кардааст, мантиқ танҳо ва танҳо илм дар бораи дони-

1 Аристотель. Топика. 1,1, 100a, 1920; О софистических опровержениях. 34, 183a, 38; Первая аналитика1,1,24a,10-11.

2 Ибни Сино. ал-Ишорот ва ат-танбеҳот маъа шарҳи Насириддин ат-Тусӣ. Ҷ. 1. С.177-178; Ишорот ва танбеҳот. Техрон, 1332 ш./1373. С.2.

3 Ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1. С.30.

4 Черкесев В.И. Материалистическая диалектика как логика и теория познания. М., 1961. С.165.

ши иктисобӣ ва яқинияти он аст. Таърифи мазкури мантиқ нишон медиҳад, ки Ибни Сино мавзуъи онро бо қиёсшиносӣ (силлогистика) маҳдуд намекард. Ӯ чунин меҳисобид, ки «ғояти назари он ин аст, ки мабодии қавли шореҳ бидонад ва чигунагии таълифи он, хоҳ ҳад бошад, хоҳ ғайри он ва мабодии ҳуҷҷат бидонад ва чигунагии таълифи он, хоҳ қиёс бошад, хоҳ ғайри он. Ва аввал ифтитоҳ ба таърифи муфрадоте кунад, ки аз он ҳад ва қиёс таълиф пазирад ва он чӣ ба ин ду монад».[1] Ба ҳамин сабаб аст, ки низоми мантиқии Ибни Сино бар хилофи Арасту аз таҳлили моҳияти лафз (мафҳум), ки мабодии қазия ва қиёс аст, оғоз меёбад.

Шаклҳои тафаккури мантиқӣ. Ибни Сино моҳияти масъалаи лафз ва таносуби наҳву мантиқро баррасӣ карда, ин назарияро пешниҳод ва мудаллал сохт, ки забон аломати фикр ва василаи муъошират инсонҳост. Моҳияти ин андеша дар «Шифо» чунин баён шудааст: инсон тавассути забон фикри махфии худро ба инсонҳои дигар ифшо мекунад, зеро ақли инсонӣ бе мадади забон наметавонад маъниҳои дилхоҳро баён намояд. Ба ибораи дигар, ҳаргоҳ инсон фикр мекунад, хоҳу нохоҳ маъниҳои гӯшзад карданиашро тавассути лафзи муносиб баён мекунад ва бе забон фикр карда наметавонад. Бе забон, бе калима дар бораи чизе қазоват ва ҳукм наметавон кард. Аломатҳои забонӣ бар хилофи аломатҳои табиъӣ ва истилоҳӣ (шартӣ), аломатҳои зеҳнӣ ва ақлонӣ номида мешаванд. Вале ин чунин маънӣ надорад, ки ақл дар ташреҳи аломатҳои табиъӣ ва истилоҳӣ (шартӣ) ширкат намеварзад. Баръакс, бе иштироки ақл маънии ягон аломат фаҳмида нахоҳад шуд. Васоили забонӣ, яъне лафз (калима) ва мақула он чиро ифода мекунанд, ки берун аз ақл, берун аз лафз (калима, мафҳум) -и муқарраршуда, дар хориҷ вуҷуд доранд. Ин андешаи файласуф маънии махсуси ҷаҳоншиносӣ дорад: дар он ин андеша дарҷ шудааст, ки лафзҳо ва мафҳумҳо аломатҳои тиҳимаънии зеҳн ва ақл нестанд, балки ифодаи моҳияти ашёи дар ақлу зеҳн мунтабиъ ва муртасимшуда мебошанд. Ҳамаи ин андешаҳо дар «Ишорот ва танбеҳот» мухтасаран чунин баён шудаанд: «лафзро далолат ба маънӣ ё ба мутобиқат бошад, ки возеъи луғат он лафзро аз барои он маънӣ ниҳода бошад, то ҷуз ӯ чизи дигареро фаро нагирад, чунон, ки далолати лафзи «мусаллас» бар шакле, ки се зилъ ба вай муҳит бувад ва ё ба тазаммун бошад ба-д-он ки маънӣ ҷузве бошад аз он маънӣ, [ки лафз] мутобиқи ӯ бошад, чунон ки

1 Ибни Сино. ал-Ишорот ва ат-танбеҳот маъа шарҳи Насириддин ат-Тусӣ. С.181; Ишорот ва танбеҳот. С.3-4.

далолати «мусаллас» бар шакл, зеро ки «мусаллас» далолат кунад бар шакл на ба он ки номи шакл бошад, балки ба он ки номи маънӣ бошад, ки ҷузви вай шакл аст, ё ба илтизом бошад, ба-д-он ки лафз дол бошад ба мутобиқат бар маънӣ ва он маъниро лозиме бошад хориҷ аз зоти вай, бал чун рафиқе мусоҳиб бувад он маъниро, чунон ки далолати лафзи «сақф» бар «девор» ва далолати лафзи «инсон» бар қобили санъати китобат».[1] Агар ин андешаи Ибни Синоро ба эътибор бигирем, пас ба ақидаи роиҷ, ки гӯё ӯ дар ҳудуди назарияш дар хусуси умури куллӣ (лафзҳои куллӣ) исмгаро (номиналист) аст, ризо шудан басе душвор аст. Зеро исмгароён бар хилофи Ибни Сино чунин мешуморанд, ки дар умури куллӣ (лафзҳои куллӣ) чизе аз худи ашё дарҷ ва мунтабиъ нест, онҳо танҳо номҳо (исмҳо)-и шартӣ ва мусталиҳии ашёанду бас. Ибни Сино бар хилофи исмгароён, ки лафзҳоро сохтаҳои соф зеҳнӣ медонистанд ва воқеъияти куллро инкор менамуданд, воқеияти куллро дар ашё эътироф дошт ва лафзҳоро ифодагари ҳамин хосиятҳои куллии ашё меҳисобид. Тасаввуроти Ибни Сино дар бораи моҳияти лафз, таносуби кулл ва куллӣ, кулл ва фард аз ақоиди Арасту низ фарқ доранд. Арасту, чунон ки маълум аст, аз як сӯ таълимоти Афлотунро дар бораи лафзҳо ҳамчун чизҳои қоруззот рад мекард, аз тарафи дигар, онҳоро асли тамоми мавҷудот мепиндошт ва барояшон ҳастии олии комил қоил буд. Ӯ лафзҳоро нисбат ба ашёи фард нахустасос мепиндошт. Вале Ибни Сино бар ин ақида буд, ки «маънии куллӣ, аз он ҷиҳат, ки куллӣ аст, мавҷуд нест илло андар андеша. Аммо ҳақиқати вай мавҷуд аст ҳам андар андеша ва ҳам берун аз андеша, зеро, ки ҳақиқати «мардумӣ» ва «сиёҳӣ» мавҷуд аст андар андеша ва ҳам берун аз андеша - андар чизҳо». [2]

Дар партави ҳамин ақидаи мутафаккир бояд гуфт, ки ақидаи роиҷ дар адабиёти фалсафӣ, ки гӯё умури куллӣ (лафзҳои куллӣ) аз назари Ибни Сино се шакли ҳастӣ доранд – пеш аз чизҳо (дар ақли Борӣ), дар чизҳо, баъди чизҳо (дар ақли инсон), дуруст ба назар намерасад.

Дар осори Ибни Сино масъалаи навъҳои лафзҳо низ хуб таҳқиқ шудааст. Ӯ лафзҳоро аз рӯи ҳаҷм ба фардӣ ва куллӣ тақсим менамояд. Лафзҳои фардӣ – лафзҳоеанд, ки танҳо як чизро ифода мекунад ва ба ҳамон маъно ба чизи дигаре далолат намекунад, мисли лафзи «Зайд», зеро лафзи «Зайд» ҷуз ба «Зайд» ба чизи дигаре мутааллиқ нест ва агар чизи дигаре

1 Ибни Сино. Ишорот ва-т- танбеҳот. С.187.
2 Ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1. С.68-69.

«Зайд» номида шавад, пас он на ба ҳамин маънӣ, балки ба маънии дигар «Зайд» номида мешавад. Аммо лафзҳои куллӣ лафзҳоеанд, ки ҳамзамон ашёи зиёдро шомиланд, чун лафзи «инсон», ки инсонҳои зиёдро фаро мегирад. Лафзҳои куллиро мутафаккир ба чанд навъ тақсим мекунад:

1. Лафзҳои куллие, ки ҳеҷ гуна маъниро ифода намекунанд ва дар воқеъият чизе ба онҳо мутобиқ нест, чун лафзҳои «нидҳои Аллоҳ», «иҷтимоъи зидҳо» ва монанди инҳо. Дар мантиқи сурии муосир ин гуна лафзҳоро мафҳумҳои беҳақм (сифрҳақм) меноманд.

2. Лафзҳои куллие, ки дар воқеъият ашёи муфраде ба онҳо мутобиқ нест, вале пайдо шудани чизҳои фардии ба онҳо мутобиқ истисно карда намешавад, чун лафзи «дарёи симоб».

3. Лафзҳои куллие, ки дар ҳастӣ ба онҳо танҳо як шахс мутобиқ аст, чун лафзи «Воҷиб-ул-вуҷуд».

4. Лафзҳои куллие, ки дар ҳастӣ ба онҳо як чиз мутобиқ аст, вале падид омадани чизҳои дигари ба он мутобиқ истисно карда намешавад, чун лафзи «Офтоб».

5. Лафзҳои куллие, ки дар ҳастӣ ба онҳо ашёи маҳдуди қобили ҳисоб мутобиқ аст, чун мафҳумҳои «набот», «дарахт», «инсон». Ин навъи лафзҳои куллӣ дар мантиқи сурии муосир лафзҳои сабткунанда номида мешаванд.

6. Лафзҳои куллие, ки дар ҳастӣ ба онҳо адади бешумори ашёи фардӣ мутобиқ аст. Ин гуна лафзҳо акнун лафзҳои носабткунанда ном доранд.

Ибни Сино дар осори мантиқии худ ҳад ва расм барин амалҳои мантиқиро низ бисёр ҷолиб таҳлил кардааст. Ӯ бо ҳамраъии комил ба Арасту чунин мешумурд, ки «ҳад қавлест, ки ба ҳақиқати чиз далолат мекунад. Он бешак ҳамаи муқаввимоти чизро шомил аст ва ҳатман мураккаб аз ҷинс ва фасл мебошад, зеро муқаввимоти муштаракаш ҷинс ва муқаввими хосаш фасл бошад». [1]

Ибни Сино қоидаҳои ҳад ва хатоҳоеро, ки дар мавриди вайрон кардани он содир мешаванд, низ ба назардошти равиши Арасту таҳлил кардааст: 1) лафз набояд ба воситаи худи он таҳдид (таъриф) шавад, яъне дар ҳад на бояд давр ҷой дошта бошад («Замон муддати ҳаракат аст»); 2) лафз на бояд, тавассути лафзе таҲдид (таъриф) шавад, ки ба андозаи муҳаддади таҳдидшаванда маъруф аст («Сиёҳӣ рангест зидди сафедӣ»); 3) лафз на бояд тавассути лафзе номаълумтар таҳдид шавад («Оташ ҷисмест шабеҳ ба нафс»); 4) лафз на бояд тавассути лафзе таҳдид шавад, ки ба воситаи лафзи

1 Ибни Сино. ал-Ишорот ва ат-танбеҳот. Ҷ.1. Миср, 1960. С.249-250

дигар таҳдид мешавад («Офтоб ситораест, ки дар рӯз тулӯъ мекунад»). Аз назари Ибни Сино дар ҳад истифода кардани маҷоз, истиъора ва лафзи ғариб хатои фоҳиш аст, зеро онҳо сароҳат, вазоҳат ва якмаъноии ҳадро истисно мекунанд.

Арасту ва Ибни Сино асосан назарияи ҳад тавассути ҷинс ва фаслро, ки тарзи куллии ҳадди лафз аст, пешниҳод карда буданд. Аз ин роҳ лафзҳо ва мақулаҳои бисёр куллиро таҳдид кардан мумкин нест, зеро барои онҳо ёфтан ва баён кардани ҷинсу фасл имконпазир нест. Барои таҳдиди чунин лафзҳо тарзҳои дигар, масалан, ҳад тавассути нишон додани муносибати чиз ба зидди худаш, истифода мешаванд. Вале ба назар мерасад, ки Ибни Сино ин тарзи ҳадро намедонист ва аз ин сабаб муътақид буд, ки лафзҳои ниҳоят куллӣ, масалан, лафзи «ҳастӣ» -ро наметавон таҳдид кард.

Вале Ибни Сино ба хилофи Арасту расмро ҳам ҳамчун яке аз шаклҳои ҳад медонист. «... Агар шайъ тавассути қавли муаллаф аз тамоми аъроз ва хавоси он таъриф шавад, пас ин чиз тавассути расм таъриф шудааст» .[1] Ӯ ду навъи расмро тавсиф кардааст: 1) расме, ки асоси он ҷинс аст, - масалан, инсон ҳайвонест раванда бо ду по, дорои нохунҳои паҳн ва табиъатан хандон; 2) расм тавассути сифати зотӣ ва аразӣ, масалан, мусаллас шаклест, ки се зилъи ба ду зилъи мустақим мусовӣ дорад.

Назарияи қазия дар осори Ибни Сино нисбат ба Арасту муфассалтар баён шудааст. Он ҳам таълимот дар бораи қазияҳои ҳамлӣ, ҳам таълимот дар бораи қазияҳои шартиро шомил аст. Вале ҷузъиёти ин назарияи ӯро сарфи назар карда, танҳо нуктаҳои асосии онро дар муқоиса бо назарияи қазияҳои Арасту баён мекунем.

Ибни Сино чун Арасту чунин меҳисобад, ки қазия гуфторест, ки чизеро дар бораи чизе хабар медиҳад. Бинобар ин қазия ё содиқ (дуруст) аст ё козиб (дуруғ). Қазия дар сурате содиқ аст, ки ба ҳастӣ мутобиқ бошад, дар акси ҳол он козиб (дуруғ) аст. Гуфторҳое, ки дар онҳо истифҳом, илтимос, таманно, тааҷҷуб, суол ва хитоб вуҷуд доранд, қазия нестанд, зеро дар онҳо ахборе нест ва наметавон гуфт, ки онҳо содиқанд, ё козиб. Ин чунин маънӣ дорад, ки ҳам Арасту ва ҳам Ибни Сино хуб дарк мекарданд, ки на ҳар ҷумла (гуфтор) қазия аст.

Сарфи назар аз умумияти ин нуктаҳои назарияи қазияи Арасту ва Ибни Сино ин назарияи онҳо фарқҳои ҷиддӣ дорад. Назарияи қазияи Арасту асосан назарияи қазияҳои

1 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.255.

ҳамлии сода аст, зеро аз назари ӯ қазияҳои шартӣ ба маънии хоси ин истилоҳ аслан қазия нестанд, зеро дар онҳо дар бораи мансубияти чизе ба чизе хабар дода намешавад. Бинобар ин мантиқи Арасту танҳо таснифи қазияҳои ҳамлиро шомил буда, аз рӯи кайфият ба қазияҳои эҷобӣ (А А аст) ва салбӣ (А А нест), аз рӯи каммият гоҳ ба қазияҳои куллӣ, ҷузъӣ ва муҳмала («Таҳлили аввал»), гоҳ ба куллӣ, ҷузъӣ ва фардӣ («Дар бораи ибора») ва аз рӯи ҷиҳат ба қазияҳои сода, зарурӣ ва имконӣ тақсим кардааст. «Дар ин таснифоти Арасту, - менависад, - А.О.Маковелский норавшанӣ ҷой дорад. Агар қазияҳои ҷузъӣ ба маънии «баъзе, ё шояд ҳамаи S P аст фаҳмида шавад, пас байни онҳо ва қазияҳои муҳмала тафовуте вуҷуд надорад, зеро ҳам дар ин ва ҳам дар он қазияҳо равшан нест, ки оё сухан танҳо аз хусуси баъзе ё ҳамаи S меравад. Агар таърифи қазияи ҷузъиро дар "Таҳлили аввал" ба инобат бигирем, ...пас душвории муҳимтаре ба вуҷуд меояд. Дар ин сурат зарбҳои қиёси ҳамлӣ, ки Арасту муқаррар кардааст, хато хоҳанд буд". [1] Арасту дар масъалаи сохтори қазияҳои ҳамлӣ аз пайи Демокрит рафта ва таълимоти ӯро дар бораи шакли мавзуъӣ – маҳмулии қазия пазируфтааст. Вай ҳарфи робитаро чун ҷузъи махсуси қазия ҷудо накарда, онро бахши таркибии маҳмули қазия донистааст.

Осори Ибни Сино нишон медиҳад, ки ӯ назарияи қазияҳои ҳамлии Арастуро пазируфта ва ба он чандин тасҳеҳоти муҳим ворид кардааст. 1) Моҳияти қазияҳои муҳмала ва ҷузъиро баррасӣ карда, ӯ ба чунин натиҷа расидааст: "Агар мавзуъи қазия куллӣ бошад ва каммияти ин ҳукм, яъне куллият ва ҷузъияти он, мубайян нашуда бошад, балки муҳмал гузошта шуда бошад, то маълум набошад, ки ҳукм шомил аст тамоми он чиро, ки зери мавзуъ аст ё шомил нест, ин қазияро муҳмала хонанд, масалан, мегӯем: "Инсон дар зиён аст", "Инсон дар зиён нест"... Агар баёни ҳукм дар баъзе бувад бе таъаррӯз ба боқӣ ё таъарруз ба хилофи ин бошад, пас қазия маҳсураи ҷузъӣ бувад, ки ба қазияи муҷибаи маҳсураи ҷузъӣ ва қазияи солибаи маҳсураи ҷузъӣ тақсим мешавад. Мисоли қазияи муҷибаи маҳсураи ҷузъӣ: «Баъзе одамӣ дабир аст». Мисоли қазияи маҳсураи солиба: "Баъзе одамӣ дабир нест", ё «на ҳамаи одамӣ дабир аст"[2]. Мутафаккир дар хусуси таносуби қазияҳои мӯҳмала ва ҷузъӣ сухан ронда собит мекард, ки қазияҳои муҳмала қазияҳои ҷузъӣ мебошанд, зеро агар гуфта шавад, ки "Инсон чунин аст", пас шояд зери мафҳуми

1 Макавельский А.О. История логики. М., 1967.

2 Ибни Сино. ал-Ишорот ва ат-танбеҳот маъа шарҳи Насириддин ат-Тӯсӣ. С.274-275.

“инсон” ҳамаи инсонҳо ё шояд баъзеи онҳо дар назар бошад. Дар ин мавриД “баъзе инсонҳо” маҳсур аст, вале “ҳама” таҳти шубҳа аст. Ҳамаи ин далели он аст, ки Ибни Сино нопайгириҳои Арастуро дар мавриди таносуби қазияҳои муҳмала ва ҷузъӣ бартараф кардааст. 2) Ибни Сино сохтори қазияҳои ҳамлии содаро таҳқиқ карда, бар хилофи Арасту собитҳои мантиқиро, хусусан ҳарфи робитаро аз мутағайирҳои мантиқӣ ҷудо намуд ва барои шаклӣ кардани (формализатсияи) навъҳои қиёс замина омода кард. 3) Арасту ҳангоми баррасии ҷиҳат (модалият)-и қазоё бештар ба ҷониби ҳастишиносии масъала таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст. Дар осори ӯ тақсими қазия аз рӯи ҷиҳат ба тақсими дараҷаи ҳастӣ– ҳастии имконӣ, ҳастии воқеъӣ, ҳастии зарурӣ вобастааст. Вале Ибни Сино дар мавриди таҳлили ҷиҳати қазоё буъди мантиқии ҷиҳати қазоёро дар мартабаи аввал гузоштааст, ки он дараҷаи яқинияти қазия, дараҷаи ба мавзуъи қазия нисбат доштани ин ё он маҳмулро ифода мекунад. Ибни Сино қазияҳои ҳамлиро ба қазияҳои зарурат (“Инсон ҷисм аст”), имконият (“Инсон дабир аст”) ва имтиноъ (“Инсон фариштаст”) тақсим кардааст. “Ҳар қазия, ки ҳаст ё мутлақи ом бувад ва ин чунон бувад, ки дар вай ҳукм мубайин бошад, аммо дар он на баёни зарурат бувад на баёни давом ва на таъаррузе ба замоне ва на ба маконе”; ё дар қазия чизе аз инҳо баён карда бошанд; ё зарурат ё давоми безарурат ва ё вуҷуди бедавом ва безарурат. Ва зарурат ё алалитлоқ бошад, чунон ки гӯем, “Аллоҳ таъоло ҳай аст” ва ё муъаллиқ бошад ба шарте. ...Вале мантиқиён фарқ накардаанд миёни эътибори зарурат ва миёни эътибори давом ва фарқ аст. ...Мантиқиён низ гумон бурдаанд, ки дар қазоёи куллӣ маҳдудияти зарурӣ вуҷуд надорад, вале онҳо хато кардаанд”.[1]

Аммо тафовути умдаи назарияи қазияи Ибни Сино аз назарияи Арасту аз он иборат аст, ки назарияи мазкури ӯ на танҳо назарияи қазияҳои ҳамлӣ, балки назарияи қазияҳои шартӣ низ мебошад. Ӯ қазияҳои шартии муттасил ва қазияҳои шартии мунфасилро фарқ мекард. “Ин қазияҳо аз ду хабар таълиф шудаанд, ки ҳар яки онҳо аз хабарият берун рафтааст ва робитаи онҳо на чунон аст, ки гуфта мешавад яке аз онҳо дигаре аст, чунон ки дар қазияҳои ҳамлӣ аст, балки чунон аст, ки яке аз онҳо лозим ва тобеъи дигаре аст. Ин қазияҳоро қазияҳои шартӣ ва муттасил ва вазъӣ хонанд. Ва ё бар он ваҷҳ бошад, ки ҳар яки онҳо муъонид ва мубоини они

1 Ибни Сино. ал-Ишорот ва ат-танбеҳот маъа шарҳи Насириддин ат-Тӯсӣ. С.308-312; Ишорот ва танбеҳот. С.30-31.

дигар аст. Ва ин гуна қазияро қазияи шартии мунфасил хонанд". Мисоли қазияи шартии муттасил чунон аст, ки гӯем: "Чун хатте бар ду хатти мутавозӣ афтад, зовияҳои хориҷ монанди зовияҳои дохил бошанд. Агар лафзи "чун" ва "монанд" набудӣ ҳар як аз ин ду қавл ба худии худ хабаре будӣ. Мисоли қазияи шартии мунфасил чунон аст, ки гӯем: "Ин зовия ё ҳода бошад, ё мунфараҷа ва ё қоима". Агар ҳарфи "ё" ва "ва ё" ҳазф карда шавад, ин ҷумла беш аз як қазия будӣ"[1]. Ибни Сино қазияҳои шартии мунфасили ҳақиқӣ ва ғайри ҳақиқиро низ фарқ мекард, ки дар мантиқи сурии муосир қазияҳои мунфасили заъиф ва қавӣ хонда мешаванд. Қазияҳои мунфасили ҳақиқӣ гуфторҳоеанд, ки дар онҳо тавассути "ё" баён мешавад, ки амр ногузир ду ҳолат дорад, вале танҳо якеи онҳо ё ҳардуи онҳо бо ҳам содиқанд ("Ин мард ё дабир аст, ё табиб"). Қазияҳои шартии мунфасили ғайриҳақиқӣ гуфторҳоеанд, ки дар онҳо тавассути "ё" мехоҳанд маънии ҷоиз набудани пайвастани ҷузъҳои қазия баён шавад. ("Ин ҷисм ё ҳайвон аст, ё дарахт", "Зайд, ки худро ба дарё афкандааст, ё ғарқ шудааст, ё шино дорад").

Ибни Сино тафовутҳои сохтории қазияҳои ҳамлӣ ва шартиро хуб тасаввур мекард: қазияҳои ҳамлӣ аз мавзуъ ва маҳмул иборатанд, ки тавассути лафзҳои ҷудогона ифода мешаванд, вале қазияҳои шартӣ аз муқаддам ва толӣ иборатанд, ки ҳар кадомашон табиъатан қазия мебошанд. Ибни Сино тафовути қазияҳои шартии муттасил ва мунфасилро низ таҳқиқ кардааст. Ӯ чунин мешумурд, ки дар қазияҳои шартии мунфасил ҷои муқаддам ва толиро метавон иваз кард ва маънӣ халалдор нахоҳад шуд. Вале дар қазияҳои шартии муттасил иваз кардани ҷои муқаддам ва толӣ ҷоиз нест, зеро маънӣ халалдор хоҳад шуд.

[2]Ибни Сино дар "Ишорот ва танбеҳот" ва "Донишнома" ба масъалаи табақабандии қазияҳои мураккаб аз рӯи кайфият, каммият ва ҷиҳат таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. Вале азбаски табақабандии қазияҳои мураккаб аз рӯи ин аломатҳо ба усули табақабандии қазияҳои сода аз рӯи кайфият, каммият ва ҷиҳат муттако аст, бинобар ин дар ин ҷо баёни такрории он зарурат надорад.

Таҳлили назарияи қазияҳои шартии Ибни Синоро анҷом дода, барои бартараф сохтани сӯи тафоҳум таъкид бояд кард, ки назарияи қазияҳои шартии мураккаб дар Юнони бостон аз ҷониби мантиқиёни мактаби равоқиён баён шуда буд.

1 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.270-271.
2 Ибни Сино. Осори мунтахаб. ч. 1. С.37-38.

Вале гумон аст, ки Ибни Сино бо осори онҳо шинос буда бошад, зеро то ҷое, ки мо медонем, тарҷумаи арабии осори онҳо вуҷуд надошт. Бевосита ӯ онҳоро истифода карда наметавонист, зеро, чунон ки худаш мегӯяд, вай танҳо забони форсии фасеҳ ва забони арабиро медонист. [1] Дар осори пешиниёни бевоситаи ӯ, аз ҷумла дар осори ҳамватани бузурги вай Абунасри Форобӣ мо дар ин хусус танҳо баъзе андешаҳои умумиро дарёфт мекунем. Бинобар ин метавон гумон кард, ки Ибни Сино назарияи қазияҳои шартиро мустақилона тадвин кардааст.

Ибни Синоро дигар масоили назарияи қазияҳо низ машғул доштааст, ки онҳоро ибтикорона ва муҳаққиқона таҳлил кардааст. Масалан, ӯ масъалаи таноқузи қазияҳоро таҳқиқ карда, бар хилофи мантиқиёни пешин, ки қазияи мутлақа (куллӣ)-ро ба қазияи мутлақа (куллӣ) мутаноқиз медонистанд, собит менамояд, ки қазияҳои куллии муҷиба (“Ҳама С В аст”) ба қазияҳои ҷузъии солиба (“Баъзе С наҳамеша В аст”), қазияҳои куллии солиба (“Ҳеҷ С В нест”) ба қазияҳои ҷузъии муҷиба (“Баъзе С ҳамеша В аст”) мутаноқизанд. [2]Ҳангоми таҳқиқи масъалаи акси қазия Ибни Сино бар хилофи Арасту муқаррар кардааст, ки қазияҳои мутлақи солиба ба навъи худ мунъакис намешаванд. “Чунин одат ҷорӣ шудааст, – навишта буд ӯ, - ки аз акси қазияи солибаи мутлақа оғоз кунанд ва баён намоянд, ки он ба мисли худаш мунъакис мешавад. Вале ҳақ он аст, ки вай ҷуз ба ҳила акс надорад”[3].

Ибни Сино дар ривоҷи назарияи **қиёс** низ саҳми зиёд дорад. Вай, масалан, қиёсҳои иқтирониеро кашф кардааст, ки аз муқаддимоти ҳамлӣ ва шартӣ таълиф шудаанд. Қиёси мусовот ҳам аз ҷумлаи ихтирооти ӯст. Ӯ моҳият ва аҳамияти қиёси хулфро муфассал таҳлил кардааст. “Ҳамаи мантиқиён – навишта буд ӯ - танҳо ба таҳлили қиёсҳое таваҷҷӯҳ кардаанд, ки аз қазияҳои ҳамлӣ таълиф шудаанд ва гумон кардаанд, ки қиёсҳое, ки муқаддамоташон қазияҳои шартӣ аст, танҳо истисноӣ мешаванд.

Мо аввалан аснофи ҳамлиётро ёд мекунем, сипас баъзе иқтирониёти шартиро, ки ба табъ наздиктар ва дар истеъмол овардан саҳлтар аст, онгоҳе истисноиётро ёд мекунем, баъдан баъзе аҳволеро, ки ба қиёс тааррӯз дорад, зикр мекунем ва қиёси хулфро низ баён менамоем. Дар ин мухтасар бар ин қадар кифоят мекунем”.[4] Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон яке аз

1 Ибни Сино. ал-Ишорот ва ат-танбеҳот маъа шарҳи Насириддин ат-Тӯсӣ. Ҷ. 1. С.325-332
2 Ибни Сино. Ҳамон асар. Ҷ. 1. С.352-363.
3 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.369.
4 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.427.

навъҳои қиёс, ки ӯ онро бори аввал ихтироъ кардааст, қиёси мусовот аст. Мутафаккир дар хусуси қиёси хулф сухан ронда менависад: “Аз ҷумлаи қиёсҳои мураккаб қиёсе аст, ки ӯро “қиёси хулф” хонанд. Ва ин қиёси хулф мураккаб аст аз ду қиёс. Яке қиёсе аст аз ҷумлаи қиёсҳои иқтиронии ғариб, ки ман берун овардаам ва яке қиёси истисноӣ... Ва Аристотолис ишорат ба-д-ин кардааст, ки ман хоҳам гуфтан. Валекин ӯ ин миқдор гуфтааст, ки хулф аз шартӣ аст. Пас падид кардани он, ки хулф аз шартӣ аст, ин аст, ки ман хоҳам гуфтан”.[1]

Саҳми Ибни Синоро дар рушди илми мантиқ аз мавқеъи таҳлили мухтасар чунон аст, ки баён кардем. Вале таҳлили муфассалтари осори мантиқии ӯ метавонад зоҳир кунад, ки нақши ӯ дар тараққиёти ин риштаи илм бештар ва чашмрастар аст.

3. Масоили фалсафаи назарии Ибни Сино

Ибни Сино намояндаи бузурги машшоияи Шарқ аст. Фалсафаи машшоии ӯ дар китобҳояш «Шифо», «Наҷот», «Фалсафаи машриқия», «Донишнома», «Ишорот ва танбеҳот» ва рисолаю мақолаҳои сершумори ӯ баён шудааст. Фалсафаи ӯ чун як таълимоти том ҳам дар риштаи ҳастишиносӣ ва ҳам дар риштаи маърифатшиносӣ (шинохтшиносӣ) низоми комили як идда усул ва назарияҳои ботинан ба ҳам сахт марбутест, ки умдатарин масоили ҳастӣ ва маърифатро баён менамоянд.

Таҷавҳури аҷсом. Назарияи таҷавҳури аҷсоми Ибни Сино таълимот дар бораи мабдаҳои ҳастии ҷисми моддӣ ва олами моддӣ аст. Аз рӯи ин таълимот ҳастӣ ба ду бахш – ҷавҳар ва араз тақсим мешавад. Ҷавҳар ҳамаи он чизҳост, ки на дар мавзуъ вуҷуд доранд, балки чизест, ки ҳастии он аз чизи дигаре вобаста нест, ки ҳомили вай бошад. Пас хусусияти асосии ҷавҳар он аст, ки вай мутлақ аст. Вале мутлақияти ҷавҳар аз назари Ибни Сино нисбист, зеро Худованд аз рӯи зот, мартаба ва вазъ ба он пешӣ дорад ва гарчи ба маънии зикр шуда ҷавҳар нест (чунон ки Фомаи Аквинӣ, Декарт ва Спиноза мепиндоштанд), вале муҳаррики аввал ва сабаби ниҳоии ҷавҳар аст.

Ибни Сино ҷисми моддидро яке аз навъҳои асосии ҷавҳар дониста (ба замми ҳаюло, сурат, нафс ва ақл) таъкид кардааст, ки он дорои панҷ мабдаъ аст, ки иборатанд аз ҳаюло, сурат, адам, фоъил ва ғоят.

«Ҳаюло навишта буд Ибни Сино, - ба эътибори он ки билқувва пазирандаи сурат ё суратҳост, ҳаюло хонда ме-

1 Ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1. С.45.

шавад. Ва аз ҳайси ин ки билфеъл ҳомили сурат аст, мавзуъ гуфта мешавад... Ва ба эътибори ин ки барои ҳама суратҳо муштарак аст, модда ва тинат хонда мешавад. Ва ба мулоҳизаи ин ки мураккаб дар таҳлил ба он мунҳал мегардад ва дар мураккаб ҷузъи басити пазирандаи сурат аст, устуқус ном дорад. Ва ҳамчунин он чи ба манзалаи ӯст ва чун ба ҳамин маънӣ таркиб аз он оғоз мешавад, унсур хонда мешавад ва ҳарчи монанди ӯст».[1]

Пас, ҳаюло мавзуъи ҳама ашё ва ҳаводиси моддӣ ва шарти ташаххуси сурат, нафс ва ақл аст. Навъҳои мушаххаси он хок, об, ҳаво ва оташ аст, ки тамоми ҷисмҳо аз онҳо ба вуҷуд меоянд. Аразҳои зотии умдаи ҳаюло ҳаракат, макон ва замон мебошанд. Дар айни ҳол ҳаюло ҷавҳари мутағайир аст. Тағйироти он дар табдили ҳамешагии чор унсур ба якдигар ва таҷдиди доимии шаклҳои мушаххаси ҳастӣ зоҳир мешавад. Ин андешаҳои моҳиятан диалектикӣ дар таҳқиқоти тиббӣ, арзшиносӣ ва ҳавошиносии Ибни Сино бисёр возеҳ ва равшан баён шудаанд.

Ибни Сино ба мудаллал сохтани андешаи азалият (қидам, қадимат) ва абадияти ҳаюло таваҷҷӯҳи хоса зоҳир кардааст. Аз назари ӯ азалият ва абадияти ҳаюло тавассути чандин далел собит мешавад: 1) ба ҳар як чизи падидоянда ҳаюло пешӣ дорад; 2) ҳаракат, макон ва замон чун аразҳои зотии ҳаюло азалӣ ва абадиянд; 3) ҳаюло чун асоси куллии ҳамаи ҳастӣ ҳодис нест. Ибни Сино навишта буд: «Ба аъёни мавҷуди он мабодӣ назар мекунем ва мебинем баъзе ҳаюло коин ва фосиданд, мисли чуб барои тахт ва зоҷу ва мозу барои мидод. *Валекин ҳаюлои уло... коин ва фосид нест ва ибдоъӣ аст»*[2] яъне чунон аст, ки ба ӯ ҷуз худаш ва моҳияти Худованд ҳеч чизи дигар, ҳеҷ олат ва замон пешӣ надорад. Ибни Сино абадияти ҳаюлоро тавассути фанонопазирии он низ исбот кардааст: Ҳаюло ҳаргуна, ки тағйир ёбад ва ҳар суратеро бипазирад, ба ҳайси мавзуъи тамоми воқеъият боқӣ мемонад, зеро он ба зоти худ, бе робита ба сурат ҷавҳар аст.

Мафҳуми сурат дар осори Ибни Сино басе сермаъно аст. Дар «Шифо» он чунин таҳдид, таъриф ва баррасӣ шудааст: «[1] сурат гоҳ ҳастиеро мегӯянд, ки чун дар модда ҳосил шавад, онро навъ месозад; [2] Ва худи навъро низ сурат мегӯянд; [3] Ва шаклро ҳам билхусус сурат мехонанд; [4] Ва ҳайати иҷтимоъияро ҳам сурат меноманд, монанди ҳайати лашкар ва сурати муқаддамоти муқтарана; [5] Ва низоми маҳфузро

1 Ибни Сино. Фунуни самои табиъӣ... Теҳрон, 1319. С.37.
2 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.51.

ҳам сурат мегӯянд, монанди шариъат; [6] Ва ҳар ҳайатеро ҳам сурат меноманд; [7] Ҳақиқати ҳар чизеро ҳам сурат мехонанд, хоҳ ҷавҳар бошад, хоҳ араз...; [8] Гоҳе ҷинси аълоро низ сурат мегӯянд; [9] Гоҳе маъқулоти муфориқ аз моддаро низ сурат мехонанд». [1]

Ба кадоме аз ин маъниҳо сурат мабдаи бевоситаи ҷисм ва ҷавҳар шумурда мешавад? Бинобар ин ки аз назари Ибни Сино сурат ҷузви ҷисм аст ва ба сабаби он ҳаюлои азалӣ ва абадӣ ашё ва аҷсоми мушаххас (масалан набот, ҳайвон, инсон, тахт) мешавад, метавон натиҷа гирифт, ки ӯ суратро ба маъноҳои 1-6-ум мабдаи ҷисм ва ба маънои 7-ум ҷавҳар меномад. Аз рӯи таъбири ибни Сино сурат ба маъноҳои 1-6-ум пешнамуна ва мазҳари мафҳумҳои кунунии «сохтор» ва «сохтормандӣ» аст ва ба ин далолат мекунад, ки Ибни Сино хуб дарк кардааст, ки ҷисм бе сохтор ва созмони муайян вуҷуд дошта наметавонад. Ба маънои ҳаштум суратро метавон чун мабдаи дури ҷисм баррасӣ кард. Чунин таъбир аз он шаҳодат медиҳад, ки Ибни Сино қоил буд, ки ҷисм мабдаи мобаъдуттабиъӣ (фавқуттабиъӣ) низ дорад. Сурат ба маънии нуҳум, аз назари мо, маънии маърифатӣ ва шинохтшиносӣ дорад ва дар ин хусус дар мавриди назарияи маърифати Ибни Сино суҳбат хоҳад шуд. Аз назари Ибни Сино сурат чун ҷавҳар ҳар моҳияте аст, ки дар маҳал вуҷуд надорад ва ба зоти худ мустақил аст. Ӯ ба ҷумлаи ин гуна моҳиятҳо, ки сурат хонда мешаванд ва дар маҳал нестанд, нафси нотиқаро мансуб медонист ва чунин меҳисобид, ки ҳарчанд нафс сурати ҷисми инсон аст, вале амал ва кори ӯ нест. Ин андешаи мутафаккир ва ақидаи ӯ дар хусуси навъи олӣ (яъне Худованд) чун сурат ва ҳамчунин назарияи ӯ дар хусуси воҳибуссувари хориҷ аз табиъат машраби мусулгаройӣ доранд. Дар айни ҳол бояд гуфт, ки ӯ назарияи сурати ҷисмиро пешниҳод кардааст, ки мувофиқи он ҷисм дорои имтидоди зотӣ аст ва бе он вуҷуд дошта наметавонад. Вай ҳамчунин таълимотро дар бораи ташаххуси модда ва сурат, нафс ва тан тавассути якдигар ва ягонагии модда ва сурат ҳам дар ашёи табиъӣ ва ҳам дар ашёи сунъӣ эҷод карда, масъалаи таносуби модда ва суратро нисбат ба Арасту пайгиронатар ҳаллу фасл кардааст.

Адам чун мабдаи ҷисм аз назари Ибни Сино асли пайдоиш, тағйир, табдил, такомули ҷисми моддӣ аст. Вале на ҳамагуна адам, на адами мутлақ, балки танҳо адаме асли пайдоиш, тағйир, табдил ва такомул аст, ки шомили ҳастии хос аст, зеро адам қобилият ва истеъдоди ҳастист, ки дар моддаи

1 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.92-93.

мушаххас маҳфуз мебошад.[1] Мо дар ин андешаҳои Ибни Сино ба ташреҳи диалектикии амиқи таносуби ҳастӣ ва нестӣ бархурд дорем, ки ба муқобили назарияи адами мутлақи мутакаллимон нигаронда шудааст.

Мабдаи фоъилӣ аз назари Ибни Сино «он аст, ки сурати аҷсомро дар моддаи онҳо нақш карда ва моддаро ба сурат қивом додааст ва аз онҳо мураккабе сохта шудааст, ки ба сабаби сурататаш фоъил аст ва ба сабаби моддааш мунфаил».[2] Ин мабдаи фоъилӣ ду гуна аст: 1) мабдаи фоъилии муштараки ғайритабие, ки нахустин феълро анҷом медиҳад ва феълҳои дигар бар ӯ мутараттиб мешаванд, мисли ин ки моддаи уло ва сурати ҷисми улоро месозад ва асли аввалро медиҳад. Ба ин маънӣ мабдаи фоъилии муштарак зоти якто аст, ки ҷоиз нест бар афроди зиёд гуфта шавад. Аз ин баёни Ибни Сино маълум мешавад, ки мабдаи фоъилии муштарак ба маъонии аввал Воҷиб-ул-вуҷуд (Аллоҳ) аст, ки мабдаи нахустини тамоми мавҷудот аст. 2) Мабдаи фоъилии муштараки табиъӣ, ки дар зоти худ якто нест, балки афроди бисёрро шомил аст.

Ибни Сино дар хусуси мабдаи ғойии ҷисм баҳс карда нигошта буд: «мабдаи ғойӣ он аст, ки барои ӯ сурат дар мавод нақш меёбад»[3]. Ғоят ҳам ду гуна аст: а) ғояти муштарак, ки ғояти ҳамаи умури табиъӣ аст, ки ҳама қасди онро доранд. Ба ин маънӣ ғоят ҳамон Худованд аст; б) ғояти куллӣ, ки бар ҳар як аз ғоятҳои ҷузъии унсурӣ рост меояд. Вале азбаски Ибни Сино собит мекард, ки табиъат ғояти амдӣ надорад, пас ин андешаи ӯро на бояд ғоятгаройии содалавҳона ба маънии одатии ин мафҳум ташреҳ кард.

Хулосаи умдае, ки аз таҳлили назарияи таҷавҳури аҷсоми Ибни Сино бармеояд, он аст, ки моҳияти ҷаҳоншиносии фалсафаи табиъиёти ӯро худойгароии табиъӣ (деизм) ташкил медиҳад. Ин тамоюли ҷаҳоншиносии вай дар он зоҳир мегардад, ки ӯ мабодии наздиктарини ҷисми моддиро аз ҳаюло, сурат ва адам, мабдаи нахустини онро аз фоъили руҳонӣ – Худо иборат медонад. Аз назари вай мабдаи фоилии ҷисм мавҷуди табиъӣ нест ва воҳибуссувар берун аз табиъат аст. Ба назардошти ҳамин натиҷа бояд гуфт, ки ба Ибни Сино таъбир ва шарҳи ҳамахудоӣ (пантеистӣ)-и олам бегонааст, зеро ӯ бар хилофи ҳамахудоиён (пантеистон), чун Декарт ва Спиноза, Худоро ҷавҳар намедонад ва ягонагии ҷавҳарии олам ва Худоро тардид мекунад. Ин чунин маънӣ дорад, ки касоне, ки Ибни Синоро ҳамахудогаро (пантеист) меноманд,

1 Барои иттилоъи бештар ниг.: Ибни Сино. Ҳамон асар. С.40-42.
2 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.38.
3 Ибни Сино. Ҳамон асар.С.38

бар ҳақ нестанд.

Назарияи сабабият (иллият). Дар «Донишнома» сабаб ва мусаббаб (иллат ва маълул) чунин таъриф шудаанд: «Ҳар чизе, ки варо ҳастӣ бувад на аз чизе маълум ва ҳастии он чизи маълум ба вай бувад, вайро иллати он чизи маълум хонем ва он чизро маълули вай хонем».[1]

Дар ҳамин таъриф хусусиятҳои вижаии таълимоти сабабияти Ибни Сино дар бораи таносуби замонии сабаб ва мусаббаб, қоруззот будани сабаб, вобастагии мусаббаб аз сабаб дарҷ шудаанд. Ӯ барои ҳалли масъалаи таносуби замонии сабаб ва мусаббаб, ки дар илм ва фалсафаи кунунӣ ҳам мавриди баҳс аст, андешаи робитаи сабабии аразӣ ва зотиро пеш меоварад. Робитаи сабабии аразӣ қаблияти сабабро ба мусаббаб тақозо мекунад ва боиси мудовимати бениҳояти робитаи сабабӣ мегардад. Робитаи сабабии зотӣ бошад, ҳастии ҳамзамони сабаб ва натиҷаро дархост менамояд ва даймумати бениҳояти робитаи сабабиро ба вуҷуд намеоварад. Ин гуна робитаи сабабӣ бо сабаби нахустин, яъне Худованд меанҷомад, ки худ сабаби худ ва сабаби тамоми мавҷудоти дигар аст. Назарияи сабабияти зотиро Ибни Сино барои исботи қадимати олам истифода кардааст: чун Худо ба ҳайси сабаби зотии олам қадим ва абадист, пас олам ҳамчун мусаббаби он низ бояд азалӣ ва абадӣ бошад.

Ҳарчанд, ки Ибни Сино ҷонибдори мутлақияти сабаб аст, вале шаклҳои гуногуни робитаи сабабу мусаббабро рад намекунад. Робитаи сабабӣ пеш аз ҳама робитаи вобастагии мусаббаб аз сабаб аст: мусаббаб худ ба худ танҳо имконият аст, вай танҳо тавассути сабаб зарурӣ мегардад. Вале сабаб ё худ ба худ вуҷуд дорад, ё тавассути сабаби дигаре. Ба ин маънӣ Ибни Сино робитаи сабаб ва мусаббабро чун таъсири мутақобила, на чун робитаи мутақобила мефаҳмад. Дарки сабабият чун робитаи мутақобила бори нахуст дар асри XIX аз ҷониби Ф.Энгельс баён шуда буд.

Ибни Сино дар айни ҳол робитаи сабабу мусаббабро чун робитаи доимӣ, зарурӣ ва куллӣ шарҳ додааст. Ӯ робитаи доимии сабаб ва мусаббабро ҳамчун вобастагии мусаббаб аз сабаб дар давоми тамоми ҳастиашон маънидод кардааст. Робитаи зарурии сабаб ва мусаббаб аз назари Ибни Сино тобеъияти комил ва мутлақи мусаббаб ба сабаб аст, ки дар натиҷа мусаббаб ногузир тавассути сабаб ба вуқуъ мепайвандад. Дар навбати худ куллияти робитаи сабабӣ аз назари Ибни Сино аз он иборат аст, ки ҳама ашё ва ҳаводиси олам

1 Ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1. С.72.

(ҳатто мӯъҷиза ҳам) сабабҳои моддӣ доранд ва ҳеҷ як ашёву ҳодиса бе сабаб ба вуқӯъ намепайвандад. Дар он ҳолатҳо, ки ӯ таъсири сабабҳои фавқуттабииро эътироф мекард, онҳоро сабабҳои дури ашё ва ҳодисаҳо мешуморад. Ҳамаи ин андешаҳоро ӯ дар баҳс бо назарияи каломии сабабият, ки ё робитаи сабабиро куллан инкор мекунад, ё онро робитаи тасодуфӣ меҳисобад, ки метавонад аз ҷониби Худо қатъ карда шавад, баён карда ва ривоҷ додааст.

Андешаҳои Ибни Сино дар бораи бисёрсабабӣ ва бисёрмусаббабӣ низ басе ҷолибанд. Бисёрсабабӣ аз назари мутафаккир аз он иборат аст, ки як мусаббабро ҳамзамон чандин сабаб машрут месозанд. Ин андеша хусусан дар «ал-Қонун фӣ тибб» -и ӯ муфассал баён шудааст. Дар ин асар исбот карда мешавад, ки ҳолатҳои гуногуни организми инсон ҳамзамон метавонанд аз сабабҳои бисёр вобаста бошанд. Моҳияти бисёрмусаббабиро мутафаккир чунин баён кардааст: «Гоҳо сабаб якест, вале дар бадани одамони гуногун бемориҳои гуногунро ба вуҷуд меоварад, ё дар замонҳои гуногун бемориҳои гуногунро падид меоварад».[1] Ин андешаи Ибни Сино аз назари равишшиносӣ на танҳо барои илми тибби асрҳои миёна, балки, барои соири улум басе пуразриш буд. Ҳоло ҳам он аҳамияти равишшиносии худро аз даст надодааст.

Ба таълимоти бисёрсабабӣ назарияи чор сабаби Арасту - сабаби моддӣ, сурӣ, фоъилӣ ва ғойӣ, ки онро баъдан Ибни Сино ривоҷ додааст, сахт марбут аст. Дар боло назарияи Ибни Сино дар бораи ҳаюло ва сурат баён шуд ва он барои дарки моҳияти сабаби моддӣ ва сурӣ кофист. Дар мавриди сабаби фоъилӣ ӯ мафҳуми табиъӣ-илмӣ ва мобаъдуттабиъии онро фарқ мекунад. Ба маънои табиъӣ-илмӣ сабаби фоъилӣ мабдаъҳои бевоситаи моддии пайдоиш ва ҳаракати ашёро ифода мекунад, ки дар «ал-Қонун фӣ тибб» басе мудаллал баён шудааст. Ба маънои мобаъдуттабиъӣ (фалсафӣ) бошад, Ибни Сино зери мафҳуми сабаби фоъилӣ Худоро дар назар дорад, ки сабаби нахустини муфориқ (руҳонӣ)-и ҳастӣ аст. Ба ин маънӣ вай дар «Ишорот ва танбеҳот» навишта буд: «Бошад, ки ту гӯӣ, ки аз ин сухан лозим ояд, ки муҳаррики осмон муфориқи ақлӣ бошад. Ва пеш аз ин манъ кардаи, ки мубошири таҳрик чизе бошад ақлӣ, балки қувватест ҷисмонӣ. *Ҷавоби ту он аст, ки ин ки собит шуд, муҳаррики аввал аст ва равост, ки мулосиқи таҳрик ба маънии муҳаррики қариб ҷисмонӣ бошад».*[2] Ибни Сино дар хусуси сабаби ғойӣ сухан

1 Ибн Сина. Канон врачебной науки. Кн. 1. С.154.
2 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.204.

гуфта, бо исрор таъкид мекард, ки ғоят он аст, ки чизҳо аз баҳри вай падид оянд. Чизҳои табиъӣ дар ҳастии худ моил ба хайранд. Хайр, ки бошад, он аст, ки ҳамаи ашё онро мехоҳанд. Вале «хост» дар мавриди табиъат ин маъниро надорад, ки он (табиъат) ғаразе ва ҳадафе дорад. Ба сабаби ғоятмандии худ корҳо дар табиъат қонунан сурат мегиранд. Қонунмандии ҳаводиси табиат аз он иборат аст, ки масалан, аз донаи ҷав – ҷав, аз донаи гандум – гандум мерӯяд. Тасодуф (иттифоқ)-ҳое, ки ин қонунмандиро халалдор мекарда бошанд, аз шароит ва ҳолати гуногун вобастаанд. Ба назардошти он чи баён шуд, наметавон назарияи сабаби ғойии Ибни Синоро ба маънии одатӣ ва муқаррарии ин вожа ғоятгароии содалавҳона пиндошт. Инро низ бояд гуфт, ки ҳаргоҳ Арасту ва Ибни Сино аз хусуси чаҳор сабаб сухан мегӯяд, чаҳор ҷинси сабабро дар назар доранд, ки ҳар кадоми онҳо садҳо ва ҳазорҳо навъу фасл дорад. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки робитаи сababӣ аз назари онҳо бениҳоят ва беохир аст.

Ибни Сино робитаҳои ботинӣ ва зоҳирӣ, воқеъӣ ва ғайривоқеъиро низ мешинохт ва моҳияти онҳоро асосан дуруст тавҷеҳ кардааст. Чунин баррасии васеъи масъалаи сабабият ва дарки амиқи моҳият, навъҳо ва шаклҳои он барои таҳқиқоти илмӣ аҳамияти хосси равишшиносӣ дошт, зеро Ибни Сино муътақид буд, ки донистани моҳияти ашё донистани робитаҳои сабабии онҳост. Вале сарфи назар аз эътирофи шаклҳо, навъҳо ва фаслҳои бениҳояти робитаи сababӣ, Ибни Сино бовар дошт, ки хатти мустақими робитаҳои зотии сababӣ (на робитаҳои аразии сababӣ) мутаноҳӣ аст ва он бо сабаби нахустин – Аллоҳ таъоло, ки мавҷуди ғайритабиъӣ, ақлонӣ ва руҳонӣ аст, поён мепазирад.

Аз баёни нуктаҳои асосии назарияи сабабияти Ибни Сино ба натиҷаҳои зайл метавон расид:

- Ибни Сино шаклҳо ва навъҳои гуногуни робитаҳои сababӣ ва хусусияти доимӣ, зарурӣ ва куллии онҳоро эътироф карда, сарфи назар аз тавзеҳи сабабият чун таъсири мутақобил (на робитаи мутақобила) ду асли муҳимми диалектика – 1) асли робитаи ҳамагонӣ ва 2) асли қонунмандии ҳаводиси табиъатро тасвиб кардааст;

- Моҳияти ҷаҳоншиносии назарияи сабабияти Ибни Синоро худогаройии табиъӣ (деизм) ташкил медиҳад. Ин хулосаро андешаҳои ӯ дар бораи мафҳуми табиъӣ-илмӣ ва мобаъдуттабиъии сабаби фоилӣ ва таносуби сабаби руҳонӣ ва сабаби ҷисмонӣ тасвиб мекунанд.

Ҳаракат, макон ва замон. Аз назари Ибни Сино ҳар як

ҷисм ва ҳодисаи моддӣ дорои аразҳои зотӣ ва ғайризотӣ аст, ки фардияти онҳоро ташкил медиҳанд. Мутафаккир ҳаракат, макон ва замонро аз ҷумлаи хосиятҳои омтарин, зотӣ ва ҷудонопазири ҷисми моддӣ медонист.

Ибни Сино дар «Донишнома» навишта буд: «Ҷунбиш ба ҳақиқат мар онро гӯянд, ки андар ҷое бувад. Валекин акнун номи маънӣ дигар шудааст омтар аз ҷунбиши ҷойгоҳӣ, ки ҳар ҳоле ва бафеъл будане, ки чизеро бувад, ки вай бақувват чизе аст, аз ҷиҳати бақувват будани он чиз, онро ҷунбиш хонанд».[1]

Дар ин таърифи ҳаракат аслан ҳама андешаҳои асосии мутафаккир дар бораи моҳияти ҳаракат дарҷ шудаанд: 1) Ҳаракат на танҳо интиқоли маконӣ, балки ҳама гуна таҳаввули тадриҷии чиз аз қувва ба феъл аст. 2). Ҷаҳишҳое, ки ба як дафъа боиси тағйири заминаи ҷавҳарии ҷисм мегарданд, ҳаракат нестанд. Дар ин асос Ибни Сино ҳаракати ҷавҳариро рад мекунад. Сарфи назар аз он ки ин андешаи ӯ баъзе заминаҲои маърифатшиносӣ дорад, вале мантиқи ҳақиқии ашёро пурра акс намекунад ва ҳанӯз аз ҷониби Садруддини Шерозӣ – мутафаккири асри 17 Эрон мавриди нақд қарор гирифта буд. Аз диди Ибни Сино ҳаракат арази зотии ҷисм буда, аз он ҷудонопазир аст. Дар забони фалсафаи муосир ин андешаи Ибни Сино чунин маънӣ дорад, ки ҳаракат сифат ва хосияти ҷудонопазири модда аст. Дар бораи аз ҷониби Ибни Сино эътироф шудани вобастагии ҳаракат аз модда таърифи ҳаракат (ки дар боло зикр шуд), назарияи майли ӯ ва андешаи вай дар бораи машрут будани суръати ҳаракат ва даймумати он ба муқовимати ҷисмҳои дигар низ далел аст.[2]

Ибни Сино бар хилофи Арасту ҳаракатро на танҳо дар мақулаҳои «кайфият» («чигунагӣ»), «каммият» («чандӣ»), «айна» («куҷоӣ»), балки дар мақулаи «вазъ» («ниҳод») низ қоил буд ва боисрор таъкид мекард, ки ҳар як ҷинс ва навъи ашёе дорои кайфият ва каммияти хос аст. Бинобар ин берун аз ҳудуди онҳо наметавонанд ҳамин ҷинс, ҳамин навъ ва ҳамин ҷисми мушаххас бошанд. Вале сарфи назар аз ин андешаҳои диалектикӣ дарки ӯ дар бораи ҳаракат дар ҳудуди назарияи ғайридиалектикӣ бозистодааст, зеро (1) Тағйироти кайфиро танҳо чун тағйири хосиятҳои аразӣ медонад; (2) ҳаракати ҷавҳариро эътироф надорад; (3) ҷаҳишҳоро чун навъи ҳаракат намедонад; (4) чун Арасту муҳаррики аввали собит ва ғайримоддиро муътариф аст.

1 Ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1. С.108.
2 Ибни Сино. Фанни самоъи табиъӣ. С.189, 304, 309.

Ибни Сино масъалаи навъ ва манбаъъҳои ҳаракатро баррасӣ карда, муқаррар менамояд, ки манбаъи бевоситаи ҳаракат ё табиъати худи ҷисм ва майли нуҳуфта дар он аст (ҳаракати табиъӣ ва иродӣ) ё ҷисми дигар (ҳаракати қаҳрӣ ва аразӣ); манбаъъи бевоситаи нахустини ҳаракати ҷисми мутаҳаррик иродаи мавҷуди руҳонист, ки қувваи он бениҳоят мебошад. Ин тарзи ҳалли масъалаи манбаъи ҳаракат нишон медиҳад, ки мутафаккир дар шарҳи худогаройии табиъӣ (деисти)-и олам ва падидаҳои он бисёр пайгир аст ва ин ба ӯ имкон додааст, ки ҳаракати аҷсоми моддиро дар заминаи худи онҳо шарҳ бидиҳад. Дар бораи тамоюли худогаройии табиъии (деистии) Ибни Сино назарияи азалият ва абадияти ҳаракати ӯ низ далолат мекунад: ҳаракат аз он сабаб қадим аст, ки азалист ва мабдаи муайян надорад; Худо танҳо аз рӯи зот, мартаба ва мақом ба он пешӣ дорад, на дар замон. Ӯ навишта буд: «Ҷуз зоти Борӣ Таъоло чизе бар ҳаракат ва замон муқаддам нест ва онҳо ба зоти худ аввал надоранд».[1]

Дар фалсафаи табиъиёти Ибни Сино ҳаракат тавассути макон ва замон тавсиф мешавад. Ӯ аз рӯи суннати фалсафаи машоия маконро чун сатҳи ҷисми ҳовӣ таъриф мекунад ва дар мудаллал сохтани ҳастии айнию воқеъии он, робитаи вай ба модда ва ҳаракат ва нақди назарияҳои зеҳнии моҳияти вай сахт кӯшиш намудааст. Аз назари ӯ ҳастии айнии макон тавассути ҳастии интиқол аз ҷое ба ҷое, табдили пайгиронаи макони табиъии ҷисм ва ягонагии имтидоди маконӣ ва ҷисмонӣ исбот мегардад. Ибни Сино тавассути исботи ягонагии имтидоди маконӣ ва ҷисмонӣ тавонистааст яке аз нопайгириҳои Арастуро, ки маконро, аз як тараф, сатҳи ҳовии ҷисм, аз тарафи дигар, воқеияти новобаста аз ҷисм мепиндошт, рафъ кунад. Ҳарчанд ки Ибни Сино маконро маҳалли аҷсом медонад (чунин дарки макон дар илм ва фалсафа то асри 19 роиҷ буд), вале онро аз модда ва ҳаракат ҷудо намекард ва чунин меҳисобид, ки макони мутлақан холӣ вуҷуд надорад. Ҳамин ки аз назари мутафаккир макон арази зотӣ ва ҷудонопазирӣ ҷисм ва шарти моддии ҳаракати моддист, далели он аст, ки ӯ вобастагии маконро бо модда ва робитаи онро бо ҳаракат эътироф дошт. Ибни Сино дар бораи азалият ва абадияти макон зиёд баҳс кардааст. Ӯ азалияту абадияти маконро тавассути далелҳои азалияту абадияти модда ва ҳаракат, ки зикрашон гузашт, исбот намудааст.

Ибни Сино таҳлили моҳияти замонро ҳам аз мудаллал сохтани ҳастии айнии он оғоз менамояд. Аз назари ӯ ҳастии

1 Ибни Сино. Фунуни самоъи табиъӣ. С.379.

айнии замон машрут ба ҳастии ҳолатҳои пешин ва пасини ҳаракат ва аҷсом аст. Бинобар ин замон «қоим ба худ нест ва мумкин нест, ки қоим ба худ бошад, чун зоти ҳосиле надорад ва ҳодису фосид аст. Ва ҳар чӣ ин навҳ вуҷуд дорад, вуҷудаш баста ба модда аст. Пас, замон моддӣ аст ва бо он ки моддӣ аст, дар модда вуҷудаш тавассути ҳаракат аст. Ва агар ҳаракату тағйире набошад, замон нахоҳад буд, зероки агар қабл ё баъд набошад, замон нест. Ва агар амри мутаҷаддиде набошад, қабл ва баъд нест... Ва агар ихтилоф ва тағйире набошад, ки чизе ботил ва чизе ҳодис гардад, амре нахоҳад буд, ки баъд бошад, чунки қабле ҳам набудааст, ё амре нахоҳад буд, ки қабл бошад, чунки баъде нест. Пас, замон мавҷуд намешавад, магар ин ки таҷаддуди ҳоле бошад. Ва таҷаддуд бояд мустамар бошад, вагарна замон нахоҳад буд».[1]

Чунин таъбир ва тавҷеҳи замон ба мутафаккир имкон дода буд, ки ба таври боварибахш назарияҳои зеҳнии (субъективии) замонро рад намояд, нопайгириҳои Арастуро (оё бе нафси ҳисобгар замон вуҷуд дорад?) дар ин масъала рафъ намояд, бутлони назарияи ҷавҳарияти замонро нишон бидиҳад ва назарияи нисбияти замонро мудалал созад.

Ибни Сино дар ҳалли масъалаи азалият ва абадияти замон ба назарияи азалият ва абадияти олам вафодор монд. Ҳамин, ки ӯ замонро арази зотӣ, доимӣ ва ҷудонопазири модда ва ҳаракати азалию абадӣ медонист, далели он аст, ки азалият ва абадияти онро қоил аст. Аз сӯи дигар, вай азалият ва абадияти замонро тавассути беибтидоӣ ва беохирии худи замон исбот мекард. Дар «Шифо» ӯ навишта буд: «Аз ҷумлаи ин унсур чунин менамояд, ки замон аст, ки ночор на дар гузашта мутанноҳӣ аст, на дар оянда, зеро агар замон ниҳоят дошта бошад, яъне дар гузашта оғозе ва дар оянда анҷоме дошта бошад, ночор он гузашта ҳам қабле ва ин оянда баъде дорад».[2]

Ибни Сино зимни таҳлили моҳияти замон кӯшиш ба харҷ додааст, ки маънӣ ва мазмуни чунин мақулаҳои ба он вобаста, мисли «ал-он», «даҳр», «сармад» ва ғайраро низ дақиқ созад. Ӯ даҳрро муддати ҳастии чизҳои мутағайир ва собити руҳонӣ ва сармадро муддати ҳастии мавҷуди руҳонӣ таъбир карда ва исрор доштааст, ки ҳастии сармадӣ бартар ва болотар аз ҳастии замонӣ ва даҳрист. Ашёи моддӣ дар замон ва даҳр бо мавҷуди руҳонӣ мушорикат доранд, вале дар сармад бо ӯ шарик нестанд. Аз рӯи ин таъбир наметавон ба Муҳаммад Ғаззолӣ ризо шуд, ки фалосифа аз ҷумла Ибни Сино

1 Ибни Сино. Фунуни самоъи табиъӣ. С.254-255.
2 Ибни Сино. Фанни самоъи табиъӣ. С.268.

дар мавриди ширкати замонии олам ва Аллоҳ ба куфр ғарқ шудаанд. Чунин ба назар мерасад, ки Ғаззолӣ, ки фалсафаро дар назди устод наомӯхта, балки худомӯзӣ карда буд, ба жарфои таълимоти ӯ дар бораи таносуби замон, даҳр ва сармад нарасидааст.

Ба ин тариқ, нуктаҳои умдаи таълимоти Ибни Сино дар бораи ҳаракат, макон ва замон аз тасаввурот дар бораи айният, моддият, азалияту абадияти ин падидаҳо ва робитаи онҳо ба ҳаюло ва аҷсоми моддӣ иборатанд. Ҳамоно ҳамин нуктаҳои таълимоти мутафаккир мавриди нақди шадиди мухолифони гузашта ва ҳозираи ӯ қарор гирифтаанд. Дар ин миён хусусан Муҳаммад Ғаззолӣ басе тундрав будааст, ки дар ҷойи дигар дар бораи ӯ сӯҳбат хоҳем кард.

Азалият ва абадияти олам. Ибни Сино на танҳо аразҳои зотии ҷудогонаи аҷсоми алоҳида, балки оламро бакуллӣ азалӣ мепиндошт. Таълимоти вай дар бораи азалияти олам, ки ба дастовардҳои фалсафаи юнонӣ-румӣ ва фалсафаи бумии зурвония, даҳрия ва «асҳоби ҳаюло» муттако аст, мазмуни умдаи низоми бузурги фалсафии мутафаккирро ташкил медиҳад ва ҷамъбасти назарияи азалияти ҳаюло, ҳаракат, макон ва замон, хулосаи назарияи ӯ дар бораи ҳамҷовидии замонӣ (на ҳамҷовидии зотӣ ва сармадии) -и Аллоҳ ва олам аст. Таҳлил нишон медиҳад, ки мафҳуми қадимат ва абадияти олам дар осори Ибни Сино ду маънӣ дорад: 1) беибтидоӣ ва беохирии олам дар замон; 2) азалияти имконӣ ва билқувваи олам. Мутафаккир маънии якуми мафҳуми қадимати оламро бисёр возеҳ ва сареҳ баён кардаст, ки дар ин бора назарияи ӯ дар хусуси азалияти ҳаюло, ҳаракат, макон ва замон шаҳодат медиҳад. Таъбири дуввуми масъалаи мазкурро Ибни Сино носареҳ, муҷмал ва пардапӯш шарҳ додааст. Ӯ азалияти воқеии оламро равшан тасвиб намекунад, балки дар бораи азалияти маконии олам сухан мегӯяд ва таъкид мекунад, ки агар олам ҳастии азалии имконӣ намедошт, Аллоҳ онро ҳастии воқеӣ ва билфеъл намедод, зеро ӯ бар мумтанеъ ҳукумат надорад. Таъбири носареҳ ва пардапӯши ҷиҳати дуввуми масъалаи азалияту абадияти олам аз мутаваҷҷеҳ будани фалосифа ба дин дарак медиҳад, ки хосияти тамоми фалсафаи асрҳои миёна аст. Ҳарду ҷиҳати масъалаи азалияту абадияти олам аз ҷониби Ибни Сино на танҳо гӯшзад, балки бо як даста далелҳои тезҳушонаи мантиқӣ ва ақлӣ исбот карда шудаанд, ки муҳимтаринашон чунин аст:

1. Мабдаи ҳама мавҷудот Воҷибулвуҷуд – Аллоҳи азалӣ ва абадист. Бинобар ин олам, ки аз Воҷибулвуҷуд ҳастӣ меёбад,

бояд азалӣ ва абадӣ бошад. Дар акси ҳол ба бисёр зиддиятҳои номарғуби мантиқӣ рӯ ба рӯ шудан мумкин аст. Аз ҷумла дар ин поя ба чунин натиҷа метавон расид, ки гӯё Воҷибулвуҷуд дар ибтидо Воҷибулвуҷуд ва мабдаи муайин набуд ва танҳо тавассути чизи дигаре Воҷибулвуҷуд гардидааст.

2. Воҷибулвуҷуд сабаби азалӣ ва куллии ҳастии олам аст. То ҳангоме, ки ин сабаби азалӣ ва куллии ҳастии олам – Аллоҳ вуҷуд дорад, мусаббаби он, яъне олам ҳам вуҷуд хоҳад дошт.

3. Воҷибулвуҷуд – Аллоҳ ба имконулвуҷуд, яъне ба олам на аз рӯи замон, балки аз рӯи моҳият пешӣ дорад, чунон ки як табиъатан бар ду, сабаб ба мусаббаб табиъатан пешӣ доранд, гарчи дар замон метавонанд баробар вуҷуд дошта бошанд. Агар қаблияти Воҷибулвуҷуд ба имконулвуҷуд ҳамин маъниро дошта бошад, пас аз ин ҷо натиҷа гирифта мешавад, ки ҳардуи онҳо дар замон бояд азалӣ бошанд.

4. Олам аз он сабаб қадим аст, ки ҳар як ҳодис то пайдоиши худ дорои имконияти ҳастӣ аст. Мумтанеъ ҳаргиз пайдо намешавад ва «ҳасткунандаро дар он ҳеҷ сунъе набошад».[1]

5. Ҳар як чизи пайдошавандаро ҳаюлои азалӣ пешӣ дорад.

Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки Ибни Сино азалияти оламро тавассути исботи робитаи сабабии доимии Аллоҳ ва олам, тавассути исботи қидами ҳаюло, ҳаракат, замон ва имконияти азалии ҳастӣ мудаллал месозад.[2] Агар се далели охир дар хусуси равиши табиъӣ-илмии ҳалли масъала шаҳодат медода бошанд, ду далели аввал дар бораи таваҷҷуҳоти илоҳиётгаронаи фалсафаи Ибни Сино гувоҳӣ медиҳанд.

Ибни Сино оламро на танҳо азалӣ, балки абадӣ низ медонист. Абадияти оламро ӯ тавассути ҳамон далелҳои азалияти олам исбот мекард. Вале ҳангоми мудалал сохтани андешаи абадияти олам вай ду далели изофӣ пешниҳод кардааст. Яке аз ин далелҳоро шартан метавон далели даймумат ё далели Ҷолинус номид, ки мувофиқи он ҳар чизе, ки дар муддати дарози ҳастии худ тадриҷан нест намешавад, дар асл фанонопазир аст. Далели дуюми абадияти олам муҳимтар аст. Онро метавон далели фанонопазирии ҷавҳари олам номид. Ибни Сино навишта буд: «Ҷавҳари олам наметавонад нест шавад, зеро сабабе, ки онро нест кунад, ба тасаввур намеояд. Барои фано пазируфтани чизи фанонопазир ногузир сабабе бояд бошад. Ё ин сабаб Иродаи қадим аст, вале муҳол бошад, ки он бувад, зеро агар вай мехост, ки ин чиз вуҷуд дошта бошад

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.182.

2 Барои иттилоъи бештар ниг.: М.Диноршоев. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе, 1985. С.123-136.

ва баъдан ирода мекард, ки он вуҷуд надошта бошад, пас ногузир тағйир мепазируфт. Ё эътироф бояд кард, ки Қадим ва Иродаи ӯ дар ҳама ҳолат бетағйир боқӣ мемонанд, гарчанде, ки мавзуъи хости вай аз нестӣ ба ҳастӣ ва аз ҳастӣ ба нестӣ интиқол меёбад. Ин нукта, ки ҳастии чизи ҳодис дар замон наметавонад ба Иродаи қадим машрут бошад, далел бар он аст, ки муҳол аст он чиз фано пазирад».[1]

Аз ҳамаи усули фалсафаи Ибни Сино бештар ҳамин усули азалият ва абадияти олам ба ҳарифони ақидати ӯ номақбулу нописанд афтоданд ва мавриди нақди шадиди мухолифони вай қарор гирифтанд. Масалан, Муҳаммад Ғаззолӣ ин назарияи машшоиёнро дар асарҳои худ «Таҳофут-ул-фалосифа» ва «ал-Мунқиз мин аз-залол» баррасӣ карда, исбот мекард, ки он ҷиддан ба ислом зид аст ва ҳеҷ мусулмоне ҷуръат накардааст, ки чунин андешаеро баён ва тасвиб кунад[2]. Ба назар мерасад, ки дар ин замина ба куфр муттаҳам кардани файласуфони машшоӣ бепоя аст. Муҳаммад Ғаззолӣ чунон ки пеш гуфтем, ақоиди Ибни Синоро дар бораи сармад, даҳр ва замон ба таври кофӣ таҳлил ва дуруст дарк накардааст. Агар ӯ ин назарияи Ибни Синоро бо назардошти ақоиди вай дар бораи даҳр ва сармад муфассал таҳлил ва дарк мекард, мефаҳмид, ки таълимоти Шайхурраис дар бораи ҳамҷовидии замонии Худо ва олам ҳеҷ гуна рабте ба куфр надорад, зеро Худо азалӣ, абадӣ ва Воҷибулвуҷуд ба зоти худ аст. Вале олам ба зоти худ танҳо имконулвуҷуд мебошад ва тавассути Воҷибулвуҷуди биззот воҷибулвуҷуд ба ғайр мегардад.

Ҷиҳатҳои фалсафии таълимоти Ибни Сино дар бораи нафс. Таълимоти Ибни Сино дар бораи нафс ҷиҳатҳои бисёр дорад. Ҷиҳати фалсафии назарияи нафси ӯ масъалаҳои нафс ҳамчун камол ва ҷавҳар, пайдоиш ва таҳаввули нафс, таносуби нафсу тан, таносух ва мақоми маърифатии нафсро шомил аст.

Ибни Сино бо пайравӣ ба Арасту нафсро чун камоли ҷисми табиъии олӣ (зинда), ки ҳомили падидаҳои ҳаётӣ аст, таъриф мекунад. Аҳамияти назарӣ ва равишшиносии чунин таъриф аз он иборат аст, ки вай аз ибтидо тасаввуротро дар бораи зинда будани тамоми табиъат истисно мекунад ва таъкид менамояд, ки ҳаёт ва фаъолияти равонӣ танҳо дар зинаи моддаи олӣ (зинда) пайдо мешавад. «Нафс, ки дар пайи таҳдид [таъриф]-и онем камоли аввали ҷисми табиъии олӣ [зинда – М.Д.] аст, ки афъоли ҳаётӣ содир мекунад».[3]

Барои он ки арзиши таъбири нафс чун камол ба таври

1 Иқтибос аз: Муҳаммад ал-Ғазолӣ. Таҳофут ал-фалосифа. Бейрут, 1341. С.83-84.
2 Ниг.: Муҳаммад ал-Ғазолӣ. Ал-Мунқиз. С.101-104.
3 Ибни Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. ан-Нафс. ал-Қоҳира. 1395. С.10.

шоиста дарк шавад, зарур аст ба ин суол ҷавоб бидиҳем, ки «нафс чист?» Хулосаи ҷавоби Ибни Сино ба ин суол чунин аст: дар дараҷаи растанӣ нафс қобилияти ғизо гирифтан, болидан ва тавлиду таксири навъи худ аст; дар дараҷаи ҳайвон илова бар ин нафс қобилияти ҳаракати иродӣ ва донистани чизҳои фардист; дар дараҷаи инсон нафс ба ҷуз қобилиятҳои номбурда, қобилияти маърифат ва фаъолияти ақлонӣ аст. Ба назардошти ин баён нафс чун камол қобилияти ғизо гирифтан, болидан, тавлиди мисли худ, ҳаракати иродию ақлонӣ ва неруи донистани чизҳои фардӣ ва маърифати суратҳои ҷузъию куллии онҳост. Ҳаргоҳ, Ибни Сино ин қобилиятҳоро мунтабиъ дар модда ва ҷисм медонист ва исрор мекард, ки онҳо танҳо тавассути ҷисме вуҷуд доранд, ки ҳомили онон аст, назарияи худро дар бораи нафс чун камол аз роҳи фалсафаи табиъиёт шарҳ медод. Вале ҳар гоҳ ӯ тасдиқ мекард, ки нафси нотиқ ва қобилияти ақлонии инсон як чизи муфориқ, руҳонӣ ва ҷавҳари қоруззоти абадии фанонопазир аст ва хосияти модда намебошад, заминаи фалсафаи табиъиётро тарк карда ба мавқеи мусулгаройӣ гузар мекард.

Ибни Сино нафсро чун камоли ҷисми табиъии олӣ (зинда) таъриф карда, хусусиятҳои ҷисми зинда ва тафовутҳои умдаи онро дар дараҷаи наботот, ҳайвонот ва инсон дуруст таъин кардааст. Ӯ мушаххасоти олами наботот, ҳайвонот ва инсонро муайян намуда, байни онҳо сади ногузар муқаррар намекард, балки ягонагии онҳоро таъкид менамуд. Аз ин сабаб ӯ андешаи Арастуро дар бораи ин ки навъҳои олии нафс навъҳои сифлии зерини онро фаро мегиранд, вале танҳо аз онҳо иборат нестанд, сахт ҷонибдорӣ кардааст.

Хулосаи ҷустуҷӯҳои Ибни Сино дар бораи пайдоиши нафс чунин аст: нафс чунон ки Афлотун пиндоштааст азалӣ нест, балки ҳамзамон бо ҷисме пайдо мешавад, ки омодааст онро бипазирад. Вале сарфи назар аз эътирофи ҳамзамонии пайдоиши нафс ва ҷисми ҳомили он, таълимоти Ибни Синоро дар ин бора наметавон таълимоти пайгиронаи фалсафӣ-табиъӣ донист, зеро ӯ исрор дорад, ки ҷисм на сабаби фоъилии нафс аст, на сабаби моддӣ, на сабаби сурӣ ва на сабаби ғойии он; байни нафс ва ҷисм танҳо робитаи сабабии аразӣ вуҷуд дорад. Бинобар ин барои таъини дақиқтари моҳияти ҷаҳоншиносии таълимоти Ибни Сино дар бораи пайдоиши нафс зарур аст, ки назарияи ӯ дар бораи таносуби нафсу тан мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор бигирад. Хулосаҳои умдаи мутафаккир дар ин мавзуъ чунинанд: 1) Нафсу тан дар ҳолати робитаи мутақобила ва таъсири мутақобил вуҷуд до-

ранд. Нафс мабдаи зинда будан, мабдаи ҳама ҳаракатҳо ва ҳаяҷонот ва маърифатҳои тан аст. Он танро тадбир мекунад ва ба ҳама ҳолатҳои равонию ҳаётии вай таъсир мерасонад. Тан дар навбати худ ба нафс дар кори иктисоби дониш ёрӣ мерасонад, онро мушаххас месозад ва такмил медиҳад. Ҳолати нафс ба тан ва мизоҷи он тобеъ аст; 2) Нафсҳои наботӣ ва ҳайвонӣ ҷисмонианд ва бинобар ин мунтабиъ дар ҷисм (тан) мебошад; ҳамзамон бо тан пайдо ва нест мешаванд; 3) Ҳарчанд нафси нотиқаи инсонӣ ҳамроҳ (ҳамзамон) бо ҷисми пазирои худ ба вуҷуд меояд, вале ҷисмонӣ нест, дар ҷисм мунтабеъ намебошад ва баъди фанои ҷисми пазирои худ фано намепазирад, балки ҷовидона боқӣ мемонад. Пас, маълум мешавад, ки Ибни Сино фақат нафси наботӣ ва ҳайвониро амал ва хосияти ҷисм медонад. Нафси нотиқаи инсониро амал ва хосияти ҷисм намеҳисобад. Ин нуктаи охирин ба дастовардҳои назарияи тиббии худи ӯ, ки дар ҳудуди он вобастагии комили падидаҳои равонӣ ба ҷисм – ба мағзи сар таъкид мешавад, зид аст.

Андешаи Ибни Сино дар бораи абадияти нафси нотиқа натиҷаи назарияи ҷавҳари руҳонӣ будани нафси нотиқа аст. Ӯ ҷавҳарияти нафси нотиқаро дар он мебинад, ки он (1) сабаби ҳастии билфеъли ҷисми худ аст; (2) мукаммил ва холиқи навъи ҷисми зиндаи олӣ (органикӣ) мебошад; (3) сурати номунтабиъ ва нодохил дар ҷисм аст. Вале ин далоили ҷавҳарияти нафси нотиқа, ки Ибни Сино пешниҳод кардааст, на танҳо аз назари илми кунунии физиология фаъолияти олии асаб, балки аз дидгоҳи назарияи тиббии худи мутафаккир ҳам, ки ҳама падидаҳои равонӣ, ақлонӣ ва нафсониро ба мағзи сари инсон тобеъ медонист, далоили қотеъ нестанд. Назарияи ҷавҳарият ва абадияти нафси нотиқаи Ибни Сино ба андешаи ӯ дар бораи азалӣ набудани нафс ва фанопазир будани чизҳои замонӣ мухолиф аст.

Масъалаи таносухи нафс, яъне интиқоли нафс аз бадане ба бадани дигар, дар осори Ибни Сино муфассал таҳқиқ шудааст. Мухтасари ақоиди ӯ дар ин масъала чунин аст: ҳеҷ гуна таносух – ҳеҷ гуна интиқоли нафс аз бадане ба бадани дигар вуҷуд надорад, зеро (1) нафсе, ки дар як бадан ташаххус ёфтааст, барои бадани дигар коромад нест, чунки он ба мизоҷи ин бадани нав мутобиқат нахоҳад кард; (2) робитаи нафс ба бадан, робитаи зарурист, на тасодуфӣ. Инкори таносух зарбаи қонкоҳ ба тасаввуроти устуравие буд, ки дар даврони Ибни Сино сахт роиҷ буданд.

Маърифат ҳамчун инъикос. Дар низоми фалсафаи назарии

Ибни Сино масъалаҳои маърифат ҷойгоҳи хос ва муҳим доранд. Дар низоми фалсафии ӯ бештари масъалаҳои маърифат дар қисмати табиъиёти он, хусусан дар бахше, ки ба равоншиносӣ марбут аст, таҳлил шудаанд. Инро ҳанӯз А.М. Баҳоваддинов мушоҳида карда ва навишта буд: «Абӯалӣ Сино назарияи маърифатро ба фасли табиъиёт ворид карда буд». Дар ҳақиқат мо дар китоби «Нафс» -и «Шифо» таҳлили бисёр масъалаҳои маърифат, аз ҷумла моҳияти маърифат, маърифат чун инъикос, механизми физиологӣ ва равоншиносии маърифат, маърифати ҳиссӣ ва сохтори он, маърифати ақлӣ ва навъҳои вай, моҳият ва аҳамияти ҳадс, нақди назарияи тазаккури Афлотун ва ғайраро пайдо мекунем. Масъалаҳои равиш (метод) ва васоити таҳсили маърифат, нақши шаклҳои тафаккур дар раванди маърифат, маърифати иктисобӣ ва ғайрииктисобӣ, ҳақиқияти маърифат дар қисмати мантиқи низоми фалсафии мутафаккир баррасӣ шудаанд. Дар он қисмати «Шифо», ки Илоҳиёт ё мобаъдуттабиъа ном дорад ва таҳлили масоили фалсафаи улоро шомил аст, баррасии масоили маърифат бисёр кам ба назар мерасад. Мо дар ин ҷо асосан таҳқиқи масъалаҳои моҳият ва хусусиёти дониши илоҳиро пайдо мекунем. Дар осори дигарӣ ӯ, ки нисбат ба «Шифо» каммуҳтавотаранд, низ ҳамин ҳолат ба чашм мерасад. Ин ҳақоиқ нишон медиҳанд, ки масъалаҳои маърифат дар асрҳои миёна ба ҳайси фасли мустақили фалсафа ба маънии хоси он ҷудо нашуда буданд: фалсафаи уло, чунон ки аз осори Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Мискавайҳ, Ибни Рушд, Насируддини Тусӣ ва дигарон бармеояд, таълимот танҳо дар бораи усули куллии ҳастӣ буд, вай ҳанӯз таълимот дар бораи маърифат нагардида буд. Дар Аврупои Ғарбӣ ҳам маърифатшиносӣ (шинохтшиносӣ) танҳо дар асрҳои 17-18 қисмати таркибӣ ва мустақили фалсафа гардид.

Ибни Сино сахт мӯътақид буд, ки олам донистанӣ аст ва маърифат аз инъикоси сурати ашё дар ҳис ва ақли инсонӣ иборат мебошад. Вай дар «Ишорот ва танбеҳот» навишта буд: «Маърифати чиз он бувад, ки ҳақиқати вай дар ҳис ва ақли мудрик, ки онро мушоҳида мекунад, мутамассил гардад. Ва он ҳақиқат ё ҳақиқати он чиз аст, ки ба ҳангоми маърифат берун аз мудрик аст, ё ҳақиқате аст, ки дар аъёни хориҷ билфеъл вуҷуд надорад, мисли бисёре аз ашколи ҳандасӣ ва ҳатто аксари мафрузот, ки фарзашон дар ҳандаса мунтанеъ набувад, вале аслан дар вуҷуд наоянд, ё мисли ҳақиқате аст, ки дар зоти мудрик бе ҳеҷ тафриқа муртасим мешавад».[1]

1 Ибни Сино. ал-Ишорот ва ат-танбеҳот. Миср. Дор ал-маъориф. Ат-табъ 2. Ал-Қисм 2. С.359-365.

Ин ақидаро, ки таълимоти Ибни Сино дар бораи маърифат назарияи инъикос аст, бо чандин далел метавон мудаллал сохт. Вале бо ин далелҳо иктифо мекунем: 1. Дар мавриди баёни таълимоти худ дар бораи маърифати ҳиссӣ ӯ боисрор исбот мекард, ки маърифати ҳиссӣ инъикоси сурати ашё дар ҳисси инсон аст, ки зери таъсири бевоситаи ашё ба вуҷуд меояд. Аз ин сабаб ӯ навишта буд, ки маънии ибораи «ман чизе хориҷиро эҳсос кардам», иборат аз он аст, ки он чиз дар ҳисси ман мунтабиъ, муртасим ва мунъакис гашт. Вале маънии ибораи «ман чизеро дар нафсам эҳсос кардам» он аст, ки сурати худи ашё дар нафси ман инъикос ёфт, мутамассил ва мунтабиъ гашт. 2. Ибни Сино назарияи файзи абсори мутафаккирони бостониро нақд карда, назарияи инъикоси абсорро пешниҳод кардааст. «Абсор, - навишта буд Ибни Сино, - аз он вобаста нест, ки чизе аз мо ба сӯи ҷисми маҳсус фоиз мегардад. Пас, мо ба он сабаб мебинем, ки чизе аз ҷисми маҳсус ба мо ворид мешавад. Чун он ҷисми ашё нест, пас чизи воридшуда сурати он аст».[1] 3. Ибни Сино ҳангоми тадвини назарияи таҷриди худ боисрор исбот мекард, ки сурати комили ашё ва мафҳумҳои куллии онҳо дар натиҷаи фаъолияти таҷридии ҳисҳо ва ақл ба вуҷуд меоянд.

Ба назардошти он чӣ баён шуд ва ба шарти ба эътибор гирифтани таълимоти Ибни Сино дар бораи ҳақиқат ва кизб бояд гуфт, ки назарияи маърифати Ибни Сино тамоюли муроқибавии моддигароёна дорад. Ин тамоюл дар он зоҳир мегардад, ки (1) манбаъи эҳсос, пазириш, тасаввур, лафз ва андешаҳо воқеияти айнӣ дониста мешавад; (2) маърифат чун инъикоси сурати ашё дар эҳсос ва ақл маҳсуб мешавад; (3) лафзҳо ва андешаҳо чун инъикоси хусусият ва робитаҳои куллӣ ва куллитарини ашё дар ақл маънидод мегарданд. Вале ба сабаби эътирофи ақли муфориқ – ақли фаъол чун манбаъи маърифат, тамоюли модигароёна дар назарияи маърифати ӯ пайгирона баён нашудааст. Дар навбати худ муроқибавияти назарияи маърифати ӯ машрут ба заъфи амалияи ҷамъиятӣ, аз ҷумла равиши таҷрибавӣ ва озмунӣ буд.

Таълимоти Ибни Сино дар бораи моҳияти маърифат ба руҳи назарияи Арасту созгор ва ба назарияи тазаккури Афлотун мутлақан мухолиф аст. Ибни Сино бар хилофи Афлотун муътақид аст, ки маърифатро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон ҳамчун тазаккур таъбир кард, зеро тазаккур ба ёд овардани чизҳои фаромушшудааст. Илова бар ин вай бар хилофи Афлотун ақида дошт, ки нафс азалӣ нест, балки ҳамроҳ (ҳамзамон) бо

1 Избранные произведения мыслителей Ближнего и Среднего Востока. М., 1961. С.224.

ҷисм пайдо мешавад, ки омодаи пазируфтани вай аст. Бинобар ин он пеш ҳеҷ гуна маърифате надошт, ки дар зулмоти нафс фаромӯш шуда бошанд ва баъдан мутобиқ ба шароити муайян ба ёд биёянд ва ба ёд оварда шаванд.

Ақоиди Ибни Сино дар бораи маърифат чун инъикос (интибоъ, иртисом) мавриди эрод ва нақди мутакаллимон гардиданд. Масалан, Фахруддини Розӣ (асри 12) чунин меҳисобид: (1) агар маърифат инъикос бошад, пас барои он ки мо хатти мустақимро бидонем худамон бояд мустақим шавем ва барои он ки доираро бидонем худамон бояд мудаввар гардем. Ва агар бихоҳем дар як вақт чизи мустақим ва мудаввarро бидонем, бояд дар як вақт ҳам мудаввар ва ҳам мустақим бошем. Вале ин муҳол аст; (2) Азбаски мудрики моҳияти ҳаракат ва сукун, истиқомат ва истидорат ҷавҳари нафс аст, пас он дар як вақт бояд ҳам мутаҳаррик ва ҳам сокин, ҳам мустақим ва ҳам мустадир бошад. Аммо ин амрест муҳол; (3) Тибқи назари Ибни Сино агар мо кӯҳе ё дарёеро тасаввур кунем, бояд сурати он кӯҳ ё дарё дар таҷвифи аввали димоғи мо муртасим шавад. Вале ин муҳол аст, зеро ин гуна сурати бузург дар чунин макони хурд, ки димоғи мост наметавонад бигунҷад. Ин далоили Фахруддини Розӣ дар он бора шаҳодат медиҳанд, ки ӯ моҳияти аслии назарияи маърифати Ибни Синоро дуруст дарк накардааст ва пай набурдааст, ки «эҳсос тасаввурест, ки дар ҳисси мо пайдо мешавад, на худи ашёи хориҷӣ».[1] Ӯ нафаҳмидааст, ки он чӣ дар натиҷаи инъикос ба нерӯҳои маърифатии мо ворид мегардад, на ҷисми ашёст, балки сурати руҳонии он аст ва чун сурати ҷисмонӣ ҳаҷм надорад ва маконгир нест. Муҳаққиқи муосири мисрии араб Усмон Наҷотӣ ҳам Ибни Синоро аз мавқифи Фахруддини Розӣ нақд кардааст. Ибни Сино худ ин эродҳоро дарк мекардааст. Бинобар ин дар китоби «Нафси» Шифо» овардааст, ки «сазовортар ва баҷотарин шакке, ки метавонад касе эрод кунад, ин аст, ки бигӯяд: «чӣ гуна сурати кӯҳе, балки сурати оламе дар олати кучаке, ки қувваи мусаввираро ҳамл кунад, мусаввар мегардад? Гӯем: иҳота ва иттилоъ ба инқисоми аҷсом ба аҷзои ғайрулниҳоя моро аз маунати посухи ин шак осуда мекунад. Ва чунон ки сурати олам дар ойинаи кучаке муртасим мешавад, дар ҳадиқа низ муртасим мегардад. Ба-д-ин тавр ки он чи дар ин ду муртасим мешавад, мутобиқи он акҷом ёбад, зеро ҷисми сағир ба тавозии ҷисми кабир аз ҳайси адад ва шакл мунқасим мешавад, агар чӣ ин ду қисм дар миқдор мухолифанд. Ва ҳоли иртисоми сурати хаёлӣ дар маводи худ

1 Абуали ибн Сина. Избранные произведения. Т.1. С.136.

чуни наст. Пас нисбати он чӣ сурати хаёлӣ дар он иртисом меёбад, дар кучакӣ ва бузургии ин маҳалли иртисом монанди ин нисбати ин ду чиз аз хориҷ бошад дар узм ва суғри онҳо бо муроъоти ташабуҳ дар буъд».[1]

Маърифати ҳиссӣ ва навъҳои он. Аз назари Ибни Сино маърифат чун инъикос дар шакли маърифати ҳиссӣ ва ақлӣ таҳаққуқ меёбад, ки ҳар кадоми онҳо чандин навъ доранд. Ба назардошти назарияи маърифат чун инъикос Ибни Сино муътақид буд, ки маърифати ҳиссӣ интибоъи сурати ашё ва мафҳумҳои ҷузъии он дар ҳисси муъарриф (донанда) аст. Вай тавассути панҷ ҳисси зоҳирӣ (биноӣ, шунавоӣ, басовандагӣ, буёиӣ ва чашоӣ) ва панҷ ҳисси ботинӣ (ҳисси муштарак, тасаввур, ваҳм, тахайюл, ҳифз), ки барои ҳайвон ва инсон муштараканд, ба вуҷуд меояд. Вале мутафаккир байни ҳисҳои ҳайвон ва инсон тафовутҳои ҷиддӣ қоил аст: 1. Ҳисси муштарак ва тасаввури инсон ҳамроҳ бо лафз аст, ки барои ташаккули сурати комили чиз, таҷдид ва аз нав ба вуҷуд овардани он кӯмак мерасонад; 2. Ҳиссҳои инсон ба ақл тобеъанд ва бо нури он мунаввар гаштаанд. Бинобар ин инсон тавассути ҳиссҳои худ чизҳоеро маърифат мекунад, ки ҳайвонҳо ба донистани онҳо қодир нестанд.[2]

Ибни Сино ҳарчанд панҷ ҳисси зоҳир ва панҷ ҳисси ботинро бармешуморад, «вале танҳо се навъи маърифати ҳиссро фарқ мекунад, ки иборатанд аз эҳсос, тасаввур ва ваҳм».[3] «Эҳсос, - навишта буд Ибни Сино, - инъикоси сурати чиз аст, ки аз модда таҷрид шудааст ва дар ҳис мунтабиъ гардидааст».[4] Ӯ хусусиёти эҳсосро ба ҳайси маърифати ҳиссӣ чунин муқаррар мекунад: 1. Эҳсос танҳо таҳти таъсири бевоситаи ашё ба олатҳои ҳис пайдо мешаванд ва аз ин сабаб чун ашё аз мадди назари эҳсоскунанда ғоиб шавад, сурати он низ зоил мегардад. 2) Эҳсос маърифати мушаххаси ҳиссист, зеро суратҳое, ки ҳисҳо ташаккул медиҳанд, ҳоло ҳам хусусияти моддӣ доранд ва ба куллӣ аз модда таҷрид нашудаанд. Бинобар ин баъди қатъ шудани таъсири ашё дер боқӣ наменамонанд. 3. Дар дараҷаи ҳиссҳои зоҳирӣ эҳсос қодир нест, ки сурати комили ашёро бигирад, зеро ҳар як олати ҳис танҳо мавзуъи эҳсоси худашро маърифат менамояд ва байни он чӣ худаш маърифат мекунад ва он чӣ ҳиссҳои дигар медонанд, робита муқаррар карда наметавонанд.

1 Ибни Сино. Ал-Фанну-с-содис мин китоб-уш-Шифо. Тарҷумаи «Равоншиносиӣ» -и Шифо». Техрон, 1348. С. 278-279.
2 Ибни Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. ан-Нафс. С.162.
3 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.53.
4 Ибни Сино. ан-Наҷот. ал-Қоҳира. 1338. С.261.

Вазифаи ташкил додани сурати комили ашёро ҳисси муштарак анҷом медиҳад. Вай ба ин кор ба он сабаб қодир аст, ки маркази ҳама ҳиссҳои зоҳирӣ ва ботинӣ аст. Ба ин сабаб ҳар чиро, ки медонад ҳамзамон «мебинад, мешунавад, мебасовад ва мечашояд».[1] Азбаски маркази ҳисси муштарак таҷвифи пеши димоғ (мағзи сар) аст, метавон гуфт, ки аз назари Ибни Сино вазифаи ташаккул додани сурати комили ашёро худи димоғ адо мекунад. Ибни Сино чунин мешуморид, ки ҳисси муштарак барои ташаккул додани сурати комили ашё аз таҷрибаи пешин низ баҳра мебарад. «Ҳаргоҳ мо, - навишта буд ӯ, - овози шахси муайян ва шиносро мешунавем, мо ӯро ба таври комил дарк мекунем ва мешиносем. Ин ба он сабаб рух медиҳад, ки мо пеш аз ин медонистем, ки соҳиби ин овоз - соҳиби ин сурат аст».[2] Вале ҳисси муштарак сурати комили мушаххаси ҳиссии чизро танҳо дар заминаи пазируфтани таъсири бевоситаи он ташаккул медиҳад.

Тасаввур чун навъи маърифати ҳиссӣ ташаккули сурати куллитар ва муҷаррадтари ашёест, ки дар заминаи суратҳои ҳифзшудаи эҳсос, ҳисси муштарак ва фикрат ба вуҷуд меояд. Хусусиёти тасаввур ба ҳайси маърифати ҳиссӣ чунинанд: а) тасаввур нисбат ба ҳисси муштарак маърифати муҷаррадтар аст, зеро вай сурати чизро аз моддаи он ба таври комилтар ҷудо мекунад; б) тасаввур барои такроран пайдо шудани сурати чиз дар он ба таъсири бевоситаи вай ниёз надорад. Вай метавонад дар заминаи робитаи падидаҳои равонӣ ба вуҷуд биояд; в) суратҳое, ки тасаввур ба вуҷуд меорад, нисбат ба суратҳое, ки ҳисси муштарак ташаккул медиҳад, омтар ва куллитаранд. Вале онҳо ба он дараҷа куллӣ ва ом нестанд, ки ҳама маҷмуъи ашхоси ҳамин ҷинсро дарбар гиранд: г) суратҳои тасаввурӣ сарфи назар аз муҷаррад ва куллӣ буданашон дар ҳудуди суратҳои ҳисси боқӣ мемонанд, зеро тасаввур суратро аз модда таҷрид мекунад, вале наметавонад онро аз сифатҳои лоҳиқии модда қатъан барӣ созад.

Ваҳм ба ҳайси тафаккури мушаххаси ҳайвонӣ навъи олии маърифати ҳиссӣ аст. Вай аз маърифати чунин лафзҳои худ ба худ ғайримоддӣ, вале аразан мавҷуд дар модда, мисли хайр, шарр, дӯстӣ, душманӣ ва дигарон иборат аст. Аз назари Ибни Сино хусусияти ваҳм ҳамчун навъи олии маърифати ҳиссӣ аз он иборат аст, ки он «суратҳои маърифатшавандаро аз лавоҳиқи модда ҷудо намесозад, зеро он суратро як чизи фардӣ мегирад, онро мутобиқ ва мувофиқ ба модда дармеё-

1 Ибни Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. Ан-Нафс.С.133.
2 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.133.

бад, онро дар робита бо сурати ҳиссӣ… ва бо иштироки тасаввур маърифат мекунад».[1] Сарфи назар аз ин, ки ваҳм маърифати андеша (идея) аст, вале дар пояи онҳо лафзҳои куллӣ пайдо намешаванд, зеро ваҳм танҳо ба маърифати андешаҳои (идеяҳои) ҷузъӣ сарукор дорад, ки аз лавоҳиқи моддӣ пурра таҷрид нашудаанд ва дар робитаи қавӣ ба сурати ашё дарк гардидаанд. Ибни Сино ба ин суол, ки «агар андешаҳои (идеяҳои) ғайримоддӣ дар ҳисҳои зоҳир мунтабеъ намешуда бошанд, пас чӣ гунна дониста мешаванд?» - чунин ҷавоб дода буд: «Аз роҳи илҳоми илоҳӣ, таҷриба ва муқоиса». Мутафаккир илҳоми илоҳиро ба ҳайси роҳи асоситарини маърифати андешаҳо пазируфта, мавқеъи таҳлили фалсафӣ-табиъии масъаларо тарк мекунад ва роҳи назарияи маърифати ирфониро пеш мегирад.

Таълимоти Ибни Сино дар бораи ваҳм ба ҳайси тафаккури мушаххаси ҳайвонӣ аз назари интиқоли тадриҷӣ аз қувваҳои мудрикаи ҳайвонӣ ба фаъолияти ақлонии инсон бисёр ҷолиб аст. Ин андеша, ки баъзе шаклҳои содаи тафаккур байни ҳайвоноти олӣ ва инсон муштараканд, ба илми кунунӣ низ бегона нест.

Таҳлил нишон медиҳад: 1. Ибни Сино ҳангоми таъбири моҳияти маърифати ҳиссӣ ба таври собит дар мавқеи назарияи инъикоси муроқибавӣ қарор дорад. 2. Бисёр андешаҳои ӯ дар бораи маърифати ҳиссӣ то ҳанӯз аҳамияти илмии худро аз даст надодаанд. Масалан, андешаи ӯ дар бораи эҳсос чун маърифате, ки таҳти таъсири бевоситаи ашё пайдо мешавад, ҳисси муштарак чун мудрики сурати комили ашё, хусусияти эҷодӣ ва таҷдидӣ доштани тахайюл ва механизми фаъолияти маърифатӣ аз ҷумлаи ҳамин андешаҳоянд. 3. Мафҳуми «маърифати ҳиссӣ» дар фалсафаи Ибни Сино нисбат ба фалсафаи атиқа ва муъосир ҷомеътар аст. Масалан, на дар фалсафаи атиқа, на дар фалсафаи муъосир таълимот дар бораи ваҳм чун нерӯи маърифатӣ ва навъи маърифати ҳиссӣ вуҷуд надорад.

Маърифати ақлӣ, моҳият ва навъҳои он. Ибни Сино нобасандагии маърифати ҳиссиро барои ошкор кардани муносибат, робита, қонунмандиҳои ашё ва фаъолияти амалии инсон дарк карда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки моҳияти маърифати ақлӣ ва равишҳои ташаккули онро ҳарҷониба таҳлил намояд. Аз назари ӯ маърифати ақлӣ шакли соф инсонии маърифат аст, ки дар заминаи қобилияти ақлонии вай пайдо шудааст. Он аз инъикоси суратҳои куллии муҷарради ашё дар ақл

1 Ибни Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. ан-Нафс. С.52.

иборат аст. Агар суратҳои ашё худ ба худ муҷаррад бошанд, маърифати ақлӣ аз интибоъи одии онҳо дар ақл иборат мегардад. Вале агар суратҳои ашё худ ба худ муҷаррад набошанд, маърифати ақлӣ аз комилан таҷрид кардани суратҳо аз модда ва лавоҳиқи он ва дар ақл мунтабиъ сохтани онҳо иборат хоҳад буд. Дар натиҷа лафзи куллие ба вуҷуд меоянд, ки чун маҳмул дар бораи маҷмуъи чизҳои бисёр гуфта мешаванд, масалан, чун лафзи «инсон», ки ҳамаи фардҳои инсониро шомил аст.[1] Пас, маърифати ақлӣ бар хилофи маърифати ҳиссӣ маърифати хосиятҳо, робитаҳо ва муносибатҳои куллии айнии ҳам мавҷудоти моддӣ ва ҳам мавҷудоти ғайримоддӣ (руҳонӣ) аст. Маърифати ақлӣ чун маърифати куллиёт дар айни замон маърифати моҳияти ашё низ мебошад, зеро куллиёт, ифодаи моҳияти ашёи мудрак аст. Аз назари Ибни Сино хусусияти муҳимми маърифати ақлӣ аз он иборат аст, ки он дар заминаи ташаккули лафзи куллии ашё таҳаққуқ меёбад. Вале суол ба миён меояд, ки куллиёт дар ақл чӣ гуна инъикос меёбад ва мунтабиъ (муртасим) мегардад, то ки лафзи онҳо ташаккул ёбад? Ибни Сино ба ин суол чунин ҷавоб додааст: агар сухан аз боби маърифати кулл дар аҷсоми моддӣ ва ташаккули лафзи онҳо равад, пас ақл дар ибтидои фаъолияти худ ин амалро тавассути хиссҳо анҷом медиҳад, вале агар сухан дар бораи маърифати мавҷудоти руҳонӣ равад, пас онҳо тавассути сурати чизҳои мушаххас, таҷриба ва қиёс дониста мешаванд. Аз ин ҷо танҳо як натиҷа бармеояд: Ибни Сино дар мавриди шарҳи моҳияти маърифати ақлӣ ҳам дар мавқеи назарияи инъикос қарор дорад. Ин хулоса на танҳо муттако ба он аст, ки ӯ олами айниро манбаъ ва мавзуъи маърифати ақлӣ медонад, балки бар он низ такя дорад, ки қобилияти фикрӣ ва ҳама қобилиятҳои дигари равониро хосияти димоғ (мағзи сар) меҳисобад. Вале эътироф бояд кард, ки таваҷҷуҳи мутафаккир ба ақли фаъол чун сарчашмаи ҳама донишҳои инсон фаҳмиши маърифати ақлиро ба ҳайси инъикос душвор мегардонад.

Аз назари Ибни Сино маърифати ақлӣ дар шакли лафз ва қазия сурат мегирад. Лафз чун шакли маърифати ақлӣ сурати ақлии куллии аломат ва хусусиятҳои муҳимми ашё, сурати куллии моҳияти онҳост. Моро ба ин хулоса таҳлили мушаххаси назарияи таҷриди Ибни Сино, андешаҳои бешумори ӯ дар бораи лафз, мақулаҳо умури куллӣ ва муносибати онҳо ба воқеияти айнӣ овардааст. Ӯ муътақид буд, ки кулл чун заминаи лафзи куллӣ дар худи воқеият вуҷуд дорад, он

1 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.52-53.

як чизи айнист ва аз ақл вобаста нест. Лафзи куллӣ ифодаи ақлонии кулли айнӣ аст, ки дар худи воқеият, дар худи чизҳо, ҷисмҳо ва падидаҳо вуҷуд дорад. Чунин таъбири таносуби кулл ва лафзи куллӣ дар «Шифо», «Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот» ва «Донишнома» бисёр возеҳ ва сареҳ баён шудааст. Ба назардошти ин баёнот ба ақидае, ки гӯё Ибни Сино дар ҳудуди таълимоташ роҷеъ ба лафзҳо ва умури куллӣ исмгаро (номиналист) буд, наметавон ризо шуд, зеро исмгароён бар хилофи ӯ ақида доштанд, ки дар лафзҳои куллӣ аз худи ашё чизе вуҷуд надорад, онҳо танҳо номҳои шартӣ ва мусталиҳотии ашё ва падидаҳо мебошанд.

Аз диди Ибни Сино хусусияти умдаи лафз чун маърифати ақлӣ он аст, ки вай маърифати муҷаз аст ва бояд тафсил биёбад. Васоили муҳимтарини тафсифи он ҳадд (таъриф) ва расманд, ки дар қисмати мантиқ дар бораи онҳо суҳбат кардем.

Ибни Сино нақши маърифатии лафзро дар он медид, ки он чун инъикоси моҳият ва хосиятҳои ашё имкон медиҳанд, ки ашё ва падидаҳо дарк шаванд, дар хотир бимонанд ва тавассуташон натиҷаҳои дониш сабт гардад ва ба дигарон расонда шавад. Лафзҳо ин вазифаро ба он сабаб иҷро карда метавонанд, ки чун суратҳои зеҳнӣ ва ақлии куллӣ қодиранд ашё ва хосиятҳои онҳоро ба таври мутобиқ сабт ва ифода намоянд. Бинобар ин лафзҳо олоти муҳимтарини фикр мегарданд. Онҳо дар айни ҳол унсурҳои соддатарини қазия ва қиёсанд. Агар на тафаккури ташаккулёфта, балки тафаккури ташаккулёбандаро дар назар бигирем ва ба маълумот дар бораи рушди нутқи кӯдак муттако бошем, бояд эътироф кунем, ки ин андешаи мутафаккир комилан дуруст аст.

Ба назари Ибни Сино қазия чун навъи маърифати ақлӣ донистани робитаҳои қонунии ашё ва падидаҳои воқеият, доистани робитаи мутақобила, таъсири мутақобил ва машрутияти мутақобилаи онҳост. Агар қазия дарёфтани робита ва муносибатҳои доимию қонунии воқеият набошад, ба ҳам пайвастани лафзҳо дар шакли қазия, ки чизеро дар бораи ашёву падидаҳо эҷоб ё салб мекунад, амалан имконнопазир мебуд. Вале азбаски қазия маърифати робитаҳои қонунии ашё ва падидаҳост, дар он тавассути пайвастани мавзӯъ ва маҳмул ё ба тарзи эҷобӣ, ё ба тарзи салбӣ роҷеъ ба муносибати як лафз ба лафзи дигар қазоват карда мешавад. Хусусияти умдаи қазия чун шакли маърифати ақлӣ аз он иборат аст, ки вай на дарки хосиятҳои тасодуфии ашёи ҷудогона, балки инъикос ва дарёфти робита ва муносибатҳои зарурию ҳамешагии онҳост, ки аз назари Ибни Сино ҳам тавассути

мушоҳидаи бевосита ва ҳам тавассути фикрат дониста мешаванд. Қазия аз лафз аз он рӯй низ фарқ дорад, ки он ҳатман ё ҳақиқӣ, ё козиб, ё ҳақиқатнамо мешавад. Ин ба он сабаб аст, ки қазия қавли ҷозим аст, қавлест, ки дар ин ё он бора, ё ба эҷоб, ё ба салб қазоват ва ҳукм мекунад. Бинобар ин агар он қонуният ва робитаю муносибатҳои ашёву падидаҳоро дуруст инъикос карда бошад, ногузид ҳақиқӣ ва яқинӣ хоҳад буд, вале агар онҳоро дуруст инъикос накарда бошад, козиб ё ҳақиқатнамо хоҳад буд. Аммо лафз чизро танҳо номгузорӣ мекунад: дар он салб ё эҷоб ҷой надорад. Бинобар ин дар бораи вай наметавон ҳукм кард, ки ҳақиқӣ аст ё козиб. Қазия ба ҳайси маърифат аз лафз ба ҳайси маърифат аз рӯи равиши (методи) ташаккули худ низ тафовут дорад. Қазия бар хилофи лафз дар пояи бурҳон ташаккул меёбад, ки шаклҳои асосии он қиёс, тамсил, истиқроъ ва истинбот мебошанд. Лафз ва қазия чун ду шакли маърифати ақлӣ иктисобӣ, ғайрииктисобӣ ва ҳадсӣ мешаванд.

Маърифати ғайрииктисобӣ ва иктисобӣ. Масъалаи ҳадс. Аз рӯи суннати арастуӣ Ибни Сино маърифати ғайрииктисобиро чун маърифати бадеҳӣ ва худ ба худ возеҳ таъриф мекунад, ки ба ҳеҷ гуна ҳад, расм, бурҳон ниёз надорад ва заминаи таҳсили маърифати иктисобист. Ӯ ба ҷумлаи чунин маърифат, ки олимон ва оммаи мардум онҳоро бебурҳон мепазиранд, муқаддамоти аввалиёт, маҳсусот, муҷарработ, ваҳмиёт, машҳурот, мақбулот, мусалламот, мушаббаҳот, мазнунот ва мухайялотро мансуб медонист. Вале аз назари худи мутафаккир танҳо муқаддамоти аввалиёт, маҳсусот, муҷарработ ва мақбулот дорои бадоҳат, сароҳат, вазоҳат ва ҳақиқат (сидқ)-и бевоситаанд. Маҳз ҳамин муқаддамот заминаи илм ва фалсафаи ҳақиқианд. Ҳамаи дигар муқаддамот дорои бадоҳат ва ҳақиқат (сидқ)-и бевосита нестанд. Онҳо ё муқаддамоти калом ва динанд, ё муқаддамоти хитоба ва шеър.

Хусусияти умдаи маърифати ғайрииктисобӣ аз он иборат аст, ки ба сабаби возоҳат, сароҳат ва бадоҳати худ ба ҳеҷ гуна ҳад (таъриф), расм, қиёс (муқоиса) мушоҳада ва бурҳон ниёз надорад.

Бояд гуфт, ки ҳамоно нуктаҳо, ҳақиқатҳо ва бадеҳиёте вуҷуд дорад, ки дар дараҷаи ба даст омадаи тафаккур чун ҳақиқатҳои «бевосита возеҳ» ва худ ба худ равшан дарк мешаванд (мусалламоти риёзиёт, шаклҳои қиёс, муқаддамоти маҳсусот ва муҷарработ). Вале бадоҳати маърифат, ҳатто дар мавриде, ки гӯё вуҷуд дорад, беқайду бешарт нест, зеро маъ-

рифат ба таври куллӣ ҳаракат ва раванде аст, ки ҳар як зинаи он машрут ва мубтанӣ ба зинаи пешин аст. Бинобар ин аслан ба он на бевоситагӣ, балки бавоситагӣ хос аст. Зеро ҳарчанд, ки маърифат инъикоси табиъат аз ҷониби инсон аст, вале он инъикоси оддӣ ва бевосита нест, балки раванди таҷридҳо, ташаккул ва созмон додани лафзҳо, қазия, фарзияҳо ва назарияҳост.

Маърифати иктисобӣ аз диди Ибни Сино дониш дар бораи чизҳои ношинохта ва маҷҳул аст. Вай тавассути ҳад, расм, қиёс (муқоиса), мушоҳида ва бурҳон касб, карда мешавад. Маърифати иктисобӣ пеш аз ҳама ба он сабаб иктисобӣ хонда мешавад, ки дар пояи донишҳои аз пеш мавҷуд ба вуҷуд меояд. Ибни Сино нигошта буд: «Ҳар чӣ ки надонем ва хоҳем, ки бидонем, ба чизҳо донем, ки аввал эшонро дониста бошем. Ва ҳар чӣ надониста бувад, ба дониста дониста шавад».[1] Эътироф бояд кард, ки пайдоиши андешаҳо, фарзияҳо ва назарияҳои илмӣ дар заминаи донишҳои пешин яке аз муҳимтарин қонуниятҳои дохилӣ ва хусусиятҳои мантиқи рушди маърифат аст. Аз ҷумла таърихи фалсафа нишон медиҳад, ки ҳар як таълимоти муҳимми нави фалсафӣ дар заминаи тараққиёти афкори аклонии пешин ба вуҷуд меояд. Ин қонуният ба ин ё он сурат дар дигар риштаҳои илм низ ҷой дорад. Вале ин қонуниятро на бояд мутлақ пиндошт. Ба назар мерасад, ки Ибни Сино инро хуб дарк мекард. Аз ин сабаб ба ҳайси равиш (метод)-и таҳсили маърифати иктисобӣ на танҳо қиёс ва истинбот (дедуксия), балки истиқро (индуксия), тамсил (аналогия), муқоиса ва мушоҳидаро низ пешниҳод кардааст. Зиёда аз ин ба ӯ рӯҳи дониши таҷрибӣ ва озмӯнӣ бегона набуд. Далели ин аз ҷумла назарияи дорусозӣ ва дорушиносии ӯст.

Дар осори Ибни Сино ба таҳлили масъалаи ҳадс низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир шудааст. Ӯ ҳадсро ба ду маънӣ шарҳ додааст: 1) Ҳадс чун қобилияти идрок ва маърифат; 2) Ҳадс чун навъи маърифат. Ҳадс (ё ақли муқаддас) ба маънои аввал қобилияти олии маърифатии инсон аст, ки дар пояи ақли моддӣ ва ақли билмалака рушд мекунад. Ин қобилият дар инсонҳо каммият ва кайфияти гуногун дорад: дар баъзеҳо он бисёр қавӣ ва дар баъзеҳо ниҳоят заъиф аст. Ҳадс ба маънои дуюм шакли олии маърифати ақлӣ аст. Моҳияти ҳадс ба ин маънои дуюм аз он иборат аст, ки «ҳади авсати қиёс ё ба василаи орзӯ ва шавқ бе ҳаракат ва ё бе шавқ ва бе ҳаракат ба як бор дар зеҳн мутамассил гардад. Ҳангоми ҳадс ҳадди васати қиёс,

1 Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Душанбе, 1998. С.30.

ё он чи дар ҳукми он аст, дар зеҳн мутамассил мешавад».[1] Ибни Сино Ҳадсро аз он сабаб маърифати сареъ ва якборагии (ногаҳонии) ҳадди васати қиёс медонад, ки он (ҳадди васат) шарти робитаи муқаддамот ва истихроҷи дониши нав аз онҳо, далели сидқи қазия ва ҳастии ашёест, ки аз он қазоват мешавад. Аз ҳад (таъриф)-и ҳадс ин натиҷа низ бармеояд, ки маърифати ҳадсӣ дарёфти бевоситаи ҳақиқат аст, ки на танҳо бе ҳеҷ гуна таҳлили лафз ва қазия, балки бе омӯхтани худи воқеият ҳосил мешавад. Ин хулосаро аввалан андешаи мутафаккир, ки тибқи он ҳадс маърифатест, ки бе ҳеҷ гуна таълиму таъаллум ва фикрату шавқ ба вуҷуд меояд, таъйид мекунад. Далели дуюми дурустии ин хулоса таълимоти вай дар бораи маърифати муфассал аст, ки дар пояи андеша, фикрат, таҳлил ва омӯзиши ҳарҷонибаи мавзуъ ба вуҷуд меояд. Ба назардошти таҷрибаи фаъолияти илмӣ ва шаҳодати бисёр мутафаккирони бузург, аз ҷумла худи Ибни Сино, ки баъзе ҳақиқатро аз роҳи ҳадс ва ҳатто дар хоб кашф кардаанд, бояд гуфт, ки Ибни Сино бештар он гоҳ ҳаққ аст, ки мегӯяд: ҳатто одамони дорои ҳадси қавӣ чизҳоро аз роҳи фикрат ва меҳнат маърифат мекунанд, вале бе он ки худро зиёд азият бидиҳанд.

Ибни Сино баъзе хусусиёти маърифати ҳадсиро низ дуруст муайян кардааст. Аз ҷумла, ӯ хуб дарёфтааст, ки маърифати ҳадсӣ– маърифати якбора, муҷаз, бевосита (бадеҳӣ) ва мантиқӣ аст. Эътирофи хусусияти мантиқии маърифати ҳадсӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки Ибни Сино аз эҷодкорони назарияи ақлонии ҳадс аст. Вале дар асри мо назарияҳои ғайриақлонии ҳадс бештар ривоҷ доранд.

Ҳақиқат, гумон ва кизб. Чун Ибни Сино аз ҷонибдорони матин ва пайгири назарияи маърифатпазирии олам буд, ба шарҳи масъалаи ҳақиқати донишҳо низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. «Аммо аз [лафзи] ҳақ... ҳоли қавл ё эътиқоде фаҳмида мешавад, ки ба ҳоли чизи хориҷӣ далолат мекунад. Агар он қавл ва эътиқод ба ҳоли чиз мутобиқ бошад, мегӯм, ки ин қавл ва ин эътиқод ҳаққ аст».[2] Равиши ақидагӣ ва ҷаҳоншиносии ин ҳадди (таърифи) ҳақиқат вобаста аз он аст, ки зери лифзи шайъи хориҷӣ ва воқеият чӣ дар назар аст – андеша, маҷмуъи эҳсосот ё воқеияти моддӣ? Осори Ибни Сино нишон медиҳад, ки ӯ дар ин мавриди воқеиятӣ моддиро дар назар дорад. Аз ин рӯ ҳадди ҳақиқат назди ӯ хусусияти ошкоро фалсафӣ-табиъӣ дорад. Аз таъбироти ӯ чунин ба назар мерасад, ки ҳақиқат нусхаи оддии ашё, феҳристномаи оддии

1 Ибни сино. ал-Ишорот ва ат-танбеҳот маъа шарҳи Насираддин ат-Тӯсӣ. С.369.
2 Ибни Сино. аш-Шифо. ал-Илоҳиёт. (1). ал-Қоҳира, 1952.С.48.

падидаҳост, на иникоси фаъол ва эҷодкоронаи воқеият.

Аз назари Ибни Сино дониш аз рӯи дараҷаи ҳаққоният яқинӣ, гумонӣ (заннӣ) ва козиб (дурӯғ) мешавад. Дониши яқинӣ донишест, ки моҳият, хосият, ҳама сабабҳо ва шартҳои ҳастии мавзуъро пурра ва ҳамаҷониба ошкор кардааст. Ин гуна дониш ду навъ дорад: яке дониши ҳақиқии абадӣ ва дигаре дониши ҳақиқии ғайриабадӣ. Дар ин тақсимоти дониш метавон андешаи дониши мутлақ ва нисбиро дарёфт. Вале ин ҷо суоле пеш меояд, ки Ибни Сино ҳаққонияти донишро чӣ гуна муқаррар мекард? Вай дар ҷавоби ин суол навишта буд: «... бисёр қиёсҳо буванд, ки муқаддамоти эшон ба гумон бувад ва на ба ҳақиқат бувад... Ва ҳар гоҳ ин муқаддамоти қиёс чунон бошанд... ҳароина эшонро муқаддамоте дигар дуруст карда бошанд. Ва инро охир бувад ва ба муқаддамоте расад, ки эшонро ба дигар муқаддамот дуруст накунанд. Ва эшон ба ҳақиқат асл бувад».[1] Аз ин ҷо чунин натиҷа гирифта мешавад, ки Ибни Сино тафтишпазирӣ (верификатсия)-ро меъёр ва маҳаки ҳаққонияти дониш медонад. Чунин тарзи тафтиши ҳаққонияти дониш то ҳудуди муайян дар илм корбаст шуда метавонад. Вале суол пеш меояд, ки дар ниҳоят ҳақиққонияти донишҳо чӣ гуна муқаррар карда мешавад ва меъёру маҳаки ҳаққонияти онҳо чист? Ибни Сино ин суолро матраҳ накарда ва ба он ҷавоб надодааст. Шояд ӯ дар ин маврид таҳти таъсири назарияи худ дар бораи маърифати ғайрииктисобӣ қарор доштааст.

Ибни Сино ба дониши ҳақиқӣ гумон (занн) ва дарӯғ (кизб)-ро муқобил мегузорад. Гумон дониши эҳтимолӣ аст, зеро на дар заминаи дарёфти ҳама сабабҳои ҳастӣ, балки дар пояи дарки баъзеи онҳо ташаккул меёбад. Гумон аз рӯи мавзуъ ҳам аз дониши яқинӣ тафовут дорад. Мавзуъи дониши яқинӣ ё ашё ва падидаҳои собити зарурии бешарт, ё ашё ва падидаҳои шартан зарурӣ мебошанд. Мавзуъи гумон ашё ё падидаҳои мутағайир ва гузарост.

Дурӯғ (кизб, ботил) -ро Ибни Сино чунин таҳдид (таъриф) кардааст: «нақизи ҳақ ботил бувад».[2] Ба назардошти ин гуфтаи мутафаккир ва назарияи ӯ дар бораи ҳақиқат метавон гуфт, ки дурӯғ (кизб, ботил) номутобиқатии фикр ба воқеияти хориҷӣ ва надонистани сабабҳои аслии ашё ва падидаҳост.

4. Масоили фалсафаи амалии Ибни Сино.

Муҳаққиқон мероси Ибни Сино муътақиданд, ки масоили

1 Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1. Душанбе, 1980. С.48.
2 Ибни Сино. Ҳамон асар.С.50.

фалсафаи амалӣ (ки ҳоло фалсафаи иҷтимоӣ ном дорад) таваҷҷуҳи ӯро нисбат ба мавзуъҳои умумифалсафӣ камтар ҷалб кардаанд. Масалан, Герман Лей таъкид кардааст, ки «масоили иҷтимоъӣ дар даврони Ибни Сино усулан ҳамон масоиле мебошад, ки дар замони Форобӣ буданд, аз ин рӯ гумон аст, ки Ибни Сино дар ин самт чизе мутафовит аз пешиниёни худ мегӯфт».[1] А.В. Сагадеев ақида дорад, ки дар даврони зиндагии Ибни Сино ҳаёти сиёсии шарқи мусулмонӣ хаёлӣ будани орзӯҳоро дар бораи барпо кардани «мадинаҳои фозила», ки намодашонро Форобӣ пешниҳод карда буд, намоиш дод. «Дар чунин шароит меъёрҳои ахлоқиёю сиёсие, ки аз тарафи Форобӣ эҷод гардида буданд, на чун раҳнамои амал, балки танҳо чун ормон ё дастур ва аҳкоми муназзамкунандаи худтакмилдиҳии одамони оддӣ ва ҳокимон буда метавонистанд, дар сурате, агар ба таври фардӣ дар вуҷудашон чунин хоҳише пайдо шуда бошад. Ба пиндошти мо сабаби дар осори Ибни Сино мавҷуд набудани рисолаҳои динию сиёсӣ ва ахлоқие, ки аз рӯи ҳадаф ва миқёс бо рисолаҳои Форобӣ шабоҳат дошта бошанд, ҳамин аст».[2] Муҳаққиқони шарқӣ ҳам асосан ба ҳамин ақидаанд. Масалан, файласуфи эронӣ Алиасғари Халабӣ навиштааст, ки «Ибни Сино як низоми иҷтимоъии комил, ки бо он ҳамчун Афлотун ва Форобӣ низоми фалсафаи худро такмил намояд, вазъ накардааст ва китобе маъруф, ки махсуси сиёсат бошад, нанавиштааст, валекин дар ин боб оро ва ақоиде иброз дошта ва суханоне гуфта, ки ҷомеътарини онҳо матлабе аст, ки дар охири китоби «Ал-Шифо» омадааст. Шайх дар ду фасл – «Фӣ-л-халифати ва-л-имоми ва вуҷуби тоъатуҳумо ва-л-ишорат ило-л-сиёсати ва-л-муъомилоти ва-л-ахлоқи» ва «Фӣ ақди-л-мадинати ва ақди—л-байти» баъзе матолиб гуфта – ва агар чи ин матолиб парокандааст – ба навҳе аз анҳо ба низоми фалсафии ӯ марбут мешавад. Шайх ин ҷо ва он ҷо – албатта пароканда – ба бархе аз ақоъид ва орои Афлотун ва Форобӣ мутакко мешавад ва ё ба онҳо ишора менамояд, ки дар баъзе мавозеъ воқеъи аср ва таъсироти он ба навҳи возеҳе ба чашм мехӯрад»[3]. Шояд ин қазовати муҳаққиқон дурус набошад. Зеро Ибни Сино дар ибтидои фаъолияти илмии худ китобҳое ба номи «Ал-Маҷмуъ», «Ал-ҳосил ва-л-маҳсул» ва «Ал-бирр ва-л-исм» таълиф карда буд, ки дар онҳо ба гуфти худи ӯ дар рисолаи «Саргузашт» масоили фалсафаи амалӣ ба таври мабсут баррасӣ шуда

1 Лей Г. Очерки истории средневекового материализма. М., 1962. С.122.
2 Сагадеев А.В. Ибн Сина. М., 1980. С.200.
3 Алиасғар Ҳалабӣ. Таърихи фалсафа дар Эрон ва ҷаҳони ислом. Теҳрон, 1373. С.222-223

буданд. Эҳтимол аст, ки ба ин сабаб ӯ дар осори баъдии худ ба баёни муфассали масоили фалсафаи амалӣ напардохтааст. Аммо чун ин осори ӯ дар дастраси мо қарор надорад, ба таҳлили мухтасари масоили фалсафаи вай дар заминаи «Шифо», «Наҷот» ва «Донишнома» ва ҳамчунин дар рисолаҳои «Андар саъодат», «Таҳсил-ус-саодат», «Андар сиёсати илоҳия», «Тадбир-ул-ҷунд ва ал-мамолик ва -л-аскар ва арзоқуҳум ва хироҷ ал-мамолик», «Тадбири манзил», «Рисола фӣ исботи н-нубувват», «Рисола фӣ -с-сиёсат», «Рисолаи ахлоқ» иктифо мекунем.

Инсон- вуҷуди иҷтимоъӣ. Ибни Сино масоили таносуби «ҷамъият - инсон» -ро таҳлил намуда ба хулосаи комилан диалектикӣ мерасад: чунон, ки ҷамъият бе низоми куллии кори барои ҳамагон фоидабахш ва иттиҳоди фардҳои алоҳидаи одамон дар ҷомеъаи ягона имконнопазир аст, ҳамчунин зиндагии одамони алоҳида бе ҳамкорӣ ва ҳамёрии тарафайн аз имкон берун аст. Чунин тарҳи масъала ба мо имкон медиҳад бигӯем, ки Ибни Сино дар шахси инсон вуҷуди иҷтимоиъеро медид, ки он неруҳои худашро фақат дар ҷомеъа метавонист пиёда созад. Ӯ якчанд аломати иҷтимоъияти инсонро таъкид месозад:

Яке аз ин аломатҳои иҷтимоъии инсон ҳадафнокӣ (мақсаднокӣ) ва фаъолияти барои ҳамагон судбахши одамон аст. Ӯ бо эътимоди қавӣ менависад: «Мо баён медорем, ки ба инсон чунин хусусиятҳои нафсоние хосанд, ки ба дигар мавҷудоти зинда бегонаанд. Ин тафовути инсон аз дигар ҳайвонҳо аз он рӯст, ки азбаски инсон дорои ғоят (ҳадаф – М.Д.) аст, вай дар давоми тамоми мавҷудияташ наметавонад бе ҷомеъа вуҷуд дошта бошад. Дар мавриди инсони танҳо гуфтан мумкин аст, ки агар ба ҷуз ӯ касе вуҷуд намедошт ва шароити атроф ба вай мусоъидат намекард, ӯ ё аз байн мерафт, ё ки шароити ҳаёти ӯ тоқатнофарсо мегардид... Инсони танҳо наметавонад мустақилона он чиро, ки ба он ниёз дорад, ба даст биёварад – батамомӣ ин чизҳоро вай танҳо дар ҷомеа ноил мегардад. Ба таври мисол, мушаххасан яке барои дигаре нон мепазад, касе дигар барои дигарон матоъ мебофад, касе барои дигарон аз мамлакатҳои дур чизе меорад ва ба ивази ин касе дигар ба он моли худро медиҳад».

Аз назари мутафаккир, тафовути одам аз тамоми мавҷудоти дигар дар он аст, ки ӯ ашёи табиъиро бо меъёри барояш зарур тағйир медиҳад, зеро он «ғизое, ки дар табиъат вуҷуд дорад ва маснуъ нест – инсонро наметавонад қонеъ гардонад... Он ашёе, ки дар табиъат вуҷуд дорад наметавонад

барояш ба сифати пӯшок хизмат кунад, зарур аст, ки онҳо аз рӯи шакл ва сифате сохта шаванд, то одамон онро пӯшида тавонанд».[1]

Ибни Сино забонро дуюмин аломати вуҷуди иҷтимоъии инсон мешуморад. Ӯ ба исрор таъкид менамояд, ки ҷомеъаи инсонӣ дар пояи ҳусни тафоҳум қарор дорад. Дар навбати худ ҳусни тафоҳум бе нутқи сареҳ, бе забон аз имкон берун аст. Василаи мувофиқтарини ифодаи ҳолатҳои инсонӣ овозҳо мебошанд, ва қобилияти содир кардани онҳоро инсон аз табиъат касб кардааст. Дар ин кор одамон ба дигар ҳайвонот шабоҳат доранд. Вале дар байни ҳайвон ва инсон тафовути муҳиме вуҷуд дорад: ҳолатҳои ҳайвонӣ маҳдуданд, садоҳои онҳо ғаризианд ва онҳо дорои нутқи сареҳ нестанд. Ҳолатҳо ва хоҳишҳои инсон амалан беинтиҳоанд, вале барои ифодаи онҳо наметавонад шумораи беохири овозҳои мувофиқ вуҷуд дошта бошад. Аз нигоҳи Ибни Сино садоҳои одамӣ, маҷмуъи овозҳои ба мувофиқа расидае мебошанд, ки дар асл таркибҳои бисёри мураккабе барои ифодаи ҳолатҳои бешумори инсонианд ва вазифаашон сабти ин ҳолатҳо, расондани онҳо ба дигарон ва аз насл ба насли дигар интиқол додани таҷрибаи андухтаи инсон мебошад. Эҳтимол меравад, ки андешаи зерини Ибни Синоро ҳамин тавр бояд фаҳмид: «гумони мо ин аст, ки касе метавонад чизеро аз тариқи каси дигар бидонад, бе он ки худи ӯ бевосита онро мушоҳида карда бошад».[2] Аз гуфтаҳои боло чунин хулосаи муҳим бармеояд, ки барои Ибни Сино андешаи имконияти интиқоли таҷрибаи иҷтимоъӣ аз тариқи аломатҳои забон, ки ба тавассути онҳо наслҳои минбаъдаи одамон зарурияти ба таври фардӣ аз сари нав шинохтани оламу ҳаётро надоранд, ошно буд. Азбаски ҳар як насли одамон таҷрибаи муайяни иҷтимоъиро дорост, вай метавонад ин таҷрибаи иҷтимоиъро дар асоси таҷрибаи ҳаётии худ ғанӣ гардонад.

Аз назари Ибни Сино аломати сеюми вуҷуди иҷтимоъӣ будани инсон аз он иборат аст, ки вай соҳиби меъёрҳои муайяни рафтор аст. Дар «Китоб-ун-нафс» ӯ чунин навиштааст: «Инсон дар ҷомеъа муваззаф аст, ки барои ба даст овардани фавоиди шахсӣ дар миёни маҷмӯъи амалҳое, ки бояд иҷро кунад, ба рафторҳое диққат диҳад, ки аз иҷрои онҳо бояд худдорӣ намояд. Ин чизҳоро инсон дар овони кӯдакӣ дарк мекунад, дар ин руҳия ба камол мерасад ва баъдан то замоне, ки ин фикр барояш ба эътиқоди табиъӣ мубаддал нашавад

1 Абуали ибн Сина. Избранные философские произведения. М., 1980. С.427-473
2 Абуали ибн Син. Ҳамон ҷо. С.473.

ба ӯ талқин карда мешавад, ки чунин рафтор накунад. Дар баробари ин амалҳое вуҷуд доранд, ки мухолифи амалҳои зикршуда мебошанд. Амалҳои аввал – амалҳои бад ва амалҳои дуввум – амалҳои хубанд.»[1]

Бар хилофи рафтори ғаризии ҳайвонҳо меъёрҳои рафтори одамон мувофиқатӣ буда ба қобилияти ақлии онҳо такя мекунанд. «Инсон, -навишта буд Ибни Сино, - дорои қобилияти назариёти куллӣ ва қобилияти фикрат дар бораи ашёи алоҳида мебошад: оё ӯ он чиро, ки фоидабахш ё зараровар аст, анҷом диҳад ё надиҳад, оё ин чиз зебо аст ё зишт, хуб аст ва ё бад».[2]

Ба сифати аломати чаҳоруми иҷтимоъии инсон Ибни Сино инчунин қобилияти сирф инсонии оянданигариро низ пешниҳод кардааст. Ӯ собит мекунад, ки ҳайвонот фақат барои лаҳзаи ҳозираи ҳаёт зиндагӣ мекунанд ва дар онҳо «аз миёни қобилияти омода будан барои оянда фақат як хосияти фитрӣ вуҷуд дорад – ва ин эҳсоси он аст, ки оё ин амал бароямон судманд аст ё музир».

Инсон ба туфайли қобилияти ақлии худ ва истеъдоди ояндабиниаш дар бораи оянда, оқибатҳои рафторҳои худ, ҳалли вазоифи пешнибинуда ва амалӣ сохтани ҳадафҳои дилхоҳ, дар бораи кадом амалро иҷро кардан ва аз кадом амал ва рафторҳо даст кашидан фикр мекунад.

Бояд гуфт, ки Ибни Сино дар миёни фардҳои инсонӣ ҳам аз рӯи қобилияти маърифатӣ ва ҳам аз рӯи мақоми иҷтимоъӣ ва сиёсиашон тафовутҳои ҷиддиро қоил буд. Вале сарфи назар аз ин ӯ инсонро ба туфайли дорои аломатҳои хоси вуҷуди иҷтимоъӣ доштанаш ашрафи тамоми мавҷудоти олам медонист.

Таҳзиби ахлоқ. Инсони иҷтимоъӣ бояд дорои ахлоқи нек бошад. Аз ин рӯ дар қисми аввали фалсафаи иҷтимоъии худ, ки таҳзиби ахлоқ ном дорад, Ибни Сино кӯшиш мекунад, ки пеш аз ҳама масъалаи камолоти нафси фардии инсониро таҳлил кунад. Дар ин маврид мантиқи тафаккури Ибни Сино чунин аст: нафс мабда ва ҳомили тамоми амалҳо ва рафторҳои ахлоқӣ ва ғайриахлоқӣ инсон аст, ва барои ислоҳи ахлоқ ҳомили онро ислоҳ ва такмил бояд дод. Дар заминаи ин мантиқ Ибни Сино таъкид мекард:

«Нахустин сиёсате, ки сазовор аст инсон ба он огоз кунад, ҳамоно сиёсати нафси худи ӯст. Яъне аввал, бояд дар ислоҳи нафси худ бикушад, сиёсату тадбирашро дар ин кору кӯшиш

1 Абуали ибн Сина. Избранные философские произведения. М., 1980. С.474.
2 Ҳамон ҷо.С.476.

ба кор бурда, хештанро солеҳу неку бинамояд... Ва агар касе, аз сиёсати неку ва ислоҳи нафси худ барояд, он гоҳ боке бар вай нест, ки ба болотар аз он иқдом карда ба сиёсати билод бипардозад. Яъне касе, ки худро ислоҳ карда бошад, метавонад ба сиёсату тадбири умури мардум иштиғол варзад».[1] Вале инсон ба ислоҳ ва такмили нафс ва ахлоқи худ чӣ гуна метавонад ноил шавад? Ба ин сауол Ибни Сино чунин ҷавоб медиҳад:

Якум, инсон бояд тамоми айбу нуқси нафсу ахлоқи худро бидонад, зеро дар сурати нодида гирифтани нуқсони ахлоқи худ он ба маризе монанд мешавад, ки дар вақташ табобат наёфтааст.

Дуюм, инсон бояд тамоми амалиёт ва рафтори худро таҳти назорати ақлии худ қарор диҳад, онҳоро бо нури ақли худ мунаввар созад ва аз тариқи ақл онҳоро андозагирӣ намояд. Ин ҳама ба хотири он аст, ки фарқ миёни некӣ ва бадӣ, хубӣ ва зиштӣ пайдо шавад ва роҳҳои ислоҳи сифатҳои манфур дар ниҳоди одамон пайдо карда шаванд.

Савум, касе, ки барои ислоҳ ва такмили нафсу ахлоқи худ, саъй дорад, набояд аз маслиҳати дӯстони зираки худ сарфи назар кунад ва аз муъошират ҷамъияти одамони олитабор дурӣ ҷӯяд. Ин кор махсусан барои он муҳим аст, ки ба инсон ҳангоми таҳлил ва мушоҳидаи амалиёт ва рафторҳои худ воқеъбин будан хеле душвор аст. Дӯсти бовафо «барои инсон чун оинае хоҳад буд», ки «амалҳои неки ӯро нек ва амалҳои зишти ӯро зишт» нишон медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки Ибни Сино ба ақидае моил аст, ки меъёр ва нуқтаи ибтидои такмили ахлоқии инсон инсонҳои дигар мебошанд. Дар ин ҷо суханони Карл Маркс беихтиёр ба хотир меоянд, ки гуфтааст: «Инсон барои он ки худро бишносад нахуст ба оина менигарад, вале ин оина барояш инсони дигар аст. Инсон Петр танҳо баъди бархурд бо инсон Павел, ки ҳамҷинси ӯст нисбат ба худаш ҳамчун ба инсон муносибат карданро оғоз мекунад».[2]

Чаҳорум, инсон бояд одатҳо ва рафторҳои худро бо одоту рафторҳои дигарон қиёс кунад, ҷиҳатҳои хуби ахлоқӣ дигаронро бипазирад ва дар худ рушд диҳад ва инчунин сифатҳои бади ахлоқи худ ва дигаронро рад кунад.

Панҷум, бо мақсади такмили нафс ва ахлоқи худ инсон бояд худаш барои нафси худ сазо ва ҷазо муайян кунад. Ҷазо бояд аз он иборат бошад, ки хоҳишҳои разилонаи нафсро саркӯб кунад, маҳдуд созад ва баъдан комилан аз байн бибарад, вале

1 Абуали ибн Сина. Избранные философские произведения. М., 1980. С.475.
2 К.Маркс. Капитал. Т.1. М., 1955. С.59. (примечание).

сазо иборат аз он аст, ки ниятҳои неки нафсро таҳким бахшад. Пурра ба назар гирифтани ин шартҳо ба инсон имконият медиҳад, ки дар худ сифатҳое тарбия намояд, ки ба чаҳор сифати накӯкорӣ мувофиқ меоянд - парҳезкорӣ, шуҷоъат, заковат ва адолат ва дур шудан аз сифатҳои ахлоқии зишт ба мисли ҳарисӣ, ифроткорӣ, молпарастӣ, фориғболӣ ва беақлӣ. Ҳамаи ин маънои онро дорад, ки барои Ибни Сино аҳкоми асосии таҳзиби ахлоқ иборатанд аз худшиносӣ, худогоҳӣ, худро бо дигарон дар қиёс дидан ва назорат ба худ. Андешаи Ибни Сино дар бораи таҳзиб ва такмили ахлоқ дар заминаи эътирофи асли бунёдии таъғирпазирӣ ва иктисобӣ будани сифатҳои ахлоқӣ пайдо шудааст.

Ба назардошти ҳамин андешаи бунёдӣ Ибни Сино навишта буд: «Меъёрҳои ахлоқӣ танҳо тавассути анҷом додани амалҳое парвариш меёбанд, ки дар пояи ҳамин сифатҳои ахлоқӣ падид меоянд. Далели дурустии ин андеша, масалан, ҳолати ахлоқи сиёсатмадорони нексиришт ва мардумони фозил аст. Онҳо аҳли шаҳрҳоро ба корҳои нек ва хайр ҳидоят карда, эшонро мардуми накӯкор ва нексиришт месозанд. Айнан ба ҳамин минвол сиёсатмардони бадтинат ва золимони шаҳрҳо аҳли шаҳрҳоро ба корҳои зишт раҳнамун намуда ин шаҳрҳо ва аҳли онҳоро бадкирдор ва зиштрафтор месозад».[1] Таҷрибаи таърихӣ ба таври возеҳ ҳақиқати ин суханони Ибни Синоро тасдиқ мекунад. Инро низ бояд гуфт, ки назарияи таҳзиби ахлоқи Ибни Сино аз назарияи касби ахлоқи мутакаллимон ба куллӣ фарқ дорад. Назарияи таҳзиби ахлоқи Ибни Сино – назарияи тағйирпазирии ахлоқ, назарияи касби ахлоқи мутакаллимон назарияи фитрияти ахлоқ аст.

Манзил ва тадбири он. Чунон ки дар боло зикр гардид, инсони алоҳида аз рӯи андешаи Ибни Сино фақат дар ҳамбастагӣ бо ҷомеъаи одамони ҳамҷинси худ зинда мемонад ва ба съаодат мерасад. Шакли ибтидоӣ ва содатарини чунин ҷомеъаро Ибни Сино манзил ё ки оила меномад. Ибни Сино маҷмуъи масоилеро, ки ба пайдоиш ва идораи манзил (оила) марбут аст, дар қисми дуюми фалсафаи амалии худ, ки тадбири манзил ном дорад, баррасӣ мекунад.

Таҳлили асарҳои мутафаккир нишон медиҳад, ки ӯ пайдоиш ва ташаккули манзилро ба зарурияти пайдо кардани васоили ҳаёт ва инчунин ҳифз ва имтидоди насли инсонӣ вобаста медонад.

Ин чунин маъно дорад, ки мутафаккир дар симои манзил пеш аз ҳама ҳавзаи хурди мулкдорӣ ва иқтисоддориро меби-

1 Иқтибос аз: Сагадеев А.В. Ибн Сина. М.,. 1980. С.206.

над, ки ба истеҳсол ва пайдо кардани васоили ҳаёт машғул аст. Дар навбати дуввум мутафаккир дар симои манзил тарзи истеҳсоли бевоситаи ҳаёт – тавлид ва ҳифзи навъи инсон, тавлиди фарзандро мебинад. Роҷеъ ба вазифаи аввали манзил сухан ронда ӯ дар рисолаи «Тадбири манзил» менависад: «Ҳама кас аз подшоҳу раъият ниёзманд аст ба ғизову хӯрокӣ, ки мояи ҳаёт аст ва низ ба таҳияву омода сохтани зиёдии хӯрок ва рӯзӣ барои рӯзи ҳоҷат, ки барояш пеш меояд. Балки инсон ниёзманд аст ба макону ҷое, ки он чиро ба даст овардааст, дар он ҷо ҷамъу захира карда, барои ҳангоми ҳоҷаташ нигоҳ бидорад. Пас, бинобар ин инсон муҳтоҷ аст ба ин, ки барои худ манзилу маскане иттихоз кунад. Чун одамизод манзилу хонае сохт ва дар он ҷо барои ҳангоми ҳоҷаташ захирае андӯхт, муҳтоҷ мешавад ба касе, ки андӯхтаашро аз дастбурди дигарон, ки мехоҳад онро аз вай бирабоянд, ҳифзу ҳиросат бинамояд... Пас, муҳтоҷ аст ба ин, ки барои ҳифзу ҳиросати андухтааш каси дигарро ҷонишини худ бинамояд. Ва барои ҷонишин ҳам бояд касе бошад, ки мавриди итминони нафсу оромиши хотир бошад. Барои ин кор касе шоиста ва сазовор нест магар зан, ки Худо ӯро барои мард ҷуфту мавриди итминону сукунати нафс қарор додаст. Ба-д-ин ҷиҳат мард ногузир мешавад ба ин, ки зан бигирад».[1]

Барои он, ки иттифоқи шавҳар ва зан халалнопазир бошад, мард, яъне сардори манзил, бояд нисбат ба зан сиёсати зеринро пеш гирад: 1) ба зан тарс ва эҳтиромро нисбат ба шавҳар талқин намояд, то ки зан амри шавҳарро рад карда натавонад. Вале ин кор дар сурате натиҷаи дилхоҳ хоҳад дод, ки агар мард шараф, номус ва имони худро дифоъ кунад ва инчунин ба ваъдаҳои худ бе чуну чаро вафо намояд; 2) нисбат ба зан иззат ва эҳтиром нигоҳ дорад ва беҳтарин шароити зиндагиро барояш муҳаё созад, аз рашк нисбат ба ӯ даст бидорад; 3) ғамхорӣ дар ҳаққи зан, то ки фикри ӯ ба масъалаҳои муҳими манзил банд бошад, ва хаёли мардони бегона ва хиёнат ба дилаш роҳ наёбад.

Ибни Сино мақоми занро дар таҳкими манзил ва манзилдорӣ хеле баланд арзёбӣ кардааст. Ӯ чунин мешуморад, ки «зани шоиста ва некӯ шарики мард аст дар мулкаш ва кайими ӯст дар молаш ва ҷонишини вай аст дар хонааш ва амини вай аст дар парваришу тарбияи фарзандонаш».[2]

Аз нуқтаи назари Ибни Сино беҳтарин зан бояд дорои сифатҳои зерин бошад, хирадманд, диндор, бошарм, зираку

1 Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.2. С.15.
2 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. Ҷ.2. С.22.

бофатонат, дӯстдору бомуҳаббат, валуд, итоаткор, забондароз набошад, покдилу беғаш бошад, дар пушти сари мард ва ҳоли ғайбати ӯ амин бошад, вазнину сангин бошад, бовиқор ва боҳайбат бошад, дар мақоми хидмат ба шавҳараш такаббур наварзад, балки фурӯтан бошад, тадбири кору кирдорашро хубу неку бинамояд, андаки шавҳарашро ба сарфаҷӯи зиёд кунад, гарду ғубори ҳузну андуҳро аз дили шавҳараш ба василаи ахлоқи некӯ ва забонаш пок кунад ва ҳумуми шавҳарашро бо лутфи мадорои худ таслият диҳад. Ҳоҷат ба исбот нест, ки Ибни Сино дар ин талаботи худ симои занеро тасвир кардааст, ки ба шароити воқеъии даврони ҳаёти худи ӯ - ба талаботи шариъати ислом созгор аст.

Ибни Сино аҳамияти аввалиндараҷаи иҷтимоъии муносибатҳои оилавиро аз таъмини тавлид ва тарбияи насли инсонӣ иборат дониста, таъкид менамуд, ки зинокорӣ, лавотат, фисқу фуҷур ва ҳар гуна бадахлоқӣ бояд аз тарафи ҷамъият ба таври қатъӣ маҳкум карда шаванд, зеро онҳо ба тавлид ва тарбияи насл равона нашудаанд, балки ба ақди никоҳи қонунӣ (шаръӣ) халал расонда, ба муносибатҳои заношӯи зарари ҷуброннопазир ворид месозанд, сабаби вайрон шудани оила, муносибатҳои оилавӣ ва иҷтимоъӣ мегарданд.

Ибни Сино бар хилофи Афлотун таъкид мекунад, ки никоҳ аввалин чизест, ки онро бояд қонун муайян ва мунаввар созад. «Он бояд равшан амалӣ гардад, то ки дар нисбати меросхӯрон ҳеҷ гуна шакк ва гумон ба вуҷуд наояд ва ба ин сабаб дар тақсими мерос, ки асоси моликият мебошад, харҷу марҷ пайдо нашавад. Зеро оғози ҳар гуна зиндагӣ бе моликият аз имкон берун аст».[1]

Ибни Сино муътақид буд, ки «бештари сабабҳои беҳбудии никоҳ муҳаббат аст. Амали муҳаббат ҷуз ба унс баста намегардад ва унс ҷуз ба одат ва одат ҷуз аз роҳи муддати дароз бо ҳам муошират доштан пайдо намешавад».

Ибни Сино таъкид мекунад, ки барои таҳкими никоҳ ва робитаҳои заношӯи зарур аст, ки чораҳои қатъӣ дида шаванд, то ки барои талоқ бо сабабҳои назарногир замина ба вуҷуд наояд, зеро талоқ ба ҷудоии фарзандон, волидайн ва хешу табор меанҷомад ва ба ҳаёти онҳо зарару мушкили зиёд ворид месозад. Яке аз воситаҳои муассири пешгирии талоқи бемулоҳиза суннати пайғамбар аст, ки мувофиқи он «зан баъди се талоқ барои шавҳар номаҳрам аст». Бо вуҷуди ин Ибни Сино аз андешаи мутлақан рад кардани талоқ дур аст, баръакс ӯ чунин мешуморад, ки дар мавридҳои мушаххас та-

1 Ибни Сино. аш-Шифо. ал-Илоҳиёт. (2). С.448-449.

лоқ имконпазир аст: пеш аз ҳама дар сурати ба ҳам мувофиқ наомадани табиъати зану шавҳар: «Баъзе табиъатҳо, - навишта буд ӯ, - бо табиатҳои дигар мувофиқ намеоянд ва ҳар гуна кӯшиши омезиши онҳо мояи афзоиши бадӣ, ҷудоӣ ва ифрот мегардад». Мавриди дуюми имконпазир будани талоқ ноқобил будани зану шӯй барои тавлиди насл аст. Ӯ таъкид мекунад: «Имкон дорад, ки як ҷуфти заношӯӣ қудрати тавлиди наслро надорад. Вале ҳангоме, ки зану шӯй аз ҳам ҷудо мешаванд ва ҷуфти дигари заношӯиро ба вуҷуд меоранд, имконияти тавлиди насл ба онҳо даст бидиҳад».

Таҳлили мухтасари андешаҳои Ибни Синоро дар мавриди муносибати тарафайни зану шавҳар ба охир расонда, мехоҳем таъкид кунем, ки ақидаҳои ӯ дар ин масъала ҷавобгӯи арзишҳои исломӣ мебошанд. Ин ҷиҳат, махсусан ба таври возеҳ ҳангоми таҳлили масъулияти зан ва чигуна будани ӯ ошкор мегардад. Ибни Сино дар руҳияи аҳкомҳои ислом пешниҳод мекунад, ки зан бояд диндор, бошарм, зираку бофатонат, итоаткор ба мард ва дур аз корҳое бошад, ки муошират бо мардҳои бегонаро талаб мекунад.

Ибни Сино ба масоили мақоми оила дар тарбияи фарзандон диққати зиёд додааст. Вай масъулияти сардори оила – падарро чунин арзёбӣ мекунад: интихоби номи накӯ барои фарзанд; интихоби дояи солим барои тарбияи фарзанд, дояе, ки худ некӯ тарбият дида бошад; тарбияи сифатҳои ҳамида ва неки ахлоқӣ дар фарзанд; ба фарзанд таълим додани илму ҳунар ба манзури раҳнамун сохтани ӯ ба ҳаёти мустақилона. Ӯ чунин мешуморад, ки ҳангоми таълими илму ҳунар, хусусиятҳои фардии кӯдак ба назар гирифта шаванд, то ки таълим ва омодагии ӯ ба ҳаёти мустақилона бомуваффақият бошад.

Ибни Сино муътақид буд, ки на танҳо волидайн дар назди фарзандон масъуланд, балки фарзандон низ дорои масъулияти муайяне дар назди волидайн мебошанд. Онҳо дар ҳама ҳолат бояд ба волидайн гӯш фаро бидиҳанд, дар ҳама корҳо ба онҳо мадад расонанд ва ҳангоми беморӣ ва пирӣ онҳоро парастории кунанд. Фоидаи амалии ин пешниҳодоҳо ҳатто барои оилаи замони ҳозира аз шубҳа берун аст.

Яке аз сифатҳои муҳимтарини оилаи ашрофии асрҳои миёна хизматгор доштани онҳо буд. Аз ин рӯ дар рисолаи «Тадбири манзил» ин масъала дар маркази таваҷҷуҳи Ибни Сино қарор гирифтааст. Мағз ва ҷавҳари андешаҳои ӯ дар ин масъала аз қарори зайл аст: Хидматгорони инсон ба манзалаи узвҳои бадани ӯянд. Аз ин рӯ месазад, ки *«онҳоро ба худат наздик кунӣ ва аз худат дур накунӣ ва тафаққуд намоӣ*

ва музиллашон нагзорӣ ва бо рифқ рафтор кунӣ ва танг нагирӣ, зеро ки онҳо ҳам башаранд, хаставу малул мешаванд ва сустию пирӣ ба онҳо ориз мегардад, ҳавоиҷу хоҳишҳо, ки дар табиъати башар ҳаст, барои онҳо ҳам ҳаст».[1] Ин андешаҳои мутафаккир бешубҳа саршори руҳияи баланди инсондустӣ буда, ба ақидаи Афлотун ва Арастуӣ дар хусуси он ки ғуломон танҳо олоти гӯёи кор ва ё танҳо ҳайвони корӣ мебошанд, комилан мухолифанд. Вале ин тағйири назар дар нисбати ғуломон ва хидматгузорон дар заминаи рушди ҳаёти иҷтимоъӣ – аз байн бурдани сохти ғуломдорӣ ва ба вуҷуд омадани ҷомеъаи заминдорӣ, ки дар он истиқлоли фардии аҳли кор (меҳнат) хеле рушд карда буд, ба вуҷуд омадааст.

Мадинаи Одила. Қисми саввуми таркибии фалсафаи амалии Ибни Сино сиёсати мудун ном дорад. Дар ин бахши фалсафаи амалии худ ӯ андешаҳояшро дар мавриди сабабҳои пайдоиш ва моҳияти ҷомеъа, сохтори иҷтимоъӣ ва ҳокимияти сиёсии он баён медорад.

Аз диди Ибни Сино сабаби пайдоиши ҷамеъа зарурати таъмини шароити шоистаи ҳаёти мардум, ҳифз ва идомати ҳастии насли инсонӣ мебошад. Ин зарурати бунёдӣ, ба фикри ӯ, одамонро маҷбур сохт, ки дар ҷамоъа муттаҳид шаванд, то ки аз тариқи ҳамкорӣ, ҳамёрии ҳамдигарӣ ва табодули натиҷаҳои кор (меҳнат) барои ҳаёти фардҳои инсонӣ ва ҷинси инсонӣ шароити мусоъид ба вуҷуд биёранд. Ибни Сино менависад: Маълум аст, ки инсон аз ҳамаи ҳайвонот бо он тафовут дорад, ки агар аз ҷомеъа ҷудо шавад худ ба танҳоӣ наметавонад зиндагии матлубе дошта бошад ва ниёзҳои зарурии худро бе ҳамкорӣ ва мушорикати дигарон анҷом диҳад. Бинобар ин бояд аз афроди дигаре кӯмак бигирад ва худ низ бо онон ҳамкорӣ кунад. Масалан, чунин бошад, ки яке барои дигаре боре ҳамл кунад ва дигарӣ барои ӯ нон бипазад. Ва ин яке барои дигарон дӯзандагӣ кунад ва он дигаре барои ӯ абзор ва васоили дузандагӣ бисозад, то ниёзи ҳама бароварда шавад. Аз ин рӯ инсон ба зиндагии дастаҷамъӣ гардан ниҳод ва ба эҷоди шаҳр ва ҷомеъа пардохт. Пас, агар яке аз онҳо дар эҷоди зиндагии иҷтимоъӣ ба шароити лозимаи ҷомеъа пойбанд набошанд, танҳо бе ҳамзистӣ бо афроди ҳаммонанди худ басанда мекунад. Дар натиҷа ба навъе зиндагии бисёр ноҳамгун ба зиндагии инсон, ки дур аз камолоти инсонӣ аст, даст хоҳад ёфт. Бо ин ҳама ин афрод ҳам ночоранд ба навъе зиндагии ҷамъӣ гардан ниҳанд ва худро ба мардумони иҷти-

1 Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ. С.26.

моъӣ ва мутамаддин ҳамсон созанд».[1]

Мувофиқи ақидаи Ибни Сино шарти асосии ҳаёт ва пешрафти ҷамъият кори фоидабахш ва мубодилаи натиҷаи кор мебошад. Кори барои ҳамагон фоидабахш – масъулияти ҳар як фарди қобили кор аст. Танҳо одамони ғайриқобили кор ва посбонон аз кори ҷисмонӣ озод буда ба маъош аз ҷониби давлат таъмин мегарданд. Ҷомеъа вазифадор аст, ки ба муқобили муфтхӯрон ва коргурезон то ҳадди ҷисман нест кардаашон муборизаи беамон барад, ҳаргуна фаъолияти зиддиҷамъиятиро (аз қабили дуздӣ, зинокорӣ, судхӯрӣ) қатъан манъ намояд.

Дар баёни масъалаи сохтори иҷтимоъии ҷамъият Ибни Сино пайрави назарияи афлотунӣ-арастуӣ аст. Ӯ чунин мешуморад, ки ҷомеъа дар сурате вуҷуд дошта ва рушд карда метавонад, ки агар аҳли он ба табақа ва тоифаҳои зерин ҷудо шуда бошад:

1.мудаббирон – подшоҳон, аҳли дарбор, лашкаркашон;

2.ҳунармандон – пешаварон ва зироаткорон;

3.посбонон – лашкариён ва муҳофизони тартиботи ҷомеъа.

Ибни Сино навиштааст: «Мебояд одамоне вуҷуд дошта бошанд, ки ба одамони дигар хидмат кунанд. Ин одамон бояд ҳамвора дар хидмати аҳли Мадинаи Одила бошанд; ба гурӯҳи чунин одамон онҳое дохил мешаванд, ки аз дарки некукорӣ дур мондаанд. Барои ҳифзи низоми ҳаёти иҷтимоъӣ шахси қонунгузор бояд дар ҳар яке аз ин гурӯҳҳо сардоре таъин кунад, ки аз паси он сардорҳои дигар қарор дошта бошанд ва ҳамин тариқ то ба охир, то ҷое, ки ин қатор бо одами аз ҳама паст ба охир расида бошад. Дар Мадинаи Одила набояд касе бекор ва бе ҷои муқаррар вуҷуд дошта бошад. Ҳар касе бояд фоидае ба ҷомеъа расонида бошад».[2]

Чунон, ки гуфта шуд, ҷомеъа ба пиндошти Ибни Сино дар пояи ҳамкорӣ ва ёрии мутақобил қарор дорад. Барои ҳамкорӣ «касе зарур аст, ки қонун ва адолатро муқаррар кунад ва чунин кас бояд тавассути сухан имконияти муроҷиъат ба мурдмро дошта бошад ва мардумро барои риъояи қонун ухдадор кунад..., ва ӯ наметавонад, ки мардумро ва назариёти онҳоро бе раҳнамоӣ нигоҳ дорад, зеро дар акси ҳол дар байни онҳо нифоқ ба вуҷуд хоҳад омад ва ҳар касе он чизро адолат мешуморад, ки барояш фоидабахш аст ва ғайри адолат он чизеро медонад, ки барояш зараровар аст».[3]

Ба ин тариқ Ибни Сино ба таҳлили масоили ҳокимияти

1 Абуалӣ ибни Сино. ан-Наҷот. ал-Қоҳира, 1337. С.303.
2 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.304.
3 Абуалӣ ибни Сино. ан-Нҷот. ал-Қоҳира. 1337. С.304-305.

сиёсӣ ва асосҳои ҳуқуқии он мепардозад. Аз руи назарияи нубувати ӯ чунин бармеояд, ки ӯ тарафдори шакли ҳокимияти сиёсие мебошад, ки онро халифат номидан мумкин аст. Ин давлате аст, ки сарварии онро пайғамбар, ки ҳокимимяти динӣ ва дунявиро худ муттаҳид сохтааст, ба уҳда дорад. Вале азбаски мавҷудияти чунин шахсе ба мисли пағамбар на дар ҳама давру замон имконпазир аст, аз ин рӯ ин ҷо масъалаи халифати ӯ бармехезад. Ибни Сино ду роҳи ҳалли ин масъаларо пешниҳод мекунад:

1). Таъини халифа аз тарафи худи пайғамбар. Таъин бояд ба нас - ба таври хаттӣ бошад, то ки гурӯҳбозӣ ва ҷудоиандозиро пешгирӣ кунад.

2). Халифа бояд аз тариқи интихоб дар асоси иҷтиҳод – раъйю иҷтимоъӣ саҳобаҳои пағйамбар сурат гирад. Зарур аст, ки интихоби ҳалифа аз тарафи тамоми мардуми мамлакат тасвиб гардад. Халифаи интихобшуда бояд боақл, ҷасур, ҷавонмард, эҳтиёткор, нозими кордони масоили иҷтимоъӣ, донандаи дин ва шариъат бошад.[1] Дар сурате, ки агар ба вазифаи халифа одаме даъво кунад, ки қудрат ва амвол дорад, вале ҳуқуқи халифа шудан надорад (халифа таъин ва интихоб нашуда бошад), дар ин сурат тамоми халқи мамлакат бояд бар зидди вай ба ҷанг бархоста ӯро нобуд созанд.[2] Вале агар даъвогар аз руи фазилатҳои худ нисбат ба дигарон сазовортар аст, он гоҳ аҳли кишвар ҳақ доранд аз ӯ дифоъ кунанд, зеро фақат фазилатҳои шахсӣ ба инсон ҳуқуқ медиҳанд, ки ҳокими мадинаи фозила ва султони олами заминӣ бошад.

Нуктаҳои баёншуда моро ба хулосҳои зерин меоранд:

1) Дар масоили ҳокимияти сиёсӣ Ибни Сино пайрави Абу Ҳанифа, Моварди ва Форобӣ мебошад,

2). Ибни Синоро наметавон аз мутафаккирони сиёсии шиъа донист, зеро тарафдори ҳокимияти меросӣ нест.

3). Барои Ибни Сино муҳимтарин шарти интихоби сарвари Мадинаи Фозила на насаб, балки фазилатҳои шахсии ӯ маҳсуб меёбанд.

Мантиқи фикри Ибни Сино моро водор месозад чунин натиҷа бигирем, ки ӯ вазифаи асосии ҳокимияти сиёсӣ ва сарвари онро аз муқаррар кардани ҳамкории боадолат ҳамчун заминаи бунёдии фаъолияти ҷомеъа иборат медонист. Ҷомеае, ки дар он қонуни ҳамкории боадолат ҳукмрон аст, ба фикри ӯ, Мадинаи одила аст.

Ибни Сино дар «Китоб-ул-маҷмӯъ», ё «Ҳикмати арузия»-и

1 Ибни Сино. аш-Шифо- ал-Илохиёт. (2).С.451.
2 Ҳамон асар. С.459.

худ аз навъҳои зерини ҳукумат сухан ба миён оварда аст: 1. Ҳукумати мардумӣ, ки ҳамаи аҳли он ҳуқуқи мусовӣ доранд ва раиси он ё ба василаи ҳамаи мардум, ё тавассути раисони дараҷаи дуввум интихоб мешавад. 2. Ҳукуматҳое, ки таҳти султаи раёсатҳои пастанд. Ӯ ин гуна ҳукуматҳо ва ҷомеъаҳоро мисли Форобӣ аз чандин бахш иборат медонад. 3. Ҳукуматҳои истибдодӣ, ки онҳоро ҳукумати ваҳдониятурраиса (монархия) номидааст. 4. Ҳукуматҳои ашрофӣ (аристократия), ки Ибни Сино онҳоро раёсати одила хондааст. Аз ҳамаи ин анвоъи ҳукуматҳо вобаста ба шароити замон Ибни Сино ҳукумати ваҳдониятурраисаро писандидааст.

Чунон, ки дар боло зикр гардид Ибни Сино дар «Фалсафаи машриқия» -и худ ба сифати қисми чоруми фалсафаи амалӣ фикрҳоро ном мебарад. Вале мутаассифона, мо бо асарҳои фиқҳии Ибни Сино бо сабаби дастнорас будани онҳо шинос нестем. Аз ин рӯ баррасии онҳоро мавқуф мегузорем.

5. Аҳкоми илоҳиёти Ибни Сино.

Ибни Сино дар шароити ҷомеае, ки мафкураи ҳукмрони онро дини ислом ташкил медод, зиндагӣ кардааст. Аз ин рӯ фалсафаи ӯ ба андозаи зиёд ба таълимоти ислом, ки дар пояи аҳкоми ваҳйи илоҳӣ ва ваҳдонияти комил қарор гирифтааст, созгор аст. Ин ҳолатро ба таври ошкоро хусусан дар назарияи таснифи илмҳои фалсафӣ, ки аз тарафи мутафаккир эҷод гардидааст, мушоҳида кардан мумкин аст: дар «Шифо», «Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот», «Донишнома», «Мабдаъ ва маъод» масоили илоҳиёт ҳамчун яке аз риштаҳои муҳимтарини мобаъдуттабиъа (илоҳиёт) муаррафӣ гардидаанд. Дар ин асарҳои худ мутафаккир ба қатори масоили илоҳиёт масъалаҳои Воҷиб-ул-вуҷуд, ягонагии он, сифатҳои вай, дар бораи ваҳй ва ҳомили он, пайғамбар ва пайғамбарҷ, ҳаёти баъди марг, қиёмат ва ғайраҳоро дохил мекунад. Дар «Ҳикмат-ул-машриқия» бошад, илоҳиёт ҳамчун қисми мустақили фалсафаи назарӣ ҷудо гардида, ба сифати таълимот дар бораи Холиқи Мутлақ ва баъзе навъҳои фариштаҳо баррасӣ гардидааст. Шубҳае нест, ки бе таҳлили мухтасари асосҳои илоҳиёт баёни низоми фалсафии Ибни Сино нопурра хоҳад буд. Аз ин рӯ зарур аст, ки ба таври иҷмолӣ муҳимтарин аҳкоми илоҳиёти ӯро таҳлил ва моҳияти ҷаҳоншиносии онро муайян намоем.

Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд. Асли нахустини илоҳиёти Ибни Сино таълимот дар бораи Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд аст, ки асосҳои аввалияи ҷаҳонбинии ӯро муайян

мекунад. Мувофиқи ин таълимот, «Воҷибулвуҷуд мавҷудест, ки аз фарзи набуданаш муҳол лозим ояд... Воҷибулвуҷуд мавҷудест, ки ҳастиаш зарурист. Воҷибулвуҷуд гоҳе ба зоти худ воҷиб аст ва гоҳе ба зоти худ воҷиб нест. Воҷибулвуҷуд ба зот он аст, ки ба хотири худаш, на ба хотири чизи дигаре, аз фарзи адамаш муҳол лозим ояд...»[1] Ибни Сино дар мавриди тавсифи Воҷибулвуҷуд таъкид менамояд, ки он ба ягон ҷинс дохил нест, ба ҳад ё исбот ниёз надорад, аз «чандӣ» «куҷоӣ» «каййӣ» ва ҳаракат барист; он бемисл аст ва зиду нид надорад, аз ҳама ҷиҳат яктост, на билфеъл, на билқувва ва на дар ақл тақсимпазир нест, зеро вуҷудаш вуҷуди маънавист..., на ҷисм аст, на ҷисмонӣ, балки Хайри мутлақ, Ҳақиқати мутлақ ва Ақли мутлақ аст. Аз рӯи ин сифатҳояш Воҷибулвуҷуди Ибни Сино, аз як сӯ, ба Воҳид (Хайр)-и Афлотун ва Афлутин (Плотин), аз сӯи дигар, ба Муҳаррики аввали Арасту мутобиқ аст. Ин амр дар бораи асосҳои усулан ягонаи илоҳиёти онҳо дарак медиҳад. Воҷибулвуҷуди Ибни Сино тибқи ин сифот ба мафҳуми Аллоҳ дар дину илоҳиёти ислом низ мутобиқ аст. Ин гуна мутобиқат иборат аз он аст, ки ҳамаи сифатҳои ба Воҷибулвуҷуд нисбат додаи Ибни Сино ба тасаввуроти қуръонӣ ва илоҳиётшиносони мусулмон дар бораи сифоти Аллоҳ созгор мебошад. Ин ҳақоиқ далели он аст, ки андешаҳои илоҳиётшиносии ӯ аз арзишҳои исломӣ маншаъ мегиранд. Дар баробари ин бояд таъкид кард, ки Ибни Сино муносибати Аллоҳ ва оламро на ҳамчун муносибати холиқу махлуқ, балки ҳамчун таносуби иллату маълул маънидод намудааст. Дар ин маврид андешаҳои ӯ аз тасаввуроти исломӣ нисбат ба қодиру олими мутлақ будани Аллоҳ андаке фарқ менамоянд, ки ин ҳолат сабаби аз ҷониби мутакаллимони исломӣ, бавижа Муҳаммади Ғаззолӣ, нақд шудани онҳо гардидааст.

Ибни Сино мафҳуми «имконулвуҷуд» -ро ба тариқи зайл таъриф менамояд: «Имконулвуҷуд» мавҷудест, ки на аз фарзи вуҷуд ва на аз фарзи адамаш муҳол лозим наояд... Имконулвуҷуд мавҷудест, ки аз ягон ҷиҳат, яъне на аз ҷиҳати вуҷуд, на аз ҷиҳати адам зарурӣ нест»[2]. Ибни Сино ба ин навъи вуҷуд тамоми мавҷудоти аз Аллоҳ поёнтар, яъне аз Ақли Аввал то ҳаюло ва ҳастии ҳиссиро мансуб медонад. Сифати асосии имконулвуҷуд, ки ӯ онро аз Воҷибулвуҷуд ҷудо мекунад, аз ин иборат аст, ки вай causa sui (худ сабаби худ) намебошад. Аз ин сабаб имконулвуҷуд метавонад дар ҳолати имкони абадӣ намонад, балки ҳатто ба ҳолати имтиноъ интиқол

1 Ибни Сино. ан-Наҷот. С.224-225; Мабдаъ ва маъод. Теҳрон, 1332. С.2.
2 Ибни Сино.Ҳамон асар. С.2.

ёбад, агар ҳастии он аз ҷониби Воҷибулвуҷуд тақвият наёбад ва ба ҳолати воҷибулвуҷуд ба ғайр оварда намешавад. Аммо ҳангоми тақвият ёфтан аз ҷониби Воҷибулвуҷуд ва пайдо будани сабабҳои муваллида ва муҳасила имконулвуҷуд метавонад воҷибулвуҷуд ба ғайр гардад. Имконулвуҷуде, ки воҷибулвуҷуд ба ғайр гаштааст, барои тавқияти ҳастии худ, на барои тавлиди худ, ҳамеша ба Воҷибулвуҷуд биззот ниёзманд аст. Ибни Сино дар ин маврид чунин мешуморад, ки байни Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд на робитаи холику махлуқ, балки робитаи иллату маълул (сабаб ва мусаббаб) вуҷуд дорад. Воҷибулвуҷуд иллат аст ва имконулвуҷуд маълули он. Тибқи назарияи Ибни Сино маъул барои ҳифзи ҳастии худ ҳамеша ба иллати фоъилӣ ниёз дорад. Робитаи байни Воҷибулвуҷуд (ҳамчун иллат) ва имконулвуҷуд (ҳамчун маълул), низ ба ҳамин минвол аст. Мутафаккир дар «Ишорот ва танбеҳот» ва «Мабда ва маъод» ин андешаро чунин муддалал месозад: Робитаи маълул ба иллати фаъол машрут ба он нест, ки адам ба маълул муқаддам аст, балки баста ба он аст, ки вай ба зоти худ воҷиб-ул-вуҷуд нест ва тавассути ғайр воҷибулвуҷуд мешавад. Маълул на танҳо дар лаҳзаи пайдоишаш, балки ҳамеша дорои чунин сифат аст. Заминаи робитаи иллат ва маълул аз ҳамин иборат аст. Пас ин робита – робитаи доимӣ ва ҳамешагист. Агар робитаи маълул ба иллат на куллӣ, балки ҷузъӣ бошад, на бояд натиҷа гирифт, ки маълул аз иллати худ танҳо дар лаҳзаи пайдоишаш вобаста аст ва баъдан ба он ниёзе надорад. Баръакс, ин робита – робитаи доимӣ аст.[1] Аз сӯи дигар, андешаи робитаи доимии Воҷибулвуҷуд ва имкон-ул-вуҷуд ба нуктаҳои асосии назарияи сабабият (иллият)-и Ибни Сино сахт алоқаманд аст, ки тибқи он рафъи иллат баиси рафъи маълул мегардад. Аз ин рӯ Ибни Сино тобеиъяти доимии имконулвуҷудро ба Воҷибулвуҷуд бо исрор таъкид мекард, то ки барои исботи назарияи қидами олами худ заминаи илмӣ ва мантиқӣ омода созад. Ба назардошти ақидаи мазкур ӯ касонеро, ки ниёзмандии оламро ба иллат фоъилӣ танҳо то пайдо шудани он эътироф мекарданд, шадидан накд кардааст.

Чаро Ибни Сино Воҷибулвуҷуд – Аллоҳро иллати аввали ҳастии олам мешуморад? Агар назарияи мазкури таносуби Воҷибулвуҷуд ва имкон-ул-вуҷуд ва иллатгаройии (детерминизми) Ибни Синоро ба эътибор бигирем, ду сабаби асосиро бояд нишон дод. Якум, Ибни Сино андешаи ҳаракати худ ба худ модда ва ҳастии худ ба худи оламро қабул надошт. Аз ин

1 Ниг. Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.164-178; Мабдаъ ва маъод. С.28-32.

рӯ ӯ сабаберо, ки тавассути он олам таҳаққуқ ёфтааст, ҷустуҷӯ мекард. Ин гуна иллат аз назари ӯ – Аллоҳ - Воҷибулвуҷуд аст. Дувум, тасаввурот дар бораи Аллоҳ ҳамчун сабаби аввалини ҳастии олам натиҷаи назарияи иллияти (детерменизм) Ибни Сино мебошад. Мувофиқи он силсилаи равобити иллату маълули моддӣ поёнпазир аст. Дар натиҷа мутафаккир ба ин натиҷа расидааст, ки силсилаи иллату маълули моддӣ наметавонад беинтиҳо давом ёбад: бояд чунин сабаби олие мавҷуд бошад, ки ҳамаи сабабҳо ба он анҷом пазиранд. Аз назари Ибни Сино чунин сабаби олӣ ва ё сабаби сабабҳо Воҷиб-ул-вуҷуд – Аллоҳ аст.

Судур (файз). Таълимоти Ибни Сино дар бораи муносибати Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд дар асли дигари илоҳиёти ӯ -асли файз (судур) мушаххас мегардад. Ин назария аз ибтикороти Афлотин аст, вале Ибни Сино вайро чун таълимоти Арасту медонист, зеро ба он тавассути «Илоҳиёт» -и мансуб ба Арасту, ки дар асл яке аз қисматҳои «Тосеъот» -и Афлутин (Плотин) аст, шинос шуда буд. Ибни Сино назарияи судурро дар «Мабда ва маъод» муфассалан шарҳ дода аст. Чунон ки аз ин ва дигар осори ӯ бармеояд, назарияи судур дар фаҳмиши Ибни Сино таълимот дар бораи таносуби Худо ва табиъат буда ба суоли «оё оламро Худо офаридааст, ё он азалан вуҷуд дорад? бояд ҷавоб бидиҳад. Ибни Сино ба ин суол ба тариқи зайл ҷавоб медиҳад. Воҷибулвуҷуд – Аллоҳи воҳид, абадӣ, ғайримоддӣ, қорруззот ва мутлақ ба ҳадафе, ки дониста ва шинохта шавад бе ҳеҷ гуна восита Ақли куллро офарид, ки он худ мавҷудест, ки ҳам худ ва ҳам холиқи худро маърифат мекунад. Аз ин рӯ аз Ақли кулл пайи ҳам даҳ фалак ва нафсҳои онҳо содир (фаязон) шудаанд. Ба ақидаи Ибни Сино дар фалаки Қамар (Моҳ) силсилаи судур (фаязон) ба охир расида аст, зеро «то ба ин ҷойгоҳ олами басотат тамом шуд ва сипарӣ гашт ва тарафи бидоят то ба охир расид ва аз ин ҷо тарафи иъодат оғоз кард».[1] Дар ин хатти иъодат (бозгашт) дар натиҷаи имтизоҷи чор унсур (об, оташ, хок, ҳаво) тадриҷан ҷамодот, наботот, ҳайвонот ва инсон ба вуҷуд омаданд. Ба андозаи тасфияи маънавию ахлоқӣ инсон метавонад то ба зинаи ақли фаъол расад, ва мартабаи пайғамбар ва фариштаро соҳиб шавад.

Дар назари аввал чунин менамояд, ки назарияи судури Ибни Сино таълимоти соф динӣ-мусулгаройӣ ё ирфонӣ буда, комилан ба дини мубини ислом мувофиқ ва мутобиқ аст.

1 Ибни Сино. Рисола дар ҳақиқат ва кайфияти силсилаи мавҷудот. Теҳрон. 1331. С.24.

Аммо баъди таҳлили амиқи андешаҳои Ибни Сино маълум мегардад, ки гарчанде назарияи судури ӯ ба либоси диниву ирфонӣ оро дода шудааст, вале наметавон онро як назарияи комилан динию мусулгаройӣ донист. Чунин ба назар мерасад, ки моҳияти ин таълимот бештар аз шарҳи худогаройии табиъии (деистии) олам иборат аст. Ин хулосаро далелҳои зерин таъйид мекунанд:

1. Ибни Сино ҳудуди феъли бевоситаи Худро бо офаридани Ақли Аввал маҳдуд карда, аз андешаи дахолати доимии ӯ ба корҳои олам даст бозмедорад. Ӯ менависад: «Бошад, ки ту гӯи, ки аз ин сухан лозим ояд, ки муҳаррики осмон муфориқи ақлӣ бошад. Ва пеш аз ин маън кардай, ки мубашири таҳрик чизе бошад ақлӣ, балки қувватест ҷисмонӣ. Ҷавоби ту он аст, ки ин ки собит шуд муҳаррики аввал аст. Ва равост, ки мулосиқи таҳрик, яъне муҳаррики қариб ҷисмонӣ бошад».[1]

2. Ибни Сино таносуби байни Худо ва табиъатро на ҳамчун таносуби байни холиқу махлуқ, балки чун робитаи иллат ва маълул (сабаб ва мусаббаб) маънидод мекунад. Чунин маънидоди масъала ба хулосае мерасонд, ки олам на ба иродаи Худо, балки аз рӯи зарурат офарида шудааст, зеро тибқи сабабгароии (детерменизми) Ибни Сино таъсири мутақобилаи иллат ва маълул на робитаи тасодуфӣ, балки робитаи зарурист ва ҳар чизе, ки аз сабабе бар меояд, аз рӯи зарурат бар меояд».[2]

Иллат танҳо дар ҳолате сабаби воқеъиву ҳақиқӣ мешавад, ки агар маълулеро ба вуҷуд биёрад, дар акси ҳол он чун иллати билқувва боқӣ хоҳад монд. Аз ин рӯ зарур буд, ки Худо оламро биофарад, то ки сабаби билфеъл гардад.

Қазияи охирин, агар онро мантиқан идома диҳем, ба хулосае меовард, ки иллати фоъилӣ машрут ба зарурат аст ва мухтор нест.[3] Ин андеша ба таълимоти динӣ ва илоҳиёти динӣ комилан созгор нест. Аз ин рӯ мутакаллимони файласуфмаъоб, хусусан Муҳаммад Ғаззолӣ, Муҳаммад Шаҳристонӣ, Фахруддини Розӣ, ин андешаи Ибни Синоро ҷиддан рад намудаанд.

3. Назарияи судури Ибни Сино ба назарияи сунъ ва ибдоъи исломӣ на аз ҳамаи ҷиҳатҳо созгор аст. Зеро он таҳаввули шаклҳои ҳастиро ҳам дар хатти нузул ва ҳам дар хатти сууд дар назар дорад. Ин назария дар шакли ирфонӣ ҳам бошад масъалаи таҳаввули тадриҷии ҳастиро матраҳ мекунад ва пайдоиши паёпайи олами ҷамодот, наботот, ҳайвонот ва

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.204.
2 Ҳамон асар. С.76.
3 Чаҳордаҳ мақола. Теҳрон, 1340. С.143-144.

инсонро таъйид мекунад. Муҳаммад Ғаззолӣ носозгории назарияи судурро ба аҳкоми ислом дарк карда онро боҷуръат нақд кардааст. Аз назари ӯ пайравони чунин назария сифати «холиқӣ мухтор ва қодир» будани Худоро сарфи назар намуда «ҳолати ӯро ба ҳолати мурда (майит)-и ғофил аз воқеъоти олам наздик намудаанд».[1]

Пайғамбар ва пайғамбарӣ. Масъалаи пайғамбар ва пайғамбарӣ дар илоҳиёти Ибни Сино яке аз ҷиҳатҳои масъалаи куллии фалсафаи инсон ва фаъолияти маърифатии он мебошад. Чунин тарҳи масъала аз гуфторҳои худи мутафаккир возеҳ мегардад. Аз ҷумла, ӯ навишта буд: "Мардуме, ки шоистаи номи инсон ҳастанд, ононанд, ки дар охират ба саъодати ҳақиқӣ мерасанд. Ва инонро низ маротибе аст, ки аз ҳамаи эшон ашраф ва акмал он кас аст, ки ба нерӯи пағйамбарӣ ихтисос ёфта бошад. Нерӯи пайғамбариро се хосса аст, ки гоҳе он се хосса дар як инсон фароҳам меояд ва гоҳе чунин нест ва онҳо мутафарриқанд."[2]

Аз диди Ибни Сино яке аз ин се хоссаи нерӯи пайғамбарӣ ба қувваи ақл марбут аст ва аз ҳастии ҳадси фавқулъода иборат мебошад. Ин нерӯ ҳамчунин ақли набавӣ (пайғамбарӣ) ва ақли қудсӣ низ номида мешавад. Ақли набавӣ (қудсӣ), ё ҳадсӣ фавқулъода қавӣ буда, асари басе банудрат аст, вале имконнопазир нест. Бинобар ин мутафаккир бовар дорад, ки дар байни одамон метавонад касе бошад, ки дорои ақли қудсӣ (ҳадси қавӣ) буда бе муаллим ва таълим ҳама ё аксари маъқулотро дар андак муддат бидонад. Чунин кас бо доштани дигар нерӯҳои пайғамбарӣ - пайғамбари фозил ва пуршаън хоҳад буд. Ибни Сино дар "Донишнома" меоварад: "...андар байни мардумон касе бувад, ки варо дар бештари чизҳо муаллим бояд ва ҳеҷ ҳадде натавонад кардан, балки низ бувад, ки аз муаллим низ фаҳм натавонад кардан. Ва шояд, ки яке бувад, ки бештари чизҳоро ба ҳадс ба ҷой оварад ва андаке ҳоҷат бувад варо ба муаллим. Ва шояд, ки касе бувад нодир, ки чун бихоҳад бе муаллим андар як соъат аз авоили улум ба тартиби ҳадсӣ то охир бирасад аз нек паймудани вай ба ақли фаъол, то худ ӯро ҳеҷ андеша набояд кардан ва чунин пиндорад, ки аз ҷое андар дили вай ҳамеафкананд. Балки ҳаққ худ ин бувад ва ин кас бояд ки асли таълими мардумӣ аз вай бувад ва ин аҷаб набояд доштан, ки мо касе дидем, ки варо ин манзалат бибуд ва чизҳо ба андеша ва ба ранҷ омӯх-

1 Муҳаммад ал-Ғазолӣ. Таҳофут ал-фалосифа. Бейрут, 1341. С.103.
2 Ибни Сино. Мабдаъ ва маъод. С.133.

тӣ. Валекин ба қуввати ҳадс аз ранҷи бисёр мустағнӣ буд ва ҳадси вай дар бештари чизҳо мувофиқи он будӣ, ки андар китобҳост. Пас, варо ба бисёр хондани китобҳо ранҷ натавонистӣ бурдан. Ва ин касро ба ҳаждаҳсолагӣ ё нуздаҳсолагӣ улуми ҳикмат аз мантиқ ва табиъиёт ва илоҳиёт ва ҳандаса ва ҳисоб ва ҳайат ва мусиқӣ ва илми тиб ва бисёр илмҳои ғомиз маъқул шуд, чунон ки чун хештан надид".[1]

Ин андешаҳои мутафаккирро арзёбӣ намуда, таъкид бояд кард, ки қобилияти ҳадсро, ки ӯ онро ақли пайғамбарӣ ё қудсӣ низ меномад, набояд инкор кард. Илм ва фалсафаи кунунӣ ҳам ҳастии қобилияти ҳадсро эътироф дорад, вале онро чун Ибни Сино на дар ҳудуди назарияи ақлгаройӣ, балки дар масири назарияи ноақлгароӣ ва таҳтишуурӣ таҳлил менамоянд. Аммо бояд гуфт, ки назарияи ақли пағйамбарии Ибни Сино ба таври комил назарияи ақлонӣ нест. Он то ҳадди зиёд машраби ирфонӣ дорад. Ақоиди ӯ дар бораи робитаи ақли пайғамбарӣ ба ақли фаъол (ки дар ҳудуди дин Ҷабраил ном дорад) ва тавассути ӯ дарёфтани асрори ҷаҳон ин натиҷагириро таъйид мекунад.

Хоссаи дуввуми нерӯи пайғамбарӣ аз диди Ибни Сино ба тахаюли инсони дорои мизоҷи комил марбут аст. Аз назари мутафаккир хусусияти тахаюлӣ инсони дорои мизоҷи комил иборат аз он аст, ки он касро ба донистани асрори ашё ва дарки мавҷудот роҳнамоӣ мекунад. Ин хоссаи тахаюл дар инсонҳо гоҳо ҳатто дар хоб низ зоҳир мешавад. Вале пайғамбарон ҳам дар хоб ва ҳам дар бедорӣ молики ин хоссаанд. Аммо эҳсос ва ақл ба тахаюл дар иҷрои вазифааш монеъ мешаванд. Вале "касе, ки хаёлаш бисёр қавӣ ва нафсаш ҳам бисёр нерӯманд бошад, маҳсусот наметавонад ӯро ба куллӣ ба худ машғул ва мустағрақ гардонад ва ӯ метавонад фурсате барои иттисол ба он олам ба даст оварад ва ин кор ӯро дар бедорӣ имконпазир аст. Ва хаёлро ҷазб мекунад, пас ҳаққро мебинад ва ҳифз мекунад. Ва хаёл кори худро ба анҷом мерасонад ва дуруст анҷом медиҳад. Он чиро мебинад монанди ин аст, ки ба чашм ва гӯш ҳис карда бошад. Ва чунон нест, ки тахаюли пайғамбар ин илмро дар ҳангоми иттисол ба мабдаи коинот анҷом диҳад, балки ҳангомест, ки нури ақли фаъол тобон шавад ва маъқулотро бар нафси ӯ ифоза ва ишроқ кунад. Пас, хаёл мегирад ва ин маъқулотро тахаюл мекунад ва дар ҳисси муштарак онҳоро ба тасаввур меоварад".[2] Ба саба-

1 Ибни Сино. Донишнома. Табиъиёт. Теҳрон, 1331. С.133-134.
2 Ибни Сино. Мабдаъ ва маъод. С.137.

би чунин матраҳ кардани масъалаи моҳияти ҳадс ва тахаюли пайғамбарӣ Ибни Сино бовар дошт, ки пайғамбарон маъқулотро бе муаллим ва таълим, дар заминаи робита ба олами малакут ва раҳ бурдан ба олами ғайб тавассути тахаюл ва ваҳй дармеёбанд. Ваҳй робитаи байни малакут ва нафсҳои одамон аст. Вай дар бораи он ҳолати мавҷудот хабар медиҳад, ки ба ҳаюлои олам таъсир мерасонанд, то ки муъҷизот эҷод кунанд ва як сурати ҳаюлоро зоил намуда ба он сурати дигар бидиҳанд.

Эътирофи нақши хоси тахаюл дар раванди маърифат ва фаъолияти эҷодӣ дар он хусус далолат мекунад, ки Ибни Сино ба кашфи моҳияти ин нерӯи маърифатии инсон хеле наздик омада буд. Дар айни ҳол бояд гуфт, ки ӯ чун дар мавриди ҳадс, нақши маърифатии тахаюлро машраби динӣ ва ирфонӣ медиҳад: тахаюл танҳо ҳангоми робита ба Ақли фаъол метавонад сабаби эҷоди дониши пайғамбарӣ гардад.

Хоссаи сеюми нерӯи пайғамбарӣ ба нафс вобаста аст. Пайғамбарон аз назнари Ибни Сино дорои қавитарин нафсанд, ки қодир аст ба табиъат таъсир кунанд ва онро тағйир диҳанд. Нафси онҳо чунон қавӣ аст, ки метавонад таҳаввулоти гуногун ва ҳаводисеро падид орад, ки дар табиъат сабабҳои хос доранд, мисли зилзила, бод, барқ ва ғ. Ҳамаи инҳоро Ибни Сино чунин шарҳ медиҳад: "Моддаи ҳамаи баданҳои унсури (яъне ҷисмҳо, ки аз таркиби оташ, об, ҳаво ва хок ба вуҷуд меоянд – М.Д.) ба ҳасби асл яке аст, таркиб ва унсури ҳама пазирои умурест. Пас, агар фоъил нерӯманд бошад, ногузир унсур аз он мепазирад... Пас, дур набошад, ки нафсе чунон нерӯманд бошад, ки таъсираш ба бадани худ маҳдуд набошад, балки аз он бигзарад ва дар чизҳои дигар таъсир кунад"[1]. Ба ҳайси мисол Ибни Сино ба падидаи "чашмзадагӣ" ишора мекунад ва онро чун таъсири нафси қавӣ ба нафси заъиф маънидод менамояд. Бамаврид аст таъкид гардад, ки ин андешаи мутафаккир набояд рад карда шавад, балки зарур аст, ки ҳодисаҳои баршумурдаи ӯ аз ҷиҳати илмӣ ҷиддан таҳлил гардад, зеро чунон ки худи ӯ таъкид мекунад, ин гуна падидаҳо ба "мазҳаби табиъат" мухолиф нестанд.

Ба андешаи Ибни Сино дараҷаи ниҳоии инсоният марбут ба дараҷаи фариштагон аст. Чунин инсон, аз назари ӯ, вакили Худо дар замин аст. Мавҷудияти вакили Худо хилофи ақл нест ва он барои инсоният амри воҷиб аст. Ин заруратро

1 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.138.

мутафаккир чӣ гуна мудаллал месозад? Ҷавоби ин суолро мо дар китоби “Шифо” -и ӯ пайдо менамоем: “Агар чунин инсон ҳаст шавад, бояд ба изни Аллоҳи таъоло, фармону ваҳйи вай ва фурӯ фиристодани Руҳулқудус сӯи ӯ дар корҳои мардумон суннатҳо муқаррар намояд. Асли аввале, ки ӯ суннат мегардонад ин аст, ки онҳоро бидононанд, ки эшонро офаридгори яктои тавоно аст. Вай донои ошкору ниҳон аст, ҳаққаш ин аст, ки ба ӯ итоат бояд кард. ...Ӯро зарур нест, ки мардумонро ба донистани чизе аз маърифати Худой таъоло машғул дорад, ки аз донистани “ӯ, [ки] ягона, ҳаққ ва беҳамто аст, бартар бошад”. Вале зарурати пайғамбар бо ҳамин нукта маҳдуд намешавад. Маълум аст, ки ҷомеъаи инсонӣ бе ҳамкорӣ ва муносибати мутақобилаи аҳли он вуҷуд дошта наметавонад. Барои ҳамкорӣ Қонун ва густариши Адолат зарур аст.[1] Барои эҷоди Қонун ва густариши Адолат қонунгузоре зарур аст, ки Адолатро ҷорӣ намояд. [2] Ба ақидаи Ибни Сино чунин қонунгузор бояд пайғамбар бошад. Аммо ба одамон ҳамеша фаромӯшхотирӣ ё таҳрифи суннатҳо ва қонунҳои пайғамбар хос аст. Бинобар ин такроран муқаррар кардани суннатҳо ва қонунҳо зарур мешавад. Ба ҳамин сабаб аст, ки Худованд ҳаргоҳ пайғомбаронро бармегузинад, то ки дини ҳаққро таҷдид ва эҳё кунад. Ҳама гуфторҳои Ибни Сино дар бораи пайғамбар ва дин саршор аз ғамхорӣ дар роҳи таҳким ва таъйиди ҳастии Мадинаи Фозила мебошанд.

Масъалаҳои илми Худо ва баъсат низ аз муҳимтарин масоили илоҳиёти Ибни Сино мебошанд. Таҳлили онҳо дар китоби З.М.Диноршоева “Муҳаммад ал-Ғаззолӣ ва муносибати ӯ ба фалсафа”[3] оварда шудааст. Аз ин рӯ хонандаи кунҷковро ба қироати ин китоб даъват менамоям ва умед дорам, ки ӯ он ҷо андешаҳои мавриди таваҷҷуҳашро пайдо хоҳад кард.

Таҳлили бахшҳо ва масъалаҳои асосии мантиқ, фалсафаи назарӣ, фалсафаи амалӣ ва илоҳиёти Ибни Сино нишон медиҳад, ки аз ҳамаи қисматҳои низоми фалсафии ӯ ба арзишҳои исломӣ фалсафии амалӣ ва илоҳиёти вай бештар мутамоил ва мутавоҷеҳ аст. Сабаби ин шояд он аст, ки фалсафаи амалӣ ва илоҳиёт ба тарзи зиндагӣ, олами андешаҳои давр, суннатҳо ва ниёзҳои мафкураи ҳукумрон бештар марбутанд. Маҳз онҳо давронеанд, ки дар тафаккур муртасим, мунтабиъ

1 Ибни сино. аш-Шифо. ал-Илоҳиёт. (2). С.442.
2 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.443.
3 З.М.Диноршоеа. Мухаммад ал-Газзали и его отношение к философии. Душанбе, 2002. С.120-144.

ва мунъакис гаштаанд, зеро ба ҳадди зиёд руҳия ва арзишҳои замони худро эҳсос, дарк, ҷамъбаст ва баён мекунанд.

6. Ибни Сино ва шукуфоии фарҳанги ҷаҳонӣ

Ибни Сино на танҳо тавассути андешаҳои аслӣ ва кашфиёти хеш, балки ба василаи таъсире ҳам, ки ба рушди фалсафа, илм ва адабиёт расонда буд, барои шукуфоии баъдии тамаддуни ҷаҳонӣ хизмати арзанда кардааст. Тибқи мулоҳизаи одилонаи М.Афнан, «баъди Ибни Сино файласуферо наметавон пайдо кард, ки зери таъсири вай қарор нагирифта бошад... Бо вуҷуди он ки андешаҳои ӯро инкор ва «илҳодаш» -ро маҳкум мекарданд, вале бе ҳеҷ калавиш бисёре аз афкор ва ақоидашро, ки дар ҳамаи анвоъи адабиёт, аз ҷумла дар назм амиқ реша давонда буданд, ҳифз мекарданд».[1]

Дар бораи таъсири амиқи Ибни Сино ба татаввури баъдии тамаддуни ҷаҳонӣ муборазаи тезу тунди мафкуравие, ки дар атрофи фалсафаи мутафаккир байни ҷонибдорон ва муқобилонаш даргирифта буд, шаҳодат медиҳад. Ин мубориза боиси баррасии васеътар қарор гирифтани масоили матраҳ кардаи ӯ, пайдоишу рушди макотиб ва равияҳои нави фалсафӣ гардид. Мухолифат ба Ибни Сино аз чанд ҷониб - аз ҷониби аҳли тасаввуф, мутакаллимон, ишроқиён ва мутаолиҳон идома меёфт. Аз сӯи дигар баъзе аз аҳли машоъ, аз ҷумла, Ибни Рушд, Насириддини Тӯсӣ, Мирдомод ва дигарон эродот ва изофоте ба фалсафаи ӯ ворид карданд.

Суфиҳо, чунон ки гуфта шуд, бар зидди ақлгароии Ибни Сино бархоста вайро ба он гунаҳкор мекарданд, ки гӯё вай ба ҷои он, ки ваҷҳи Худойро ба инсон бинамояд, онро аз инсон пинҳон менамояд. Вале сарфи назар аз ин бисёре аз сӯфиҳо равиши фалсафии мутафаккир ва андешаи вайро дар бораи таҳаввули дараҷаҳои судур аз рӯи хатти суъуд пазируфтанд. Шоҳиди ин суханон асарҳои «Сайр-ул-ибод ила-л-маъод» -и Абулмаҷид Саноӣ, «Мантиқ-ут-тайр» -и Фаридиддини Аттор ва «Маснавии маънавӣ» -и Ҷалолуддини Балхӣ (Румӣ) шуда метавонанд.

Таълимоти фалсафии Ибни Сино аз ҳама бештар ва шадидтар мавриди интиқоду хурдагириҳои тунди мутаккалимин қарор гирифта буд. Дар рафти ин муборизаҳо фалсафаи ба ном калом ташаккул ёфт ва рушд кард. Вай зери таъсири Ибни Сино аз равишҳои (методҳои) тафаккури сирф мад-

1 Afnan. S.M. Avisenna. His Life and. Works. London, 1958. P. 332-233.

расӣ даст бозdошта равиши (методи) тафаккури фалсафиро пазируфт. Яке аз намояндагони баруманди фалсафаи калом Муҳаммад Ғаззолӣ буд, ки дар асарҳояш «Таҳофат-ул-фалосифа» ва «ал-Мунқиз ми-аз-залол» кӯшиш ба харҷ дод, то фалсафаи Ибни Синоро ҳамаҷониба инкор намояд. Муҳаммад Ғаззолӣ хусусан ба муқобили таълимоти Ибни Сино роҷеъ ба азалияту абадияти олам ва аразҳои зотии он - ҳаракат, макон ва замон сахт тохтааст. Ба ақидаи ӯ ин таълимоти Ибни Сино ба назарияи динӣ дар хусуси қудрати номаҳдуди Худо, ки бо раводиди иродаи хеш оламро офарида ва қонунҳоро ба он тақдим кардааст, теша зада, онро тиҳӣ аз маънӣ ва беарзиш менамояд. Ақидаи ҳамазалияти замонии олам ва Худо, ба фикри Ғаззолӣ, ба санавият меанҷомад, ки ба тавҳиди исломӣ зид аст. Ғаззолӣ инчунин назарияи ақлгароёнаи судури Ибни Синоро, ки мувофиқи он Худо оламро на ба иродаи худ, балки аз рӯи зарурияти табиъӣ ва тартиби дараҷаҳои муайяни судур офаридааст, шадидан нафй мекунад. Зеро ба ақидаи ӯ ин назарияи Ибни Сино офариниши бевоситаи оламро аз ҷониби Худо таҳти шубҳа қарор медиҳад ва ба худогаройии табиъӣ (деизм) мутамоил мешавад. Шакке нест, ки дар ин маврид ҳақ дар ҷониби Ғаззолӣ аст. Ғаззолӣ таълимоти Ибни Синоро дар бораи сабабият ва растохези руҳонӣ низ инкор намуда аст. Вай ба Ибни Сино ин ақидаро нисбат додааст, ки Худо кулро медонад, вале ҷузъро намедонад ва ба ин васила ӯро ба куфру илҳод муттаҳам кардааст. Аммо дар тамоми осори Ибни Сино ба куллӣ чунин ақида ҷой надорад. Бар хилофи ин, дар асари ӯ «Днишнома» ақидае мундариҷ аст, ки Худо ҳама чизро медонад, вале ба таври куллӣ, зеро вай Ақли маҳз аст ва куллиёту ҷузъиётро аз зоти худ ба таври куллӣ медонад. Вале бояд эътироф кард, ки вай баъзе ҷиҳатҳои сусти фалсафаи машшоияи шарқро умуман ва Ибни Синоро хусусан дуруст дарк намуда буд. Масалан, вай барҳақ чунин мешуморид, ки набояд воқеиятро сареҳан ба воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд тақсим кард. Гузашта аз он, вай баъзе заъфи назарияи сабабияти Ибни Сино ва пайравони ӯро дуруст фаҳмида буд. Ғаззолӣ тавасути танқиди хеш машшоиён – пайравони Ибни Синоро маҷбур намуд, ки ба дифоъи машшоия камар банданд. Масалан, Ибни Рушд дар асари хеш «Таҳофат-ул-таҳовфут» кӯшиш ба харҷ дод, ки фалсафаи машшоияро аз нав дар маснади пешинааш

биншонад ва онро боз ҳам такмил диҳад.[1] Вай бисёр усули фалсафии машшоияро ба таври тоза маънидод намуда, онро ба дараҷаи нави тараққиёт боло бурд. Дар айни ҳол бояд гуфт, ки Ибни Рушд ба фалсафаи Ибни Сино эродҳои зиёд ворид кардааст. Масалан ӯ назарияҳои ӯро дар бораи Воҷибулвуҷуд ва судур напазируфта аст.

Роҳи пешгирифтаи Ғаззолиро дар мубориза ба муқобили фалсафаи Ибни Сино, мутафаккирони асри 12 Муҳаммад Шаҳристонӣ ва Фахруддини Розӣ идома доданд Шаҳристонӣ, ки дар «ал-Милал ва ан-Ниҳал» фалсафаи Ибни Синоро беғаразона арзёбӣ намуда буд, дар «ал-Мусореъ» ва «Ниҳот-ул-иқдом фӣ илми калом» ӯро мавриди нақд қарор дод. Фахруддини Розӣ, дар шарҳи худ ба «Ишорот ва танбеҳот» -и Ибни Сино ва «ал-Бароҳин дар илми калом» бар зидди назарияҳои Ибни Сино роҷеъ ба азалияту абадияти олам, модда ва сурат, нафсу тан ва маърифат ҳамчун инъикос бархоста буд. Вай бовар дошт, ки тавассути қабул таълимоти ҷузъи лоятаҷазои (атомизми) каломӣ метавон ақидаи Ибни Синоро дар бораи азалият ва абадияти олам, ҳаракат, макон ва замон бемалол инкор намуд.

Насириддин Тусӣ (асри 13) ақидаҳои Муҳаммад Шаҳристонӣ ва Фахруддини Розиро нақд карда, фалсафаи Ибни Синоро ҷиддан дифоъ кард. Вай дар асарҳояш «Мусореъ-ул-мусореъ» ва «Шарҳи «Ишорот ва танбеҳот» далоили изофиро ба дифоъи Ибни Сино роҷеъ ба назарияҳои азалияту абадияти олам, модда ва сурат, нафсу тан матраҳ карда таҳрифи каломии фалсафаи муаллими маънавии хешро қотеъона рад намуд. Вай шаккокияти маърифатии Фахруддини Розиро нақд карда, эътирозҳои вайро ба муқобили андешаи Ибни Сино дар бораи маърифат ҳамчун инъикос ҳаматарафа рад кард. Насриддини Тусӣ ба хулосае расидааст, ки эътирозҳои Фахруддини Розӣ бебунёданд, зеро натиҷаи дуруст дарк накардани таносуби моддиёту рӯҳониёт (нафсиёт) ва нафаҳмидани онанд, ки инъикоси ашёи айнӣ дар эҳсос ва ақли мудрик пайдо шудани сурати зеҳнии ашёанд.

Таъсири Ибни Синоро дар асарҳои Ибни Туфайл, Ибни Боҷа, Умари Хайём, Суҳравардӣ (асри 12), Кутбид-дини Шерозӣ, Бобоафзали Кошонӣ (асрҳои 13-14), Даввонӣ (асри 15), Мир Домод (асри 16), Садруддини шерозӣ (асри 17) ва ғайраҳо пайдо кардан мумкин аст.

Зери таъсири рисолаи «Ҳай Ибни Якзон» -и Ибни Сино,

1 Ниг:. Сагадеев А.В. Ибн Рушд. М., 1973.

файласуфи андалузи Ибни Туфайл достони маъруфи рамзии хеши «Ҳай ибни Яқзон» -ро офарида, ки дар он фалсафии Шайхурраис ҷонибдорӣ ва ақоиди Ғаззолӣ нақд шудааст. Умари Хайём ҳам дар рубоиёт ва ҳам дар рисолаҳои фалсафиаш роҷеъ ба ҳастию маърифат роҳи пешгирифтаи фалсафии Ибни Синоро пайравӣ намуда вайро муаллими маънавии хеш меҳисобид. Сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ки Хайём китоби «Шифо» -и Шайхурраисро дар даст дошта, аз олам чашм пӯшидааст.

Бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки яке аз манбаъҳои фалсафаи ишроқи Суҳравардӣ фалсафаи бурҳонӣ ва истидлолии Ибни Сино ба ҳисоб меравад. Суҳравардӣ муътақид буд, ки файласуфи ҳақиқӣ бояд ҳам фалсафаи бурҳонии Ибни Сино ва ҳам фалсафаи ишроқии Суҳравардиро бидонад. Қутбуддини Шерозӣ зери таъсири Ибни Сино асари барҷастаи хеш «Дуррат-ту-тоҷ» -ро ба забони тоҷикӣ-форсӣ тасниф кардааст, ки ҳамрадифи «Шифо» -и Шайхурраис аст, вале бархилофи «Шифо» дар он масоили фалсафаи амалӣ муфассалтар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Чунон ки худи муаллиф эътироф мекунад ӯ дар ин маврид зери таъсири Форобӣ ва Ибни Сино будааст.

Таъсири Ибни Сино ба рушди афкори илмӣ ва фалсафӣ баъди қарни 16 низ басе бузург аст, гарчанде дар Мовароуннаҳру Хуросон ва соири кишварҳои мусулмонӣ таълимоти ирфонӣ қувват ёфта майлу рағбат нисбат ба улуму фалсафаи ақлонӣ сахт коста гардида буд. Ба ҳайси мисол, метавон Мир Домодро ба ёд овард, ки дар китоби машҳури худ «Қабасот» равиши фалсафии Ибни Сино ва таълимоти вайро дар бораи даҳру сармад, ҷонибдорӣ ва тараққӣ дод. Фалсафаи Ибни Синоро яке аз муҳимматарин сарчашмаҳои маънавии фалсафаи мутаолияи Садраддини Шерозист. Вай бисёре аз ақоиди Ибни Сино, аз ҷумла ақида ӯро дар бораи моҳият ва вуҷуд дар низоми фалсафии худ ҳазм кардааст. Бо вуҷуди ин, Садриддин андешаи Шайхурраисро дар бораи ғайриимкон будани ҳаракати ҷавҳарӣ усулан қабул накард.

Таъсири фалсафаи иҷтимоии Ибни Синоро метавон дар осори Умари Хайём, Ғаззолӣ, Насируддини Тусӣ, Ҷалолуддини Давонӣ ва ҳатто Аҳмади Дониш – маорифпарвари бузурги халқи тоҷик, пайдо намуд.

Аз осори илмии Ибни Сино, аз ҳама бештар «ал-Қонун фи-тиб» -и вай ба таҳаввули минбаъдаи илм таъсир намуда

буд. Олим ва мутафаккири асри 12 Муҳаммад Хоразмӣ ба «ал-Қонун фи тиб» -и Ибни Сино такя намуда ва мушоҳидаҳои наву тозаи тиббиро ҷамъбаст намуда «Захираи Хоразмшоҳӣ» -ро (иборат аз 9 ҷилд ба забони тоҷикӣ) навишт. Чагминӣ дар Ҳиндустон «Қонуни сағир» -ро тасниф кард. Насариддини Тусӣ ва Қутбиддини Шерозӣ ба «ал-Қонун» тафсирҳо навиштанд.

Муборизаи тезу тунди мафкуравӣ, ки дар атрофи мероси илмӣ ва фалсафии Ибни Сино авҷ гирифта буд, саранҷом ба натиҷаҳои мусбати зайл оварданд,

а) усули тафаккури фалсафӣ бештар тавсеъа ва рушд ёфт; намояндагони калом ва тасаввуф равиши (методи) таҳлил ва таркибро пазируфтнд; б) дастгоҳи илмии тафаккури фалсафӣ дақиқ карда шуд: маънӣ ва муҳтавои мафҳумҳои модда ва сурат, ҷавҳар ва араз, ҳаракат, макону замон, имкон, мумтанеъ ва зарурат, дониш ва маърифат бештар дақиқ карда шуданд; в) як зумра андешаҳои нав, аз он ҷумла, роҷеъ ба хотира ва ҳофиза ҳамчун ду нерӯи мустақили руҳӣ, хусусияти диалектикии ҷараёни маърифат (Насруддини Тусӣ), роҷеъ ба ҳаракати ҷавҳарӣ, маърифати ҳиссӣ, бадеъӣ, арзишӣ ва ақлонӣ (Мулло Садро) пешниҳод ва асоснок карда шуданд.

Ибни Сино тавасути осори хеш ба рушди фарҳангии Аврупои Ғарби, ки ба асарҳои вай хеле барвақт шинос шуда буд, таъсири бағоят бузурге расонида аст. Ҳанӯз дар нимаи дуюми асри 12 китоби машҳури ӯ «ал-Қонун фи-т-тиб» ва қисматҳои алоҳидаи «Шифо» (қисмати мадхали мантиқ, фаслҳои илоҳиёт ва як қисмати табиъиёт) ба забони лотинӣ тарҷума шуда буданд. Баъдтар асарҳои дигари мутафаккир, аз ҷумла «Наҷот» ва «Урҷуза фи-тиб» ба забони лотинӣ тарҷума шуданд. Ба шарофати ин тарҷумаҳо Ибни Сино ба ҳаёти ақлонии кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ворид гардид ва дар байни мадрасиён (схоластҳо), махсусан воқеъгароён (реалистҳо) таълимоти бо ном «Синоияи августнамо» -ро ба вуҷуд овард. Таъсири андешаҳои Ибни Сино махсусан дар асарҳои Вилями Оверенӣ, Роҷер Бэкон, Алберти Кабир, Фомаи Аквинӣ, Дунс Скот, Вилям Оккам хеле равшану возеҳ аст. Ба ҳайси мисол бояд гуфт, ки Вилями Оверенӣ таълимоти Ибни Синоро дар бораи лафз, таносуби моҳият ва вуҷуд ва исботи ҳастии Худо пазируфта буд. Вале вай ақидаи Ибни Синоро роҷеъ ба азалияту абадияти олам ва номунтанеъии эҳёи ҷисмонӣ рад намуд. Оверенӣ кайҳоншиносии Ибни Си-

норо ҳам ғайри қобили қабул дониста, ақидааи ӯро дар бораи модда чун асоси ташаххуси ашё ба руҳияи дини насронӣ номутобиқ мешуморид.

Фалсафаи Ибни Синоро Фомаи Аквинӣ бештар сибғаи Августинӣ дод. Шоҳиди ин назарияи Фомаи Аквинӣ дар бораи исботи ҳастии Худо ва таълимоти ӯ дар бораи нубуват аст. Бар хилофи Оверенӣ, Фомаи Аквин ва Роҷер Марстон, ки мекушиданд фалсафаи Ибни Синоро ба таълимоти Августин наздик намоянд, мутафаккироне низ вуҷуд доштанд, ки андешаҳои илмӣ-фалсафии Ибни Синоро истифода намуда, такмил доданд. Масалан, Вилям Окком нуктаҳои зиёди мантиқи вайро ҷонибдорӣ карда ва такмил додааст.

Ба Ибни Сино аз ҳама бештар ва ҳамаҷонибатар Сигери Брабантӣ (асри 13), ки бо калисо ҷанг эълон намуда буд, такя намудааст. Вай таълимоти Ибни Синоро дар бораи азалияту абадияти олам ва аразҳои зотии вай – ҳаракат, замон ва макон, роҷеъ ба ягонагии ҳаюло ва сурат ва лафз ҳамчун инъикоси воқеъияти зеҳнӣ пазируфта ва такмил додааст.

Сигери Брабантӣ дар таҳқиқи масоили маърифат низ ба Ибни Сино такя намудааст. Аз ҷумла ӯ андешаи асосии назарияи маърифати Ибни Синоро дар бораи он, ки маърифат инъикоси хосияти чизҳо дар эҳсос ва ақли мудрик аст, пазируфта ва такмил дода аст.[1] Ҳамаи ин ҳакоиқ аз ин шаҳодат медиҳанд, ки Сигери Брабантӣ он тамоюлҳои фалсафии Ибни Синоро пазируфта ва тараққӣ додааст, ки ба пайдоиш ва инкишофи озодандешии аврупоӣ кӯмак намудаанд.

Ибни Сино на танҳо ба рушди илмҳои фалсафӣ дар Аврупои Ғарбӣ ва ташаккули озодандешии зиндадилона дар ин қисмати олам, балки ба тараққии афкори илмӣ дар ин қисмати ҷаҳон низ таъсири бевосита расонд. Таврро ишора рафт, қариб то асри 18 илм ва амалияи тиббӣ дар Аврупои Ғарбӣ зери таъсири бевоситаи бороварӣ «ал-Қонун фи тиб» -и Ибни Сино пеш мерафт. Далелҳо инчунин шаҳодат медиҳанд, ки олимони Аврупо (масалан Николаус Стено, асри 17) бо ақидаҳои Ибни Сино дар бораи арзшиносӣ, маъданшиносӣ ва таҳаввули қабатҳои замин шинос буданд.

Қарнҳо мегузаранд, дар рӯи замин чандин наслҳо дигар мешаванд, инсоният ба давраи комилан нави иҷтимоъӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангӣ-тамаддунӣ ворид мешавад.

1 Барои иттилоъи бештар дар бораи таъсири Ибни Сино ба фарҳанги Аврупои Ғарбӣ ба асарҳои С.М. Афнан ва Лей Г. бингаред

Вале бузургӣ, шаъну шараф ва шуҳрати Ибни Сино, ки дар қарни XI нури хирадро барафрухта ва тухми маърифатро дар сайёраи мо афшонда буд, ҳеҷ гоҳ коста нахоҳад шуд. Ба ин муносибат мисраъҳои ҳакимонаи «Шоҳнома» -и Абулқосим Фирдавсии безавол беихтиёр ба ёд меоянд:

Чу ин номвар нома омад ба бун,
Зи ман рӯи кишвар бишуд пурсухун.
Аз он пас намирам, ки ман зиндаам,
Ки тухми сухан ман парокандаам.
Ҳар он кас, ки дорад ҳушу рою дин
Пас аз марг бар ман кунад офарин.

МАТОЛИБИ ФАЛСАФАИ ИБНИ СИНО

МУҚАДДИМА

Ибни Сино мутафаккири доиратулмаорифии сатҳи ҷаҳонӣ буда, низоми бузурги фалсафиеро ба вуҷуд овардааст, ки, масалан, дар «Шифо»[1] ҳамаи илмҳои замонашро ба тариқи зайл фаро мегирад:

- мантиқ чун ҷузви фалсафа, олати улум ва таълимот дар бораи шаклҳои тафаккур;
- фалсафаи назарӣ, ки табиъиётро чун таълимот дар бораи табиъати нозинда ва зинда, масоили фалсафии табиъиёт, равоншиносӣ ва маърифатшиносӣ (шинохтшиносӣ) шомил аст;
- фалсафаи амалӣ, ки унсурҳои сохтории он аз илми ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун иборатанд;
- риёзиёт чун таълимот дар бораи ададҳо, бузургиҳо, ҳаҷмҳо, масофаҳо, ҳолатҳо ва шаклҳои аҷроми самовӣ, чун назарияи мусиқӣ ва асосҳои фалсафии илми риёзиёт;
- Илоҳиёт (1) ба маънии ахас, ки таълимот дар бораи умури муҷаррад ва муфориқ, чун Борӣ ва сифоти он, аҷноси малоика, нубувват ва маъодро шомил аст, (2) илоҳиёт ба маънии ом, ки таълимот дар бораи умури ба модда ҳам вобаста ва ҳам новобастаро дар бар дорад ва дар «Ҳикмат-ул-машриқия» илми куллӣ номида шудааст. Бояд гуфт, ки ин гуна низоми фалсафии фарогирро пеш аз Ибни Сино касе тадвин накардааст. Масалан, Афлотун (427-347 к.м), ки аз бузургтарин файласуфони Юнони Қадим аст, ақоиди фалсафии худро дар шакли муколама баён кардааст ва низоми фалсафиеро ба вуҷуд наовардааст. Арасту (384-321 қ.м.) ҳам, ки бунёдгузори фалсафаи машшо аст ва дар ҳама риштаҳои илми замонааш осори зиёде ба ёдгор гузоштааст, низоми фалсафии хосе эҷод накардааст. Фақат баъдан шогирди ӯ Теофраст (370-288) осори вайро ба тартиби алифбои юнонӣ мураттаб сохт. Дар асри 1 қабл аз мелоди Масеҳ саруари мактаби машшо Андроники Родосӣ ҳама осори Арастуро аз рӯи мавзуъоти он табақабандӣ намуд. Вай осори мантиқии устодашро зери номи «Органон» («Олат»), осори табиъатшиносиашро таҳти унвони «Физика» («Табиъиёт») ва осори фалсафиашро ба номи «Метафизика» («Мобаъдултабиъа»)»[2] гирд оварда. Файласуфони даврони исломӣ, ки пеш аз Ибни Сино мезистанд, чун Киндӣ

1 1 Дар бораи навъҳои гуногуни низоми фалсафии Ибни Сино дар фасли саввуми бобби дуввуми ҳамин китоб бештар баҳс хоҳад шуд.

2 Мафҳуми «Метафизика» дар осори худи Арасту вуҷуд надорад. Худи ӯ он чиро, ки Андроники Родосӣ «Метафизика» номидааст, «фалсафаи нахустин» (prote filosophia), фалсафаи илоҳӣ (teologike) ё ҳикмат (sofia) меномид. (Ниг.: Аристотель. Метафизика//Сочинения. Т. 1. Москва, 1976г., С. 68, 181-182, 374 ва ғайра). Тарҷумонони араб ва арабзабон «Метафизика»-ро ба таври таҳтуллафз «Мобаъдуттабиъа» тарҷима карданд. Ибни Сино «Илоҳиёт»-ро муродифи «Метафизика»- «Мобаъдуттабиъа» қарор дод.

(188-260 ҳ.қ) ва Абунасри Форобӣ (870-950), низ низоми фарогири фалсафие пешниҳод накардаанд. Аз Ҳамасрон ва шогирдони ӯ фақат Баҳманёр дар асараш «ат-Таҳсил»[1] кӯшиш кардааст, ки низоми нави илмӣ-фалсафиеро баён кунад. Вале дар ин низоми ӯ барои бисёр илмҳо, аз ҷумла риёзиёт ҷой ёфт нашудааст. Ибни Рушд (асри 12) ва Насируддини Тӯсӣ (асри 13) ҳам, ки ба дифоъи ӯ аз нақди каломии Муҳаммад Ғаззолӣ ва пайравонаш бархоста буданд, низоми илмӣ-фалсафие пешниҳод накарданд. Фақат Қутбуддини Шерозӣ (1236-1311) дар асараш «Дуррат-ут-тоҷ ли ғурат-ил-даббоҷ»[2] бо назардошти дастовардҳои Абунасри Форобӣ, Абуалӣ Мискавейҳ, Ибни Сино ва мактаби илмӣ-фалсафии Мароға низоми илмӣ-фалсафиеро тадвин кардааст, ки онро метавон ҳамсанги низоми илмӣ-фалсафии Ибни Сино донист. Ибни Сино бо тадвини низоми фалсафии фарогири худ дар рушду камоли афкори фалсафии Шарқу Ғарби Асрҳои Миёна, Даврони Эҳё ва Замони Нав таъсири нозудуданӣ гузошт. Руҳи Ибни Сино бар афкори фалсафии мамолики исломӣ то ба ҳол мавҷ мезанад.

Ҳам ҷонибдорон ва ҳам ҳарифони Ибни Сино ҳангоми тадвини назариёти худ аз осори вай ғизои маънавӣ мегирифтанд ва оби ҳаёт нӯш мекарданд. Шогирдон ва пайравони мутафаккир Абуубайди Ҷузҷонӣ, Ибни Зайла (Зайло), Баҳманёри Озарбойҷонӣ, Умари Хайём, Абулаббоси Лавкарӣ, Ибни Рушд, Ибни Боҷа, Ибни Туфайл, Насируддини Тӯсӣ, Бобоафзали Кошонӣ, Қутбуддини Шерозӣ ва дигарон хатти ақоиди ӯро дар асрҳои 11-14 ҷонибдорӣ карда ва идома дода, ба рушди тафаккури илмӣ-фалсафӣ ва маҳдуд кардани шуури хурофотӣ мусоидат намуданд.

Ба Ибни Сино ва фалсафаи ӯ дар ибтидо Шаҳобуддин Суҳравардӣ (асри 12) низ рағбат дошт ва ду асари муҳими худ, яъне «Муториҳот» ва «Талвиҳот»-ро ба машраби машшоиён нигошта буд. Вале баъдан аз Ибни Сино ва синовият рӯй гардонд ва дар асараш «Хикмат-ул-ишроқ» фалсафаи хоси худ-фалсафаи ишроқро таъсис дод, ки манбаъҳои асосии он зардуштия, афлотуния ва навафлотуния буданд. Дар «Хикмат-ул-ишроқ» вай кӯшиш кард аст, ки фалсафаи Ибни Синоро аз рӯи муҳимтарин масоили он – вуҷуд ва моҳият, модда ва сурат, ҳастӣ ва сифоти он ва назарияи маърифат мавриди нақди муфассал қарор бидиҳад.

Ҳарифони Ибни Сино дар шахси мутакаллимон Муҳам-

1 Баҳманёр ибн ал-Марзбонат Таҳсил. Чопи дуввум. Теҳрон, 1375

2 Қутбуддини Шерозӣ.Дуррат-ут-тоҷ ли ғуррати-д-даббоҷ. Ҷилди 1-5. Теҳрон, 1317-1320; Қутбуддини Шерозӣ.Дуррат-ут-тоҷ (Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук) Теҳрон, 1369

мади Ғаззолӣ, Муҳаммади Шаҳристонӣ, Фахруддини Розӣ, Қутбуддин ибни Ҳасани Рондӣ, Алоуддини Тусӣ, Муслиҳуддин Хоҷазода ва дигарон бар зидди назариёти илмию фалсафии Ибни Сино хуруҷ карда, кӯшиш ба харҷ доданд, ки онҳоро бекурб ва беэътибор намоянд. Бо ин амали худ онҳо ба ҳадди зиёд садди роҳи пешрафти илму фалсафа дар кишварҳои исломӣ гардиданд. Дар ин росто нақши ҳалокатборро Муҳаммад Ғаззолӣ ва пайравони ӯ Қутбуддини Рондӣ, Алоуддини Тусӣ ва Муслиҳуддин Хоҷазода бозиданд, ки ҳар якашон «Таҳофут-ул-фалосифа» нигошта, дар онҳо Фаробӣ, Ибни Сино ва пайравони онҳоро ба куфр, илҳод ва бидъат муттаҳам намуда, аслан роҳи пешрафти фалсафа, илм ва техникаро бастанд, ки пайомадҳои манфии он дар кишварҳои исломӣ то ҳол эҳсос мешавад.

Бар зидди фалсафаи ақлонии Ибни Сино суфиён низ сахт хуруҷ карданд. Суфиёни машҳур ва бонуфузи асрҳои 11-15 Саноӣ, Аттор, Хоқонӣ, Абулҳафс Суҳравардии Суфӣ, Муҳаммади Фарғонӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон Ибни Синоро ба ҷиҳати фалсафаи ақлониаш сахт маҳкум ва нақд мекарданд, зеро гӯё фалсафаи ӯ ваҷҳи Худовандро барои муминон пинҳон мекардааст ва дар байни мардум илҳодро густариш медодааст. Абдурраҳмони Ҷомӣ- шоири машҳури суфимашраби асри 15 аз салафони худ фарохтар гом бардошта, таъкид мекард, ки «Ишорот»-и ӯ таҳкири Худовандро дар бар дорад, «Шифо»-и вай ҳисси итоат ба Худо ва расулро барҳам мезанад, «Ал-Қонун-фӣ -тибб»-и ӯ чизи наверо шомил нест. Бо боварии комил метавон гуфт, ки фалсафаситезии суфиён дар таназзули илм ва фалсафа аз фалсафаситезии мутакаллимон нақши камтар набозидааст. Аммо суфиён сарфи назар аз рақобати ақидатиашон ба назариёти Ибни Сино, бе тардид ва дудилагӣ шакл (сурат) ва муҳтавои асарҳои ӯ- «Ҳай ибни Яқзон», «Саломон ва Абсол», «Тайр» ва қасидаи «Айния»-и ӯро пазируфтанд ва дар осорашон корбаст кардаанд.

Таъсири Ибни Сино дар тараққии афкори фалсафӣ ва илмӣ, сарфи назар аз накди шадиди назариёти ӯ аз ҷониби мутакаллимон, суфиён ва ишроқиён, дар асрҳои баъдин низ идома ёфт. Масалан, баррасии осори файласуфони мактаби Исфаҳон таъйид менамояд, ки Мир Финдирискӣ (1560-1640) ва Мир Домод (охири асри 16-нимаи аввали асри 17) асосан зери таъсири Ибни Сино қарор доштанд ва фалсафаи машшоияи ӯро ҷонибдорӣ ва тараққӣ медоданд. Садруддини Шерозӣ (1561-1650) ва Ҳодии Сабзаворӣ (1797-1872), ки таъсисдиҳандагони фалсафаи хосси таркибӣ (талфиқӣ) – ҳикма-

ти мутаъолиҳа буданд, арз мекарданд, ки яке аз сарчашмаҳои муҳимми таълимоташон машшоияи синоӣ аст. Агар ин ҳақоиқ ба назар гирифта шавад, пас метавон ба ду натиҷаи муҳим расид. Якум, назаре, ки гӯё фалсафаи машшоия баъди накди мутакаллимон, суфиён ва ишроқиён дар минтақаи мо комилан суқут кард, ҳақиқате надорад ва аз сиҳҳат дур аст. Дуюм, бе таҳлили ҳамаҷониба ва амиқи фалсафаи Ибни Сино ва таъсири он дар афкори аклонии асрҳои баъдӣ, раванди тараққиёти тафаккури фалсафиро дар кишварҳои шарқи исломӣ наметавон дуруст фаҳмид, дарк ва арзёбӣ намуд.

Аврупо бо Ибни Сино ва назариёти ӯ дар нимаи дуюми асри 12, баъди он ки асарҳои вай «ал-Қонун фӣ тибб», «Урҷуза фӣ тибб», «Наҷот» ва қисман «Шифо» ба забони лотинӣ тарҷума гардиданд, шинос шуд. Омӯзиш ва баррасии осори Ибни Сино дар Аврупо боиси ба вуҷуд омадани мактабҳои фикрии «Синоияи августингаро» ва «Синоияи лотинӣ» гардиданд. Мактаби аввалро мадрасиёни воқеъгаро бо сарварии Фомаи Аквинӣ ва мактаби дуюмро мадрасиёни исмгаро бо сарпарастии Сигери Брабантӣ раҳнамоӣ мекарданд.

Ибни Сино ба назардошти саҳми бузургаш дар тараққиёти илм ва фалсафаи ҷаҳонӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи муаррихони илм ва фалсафа қарор дошт ва дорад. Бинобар ин дар бораи эҷодиёти илмӣ ва фалсафии вай осори басо зиёде навишта шудааст, ки чандин карат аз ҳаҷми осори ӯ бештаранд. Вале сарфи назар аз ин, бисёр ҷиҳатҳои муҳими эҷодиёти ӯ то ба ҳол ё аслан таҳқиқ нашудаанд ё кам баррасӣ шудаанд. Илова бар ин бисёр андешаҳои муҳаққиқон дар бораи моҳият, равияи ақидатӣ, аҳамияти таърихӣ ва арзиши илмии назариёти вай бебаҳс нестанд. То ҳанӯз баҳсҳо пиромуни таносуби арастуия, афлотуния ва навофлотуния дар низоми фалсафии вай, пиромуни моҳияти ҳикмати машриқияи ӯ, муносибаташ ба тасаввуф, моҳияти ақидатии ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии вай хомӯш нашудаанд. Баъзеҳо ӯро моддигаро, дигарон – санавӣ, сеюминҳо – ваҳдатулвуҷудӣ (пантеист), чорумиҳо – худогаро (деист), панҷуминҳо – мусулгарои тавҳидӣ, шашуминҳо – ҷонибдори ирфони табиъӣ, ҳафтуминҳо – пайрави маърифатгароии ақлонӣ мепиндоранд[1] . Сабабҳои чунин ихтилофот дар тавҷеҳу таъбири фалсафаи Ибни Сино на танҳо аз дастурҳои мухталифи ақидатӣ ва равишшиносии муҳаққиқони фалсафаи ӯ, на танҳо аз таҳлили ғайриқаринаии ҷаҳонбинии вай, на танҳо аз хотир дур доштани суннатҳои машшоияи шарқӣ ва тараққиёти он аз

1 Ниг.: М.Диноршоев. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе, 1985. С 4-5.

Киндӣ то Ибни Сино иборат аст, балки аз назар соқит кардани он ҳақиқати бебаҳс низ иборат аст, ки низоми фалсафии мутафаккир аз чандин зерсохторҳо – мантиқ, табиъиёт, риёзиёт, илоҳиёт (фалсафаи уло), илми куллӣ иборат буда, ҳар яктоашон таҳлили ҷудогона ва арзёбии алоҳидаи ақидатиро тақозо мекунад. Муҳаққиқоне, ки фалсафаи Ибни Синоро фалсафаи мусулгароӣ, ваҳдативуҷудӣ (пантеистӣ) ё ирфонӣ медонанд, хусусиятҳои илоҳиёти ӯро мутлақ месозанд ва ба тамоми низоми фалсафии вай таҳмил мекунанд. Ҳол он ки вай дар «Ҳикмат-ул-машриқия»-и худ илоҳиёт (фалсафаи уло)-ро аз фалсафа, ки дар ин асар онро илми куллӣ меномад, комилан чудо кардааст. Онҳое, ки Ибни Синоро моддигаро қаламдод мекунанд, баръакс, хусусиятҳои ақидатии фалсафаи табиъиёти вайро таъмим медиҳанд ва ба тамоми низоми фалсафиаш таҳмил менамоянд. Дар навбати худ муҳаққиқоне, ки ӯро санавӣ мепиндоранд, назарияи Шайхурраисро дар бораи ҳамқидам будани Воҷибулвуҷуд ва имкон-ул-вуҷуд носаҳеҳ, нодақиқ, ноаниқ, номутобиқ ба матни осори ӯ тавзеҳ медиҳанд ва ба назар намегиранд, ки Воҷибулвуҷуд (Аллоҳ), аз назари у, худ ба худ, ба зоти худ, ба сабаби худ қадим аст, вале имконулвуҷуд на худ ба худ, на ба зоти худ, балки танҳо тавассути Воҷибулвуҷуд (Аллоҳ) қадим буда метавонад. Дар айни ҳол онҳо таъқидоти мукаррари Ибни Синоро дар хусуси ин ки ду ё бештар Воҷибулвуҷуд мутлақан наметавонад вуҷуд дошта бошад, сарфи назар мекунанд.

Ба назардошти он чи баён шуд, зарур аст, ки таҳқиқи амиқ, ҳамаҷониба ва қаринаии фалсафаи Ибни Сино идома дода шавад, то ки моҳияти аслӣ, аҳамияти таърихӣ ва мақоми он дар равнақи фарҳанги ҷаҳонӣ дақиқ, саҳеҳ ва аниқ муайян гардад.

Дар ин навишта мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки ҳадафи мазкурро ба таври мухтасар ба иҷро бирасонем.

БОБИ ЯКУМ

ЗИНДАГӢ ВА ОСОРИ ИБНИ СИНО

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.
Мардумони бихрад андар ҳар замон,
Рози донишро ба ҳаргуна забон,
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бингоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.
Рудакӣ

Яке аз мутафаккирони бузург, ки дар осораш тамоми ғановати донишҳои инсониро гирдоварӣ карда ва ҳама риштаҳои илмҳои замони худ - мантиқ, фалсафа, илоҳиёт, табиъиёт, риёзиёт ва тибро рушду камоли тоза бахшидааст, Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино аст. Ӯ дар бист соли охири асри 10-сеяки аввали асри 11 зиндагӣ кардааст. Аз назари таърихӣ ин замон даврони суқути Давлати Сомониён ва шикасти комили он буд, ки зери фишори хуруҷҳои мардумӣ, зарбаҳои Қарохониён ва низоъҳои минтақавӣ ва дохилии кишвар ба вуқӯъ пайваст. Дар натиҷа дар Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳокимияти хонадонҳои туркии Ғазнавиён, Қарохониён ва Салҷуқиён фармонфармо гардид, ки дар байнашон барои нуфуз дар минтақа муборизаи шадид мерафт. Ин мубориза боиси ҳарҷу марҷи иҷтимоъӣ, ҷангу ҷидол, ноороми, таназзули иқтисодиёт, хароб гаштани фарҳанг ва марказҳои фарҳангӣ мегардид. Аз назари иҷтимоъӣ-иқтисодӣ ин замон даврони шиддат гирифтани иқтаъдорӣ маҳсуб мешавад, ки он кишоварзонро ба қитъаҳо бештар пойбанд мекард ва истисмори онҳоро пурзертар месохт. Дар мавриде, ки ба ҳайси иқтаъ на танҳо қитъаҳои худогонаи замин, балки музофотҳои алоҳида дода мешуд, шиддат гирифтани низоми иқтаъдорӣ боиси заъиф шудани ҳукумати марказӣ, худхоҳӣ ва ҷангу ҷидолҳои гуногун мегардид. Дар ин замон вазъи маънавӣ ва мафкуравӣ низ муташанниҷ буд: муқобалаи сунниён ва шииён, ки аз ҷониби Ғазнавиён ва Салҷуқиён таҳрик дода мешуд, борҳо ба хунрезиҳои шадид анҷомида буд. Тақдири таърихӣ, хатти зиндагӣ ва камолоти маънавии Ибни Синоро ҳамин хосаҳои замони ҳаёти ӯ муайян кардаанд.

1. Зиндагии Ибни Сино

Ибни Сино моҳи сафари соли 370 ҳичрии қамарӣ, ки ба 16-уми август – 14 сентябри соли 980 масеҳӣ мутобиқ аст, дар деҳаи Афшана - яке аз деҳаҳои наздики Бухоро – ба дунё омадааст. Падари ӯ Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Сино аз тоҷикони Балх буда, дар замони Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ (976-997) ба Бухоро ҳичрат кардааст. Вай аҳли мазҳаби исмоъилӣ буд. Ибни Сино дар «Саргузашт»-и худ дар ин бора менависад: «Падарам аз касоне буд, ки даъвати доъии мисриёнро пазируфта буд ва аз ҷумлаи исмоъилиён ба шумор мерафт. Ӯ ва инчунин бародарам зикри нафсу ақлро аз эшон бар ваҷҳе, ки мегуфтанду медонистанд, шунида буданд. Гоҳо ҳарду миёни худ музокара мекарданд ва ман он чиро, ки мегуфтанд, мешунидам ва дармеёфтам. Дар ибтидо маро ҳам ба он ақида даъват мекарданд ва зикри фалсафа ва ҳандаса ва ҳисоби Ҳинд бар забонашон мерафт» [1]. Модари Ибни Сино тоҷикзане буд аз деҳаи Афшана – воқеъ дар наздикии Бухоро.

Дуруст аст, ки на дар сарчашмаҳо ва на дар «Саргузашт»-и Ибни Сино, ки қисми аввалашро худи ӯ имло кардааст ва қисми дуввумашро шогирдаш Абуубайди Ҷузҷонӣ[2] навишта аст, мансубияти қавмии ӯ таъкид нашудааст. Вале сарфи назар аз ин то охири асри 19 касе мансубияти вайро ба қавми тоҷик (форс) рад намекард. Шубҳаҳои аввалин дар ин бора дар охири асри 19 аз ҷониби олимони Туркия баён шуда, солҳои 1937-1940 тавсеъа дода шуданд. Онҳо кӯшиш намуданд исбот кунанд, ки Ибни Сино на тоҷик (на форс), балки турк аст. Ин даъвои худро ба чунин далел исбот мекарданд, ки Ибни Сино на шиъӣ, балки суннӣ аст ва ӯ ба форсӣ асаре таълиф накардааст[3] . Олимони турк ин далелҳоро (агар онҳоро далел номидан мумкин бошад) пеш оварда наметавонистанд надонанд, ки то асри 11 аксарияти мутлақи аҳолии Осиёи Миёнаро мардумони ориётабор ва эронизабон ташкил медоданд ва дар ин ҷо хамеша мазҳаби суннӣ вусъати тамом дошт. Онҳо ҳамчунин наметавонистанд надонанд, ки дар Эрон ҳам, ки Ибни Сино соли 1012 ба он ҷо ҳичрат карда буд, то асри 15-ум то замони истиқрори Сафавиён дар Эрон аксарияти мутлақи аҳолиро сунниён ташкил медоданд. Онҳо

1 Абуали ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1. Душанбе, 1980. С.17.

2 Дар адабиёт навишти «Ҷурҷонӣ» низ дида мешавад.

3 Буюк турк файласуф ва тиб устоди Ибни Сино шахсияти ва асарлари ҳақида тадгиглар; Ганҷи ҳикмат. –Истамбул, 1873. The Great Turkish Philosopher and Master of Medicine Ibn Sina (Avicinna), Stadiea on his Personality and Works. –Istanbul, 1937; The Question of Personality end Nationality of Ibn Sina (Avicenna). Turk tarih Kuramy Belleteni. –Ankara, 4.3. 1940).

инчунин бояд медонистанд, ки ӯ ба забони тоҷикӣ бештар аз 30 асар таълиф кардааст ва муҳимтаринашон «Донишнома» аст, ки дар он масоили умдаи мантиқ, фалсафа, илоҳиёт, табиъиёт ва риёзиёт ба забони фасеҳи тоҷикӣ (форсӣ) баён шудаанд. Илова бар ин ӯ ба тоҷикӣ (форсӣ) шеър низ мегуфт. Олимони турк бояд медонистанд, ки Ҳоҷӣ Халифа (асри 17), ки дар Туркия мезист, дар китобаш «Кашф-уз-зунун» навиштааст, ки Ибни Сино «Донишнома», «Рисола фӣ маъод» ва «Рисола фӣ меъроҷ»-ро ба забони форсӣ (тоҷикӣ) таълиф кардааст. Дар заминаи ин далелҳо масъалаи қавмияти тоҷикӣ (форсӣ)-и Ибни Сино бояд дигар мавриди баҳс намебуд. Вале мутаасифона ақидаи олимони турк то ба ҳол дар байни олимони ӯзбек ва баъзе шарқшиносон тарафдорони пурҳарорат ва пуршуру шавқ дорад. Дар ин бора китоби Л.Г.Салдадзе «Ибн Сина» (Авиценна), ки дар Тошканд чанд бор ба шумораи 100-200 ҳазор нусха чоп шуд, шаҳодат медиҳад. Муаллиф хостааст, ки дар он андешаҳои зеринро исбот кунад:

1. Абдуллоҳ - падари Ибни Синоро ба сабаби шиъӣ будан ва дар Балх зода шуданаш эронӣ хондан айни беэҳтиётӣ аст.[1]

2. Модари Ибни Синоро аз рӯи Ситора ном доштанаш, ки ба эронӣ (дурустараш ба русӣ - М.Д.) маънои «Звезда»-ро дорад, низ наметавон эрондухт номид. Охир, Шери Кишвар, ки ба эронӣ (дурустараш ба русӣ - М.Д.) маънои «Лев Страны»-ро дорад, шоҳзодаи турк Янг Соухтегин аст.[2]

3. Номи деҳаи «Афшана», ки дар манбаъҳо «Афшина» низ хонда мешавад, аз номи қавми туркии «ашин» истихроҷ шудааст, ки ба шарафи шоҳзода Ашин чунин номгузорӣ шудааст. Дар *Афшина ба туркӣ ҳарф мезаданд.*[3]

4. На дар забони хоразмӣ ва на дар забони суғдӣ олимон то ба ҳол истилоҳеро пайдо накардаанд, ки лафзи «Афшина»-ро шарҳ бидиҳад.[4]

Ҳадафи ҳамаи ин суханони Л.Г.Салдадзе аз он иборат аст, ки ба хонанда исбот ва талқин карда шавад, ки Ибни Сино аз ҷиҳати қавмияти худ эронинажод (форснажод) ё тоҷикнажод нест. Бинобар ин кӯшиш мекунем, ки масъалаи аслу насаби тоҷикӣ (форсӣ)-и Ибни Синоро муфассалтар баррасӣ кунем. Чунин кӯшиш, чунон ки баъзеҳо мепиндоранд, ҳеҷ гуна маънои миллатгароӣ надорад ва ин ҳақиқатро инкор намекунад, ки осори маънавии Ибни Сино мутааллиқ ба ҳама халқҳои мутамаддини ҷаҳон аст.

1 Салдадзе Л.Г. Ибн Сина (Авиценна). Ташкент, 1985. С.33.
2 Ҳамон асар. С.33-34; 42.
3 Ҳамон асар. С.35-37.
4 Ҳамон асар. С.41.

Далелҳои мо дар мавриди аслу насаби тоҷикӣ (форсӣ)-и Ибни Сино чунинанд:

1. Ибни Сино, чунон ки худ қоил аст, танҳо ду забон - забони арабӣ ва забони форсиро медонист: «Локин луғоте, ки мо медонем, холист аз истеъмоли нафйи куллӣ бар ин сурат, ки фарз кардем. Ва дар ҳасри солибаи куллӣ лафзе истеъмол карданд, ки мушъир бувад ба зиёдати маъние, ки муқтазои ин итлоқ аст. Ва дар арабият гуфтанд «Ло шайа мин Ҷ Б» ва муқтазои ин беш аз он нест, ки ҳеҷ чиз аз он чӣ Ҷ аст мавсуф нест ба Б, балки салб аст аз ҳар яке аз мавсуфот ба Ҷ, модом ки мавзуъ аст ҷисмеро. Ва ҳамчунин дар луғати [фасеҳи] форсӣ гуфтаанд: «Ҳеҷ Ҷ Б нест». Ва ин истеъмол шомили зарурист ва он зарбе аз зуруби мутлақ аст, ки шарти вай дар мавзуъ аст».[1]

Агар Ибни Сино турк будӣ ва дар руҳи суннатҳо ва фарҳанги туркӣ тарбия шудӣ, ҳатман ба донистани забони модарии туркиаш ишороте мекард ва таъкид менамуд, ки ҳасри қазияи куллии солиба дар ин забон чӣ гуна ифода мешавад, Вале азбаски дар осори Ибни Сино ин гуна ишораҳо куллан вуҷуд надоранд, бинобар ин ҳама пиндоштҳои воҳӣ дар бораи аслу насаби туркии он қотеъона бояд рад карда шаванд.

2. Ибни Сино дар асари худ «Ишорот ва танбеҳот» менависад: «Бошад, ки баъзе табоъ истионат кунанд ба афъоле, ки ҳисро аз он ҳайрате падид ояд ва хаёлро вақфае ҳосил шавад. Ва андар ин ҳол он қувват, ки мустаъиди он аст, ки ғайб пазирад, рӯй ба пазируфтани ғайб оварад, [рӯй] овардане тамом. Ва чун ваҳм рӯй ба як арази муайян оварда бошад, мутахассис шавад ба-д-он сабаб ба пазируфтани он муайян. *Чунон ки ривоят кунанд аз ҷамоъате туркон, ки чун илтиҷо ба коҳине (шамане - М.Д.) кунанд дар донистани ҳоле пеш аз уфтодани он кор, коҳин илтиҷо ба ҳаракате хасис кунад ба гоят, ки аз он сахтӣ зуфон [забон]-и вай аз даҳон бурун уфтад»* .[2] Таваҷҷӯҳ кунед: оё касе, ки ба қавми турк тааллуқ дошта бошад, фикрашро дар шакли «чунон ки ривоят кунанд аз ҷамоъате туркон» адо мекард? Дар бораи чунин гуфтори мутафаккир низ андеша кунед: «Дар кишвари туркон ҳангоми раъд ва падид омадани барқ [аз осмон] ҷисмҳои мисин фуруд меоянд» [3]. Агар Ибни Сино турк ва Бухоро дар замони вай туркнишин буд, ӯ ҳаргиз фикрашро чунин баён намедошт.

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. Теҳрон, 1332 ш.ҳ. С.36.

2 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.270.

3 Ибни Сино. аш-Шифо.ат-Табиъиёт.5-ал-Маъодин ва-л-осор-ул-улвия.ал-Қоҳира,1390ҳ.-1970м.С.5.Ибн Сина. Об образовании гор и минералов.//Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока.М.,1961.С.278.

3. Ибни Сино дар «Шифо» овардааст: «Инро дар ҳоли бадани туркон тааммул кунед. Азбаски онҳо ба сардии билоди худ одат кардаанд, бинобар ин сардӣ ба тани онҳо таъсири хосе намекунад. Ҳамчунин Ҳабашҳо аз гармои билоди худ мутаассир намешаванд, зеро ба он хӯ гирифтаанд».[1] Гумон аст, ки Ибни Сино чунин менавишт, агар дар замони ӯ аксарияти қавму қабоили турк дар иқлими гарми Осиёи Миёна мезист. Дар «Таърихи ҶШС Узбекистон» ҳам омадааст, ки «аксарияти қабилаҳои турк то асри 10-уми ҳам дар ҳафтруд сукунат доштанд»[2].

4. Дар мақолаи даҳуми «Илоҳиёт»-и китоби «Шифо» -дар он ҷо, ки сухан аз силсилаи маротиби иҷтимоиъи одамон тибқи қобилиятҳои онҳо меравад, Ибни Сино чунин менигорад: «Мардумоне, ки аз таҳсили фазилатҳо дуранд, чун туркон ва савадон, табиъатан бояд ғулом бошанд»[3], Чунин ақида бе шак ба шаъни Ибни Сино намеафзояд, ба моҳияти ҳақиқии одамияти ӯ ва воқеияти таърихӣ-фарҳангӣ зид аст. Вале бояд гуфт, ки дар он як ҳақиқати бебаҳс низ ҷой дорад: Ибни Сино худро ба қавми турк мансуб намедонист.

5. Дар заминаи ҳақоиқи баён шуда, ки аз осори худи Ибни Сино берун оварда шудаанд, тоҷикасл (форсиасл) будани падару модари ӯ низ собит мешавад. Охир, аз назари мантиқӣ ва ахлоқӣ комилан мумкин нест, ки падару модари ӯ - Абдуллоҳ ва Ситора - турк бошанд, вале фарзанди ҷонӣ ва хунии онҳо Абуалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино, ки дар руҳи фарҳанги туркӣ тарбия ёфтааст, даъво кунад, ки «мардумоне, ки аз таҳсили фазилатҳо дуранд, чун туркон ва савадон, табиъатан бояд ғулом бошанд». Ин аз ҷониби ӯ ваҳоҳати нобахшиданӣ ва поймол кардани меъёрҳои волои ахлоқӣ дар нисбати падару модари худи ӯ мебуд.

6. Дар хусуси ин ки падари Ибни Сино - Абдуллоҳ ва худи ӯ қавман тоҷик (форс) мебошанд, номи хонаводагии онҳо - Сино низ шаҳодат медиҳад. Сино аз «Syena»-и авестоӣ ва «Saena»- санскритӣ бармеояд ва дар забони имрӯзаи тоҷикӣ (форсӣ) «Шоҳин» ва «Уқоб» тарҷума мешавад. Дар «Авесто» (Фарвардин яшт, 97) чунин мехонем: «Фраваши Saena-и парҳезкор – пури Ахуш Стутро, ки нахуст дар ин замин бо сад пайраваш зуҳур кард, сано мехонам». Дар «Денкард» (китоби 7, боби 6, мақолаи 5) омадааст: «Дар байни муғон дар бораи Saena гуфта шуда, ки он баъди сад соли зуҳур кардани

1 Ибн Сино.аш-Шифо.ат-Табиъиёт.5-ал-Маъодин ва осор-ул-улвия.С.30.
2 История Узбекской ССР. Т.1. –Ташкент, 1967. С.347.
3 Ибни Сино. аш-Шифо. ал-Илоҳиёт (2). Қоҳира, 1956. С.453.

дини зардуштӣ зоида шуда, баъди дусад соли пайдоиши ин дин ҷаҳонро падруд гуфтааст. Ӯ нахустин пайрави Маздаясно аст ва дар рӯи замин бо сад пайраваш зуҳур кардааст». Saena дар байни халқҳои қадими эронӣ, бавижа дар замони Сосониён, чун номи шахсӣ ва хонаводагӣ фаровон истеъмол мешуд. Донишманди фаронсавӣ Лаборт[1] , нишон дода буд, ки дар байни насрониёне, ки Шопури дуввум соли 341 дар Рай қатл кард, марде бо номи Saena низ буд. Забоншиноси олмонӣ Юст[2] дар китоби худ «Номҳои эронӣ» бештар аз бисту ду шахси таърихиро ёд мекунад, ки Saena – Сино ном доштанд.

7. Аслу насаби тоҷикӣ (форсӣ)-и падару модари ибни Синоро вазъияти забонии Мовароуннаҳр ва Хуросон, ки ҷуғрофиядонон ва сайёҳони садаҳои 9-10-ум Истахрӣ, Ибни Ҳавқал ва Муҳаммад ибни Аҳмад Мақдисӣ (336-380 ҳ.қ.) тавсиф кардаанд, таъйид менамояд. Мақдисӣ дар асараш «Аҳсан-ул-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим» навишта буд:

[Мардумашон] лаҳҷаҳои гуногун доранд. Ва забони Нишопур расотар ва гиротар аст, вале оғози вожаҳоро касра медиҳанд ва онро ба ё (ای) ишбоъ мекунанд, монанди бигӯ (وگب) ва бишу (وشب) ва син (نیس) беҳуда меафзоянд, чунон ки бихурдастӣ, бигуфтастӣ, бихуфтастӣ ва монанди инҳо, ки сустӣ ва лахохро мерасонанд. Мардуми Тус ва Нисо хушзабонтаранд. Сухани Сагистониён бо юзиши душманона ба садои баланд аз сина берун меояд. Забони Буст беҳтар аст [ва рустояшон ва рустоҳои Нишопур забоне дигар доранд, ки хашин аст]. Забони ду Марв бад нест, ҷуз он ки дар он низ юзиш ва гарданфарозӣ ва кашидани дунболаи вожаҳо дида мешавад. Набинӣ, ки мардуми Нишопур гӯянд: «барои ин» ва дар Марв гӯянд «Батруни ин», яъне ба сабаби ин, ки як ҳарф изофа кардаанд ва чун нек бингарӣ монанди он бисёр аст.

Забони мардуми Балх ширинтарини забонҳост, ҷуз ин ки вожаҳои зишт низ ба кор мебаранд.

Забони Ҳирот ваҳшиёна аст [хашинтар аз он дар ин сарзамин ёфт нашавад], юришмандона наҳиб мезананд ва бофишор суханро олуда берун мебаранд…

Ин забонҳои аслии Хуросонанд [дар бахши бохтарӣ] ва дигарон пайрави эшонанд ва аз онҳо реша гирифтаанд ва ба-д–онҳо боз мегарданд. Масалан, забони Тус ва Нисо на-

1 J.Labourt. Le christianise dans Lempire perse Sous La dinastie Sasanide. Paris, 1904. P. 71-72.

2 Justi. Iranisches namenbuch. Marhbourg, 1955. Ниг. Инчунин Акбари Ризвонӣ. Ауӯалӣ Сино. –Техрон, 1334 ҳ. С.1-6.

здики нишопурӣ аст ва забони Сарахс ва Абевард наздик ба Марвӣ аст [вале сухани Абевардиён садои савт дорад]. Забони Ғарҷшор миёни забонҳои Ҳирот ва Марв аст. Забони Ҷузҷанон миёни марвӣ ва балхӣ аст, вале забони Бомиён ва Тахористон наздик ба балхӣ аст, вале каме гирифтагӣ дорад… Забони Хоразмӣ фаҳмиданӣ нест [Забони Омулӣ ва Фарбар ҳам оҳанги хоразмӣ [дорад] ва монанди бухорист]. Ва забони Тирмизӣ монанди балхӣ аст. Дар забони бухориён такрор аст, набинӣ гӯянд: «Яке адраме» ва «раайту яке марде». Ва дигарон гӯянд: «Як дирам дорам» ва ба ҳамин қиёс. Эшон ҷумлаи «дониста» ва «гуфто»-ро дар сухани худ бефоида бисёр ба кор баранд.

Албатта ин забон дарӣ мебошад. Ва аз он рӯй ин гуна забонро дарӣ номанд, ки номаҳои шоҳон ба-д-он навишта мешавад, ва ба вай мерасад. Ва аз решаи «дар» сохта шуда, зеро забоне аст, ки дарбориён ба-д-он гуфтугӯ медоранд.

Мардуми Самарқанд низ ҳарфе доранд, ки садояш миёни «Қ» ва «К» аст ва мегӯянд: «бикардагам», «бигуфтагам», ки сард мебошад. Забони мардуми Шош (Чоч – Тошканд – М.Д.) беҳтарини забонҳои мардуми ҳайтал аст. Суғдиёнро низ забоне ҷудо аст, ки наздик ба забони рустониёни Бухоро мебошад ва чанд гуна аст, ки ҳамагӣ онҳоро мефаҳманд… Камтар шаҳре, аз онҳо ёд кардам, ёфт мешавад, ки рустоияш забони ҷудогона надошта бошад [Фарғониён мегӯянд: «бозомадам», «бозшудам»].[1]

Дар мувофиқа бо Мақдисӣ ҷуғрофиёдонони дигар, аз ҷумла Истахрӣ ва Ибни Хавкал ,[2] низ менависанд, ки дар ин ҳудуди паҳновар лаҳҷаҳои гуногуни забони дарӣ-форсӣ роиҷанд. Дар Суғд, Бухоро ва рустоҳои онҳо зимни забони дарӣ забони суғдӣ ҳам интишор дорад. Аммо дар бораи мавҷудият ва интишори забони туркӣ дар ин минтақа, аз ҷумла дар Бухоро ва рустоҳои он, ҳеҷ як аз ин ҷуғрофиядонон ва сайеҳон ҳатто ишорае намекунад. Бинобар ин ақидаи С.Салдадзе дар ин хусус, ки гӯе дар Афшана - зодгоҳи Ибни Сино ба туркӣ сухан мегӯфтанд, қатъиян асосе надорад.

Ақидаи ӯ дар бораи ин ки Афшана ва Афшина номи як мавзеъи ҷуғрофианд, низ бояд рад карда шавад. Зеро чунон ки ҷуғрофиёдонони зикршуда ва таҳқиқоти олимони ҳозира нишон медиҳанд, Афшана ва Афшина ду деҳи Ҷудогонаанд.

1 Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад Мақдисӣ. Аҳсан-ул-тақосим фӣ маърифати ақолим. Теҳрон, 1385. С.488-489; чопи Лейден, 1906. С.334-335 (ки аз тарҷумаи фавқ тафовутҳое дорад)

2 Ниг. Истахрӣ, Абуисҳоқ Иброҳим. Масолик ва мамолик. Теҳрон, 1348 ҳ. Ибни Ҳавкал. Сурат-ул-арз. Теҳрон, 1345 ҳ.ш.

Афшана дар Бухоро, вале Афшина дар Суғд воқеъ аст. Ақидаи Л.Г.Салдадзе дар бораи ин ки «Афшина» муштақ аз номи қавми туркии «ашин» аст ва олимон то ба ҳол на дар забони хоразмӣ ва на дар забони суғдӣ лафзеро пайдо накардаанд, ки онро тасреҳ кунад, низ комилан ғалат аст. Зеро забоншиносон кайҳост муқаррар кардаанд, ки лафзи «афшин» дар забони суғдӣ ба маънии «шоҳ» ва «амир» истеъмол мешавад[1]. Аз назари забоншиносӣ истихроҷи «Афшина» аз «афшин» осонтар ва дақиқтар аз истихроҷи «Афшина» аз «Ашин» аст.

8. Ибни Сино, ки дар рӯҳияи шуъубияи тоҷикӣ (форсӣ) ва фарҳанги замони Сомониён парвариш ёфта буд, дар қаламрави сулолаи туркони Қарохонӣ, ки Бухороро забт карда буданд, зиндагӣ кардан нахост, ҳарчанд ки чун табиб, олим ва файласуфи бузург дар дарбори онҳо низ соҳиби мартаба ва шаъну шараф шуда метавонист. Ӯ ба дарбори туркони Сабуктегинӣ - гумоштагони Сомониён дар Ғазна, ки аз итоати онҳо баромада, давлати соҳибихтиёри Ғазнавиёнро ташкил дода ва дар мубориза бо Қарохониён ба Сомониён кӯмак накарда буданд, низ нарафт. Ин дар сурате буд, ки Балх - ватани падари ӯ -дар ҳудуди Давлати Ғазнавиён қарор дошт. Вай ба Хоразм рафтанро афзалтар донист, ки аҳолии он ба шаҳодати Абуррайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» аз дарахти бузурги форсиён аст. Вақте ки таҳдиди фатҳи Хоразм аз ҷониби султон Маҳмуд ошкор шуд, ӯ ба Эрон ҳиҷрат кардanро афзалтар донист. Магар ин ҳақоиқ худ дар бораи худ чизеро ҳикоят намекунанд?

9. Ибни Синоро ба ҳеҷ ваҷҳ аз қавми тоҷик ва аз фарҳанги тоҷикӣ наметавон ҷудо кард, зеро якум ин ки ӯ бунёдгузори истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ (форсӣ) мебошад, дуюм ин ки асосгузори навъи бадеъии рубоъиёти фалсафист, ки баъдан дар эҷодиёти шоирони номвари мо, хусусан дар осори Умари Хайёми дар ҷаҳон шӯҳратёр шуда ва камол ёфтааст, сеюм ин ки андешаҳои илмӣ ва фалсафии ӯ дар афкори ҷамъиятӣ ва каломи бадеъи тоҷикон нуфуз карда, ҷузъи ҷудонопазири шуъури миллии онҳо гардидаанд. Барои исботи ин андеша кофист, ки саҳми ӯро дар рушди шохаи тоҷикии машшоияи шарқӣ, дар ташаккули ақоиди мутакаллимон Муҳаммад Ғаззолӣ, Муҳаммад Шаҳристонӣ, Фахруддини Розӣ, Тафтазонии Самарқандӣ ва дигарон, дар пайдоиши фалсафаи ишроқи Суҳравардӣ ва пайравони ӯ, дар такмили мавзеъҳи

1 См.: Согдийские документы с горы Муг. Вып.2. Юридические документы и письма. Чтение, перевод и комментарии В.А.Лифшица. М., 1962. С.50-51; Смирнова. Очерки из истории Согда. М.,1970. С.54-55; Gershevitch I.A. Grammar of Manichean Sogdian. Oxford. P.314.

шеъри суфиёна аз Саноӣ то Ҷомӣ ёдовар шавем. Инро ҳам бояд дар ёд дошт, ки нубуғи Ибни Сино дар муҳити иҷтимоъӣ-сиёсӣ, ақлонӣ ва фарҳангии халқи точик парвариш ва болиш ёфта буд.

Дар бораи аслу насаб ва қавмияти Ибни Сино назари дигаре низ вуҷуд дорад. Ин назари Ориф Томир -файласуфи муосири араб аст. Аз назари ӯ «Ибни Сино на форс, на турк, на рус», балки «араби асил», «араби дар арабияти худ покнаҷод» аст[1]. Ориф Томир ин ақидаи худро ба он мудаллал месозад, ки гӯё падари Ибни Сино «Абдуллоҳ ибни Ҳусайн аз хонаводаи арабии яманӣ аст... Ӯ дар аҳди халифаи фотимӣ ал-Азизбиллоҳ ба Миср омад ва баъди хатми таҳсил ва тамрин дар мадрасаи мисрии даъвати исмоъилия ба Форс фиристода шуд.... Аммо мо, - менависад Ориф Томир, - далелҳои зиёде дар даст дорем, ки таъкид мекунанд, ки ӯ на форс буду на афғон. Зеро агар чунин будӣ, пас чаро ҳангоме ки дучори вазидани тӯфони мухталиф гардид ва вазъаш ноустувор шуд аз ҳимояти қавми худ, ақрабои худ ва ватани худ истифода накард?... Мо ба сарчашмае барнахӯрдем, ки ишорат кунад, ки ӯ дар билоди Форс хонавода ва ватане дорад»[2] . Илова бар ин Ориф Томир менависад, ки Абдуллоҳ ибни Ҳусайн - падари Ибни Сино «дар улум ва ҳикмат тавфиқ ёфта буд ва ӯ як адад китобу рисолаҳо дорад, ки муҳимтаринашон «ал-Янобиъ», «Маноҳил-ал-Ҳикма» ва «Мавозин» мебошанд[3] . «Аммо дар китоби «Сират»-и худ дар бораи ҷиҳодаш, бархӯрдҳояш дар роҳи даъвати исмоъилӣ, шогирдонаш, рафиқонаш ва душманонаш ҳикоят мекунад»[4] Дар мавриди баёни ин маълумот Ориф Томир ба саҳифаи ҳаждаҳуми дастнависи исмоъилии «Китоб-ал-фусул ва ал-ахбор» истинод мекунад. Аммо ӯ дар кучо, дар кадом китобхона ва зери кадом рақам маҳфуз будани онро нишон намедиҳад. Ин шаҳодатҳои вайро зери шубҳа қарор медиҳад ва гумони сохта будани онҳоро қавӣ мегардонад. Хусусан, ки худи вай дар ҷои дигари китобаш менависад, ки ба Абуяъқуби Сиҷистонӣ ҳам китобе бо номи «Янобиъ» нисбат медиҳанд ва мо намедонем ин хатост ё Абдуллоҳ ибни Ҳусайн низ бо ин ном китобе таълиф карда бошад. «Маноҳил ал-Ҳикма» ва «Мавозин»-и Абдуллоҳ ибни Ҳусайнро ӯ гум шуда меҳисобад. Вай дар бораи «Сира»-и Абдуллоҳ ибни Ҳусайн низ маълумоте намеоварад. Назари Ориф Томирро дар хусуси аслу насаб ва қавмияти Ибни

1 Ориф Томир. Ибн Сино фӣ маробеъи Ихвон-ус-сафо. Бейрут, 1403/1983. С.252.
2 Ориф Томир. Ҳамон асар С.28-29.
3 Ориф Томир. Ҳамон асар. С.26.
4 Ориф Томир. Ҳамои асар. С.26.

Сино баррасӣ карда, бояд гуфт:

1. Ӯ бешак ҳақ аст, ки Ибни Сино на турк аст, на рус, на муғул, на афғон (паштун).

2. Вале вақте Ориф Томир мекӯшад исбот кунад, ки Ибни Сино – падар ва Ибни Сино – писар форс (тоҷик) нестанд, балки араби асиланд, аз ҳақиқат чашм мепӯшад. Ӯ барои исботи ин даъвии худ аз сарчашмаҳо ҳеҷ гуна далел пешниҳод наменамояд. Аз тарафи дигар, ин даъвои ӯ ба шаҳодати худи Ибни Сино «падарам марде аз аҳли Балх буда, дар рӯзгори Нуҳ ибни Мансур ба Бухоро омад»[1], комилан зид аст. Абуалӣ ибни Синоро дар сурати араб будани падараш ҳам наметавон араби асилзод номид, зеро модари ӯ Ситора тоҷикбонуи асила аст.

Соли 986 Абдуллоҳ ибни Ҳусайн ба Бухоро кӯчид ва писараш Ҳусайнро назди муаллими Қуръон ва муаллими адаб гузошт. «Бухоро, - навишта буд муаллифи «Ҳудуд ал-олам», - дар Мовароуннаҳр шаҳри бузург ва ободе буд»[2] . Ҷуғрофиядонони арабизабони асрҳои 9-10 Ибни Ҳавкал, Истаҳрӣ ва Мақдисӣ навишта буданд, ки Бухоро дар Хуросон ва Мовароуннаҳр нисбат ба ҳама шаҳрҳо бештар сохтмон ва зиёдтар аҳолӣ дошт. Дар дижи он, ки деворбанд буд, қароргоҳи амирони сомонӣ, идораи марказии давлат ва китобхона ҷой доштанд. Дар майдони Регистон қасри аморат барпо буд ва дар назди он девонхона қомат афрохта буд. Дар шаҳр қасрҳои дигар низ зиёд буданд. Бавижа қасрҳои маҳалли Ҷӯи Муллиён, ки онро Рӯдакӣ сахт мадҳ кардааст, шӯҳрати зиёд доштанд. Дар шаҳр манораҳо, мадрасаҳо, оромгоҳҳои зиёд, карвонсарой, ҳамомҳои зиёд вуҷуд дошт. Набзи ҳаёти шаҳр дар бозорҳо, ки дар он ҷо тоҷирон аз мамолики гуногун гирд меомаданд, ба хубӣ эҳсос мешуд. Бухорои асри 10-ум на танҳо пойтахти сиёсии Давлати Сомониён ва маркази тиҷоратию ҳунармандии Мовароуннаҳр, балки маркази бузурги илмӣ, адабӣ ва ҳунарии Шарқ буд. Ба ин ҷо олимон, адибон ва ҳунарпешагон аз тамоми марказҳои фарҳангии Шарқ ҳузур меоварданд. Бунёдгузори адабиёти тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар хусуси мақоми сиесӣ ва фарҳангии Бухоро суруда буд:

Имрӯз ба ҳар ҳол Бағдод Бухорост,
Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.[3]

Дар ҳамин гуна маркази сиёсӣ, тиҷоратӣ, илмӣ, адабӣ ва

1 Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди якум. Душанбе, 1980. С.17.

2 Худуд ал-алам. Рукопись Туманского. С введением и указаниями В.В.Бартольда. М., 1930. л.22.

3 Девонии Рӯдакии Самарқандӣ.Теҳрон,1373. С.71.

ҳунарӣ, ки Бухоро ном дошт, солҳои таҳсили Ибни Сино оғоз гардиданд ва ҳукми таъриху тақдир будааст, ки ситораи нубуғи ӯ баъдан осмони фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳониро мунаввар сохт. Ҳусайн қобилияти барҷаста ва фавқулодаи ақлонӣ дошт. Ҳамин буд, ки вай дар синни 10-солагӣ Қуръони маҷидро комилан ҳифз кард ва илмҳои нақлӣ-сарфу наҳв, сабкшиносӣ ва илми шеърро аз бар намуд. Дар «Саргузашт»-и худ дар ин хусус ба Ҷузҷонӣ чунин имло карда буд: «Баъд ба Бухоро кӯчида омадем ва маро назди муаллими Қуръон ва муаллими адаб гузоштанд. Чун ба даҳсолагӣ расидам Қуръон ва бисёре аз [улуми] адабро азбар кардам, ба тавре, ки ин аз ман шигифтовар буд»[1].

Ба назардошти соли таваллуди мутафаккир (980), азбар кардани Қуръони маҷид ва улуми нақлиро то даҳсолагиаш натиҷа метавон гирифт, ки Ибни Сино дар соли 990 ба омӯхтани риёзиёт, мантиқ ва фиқҳ оғоз мекунад. Ӯ риёзиётро назди тоҷир маҳмуди массоҳ, мантиқ ва фиқҳро пеши Исмоъили Зоҳид меомӯзад. Вақте ки олими маъруф Абуабдуллоҳи Нотилӣ ба Бухоро омад (тақрибан соли 991), падари Ҳусайн ӯро дар хонаи худаш маскан дод, то ба писараш таҳсили муназзамро таъмин созад. Ҳусайн таҳти Ҳидояти Нотилӣ ба омӯхтани «Исоғуҷӣ»-и Фарфуриуси Тирӣ (Сирӣ) шурӯъ кард. Ибни Сино, чунон ки худаш менигорад, назди Нотилӣ қоидаҳои содаи мантиқро азбар карда, сипас худ мустақилона ба омӯхтани нуктаҳои борики мантиқ пардохт, то дар ин илм тавоно гашт. Вай қисман таҳти Ҳидояти Нотилӣ ва аксаран мустақилона «Мабодӣ»-и Уқлидус ва «Маҷасти»-и Батлимусро мутолаъа ва азбар кард. Баъди чанде Нотилӣ дарк кард, ки шогирди ҷавони ӯ Фарфуриус, Уқлидус ва Батлимусро аз устод беҳтар мефаҳмад. Бинобар ин ба шогирди пуристеъдодаш пешниҳод кард, ки ин улумро мустақилона биомӯзад. Нотилӣ ба зудӣ бовар ҳосил кард, ки Ҳусайн соҳиби истеъдоди бузург ва фавқулъодаи илмист. Бинобар ин ба падари ӯ талқин кард, ки писарашро ҷуз ба илм ба кори дигаре машғул надорад.

Баъди ба Хоразм рафтани Нотилӣ (тақрибан соли 993) Ибни Сино, чунон ки худ мегӯяд, мустақилан ба омӯхтани илмҳои фалсафӣ ва табиъӣ оғоз кард. Ӯ китобҳо ва тафсирҳоро дар ришгаи фалсафа ва табиъиёт бо ҷиддияти беҳмато мутолаъа ва азбар намуд, то дар ин илмҳо дасти қавӣ ёфт. «Пас, - менависад ӯ, - ба илми тиб рағбат кардам ва ба хондани китобҳои дар он таснифшуда рӯ овардам. Илми тиб аз

1 Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1. С.17.

илмҳои душвор нест, бинобар ин дар андак муддат дар он ба дараҷае забардаст шудам, ки донишмандони тиб илми тибро назди ман ба хондан оғоз карданд ва парастории беморонро ба уҳда гирифтам. Дарҳои муъолиҷа, ки аз таҷриба ба даст омадааст, чунон гушода мешуданд, ки берун аз васф аст, **бо вуҷуди ҳамаи ин ба фиқҳ шуғл намудам, дар он мунозара мекардам. Дар ин ҳангом шонздаҳсола будам»**[1]. Сарфи назар аз комёбиҳои шигифтовар дар таҳсили улуми қуръонӣ, нақлӣ, фиқҳӣ, риёзӣ, табиъӣ, фалсафӣ, тиббӣ ва илоҳиётшиносӣ, Ибни Сино дар роҳи такмили донишҳои худ, бавижа дар ҷодаи вусъати донишҳои фалсафии хеш, пайваста кӯшиш ба харҷ медод. Худи ӯ гувоҳӣ медиҳад: «Баъд якуним соли дигар (яъне дар давоми солҳои 998-999 – М.Д.) ба хондан машғул шуда, мантиқ ва ҳамаи қисматҳои фалсафаро аз сар мутолаъа кардам. Дар ин муддат ягон шаб пурра нахуфтам ва рӯзона ба ҷуз омӯхтани илм ба коре машғул нашудам»[2]. Дар ҳамин айём вай ба омӯхтани «Мобаъдуттабиъа»-и Арасту пардохт, ки бе дарки амиқи он файласуфи ҳақиқӣ ва ҳирфаӣ шудан амри маҳол буд. Дар ин маврид худи ӯ чунин ҳикоят мекунад: «Дар илмҳои мантиқ, табиъиёт ва риёзиёт тавоно шуда ба илми илоҳӣ баргаштам ва китоби «Мобаъдуттабиъа»-и Арастуро хондам. Он чӣ дар он буд нафаҳмидам ва ғарази муаллифи он бар ман пӯшида монд. Бинобар ин онро чиҳил бор хондам ва маро азбар шуд. Бо вуҷуди ин китоб ва мақсади муаллифи ӯро нафаҳмидам ва аз худ навмед шуда, гуфтам: «Ин китобест, ки ба ҳеҷ роҳ фаҳмида намешавад. Рӯзе аз рӯзҳо ҳангоми аср дар миёни саҳҳофон ҳозир будам, ки даллоле дар даст муҷалладе нидо мекард. Вай онро ба ман намуд ва ман ба сахтӣ рад кардам, зеро бовар доштам, ки дар ин илм суде нест. Он гоҳ ӯ ба ман гуфт: «Инро аз ман бихар! Ба ту арзон мефурӯшам, ба се дирҳам. Соҳибаш ба баҳои он муҳтоҷ аст. Ман онро харида дидам, ки китоби Абунасри Форобӣ "Фӣ ағрози китоби «Мобаъдуттабиъа» будааст». Пас ба хона баргашта, онро бошитоб хондам ва дарҳол ғаразҳои он китоб, ки дар дили ман маҳфуз буд, бар ман гушода шуданд[3] . Ҳақиқати ба Ибни Сино дастнорас будани «Мобаъдуттабиъа»-и Арасту аз он иборат аст, ки тарҷумаҳои арабии осори мутафаккирони юнонӣ аксаран таҳтулафзӣ, муғлақ ва ба фаҳм наздик набуданд. Ибни Сино, ки забони юнонӣ намедонист, аз рӯи тарҷумаҳои таҳтулафзӣ ва муғлақ «Мобаъдуттабиъа»-и Арастуро ба осонӣ нафаҳмидааст ва ин

1 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.18.
2 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.18.
3 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.18-19.

амре табиъист.

Инак, Ибни Сино то соли 998 тамоми улуми замонашро азбар кард ва дар синни ҳаждаҳсолагӣ чун олими комил ба арсаи илм омад. «Чун ба ҳаждаҳсолагӣ расидам, - менависад ӯ, - аз омӯхтани ҳамаи ин илмҳо фориғ шудам. Он рӯз дар илм бештар ҳифзкунанда будам, имрӯз пухтатар шудам»[1]. Дар хусуси ин ки Ибни Сино дар ҳаждаҳсолагиаш олими комил гардидааст, баҳси ӯ бо Абуррайҳони Берунӣ дарак медиҳад, ки солҳои 998-999 дар бораи масоили гуногуни табиъиёт ва фалсафаи Арасту даргирифта буд[2]. Дар ин бора чунин дақоиқ низ гувоҳ аст, ки Ибни Сино дар тӯли солҳои 999-1001, яъне то бисту яксолагиаш, чандин китоби муҳим таълиф кардааст, ки «Китоб ал-маҷмуъ» («Ҳикмат ал-арузия»), «ал-Ҳосил ва ал-маҳсул», (дар бист муҷаллад) «ал-Бирр ва ал-исм» аз зумраи онҳоянд[3]. Дар китоби якум ӯ масоили ҳама улуми замонаш (ба ҷуз аз илми риёзӣ) баён карда буд. Дар китоби дуюм масоили фалсафа ва дар китоби сеюм масъалаҳои илми ахлоқро ба таври мабсут баррасӣ кардааст.

Ибни Сино дар 17-18 солагиаш ҳамчун олим - табиби бузург шӯҳрат ёфт. Табобати самарабахши беморон умуман ва амири Сомонӣ Нуҳ ибни Мансур хусусан шӯҳрати ӯро басо боло бурд. Дар «Саргузашт» ӯ овардааст: «Дар он ҳангом подшоҳи Бухоро Нуҳ ибни Мансур буд. Ӯро беморие пеш омад, ки пизишкон дар илоҷи он оҷиз монданд. Чун номи ман дар миёни эшон ба бисёр хондан машҳур буд, маро пеши ӯ ёд карда, ҳозир карданамро аз ӯ хостор шуданд. Пас, маро ҳозир карданд ва дар муъолиҷаи ӯ ба онҳо ҳамкорӣ карда, ба хидмати ӯ номзад шудам»[4]. Ин ба Ибни Сино имкон дод, ки амирро ба худ моил кунад. Бинобар ин вақте ӯ аз амир иҷозат пурсид, ки ба китобхонаи эшон дарояд ва ба мутолаъаи китобҳои тиб, ки дар он ҷост, бипардозад, ба ӯ дарҳол иҷозат дод: «Вай маро иҷозат дод ва вориди сарое шудам, ки хонаҳои бисёр дошта, дар ҳар хонае сандуқҳои китоб болои ҳам чида шуда буданд. Дар як хона китобҳои илмҳои арабӣ ва шеър, дар дигараш китобҳои фиқҳ ва ҳамин тавр дар ҳар хонае китобҳои як илме ҷой дошт. Сипас феҳристи китобҳои пешиниёнро мутолаъа намуда, он чиро ки ба он ниёз доштам, хостам. Китобҳоеро дидам, ки бисёр касон ҳатто номашонро нашунидаанд ва ман онҳоро на пеш аз ин ва на баъд аз

1 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.19.

2 Муфассалтарниг.: Булгаков В.Г. Жизнь и труды Беруни. Ташкент, 1972. С.62-69; Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. –Душанбе, 1980. –С.77-95; Шарипов А. Великий мыслитель Беруни. –Ташкент, 1972. С.38-42.

3 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.19.

4 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.19.

ин надидаам. Он китобҳоро хонда, судҳо бурдам ва андозаи дониши ҳар мардеро шинохтам»[1]. Дар хусуси ин ки Ибни Сино дар 17-18 солагиаш чун табиби варзида ба камол расида буд, баҳси вай бо файласуф ва табиъатшинос Абдулфараҷ Абдуллоҳ ибни Тайиб Ҷасолик, ки солҳои 997-998 рух дода буд, низ шаҳодат медиҳад[2]. Соли 1001 (ба назардошти ин ки аз рӯи шаҳодати Қифтӣ ва Ибни Абиусайбиъа дар ин айём мутафаккир 21 сола буд: 480+21=1001)[3] Ибни Сино мусибати сахти шахсиро аз сар гузаронд: падари азиз ва ғамхораш аз дунё рафт. Ба ин сабаб вазъи ӯ дигаргун гашт ва ӯ маҷбур шуд баъзе корҳои султониро ба уҳда гирад. «Унвони Султон»-ро менависад Ю.Н.Завадовский, - дар ин давра асосан фармондорони турк истеъмол мекарданд... Зери қалами Байҳақӣ гумон аст, ки ин унвон ба аъзои хонадони Сомонӣ, ки онҳоро бо исрор «подшоҳ» меномад, тааллуқ дошта бошад, балки ин унвон бештар ба Илекхон, Қарохониён ва туркон мансуб аст[4]. Вале ин баёнро наметавон бебаҳс пазируфт, зеро ҳам Байҳақӣ, ҳам Қифтӣ ва ҳам Абиусайбиъа як андар як менависанд, ки «Султони Бухоро дар ин рузгорон Нуҳ ибни Мансур буд». Бинобар ин ибораи «маҷбур шуд, баъзе корҳои султониро ба ӯҳда гирад», метавонад ин маъниро бирасонад, ки Ибни Сино ба хидмати Абуиброҳим Мунтасири Сомонӣ дохил шудааст, ки ӯ дар тайи солҳои 1000-1005 бо қатъияти тамом бо Қарохониён меҷангид ва на як бор ҳукумати Сомониёнро дар Бухоро аз нав барқарор карда буд[5].

Вале ӯ дар хидмати Қарохониён ё Абуиброҳим Мунтасири Сомонӣ (ба эҳтимоли қавӣ дар хидмати Мунтасир) дер намонд. Зарурат, чунон ки худаш мегӯяд, ӯро маҷбур сохт Бухороро тарк кунад ва роҳи Гурганҷ - пойтахти Хоразмро пеш гирад. Ин зарурат, ки ӯ дар бораи он ошкоро чизе намегӯяд, метавонад ба ҳалокат (с.1005) расидани Мунтасир бошад, ки дар роҳи барқарор кардани давлати Сомониён бо Қарохониён дар ҷанги беамон буд. Ин ҳодиса Ибни Синоро аз умеду орзӯи дар Бухоро мондан маҳрум кард. Ба назардошти ин ки ӯ дар хидмати султонӣ 2-3 сол иштиғол дошт, метавон ҳадс зад, ки ӯ солҳои 1004-1005 ба Гурганҷ – пойтахти Хоразм

1 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар.
2 Муфассалтар ниг.: Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. С.84-85.
3 Аз руи шаҳодати Байҳақӣ: Дар соли 1002 (980+22=1002).
4 Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. С.95.
5 Гафуров Б.Г. Таджики. М., 1972. С.387-388. Дар «Доират-ал-маорифи бузурги исломӣ (Ҷилди 4, Теҳрон, 1370. С.2) омадааст, ки Ибни Сино баъди вафоти падараш ба хидмати охирин Сомонӣ Абдулмалик шурӯъ кард. Вале ин ба гоҳшумории суқути Сомониён (с.999) мутобиқ нест, зеро чунон ки зиндагинигорони ӯ менависанд, дар ҳангоми ба хидмати султон оғоз кардан вай на 19-сола, балки 21 ё 22-сола будааст, ки мутобиқ ба соли 1001 ё 1002 мешавад, ҳол он ки Абдумалик соли 999 аз тахти шоҳӣ сарнагун шуда буд.

ҳичрат кардааст.

Ҳаводисе, ки охири асри 10 дар Мовароуннаҳр ва Хуросон рӯй доданд, ба Хоразм ва пойтахти он Гурганҷ таъсири боризе ворид накарданд. Аз рӯи шаҳодати Мақдисӣ Гурганҷ шаҳри ободе буд ва сохтмонҳояш чунон тангҳам сохта шуда буданд, ки дар даруни шаҳр канал гузаронидан басе душвор буд. Дар назди яке аз дарвозаҳои шаҳр кох барпо буд, ки онро Маъмун бино карда буд. Дар шаҳр бозорҳои бисёр андар кор буданд. Нашъу нумувви шаҳр ба тараққиёти тиҷорати корвонӣ марбут буд. Дидангоҳҳои шоёни таваҷҷуҳи шаҳр қасрҳои он буданд. Пойтахти Хоразм – Гурганҷ маркази муҳимми фарҳангӣ низ буд. Дар ин ҷо дар «фарҳангистони Маъмун» як зумра олимони забардаст, мисли Абуррайҳони Берунӣ, Абусаҳли Масиҳӣ, Абунасри Ироқ (ё Арроқ) ва Абулхайри Хаммор гирд омада буданд. Ба ин зумра Ибни Сино низ ворид гардид. Уламои Хоразм ӯро ба меҳр пазируфтанд. Вазир Абулҳасани Суҳалӣ, ки ба ибораи Ибни Сино дӯстдори илм ва олимон буд, нисбат ба мутафаккир некии зиёд зоҳир кард. Тавассути ӯ Ибни Сино ба дарбори Хоразмшоҳ Маъмун роҳ ёфт. «Барои ман, - менависад ӯ, - моҳонае муқаррар карданд, ки мисли манро кифоя буд». Шояд нишони сипосгузорӣ бошад, ки ӯ дар Хоразм ба унвони Абулҳасани Суҳалӣ «Рисола фӣ кимиё»-ро таълиф кард.

Соли 1012 Ибни Сино Гурганҷро низ тарк кард (агар шаҳодати Ҷузҷониро дар муқаддимаи «Шифо» ба назар бигирем, ки тибқи он Ибни Сино ҳангоми вуруд ба Гургон 32 - сола буд) ва аз роҳи Нисо, Абевард, Тус, Шаққон, Самангон ва Ҷоҷарм ба Гургон омад. Ба ақидаи Низомии Арӯзии Самарқандӣ ин иқдоми Ибни Сино баста ба он буд, ки султон Маҳмуд аз Хоразмшоҳ талаб кард олимони «Фарҳангистони Маъмун» ба Ғазна фиристода шаванд. Берунӣ ва дигар олимон сар бозниҳоданд ва ба Ғазна рафтанд. Вале Ибни Сино ба ин фармони Султон Маҳмуд тан бознадод ва ҳамроҳи Абусаҳли Масиҳӣ тавассути биёбони Қароқум роҳи Гургонро пеш гирифт. Масеҳӣ бори вазнини роҳро кашидан натавониста вафот ёфт. Ибни Сино машаққати зиёдеро паси сар кард ва ба Гургон расид[1]. Вале ин хабари Арӯзии Самарқандӣ шубҳаомез аст. Зеро аз рӯи китоби Берунӣ «Мардони шаҳири Хоразм», ки порчае аз он дар «Таърихи Масъудӣ»-и Байҳақӣ маҳфуз аст, Берунӣ ва дигар олимони «Фарҳангистони Маъмун» то забти Хоразм дар соли 1017 аз ҷониби Маҳмуди

1 Низомии Арузи Самарқанди. Четыре статьи. М., 1963. С.112-117.

Ғазнавӣ дар Гурганҷ иқомат доштанд[1]. Ин хабари Арузии Самарқандӣ ба дигар ҳақоиқе ҳам, ки Берунӣ дарак медиҳад, вифқ надорад. Аз ҷумла, Берунӣ дар асараш «Ниҳоят ал-амокин» ишора мекунад, ки 18 сентябри соли 1016 ӯ дар яке аз қасрҳои Хоразмшоҳ ирсоди ҳайатӣ анҷом дода буд. Суол пеш меояд, ки чӣ гуна ӯ ин ирсодро дар қасри Хоразмшоҳ анҷом додааст, дар сурате ки тибқи гуфтаи Арузии Самарқандӣ ӯ ҳанӯз соли 1012 ба Ғазна омада буд?

Сабаби Гурганҷро тарк кардани Ибни Сино дурустараш аз он иборат аст, ки Маъмун дар соли 1012 ҳомии ӯ – вазир Абулҳасани Суҳалиро аз вазорат маъзул кард ва ӯ ба Бағдод рафт. Аз Гурганҷ рафтани Ибни Сино метавонад сабаби дигаре ҳам дошта бошад: дар Хоразм ба ҷиҳати зиддияти байни Маъмун ва аъёну ашроф дар ҳамон соли 1012 ошӯбе бархост. Бинобар ин Ибни Сино Гурганҷро дигар барои худ макони амният намедид. Ва ниҳоят, Ибни Сино чун марди закӣ таҳдиди султон Маҳмудро ба Хоразм хуб эҳсос мекард. Бинобар ин тасмим гирифт, ки пеш аз вуқӯи ҳодиса Гурганҷро тарк кунад ва ба Гургон роҳ пеш гирад.

Ӯ ба Гургон раҳсипор гардида, умед дошт, ки ба ҳимояти Қобус ибни Вушмгир – ҳокими кишвари Гургон ноил гардад. Чунин ният тасодуфӣ набуд. Гургон пойтахти хонадони Зиёриён буд. Дар ин ҷо аз соли 977 Қобус ибни Вушмгир ҳукумат дошт. Аз рӯи тавсифи шарқшинос Е.Э.Бертельс вай «шоири боистеъдод буд, ки барои худ дар шеъри арабии пешоисломӣ назирҳо мечуст. У сабкшиноси ҳайратангезе буд, ки номаҳояш муддатҳои тулонӣ намунаи беҳтарини сабки номанигории арабӣ маҳсуб мешуд. Қобус дар атрофи худ намояндагони беҳтарини илму ҳунарро гирд оварда, Ҷурҷон (Гургон) -и кӯчаки худро ба маркази адаб табдил дода буд, ки намунае буд барои дарборҳои ашрофии Эрони ғарбӣ»[2]. Аз ин ҷо ба хубӣ равшан мешавад, ки чаро Ибни Сино ба Гургон ҷазб шуда буд.

Дар бораи иқомати Ибни Сино дар Гургон ду фикр вуҷуд дорад. Аз рӯи фикри аввал ӯ Қобусро дар сари қудрат наёфт, аз рӯи фикри дуюм Қобус ҳанӯз ҳокими Гургон буд. Фикри дуюм ҳақиқати бештаре дорад. Зеро Ибни Сино дар «Саргузашт» менигорад, ки «Мақсади ман амир Қобус буд. Дар ин ҳангом чунин иттифоқ афтод, ки Қобус дастгир шуда, дар қалъае зиндонӣ шуд ва дар он ҷо мурд»[3] . Шояд ба ҳамин сабаб бошад, ки Ибни Сино дар Гургон дер наистод ва ба Деҳистон рафт. Вале дар Деҳистон сахт бемор шуд ва

1 Абу-л-Фазл Бейхаки.История Мас'уда. М., 1969. С.808-827.
2 Бертельс Е.Э. Предисловие к книге «Кабуснамэ». М., 1958. С.9.
3 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.20.

боз ба Гургон баргашт. Дар ин ҷо ӯ ба Абуубайди Ҷузҷонӣ вохӯрд, ки шогирди вафодор ва то охири умр содиқи ӯ гардид. Ба шаҳодати Абуубайд дар Гургон Ибни Сино ҷилди якуми «ал-Қонун фӣ-тиб»-ро навишт ва баъдан дар Рай ва Ҳамадон онро ба анҷом расонид. Дар Гургон ӯ асарҳои худ «Мухтасар ул-авсат фи-л-мантиқ», «Китоби мабда ва маъод», «Китоб ал-ирсод ал-куллия», «Мухтасар ал-маҷастӣ»-ро тасниф кард. Ин аз он дарак медиҳад, ки давраи зиндагии ӯ дар Гургон марҳалаи бисёр муҳимми эҷодиёти илмии файласуф будааст. Ин давра ба ӯ имкон дод, ки нерӯҳои маънавии худро тақвият бидиҳад ва барои кори илмии оянда омодагии бештар бигирад. Вале Ибни Сино ин бор ҳам дар Гургон дер наистод. Ӯ баъди чанд вақте ба Рай рафт. Сабаби ба Рай рафтанаш барои мо дақиқан маълум нест. Вале метавон ҳадс зад, ки ин тасмими мутафаккир натиҷаи тағйир хурдани вазъи иҷтимоӣ-сиёсии Гургон буд: писари Қобус, ки ҷонишини падар гардида буд, худро гумоштаи султон Маҳмуд эълон намуд ва ба духтари ӯ издивоҷ кард. Аз хавфи таъқиботи султон Маҳмуд ва гумоштаи гургонии ӯ, чунон ки муаррихон гувоҳӣ медиҳанд, вай соли 1014 ба Рай рафт.

Рай яке аз марказҳои илмии шинохтаи Эрони асрҳои 9-11 буд. Ин ҷо бемористони бузурге вуҷуд дошт, ки замоне Абубакри Розӣ (865-925) - табиби бузурги ҷаҳонӣ - онро сарварӣ карда буд. Дар Рай Абумаҳмуди Хуҷандӣ судсияи (секстанти) худро барои мушоҳидаҳои ҳайатшиносӣ сохта буд, ки баъдан Берунӣ онро тавсиф кардааст. Дар Рай ду китобхонаи бузург вуҷуд дошт, ки феҳристи китобҳои онҳо 10 ҳазор муҷалладро шомил буд. Рай маркази шинохтаи илмӣ низ буд. Рай маркази бувайҳиён ба шумор мерафт. Дар Рай Маҷдуддавла ва модари ӯ Сайида ҳукумфармо буданд. «Эшон ӯро ба тавассути китобҳое шинохтанд, ки аз ӯ ба онҳо расида буд ва аз қадри ӯ шаҳодат медоданд». Ибни Сино ба дарбори онҳо пайваст.

Ибни Сино ба хидмати маликаи тавоно Сайида, ки нисбат ба ҳамсоягонаш, бавижа нисбат ба султон Маҳмуд, сиёсати моҳирона, зиракона ва қотеъона анҷом медод, пайваста, умед дошт, ки барои худаш шароити мусоиди кори илмӣ муҳайё хоҳад кард. «Қобуснома» дар бораи ин сиёсати зиракона, моҳирона ва қотеъонаи Сайида чунин менигорад: «Султон Маҳмуд бад-ӯ (ба Сайида – М.Д.) расул фиристод ва гуфт:

- Бояд, ки хутба ва сикка ба номи ман кунӣ ва хироҷ бипазирӣ ва гар на, ман биёям ва Райро биситонам ва туро нест гардонам.

Чун расул биёмад ва пайғом бигузорид, Сайида гуфт:

- Бигӯй султон Маҳмудро, то шӯйи ман Фахруддавла зинда буд, маро ин андеша ҳамебуд, ки магар туро ин рой афтад ва қасди Рай кунӣ. Чун вай фармон ёфт (мурд – М.Д.) ва шуғл ба ман афтод, ин андеша аз дили ман бархост. Гуфтам, ки султон Маҳмуд подшоҳе одил аст. Донад, ки чун ӯ маликеро ба ҷанги зане набояд омадан, ки шер ҳам нар бувад ва ҳам мода. Акнун агар биёӣ Худой огоҳ аст, ки ман нахоҳам гурехт ва ҷангро истодаам, аз баҳри он ки аз ду вақҳ берун набувад. Аз ду лашкар яке шикаста шавад. Агар ман туро бишканам, ба ҳама ҳол ба ҳама олам нома бинависам, ки султонеро шикастам, ки сад подшоҳро шикастааст. Ва агар ту маро бишканӣ, чӣ тавонӣ навишт? Гӯйӣ, ки занеро шикастам, туро на фатҳномае расад ва на шеъри фатҳ, ки шикастани зане бас фатҳ набошад.

Ба-д-ин як сухан то вай зинда буд, султон Маҳмуд қасди Рай накард»[1].

Дар Рай Ибни Синоро бо эҳтиромоти зиёд пазируфтанд: «Касоне, ки аз донишмандии Ибни Сино огоҳ буданд, аз омадани ӯ ба Рай воқиф гашта, барояш иқоматгоҳ омода карданд ва ӯро ба дарбори Саида хонданд. Дар қасри Саида Шайхурраис ба хушнудӣ ва эҳтиромоти зиёд пазируфта шуд»[2]. Ин ҷо ӯ ба табобати амири ҷавон Маҷдуддавла пардохт, ки гирифтори молихулиё буд. Табобат ба зудӣ натиҷаҳои хуб дод ва вазъи саломатии бемор комилан беҳбуд ёфт. Ба ин ҷиҳат Сайида ӯро ба инъомоти зиёд мушарраф гардонд. Ибни Сино ба муносибати шифо ёфтани Маҷдуддавла китобе ба номи «Маъод» таълиф кард; нахустин бор ба ширкат кардан ба корҳои давлатӣ иҷозат гирифт; ба файласуф ва табиб Ибни Ҳинду (муншии Сайида) ва Абуалӣ Ибни Мискавайҳ – муаррих, файласуф ва муаллими ахлоқ - мулоқот кард ва суҳбату машваратҳо орост. Вале зиндагии оромонаи ӯ дар Рай дер давом накард. Дар соли 405/1015, чунон ки Ибни Асир хабар медиҳад, ҳаводисе рух дод, ки зиндагии осоиштаро дар Рай пурра парешон кард. Ин ҳаводис аввал ҳуҷуми Ҳилоли Бадр ва баъдан юриши Шамсуддавла (бародари Маҷдуддавла ва писари Сайида) ба Рай буданд, то онро забт ва ба сарзаминҳои худ пайваст кунанд. Ин вазъ Ибни Синоро водошт, ки Райро тарк кунад ва ба Қазвин биравад. Вале Қазвин шояд марҳалае барои ҳичрат ба Ҳамадон буд. Дар Ҳамадон ӯ ба хидмати Кадбонувайҳ пайваст, ки аз номи Шамсуддавла дар шаҳр ҳукмфармо буд. Ибни Сино ба вай

1 Унсурулмаоли Кайковус. Қобуснома. Душанбе, 1970. С.96.
2 Иқтибос аз: Заводовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. С.135.

дар ичрои корҳои идории шаҳр кӯмак мекард. Вақте Шамсуддавла донист, ки Ибни Сино дар Ҳамадон аст, ӯро назди худ хонд. Шайхурраис ӯро аз бемории қуланҷ табобат кард ва соҳиби обруву эҳтиром гашта, ба мартабаи надим расид. У Шамсуддавларо ба ҳайси табиб дар юриши бебароҳаш ба Қармисин (Ҳоло Кирмоншоҳ) ҳамроҳӣ кард. Баъди ин юриши бебарор Шамсуддавла Ибни Синоро вазири худ таъин кард. Ӯ умед дошт, ки Ибни Сино метавонад дар давлат ва лашкар тартиби дилхоҳ ва судбахш муқаррар кунад. Ибни Сино дар ин мақом кӯшиш ба харҷ дод, то андешаҳояшро дар мавриди давлат ва давлатдорӣ, ки дар асараш «Тадбир ул-ҷунд ва ал-мамолик ва ал-аскар ва арзоқуҳум ва хироҷ ал-мамолик» (Тадбири сарбозон, мамлукҳо, аскар ва рӯзии онҳо ва хироҷи мамлакатҳо) ва дигар китобҳояш баён шуда буданд, таҳаққуқ бахшад. Вале ин амали ӯ ба ашрофони дарбор ва сарбозони туркии Шамсуддавла хуш наомад. Онҳо ошӯб барпо карданд, Ибни Синоро ба зиндон кашиданд, қатлашро аз Шамсуддавла талаб намуданд ва молу мулкашро ба ғорат бурданд. Ҷузҷонӣ дар ин бора чунин менигорад: «Сипас аз ӯ хостанд, ки вазоратро ба ӯхда бигирад ва ӯ ба ӯҳда гирифт. Баъдан он қиёми лашкариён бар зидди ӯ иттифоқ афтод ва аз ӯ хостанд, ки бар онҳо меҳрубонӣ кунад. Пас, гирди хонаашро гирифтанд, ӯро ба ҳабс бурда чизу чораашро ғорат карданд, ҳар чӣ дошт ҳамаро бурданд ва аз амир қатли ӯро хостор шуданд. Вале амир аз қатли ӯ худдорӣ карда, барои ризои онҳо бо барканор кардани ӯ аз корҳои давлатӣ иктифо кард»[1].

Сабаби ошӯби сарбозони туркӣ бар зидди Ибни Сино дақиқан маълум нест. Фақат гумон метавон бурд, ки онҳо тарс доштанд, ки барои шикасташон дар ҷанги зидди Иноз танбеҳ ва тавбих хоҳанд шуд ва аз чораҳои Ибни Сино дар бораи тадбири сарбозон, мамлукҳо, лашкариён ва рӯзии онҳо норизо ва нигарон буданд, зеро ин тадбирҳоро нисбат ба худ номеҳрубонӣ мепиндоштанд. Шамсуддавла ба хотири ризои онҳо Ибни Синоро аз вазорат маъзул кард, вале ба зиндонӣ кардан ва қатл намудани ӯ ризо нашуд. Ибни Сино, чунон ки Ҷузҷонӣ менависад, - дар хонаи дӯсташ Абусаъиди Даҳдук паноҳ шуд ва ба навиштани китоби «Шифо» оғоз кард. Вале Шамсуддавла, ки ба табобати нав ниёз дошт, Ибни Синоро дубора ба дарбор хонд ва аз нав ӯро вазир таъин кард. Самоъуддавла, ки соли 1021 ба ҷои падар ба тахт нишаст ба Ибни Сино пешниҳод кард, ки дар мақоми вазирӣ бимонад.

1 Абуалӣ ибн Сино. Ҳамон асар. С.21.

Олим ин пешниҳодро қатъан напазируфт. Дар натиҷа байни ӯ ва Самоъуддавла ихтилоф эҷод шуд. Ӯ аз қисос хавф бурда, аз ҷамоъат дур ва дар хонаи Абутолиби Аттор пинҳон шуд. Дар ин давра ӯ ба хохиши Ҷузҷонӣ навиштани ҳама ҷузъҳои табиъиёт (ба ҷуз китоби набот ва китоби ҳайвон) ва илоҳиёти «Шифо»-ро ба анҷом расонд. Чунон ки Ҷузҷонӣ дар «Саргузашт» мегӯяд, ӯ ба ҳеҷ манбаъе нанигариста, ҳар рӯз аз ёд панҷоҳ саҳифа менавишт. Ин гуфтаи Ҷузҷонӣ бояд муболиға набошад, зеро Ибни Сино ҳарчи мехонд, онро ҳифз мекард ва дар ёд нигоҳ медошт. Ибни Сино ҳангоми дар хонаи Абутолиби Аттор пинҳонӣ зиндагӣ кардан ба ҳокими Исфаҳон мукотибаи махфӣ оғоз кард. Маълумотҳое дар даст ҳаст, ки икдоми ин мукотибаи махфиёна аз ҷониби худи Шамсуддавла содир шудааст. Аз тарафи дигар, худи Ибни Сино ҳам охири кори Самоъуддавларо эҳсос мекард, ки соли 1023 ба вуқуъ пайваст. Дар ин ҳангом ҷосусони Тоҷулмулк – вазири Самоъуддавла ва душмани сарсахти Ибни Сино пайи ӯро гирифтанд, вайро ба мукотибаи махфиёна ба Алоуддавла муттаҳам карданд ва дар қалъаи Фардаҷон ба муддати чаҳор моҳ маҳбусаш карданд. Дар ин зиндон ӯ асарҳои худ «ал-Ҳидоя», «Ҳай ибни Яқзон», «ат-Тайр» ва «Китоб ал-Қуланҷ»-ро таълиф кард.

Ибни Сино аз зиндони Фардаҷон ҳангоми юриши Алоуддавла ба Ҳамадон озод карда шуд. Баъди аз зиндон озод шудан ӯ чанд вақт дар Ҳамадон монд ва ба навиштани қисматҳои нотамоми мантиқи «Шифо» машғул гардид.

Соли 1023 Ибни Сино тасмим гирифт, ки Ҳамадонро тарк кунад ва ба Исфаҳон ҳиҷрат намояд. Ин тасмим натиҷаи муносибатҳои ноҳамвори ӯ ба Самоъуддавла ва вазири ӯ Тоҷуддавла буд. «Сипас, - менависад Ҷузҷонӣ, - Шайхро чунин пеш омад, ки оҳанги Исфаҳон кунад. Ӯ ҳамроҳи ман, бародараш ва ду ғуломе, ки бо ӯ буданд, ношинос, дар ҷомаи сӯфиён берун рафт, то ин ки баъд аз сахтиҳои бисёри роҳ ба Табарон - бар дарвозаи Исфаҳон расидем. Он гоҳ дӯстони Шайх ва надимону аҳли хоси амир Алоуддавла ӯро пешвоз гирифтанд, барои ӯ сару либос ва саворихои хос фиристонданд ва ӯ дар маҳаллае ба номи Кунгунбаз дар сарои Абдуллоҳ ибни Бобӣ фуруд омад. Дар ин ҷо аз олоту фарш ҳарчи мебоист буд. Пас ӯ ба пазироии Алоуддавла ҳозир шуд ва дар маҷлис он икрому эъзозро дид, ки мисли ӯро муносиб аст».

Дар замони Бувайҳиён Исфаҳон шаҳри густурда ва шукуфое буд. Дар ин ҷо биноҳои бошукӯҳи давлатию шахсӣ, ҳаммомҳо, бозорҳо, боғхо, шифохонаҳои зиёд вуҷуд дошт.

Шумораи аҳолии шаҳр аз рӯи баъзе маълумот (ки шояд муболиғаомез бошанд) бештар аз сад ҳазор буд. Соли 1052 Носири Хусрав аз Исфаҳон дидан карда буд. Ӯ дар «Сафарнома»-аш Исфаҳонро бо шӯру шавқи зиёд васф кардааст: «Исфаҳон... шаҳре аст бар ҳомун ниҳода. Обу ҳавои хуш дорад. Ва ба ҳар ҷо, ки даҳ газ чоҳ фурӯ баранд, обе сарди хуш берун ояд. Ва шаҳр деворе ҳасини баланд дорад ва дарвозаҳову ҷанггоҳо сохта ва бар ҳама бару кунгура сохта. Ва дар шаҳр ҷӯйҳои оби равон ва биноҳои некӯ ва муртафеъ ва дар миёни шаҳр масҷиди одинаи некӯ... Ва андаруни шаҳр ҳама ободон, ки ҳеҷ аз вай хароб надидам. Ва бозорҳои бисёр ва бозоре дидам аз они саррофон, ки андар ӯ дувист марди сарроф буд ва ҳар бозореро дарбанде ва дарвозае. Ва ҳама маҳаллаҳову кӯчаҳоро ҳамчунин дарбандҳо ва дарвозаҳои муҳкам ва корвонсаройҳои покиза буд. Ва кӯчае буд, ки онро «Тароз» мегуфтанд ва дар он кӯча панҷоҳ корвонсарои некӯ ва дар ҳар як бойиъон ва ҳуҷрадорони бисёр нишаста... *Ва ман дар ҳама замини порсигӯён шаҳре некӯтар, ҷомеътар ва ободонтар аз Исфаҳон надидам* [1]».

Дар Исфаҳон ҳаёти ақлонӣ дар ҷӯш буд. Ин ҷо адибон, шоирон, факиҳон, файласуфон, табиъатшиносон, риёзидонон ва табибони зиёде гирд омада буданд. «Баъд, -менависад Ҷузҷонӣ, - Алоуддавла қарор дод, ки шабҳои ҷумъа дар ҳузури ӯ бо иштироки тамоми олимон аз ҳар табақае маҷлиси баҳс барпо кунанд. Шайх Абуалӣ аз ҷумлаи онхо буда дар ягон илм ҳамто надошт»[2].

Давраи ҳаёти Ибни Сино дар Исфаҳон (1023-1037) замони рушду камоли эҷодӣ ва шукуфтани нубуғи ӯ буд. Дар ин ҷо ӯ таълифи доиратулмаъорифи «Шифо» ва ҷомеъулулуми «ал-Қонун фӣ тиб»-ро анҷом дод. Дар ҳамин ҷо доиратулмаъорифе бо номи «Донишнома» ба забони модариаш - забони тоҷикӣ (форсӣ) иншо кард. Дар ҳамин шаҳр асарҳои бунёдии худ «Ҳикмат ул-машриқия», «Китоб-ул-Инсоф», «Мубоҳисот», «ал-Ишорот ва-т-танбеҳот»-ро таълиф намуд.

Дар Исфаҳон дар ҳузури амир Алоуддавла байни Ибни Сино ва забоншинос Абумансури Ҷуббоӣ дар масоили забон баҳсе рух дод. Ҷуббоӣ ба ӯ гуфт: «Дар воқеъ ту файласуф ва ҳаким ҳастӣ, вале дар забон чизе нахондаӣ, ки боиси қабули каломи ту бошад. Ба ин сабаб вай дар тули се сол китобҳои забоншиносиро ба шиддати тамом омӯхт ва дар илми забон ба дараҷае расид, ки ҳамто надошт. Дар натиҷа ӯ се қасида

1 Носири Хусрав. Сафарнома. Теҳрон, 1382. С.214-215.
2 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.23.

иншо карда, дар онҳо калимоти басо нодирро ба кор бурд ва се китоб навишт, ки яке дар сабки Ибни Амид, дигаре дар сабки Соҳиб ва сеюмӣ дар сабки Собӣ нигошта шуда буд. Сипас Шайх дар бораи забон китобе бо номи «Лисон-ул-араб» таълиф кард ва ҳанӯз онро тозанавис накарда буд, ки аз дунё даргузашт. Ин китоб дар шакли мусаввада бимонд ва мутаассифона касе ба он даст наёфт ва то замони мо нарасидааст»[1].

Ибни Сино дар Исфаҳон ба дастури Алоуддавла ҳашт сол ба таҳқиқҳои ҳайатшиносӣ ва сохтани асбоби расадӣ иштиғол варзид. «Як шаб, - менависад Ҷузҷонӣ, - дар пеши Алоуддавла аз халале сухан рафт, ки дар тақвимҳои маъмулии тибқи расадҳои қадим ворид шуда буд. Пас, амир ба Шайх фармуд, ки ба расади ситораҳо бипардозад ва аз мол он миқдор, ки лозим буд, ба ӯ дод. Шайх ба ин кор оғоз кард ва фароҳам овардани олатҳо ва ба хидмат гирифтани созандагони онҳоро ба ман супурд. Дар натиҷа бисёр масъалаҳо ошкор шуд»[2].

Маъхазҳо хабар медиҳанд, ки дар рафти сохтани расадхона Ибни Сино олоти расадие ихтироъ ва насб кард, ки пеш аз ӯ вуҷуд надоштанд. Вай барои истеъмоли онҳо мақолаҳо (дастурҳо) низ таълиф кардааст. «Мақола фи олати-р- ал-расадия» ва «Мақола фи кайфият ил-расад ва мутобиқатуҳу маъа илмит-табиъӣ» аз ҷумлаи ҳамин мақолотанд, ки дар онҳо масъалаи ихтироъи олоти дақики расадӣ матраҳ шудааст. Доираи мисини азиме, ки сад сол пас аз марги Ибни Сино барои мушоҳидоти расадӣ дар Қоҳира рехта шуд, бегумон аз рӯи дастуре, ки дар ин мақолот омада, сохта шуда буд. Дар заминаи расадҳои ҳайатшиносӣ, ки Ибни Сино анҷом дода буд, имконият пайдо шуд, ки маълумоти Батламиус тасҳеҳ карда шавад. Абулқосим Баёнӣ дар «Суллам -ус-самовот»-и худ овардааст: «Баъзе масъалаҳои ҳайатшиносӣ ва нуҷумиеро, ки Батламиус ва дигар қудамо дақиқ ҳал накарда буданд, Ибни Сино бисёр саҳеҳ баён кард. Масалан, масъалаи дар фалаки чорум будани Хуршед ва дар фалаки саввум будани Зуҳалро. Зеро чунон ки худи Абуалӣ мегӯяд, ӯ Зуҳалро дидааст, ки чун мӯр аз рӯи Хуршед равон аст»[3]. Завадовский Ю.Н. барои равшанӣ андохтан ба масъалаи мазкур ба Пулково – ба академик А.А.Михайлов мурочиат карда буд. Академик А.А.Михайлов дар заминаи ҳисобҳои дақиқи риёзӣ чунин ҷавоб дод. «Имкон дорад, ки Ибни Сино

1 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.23-24.
2 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.23.
3 Иқтибос аз: Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. С.179.

дар Исфаҳон ин ҳодисаро соли 1032 мушоҳида карда бошад»[1]. Ин ҳақиқат аз он дарак медиҳад, ки Ибни Сино дар расадхонаи Исфаҳон бешак таҳқиқоти дақиқи ҳайатшиносӣ анҷом медодааст. Ба ин сабаб шояд зарур аст, ки осори риёзии Ибни Сино ҷиддитар таҳқиқ шавад, хидматҳои ӯ дар ин риштаи илм мушаххастар баррасӣ ва нақшу мақоми ӯ дар таърихи илми риёзӣ таҷдиди назар гардад.

Зимнан бояд гуфт, ки зиндагии Ибни Сино дар Исфаҳон низ фориғболона ва ором набуд. Дасисаҳои дарбор олимро пайваста озурда мекарданд ва гоҳо ба ҳаёташ таҳдид мекарданд. Мутафаккир соли 1030 вақте ки гумоштаи султон Масъуд ба Исфаҳон ҳуҷум овард ва онро ғорат кард, мусибати сахтеро аз сар гузаронд: хонаи ӯ низ ғорат шуд, дар натиҷа бисёре аз осори ӯ, аз ҷумла «Китоб ал-инсоф»-и вай, ки иборат аз 20 муҷаллад буд, бенишон гум шуд.

Ҳаёти пурталотум, саргардониҳои зиёд, маҳрумиятҳои бисёр, дасисаҳои дарборӣ, зиндонӣ шудан, ҳамроҳии амирон ҳангоми юришҳо ва сафарҳояшон ҳатто дар ҳоли беморӣ тандурустии Ибни Синоро комилан хароб карданд. Ӯ дар ҳоле, ки сахт бемор буд, Алоуддавларо дар сафари Ҳамадон ҳамроҳӣ кард. Вале ба Ҳамадон нарасида, рӯзи ҷумъаи якӯми моҳи рамазони соли 428, яъне 24 июни соли 1037 вафот ёфт ва дар Ҳамадон дафн карда шуд.

2. Осори Ибни Сино

Сарфи назар аз зиндагии кӯтоҳи пурфарозу нишеб, Ибни Сино барои наслҳои ояндаи қавми хеш ва мардуми тамоми ҷаҳон осори маънавии бузурге аз худ боқӣ гузоштааст. Ин ба он сабаб аст, ки Шайхурраис қобилияти фавқулъода бузурги корӣ дошт ва дар ҳамагуна шароит – чӣ шаб, чӣ рӯз, чӣ дар хона, чӣ дар паноҳгоҳи муваққатӣ аз душманону ҷосусон, чӣ дар зиндон, чӣ дар сафар ва чӣ дар мавриди ҳамроҳии хоҷагони ҷангҷӯяш аз навиштан бознамеистод. Аз «Саргузашт»-аш маълум аст, ки, масалан, ба таълифи мантиқи «Шифо» дар ҳавлии Алавӣ ном марде шурӯъ кардааст, дар зиндони қалъаи Фардаҷон «ал-Ҳидоя», «Ҳай ибни Яқзон», ва «ал-Қуланҷ»-ро тасниф кардааст, китобҳои «Набот» ва «Ҳайвон»-и «Шифоро» «соле, ки Алоуддавла оҳанги Собурхост намуд, дар роҳ тасниф кард. Инчунин китоби «Наҷот»-ро дар роҳ гирд овард”[2].

Манбаъҳои аввале, ки дар бораи осори Ибни Сино маълу-

1 Муфассалтар ниг.: Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. С.74.
2 Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Душанбе, 1980. С. 23.

мот медиҳад, рисолаи «Саргузашт»-и худи ӯ ва шогирдаш Абӯубайди Ҷузҷонӣ аст. Дар ин ҷо номгӯи 44 асари вай, аз ҷумла 23 китоб ва 21 рисолаи ӯ оварда шудааст[1]. Вале тазкиранигорони гузашта ва муҳаққиқони муосир адади осори ӯро ба таври мухталиф сабт кардаанд: Байҳақӣ[2]- 104, Ибни Қифтӣ[3] - 48, Ибни Абиусайбиъа[4] -107, Ибни Халликон[5]- 92, Саъид Нафисӣ[6] – 482, Қанавотӣ[7] – 276, Яҳё Маҳдавӣ[8] – 242, (аз ин ҷумла ӯ фақат 131 асарро навиштаи асил ва 111 онҳоро мансуб ба вай мешуморад), А.М.Баҳоуддинов[9] – 300, Ю.Н. Завадовский[10]- 169 асарро навиштаи ӯ медонанд.

Ихтилофи назарҳо дар бораи адади осори Ибни Сино, хусусан дар мавриде, ки шумораи асарҳои ӯро ё бисёр кам, ё аз ҳад зиёд нишон медиҳанд, чанд сабаб дорад:

- Ҳамон як асар дар феҳристҳо аксаран ба номҳои гуногун сабт шудааст;

- гоҳо, баръакс, зери ҳамон як ном асарҳои гуногуни Шайхурраис сабт шудаанд. Масалан, зери номи «Андар нафс» се асари гуногуни мутафаккир сабт шудаанд;

- баъзе рисолаҳое, ки чун асари мустақили Шайхурраис сабт шудаанд, дар асл қисматҳо ё фаслҳои осори дигари ӯ мебошанд. Масалан, рисолаи «Андар аҳволи нуфус» истихроҷ аз «Наҷот» аст, «Фалсафаи уло», «Андар таноҳӣ ва номутаноҳӣ» баргузидаҳое аз «Шифо» мебошанд. «Дар аҳволи орифон», ҷузъе аз «Ишорот ва танбеҳот» аст… Шумораи аслии осори Ибни Сино танҳо дар сурате дақиқ муайян карда мешавад, ки ин осор якояк муқобала гардад ва умумияту тафовути онҳо ошкор карда шавад. Ҳоло ки ин кор анҷом нагирифтааст, ба асари шогирди вафодори ӯ Абуубайди Ҷузҷонӣ «Феҳрист ли кутуби-ш-Шайхурраис» эътимод мекунем, ки нусхаи дастнависи он зери рақами 285/XI дар захираи дастнависҳои Пажуҳишгоҳи Шарқшиносии Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз аст ва номгӯи 148 асари Шайхурраисро дарбар дорад.

1 تاب المجموع. – Китоби маҷмуъ.

2 كتاب الحكمة القدسية. – Китоби ҳикмати қудсия.

3 كتاب الحكمة العرشية. – Китоби ҳикмати аршия.

---

1 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С. 20-21.
2 Байҳақӣ. Татимат-ус-сивон ул-ҳикма. Лоҳур, 1935. С. 38-39.
3 Ибн ал-Қифтӣ. Таърих-ул-ҳукамо. Лейптзик, 1903. С. 418-419.
4 Ибни Абиусайбиъа. Уюнул-анбо. ал-Қоҳира, 1882. С. 45.
5 Ибни Халликон. Вафиёт - ул-аъён. Ҷилди аввал. С. 152.
6 Саъид Нафисӣ. Пури Сино. Теҳрон, 1336.
7 Қанавотӣ. Муаллафоти Ибни Сино. ал-Қоҳира, 1926. С. 45.
8 Яхё Махдавӣ. Феҳристи намунаҳои мусаннафоти Ибни Сино. Теҳрон, 1954.
9 Богоуддинов А.М. Великий мыслитель Средневековья // Литературный Таджикистан. Кн.5. – Сталинабад, 1953. С. 100.
10 Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. Душанбе, 1980. С. 213-235.

4. كتاب الحكمة المشريقية – Китоби ҳикмати машриқия.
5. كتاب اللواحق– Китоби лавоҳиқ.
6. كتاب الحاصل و المحصول – Китоби ҳосил ва маҳсул.
7. كتاب الشفاء– Китоби шифо.
8. كتاب الانصاف – Китоби инсоф.
9. كتاب القانون في الطب– Китоби қонуни тиб.
10. كتاب النجاة– Китоби наҷот.
11. كتاب التعليقات– Китоби таълиқот.
12. كتاب المباحثات– Китоби мубоҳисот.
13. كتاب الاشارات– Китоби ишорот.
14. كتاب عيون الحكمة– Китоби сарчашмаҳои ҳикмат.
15. مقتضيات المكتوب السبعة – Муқтазиёти ҳафтгонаи мактуб.
16. اشارات الى علم المنطق– Ишорот ба илми мантиқ.
17. كتاب الاوسط الجزجانى – Китоби авсати Ҷузҷонӣ (дар мантиқ).
18. الجدل الملحق بكتاب الاوسط– Ҷадали мулҳақ ба «Китоби авсат».
19. الاستبصار– Истибсор.
20. كتاب المبدأ و المعاد – Китоби мабда ва маъод.
21. رسالة فى تعقيب المواضع الجدلية– Рисола андар таъқиби мавозеъи ҷадалия.
22. كتاب المهجت– Китоби рӯҳ ва ҷон.
23. رسالة فى اثبات النبوة– Рисола андар исботи пайғамбарӣ.
24. الموجز الكبير في المنطق– Муҷази кабир андар илми мантиқ.
25. الموجز الصغير في المنطق– Муҷази сағир дар илми мантиқ.
26. كتاب ذوات الجهة – Китоб андар зотҳои ҷиҳат.
27. رسالة في السياسة– Рисола андар сиёсат.
28. كتاب التحفة– Китоби тӯҳфа.
29. رسالة فى تجزية الاجسام – Рисола андар таҷзияи аҷсом.
30. رسالة فى قوام الارض في حيزه– Рисола андар қивоми замин дар макони худ.
31. رسالة في التناهى و اللاتناهي – Рисола андар каронамандӣ ва бекаронӣ.
32. الجمل من الادلة المحقة لبقاء النفس الناطقة– Маҷмӯи далелҳо дар исботи бақои нафси нотиқа.
33. الرسالة الموسومة بالطير – Рисолаи мавсум ба «Тайр».
34. كتاب زبدة القوى الحيوانية– Китоб андар моҳияти неруҳои ҳайвонӣ.
35. رسالة في ان علم زيد غير علم عمرو– Рисола андар ин ки илми Зайд ғайри илми Амр аст.
36. رسالة في القوى الانسانية و ادراكاتها– Рисола андар неруҳои инсонӣ ва маърифатоти онҳо.

37. المقالة في خطاء من قال ان الكمية جوهرة – Мақола андар [исботи] хатои касе, ки каммиятро ҷавҳар гуфт.

38. مقالة في خطاء من قال ان شيأ هو جوهر و عرض معا – Мақола андар [исботи] хатои касе, ки гуфт чиз ҳам ҷавҳар ва ҳам араз аст.

39 مقالة في القوى الطبيعية الىابى سعيد – Мақола андар неруҳои табиъӣ барои Абусаъид.

40. كتاب التعليق علق لابن زيلا – Китоби таълиқ (тафсир) барои Ибни Зайло.

41. مقالة في خواص خط الاستواء – Мақола дар хавоси хатти истиво.

42. مقالة في غرض قاطيغورياس – Мақола андар ғарази қотиғуриёс (мақулаҳо).

43. تدبير الجند و المماليک و العسكر و ارزاقهم و خراج الممالک – Тадбири сарбозон, мамлукҳо, аскарон ва рӯзии онҳо ва хироҷи мамлакатҳо.

44. مختصر كتاب اقليدس – Мухтасари китоби Уқлидус.

45. مناظرات جرت له في النفس مع ابى علي النيشابوري – Мунозароте, ки байни ӯ ва Абӯалии Нишопурӣ андар боби нафс рух дода буд.

46. رسالة في الارثماطيقي – Рисола андар арисмотиқӣ (ҳисоб).

47. جواب رسالة الي علماء بغداد يسألهم الاجتماع بينه و بين رجل همداني يدعى الحكمة – Ҷавоби нома ба уламои Бағдод, ки аз онҳо хоҳиш намуда байни ӯ ва марди Ҳамадонии муддаъии ҳикмат доварӣ намоянд.

48. رسالة الي صديق له يسأله الجمع بينه و بين هذا الهمداني – Рисола ба дӯст, ки доварӣ байни ӯ ва ҳамин Ҳамадониро хостааст.

49. شرح كتاب النفس لارسطو – Шарҳи «Китоби нафс»-и Арасту.

50. مقالة في ابطال علم النجوم – Рисола дар ибтоли илми нуҷум.

51. كتاب الملح في النحو – Китоби милҳ (нукот) андар наҳв.

52. فصل في النفس و الطبيعيات – Фасле андар нафс ва табиъиёт.

53. رسالة الى ابو سعيد ابن ابي خبير على الزهد – Рисола ба Абусаъид ибни Абуҷубайр андар боби Зуҳд.

54. مسايل جرت بينه و بين الفضلاء في فنون العلم – Масоил дар фунуни илм, ки байни ӯ ва фузало рух дода буд.

55. مختصر في ان الزاوية التى من المماس و المحيط لا كمية لها – Мухтасар андар зовияе, ки аз ҷиҳати мумос ва муҳит каммият надорад.

56. كتاب المعاد – Китоби маъод.

57. الرسالة النوروزية – Рисолаи наврӯзия.

58. كتاب المعاد بالفارسية– Китоби маъод ба форсӣ.
59. كتاب العلأيي– Китоби алоӣ (яъне «Донишномаи алоӣ»).
60. كتاب الادوية القلبية– Китоби давоҳои дарди дил.
61. تدارک انواع الخطاء– Ислоҳи навъҳои гуногуни хато.
62. كتاب الحدود– Китоби ҳудуд.
63. رسالة في هنديباء– Рисола андар ҳиндабо.
64. رسالة في العشق– Рисола андар ишқ.
65. رسالة في الحدث– Рисола андар ҳадас (нопокӣ).
66. رسالة في الشعر– Рисола андар шеър.
67. رسالة الي ابي القاسم االكرماني– Нома ба Абдулқосими Кирмонӣ.
68. رسالة في النفس الفلكي – Рисола андар нафси фалакӣ.
69. كتاب الهداية– Китоби ҳидоя.
70. في معرفة اجرام السماوية– Андар донистани аҷроми самовӣ.
71. عهد عهده بنفسه – Аҳде, ки ба худ додаст.
72. رسالة حى بن يقضان – Рисолаи Зинда пури Бедор.
73. رسالة في الاخلاق– Рисола андар ахлоқ.
74. رسالة في اقسام العلوم العقلية– Рисола андар бахшҳои улуми ақлӣ.
75. في الزاوية– Андар зовия.
76. رسالة العروس– Рисолаи арус.[1]
77. اجوبة الى ابى الريحان البيروني– Ҷавоб ба Абурайҳони Берунӣ.
78. اجوبة عشر مساءل– Ҷавоби даҳ масъала.
79. كتاب الي ابى سعيد بن ابى الخير – Нома ба Абусаъид Абулхайр.
80. كتاب آخر ايضاً اليه– Номаи дигаре ҳам ба Абусаъид Абулхайр.
81. ارجوزة في المنطق– Урҷуза андар мантиқ.
82. رسالة في القوى الجسمانية– Рисола андар неруҳои ҷисмонӣ.
83. رسالة الي ابى الفضل– Нома ба Абулфазл.
84. رسالة في الشراب المجدول– Рисола андар шароби муҷадвал.
85. رسالة في شراب غير مجدول– Рисола андар шароби ғайримуҷадвал.
86. رسالة في التفاح– Рисола андар себ.
87. رسالة في المسيقي غير ما في الشفاء– Рисола андар мусиқӣ, ки ғайри он чӣ дар «Шифо» аст.
88. رسالة الي البرقي– Нома ба Баракӣ.
89. رسالة في امر مستور– Рисола андар амри мастур.
90. رسالة الاضحوية في الامر المعاد – Рисолаи азҳавия андар амри маъод.

1 1 Дар навишти номи ин рисола хато рафтааст. Он бояд «Рисолат-ул-уруш» («Рисолаи аршҳо») ном дошта бошад. Зеро дар вай масъалаҳои пайдоиши коинот, таноҳӣ ва нотаноҳӣ, зоти Худованд ва сифати Ӯ баён шудаанд.

91 .رسالة الي ابى عبيد الجرجاني فى انتفاء بمناسب اليه من معارضه القرآن- Нома ба Абуубайди Ҷузҷонӣ андар нафйи муориза ба Қуръон, ки ба ӯ нисбат медиҳанд.

92 .جواب كتاب الى بعض المتكلمين – Ҷавоби нома ба баъзе мутакаллимон.

93 .كتاب تعبير الرؤيا – Китоби таъбири хоб.

94 .كتاب القولنج – Китоби қуланҷ.

95 .فصول طبية جرت في مجلسه– Фусули тиббӣ, ки дар маҷлиси ӯ ҷорӣ буд.

96 .رسالة الى ابى الفرج اليمانى– Рисола ба Абулфараҷи Ямонӣ.

97 .رسالة في الرد علي مقالة ابن الفرج – Рисола андар ради мақолаи Абулфараҷ.

98.رسالة في اثبات المبدأ الاول– Рисола андар исботи Мабдаи Аввал.

99. رسالة في الفيض الالهي– Рисола андар файзи илоҳӣ.

100 .رسالة النبض– Рисолаи набз.

101 .كتاب البر و الاثم– Китоби бир (порсоӣ) ва исм (гуноҳ).

102 .تفسير بعض سور كلام الله– Тафсири баъзе сураҳои Каломи Аллоҳ.

103 .رسايل و كتب– Расоил ва кутуб.

104 .كتاب الى ابى القاسم ابوالفضل بن محمود– Нома ба Абулқосим Абулфазл ибни Муҳаммад.

105 .تعاليق في المنطق– Таълиқаҳо андар мантиқ.

106 .كتاب الي ابو الفضل بالله– Нома ба Абулфазли Биллоҳ.

107 .قصايد و اشعار– Қасоид ва ашъор.

108 .لمعان في المنطق– Дурахш андар мантиқ.

109 .كتاب يوصف ظفر عضد الدوله– Китоб андар васфи зафари Азудуддавла.

110 .الاملاء في المنطق – Имло дар мантиқ.

111 .رسالة في معنى الماء و اضرب لهم مثل الحيوة الدنيا كماء– Рисола андар маънии «об» ва зарбулмасали «дунё чу об аст».

112 .رسالة في كيفية انشقاق القمر– Рисола андар чигунагии шикофти Моҳ.

113 .رسالة في كميت اصحاب الكهف– Рисола андар чандии «Асҳоби ғор».

114 .رسالة في النفس– Рисола андар нафс.

115.رسالة في النفس – Рисола андар нафс.

116 .رمالة في االنفس– Рисола андар нафс.

117 .نكت المنطق– Нуқтаҳои мантиқ.

118 .رسالة في ذم من ضغ الخرا– Рисола андар замми касе, ки саргин (фазла) -ро мехояд.

119. تدبير المنزل– Тадбири манзил.
120. تدبير المسافرين– Тадбири мусофирон.
121. كتاب لسان العرب– Китоби забони араб.
122. دستور طبي– Дастури тиббӣ.
123. دفع الغم عن الموت– Дафъи ғами марг.
124. في ماهية الحزن– Андар моҳияти ҳузн.
125. رسالة في فردوس– Рисола андар фирдавс.
126. شرح المساءل– Шарҳи масъалаҳо.
127. رسالة في الباه– Рисола андар шаҳват.
128. رسالة في السكنجبين– Рисола андар сиканҷабин.
129. في الفصد– Андар хун гирифтан.
130. في قضاء و القدر– Андар қазо ва қадар.
131. رسالة الى ابى طاهر بن حسول– Нома ба Абутоҳир ибни Ҳасул.
132. رسالة الى ابى طاهر متطبيب– Нома ба Абтоҳири мутатаббиб.
133. في معني السراج– Андар маънии «сироҷ» («мисбоҳ»).
134. في حفظ الصحة– Андар ҳифзи сиҳҳат.
135. فصول في الالهامات– Фусул андар илҳомот.
136. مقالة في النفس – Мақола андар нафс.
137. مقالة في حد الجسم– Рисола андар ҳадди ҷисм.
138. مقالة في آلة الرصدية– Рисола андар олати расадия.
139. كتاب مفاتيح الخزاين – Китоби калидҳои хазинаҳо.
140. الطبيعيات – Табиъиёт.
141. رسالة في دعاء– Рисола андар дуо.
142. رسالة في الصلوات– Рисола андар намозҳо.
143. رسالة في الارزاق – Рисола андар рӯзиҳо.
144. رسالة في مساءل عويصة– Рисола андар масоили сарпеч.
145. في سر القدر– Андар сирри қадр (қадар).
146. في مخارج الحروف– Андар махоричи ҳарфҳо.
147. كتاب التذاكر – Китоби ёдҳо.
148. المجالس اليمانية – Маҷлисҳои ямонӣ.

Завадовский Ю.Н., ки дар бораи зиндагӣ ва эҷодиёти Ибни Сино таҳқиқоти муфассал анҷом додаст, аз сарчашмаҳо илова бар феҳристи Байҳақӣ 65 номгӯи осори дигари файласуфро меоварад ва шумораи умумии муаллафоти ӯро ба 169-то мерасонад. Аксарияти номгӯи ин осор дар «Феҳрист»-и Ҷузҷонӣ, ки дар ин ҷо дарҷ шуд, мавҷуд аст. Бинобар ин мо номгӯи он асарҳоеро ин ҷо сабт мекунем, ки дар «Феҳрист»-и мазкур наомадаанд:

149. كتاب الارصاد الكلية – Китоби ирсоди куллия.

150. قصيدة في العظمة – Қасида андар азамат.
151. قصيدة في الحكمة– Қасида андар ҳикмат.
152. في ان ابعاد جسم غير ذاتية له – Андар он ки абъоди ҷисм барои он зотӣ нестанд.
153. الحواشى على القانون – Ҳавошӣ бар «Қонун».
154. رسالة في السعادة– Рисола андар саъодат.
155. رسالة في كلف القمر– Рисола андар доғҳои Моҳ.
156. مقالة في تعرض– Мақола андар таъарруз.
157. سبع مقالات– Ҳафт мақола.
160. مقالة في كيفيت الرصد و متابقته مع العلم الطبيعي– Мақола андар кайфияти расад ва мутобиқати он ба илми табиъӣ.
161. رسالة الي شيخ ابي الحسن بن سهل بن محمد السهلي في الكميا– Рисола ба шайх Абулҳасан ибни Саҳл ибни Муҳаммад Суҳалӣ андар кимиё
162. معتصم الشعراء في العروض– Қароргоҳи шоирон андар аруз.
163. تعاليق مسايل حنين في الطب – Шарҳи масоили Ҳунайн андар тиб.
164. قوا نين و معالجات طبية – Қавонин ва муолаҷоти тиббӣ.
165. مسايل عدة طبية– Чанд масоили тиббӣ.
166. مقالة في الممالک و بقاع الارض– Мақола андар кишварҳо ва қитъаҳои замин.
167. اجوبة لسؤالات سأله عنها ابو الحسن العامري– Ҷавоби суолҳое, ки Абулҳасани Омирӣ аз ӯ пурсидааст.

Феҳристи осори Ибни Сино ба ҷиҳати рағбатҳои гуногуни илмиаш касро ба ҳайрат меафканад. Ин феҳрист нишон медиҳад, ки ҳеҷ як риштаи илми замонаш нест, ки ӯ дар он осори муҳимме боқӣ нагузошта бошад. Вале ба ҳар ҳол шуҳрати ҷаҳонии ӯ баста ба осори фалсафӣ ва тиббиаш аст.

Аз назари фалсафӣ дар байни осори зиёди ӯ пеш аз ҳама «Китоб-уш-Шифо»-и вай (дар 18 муҷаллад) аҳамияти бузурги илмӣ ва фарҳангӣ дорад. Қисми аввали он дар бораи мантиқ баҳс мекунад. Дар ин бахши асар илова ба баррасии мабсути масъалаҳои мантиқ: - лафз, ҳад, қазия, қиёс, истиқро, истинбот, бурҳон, ҷадал, - ақоиди мутафаккир дар бораи хитоба, шеър, таносуби мантиқ ва наҳв, мақулахои наҳвии исм, феъл ва монанди инҳо баён шудаанд. Қисми дуввуми китоб табиъиёт ном дорад. Дар он усули куллии фалсафаи табиъиёт – таълимот дар бораи модда, сурат, ҷисм, ҳаракат, макон, замон, таноҳӣ ва нотаноҳӣ, кавну фасод, маъданшиносӣ, осори улвӣ, нафсу тан, наботот, ҳайвонот, равоншиносӣ ва шинохтшиносӣ баён шудаанд. Қисми саввуми китоб

ҳама улуми риёзии даврони муаллиф – ҳандаса, ҳисоб, ҳайат, мусиқӣ ва фаръҳои гуногуни онҳоро шомил аст. Баррасии масоили мобаьдуттабиъа (фалсафа ва илоҳиёт) муҳтавои қисми чаҳоруми ин асари бузургро ташкил медиҳад. Дар ин бахш мо баёни муфассали ҳастишиносии фалсафӣ ва динӣ -таҳлили масъалаҳои ҷавҳар, араз, мақулаҳо, умури куллӣ, сабабият, Воҷибулвуҷуд, имконулвуҷуд, файз, моҳияти илми Худо, ҳаёти ҷомеъа ва нубувватро пайдо мекунем. Дар ҳамин қисмат нақди муфассал ва мудаллали афлотуния ва фисоғурия (мақолаи ҳафтум, фаслҳои 2-3) низ омадааст Дар бораи «Шифо» сухан гуфта ин ду нуктаро низ бояд гӯшзад кард:

1. Одатан чунин меҳисобанд, ки «Шифо» шарҳи осори Арасту аст. Аммо Ҷузҷонӣ чунин меоварад: «...ман аз ӯ шарҳи китобҳои Арастуро хостам ва ӯ хотирнишон кард, ки дар ин ҳангом ӯро барои ин кор фароғат нест, валекин гуфт: «Агар ба таснифи китобе аз ман ризо бошӣ, ки дар он ҳар чӣ аз ин илмҳо назди ман дуруст шудааст, бидуни мунозира бо мухолифон ва пардохтан бар ради онҳо биёрам, ин корро анҷом медиҳам». Ман ба он ризо шудам ва ӯ аз табиъиёти китоби «Шифо» шурӯъ кард... Дар ҳар як китоби риёзиёт иловаҳоеро ворид сохт, ки мавриди эҳтиёҷ медонист. Дар «ал-Маҷастӣ» дар бораи ихтилофи манзар даҳ шаклро дохил кард ва дар охири «ал-Маҷастӣ» дар илми ҳайат чизҳоеро ворид кард, ки пеш аз ин гуфта нашуда буданд. Дар «Мабодӣ»-и Уқлидус қазияҳое [теоремаҳое], дар «Арисмотиқӣ» хосиятҳои хуб ва дар «Мусиқӣ» масъалаҳоеро оварда, ки пешиниён аз онҳо дар ғафлат буданд»[1]. Худи Ибни Сино ҳам борҳо таъкид карда аст, ки «Шифо» шарҳ нест ва шарҳнависӣ сифати зотии ӯ намебошад. Дар воқеъ, чунон ки дар рафти баён маълум хоҳад шуд, ӯ дар ҳама риштаҳои улуме, ки «Шифо» онҳоро шомил аст, ибтикорот ва навовариҳои зиёд ворид кардааст.

2. Дар баъзе осори худ, аз ҷумла дар «Мантиқ ул-машриқия» Ибни Сино менависад, ки ӯ «Шифо»-ро барои қонеъ кардани хостҳои ҳаводорони фалсафаи машшо нигоштааст. Вале барои худ ва ҳамфикрони худ «Фалсафаи машриқия» (ё «Ҳикмати машриқия»)-ро таълиф кардааст. Вале ин амрро набояд чун нишонаи духурагии фалсафаи Ибни Сино, на чун аломати бо мурури замон дар ақоиди ӯ боло гирифтани ирфон арзёбӣ кард, «зеро файласуф наметавонист фақат барои дилбастагии касе ба Арасту аз ҳақиқат чашм пӯшад, наметавонист чандин соли даврони ҳаёти пурбаҳраашро сарфи мутолаъа ва баррасии андешаҳои барояш бегона кунад, наметавонист

1 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.22-23.

аз барои ақидаҳои ботинан барояш номақбул дар душвортарин лаҳзаҳои ҳаёташ асари мустадал ва пурмуҳтаво нависад, баъдан онро шарҳ бидиҳад ва суратҳо (вариантҳо)-и мухтасари онро ба забони арабӣ ва форсӣ тадвин кунад»[1]. Чунон ки баъдан нишон хоҳем дод, дар фалсафаи Ибни Сино ҳеҷ гуна духурагӣ (дуқутбӣ) вуҷуд надорад, зеро дар осори ӯ, ки ба фалсафаи машриқия мансуб дониста мешаванд, масалан, дар қисматҳои маҳфузи «Ҳикмати машриқия», «Ишорот ва танбеҳот», «Зинда пури Бедор», «Тайр», «Саломон ва Абсол» ҳеҷ чизи муҳимме нест, ки аз «Шифо» фарқи куллӣ, аслӣ ва ақидатӣ дошта бошад.

3. Дар сарчашмаҳо ва адабиёти таҳқиқӣ назаре вуҷуд дорад, ки гӯё «Шифо»-и Ибни Сино мухтасари «ат-Таълим-ус-сонӣ»-и Форобӣ аст. Ин гумон аз ҷониби Ҳоҷӣ Халифа (1609-1665) – муаллифи «Кашф-уз-зунун» иброз шудааст. Ӯ навишта буд, ки тарҷумаҳои китобҳои юнонӣ ба арабӣ иштибоҳ ва хатоҳои зиёде доштанд ва як тарҷума мутлақан ба тарҷумаи дигар мутобиқ набуд. «Ин тарҷумаҳо то замони ҳаким Форобӣ бе тасҳеҳ ва тавзеҳ монда буданд… Бинобар ин шоҳи замони ӯ, яъне Мансур ибни Сомонӣ ба ӯ супориш дод, ки ин тарҷумаҳоро гирд оварад ва аз ҷумлаи онҳо тарҷумаҳои муҷаз ва саҳеҳ, ки ба руҳи ҳикмат созгор аст, омода созад. Фороби ин пешниҳодро пазируфт ва ба сомон расонд. Ӯ китоби худро «ат-Таълим-ус-сонӣ»» номид. Бинобар ин вайро «Муаллими сонӣ» ном доданд. Ин китоб дар шакли мусаввада дар китобхонаи Мансур нигоҳдорӣ мешуд. Вақте Ибни Сино онро омӯхт, аз хулосааш «Китоб-уш-Шифо»-ро эҷод кард, ки аз бисёр ҷойҳои он маълум мегардад, ки вай муъҷази «ат-Таълим-ус-сонӣ» аст».[2] Ин даъвои Ҳоҷӣ Халифа ба чанд эроди ҷиддӣ мувоҷеҳ аст:

- Агар манзури Ҳоҷӣ Халифа аз Мансур ибни Сомонӣ, Мансур ибни Нуҳи якум бошад, дар назар бояд дошт, ки вай танҳо соли 961 (ё 962) ба тахт нишаст, яъне баъди даҳ соли фавти Форобӣ. Вале агар ҳадафи ӯ Мансур ибни Нуҳи дуюм бошад, вай танҳо соли 997 ба ҳукумат расид, яъне чиҳилу ҳафт соли баъди даргузашти Форобӣ. Пас на Мансур ибни Нуҳи якум, на Мансур ибни Нуҳи дуюм дар ҳеҷ сурат Форобиро ба ислоҳи тарҷумаҳои китобҳои юнонӣ, ки дар натиҷа «ат-Таълим-ус-сонӣ» навишта шуда бошад, муваззаф карда наметавонистанд. Дар назар низ бояд дошт, ки Форобӣ тақрибан

1 Сагадеев А.В. Ибни Сина. М., 1980. С.68-69; Диноршоев М. Ибн Сина и его философские воззрения. В кн.: Абу Али ибн Сина. Избранные произведения. Т.1.Душанбе, 1980. С.53-54.

2 Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-аз-зунун. Ҷилди 1. Миср, бе соли нашр. С.999.

соли 913 ба Бағдод рафт ва дигар ба ватан бар нагашт, то касе аз амирони Сомонӣ ба ӯ супориши ислоҳи тарҷумаҳои ғалати китобҳои юнониро бидиҳад ва вай ба манзури иҷрои ин фармон «ат-Таълим-ус-сонӣ»-ро таълиф кунад.

-Ҳеҷ як аз сарчашмаҳое, ки пеш аз таълифи «Кашф-уз-зунун»-и Ҳоҷӣ Халифа навишта шудаанд, хабар намедиҳад, ки Форобӣ китобе ба номи «ат-Таълим-ус-сонӣ» доштааст. Агар Форобӣ ҳақиқатан чунин асари муҳиме таълиф карда буд, ҳеҷ имкон надорад, ки сарчашмҳои ба замони ӯ наздик, масалан, «Феҳрист»-и Ибни Надим дар ин бора хабар намедоданд.

-Агар «ат-Таълим-ус-сонӣ» воқеан ҳам вуҷуд дошт, дар китобхонаи Сомониён нигоҳдорӣ мешуд ва Ибни Сино онро қироат карда мавриди истифода қарор медод, ҳеҷ монеъе надошт, ки ин ҳақиқатро пинҳон дорад, чунон ки тавассувти "Аърозу китоби «Мобаъ-дуттабиъа»"-и ӯ дарёфтани маънии «Мобаъдуттабиъа»-и Арастуро пинҳон накарда буд.

-Агар «Шифо» талхиси «ат-Таълим-ус-сонӣ»-и Форобӣ бошад, ки дар китобхонаи Сомониён нигоҳдорӣ мешуд ва онро Ибни Сино дар ин ҷо қироат карда бошад, пас «Шифо» бояд дар Бухоро навишта мешуд. Ин тахмин ба чанд сабаб ворид нест. Якум, Ибни Сино дар «Саргузашт» -аш «Шифо»-ро дар ҷумлаи китобҳои дар Бухоро навиштааш ёдоварӣ намекунад. Дуюм, вақте Ибни Сино иҷозати ба китобхонаи Сомониён рафтанро гирифт, танҳо 13-14 сол дошт ва гумон намеравад, ки дар ин синну сол ӯ «ат-Таълим-ус-сонӣ»-и Форобиро мутолаъа карда «Шифо»-ро чун талхиси он навишта бошад. Сеюм, аз ҳамон «Саргузашт» бармеояд, ки Ибни Сино «Шифо»-ро байни солҳои 1020-1030 дар Ҳамадон ва Исфаҳон таълиф кардааст. Чунин тахмин, ки Ибни Сино «ат-Таълим-ус-сонӣ»-ро бо худ ба Ҳамадон ва Исфаҳон бурда аз талхиси он «Шифо»-ро сохта бошад, ба ҳодисаи сухтори китобхонаи Сомониён мутобиқат надорад. Зеро ин сухтор хеле пеш аз шикасти Давлати Сомониён ва ба Хоразм ҳичрат кардани Ибни Сино рух дода буд.

- Хабари Ҳоҷӣ Халифа дар хусуси дар китобхонаи Сомониён дар шакли мусаввада нигоҳ доштани «ат-Таълим-ус-сонӣ» низ муътамад нест. Зеро чӣ гуна мешавад, ки китобҳои дуюм ва сеюмдараҷаи Форобӣ нусхабардорӣ ва дар бозори китоб хариду фурӯш шаванд, вале китоби муҳимтарини ӯ «ат-Таълим-ус-сонӣ» дар китобхонаи Сомониён дар шакли сиёҳнавис боқӣ бимонад!

- Соли 1943 китоби олими турк Суҳейл Анвар «Тибб тари-

хи» рӯи чопро дид. Муаллиф аз Ҳоҷӣ Халифа илҳом гирифта дар ин асараш менависад, ки нусхаи «ат-Таълим-ус-сонӣ», ки ба дасти худи Форобӣ навишта шуда буд, дар китобхонаи «Сивон-ул-Хикма»-и Исфаҳон нигоҳдорӣ мешуд ва Ибни Сино ин ҷо онро мутолаъа карда аз талхиси он «Шифо»-ро таълиф кардааст[1]. Вале муаллиф ҳеҷ гуна тавзеҳ намедиҳад, ки чӣ гуна «ат-Таълим-ус-сонӣ» дар «Сивон-ул-ҳикма»-и Исфаҳон бо хатти худи Форобӣ пайдо шудааст, дар сурате ки Форобӣ ҳеҷ гоҳ дар Исфаҳон ташриф надошт?

Бо назардошти он чӣ баён шуд, бояд гуфт, ки маълумоти Ҳочӣ Халифа асосе надорад ва муҳаққиқоне, ки дар пояи он обрӯ ва эътибори Ибни Синоро дар ҷаҳони илм сохта медонанд, аз ҳақиқат дуранд. Чунон ки дар мавриди таҳлили осору ақоиди Ибни Сино нишон хоҳем дод, ӯ бешак ба андозае шогирди маънавии Форобӣ аст, ки худ ҳам инро инкор накардааст, вале ӯ шогирдест, ки аз устоди хеш дар ҳама соҳаҳои илми замонаш сабқатро рабурдааст.

Ба «Шифо» аз рӯи муҳтаво «Лавоҳиқ», «Наҷот», «Мабда ва маъод», «Донишнома», «Ҳикмати машриқия» ва рисолаву мақолаҳои зиёди Шайхурраис қаробат доранд. Дар байни ин осори мутафаккир «Донишнома» аҳамияти хосса дорад. Шарқшиноси маъруфи рус Е.Э.Бертелс аз боби аҳамияти ин асар сухан ронда навишта буд, ки «асарҳои асосии Ибни Сино ба арабӣ таълиф шудаанд. Вале ба назар мерасад, ки ӯ зарурати ба забони модарӣ баргаштанро дарк карда буд. Масалан, маҷмуъаи бузурги оммафаҳми ӯ, ки... «Донишномаи Алоӣ» ном гирифт, ба забони дарӣ навишта шудааст. Ин китоб барои омӯхтани таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва забони дарӣ аҳамияти бузург дорад, зеро он яке аз аввалин кӯшишҳо дар роҳи эҷоди истилоҳоти илмии забони модариаш аст»[2]. «Донишнома» аввалин доиратулмаъориф дар забони тоҷикӣ (форсӣ) аст, ки дар он масоили мантиқ, мобаъдуттабиъа (фалсафа ва илоҳиёт), табиъиёт ва риёзиёт баён шудааст. Ин асари Ибни Сино суннати ба тоҷикӣ таълиф кардани доиратулмаъорифҳоро ба вуҷуд овард. «Захираи хоразмшоҳӣ»-и Муҳаммади Хоразмӣ ва «Дуррат-ут-тоҷ»-и Қутбиддини Шерозӣ намунаи онҳост.

Барои дарки рушд ва таҳаввули ақоиди Ибни Сино, таносуби фалсафаи машшоӣ ва ҳикмати машриқия дар афкори ӯ «Китоби инсоф»-и вай (дар бист муҷаллад), аҳамияти бузург дошт. Вале «дар он рӯзе, ки султон Масъуд ба Исфаҳон во-

1 Suheil Unver.Tibb tarihi.Istanbul,1943. C.83.
2 Бертельс Е.Э. Избранные произведения. Т.1. М., 1960. С.117-118.

рид шуд, сарбозони ӯ анҷомҳои Шайхро ба ғорат бурданд ва китоб дар зимни онҳо буда, аз он нишоне пайдо нашуд» [1]. Ба ҳар ҳол порчаҳое аз ин китоб маҳфуз мондааст. Онҳо гирдоварӣ шуданд ва дар Қоҳира ба табъ расидаанд. Ибни Сино дар муқаддимаи асараш «Мубоҳисот», ки баъдтар таълиф шудааст, менависад: «Ман китобе бо номи «Инсоф» тасниф кардам. Дар ин китоб ман олимонро ба ду гурӯҳ - шарқиён ва ғарбиён тақсим намудам. Шарқиён ва ғарбиён бо ҳам баҳс меороянд. Дар ҳар баҳс ман зиддияти онҳоро ошкор мекунам ва сипас роҳи ҳалли боинсофонаи онро нишон медиҳам. китоб тақрибан бисту ҳашт ҳазор масъаларо шомил аст» [2].

Марҳалаи муҳимми роҳи эҷодии Ибни Сино китоби ӯ «ал-Ҳикмат ул-машриқия», расоили тамсилии ӯ «Ҳай ибни Яқзон», «Саломон ва Абсол» ва «ат-Тайр» ташкил медиҳанд, ки баъзе аз муҳаққиқон онҳоро намунаи таҳаввули ақоиди мутафаккир аз машшоия ба ирфон ва тасаввуф медонанд. Ин масъаларо мо дар боби ҳаштуми ҳамин китоб баррасӣ хоҳем кард.

Чунон ки машҳур аст, Ибни Сино аз нобиғатарин табибони замони худ ва садаҳои баъдин ба шумор меояд. Ӯ дар ин риштаи илм бештар аз 60 номгӯй асар эҷод кардааст. Дар байни онҳо «ал-Қонун фӣ-т-тибб»-и бисёрҷилдаи ӯ мақоми хос дорад, ки то асри 18 дастури муҳимми тиббии табибони Аврупо буд ва дар донишгоҳу донишкадаҳои он ба ҳайси китоби дарсӣ таълим дода мешуд. Дар Шарқ он то ибтидои асри 20 нуфузи бебаҳс дошт. Тибқи ин асар хидмати Ибни Сино дар рушди илми тибб на танҳо аз он иборат аст, ки вай дар роҳи ба вуҷуд овардани назарияи аломатшиносӣ (семиотика)-и тиббӣ, ташхис, пешгирӣ ва табобати бемориҳо кӯшиши зиёд ба харҷ додааст, балки аз он низ иборат аст, ки ӯ дар ин асараш як идда кашфиёт анҷом дода ва андешаҳое пешниҳод кардааст, ки барои тараққиёти баъдии илми тибб заминаи боэътимод гардида буданд[3] . Хусусияти беҳтарини «ал-Қонун» он аст, ки дар вай масоили назарӣ ва фалсафии илми тиб низ мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор гирифтаанд: табобати шахсӣ, таъини шахсии давоҳо (доруҳо), дақиқ санҷидани онҳо, робитаи давоҳо ба ҳамдигар, робитаи организм ва муҳит, моҳияти ҳаёт ва марг, сабабмандии ҳама

1 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.25.

2 Ибни Сино. Мубоҳисот. Абдурраҳмони Бадавӣ. Арасту инда-л-араб. ал-Қоҳира, 1947. С.21.

3 Барои иттилоъи бештар ниг.: Петров Б.Д. Ибн Сина- великий средневековый ученый-энциклопедист Абу Али ибн Сина. Канон врачебной науки. Т.1. Ташкент, 1981; «Канон» Ибн Сино и современная медицинская наука. Душанбе, «Дониш», 1980

ҳаводиси олам ва ҳолатҳои гуногуни организми инсон, таносуби руҳониёт ва моддиёт дар организми вай, маҳалбандӣ (локализасиюн)-и ҳама равандҳои руҳӣ дар мағзи сари инсон аз ҳамин қабиланд[1] .

Дар феҳристи осори Ибни Сино, ки Ҷузҷонӣ тадвин кардааст, зери рақами 107 китоби «Қасоид ва ашъор» омадааст. Ин ба он далолат дорад, ки Ибни Сино на танҳо асарҳои илмию фалсафӣ навиштааст, балки ба шеър ва шоирӣ низ шуғл варзидааст. Масалан, урҷузаҳои ӯ маҳфуз ва машҳуранд, ки дар баҳри классикии рачаз эҷод гардидаанд ва масоили тиббию мантиқиро дар шакли ба осонӣ ҳифз кардан баён менамоянд. Аз ӯ ғазал, қасида ва рубоиёт ба забони тоҷикӣ ва арабӣ низ боқӣ мондааст, ки ба табъ расидаанд.

Ибни Сино даҳ урҷуза таълиф кардааст, ки нӯҳтоашон дар мавзуъҳои тиббӣ ва яктоашон дар мавзӯъҳои мантиқӣ аст.

1. الارجوزة في الطب– Урҷуза андар тиб, 1326 байт;
2. الارجوزة في حفظ الصحة – Урҷуза андар ҳифзи сиҳҳат, 151 байт;
3. الارجوزة في الفصول الاربعة– Урҷуза андар чаҳор фасли сол;
4. الارجوزة في التشريح– Урҷуза андар ташриҳ, 82 байт;
5. الارجوزة في وصايا ابقراط– Урҷуза андар васиятҳои Буқрот;
6. الارجوزة في المجربات في الطب–Урҷуза андар муҷарработи тиббӣ;
7. الارجوزة في الوصايا الطبية– Урҷуза андар васиятҳои тиббӣ;
8. الارجوزة في الطب– Урҷуза андар тиб;
9. الارجوزة في الباه – Урҷуза андар шаҳват;
10. الارجوزة في علم المنطق – Урҷуза андар илми мантиқ.

Аз ҷумлаи қасидаҳои Ибни Сино инҳоро метавон ном бурд:

1. القصيدة في النفس – Қасида андар нафс.
2. القصيدة في العظمة – Қасида андар азамат;
3. القصيدة في الحكمة – Қасида андар ҳикмат;
4. القصيدة المزدوجة في المنطق – Қасидаи муздавиҷа андар мантиқ;
5. القصيدة في الخمر – Қасида андар май;
6. القصيدة العينية – Қасидаи айния.

Машҳуртарин қасидаи ӯ ҳамин «Қасидаи айния» аст. Вай дар назми андарзии асрҳои миёна нуфузи сахт дошт. Нуфузи он дар осори Ибни Арабӣ (1165-1240), ки онро шарҳ баста-

1 Барои иттилои бештар ниг.: М.Диноршоев. «Философские основания «Канона врачебной науки» Ибн Сины». Известия АН Тадж.ССР, серия ООН, №1, 1974.

аст, дар шеъри Ибни Фарид (1180-1234), Умари Хайём (1048-1132), Ҷалолуддини Балхӣ (1207-1273) ва Ҳофиз (1320-1389) ба назар мерасад. Зиёда аз ин шоирони араби асри 20 Аҳмад Шавқӣ ва Одил Ғадбон ба он назира навиштаанд. Ибни Сино дар «Айния» доир ба масъалаи нафс назароте баён мекунад, ки аз ақоиди ӯ дар «Шифо», «Наҷот» ва «Донишнома» тафовут доранд. Дар ин асарҳояш, чунон ки баъдан хоҳем гуфт, вай нафси нотиқаро ғайриазалӣ, вале абадӣ медонад. Аммо дар «Айния» ӯ нафсро ҳам азалӣ ва ҳам абадӣ мешуморад. Ба ҳамин сабаб баъзе муҳаққиқон аз Ибни Сино будани ин қасидаро инкор карданд.[1] Мо дар боби ҳаштуми ҳамин китоб дар бораи қасидаи «Айния» муфассалтар суҳбат хоҳем кард.

Мавзуъҳои асосии шеъри арабии Ибни Синоро шикоят аз пирӣ, аз дӯсти бевафо, зарбаҳои тақдир, нақли ҳасудон ва васфи май ташкил медиҳанд.[2] Ибни Сино на танҳо ба арабӣ, балки ба забони модариаш – тоҷикӣ (форсӣ) низ шеър мегуфт. Ашъори маҳфузи тоҷикии ӯ, ки аз ғазал, қитъа, рубоъӣ ва фардҳо иборатанд, дар «Маҷмӯъаи ашъор» (Сталинобод,1953) ва «Авҷи зуҳал» (Душанбе,1980) ба табъ расидаанд. Ӯ аз аввалин адибон аст, ки дар таърихи адабиёти мо навъи рубоъии фалсафиро поягузорӣ кардааст. Дар рубоъиёти тоҷикии вай вижагиҳои бадеии ин навъи адабӣ тарҳрезӣ шуда буданд, ки дар асрҳои баъд дар осори Умари Хайём, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигарон рушду камол ёфтанд. Барои намуна ин ҷо чанд рубоъии ӯро сабт мекунем:

Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,
Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.
Андар дили ман ҳазор хуршед битофт,
В-охир ба камоли заррае роҳ наёфт

***

Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал,
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.
Берун ҷастам зи банди ҳар макру ҳиял,
Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.

***

Куфри чу мане газофу осон набувад,
Муҳкамтар аз имони ман имон набувад.
Дар даҳр чу ман якеву он ҳам кофир?!-
Пас дар ҳама даҳр як мусулмон набувад.

1 1 Барои иттилоъи бештар ниг. Таджиддин Мардонӣ. Поэзия Ибн Сины на арабском языке. С. 24, 28-29

2 2 Барои иттилои бештар ниг.: Шидфар Б.Д Ибни Сина. М., 1980 – С.150-152. Таджиддин Марданӣ. Поэзия Ибни Сины на арабском языке. С.38-103

***

Май душмани масту дӯст бо ҳушёр аст,
Андак-ш тарёку беш заҳри мор аст.
Дар бисёр-ш мазаррати андак нест,
Дар андаки ӯ манфиъати бисёр аст.

Ибни Сино дар такомули назарияи шеър тавассути фанни шеъри мантиқи «Шифо» низ саҳми зиёд дорад. Тараққиёти баъдии ин риштаи илм зери нуфузи ин рисолаи ӯ сурат гирифтааст. Ақоиди ӯро роҷеъ ба ин мавзӯъ дар асри 13 Насируддини Тусӣ дар «Меъёр-ул-ашъор»-и худ ривоҷ додаст.

БОБИ ДУВВУМ
САРЧАШМАҲОИ НАЗАРӢ ВА НИЗОМИ ФАЛСАФИИ ИБНИ СИНО

1. Сарчашмаҳои назарии ғайрибумии фалсафаи Ибни Сино

Ибни Сино нобиға буд. Вале нубуғи ӯ дар пояи муҳками фарҳанги пеш аз вай ба камол расида аст. Ҳам дастовардҳои фалсафӣ ва ҳам комёбиҳои илмии ӯро тараққии пешинаи илм ва фалсафа муҳайё сохтанд. Вале ба назардошти ҳадафи мо – баёни мухтасари фалсафаи Шайхурраис – дар ин муҷаз танҳо аз сарчашмаҳои назарии фалсафаи вай сухан хоҳад рафт.

Пажуҳиши дақиқи осори Ибни Сино нишон медиҳад, ки сарчашмаи нахустин ва умдаи фалсафаи ӯ фалсафаи Юнони Қадим аст. Далели ин он аст, ки ҳар гоҳ вай, масалан, дар доиратулмаорифаш «Шифо» ба таҳқиқи масъалае мепардозад, аввал назароти файласуфон ва олимони юнониро таҳлил карда, ҳусну қубҳи онҳоро ошкор сохта, сипас ба баёни андешаҳои худ шуруъ мекунад. Мутафаккир дар «Мадхал»-и мантиқи «Шифо» ба манзури эътирофи ҳақиқати зикршуда навишта буд. «Дар кутуби мутақаддимин ҳеҷ чизи муҳиме намонд, ки онро дар ин асари худ шомил накарда бошем»[1].

Ин як равишест, ки дар саросари «Шифо» ва дигар осори ӯ ҷой дорад. Ҳатто дар «Ҳикмат-ул-машриқия» ҳам, ки дар вай гӯё фалсафаи хоссаи ӯ баён шудааст ва қисматҳои мантиқ, табиёт ва нафси он ёфт шуда, дар Тоҷикистон тарҷума ва чоп шуданд, ин равишро метавон мушоҳида кард[2].

Лекин агар мушаххастар бигӯем, сарчашмаи назарии бевоситаи фалсафаи ӯ таълимоти Арасту ва пайравони вай-машшоиён аст. Робитаи фалсафаи худро ба таълимоти Арасту ӯ мукаррар таъкид кардааст. Масалан, дар «Мадхал»-и мантиқи «Шифо» вай эътироф мекунад, ки «Ҳангоми навиштани ин китоб [«Шифо»] корро аз «Мантиқ» оғоз кардам ва кӯшидам, ки дар он тартиби китобҳои возеъи мантиқ [Арасту]-ро риоя кунам»[3].

Ҳамоно мутолаъаи татбиқии назарияи мантиқии Арасту ва Ибни Сино нишон медиҳад, ки мутафаккири мо ҳангоми таҳқиқи масоили мантиқ-масоили алфоз, мақулот, қазоё, қиёс, ҷадал, бурҳон – ба дастовардҳои мантиқи Арасту му-

1 Ибни Сино. аш-Шифо. ал-Мантиқ. 1. ал-Мадхал. ал-Қоҳира, 1371. С.10-11

2 Ибни Сино. Ҳикмати машриқия//Ибни Сино. Осор, ҷилди дувум. Душанбе, 2005. С. 59-443

3 Ибни Сино.аш-Шифо.ал-Мантиқ.1.ал-Мадхал.ал-Қоҳира. С.11.

такко будааст ва онро бо андешаҳои нав, хусусан дар риштаи қазияҳои шартӣ ва қиёсҳои шартӣ ба андозаи зиёд ғанӣ гардонидааст.

Дар фанни «Самоъи табиъӣ»-и табиъиёти «Шифо» ӯ такроран тамоили худро ба Арасту ва машшоиён таъкид карда менависад: «Чун бо ёрии Худованд аз омӯхтани саноъати мантиқ, ки дар муқаддамаи китоб ногузир буд, раҳоӣ ёфтем, акнун сазовор аст ба омӯхтани илми табиъӣ оғоз кунем бар он гуна, ки раъйи мо қарор гирифта ва назари мо ба он мунтаҳӣ шудааст. Ва дар ин ҷо равишеро, ки фалсафаи машшоиён бар он рафтааст, бармегузинем ва кӯшишро дар масоили душвор ба кор мебарем, ки аз бадоҳат дуранд»[1].

Ибни Сино дар тадвини фалсафаи худ ва таҳлили бисёр масъалаҳои умдаи фалсафӣ, ба мисли сохти ҳаюло (модда) ва аҷсом, сабабият, сифатҳои модда ва моҳияти онҳо, азалияту абадияти олам, нафсу тан, робита ва таъсири мутақобилаи ашё, кавну фасод ва қонунмандии онҳо ба Арасту такя мекунад. руҳи арастуӣ дар тамоми ҷанбаҳои назарияи маърифат (шинохтшиносӣ)-и Ибни Сино – моҳияти маърифат, маърифати ҳиссӣ ва ақлонӣ, ҳадсӣ ва таҷрибӣ, иктисобӣ ва ғайрииктисобӣ - ба назар мерасад. Вале сарфи назар аз ҳамаи ин Ибни Синоро наметавон шореҳи одӣ, муқаллиди содаи Арасту пиндошт. Зеро Ибни Сино ҳангоми баёни масоили мазкур ё таҳлили мабсути масъалаҳоеро пешниҳод мекунад, ки Арасту онҳоро танҳо матраҳ карда буд, ё ақида ва андешаҳоеро пеш меоварад, ки зинаи наверо дар фалсафаи машшоия оғоз менамоянд. Масалан, ҳангоми таҳлили масъалаи таҷавҳури аҷсом Ибин Сино назарияҳои сурати ҷисмӣ, сурати наъӣ, ташаххуси модда ва сурат тавассути якдигар, ягонагии модда ва суратро дар аҷсоми табиъӣ ва сунъӣ пешниҳод кардааст, ки барои рафъи ақидаи санавияти модда ва сурат ва назарияи мусули Афлотун аҳамияти зиёд доштанд. Ибни Сино масъалаи сабабиятро баррасӣ карда бар хилофи Арасту ба таҳлили масъалаи таносуби замонии сабаб ва мусаббаб (иллат ва маълул), шаклҳои робитаи сабаб ва мусаббаб, навъҳои робитаи сабабӣ, таносуби зарурат ва тасодуф… таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардааст, ки дар машшоия умуман, ва машшоияи шарқ хусусан, навоварии ҷиддӣ маҳсуб мешуданд. Ибни Сино инчунин назарияи Арастуро дар бораи хосиятҳои модда пазируфта ва такмил додаст. Якум, вай нисбат ба Арасту андешаи айнияти ҳаракат, макон ва замон-

1 Ибни Сино. Тарҷумаи фунуни самоъи табиъӣ ва осмон ва ҷаҳон ва кавн ва фасад аз китоби «Шифо». Теҳрон, 1319.С.22.

ро пайгиронатар мудаллал сохтааст. Дуюм, Ибни Сино фарзияи майлро пешниҳод намуд ва ба ин васила кашфи қонуни ҷабр (инерсия)-ро омода сохт, ки баъдан аз ҷониби Ҳалилей ва Ниютон баён шуд. Дар ин замина вай назарияи Арастуро дар хусуси таъсири даврии акс (антиперистатикӣ)-и муҳит рад намуд. Саввум, Ибни Сино бар хилофи Арасту исбот мекард, ки ҳаракат на танҳо дар мақулаҳои каммият, кайфият ва макон (айна-куҷоӣ), балки дар мақулаи вазъ (ниҳод) низ ҷой дорад. Чаҳорум, Ибни Сино андешаи тобеъияти сурати ҳаракатро ба муқовимати ашёи дигар ва вазни хоси ҷисм хуб мудаллал сохтааст. Ӯ ақидаи баъзе олимонро дар бораи ҳаракати қаҳрӣ нақд карда, таъкид карда буд, ки аз рӯи ақидаи онҳо «боистӣ, ки ҳар чи хурдтар будӣ, тезтар ҷунбидӣ ва ҳар чи бузургтар будӣ, дертар ҷунбидӣ ва кор ба хилофи ин аст»[1].

Ибни Сино ҳангоми тарҳрезии таълимоти худ дар бораи нафс ва тан низ бештар ба Арасту моил будааст: дар асл вай ҳама нуктаҳои ин таълимоти ӯро ҷонибдорӣ кардааст, ба ҷуз ин андешаи вай, ки ҳама навъҳои нафс, аз ҷумла нафси оқилаи инсон ҳам фонианд. Дар бораи нафси оқила Ибни Сино бар хилофи Арасту мавқеи дигар дошт: нафси оқилаи инсон баъди фанои тан фано намепазирад, балки ҷудо аз он ҳастии баъдии худро идома медиҳад. Ин аз як тараф, натиҷаи он тағйироти ақидатие буд, ки дар ҷомеъаи замони Ибни Сино рух дод, аз тарафи дигар амри мазкур марбут ба таъсири назариёти мактабҳои дигари фалсафӣ, фалсафӣ-динӣ ва мазҳабӣ аст. Вале Ибни Сино ба ҳайси табиб тавонистааст, ки масъалаи таносуби руҳониёт ва ҷисмониётро нисбат ба Арасту муфассалтар баррасӣ кунад ва чун яке аз аввалинҳо андешаи тобеъияти мутақобилаи руҳоният ва ҷисмониятро сареҳ баён кунад: сиҳҳати руҳӣ натиҷаи сиҳҳати ҷисмонӣ ва физиологии мағзи сар аст, бемории руҳӣ пайомади носиҳҳатии ҷисмонӣ ва физиологии мағзи сар мебошад. Зиёда аз ин вай таъсири акси руҳониёт ба ҷисмониётро барои замони худаш бисёр боварибахш мудаллал сохта аст. Шайхурраис яке аз аввалин олимоне аст, ки заминаи моддии фарояндҳои руҳонӣ-ҳисҳо, тасаввур, ваҳм, хаёл, ҳофиза, хотира ва тафакурро дақиқ нишон додаст. Ба ин васила ӯ яке аз шартҳои зарурии дарки воқеъбинонаи ҳаёти руҳониро муайян кардааст. Ҳеч шакке нест, ки Ибни Сино ба ин ҳама дастовардҳо дар заминаи пешрафтҳои фалсафа ва илм, хусусан тибб, ки то замони ӯ рух дода буданд, ноил шудааст.

Баррасии масоили умдаи маърифатшиносӣ (шинохтши-

1 1 Ибни Сино. Табиъиёти «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383.С.12.

носӣ)-и Ибни Сино низ шаҳодат медиҳад, ки ӯ ҳамоно дар ин ришта ҳам хат ва ҳам равиши Арасту ва машшоиёнро пеш гирифтааст, онҳоро эҷодкорона тараққӣ додаст. Аз ҷумла Арасту ин андешаро мараҳ карда буд, ки маърифат (шинохт) инъикоси сурати ашё дар ҳис ва ақли инсон аст. Вале ин андеша дар осори ӯ пешфарзе беш набуд, зеро назарияи файзи биноӣ (назарияе, ки аз рӯи он ҷисмҳо ба сабаби нуре, ки аз чашм бармеояд ва онҳоро равшан мекунад, дида мешаванд), ки Арасту бар он муътақид буд, заминаи табиъӣ-илмии ин андеша шуда наметавонист. ташреҳи (анатомияи) дурусти чашм ҳам ҳанӯз ба таври боиста тавсиф нашуда буд, то нақши шабакаи чашмро дар инъикос (интибоъ, иртисом)-и сурати ашё кашф намояд. Танҳо вусъати баъдии илм имконият дод, ки андешаи маърифат чун инъикос заминаи илмӣ пайдо кунад. Дар ин маврид назарияи инъикос ва инкисори нури Ибни Ҳайсам ва Ибни Сино ва кашфи мақоми шабакаи чашм дар инъикос ва ташкил додани сурати томи ашё аз ҷониби Ибни Сино нақши бузург бозиданд. Ибни Сино дар пояи ин ду назария андешаи маърифат чун инъикосро ба таври қонеъкунанда мудаллал сохт ва назарияи маърифати ҳиссии Арастуро тавассути ба он ворид кардани таълимот дар бораи тасаввур ва ваҳм ғанитар гардонд. Ақоиди Ибни Сино дар бораи маърифати ақлонӣ ва навъҳои он низ дар назариёти Арасту реша доранд. Вале Ибни Сино бисёр масоили назарияи маърифатро фаррохтар ва муфассалтар баррасӣ кардааст. Ба ҳайси мисол ба таълимот дар бораи маърифати ҳадсӣ ва ақлонӣ ва ҳамчунин назарияи таҷрид истинод метавон дод, ки дар осори Арасту танҳо матраҳ шуда, вале дар навиштаҳои Ибни Сино чун назарияи том дарҷ гардидаанд. Агар ҳамаи ин гуфтаҳо ба инобат гирифта шавад, таъкид бояд кард, ки фалсафаи машшо дар осори Ибни Сино шакли комилтар ва тараққиёфтатар касб кардааст.

Дар заминаи ҳамин шавоҳид мо ба файласуфи рус В.В.Соколов комилан ҳамфикрем, ки «дар осори худи Ибни Сино бисёр шавоҳиди файласуфи машшоӣ будани ӯро пайдо мекунем. Вале аз ин ҷо хатост натиҷа бигирем, ки Шайхурраис шореҳи одии осори Арасту аст, натиҷае, ки дар навиштаҳои муаррихони фалсафаи Ғарб бисёр ба чашм мехӯрад. Чунин ақида бисёр сабукфикрона аст. Баъди якуним ҳазор соли навиштани осори Арасту дар шароити комилан тағйирёфтаи ҳаёти иҷтимоъӣ, фарҳангӣ, ақидатӣ ва иқлими илмӣ тафсири одии осори Арасту тамоман ғайри имкон буд».[1]

1 Соколов В.В.Средневековая философия. М. 1979.С.243.

Вале фалсафаи Арасту сарчашмаи ягонаи фалсафаи Ибни Сино набуд. Ӯ ҳангоми тадвини низоми фалсафаи худ дар зимни фалсафаи Арасту ҳастии дигар мактабҳои фалсафаи Юнони Қадимро ба инобат гирифтааст. Аз ҷумла, вай дар рафти тадвини низоми фалсафии худ ҳастии суннати фалсафии Афлотунро низ дар мадди назар доштааст. Вале чунон ки таҳлили осори Ибни Сино нишон медиҳад таъсири Афлотун дар фалсафаи ӯ басе андак аст. Таъсири Афлотун танҳо дар таълимоти Ибни Сино дар бораи нафс ва тан, хусусан дар мавриде, ки ӯ абадӣ будани нафси нотиқаи инсонро таъйид мекунад, ба назар мерасад. Вале Шайхурраис бисёр ақоиди умдаи Афлотунро нақд ва рад кардааст. Масалан, Ибни Сино назарияи мусули Афлотунро, ки мағзи таълимоти фалсафии ӯст, мавриди нақди шадид қарор дода ва назарияи тазаккури вайро, ки мувофиқи он дониш на дониши ҳиссӣ, на занн (гумон), на занни бо маънӣ, балки тазаккур (ёдоварӣ)-и тасаввуротест, ки нафс ҳанӯз дар олами мусул касб карда буд, рад кардааст. Ин табиъӣ аст, зеро Ибни Сино ҷонибдори назарияи инъикос буд, ки мувофиқи он маърифат инъкоси сурат ва маънии ашё, падидаҳо ва фарояндҳо дар ҳис ва ақли инсон аст. Ибни Сино гарчи ақидаи Афлотунро дар бораи абадияти нафси нотиқаи инсон қабул дошт, вале тасаввуроти ӯро дар бораи азалияти он қотеъона рад кардааст ва назарияи таносухи бунёдгузори мусулгароӣ (идеализм)-и аврупоиро афсона донистааст. Шайхурраис «мусулгароии риёзии» фисоғури-афлотунро низ нақд карда дар ин поя ҳалли воқеъбинонаи таносуби ададҳо ва ҳастиро баён кардааст. Ӯ бар хилофи Фисоғурис ва Афлотун муътақид буд, ки риёзиёт табиъати ашёеро баррасӣ менамояд, ки ҳастиашон ногузир марбут ба модда аст, вале моддаи муайяни ба худ хос надоранд, чун шаклҳо ва ададҳо «ва илми риёзӣ илми он ҳолҳо бувад, ки ҳарчанд аз модда ҷудо набувад андар вуҷуд, ҷудо буванд андар ваҳм».[1]

Ибни Сино дар «Шифо» моҳияти дониши риёзиро мавриди таҳқиқи муфассал қарор дода, бар зидди мусулгароии фисоғурисӣ-афлотунӣ панҷ эрод пеш овардааст. Яке аз муҳимтарини ин эродот аз он иборат аст, ки файласуфони мазкур, аз назари Ибни Сино, ашёи маҳсусро аз лафз, ки тавассути таҷрид ба вуҷуд меояд, ҷудо мекунанд ва барои лафз ҳастии қоимуззот қоил мешаванд. Ибни Сино бовар дошт, ки дар асл кор ба таври дигар аст, зеро лафзҳои дуруст, ки муҷарраданд, ба олами моддӣ робитаи ногусастанӣ до-

1 Ибни Сино. Табиъиёти «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон 1383.С.2

ранд.[1] Риёзиёт аз назари ӯ моҳияти ададҳоро ба таври куллӣ таҳққиқ намекунад, балки ба муайян кардани муносибати ашё дар табиъат иштиғол меварзад. Ададҳо дар навбати худ муносибати тағйироти ашёро дар табиъат инъикос мекунанд: хатҳо, сатҳҳо ва ҳаҷмҳои ҷудо аз аҷсоми моддӣ вуҷуд надоранд, зеро имтидод худ ба худ қоррузот нест.

Ибни Сино дар мухолифат ба ҳамин афлотуния ва навафлотуния яке аз андешаҳои асосии фалсафаи худро баён кардааст: модда натиҷаи охирини инҳитоти ваҳдати аввалияи Аллоҳ, сояи олами мусул, адами манфии ҳамагуна таърифи ҳастӣ нест, балки имкони ҳамешагии вуҷуд ва мавзуъи зарурии ҳамагуна ҳастӣ аст.

Дар заминаи шарҳи мазкур мо комилан ба В.В.Соколов мувофиқ ҳастем, ки «машшоияи Ибни Сино ҷузъан ба нақди навъи афлотунии мусулгароӣ (идеализм) вобастааст. Инро таъкид кардан аз аҳамият холӣ нест, агар ба инобат бигирем, ки Абунасри Фаробӣ ақоиди ин ду мусулгарои бузургро (яъне Афлотун ва Арастуро) ба ҳам наздик мекард, хусусан дар рисолааш «Фӣ ҷамъ байни ал-ҳакимайни-Афлотун ал-илоҳӣ ва Арастутолис»[2]. Дар айни ҳол ба В.В. Соколов ҳамраъй шудан душвор аст, ки гӯё «дар осори Ибни Сино нақди афлотуния ба маънии бисёр маҳдуд – дар нисбати инкори ҳастии ғайриҷисмонии мафҳумҳо ва мавзуъҳои риёзӣ - вуҷуд дораду бас»,[3] зеро чунон ки дар пеш баён кардем, Ибни Сино Афлотунро аз рӯи бисёр масъалаҳои муҳими ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ нақд кардааст.

Муаллафоти Ибни Сино нишон медиҳад, ки ӯ дар зимни шиносоии амиқ бо осор ва ақоиди Арасту, Афлотун ва навафлотуниён, аз осор ва ақоиди дигар мактабҳои фалсафии Юнони Қадим ва намояндагони онҳо – Ҳераклит, Демокрит, Анаксагор, Эмпидокл, Зенон, Парменид, Мелисс…огоҳ будааст.Вале ӯ ба фалсафаи заррагӣ (атомистӣ)-и Демокрит ва пайравонаш бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.[4] Ӯ аҳкоми фалсафаи зарраии Демокритро напазируфтааст ва бо панҷ далел онро рад кардааст, вале ҳангоми тадвини назариёти худ ба эътибор гирифтааст. Масалан, назарияи модда ва сурати Арасту ва Ибни Сино дар асл чун баробарниҳоди (антитезаи) заррагароӣ (атомизм)-и Левкипп-Демокрит-Эпикур пайдо шудааст. Ба маънии муайян назарияи сабабияти Ибни

1 Ибни Сино. аш. Шифо. ал-Илоҳиёт (2). С.310-328; Г.Лей. Очерки истории Средневекового материализма. М.1961. С.108-110.

2 Соколов В.В.Средневековая философия. М. 1979.С.248.

3 Соколов В.В. Средневековая философия. М. 1979. С. 248.

4 Ибни Сино. Табиъиёти «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон 1383.С.16-22

Сино ҳам баробарниҳоди (антитезаи) фалсафаи заррагароии Демокрит буд. Таърихи тараққиёти фалсафа ва илм нишон дод, ки агар дар ҳалли масъалаи аввал ҳақ дар ҷониби Демокрит бошад, дар ҳали масъалаи дувум ҳақ дар ҷониби Ибни Синост. Назарияи сабабияти Ибни Сино бар хилофи назарияи сабабияти Демокрит, ҳастии тасодуф-иттифоқро рад намекунад ва тасодуф-иттифоқро чизе намедонад, ки сабабаш ҳанӯз кашф нашудааст. Шайхурраис бар хилофи Демокрит ба дарки диалектикаи зарурат ва тасодуф-иттифоқ, ба фаҳми диалектикаи худи тасодуф бисёр наздик шуда буд, ки дар мавзеъаш шарҳ дода хоҳад шуд.

2. Сарчашмаҳои назарии бумии фалсафаи Ибни Сино

То замони Ибни Сино фалсафа дар Осиёи Миёна (ватани худи Ибни Сино), Афғонистон (ватани падари Ибни Сино) ва Эрон, ки 25 соли ҳаёти пурмаҳсулаш ин ҷо сипарӣ шуд, ба пешрафтҳои муҳим ва назаррас ноил гардида буд.

Андешаҳои аввалини фалсафӣ дар ин минтақа дар «Авесто»- маҷмӯъаи аҳкоми зардуштия, ки навишти қисматҳои қадимтарини он дар асри даҳи пеш аз мелод сурат гирифтааст, сабт шудаанд. Андешаҳои зиёди фалсафӣ дар зурвонияи мазҳабӣ, ки дар садаи чаҳорум – саввуми пеш аз мелод пайдо шуда буд, низ вуҷуд доштанд. Аз зурвонияи мазҳабӣ дар асри саввуми мелодӣ зурвонияи моддигарро ҷудо шуд. Баъдан вориси андешаҳои моддигароӣ даҳрия гардид. Андешаҳои фалсафӣ дар осори илоҳиётшиносони даврони Сосониён, дар таълимоти динӣ - фалсафаи Монӣ ва монавиён, Маздак ва маздакиён, дар осори олимон ва файласуфони фарҳангистони Гунди Шопур ривоҷ ёфтаанд. Аз ҷумла, файласуфи фарҳангистони Гунди Шопур Павели Форс асарҳои Арастуро ба паҳлавӣ тарҷума карда ва чанд асари асил ҳам навишта буд.[1]

Баъзе муҳаққиқон кӯшиш доранд, ки робитаи наздики байни афкори қадимии тоҷик – форс ва фалсафаи Ибни Синоро муқаррар созанд. Ба ақидаи онҳо «осори равшани мазмунҳо ва тасаввуроти зардуштӣ дар ҳастишиносӣ ва кайҳоншиносии ӯ - дар сохтори фариштаии намузаҷ (модел)-и Кайҳон, дар хусусияти тадриҷӣ - файзи пайдоиши он, дар

1 Барои иттилоъи бештар ниг.: М.Диноршоев. Аз таърихи фалсафаи тоҷик. Душанбе, 1988 (бо хатти форсӣ); М. Диноршоев. Фалсафаи бостонии тоҷик// Фалсафа. Қисми якум. Душанбе, 1997; Абдурафиъ Ҳақиқат (Рафиъ). Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ аз Ҷомосбӣ Ҳаким то Ҳаким Сабзаворӣ. Теҳрон, 1372; Таърихи фалсафа дар ислом. Ҷилди аввал. Теҳрон, 1362. М. Меҳрин. Фалсафаи Шарқ. Чопи 6. Теҳрон, 1361.С.197-285.Фарҳанг Меҳр. Диди нав аз дини куҳан. Фалсафаи Зартушт.Чопи дуввум.Лос-Онҷилос,1994.

нақши махсусе, ки барои модда дар марҳалаи хотима ёфтани пайдоиши Коинот таъин шудааст ва ниҳоят дар рамзи нур, ки Ибни Сино аксаран онро ҳангоми таъбири «таҷрибаи» назарияҳои муҷарради худ (хусусан рамзи файз) истифода мекунад, возеҳ мушоҳида мешаванд. Зардуштия, монавия ва умуман ҳама суннатҳои авестоӣ барои нур, ки мавзуъи асосии афкори кайҳоншиносии ӯ буд, аҳамияти зиёд қоил буданд. Вале барои Ибни Сино рамзи нур ишораи махсусе буд дар роҳи ҳамахудоӣ (пантеизм) – ҷаҳонбиние, ки тамоми низоми [фалсафаи] ӯ ба он моил буд»[1]. Дар илоҳиётшиносии Ибни Сино андешаи сохтори фариштаии Коинот ва хусусияти тадриҷӣ-файзии пайдоиши он вуҷуд дорад. Вале робитаи ин андешаҳои ӯро ба зардуштия ва сунатҳои зардуштию авестоӣ бо ҳуҷҷат ва санад исбот кардан имкон надорад. Зеро дар осори Ибни Сино на танҳо як истинод ба зардуштия ва суннатҳои он ёфт намешавад, балки аз онҳо ёде ҳам вуҷуд надорад. Ин амрро метавон ду гуна шарҳ дод: ё Ибни Сино ба зардуштия ва суннатҳои он шинос набуд, ки аз эҳтимол дурр аст, ё ба сабаби манъи қотеъонаи таълимоти тоисломии тоҷикӣ - эронӣ чун куфр ва бадиъат, аз онҳо дурӣ меҷуст, то ҳаёт ва осори худро аз таъқибот эмин дорад. Охир маълум аст, ки эҳёи суннатҳои зардуштӣ аз ҷониби Шаҳобуддини Суҳравард (асри12) боиси қатли фоҷиабори вай гардид. Аммо рамзи нур на дар «Шифо», на дар «Ҳикмат-ул-машриқия» ва на дар «Ишорот ва танбеҳот»-и ӯ вуҷуд надорад. Андешаи дар «Ҳикмат-ул-машриқия» вуҷуд доштани рамзи нур натиҷаи ин фарзия аст, ки гуё Ибни Сино дар ин асараш фалсафаи хосси ирфони шарқии худро таъсис дода бошад. Вале чунон ки дар боби ҳаштуми ин китоб нишон хоҳем дод. қисматҳои ҳифзшудаи «Ҳикмат-ул-машриқия»-и худи Ибни Сино, шаҳодати Шаҳобуддин Суҳравардӣ – муаллифи «Ҳикмат-ул-ишроқ» ва бунёдгузори фалсафаи ишроқ, маводи «Мабоҳис-ул-машриқия»-и Фахруддини Розӣ ин фарзияро таъйид намекунанд. Лекин робитаи фалсафаи Ибни Синоро ба фалсафаи қадими тоҷик-форс ба куллӣ инкор наметавон кард. Аз ҷумла эҳтимол меравад, ки андешаҳои ӯ дар бораи даҳр ва сармад зери таъсири ақоиди марбутаи зурвониён, даҳриён ва асҳоби ҳаюло ташаккул ёфта бошанд. Зеро чунин таълимот то ҷое, ки мо медонем, дар фалсафаи Юнони Қадим вуҷуд надорад.

Дар даврони тасаллути дини мубини ислом ва ба майдони

1 Турсунов А. Философия Ибн Сины. Истоки, проблемы, исторические судьбы//Философские науки, 1981 №1 С.81-82. Инчунин ниг.: Сагадеев А.В. Ибн Сина. М.1980. С.67-68.

фалсафа омадани Ибни Сино дар кишварҳои Шарқи наздик ва Миёна мактабҳои фалсафии асҳоби ҳаюло ва машшоъ ва равияҳои динӣ-фалсафии калом, Ихвон-ус-сафо, исмоъилия ва тасаввуф ба вуҷуд омада хеле рушд карданд. Дар охири асри даҳум-сеяки асри ёздаҳум фалсафаи асҳоби ҳаюло (Ибни Ровандӣ) аз майлони афкори ҷомеъа ва шуъури ҷамъият берун ронда шуд ва ҳастии худро қатъ кард. Мактабҳою равияҳои дигари фалсафӣ ва фалсафӣ- динӣ чун машшоия, калом, исмоъилия ва тасаввуф вобаста ба руҳи замон ва набарди ақидатии байни худашон тараққӣ карда ҳамроҳ бо дини қудсии Ислом, иқлими ақидатӣ ва маънавии ҷомеаро муайян месохтанд. Ибни Синоро зарур буд, ки аз ҷумлаи ин мактабҳо якеро ба ҳайси ҷаҳонбинӣ ва майдони фаъолияти илмию фалсафии худ интихоб намояд. Амри интихоб бешак кори душвор буд. Вале ба ҳар ҳол ӯ машшоияро майдони фаъолияти илмию фалсафии худ интихоб кард, ки дар он замон шакли воқеъбинтарин, ақлонитарини фалсафа ва равишшиносии эҷодиёти илмӣ буд. Ибни Сино робитаи фалсафаро бо улуми таҷрибӣ мукррар таъкид кардааст. Бе сабаб нест, ки файласуфони машшоӣ ҳамзамон олимони машҳур низ буданд. Ба ин муносибат кофист, ки аз Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Умари Хайём ва Насируддин Тусӣ ёдовар шавем. Робитаи илм ва фалсафа дар осори файласуфони асҳоби ҳаюло ва қудумон ҳамса (Абубакри Розӣ) ва ҳакимони табиъатшинос (Абурайҳони Берунӣ) низ бараъло мушоҳида мешавад.

Бунёдгузорони машшоияи шарқ Киндӣ ва Форобӣ буданд. Дар ташаккули фалсафаи машшоияи Ибни Сино маҳз Форобӣ таъсири нозудуданӣ гузоштааст. Мо дар мавриди баёни зиндагиномаи Шайхурраис ишора карда будем, ки ӯ ғарази «Мобаъдуттабиъа»-и Арастуро маҳз тавассути мутолааъи «Ағрози «Мобаъдуттабиъа»»-и Форобӣ дарёфта буд. Муаррихи асри понздаҳ Мирхонд дар «Равзат-ус-сафо»-и худ зикр мекунад, ки дар китобхонаи Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ бисёр асарҳои нодири Форобӣ вуҷуд доштанд, ки Ибни Сино онҳоро ба ҷаҳди тамом мутолаъа карда буд. Баъзе тазкиранигорони пасин, аз ҷумла Ҳоҷи Халифа, ишора кардаанд, ки «Шифо»-и Ибни Сино талхиси «ат-Таълим-ус-сонӣ»-и Форобӣ аст, ки дастхати он гӯё дар китобхонаи Сомониён нигоҳдорӣ мешудааст. Ин ишораро олими турк Суҳейл Анвар низ такрор кардааст, вале фақат ба он фарқ, ки гӯё «ат-Таълим-ус-сонӣ» дар «Сивон-ул-Ҳикма»-и Исфаҳон маҳфуз будааст. Ин хабар, чунон ки мо дар боби якуми ин асар нишон додем, ҳақиқат надорад. Аммо сарфи назар аз ин мо дар

осори Ибни Сино андешаҳоеро пайдо мекунем, ки бори нахустин аз ҷониби Форобӣ баён шудаанд. Барои мисол дар бораи ваҳм ва нақши равоншиносию маърифатшиносии он метавон ишора кард, ки асосҳои он аз ҷониби Муаллими Сонӣ баён шуда буданд. Вале Ибни Сино ин таълимоти ӯро тасҳеҳ карда ба як назарияи том мубаддал сохтааст. Мисоли дуюм: Ибни Сино назарияи худро дар бораи ақл ва дараҷаҳои он дар пояи ақоиди Форобӣ доир ба ақл тадвин кардааст. Ба ин дар ҳол бовар ҳосил метавон кард, агар рисолаи Форобӣ дар маъниҳои лафзи ақл ба фаслҳои марбутаи китоби «Нафс»-и табиъиёти «Шифо»-и Ибни Сино муқоиса шавад.

Дар бораи сабки фалсафии ин ду мутафаккир сухан ба миён оварда бояд гуфт, ки Форобӣ ба баёни муъҷаз ва мухтасари масъала, Ибни Сино ба шарҳи мабсут ва муфассали он моил аст. Масалан, мо дар осори Форобӣ ҳангоми таҳлили масоили модда ва сурат, ҳаракат, макон, замон, мудаллал сохтани табиъати айнии ҳаракат, макон ва замон, назарияи ташаххуси модда ва суратро тавассути якдигар, ки барои рафъи санавияти модда ва сурат аҳамияти хосса дошт, пайдо намекунем. Мо дар навиштаҳои ӯ ҳамчунин шарҳи мабсут ва муфассали ин масъаларо, ки замон на танҳо миқдори ҳаракат, балки ҳолати тағйири ашё ва аҷсом аст, намеёбем. Форобӣ дар баёни масъалаи сабабият низ ба таҳлили муфассал напардохтааст. Вай масъалаҳои таносуби замонии сабаб ва мусаббаб (иллат ва маълул), шаклҳои робитаи сабаб ва мусаббаб ва навъҳои сабабиятро мавриди баҳс қарор надодааст.

Байни Форобӣ ва Ибни Сино тафовутҳои муҳими дигар низ ба назар мерасад. Яке аз умдатарини онҳо иборат аз он аст, ки Форобӣ дар баъзе осораш бар хилофи Ибни Сино кӯшиш ва ҷаҳд мекунад, ки фалсафаи Афлотун ва Арастуро бо ҳам созиш бидиҳад ва махлут намояд, нақди арастуии назарияи мусули Афлотунро рупӯш намояд ва нодида бигирад, назарияи маърифат (шинохт)-и Арастуро бо назарияи тазаккури Афлотун мутобиқ намояд. Асарҳои ӯ «Фӣ ҷамъ байн ал-Ҳакимайни-Афлотун ал-илоҳӣ ва Арастутолис» ва «Таҳсил-ул-саъодат» намунаи равшани ҳамин гуна кӯшиш ва ҷаҳданд. Дар ин осораш ӯ саъй кардааст нишон бидиҳад, ки фалсафаи Афлотун ва Арасту танҳо аз рӯи равиш (метод) аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Афлотун «равиши таҳсил» (яъне равиши муколама, равиши ҷадал-«диалектика»)-ро ихтироъ ва татбиқ кард. Вале Арасту равиши қиёсро кашф намуд ва ҳарҷониба такмил дод. Лекин аз рӯи аҳкоми умдаи худ фалсафаи Афлотун ва Арасту бо ҳам мутобиқанд. «Онҳо – навишта

буд Форобӣ-кӯшиш доранд, ки ҳамон як фалсафа-фалсафаи Афлотунро, қисматҳои он, дараҷаҳои қисматҳои онро аз аввал то охир баён намоянд.[1]

Дар ин суханони Форобӣ як ҳақиқате ниҳон аст: ҳам фалсафаи Афлотун ва ҳам фалсафаи Арасту мусулгаройии айнӣ (идеализми объективӣ) мебошанд. Вале мусулгароӣ аз мусулгаройӣ фарқ дорад. Мусулгаройии Арасту одатан воқеъбинтар ва айнитар аст. Бинобар ин дар фалсафаи табиъат бештар ба моддигаройӣ моил мебошад.

Вале сарфи назар аз ин Форобӣ мепиндорад, ки фалсафаҳои Афлотун ва Арасту аз рӯи аҳкоми умдаи худ ба якдигар зид нестанд. Вай, аз ҷумла, таъкид мекард, ки байни Афлотун ва Арасту дар таъбири моҳияти ҷавҳар зиддият нест, ҳарчанд медонист, ки барои Арасту ҷавҳарҳои фардии моддӣ аввалинтаранд, аммо барои Афлотун аввалинтар ҷавҳари руҳонианд. Ӯ байни ин ду мутафаккири антиқа дар масъалаи азалияту абадияти олам низ ихтилофе қоил набуд. «Баъзеҳо гумон доранд, - навишта буд ӯ, - ки Арасту оламро азалӣ медонист, вале Афлотун онро ҳодис мепиндошт» Ман чунин мешуморам, ки онҳоро ба ин гумони зишт ва шармовар… андешаи ӯ дар китоби «Осмон ва ҷаҳон» овардааст, ки он ҷо ӯ хотирнишон кардааст, ки олам дар замон ибтидо надорад… Ботил аст, ки пайдоиши олам дар замон ибтидо надорад. Дуруст фақат он аст, ки вай сунъи худи Сонеъ аст… тавассути зарбае берун аз замон, ки аз ҳаракати Коинот ба вуҷуд меояд. Ҳар кас, ки ба ин ақволи ӯ дар бораи ҳукумати илоҳӣ аз рӯи китоби «Теология» («Илоҳиёт»)[2] шинос шавад, ба вай далелҳои ҳастии Холиқ ва Сонеъи олам равшан мегардад. Дар ин асар баён шудааст, ки ҳаюлоро Мубдиъ (Офаридгор)…. аз ҳеҷ ба вуҷуд овардааст. Ба мисли ин Афлотун дар китобаш «Тимей» тавзеҳ медиҳад, ки ҳамаи маъқулот аз сабаби зарурии Холиқ ба вуҷуд омадаанд ва махлуқ наметавонад сабаби пайдо шудани худаш бошад…Онҳо (яъне Афлотун ва Арасту-М.Д.) нишон доданд, ки олам аз адам пайдо шудааст ва ба адам бар хоҳад гашт. Вале муқаниътарин, дурустарин ва беҳтарин бурҳон равишест, ки аз намояндагони дин бархезад: онҳо сунъ аз ҳеҷро ба ваҳй ва илҳом иваз карданд». Умуман бояд гуфт, ки масъалаи азалияту абадияти олам дар осори Форобӣ духӯра баён шудааст. Гоҳ ӯ таъкид мекунад, ки «ин андеша-андешаи зишт ва шармовар аст, гоҳ собит

1 Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. Алма-Ата, 1973. С.349.

2 Дар илм муқаррар шудааст, ки «Теология» («Илоҳиёт») асари Арасту нест. Вай як чузъи «Тосеъот»-и Афлутин аст.

карданӣ мешавад, ки чун зоти Худованд азалӣ ва тағйирнопазир аст, ҳар чӣ таҳти ҳукми ӯст, азалӣ ва абадист»[1].

Ҳарчанд ки Форобӣ дар «Фӣ ҷамъ байн ал-ҳакимайн» ба Арасту нисбат додани андешаи зишт ва шармовари азалият ва абадияти оламро нодуруст мешуморад, вале дар яке аз қитъаҳои асари то ба мо нарасидаш шакокияти Ҷолинусро дар бораи азалияту абадияти олам сахт нақд карда, чунин мешуморад, ки Арасту масъалаи азалияту абадияти осмонро (яъне ҷаҳонро) дуруст ҳал кардааст ва таъкид мекунад, ки «ақволи пайғамбарро ба ақли худ дарёфта наметавонад ва аз ин рӯ ба амри ибдоъ бовар надорад»[2].

Форобӣ бар хилофи Ибни Сино дар «Фӣ ҷамъ байн ал-ҳакимайн» низ кӯшидааст, ки таълимоти Афлотун ва Арастуро дар бораи мусул (идеяҳо) ба ҳам созгор кунад. Ӯ менависад: «Ба ин ҷо [масъалаи] сувар ва мусул низ дахл дорад, ки гӯё Афлотун онҳоро эътироф, вале Арасту, баръакс, онҳоро [гӯё] рад мекард. Ҳамоно Афлотун дар аксари гуфторҳояш ишора кардааст, ки ашёи мавҷуд дар олами илоҳӣ суратҳои мувофиқ доранд. Онҳоро метавон сувари илоҳӣ номид. Онон нест намешавад ва фасод намепазиранд. Онҳо ҳамеша вуҷуд доранд, дар ҳоле ки ашёи мавҷуд нест мешаванд ва фасод мепазиранд. …Арасту дар фаслҳои «Мобаъдуттабиъа…» онҳоро ёд кардааст. Дар ин ҷо ӯ касонеро, ки ҳастии фанонопазири сувар ва мусулро таъйид кардаанд, мазаммат кадааст. Вай шарҳ додаст, ки ин ба чӣ гуна разолат хоҳад анҷомид. Аз ин [масалан] лозим меояд, ки дар он ҷо бояд хатҳо, сатҳҳо, фалакҳо, сипас ҳаракати фалакҳо ва доираҳо вуҷуд дошта бошанд; дар ин ҷо бояд улум чун ҳайат ва мусиқӣ, [илм] дар бораи созгорӣ ва носозгории оҳангҳо, тибб, ҳандаса ва [илм] дар бораи хатҳои мустақим ва номустақим, ҷисмҳои гарм ва сард умуман, сифатҳои фоъил ва мунфаъил, аҷсоми куллӣ ва ҷузъӣ, ҷавҳар ва сурат… мавҷуд бошанд. Мо мебинем, ки Арасту дар китобаш роҷеъ ба қудрати Худованд, ки бо номи «Теология» («Илоҳиёт») маъруф аст, [ҳастии] суратҳои руҳониро муқаррар мекунад ва арз мекунад, ки онҳо дар олами илоҳӣ вуҷуд доранд…Ин алфоз зоҳиран ба яке аз се маънӣ фаҳмида мешаванд: ё онҳо бо ҳам зиданд, ё яке аз онҳо аз Арасту бармеояд, вале дигарҳояшон ҷузъан ба ӯ мутааллиқ нестанд, ё маънӣ ва шарҳри онҳо ботинан ба ҳам мувофиқ аст, ҳарчанд зоҳиран тафовут доранд. Дар ин сурат онҳо ба якдигар мутобиқ ва созгоранд, зеро душвор аст тасаввур кар-

1 Аль Фараби. Философские трактаы. С.94
2 Digler Geschiete der Naturphilosophie.Berlin, 1932.C.22

да шавад, ки Арасту муҳим будани ин алфоз, яъне суратҳои руҳониро, дарк кунад ва бо донишу заковате, ки дошт дар ҳамон як илм-илми қудрати илоҳӣ ба худ ихтилоф раво бинад. Боз ҳам камтар эҳтимол дорад, ки баъзеи ин китобҳо ба Арасту мутааллиқ бошанд, вале бархе дигарашон на, зеро китобҳое, ки ин гуфторҳоро шомил ҳастанд, ниҳоят машҳуранд., то гумон бурда шавад, ки баъзеи онҳо сохта (ҷаълӣ) мебошанд».[1] Ба ин тариқ, ҷаҳдҳои Форобӣ дар хусуси ҷамъ кардани фалсафаи Афлотун ва Арасту аз он бармеояд, ки (1) ӯ бовар дошт, ки моҳиятан ва ботинан ақоиди ин ду мутафаккир ба ҳам мутобиқанд ва (2) «Илоҳиёт» асари асил ва аслии Арасту мебошад.

Агар Форобӣ ҳангоми таҳлили масоили «мусул» Арастуро ба Афлотун мутобиқ мекарда бошад, ҳангоми тавзеҳи назарияи шинохт (маърифат) Афлотунро ба Арасту созиш медиҳад. Форобӣ инро аз роҳи ба Афлотун нисбат додани дарк ва тавзеҳи арастуии «анамнезис – тазаккур», ки худи ӯ онро ҷонибдор буд, ба даст овардан аст: анамнезис – тазаккур ба ёд овардани донишҳои пеш касб шудааст, ки дар айни замон фаромӯш шудаанд.

Мавқифи Форобӣ дар бораи баъзе ҷиҳатҳои нафс аз ҷумла дар бораи хулуд (ҷовидонаги)-и нафс низ хеле гуногун аст. Ӯ дар «Фӣ ҷамъ байн ал-ҳакимайн» назари касонеро, ки ба Афлотун ақидаи хулуди нафсро нисбат медонанд, таҳрифи маҳзи ақоиди вай медонист. Вале дар «Уюн-ул-масоил»-и худ навишта буд, ки «нафс пеш аз бадан вуҷуд дошта наметавонад, чунон ки Афлотун мудаъӣ буд»[2].

Ибн Туфайл мегӯяд: «Аксари асарҳои то ба мо расидаи Форобӣ ба мантиқ мутааллиқ аст. Асарҳои фалсафии ӯ бошанд, ҷой-ҷой пур аз гумон ва шубҳаанд. Масалан, дар «Мадинаи фозила» вай даъво мекунад, ки нафсҳои шарирон баъд аз марг гирифтори азоби ҳамешагии поённопазир хоҳанд буд. Баъд дар асараш «Сиёсат» равшан нишон додаст, ки онҳо озод мегарданд ва ба адам табдил меёбанд. Абадию азалӣ танҳо нафсҳои хайир ва комиланд. Сипас дар «Шарҳи ахлоқ» вай тавсифи мухтасари саъодати инсониро овардааст ва аз он маълум мегардад, ки саъодат фақат дар ин ҳаёт ва дар ин макон аст. Баъдан ӯ боз чанд сухани дигар илова мекунад, ки маъноянашон чунин аст: «Ҳамаи он чизи дигаре, ки дар ин бора мегӯянд, афсона ва ҳазёни пиразанон аст».[3]

1 Аль Фараби. Философские трактаты. С.91-93.

2 Аль Фараби. Существо вопросов//Избранные произведения мыслителей Ближнего и Среднего Востока. М.1961. С.74.

3 Ибн Туфейл. Роман о Хайе, сыне Якзана// Избранные произведения мыслителей Ближнего и Среднего Востока. М.1961. С.334.

Ибни Сино, бешак, ба ҳамаи ин ақоиди Форобӣ шиносоии комил дошт. Вале сарфи назар аз ин мо дар осори ӯ кӯшишҳои афлотунӣ кардани Арасту, ё арастуӣ кардани Афлотунро намеёбем. Вай чунон ки пеш ишора кардем ва баъдан муфассалтар хоҳем гуфт, назарияҳои мусул ва тазаккури Афлотунро рад мекард, назарияи ҳамқадимии Аллоҳ ва оламро пайгирона тасвиб менамуд, таълимоти Афлотунро дар бораи азалияти нафс қабул надошт, абадият ва фанонпазирии ақли нотиқаи инсонро боисрор исбот мекард. Одатан чунин мешуморанд, ки ин ақидаи ахирро ӯ аз Афлотун гирифтааст. Вале дар асл ин ақида метавонад натиҷаи таъсири Арасту бошад, зеро ӯ муътақид буд, ки ақл ҷинси махсуси нафс аст ва эҳтимолан баъди ҷудо шудан аз тан метавонад ҳастии абадӣ дошта бошад.

Аз файласуфони баъди Форобӣ Абулҳасани Омириии Нишопурӣ (тақрибан 300-381 ҳ) бисёр шинохта буда, ба доираҳои илмӣ ва фалсафии Бухоро робитаи зич дошт, се бор ба пойтахти Сомониён омада буд ва ҳатто муддате дар ин ҷо зиндагӣ кардааст. Вай муаллифи асарҳои бисёр буд, ки аз ҷумла дар давраи Ибни Сино «ал-Аълом би маноқиби ислом», «ал-Фусул фи таъолими исломия», «ал-Амад ило абад»-и ӯ машҳур буданд. Ҳарчанд Ибни Сино дар «Наҷот» ӯро ба нафаҳмидани ғарази файласуфони қадим доир ба масоили муҳим муттаҳам мекунад,[1] вале таъсири ӯ ба Ибни Сино дар ҳалли масоили нафс, абадияти он ва табиъати руҳониёт…бетардид аст. Таъсири Омирӣ ба Ибни Сино дар ҳалли масъалаи таносуби қобилияти ақлӣ ва тан бе баҳс аст. Ибни Сино чун Омирӣ муътақид буд, ки пир шудани тан боиси заъиф шудани ақл намегардад, баръакс бо пир шудани тан ақл қавӣ мегардад ва устувор мешавад.[2] Агар осори Омирӣ пурратар омӯхта шавад ва бо муаллафоти Ибни Сино муқоиса гардад, таъсири аввалин ба дуюмин хубтар равшан хоҳад шуд. Фикр мекунам, ки ин масъалаест, ки файласуфони мо дар ояндаи наздик ба ҳалли он бипардозанд ва нагузоранд, ки яке аз чеҳраҳои дурахшони фарҳанги мо – Абулҳасани Омирӣ гумном бимонад. Инро низ бояд гуфт, ки дар феҳристи осори Ибни Сино рисолае бо номи «Аҷубату ли суолоти саала анҳо Абулҳасани Омирӣ» номбар шудааст. Вале агар ба назар бигирем, ки Омирӣ дар соли 381 ҳ (991м) аз дунё гузаштааст ва дар ин давра Ибни Сино 11-сола будааст, масъалаи саволу ҷавоби онҳо ишкол пайдо мекунад. Дар ҳар сурат

1 Ибни Сино. Наҷот, Теҳрон; 1964.С.564.

2 Барои иттилоъи бештар ниг.: Расоили Абулҳасани Омирӣ. Чоппи аввал. Теҳрон, 1375. Дар бораи ҳаёт, осор ва ақоиди фалсафаи ӯ низ ба саҳифаҳои 50-200ҳамин асар бингаред.

дар ин масъала ҳам бояд ҷустуҷуҳое анҷом дод.

Дар ташаккули ақоид ва ҷаҳонбинии Ибни Сино мукотибаи ӯ бо ҳамзамонони бузургаш Абурайҳони Берунӣ (973-1048), ки соли 997 сурат гирифта буд, нақши бузург бозидаааст. Дар замони ин мукотиба ва мубоҳиса Берунӣ 24-сола ва Ибни Сино 17-сола буд. Мукотиба даҳ суоли Беруниро дар бораи асари Арасту «Андар осмон» ва ҳашт суоли ӯро дар бораи асари Стагирит «Табиъиёт», чавобҳои Ибни Сино ва эътирозоти Беруниро ба ҷавобҳои Ибни Сино шомил аст. Ин мукотаба ба ҳайси сарчашма барои омӯхтани раванди ташаккули ҳам Берунӣ ва ҳам Ибни Сино чун олим ва файласуф аҳамияти хосса дорад. Баҳсе, ки тавассути ин мукотиба байни ин ду нобиға дар гирифт, ба онҳо имконият дод, ки дар дарки масъалаҳои муҳими фалсафӣ, ба мисли моҳият ва усули куллии тараққии табиъат, азалияту абадияти олам, модда, ҳаракат, замон, макон ва ғайра,[1] жарфнигарӣ кунанд ва мавқифи ақидатии худро равшантар намоянд.

Баъди шикасти давлати Сомониён, чунон ки маълум аст, Ибни Сино ба Гурганҷ – пойтахти Хоразмшоҳиён ҳиҷрат кард ва дар тули даҳ сол бо олимони фарҳангистони Маъмун ҳамкорӣ дошт, ки шахсияти асосии он Берунӣ буд. Шакке нест, ки ҳамкорӣ бо олимони ин фарҳангистон умуман ва Берунӣ хусусан, дар рушду камоли маънавии Ибни Синои ҷавон чун файласуф ва олим нуфузи нозудуданӣ гузошт. Шояд майли Ибни Сино ба илмҳои риёзӣ, хусусан ҳайат, дар ҳамин ҷо тавассути ҳамкорӣ бо Берунӣ рух дода бошад.

Эҳтимол меравад, ки дар ташаккули ақоиди ахлоқии Ибни Сино ҳамасри ӯ Абуалӣ Мискавейҳ, ки ба таҳқиқи масоили ахлоқ ва таърих рағбати зиёд дошт, нуфуз дошта бошад «Таҳзиб-ул-ахлоқ»-и ӯ дар ин ришта асари классикӣ маҳсуб мешавад ва таърихи илми ахлоқ нишон медиҳад, ки муҳаққиқони баъдии ахлоқшинос зери таъсири ӯ қарор доштаанд. Дар сарчашмаҳо хабар дода мешавад, ки Ибни Сино бо ӯ мулоқот, сӯҳбат ва мунозира доштааст.[2] Агар ин ахбор дуруст бошад, пас Ибни Сино бешак аз ӯ дар масоили ахлоқ таъсире пазируфтааст. Ба ҳар ҳол дар феҳристи осори ӯ китобе ба номи «ал-Бирру ва-л -исм» дар ду ҷилд ҳаст, ки ба дархости ҳамсояш Абубакри Баракӣ дар мавзуъҳои ахлоқ навишта шудааст. Илова бар ин феҳристнигарони осори ӯ «Рисола фӣ-л-ахлоқ» (ё «Рисола дар илми ахлоқ») «Рисола фӣ аҳд» (ё «Рисолаи аҳд дар ахлоқ)-ро аз они ӯ медонанд. Зиёда

1 Муфассалтар ниг.; Переписка Берунӣ и Ибн Сины//Абуали ибн Сино.Сочинения. Т 1. Душанбе, 1980.

2 Ниг.Доират-ул-маърифи бузурги исломӣ.Ҷ.6,Теҳрон, 1373 ҳ.ш.С.58.

аз ин масоили ахлоқ дар «Тадбири манзил»-и ӯ ва дигар осораш сабт шудаанд. Аз ин сабаб шояд дуруст набошад, гуфта шавад, ки Шайхурраис ба таҳқиқи масоили ахлоқ кам аҳамият додаст. Барои он ки саҳми ӯ дар ин илм ошкор гардад, таҳлили тадбиқии осори ӯ ва Ибни Мискавейҳ зарур аст.

Манбаъъи муҳими назарии фалсафаи Ибни Сино бешак расоили «Ихвон-ус-сафо ва хилон-ул-вафо» буд. Ин мактаби фалсафӣ-динӣ дар асрҳои 9-10 дар Басра фаъолият дошт, ки аксари аъзои он форснажод буданд. «Ихвон-ус-сафо» 51 рисола дар ҳама риштаҳои улуми дунявӣ ва динии замони худ таълиф карда буданд[1]. Ин расоилро метавон аввалин доиратулмаъориф ба забони арабӣ номид. Лекин азбаски ин мактаби фалсафӣ-динӣ хусусияти сиррӣ дошт, муалифони расоил чандон шинохта нестанд. Аввалин манбаъъе, ки дар бораи муалифони расоили «Ихвон-ус-сафо» маълумот медиҳад, «ал-Имтоъ ва-л-муонаса»-и Абуҳаёни Тавҳидӣ аст. Аз рӯи маълумоти ӯ муаллифони ин расоил Абусулаймон Муҳаммад ибни Маъшар Бустӣ, машҳур ба Мақдисӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Ҳоруни Занҷонӣ, Абуаҳмади Меҳраҷонӣ, Авфӣ ва Зайд ибни Рафоъа буданд. Муҳаққиқони баъдӣ дар бораи муаллифони расоили «Ихфон-ус-сафо» асосан ба маълумоти Тавҳидӣ муқайяд будаанд. Абуҳайён Тавҳидӣ зимни ифшои номҳои муаллифони расоили «Ихфон-ус-сафо» меафзояд, ки «эшон бар он бовар буданд, ки шариъат ба анвоъи нодониҳо ва гумроҳиҳо олуда шудааст ва танҳо роҳи полудани он фалсафа аст. Ба-д-ин маънӣ, ки агар фалсафаи юнонӣ ва шариъати арабӣ ба ҳам омехта шавад, камол даст медиҳад».[2]

Мувофиқи маълумоти «Татимату сивон ал-ҳикма»-и Заҳируддин Байҳақӣ «Расоили Ихвон-ус-сафо» дар дастраси падари Ибни Сино будааст ва ӯ онҳоро мутолаъа мекардааст.[3] Аз эҳтимол дур нест, ки Ибни Сино дар давраи фалсафа омӯхтанаш онҳоро мутолаъа карда бошад. Нуктаҳои асосии фалсафии «Ихвон-ус-сафо», ки онҳоро Ибни Сино қабул дошт ва дар ташаккули назарияҳои фалсафии вай нуфуз доштанд, аз инҳо иборатанд:

- дар олам ду гуна ҷавҳар вуҷуд дорад – ҷавҳари моддӣ ва руҳонӣ. ҷавҳари моддӣ аз модда, ҷисм ва унсурҳо, ҷавҳари рӯҳонӣ аз нафс ва ақл иборатанд;

-олам аз як ҷавҳар – ҷавҳари моддӣ сохта шудааст. Ашё на

1 Барои иттилоъи бештар аз «Ихвон-ус-сафо» ниг: Расоилу Ихвон-ус-сафо ва хилон-ул-вафо. Ҷ.1-4. Бейрут, 1376 (1956); Додихудоев Х. Философия крестьянского бунта, Душанбе, 1987. Дафтарӣ Ф. Таърих ва ақоиди исмоъилия. Теҳрон, 2007; Доират-ул-маъорифи бузурги исломӣ. Ҷилди ҳафтум. Теҳрон, 1377 шамсӣ.С. 242-271.

2 Доират-ул-маъорифи бузурги исломӣ. Ҷилди ҳафтум. Теҳрон, 1377 шамсӣ. С. 244.

3 Ниг.: Завадовский Ю.И.Абу Али ибн Сина. Душанбе, 1980. С.12

аз рӯи заминаи ҷавҳарии худ, балки танҳо аз рӯи сурат фарқ мекунанд;

- ҳаюло чизест, ки қобили пазируфтани сурат аст. Сурат нақш ва шакли ашёст;

- навъҳои мушаххас ва басити модда аз чаҳор унсур-замин, об, ҳаво, оташ иборатанд, ки ба якдигар табдил меёбанд.

-ҳаракат на танҳо интиқол дар макон, балки ҳама гуна тағйирот аст;

- Олам беҳудуд аст ва малост, хало вуҷуд надорад;

- навъҳои сифлӣ ва олии мавҷудот бо ҳам робитаи мутақобила доранд. Инсон бо олами маймунҳо хешовандӣ дорад;

- маърифат пайдо шудани сурати ашё дар нафси инсон аст. ҷаҳолат адами сурати ашё дар нафси мудрик мебошад;

- мабдаи маърифат ҳисҳоянд. «Фалсафапардозоне, ки даъво доранд донишро танҳо тавассути ақл ва қобилияти олии ақлонии худ ба даст меовардаанд, хато содир мекунанд, зеро агар онҳо табиъатро намедиданд ва мушоҳида намекарданд, агар онҳо ҳодисаҳои табиъатро муроқиба ва муқоиса наменамуданд, наметавонистанд донише ҳосил кунанд. **Ба ин тариқ, табиъат дар зиндагии онҳо нақши муаллимро мебозад» .**[1]

- Вале нафс ашё ва оламро метавонад худ ба худ, ба зоти худ, бе кӯмаки ҳисҳо бидонад.

Агар ҳамин нуктаҳои асосии фалсафаи «Ихвон-ус-сафо»-ро бо назариёти Ибни Сино, ки баъдан таҳлил хоҳанд шуд, муқоиса кунем, бо вазоҳат хоҳем дид, ки ӯ аз осори «Ихвон-ус-сафо» бархудор будааст.

Дар ташаккули ақоиди фалсафии Ибни Сино баъзе нукоти дигари назариёти «Ихвон-ус-сафо» бояд нуфуз дошта бошад. Яке аз ин нукот баёни беғаразонаи ақоиди гуногун дар бораи қадиму абадӣ, ё ҳодису фонӣ будани олам аст. Ибни Сино, чунон ки медонем, аз байни ин ақоид ақидаи қидам ва абадияти оламро интихоб кардааст. Масъалаи дуввум, масъалаи тағйирот дар олам аст. Ин масъала дар фалсафаи Юнони Қадим низ, чунон ки гуфтем, мавриди баҳс буд. Вале дар осори «Ихфон-ус-сафо» он бисёр мушаххас баён шудааст. Дар расоили онҳо аз ҷумла омадааст: «Бидон ки ин мавзеъҳо дар тӯли қарнҳо ва замонҳо тағйир ва табдил меёбанд, мавзеъҳои кӯҳӣ ба биёбон, ҳавзҳо ба баҳрҳо мубаддал мешаванд. ҷойгоҳи кӯҳҳо ба баҳргоҳ, теппаҳо, мурдобҳо (ботлоқҳо) ва регзорҳо табдил меёбанд, ҷойҳои маскун харобазор ва харобазорҳо ҷойҳои ободон мегарданд. Моро лозим аст, баъзе хавоси ин ҳаводисро баён кунем. Зеро ин фаръи илм ҳанӯз ба ақли ак-

1 Иқтибос аз: Закуев А.К. Философия «Братьев чистоты». Баку, 1961. С.47-48.

сари уламо бегона… ва аз дарки онҳо дур аст. Бидон, ки дар ҳар се ҳазор сол ситораҳои собит, авҷ ва маркази сайёраҳо ба бурҷҳои Минтақат-ул-буруҷ ва дараҷаҳои онҳо интиқол меёбанд. Дар нӯҳ ҳазор сол онҳо ба андозаи чоряки қисми фалак тағйири макон медиҳанд. Дар сию шаш ҳазор сол онҳо дар байни буруҷи Минтақат-ул-буруҷ як сайри комилро анҷом медиҳанд. Ба ин сабаб аст, ки мадори ҳаракати бурҷҳо, масофаи афканиши шуъоъҳои онҳо дар мавзеъҳои ҳамвори замин ва фазои кишварҳо тағйир меёбад. Бинобар ин дар ин мавзеъҳо танаввуби шабу рӯз ва зимистону тобистон ё ба сӯи тавозун ва таъодул, ё ба сӯи даймумат ва қаср тағйир меёбад. [Аз ин рӯ] гармӣ ва сардӣ дар ин ҷойҳо ё ба зиёдатӣ, ё ба таври муъодил мушоҳида мешавад. Сабаб ва заминаи тағйироти ҳолати чаҳор қисмати замин, тағйири кишварҳо, заминҳо ва интиқол аз як ҳоли хос ба ҳоли хоси дигар аз ҳамин иборат аст. Ва ба ҳамин сабаб аст, ки мавзеъҳои маскун ба биёбон, биёбонҳо ба мавзеъҳои ободон, заминҳои хушк ба баҳрҳо ва баҳрҳо ба кӯҳҳо табдил меёбанд. Онҳо, ки илмҳои табиъиро медонанд ва сабабҳои кавну фасоди ашёро таҳқиқ мекунанд, медонанд, ки мо ҳақро гуфтем ва яқинро тасвир кардем».[1] Чунон ки баъдан хоҳем дид, Ибни Сино низ ақоиди тағйирпазирии олами зери қамар ва таъсири ҳаводиси осмониро ба ҳаводиси заминӣ қоил буд ва онҳоро бо далелҳои шайъӣ мудаллал сохтааст. Шояд дар ин маврид ӯ аз «Рисолаи Ихвон-ус-сафо» илҳом гирифта бошад.

Чун сухан аз боби нуфузи «Ихвон-ус-сафо» дар ташаккули фалсафаи Ибни Сино меравад, мебояд чанд ҳарфе дар бораи муносибати ӯ ба исмоъилия низ бигӯем, зеро дар адабиёти таҳқиқӣ ин ақида ҷой дорад, ки ҳам «Ихвон-ус-сафо» ва ҳам Ибни Сино исмоъилимазҳаб буданд. Масалан, Саъид Нафисӣ дар асараш «Пури Сино»[2] бо далелҳои зерин бо исрор таъкид мекунад, ки Шайхурраис мутафаккири исмоилии шиъамазҳаб буд: (1) Ибни Сино чун исмоъилиён ҷонибдори назария қидами олам буд, (2) дар замони Ибни Сино дар Хуросон ва Мовароуннаҳр исмоъилия васеъ интишор ёфта буд, (3) Ибни Сино дар осори фирқаҳои тасаннун ёд намешавад, (4) Ибни Сино бар хилофи сунниён ба мисли исмоъилиён ба улуми олимон ва файласуфони Юнони Қадим рағбати зиёд дошт, (5) олимони аҳли тасаннун, чун Муҳаммад Ғаззолӣ, Шаҳобуддин Суҳравардӣ, Фахруддини Розӣ, Абулбаракоти

1 Избранные произведения мыслителей Ближнего и Среднего Востока. М., 1961. С.153 ва баъд.

2 Саъид Нафисӣ. Пури Сино. Теҳрон, 1333. С.106-120. Ниг.инчунин: Доират-ул-маъорифи бузурги исломӣ. Ҷилди 7. Теҳрон, 1377. С.242-271.

Бағдодӣ, Ибн Рушд, ӯро нақд кардаанд ва ба ӯ сари душманӣ доштанд. Вале бояд гуфт, ки ин далоили Саъид Нафисӣ муътамад нестанд. Масалан, даъвои ӯ дар ин хусус, ки Ибни Сино чун исмоъилиён ҷонибдори назарияи қадимати олам буд, асосе надорад, зеро исмоъилиён – Абуҳотими Розӣ, Абуяъқуби Сичистонӣ, Носири Хусрав қатъиян муқобили назарияи қидами олам буданд. Абуҳотими Розӣ дар «Аълом-ун-нубува»-и худ ва Носири Хусрав дар «Зод-ул-мусофирин»-и хеш назарияи ҳадосати оламро ҷиддан ҷонибдорӣ ва назарияи қидами ҳаюлои Абубакри Розиро бо тамоми қатъият рад намуда, ӯро мулҳид номиданд. «Ихвон-ус-сафо» ҳам дар «Расоил»-и худ назарияҳои гуногуни пайдоиши олам, моҳияти макон, ҳаракат ва замонро таҳлил карда, хешро ошкоро ҷонибдори назарияи қидами олам нишон намедиханд. Интишори васеъи исмоъилияро дар Хуросон ва Мовароуннаҳр низ наметавон далели қатъии исмоъилимазҳаб будани Ибни Сино донист, зеро худи Саъид Нафисӣ таъкид кардааст, ки аз панҷ чаҳор ҳиссаи мардуми ин минтақа дар замони Ибни Сино ҳанафӣ буданд. Муҳаммад Мақдисӣ – муаллифи «Аҳсан-ул-тақосим фӣ маърифати ақолим» низ менависад, ки дар Хуросон ва Мовароуннаҳр «яҳудӣ бисёр аст ва насронӣ андак. Ва пайравони мазоҳиби маҷус каму беш ёфт мешавад. Ва авлоди Алӣ дар ниҳояти рифъат… Ва мазоҳиби [аҳли Хуросон] бар эътиқоди саҳеҳ устувор аст, ҷуз хавориҷ дар навоҳии Сиистон ва Ҳирот ва дар Нишопур муътазилиён бисёранд, аммо ғалаба ба эшон нест. Шиъа ва каромия низ овозае доранд. Ғалаба дар Хуросон бо Ҳанафиён аст, магар дар Чоч ва Нисо ва саводи Бухоро…, ки шофеъианд»[1] . Ин далели он аст, ки на исмоъилия ва на шиъа дар замони Ибни Сино дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ривоҷи комил надоштанд ва Саъид Нафисӣ дар ин маврид ба иғроқ роҳ додаст. Далелҳои 3-4-уми Саъид Нафисӣ низ муътамад нестанд. Дар хусуси далели панҷуми ӯ бояд гуфт, ки Шаҳобуддин Суҳравардӣ, Фахруддини Розӣ, Абулбаракоти Бағдодӣ, Ибн Рушд ва дигарон Ибни Синоро на барои дидгоҳи каломӣ (Абӯҳомид Ғаззолӣ, Фахрудди-ни Розӣ, Абулбаракоти Бағдодӣ), ишроқӣ (Суҳравардӣ) ва зиддиятҳои дохили машшоия (Ибн Рушд) нақд кардаанд. Дар акси ҳол онҳо дар мавриди нақди Шайхурраис бояд ба исмоъилигарӣ ё шиъигарии ӯ ишорат мекарданд, ҳол он ки дар осори онҳо чунин ишорае вуҷуд надорад.

Дар навбати худ Шайх Абдуллоҳи Ниъма дар асараш «Фа-

1 Иқтисоб аз: Раисоили Абулҳасани Омирӣ. Теҳрон, 1375. С.23.

лосифаи шиъа» бо далоили зайл Ибни Синоро мутафаккири сирф шиъӣ, ки ба исмоъилия ва исмоъилигарӣ ҳеҷ рабте надорад, қаламдод мекунад: «Нахуст, - менависад Ниъма, - номи Ибни Сино ва ҳамчунин номи хонаводаи ӯ далели ташаюъи ин хонадон аст, зеро ӯ худ Абуалӣ Ҳусайн ва падараш Абдуллоҳ ва ҷаддаш Ҳасан ва падари ҷаддаш Алӣ ном дошта ва камтар иттифоқ меафтад, ки афроди яке хонавода ба таври одӣ ба он номҳо номгузорӣ шаванд, магар ин ки он хонаводаро гароише хос ба ташаюъ ва алоқае ба хонадони рисолат бошад. Дуввум, Ибни Сино дар замон ва муҳите ба дунё омад, нашву намувв кард ва ба таҳсили маъориф пардохт, ки таъолими шиъа густариш дошт ва ҳукмравону аҳли илм аз шиъиён буданд. Табиъӣ аст, ки Ибни Сино таҳти таъсири куллияи ин авомил ва ё бархе аз онҳо қарор гирифта буд. Саввум, Ибни Сино дар дарбори ҳукмронони шиъимазҳаб аз қабили Сомониён, маъмуниён, бувайҳиён, Шамсулмаъолӣ Қобуси Вушмгир ва монанди инҳо зиндагӣ мекардааст. Ин рафтуомад одатан мерасонад, ки пайванд ва иртиботи мазҳабӣ низ дар байни онон будааст. Чаҳорум, чун Маҳмуд Сабуктегини суннимазҳаб бар шиъиён таъасуби шадиде дошт, Ибни Синоро ба ҳузури худ фарохонд. Ӯ ба Табаристон ва бархе навоҳии Хуросон гурехт ва ба Қобуси Вушмгир, ки ҳукмрони шиъимазҳаб буд, паноҳ бурд. Иллати фирори Ибни Сино ин буд, ки сиъояти бадхоҳон ва туҳматҳое, ки дар бораи мазҳаби ӯ зада буданд, султонро водор карда буд, ки бо ҷиддият ӯро дастгир кунад. Ва зоҳири амр мерасонад, ки сиъоят ва туҳмате, ки ба ӯ заданд аз навъи туҳмат ба ташаюъ будааст. Ва аз ин рӯ Ибни Сино гурехта ва ба ҳукмроне шиъимазҳаб, ба вижа дар минтақаи маъруф ба ташаюъ, чун Табаристон, ки бештари мардумаш шиъӣ буданд, паноҳ бурд. Панҷум, Ибни Сино худ ба сароҳат гуфтааст: «Падарам аз ҷумлаи касоне буд, ки даъвати яке аз мубаллиғони фотимии Мисрро пазируфта ва аз онон суханоне дар бораи нафс ва ақл ба тариқа ва равиши эшон шунида буд; бародарам низ чун ӯ буд ва чи басо байни худ сӯҳбатҳое мекарданд. Ва ман ба суханони онон гӯш медодам ва мефаҳмидам. Вале нафси ман аз қабули он суханон сар бозмезад. Сипас шурӯъ ба даъвати ман карданд…»[1]. Шайх Абдуллоҳ Ниъма дар асоси далоили ёд шуда ба ин натиҷа мерасад, ки «тамоми он чӣ баён кардем, бешак ин натиҷаи равшанро ба даст медиҳад, ки Ибни Сино ба таври қатъ шиъӣ будааст ва дар муқобили ин қароин ва далоил суннӣ будани ӯ мунтафӣ

1 Шайх Абуллоҳ Ниъма. Фалосифаи шиъа. Теҳрон, 1368. С.152-153.

аст. Далоили мазбур назарияи исмоъилӣ будани ӯро низ мунтафӣ мекунад, зеро ӯ худ ба тавре ки гузашт, тасреҳ карда, ки наметавониста аст матолиби исмоъилияро бипазирад… Оро ва таълифоти ӯ аз ҳаргуна ранги исмоъилигарӣ низ холӣ аст ва дар китобҳои ӯ афкореро, ки ба афкори ботинӣ (исмоъилӣ – М.Д.) наздик, ё руҳи исмоъилигарӣ дар он бошад, надидаем. Ҳамаи ин матолиб назарияи касонро, ки ӯро исмоъилӣ муаррафӣ кардаанд, суст мекунад ва мусаллам медорад, ки Абуалӣ Сино фарде шиъа будааст»[1].

Далелҳои Шайх Абдуллоҳи Ниъма ба шартҳои зерин чандон қавӣ нестанд:

- номи худи Ибни Сино ва номи хонаводагии ӯ далели қавии шиъӣ будани вай шуда наметавонанд, зеро ҳамаи ононе, ки ба хонаводаи пайғамбар эҳтиром доштанд, гузоштани номҳои аҳли хонаводаи ӯро барои худ айни ифтихор медонистанд. Аз тарафи дигар, ҳамаи ононе, ки дар мазҳаби ҳанафӣ буданд, ба сабаби эҳтироми Абуҳанифа ба хонадони Алӣ ибни Абитолиб, худи ӯ ва аҳли байти ӯро арҷ мегузоштанд ва номҳои фардҳои ин хонадонро мепазируфтанд;

- Шайх Ниъма дар масъалаи густариши ҳамаҷонибаи шиъа дар Хуросон ва аз шиъиён будани куллияи ҳукумронон ва олимони асри Ибни Сино ба иғроқ роҳ додаст. Дуруст аст, ки баъзе сомониен (масалан, Наср ибни Аҳмад) ба исмоъилия (на шиъа) гаравида буданд, вале онҳо сари вақт аз тахт сарнагун шуданд. Ҳамаи олимони даврони Ибни Синоро шиъа қаламдод кардани Ниъма низ асоси кофӣ надорад. Масалан, Абубакри Розӣ, Ибни Рованди Мотридӣ (Мотуридӣ)-и Самарқандӣ, Абурайҳони Беруниро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон шиъа номид. Ҳақ дар ҷониби Муҳаммади Мақдисӣ – ҷуғрофиёдони араб аст, ки дар Хуросон сайр карда, дидаву дониста дар «Аҳсан-ул-тақосим»-и худ навишта буд, ки дар Хуросон ғалаба бар ҳанафиён аст, на ба қарматия (исмоъилия), шиъа, муътазала ва дигар мазоҳиб;

- дар баъзе далоили Ниъма таноқузи мантиқӣ ҷой дорад, аз ҷумла дар далели чаҳоруми ӯ, ки мегӯяд: Ибни Сино ба сабаби тӯҳмат ба ташаюъ ба Табаристон гурехт. Агар Ибни Сино шиъимазҳаб буд, чӣ гуна ба ӯ тӯҳмат ба ташаюъ заданд?

- ақидаи Шайх Абдуллоҳи Ниъма дар бораи ба Қобус ибни Вушмгири шиъа (?) – панаҳ бурдани Ибни Сино дуруст нест. Зеро худи Ибни Сино менависад, ки ҳангоми ба Гургон расидани ӯ Қобус аз тахт сарнагун шуда буд ва дар зиндон даргузашт.

1 Шайх Абдуллоҳ Ниъма. Ҳамон асар . С.255.

Ба назари мо барои ҳаллу фасли илмии масъалаи исмоъилӣ ё шиъӣ будани Ибни Сино як роҳ вуҷуд дорад – таҳлили татбиқии назариёти Ибни Сино бо ақоиди исмоъилия ва шиъа. Вале ин коре нест, ки дар доираи ин мухтасар ба таври мабсут анҷом дода шавад. Бинобар ин мо ин ҷо танҳо бо муқоисаи чанд нуктаи муҳимми назариёти Ибни Сино бо «Ихвон-ус-Сафо», ки бисёр муҳаққиқон ононро исмоъилӣ медонанд, иктифо мекунем:

Якум, низоми фалсафие, ки «Ихвон-ус-Сафо» дар «Расоил» худ баён кардаанд, аз низоми фалсафии Ибни Сино ба куллӣ фарқ дорад. Низоми фалсафии онҳо ба ин қарор аст: 1. Риёзиёт, ки мантиқро низ дарбар мегирад. 2. Ҷисмониёти табиъиёт. 3. Нафсониёти ақлиёт. 4. Улуми номусия ва шаръия. Ин низоми фалсафии «Ихвон-ус-Сафо» аз низоми фалсафии Ибни Сино фарқҳои ҷиддӣ ва куллӣ дорад. Ибни Сино, масалан, дар «Шифо» низоми фалсафии худро ба ин тартиб табақабандӣ кардааст: 1. Мантиқ. 2. Табиъиёт. 3. Риёзёт. 4. Илоҳиёт. Аз рӯи ин табақабандиҳои улум маълум мешавад, ки «Ихфон-ус-Сафо» дар низоми фалсафии худ ба Фисоғурис (Пифагор) ва Афлотун, аммо Ибни Сино ба Арасту мутамоил аст. Тамоили фисоғурисӣ ва афлотунии «Ихфон-ус-Сафо» дар он зоҳир мешавад, ки онҳо риёзиётро (хусусан илми ҳисобро) шоҳи тамоми улум медонанд[1] ва ақида доранд, ки илми адад худошиносӣ, ҷаҳоншиносӣ ва инсоншиносиро дарбар мегирад. Зиёда аз ин «Ихвон-ус-Сафо» мисли Фисоғурис ва пайравони ӯ асли нахустини ҳастиро аз «адад» иборат медонанд ва муътақиданд, ки ҳар кас адад, аҳком, табиъат ва анвоъи хавоси онҳоро бидонад, метавонад ба маърифати навъҳои мавҷудот ноил гардад[2] Ибни Сино барои риёзиёт, аз ҷумла илми ҳисоб, аҳамияти зиёд қоил аст, вале ададро асоси ҳамагуна ҳастӣ намедонад ва чунон ки пеш гӯшзад кардем «мусулгароии риёзии афлотун»-ро, ки мутакко ба таълимоти Фисоғурис буд, ҷиддан нақд кардааст.

Дуюм, «Ихвон-ус-Сафо» мантиқро дар қисмати риёзиёти худ ҷой дода ва баррасӣ кардаанд, ҳол он ки дар низоми фалсафии Ибни Сино мантиқ унсури ҷудогонаи низоми фалсафии ӯ, ҷузъи фалсафа ва олати улум аст.

Сеюм, масоили ахлоқ дар низоми фалсафии «Ихвон-ус-Сафо» дар бахши табиъиёти он баррасӣ мешаванд, дар сурате, ки ибни Сино онҳоро ҷузъи фалсафаи амалӣ медонад.

Чаҳорум, «Ихвон-ус-Сафо» дар ҷузъи табиъиёти низоми

1 Ниг.: Расоили «Ихвон-ус-Сафо». Ҷилди 4. С.410.
2 Ниг.: Расоили «Ихвон-ус-Сафо». Ҷилди 2. С.178-179.

фалсафии худ назарияи «Инсон - олами сағир» ва дар қисми «нафсониёти ақлӣ назарияи олам - инсони кабир»-ро баён кардаанд, ки дар низоми фалсафии Ибни Сино ба чашм намерасад.

Панҷум, «Ихвон-ус-Сафо» масъалаҳои забонро дар қисмати табиъиёти «Расоил»-и худ баррасӣ кардаанд. Ибни Сино ин масъалаҳоро дар фасли мантиқ таҳлил намудааст.

Шашум, дар низоми фалсафии «Ихвон-ус-Сафо» «Улуми номусия ва шаръия» бахши чаҳорумро ташкил додаанд, дар сурате, ки дар низоми фалсафии Ибни Сино чунин бахш вуҷуд надорад.

Низоми фалсафии «Ихвон-ус-Сафо» ва Ибни Сино на танҳо аз рӯи сохтор, балки аз ҷиҳати мӯҳтаво низ фарқҳои ҷиддӣ доранд. Баъзеи ин фарқҳо ба соҳаи ҳастишиносии «Ихвон-ус-Сафо» ва Ибни Сино дахл дорад: «Ихвон-ус-Сафо» чунон ки гуфтем асл ва асоси ҳастиро аз «адад» иборат медонистанд, вале Ибни Сино бар ин ақида буд, ки бар ҳар чизи ҳодисшаванда модда пешӣ дорад. «Ихвон-ус-Сафо» масъалаи қадим ё ҳодис будани оламро қотеъона ҳаллу фасл накардаанд. Аммо Ибни Сино сахт муътақид аст, ки олам дар замон чун Аллоҳ қадим аст (барои тафсили бештар ниг. Боби 4 §1). «Ихвон-ус-Сафо» аз ҷонибдорони назарияи «олами мусул ва ашё»-и Афлотун мебошанд. Вале Ибни Сино ин назарияи Афлотунро аслан напазируфтааст. Назарияи файз (судур)-и Ибни Сино ва «Ихвон-ус-Сафо» низ аз ҳамдигар сахт тафовут доранд (ниг. Боби 7 §2). Дар соҳаи маърифатшиносӣ ҳам байни «Ихвон-ус-Сафо» ва Ибни Сино тафовутҳои бориз ба чашм мерасад. Яке аз онҳо аз ин иборат аст, ки «Ихвон-ус-Сафо» назарияи тазаккури Афлотунро ҷонибдор буданд. Вале Ибни Сино қотеъона онро нақд кардааст. Бо назардошти он чӣ баён шуд бо боварии комил метавон гуфт, ки Ибни Сино файласуфи исмоъилӣ нест. Ӯ файласуфест арастумашраб ва машшоӣ, ки худ онро чандин бор таъкид кардааст (ниг. Боби 2 §1).

Фалсафаи Ибни Сино дар робита ба калом – фалсафаи мадрасии ислом ташаккул ёфтааст. Калом ба ҳайси фалсафаи ислом дар охири садаи ҳафтуми мелодӣ арзи вуҷуд кард ва ҳадафаш дифоъи Ислом аз аҳли бидъат буд. Ин нуктаро ҳам Форобӣ, ҳам Муҳаммад Ғаззолӣ, ҳам Ибни Халдун гӯшзад кардаанд. Муҳаммад Ғаззолӣ ба ҳамин манзур навишта буд: «Ҳамоно мақсуди калом ҳифзи ақидаи аҳли суннат ва ҳифозати он аз ташвиши аҳли бидъат аст. Пас Худои Таъоло тоифаи мутакаллиминро ба вуҷуд овард ва онҳоро тавассути

калом мураттаб ба пуштибонии суннат таҳрик дод, то талбисоти навини аҳли бидъатро ошкор созанд… Пас калом ва аҳли он ба ҳамин сабаб пайдо шуданд»[1] . Ақидаи Фахриддини Розӣ ва Муҳаммади Шаҳристонӣ дар бораи мақоми иҷтимоъӣ, мафкуравӣ ва ақидатии калом низ ҳамин гуна аст. Мусташриқини Шарқ ва Ғарб низ бар ҳамин ақидаанд. Дар ибтидо вазифаи ҳифз ва ҳаросати исломро аз ташвишҳои аҳли бидъат ва талбисоти онон қадария ва ҷабария ба уҳда гирифтанд, ки баҳсашон асосан пиромуни масъалаи тақдир ва озодии ирода маҳдуд мешуд. Марҳалаи нави рушди калом бо фаъолияти муътазила (бунёдгузораш Восил ибни Ато) марбут аст. Муътазила доираи масоили мавриди баҳсро тавсеъа доданд: онҳо масъалаи ваҳдати Аллоҳ ва сифоти ӯ, халқи аввал, иктисоби ахлоқро матраҳ карданд, масъалаи холиқ ё махлуқ будани Қуръонро ба миён гузоштанд, назарияи ҷавҳари фард ё ҷузъи лоятаҷазоро (атомро) вориди баҳсҳои каломӣ карданд. Вале каломи классикӣ дар охири асри 9 – ибтидои асри 10 ташаккул ёфт, ки бунёдгузорони он Ашъарӣ (874-935) ва Мотридӣ (Мотуридӣ)-и Самарқандӣ (вафоташ соли 944) буданд. Дар асри 10-11-ум, яъне дар даврони Ибни Сино рушди калом ба фаъолияти Абубакр Боқолонӣ, Абунаср Исмоъилӣ, Абумаъолӣ Ҷувайнӣ вобаста буд. Дар осори ҳамин мутафаккирон усули асосӣ ва унсурҳои каломи расмӣ баён шудаанд:

- таълимот дар бораи азалияту абадияти Аллоҳ ва сифатҳои вай, таълимот дар бораи эҳдоси олам, ки аз рӯи он Аллоҳ аз азал бе олам ва бе замон вуҷуд дошт ва танҳо баъдан тасмим гирифт, ки оламро биофарад, то шинохта шавад.

-олами офарида абадӣ нест;

- назарияи ибдоъ – назарияи аз ҳеч офаридани олам аз ҷониби Аллоҳ Таъоло, ки ҳаматавоноии онро собит менамояд;

- назарияи қадим ва абадӣ набудани ҳаракат, макон ва замон;

- нафйи назарияи ҳатмият (детерминизм), яъне нафйи робитаи зарурии сабабии ҳаводиси олам ба манзури эътирофи муъҷизот; баъзе мутакаллимон назарияи ҳатмиятро – эътироф мекарданд, вале муътақид буданд, ки ин робита – робитаи зарурӣ нест ва Худованд қодир аст онро қатъ кунад. Аз ин дидгоҳ назарияи ҳатмияти онҳо низ аз доираи назарияи лоҳатмият (индетерминизм) берун намерафт. Назарияи лоҳатмият ба ақидаи мутакаллимон бояд заминаи феълии эътирофи муъҷизот бошад;

1 Муҳаммад Ғаззолӣ. Ал-Мунқиз мин аз-залол. ат.-Табъату-л-хомиса, 1385. С.81-87.

- назарияи ҷузъи лоятаҷазо ё ҷавҳара фард (атом). Моҳияти ин назарияи мутакаллимон аз он иборат буд, ки олам ва тамоми ашёи он аз ҷавҳарҳои фард таркиб меёбанд. Вале ин ҷавҳарҳои фард моддӣ ва абадӣ нестанд, балки руҳонианд ва дар ҷараёни муттасилӣ нестшавӣ ва аз нав халқ кардан аз ҷониби Худованд мебошанд. Ин чунин маънӣ дорад, ки назарияи ҷавҳари фарди мутакаллимон ҳаматавоноии Аллоҳ ва фонӣ будани оламро бояд собит намояд. Назарияи ҷавҳари фарди мутакаллимон, чунон ки Фахруддини Розӣ бовар дошт, бояд назарияи модда ва сурати машшоиёнро рад мекард;

- шакокият ва лоадрияти маърифатшиносӣ (шинохтшиносӣ). Моҳияти ин мавқифи мутакаллимон аз он иборат буд, ки воситаҳо ва нерӯҳои маърифатии инсон – ҳисҳо ва ақл – қодир нестанд дар бораи ашё ва падидаҳои олам дониши яқинӣ ҳосил намоянд.

Ибни Сино бисёрии ин назароти мутакаллимонро напазируфтааст. Вале агар дар осор ва ақоиди ӯ тааммуқ кунем, хоҳем дид, ки вай дар мавриди эҷоди назариёти худ ҳамеша онҳоро дар мадди назар дошт ва ақоиди фалсафии худро бо назардошти онҳо тадвин кардааст. Аз ҷумла, ӯ бо назардошти мавқеи ақидатии мутакаллимон мазмун ва маънии мақулоти фалсафии азалият, абадият, даҳр, сармад, макон, замон, ҳаракат, ҷавҳар, араз, мутаноҳӣ, номутаноҳӣ, таҳаввул, сабаб, мусаббаб, маърифат, маърифати ҳиссӣ, маърифати ақлӣ, маърифати ҳадсӣ, маърифати мабсутро таҳқиқ ва дақиқ кардааст. Тарзи мубарҳан ва мудаллал сохтани назарияҳои таҷавҳури аҷсом, сабабият, азалияту абадияти модда (ҳаюло), ҳаракат, макон ва замон нишон медиҳанд, ки мутафаккир онҳоро бо назардошти ақоиди каломӣ тасреҳ кардааст. Пас, калом ба ин маънӣ сарчашма ва манбаъи назарии фалсафаи Ибни Сино буда, ӯро ба тааммуқ дар масоили мавриди таҳқиқ водоштааст ва барои эҷоди назарияҳои ӯ заминае будааст.

Дар ин ҷо зарур аст, ки дар бораи нақши дини мубини Ислом дар ташаккули назариёт ва андешаҳои Ибни Сино низ ибрози ақида намоем, зеро он мафкура ва маслаки расмии даврони ӯ, маҳаки тамоми ҳаёти ҷомеъа буд ва ҳеҷ олиме ва файласуфе хатти машйи онро ба ҳеҷ ваҷҳ сарфи назар карда наметавонист. Ибни Сино ҳам аз ин қоида берун нест. Бо боварии комил метавон гуфт, ки ӯ ҳангоми тадвини низоми фалсафӣ ва назариёти илмӣ-фалсафии худ хатти фарҳангӣ ва ақидатии дини мубини исломро ҳамеша пеши рӯй доштааст.

Дар ин бора назарияи мабодии ҳастии ӯ дарак медиҳад, ки аз рӯи он Аллоҳ мабдаи нахустини тамоми ҳастӣ аст. Ақидаи вай дар хусуси ибдоъӣ будани ҳаракат, замон ва макон низ аз ҳамин хусус ҳикоят мекунад. Эътирофи Худованд ба ҳайси сабаби ниҳоии тамоми ҳастӣ низ ҳадафи ба дини мубини Ислом созгор кардани низом ва ақоиди ӯро дошт. Илоҳиёти Ибни Сино нишон медиҳад, ки муҳимтарин усули дини ислом – тавҳид, нубувват, мабда ва маъод, ҳашру нашр (растохез) аз умдатарин усули илоҳиёти ӯ будаанд. Назарияи Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуди ӯ низ мароми созгор кардани дини мубини Ислом ва фалсафаро доштааст. Дар айни ҳол бояд гуфт, ки байни дини мубини Ислом ва назариёти Ибни Сино тафовутҳое низ вуҷуд дорад. Яке аз ин тафовутҳо аз он иборат аст, ки Ислом робитаи Аллоҳ ва оламро чун робитаи Холиқ ва махлуқ медонад, вале Ибни Сино робитаи Худованд ва оламро чун робитаи сабаб ва мусаббаб қаламдод мекунад ва ба ин хотир таъкид мекунад, ки бар мумтанеъ ҳукме нест ва ба ин васила ҳаматавоноии Аллоҳро маҳдуд менамояд. Муҳаммад Ғаззолӣ ин ақидаи Ибни Синоро нақд карда, таъкид мекунад, ки ҷонибдорони он Аллоҳро аз сифатҳои тавоноӣ, мухторӣ ва олимӣ маҳрум карда «вазъи онро ба вазъи мурдае наздик кардаанд, ки дар бораи ҳаводиси олам чизе намедонад»[1]. Вале бояд гуфт, ки ин нақди Ғаззолӣ муътамад нест, зеро ақидаи Ибни Сино дар бораи он ки Худованд ҳама чизро медонад, вале ба таври куллӣ, чунин маъно надорад, ки Худованд ҷузъиётро намедонад (барои иттилоъи бештар ниг. Боби 7 §4).

Он чӣ дар бораи робитаи ақоиди Ибни Сино бо дини мӯбини Ислом ва калом гуфтем, ин андешаро таъйид мекунад, ки дар Асрҳои миёна тарзи тафаккури фалсафӣ «бо мафкураи динӣ, ки бар усули ваҳӣ ва тавҳид… мутаккост, робитаи ногусастанӣ дорад. Ин вобастагии бунёдии фалсафа аз мафкураи динӣ чунин маънӣ надорад, ки фалсафа ҳамеша ва дар ҳама ҷо бо шуъури динӣ комилан мунҳал мешавад. Вале дар ҳар сурат ин робитаи дин ва фалсафа дар тули тамоми давраи [Асрҳои Миёна] ҳам вижагии масоили фалсафӣ ва ҳам тарзи ҳалли онҳоро муайян мекард. Мавқифи файласуфи Асрҳои Миёна ҳар гунае, ки бошад, ҳамеша нигаронии амиқ аз дин ва илоҳиётро бар дӯш дорад, хоҳ ин нигаронӣ аз он иборат бошад, ки фалсафаро чӣ гунна бояд хидматгузори дин кард, хоҳ нигаронӣ аз он ки чӣ гуна ҳусни ниятро ба дин зоҳир кар-

1 Муҳаммад Ғаззолӣ. Таҳофут ал-фалсафа. Бейрут, 1941. С.103.

да, фалсафаро аз қаюмияти илоҳиёт озод кард»[1]. Дар осори Ибни Сино ин тамоюлот сареҳатан мушоҳида мешавад.

Дар асри 10-ум ва нимаи аввали асри 11-ум, яъне дар замони Ибни Сино дар ҳудуди Давлати Сомониён ва берун аз он тассаввуф (ирфон) дар шуъури ҷомеа нуфузи зиёд пайдо карда буд, зеро садҳо мутафаккири мутасаввиф ба майдони афкори ҷомеа омаданд, ки чи оммаи мардум ва чи ҳокимони даврро зери таъсири худ қарор дода буданд. Аз ҷумлаи онҳо Ибни Сарроҷи Нишопурӣ (асри 10), Абулқосим Ҳасани Тирмизӣ (тав.соли 957), Абдурраҳмони Сулламин Нишопурӣ (936-1021), Абубакр Яъқуби Бухорӣ (Кулободӣ, ваф.соли 990), Абулҳасани Харақонӣ (959-1034), Абусаид Абулхайри Миҳанӣ (967-1049), Мустамлии Бухороиро (вафоташ соли 1034) метавон ном бурд. Мутолаъаи осори ин суфиён нишон медиҳад, ки (1) тасаввуф дар ин давра аз марҳалаи зухд ва шатҳиёт ба марҳалаи ирфони назарӣ иртиқо ёфтааст ва ба ду фирқа – (а) тасаввуфи ғолӣ ва (б) тасаввуфи эътидолӣ тақсим шудааст. Тасаввуфи ғолӣ дар китоби Абулҳасани Харақонӣ «Нур-ул-улум» баён шудааст, ки муаллиф рӯи нуктаи «Ту мойӣ ва мо туем» исрор мекунад. Ин нукта ошкоро шатҳияҳои Боязиди Бостомӣ (вафоташ соли 858) «Дар пӯстини ман ҷуз Худованд каси дигаре нест» ва «Ано алҳаққ»-и Мансури Халлоҷро ба ёд меоварад ва аз он дарак медиҳад, ки Харақонӣ, пешиниён ва пайравони ӯ андешаи «ваҳдати вуҷуд»-ро, ки ба дини мубини Ислом чандон созгор набуд, меписанданд. Тасаввуфи эътидолии даврони Ибни Сино масоили ҳастӣ, маърифат, иҷтимоъӣ ва ахлоқиро дар партави аҳкоми Қуръони Маҷид ва Ҳадиси набавӣ баён мекард. Ин амр дар он зоҳир мешавад, ки суфиёни ин равия кӯшиш мекарданд, ки ҳама гунна назароти худро тавассути оёти Қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ мудаллал созанд. Назарияи ин равияи тасаввуфи замони Ибни Сино дар «ал-Лумаъ»-и Ибни Сарроҷи Нишопурӣ ва «ат-Таъаруф ли мазҳаби-т-тасаввуф»-и Абубакри Бухорӣ (Кулободӣ), «Шарҳи-т-таъарруф»-и Мустамлӣ ва осори фаровони Сулламии Нишопурӣ, аз ҷумла «Адаб-ус-Суфия», «Таърих-ус-Суфия», «Табақот-ус-Суфия» ба таври равшан ва возеҳ баён шудааст. Ҳарчанд дар сарчашмаҳо ва «Саргузашт» ё «Таърихи аҳвол»-и Ибни Сино дар хусуси ошноии ӯ ба ин осори суфиён ишорае вуҷуд надорад, вале бо эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки вай ба муҳтавои онҳо шинос будааст, хусусан бо осори ҳамшаҳриёнаш Абубакри Бухорӣ ва Му-

1 Майоров Г.Г. Формирование Средневековой философии. Латинская патристика. М., 1967. С.4.

стамлии Бухорӣ. Илова бар ин Ибни Сино бо суфиёни шинохтаи замонаш Абусаъид Абдулхайри Миҳанӣ ва Абулҳасани Харақонӣ шиносоии бевосита, мулоқот ва мусоҳибаҳо доштааст. Зиёда аз ин ӯ бо Абусаъид Абулхайр мукотибаи густурда низ доштааст. Саъид Нафисӣ дар «Пури Сино»-и худ шаш номаи Ибни Синоро дар ҷавоби суолҳои Абусаъид Абулхайр зикр кардааст (ниг. Шумораҳои 29, 31, 125, 244, 247, 282). Дар захираи дастхатҳои Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Ӯзбекистон дастнависе бо номи «Мактубот» зери рақами 2385/11 маҳфуз аст, ки даҳ суоли Абусаъид Абулхайр ва даҳ ҷавоби Ибни Синоро шомил аст. Ҳамин бархурдҳо бо суфиён Ибни Синоро водор сохтаанд, ки дар ду намати охирини «Ишорот ва танбеҳот»- «Фӣ мақомоти-л-орифин» ва «Фӣ осори-л-оёт» ба таҳлили моҳияти тасаввуф ва ирфон, хусусиятҳои ҳастишиносӣ, маърифатшинохтӣ ва равоншинохтии он бипардозад.

Вале таъкид бояд кард, ки Ибни Сино назарияҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии суфиён, аз ҷумла усули ваҳдати вуҷуд, ваҳдати мавҷуд, ваҳдати шуҳуд, ҳулул, фано, ва бақоро напазируфтааст. Ибни Сино бовар дошт, ки Аллоҳ Таъоло бешак ҳастии мутлақ ва офаридгори тамоми мавҷудот аст. Вале дар айни ҳол вуҷуди воқеии дигар шаклҳои ҳастиро нафй намекард. Назарияи файзи Ибни Сино ҳам аз назарияи файзи суфиён тафовутҳои бориз дорад[1] . Мавқифи маърифатшиносии Ибни Сино бо ақоиди маърифатии суфиён низ мунтабиқ нест: назарияи маърифати Ибни Сино сарфи назар аз баъзе калавишҳои ирфонӣ (эътирофи ақли қудсӣ ва ақли фаъол ба ҳайси манбаъи маърифат) асосан ҷанбаи ҳиссӣ ва ақлонӣ дорад; на танҳо ҳадси инсонӣ, балки ҳадси қудсии пайғамбар ҳам дар заминаи ақл фоъил аст. Вале назарияи маърифати суфиён асосан назарияи ишроқӣ, завқӣ, илҳомӣ ва ҳадсии соф аст. Аксари муҳаққиқон назарияи ишқи Ибни Синоро намунаи равшани тасаввуфи ӯ медонанд, вале то он ҷо, ки мо таҳқиқ кардем ин назарияи ӯ ҳам ба назарияи ишқи сӯфиён муғоирати бориз дорад. Пас зарур аст, ки дар ҳамаи ин масоил таҳқиқи тадбиқӣ анҷом дода шавад, то ҳақиқати масъалаи муносибати Ибни Сино ба тасаввуф (ирфон) равшан гардад. Ҳоло фақат ин нуктаро таъкид карданием, ки омӯхтан ва таъмим додани назария ва амалияи тасаввуф дар «Ишорот ва танбеҳот» ба Ибни Сино имкон дод, ки назарияи сабабияти худро амиқтар ва комилтар мудаллал созад.

1 Барои иттилоъи бештар ниг.: Ҳамин асар. Боби ҳаштум; Олимов К. Хорасанский суфизм. 1994. –С.114-115.

Дар ин замина вай як нуктаи бисёр муҳимми назариро баён кардааст: аъмол ва падидаҳое, ки дар назари аввал муъҷиза, найранҷот ва тилисмот менамоянд, дар асл аз доираи робитаи сабабии табиъӣ (мазҳаби табиъат ба истилоҳи худи Ибни Сино) берун нестанд.[1]

Сарфи назар аз тафовутҳои ақидатӣ бо суфиён, Ибни Сино нисбат ба онҳо ҳусни ният дошт. Аз як тараф, ин ҳусни ният ба сабаби мулоқот, мусоҳиба ва мукотибаи байни вай ва суфиёни замонаш муқаррар шуда буд, аз тарафи дигар, Шайхурраис меъёрҳои ахлоқи тасаввуфиро меписандид. «Ориф, - навишта буд ӯ, - далер бошад. Ва чаро чунин набошад? – Ва вай аз марг напарҳезад. Вай сахӣ ва ҷаввод бошад. Ва чаро чунин набошад? Ва вай аз дӯст доштани ботил дур аст ва гуноҳҳо афв кунад ва чаро чунин набошад? Ва нафси ӯ бузургтар аз он аст, ки ҳеҷ хиллати башарӣ ӯро мунзаъаҷ [ноором, нороҳат] накунад. Ва кина ва ҳуқд дар ёди он намонад. Ва чаро чунин набошад? Ва зикри ӯ ба ҳаққ машғул аст» .[2]

Вале мутаассифона суфиёни баъдин – аз Саноӣ то Абдурраҳмони Ҷомӣ – ба вай ҳусни тафоҳум надоштанд ва ӯро мавриди нақди шадид қарор дода буданд. Ба ин суфиён майли юнонӣ ва ақлгароии Ибни Сино хушоянд набуд. Барои исботи ин фикр мисраъҳои зерини шоъирони мутасаввифро мутолаъа кунед:

Саноӣ (1079-1140).

Эй Саноӣ, гар ҳамеҷуӣ зи лутфи ҳаққ сано,
Ақлро қурбон кун андар боргоҳи Мустафо...
Мустафо андар ҷаҳон, он гаҳ касе гӯяд ки ақл,
Офтоб андар фалак, он гаҳ касе ҷӯяд Суҳо…
К – он шифо, к – аз ақлу нафсу ҷисму ҷон ҷӯи шифо.
Чун на аз дастури ӯ бошад, шифо гардад шако.
К – он наҷоту к – он шифо, к – арбоби суннат ҷустаанд
Бу Алӣ Сино надорад дар «Наҷот»-у дар «Шифо»[3].

Аттор (1148-1221).

Марди дин шав маҳрами асрор гард,
В – аз хаёли фалсафӣ безор гард.
Нест аз шаръи набии Ҳошимӣ
Дуртар аз фалсафӣ як одамӣ.
Шаръ фармони паямбар кардан аст,
Фалсафиро хок бар сар кардан аст.
Илм ҷуз баҳри ҳаёти худ мадон,

1 Барои Иттилоъи бештарниг.: Ҳамин асар, боби ҳаштум§4
2 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.256.
3 Девони Ҳаким Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ. Бо саъй ва эҳтимоми Мударрис Разавӣ.Чопи чаҳорум.С.43

В – аз «Шифо» хондан «Наҷот»-и худ мадон. [1]

Хоқонии Шервонӣ (1120-1198)

Ай имомону олимони аҷалл,
Холи ҷаҳл аз бари аҷалл маниҳед!
Илми таътил машнавед аз ғайр,
Сирри тавҳидро халал наниҳед!
Фалсафа дар сухан маёмезед,
В-он гаҳе номи он ҷадал маниҳед!
Нақди ҳар фалсафӣ кам аз фалсест,
Фалс дар кисаи амал маниҳед!..
Қуфли устураи Арастуро
Ба дари аҳсан-ул-милал маниҳед!
Нақши фарсудаи Фалотунро
Бар тарози беҳин ҳалал маниҳед!...
Фалсафӣ марди дин мапиндоред,
Ҳизро ҷуфти Сомӣ ял маниҳед! [2]

Ҷомӣ (1414-1492).

Нест ҷуз бӯи набӣ сӯи Худо раҳбар туро,
Аз Алӣ ҷӯ бӯ, ки бӯи Буали мустақдар аст.
Даст бигсал аз «Шифо»-и ӯ, ки дастури шақост,
Пой як сӯ неҳ зи «Қонун»-аш, ки қонуни шар аст.[3]

Таассуби тӯлонии мутакаллимон ва суфиён дар нисбати ақл, фалсафа, улум, фан [техника] ва фановарӣ [технология] яке аз сабабҳои таназзули илму маърифат дар тамоми кишварҳои исломӣ гардид, ки оқибатҳои манфии он ҳоло ҳам ҷиддан эҳсос мешаванд ва моро дастнигари мамлакатҳои Ғарбии аз ҷиҳати илмӣ, фанӣ [техникӣ] ва фановарӣ [технологӣ] пешрафта кардаанд. Ин аст, ки кишварҳои мазкур ҳар гоҳ, ки бихоҳанд, иродаашонро бар мо таҳмил мекунанд. Роҳи халосӣ аз ин вартаи ҳалокатбор аз таассуб даст шустан ва ба таври комил ба илм, фалсафа, фан [техника], фановарӣ [технология] ва фалсафа рӯ овардан аст.

3. Низоми фалсафии Ибни Сино.

Ибни Сино фалсафаро чун илми «маърифати ҳамаи ашё ба қадри тоқати инсонӣ»[4] таъриф медиҳад. Мафҳуми калидии ин таърифи фалсафа лафзи «шайъ» («ашё») мебошад, ки муродифи лафзи «ҳастӣ» аст. «Шайъ, - навишта буд Ибни Сино, - аз маънии «мавҷуд», ки кайфияти лозимаи ӯст, ҷудо намебошад, зеро «шайъ» ё дар хориҷ вуҷуд дорад, ё дар ақл

1 Аттор. Мусибатнома. Теҳрон, 1380. С.156.
2 Иқтибос аз: Муҳаммад Ричоии Бухорой. Фарҳанги ашъори Ҳофиз. Чопи 6. Саҳ.453-454.
3 Абдураҳмони Ҷомӣ. Девони комил. Теҳрон, 1341. С. 209
4 Ибн Сино. аш-Шифо. ал-Мантиқ. 1. ал-Мадхал.. ал- Қоҳира, 1371. С.12.

ва тахайюл. Агар амр ба таври дигар бошад, пас он шайъ нест»[1]. Ба чунин таъбири моҳияти «шайъ» Ибни Рушд низ мувофиқ буд, зеро дар асараш «Талхис» навишта-аст: «Аммо лафзи «шайъ» ба ҳама чизе, ки лафзи «вуҷуд» маҳмул аст, маҳмул мебошад. Вай ба ҳамаи чизҳои омтаре, ки вуҷуд бар онҳо маҳмул аст, низ маҳмул мебошад. «Шайъ» тамоми маъниеро, ки дар нафс мутасаввиранд, шомил аст»[2]. Пас таърифи муъҷази Ибни Сино «фалсафа маърифати ҳамаи ашёст ба қадри тавони инсон» ин маъниро мерасонад, ки фалсафа илмиест, ки куллӣ ҳастӣ – ҳастии моддӣ ва руҳонӣ, табиъӣ ва сунъиро меомӯзад. Низоми фалсафие, ки Ибни Сино дар «Шифо», «Наҷот», «Ҳикмати машриқия» ва «Донишнома» баён кардааст, ин ақидаи моро комилан таъйид мекунад. Аз рӯи ин таъриф низоми фалсафии ӯ низоми улумро умуман ва низоми усули фалсафаро хусусан дарбар мегирад. Дар осори ӯ мо аслан ба се навъи низоми улуми фалсафӣ бармехурем.

Навъи аввали низоми фалсафии Ибни Сино дар «Шифо» ва осори ба он мулҳақи вай баён шудааст. Дар ин асарҳо низоми фалсафии Шайхурраис дар шакли ом ба ду қисм – мантиқ ва улуми фалсафӣ тақсим мешавад, ки ҳар кадомашон дар навбати худ зерсохтореро дарбар мегиранд, ки дорои унсурҳои хос ҳастанд. Масалан, дар низоми фалсафии Ибни Сино мантиқ зерсохторе аст, ки аз таълимот дар бораи (1) лафз, (2) мақулот, (3) қазия (ибора), (4) қиёс, (5) бурҳон, (6) ҷадал, (7) суфистиқо (софистика), (8) хитоба ва (9) шеър иборат аст[3].

Тартиббандии қисматҳои мантиқ, агар ҳадафи Ибни Синоро дар назар бигирем, ба ду асли бунёдӣ такя дорад: (1) аз сода ба мураккаб, (2) ҳаққоният ва яқиният, яъне Шайхурраис аввал шаклҳои содаи тафаккур (лафз, мақула), баъд шаклҳои мураккаби он (қазия,қиёс ва бурҳон)-ро, ки барои ба даст овардани дониши ҳақиқӣ ва яқинӣ корбаст мешаванд, овардааст ва сипас шаклҳои тафаккуреро, ки дониши заннӣ ва ғайрияқинӣ медиҳанд (ҷадал, суфистиқо, хитоба, шеър). Дар мавриди тартиббандии ҷузъҳои мантиқ ва шаклҳои тафаккури мантиқӣ асли генетикӣ-таърихии онҳо, яъне тартиби таърихии пайдоиши онҳо низ ба назар гирифта шудааст. Агар аз назари Ибни Сино аҳамияти мантиқ чун ҷузви фалсафа аз

1 Иқтибос аз: Ҷамил Салибо. Фарҳанги фалсафӣ. Интишороти «Ҳикмат», 1408. С.416.

2 Иқтибос аз: Мурод Ваҳиба, Юсуф Карам, Юсуф Шалола. Ал-Муъҷам ал-фалсафӣ. ат-Табъат ас-сонӣ. ал-Қоҳира,1971 С.120.

3 Ниг.: Абуалӣ Сино. Дар ақсоми умуми ақлӣ // Осори мунтахаб. Ҷилди 2. Душанбе, 1983. С.108-109; Ибн Сино. Аш-Шифо. ал-Мантиқ. 1. ал-Мадхал. ал-Қоҳира, 1371/1952; 2. ал-Мақулот. ал-Қоҳира, 1378/1959; 3. ал-Ибора. ал-Қоҳира, 1390/1970; 4. ал-Қиёс. ал-Қоҳира, 1384/1964; 5. ал-Бурҳон. ал-Қоҳира, 1370/1956; 6. ал-Ҷадал. ал-Қоҳира, 1385/1965; 7. ал-Сафсата. ал-Қоҳира, 1377/1958; 8. ал-Хитоба. ал-Қоҳира, 1373/1954; 9. аш-Шеър. ал-Қоҳира, 1387/1966.

баррасии шаклҳои тафаккур иборат бошад, пас арзиши он ба ҳайси олати улум дар он аст, ки дар тамоми илмҳо русух карда онҳоро дар як низоми том муттаҳид месозад. Мантиқ аз он сабаб унсури аввалини низоми фалсафии Ибни Сино аст, ки вай аз назари ӯ олати илм, ё агар ба забони имрузин бигӯем равишшиноси (методология)-и илм аст. Бинобар ин ҳар касе, ки роҳи пурмашақати илмро интихоб мекунад, бояд ҳатман ин илм ва олатро биомӯзад ва бидонад.

Фалсафаи Ибни Сино ҳам низоми муайяне дорад, ӯ дар ҳамаи асарҳои асосиаш улуми фалсафиро ба ду қисм тақсим мекунад: 1) улуми фалсафии назарӣ, ки моро аз вазъ ва ҳолати ҳастии ашё, ки вуҷудашон аз феъли мо вобаста нест, огоҳ месозад. Ҳадафи ин улум танҳо даст ёфтан ба дониши яқинӣ аст; 2) улуми фалсафии амалӣ, ки моро аз вазъ ва ҳолати ҳастии ашёе, ки вуҷудашон аз феъли мо вобастааст, огоҳ мекунанд.

Ҳадафи улуми фалсафии назарӣ дарёфти ҳақиқат, ғарази улуми фалсафии амалӣ ноил шудан ба хайр ва саъодат аст.

Дар «Шифо» низоми фалсафаи назариро табиъиёт, риёзиёт ва илоҳиёт (мобаъдуттабиъа) ташкил медиҳанд, ки тартиббандии онҳо аз рӯи талаботи зерин муайян карда мешавад: 1) муносибати ин илмҳо ба модда ва ҳаракат; 2) таъини мабодии улуми ҷузъӣ аз ҷониби улуми куллӣ; 3) мавзуъи мавриди таҳқиқи улум. Низомбандӣ, тартиббандӣ ва муқаррар кардани равобити улум дар заминаи мавзуъи мавриди таҳқиқи онҳо яке аз умдатарин нукоти таълимоти Ибни Сино дар бораи таснифоти илмҳо мебошад. Дар назар доштани ин нукта аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ҳатто дар Аврупои Замони нав мо бо кӯшишҳои таснифоти улум аз рӯи қобилиятҳои нафсонии инсон (масалан, дар осори Ф.Бэкон) бармехӯрем. Ҳар як навъи фалсафаи назарӣ аз диди Ибни Сино зернизомеро ташкил медиҳад, ки чандин асл ва фаръи улумро, ки мо имрӯз онҳоро илмҳои бунёдӣ ва амалӣ меномем, дарбар мегирад.

Ҷузъи аввали филсафаи назариро табиъиёт ташкил медиҳад. Низоми табиъиёт чун илм дар бораи табиъати ғайризинда, зинда, масоили фалсафаи табиъиёт ва равишшиносӣ аз ҳашт асл ва ҳафт фаръ иборат аст.

Аслҳои табиъиёт чунинанд: 1) илми самоъи табиъӣ 2) илми ҷаҳон ва осмон, 3) илми кавн ва фасод, 4) илми феъл ва инфиъолот, 5) илми маъодин ва осори улвӣ, 6) илми нафс, 7) илми наботот, 8) илми ҳайвонот. Аз рӯи мантиқи табақабандии аслҳои табиъиёт Ибни Синоро мебоист ба ҳайси асли нухӯми табиъиёт илми инсонро ворид мекард. Аммо на дар «Шифо»,

на дар дигар осораш ин корро анҷом надодааст. Фақат дар охири китоби «ал-Ҳайвон»-и «Шифо» менависад, ки «аммо ҳадиси инсон ва манфиъати онро дар ҷойи дигар хоҳӣ донист» [1]Дар баъзе осори дигараш ҳам ваъда додаст, ки дар бораи инсон китобе махсус хоҳад навишт. Шояд ӯ ин ваъдаи худро анҷом дода бошад ва «Ҳақиқат-ул-инсон» ва «ал-Фирдавс фӣ моҳияти инсон», ки Саъид Нафисӣ дар «Муаллафоти Ибни Сино» зери рақамҳои 110 ва 308 сабт кардааст,[2] ҳамон китобҳое бошад, ки ӯ навиштанашро ваъда дода буд. Ба ҳар ҳол зарур аст, ки ин рисолаҳоро дастрас карда, баррасӣ намуд, то назароти Ибни Сино дар бораи инсон ва моҳияти он мушаххастар дониста шавад. Тартиббандии аслҳои табиъиёт, чунон ки мушоҳида мешавад дар заминаи асли иртиқо аз сода ба мураккаб, аз нозинда ба зинда, аз зиндаи бехирад ба зиндаи бохирад асос ёфтааст. Ин андешаро шарти нахустини таснифот ва тартиббандии аслҳои улуми табиъӣ қарор додан муҳимтарин нуктаи афкори Ибни Сино аст, зеро вай раванди воқеии ташаккул ва тараққии дараҷаҳои гуногуни табиъатро инъикос мекунад. Ба ҳафт фаръи табиъиёт мансубанд: 1) илми тибб, 2) аҳкоми нуҷум, 3) илми фаросат, 4) илми таъбири хоб, 5) илми тилисмот, 6) илми найранҷот, 7) илми кимиё. Вале ақоиди Ибни Сино дар бораи асли тартиббандии фаръҳои улуми табиъӣ чандон равшан нест.

Ҷузъи дуюми фалсафаи назарӣ риёзиёт аст. Вай ба ҳайси аслҳои асосӣ илми адад (ҳисоб), ҳандаса, ҳайат ва мусиқирро фаро мегирад. Фаръҳои илми адад – ҷамъу тафриқ ва ҷабру муқобала, фаръҳои илми ҳандаса – илми масоҳат, илми ҷарри исқол (механика), илми авзон ва мавозин, илми олоти ҳарбия, илми манозиру мароё, илми нақл ва интиқоли обҳо, фаръҳои илми ҳайат – илми зиҷот ва тақвим, фаръҳои илми мусиқӣ – илми интихоби олот ва адвоти ғариба мебошанд. Агар рӯи тартиббандии аслҳои илмҳои риёзӣ, ки Ибни Сино пешниҳод кардааст, мулоҳиза намоем, дарк хоҳем кард, ки ӯ пайрави чунин мантиқи фикр будааст: бе ададҳо, ки онҳоро илми адад баррасӣ менамояд, бузургиҳоеро, ки ҳандаса таҳқиқ мекунад, баён кардан ва омӯхтан имкон надорад. Бе омӯхтани бузургиҳо муайян кардани шакл, вазъ андоза, ҳаҷм ва масоҳати байни ҷирмҳои осмониро, ки илми ҳайат меомӯзад, наметавон таъин кард. Яке аз сабабҳои пеш аз илми ҳайат омӯхтани илми адад (ҳисоб) ва ҳандаса аз назари Ибни Сино аз ҳамин иборат аст.

1 Ибни Сино. Аш-Шифо. Ат-Табиъиёт.8-ал-Ҳайвон. Миср, 1339ҳ, 1970м.С.433
2 Саъид Нафисӣ. Пури Сино.С.13,20

Ҷузъи сеюми фалсафаи назариро илоҳиёт (ё мобаъдуттабиъа), ки фалсафаи уло (нахустин) низ номида мешавад, ташкил медиҳад. Мавзуъи илоҳиёт (ё мобаъдуттабиъа, ё фалсафаи уло) масоили куллии ҳастӣ мебошад.

Таҳқиқ ва тадқиқи масоили куллии ҳастӣ, аз назари Ибни Сино, вазифаи ягон илми ҷузъӣ нест, балки ҳаққи вижа, имтиёз ва вазифаи мобаъдуттабиъа аст, ки фалсафаи улов ва аслӣ аст. Ибни Сино аз рӯи намунаи дигар илмҳо мобаъдуттабиъаро низ ба ду қисм – (1) асл ва (2) фаръ тақсим менамояд. Ӯ усули ҳикмати илоҳӣ (мобаъдуттабиъа)-ро аз панҷ гуна иборат медонад: Аслҳои асосии мобаъдуттабиъа, аз назари ӯ, чунинанд:

1. маърифати ҷамеъи мавҷудоти куллӣ, чун ҳуввият, ваҳдат, касрат, вифоқ, хилоф, тазод, қувва, феъл, иллат ва маъмул…;
2. назар ва таҳқиқи усул ва мабодии улуми табиъӣ, риёзӣ ва мантиқӣ;
3. исботи ҳастии Воҷибулвуҷуд-Аллоҳ, ва донистани сифоти ӯ, феъл ва афъоли вай ва моҳияти илми Худованд;
4. маърифати мабдаоти аввалия ва ҷавоҳири руҳония, ё махлуқоти аввалия, ки назди ҳукамо уқули тулия ва назди шаръ малоикаи каррубиюн номида мешаванд.
5. маърифати ҷавоҳири руҳонии аразӣ, ки ба истилоҳи ҳукамо уқули аразия ва ба истилоҳи шаръ малоикаи муваккил номида мешаванд.

Ду асли аввали мобаъдуттабиъаро илоҳиёт ба маънии ом номидаанд, зеро куллитарин масоили ҳастиро, ки ба модда метавонанд ҳам робита дошта бошанд, ҳам робита надошта бошанд, мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Бинобар ин ҳамин ду асли мобаъдуттабиъаро метавон илоҳиёт ба маънии омми ин калима (ё фалсафа ба маънии хоси ин истилоҳ) номид. Аслҳои сеюм, чаҳорум ва панҷуми мобаъдуттабиъа илоҳиёт ба маънии ахаси ин лафзанд, зеро ҳастии муфориқ ва комилан аз модда ҷудоро мавриди баҳс ва таҳқиқ қарор медиҳанд. Бо назардошти ин баёнот метавон гуфт, ки мобаъдуттабиъа ё илоҳиёти Ибни Сино аз мобаъдуттабиъа ё фалсафаи улои Арасту ҷиддан фарқ дорад. Арасту дар мобаъдуттабиъа ё фалсафаи улои худ асосан илоҳиёт ба маъули ахасро мавриди баррасӣ қарор додааст,[1] дар сурате ки Ибни Сино масоили илоҳиёт ба маънии аъамро низ муфассал таҳқиқ кардааст. Илова бар ин Арасту бурҳонҳои исботи Худованд, масоили қазову қадар, нубувват, маъод ва илми илоҳиро матраҳ

1 Ниг.: Аристотель. Метафизика//026а, 15-30; О душе. 403 в 10-15//Аристотель. Сочинения. Том1. Москва 1976.

накардааст, ҳол он ки Ибни Сино ба тақозои замони худ ба таҳлили вижаии онҳо рағбати зиёд зоҳир намудааст.

Фаръҳои мобаъдуттабиъа аз назари Ибни Сино иборатанд аз (1) таълимот дар бораи ваҳй ва ҳомили он – пайғамбар, (2) таълимот дар бораи маъод, яъне растохез ва бозгашти нафс ба маҳалли аслии хеш. Ин ду фаръи мобаъдуттабиъаро низ илоҳиёт ба маънии ахас метавон номид.

Дар доираи мобаъдуттабиъа ҷудо кардани аслҳои асосӣ ва фаръҳои мухталиф ва ба ин васила муқаррар кардани тафовути масоили соф фалсафӣ ва илоҳиёшиносӣ ду аҳамияти муҳими равишшиносӣ дошт: якум, ин амал барои ба таври комил ҷудо кардани фалсафа аз илоҳиёт шароит фароҳам меовард. Дуюм, барои арзёбии вижаӣ ва мушаххаси ҷаҳоибинии Ибни Сино имконият муҳайё мекунад.

Ин ҷо суол ба миён меояд, ки сабаби чунин тартиббандӣ ва ҷузъбандии фалсафаи назариро Ибн Сино чӣ гуна мудаллал месозад ва таъбир менамояд? Ӯ дар «Ақсоми улуми ақлия» ба ин суол ҷавоби бисёр саҳеҳ ва мантиқӣ додааст: «Ҷиҳати инҳисори ҳикмати назарӣ, -навишта буд ӯ, - ба ин се қисм он аст, ки … чизҳое, ки баҳс мешавад аз онҳо дар ҳикмати назарӣ:

- ё умурест, ки ҳудуди вуҷудашон мутаалиқ ба моддаи ҷисмонӣ ва ҳаракат аст, монанди аҷроми фалакӣ ва аносири чаҳоргона ва он чӣ аз онҳо падид меояд ва таквин мешавад… ва аҳволи мухтас ба онҳо, монанди ҳаракату сукун ва тағйиру истиҳола ва кавну фасод ва нашъу нумувв ва фарсудагӣ ва ҳамчунин…он кайфияте, ки ин ҳолат дар онҳо содир мешавад…

- ва ё он ки баҳс мекунад аз он умуре, ки вуҷухи онҳо мутааллиқ ба модда ва ҳаракат нест, ва лекин ҳудуди таъорифи онҳо таъаллуқ ба модда надоард, монанди тарбеъ ва тадвир, ва курравиёт ва махрутиёт ва монанди ададу хавоси ӯ. Бинобар ин ту ҳар вақт ҳадду таърифи кураро донистӣ, дигар эҳтиёҷ надорӣ, ки ҷинси ин кура аз чӯб аст ва ё аз тилло ва нуқра аст ва ё аз чизи дигаре…

- ва аммо қисми саввум аз ҳикмати назарӣ он аст, ки баҳс мекунад аз он умуре, ки вуҷуду ҳудудашон муҳтоҷ ба модда ва ҳаракат нест ва ё ба ҳасби зот [ба модда ва ҳаракат] муҳтоҷ намебошанд, монанди зоти Парвардигор, ҷаллат азаматуҳу, ва ё ба ҳасби сифат муҳтоҷ ба модда нестанд, монанди ҳуввият ва ваҳдату касрат ва иллату маълул ва ҷамъияту куллият ва тамомияту нуқсон ва он чӣ шабеҳи ин маъонӣ аст.

Ва чун мавҷудот мунҳасир ба ин ақсоми сегона аст, аз ин

ҷихат улуми назарӣ ҳам бар ҳасби онҳо мунқасим ба ин се қисм шудааст, ки қисми илми хос ба аввал мусаммо ба [илми] табиъӣ аст ва илми мухтас ба дуввуми мавсум ба [илми] риёзӣ аст ва қисми саввум мусаммо ба [илми] илоҳӣ аст»[1]

Ибни Сино фалсафаи амалиро низ ба се ҷузъ тақсим кардааст: 1) таҳзиби ахлоқ – таълимот дар бораи ислоҳи ахлоқи фарди алоҳида; 2) тадбири манзил – таълимот дар бораи зарурати манзил (оиладорӣ), идораи он ва робитаи аҳли вай; 3) сиёсати мадина – таълимот дар бораи иҷтимоъи аҳли як шаҳр ё як кишвар, дар бораи сиёсат, мадинаи фозила ва мудуни ҷоҳила, дар хусуси шароити шукуфоии як қавм ва шикасти қавми дигар, дар бораи шариъати ҳаққа…

Ибни Сино асли таснифоти фалсафаи амалӣ ва моҳияти ҳар як ҷузъи онро шарҳ дода, таъкид карда буд, ки «ҷиҳати инҳисори он ба ақсоми сегона он аст [ки] мегӯем тадбиру тафаккури инсон ё мухтас ба як нафар аст ва ё он, ки роҷеъ ба ашхоси мутаъаддида дар як манзил аст, ва ё роҷеъ ба ашхоси мутаъаддида дар як шаҳр ва ё дар як мамлакат аст. Аммо он ки мухтас ба як фард даст, онро «таҳзиби ахлоқ» гӯянд. Ва он чунон аст, ки инсон бидонад чӣ гуна ахлоқро касб кунад ва чӣ гуна сифотеро бояд доро бошад ва чӣ қисм афъол ӯ ба ҷо оварад, то боъиси саъодати дунё ва охирати ӯ гардад… Аммо қисми дуввум, ки роҷеъ ба як ҷамъоати махсус аст, онро «тадбири манзил» номанд. Ва он чунон аст, ки одам бидонад, ки чӣ гуна сазовор аст, амал кунад ва чӣ гуна тадбири умури манзил намояд, то иртиботи ӯ бо завҷ ва авлоду худамо ва зердастон бар наҳҷи некӯ ва тариқаи ақлонӣ шавад, то боиси саъодат ва хушии ӯ гардад… Ва аммо қисми саввум, ки ба муширикати аҳли як мамлакат аст, он аст, ки инсон бишносад ақсоми сиёсатро ва фаро гирад илми иҷтимоъотро ва мадинаи фозиларо, то битавонад тамиз диҳад ва тафриқа гузорад миёни мадинаи фозила ва мадинаи фосиқа ва бидонад иллати тараққии ҳар миллате аз чист ва заволи миллати дигар аз чӣ падид омада аст. Ва дар ҳамин қисми саввум аст, ки шинохта мешавад, аз ӯ эҳтиёҷи мардумро ба шариъати ҳаққа ва маълум мешавад худуд ва аҳкоми куллияи муштаракаи миёни афроди башар ва дониста мешавад тафриқа миёни набии ҳақиқи ва миёни мудаъии ботил ва мардумони шайёд ва шаётини инсӣ, ки Худованди Таъоло ҳам хабар додаст ва мардумро огоҳ сохтааст»[2] .

1 Ибни Сино. Дар ақсоми улуми ақлия//Абуалӣ ибн Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди дуввум. Душанбе, 1983.С.102 (бо андак тасҳеҳ ва ихтисорот)

2 Ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди 2. Душанбе, 1983. С.102-103.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки заминаи низомбандии ҷузъҳои фалсафаи амалиро андешаи бунёдӣ дар хусуси ҷомеъа чун мавҷуди ягонаи иҷтимоӣ, ки бе фардҳои алоҳида ва оила вуҷуд дошта наметавонад, ташкил медиҳад.

Чунин аст низоми фалсафаи Ибни Сино дар асари доиратулмаорифии ӯ «Китоб-уш-Шифо» ва мақолаи ӯ «Дар ақсоми улуми ақлӣ». Аз ин осори ӯ маълум мегардад, ки унсури аввали низоми фалсафии ӯ табиъиёт, баъд риёзиёт ва сипас илоҳиёт аст, ки аз рӯи мазмун ва муҳтавои худ фалсафа ва илоҳиётро фарогирифтааст. Чунин равиш ин гуна шарҳ дода мешавад, ки бе омӯзиши қаблии табиъиёт ва риёзиёт дарки бисёр масоили мобаъдуттабиъӣ (яъне фалсафӣ ва илоҳиётшиносӣ)» душвор аст. Мо муътақидем, ки чунин тавҷеҳи тартиббандии унсурҳои низоми фалсафии Ибни Сино оқилона буда, дар замони мо ҳам арзишашро гум накардааст.

Навъи дуюми низоми фалсафии Ибни Сино дар «Мантиқ-ул-машриқиин»и ӯ, ки ҷузви «Ҳикмат-ул-машриқия»-и вай аст, баён шудааст. Соли таълифи «Ҳикмат-ул-машриқия» дақиқан маълум нест, вале чун дар он истинод ба «Шифо» вуҷуд дорад[1], бе гумон гуфта метавон, ки он пас аз «Шифо» (тақрибан солҳои 1027-1030), вале пеш аз «Ишорот ва танбеҳот» ва «Донишнома» таълиф шудааст. Аз ҳамин назар низоми фалсафие, ки дар «Ҳикмат-ул-Машриқия» оварда шудааст, таърихан навъи дуюми низоми фалсафии Ибни Сино ба шумор меояд[2].

Андешаҳои мутафаккир дар ин боб аз дидгоҳи муносибати фалсафаи машриқия ва фалсафаи машшоия ва равшан кардани таҳаввули ақоили ӯ (агар чунин таҳаввуле ҷой дошта бошад) бисёр ҷолибанд. Бинобар ин бо андак ихтисор фасли «Мантиқ-ул-Машриқиин»-ро, ки дар хусуси улум ва низоми фалсафии вай баҳс менамоянд, иқтибос мекунем ва сипас назароти худро иброз медорем:

«Ҳамоно илмҳо бисёр ва ғаразҳояшон мухталифанд. Вале дар навбати аввал онҳо ба ду қисм тақсим мешаванд [Қисми аввал] илмҳоеанд, ки аҳкоми онҳо на дар куллӣ даҳр, балки дар қисмате аз замон ҷорианд. Сипас онҳо суқут меёбанд ё

1 Масалан, Ибни Сино дар фасли «Зикри илмҳо»-и «Мантиқ-ул-Машриқиин» навиштааст: «Он чиро дар Китоб-уш-Шифо» [рочеъ ба риёзиёт] овардем, бо вуҷуди такрор дар ин ҷо низ меоварем (Абуалӣ Сино. Осор. Душанбе. С.66). Дар фасли «Зикри ҳоссаи биноӣ»-и «Ҳикмат-ул-Машриқия» омадааст: «Дар Китоб аш-Шифо» дар ин боб далелҳои [мухолифинро] оварда, онҳоро рад кардем (Абӯалӣ Ибни Сино. Осор. Душанбе, 2005.С.371). Дар ҳамин ҷо Ибни Сино боз таъкид мекунад: «Дар «Китоб-уш-Шифо» далелҳои дигари қавме дар амри рангҳо оварда шуда, (ақоиди) онҳо раду ибтол гардид (Ҳамон ҷо. С.373).

2 Дар китоби мо «Компендиум философии Ибн Сины»навъи дуюми низомии фалсафии Ибни Сино гуфта низоми дар «Донишнома» мундариҷ қаламдод шудааст, ки саҳеҳ нест ва дар нашрҳои ояндаи он ислоҳ хоҳад шуд.

дар порае аз даҳр ба онҳо хоҷат наемонад, вале баъд боз ба онҳо бармегарданд. [Қисми дуввум] илмҳоеанд, ки беҳтарин улуманд, бинобар ин ҳикмат ном доранд. Ин илмҳо аз усул, тавобеъ ва фурӯъ иборатанд.

Ғарази мо дар ин ҷо баёни усули ин илмҳост. Он улумеро, ки мо тавобеъ ва фурӯъ хондем чун [илми] тиб ва [илми] фалоҳат (кишоварзӣ, барзгарӣ) аст. Улуми ҷузъия ба танҷим (ситорашиносӣ) ва санъатҳои дигар нисбат доранд, ки ҳоҷати зикри онҳо нест.

Илмҳои аслӣ низ ба ду қисм ҷудо мешаванд, зеро берун аз ин нест, ки илм ё барои дарки падидаҳои олами мавҷуда ва он чӣ пеш аз он аст истифода мешавад… ё худ ҷӯяндаи илм онро ба ҳайси олати таҳлили илм дар бораи умури мавҷудаи олам ва он чи қабл аз он аст, истифода мебарад.

Дар ин замон ва дар ин кишварҳо одат шудааст, ки илмеро, ки бояд олат бошад, илми мантиқ биноманд. Шояд он дар назди қавмҳои дигар исми дигаре дошта бошад, вале мо сазовор донистем, ки онро ба ҳамин исми машхур биномем.

Ҳамоно ин илм олати илмҳои дигар аст, зеро он илмест, ки усулеро, ки ҳар дарёбандаи надониста тавассути дониста ба онҳо ниёз дорад, равшан месозад ва ба истеъмоли маълум ба наҳве ва ҷиҳате ин наҳв ва ҷиҳат муҳаққиқро ба дарёфтани надониста ноил мегардонад. Пас илми мантиқ тамоми наҳвҳо ва ҷиҳатҳоеро нишон медиҳад, ки зеҳнро аз дониста ба надониста интиқол медиҳанд. Мантиқ инчунин ҳамаи наҳвҳо ва ҷиҳатҳоеро, ки зеҳнро гумроҳ мекунанд, нишон медиҳад… Пас мантиқ яке аз ду қисми илмҳост.

Аммо қисми дигари улум дар навбати аввал низ ба ду навъ тақсим мешаванд, зеро ғояти илм ё фақат тазкияи нафс аз чизест, ки аз сурати маълум дар он ҳосил мегардад, ё ғояти илм танҳо ин нест, балки он низ ҳаст, ки сурати шайъ дар нафс нақш бандад.

Дар қисми аввали ин илмҳо ба [баррасии] мавҷудот на барои он машғул мешавем, ки онҳо феъли мо ва аҳволи мо мебошанд ва мо бояд роҳҳои дурусти вуқуъ ва судури онҳоро аз худамон ва вуҷуди онҳоро дар худамон бидонем. Дар қисми дуввуми ин илмҳо барои он ба [таҳқиқи] мавҷудот мепардозем, ки онҳо афъол ва аҳволи мо мебошанд. Бинобарин мо бояд роҳҳои дурусттарини вуқуъ ва судури онҳоро аз худамон ва вуҷуди онҳоро дар худамон бидонем.

Аз аҳли замон маъруф аст, ки онҳо илмҳои аввалро илми назарӣ меноманд, зеро ғояти ниҳони он назар аст. Илми қисми сониро онҳо илми амалӣ меноманд, зеро ғояти он амал

аст.

Ақсоми улуми назарӣ чортоанд, зеро умур аз ҷиҳати ҳад ва қивом:

- ё ба моддаи муайян омехтаанд, пас вуҷуди онҳо табиъатан дар ҳар гуна модда дуруст нест ва ҷуз дар моддаи муайян тааққул намешавад, чун «инсоният» ва «устухоният». Сарфи назар аз ин, умур чунин бошанд, ки ақл дар назари аввал манъ намекунад, ки онҳо ба ҳар гуна модда мунҳал мешаванд. Ин ба сабаби хатои зеҳн рух медиҳад. Вале зеҳн барои дарёфтани ҳақиқат ниёз дорад, ки аз ин раводид сарфи назар кунад. Пас маълум мегардад, ки ин маънӣ ба модда ҳулул намекунад, магар ки ақл онро барои худ омода карда бошад. Ва ин монанди «сиёҳӣ» ва «сафедӣ» аст. Пас ин навъи якуми мавҷудот ва умур аст;

- ё умур низ ҳамчунин мухолифанд ва зеҳн дар тасаввури дурусти бисёрии онҳо ба чизе ниёз дорад, ки он модда ё модданамо аст. Пас мумтанеъ нест, ки барои зеҳн ва вуҷуд модда муайян нагардад ва ҳар моддае шоиста бошад. Зеро тахолути онро монеъе нест. Зеҳн дар салоҳияти худ ба ёваре, ки хоси он бошад, ниёз надорад, чун «сегонагӣ» ва «дугонагӣ», зеро онҳо мутакаввинанд, чамъу ҷудо мешаванд ва мисли тадвир, тарбиъ ва ҳамаи чизҳо вуҷуд ва тасаввурашон ба тағийри модда ниёз надорад. Ин навъи дуввуми мавҷудот аст;

- ё умур аслан бо модда ва ҳаракат мубоинат доранд, пас ба ин сабаб дуруст нест, ки онҳо дар тасаввури ақлии ҳақ бо модда омезиш ёбанд, мисли Холиқи Аввали таъоло ва мисли навъе аз фариштагон. Ин навъи сеюми мавҷудот аст;

- ё умур ва маъонӣ ба модда омезиш доранд ва омезиш надоранд. Аз ҷумла умуре, ки ба модда омезиш меёбанд ва омезиш намеёбанд, масалан, ваҳдат, касрат, куллӣ, ҷузъӣ, иллат ва маълул мебошанд.Ин навъи чаҳоруми мавҷудот аст.

Ба мисли навъҳои ҳастӣ ҳамаи навъҳои илмҳои назарӣ аз чаҳор қисм иборатанд. Одат шудааст, ки илме, ки навъи аввали ҳастиро меомӯзад, «табиъиёт», илме, ки навъи дуюми ҳастиро меомӯзад, «риёзиёт», илме, ки навъи сеюми ҳастиро меомӯзад, илоҳиёт ва илме, ки инавъи чаҳоруми ҳастиро меомӯзад, «илми куллӣ» номида шавад, ҳарчанд ки ин тафсил мутаориф нест. Пас, инҳо қисмҳои илми назарӣ мебошанд.

Аммо қисме аз илми амалӣ кайфиятеро, ки инсон бояд дар нафси хеш дошта бошад ва ҳолатҳоеро, ки хоси ӯ мебошанд, меомӯзад, то ки дар ин дунё ва дар охират саъодатманд бошад. Қавме онро ба номи илми ахлоқ шинохтаанд. Қисми дигари илми амалӣ чигунагии ҷорӣ будани амри мушорикати

инсонро бо дигарон меомӯзад, то ки ин мушорикат низоми фозилона дошта бошад, хоҳ ин мушорикати ҷузъия бошад, хоҳ куллия. Мушорикати ҷузъия он аст, ки дар як манзили ягона ҷорист. Аммо мушорикати куллия он аст, ки дар як шаҳр (ва ё мамлакат) пойдор бошад. ҳар як мушорикат ҳамоно тавассути қонуни шаръӣ ва сарвар камол меёбад. Бинобар ин қонуни шаръ бояд риъоя шавад, мавриди амал қарор гирад ва ҳифз шавад. Ба манзури ҳифзи қонун ҷоиз нест, ки сарвар ду корро дар як вақт ба души як инсон вогузор кунад. Пас ҷоиз нест, ки сарварии тадбири манзил ба души касе бошад, ки сарварии мадина ҳам дар зимаи ӯст, балки мадина бояд мудаббири худ ва ҳар як манзил мудаббири дигаре дошта бошад. Аз ин рӯ беҳтар он аст, ки «Тадбири манзил ва сарвари онро» бобе бахшида шавад. Шоиста нест, ки қонунгузории манзил ва қонунгузории мадина алоҳида бошанд, балки беҳтар он аст, ки қонунгузории чизе, ки хоси кул аст, як шахс ва дар мушорикати хурд ва мушорикати бузург як шахс бо синоъати ягона бошад. Ва чунин шахс пайғамбар аст. Аммо сарвари ботадбир чӣ гуна бояд сарварӣ кунад, беҳтар аст, ки якеро бо дигаре наомезем. Ҳар гоҳ ту барои қонунгузорӣ ҳам боби дигаре ниҳӣ, боке нест. Лекин авлотар аст, ки ту илми ахлоқ, илми тадбири манзил, илми тадбири мадинаро алоҳида мураттаб сохта, синоъати қонунгузорӣ ва он чиро ки ба вай такя кунад, ҷудогона биниҳӣ… Ин илм аз назди Худованд берун шудааст ва ҳар инсони соҳибақл онро идора карда наметавонад. **Пас, бигзор ин чаҳор илм қисматҳои илмӣ амалӣ бошанд, чунон ки он чаҳор илм ақсоми илми назариянд»**[1].

Ин порчаи «Мантиқ-ул-Машриқиин» нишон медиҳад, ки Ибни Сино дар «Ҳикмат-ул-Машриқия» ҳамон назарияеро, ки дар бораи ҳастӣ ва низому таснифоти улум дар «Шифо» баён кардааст, овардааст. Зеро низомбандӣ ва таснифоти улум дар ҳарду асар ба усули ҳаммонд – усули тафриқа ва тартиббандии илмҳо аз рӯи навъҳои ҳастӣ ва мавзуъи таҳқиқи онҳо такя дорад. Илова бар ин ҳамчунин назарияи низомбандӣ ва таснифоти илмҳо дар ҳар ду асар зоҳирӣ ва шаклӣ нест, балки мазмунӣ ва муҳтавоӣ аст. Дар ин хусус мутобиқати мундариҷаи «Шифо» ва қисмҳои маҳфузи «Мантиқ», «Табиъиёт» ва «Равоншиносӣ»-и «Ҳикмати Машриқия» шаҳодат медиҳад. Дар ин хусус нияти Ибни Сино дар бораи ба «Ҳикмати Машриқия» ворид кардани қисмати риёзии «Шифо» низ гувоҳӣ, медиҳад. Ин ҳама далели он аст, ки гуфтугузорҳо

1 Ар-Раис Абиалӣ Ибн Сино. Мантиқ-ул-Машриқиин. –Бейрут, 1982. –С.23-28.

дар бораи таҳаввули ҷаҳонбинии Ибни Сино дар «Ҳикмати Шарқия» ба сӯи ирфони Шарқӣ асоси кофӣ надоранд.

Вале сарфи назар аз ин дар масъалаи табақабандии улум байни мавқифи «Шифо» ва «Ҳикмати Машриқия» ду тафовути ҷиддиро таъкид бояд кард. Якум, дар «Ҳикмати Машриқия» Ибни Сино илоҳиётро ба ду илми мустақил – (1) илоҳиёт ва (2) илми куллӣ – ҷудо мекунад, ки ҳар кадомашон мавзуъи таҳқиқи хоси худро дорад. Мавзуъи илоҳиёт мавҷудот ва падидаҳое мебошанд, ки ба модда ва ҳаракат мутлақан робитае надоранд, чун Борӣ ва баъзе анвоъи малоика. Вале мавзуъи таҳқиқи илми куллӣ падидаҳо ва фарояндҳоеанд, ки метавонанд ба модда ҳам робита дошта бошанд, ҳам робита надошта бошанд, чун ваҳдат, касрат, кулл, ҷузъ, сабаб ва мусаббаб. Кӯшиши аз ҳамдигар ҷудо кардани мавзуъ ва масоили соф фалсафӣ аз масоили соф илоҳиётшиносӣ ва ба илми мустақил – илми куллӣ – табдил додани фалсафа барои аз зери васояти дин раҳо додани фалсафа аҳамияти ҷиддӣ дошт ва аз он дарак медиҳад, ки Ибни Сино тадриҷан ба дарки тафовути мавзуъии фалсафа ва илоҳиёт расидааст. Вале чунон ки баъдан нишон хоҳем дод, Ибни Сино худ ин тамоюли муҳимро пайгирона давом надодааст ва он дар таърихи фалсафаи баъди ӯ низ ҷонибдорӣ наёфтааст. На танҳо ҳарифони вай, балки пайравони ӯ, аз ҷумла Насириддини Тусии бузург ҳам, ҳанӯз масоили фалсафӣ ва илоҳиётшиносиро таҳти унвони илми ягонаи илоҳиёт таҳқиқ ва баррасӣ мекарданд.

Дуюмин хислати мушаххас ва мумайизи назарияи низомбандӣ ва таснифоти улум, ки дар «Ҳикмати Шарқия»-и Ибни Сино баён шудааст, аз он иборат аст, ки дар вай ба ҳайси қисми чаҳоруми фалсафаи амалӣ - фиқҳ ё қонуни шаръӣ муқаррар шудааст. Ақоиди фиқҳии Ибни Сино то ҷое, ки ба мо маълум аст ҳанӯз мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Вале шояд ӯ ин масоилро дар китоби «ал-Ҳосил ва-л-маҳсул», ки қариб дар бист ҷилд тасниф кардааст, таҳлил ва баррасӣ карда бошад. Дар ҳар сурат таҳқиқи осор ва андешаҳои фиқҳии Ибни Сино вазифаест, ки бояд дар ояндаи наздик мавзуъи баррасии ҳуқуқшиносони мо гардад.

Навъи сеюми низоми фалсафӣ ва таснифоти улуми Ибни Синоро дар «Донишнома»-и ӯ, ки начандон пеш аз фавташ навишта шудааст, пайдо мекунем. Унсурҳои сохтории ин низоми фалсафии вай ба таври зайл тартиббандӣ шудаанд:

1. Мантиқ чун мадхал ва олати улум, чун ҷузъи фалсафа ва таълимот дар бораи тафаккури сареҳ ва шаклҳои он – лафз, қазия, қиёс, навъҳои онҳо; таълимот дар бораи дарёфти до-

ниши яқинии иктисобӣ.

2. Фалсафа ба фалсафаи амалӣ ва назарӣ таксим карда шудааст, яъне қисматҳои фалсафа ба тартибе оварда шудаанд, ки аз тартиби онҳо дар «Шифо» ва «Ҳикмати Машриқия» тафовут дорад. Унсурҳои сохтории фалсафаи амалӣ иборатанд аз (1) илми тадбири шаҳр, (2) илми тадбири хона, (3) илми тадбири худ. Ин тартиббандии унсурҳои сохтории фалсафаи амалӣ аз тартиббандии онҳо дар «Шифо», «Ақсоми улуми ақлӣ» ва «Ҳикмати Машриқия» низ тафовути куллӣ дорад. Ба назар мерасад, ки тартиббандии унсурҳои сохтории фалсафаи амалӣ, ки дар «Шифо», «Ақсоми улуми ақлӣ» ва «Ҳикмати Машриқия» оварда шудааст, мантиқитар буда, аз дидгоҳи фароянди истиқрори инсон, шахсияти ӯ, ҷомеъапазирии вай ва ташаккули шаклҳои ҷамъиятии ҳастии он авлотар аст.

3. Сохтори фалсафаи назарӣ чунин таъин шудааст:

а) илми барин (илми пешин, илми он чи пеш аз табиъат аст), яъне илоҳиёт; б) илми миёнагин (илми фарҳанг ва риёзат, илми таълимӣ), яъне риёзиёт; в) илми зерин (илми табиъӣ)[1]. Ибни Сино ин равиши худро дар «Донишнома» чунин шарҳ медиҳад: «Ва сеии ин илмҳо аз қибали он аст, ки чизҳо аз се қисм берунаанд:

- ё ҳастии эшон ҳеҷ гуна бо ин мояи маҳсусот ва омезиш ва ҷунбиш андар баста набувад, то мар эшонро тасаввур шояд кардан бе пайванди моя ва ҷунбиш, чунон ки ақл ва ҳастӣ ва ваҳдат ва иллатӣ ва маълулӣ ва ҳар чӣ ба-д ин монад, ки шояд ки ин ҳолҳоро тасаввур кунӣ андар ҷуз аз маҳсусот, чунон ки шояд, ки эшон худ ҷуз аз маҳсусот буванд;

- ё ҳастии эшон ҳарчанд, ки ҷудо набувад аз мояи маҳсусот ва аз ҷизҳо, ки андар ҷунбиш буванд ва ҳам эшонро тавонад ҷудо кардан, зеро ки ба ҳадди эшон ҳоҷат наояд, ки эшонро пайвастагӣ бувад ба мояе аз мояҳои маҳсус биъайниҳи ва ба ҷунбиш додан, чунон ки мусалласӣ ва мурабаъӣ ва гирдӣ ва дарозӣ, ки шояд ки андар зар бувад ва андар сим ва андар чӯб ва андар гил, на чунон чун мардумӣ, ки нашояд, ки ҷуз андар яке моя бувад. Пас аз ин қибалро нашояд ҳад кардан мардумиро ва ҳар чи ба мардумӣ монад андар ин маънӣ, илло ба муддате муъайян ва ба ваҳм ҳам аз моддат ҷудо наистад. Ва аммо мусаллас ва мураббаъ ҳарчанд, ки мавҷуд набуванд илло дар моддате, тавон ӯро ҳад кардан бе моддат ва андар ваҳм гирифтан бе моддат;

- ва ё чизҳое бувад, ки ҳастии эшон дар моддат бувад ва ҳад кардан ва таваҳҳум кардани эшон ба моддат ва ба ҳоли

1 Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алой». Ҳамадон, 1383. С.3.

ҷунбиш бувад, чунон ки масал задем.

Пас он илм, ки ҳоли чизҳо донад, ки эшон ниёзманд наанд ҳароина ба моддат ва ҳаракат, бошад, ки аз эшон чизе бувад, ки ҳаргиз нашояд, ки бо моддат пайванд дод, чун ақл ва ҳақ, чунон ки сипастар бидонӣ. Ва бошад, ки чизҳо буванд, ки шояд, ки эшонро омезиш афтад бо моя ва ҳаракат, ва лекин аз табъи эшон он воҷиб набувад, чун иллате, ки андар ҷисме бувад ва шояд, ки васфи ақлӣ бувад. Он илм илми барин аст.

Ва он ки ҳоли чизҳо донад, ки эшонро андар ҳастӣ чора набошад аз пайванди модда, ва лекин эшонро мояи хоси муайян набувад, чунон ки шаклҳо ва чунон ки шумор аз ҷиҳати он ҳолҳое, ки андар илм ангориш доранд, он илми риёзӣ аст. Ва саввум илми табиъӣ аст. Ва андар ин китоб сухани мо ва нигариши мо андар ин се гуна илми назарӣ аст[1].

Чунон ки аз ин гуфтори Ибни Сино бармеояд низоми фалсафии ӯ дар «Донишнома» чанд хусусияти хос дорад.

Аввал ин ки дар ин асар бар хилофи «Шифо» ва «Ҳикмати Машриқия» унсури аввалини фалсафа - фалсафаи амалӣ дониста мешавад. Вале файласуф ин гуна тағйир додани низоми фалсафаи худро бо бурҳоне мудаллал намесозад ва дар «Донишнома», ки чанд бор ба табъ расидааст, қисмати фалсафаи амалӣ вуҷуд надорад. Дуввум ин ки дар мавриди низомбандӣ ва тартиббандии фалсафаи назарӣ дар ҷои аввал илми барин (ё илми пешин, ё илми он чи пеш аз табиъат аст), яъне илоҳиёт гузошта шудааст. Дар «Донишнома» ин тағйир низ мудаллал нашудааст. Вале аз рӯи номгузории ин фасл ба илми барин ё илми пешин, ё илми он чӣ пеш аз табиъат аст, метавон ҳадс зад, ки ин тағйиротро Ибни Сино ба он хотир ворид кардааст, ки навъи аввали ҳастӣ аз назари ӯ ҳастии чизҳои муфориқ – Борӣ, анвоъи малоика ва дигар падидаҳои ба модда пайванд надошта мебошанд, ки пеш аз табиъат вуҷуд доранд. Бинобар ин илм дар бораи ин навъи ҳастӣ дар низоми фалсафӣ, бояд унсури аввалин бошад. Ин ҳадси моро маводи «Шифо», ки дар бораи номи ин илм баҳс мекунад, таъйид менамояд: «Аммо он чӣ ки мустаҳақи номи ин илм шудан дорад, агар зоташ ба эътибор гирифта шавад, ин аст, ки онро бояд илми «моқаб-луттабиъа»-илми «пешотабиъа» номанд, зеро умуре, ки дар ин илм аз онҳо баҳс мешавад, ба зот ва ба таври умум пеш аз табиъатанд»[2].

Инак, баррасии навъҳои низоми фалсафаи Ибни Сино ва усули он нишон медиҳад, ки вай аслан низоми илмҳои

1 Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. С.3-5.
2 Ибни Сино. аш-Шифо. Илоҳиёт (1). Ал-Қоҳира, 1380. С.22.

ақлонӣ аст, ки дар замони мутафаккир ривоҷ доштанд. Унсурҳои хосса фалсафии ин низом аз мантиқ, илми куллӣ, (ҳастишиносии фалсафӣ), маърифатшиносӣ, илми ахлоқ, илми тадбири манзил ва илми сиёсати мудун иборатанд. Фалсафаи табиъиёт аз диди Ибни Сино илми табиъиёт аст[1], ки тамоми донишҳоро дар бораи табиъати нозинда ва зинда шомил аст. Яке шумурдани фалсафаи табиъат ва илми табиъиёт сифати хоси низоми фалсафии Ибни Сино нест, балки падидаест, ки дар таърихи илм ва фалсафа аз замони антиқа то асри 18 мушоҳида мешавад. Аз рӯи ин суннат фалсафаи табиъат яке аз унсурҳои муҳимтарини низоми фалсафии Ибни Синоро ташкил медиҳад. Шакке нест, ки табиъиёти Ибни Сино аз масоили фалсафӣ ва мазмуноти фалсафӣ саршор аст. Ин мазмунот иборатанд аз масъалаҳои куллии назарии табиъатшиносӣ, чун мабодии куллии табиъиёт ва маърифати он. Вале дар он масоили хосса табиъӣ-илмӣ ва таҳқиқи мушаххаси падидаҳои ҷузъии табиъат низ кам нестанд. Бинобар ин ба ҳайси унсури фалсафаи табиъиёт танҳо он масоиле пазируфта мешавад, ки хусусияти умуминазарӣ ва ҷаҳонбинӣ доранд ва фалсафаи табиъатшиносиро ташкил медиҳанд. Ин гуна масъалаҳо пеш аз ҳама дар «Самоъи табиъӣ»-и «Шифо» таҳлил шудаанд, ки масоили таҷаввури иҷсом, ҳаракат, макон, замон, азалияту абадияти олам, таноҳӣ ва нотаноҳӣ, тағйир ва сабот, сабабият ва маърифати ҳастӣ аз ҷумлаи онҳо буда, аз ҷониби Ибни Сино ва пайравонаш усули умда ва куллии табиъат номида шудаанд. Ба ин маънӣ «Самоъи табиъӣ»-и «Шифо»-ро метавон мадхали фалсафии табииъиёти Ибни Сино донист. Дар «Табиъиёт»-и «Шифо» ва осори дигари ӯ, аз ҷумла дар «Қонуни тиб» низ масоили фалсафии зиёд баррасӣ шудааст, ки аз ҷумлаи онҳо масоили таносуби нафсу тан, ҷавҳарияти нафс, таносух, табиъат, механизм, шаклҳо ва навъҳои маърифат, моҳияти ҳаёт ва пайдоиши он, робитаи организм ва муҳити зист мебошанд.

Дар доираи ин мухтасар имконият надорад, ки ҳамаи масъалаҳои зикр шудаи фалсафаи Ибни Сино ба тавр мабсут ва муфассал таҳлил ва баррасӣ шаванд. Бинобар ин ба тавсифи муъҷази таълимоти мантиқӣ, фалсафӣ, ҷомеъашиносӣ, илоҳиётшиносӣ ва масоили таҳаввули ақоиди ӯ иктифо мекунем. Дар рафти таҳлил мекӯшем, ки мақоми Шайхурраисро дар рушди фалсафаи ҷаҳонӣ тавассути навоварӣ ва ибтикороти ӯ бо далелҳои қотеъ муайян созем.

1 Абуалӣ ибни Сино. Ақсоми улуми ақлӣ // Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди 2. С.103-104.

БОБИ САВВУМ
МАНТИҚИ ИБНИ СИНО

1. Мантиқ чун фалсафа ва олати илм. Мавзуъ ва вазифаҳои мантиқ

Масъалаи мантиқ чун ҷузъи таркибии фалсафа ё олати улум дар фалсафаи Юнони қадим мавриди баҳси домандор буд. Арасту ва пайравони ӯ мантиқро[1] танҳо чун олати улум медонистанд. Бесабаб нест, ки пайравони ӯ маҷмуъаи осори мантиқии вайро «Органон» номиданд, ки маъноаш ҳамон «Олат» аст. Бар хилофи машшоиён равоқиён исбот мекарданд, ки мантиқ бешубҳа ҷузъи таркибии фалсафа аст. Вале навафлотуниён роҳи миёнаро гузида ва паймуда собит менамуданд, ки мантиқ ҳамзамон ҳам ҷузъи таркибии фалсафа ва ҳам олати улум мебошад[2]. Ин масъала дар осори мутафаккирони асрҳои IX-XI араб ва тоҷику форс низ мавриди баҳс ва баррасӣ будааст. Муҳаммад Хоразмӣ дар «Мафотиҳ-ул-улум»-и худ меоварад, ки «порае аз фалосифа «Мантиқ»-ро бахши мустақиле ҷудо аз фалсафаи назарӣ ва амалӣ, баъзе онро ҷузъи улуми назарӣ, бархе онро абзори улуми фалсафа ва билохира баъзе ҷузъи фалсафа ва абзори улуми фалсафӣ баршумурдаанд»[3]. Аз ҷумла, Киндӣ, Форобӣ ва Абулҳасани Омирӣ мантиқро танҳо абзор (олат)-и фалсафа медонистанд. Аз осори мантиқии Ибни Сино, аз ҷумла аз «Мадхал» ва «Қиёс»-и бахши «Мантиқ»-и «Шифо» бармояд, ки ӯ аз баҳси пешиниёнаш дар бораи масъалаи ҷузъи фалсафа ё олоти улум будани мантиқ хуб огоҳ будааст. Далели ин даъво аз он иборати аст, ки ӯ дар фасли дуюми «Мадхал»-и «Мантиқ»-и «Шифо» менависад:

«Барои касе, ки фалсафа баҳс дар бораи ашёст, аз он сабаб ки мавҷуданд, ва ба ду вуҷуди мазкур – вуҷуд дар аъён ва вуҷуд дар тасаввур тақсим мешаванд, ин илм [яъне мантиқ] аз назари ӯ ҷузъи фалсафа нест. Вале азбаски он [мантиқ] дар ин илм [яъне дар фалсафа] нофеъ аст, аз назари ӯ он олати фалсафа аст. Аммо барои касе, ки фалсафа тамоми баҳси назариро аз ҳама ҷиҳат фаро мегирад, мантиқ аз назари ӯ ҳам ҷузъи фалсафа аст ва ҳам олати ҳамаи аҷзои фалсафа. Вале мо ин масъаларо баъдан зиёдтар шарҳ хоҳем дод. Мушоҷароте, ки

1 Дар осори Арасту истилоҳи «Мантиқ» вуҷуд надорад. Ӯ илми эҷодкардаи худро «Аналитика» (Таҳлилшиносӣ) меномид. Истилоҳи «Мантиқ»-ро Зенон-сарвари мактаби равоқиён ба илм ворид кардааст (ниг. Всемирная энциклопедия. Философия. Минск, 2001. С.562).

2 Ниг. Afnan S.Avicenna. His Life and Works. London, 1958. P.83.

3 Абумуҳаммади Хоразмӣ. Мафотиҳ-ул-улум.С.132.

пиромуни мисли ин масъала сурат мегирад, ботил ва фузул [ёвагӯй] аст. Ин мушоҷарот барои он ботиланд, ки байни ин ду қавл [қавле, ки мантиқ ҷузъи фалсафа аст ва қавле, ки мантиқ танҳо олати фалсафа мебошад – М.Д.] таноқузе нест, зеро ҳар яке аз ин ду қавл дар фалсафа маънои ҷудогонаро мерасонад. Вале ин мушоҷарот барои он фузул [ёвагӯи]-анд, ки шуғл варзидан ба амсоли ин чизҳо аз ҷумлаи умуре нест, ки нафъе дошта бошад»[1] Аз ин тавзеҳи файласуф бармеояд, ки ҷузъи фалсафа ё олати фалсафа будани мантиқ аз дарки моҳияти фалсафа вобастааст. Агар фалсафа танҳо баҳс дар бораи ҳастии ашё бошаду бас, пас мантиқ танҳо олати фалсафа аст барои донистани надониста тавассути дониста. Вале агар фалсафа баҳси назариро аз ҳама ҷиҳат, ҳам аз ҷиҳати мавҷуди моддии хориҷӣ ва ҳам аз ҷиҳати мавҷуди муфориқ, зеҳнӣ ва ақлонӣ фаро гирад, дар ин сурат мантиқ ҳам ҷузъи фалсафа ва ҳам олати он аст. Бо назардошти дарки гуногуни моҳияти фалсафа Ибни Сино комилан дуруст таъбир кардааст, ки байни касе, ки мантиқро олати фалсафа (улум) ва касе, ки онро ҳам ҷузъи фалсафа ва ҳам олати он донистааст, таноқузе нест.

Ибни Сино мувофиқи ваъдааш, ки дар иқтибоси фавқ зикр шуд, дар қисмати «Қиёс»-и мантиқи «Шифо» масъалаи мазкурро чунин шарҳ медиҳад:

«Дар пеш барои ту возеҳ кардем, ки мантиқ ба кадом маъно ҷузъи ҳикмат ва ба кадом маъно олат аст. Ҳамоно байни касе, ки онро ҷузъи ҳикмат медонад ва касе, ки вайро олат медонад, танокузе нест. Инак, агар мавзуъи мантиқро аз он ҷиҳат бигирем, ки яке аз мавҷудот аст ва дар назар дорем, ки фалсафа илм дар бораи ҳама гуна мавҷудот мебошад, пас мантиқ ҷузъи фалсафа аст ва аҳволи яке аз мавҷудотро меомӯзад. Ҳол ва табиъати вай иборат аз он аст, ки чигунагии иктисоби маҷҳулро меомӯзад ва ё дар ин амр ёрӣ мерасонад. Пас аз ҳайси ин ки ин ҳол амри хоси бархе мавҷудот, ё оризаи зотии он, ё амри муқаввими вай аст, мантиқ таҳқиқ дар бораи мавҷудотест, ки ҳоли мушаххас доранд. Пас мантиқ илмест аз улум. Лекин чун баъд маълум мешавад, ки маърифати амри мавҷуд дар маърифати умури дигар ёрӣ мерасонад, пас он маърифате аст, ки худ ба худ маърифат буда, олати таҳсили маърифати дигар мегардад. Вале ғарази олии мантиқ иборат аст аз муъовинати он дар таҳсили маърифати дигар. Маърифати ҷузъе аз мавҷудот будани мантиқ аз ҳайси он ки дар таҳсили маърифати дигар ёрӣ мерасонад, далел бар он

1 Ибн Сино. аш-Шифо. ал-Мантиқ. 1 ал-Мадхал. ал-Қоҳира, 1371ҳ./1953 м. С.15-16.

аст, ки ин маърифат худ олат аст. Дар байни ин ки мантиқ ҷузъи фалсафа аст ва ин ки вай олат аст ба маънои табоини мутлақ фарқе нест, ки яке аз онҳо ахасс ва дигаре аъамм аст, зеро ҳар он чи ки олати улум аст, вай ҳамчунин ҷузъе аз улуми мутлақ аст. Ва ин ҳукм акс намепазирад»[1].

Дар заминаи ин баёноти Ибни Сино метавон возеҳ муайян кард, ки мантиқ ба кадом маънӣ ҷузъи фалсафа ва ба кадом маънӣ олати фалсафа (улум) аст. Ибни Сино дар гуфтори худ ҷузъи фалсафа будани мантиқро дар заминаи ин далел исбот мекунад, ки фалсафа илм дар бораи ҳамагуна мавҷудот аст. Агар ба назар бигирем, ки мавзуъи баҳси мантиқ яке аз анвоъи мавҷудот аст, пас мантиқ ҳам ҳамоно ҷузъи фалсафа хоҳад буд. Вале Ибни Сино возеҳ ишора намекунад, ки мантиқ кадом навъи ҳастиро баррасӣ мекунад. Бинобар ин суол пайдо мешавад, ки он навъи мавҷудот, ки мавзуъи мантиқ аст кадом аст? Ба фикри ин ҷониб он навъи мавҷудот, ки мантиқ ба ҳайси як ҷузъи фалсафа меомӯзад, тафаккури инсон ва навъҳои он – лафз, қазия, қиёс, истиқроъ ва тамсиланд. Онҳо чун навъи ҳастӣ аслан табиъати муҷаррад, зеҳнӣ ва ақлонӣ доранд. Лекин чун дар хориҷ татбиқ ёбанд сурати моддӣ пайдо мекунанд. Масалан, лафзи «инсон» ва «инсоният» мавҷуди муфориқ, муҷарад, зеҳнӣ ва ақлониянд. Лекин чун таҷсим меёбанд, яъне дар хориҷ ҳастии айнӣ пайдо кунанд, хосияти моддӣ касб менамоянд. Ҳамаи дигар шаклҳои тафаккур низ ҳамингуна табиъат доранд. Бинобар ин ҳақ дар ҷониби Ибни Сино аст, ки мантиқро ба сабаби омӯхтани навъе аз анвоъи хастӣ ҷузъе аз аҷзои фалсафа медонад.

Вижагии мавқифи Ибни Сино дар ҳалли ин масъала иборат аз он буд, ки ба ақидаи ӯ мантиқ ба андозаи илм буданаш олати маърифат аст, на баръакс. Ба ибораи дигар мантиқ ҳамчун илм машраби мутлақ ва ҳамчун олат маниши нисбӣ дорад. Аҳамияти мантиқ ҳамчун олати маърифат аз он иборат аст, ки он дар тамоми улум нуфуз ва русух карда, онҳоро ба ҳам пайванд медиҳад ва дар як низоми ягона муттаҳид месозад.

Мантиқ ҳамчун олати маърифати илм дар бораи роҳҳо ва тарзҳои донистани надониста тавассути донистаҳост ва ин масоилро баррасӣ мекунад, ки ҳақиқат чист, ҳақиқатнамо чист, дуруғ (кизб) чист ва ҳар кадоми онҳо чанд навъ дорад. Мантиқ аз он сабаб низ олати маърифат аст, ки истифодаи он инсонро аз ворид шудани хато ва иштибоҳ дар тафаккури вай эмин медорад. Аз ин ҷо равшан мегардад, ки барои чӣ Ибни

1 Ибн Сино. аш-Шифо. ал-Мантиқ. 4. ал -Қиёс. ал–Қоҳира, 1384. С.10.

Сино дар ҳама ҳолат – ҳам дар ҳолате, ки таҳқиқи фалсафаи назариро аз фалсафаи уло (илоҳиёт) оғоз мекунад («Донишнома»), ҳам дар мавриде, ки низоми фалсафаи назариро аз табиъиёт шурӯъ мекунад («Шифо», «Наҷот»), ҳам дар сурате ки илоҳиётро аз илми куллӣ, ки фалсафаи ҳақиқист, ҷудо мекунад («Мантиқ-ул-машриқия») – мантиқро дар ибтидои низоми фалсафаи худ қарор медиҳад. Мантиқ аз он сабаб унсури ибтидоии низоми фалсафии Ибни Сино аст, ки вай олат, яъне равиш (метод) ва равишшиносӣ (методология)-и маърифати илмӣ аст ва ҳар касе, ки роҳи пурмашаққату ноҳамвори илмро мегузинад, пеш аз ҳама бояд тарзҳо ва воситаҳои дарёфтани дониши ҳақиқӣ, роҳҳо ва воситаҳои аз хато ва иштибоҳ барҳазар буданро бидонад. Вале бояд гуфт, ки аз назари Ибни Сино мантиқ на олати ҳамагуна дониш, балки танҳо олати дониши иктисобист. Олати дарёфти дониши иқтисобӣ ҳад, расм, қиёс, истиқроъ, тамсил ва бурҳонаст. Вале дониши ғайрииктисобӣ тавассути мушоҳида, таҳлил, таркиб, таҷриба ва озмун ба даст меояд.

Ибни Сино дар таълимоти мантиқии худ асосан ба Арасту муттако буд. Вале баррасии осори мантиқии ӯ шаҳодат медиҳад, ки ӯ мантиқшиноси комилан мубтакир, мухтариъ ва халлоқ аст. Ин андешаро назариёти ӯ дар бораи моҳият, аҳамият, мавзуъ ва ғарази мантиқ ба хубӣ таъйид мекунад.

Барои ба ин хулосаи мо бовар кардан бояд ҳадди ақал фасли мантиқи «Донишнома» ва «Ишороту танбеҳот»-и ӯ бо диққати том мутолаъа шавад.

Руҳи халлоқ ва эҷодкоронаи вай ҳанӯз дар таърифи мантиқ, ки дар «Ишорот ва танбеҳот», ҷой дорад ба хубӣ зоҳир мешавад. Ибни Сино бар хилофи Арасту, ки мантиқро танҳо таълимот дар бораи қиёс, аз ҷумла қиёси бурҳонӣ медонист [1], навишта буд, ки «Мантиқ илме аст, ки дар вай биомӯзанд вуҷуҳи интиқолот аз маъоние, ки дар зеҳни одамӣ ҳосил бувад, ба маъоние, ки хоҳанд, ки ҳосил кунанд ва низ аҳволи он маъонӣ бидонанд ва адади аснофи он, чун тартиб ва ҳайати интиқол дар вай бар ваҷҳи истиқомат бошад ва аҳволи он асноф, ки на чунин бошад»[2]. Илова бар ин ӯ менависад: «Мантиқиро назар бошад дар маъонии мутаққадам, ки муносиби ҳар матлубе бувад ва дар чигунагии расидан ба матлуби маҷҳул ба воситаи маъонии мутаққадами маълум. Пас ғояти назари мантиқӣ он аст, ки мабодии қавли шореҳ бидонад

1 Аристотель. Топика 11, 100а; О софистических опровержениях. 34, 183а, 38. Первая аналитика. 1, 1, 24а, 10-11.

2 Ибни Сино. ал-Ишорот ва танбеҳот маъа шарҳи Насириддин ат-Тусӣ. Қ.1. С.177-178; Ишорот ва танбеҳот. Теҳрон, 1332 ш. С.2.

ва чигунагии таълифи он – хоҳ ҳад бошад ва хоҳ ғайри он ва мабодии ҳуҷҷат бидонад ва чигунагии таълифи он – хоҳ қиёс бошад ва хоҳ ғайри он. Ва аввал ифтитоҳ ба таърифи муфрадоте кунад, ки аз он ҳад ва қиёс таълиф пазирад ва он чӣ ба-д-ин ду монад»[1].

Аз ин таърифи илми мантиқ, ки Ибни Сино баён кардааст, ду натиҷаи муҳим бармеояд.

Якум, мантиқ дар назари Ибни Сино илм дар бораи роҳҳои дарёфтани дониши иктисобӣ аст, ки дар раванди фикр тавассути донишҳои пешин ҳосил мегардад. Дар ин хусус он қисмати таърифи мантиқ далолат менамояд, ки таъкид мекунад: «мантиқ илмест, ки дар вай биёмӯзанд вуҷуҳи интиқолот аз маъоние, ки дар зеҳни одамӣ ҳосил бувад ба маъоние, ки хоҳад, ки ҳосил кунад». Дар «Донишнома» возеҳ таъкид шудааст, ки «…ҳар чӣ тасаввури вай, ё тасдиқ ба вай ба андеша ба ҷой бояд овардан, пеш аз вай бояд, ки чизе дигар дониста бошем, то надонистаро ба вай бидонем… Пас, ҳар чӣ надонем ва бихоҳем, ки бидонем, ба чизҳо донем, ки аввал эшонро дониста бошем. Ва ҳар чӣ надониста бувад, ба дониста дониста шавад. …Ва илми мантиқ он илм аст, ки андар вай падид шавад ҳоли дониста шудани нодониста ба дониста, ки кадом бувад, ки ба ҳақиқат бувад ва кадом бувад, ки наздик ба ҳақиқат бувад ва кадом бувад, ки ғалат бувад ва ҳар яке чанд гуна бувад»[2] . Ба назардошти ҳамин андешаи худи Ибни Сино собит мешавад, ки ақидае, ки гӯё «мантиқи Ибни Сино илм дар бораи ҳақиқат аст, пас он мутобиқ ба назарияи шинохт (маърифат) мебошад», дуруст нест, зеро чунон ки мутафаккир борҳо таъкид кардааст, мантиқ танҳо ва танҳо илм дар бораи дониши иктисобӣ ва яқинияти он аст, на дар бораи ҳамагуна дониш.

Дуюм, таърифи мазкури мантиқ нишон медиҳад, ки Ибни Сино мисли Арасту мавзуъи онро бо қиёсшиносӣ (силлогистика) маҳдуд намекард. Дар ин бора он қисмати таърифи мантиқ гувоҳӣ медиҳад, ки мувофиқи он ғояти мантиқӣ он аст, ки мабодии қавли ҷозим (қазия) ва чигунагии таълифи он, мабодии ҳуҷҷат ва чигунагии таълифи он ва таърифи муфрадот бидонад, ки аз он ҳад ва қиёс таълиф пазиранд. Ин ду хулоса, ки аз таърифи синоии мантиқ бармеоянд, далели онанд, ки Шайхурраис дар дарки моҳияти мантиқ ва мавзуъи омӯзиши он нисбат ба Арасту истиқлолияти комили фикрӣ зоҳир менамояд.

1 Ибни Сино. Ишорот ва –т-танбеҳот. С.3-4
2 Ибни сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1983. С.7,9-10

2. Назарияи лафз ва мақулот

Ибни Сино дар осораш, чунон ки ишора шуд, баррасии шаклҳои гуногуни тафаккурро аз таҳқиқи масъалаи лафз оғоз менамояд. Ин беасос нест, балки чанд сабаб дорад: 1. Ба ақидаи мутафаккир мо дар мавриди таълиму тарбия пеш аз ҳама ба «лафз» ниёз дорем, зеро танҳо тавассути робитаи зарурӣ ва қонунии онҳо қодир ба он мешавем, ки хонанда ва шунавандаро аз маънӣ ва муҳтавои нутқ огоҳ кунем, табиъату хусусияти ашёро дарк намоем, дар бораи онҳо тасаввуроти айнӣ пайдо кунем. 2. Аз назари Ибни Сино лафз маводи забоние аст, ки таввасути он таъриф, расм, қазия ва қиёсхои гуногун-қазияҳо ва қиёсҳои сода, мураккаб, ҳамлӣ, шартӣ, истисноӣ, бурҳонӣ, ҷадалӣ, суфистоӣ ва шеърӣ сохта мешаванд. 3. Таҳқиқи тараққии нутқи кӯдак низ нишон медиҳад, ки лафз (мафҳум) чунин шакли тафаккур аст, ки кӯдак дар рафти рушду камол худ дар навбати аввал аз бар мекунад ва ёд мегирад. Ин андеша дар нисбати ташаккул ва тараққии нутқ ва қобилияти ақлонии тамоми инсоният низ дуруст аст.

Инак, аз назари Ибни Сино лафз чист? Дар робита ба ҷавоби ин суол бояд гуфт, ки на дар «Шифо», на дар «Наҷот», на дар «Ҳикмат-ул-Машриқия», на дар «Ишорот ва танбеҳот», на дар «Донишнома» мутафаккир ба ин суол ҷавоби сареҳ ва якмаъно намедиҳад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки баъзе муҳақиқон дар ҳамон як таҳқиқ таъкид мекунанд, ки аз назари Ибни Сино (1) лафз – «Суханест дар бораи ҷавҳар ва моҳият», (2) лафз – «Навъи дониш ва шакли тараққии маърифат» аст, (3) лафз – «Шакли фикр» аст, (4) лафз – «Ифодаи моҳиятии ҳақиқии ашё» аст, (5) лафз – «Суханест дар бораи мавзуъ», (6) лафз чизест, ки қазия ва муқаддамоти қиёс ба он тақсим мешаванд[1].

Мо ишороти фавқуззикрро ба инобат гирифта ва гуфтаҳои Ибни Синоро дар ин бобат таъмим дода аз номи ӯ чунин таърифи «лафз»-ро пешниҳод менамоем: Лафз шакли аввали тафаккури инсон аст, ки муҳимтарин хавос ва омтарин кайфиёти ашёро дар зеҳн ва ақли инсон инъикос менамояд ва имкон медиҳад, ки моҳияти онҳо дониста шуда, ба хонанда ва шунаванда расонда шавад. Ин таърифи лафз ба назарияи мутафаккир дар бораи лафз ва қазия чун ду шакли дониш ва назарияи ӯ дар бораи таҷрид комилан мутобиқ аст. Дар бораи назарияи якум, яъне назарияи лафз (ё тасаввур) ӯ дар «Донишнома» навишта буд: «Дониш ду гуна бувад. Якум «андар расидан» [лафз], ки ба тозӣ «тасаввур» хонанд, чунон,

1 Ниг. Сайфуллаев М.Н. Логика Ибн Сино. Душанбе, 1991. С.50-65.

ки агар касе гӯяд «мардум» ё «парӣ» ё «фариштa» ва ҳар чӣ ба-д- ин монад, таваҳҳум кунӣ ва тасаввур кунӣ ва дарёбӣ. Ва дуввум, гаравидан [қазия], чунон ки бигаравӣ, ки «Парӣ ҳаст», ва «Мардум зери фармон аст» ва ҳар чӣ ба ин монад. Ва инро ба тозӣ «тасдиқ» гӯянд[1] .

Дарки лафз чун навъи дониш ба таълимоти файласуф дар бораи маърифат ҳамчун инъикос (интибоъ, иртисом)-и хусусиятҳо, кайфиятҳо ва моҳияти ашё дар ҳис, зеҳн ва ақли инсон комилан мутобиқ аст.

Таърифи мазкур ҳамчунин ба назарияи таҷриди ӯ, ки мувофиқи он лафз дар натиҷаи зинаҳои гуногуни таҷрид, ки дараҷаи олии вай марбут ба ақли инсон аст, пурра созгор аст. Зеро маҳз дар натиҷаи фаъолияти таҷридии ақл аст, ки лафзҳо ва мақулаҳо ташаккул меёбанд[2] . Ибни Синоро ин масъала ҳам, ки «лафз моҳияти ашёро чӣ гуна инъикос (интибоъ) мекунад?», ба худ сахт машғул сохта буд. Дар ҷавоби ин суол ӯ дар «Ишорот ва танбеҳот» навишта аст: «Лафзро далолат бар маънӣ ё ба мутобиқат бошад, ки возеъи луғат он лафзро аз барои он маънӣ ниҳода бошад, то ҷуз дигареро фаро нагирад, чунон ки далолати лафзи «мусаллас» бар шакле, ки се зилъ ба вай муҳит бувад ва ё ба тазаммун бошад ба-д-он ки маънӣ ҷузве бошад аз он маъонӣ [ки лафз] мутобиқи ӯ бошад, чунон ки далолати мусаллас бар шакл, зеро ки мусаллас далолат кунад бар шакл на ба он ки шакл мусаллас бошад, балки ба он ки номи маънӣ бошад, ки ҷузви вай шакл аст ва ё ба илтизом бошад бад-он ки лафз дол бошад ба мутобиқа бар маънӣ ва он маъниро лозиме бошад хориҷ аз зоти вай, бал чун рафиқе мусоҳиб бувад он маъниро, чунон ки далолати лафзи «сақф» бар девор ва далолати лафзи «инсон» бар қобили санъати китобат» [3]. Агар ба ин гуфтаи Ибни Сино мутакко бошем ва ба назар бигирем, ки аз диди ӯ лафз моҳияти ашё, хосият, кайфият, аломат ва муносибати аҷсомро инъикос мекунад, пас наметавон ба ақидаи роиҷ розӣ шуд, ки ӯ гӯё дар доираи таълимоташ дар бораи алфози куллӣ (умури куллӣ) исмгаро (номиналист) буд, зеро исмгароёни ғарбӣ бар хилофи Ибни Сино муътақид буданд, ки дар лафзҳои куллӣ чизе аз ашё вуҷуд надорад ва онҳо танҳо номҳои шартӣ (истилоҳотӣ)-и ин ашё, падидаҳо ва фарояндҳоанд. Ибни Сино бар хилофи исмгароён (номиналистон),

1 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383ҳ. С.5.

2 Барои иттилоъи бештар ниг: Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе, 1985. С.150-152.

3 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. Теҳрон, 1332. С.4. Ниг. Инчунин: ал-Ишорот ва-ат-Танбеҳот маъа шарҳи Насируддини ат-Тӯсӣ. ал-Қисм-ул-аввал, ат-Табъату-ус-сония. Доират-ул-маъориф би Миср. –С.139.

ки лафзҳоро сохтаҳои зеҳн медонистанд ва воқеияти куллро инкор мекарданд, воқеияти куллро дар ашё исбот мекард ва дар лафзҳо ифодаи ҳамин куллро медид.

Тасаввуроти Ибни Сино дар бораи моҳияти лафз, таносуби кулл ва куллӣ, ҷузъ ва ҷузъӣ аз назароти Арасту низ тафовут дорад. Арасту, чунон ки маълум аст, аз як сӯ таълимоти Афлотунро дар бораи лафзҳо ҳамчун чизҳои қоруззот рад мекард, аз тарафи дигар, онҳоро асли тамоми мавҷудот мепиндошт ва бароҳшон ҳастии олии комил қоил буд. Ӯ лафзҳоро нисбат ба ашёи фард нахустасос мепиндошт. Вале Ибни Сино бар ин ақида буд, ки «маънии куллӣ, аз он ҷиҳат, ки куллӣ аст, мавҷуд нест илло андар андеша. Аммо ҳақиқати вай мавҷуд аст ҳам андар андеша ва ҳам берун аз андеша, зеро, ки ҳақиқати мардумӣ ва сиёҳӣ мавҷуд аст ҳам андар андеша ва ҳам берун аз андеша - андар чизҳо»[1]. Дар партави ин гуфтаи худи муаллиф ба назар мерасад, ки ақидаи роиҷ дар таҳқиқоти таърихи фалсафа, ки гӯё Ибни Сино се навъи ҳастии умури куллӣ-(1) то ашё (дар ақли Худо), (2) дар ашё ва (3) баъди ашё (дар ақли инсон)-ро эътироф мекард, асосе надорад.

Ибни Сино ба баррасии лафз аз ҷиҳати сохт (ҳайат) таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Аз рӯи ин меъёр ӯ пеш аз ҳама лафзро ба муфрад ва мураккаб тақсим мекунад.

Лафзи муфрад – лафзест, ки баъзе ҷузъҳои он ба баъзе ҷузъҳои маънои он далолат намекунанд, масалан, чун лафзи «Зайд», «Муҳаммад», «Амр», «Мардум», ва «Доно». Ба ибораи дигар лафзи муфрид аз назари Ибни Сино лафзест, ки ҷузъҳои он ба маъние далолат намекунанд[2]. ҳамоно мо агар лафзҳои мазкурро ба ҷузъҳо тақсим кунем, ин ҷузъҳо ба маъние далолат натавонанд кард.

Лафзи мураккаб (ё муаллаф) - лафзест, ки баъзе ҷузъхои он ба баъзе ҷузъҳои маънии он далолат мекунанд, масалан чун лафзи «мардум доност» ва «мардуми доно». Бе душворӣ тасаввур метавон кард, ки дар баъзе ҷузъхои таркибии ин лафзҳо ба таври тазаммун маъно ва муҳтавои онҳо ниҳон аст, зеро вақте мо «мардум» мегӯем, табиъист, ки дар назар дорем, ки вай «доно» аст, вале вақте «доно» мегӯем бе душворӣ тасаввур менамоем, ки сухан аз боби «мардум» аст. Ибни Сино таъкид мекунад, ки «то ҳоли» лафзҳои муфрад дониста наояд, ҳоли лафзҳои мураккаб дониста наояд»[3].

Аз назари Ибни Сино ҳар лафзи муфрад ё куллист ё ҷузвӣ.

1 Ибни Сино. Илоҳиёти « Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. С.41.
2 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. С.11.
3 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.11.

Лафзи муфради ҷузвӣ он аст, ки на дар зеҳн ва на дар аъён ҷуз ба як ашё ва ҷуз ба як маъно далолат накунад. Ё ба ибораи Ибни Сино лафзи ҷузъӣ он аст, ки худи тасаввури маънияш монеъ ояд аз он, ки дар вай ширкати дигаре афтад, чунон ки маънои «Зайд», ки на дар вуҷуд ва на дар зеҳн, бо «Зайд» каси дигареро ширкат натавонад буд[1].

Лафзи муфради куллӣ он бувад, ки ба як маъно бар чизҳои бисёр далолат кунад, чун лафзи «мардум», ки ба як маъно бар чизҳои бисёр далолат мекунад: ҳам бар «Зайд» ҳам ба «Амр» ва ҳам бар «Бакр». Дар бархе лафзи куллӣ ширкат билфеъл мавҷуд бошад, чун лафзи «Инсон», дар бархе – билқуввa ва ба имкон, чун лафзи «шакли куравии муҳит бар дувоздаҳ қоъидаи мухаммасӣ» ва дар бархе дигар – на билфеъл ва на билқуввa ва на ба имкон, чун «Офтоб», ки як зоте беш нест. «Ва агар чунон бувад, ки [лафзи куллӣ] дар вуҷуд бар як чиз афтода бувад, ту таваҳҳум тавонӣ кардан, ки ӯро ба чизҳои бисёр афканӣ, ки ба ваҳм тавонӣ аз он маъно чизҳои бисёр андешидан, чунон ки тавонӣ андешидан офтобҳои бисёр ва моҳтобҳои бисёр»[2].

Лафзи куллӣ ба ақидаи Ибни Сино ё ба ҳақиқати ашё далолат мекунад ё ба падидаҳои он. Аз ин рӯ, он мунқасим мегардад ба лафзи куллии, зотӣ ва лафзи куллии аразӣ. Лафзи куллии зотӣ- лафзеро гӯянд, ки маъноияш бо моҳият ва ҳақиқати ашё нисбат дорад. Вале лафзи куллии аразӣ он бошад, ки ба падида ва аърози ашё далолат намояд. Ибни Сино дар тавзеҳи ин алфоз чунин нигошта: «Ва бояд, ки инро бигӯем: мардумро ду сифат аст, яке ба дигар наздик – як зотӣ ва дуввум аразӣ. [Аммо лафзи куллии зотӣ] – чунон ки «нотиқ» ва тафсири вай чунон бувад, ки ӯро ҷони сухангӯё бошад, он ҷон, ки сухан гуфтан ва тамйиз ва хосаҳои мардумӣ аз ӯ ояд. Ва дигар лафзи куллии аразӣ, чунон ки «зоҳик» ва тафсири вай он аст, ки андар табъ вай чунон аст, ки чун чизе шигифти ғариб бинад ё шунавад, вайро шигифт ояд ва, агар бозданда набувад аз табъ ё аз хуй, шояд, ки бихандад. Ва пештар[3] аз ин ду васф бояд, ки [ҷон] бибувад нахуст, то мардум бибувад. Пас чун ин ҷон ба тан ҷуфт шавад ва мардум мардум шавад, он гоҳ ханданокӣ ва шигифтдорӣ ояд. Пас сипасин васф он гоҳ ҳамеояд, ки мардум мардум шавад. Ва аз қибалро тавонӣ гуфтан, ки нахуст бояд мардумро ҷони мардумӣ бувад, то мардум шавад ва то хандон бошад ба табъ. Ва натавонӣ гуфтан, ки нахуст бояд хандон бошад ба табъ, то ӯро ҷони

1 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.12-13.
2 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. С.12.
3 Дар матни асл «бештар», ки маъниро дуруст намерасонад.

мардум бошад ва мардум бувад. Пас васфи пешин зотӣ аст ба ҳақиқат ва васфи дуввум ҳарчанд, ки ҳаргиз аз мардум бар нахезад, зотӣ нест, балки аразӣ аст. Ва аммо он, ки гӯи «Зайд нишаста аст, ё хуфта аст, ё пир аст, ё ҷавон аст» шак нест ки аразӣ аст, ҳарчанд ки яке зудтар баргардад ва яке дертар бимонад».[1]

Алфози куллии зотӣ аз назари Ибни Сино се гуна аст. Якум ҷинс аст, ки бар чизҳои бисёр дар зот ва дар адади мухталиф далолат мекунад ва дар ҷавоби «чист он?» (мо ҳува?) гуфта мешавад. Масалан, лафзи «ҷисм» ҷинс аст ҳам барои ҷамодот, ҳам барои ҳайвон ва ҳам барои инсон, ки чи дар ҳақоиқи зотӣ ва чи дар адад мухталифанд. Дуюм навъ аст, ки ба чизҳои бисёри мухталиф дар адад, вале муттафиқ дар ҳақоиқи зотӣ далолат мекунад ва дар ҷавоби «чист он?» (мо ҳува?) гуфта мешавад, чун лафзи «инсон» барои ашхоси мардум, ки дар ҳақоиқи зотии хеш муттафақанд. Саввум фасл аст, ки бар тамйиз ва тафриқаи ашё яке аз дигар далолат дорад ва дар ҷавоби «кадомин чиз?» (айю шайин?) гуфта мешавад, масалан «нотиқ» ва «ҳасос» алфози куллии зотии фасланд, ки мутобиқан ба чигунагии инсон ва ҳайвон далолат менамояд.

Алфози куллии аразиро Ибни Сино иборат аз ду гуна медонад. Гунаи аввалро ӯ хосса номида, чунин таъриф карда аст: хосса лафзи куллӣ аст, ки бар падидаҳои як куллӣ далолат кунад, чунон ки ханданокӣ мардумро. Гунаи дуюмро Шайхурраис арази ом ном ниҳода ва дар таърифаш гуфта аст: арази ом лафзи куллиест, ки бар беш аз як ашё далолат дорад, чунон ки «ҷунбанда» ҳам мардумро ва ҳам чизи дигарро ва чун сиёҳӣ ҳам зоғро ва ҳам чизи дигарро. Ба ин тариқ, алфози куллӣ аз назари Ибни Сино панҷ гуна аст: ҷинс, навъ, фасл, арази хос, арази ом. Ибни Сино ин шаклҳои гуногуни лафзро мухтасаран таҳлил карда, дар «Ишорот ва танбеҳот» навишта буд: «Ин алфози панҷгона, ки ҷинс, навъ, фасл ва [арази] хоса ва арази ом бошанд, муштараканд дар он ки маҳмул бошанд бар ҷузъиёте, ки воқеъанд дар зери эшон ба расм ва ба ҳад…Расми ҷинс он аст, ки ӯ куллӣ аст, ки маҳмул бошад бар чизҳои мухталифулҳақоиқ дар ҷавоби «мо ҳува?» [он чист?]. Ва расми фасл он аст, ки ӯ куллие аст, ки маҳмул бошад бар чизе дар ҷавоби «айю шайъин ҳува» [он кадом чиз аст?]. Ва навъро ба як маънӣ расм он аст, ки он куллие аст, ки маҳмул бошад бар чизҳое, ки мухталиф набошад, илло ба адад дар ҷавоби «мо хува?» [чист он?]. Ва ба маънии дигар расми навъ, аънӣ навъи изофӣ он аст, ки ҷинс бар вай

1 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. С.17-18

ва бар ғайри вай маҳмул бошад, ҳамлии зотии аввалӣ ва расми [арази] хосса он аст, ки ӯ куллие аст, ки маҳмул бувад бар як ҳақиқат, аънӣ бар чизҳое, ки зери як ҳақиқат бошанд ҳамлӣ на зотӣ. Ва расми арази [ом] он аст, ки ӯ куллие аст, ки бар чизҳои мухталифулҳақиқа маҳмул бошад, на ҳамлии зотӣ»[1]. Ҳангоми таҳлили моҳияти лафзҳои ҷинсӣ ва навъӣ Ибни Сино ба хатоҳои пешиниёни худ, аз ҷумла Фарфуриуси Сурӣ – муаллифи «Исоғуҷӣ» («Мадхал») ишора карда навишта буд: «одати онҳо [мантиқиён] ин низ ҳаст, ки ҳар як мухталифот-ул- ҳақоиқро, ки таҳти қисми аввал (яъне ҷинс – М.Д.) аст дар қиёс ба вай навъи он биноманд, ҳарчанд, қисми «навъ» аз рӯи таҳқиқ дар ду мавзеъи [ҷудогона] ҳамоно ба ду маънии мухталиф далолат мекунад. Он чӣ ки мантиқиён дар [таъбири] он ба саҳв афтодаанд, гумнони онҳост, ки исми «навъ» дар ду мавзеъ ба як [маънии] воҳид далолат мекунад ё мухталиф аз ҷиҳати умум ва хусус далолат мекунад»[2]. Вай ба Фарфуриус дар масъалаи тарсими ҷинс тавассути навъ низ мувофиқ набуд ва таъкид кардааст, ки «туро нашояд ба он чи ки муаллифи «Исоғуҷӣ» дар боби тарсими ҷинс тавассути навъ гуфтааст, муроҷиат намоӣ»[3]

Ибни Сино на танҳо дар масъалаи моҳияти алфози панҷгона, балки дар таҳқиқи масъалаи ташаккули алфоз низ истиқлоли ҷиддии афкор зоҳир карда ва як назарияи барои замони худ тозае эҷод намудааст, ки онро метавон назарияи таҷрид номид. Аз рӯи он ҳар маърифате, чи ҳиссӣ бошад ва чи тахайюлӣ ва чи ваҳмӣ ва чи ақлӣ, аз роҳи таҷриди сурат аз модда падид меояд. «Лекин таҷридро маротибе ҳаст ба-дин қарор: ҳис суратро аз модда бараҳна месозад ва мегирад, то дар ҳосса асаре аз маҳсус падид ояд ва ин асар бояд бо маҳсус муносибат дошта бошад, зеро агар бо моҳияти маҳсус номутаносиб бошад, асли он асар эҳсос ва дарёфти он маҳсус муяссар нахоҳад шуд. Лекин ҳис сурати ашёро ба таври комил ва тамом бараҳна ва муҷаррад намесозад, балки онро бо алоиқи моддӣ ва бо нисбати он бо модда мегирад, ба тавре, ки агар модда ғоиб шавад, ин сурат аз миён бармехезад ва нобуд мегардад.

Аммо хаёл таҷриди бештар ба кор мебарад ба тавре ки агар модда ғоиб шавад, боз ҳам он сурат дар он ба ҷо мемонад, лекин на чунон ки аз ҳама авориз ва лавоҳиқи модда пок ва муҷаррад бошад, зеро хаёл ҷуз чизҳои маҳсусро тахайюл

1 1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. Теҳрон, 1332. С.14.

2 2 Ибни Сино: ал-Ишорот ва –танбеҳот маъа шарҳи Насируддин-ат-Туси. ал-Қисм-ул-аввал, ат-Табъат-ул-Сония. Доират-ул-маъориф бн.Миср.С.187-188.

3 3 Ҳамон асар.С.220

накунад ва чун инсонеро тахайюл кунад аз он ҷиҳат нест, ки инсоне аст куллӣ ва ҳар инсоне бо ӯ дар ин ҳақиқат иштирок дорад, балки аз он ҷиҳат ки инсонест ҷузъӣ, ки дорои кам ва кайф ва айна ва вазъи хос аст.

Аммо ваҳм суратро аз модда беш аз пеш таҷрид мекунад, зеро ваҳм маъониро мегирад, ки на маҳсус, балки маъқул аст; чизе, ки ҳаст онҳоро ба таври куллӣ ва комилан маъқул намегирад, балки ба тавре мегирад, ки бо маҳсус иртибот доранд. Ваҳм чунон нест, ки маъно ва ҳақиқати зор [зарурӣ] ва нофеъро аз он рӯй, ки зор [зарурӣ] ва нофеъи ҳақиқате аст куллӣ таваҳҳум кунад, балки аз он рӯй таваҳҳум кунад, ки ҷузъӣ ва шахсии хос аст.

Аммо ақл кори таҷридро ба итмом ва камол мерасонад. Пас суратро аз модда, лавоҳиқи моддӣ ва изофаи моддӣ таҷрид мекунад ва худи суратро ба таври сирф ва холис мегирад, яъне лафзро эҷод мекунад. Ин дар ҳолест, ки сурати лафзи маъқул худ ба худ муҷаррад набошад. Дар мавриде, ки он худ ба худ ва ба ҳасби зот муҷаррад ва маъқул бошад, ба ин тасфия ва таҷрид ниёзе нахоҳад буд»[1].

Ибни Сино ба таҳқиқи аъмоли мантиқиё, ки бар алфози иҷро мегарданд, таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда аст. Осори вай баёнгари он аст, ки ӯ аъмоли мантиқии ҳад, расм, таъмим ва таҳсири алфозро некӯ медониста аст. Ақоиди ӯ дар ин масоил иҷмолан чунин аст.

Ғараз андар **ҳад** шинохтан ва донистани ҳақиқати зоти ашё аст. Ҳақиқати зоти ашё, ки дониста шуд, ҷудоӣ ва тафриқаи онҳо худ ба худ маълум хоҳад шуд. «Ҳад кардан он бувад, ки наздиктарин ҷинси чиз бигирӣ, чунон ки «ҳайвон» «мардум»-ро ва он гоҳ фасли зотии вай биёрӣ, чунончи «нотиқ». Пас гӯӣ: «Мардум ҳайвони нотиқ аст». Пас ин ҳадди мардум бувад». Барои он ки дар ҳад хато наафтад, чаҳор қоъидаро риоя мебояд кард. 1) Лафзро ба василаи худи он лафз таҳдид набояд кард, зеро ин боиси тасалсул дар ҳад хоҳад шуд. Масалан, дар таҳдиди замон набояд гуфт, ки «Замон муддати ҷунбиш аст», зеро «муддат» ва «замон» як чиз аст ва он касро, ки ҳади замон мушкил бувад, ҳади муддат низ мушкил бувад. 2) Лафзро бо ёрии лафзе, ки дар пушидагӣ ва пайдоӣ (пинҳонӣ ва ошкоро) монанди якдигар бошанд, таҳдид набояд кард. Масалан, дар таҳдиди «сиёҳӣ» набояд гуфт, ки «сиёҳӣ» он бувад, ки зидди сапедӣ аст. Ин авлотар аз он нест, ки гӯянд «сапедӣ он гуна аст, ки зидди сиёҳӣ аст», зеро

1 Ибни Сино. Мабда ва маъод. Теҳрон, 1332. С.117-118; аш-Шифо. ат-Табиъиёт, 6-ан-Нафс, ал-Қоҳира. 1395. С.50-57.

«сапедӣ» ва «сиёҳӣ» дар пушидагӣ (маҷҳулӣ) ва пайдоӣ (маъруфӣ) ҳаммонанданд. 3) Лафзро ба василаи лафзи аз он пушидатар (маҷҳултар) набояд таҳдид кард. Масалан, набояд таҳдид дод, ки «Оташ он ҷисме аст, ки ба нафс монад», зеро лафзи «нафс» аз лафзи «оташ» пушидатар (маҷҳултар) аст. 4) Лафзро бо лафзе, ки бо ёрии он шинохта намешавад, таҳдид набояд кард. Масалан, дар ҳади «Офтоб» набояд гуфт, ки «Офтоб» он ситора аст, ки ба рӯз барояд, зеро ба ҳақиқат «рӯз он замон бувад, ки Офтоб андар вай баромада бувад».

Ибни Сино навишта аст: « Истеъмоли алфози ғариб ва маҷозӣ ва мустаъор дар таҳдид зишт бошад, балки бояд истеъмоли алфози том ва муътадил кунанд» ва агар иттифоқ афтад, ки маъниро лафзи муносиби муътод набошад, бояд ки аз баҳри вай лафзи муносиб ва мувофиқ ихтироъ кунанд ва далел созанд бар он маъно, он гоҳ истеъмол кунанд»[1].

Арасту ва Ибни Сино асосан назарияи ҳад тавассут ҷинс, навъ ва фаслро, ки тарзи куллии ҳадди лафз нест, пешниҳод карда буданд. Аз ин роҳ лафзҳо ва мақулаҳои бисёр куллиро таҳдид кардан мумкин нест, зеро барои онҳо ёфтан ва баён кардани ҷинс, навъ ва фасл имконпазир нест. Барои таҳдиди чунин лафзҳо тарзҳои дигар, масалан, ҳад тавассути нишон додани муносибати чиз бар зидди худаш, истифода мешавад. Вале ба назар мерасад, ки Ибни Сино ин тарзи ҳадро намедонистааст ва аз ин сабаб муътақид буд, ки лафзҳои ниҳоят куллӣ, масалан, лафзи «ҳастӣ»-ро наметавон таҳдид ва таъриф кард.

Бар хилофи ҳад ғарази **расм** аз назари Ибни Сино на шинохтан ва донистани ҳақиқати ашё ва алфози дол бар он, балки нишон додани онҳост. Расм кардан он бувад, ки лафз ба василаи ҷинс, фасл, арази хос ва арази ом тавсиф шавад. Ба ин сабаб Ибни Сино ду гуна расмро ташхис дода аст. Яке расм, ки ба василаи ҷинс ва арази хос сурат мегирад ва мисолаш ин аст: мардум ҳайвоне аст хандон, гирён ва раванда ба ду пой. Дигаре расмест, ки ба тавассути ҷинс, арази хос ва омм сурат мебандад, чунон ки гуянд: «Мусаллас шаклест, ки се зовия дорад мусовӣ ба ду қоима». Барои он ки дар расм хато наафтад, қавоидеро, ки дар боби ҳад зикр шуд, риоя мебояд кард.

Аз назари Ибни Сино таъмим ва таҳсири лафз иборат аст аз ҷинсбандӣ, навъбандӣ ва фаслбандии он. Моҳияти масъаларо мутафаккир худ чунин тасаввур мекард: «Ачнос мураттаб шавад ба боло ва анвоъ мураттаб шавад ба зер ва воҷиб бошад, ки мунтаҳӣ шаванд ба боло ва зер. Аммо баёни он ки

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.16.

ба куҷо мунтаҳӣ шаванд ва кадоманд, ки мутаваситоти ин ду тарафанд, бар мантиқӣ лозим нест, балки лозимаш он аст, ки бидонанд, ки ин ҷо аҷноси олӣ аст, ки аҷнос бошад ва анвоъи софил аст, ки анвоъи анвоъанд. Ва миёни ин ду мутавасситонанд, ки нисбат ба зер ҷинсанд, ки дар зери вайанд ва нисбат ба боло навъанд, ки бар болои вайанд. Ва ҳар якеро дар мартабати хеш хосияте аст»[1].

Ибни Сино ба таҳлил, баррасӣ ва тавзеҳи моҳият, соҳтор, навъҳо ва аҳамияти ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии лафз ба абас таваҷҷуҳи хосса зоҳир накардааст. Сухан дар сари ин аст, ки бе дарки мутобиқ ва возеҳи ин хусусиятҳои лафз, масъалаҳои ҳаҷм, маънӣ, муҳтаво, шаклҳо, таъриф, расм ва моҳияти он барои илм дарёфта намешаванд. Ибни Сино амри охиринро дар назар дошта навишта буд: «…Аҳли илмро машғулӣ нест ба ҳоли алфози ҷузвӣ ва маъниҳои ҷузвӣ, балки шуғли эшон ба маъниҳои куллӣ аст ва шак нест, ки ҳар куллиро ҷузвҳо андар зер бувад»[2].

Ибни Сино масоили моҳияти лафз ва таносуби мантиқ ва сарфу наҳв (грамматика)-ро баррасӣ карда, андешаи забон чун аломати тафаккур ва олати муоширатро возеҳ баён кардааст, ки моҳияти он дар «Шифо» ба таври зайл баён шудааст: инсон фикри ниҳониашро ба худ ва ба дигарон тавассути забон ифшо ва илқо мекунад, зеро тафаккури инсон бе забон маъниҳои заруриро наметавонад ифода кунад. Ба ибораи дигар ҳаргоҳ инсон фикр мекунад, хоҳу нохоҳ маъниҳоро тавассути лафзҳо баён мекунад ва бе забон аслан фикр карда наметавонад. Бе забон, бе алфоз дар бораи чизе ҳукм кардан ва хабар додан аз имкон берун аст. Аломатҳои забон бар хилофи аломатҳои табиъӣ ва мусталиҳӣ, аломатҳои ақлӣ (зеҳнӣ) номида мешавад. Вале ин чунин маънӣ надорад, ки ақл дар тавзеҳи аломатҳои мусталиҳӣ (шартӣ) ширкат наменамояд. Баръакс, бе иштироки ақл ягон маънӣ ва аломат фаҳмида ва дониста намешавад. Аломатҳои забонӣ- калимаҳо, лафзҳо, мақулаҳо - он чиро, ки дар хориҷи ақл аст, инъикос менамояд. Ин андешаи мутафаккир дорои аҳамияти хосси ақидатӣ аст: он ин нуктаро шомил аст, ки калимаҳо, лафзҳо, мақулаҳо сохтаҳои пучи ақл нестанд, балки инъикоси хосиятҳои куллии ашё мебошанд.

Яке аз ҷузъҳои муҳимми низоми мантиқи Ибни Сино таълимот дар бораи мақулаҳо мебошад, ки дар китоби дуввуми қисмати мантиқи «Шифо» бо номи «Мақулот», дар фас-

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.12.
2 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». С.13.

ли алоҳидаи «Илоҳиёт»-и «Шифо», «Наҷот» ва «Донишнома» баён шудааст. Таҳлили мухтасари маводи ин асарҳои Шайхурраис роҷеъ ба мақулот нишон медиҳад, ки ӯ дар мавриди коркарди назарияи мақулоти худ зери таъсири Арасту қарор доштааст. Ин ки ӯ чун Арасту мақулотро ҷинси олии мавҷудоти айнӣ ва ҷинси олии алфози ақлонӣ медонад, андешаи моро таъйид мекунад. Илова бар ин Ибни Сино мавқифи Арастуро дар бораи даҳ мақулаи ҳастӣ, ки дар асари ӯ «Мақулот» баён шудааст, мепазирад ва дар осори зикршудааш пайгирона ҷонибдорӣ менамояд. Вале Арасту дар «Таҳлилшиносии дуюм»-и худ танҳо аз ҳашт мақула (мақулаҳои вазъ ва милк зери дигар мақулаҳо радабандӣ шудаанд), дар «Метафизика» гоҳ аз ҳафт ва гоҳ аз чаҳор мақула сухан мегӯяд. Ин чунин маънӣ дорад, ки Арасту дар бораи миқдори мақулот ба як фикри ниҳоӣ нарасидааст. Аммо Ибни Сино дар ҳама осораш пайгирона аз даҳ мақула сухан мегуяд – ҷавҳар, чандӣ (каммият), чигунагӣ (кайфият), изофат, куҷоӣ (айна), кайӣ (мато), ниҳод (вазъ), дошт (милк, мулк), куниш (аняфъал), бикунидан (ан янфаъил)[1]. Ҷавҳар аз рӯи таъбири Ибни Сино ҳақиқате ва моҳияте аст, ки ба зоти худ вуҷуд дорад ва дар мавзуъ нест. Он аз назари Ибни Сино панҷ навъ дорад: 1. хаюло; 2. сурат; 3. ҷисм; 4. нафс; 5. ақл. Моҳияти навъҳои ҷавҳар дар мавзеъҳои муносиби ҳамин китоб таҳлил шудаанд. Бинобар ин дар ин ҷо суханро ба дарозо намекашем ва хонандаро ба мутолаъаи фаслҳои марбути боби чаҳоруми он ҳидоят мекунем. Нуҳ мақулаи дигарро Ибни Сино араз меномад ва онро чунин таъриф мекунад: «… араз он бувад, ки ҳастии вай андар чизе дигар истода бувад, ки он чиз бе вай ҳастиаш худ тамом бувад…чунон ки сапедӣ андар ҷома, ки ҷома худ ҳаст бувад ба нафси хеш…ва он гоҳ сапедӣ дар он истода бувад».[2] Аразҳоро Ибни Сино ба зотӣ ва ғайризотӣ тақсим менамояд. Аразҳои зотӣ хосиятҳои ҷудонопазири ҷавҳаранд, чун ҳаракат, макон ва замон. Аммо аразҳои ғайризотӣ сифатҳои ҷудо пазири ашё ва аҷсом мебошанд, чун сафедӣ, сиёҳӣ, зардӣ, каммият, кайфият, вазъ, феъл (инфиъол) ва ғайра. Ҷисм вобаста ба шароит метавонад аразҳои ғайризотии худро тарк кунад ва аразҳои ғайризотии дигаре бипазирад.

Мақулаҳо ҳастиро аз ҷиҳатҳои гуногун намоиш медиҳанд. Як фарқи муҳимми диди Ибни Сино дар бораи мақулот аз диди Арасту иборат аз он аст, ки вай табақабандии мақу-

1 Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». С.8-10.
2 Абуалӣ Ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.1. Душанбе, 1980. С.59.

лотро пайгиронатар анҷом додаст ва дар мавриди шумораи онҳо калавише зоҳир намекунад. Фарқи дигари муҳими байни Арасту ва Ибни Сино дар тавзеҳи ин масъала он аст, ки Арасту ҳаракатро танҳо дар мақулаҳои каммият, кайфият ва мато (куҷоӣ?) эътироф мекард. Ибни Сино ба замии ин муътақид буд, ки ҳаракат дар мақулаи вазъ низ вуҷуд дорад. Фарқи сеюм ва муҳимми байни Арасту ва Ибни Сино дар тавзеҳи масъалаи мақулот аз ин иборат аст, ки Ибни Сино калавишҳои афлотунии Арастуро дар мавриди тавзеҳи моҳияти мақулот пайгиронатар рафъ кардааст.

Мо дар ин ҷо суханро дар хусуси тафовутҳои таълимоти ин ду матафаккир дар бораи мақулот кӯтоҳ мекунем ва фақат нуктаҳои зеринро гӯшзад менамоем:

- Мақулот дар назариёти Арасту ва Ибни Сино пеш аз ҳама ҷанбаи ҳастишиносӣ доранд. Ҳам Арасту ва ҳам Ибни Сино муътақиданд, ки агар ҷинсҳои олии айнии ҳастӣ вуҷуд надошта бошанд, дар бораи ҷинсҳои олии зеҳнии лафзҳо сухан ба миён овардан муҳол аст, зеро чунон ки пеш аз ин гуфтем, лафз тарзи донистани мавҷудоти айнӣ, тариқаи инъикоси хосиятҳои куллии ашёи воқеӣ аст;

- Мақулот зимни ҷанбаи ҳастишиносӣ, ҷанбаи мантиқӣ ва маърифатшиносӣ низ доранд, зеро чун ҷинсҳои олии лафзҳои муфрад, мураккаб, ҷузъӣ ва куллӣ дар зеҳн ва ақли инсон, дар шуъури шахс (субъект)-и маърифат хосиятҳои муҳим ва куллии мавзуъи маърифатро мунтабиъ ва муртасим месозанд ва барои донистани ашё, падидаҳо ва фарояндҳои олам роҳи фаррох боз мекунанд.

3. Назарияи қазия.

Ибни Сино дар осори мантиқиаш ба таҳлили моҳият, навъҳо ва аҳамияти маърифатии шакли дуввуми тафаккури инсон, ки қазия (қавли ҷозим, сухани ҷозим, хабар) ном дорад, таваҷҷӯҳи хос зоҳир кардааст. Зеро хуб медонист, ки инсон наметавонад танҳо тавассути лафз ҳама маъниҳоро ба ҳамҷинсонаш бирасонад, мубоширатро ба тарзи шоиста ва боиста ба онҳо роҳ андозад ва дар баёни розҳои илм, санъат, фарҳанг ва ҳифзу густариши дониш комёб бошад.

Ибни Сино дар мавриди таҳқиқи қазия низ ба Арасту мутакко будааст. Вале вай назарияи мабсут ва муфассалтари қазияро эҷод кардааст, ки ҳам таълимот дар бораи қазияҳои ҳамлӣ, ҳам таълимот дар бораи қазияҳои шартиро фаро мегирад. Тафовутҳои назарияи қазияи ин ду мутафаккири бузург дар мавзеъҳои мувофиқ хотирнишон хоҳанд шуд.

Пас қазия чист? Дар «Наҷот»-и Ибни Сино қазия мухтасаран чунин таъриф шудааст: **«Ҳар қавле, ки дар он нисбати байни ду чиз (яъне мавзуъ ва маҳмул – М.Д.) чунон бувад, ки аз он ҳукми рост ё дуруғ бар ояд, қазия ва хабар хонда мешавад»**[1] . Аммо дар «Донишнома» таърифи муфассалтаре ҷой дорад, ки барои дарки моҳияти қазия чун шакли тафаккур бисёр муфид аст. Муаллиф дар заминаи лафзҳо таркиб ёфтани қазияро таъкид карда, менависад, ки **«аз ин лафзҳои муфрад гуногун таркиб ояд. Ва аз эшон моро акнун яке гуна ҳамебояд. Ва ин он гуна аст, ки онро қазия хонанд ва хабар хонанд ва сухани ҷозим хонанд. Ва ин он бувад, ки чун бишнавӣ шояд гӯӣ, ки рост аст ва шояд гӯӣ, ки дурӯғ аст. Мисоли он, агар касе гӯяд: «Мардумро савоб ва ақоб аст», тавонӣ гуфтан, ки чунин аст. Агар гӯяд: «Мардум парранда аст», тавонӣ гуфтан, ки на чунин аст»**[2].

Хулоса, аз назари Арасту ва Ибни Сино ҳар қавле, ки дар хусуси нисбати маъное ба маъное ба таври эҷобӣ ё салбӣ ҳукм мекунад ва он ё рост, ё дуреғ аст, қазия номида мешавад. Аз ин дидгоҳ қавлҳое, ки дар бораи чизе ба эҷоб ё салб, рост ё дуруғ ҳукм намекунанд, қазия хонда намешаванд. Худи Ибни Сино дар «Донишнома», «Наҷот» ва «Мантиқ-ул-машриқиин» навишта буд, ки ақволе, ки истифҳом, илтимос, таманно, тараҷҷӣ (орзу), суол, хитоб ва тааҷҷубро дарбар доранд, қазия буда наметавонанд, зеро онҳо ба рост ё дуруғ, ба эҷоб ё салб хабарро шомил нестанд. Масалан, қавлҳои «Маро чизе ё масъалае биёмӯз!», «Бо ман ба масҷид ой!», «Китобро ба ман бидеҳ!», «Шояд назди ман биёӣ!», «Эй кош назди ман меомадӣ!» қазия буда наметавонанд, зеро дар онҳо хабаре ба ростӣ, ё дурӯғ, ба салб ва эҷоб нест.

Қазияҳоро Ибни Сино аз се қисм иборат медонад: (1) қазияи ҳамлӣ, (2) қазияи шартии муттасил (3) қазияи шартии мунфасил.

Қазияи ҳамлӣ он аст, ки дар вай ҳукм кунанд, ки маъное маҳмул аст бар маъное, ё бар вай маҳмул нест. Чунон ки гӯянд: «Инсон ҳайвон аст», «Инсон ҳайвон нест». Ибни Сино худ нигошта аст: «Хосияти қазияи ҳамлӣ он бувад, ки андар вай ҳукм карда бошем, ки чизе чизе аст, ё чизе чизе нест, чунон ки гӯем «Мардум ҳайвон аст» ё гӯем «Мардум ҳайвон нест»[3] . Аз рӯи сохтор қазияи ҳамлӣ иборат аст аз мавзуъ, маҳмул ва ҳарфи робита. Мавзуъ он пораи қазияро гӯянд, ки ҳукм бар ӯ бувад, ки чизе ҳаст ё чизе нест, чунон ки «ҳайвон»

1 Ибн Сино. Ан-Наҷот. ал-Қоҳира, 1337. С.12.
2 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. С.32-34.
3 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». С.35.

дар қазоёи фавқ. Маҳмул он пораи қазия аст, ки дар бораи мавзуъ чизеро ба таври эҷобӣ (ҳайвон аст) ё салбӣ (ҳайвон нест) хабар медиҳад. Ҳарфи робита он аст, ки исбот, ё нафй бо вай бувад, чун: «аст» (исбот), ва «нест» (нафй) дар амсоли мазкур. Бадали мавзуъ ва маҳмули қазия метавон як ҳарфи муфрад ниҳод ва худи ҳамон маъноро ифода намуд. Масалан, ба ҷои мавзуъи қазияи «Мардум ҳайвон аст» А ва ба ҷои маҳмули он В ниҳода, метавон гуфт, ки А В аст, ки ҳамон маъниро баён мекунад. Чунон ки мебинем, Ибни Сино дар маърифати сохти қазия нисбат ба Арасту тағйироти ҷиддӣ ворид намудааст. Ӯ ҳарфи робитаро аз маҳмули қазия ҷудо намуда, барои ба василаи румуз ифода кардани анвоъи қазоё имконияти васеъ фароҳам оварда аст. Ибни Сино навишта аст: «ҳаққи ҳар қазияи ҳамлӣ он аст, ки ӯро бо маънои мавзуъ ва маънои маҳмул, маъное ҷомеъ бошад миёни ҳар ду ва ӯ саввуми он ду маъно бошад. Пас ин солис мустаҳаккқи номе бошад ҳароина, ки бар вай далолат кунад. Ва бошад, ки ин солис матруҳ бошад дар баъзе луғот, чунон ки дар аксари аҳвол дар луғати араб маҳзуф бувад, чунон ки гӯӣ «Зайд котибун» ва боистӣ гуфтан «Зайд ҳува котибун». Ва дар баъзе луғат натавон андохтан, чунон ки дар порсии аслӣ. Чунон ки гӯӣ «Зайд дабир аст». Ва ин лафзи солисро робита гӯянд»[1].

Қазоёи ҳамлӣ аз ҳайси кайфият ба ду қисманд, яке қазоёи ҳамлии муҷиб ва дигаре қазоёи ҳамлии солиб. **Қазияи ҳамлии муҷиб** он аст, ки ҳастии чизеро тасдиқ кунад, чунон ки гӯянд: «Зайд котиб аст» ва «Мардум ҳайвон аст». **Қазияи ҳамлии солиб** он аст, ки ҳастии чизеро нафй ва мансуб будани чизеро ба чизе инкор кунад, чун: «Зайд котиб нест» ва «Мардум санг нест». Муҷибият ва солибияти қазоёе, ки дар таркиби маҳмулашон ҳарфи робита доранд, аз рӯӣ кайфияти ҳарфи робитаашон таъйин мешавад. Агар ҳарфи робита исбот бошад, қазия муҷиба аст, чунон ки гӯянд: «Зайд нобино аст». Ва агар ҳарфи робита нафй бошад, қазия солиба аст, чунон ки гӯянд: «Зайд нест нобино» ё «Зайд нобино нест»[2] .

Аз рӯи каммияти мавзуъ Ибни Сино қазоёи ҳамлиро ба ақсоми зер тасниф намудааст: 1) қазияи шахсия ё махсуса; 2) қазияи кулии муҳмала; 3) қазияи куллии маҳсура; 4) қазияи ҷузъии маҳсура.

Қазияи ҳамлӣ, ки мавзуъи он як чизи ҷузвӣ беш набошад, қазияи шахсия ё махсуса ном дорад, чунон ки гӯем: «Зайд котиб аст» ва «Зайд котиб нест».

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.24.
2 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.23-24.

Қазияи ҳамлие, ки мавзуъи он куллӣ бувад ва каммияти ҳукм мубайян нашуда бошад, то маълум гардад, ки ҳукм бар ҳама аст, ё ба бархе, қазияи кули муҳмала хонда шавад. Масалан: «Мардум ҷунбанда аст», «Мардум ҷунбанда нест». Ин қазоё муҳмалаанд, зеро пайдо нест, ки ҳукм бар «ҳамаи мардум» аст, ё ба «бархе мардум».

Қазияи ҳамлӣ, ки мавзуъи он куллӣ буда чандии ҳукм ва каммияти мавзуъи он муайян бошад, қазияи кулии маҳсура номида шавад. Дар қазияи куллии маҳсура чандӣ ва каммияти ҳукм ба василаи лафзи пайдогари чандӣ, ки онро «сур» хонанд, муайян мешавад. Сури қазияи маҳсура аз алфози «ҳама», «ҳар», «ҳар чӣ», «хеч» ва амсоли он иборат аст. Масалан: «Ҳар чи мардум бувад, ҳайвон бувад»; «Ҳар мардуме ҳайвон бувад»; «Ҳамаи мардум ҳайвон аст»; «Ҳеч мардум фариштa нест»; «Ҳеч яке аз одамӣ санг нест».

Қазияи ҳамлиро, ки баёни ҳукм ва каммияти мавзуъи он дар бархе бувад, қазияи ҷузъии маҳсура хонанд. Масалан: «Бархе мардум дабир аст» ва «Бархе мардум дабир нест».

Азбаски ҳар як анвоъи ин қазоё метавонанд ҳам муҷиба ва ҳам солиба бошад, пас аснофи қазоёи ҳамлӣ бар ҳашт аст. Ибни Сино гуфта аст: **«Ва падид омад, ки қазияҳои ҳамлӣ ҳаштанд: махсусаи муҷиба, махсусаи солиба, муҳмалаи муҷиба, муҳмалаи солиба ва чаҳор маҳсура: кулии муҷиб ва кулии солиб ва ҷузвии муҷиб ва ҷузвии солиб. Ва аз ин ҳашт махсуса андар илмҳо ба кор наояд ва муҳмала ба ҳукми ҷузвист, бимонад қазияҳои ба кор омаданӣ андар илмҳо чаҳор маҳсура. Ва аммо муҳмала ҳар ҷо ба кор бурда ояд ба ҷои куллӣ ғалат афканад ва ташвиш; чунон ки ба ҷои дигар пайдо кунем. Пас аз вай парҳез бояд кардан»[1].**

Аз баёни боло чунин бар меояд, ки таснифи қазоёи ҳамлӣ, ки Ибни Сино тадвин намудааст, аз таснифи Арасту возеҳтар аст. Арасту дар ҳалли ин масъала чандон пайгир набуд. Вай дар «Таҳлилшиносии аввал» қазоёи ҳамлиро аз се навъ, яъне куллӣ, ҷузвӣ ва муҳлмала иборат медонад. Вале дар «ал-Ибора» меоварад, ки қазоёи ҳамлӣ мунқасим мешаванд ба куллӣ, ҷузвӣ ва шахсия (махсуса). Ибни Сино дар ҳама осори мантиқии худ қазоёи ҳамлиро ба қазоёи шахсия (махсуса), кулли муҳмала, куллии маҳсура ва ҷузъии маҳсура табақабандӣ мекунад. Зиёда аз ин дар мантиқи Арасту таносуби қазоёи ҳамлии муҳмала ва қазоёи ҷузвӣ равшан нест.[2] Ибни Сино масъалаи номбурдаро равшан кардааст: қазоёи куллии муҳ-

1 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. С.43.
2 Барои иттилоъи бештар ниг.: И.А.Маковельский История логики.Москва, 1967 г.

мала дар ҳукми қазоёи ҷузвист. Табақабандии қазоёи ҳамлии Ибни Сино аз табақабандии мантиқиёни кунунӣ низ тафовут дорад. Яке аз ин тафовут он аст, ки ағлаби мантиқиёни кунунӣ ҳангоми табақабандии муттаҳидаи каммӣ ва кайфии қазоёи ҳамлӣ, қазияҳои махсусаро (шахсияро) навъи ҷудогонаи қазоёи ҳамлӣ намеҳисобанд ва онҳоро ба қазоёи куллӣ мутасовӣ медонанд.[1] Дигар ин ки мантиқиёни кунунӣ қазоёи кулии муҳмаларо навъи ҷудогонаи қазоёи ҳамлӣ намешуморанд.

Қазияи шартӣ. Тавре ки маълум аст, назарияи қазоёи Арасту танҳо назарияи қазоёи ҳамлӣ аст. Ӯ қазоёи шартиро қавли ҷозим намедонист, зеро ба ақидаи вай онҳо чизеро возеҳ эҷоб ва салб намекунанд. Бар хилофи вай Ибни Сино қазоёи шартиро қавли ҷозим медонад[2] ва ҳамаҷониба баррасӣ менамояд. Мухтасари ақидаи вай дар ин маврид чунин аст: қазияи шартӣ он аст, ки нисбатро байни ду чиз воқеъ гардонад чун ҳарфи шарт (агар) ва фасл (ё) фосили байни онҳо ояд, масалан: «Агар Офтоб баромада бошад, пас рӯз аст». Зеро, агар ин нисбат ҷудо карда шавад, қазияи мазкур ба гуфторҳои «Офтоб баромадааст» ва «Рӯз аст» тақсим мешавад. Ҳамчунин аст агар гуфта шавад: «Ё ин адад ҷуфт аст, ё ин адад тоқ аст», зеро агар ҳарфи шарти «ё» ҳазф шавад гуфторҳои «Ин адад ҷуфт аст», «Ин адад тоқ аст» бармеояд[3].

Аз рӯи сохтор қазияи шартӣ аз муқаддам ва толӣ иборат аст. Муқаддам, он пораи қазияи шартӣ аст, ки шарт ба он вобаста бувад ва толӣ он бувад, ки ҷавоби шарт бошад. Масалан, дар гуфтори «Агар Офтоб барояд, он гоҳ рӯз аст» «Агар Офтоб барояд» муқаддам ва «он гоҳ рӯз аст» толӣ мебошад.

Қазияи шартӣ аз назари Ибни Сино ду гуна аст: шартии муттасил ва ё вазъӣ ва шартии мунфасил. **Қазияи шартии муттасил** таълифи миёни ду қазия бошад, ки бо лафзи шарт ва ҷавоб аз хабарият берун рафтаанд ва нисбати байнашон нисбати мутобиъат, лузум ва иттисол аст. Масалан: «Агар Офтоб барояд, он гоҳ рӯз бувад»; дар ин ҷо «Агар Офтоб барояд» муқаддам ва «рӯз бувад» толӣ аст. Ҳар яки онҳо ба сари худ қазия аст. «Лекин лафзи шарт муқаддамро аз қазиятӣ бибарад, зеро ки чун гӯӣ «Агар Офтоб барояд» бо андар омадани лафзи «агар» ин сухан аз қазияти [берун] бишуд, то на рост аст ва на дуруғ. Ва лафзи «ҷавоб» мар толиро аз қазиятӣ бибурд, зеро чун гӯӣ: «Он гоҳ рӯз бувад» - ҳам на рост

1 Ниг.: В.И.Кириллов., А.А.Старченко. Логика. Москва,1982.С.71

2 Ибни Сино. аш-Шифо, ал-Мантиқ, 3. ал-Ибора, ал-Қоҳира, 1390. С.37; Рисолаи мантиқӣ «Донишномаи алоӣ», Ҳамадон, 1383. С. 45.

3 Ибни Сино. ан-Наҷот. ат. Табъату-с-Сония. 1357/1938.

бувад, ва [ҳам] на дуруғ[1].

Муқаддам ва толии қазияи шартии муттасилро бидуни тағйири маънои қазия наметавон акс кард. Чунон ки гӯем: «Агар Офтоб барояд, он гоҳ рӯз бувад» нашояд, ки ин ҳукм ҳамин ҳукм бувад, агар муқаддам толӣ шавад ва толӣ муқаддам.

Дар қазоёи шартии муттасил толӣ бо муқаддам мувофиқ аст. Аз ин аст, ки муҷиб ё солиб будани қазияи шартии муттасил иборат аст аз ҳукм кардан ба ин созгорӣ, ё носозгорӣ, чунон ки гӯем: «Агар Офтор барояд, он гоҳ рӯз бувад», «Набувад, ки чун Офтоб барояд, шаб бувад», «Ва бошад, ки муқаддам ва толӣ солиб буванд ва қазия ба нафси хеш муҷиб бувад чун ин созгорӣ исбот карда бошӣ. Чунон ки гӯӣ: «Агар Офтоб барнаояд, рӯз набувад». Ва ин аз он қибал муҷиб аст, ки ҳукм ба ҳастӣ ва дамдории рӯз ба нобудан карда омада аст мар Офтоб барноомаданро»[2].

Масъалаи таснифи қазоёи шартии муттасил аз рӯӣ кам ва кайф низ дар мадди назари Ибни Сино буда аст. Дар «Донишнома» омадааст: «Қазияи шартии муҳмалӣ ва маҳсурии муттасил он аст, ки ҳар гоҳ, ки гӯӣ: «Агар чун Офтоб барояд, рӯз бувад» ва нагӯӣ, ки «ҳамеша» ва «ҳар боре» ё «гоҳе», ин [қазия] шартии муҳмала бувад. Аммо агар гӯи «ҳар боре» муҷиби куллӣ бувад, ё гӯйи «Бошад, ки чун офтоб барояд, абр бувад, «ин ҷузвии муҷиба бувад». Ё гӯӣ: «Ҳаргиз набувад, ки чун Офтоб барояд, шаб бувад», ин кулии солиб бувад». Ё бигӯйи: «На ҳар гоҳ, ки Офтоб барояд, абр бувад», ин ҷузвии солиба бувад. Ва бошад, ки қазияи [шартии] муттасил куллӣ бувад ва ҳар ду пораи вай (яъне муқаддам ва толӣ он – М.Д.) ҷузъӣ бувад, чунон ки гӯӣ «Ҳар гоҳ ки бархе мардум дабир бувад, бархе ҷонвар дабир бувад». Ва ин куллӣ аз он қибалро бувад, ки гуфтаӣ «ҳар гоҳ».[3]

Қазияи шартии мунфасил аз ду ва ё бештар қазоё таркиб меёбад, ки бо лафзи фасл аз қазиятӣ берун рафтаанд ва нисбати байнашон нисбати муфорақат, инод ва инфисол аст, чунон ки гӯянд: «Ё ин шумор ҷуфт бувад, ё ин шумор тоқ, ё кам бувад, ё беш». Агар лафзи «ё» набудӣ, ҳар як аз муқаддам ва толиҳои ин қазоё бар сари худ қазия будӣ. Хасоиси қазоёи шартии мунфасил чунин аст: 1) Акси муқаддам ва толии қазияи шартии мунфасил маънои онро халалдор намекунад, балки он маъно бар ҷой бувад. Масалан, метавон гуфт: «Ин шумор ҷуфт аст, ё тоқ?» Ва метавон гуфт: «Ин шумор тоқ аст,

1 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383.С. 47
2 Ибни Сино. Рисолаи мантиқии «Донишномаи алоӣ». С 50.
3 Ҳамон асар. С 51.

ё ҷуфт?» ва маънӣ ҳамон маънӣ аст. 2) Муқаддам ва толи қазияи шартии мунфасил ба ҳам созгор нестанд, чунон ки «ҷуфт будан бо тоқ будан». 3) Эҷоб дар қазияи шартии мунфасил иборат аст аз исботи носозгории муқаддам ва толи он: «Ё чунин бувад, ё чунон»; салб он аст, ки ин носозгориро нафй кунӣ: «Набувад шумор ё ҷуфт, ё сапед, балки ё ҷуфт, ё тоқ бувад». Қазияи шартии мунфасил он гоҳ куллӣ аст, ки носозгории муқаддам ва толи он доим ва ҳамеша бошад: «Мудом ё чунин бувад ё чунон». Қазияи шартии мунфасили ҷузвӣ он аст, ки носозгории муқаддам ва толии он гоҳе бувад: «Гоҳе бувад, ки мардум ё андар киштӣ бувад, ё ғарқа дар дарё».

Қазияи шартии мунфасил аз назари Ибни Сино ду гуна аст: 1) Қазияи шартии мунфасили ҳақиқӣ ё инодӣ: «Ин шумор ба он шумор баробар аст, ё беш», «Мардум ё дар киштӣ аст, ё ғарқа дар дарё». Дар қазоёи шартии мунфасили инодӣ танҳо яке аз пораҳои он метавонад рост бошад. 2) Қазияи шартии мунфасили ғайри ҳақиқӣ: «Ин мард ё табиб аст, ё дабир», «Зайд ё олим аст, ё наққош». Дар ин гуна қазоё метавонад ё як пораи он, ё ҳардуяш бо ҳам рост бошанд»[1].

Чунон ки гуфтем, Арасту қазоёи шартиро қавли ҷозим намедонист, бинобар ин онро баррасӣ накардааст. Аммо равоқиён ин анвоъи қазоёро ҳукми ҷозим мешуморанд ва то андозае баррасӣ кардаанд. Дар осори мантиқии Форобӣ низ ба ин масъала таваҷҷуҳе зоҳир шудааст, вале чунон ки мебояд таҳқиқ нашудааст[2] . Муҳаққиқине, ки авзоъи ин масъаларо дар осори Ибни Сино таҳқиқ кардаанд, бар онанд, ки дар бунёди назарияи қазоёи шартӣ Ибни Сино таҳти таъсири равоқиён будааст. Аммо бояд гуфт, ки Ибни Сино худ дар ин маврид аз равоқиён ҳеҷ ёд накардааст. Дар ҳар сурат муносибати Ибни Сино ва равоқиёнро муфассалтар мебояд баррасӣ намуд, то ки ҳаққи ӯ дар бунёди назарияи қазоёи шартӣ ба дурустӣ маълум гардад.

Вале агар назарияи қазоёи шартии Ибни Синоро бо назарияи қазоёи шартии мантиқи навин татбиқ намоем, пас метавон гуфт:

1) Ақоиди Ибни Сино дар бораи моҳият, сохт ва анвоъи қазоёи шартӣ ҳаммонанди назарияи қазоёи шартии мантиқи навин аст. Мантиқиёни кунунӣ ҳам қазоёи шартиро қавли ҷозими мураккаб дониста ва ба қазоёи муттасил ва мунфасил мунқасим намудаанд. Ақидаи Ибни Сино дар бораи қазоёи мунфасили ҳақиқӣ ва ғайриҳақиқӣ ва ақидаи мантиқиёни

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.25-26.
2 Ручуъ шавал: ал-Фараби. Логические трактаты. Алма-Ата, 1975.

ҷадид дар хусуси қазои мунфасили шартии қавӣ ва заъиф низ аслан як маъно дорад.

2) Ибни Сино қазоёи шартиро ба мисли қазоёи ҳамлӣ аз рӯи кам ва кайф тасниф намуда ва барои таҳсири маънои онҳо ҳарфи сур таъйин кардааст. Дар мантиқи навин ин амр расм нест.

Ҷиҳати қазоё. Ибни Сино дар перомуни масъалаи ҷиҳати қазоё низ андеша варзидааст. Аз назари ӯ ҷиҳати қазоё кайфияти нисбати мазуъ ва маҳмули қазияро нишон медиҳад ва таъкид менамояд, ки ин нисбат ё нисбати зарурати мавзуъ ба маҳмул, ё нисбати имкони мавзуъ ба маҳмул, ё нисбати имтиноъи мавзуъ ба маҳмули қазия аст. «Ҷиҳат – навиштааст Ибни Сино, – се гуна аст: Яке «воҷиб» аст, ки бар давом ва зарурати вуҷуд далолат мекунад; дигаре «мумтанеъ» аст, ки бар давоми адам далолат менамояд; саввумӣ «имкон, ки на бар тадовими вуҷуд ва на бар давоми адам далолат мекунад».

Тибқи ин тафср анвоъи ҷиҳат қазоё се гуна аст:

1) Қазияи зарӯрӣ: ҳар А ба зарурат В аст; ҳеҷ як А ба зарурат В нест.
2) Қазияи имконӣ: ҳар А ба имкон В аст; ҳеҷ як А ба имкон В нест.
3) Қазияи мумтанеъ: мумтанеъ аст, ки А В бошад. Номумтанеъ аст, ки А В бошад.

Аҳамияти ҷиҳати қазоё аз он иборат аст, ки тобишҳои маъноии қазоёро сареҳ ва возеҳ менамояд. Аз баёни фавқ чунин бар меояд, ки Ибни Сино чун Арасту ба баррасии тарафи ҳастишиносии ҷиҳати қазоё мутаваҷҷеҳ будааст, вале гарчанде ӯ тарафи маърифатии қазоёро таҳти ҷиҳат накардааст, онро низ ҳарҷониба таҳқиқ намудааст. Аз назари маърифатӣ вай чаҳор гуна қазоёро мешиносад, ки иборатанд аз мусалламот (яқиниёт), мазнунот, мушаббаҳот, мухайялот. Дар навбати худ «мусалламот ё муътақидот аст ё маъхузот. Ва муътақидот бар се қисм аст: воҷибулқабул ва мушоҳидот ва муҷарработ ва ончӣ ба вай монад ва ҳадсиёт ва мутавотирот»[1] . Моҳияти ҳар яки ин анвоъи қазоёро Ибни Сино ба таври муфассал тавзеҳ дода аст, вале мо фақат нукоти зерини ӯро бозгӯ менамоем: 1) Аз ҷумлаи ин қазоё аввалиёт, таҷрибиёт, маҳсусот ва мутавотирот қазоёи яқинианд. Аз ин сабаб онҳо муқаддамоти қиёси бурҳониянд, ки ғаразаш пайдо кардани ҳақ ва яқин аст. 2) Машҳурот қазоёи ҷадалӣ - қазоёи эҳтимолианд ва аз ин ҷиҳат муқаддамоти қиёси ҷадалӣ мебошанд. 3) Ваҳмиёт, хусусан ваҳмиёти сирф, қазоёеанд дар нафси худ

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.52.

козиб. Ваҳмиёт ва мушобиҳот қазоёи суфистоӣ ва муғолитианд. 4) Мазнунот қазоёеанд, ки дар хитоба ба кор раванд. 5) Мухайялот қазоёеанд, ки дар қиёси шеърӣ истифода шаванд ва ғолибан дуруғанд. Агар қазоёи рост ё машҳур дар шеър ояд, на аз баҳри ростӣ ба кор омада бошад, балки аз баҳри мутахайила[1].

Нисбати қазоё. Масъалаи нисбати қазоё мавриди таваҷҷуҳи махсуси Ибни Сино будааст ва ӯ онро ба таври басо мабсут баррасӣ кардааст, вале мо дар ин ҷо ба баёни иҷмолии ақоиди ӯ иктифо мекунем.

Аз назари Ибни Сино дар байни қазоё метавон ду гуна нисбат таъйин кард, яке нисбати тақобул ва дигаре таҷомеъ. Нисбати тақобул худ ду гуна аст. Якеро тазод ва дигареро танақуз хонанд.

Тазод нисбати ду қазияи куллӣ аст, ки яке муҷиб ва дигаре солиб бошад. Қазоёи мутазод наметавонанд зимнан (ҳамзамон) содиқ бошанд, ё ба ибораи худи Ибни Сино қазоёи мутақобил ба тазод «дар сидқ албатта ҷамъ наоянд, вале дар кизб ҷамъ оянд»[2] . Чунон ки гӯем: «Ҳама мардум нотиқанд» ва «ҳеҷ мардум нотиқ нест». Танақуз нисбати байни ду қазия аст, ки дар кам ва кайф мухолифанд. Аз рӯи ин таъриф қазияи куллии муҷиба мутанақиз ба қазияи ҷузъии солиба ва қазияи куллии солиба мутанақиз ба қазияи ҷузъии муҷиба аст. «Аз сурати хилофи эшон хароина бояд, ки яке рост бувад ва яке дуруғ бувад. Он гоҳ як мар дигарро нақиз буванд»[3] Аз ин ҷо маълум мегардад, ки нисбати қазоёи мутанақиз нисбати инод аст.

Нисбати таҷомуъи қазоё низ ду гуна бувад, яъне тадохул ва таҳт-ут-тазод. Тадохул нисбати ду қазия аст, ки дар кам мухолиф ва дар кайф мувофиқанд. Равшантар бигуем нисбати тадохул аз як тараф байни қазоёи куллии муҷиб ва ҷузвии муҷиб, аз тарафи дигар байни қазоёи куллии солиб ва ҷузвии солиб афтад. Қазоёи мутадохил муҷиби тасдиқанд бар воҷиб; қазои мутадохили солиб тасдиқанд бар мумтанеъ. Ҳар ду анвоъи қазоёи мазкур сидқ ва кизбро дар мумкин аз ҳам ҷудо мекунанд. Таҳтуттазод нисбати байни ду қазияи ҷузвист, ки аз руи кайф мухолифанд. Қазоёе, ки дар нисбати таҳтуттазод воқеъ мегарданд, чунонанд, ки гуем: «Бархе мардум дабир аст», «Бархе мардум дабир нест».

Қавонини куллии мантиқи сурӣ. Аз баррасии матолиби фавқ бар меояд, ки Ибни Сино мазомини қавонини асосии мантиқи суриро ба хубӣ тасаввур мекардааст, гар чи онҳоро

1 Ниг.: Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С. 52-65.
2 Ибни Сино. аш-Шифо, ал-Мантиқ, 3.ал-Ибора, ал-Қоҳира, 1390. С.39.
3 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алой». С. 53.

мустақиман баррасӣ накардааст. Ин андешаи моро чандин далел собит менамояд.

Аввалан, ҳангоме ки вай исбот мекунад, ки ду қазияи мутазод ва ду қазияи мутаноқиз наметавонанд маъан ва ҳамзамон рост бошанд, балки яке заруратан дуруст ва дигаре ночор дуруғ аст, қонуни адами таноқузро ифода мекунад. Ибни Сино возеҳан огоҳ будааст, ки дар бораи як чиз дар як вақт, дар як изофат ва дар як макон наметавон ду ҳукми мутақобил баён кард. Ӯ дар «Ишорот ва танбеҳот дар хусуси шуруҳи тақобули қазоё нигоштааст: «Воҷиб кунад дар ҳамл ва иттисол ва инфисол муроотии ҳоли изофат кардан, чунон ки агар гуянд: «Фалон падар аст», бидонанд, ки аз они кӣ (яъне бидонанд кӣ падари кист?-М.Д.) Ва ҳамчунин муроотии вақт ва макон ва шарт, чунон ки агар гӯянд: «Ҳар мутаҳаррике мутағайир аст», бидонанд кай, модом ки мутаҳаррик бошад. Ва ҳамчунин риояти ҳоли ҷузъ ва кул ва ҳол ва қувва ва феъл бибояд кард, чунон ки агар гуянд: «Хамр мусаккир аст», бибояд донист, ки ба қувва, ё ба феъл ва ҷузъи андак, ё маблағи бисёр, зеро иҳмоли чунин маъное кардан ғалати бисёр афканад»[1]

Сониян, он гоҳ, ки Ибни Сино собит менамояд, ки қазоёни мутаноқиз наметавонанд маъан рост бошанд, балки яке ногузир содиқ ва дигаре ночор козиб аст, қонуни солиси мадфуъро баён мекунад.

Солисан, Ибни Сино мазмуни қонуни ҳуваҳуввият (қонуни ҳамонӣ)-и фикрро низ медонистааст: Ҳангоми қазоват ва истидлол мафоҳим ва алфоз бояд ба як маънии муайян истифода шаванд ва агар на, дар қазоват ва истидлол хато ва иштибоҳ роҳ хоҳад ёфт. Он хато, ки «ба воситаи лафз бошад, ба сабаби он бошад, ки лафз дар ҳар ду [қазия] яке бошад ва маънӣ мухталиф бувад. Ва бошад, ки маънӣ мухталиф бувад ба ҳасби вазъи лафз дар нафси хеш, ҳамчун лафзи «айн», ва бошад, ки маънӣ дар вай сахт пӯшида бошад, чунон ки дар лафзи «нур», ки як бор ба маънии «басират», гуянд ва як бор ба маънии «ҳақ» пеши ақли сареҳ»[2].

Бисёрмаънӣ будани мафоҳим ва алфоз дар улум аксаран мазмунро душворфаҳм намуда фикрро ба ғалат афканад. Бинобар ин барои рафъи хато бояд қонуни мантиқии ҳуваҳуввияти (ҳамонӣ) фикр комилан риоя шавад.

Акси қазоё. Ибни Сино масъалаи акси қазоёро, ки дар мантиқи кунунӣ яке аз шаклҳои истидлоли бевосита маҳсуб мешавад, басе муфассал баррасӣ намудааст. Ӯ ақидаи худро

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С. 27-28.
2 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С. 58.

дар «Донишнома» мухтасаран чунин баён кардааст: Ҳоли акс он бувад, ки мавзуъ маҳмул кунӣ ва маҳмул мавзуъ кунӣ, ё муқаддам толӣ кунӣ ва толӣ муқаддам кунӣ ва муҷибӣ ва солиби ба ҷой дорӣ ва ростӣ ба ҷой бувад. Ба назардошти ин қоидаи куллӣ Ибни Сино муқаррар менамояд, ки:

1. Қазияи куллия солиба акс пазирад ба қазияи куллияи солиба: масалан, қазияи «Ҳеҷ фалон бостор нест» аз рӯи ин қоида ба қазияи «Ҳеҷ бостор фалон нест» акс мепазирад.

2. Қазияи куллияи муҷиба ба қазияи куллияи муҷиба акс намепазирад, зеро, масалан, наметавон гуфт, ки «Ҳар мардуме ҳайвон аст» ва «Ҳар мардуме ҳайвон нест». Бинобарин қазияи куллияи муҷиба ба қазияи ҷузъияи муҷиба акс мепазирад, зеро ҳар гоҳ «Ҳамаи фалонон бостор буванд», пас бояд, ки «Бархе босторон фалон буванд».

3. Қазияи ҷузвияи муҷиба акс ёбад ба қазияи ҷузвияи муҷиба, чунон ки гӯӣ: «Бархе фалонон бостор буванд», бояд ки «Бархе босторон фалон буванд».

4. Қазияи ҷузвияи солиба акс напазирад, зеро ки тавон гуфтан, ки «На ҳар ҳайвоне мардум аст», вале натавон гуфтан, ки «на ҳар мардуме ҳайвон аст», зеро чунин акси қазияи ҷузвияи солиба ғалати фоҳиш ба бор орад.[1]

Дар қазоёи шартияи мунфасила акс иборат аз он аст, ки муқаддам толӣ кунанд ва толӣ муқаддам ва муҷибӣ, солибӣ, ростӣ ва дуруғӣ нигоҳ доранд. Қазоёи шартияи муттасила акс напазиранд, зеро агар муқаддами он толӣ ва толии он муғаддам қарор дода шаванд, маънӣ бар ҷой намонад, масалан, чун қазияи «Агар офтоб барояд, рӯз бувад»-ро акс кунанд, нашояд, ки ҳукм ҳамон ҳукм бошад.

4. Назарияи қиёс

Илми қиёс аз ихтироъоти бузурги Арасту аст. Ӯ худ навиштааст: «Он чӣ ба истинтоҷ марбут аст, мо чизе наёфтем, ки пеш аз мо гуфта шуда бошад, бинобар ин маҷбур будем онро бо сарфи зиёди вақт ва неру худамон эҷод кунем».[2] Файласуф ва риёзидони машҳури Олмонӣ Г.В.Лейбниц (1646-1716) ин ихтироъи Арастуро бисёр баланд арҷгузорӣ карда, таъкид кард буд: «Ман фикр мекунам, ки ихтироъи шакли қиёс яке аз зеботарин иихтироъоти руҳ аст. Он ба як маъни риёзиёти куллӣ аст, ки аҳамияташ ҳанӯз ба таври кофӣ дарк нашудааст. Метавон гуфт он санъати бенуқс аст, агар дуруст истифода шавад.»[3] Дар осори Ибни Сино ҳам қиёс ҷузъи басе муҳими мантиқ арзёбӣ

1 Ниг.: Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ» С.56-59
2 Арасту. Сочинения. Т.2. Москва, 1978. С.593.
3 Лейбниц Г.В. Новые опыты о человеческом разуме. М.-Л, 1936.С.423.

шудааст. Ӯ қиёс, хусусан қиёси бурҳониро роҳи умдаи иктисоб ва мубарҳан кардани дониши иктисобии яқинӣ медонист. Аз ҳамин рӯ вай дар асари барҷастаи худ «Шифо» таҳлили мабсут ва ҳамаҷонибаи ин шакли тафаккурро анҷом додаст. Вай дар ин асар моҳият, навъҳо, шаклҳо ва зарбҳои қиёсро муйан карда, тафовути маърифатии вайро нисбат ба дигар шаклҳои тафаккур, хусусан нисбат ба истиқро ва тамсил, равшан нишон додаст[1].

Дар «Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот», «Донишнома» ва дигар осори Шайхурраис масъалаи қиёс мӯъҷаз, вале пурмуҳтаво баён шудааст. Дар «Ишорот ва танбеҳот» ӯ барномаи мухтасари таҳлили қиёсро чунин муайян кардааст: «Ва бидон, ки оммаи мантиқиёнро танаббуҳ илло мар қиёсоти ҳамлиро набувад ва гумон бурданд, ки шартиёт илло истисноӣ набошад… [Аммо] мо аснофи ҳамлиётро боз кунем ва баъзе аз иқтирониёти шартӣ, ки ба табъ наздиктар бувад ва дар истеъмол овардан саҳлтар. Он гоҳе истисноиётро боз кунем ва сипас аз он аҳволе, ки тааллуқ ба қиёс дорад, боз кунем. Ва дар ин мухтасар бар ин қадар кифоят кунем»[2].

Пеш аз он ки ин барномаи мухтасари қиёси Шайхурраисро баррасӣ кунем, мебояд ба ин суол ҷавоб диҳем, ки аз назари ӯ «қиёс чист?. Мутафаккир дар «Ишорот ва танбеҳот» ба ин суол ҷавоб дода дар айни ҳол сохтори онро низ муайян кардааст: «…Қиёс… қавле аст муаллаф аз ақволе, ки чун мусаллам дошта шавад он чи дар вай зикр карда шуда бошад аз қазоё, лозим ояд аз вай қавле дигар лизотиҳӣ. Ва чун қазоё зикр карда шавад дар яке аз ин се қисм, ки гуфта шуд, аънӣ қиёс ва истиқро ва тамсил, он қазоёро «муқаддамот» хонанд. Ва «муқаддама» қазияте бошад, ки ҷузъи қиёс шуда бошад, ё ҷузъи ҳуҷҷате. Ва аҷзои ин муқаддама, ки зотии ӯ бошанд, аънӣ он чи баъд аз таҳлил бимонад, афроде бошад, ки таркиби қазият ба кам аз он натавон кард. Ин афродро «ҳудуд» хонанд, мисоли ин ҳудуд: «Кулли Ҷ Б аст» ва «Кулли Б А аст», «Ва [пас] кули Ҷ А [аст]». Пас ҳар як аз гуфтори мо: «Кулли Ҷ Б» ва «Кулли Б А» муқаддамаанд ва «Ҷ ва Б ва А» ҳудудонанд. Ва гуфтори мо, ки «Кулли Ҷ А [аст]», натиҷа аст. Ва муқаддамоти аввалро суғро гӯянд ва муқаддамаи дуввумро «кубро» гӯянд. Ва таълифро миёни ду муқаддама бар ин мисол, ки гуфтем, қиёс хонанд. Ва шарти қиёс он нест, ки қазоёе, ки дар вай мазкур бувад, мусаллам бошад, балки шарт он аст, ки чун қазоёро мусаллам дошта бошанд, натиҷа лозим ояд, хоҳ муқаддамот дар нафси хеш воқибуттаслим [бошад], хоҳ на»[3]

1 Ибни Сино. аш-Шифо, ал-Мантиқ.4.ал-Қиёс.ал-Қоҳира,1383ҳ./1964. С.3-586.
2 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. Теҳрон, 1332 ш. 1337 қ. С.63.
3 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.62.

Ин таърифи қиёс, ки дар «Ишорот ва танбеҳот» дода шудааст, ба таърифоти қиёс, ки дар осори дигари ӯ ба чашм мерасад, зотан мутобиқ аст. Аз ҷумла, дар «Шифо» мехонем: «Қиёс қавлест, ки агар дар вай зиёда аз як ашё (муқаддама – М.Д.) ниҳода шавад, аз ин ашё (муқаддама М.Д.)-и ниҳодашуда ба зот, на ба араз, шайъи дигаре ғайри онҳо (яъне, натиҷа – М.Д) заруратан лозим меояд»[1] . Дар «Наҷот» омадааст: «Қиёс қавлест муаллаф аз қавлҳо, ки агар ниҳода шаванд, аз онҳо ба зот, на ба араз, ногузир қавли дигаре ғайри онҳо лозим меояд»[2] . Дар «Донишнома» гуфта шудааст: «Ва қиёс билҷумла сухане бувад дар вай суханоне гуфта, ки чун пазируфта ояд сухане, ки андар вай гуфта омада буд, аз он ҷо гуфторе дигар лозим ояд ҳароина»[3] . Дурустии ин таърифоти қиёсро Ибни Сино дар осораш тавассути мисолҳои зерин собит менамояд.

1. Ҳар ҷисме мусаввар аст,
Ҳар мусавваре муҳдас аст
Ҳар ҷисме муҳдас аст.
2.Ҳар инсон ҳайвон аст
Ҳар ҳайвон мутаҳаррик аст
Ҳар мутаҳаррик боланда аст
Ҳар боланда фонӣ аст
Ҳар инсон фонӣ аст.

Ибни Сино дар назарияи қиёси худ ба табақабандии навъҳои қиёс таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. Пеш аз ҳама ӯ қиёсро ду гуна медонад – яке қиёси иқтиронӣ ва дигаре қиёси истисноӣ.

Қиёси иқтиронӣ он аст, ки натиҷаи вай дар ҳеҷ яке аз муқаддамаҳояш сареҳан билфеъл пайдо нест, балки билқувва пайдост (амсоли фавқро муояна кунед). «Қиёси иқтиронӣ ҳам аз ҳамлиёти сода бошад ва ҳам аз шартиёти сода бошад. Бошад, ки аз ду муттасили сода бошад ва бошад, ки аз ду мунфасили сода бошад. Ва бошад, ки аз ин ду мураккаб бошад»[4] . Аз ин сабаб қиёси иқтиронӣ ду навъ дорад: қиёси иқтиронии ҳамлӣ ва қиёси иқтиронии ҳамлии шартӣ.

Қиёси иқтиронии ҳамлӣ он аст, ки аз ду ё бештар қазоёи ҳамлӣ таркиб ёфта аст. Ақволе [қазоёе], ки қиёси иқтиронии ҳамлӣ аз онон таркиб меёбад, муқаддама ном доранд. Қазияеро, ки аз муқаддамот бар меояд натиҷа номанд. Муқаддамот ду гунаанд – суғро ва кубро. Муқаддамае, ки мавзуъи натиҷа дар он аст, муқаддамаи суғро хонда мешавад. Муқаддамае, ки маҳмули натиҷа дар он аст муқаддамаи кубро ном дорад. Таълифоти ин

1 Ибн Сино. аш-Шифо. ал-Мантиқ. 4. л-Қиёс.ал-Қоҳира. 1384 ҳ.С.54.
2 Ибн Сино. ан-Наҷот. ал-Қоҳира, 1357 ҳ. 1938 м. С.31.
3 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алой». Ҳамадон, 1383. С.60.
4 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алой». Ҳамадон, 1383. С.60.

ду муқаддамаро иқтирон гӯянд [1]. Ва номи қиёси иқтиронӣ аз ин ҷост. Ибни Сино ҷойгоҳи муқаддамотро дар қиёси иқтиронӣ сахт таъйин кардааст: муқаддамаи суғро ҳамеша дар ҷои аввал ва муқаддамаи кубро мудом дар ҷои дуввум меояд. Ин амр аз ашколи қиёс ва зуруби он, ки баъдан баррасӣ хоҳанд шуд, ба хубӣ маълум мегардад. Дар ин маврид Ибни Сино аз Арасту, ки дар қиёсоти ӯ ҷойгоҳи муқаддамот собит нест, ҷудоӣ ҷуста аст. Мавқифи Ибни Сино дар ин масъала аз мавқифи мантиқиёни навин низ тафовут дорад. Мантиқиёни навин маълуман муқаддамаи куброро дар ҷои аввал ва муқаддамаи суғроро дар ҷои дуввум меоваранд.

Ибни Сино ба хубӣ огаҳ будааст, ки на аз таълифи ҳар гуна муқаддамот қиёс бар меояд. Бинобар ин як шумор қавоидеро пешниҳод кардааст, ки аз рӯи мантиқи кунунӣ метавон ононро қавоиди куллии муқаддамоти қиёси ҳамлӣ номид:

1. Аз ду муқаддамаи солиба қиёс наояд.
2. Аз ду муқаддамаи ҷузъӣ қиёс наояд.
3. Ҳар гоҳ муқаддамаи суғро солиб бувад ва муқаддамаи кубро ҷузъӣ бошад, қиёс бар наояд.
4. Агар яке аз муқаддамот солиб бувад, натиҷа низ бояд солиб бошад (зуруби қазоёро, ки дар зер оварда мешаванд муояна кунед).
5. Дар қиёси ҳамлӣ танҳо се ҳад - ҳади акбар, авсат, асғар мавҷудаст. Вале муоянаи осори ӯ бар ин далолат мекунад, ки чунин ду қоидаи куллии ҳадҳои қиёси ҳамлӣ ба ӯ маълум набудааст: 1) ҳадди авсат ақалан бояд дар яке аз муқаддамоти қиёс ҷой дошта бошад; 2) ҳадде, ки дар муқаддамот вуҷуд надорад, дар натиҷа наметавонад вуҷуд дошта бошад.

Ибни Сино мақом, нақш ва аҳамияти ҳадро дар қиёси ҳамлии иқтиронӣ баррасӣ карда, таъкид мекунад, ки

• Лафзе, ки дар натиҷаи қиёс мавзуъ, ё муқаддам бошад, ҳадди асғар гӯянд;

• Лафзеро, ки дар натиҷаи қиёс маҳмул бошад, ё толӣ, ҳадди акбар хонанд;

• Лафзе, ки ҳамзамон ҷузви муштараки ҳар ду муқаддама буда, онҳоро ба ҳам мепайвандад ва дар натиҷа ҷой надорад, ҳадди авсат ном дорад. Вай дар асл бурҳону ҳуҷҷати исботи қиёс аст. Ҳайати таълиф, яъне кайфияти ниҳоди ҳадди авсатро ба нисбат бо ҳадди асғар ва акбар шакли қиёс хонанд.

Ибни Сино ба ин муносибат навиштааст: «Ҳадди авсат ё маҳмул бошад бар асғар ва мавзуъ бошад аз они акбар ва ё ба акси ин ва ё маҳмул бошад ба ҳар ду тараф, ё мавзуъ бошад

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.24.

ҳарду тарафро. Лекин ҳамчунон ки қисми аввал, ки ӯро шакли аввал хонанд, комил ва фозил ёфтанд, қисми дуввумро аз табъ дур диданд ва [чун] инҷо ӯро суъубати тамом дараш буд, илтифоти тамом ба-д – ин қисм, яъне ин ки акси қисми аввал аст, накардаанд. Ва аммо он ду қисми дигар, агарчи қиёсияти эшон равшан набувад ба нафси хеш, чунон ки шакли аввалро, аммо бо баёни саҳл мешояд сиҳҳати қиёси ин ду намудан. Ва бошад, ки зеҳни софӣ ва табъи рост қиёси ин ду бе баён кардан дар ёбад. Пас чун ҳол бар ин вачҳ бувад, эътибор ин се шаклро ниҳонанд: аввалро, ки ба нафси хеш равшан аст ва натоиҷи ӯро ба баёне ҳоҷат набошад ва сеюмиро – ва номи вай шакли дуввум карданд ва чаҳорумро – ва номи вай шакли саввум карданд»[1] . Аз ин сабаб Ибни Сино дар кутуби худ фақат се шакли қиёси иқтирониро баррасӣ карда аст.

Шакли нахустин: ҳадди авсат дар ин шакл маҳмули муқаддамаи суғро ва мавзуъи муқаддамаи кубро аст. Қиёс шудани иқтиронҳои шакли нахустинро ду шарт аст: яке он аст, ки муқаддамаи суғрошон бояд, ки муҷиб бувад ва дигар он аст, ки муқаддамаи куброшон бояд куллӣ бувад. Ва агар чунин набувад, шояд, ки муқаддамаҳо рост бошанд ва натиҷа дурӯғ бувад. Ҳар чи натиҷаи вай дар ҳама ҳол рост набувад, чун муқаддамоташ рост буванд, он қиёс набошад. Пас шарт чун ин ду шарт аст, қиёсҳои ин шакл чаҳор зарб доранд, ки онҳоро ба манзури ихтисор чунин менависем:

I. A A/ A[2]	II. A E/ E
Ҳар A B аст	Ҳар A B аст
Ҳар B C аст	Ҳеҷ B C нест
Ҳар A C аст	Ҳеҷ A C нест.
III. I A/ I	IV. I E/ O[3]
Баъзе A B аст	Баъзе A B аст
Ҳар B C аст	Ҳеҷ B C нест
Баъзе A C аст	Баъзе A C нест.

Шакли дуввум: ҳадди авсат маҳмули ҳар думуқаддама аст. Шарти дурусти қиёси шакли дуввуми он аст, ки яке аз муқаддамоташон муҷиб бувад ва яке солиб ва муқаддамаи кубро ба ҳар ҳол куллӣ бошад. Пас қиёсҳои вай чаҳор зарб бувад.

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.64.

2 Дар ин зобитҳо (формулаҳо) ҳарфҳои мазкур маъниҳои зеринро мерасонанд:

A – ҳарфи садоноки якуми калимаи лотинии Affirmo – эҷоб мекунам, ки дар мантиқи сурӣ ба таври рамзӣ қазияи куллии эҷобиро ифода мекунад.

I – ҳарфи садоноки дуюми калимаи лотинии Affirmo – эҷоб мекунам, ки дар мантиқи сурӣ ба таври рамзӣ қазияи ҷузъии эҷобиро ифода мекунад.

E - ҳарфи садоноки якуми калимаи лотинии nego – нафй мекунам, ки дар мантиқи сурӣ ба таври рамзӣ қазияи куллии салбиро ифода мекунад.

O - ҳарфи садоноки дуюми калимаи лотинии nego, ки дар мантиқи сурӣ ба таври рамзӣ қазияи куллии солибаро ифода мекунад.

I. A E/ E
Ҳар A B аст
Ҳар C B нест
Ҳар A C нест

II. E A E
Ҳеҷ A B нест
Ҳар C B аст
Ҳеҷ A C нест.

III. I E/ O
Бархе A B аст
Ҳеҷ C B нест
Бархе A C аст

IV. O A/ O
На ҳар A B аст
Ҳар C B аст
На ҳар A C аст.

Шакли саввум: ҳадди авсат дар ҳар ду муқаддама мавзуъ аст. Шарти қиёсҳои ин шакл он аст, ки муқаддамаи суғро муҷиб бувад ҳароина ва яке муқаддама, ҳар кадоме, ки бувад, куллӣ бувад. Пас қиёсҳои ин шакл шаш зарб буванд.

I. A A/ I
Ҳар B A аст
Ҳар A C аст
Бархе A C аст

II. A E/ O
Ҳар B A аст
Ҳеҷ B C нест
На ҳама A C аст.

III. I A/ I
Бархе B A аст
Ҳар B C аст
Бархе A C аст

IV. A I/ I
Ҳар A B аст
Бархе B C аст
Бархе A C аст.

V. A O/O
Ҳар B A аст
Бархе B C нест
Бархе A C нест

VI. I E/ O
Бархе B A аст
Ҳеҷ A C нест
Бархе A C нест.

Қиёсҳои иқтирониишартӣ. Мантиқшиносон аз ҷумла Арасту ва Форобӣ ва шояд равоқиён, ин навъи қиёсро муфассал таҳқиқ накардаанд. Баррасии мабсут ва муфассали ин навъи қиёс бешак саҳми Ибни Сино дар равнақи мантиқ аст. Аз назари ӯ қиёси иқтирониишартӣ гуфторе аст, ки ё баъзе, ё ҳама муқаддимоти он қазияҳои шартианд. Қиёсҳои иқтирониишартӣ аз рӯи муқаддамоташон шаш гунаанд:

1) қиёси иқтирониишартии муттасил;
2) қиёси иқтирониишартии мунфасил;
3) қиёси иқтирониишартии муттасилиҳамлӣ;
4) қиёси шартии мунфасилиҳамлӣ;
5) қиёси шартии мунфасилимуттасил;
6) қиёси шартии иқтирониимуттасилимунфасил.

Вале барои он ки сухан ба дарозо накашад танҳо ба баррасии назари Ибни Сино дар боби қиёси иқтирониишартии муттасил иктифо меварзем[1].

1 Барои иттилоъи бештар нигаред: Ибни Сино. Аш-Шифо, ал-Мантиқ. 4. ал-Қиёс, ал-Қоҳира, 1384 С.305-348.

Қиёси иқтиронии шартии муттасил гуфторест, ки аз ду қазоёи шартии муттасил таркиб меёбад. Ҳудуди қиёсоти иқтиронии шартӣ, аз ҷумла шартии муттасил, иборатанд аз муқаддам ва толӣ, ки вазифаи мавзуъ ва маҳмулро иҷро мекунанд. Қиёси иқтиронии шартӣ чун қиёси иқтиронии ҳамлӣ дорои се шакл аст.

Шакли нахустин: ҳадди авсат дар муқаддамаи суғро толӣ ва дар муқаддамаи кубро муқаддам аст. Ин шакл аз ду муқаддамаи муттасил таркиб меёбад ва шартҳои мунтаҷ буданаш чун шартҳои мунтаҷ будани шакли авали қиёсоти ҳамлӣ аст. Ин шакл чаҳор зарб дорад:

Зарби нахустин аз ду қазияи шартии муттасили куллии муҷиб таркиб меёбад:

Ҳар гоҳ A B бошад, C D бувад
Ҳар гоҳ C D бошад, E F бувад
****
Ҳар гоҳ A B бошад E F бувад.

Зарби дуввум аз ду муқаддамаи куллӣ, ки куброшон солиб аст, таълиф мегардад:

Ҳар гоҳ A B бошад, C D бувад
Агар C D бошад, E ҳаргиз F нест.
****
Агар A B бошад, E ҳаргиз F нест.

Зарби саввум аз ду муқаддамаи куллӣ мураккаб аст, ки суғрошон ҷузъи аст:

Агар бархе A B бошад, C D бувад
Агар бархе C D бошад, E F бувад
****
Агар бархе A B бошад, E F бувад.

Зарби чаҳорум аз муқаддамаи ҷузъии муҷиби суғро ва кули солиби кубро таълиф меёбад:

Агар бархе A B бошад, C D аст
Агар C D бошад, E ҳаргиз F нест
****
Ҳар гоҳ бархе A B бошад, E ҳаргиз F нест.

Ибни Сино ҳамаи ин зуруби шакли нахустини қиёси иқтиронии шартии муттасилро қиёси комил медонад.

Шакли дуввум: Хусусияти ин шакл аз он иборат аст, ки ҳадди авсат дар ҳар ду муқаддама толӣ аст. Дар ин шакл аз ду муқаддамаи муҷиба, аз ду муқаддамаи ҷузъия ва аз ду муқаддамаи куброи ҷузъӣ натиҷа барнаояд. Ин шакл низ чор зарб дорад.

Зарби нахустин аз ду муқаддамаи куллия, ки куброшон солиба

аст, сохта мешавад:

Ҳар гоҳ A B бошад, C D бувад
Агар E F бошад, ҳаргиз C D нест

***

Агар A B бошад, E ҳаргиз F нест.

Зарби дуввум аз ду муқаддамаи куллия таълиф меёбад, ки суғрошон солиба аст:

Агар A B бошад, C ҳаргиз D нест
Ҳар гоҳ E F бошад, C ҳаргиз D нест

***

Агар A B бошад, E ҳаргиз F нест.

Зарби саввум аз муқаддамаи ҷузъияи муҷибаи суғро ва куллияи солибаи кубро таркиб меёбад:

Агар бархе A B бошад, C D бувад
Агар E F бошад, C Ҳаргиз D нест

***

Агар A B бошад, E F нест.

Зарби чаҳорум аз муқаддамаи ҷузъияи солибаи суғро ва куллияи муҷибаи кубро таълиф мешавад:

Ҳар гоҳ баъзе A B бошад, C ҳаргиз B нест
Ҳар гох E F бошад, C D аст

***

Ҳар гоҳ баъзе A B бошад, E F нест.

Шакли саввум: ҳадди авсат дар ҳар ду муқаддамаи он толӣ аст. Шартҳои ин шакл чун шартҳои шакли саввуми қиёсоти ҳамлӣ аст ва мисли он шаш зарб дорад.

Зарби нахустин аз ду муқаддамаи муҷиба таълиф мешавад:

Ҳар гоҳ C D бошад, E F аст
Ҳар гоҳ C D бошад, A B аст

***

Агар E F бошад, A B аст.

Зарби дуввум аз ду муқаддамаи куллия, ки куброшон солиба аст мураккаб мебошад:

Ҳар гоҳ C D бошад, E F аст
Агар C D бошад, A ҲаргизB нест

***

Ҳар ғоҳ E F бошад, A ҳаргиз B нест.

Зарби саввум аз ду муқаддамаи муҷиба, ки суғрошон ҷузъия аст сохта мешавад:

Агар бархе C D бошад, E F аст
Ҳар гоҳ C D бошад, A ҳаргиз B нест

***

Агар бархе E F бошад, A B аст.

Зарби чаҳорум аз ду муқаддамаи муҷиба, ки куброшон ҷузъия аст, таълиф мешавад:

Ҳар гоҳ C D бошад, E F аст
Агар бархе C D бошад, A B аст

***

Агар бархе E F бошад, A B аст.

Зарби панҷум аз муқаддамаҳои муҷибаи куллияи суғро ва солибаи ҷузъияи кубро таркиб меёбад:

Ҳар гоҳ C D бошад, E F аст
Ҳар гоҳ баъзе C D бошад, A ҳаргиз B нест

***

Ҳар гоҳ E F бошад, A ҳаргиз B нест.

Зарби шашум аз муқаддамаҳои муҷибаи суғро ва куллияи солибаи кубро таълиф мешавад:

Агар бархе C D бошад, E F аст
Ҳар гоҳ E F бошад, A ҳаргиз B нест

***

Ҳар гоҳ E F бошад, A ҳаргиз B нест.[1]

Қиёси истисноӣ. Вижагии қиёси истисноӣ он аст, ки натиҷаи вай дар яке аз муқаддимоташ сареҳан билфеъл пайдост, чунон ки гӯянд:

Агар фалонро таб дорад, раги вай тез бувад.

Лекин фалонро таб дорад

***

Фалонро раг тез бувад.

Ҳар як қиёси истисноӣ аз муқаддамаи шартия ва муқаддамаи истисноия иборат аст. Муқаддамаи истисноия ё яке аз аҷзои (яъне ё муқаддам ё толии) муқаддамаи шартия аст, ё нақизи он, ки бо одоти «лекин» ворид мешавад ва қазияи ҳамлӣ аст. Натиҷаи қиёси истисноӣ низ аз қазияи ҳамлӣ иборат аст.

Қиёси истисноӣ, ки муқаддамаи аввалаш қазияи шартияи муттасила аст ду гуна бувад:

1) қиёси истисноӣ, ки айни муқаддам истисно шавад, то айни толӣ интоҷ гардад. Мисоли ин гуна қиёс чунин аст:

Агар Офтоб баромада аст, ҳама кавокиб пӯшидаанд
Лекин Офтоб баромадааст

***

Ҳама кавокиб пӯшидаанд.

1 1 Дар бораи қиёсҳои шартии муттасил муфассалтар ниг.: Ибни Сино. аш-Шифо. ал-Мантиқ. 4-ал-Қиёс. С. 290-304.

2) қиёси истисноӣ, ки нақизи толӣ истисно шавад, то нақизи муқаддам натиҷа диҳад:

Агар Офтоб баромада аст, кавокиб пӯшидаанд

Лекин кавокиб пӯшида нест

***

Офтоб набаромадааст.

Қиёси истисноӣ, ки муқаддамаи аввалаш қазияи мунфасилаи ҳақиқӣ аст низ ду гуна бувад:

1) қиёси истисноӣ, ки айни он чӣ иттифоқ афтад, истисно намояд, то интоҷи ҳар чи ҷузъи вай аст, бикунанд:

Ин адад ё том бувад, ё зоид, ё ноқис

Лекин ин адад том аст

***

Ин адад на зоид бувад, на ноқис.

2) қиёси истисноӣ, ки нақзи он чи иттифоқ афтад, истисно кунанд, то интоҷи айн боқӣ намонад:

Ин адад ё том бувад ё зоид ё ноқис

Лекин ин адад том нест

***

Ин адад ё зоид бувад ё ноқис.

Қиёсҳои истисноӣ метавонанд аз қазоёи шартии мунфасилаи ғайриҳақиқӣ низ таркиб ёбанд, ки сураташон ба ин қарор аст[1] :

Ё ин шахс дар об аст ё ғарқ нашавад

Лекин вай ғарқ гашт

***

Пас, вай дар об аст.

Қиёси музмар ё замир. Чунон ки маълум аст, қиёсот дар гуфтор ба тавре ва тартибе, ки баён шуд, кам ба кор оянд. Дар амал аксаран қиёсотеро кор банданд, ки ё яке аз муқаддамот, ё натиҷаи он сареҳан ифода гардидааст, балки фақат дар назар дошта шудааст. Ибни Сино қиёсеро замир меномад, ки муқаддамаи куброяш ё ба сабаби истизҳор, ё барои ниҳон доштани дурӯғи он афканда шудааст.

Мисоли истизҳор:

Хатҳои А В ва В С аз марказ баромада ба муҳит мерасанд

Пас ҳар як хат аз марказ баромада, ба муҳит мерасад.

Мисоли ниҳон доштани дурӯғи муқаддамаи кубро.

Ин мард душманро хитоб мекунад, пас ӯ хоин аст

Ҳар хитобкунандаи душман хоин аст.

Қиёси мураккаб. Ибни Сино ба хубӣ огоҳӣ дошта, ки «на ҳамаи натиҷаҳо аз як қиёс биёянд, то ду мақаддима бас бошад. Балки бувад, ки яке масъала ба қиёсҳои бисёр дуруст шавад, чу-

1 Ибни Сино. Аш-Шифо. ал-Мантиқ. 4. ал-Қиёс. С.389-408.

нон ки аз ду муқаддама натиҷа оранд, боз он натиҷа муқаддама шавад қиёси дигарро ва ҳамчунон мешавад, то охир ин натиҷаи масъала бувад»[1] . Ба ин тариқа қиёси мураккаб аз таркиби чандин қиёси сода иборат аст, ки натиҷаи қиёси собиқ, қиёси лоҳиқ бошад, чунон ки гӯем:

I. Ҳар C B аст
Ҳар B E аст

Ҳар C E аст.

II. Ҳар C E аст
Ҳар B F аст

Ҳар C F аст.
III. Ҳар C F аст
Ҳар F B аст

Ҳар C B аст.

Ибни Сино дар хотимаи таҳлили қиёсҳои мураккаб ба чунин натиҷа мерасад: «Ва лекин бисёр бувад, ки баъзе муқаддамаҳоро биафкананд мар ихтисорро, ё мар ҳиллиятро, ё мар истизҳор ва ибонатро. Ва бисёр бувад, ки муқаддамаҳоро тақдим ва таъхир (пешу пас – М.Д.) кунанд, ва лекин ба ҳақиқат ба ин қиёсҳо оянд, ки гуфтем»[2] . Аз ин сабаб қиёси мураккаб ду гуна аст: яке қиёси мураккаби мавсул (пайваста – М.Д.), дуввум қиёси мураккаби мафсул (гусаста – М.Д.).

Қиёси мураккаби мавсул он аст, ки натоиҷи қиёси собиқро дар ҷои худ эрод кунанд ва онҳоро, чун дар муқаддамоти қиёс лоҳиқ афтанд, муқаррар созанд:

I. Ҳар A B аст
Ҳар B C аст

Ҳар A C аст
II. Ҳар A C аст.
Ҳар C D аст.

Ҳар A D аст.
III. Ҳар A D аст
Ҳар D E аст

Ҳар A E аст.

1 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишнома алоӣ». С.83-84.
2 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишнома алоӣ». С.84.

Қиёси мураккаби мафсул он аст, ки натоиҷи қиёси собиқро дар ҷои худ эрод накунанд, балки онҳо маҳзуф бошанд ва дар муқаддамаи қиёси лоҳиқ тақрор нашаванд:

Ҳар А В аст
Ҳар В С аст
Ҳар С D аст

Ҳар А D аст.

Дар мисоли фавқ натиҷаи қиёси собиқ А С аст ки дар ҷои худ ироа нашуда ва дар муқаддамаи қиёси лоҳиқ такрор нагардида аст.

Қиёси хулф. Дар байни қиёсҳои мураккаб Ибни Сино ба таҳлили қиёси хулф таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир кардааст. Ӯ гӯяд: «Арасту ишорат ба-д – ин кардааст, ки ман хоҳам гуфтан. Валекин ин миқдор гуфтааст, ки хулф аз шартӣ аст. Пас падид кардани он ки хулф аз шартӣ аст, он аст ки ман хоҳам гуфтан»[1].

Ибни Сино фарқи миёни қиёси хулф ва дигар анвоъи қиёсро, ки онҳоро қиёси рост ё қиёси мустақим меноманд, аз он иборат медонад, ки қиёси хулф даъворо дуруст кунад ба ин тарз, ки хилофи онро ботил кунад. Ва хилофи онро ба он ботил кунад, ки аз вай муҳол лозим оварад. Зеро ҳар чӣ аз он муҳол лозим ояд, худ муҳол бувад [2].

Қиёси хулф аз назари Ибни Сино аз ду қиёс иборат аст. Нахустини онҳо яке аз қиёсҳои нодире аст, ки худи Ибни Сино кашф кардааст[3]. Дуюмини он қиёси истисноӣ аст. Дар «Донишнома» масъалаи мазкур чунин шарҳ дода шудааст: «Нахустин қиёс аз иқтирониии муттасил аст ва ҳамлӣ, чунин ки агар гуфтори мо, ки «ҳар фалонӣ бостор аст» дурӯғ аст, пас «На ҳар фалонӣ бостор аст» рост аст. Ва «Ҳар баҳмонӣ ба иттифоқ рост аст» натиҷа ояд шартӣ, ки «Ҳамаи фалонӣ бостор аст» дурӯғ аст, пас «На ҳар фалонӣ баҳмон аст». Ва боз натиҷаро муқаддама кунад ва гӯяд: «Агар ҳамаи фалонӣ бостор аст» дурӯғ аст, пас «На ҳар фалонӣ баҳмон аст» рост аст. «Лекин ҳар фалонӣ баҳмон аст ба иттифоқ» ва ин истисност. Натиҷа ояд, ки «Ҳар фалонӣ бостор аст» дурӯғ нест, пас ҳақ аст»[4].

Ибни Сино дар «Шифо масъалаи акси қиёси хулфро ба қиёси рост (мустақим) низ муфассал таҳлил кардааст. Дар айни ҳол вай чунин мешуморад, ки қиёси хулф ба зоти худ комилтарин ва оқилонатарин шакли қиёс аст, зеро тавассути он метавон маводи зиёд ва андешаҳои фаровонро муҷаз ва возеҳ баён кард.

1 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». С.88.
2 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.89
3 Ибни Сино. Ҳамон асар.С.89
4 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.90-91.

Ин навъи қиёс дар илм, хусусан дар риёзиёт ва фанҳои гуногуни он фаровон истифода мешавад. Хуллас, таҳлими моҳияти қиёси хулф ва аҳамияти он барои илм хидмати Ибни Сино дар равнақи илми мантиқ аст.

Дар зимни қиёс Ибни Сино истиқро ва тамсилро низ аз шаклҳои истинбот мешуморад. Вале муътақид аст, ки истиқро ва тамсил нисбат ба қиёс шаклҳои заъифтари иктисоби дониши яқинианд. Таҳлили ин шаклҳои истинбот барҳақ будани ӯро комилан таъйид мекунад.

Истиқроъ. Дар осори Ибни Сино мо навъҳои гуногуни таърифи истиқроро меёбем. Масалан, дар «Наҷот» навишта шудааст: «Истиқро ҳукм бар куллӣ аст, ки он ҳукм дар ҷузъиёти он куллӣ мавҷуд аст. Агар ҳукм бар ҳамаи ҷузъиёт бошад, истиқро том аст. Агар ҳукм бар аксарияти ҷузъиёт бошад, истиқро машҳур аст. Пас гӯё вай ба муқаддамаи акбар ба воситаи вуҷуди муқаддамаи акбар дар муқаддамаи асғар ҳукм мекунад. Ва мисоли он ин аст, ки:

Ҳар ҳайвони дарозумр хурдзаҳра аст
Ҳар ҳайвони дарозумр мисли инсон, асп ё гов аст.

***

Пас, инсон, асп ва гов хурдзаҳраанд.

[Вале] одати мантиқиён ин аст, ки онҳоро ба ин назм зикр намекунанд, балки дар чизе чун муқаддамаи суғро ё кубро мухтасар мекунанд»[1] . Аммо ин иборoти Шайхурраис чандон равшан нест. Ӯ дар «Донишнома» моҳияти истиқроро возеҳтар баён кардааст: «Истиқро он бувад, ки ҳукме кунанд бар мавзуъе куллӣ аз он қибал, ки он ҳукм андар ҷузъиёти он мавзуъ ёбанд. Чунон ки гӯянд: «Ҳар ҳайвоне ба вақти хоидан зуфри зерин ҷунбонад». Агар битавонанд ҳар якеро аз ҷузвиёт ёфтан бар ин ҳукм, то ҳеч наҷаҳад, ҳукм бар куллӣ яқинӣ бувад. Валекин мардумоне, ки истиқро кунанд, чун бисёреро, ё бештареро чунин ёбанд, ҳукм кунанд бар ҳама. Ва ин на зарурӣ бувад, зеро ки шояд будан, ки нодида хилофи дида бувад ва сад ҳазор муттафиқ буванд ва яке мухолиф бувад, чунон ки тимсоҳ, ки зуфри забаринро биҷунбонад ва зерин наҷунбонад. Ва ҷадалиён ва мутакаллимонро яке эътимод бар ин аст» [2]. Ин таърифҳои истиқроро бо ҳам муқоиса карда, бояд гуфт, ки ҳамаи онҳоро сарфи назар аз тафовутҳои лафзиашон як андешаи куллӣ бо ҳам мепайвандад: Истиқро натиҷагирии куллӣ тавассути таъмим ва ҷамъбасти хусусиятҳои ҳар як ашёи фардии аснофи муайяни аҷсом аст. Ин андеша тавассути мисоли зерин зоҳир мегардад:

1 Ибни Сино. Наҷот. С.58.
2 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». С.92-93.

Инсон ҳайвони хурдзаҳр аст,
Фарас ҳайвон хурдзаҳра аст,
Фил ҳайвони хурдзаҳра аст.
Инсон, фарас ва фил ҳайвони дарозумранд.

***

Ҳар ҳайвони хурдзаҳра дарозумр аст.

Дар «Ишорот ва танбеҳот», ки аз ҷумлаи осори охирини Шайхурраис аст, истиқро боз равшантар тавсиф шудааст: «… Истиқро ҳукм кардан бошад бар куллӣ ба-д-он чӣ дар бештари ҷузъиёти он куллӣ бошад, ҳамчун ҳукми мо ки «ҳар ҳайвоне ба вақти хоидан чонаи зерин ҷунбонад». Чаро ки истиқрои одамӣ ва гов ва хар ва мурғ ва ғайри он аз ҳайвони баррӣ (дарранда) чунин кунад. Аммо истиқро муҷиб набошад, ки он илми дуруст бошад, зеро ки уфтад, ки ҳукми он чи истиқро накарда бошанд, ба хилофи он бошад, ки истиқро карда бошанд, ҳамчун наҳанг дар мисоли мо [ки ҳагоми хоидан чонаи забарро биҷунбонад]. Балки бошад, ки ҳукми мухталиф фиҳӣ, ки матлуб аст, ба хилофи ҳукми ҳар чӣ ҷуз ӯ аст, бошад»[1].

Аз таърифи истиқро, ки дар «Наҷот» ва «Шифо» оварда шудааст, бармеояд, ки истиқро ду гуна аст: яке истиқрои том (бурҳонӣ) ва дуввум истиқрои ноқис [ғайритом, машҳур]. **Истиқрои том** он аст, ки ҷузвиёт маҳсур бувад ва ҳукм дар ҳамл собит. Дар ин сурат ҳукми куллӣ, ки натиҷаи истиқро аст, ҳароина содиқ хоҳад буд. Бинобар ин истиқрои том истиқрои бурҳонӣ аст. **Истиқрои ноқис [машҳур]** иборат аз он аст, ки ҷузвиёт мунташир бошад ва ҳаср маълум набувад. Аз ин сабаб ҳукм бар куллӣ яқинӣ натавонад бувад, зеро дур нест ҷузве бошад, ки аз аҷзои мазкури ин синф мутабоин бошад. Ибни Сино ин маъниро баён нмуда, дар идомаи мисоли «Ҳар ҳайвоне ба вақти ҳоидан зуфри зерин ҷунбонад,[2] чунин меоварад: «Валекин мардумоне, ки истиқро кунанд, чун бисёриро ё бештарро чунин ёбанд, ҳукм кунанд бар ҳама ва ин на зарурӣ бувад, зеро ки шояд будан, ки надида хилофи дида бувад ва садҳазор муттафиқ бувад ва яке хилоф бувад, чунон ки тимсоҳ ки зуфри забарин биҷунбонад ва зерин наҷунбонад»[3]. Истиқрои ноқис [машҳур] бурҳонӣ нест ва дар илм кам ба кор ояд. Вале эътимоди ҷадалиён ва мутакаллимон бештар ба истиқрои ноқис [машҳур] аст. Чунон ки мебинем яқинияти истидлоли истиқроӣ аз назари Ибни Сино ба том ва ё ғайритом будани худи истиқро марбут аст. Истиқрои том ногузир натиҷаи яқинӣ медиҳад, натиҷаи истиқрои ноқис (машҳур) эҳтимолӣ аст. Ин ақоиди ӯ ба назарияи истиқрои мантиқиёни

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.61.
2 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». С.92-94.
3 Ҳамон асар. С.92-93

навин мутобиқ аст. Вале бояд мутазаккир шуд, ки Ибни Сино моҳияти истиқроро, ки аз назари ӯ яке аз ашколи истидлол аст, ҳарҷониба мавриди таҳқиқ қарор надодааст. Масалан, вай истиқрои машҳурро танҳо зикр намудаасту бас. Зиёда аз ин ӯ истиқрои илмӣ ва усули онро аслан намешинохтааст.

Тамсил. Ин шакли истидлолро ҳам Ибни Сино камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор дода аст. Ӯ бо таъйини моҳияти тамсил, мақоми маърифатӣ ва анвоъи он иктифо намудааст. Вай дар таърифи тамсил гӯяд: «Мисол (яъне тамсил – М.Д.) сусттар аз истиқро аст. Ва мисол (тамсил – М.Д.) он бувад, ки ҳукм кунанд бар чизе ба-д-он чӣ андар монанди ӯ бинанд. Гӯянд, масалан, ки «нафси мардум қуввате аст, ки бояд сипаси тан намонад, чунон ки биноии чашми вай»[1]. Чунон ки ба назар мерасад ин таърифи тамсил, ки Ибни Сино тадвин кардааст, бо таърифи кунунии тамсил ҳаммонанд аст. Вале аз ақоиди Ибни Сино чунин бар меояд, ки ӯ бар хилофи мантиқиёни кунунӣ ду навъи тамсилро мешинохтааст: тамсили куллӣ ва тамсили ҷузъӣ. **Тамсили куллӣ** он аст, ки дар асоси монанд будани баъзе ашёи ин синф ҳукм кунанд ба монанд будани ҳама ашёи ин синф. «Ва ин на зарурат аст, зеро ки шояд ки ҳукми монанд хилофи ҳукми монанди дигар бувад, ки бисёр чизҳоянд, ки ба як маъно монанд буванд ва ба ҳазор маъно мухолиф ва бар яке аз эшон ҳукме дуруст бувад, ё шояд, ки [дуруст] бувад ва бар дигар дуруст набувад ва нашояд. Пас мисол [тамсил – М.Д.] дилхуширо шояд ва афкандани гумонро ва яқинро нашояд».

Тамсили куллиро бештар дар корҳои тадбирӣ ва дар фиқҳ ба кор баранд. Аз ин сабаб ӯ ин навъи тамсилро қиёси фиқҳӣ номида буд.

Тамсили ҷузвӣ он аст, ки истидлол аз ҷузвӣ ба ҷузвӣ бошад. Ин гуна тамсил натиҷаи содиқ медиҳад. Ибни Сино худ нигоштааст: «Ва аммо агар даъво ҷузъӣ бувад, ки «баъзе фалон бостор аст» мисол худ ҳуҷҷати дуруст бувад,… чунон ки гӯӣ: «Он мисол фалон аст» ва «Он мисол бостор аст», натиҷа ояд, ки «Бархе фалон бостор аст»[2]. Ба ин маънии дуввум ақидаи Ибни Сино дар бораи тамсил ба тасаввуроти Арасту ва мантиқиёни кунунӣ шабоҳат дорад.

Мо дар фавқ моҳияти назарияи Ибни Синоро дар бораи қиёсҳои бурҳонӣ баррасӣ кардем, ки агар дуруст истифода ва корбаст шаванд, дониши яқинӣ ва илмӣ ба бор ованд. Аммо Ибни Сино дар айни ҳол навъҳо ва шаклҳои дигари қиёсро, яъне қиёсҳои ғайрибурҳониро низ хуб медонистааст ва муфас-

1 Ибни Сино. Аш-Шифо. ал-Мантиқ. 4. ал-Қиёс. С.561-564.
2 Ҳамон асар. С. 95

сал таҳлил кардааст. Вале ин мухтасар маҷоли гунҷоиши баррасии онҳоро надорад, бинобар ин ба зикри феҳриствори қиёсҳои ғайрибурҳонӣ дар осори ӯ иктифо мекунем.

1. Қиёси ҷадалӣ, ки муқаддимоташ аз машҳурот ва мусалламот аст ва дар баҳс ва мунозара ба кор оянд ва ҳақиқатнамо бошанд.

Вале сарфи назар аз ин Ибни Сино бовар дошт, ки қиёсҳои ҷадалӣ бартарӣ ва афзалияти зиёд доранд:

«Яке он бошад, ки фузулиёнеро, ки даъвии дониш кунанд ва мазҳабҳои норост доранд ва роҳи душвор баранд ба донистани ҳақ аз роҳи бурҳон, пас ба ҷадал эшонро бишканӣ.

Ва дигар, он ки агар касоне буванд, ки ҳаққе хоҳӣ, ки эшон эътиқодаш кунанд ё маслиҳате ва ба роҳи бурҳон натавонӣ, ба роҳи ҷадал ва машҳурот эшонро эътиқод афканӣ.

Ва саввум он аст, ки омӯзандагони илмҳои ҷузвӣ, чун ҳандаса ва тиб ва табиъиёт ва ҳар чи ба-д – ин монад, эшонро аслҳо бувад ба тақлид ва ба илмҳои дигар дуруст шавад ва аслҳои ҳама илмҳо охир ба илми мобаъдуттабад дуруст шавад. Пас то онгоҳ дили омӯзанда хуш набувад. Чун ба қиёси ҷадалӣ он аслҳоро бар вай исбот кунӣ, дили вай хуш шавад.

Ва чаҳорум он аст, ки ба қуввати қиёси ҷадалӣ ҳам ҳастро тавон исбот кардан ва ҳам нест [ро]. Пас чун дар масъала қиёси ҷадалӣ оварда ояд бар ҳаст ва қиёсҳо бар нест ва он қиёсҳоро неку тааммул карда ояд, охир бошад, ки ҳақ дар он миён пайдо ояд»[1].

2. Қиёси суфистоӣ ва муғолатӣ, ки муқаддамоташ ваҳмиёт ва мушаббаҳот аст. «Ва дар қиёси суфистоӣ ва муғолатӣ ҳеҷ фоидае нест, илло зиён. Ва агар фоида бувад, он ки биозмоӣ касеро, ки даъво кунад, донад ё надонад, ва онгоҳ онро «қиёси имтиҳонӣ» хонанд. Ё бозмоли даъвокуни беҳунарро, то мардумон аз вай наёмӯзанд ва мартабаи вай бидонанд ва он гоҳ онро «қиёси инодӣ» хонанд»[2].

3. Қиёси хитобӣ, ки аз мақбулот, мазнунот ва машҳурот ба зоҳир таркиб ёбад. «Ва фоидаи хитоба андар сиёсати мардум бувад ва андар шоҳаҳои шариъат ва андар машварат ва хусумат ва итоб ва андар ситоиш ва накӯҳиш ва андар бузург кардани сухан ва хурд кардан ва ҳарчӣ бадон монад…»[3].

4. Қиёси шеърӣ, ки аз муҳайялот тасниф шавад, ки аксар иғроқ ва ғулуванд. «Ва агар муқаддамоти рост андар шеър афтад, ё машҳур, на аз баҳри ростиро ба кор омада бошад, ки аз

1 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». С.129-131.
2 Ҳамон асар. С.131-132.
3 Ҳамон асар. С.132-133.

баҳри мутахайилиро»[1].

Фикр мекунам, ки баррасии муфассали ҳамаи ин анвоъ ва ашколи қиёс дар бораи назарияи қиёси Ибни Сино тасаввури комилеро ба бор хоҳад овард ва нақши ӯро дар вусъати қиёсшиносӣ беҳтар намоён хоҳад намуд.

Хулосаи Ибни Сино аз таҳқиқи масъалаи қиёс чунин аст: «Ба ҳамин тартиб қиёсот ҳам дорои маротиб аст. Бархе аз қиёсот тавлиди яқин мекунад ва он қиёси бурҳонӣ аст. Ва бархе аз онҳо тавлиди шабеҳ ба қиёс мекунад ва он қиёси ҷадалӣ ва ё қиёси муғолитӣ аст. Ва бархе аз онҳо тавлиди занни ғолиб мекунад ва он қиёси хитобӣ аст. Аммо қиёси шеърӣ тавлиди тасдиқ намекунад, балки тавлиди тахайюл мекунад, ки муҷиби инбисот ва инқибози нафс дар қиболи умури зебо ва зишт мекунад.

5. Назарияи бурҳон

Бахши бисёр муҳими мантиқи Ибни Синоро назарияи бурҳон ташкил медиҳад, ки дар фанни панҷуми мантиқи «Шифо» басе муфассал ва дар осори дигараш ниҳоят муҷаз баён шудааст. Китоби «Бурҳон»-и «Шифо» аз рӯи муҳтавои худ мавзуъҳои бисёр муҳимро, ки таҳлил ва баррасиашон барои дарёфти дониши яқинӣ ва ва илми ҳақиқи зарур аст, дар бар мегирад:

- маърифати тасаввурӣ ва тасдиқӣ;
- бурҳон, моҳият ва аҳамияти он;
- навъҳои бурҳон;
- илтизоми як илм аз илми дигар;
- вижагиҳои донистани надониста (маҷҳул) тавассути дониста (маълум) ва равобити онҳо;
- моҳияти дониши яқинӣ, тафовути дониш аз ҷаҳл;
- моҳияти истиқро ва таҷриба;
- тафовути дониши яқинӣ ва заннӣ (гумонӣ);
- моҳияти улулми риёзӣ ва тафовути онҳо аз улулми ғайририёзӣ;
- таҷриба ва маҳдудияти дониши таҷрибӣ;
- нафйи фитрияти дониши фалсафӣ;
- аҳамияти радабандии мавҷудот ва маърифати онҳо.

Ин номгӯй мавзуъоти «Бурҳон»-и «Шифо» нишон медиҳад, ки муаллиф дар он бо такя ба Арасту маҷмуъи масъалаҳоеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки баъзеашон ба ҳастишиносӣ, бархеашон ба маърифатшиносӣ, қисмеашон ба илмшиносӣ ва дастаеашон ба мантиқ марбут аст. Аксарияти ин масоил дар мавзеъҳои хоси худ таҳлил шудаанд. Бинобар ин дар ин ҷо танҳо масоили хоси марбут ба бурҳон мухтасаран баррасӣ ме-

1 Ҳамон асар. С.133-134.

шаванд.

Ибни Сино муътақид буд, ки ҳадафи аслии ҳама фунуни мантиқ ва ҳатто худи қиёс касби ҳаққ ва яқин аст ва ин ҳадаф дар фанни «Бурҳон», на дар мабоҳиси дигаре, ҳосил мешавад[1]. Пас бурҳон чист? Мутафаккир дар фанни «Бурҳон»-и «Шифо» ба ин суол бисёр муҷаз ҷавоб додааст: «Бурҳон қиёсест яқин-ул-натиҷа»[2]. Дар «Наҷот» ӯ овардааст, ки «Бурҳон қиёсест муаллаф аз муқаддимоти яқинӣ, то натиҷаи яқинӣ бидиҳад»[3]. Аммо ин таърифҳои бурҳон чунин маънӣ надоранд, ки барои мубарҳан ва исботи масъалае илмӣ, як, ё ду, ё се қиёс басанда бошад. Агар назарияи қиёсҳои мураккаб ва мавсули файласуфро дар назар бигирем ва дар ёд дошта бошем, ки аз диди ӯ барои исботи як масъалаи илмӣ чандин қиёс зарур аст, бояд бигӯем, ки таърифҳои зикршудаи бурҳон чунин маъниро доранд, ки бурҳон силсилаи мутаъадиди қиёсҳои яқине аст, ки натиҷаи яқинӣ медиҳад. Аз тарафи дигар, таърифҳои мазкур ин маъниро низ мерасонанд, ки дар рафти мубарҳан ва исбот кардани масъалае илмӣ бояд дониши яқинӣ, дониши мутобиқ ба воқеъият ба даст ояд.

Нуктаи бисёр муҳими назарияи бурҳони Ибни Сино аз он иборат аст, ки бурҳон мавзуъ, масъала ва мабда (муқаддамот) дорад. Мавзуъоти бурҳон масоиле мебошанд, ки дар ҳалли он баҳс кунанд, чун миқдор дар ҳандаса, адад дар ҳисоб, ҷисм дар табиъиёт, мавҷуд ва воҳид дар илоҳиёт. Масоили бурҳон қазия ва мушкилоти хосси илмие мебошанд, ки матлаб ва мавзуъоташон мавриди шубҳа аст ва барои исботи онҳо бурҳон иқома кунанд. Муқаддамоти бурҳон қазияҳои яқинии аввалинеанд, ки тавассути онҳо масъалаҳое исбот карда мешаванд. Муқаддимаҳои яқинӣ аз аввалиёт, таҷрибиёт, мутавотирот ва маҳсусот иборатанд, ки барои исботи яқинияти худ ба далел ва бурҳон муҳтоҷ нестанд. Аммо муқаддимаҳое чун машҳурот (зоеъот), мақбулот, мазнунот ва ваҳмиёт аз ҷумлаи муқаддамоти бурҳонӣ нестанд, зеро яқинӣ наянд[4] . Бояд гуфт, ки ин ақидаи мутафаккир дар бораи муқаддамоти аввалини яқинии бурҳон ба назарияи ӯ дар бораи дониши ғайрииктисобӣ такя дорад, ки дар боби назарияи маърифати вай таҳлил шудааст. Аз он чи зикр шуд, маълум мегардад, ки Ибни Сино асосан аз ҷонибдорони назарияи бурҳони бавоситааст, ҳарчанд нақши таҷрибаро дар касби маърифат инкор накардааст.

Ибни Сино дар осори худ аз бурҳони мутлақ сухан гуфтааст

1 Ибни Сино. Аш-Шифо. Ал-Мантиқ. 5. Ал-Бурҳон. ал-Қоҳира, 1375.С.20.

2 Ҳамон асар. С.78.

3 Ибни Сино. Ан-Наҷот ат-Табъату-с-сонияти ал Қоҳира, 1357. С.66

4 Барои иттилоъи бештар ба фаслҳои марбути «Бурҳон»-и «Шифо» ва «Наҷот»-и мутафаккир бингаред.

ва онро аз бурҳони лимма ва бурҳони инна иборат донистааст. Ӯ ин масъаларо чунин шарҳ додааст: «Бурҳони мутлақ аз бурҳони лимма ва бурҳони инна иборат аст. Бурҳони лимма бурҳоне аст, ки танҳо иллати иҷтимоъи ду тарафи натиҷаро (яъне мавзуъ ва маҳмули натиҷаро – М.Д.) дар зеҳн баён намекунад, то фоидааш он бошад, ки иллати тасдиқро баён карда бошад, балки иллати иҷтимоъи онҳоро дар вуҷуд низ баён мекунад… Аммо бурҳони инна бурҳоне аст, ки иллати иҷтимоъи ду тарафи натиҷаи [қиёсро] дар зеҳн ва иллати тасдиқи онро баён мекунад» [1]. Агар ин таърифҳои бурҳони лимма ва бурҳони иннаро ба ифодае соддатар баён кунем, бояд бигӯем, ки бурҳони лимма бурҳонест, ки дар он аз иллат ба вуҷуди маълул пай бурда мешаад. Бинобар ин бурҳони лимма иллати (сабаби) иҷтимоъи мавзуъ ва маҳмули натиҷаро на танҳо дар зеҳн, балки дар вуҷуд ҳам баён месоозад. Масалан, мо бурҳони лиммаро корбаст кардаем, вақте мегӯем:

Ин чӯбро чизи қавиҳарорат дигар кардааст,

Ҳар чи ки онро чизи қавиҳарорат дигар кардааст, сухтааст.

Пас ин чӯб сухтааст.

Аммо дар бурҳони инна баръакси бурҳони лимма аз мусабаб (маълул) ба сабаб (иллат) пай бурда мешавад. Масалан, аз таби бардавом, ранги зард ва сулфаҳои мудовими бемор ҳукм ба он мешавад, ки ӯ ба бемории сил гирифтор аст. Дар илми тибб ин навъи бурҳон аз қадим роиҷ аст. Хулоса, ба василаи бурҳони инна танҳо ин масъала, ки чаро амр чунин аст, баён мешавад, вале сабаби он ки чаро амр чуни наст, ошкор намешавад. Шояд ба ҳамин сабаб Арасту муътақид буд, ки «бурҳони лиммӣ ба маротиб шоистатар аз бурҳони иннӣ аст, зероки аз илм ба иллат илм ба маълули муаъайян ҳосил мешавад. Дар сурате ки чунин маълул мумкин аст илали мухталиф дошта бошад, аз илм ба маълул илм ба иллати муайян ҳосил намешавад»[2].

Ибни Сино дар «Бурҳон»-и «Шифо» аз бурҳонҳои даврӣ, мустақим, муҷиб ва куллӣ низ баҳс кардааст[3].

1 Ибни Сино. Ан-Наҷот. С.66.

2 Иқтибос аз: Муҳаммад Хонсорӣ. Мантиқи сурӣ (ҷилди аввал ва дуввум). Теҳрон, 1383. С.380.

3 Ниг.: Ибни Сино. Аш-Шифо. Ал-Мантиқ. 5. Ал-Бурҳон ал – Қоҳира. 1373, с.38, 238-242; 242-245.

БОБИ ЧАҲОРУМ
ФАЛСАФАИ ҲАСТИШИНОСИИ ИБНИ СИНО

1. Мафҳуми ҳастӣ дар фалсафаи Ибни Сино. Моҳият ва вуҷуд

Фалсафа, чунон ки дар боби дуюми ин таҳқиқот нишон дода шуд, аз назари Ибни Сино маърифати ашёст ба қадри тавони инсон. Вале ин таърифест, ки ҳама улумро шомил аст. Аммо фалсафа ба маънии истилоҳии хоси ин лафз дар «Шифо», «Наҷот», «Донишнома» ва дигар осори ба онҳо мулҳақи мутафаккир дар доираи илоҳиёт, ки мобаъдуттабиъа, фалсафаи уло, ё пешин ва барин (дар баробари табиъиёт ва риёзиёт) низ номида мешавад ва дар он ҳам масоили хос фалсафӣ ва ҳам масоили хос илоҳиётшиносӣ гирд оварда шудаанд, баррасӣ шудааст. Аз тавзеҳоти мутафаккир дар «Шифо» ва дигар осораш бармеояд, ки илоҳиёт ё мобаъдуттабиъа (метафизика), ба ҳадде, ки ба таҳқиқи масоили куллии ҳастии табиъӣ мепардозад, фалсафа номида мешавад. Инҳо масоили ҷавҳар, араз, инсиҷом (созгорӣ), тақобул, зиддият, кулл, ҷузъ имкон, зарурат ва ғайра мебошанд ки ҳаллу фасли онҳо вазифаи хеҷ илми дигаре ҷуз фалсафа нест. Фалсафа дар айни ҳол ба таҳлили мусалламот ва мабодии табиъиёт, риёзиёт ва мантиқ мепардозад. Аммо ба он андоза, ки илоҳиёт (мобаъдуттабиъа) ба баррасии масоили ҳастии зарурии Аллоҳ, илм ва сифоти вай, сабабҳои ниҳоии ҳастӣ, масоили ваҳӣ ва ҳомили он (паёмбар), фаришташиносӣ, муъҷизот, маъод, ҷазо ва сазо, биҳишту дӯзах ва ғайра иштиғол меварзад, илоҳиёт ба маънии ахас номида мешавад. Кӯшиши Ибни Сино дар бобати дар ҳудуди илоҳиёт (мобаъдуттабиъа) аз ҳам ҷудо кардани илоҳиёт ба маънии ом, яъне фалсафа ва илоҳиёт ба маънии ахас аҳамияти бузурги равишиносӣ дошт. Аввалан, ин равиш имконият медод, ки барои ҷудо кардани фалсафа аз илоҳиёт шароити зарурӣ муҳайё гардад, сониян, роҳи арзёбии мушахасси моҳияти ҷаҳонбинии фалсафии Ибни Сино боз шавад.

Шояд дар ҳамин замина бошад, ки Ибни Сино бар хилофи «Шифо» ва «Донишнома» дар «Фалсафаи машриқия» ё «Ҳикмати машриқия»-и худ, чунон ки пеш гӯшзад шуд, фалсафаро бо номи илми куллӣ чун ҷузъи чаҳоруми фалсафаи назарӣ аз илоҳиёт комилан ҷудо мекунад ва таъкид менамояд, ки он аз ҷумла сифатҳои куллии ҳастӣ – ваҳдат, касрат, кул, ҷузъ, илат, маълул ва мисли ин масоили ҳастиро меомӯзад ва ҳаллу

фасл менамояд. Аз ин тавсифи мухтасари ақоиди Ибни Сино равшан мегардад, ки ҳастӣ масъалаи меҳварии ҳам фалсафа ва ҳам илоҳиёти вай аст. Фалсафа, ё илми куллӣ ба маънии истилоҳии ин алфоз баррасии масоили куллии ҳастии табиъӣ ва иҷтимоиро анҷом медиҳад. Илоҳиёт дар навбати худ ба баррасии масоили куллии ҳастии барин ва фавқуттабиъӣ иштиғол меварзад. Бинобар ин пеш из он ки ба таҳлили масоили мушаххаси фалсафа ва илоҳиёти Ибни Сино пардозем, мухтасаран оро ва ақоъиди ӯро дар хусуси ҳастӣ, навъҳои он, моҳият ва вуҷуд баён мекунем.

Ибни Сино муътақид буд, ки ҳастӣ (вуҷуд) бар хилофи нестӣ (адам) амри воқеист. Вале ҳастиро таъриф додан, ё тарсим кардан амри мумтанеъ аст. Вай дар «Донишнома» ин андешаи худро чунин тавзеҳ дода аст: «Ҳастиро хирад худ бишносад бе ҳад ва бе расм, ки ӯро ҳад нест, ки ӯро ҷинс ва фасл нест, ки чизе аз вай омтар нест. Ва варо расм нест, зеро ки чизе аз вай маъруфтар нест. Оре, бошад, ки номи варо ба забоне дуни забоне бишносанд, пас ба тадбире огоҳӣ диҳанд, ки ба-д – он лафз чӣ хоҳанд. Масалан, агар ба тозӣ гуфта бошанд, ба порсӣ тасвири вай кунанд, ё ишорат кунанд, ки вай он аст, ки ҳамаи чизҳо андар зери вай ояд»[1]. Тақрибан ҳамин гуна андеша дар «Наҷот» ҳам дарҷ шудааст: «Шарҳи вуҷуд мумкин нест, магар аз роҳи шарҳи исми он, зеро вай мабдаи аввали ҳамагуна шарҳ аст. Аз ин рӯ худ шарҳе надорад, балки сурати он бе тавассути чизе дар азҳон воқеъ мешавад»[2]. Ин назари Ибни Сино дар фалсафаи тоҷику форс ва араб то ба ҳол ҳукмфармост. Масалан, файласуфи кунунии Эрон Маҳдии Ҳоирии Яздӣ дар китоби худ «Илми куллӣ» менависад, ки «мафҳуми вуҷуд (ҳастӣ) мафҳуми бадеҳи-ут- тасаввур аст, ки аз фарти вузуҳ дар дарки он комилан аз таъриф ва ташреҳ бениёзем. Агар ҳам аҳёнан таърифоте барои вуҷуд дар истилоҳи фалосифа меёбем (монанди собитулайн, ё ин ки «вуҷуд чизе аст, ки аз он хабар медиҳанд), инҳо тамоман таърифи лафзӣ ва луғавӣ аст ва шарҳулисм ва таъриф ба ҳад ва расм нест»[3]. Аз назари мантиқи сурии Антиқа ва Асрҳои миёна Ибни Сино ва Махдии Ҳоирии Яздӣ комилан ҳаққанд, зеро он танҳо ду навъи таъриф – таъриф тавассути ҷинс ва фасл ва таъриф тавассути расмро медонисту бас, ки ба ёрии онҳо ҳақиқатан ҳам барои лафзҳои ниҳоят куллӣ таъриф дуруст кардан амри муҳол аст. Вале дар мантиқи сурии кунунӣ чанд навъи дигари таъриф коркард шудааст, ки бо ёрии яке

1 Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». Теҳрон, 1383. С.8-9.
2 Ибн Сино. ан-Наҷот мин ал-ғарқи фӣ баҳри залолат. Теҳрон, 1364. С.296.
3 Маҳдии Ҳоирии Яздӣ. Илми куллӣ. Чопи панҷум. Теҳрон, 1384. С.19-20.

аз онҳо лафзҳои ниҳоят куллиро низ таъриф додан мумкин аст. Ин навъи таъриф – таъриф тавассути ишораи муносибат ба зидди худ ном дорад, ки ҳангоми таърифи лафзҳо ва мақулаҳои ниҳоят куллии фалсафӣ ба кор меравад[1] . Дар мавриди мазкур лафзи ниҳоят куллии ба мафҳуми «ҳастӣ» зид, мафҳуми «нестӣ» (адам) аст. Агар ҳамин гуна навъи таъриф ба ҳисоб гирифта шавад, «ҳастӣ»-ро метавон чунин таъриф дод: «Ҳастӣ мақулаи фалсафиест барои ифодаи нафйи нестии (адами) ашё, падидаҳо ва равандҳои моддию руҳонии воқеъӣ ва айнӣ». «Ҳастӣ»-ро шояд ин тавр ҳам таъриф кардан мумкин бошад: «Ҳастӣ мақулаи фалсафиест барои ишораи мавҷудияти айнии ашёи моддию руҳонӣ ва падидаю равандҳои онҳо». Шояд «ҳастӣ»-ро ин гуна ҳам таъриф дод: «Ҳастӣ мақулаи фалсафиест барои ифодаи маҷмуъи ашёи моддӣ ва руҳонӣ, ки тавассути ҳис ва ақл дониста мешаванд». Азбаски худи Ибни Сино муътақид буд, ки «ҳастӣ» ҳангоми тақсими аввалӣ ба ҷавҳар ва араз тақсим мешавад,[2] , бинобар ин «ҳастӣ»-ро метавон ин гуна ҳам таъриф кард: «Ҳастӣ ҳузури айнии ҷавҳар ва араз аст». Ба ҳайси таърифи «ҳастӣ» гуфтаи зерини худи Ибни Синоро низ метавон ёдовар шуд: «Ҳастӣ он аст, ки ҳама чиз дар зери он ояд». Ҳастӣ маҷмуъи ашёи моддӣ ва руҳонӣ аст, ки ба ҳис ва ақл дониста мешаванд. Ҳангоми тахлил ва ташреҳи ин навъҳои таърифи ҳастӣ моҳият ва муҳтавои лафзи «ҳастӣ» беҳтар ва хубтар равшан мегардад. Вале гумон дорам, ки навъи аввали таърифҳои зикр шудаи «ҳастӣ» ба қоидаи таъриф тавассути муносибат ба зидди худ бештар мувофиқат дорад ва аз назари мантиқи беайб ва бенуқс аст.

Ҳарчанд Ибни Сино бо такя ба дараҷаи тараққии мантиқи замони худ, хусусан фасли он дар бораи таъриф, тасниф ва тақсими лафз (мафҳум), ки нокифоя таҳқиқ шуда буд, аз таъриф додани «ҳастӣ» даст боз медорад, вале муҳтавои онро бисёр васеъ ва доманодор медонад.

Ҳастӣ, аз назари ӯ, ҳам ашёи маҳсус, ҳам ашёи руҳонӣ, ҳам ашёи маконгир, ҳам ашёи номаконгирро фаро мегирад. Ин нуктаи мутафаккир аз он дарак медиҳад, ки вай ҳадди ақал ду навъи ҳастиро эътироф дошт – (1) ҳастии моддӣ, ки ҳама ашё, падида ва равандҳои моддиро шомил аст, (2) ҳастии руҳонӣ, ки лафз (мафҳум)-ҳои зеҳнию ақлонӣ ва ашёи гуногунӣ муфориқ ва фавқуттабиъиро фаро мегирад. Ба ин маънӣ таълимоти ӯ дар бораи ҳастӣ аз назариёти зурвониён

1 Ниг.: В.И. Кириллов, А.А.Старченко. Логика. М.2006. С.52
2 Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. С.9.

ва даҳриён, ки танҳо ҳастии моддиро эътироф намуда, ҳамагуна тазоҳуроти ҳастии руҳониро инкор мекарданд, ба куллӣ тафовут дорад. Пас бояд гуфт, ки «ҳастӣ» аз назари Ибни Сино мақулаи фалсафие аст, ки онро метавон ҳам барои ишораи ашёи маҳсус ва ҳам барои ишораи ашёӣ муфориқ ба кор бурд, зеро «ҳастӣ табиъате аст, ки ҳамли он бар ҳар чизе, хоҳ он ҷавҳар аст, хоҳ ғайри ҷавҳар, саҳеҳ аст»[1] . Ҳамзамон ӯ бовар дошт, ки мақулаи «ҳастӣ» дар бораи ашё на айнан, балки ба таври ташкик (яъне ташбеҳ ва заъфу шиддат) гуфта мешавад. Дар «Дониш-нома» вай ҳамин маъноро дар назар дошта навишта буд: «Ҳастӣ бар ин даҳ [мақула] на чунон барафтад, ки «ҳайвонӣ» бар мардум ва бар асп, ки якеро беш аз дигаре набувад ва на чунон чун сапедӣ бар барф ва кофур, ки якеро беш аз дигаре нест, ки то мутавотӣ будӣ, ки ин чунинро мутавотӣ хонанд, ки бар чизҳои бисёр ба як маъни афтад бе ҳеҷ ихтилоф. Балки ҳастӣ нахуст мар ҷавҳарро ҳаст ва ба миёнҷии ҷавҳар мар каммият ва кайфият ва изофаро ва ба миёнҷии эшон мар он боқиро. Ва ҳастии сиёҳӣ ва сапедӣ ва дарозӣ ва паҳноӣ чунон нест, ки ҳастии замон ва тағайюр, ки эшонро сабот аст ва замону тағайюрро сабот нест. Пас ҳастӣ бар ин чизҳо пешу пас афтад ва ба камобешӣ, ҳар чанд бар як маънӣ афтад ва чунинро мушаккак хонанд»[2] . Ин мавқифи худро ӯ дар асараш «Мубоҳисот» низ таъйид мекунад: «Ҳастӣ маъние аст, ки бар чизҳо ба пешинӣ ва пасинӣ меафтад ва бархе аз ҳастӣ баҳраи устуворе [ро] дорост, монанди ҷавҳар ва он чи ба худ истодааст (қоим би нафсиҳи) ва ҳастӣ дар он чи дорои вуҷуд аст мухталиф нест, балки агар ихтилофе ҳаст дар устуворӣ (тааккуд) ва заъф аст»[3].

Аз ҷумлаи масъалаҳои ҳастӣ, ки Ибни Сино ба он таваҷҷуҳи муайян мабзул доштааст, масъалаи силсилаи ҳастӣ ва мавҷудоти ба он марбут аст. Моҳияти ақидаи ӯ роҷеъ ба ин масъала дар «Наҷот» хуб ифода ёфтааст: «Чизҳои шоистатарин барои ҳастӣ [аввал] ҷавҳарҳо, сипас аразҳоянд. Ҷавҳарҳое, ки дар аҷсом нестанд, шоистатарин ҷавҳарҳо барои вуҷуданд, магар ҳаюлои уло, зеро ин ҷавҳарҳо се гунаанд: модда, сурат ва муфориқ, ки на ҷисм аст ва на ҷузъе аз ҷисм ва вуҷуди он ногузир аст, зеро ҷисм ва ҷузвҳои он маълуланд. Ва инсон саранҷом ба ҷавҳаре мерасад, ки иллате аст нопайваста [ба модда], балки комилан муфориқ аст. Пас нахустин мавҷуди шоистаи ҳастӣ ҷавҳари муфориқи нопайвоаста ба ҷисм аст, сипас сурат аст, сипас модда аст. Ва ҳар чанд [модда] сабаби

1 Ибни Сино. Аш-Шифо. Илоҳиёт (1). С.54.
2 Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. С.38.
3 Иқтибос аз: Бӯалӣ Сино. Теҳрон, 1388. С.58.

ҷисм аст, аммо сабаби бахшандаи ҳастӣ нест, балки пазиро (маҳал)-и ҳусули ҳастӣ аст. Ҷисм дорои ҳаюло ва афзун бар он дорои сурат аст, ки ҳаюло комилтар аст. Пас аз инҳо араз аст. Дар ҳар табақае аз ин табақот шуморе аз мавҷудот ёфт мешаванд, ки дар ҳастӣ мутафовитанд»[1]. Аз ин гуфтори мутфаккир бармеояд, ки вай аввалияти ҳастии муфориқро бар ҳастии моддӣ эътироф дорад. Барои ҷомеае, ки дар он дин ҳукми мутлақ дорад, чунин шарҳи масъалаи мазкур шакли қаноатбахши масъалаи таносуби руҳониёт ва моддиёт буд.

Ҷиҳати муҳими таълимоти Ибн Сино дар бораи вуҷуд назарияи моҳият ва вуҷуд аст, ки сарчашмаи он дар осори Арасту[2] ва Фороби[3] ёфт мешавад. Ин масъала аз ҷониби ӯ чунин матраҳ шуда буд: чӣ асл ва асолат аст – моҳият ё ҳастӣ (вуҷуд)? Баъзе муҳаққиқон ин масъаларо меҳвари ҳақиқии тамоми фалсафа ва низоми ҷаҳонбинии вай мешуморанд[4], вале дар айни ҳол изҳор медоранд, ки ӯ ин масъаларо мавриди таҳқиқи махсус қарор надода буд. Ба назар мерасад, ки ин муҳаққиқон масъаларо дуруст дарёфтаанд, зеро на дар «Шифо», на дар «Наҷот», на дар «Донишнома» ин масъала махсус баррасӣ нашудааст. Дар «Шифо» танҳо ба муносибати таҳлили ақоиди мутафаккирони антиқа, ба хусус Парменид ва Мелисс, ӯ менигорад, ки «табиъати мавҷуд… маъное аст дар ҳад ва расм воҳид ва моҳиятҳои дигар худ вуҷуд нестанд ва чизҳое ҳастанд, ки вуҷуд оризи онҳо ва мулозими онҳост, чунон ки, масалан, (лафзи) «инсоният» моҳияте аст ва лекин худи вуҷуд нест ва вуҷуд ҷузъи он ҳам нест, балки хориҷ аз ҳадди ӯст, ки ба моҳияти он мулҳақ шудааст»[5]. Масъалаи «Ҳастӣ ва сабабҳои он» танҳо дар «Ишорот ва танбеҳот»-и мутафаккир ба таври махсус баррасӣ шудааст. Вале дар ин асар ҳам ба ҳалу фасли масъалаи асолати моҳият ё вуҷуд таваҷҷуҳи зиёд зоҳир нашудааст. Дар тамоми бобе, ки ба масъалаи ҳастӣ ва сабабҳои он ихтисос дорад, танҳо ду ишорати муҳимро меёбему бас. Яке аз онҳо чунин аст: «Равост, ки моҳияти чиз сабаби сифате бувад аз сифоти ӯ ва низ равост, ки ин сифат сабаби сифати дигар бувад, чунон ки фасл арази хоссаро. Аммо раво нест, ки сифати вуҷуд чизро сабаби моҳияте бувад, ки на аз вуҷуд бувад, ё сабаби дигар сифат бувад, зеро сабаб андар вуҷуд муқаддам бошад

1 Ибни Сино. Ан-Наҷот.ат-Табъату-с-сония.ал-Қоҳира,1357ҳ.1983м.С208.
2 Аристотель. Первая аналитика. 92 в 10.
3 Ал-Фараби. Китоб ал-ҳуруф. Бейрут, 1986. С.114-115; Бӯалӣ Сино. Теҳрон, 1388. С.58-64.
4 Буалӣ Сино. Теҳрон, 1388. С.57.
5 Ибн Сино. Аш-Шифо. Ат-Табиъиёт. 1. ас-Самоъи табиъӣ. Қоҳира, 1983. С.27.

бар мусаббаб. Ва ҳеч муқаддам ба вуҷуд пеш аз вуҷуд нест»[1]. Ишораи дуюм аз ин иборат аст: «Вале ҳастӣ на моҳияти чиз аст, на ҷузъи моҳияти чиз. Ин далолат ба он дорад, ки моҳият дохил дар мафҳуми чизе нест, ки дорои моҳият аст, балки танҳо дар он ориз мегардад[2]».

Ин ва дигар гуфтаҳои Синоро дар бораи таносуби моҳият ва вуҷуд, дар бораи ин ки кадоме аз онҳо асл аст – моҳият ё вуҷуд- таъмим дода ва ҷамъбаст намуда, метавон нукоти зеринро баён кард:

• моҳият чизест, ки дар ҷавоби суоли «чист он?», яъне дар ҷавоби суоли «ҳақиқати ашё чист?» гуфта мешавад. Ба ифодаи дигар моҳият чизест, ки дар вуҷуд ориз мегардад ва лозими он аст, чун мафҳуми «инсоният». «Инсоният» чун моҳияти инсон лафзи муҷарраде аст, ки аз инсонҳои воқеъӣ таҷрид карда шудааст. Агар инсонҳои воқеӣ вуҷуд намедоштанд, лафзи «инсоният» дар ақл ва зеҳни инсон мунтабиъ, муртасим ва пайдо намешуд;

• ҳастӣ чун воқеияти асил сабаби ҳастии моҳият аст ва бар он муқаддам аст, вай на моҳият аст, на ҷузъи моҳияти ашё. Ба ин сабаб ҳастӣ дар мафҳуми чизе, ки дорои моҳият аст, дохил нест;

• бар хилофи моҳият, ки маълули иллате аст ва тавассути он пайдо мешавад, ҳастиро пеш аз ҳастӣ чизе муқаддам нест, яъне вай худкифоя аст, хусусан ки сухан аз боби Мабдаи аввал, ё Сабаби аввал ба миён ояд;

• нуктаи охирин возеҳ шаҳодат медиҳад, ки аз назари Ибни Сино асл ва мабдаи аввалин ҳастӣ (вуҷуд) аст, на моҳият. Ҳастӣ барои он асл ва нахустасос аст, ки ҳама чизҳо дар зери он оянд, дар сурате ки моҳият наметавонад сабаби ҳастӣ бошад. Бо назардошти чунин таъбир кардани таносуби моҳият ва ҳастӣ аз ҷониби Ибни Сино, баъзе муҳаққиқон исрор медоранд, ки вай дар мавриди ҳалли масъалаи мазкур машраби моддигароиро пазируфтааст[3].

2. Таҷавҳури аҷсом

Назарияи таҷавҳури аҷсоми Ибни Сино таълимот дар бораи мабдаҳои ҳастии ҷисми моддӣ ва олами моддӣ аст. Аз рӯи ин таълимот ҳастӣ ба ду бахш – ҷавҳар ва араз тақсим мешавад. Ҷавҳар ҳамаи он чизҳост, ки на дар мавзуъ вуҷуд

1 Ибн Сино. Ал-Ишорот ва-т-танбеҳот маа шарҳи Насир ад-дин ат-Тусӣ. Ал-қисм ал-солис ат-табъату-с-сонӣ. Дор-ул-маъориф би Миср. С.30-34.

2 Ибн Сино. Ҳамон асар. С.49.

3 Муфассалтар ниг.ба: Ҳусайн Мурувва. Ан-Назаот-ул-моддӣ фӣ фалсафат-ил-арабият-ил-исломия. ал-ҷузъ-ус-сонӣ. Бейрут, 1979. С.615-622.

доранд ва ҳастии онҳо аз чизи дигаре вобаста нест, то ҳомили вай бошад. Пас, хусусияти асосии ҷавҳар он аст, ки вай ҳастии мутлақ аст. Вале мутлақияти ҷавҳар аз назари Ибни Сино нисбист, зеро Худованд аз рӯи зот, мартаба ва вазъ ба он пешӣ дорад ва гарчи ба маънии зикршуда ҷавҳар нест (чунон ки Фомаи Аквинӣ, Декарт ва Спиноза мепиндоштанд), вале муҳаррики аввал ва сабаби ниҳоии ҷавҳар аст.

Ибни Сино ҷисми моддиро яке аз навъҳои асосии ҷавҳар дониста (ба замми ҳаюло, сурат, нафс ва ақл) таъкид кардааст, ки он дорои панҷ мабда аст, ки иборатанд аз ҳаюло, сурат, адам, фоъил ва ғоят.

«Ҳаюло, - навишта буд Ибни Сино, - ба эътибори он ки билқувва пазирандаи сурат, ё суратҳост, ҳаюло хонда мешавад. Ва аз ҳайси ин ки билфеъл ҳомили сурат аст, мавзуъ гуфта мешавад… ва ба эътибори ин ки барои ҳама суратҳо муштарак аст, модда ва тинат хонда мешавад. Ва ба мулоҳизаи ин ки мураккаб дар таҳлил ба он мунҳал мегардад ва дар мураккаб ҷузъи басити пазирандаи сурат аст, устуқус ном дорад ва ҳамчунин он чи ба манзалаи ӯст. Ва чун ба ҳамин маънӣ таркиб аз он оғоз мешавад, унсур хонда мешавад ва ҳарчи монанди ӯст»[1].

Пас, ҳаюло мавзуъи ҳама ашё ва ҳаводиси моддӣ ва шарти ташаххуси сурат, нафс ва ақл аст. Навъҳои мушаххаси он замин, об, ҳаво ва оташ аст, ки тамоми ҷисмҳо аз онҳо ба вуҷуд меоянд. Аразҳои зотии умдаи ҳаюло ҳаракат, макон ва замон мебошанд. Дар айни ҳол ҳаюло ҷавҳари мутағайир аст. Тағйироти он дар табдили ҳамешагии чор унсур ба якдигар ва таҷдиди доимии шаклҳои мушаххаси ҳастӣ зоҳир мешавад. Ин андешаҳои моҳиятан диалектикӣ дар таҳқиқоти тиббӣ, заминшиносӣ, маъданшиносӣ, ҳавошиносӣ ва инсоншиносии Ибни Сино бисёр возеҳ ва равшан баён шудаанд.

Ибни Сино ба мудаллал сохтани андешаи азалият (қидам, қадимат) ва абадияти ҳаюло таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Аз назари ӯ азалият ва абадияти ҳаюло тавассути чандин далел собит мешавад: 1) ба ҳар як чизи падидоянда ҳаюло пешӣ дорад; 2) ҳаракат, макон ва замон чун аразҳои зотии ҳаюло азалӣ ва абадиянд; 3) ҳаюло чун асоси куллии ҳамаи ҳастӣ ходис нест. Ибни Сино навишта буд: «Ба аъёни мавҷуди он мабодӣ назар мекунем ва мебинем баъзе ҳаюло коин ва фосиданд, мисли чуб барои тахт ва зоҷу ва мозу барои мидод. Валекин ҳаюлои уло…коин ва фосид нест ва ибдоъӣ аст», яъне чунон аст, ки ба ӯ ҷуз Худо ва моҳияти Худованд, ҳеҷ чизи

1 Абуалӣ ибни Сино. Фунуни самои табиъӣ. Теҳрон, 1319. С.37.

дигар, ҳеч олат ва замон пешӣ надорад. Ибни Сино абадияти ҳаюлро тавассути фанонопазирии он низ исбот кардааст: ҳаюло ҳар гуна, ки тағйир ёбад ва ҳар суратеро бипазирад, ба ҳайси мавзуъи тамоми воқеият боқӣ мемонад, зеро ба зоти худ, бе робита ба сурат, ҷавҳар аст.

Ибни Сино масъалаи мабдаи сурии ҷисмро низ муфассал баррасӣ кардааст. Ӯ дар «Шифо» суратро чунин таъриф ва баррасӣ намудааст: «(1) Сурат гоҳ ҳастиеро мегӯянд, ки чун дар модда ҳосил шавад, онро навъ месозад. (2) Ва худи навъро низ сурат мегӯянд. (3) Ва шаклро ҳам билхусус сурат мехонанд. (4) Ва ҳайати иҷтимоъияро ҳам сурат меноманд, монанди ҳайати лашкар ва сурати муқаддамоти муқтарана. (5) Ва низоми маҳфузро ҳам сурат мегӯянд, монанди шариъат; (6) Ва ҳар ҳайатеро ҳам сурат меноманд. (7) Ҳақиқати ҳар чизеро ҳам сурат мехонанд, хоҳ ҷавҳар бошад, хоҳ араз…. (8) Гоҳе ҷинси аълоро низ сурат мегӯянд. (9) Гоҳе маъқулоти муфориқ аз моддаро низ сурат мехонанд»[1].

Ба кадоме аз ин маъниҳо сурат мабдаи бевосити ҷисм ва ҷавҳар шумурда мешавад? Азбаски аз назари Ибни Сино сурат ҷузви ҷисм аст ва ба сабаби он ҳаюлои азалӣ ва абадӣ ашё ва аҷсоми мушаххас (масалан, набот, ҳайвон, инсон, тахт, ҳайкал) мешавад, метавон натиҷа гирифт, ки ӯ суратро ба маъноҳои 1-6-ум мабдаи ҷисм ва ба маънои 7-ум ҷавҳар меномад. Аз рӯи таъбири Ибни Сино сурат ба маъноҳои 1-6-ум пешнамуна ва мазҳари лафзҳои кунунии «сохтор» ва «сохтормандӣ» аст ва ба ин далолат мекунад, ки Ибни Сино хуб дарк кардааст, ки ҷисм бе сохтор ва созмони муайян вуҷуд дошта наметавонад. Ба маънои ҳаштум суратро метавон чун мабдаи дури ҷисм баррасӣ кард. Чунин таъбир аз он шаҳодат медиҳад, ки Ибни Сино қоил буд, ки ҷисм мабдаи мобаъдуттабиӣ (фавкуттабиӣ) низ дорад. Сурат ба маънии нуҳум, аз назари мо, маънии маърифатӣ ва шинохтшиносӣ дорад ва дар ин хусус дар мавриди назарияи маърифати Ибни Сино суҳбат хоҳад шуд. Аз назари Ибни Сино сурат чун ҷавҳар ҳар моҳияте, аст, ки дар маҳал вуҷуд надорад ва ба зоти худ мустақил аст. Ӯ ба ҷумлаи ин гуна моҳиятҳо, ки сурат хонда мешаванд ва дар маҳал нестанд, нафси нотиқаро мансуб медонист ва чунин меҳисобид, ки ҳарчанд нафс сурати ҷисми инсон аст, вале амал ва кори ӯ нест. Ин андешаи мутафаккир ва ақидаи ӯ дар хусуси навъи олӣ (яъне Худованд) чун сурат ва ҳамчунин назарияи ӯ дар хусуси воҳибуссувари хориҷ аз табиъат машраби руҳгароӣ доранд. Дар айни ҳол бояд

1 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.92-93.

гуфт, ки ӯ назарияи сурати ҷисмиро пешниҳод кардааст, ки мувофиқи он ҷисм дорои имтидоди зотӣ аст ва бе он вуҷуд дошта наметавонад. Вай ҳамчунин таълимотро дар бораи ташаххуси модда ва сурат ҳам дар ашёи табиъӣ ва ҳам дар ашёи сунъӣ эҷод карда, масъалаи таносуби модда ва суратро нисбат ва Арасту пайгиронатар ҳаллу фасл кардааст.

Адам чун мабдаи ҷисм аз назари Ибни Сино асли пайдоиш, тағйир, табдил ва такомули ҷисми моддӣ аст. Вале на ҳама гуна адам, на адами мутлақ, балки танҳо адаме асли пайдоиш, тағйир, табдил ва такомул аст, ки шомили ҳастии хос аст, зеро адам қобилият ва истеъдоди ҳастист, ки дар моддаи мушаххас маҳфуз мебошад[1]. Мо дар ин андешаҳои Ибни Сино ба ташреҳи диалектикии амиқи таносуби ҳастӣ ва нестӣ бархурд дорем, ки ба муқобили назарияи адами мутлақи мутакаллимон нигаронда шудааст.

Мабдаи фоъилӣ аз диди Ибни Сино «он аст, ки сурати аҷсомро дар моддаи онҳо нақш карда ва моддаро ба сурат қивом додаст ва аз онҳо мураккабе сохта шудааст, ки ба сабаби сураташ фоъил аст ва ба сабаби моддааш мунфаъил»[2]. Ин мабдаи фоъилӣ ду гуна аст: 1) мабдаи фоъилии муштараки ғайритабиъие, ки нахустин феълро анҷом медиҳад ва феълҳои дигар бар ӯ мутараттиб мешаванд, мисли ин ки моддаи ухло ва сурати ҷисми улоро месозад ва асли аввалро медиҳад. Ба ин маънӣ мабдаи фоъилии муштарак Зоти Якто аст, ки ҷоиз нест бар афроди зиёд гуфта шавад. Аз ин баёни Ибни Сино маълум мешавад, ки мабдаи фоъилии муштарак ба маъонии аввал Воҷибулвуҷуд (Аллоҳ) аст, ки мабдаи нахустини тамоми мавҷудот аст. 2) Мабдаи фоъилии муштараки табиъӣ, ки дар зоти худ якто нест, балки афроди бисёрро шомил аст.

Ибни Сино дар хусуси мабдаи ғойии ҷисм баҳс карда, нигошта буд: «мабдаи ғойи он аст, ки барои ӯ сурат дар мавод нақш меёбад»[3]. Ғоят ҳам ду гуна аст: а) ғояти муштарак, ки ғояти ҳамаи умури табиъӣ аст ва ҳама қасди онро доранд. Ба ин маънӣ ғоят ҳамон Худованд аст; б) ғояти куллӣ, ки бар ҳар як аз ғоятҳои ҷузъии унсури ҷузъӣ рост меояд. Вале азбаски Ибни Сино собит мекард, ки табиъат ғарази амдӣ надорад, пас ин андешаи ӯро дар бораи ғояти куллӣ на бояд ғоятгароии соддалавҳона ба маънии одатии ин мафҳум ташреҳ кард.

Хулосаи умдае, ки аз таҳлили назарияи таҷавҳури аҷсоми Ибни Сино бармеояд, он аст, ки моҳияти ҷаҳоншиносии

1 Барои иттилоъи бештар ниг.: Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.40-42.
2 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.38.
3 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.38.

фалсафаи табиъиёти ӯро худогарой (деизм) ташкил медиҳад. Ин тамоюли ҷаҳоншиносии вай дар он зоҳир мегардад, ки ӯ мабодии наздиктарини ҷисми моддиро аз ҳаюло, сурат ва адам, мабдаи ниҳой ва нахустини онро аз фоъили рӯҳонӣ – Худо иборат медонад. Аз назари вай мабдаи фоъилии ҷисм мавҷуди табиъӣ нест ва воҳибуссувар берун аз табиъат аст. Ба назардошти ҳамин натиҷа бояд гуфт, ки ба Ибни Сино таъбир ва шарҳи ҳамахудой (пантеистӣ)-и олам бегонааст, зеро ӯ бар хилофи ҳамахудоиён (пантеистон), чун Декарт ва Спиноза, Худоро ҷавҳар намедонад ва ягонагии ҷавҳарии олам ва ҳудоро тардид мекунад. Ин чунин маънӣ дорад, ки касоне, ки Ибни Синоро ҳамахудогаро (пантеист) меноманд, бар ҳақ нестанд.

3. Назарияи сабабият

Ибни Сино пас аз таҳқиқи мабдаҳои мавҷудоти табиъӣ ба баррасии сабабҳои ҳастии онҳо мепардозад. Ҳадафи чунин таҳқиқ исботи қонунмандӣ ва хусусияти зарурӣ доштани ҳастии ашёву падидаҳо ва имконияти маърифати мавҷудот дар заминаи ошкор кардани сабабҳои ҳастӣ ва тараққии онҳо мебошад. Аз ин дидгоҳ назарияи сабабият яке аз умдатарин аслҳои тамоми низоми илмӣ – фалсафии Ибни Синост. Андешаҳои ӯ дар бораи моҳият ва аҳамияти сабабият аз ин дарак медиҳанд, ки:

• қонуни сабабият аз назари ӯ шакли робитаи ҳамагонӣ, айнӣ, моддӣ ва зарурии аҷсом ва умури воқият аст;

• маърифати ашё ҳамеша маърифати сабабҳои пайдоиш, тараққӣ, рушду камол ва фасоди ашёст. Ҳеҷ чиз ба таври комил дониста намешавад, то сабабҳои ҳастию нестии он дарк нагарданд;

• асоси ҷаҳоншинохтии фалсафа, хусусан фалсафаи табиъиёти мутафаккиро худогарой (деизм) ташкил медиҳад.

Барои он ки ба ҳақиқати ин хулосаҳо бовар ҳосил шавад, нуктаҳои асосии таълимоти Шайхурраисро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Инак, аз назари Ибни Сино сабаб ва мусаббаб (иллат ва маълул) чист ва таносуби онҳо чӣ гуна аст? Дар «Донишнома» ӯ ба ин суол чунин ҷавоб додаст: «Ҳар чизе, ки варо ҳастӣ бувад на аз чизе маълум ва ҳастии он чизи маълум ба вай бувад, вайро иллати он чизи маълум хонем ва он чизро маълули вай хонем» [1]. Дар «ал-Қонун фӣ тибб» сабаб чунин таъриф шудааст: «Дар китобҳои тиб ҳолатеро сабаб мено-

1 Абуалӣ ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алой». Ҳамадон, 1383. С.53.

манд, ки аввалан пайдо мешавад ва ҳастии он вазъи тани инсон, ё саботи ин вазъро машрут месозад»[1].

Дар ҳамин таърифҳо хусусиятҳои вижаии таълимоти сабабияти Ибни Сино дар бораи таносуби замонии сабаб ва мусаббаб, қоруззот будани сабаб, вобастагии мусаббаб аз сабаб дарҷ шудаанд. Ӯ барои ҳалли масъалаи таносуби замонии сабаб ва мусаббаб, ки дар илм ва фалсафаи кунунӣ ҳам мавриди баҳс аст, андешаи робитаи сабабии аразӣ ва зотиро пеш меоварад. Робитаи сабабии аразӣ қаблияти замонии сабабро ба мусаббаб тақозо мекунад ва боиси мудовимати бениҳояти робитаи сабабӣ мегардад. Робитаи сабабии зотӣ бошад, ҳастии ҳамзамони сабаб ва мусаббабро дархост менамояд ва даймумати бениҳояти робитаи сабабиро ба вуҷуд намеоварад. Ин гуна робитаи сабабӣ ба сабаби нахустин, яъне Худованд, меанҷомад, ки худ сабаби худ ва сабаби тамоми мавҷудоти дигар аст. Ӯ дар «Илоҳиёт»-и «Шифо навиштааст, ки «Сабабҳои зотии чиз, ки тавассути онҳо ҳастии моҳияти шайъ билфеъл мегардад, бояд ҳамзамон ба мусаббаб вуҷуд дошта бошанд ва ба ҳеҷ рӯи аз он муқаддам набошанд. Ин танҳо дар мавриди сабабҳои ғайризотӣ ва дур равост. Мо номутаноҳияти сабабҳои ғайризотӣ ва дурро истисно намекунем, балки зарурӣ мешуморем»[2].

Ибни Сино назарияи сабабияти зотиро барои исботи қадимати олам истифода кардааст: чун Худо ба ҳайси сабаби зотии олам қадим ва абадист, пас олам ҳамчун мусаббаби он низ бояд азалӣ ва абадӣ бошад.

Ҳарчанд ки Ибни Сино ҷонибдори мутлақияти сабаб аст, вале шаклҳои гуногуни робитаи сабабу мусаббабро рад намекунад. Робитаи сабабӣ пеш аз ҳама робитаи вобастагии мусаббаб аз сабаб аст: мусаббаб худ ба худ танҳо имконият аст, вай танҳо тавассути сабаб зарурӣ мегардад. Вале сабаб ё худ ба худ вуҷуд дорад, ё тавассути сабаби дигаре. Дар ин бора ӯ дар «Шифо» менасисад: «Аз рӯи «қабл» ва «баъд», чунон ки медонӣ, ҳастии сабаб муқаддам ва ҳастии мусаббаб мутааххир аст. Аммо ту дар бораи ниёзмандӣ ва бениёзии [сабабу мусаббаб ба як дигар] медонӣ, ки сабаб дар ҳастии худ ба мусаббаб ниёз надорад, балки ба зоти худ вуҷуд дорад, ё ба сабаби дигаре. Он чӣ ба зарурат ва имконият дахл дорад, мо медонем, ки агар сабабе сабаби ҳама гуна мусаббаб бошад, пас вай сабаби ҳама гуна мусаббабот аст ва мутлақан воҷибулвуҷуд мебошад. Вале агар сабаб танҳо сабаби мусаб-

1 Абуали ибн Сина. Канон врачебной науки. Изд.2-е. Кн.1. Ташкент, 1980. С.14.
2 Ибн Сино. Аш-Шифо. Ал-Илоҳийот (2). Ал-Қоҳира, 1380/1960. С.266.

бабе бошад, пас вай фақат нисбат ба ҳамин мусаббаб, ки ба зоти худ имконулвуҷуд аст, воҷибулвуҷуд мебошад. Хуллас, мусаббаб худ ба худ ҳастии зарурӣ надорад. Агар вай ба зоти худ воҷиб ҳисобида мешуд, бе ҳеҷ гуна сабаб воҷибулвуҷуд мебуд. Пас, моҳияти мусаббаб худ ба худ ва новабаста ба он ки сабаб дорад, ё надорад, амри имконӣ аст, вале тавассути сабаб ногузир амри зарурӣ мегардад. Зиёда аз ин сабаб, чунон ки баён шуд, на тавассути мусаббаб, балки ё худ ба худ, ё тавассути он чи ки мусаббаб нест, амри зарурӣ мегардад»[1].

Ба ин маънӣ Ибни Сино робитаи сабаб ва мусаббабро чун таъсири мутақобила, на чун робитаи мутақобила мефаҳмад. Дарки сабабият чун робитаи мутақобила бори нахуст аз ҷониби Ф.Энгельс баён шуда буд, ки таъбири якбуъдӣ ва ғайридиалектикии сабабиятро рафъ намуда, таъбири диалектикии онро муқаррар карда буд. «Робитаи мутақобила, - навишта буд ӯ, - аввалин чизест, ки ҳангоми баррасии модда аз назари табиъатшиносии кунунӣ пеши назар меояд… Табиъатшиносӣ ба ҳамин роҳ собит мекунад, ки робитаи мутақобила causa finalis-и ҳақиқии ашёст»[2].

Ибни Сино дар айни ҳол робитаи сабабу мусаббабро чун робитаи доимӣ, зарурӣ ва куллӣ шарҳ додаст. Ӯ робитаи доимии сабаб ва мусаббабро ҳамчун вобастагии мусаббаб аз сабаб дар давоми тамоми ҳастиашон маънидод кардааст. Робитаи зарурии сабаб ва мусаббаб аз назари Ибни Сино тобеъияти комил ва мутлақи мусаббаб ба сабаб аст, ки дар натиҷа мусаббаб ногузир тавассути сабаб ба вуқуъ мепайвандад. Дар навбати худ куллияти робитаи сабабӣ аз назари Ибни Сино аз он иборат аст, ки ҳама ашё ва ҳаводиси олам, ҳатто муъҷизот ҳам, (ниг.боби 8, фасли 4) сабабҳои моддӣ доранд ва ҳеҷ як ашёву ходиса бе сабаб ба вукӯъ намепайвандад.

Ибни Сино робитаи сабаб ва мусаббабро робитаи доимӣ мешуморид ва гумонҳои муқаррарию муъмулиро дар хусуси он ки «ҳар чи ҳастӣ пайдо кард, дигар ба сабаби ҳастии ниёз надорад», рад менамояд. Ба ақидаи ӯ мусаббаб дар тамоми давраи ҳастии худ ба сабаби ҳастии хеш ниёз дорад. Ҳар гоҳ, сабаб бархезад, мусаббаб дигар вуҷуд дошта наметавонад[3]. Дар «Ишорот ва танбеҳот» ӯ ин ҷиҳати масъаларо равшантар баён кардааст: «Ва ин сифат [вобастигии мусаббаб аз сабаб] ҳамеша бар маълулот маҳмул аст, на дар ҳоли ҳудус ва бас.

1 Ибн Сино. Ҳамон асар. С.271.
2 К. Маркс, Ф.Энгельс. Соч. Т.20. Изд.2-е. М., 1960. С.546.
3 Ниг.: Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. С.53-58.

Ва ҷиҳати тааллуқ ин аст. Пас ин тааллуқ ҳамеша бошад»[1]. Ҳамин андеша дар «аш-Шифо» чунин ифода шудааст: «Агар шайъе аз ашё аз рӯи моҳияти худ сабаби чизи дигаре гардад, пас он ҳамеша сабаби ин чиз хоҳад буд ва ин ашё то замонест, ки моҳияти вай вуҷуд дорад. Агар вай азалию абадӣ бошад, мусаббаби он ҳам азалию абадӣ хоҳад буд. Пас маҳз чунин сабабҳо шоистатаринанд, ки сабаб номида шаванд, зеро адами мутлақи ашёро рад мекунанд». Бо назардошти ҳамин нукот Ибни Сино назарияи каломии робитаи муваққатӣ ва нодоимӣ ва ноҳамешагии сабабу мусаббабро нақд карда ботил донистааст. Ӯ хусусан ба ақидаи онҳо «агар Борӣ Таъоло раво будӣ, ки нест шудӣ, олам нест нагаштӣ, зеро ки олам андар ҳаст шудан ва падид омадан аз адам андар вуҷуд ба Борие ниёзманд бувад, то ӯро дар вуҷуд оварад»[2] сахт зид буд. Зеро муътақид буд, ки суботи ҳодис баъди ба вуҷуд омадан ҳам аз сабабе вобастааст, ки ҳастии онро имтидод мебахшад[3]. Вай маҳз дар баҳс бо мутакаллимон нукоти муҳимми назарияи сабабияти худро ташреҳ ва тасреҳ кардааст: 1. Агар сабаб вуҷуд надошта бошад, мусаббаб ҳам пайдо намешавад, агар мусаббаб набошад, сабаб ҳам нест. Аз назари Ибни Сино чиз танҳо дар сурате сабаб мегардад, ки мусаббабро эҷод кунад; 2. Бархостани мусаббаб на ҳамеша бархостани сабаб аст, вале бархостани сабаб ҳамеша барҳостани мусаббаб аст. Ин хулосаи охирин барои тиб, ки ӯ назария ва амалияи онро ба таври комил медонист, аҳамияти бузурги равишшиносӣ дошт.

Дарки робитаи сабабӣ чун робитаи доимӣ ногузир ин ақидаро тавлид мекунад, ки ҳастии ашё, равандҳо (фарояндҳо) ва падидаҳо амри қонунӣ аст. Ҳамин ақидаро нукоти дигари назарияи сабабияти ӯ, аз ҷумла андешаҳои вай дар бораи робитаи ногусастанӣ ва зарурии сабабу мусаббаб, аз сабаб ногузир падид омадани мусаббаб дар мавриди муҳайё будани сабабияти том, таъйид мекунад. Шайхурраис ба мудаллал ва мубарҳан сохтани ин ақоид тавоҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. Масалан, дар «Донишнома» мукаррар таъкид кардааст, ки «…ҳар чӣ аз иллат мавҷуд ояд ба вуҷуб мавҷуд ояд, ки нашояд, ки воҷиб наёяд, ки то нашояд, ки наёяд ва сабабҳои омадан ҳама ҳосил нашуда бошад ҳанӯз, феъл наояд. Пас чун сабаб ҳосил шуд ва чунон шуд, ки феъл аз вай биёяд, бояд, ки ҳароина биёяд ва илло шояд, ки наояд. Ва ин муҳол аст, ки

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.182.
2 Ҳамон асар. С.178.
3 Ибн Сино. Наҷот. Қоҳира, 1338. С.238.

фоъил, ки мавҷуд бувад, аз вай феъле наёяд, [Ин ба он сабаб аст, ки] ё табъаш муҷиб нест, пас табъаш дуруст нест, ё хосташ тамом нест, ё аз ҳоле дигар, ки аразӣ аст, тамом нест. Ва агар феълаш мар зоташрост, зоташ ҳосил нест ва вай чунон аст, ки шояд ки аз вай феъл ояд ва шояд ки наёяд. **Пас иллат нест ҳанӯз, илло ба қувват ва ҳоле бояд, ки биёяд, ки аз қувват ӯро ба феъл оварад. Пас ҳар чӣ аз иллате ояд ба воҷибӣ ояд»**[1].

Чунон ки аз ин порчаи иқтибос шуда бармеояд, Ибни Сино масъалаи таносуби сабаб ва шароитро дар пайдоши мусаббаб аз назар дур накардааст. Ӯ муътақид буд, ки пайдоиши мусаббаб асосан ба сабаб мутаалиқ аст, вале нақши шароитро низ дар ҳосил шудани мусаббаб на бояд соқит кард, зеро мусаббаб аз сабаб он гоҳ ногузир ва заруритан пайдо мешавад, ки ҳама шароит омода бошад, яъне сабабияти том вуҷуд дошта бошад. «Ҳар фоъиле, ки аз вай феъле наояд ва боз биёяд ё аз сабаби монеъе бувад аз берун, ё аз сабаби ноёфти чизе аз берун, чун олат ва моддат, ва билҷумла аз сабабе берун, ё на аз сабабе берун бувад»[2].

Андешаи вобастагии (тааллуқи) мусаббаб на танҳо аз сабаб, балки аз шароит дар «ал-Қонун фӣ тиб» ҷиддан таъкид шудааст. Дар ин ҷо муаллиф нишон медиҳад, ки «на ҳар сабабе, ки ба ҷисм (бадан) тааллуқ мегирад ба он таъсир мерасонад; баъзан дар ин маврид боз се чизи дигар зарур аст: (1) қуввае, ки аз қувваи фаъола бармеояд, (2)қуввае, ки аз қувваи қобилаи ҷисм (бадан) бармеояд ва ҳамчунин (3) имкони мулоқоти яке аз ин се қувва дар замоне, ки барои зоҳир шудани таъсири сабаб басанда бошад[3]. Вале ба ҳар ҳол Ибни Сино бовар дошт, ки нақши асосиро дар пайдошудани мусаббаб сабаб мебозад.

Аз назари Ибни Сино робитаи сабабӣ робитаи куллӣ аст. Куллияти робитаи сабабиро вай дар он медид, ки дар олам аҷсом ва падидаҳое нестанд ва буда ҳам наметавонанд, ки бе сабабе пайдо шаванд. Фақат ашё ва падидҳое вуҷуд доранд, ки сабаби ҳастӣ, таҳаввул, тараққӣ ва нестии онҳоро мо кайҳо донистаем ва падидаву ашёе вуҷуд доранд, ки мо сабабҳои ҳастӣ, пайдоиш ва рушду камоли онҳоро ҳанӯз надонистаем. Ин андешаҳо дар ҳама осори фалсафӣ, илмӣ - табиъӣ ва тиббии вай муфассал таҳлил, тавзеҳ ва баён шудаанд ва сабабҳои моддии ашё, падидаҳои ҷаҳони хоричӣ, масоили равонӣ ва фарояндҳои физиолоҷӣ баррасӣ гардидаанд. Ҳатто дар мавридҳои камшуморе, ки Ибни Сино таъсири нерӯҳои

1 Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». С.64.
2 Ҳамон асар. С.57.
3 Абу Али ибн Сина. Канон врачебной науки. Изд.2-е. Кн.1. Ташкент, 1980. С.154.

фавқуттабиъиро ба ҳайси сабаби ашё ва падидаҳо эътироф мекунад, онҳоро чун сабабҳои дуюмдараҷа мешиносад. Яке аз гуфторҳои ӯ, ки ин хулосаи моро таъйид мекунад, чунин аст: «Баъзе табибон гумон доранд, ки молихулиё ба сабаби руҳҳои шарир пайдо мешавад. Вале касе, ки тибб меомӯзад, таваҷҷуҳ ба он намедиҳад, ки он ба сабаби руҳҳо пайдо мешавад, ё на. Илова бар ин мо таъкид мекунем, ки ҳатто агар молихулиё ба сабаби руҳҳо пайдо шавад ҳам, вале ба ҳар ҳол он ба сабаби таҳаввули мизоҷ ба сафрои (заҳра)-и сиёҳ пайдо мешавад. Бинобар ин сабаби наздиктарини молихулиё заҳраи сиёх аст, пас сарчашмаи ин заҳра ҳарчи бодо бод – хоҳ руҳ бошад, хоҳ ғайри руҳ. Сабабҳои сахттаъсире, ки молихулиёро эҷод мекунанд, аз ғами бениҳоят ва тарси шадид иборатанд»[1]. Шакке нест, ки сабабҳое, ки Ибни Сино баъзан барои ин, ё он беморӣ таъин мекунад, тибби кунунӣ онҳоро тасвиб намекунад. Вале на ин муҳим аст, балки он муҳиммаст, ки вай бовар дорад, ки ҳамаи падидаҳо, равандҳо ва аҷсом сабабҳои моддии айни доранд. Ҳарчанд ӯ дар бархе мавридҳо барои баъзе падидаҳо (масалан, баъзе бемориҳо) сабабҳои руҳониро эътироф мекунад, вале ин руҳияи куллии воқеъбинонаи вайро дар бораи сабабият бекор намекунад ва ботил намесозад, зеро дар таълимоти тиббии ӯ руҳониёт аз доираи табиъиёт берун нест.

Андешаҳои Ибни Сино дар хусуси робитаи доимӣ, зарурӣ ва куллии сабаб ва мусаббаб, ки ба таври рафъшуда дар илм ва фалсафаи кунунӣ нигоҳ дошта шудаанд, аҳамияти бузурги ҷаҳоншинохтӣ ва равшинохтӣ доштанд. Чунон ки пеш ишора шуд, дарки робитаи сабабӣ чун робитаи доимӣ, зарурӣ ва куллӣ ногузир ба ин натиҷа мунҷар мешавад, ки пайдоиш, таҳаввул, такомул ва фасоди ашё, фарояндҳо ва падидаҳо амри қонунист. Ин андеша ба Ибни Сино имконият медод, ки назарияи каломӣ ва ирфонӣ (тасаввуфӣ)-ро дар бораи муъҷиза ва муъҷизаофиринӣ ба таври муътамад нафй намояд ва нишон бидиҳад, ки ин падидаҳо аз доираи қонуни сабабият чандон дур нестанд[2].

Андешаҳои Ибни Сино дар бораи бисёрсабабӣ ва бисёр мусаббабӣ низ басе ҷолибанд. Бисёрсабабӣ аз назари мутафаккир аз он иборат аст, ки як мусаббабро ҳамзамон чандин сабаб машрут месозанд. Ин андеша хусусан дар «ал-Қонун фӣ тиб»-и ӯ муфассал баён шудааст. Дар ин асар исбот карда мешавад, ки ҳолатҳои гуногуни тани инсон ҳамзамон мета-

1 Абу Али ибн Сина. Канон врачебной науки. Кн.3(1). С.129; Кн.4. С.125.
2 Барои огоҳии бештар ниг.: Ҳамин асар, бобби 8, фасли 2.

вонанд аз сабабҳои бисёр вобаста бошанд. Моҳияти бисёрмусаббабиро мутафаккир чунин баён кардааст: «Гоҳо сабаб якест, вале дар бадани одамони гуногун бемориҳои гуногунро ба вуҷуд меоварад, ё дар замонҳои гуногун бемориҳои гуногунро падид меоварад»[1] . Ин андешаи Ибни Сино аз назари равшшиносӣ на танҳо барои илми тибби асрҳои миёна, балки соири улум басе пуразриш буд. Ҳоло ҳам он аҳамияти равшшиносии худро аз даст надодааст.

Ба таълимоти бисёрсабабӣ назарияи чор сабаби Арасту - сабаби моддӣ, сурӣ, фоиълӣ ва ғойӣ, ки онро баъдан Ибни Сино ривоҷ додаст, марбут мебошад. Дар боло назарияи Ибни Сино дар бораи ҳаюло ва сурат баён шуд ва он барои дарки моҳияти сабаби моддӣ ва сурӣ кофист. Дар мавриди сабаби фоъилӣ ӯ мафҳуми табиъӣ-илмӣ ва мобаъдуттабиъии онро фарқ мекунад. Ба маънои табиъӣ-илмӣ сабаби фоъилӣ мабдаҳои бевоситаи моддии пайдоиш ва ҳаракати ашёро ифода мекунад, ки дар «ал-Қонун фӣ тиб» басе мудаллал баён шудааст. Ба маънои мобаъдуттабиъӣ (фалсафӣ) бошад, Ибни Сино зери мафҳуми сабаби фоъилӣ Худоро дар назар дорад, ки сабаби нахустини муфориқи (руҳони)-и ҳастӣ аст. Ба ин маънӣ вай дар «Ишорот ва танбеҳот» навишта буд: «Бошад, ки ту гӯйӣ, ки аз ин сухан лозим меояд, ки муҳаррики осмон муфориқи ақлӣ бошад. Ва пеш аз ин манъ кардай, ки мубошири таҳрик чизе бошад ақлӣ, балки қувватест ҷисмонӣ. *Ҷавоби ту он аст, ки ин ки собит шуд, муҳаррики аввал аст ва равост, ки мулосиқи таҳрик ба маънии муҳаррики қариб ҷисмонӣ бошад»*[2]. Дар хусуси сабаби ғойӣ сухан гуфта, Ибни Сино бо исрор таъкид мекард, ки ғоят он аст, ки чизҳо аз баҳри вай падид оянд. Чизҳои табиъӣ дар ҳастии худ моил ба хайранд. Хайр, ки бошад, он аст, ки ҳамаи ашё онро мехоҳанд. Вале «хост» дар мавриди табиъат ин маъниро надорад, ки он (табиъат) ғаразе ва хадафе дорад. Ба сабаби ғоятмандии худ корҳо дар табиъат қонунан сурат мегиранд. Қонунмандии ҳаводиси табиъат аз он иборат аст, ки масалан, аз донаи ҷав – ҷав, аз донаи гандум – гандум мерӯяд. Тасодуф (иттифоқ)-ҳое, ки ин қонунмандиро халалдор мекарда бошанд, аз шароит ва ҳолати гуногун вобастаанд. Ба назардошти он чи баён шуд, наметавон назарияи сабаби ғойии Ибни Синоро ба маънии одатӣ ва муқаррарии ин вожжа ғоятгароии содалавҳона пиндошт. Инро низ бояд гуфт, ки ҳаргоҳ Арасту ва Ибни Сино аз хусуси чаҳор сабаб сухан

1 Абу Али ибн Сина. Канон врачебной науки. Кн.1. С.154.
2 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.204.

меронанд, чаҳор ҷинси сабабро дар назар доранд, ки навъҳо ва фаслҳои зиёди гуногун доранд. Инро назарияи Ибни Сино дар хусуси бисёрсабабӣ таъйид мекунад.

Ибни Сино робитаҳои ботинӣ ва зоҳирӣ, воқеӣ ва ғайривоқеъиро низ мешинохт ва моҳияти онҳоро асосан дуруст тавҷеҳ кардааст. Чунин баррасии васеъи масъалаи сабабият ва дарки амиқи моҳият, навъҳо ва шаклҳои он барои таҳқиқоти илмӣ аҳамияти хосси равишшиносӣ дошт, зеро Ибни Сино муътақид буд, ки донистани моҳияти ашё донистани робатиҳои сабабии онҳост. Вале сарфи назар аз эътирофи шаклҳо, навъҳо ва фаслҳои бениҳояти робитаи сабабӣ, Ибни Сино бовар дошт, ки хатти мустақими робитаҳои зотии сабабӣ (на робитаҳои аразии сабабӣ) мутаноҳӣ аст ва он бо сабаби нахустин – Аллоҳ Таъоло, ки мавҷуди ғайритабиъӣ, ақлонӣ ва руҳонӣ аст, поён мепазирад.[1]

Дар фалсафаи Ибни Сино таълимот дар бораи зарурат ва тасодуф як ҷузъи таркибии назарияи сабабияти ӯ маҳсуб мешавад. Агар ҳама гуфтаҳои вайро дар бораи зарурат ҷамъбаст намоем, бояд гуфт, ки зарурат, аз назара вай, пайдоиши ногузир, доимӣ, мунтазам ва аксарии ин ё он ашё, ин ё он падида ва фароянд аст. Падида, фроянд ва ашё он гоҳ ногузир, доимӣ, мунтазам ва аксаран пайдо мешавад, ки агар ҳама сабаб ва шароити ба вуҷуд омадани онҳо муҳайё бошад. «Ҳар чизе то аз табиъати имкон хориҷ нашуда ва вуҷудаш ба воситаи асбоб воҷиб нашавад, мавҷуд нахоҳад шуд»[2]. Агар дар ҳоли мавҷуд будани ҳама шароит ва асбоб, ашё ва падидаҳо на мунтазам, балки танҳо аксаран пайдо шаванд, пас монеъае вуҷуд дорад, ки пайдоиши доимӣ ва ҳамешагии ашёро номумкин мегардонад. Вале чизҳое ҳам, ки аксаран пайдо мешаванд, ҳукми заруратро доранд ва мутаалиқ ба ҷинси онҳоянд, зеро ба таври ногузир пайдо мешаванд. Ашё ва падидаҳое, ки заруратан пайдо мешаванд, машрут ба сабабҳои зотӣ ва дохилӣ буда, аз ҷониби онҳо ба вуҷуд оварда мешаванд[3].

Аз назари Ибни Сино тасодуф, бархилофи зарурат, он аст, ки номунтазам, ба таври ақалӣ ва ноногузир пайдо мешавад ва натиҷаи сабабҳои аразӣ мебошад. «Ҳосил ин ки агар амре, ки воқеъ шуда, доимӣ ва аксарӣ набошад ва худи ӯ ғайримунтазир ва ғайримутараққиб, ё иттифоқан буда бошад, мета-

1 Дар ин хусус муфассалтар ниг.: М.Диноршоев. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе, 1980. С.91-98.

2 Ибни Сино. Фununи самоъи табиъӣ. Теҳрон, 1319. С.109.

3 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.103-123.

вон сабабиятро ба бахт ва иттифоқ, нисбат дод»[1]. Моҳияти тасодуфро Ибни Сино ба таври диалектиқи тавзеҳ кардааст: Ҳамон як ашё ва падида вобаста ба шароит ва ҳолати ҳастии худ метавонад ҳам зарурӣ ва ҳам тасодуфӣ бошад. Масалан, шаш ангушт доштан нисбат ба табиъати куллӣ падидаи тасодуфӣ аст, вале он нисбат ба шароит ва ҳолати ҳамин ҷанин метавонад падидаи комилан зарурӣ бошад. Ба ҳамин маънӣ ӯ навишта буд: «… Воқеъ шудани ин кулух дар ҷузъе аз замин ва воқеъ шудани донаи гандум дар ин маҳал ва вуқуъи ин нутфа дар ин раҳм амри доимӣ ва аксарӣ нест. Пас мусомиҳа мекунем ва мепазирем, ки ин умур ва монанди онҳо иттифоқӣ аст. Ва диққати назарро мутаваҷҷеҳ мекунем ба сӯи умуре монанди такаввуни хушаи гандум ба истимдоди модда ба замин ва такаввуни ҷанин аз нутфа ба истимдоди модда аз раҳм ва бубинем оё ин ҳам иттифоқӣ аст? Пас мебинем иттифоқӣ нест, балки амре аст, ки табиъат онро эҷоб карда ва қуввае аз қуввои табиъат онро иқтазо намудааст»[2]. Дар ин назари Ибни Сино нисбат ба ҳалли масъалаи таносуби зарурат ва тасодуф мо пешгӯии он ақидаеро дармеёбем, ки аз замони Ҳегел ба фалсафа ва илм роҳ ёфт, яъне назарияе, ки мувофқи он «тасодуф асосе дорад, зеро вай тасодуф аст, вале айнан ҳамчунин асосе надорад, зеро вай тасодуф аст, ин ки тасодуф зарурист, ин ки зарурат худро чун тасодуф муайян мекунад ва ин ки, аз тарафи дигар, ин тасодуф бештар зарурати мутлақ аст». Хуллас, Шайхурраис моҳияти зарурат ва тасодуфро асосан дуруст дарк кардааст ва бисёр ҷиҳатҳои онҳоро воқеъбинона тавзеҳ намудааст. Дар назарияи зарурат ва тасодуфи Ибни Сино он чиз мавриди писанд аст, ки вай зарурат ва тасодуфро муқобил намегузорад, чунон ки дар осори баъзе файласуфони Антиқа ва Замони нав ба чашм мерасад. Аз таъриф ва тафсифи тасодуф, ки ӯ пешниҳод кардааст, бармеояд, ки вай тасодуфро иборат аз чизе намедонист, ки сабаби он ҳанӯз кашф нагардида ва дониста нашудааст.

Ибни Сино аз ин мавқиф назарияи баъзе файласуфон ва мактабҳои фалсафии Антиқаро, ки ё тасодуфро рад намуда, заруратро мутлақ мепиндоштанд, ё заруратро инкор карда тасодуфро мутлақ мешумориданд, мавриди нақди мудаллал ва мубарҳан қарор додааст[3]. Ӯ махсусан назарияи Демокритро дар бораи пайдоиши тасодуфии олам аз пайвастани зарраҳо (ҷавҳари фард, ҷузъи лоятаҷазо – атомҳо,) тавассути ҳаракати мустақим написандидааст ва дар айни ҳол ақидаи ӯро дар

1 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.123.
2 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.119.
3 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.103-123.

хусуси пайдоиши тасодуфии ашё ва падидаҳои ҷузъӣ нафй кардааст: «Фирқаи дигари [файласуфон] бахтро (тасодуфро –М.Д.) бар илалу асбоби табиъӣ муқаддам шумурда, вуҷуди оламро ба бахт (тасодуф – М.Д.) донистаанд. Чунон ки Зимуқритис (Демокрит – М.Д.) ва пайравони ӯ бар ин буданд, ки мабодии куллии олам аҷроми кӯчаке аст, ки ба воситаи сахтӣ ва мусаммат будан, қобили тақсим нестанд ва бешуморанд ва дар халои номутаноҳӣ парокандаанд ва табиъати ҷавҳари онҳо яксон аст ва шаклҳошон муҳталиф ва доиман дар хало мутаҳарриканд. Пас баъзеи онҳо бар ҳасби иттифоқ (тасодуф – М.Д.) ба баъзеи дигар бармехуранд ва ба сурате ба ҳам муҷтамиъ мешаванд ва оламе аз онҳо сохта мешавад. Ва назири ин олам дар вуҷуд бисёр аст ва аволам номутаноҳианд ва дар халои номутаноҳӣ мураттабанд. Ин ҷамоат бо ин ақида вуҷуди умури ҷузъиро, аз қабили ҳайвонот ва наботот, ба бахт ва иттифоқ нисбат намедиҳанд»[1]. Демокрит ҳарчанд иттифоқӣ будани умури ҷузъиро рад мекард, вале дар айни ҳол муътакид буд, ки умури иттифоқӣ умуреанд, ки сабаби ҳастии онҳо дониста нашудааст. Ибни Сино дар ин маврид ҳам ба Демокрит мухолиф буд. Барои ӯ иттифоқ на умурест, ки сабабҳояшон ҳанӯз дониста нашудаанд, балки онанд, ки доимӣ, муназзам зарурӣ ва аксарӣ нестанд ва сабаби аразӣ доранд. Ба ин муносибат Ибни Сино таъкид карда буд: «Аммо мазҳабе [вуҷуд дорад], ки иттифоқро аслан ботил медонад ва мегӯяд ҳар чизе сабаби маълуме дорад ва эҳтиёҷ нест ба ин ки сабабе монанди иттифоқ барои он битарошем. Ин истидлол муаддӣ ба натиҷаи матлуб нест, зеро саҳеҳ нест, ки бигӯем чун ҳар чизе сабабе дорад, пас иттифоқ вуҷуд надорад, чӣ сабабе, ки муҷиби чизе мешавад, агар доимӣ, ё аксарӣ набошад, ҳамон сабаб иттифоқӣ хоҳад буд, аз ҷиҳати он ки доим ва аксарӣ нест»[2]. Агар дарки кунунии масъала ба инобат гирифта шавад, пас бояд гуфт, ки дар ин баҳс, бешак Ибни Сино барҳақ аст, на Демокрит. Зиёда аз ин ӯ дар ҳалли воқеъибинонаи ин масъала аз ҷонибдорони ҳатмияти механикӣ (детерминизми механикӣ), ки иттифоқро рад мекарданд ва ба ин васила заруратро то дараҷаи иттифоқ поин мефаровардаанд, пештар рафтааст.

Ибни Сино ба баррасӣ ва ҳаллу фасли шаклҳои робитаи ба ном ғайрисабабӣ низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. Ин шаклҳои робитаи ғайрисабабӣ аз назари ӯ иборатанд аз тобеъияти мутақобила, қаблият ва мутаохирият, робита аз рӯи

1 Ибни Сино. Фununи самоъи табиъӣ. С.106-107.
2 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.116.

муҷовират, дараҷа ва мақом. Баъзеи ин шаклҳои ғайрисабабӣ дар ҷойҳои дигари ин китоб баррасӣ хоҳанд шуд.

Назарияи сабабияти Ибни Синоро аз мавқеъи ҳатмият (детерминизм)-и кунунӣ арзёби карда, бояд гуфт, ки ӯ Аллоҳро сабаби аввали тамоми ҳастӣ медонист ва сабабиятро на робитаи мутақобила, балки таъсири мутақобил мешуморид. Вале сарфи назар аз ин вай бисёр ҷиҳатҳо ва ҷанбаҳои робитаҳои сабабу мусаббабро, аз ҷумла робитаи куллӣ, зарурӣ, ҳамешагӣ, мукаррарӣ ва аксарӣ будани онҳоро хуб дарк ва баён кардааст. Дар айни ҳол вай моҳияти иттифоқ (тасодуф) ва таносуби иттифоқу заруратро низ асосан дуруст пайбурдааст.

Аз таҳлил ва баррасии нукоти назария сабабияти Ибни Сино метавон ба чунин натиҷа расид:

• Ибни Сино шаклҳои гуногун ва навъҳои робитаи сабабӣ, хусусияти доимӣ, зарурӣ, муназзам, куллӣ ва аксарии ононро эътироф намуда, сарфи назар аз таъбири сабабият чун таъсири мутақобил, на алоқаи мутақобила, ду асли муҳими диалектикаро, яъне аслҳои: (1) робитаи ҳамагонии ашё ва падидаҳо ва (2) қонумандии аҷсому умури табиъатро ҷиддан таъйид кардааст. Ин нуктаи назарияи сабабияти ӯ аҳамияти бузурги маърифатӣ низ дошт, зеро дар ин замина бо исрор ва мукаррар таъкид кардааст, ки донистани ашё ва падидаҳо донистани сабабҳои онҳост; танҳо дар ҳамин замина метавон, масалан, ба дарки бемориҳо ва табобати натиҷабахши онҳо ноил гардид;

• моҳияти ақидатии назарияи сабабияти Ибни Синоро худогароӣ (деизм) ташкил медиҳад, ки онро тасаввуроти вай дар бораи сабабҳои фавқуттабиъӣ, сабабҳои муҳаррики муфориқ (ғайримоддӣ) ва ақлонии нахустини ҳастӣ таъйид мекунад. Ӯ низ муътақид буд, ки мавҷуди муфориқ ва ақлонӣ сабаби ниҳоии ашё ва падидаҳост, сабаби наздики онҳо метавонад, як навъ қувваи моддӣ бошад.

4. Ҳаракат, макон ва замон

Аз назари Ибни Сино ҳар як ҷисм ва ҳодисаи моддӣ дорои аразҳои зотӣ ва ғайризотӣ аст, ки фардияти онҳоро ташкил медиҳанд. Мутафаккир ҳаракат, макон ва замонро аз ҷумлаи аразҳои омтарин, зотӣ ва ҷудонопазири модда ва ҷисми моддӣ медонист.

Ибни Сино дар «Донишнома» ҳаракат (ҷунбиш)-ро чунин таъриф кардааст: «Ҷунбиш ба ҳақиқат мар онро гӯянд, ки андар ҷое бувад. Валекин акнун номи маънӣ дигар шудааст

омтар аз ҷунбиши ҷойгоҳӣ, ки ҳар ҳоле ва бафеъл будане, ки чизеро бувад, ки вай ба қувват чизе аст, аз ҷиҳати бақувват будани он чиз, онро ҷунбиш хонанд»[1]. Чунин таърифи ҳаракат на дар фалсафаи Асрҳои Миёна, на дар фалсафаи Давраи Эҳё ва Замони Нави Аврупо ба чашм намехурад. Фақат дар охири асри XIX файласуфи олмон Ф.Энгельс дар заминаи баррасии кашфиёти навтарини табиъатшиносӣ ба ин натиҷа расид, ки, «ҳаракат, дар татбиқ ба модда, умуман тағйирот аст»[2].

Дар таърифи ҳаракат, ки Ибни Сино пешниҳод кардааст, аслан ҳама андешаҳои асосии мутафаккир дар бораи моҳияти ҳаракат дарҷ шудаанд: 1) ҳаракат на танҳо интиқоли маконӣ, балки ҳама гуна таҳаввули тадриҷии чиз аз қувва ба феъл аст. 2) ҷаҳишҳое, ки ба як дафъа боиси тағйири заминаи ҷавҳарии ҷисм мегарданд, ҳаракат нестанд. Дар ин асос Ибни Сино ҳаракати ҷавҳариро рад мекунад. Сарфи назар аз он ки ин андешаи ӯ баъзе заминаҳои маърифатшиносӣ дорад, вале мантиқи ҳақиқии ашёро пурра акс намекунад ва ҳанӯз аз ҷониби Садруддини Шерозӣ – мутафаккири асри 17 Эрон мавриди нақд қарор гирифта буд. Аз диди Ибни Сино ҳаракат арази зотии ҷисм буда, аз он ҷудонопазир аст. Дар забони фалсафаи муосир ин андешаи Ибни Сино чунин маънӣ дорад, ки ҳаракат сифат ва хосияти ҷудонопазири модда аст. Дар бораи аз ҷониби Ибни Сино эътироф шудани вобастагии ҳаракат аз модда таърифи ҳаракат (ки дар боло зикр шуд), назарияи майли ӯ ва андешаи вай дар бораи машрут будани суръати ҳаракат ва даймумати он ба муқовимати ҷисмҳои дигар низ далел аст[3].

Ибни Сино бар хилофи Арасту ҳаракатро на танҳо дар мақулаҳои «кайфият» («чигунагӣ»), «каммият» («чандӣ»), «айна» («куҷоӣ»), балки дар мақулаи «вазъ» («ниҳод») низ қоил буд ва боисрор таъкид мекард, ки ҳар як ҷинс ва навъи ашё дорои кайфият ва каммияти хос аст. Бинобар ин берун аз ҳудуди онҳо наметавонанд ҳамин ҷинс, ҳамин навъ ва ҳамин ҷисми мушаххас бошанд. Вале сарфи назар аз ин андешаҳои диалектикӣ дарки ӯ дар бораи ҳаракат дар ҳудуди назарияи ғайридиалектикӣ бозистодааст, зеро: (1) тағйироти кайфиро танҳо чун тағйири хосиятҳои аразӣ медонад; (2) ҳаракати ҷавҳариро эътироф надорад; (3) ҷаҳишҳоро чун навъи ҳаракат намедонад; (4) чун Арасту муҳаррики аввали собит ва ғайримоддиро муътариф аст.

1 Абуалӣ ибни Сино. Табиъиёти «Донишномаи алоӣ», 1383.С.3.
2 Ф.Энгельс. Диалектика природы. М,1955. С.197.
3 Абуалӣ ибни Сино. Фанни самоъи табиъӣ. С.189, 304, 309.

Ибни Сино масъалаи навъ ва манбаъъҳои ҳаракатро баррасӣ карда, муқаррар менамояд, ки манбаъи бевоситаи ҳаракат ё табиъати худи ҷисм ва майли нуҳуфта дар он аст (ҳаракати табиъӣ ва иродӣ), ё ҷисми дигар (ҳаракати қаҳрӣ ва аразӣ); манбаъи бевоситаи нахустини ҳаракати ҷисми мутаҳаррик иродаи мавҷуди руҳонист, ки қувваи он бениҳоят мебошад. Ин тарзи ҳалли масъалаи манбаъи ҳаракат нишон медиҳад, ки мутафаккир дар шарҳи худогароёнаи (деистии) олам ва падидаҳои он бисёр пайгир аст ва ин ба ӯ имкон додааст, ки ҳаракати аҷсоми моддиро дар заминаи худи онҳо шарҳ бидиҳад. Дар бораи тамоюли худогароёнаи (деистии) Ибни Сино назарияи ӯ дар бораи қадимати ҳаракат низ далолат мекунад: ҳаракат аз он сабаб қадим аст, ки ибтидо надорад; Худо танҳо аз рӯи зот, мартаба ва мақом ба он пешӣ дорад, на дар замон.»Ҷуз зоти Борӣ таъоло, - навишта буд ӯ, - чизе бар ҳаракат ва замон муқаддам нест ва онҳо ба зоти худ аввал надоранд»[1].

Дар фалсафаи табиъиёти Ибни Сино ҳаракат тавассути макон ва замон тавсиф мешавад. Ӯ аз рӯи суннати фалсафаи машоия маконро чун сатҳи ҷисми ҳовӣ таъриф мекунад ва дар мудаллал сохтани ҳастии айнию воқеъии он, робитаи вай ба модда ва ҳаракат ва накди назарияҳои зеҳнии моҳияти он сахт кӯшиш менамояд. Аз назари ӯ ҳастии айнии макон тавассути ҳастии интиқоли ҷисм аз ҷое ба ҷое, табдили пайгиронаи макони табиъии ҷисм ва ягонагии имтидоди маконӣ ва ҷисмонӣ исбот мегардад. Ибни Сино тавассути исботи ягонагии имтидоди маконӣ ва ҷисмонӣ тавонистааст яке аз нопайгириҳои Арастуро, ки маконро, аз як тараф, сатҳи ҳовии ҷисм, аз тарафи дигар, воқеияти новобаста аз ҷисм мепиндошт, рафъ кунад. Ҳарчанд ки Ибни Сино маконро маҳалли аҷсом медонад (чунин дарки макон дар илм ва фалсафа то асри 19 роиҷ буд), вале онро аз модда ва ҳаракат ҷудо намекунад ва чунин меҳисобад, ки макони мутлақан холӣ вуҷуд надорад. Ҳамин ки аз назари мутафаккир макон арази зотӣ ва ҷудонопазири ҷисм ва шарти моддии ҳаракати моддист, далели он аст, ки ӯ вобастагии маконро бо модда ва робитаи онро бо ҳаракат эътироф дошт. Ибни Сино дар бораи азалият ва абадияти макон зиёд баҳс кардааст. Ӯ азалияту абадияти маконро тавассути далелҳои азалияту абадияти модда ва ҳаракат, ки зикрашон гузашт, исбот намудааст.

Ибни Сино таҳлили моҳияти замонро ҳам аз мудаллал сохтани ҳастии айнии он оғоз менамояд. Аз назари ӯ ҳастии

1 Ибни Сино. Фунуни самоъи табиъӣ. С.379.

айнии замон машрут ба ҳастии ҳолатҳои пешин ва пасини ҳаракати аҷсом аст. Бинобар ин замон «қоим ба худ нест ва мумкин нест, ки қоим ба худ бошад, чун зоти ҳосиле надорад ва ҳодису фосид аст. Ва ҳар чи ин навъ вуҷуд дорад, вуҷудаш баста ба модда аст. Пас, замон моддӣ аст ва бо он ки моддӣ аст, дар модда вуҷудаш тавассути ҳаракат аст. Ва агар ҳаракату тағйире набошад, замон нахоҳад буд, зероки агар қабл ё баъд набошад, замон нест. Ва агар амри мутаҷаддиде набошад, қабл ва баъд нест... Ва агар ихтилоф ва тағйире набошад, ки чизе ботил ва чизе ҳодис гардад, амре нахоҳад буд, ки баъд бошад, чунки қабле ҳам набудааст, ё амре нахоҳад буд, ки қабл бошад, чунки баъде нест. Пас, замон мавҷуд намешавад, магар ин ки таҷаддуди ҳоле бошад. Ва таҷаддуд бояд мустамар бошад ва гар на замон нахоҳад буд»[1]. Чунин таъбир ва тавҷеҳи моҳияти замон ба мутафаккир имкон дода буд, ки ба таври боварибахш назарияҳои зеҳнии замонро рад намояд, нопайгириҳои Арастуро (оё бе нафси ҳисобгар замон вуҷуд дорад?) дар ин масъала рафъ намояд, бутлони назарияи ҷавҳарияти замонро нишон бидиҳад ва назарияи нисбияти замонро мудаллал созад.

Ибни Сино дар ҳалли масъалаи азалият ва абадияти замон ба назарияи азалият ва абадияти олам вафодор монд. Ҳамин, ки ӯ замонро арази зотӣ, доимӣ ва ҷудонопазири модда ва ҳаракати азалию абадӣ медонист, далели он аст, ки азалият ва абадияти онро қоил аст. Аз сӯи дигар, вай азалият ва абадияти замонро тавассути беибтидоӣ ва беинтиҳоии худи замон исбот мекард. Дар «Шифо» ӯ навишта буд: «Аз ҷумлаи ин унсур чунин менамояд, ки замон аст, ки ночор на дар гузашта мутанноҳӣ аст, на дар оянда, зеро агар замон ниҳоят дошта бошад, яъне дар гузашта оғозе ва дар оянда анҷоме дошта бошад, ночор он гузашта ҳам қабле ва ин оянда ҳам баъде дорад»[2].

Ибни Сино дар зимни таҳлили моҳияти замон кӯшиш ба харҷ додааст, ки маънӣ ва мазмуни чунин мақулаҳои ба он вобаста, мисли «ал-он», «даҳр», «сармад» ва ғайраро низ дақиқ созад. Ӯ даҳрро муддати ҳастии чизҳои мутағайир ва собити руҳонӣ ва сармадро муддати ҳастии мавҷуди руҳонӣ таъбир карда ва исрор доштааст, ки ҳастии сармадӣ бартар ва болотар аз ҳастии замонӣ ва даҳрист. Ашёи моддӣ дар замон ва даҳр бо мавҷуди руҳонӣ мушорикат доранд, вале дар сармад бо ӯ шарик нестанд. Аз рӯи ин таъбир наметавон ба

1 Абуалӣ ибни Сино. Фununи самои табиъӣ. С.254-255.
2 Ибни Сино. Фанни самои табиъӣ. С.268.

Муҳаммад Ғаззолӣ розӣ шуд, ки фалосифа, аз ҷумла Ибни Сино, дар мавриди ширкати замонии олам ва Аллоҳ ба куфр ғарқ шудаанд. Чунин ба назар мерасад, ки Ғаззолӣ, ки фалсафаро дар назди устод наомӯхта, балки худомӯзӣ карда буд, ба жарфои таълимоти Ибни Сино дар бораи таносуби замон, даҳр ва сармад нарасидааст.

Ба ин тариқ, нуктаҳои умдаи таълимоти Ибни Сино дар бораи ҳаракат, макон ва замон аз тасаввурот дар бораи айният, моддият, азалияту абадияти ин падидаҳо ва робитаи онҳо ба ҳаюло ва аҷсоми моддӣ иборатанд. Ҳамоно ҳамин нуктаҳои таълимоти мутафаккир мавриди нақди шадиди мухолифони гузашта ва ҳозираи ӯ қарор гирифтаанд. Дар ин миён хусусан Муҳаммад Ғаззолӣ басе тундрав будааст, ки дар ин бора дар муқаддамоти тарҷумаи русии «Таҳофут-ул-фалосифа»-и ӯ муфассал суҳбат кардаем[1].

5. Азалият ва абадияти олам

Ибни Сино на танҳо аразҳои зотии ҷудогонаи аҷсоми алоҳида, балки оламро ба куллӣ азалӣ мепиндошт. Таълимоти вай дар бораи азалияти олам, ки ба дастовардҳои фалсафаи юнонӣ-румӣ ва фалсафаи бумии зурвония, даҳрия ва «асҳоби ҳаюло» муттако аст, унсури умдаи низоми бузурги фалсафии мутафаккирро ташкил медиҳад ва ҷамъбасти назарияи азалияти ҳаюло, ҳаракат, макон ва замон, хулосаи назарияи ӯ дар бораи ҳамҷовидии замонӣ, на ҳамҷовидии даҳрӣ ва сармадии Аллоҳ ва олам аст. Таҳлил нишон медиҳад, ки мафҳуми азалият (қидам)-и олам дар осори Ибни Сино ду маънӣ дорад: 1) беибтидоӣ ва беохирии олам дар замони гузашта; 2) азалияти имконӣ ва билқувваи олам. Мутафаккир маънии якуми азалияти оламро бисёр возеҳ ва сареҳ баён кардаст, ки дар ин бора назарияи азалияти ҳаюло, ҳаракат, макон ва замон шаҳодат медиҳад. Таъбири дуввуми масъалаи мазкурро Ибни Сино носареҳ, муҷмал ва пардапӯш шарҳ додааст. Ӯ азалияти воқеии оламро равшан тасвиб намекунад, балки дар бораи азалияти имконии олам сухан мегӯяд ва таъкид мекунад, ки агар олам ҳастии азалӣ-имконӣ намедошт, пас, Аллоҳ онро ҳастии воқеӣ ва билфеъл намедод. Таъбири носареҳ ва пардапӯши ҷиҳати дуввуми масъалаи азалияти олам аз мутаваҷҷеҳ будани фалосифа ба дин дарак медиҳад, ки хосияти тамоми фалсафаи Асрҳои Миёна аст. Ҳарду ҷиҳати масъалаи азалияти олам аз ҷониби Ибни Сино на танҳо гӯш-

1 Ал-Ғаззали. Опровержение философов. Перевод, предисловие и комментарии М.Диноршоева, З.М.Диноршоевой. Душанбе, 2008. С.51-83.

зад, балки бо як даста далелҳои тезҳушонаи мантиқӣ ва аклӣ исбот карда шудаанд, ки муҳимтаринашон чунин аст:

1. Мабдаи ҳама мавҷудот Воҷибулвуҷуд – Аллоҳи азалӣ ва абадист, ки ҳамеша мубдиъ, сонеъ ва холиқ аст. Бинобар ин олам, ки аз Воҷибулвуҷуди ҳамеша мубдиъ, сонеъ ва холиқ ҳастӣ меёбад, бояд азалӣ бошад. Дар акси ҳол ба бисёр зиддиятҳои номарғуби мантиқӣ рӯ ба рӯ шудан метавон. Аз ҷумла, дар ин поя ба чунин натиҷа метавон расид, ки гӯё Воҷибулвуҷуд дар ибтидо Воҷибулвуҷуд, мубдиъ, сонеъ ва холиқ набудааст ва танҳо баъдан тавассути чизи дигаре Воҷибулвуҷуд, мубдиъ, сонеъ ва холиқ гардидааст.

2. Воҷибулвуҷуд сабаби азалӣ ва куллии ҳастии олам аст. Аз ҳангоме, ки ин сабаби азалӣ ва куллии ҳастии олам – Аллоҳ вуҷуд дорад, мусаббаби он, яъне олам ҳам вуҷуд дорад.

3. Воҷибулвуҷуд – Аллоҳ ба имконулвуҷуд, яъне олам на аз рӯи замон, балки аз рӯи моҳият пешӣ дорад, чунон, ки як табиъатан бар ду, сабаб ба мусаббаб табиъатан пешӣ доранд, гарчи дар замон метавонанд баробар вуҷуд дошта бошанд. Агар қаблияти Воҷибул-вуҷуд ба имконулвуҷуд ҳамин маъниро дошта бошад, пас аз ин ҷо натиҷа гирифта мешавад, ки ҳардуи онҳо дар замон бояд азалӣ бошанд. Фақат ба ин фарқ, ки Воҷибулвуҷуд ба зоти худ азалӣ аст, аммо олам тавассути вай азалист.

4. Олам аз он сабаб қадим аст, ки ҳар як ҳодис то пайдошудани худ дорои имконияти ҳастӣ аст. Мумтанеъ ҳаргиз пайдо намешавад ва «ҳасткунандаро дар он ҳеҷ сунъе набошад»[1].

5. Ҳар як чизи пайдошавандаро ҳаюлои азалӣ пешӣ дорад.

Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки Ибни Сино азалияти оламро тавассути исботи робитаи сабабии доимии Аллоҳ ва олам, тавассути исботи қидами ҳаюло, ҳаракат, замон ва имконияти азалии ҳастӣ мудаллал месозад[2]. Агар се далели охир дар хусуси равиши табиъӣ-илмии ҳалли масъала шаҳодат бидиҳанд, пас ду далели аввал дар бораи таваҷҷуҳоти илоҳиётгаронаи фалсафаи асрҳои миёна гувоҳӣ медиҳанд.

Ибни Сино оламро на танҳо азалӣ, балки абадӣ низ медонист. Абадияти оламро ӯ тавассути ҳамон далелҳои азалияти олам исбот мекард. Вале ҳангоми мудаллал сохтани андешаи абадияти олам вай ду далели изофӣ пешниҳод намудааст. Яке аз ин далелҳоро шартан метавон далели даймумат, ё далели Ҷолинус номид, ки мувофиқи он ҳар чизе, ки дар муддати

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.182.

2 Барои иттилоъи бештар ниг.: М.Диноршоев. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе, 1985. С.123-136.

дарози ҳастии худ тадриҷан нест намешавад, дар асл фанонопазир аст. Далели дуюми абадияти олам муҳимтар аст. Онро метавон далели фанонопазирии ҷавҳари олам номид. Ибни Сино навишта буд: «Ҷавҳари олам наметавонад нест шавад, зеро сабабе, ки онро нест кунад, ба тасаввур намеояд. Барои фано пазируфтани чизи фанонопазир ногузир сабабе бояд бошад. Ё ин сабаб Иродаи Қадим аст, вале муҳол бошад, ки он бувад, зеро агар вай мехост, ки ин чиз вуҷуд дошта бошад ва баъдан ирода мекард, ки он вуҷуд надошта бошад, пас ногузир тағйир мепазируфт. Ё эътироф бояд кард, ки Қадим ва иродаи ӯ дар ҳама ҳолат бетағйир боқӣ мемонанд, гарчанде ки мавзуъи хости вай аз нестӣ ба ҳастӣ ва аз ҳастӣ ба нестӣ интиқол меёбад. Ин нукта, ки ҳастии чизи ҳодис дар замон наметавонад ба Иродаи Қадим машрут бошад, далел бар он аст, ки муҳол аст он чиз фано пазирад»[1].

Аз ҳамаи усули фалсафаи Ибни Сино бештар ҳамин усули азалият ва абадияти олам номақбулу нописанд афтоданд ва мавриди нақди шадиди мухолифони вай қарор гирифтанд. Масалан, Муҳаммад Ғаззолӣ ин назарияи машшоиёнро дар асарҳои худ «Таҳофут-ул-фалосифа» ва «ал-Мунқиз мин аз-залол» баррасӣ карда, исбот мекард, ки он ҷиддан ба ислом зид аст ва ҳеҷ мусулмоне ҷуръат накардааст, ки чунин андешаеро баён ва тасвиб кунад. Ба назар мерасад, ки ба куфр муттаҳам кардани файласуфони машшоӣ бепоя аст. Муҳаммад Ғаззолӣ чунон ки пеш гуфтем, ақоиди Ибни Синоро дар бораи сармад, даҳр ва замон ба таври кофӣ таҳлил ва дуруст дарк накардааст. Агар ӯ ин назарияи Ибни Синоро бо назардошти ақоиди вай дар бораи даҳр ва сармад муфассал таҳлил ва дарк мекард, мефаҳмид, ки таълимоти Шайхурраис дар бораи ҳамҷовидии замонии Худо ва олам ҳеҷ гуна рабте ба куфр надорад. Зеро ҳарчанд аз назари Ибни Сино Худованд бо олам ҳамзамон аст, вале ҳастии аз замон бартар - ҳастии сармадӣ дорад, ки дар он олам ба вай ҳаммуддат нест.

6. Масъалаи тағйирот ва сабот.

Масъалаи тағйирот ва сабот аз қадимтарин масоили фалсафист ва дар пиромуни он дар таърихи илми фалсафа мубоҳизаи шадиди ақидатӣ доир буд. Тағйирот гузори ҳастиро аз як ҳолати кайфӣ ба ҳолати дигари кайфӣ ифода мекунад. Вай дорои ҳаҷм, самт, имтидод ва сурат аст. Аммо сабот мафҳуме аст, ки ҳолати тағйирнопазирӣ ва истиқрори ҳастиро мерасонад. Ашё, аҷсом, падидаҳо ва фарояндҳо ҳар гунае, ки тағйир пазиранд, то вақти муайян ҳамин ҳолат ва ҳастии худро ҳифз

1 Иқтибос аз: Муҳаммад ал-Ғаззолӣ. Таҳофут ул-фалосифа. Бейрут, 1341. С.83-84.

менамоянд ва ба ин васила имкон медиҳанд, ки онҳо таҳқиқ ва баррасӣ шаванд, то қонунмандии пайдоиш, ташаккул, тараққӣ ва ҳатто идора кардани онҳо муқаррар карда шавад.

Дар фалсафаи Юнони қадим, ки яке аз манбаъҳои муҳимми назарӣ ва фикрии фалсафаи Ибни Сино буд, равишҳои гуногуни ҳаллу фасли ин масъала вуҷуд дошт. Масалан, Ҳераклити Эфесӣ (тақрибан 544-483 қабл аз мелоди Масеҳ) чунин мешуморид, ки ҳама чиз дар ҳоли тағйири доимист ва ба ин сабаб ба ҳамон як дарё наметавон ду бор ворид шуд. Ин фикри худро ӯ дар шакли ибораи рехтаи panta rei (ҳама чиз ҷорист) баён карда буд. Бар хилофи ӯ Ксенофон, Парменид, Зенон, Мелисс – намояндагони мактаби фалсафаи Элея – бар ин гумон буданд, ки тағйирот танҳо диди маҳз аст, зеро ҳастӣ комилан собит, сокин ва беҳаракат мебошад. Анаксагор, Эмпидокл, Демокрит ва Эпикур тағйиротро аз пайвастану гусастани зарраҳо (атомҳо) чун асоси ҳастӣ ва саботро аз ҳолати бетағйир, доимӣ ва мустақари ҳастии аҷзои лоятаҷазо иборат медонистанд. Назарияи махсуси тағйирот ва сабот аз ҷониби Афлотун файласуфи номдори Юнони қадим эҷод шуда буд. Аз рӯи ин назарияи ӯ танҳо олами мусул (идеяҳо) собит ва бетағйир аст. Аммо олами ашё дар ҳоли тағйир ва таҳаввули доимӣ аст. Арасту, ки назарияи Афлотунро дар бораи олами мусул ва олами ашё нақд карда буд, ҳолати тағйирот ва саботро хосияти худи олами моддӣ қаламдод карда ва муҳаррики аввалро сокин ва собит медонист.

Аз чунин қисматҳои «Табиъиёт»-и «Шифо»-и Шайхурраис ба мисли «Осмон ва ҷаҳон», «Кавн ва фасод», «Афъол ва инфиолот», «Маъодин ва осори улвӣ», «Набот» ва «Ҳайвон» бармеояд, ки ҳама ин фарзияҳои мутафаккирони антиқа дар бораи тағйирот ва сабот ба ӯ маълум будаанд. Масалан, дар китоби «Осмон ва ҷаҳон», ки назарияи нашъати олам (космогонӣ) ва коинотшиносии (космологии) ӯ баён шудааст, исбот карда мешавад, ки Осмонҳо ва аҷсоми дар онҳо мавҷуд, чун Офтоб, Моҳтоб ва ситораҳо қадим ва абадианд ва ба онҳо ҷуз Аллоҳ аз рӯи зот, на ба замон, чизе муқаддам нест. Онҳо азалию абадӣ ва ҳамеша айни зоти худ буда, ба сабаби ҳаракати даврӣ ва табиъати хоси моддаи панҷум - асир (эфир), ки маводи сохтмони онҳоро ташкил медиҳад, номутағйир, доимӣ ва абадианд. Ба ин сабаб олами фавқи қамар ва аҷсоми он қобили рушду тараққӣ нестанд. Ин ақидаи Ибни Сино на танҳо аз назарияи космогонии кунунӣ, ки тамоми аҷсоми самовиро падидаҳои таърихӣ медонад ва ақидаи пайдоиш ва таҳаввули онҳоро таъйид мекунад, фарқи куллӣ дорад, бал-

ки аз ақоиди зурвониён, даҳриён ва файласуфони мактаби асҳоби ҳаюло низ, ки ҷуз ҳаюло ҳама чизро мутағайир ва гузаро медонистанд, тафовути ҷиддӣ дорад. Бар хилофи олами фавқи қамар, олами зери қамар – олами чаҳор унсур (замин, об, ҳаво, оташ) комилан тағйирпазир аст. Вай дар ҳоли ҷараёни доимӣ, нашву нумувв ва таҳаввулу тараққӣ аст. Ин хосияти олами зери қамар машрут ба ҳаракати мустақим ва табиъати чаҳор унсур аст, ки аз онҳо таркиб ёфтааст. Ибни Сино ин назарияи худро тавассути таълимоташ дар бораи кавну фасод, таквини маъданиёт, осори улвӣ, наботот, ҳайвонот ва ақоиди тиббиаш мудаллал ва мубарҳан месозад.

Ибни Сино дар китоби «Илми кавну фасод», ки як қисми «Табиъиёт»-и «Шифо» аст, масъалаи тағйирот ва саботи олами зери қамарро баррасӣ карда, таъкид менамояд, ки истиҳола аз як ҳолат ба ҳолати дигар табдил ёфтани ашёст, бо нигоҳдошти сурати навъии худ, яъне бо ҳифзи сифати худ, чунон ки акнун мегӯем. Масалан, об ҳар гуна, ки сард ё гарм шавад, сурати обии худро ҳифз мекунад ва ҳамчун об боқӣ мемонад.

Кавн сурати навъии нав пайдо кардани ашёст. Масалан, ба ҳаво, замин ва оташ табдил ёфтани об кавн аст, зеро дар ин ҷараён вай сурати навъии обии худро гум карда, ба сурати навъии ҳаво, замин ва оташ ноил мегардад. Аммо фасод раҳо кардани сурати навъии ашёст. Таҳаввули об ба ҳаво фасод аст, зеро об дар ин фароянд сурати навъии худро раҳо мекунад ва сурати навъии ҳавоӣ касб менамояд. Дар заминаи ин баррасӣ Ибни Сино ба ин натиҷа мерасад, ки истиҳола, кавн ва фасод хусусияти умдаи олами зери қамар аст. Омилҳои наздики истиҳола, кавн ва фасод табиъати худи ашё ва шароити моддии ҳастии онҳо, яъне ҳаюло ва сурати ҷисмӣ аст. Омилҳои дури истиҳола, кавн ва фасод ҳаракати самовӣ ва мабдаи муфориқ, яъне ақл (Худо) аст. Ин нишон медиҳад, ки Ибни Сино дар шарҳи масоили истиҳола, кавн ва фасод ҳам моил ба худогароӣ (деизм) аст.

Аз дидгоҳи фалсафӣ ин нукта муҳим аст, ки Ибни Сино дар қисмати маъданишиносӣ ва илми осори унвии «Шифо» тамоми ашё, падида ва фарояндҳои олами зери қамар, чун пайдоиши кӯҳҳо, водиҳо, тангно (дарбанд, дара), сангҳо, маъданҳо, заминларза, борон, барф, жола, раъд, барқ, ҳола, хусуфи Моҳ ва кусуфи Офтобро тавассути ошкор кардани сабабҳои айнии моддӣ онҳо шарҳ медиҳад ва асли тағйироти ҳамагонии олами зери қамарро таъйид мекунад. Нуктаҳои асосии ақоиди ӯ дар бораи ин масоил чунинад:

1. Қисмати ободони замин дар қадим обод набуд, зеро дар

таҳти баҳр қарор дошт. Вай ё тадриҷан – дар муддате, ки аввалу охираш номаълум нест, аз таҳти об берун омада, санг гардидааст, ё ҳанӯз дар зери об таҳти таъсири гармии шадид, ки дар қаъри баҳр аст, ба санг табдил ёфта аст. Вале эҳтимоли қавӣ аз он иборат аст, ки вай баъди рӯи об баромадан ба санг мубаддал шудааст. Аз ин сабаб вақте, ки сангҳоро мешикананд, дар даруни онҳо ҷасади ҳайвоноти обӣ, масалан, садафҳоро пайдо мекунанд[1] . Шоёни таваҷҷуҳ аст, ки олими шаҳир Абуррайҳони Берунӣ ҳам бар ҳамин ақида буд. Ӯ чунин меҳисобид, ки дар қадим ҳамаи замини Миср, Судон ва Биёбони Арабистон қаъри баҳр буд, ки баъдан бо обовардҳо пур шуд[2].

2. Дар сатҳи замин баъзе аҷсом мукаррар ва ҳамеша ба аҷсоми дигар табдил меёбанд. Масалан, зери таъсири гармии Офтоб ва табиъати хушккунандаи замин гил, моеъот, аҷсоми наботот ва ҳайвонот ба санг табдил меёбанд. Зери таъсири ҳамин омилҳо ва заминларзаҳои сахт, фаъолияти фарсояндаи об ва бод кӯҳҳо, водиҳо, теппаҳо, даррaҳо ба вуҷуд меоянд. Вале кӯҳҳо абадӣ нестанд. Аксарияти онҳо дар замони ҳол гирифтори тақсим ва парокандашавӣ мебошанд.

3. Ин тағйирот ё ба як зарба (даъфа) ба вуҷуд меоянд, ё тадриҷан. Ӯ навишта буд: «Аммо сураъти таблил вобаста ба нерӯҳои гуногун метавонад мухталиф бошад. Агар ин нерӯҳо бисёр қавӣ ва бузург бошанд, табаддул дар муддати кӯтоҳ ба вуҷуд меояд»[3]. Масалан, заминларза дарҳол як қисми заминро забар мебарад (ё фуру менишонад– М.Д.) ва баландие (ё пастие) эҷод мекунад. Вале пайдоиши кӯҳҳо, водиҳо ва даррaҳо зери таъсири фаъолияти фарсояндаи об замони зиёдеро тақозо мекунад. Ба ин муносибат вай нигошта буд, ки кӯҳҳо аксаран «аз гили дар ибтидо нарм, ки бо мурури замон хушк шудааст ва он замонро наметавон диқиқан муқаррар кард, ба санг мубаддал мешаванд… Вале ташкили ин даррaҳо дар замони басе мадид сипарӣ шуда ва ба поён расидааст»[4]. Аз назари Ибни Сино сангҳо ҳам ё ба ҳамин тарз, ё дафъатан, ё тадриҷан пайдо мешаванд. «Дар овони кӯдакӣ –навишта буд ӯ- дар соҳили Ҷайҳун мо ҷойҳоеро дидем, ки бо гиле пӯшида шуда буданд, ки бо он одамон сарҳояшонро мешустанд; баъдтар моро маълум гашт, ки ин гил сахт шуда ба санги

1 Ниг.: Ибн Сино. Аш-Шифо.ат-Табиъиёт.ал-Маъодин ва-л-осор -ул-улвӣ.С.7; Избранные произведения мыслителей Ближнего и Среднего Востока. М., 1961. С.280.

2 Абу Райхан Берунӣ. Избранные произведения. Т.3.-Ташкент, 1973.С.93-95.

3 Ибн Сино.аш-Шифо.ат-Табиъиёт 5-ал-Маъодин ва-л-осор ул-улвӣ. С.5.Избранные произведения мыслителей Ближнего и Среднего Востока. М., 1961. С.278

4 Ибн Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт 5-ал-Маъодин ва-л-осор ал-улвӣ. С.7-8.Избранные произведения мыслителей Ближнего и Среднего Востока. М., 1961. С.280-281.

нарм мубаддал шудааст ва ин тақрибан дар давоми бисту се сол будааст… Одамон обҳоеро дидаанд, ки қисме аз онҳо дар макони муайян чакида, сахт шуда ва ба санг, ё гили гуногунранг мубаддал шудаанд. Оби чакандаеро ҳам дидаанд, ки одатан намебандад, балки дар сангзоре, ки назди ҷараёни он аст, афтида дар они воҳид сахт мешаванд»[1]. Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки Ибни Сино чунин навъҳои тағйирот, чун ҷаҳиши инфиҷорӣ ва ҷаҳишҳои тадриҷиро хуб ташхис медодааст.

Масъалаи тағйирот ва сабот дар табиъати зинда низ мавриди таваҷҷуҳи Ибни Сино будааст. Дар қисматҳои «Набот» ва «Ҳайвон»-и «Табиъиёт»-и «Шифо» вай исбот карданӣ аст, ки тағйирот ва саботи наботот ва ҳайвонот зери таъсири муҳити зисти онҳо сурат мегирад. Муҳити шоиста тараққии босуботи онҳоро мусоидат мекунад. Вале тағйири муҳит дар айни ҳол метавонад ба наботот ва ҳайвонот таъсири маргбор бирасонад. Аммо дар ин маврид ҳатмият (детерминизм)-и мутлақ вуҷуд надорад. Бинобар ин наботот ва ҳайвонот гоҳо метавонанд тағйири муҳити ҳастии худро бо мувафаққият паси сар кунанд. Аз назари ӯ яке аз навъҳои тағйирот дар олами зинда пир шудан ва ҳалокати наслҳои кӯҳна ва пайдо шудани наслҳои нави наботот ва ҳайвонот аст [2].

Мудаллал ва мубарҳан сохтани назарияи тағйироти куллии олами зери қамар дар осори тиббии ӯ низ мавриди таваҷҷӯҳи хос будааст. Масалан, назарияи чаҳор шира (хун, балғам, сафрои зард, сафрои сиёҳ)-ро чун асоси физиолоҷӣ ва патолоҷӣ қарор дода, мутафаккир таъкид кардааст, ки онҳо дар давоми тамоми ҳаёти мавҷуди зинда бе тағйир боқӣ намемонанд, балки доиман тағйир ёфта, ҳолатҳои гуногуни мавҷудоти зиндаро ба бор меоваранд. Ӯ тағйирпазир будани тани (организми) инсонро зимни таҳлили назарияи мизоҷ низ пайваста таъкид кардааст. Аз рӯи ин назария мизоҷи инсон вобаста ба сол ва ҷинси ӯ борҳо тағйир меёбад. Аз ҳамин сабаб аст, ки мутафаккир барои одамони синну сол ва ҷинси гуногун тартиби муайяни зиндагиро пешниҳод кардааст[3] .

Дар ҷамъбасти таҳлили масъалаи тағйирот ва сабот бояд гуфт, ки Ибни Сино ҷонибдори ҷиддии назарияи таҳаввул ва тағйироти олами зери қамар буд ва барои мудаллал ва мубарҳан сохтани он таҳқиқоти зиёде анҷом додаст. Ин таъли-

1 Ибн Сино.аш-Шифо.ат-Табиъиёт 5-ал-Маъодин ва-л-осор ал-улвӣ. С.3-4.Избранные произведения мыслителей Ближнего и Среднего Востока. М., 1961. С.276-277.

2 Барои иттилоъи бештар ниг. Ибн Сино.аш-Шифо.ат-Табиъиёт.7-ан-Набот.алҚоҳира,1384;8-ал-Ҳайвон.ал-Қоҳира,1390.

3 Барои иттилоъи бештар ниг.: Абу Али ибн Сина. Канон врачебной науки. Кн.1-5. –Ташкент, 1980-1983.

мот дар зимни арзиши зиёди илмӣ аҳамияти бузурги равишшиносӣ ва ақидатӣ низ дошт: вай ба ақидаҳое, ки тараққии табиъӣ – таърихии табиъатро инкор мекарданд мухолиф буда, андешаи диалектикии тағйирот ва тараққии олами зери қамарро таъйид кардааст.

7. Ҷиҳатҳои фалсафии таълимоти Ибни Сино дар бораи нафс

Таълимоти Ибни Сино дар бораи нафс ҷиҳатҳои бисёр дорад. Ҷиҳати фалсафии назарияи нафси ӯ масъалаҳои нафс ҳамчун камол ва ҷавҳар, пайдоиш ва таҳаввули нафс, таносуби нафсу тан, таносух ва мақоми маърифатии нафсро шомил аст.

Ибни Сино бо пайравӣ ба Арасту нафсро чун камоли аввали ҷисми табиъии олӣ (зинда), ки ҳомили падидаҳои ҳаётӣ аст, таъриф мекунад. Ӯ навишта буд: «Нафс, ки дар пайи таҳдид [таъриф]-и онем камоли аввали ҷисми табиъии олӣ аст, ки афъоли ҳаётӣ содир мекунад»[1] . Аҳамияти назарӣ ва равишшиносии чунин таъриф ва таъбири нафс аз он иборат аст, ки вай аз ибтидо тасаввуротро дар бораи зинда будани тамоми табиъат истисно мекунад ва таъкид менамояд, ки ҳаёт ва фаъолияти равонӣ танҳо дар зинаи моддаи олӣ (зинда) пайдо мешавад.

Дар айни ҳол Ибни Сино нафсро нисбат ба баъзе амалҳое, ки аз он содир мешаванд ва нисбат ба бархе суратҳои ҳиссӣ ва ақлоние, ки дар он мунтабеъ мегарданд, қувва меномад. Илова бар ин вай нафсро нисбат ба модда, ки тавассути пайвастан ба он ҷавҳари наботӣ, ҳайвонӣ ва инсониро ба вуҷуд меорад, сурат мехонд, зеро ба туфайли он модда ҷисми мушаххаси зинда, яъне набот, ҳайвон ва инсон мегардад. Вале мутафаккир таъкид мекунад, ки беҳтар аст нафс камол номида шавад, на сурат, зеро ҳамагуна сурат камол аст, вале на ҳама гуна камол сурат аст. Масалан, подшоҳ, менависад ӯ, камоли шаҳр ва нохудо камоли киштӣ аст, вале онҳо суратҳои шаҳр ва киштӣ нестанд. Ҳатто камолоти муфориқ (муҷаррад) ба зоти худ сурат нестанд, зеро сурат дар модда вуҷуд дошта дар он мунтабиъ аст, вале камол дар модда вуҷуд надорад ва дар он мунтабиъ нест. Нихоят, дар назар бояд дошт, ки сурат робитаро ба ашё тақозо мекунад, вале камол ба чунин тақозо ниёз надорад.

Ибни Сино инчунин муътақид аст, ки нафсро беҳтар аст,

1 Ибни Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6-ан-Нафс. Қоҳира, 1395. С.10.

ки камол номем, на қувва, зеро ин боиси сермаъноии мафҳуми нафс мегардад ва сермаъноии мафҳум аксаран хато ва ғалат ба бор меорад.

Барои он ки моҳияти ақидаи Ибни Сино дар бораи нафс чун камоли ҷисми табиъии олӣ (зинда) хуб дарк шавад, зарур аст, ки таълимоти вай дар бораи се навъи нафс баррасӣ гардад. Ибни Сино таъкид карда буд, ки нафс ҷинси воҳиде аст, ки ба се навъи мухталиф тақсим мешавад. Навъи авали онро нафси наботӣ ташкил медиҳад, ки камоли аввали ҷисми табиъии олӣ (зинда) аст, ки ғизо мегирад, болиш ва тавлид меёбад. Навъи дуввуми нафсро нафси ҳайвонӣ меноманд, ки ба андозаи иҷрои ҳаракати иродӣ ва эҳсосу дарки фардиёт, камоли аввали ҷисми табиъии олӣ аст. Навъи саввуми нафс – нафси нотиқа (оқила)-и инсонӣ аст, ки ба андозаи интихоби амали ихтиёрӣ, зеҳнӣ, ақлонӣ ва куллӣ камоли ҷисми табиъии олӣ ба шумор меравад.

Ба ин тариқ, дар дараҷаи растанӣ нафс қобилияти ғизо гирифтан, болидан ва тавлиду таксири навъи худ аст; дар дараҷаи ҳайвон илова бар ин нафс қобилияти ҳаракати иродӣ ва донистани маъниҳои фардист, дар дараҷаи инсон нафс ба ҷуз қобилиятҳои номбурда, қобилияти маърифат ва фаъолияти ақлонӣ аст. Бо назардошти ин баён нафс чун камол қобилияти ғизо гирифтан, болидан, тавлиди мисли худ, ҳаракати иродию ақлонӣ ва донистани маъниҳои фардӣ ва суратҳои ҷузъию куллии ашёст. Ҳаргоҳ Ибни Сино ин қобилиятҳоро мунтабиъ дар модда ва ҷисм медонист ва исрор мекард, ки онҳо танҳо тавассути ҷисме вуҷуд доранд, ки ҳомили онон аст, назарияи худро дар бораи нафс чун камол аз роҳи фалсафаи табиъиёт шарҳ медод. Вале ҳар гоҳ ӯ тасдиқ мекард, ки нафси нотиқа ва қобилияти ақлонии инсон як чизи муфориқ, руҳонӣ ва ҷавҳари қоррузоти абадии фанонопазир аст ва сифати модда намебошад, заминаи фалсафаи табиъиётро тарк карда, ба мавқеъи руҳгароӣ (идеализм) гузар мекард.

Ибни Сино нафсро чун камоли ҷисми табиъии олӣ (зинда) таъриф карда, ҳусусиятҳои ҷисми зинда ва тафовутҳои умдаи онро дар дараҷаи наботот, ҳайвонот ва инсон дуруст таъин кардааст. Ӯ мушаххасоти олами наботот, ҳайвонот ва инсонро муайян намуда, байни онҳо сади ногузар муқаррар намекард, балки ягонагии онҳоро таъкид менамуд. Аз ин сабаб ӯ андешаи Арастуро дар бораи ин ки навъҳои олии нафс навъҳои сифлии онро фаро мегиранд, вале танҳо аз онҳо иборат нестанд, сахт ҷонибдорӣ кардааст.

Хулосаи ҷустуҷӯҳои Ибни Сино дар бораи пайдоиши нафс

чунин аст: нафс, чунон ки Афлотун[1] пиндоштааст, азалӣ нест, балки ҳамзамон бо ҷисме пайдо мешавад, ки омодааст онро бипазирад. Ӯ дар «Шифо» қотеъона навишта буд: «Мо мегӯем, ки нафсҳои инсон аз тан ҷудо вуҷуд надоранд, онҳо дар танҳо (баданҳо) ба вуҷуд меоянд, зеро нафсҳо аз рӯйи навъ ва мафҳум ягонаанд. Вале агар пиндорем, ки нафси инсон на ҳамроҳ (ҳамзамон) бо ҷисм пайдо мешавад, балки аз он ҷудо вуҷуд дорад, пас наметавон гумон бурд, ки нафс бешумор бошад» [2]. Дар ҳамин замина Ибни Сино ба ин натиҷа мерасад, ки нахустин ашё, ки аз имтизоҷи унсурҳои басит пайдо мешаванд ғайриолӣ (ғайризинда) буданд. Танҳо пас аз он ки имтизоҷи унусрҳо такмил ёфт ва боз ҳам мураттабтар гардид, ашё ба қабули ғизо омода гардиданд ва пеш аз ҳама қувваи нумувв пайдо шуд. Ин чунин маънӣ дорад, ки фақат дар марҳалаи имтизоҷи басе мутаносиб ва мутаъодили унсурҳо қобилияти пазирои қувваи наботӣ, ки нафси наботӣ ном дорад, пайдо мешавад. Ҳар гоҳ имтизоҷи унсурҳо боз ҳам комилтар ва мураттабтар шавад, он заминаи пайдоиши шакли олитари ҳаёт, яъне ҳаёти ҳайвонӣ мегардад. Дар ин марҳала аст, ки нафси ҳайвонӣ пайдо мешавад ва ҷисмҳои зинда сифатҳои нав пайдо мекунанд, ки қобилияти ҳаракати иродӣ, дарки хосиятҳои ҷудогонаи ашё ва маъниҳои ҷузвӣ аз ҷумла онҳост. Вале дар ин ҷо метавон ҳадс зад, ки Ибни Сино дарки маъниҳои ҷузъиро на сифати ҳайвоноти сифлӣ балки хосияти ҳайвоноти олӣ медонист.

Ибни Сино дар навбати худ пайдоиши нафси нотиқа (оқила)-и инсонро маҳсули боз ҳам бештар комил ва мураттаб гардидани имтизоҷи унсурҳои басит меҳисобид. «Пас, - навишта буд ӯ - чун мизоҷ муътадилтар бувад, мар ҷони мардумиро пазиро шавад»[3]. Дар марҳалаи нафси инсонӣ қобилияти нутқ, қувваи ҳаракати ақлонӣ ва маърифати ақлонӣ пайдо мешаванд, ки танҳо хосси инсонанд. Вале сарфи назар аз эътирофи ҳамзамонии пайдоиши нафс ва ҷисми ҳомили он, таълимоти Ибни Синоро дар ин бора наметавон таълимоти пайгиронаи фалсафӣ-табиъӣ донист, зеро ӯ исрор дорад, ки ҷисм на сабаби фоъилии нафс аст, на сабаби моддӣ, на сабаби сурӣ ва на сабаби ғойиӣ он; байни нафс ва ҷисм танҳо робитаи сабабии аразӣ вуҷуд дорад. Бинобар ин барои таъини дақиқтари моҳияти ҷаҳоншиносии таълимоти Ибни Сино дар бораи пайдоиши нафс зарур аст, ки назарияи ӯ дар бораи таносуби нафсу тан мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор

1 Ниг.:Платон. Федон.Сочинения.Том второй.М.,1970.С.130.
2 Ибн Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6-Нафс. С.198.
3 Ибни Сино. Табиъиёти «Донишномаи алоӣ». С.101.

бигирад. Хулосаҳои умдаи мутафаккир дар ин мавзуъ чунинад: 1) Нафсу тан дар ҳолати робитаи мутақобила ва таъсири мутақобил вуҷуд доранд. Нафс мабдаи зинда будан, мабдаи ҳамаи ҳаракатҳо ва ҳаяҷонот ва маърифатҳои тан аст. Он танро тадбир мекунад ва ба ҳама ҳолатҳои равонию ҳаётии вай таъсир мерасонад. Тан дар навбати худ ба нафс дар кори иктисоби дониш ёрӣ мерасонад, онро мушаххас месозад ва такмил медиҳад. Ҳолати нафс аз тан ва аз мизоҷи он тобеъ аст; 2) Нафсҳои наботӣ ва ҳайвонӣ ҷисмонианд ва бинобар ин мунтабиъ дар ҷисм (тан) мебошад; ҳамзамон бо тан пайдо ва нест мешаванд; 3) Ҳарчанд нафси нотиқаи инсонӣ ҳамроҳ (ҳамзамон) бо ҷисми пазирои худ ба вуҷуд меояд, вале ҷисмонӣ нест, дар ҷисм мунтабиъ намебошад ва баъди фанои ҷисми пазирои худ фано намепазирад, балки ҷовидона боқӣ мемонад. Пас, маълум мешавад, ки Ибни Сино фақат нафси наботӣ ва ҳайвониро амал ва хосияти ҷисм медонад, вале нафси нотиқаи инсониро амал ва хосияти ҷисм намеҳисобад. Ин нуктаи охирин ба дастовардҳои назарияи тиббии худи ӯ, ки дар худуди он вобастагии комили падидаҳои равонӣ ба ҷисм – ба мағзи сар таъкид мешавад, зид аст.

Ибни Сино дар «Шифо» нафсро зимни камоли аввали ҷисми табиъии олӣ номидан, ҷавҳар ҳам медонад. Ӯ навишта буд: «Аз усуле, ки дар пеш гузашт, донистед, ки нафс ҷисм нест. Ва агар барои шумо собит шавад, ки порае аз нуфус метавонанд ба зоти худ пойдор ва муҷаррад аз модда бимонанд, дигар шакке нест, ки нафс ҷавҳар аст. Таҷарруд ва бениёзӣ аз модда амре лозим барои ҳама афроди нафс нест… Пораи нуфус метавонанд муҷаррад ва ғайримоддӣ бошанд. Аммо лузуме надорад, ки ҳама афроди нуфуси наботӣ ва ҳайвонӣ аз модда муҷаррад бошад»[1] . Пас аз ин шарҳи Ибни Сино чунин натиҷа метавон гирифт, ки ҷавҳар фақат нафси нотиқаи инсон аст, зеро танҳо он аст, ки худ ба худ, бе тааллуқ ба модда ҳастии ҷовид дорад. Аммо эътироф бояд кард, ки ин ақидаи ӯ на танҳо ба илми кунунӣ, балки ба таълимоти тиббии худи вай созгор нест. Зеро ӯ дар «ал-Қонун» аз як тараф исбот мекунад, ки ҳама ҳолатҳои руҳонӣ ба фаъолияти мағзи сар вобастаанд, аз тарафи дигар собит менамояд, ки ҳолатҳои руҳӣ аз ҳолатҳои физиолоҷии мағзи сар вобастаанд: сиҳҳатии руҳӣ баста ба сиҳатии мағзи сар, фасоди руҳӣ натиҷаи носолимии мағзи сар аст[2].

1 Ибни Сино. ал-Фанн ас-содис мин «Китоб-аш-Шифо» - Тарҷумаи равоншиносии «Шифо». Теҳрон, 1348. С.28.

2 Барои иттилоъи бештар ниг.: Ибн Сина. Канон врачебной науки. Т.3(1). Ташкент, 1982. С.20-22; 107-140; 270-271; 297-307; 533…; Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе, 1985. С.145-150.

Андешаи Ибни Сино дар бораи абадияти нафси нотиқа натиҷаи назарияи ҷавҳари руҳонӣ будани нафси нотиқа аст. Ӯ ҷавҳарияти нафси нотиқаро дар он мебинад, ки он (1) сабаби ҳастии билфеъли ҷисми худ аст; (2) мукаммил ва холиқи навъи ҷисми зиндаи олӣ мебошад; (3) сурати номунтабиъ дар ҷисм аст. Вале ин далоили ҷавҳарияти нафси нотиқа, ки Ибни Сино пешниҳод кардааст, на танҳо аз назари илми кунунии физиолоҷии фаъолияти олии асаб, балки аз дидгоҳи назарияи тиббии худи мутафаккир ҳам, ки ҳама падидаҳои равонӣ, ақлонӣ ва нафсониро ба мағзи сари инсон тобеъ медонист, далоили қотеъ нестанд. Назарияи ҷавҳарият ва абадияти нафси нотиқа ба андешаҳоии худи муттафакир дар бораи азалӣ набудани нафс ва фанопазир будани ҷизҳои ҳодиси замонӣ мухолиф аст.

Дар осори Ибни Сино масъалаи таносухи нафс, яъне интиқоли нафс аз бадане ба бадани дигар, муфассал таҳқиқ шудааст. Мухтасари ақоиди ӯ дар ин масъала чунин аст: ҳеҷ гуна таносух – ҳеҷ гуна интиқоли нафс аз бадане ба бадани дигар вуҷуд надорад, зеро (1) нафсе, ки дар як бадан ташаххус ёфтааст, барои бадани дигар коромад нест, чунки он ба мизоҷи ин бадани нав мутобиқат нахоҳад кард; (2) робитаи нафс бо бадан, робитаи зарурист, на тасодуфӣ. Инкори таносух зарбаи ҷонкоҳ ба тасаввуроти устуравие буд, ки дар даврони Ибни Сино сахт роиҷ буданд[1].

1 Барои иттилоъи бештарниг.:аш-Шифо.ат-Табиъиёт.6-ан-Нафс. ал-Қоҳира,1395ҳ.-1975м.; ал-Фанн -ус-содис мин «Китоб-аш-Шифо». Тарҷимаи равоншиносии «Шифо». Теҳрон, 1348.; Динаршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе, 1985.С.137-157.

БОБИ ПАНҶУМ
ФАЛСАФАИ МАЪРИФАТШИНОСИИ ИБНИ СИНО

1. Маърифат ҳамчун инъикос

Дар низоми фалсафии Ибни Сино масъалаҳои маърифат ҷойгоҳи хос ва муҳим доранд. Дар низоми фалсафии ӯ бештари масъалаҳои маърифат дар қисмати табиъиёти он, хусусан дар бахше, ки ба равоншиносӣ марбут аст, таҳлил шудаанд. Инро ҳанӯз А.М.Баҳоваддинов мушоҳида карда ва навишта буд: «Абуали Сино назарияи маърифатро ба фасли табиъиёт ворид карда буд»[1] . Дар ҳақиқат мо дар китоби «Нафс»-и «Шифо» таҳлили бисёр масъалаҳои маърифат, аз ҷумла моҳияти маърифат, маърифат чун инъикос, механизми физиологӣ ва равоншиносии маърифат, маърифати ҳиссӣ ва сохтори он, маърифати ақлӣ ва навъҳои вай, моҳият ва аҳамияти ҳадс, нақди назарияи тазаккури Афлотун ва ғайраро пайдо мекунем. Масъалаҳои равиш (метод) ва васоити таҳсили маърифат, нақши шаклҳои тафаккур дар раванди маърифат, маърифати иктисобӣ ва ғайрииктисобӣ ва ҳақиқияти маърифат дар қисмати мантиқи низоми фалсафии мутафаккир баррасӣ шудаанд. Дар он қисмати «Шифо», ки илоҳиёт, ё мобаъдуттабиъа ном дорад ва таҳлили масоили фалсафаи улоро шомил аст, баррасии масоили маърифат бисёр кам ба назар мерасад. Мо дар ин ҷо асосан таҳқиқи масъалаҳои моҳият ва хусусиёти дониши илоҳиро пайдо мекунем. Дар осори дигари ӯ, ки нисбат ба «Шифо» каммуҳтавотаранд, низ ҳамин ҳолат ба чашм мерасад. Ин ҳақоиқ нишон медиҳанд, ки масъалаҳои маърифат дар асрҳои миёна ба ҳайси фасли мустақили фалсафа ба маънии хоси он ҷудо нашуда буданд: фалсафаи уло, чунон ки аз осори Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Мискавайҳ, Ибни Рушд, Насируддини Тусӣ ва дигарон бармеояд, таълимот танҳо дар бораи усули куллии ҳастӣ буд, вай ҳанӯз таълимот дар бораи маърифат нагардида буд. Дар Аврупои Ғарбӣ ҳам маърифатшиносӣ (шинохтшиносӣ) танҳо дар асрҳои 17-18 қисмати таркибӣ ва мустақили фалсафа гардид.

Ибни Сино сахт муътақид буд, ки олам маърифатпазир (донисташаванда) аст ва маърифат аз инъикоси сурати ашё дар ҳис ва ақли инсонӣ иборат мебошад. Вай дар «Ишорот ва танбеҳот» навишта буд: «Маърифати чиз он бувад, ки

1 А.М.Богоутдинов. Очерки по истории таджикской флософии.Душанде, 1961. С.131.

ҳақиқати вай дар ҳис ва ақли мудрик, ки онро мушоҳида мекунад, мутамассил гардад. Ва он ҳақиқат ё ҳақиқати он чиз аст, ки ба ҳангоми маърифат берун аз мудрик аст, ё ҳақиқате аст, ки дар аъёни хориҷ билфеъл вуҷуд надорад, мисли бисёре аз ашколи ҳандасӣ ва ҳатто аксари мафрузот, ки фарзашон дар ҳандаса мумтанеъ набувад, вале аслан дар вуҷуд наоянд, ё мисли ҳақиқате аст, ки дар зоти мудрик бе ҳеҷ тафриқа муртасим мешавад»[1].

Ин ақидаро, ки таълимоти Ибни Сино дар бораи маърифат назарияи инъикос аст, бо чандин далел метавон мудаллал сохт. Вале бо ин далелҳо иктифо мекунем: 1. Дар мавриди баёни таълимоти худ дар бораи маърифати ҳиссӣ ӯ боисрор исбот мекард, ки маърифати ҳиссӣ инъикоси сурати ашё дар ҳисси инсон аст, ки зери таъсири бевоситаи ашё ба вуҷуд меояд. Аз ин сабаб ӯ навишта буд, ки маънии ибораи «ман чизе хориҷиро эҳсос кардам», иборат аз он аст, ки он чиз дар ҳисси ман мунтабиъ, муртасим ва мутамассил гашт. Вале маънии ибораи «ман чизеро дар нафсам эҳсос кардам» он аст, ки сурати худи ашё дар нафси ман инъикос ёфт, мутамассил ва мунтабиъ гашт»[2]. 2. Ибни Сино назарияи файзи абсори мутфаккирони бостониро нақд карда, назарияи инъикоси абсорро пешниҳод кардааст. «Абсор, - навишта буд Ибни Сино, - аз он вобаста нест, ки чизе аз мо ба сӯи ҷисми маҳсус хориҷ мегардад. Пас, мо ба он сабаб мебинем, ки чизе аз ҷисми маҳсус ба мо ворид мешавад. Чун он ҷисми ашё нест, пас чизи ба мо воридшуда шабаҳ (сурат)-и он аст»[3] . 3. Ибни Сино ҳангоми тадвини назарияи таҷриди худ боисрор исбот мекард, ки сурати комили ашё ва лафзҳои куллии онҳо дар натиҷаи фаъолияти таҷридии ҳисҳо ва ақл ба вуҷуд меоянд.

Ибни Сино дар «Мабда ва маъод» назарияи таҷриди худро чунин баён карда буд: «Ҳамоно ҳар маърифате, чи ҳиссӣ бошад ва чи тахайюлӣ ва чи ваҳмӣ ва чӣ ақлӣ аз роҳи таҷриди сурат аз модда падид меояд. Лекин таҷридро маротибе аст ба-д-ин қарор:

Ҳис суратро аз модда бараҳна месозад ва мегирад, зеро то дар ҳосса асаре аз маҳсус падид наояд, ҳосса дар ин ҳол, ки ба феъл расида бо ҳоле, ки бақувва бувад, яксон ва дар як мартаба хоҳад буд. Пас бояд асаре аз маҳсус дар он падид ояд ва ин асар бояд бо маҳсус муносибат дошта бошад, чи агар бо моҳияти маҳсус номуносиб бошад, ҳусули он асар эҳсос ва

1 Ибни Сино. ал-Ишорот ва ат-танбеҳот. маъа шарҳи Насириддин Тусӣ.Миср. Дор ул-маъориф. ат-Табъ 2. ал.Қисм. 2. С.359-365.

2 Ибни Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6. ан-Нафс. ал-Қоҳира 1390 С. 53

3 Ибни Сино.Наҷот.ат-Табъат ас-сонӣ.ал-Қоҳира, 1357. С.162.

дарёфти он маҳсус нахоҳад буд. Пас ночор бояд сураташ аз моддааш бараҳна ва гирифта шавад. Лекин ҳис ин суратро ба таври комил ва тамом бараҳна ва муҷаррад намесозад, балки онро бо алоиқи модда ва бо нисбати он ба модда мегирад, ба тавре ки агар модда ғоиб шавад, ин сурат аз миён меравад ва нобуд мегардад.

Аммо хаёл таҷриди бештар ба кор мебарад, ба тавре ки агар модда ғоиб шавад, боз ҳам он сурат дар он ба ҷо мемонад, лекин на чунон ки аз ҳама авориз ва лавоҳиқи модда пок ва муҷаррад бошад, зеро хаёл ҷуз чизҳои маҳсусро тахаюл намекунад ва чун инсонеро тахаюл кунад аз он ҷиҳат нест, ки куллӣ ва ҳар инсоне бо ӯ дар ин ҳақиқат иштирок дорад, балки аз он ҷиҳат, ки инсоне аст ҷузъӣ, дорои камм ва кайф ва айна ва вазъе хос.

Аммо ваҳм суратро аз модда беш аз пеш таҷрид мекунад, зеро ваҳм маъониро мегирад, ки номаҳсус, балки маъқул аст, чизеро ки ҳаст онро ба таври куллӣ будан ва маъқул намегирад, балки ба тавре, ки бо маҳсус иртибот дорад. Филмасал, ваҳм чунон нест, ки маънӣ ва ҳақиқати зор ва нофеъро аз он рӯй, ки зор ва нофеъи ҳақиқӣ аст, куллӣ таваҳҳум кунад, балки аз ин рӯй, ки ин ҷузъӣ ва шахсии хос аст.

Аммо ақл кори таҷридро ба камол ва тамом мерасонад. Пас суратро аз модда ва лавоҳиқи модда ва аз изофа ба модда таҷрид мекунад ва худи суратро ба таври сирф ва холис мегирад. Ин дар суратест, ки сурати маъқул худ ба худ муҷаррад набошад ва гар на дар мавриде, ки худ ба худ ва ба ҳасби зот муҷаррад ва маъқул бошад ба-д-ин тасфия ва таҷрид ниёзе нахоҳад буд»[1] . Ақидаи ба ин монанд дар «Шифо» низ мундариҷ аст[2].

Бо назардошти он чӣ баён шуд ва ба шарти ба эътибор гирифтани таълимоти Ибни Сино дар бораи ҳақиқат ва кизб бояд гуфт, ки назарияи маърифати Ибни Сино тамоюли муроқибавии моддигароёна дорад. Ин тамоюл дар он зоҳир мегардад, ки (1) манбаъи эҳсос, тасаввур, лафз ва андешаҳо воқеияти айнӣ дониста мешавад; (2) маърифат чун инъикоси сурати ашё дар эҳсос ва ақл маҳсуб мешавад; (3) андешаҳо ва лафзҳо чун инъикоси хусусият ва робитаҳои куллӣ ва куллитарини ашё дар ақл маънидод мегарданд. Вале ба сабаби эътирофи ақли муфориқ – ақли фаъол чун манбаъи маърифат, тамоюли модигароёна дар назарияи маърифати ӯ пайгирона баён нашудааст. Дар навбати худ муроқибавияти назарияи

1 Ибни Сино. Мабда ва маъод. Теҳрон, 1333. С.117-118.
2 Ибни Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6-ан-Нафс. С.50-57.

маърифати ӯ машрут ба заъфи амалияи ҷамъиятӣ, аз ҷумла равиши таҷрибавӣ ва озмунӣ буд.

Таълимоти Ибни Сино дар бораи моҳияти маърифат ба руҳи назарияи Арасту созгор ва ба назарияи тазаккури Афлотун мутлақан мухолиф буд. Ибни Сино бар хилофи Афлотун муътақид буд, ки маърифатро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон ҳамчун тазаккур таъбир кард, зеро тазаккур ба ёд овардани чизҳои фаромушшуда аст. Илова бар ин вай бар хилофи Афлотун акида дошт, ки нафс азалӣ нест, балки ҳамроҳ (ҳамзамон) бо ҷисме пайдо мешавад, ки омодаи пазируфтани вай аст. Бинобар ин нафс пеш ҳеҷ гуна маърифате надошт, ки дар зулмоти он фаромӯш шуда бошанд ва баъдан мутобиқ ба шароити муайян ба ёд биёянд ва ё ба ёд оварда шаванд[1].

Ақоиди Ибни Сино дар бораи маърифат чун инъикос (интибоъ, иртисом) мавриди эрод ва накди мутакаллимон гардиданд. Масалан, Фахруддини Розӣ (асри 12) чунин меҳисобид: (1) агар маърифат инъикос бошад, пас барои он ки мо хатти мустақимро бидонем, худамон бояд мустақим бошем ва барои он ки доираро бидонем худамон бояд мудаввар бошем. Ва агар бихоҳем дар як вақт чизи мустақим ва мудаввarро бидонем, бояд дар як вакт ҳам мудаввар ва ҳам мустақим бошем. Вале ин муҳол аст; (2) Азбаски мудрики моҳияти ҳаракат ва сукун, истиқомат ва истидорат ҷавҳари нафс аст, пас он дар як вақт бояд ҳам мутаҳаррик ва ҳам сокин, ҳам мустақим ва ҳам мустадир бошад. Аммо ин амрест муҳол; (3) Тибқи назари Ибни Сино агар мо кӯҳе, ё дарёеро тасаввур кунем, сурати он кӯҳ, ё дарё дар таҷвифи аввали димоғи мо муртасим мешавад. Вале ин муҳол аст, зеро ин гуна сурати бузург дар чунин макони хурд, ки димоғи мост, наметавонад бигунҷад[2]. Ин далоили Фахруддини Розӣ дар он бора шаҳодат медиҳанд, ки ӯ моҳияти аслии назарияи маърифати Ибни Сино ва моҳияти чунин гуфтори ӯро дуруст дарк накардааст, ё дуруст дарк кардан нахостааст: «Ҳар гоҳ ки ҳастии муҷаррад аз моя сурат бувад андар ҳастии муҷаррад аз моя, он ҳастӣ илм бувад, чунон ки сурати мардуми муҷаррад карда аз мояи мардум, ки андар нафс бувад, вай илм бувад… Ва ба ҳақиқат маълум он бувад, ки илм бувад, ки маълуми ту баҳақиқат он сурат аст, ки аз он чиз андар туст, на он чиз, ки он сурати вай аст…Ва маҳсус он асар аст, ки андар ҳис ояд,

1 Барои иттилоъи бештар ниг. М.Диноршоев.Натурфилософия Ибн Сины.Душанбе,1985.С.165-170.

2 Фахруддини Розӣ.Рисолат-ул-камолия фӣ ҳақиқат-ул-илоҳия.Теҳрон,1335.С.111.Ба асарҳои ӯ «Лубоб-ул-ишорот» ва «ал-Бароҳин дар илми калом» низ нигаред.

на он чизи берун. Ва он асар ҳис аст»[1].

Фахруддин Розӣ нафаҳмидааст, ё фаҳмидан нахостааст, ки он чӣ дар натиҷаи инъикос ба нерӯҳои маърифатии мо ворид мегардад, на ҷисми ашёст, балки сурати рӯҳонии он аст ва чун сурати руҳонӣ ҳаҷм надорад ва маконгир нест, дар қуввои мудрикаи мо адади бешумори онҳо гунҷоиш меёбад. Муҳаққиқи муосири мисрии араб Усмон Наҷотӣ ҳам Ибни Синоро аз мавқифи Фахруддини Розӣ нақд кардааст. Ӯ менависад: «Ибни Сино дар бораи интибоъи моддии сурати ашё дар мағзи сар сухан мегӯяд, ки ба иртисоми ангуштарӣ дар мум, ё интибоъи сурат дар навори суратгирӣ монанд аст». Усмон Наҷотӣ дар заминаи андешаи Ибни Сино, ки ҳавос сурати ашёро ба куллӣ аз лавоҳиқи моддӣ ҷудо намесозад, ба ин натиҷа мерасад: «аз ин ҷо назари Ибни Сино дар бораи ҳусусияти таассури мағзи сар аз ангезаҳои ҳиссии хориҷӣ ва ҳифзи онҳо баъди бархостани таассурот барои мо равшан мегардад. Ибни Сино гумон дошт, ки таассуроти ҳиссӣ дар мағзи сар осори моддӣ мегузоранд, ки ба суратҳои дар навори суратгирӣ мунтабеъ монанданд ва баъди бархостани ангезаҳои моддӣ боқӣ мемонанд.

… Аз назари илми навин андешаи мунтабеъ гардидани ашёи маҳсус дар мағзи сар, чунон ки Ибни Сино исрор мекунад, андешаи носаҳеҳ ва нодуруст буда, дарак медиҳад, ки ӯ табиъати барангехтани низоми асабро намедонистааст. Илми навин ақидаеро, ки дар таҷвифҳои мағзи сар навиштаҷоти сурати ашё ва мазомни онҳо вуҷуд дорад, рад мекунад»[2]. Бо назардошти ақидаи Ибни Сино дар бораи маърифат чун инъикос ва назарияи таҷриди ӯ бо исрор бояд гуфт, ки на Фахруддини Розӣ, на Усмон Наҷотӣ ва на пайравони онҳо дар ҷониби ҳақиқат қарор надоранд.

2. Маърифати ҳиссӣ ва навъҳои он

Аз назари Ибни Сино маърифат чун инъкос дар шакли маърифати ҳиссӣ ва ақлӣ таҳаққуқ меёбад, ки ҳар кадоми онҳо чандин навъ дорад. Ба назардошти назарияи маърифат чун инъикос Ибни Сино муътақид буд, ки маърифати ҳиссӣ интибоъи сурати ашё ва мафҳумҳои ҷузъии он дар ҳисси мудрик аст. Вай тавассути панҷ ҳисси зоҳирӣ (биноӣ, шунавоӣ, басовандагӣ, буёӣ ва чашоӣ) ва панҷ ҳисси ботинӣ (ҳисси муштарак, тасаввур, ваҳм, тахайюл, ҳифз), ки барои ҳайвон

1 Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». С.84-85; Абу Али Ибн Сина. Избранные произведения. Т.1. Душанбе, 1980. С.136.

2 Усмон Наҷотӣ. ал-Маърифат ул-ҳиссӣ инда Ибн Сино. Миср, 1961. С.188-189.

ва инсон муштараканд, ба вуҷуд меояд. Вале мутафаккир байни ҳиссҳои ҳайвон ва инсон тафовутҳои ҷиддӣ қоил аст: 1. Ҳисси муштарак ва тасаввури инсон ҳамроҳ бо лафз аст, ки барои ташаккули сурати комили чиз, тачдид ва аз нав ба вуҷуд овардани он кӯмак мерасонад; 2. Ҳисҳои инсон ба ақл тобеъанд ва бо нури он мунаввар гаштаанд. Бинобар ин инсон тавассути ҳисҳои худ чизҳоеро медонад, ки ҳайвонҳо ба донистани онҳо қодир нестанд[1].

Ибни Сино ҳарчанд панҷ ҳисси зоҳир ва панҷ ҳисси ботинро бармешуморад, «вале танҳо се навъи маърифати ҳиссро фарқ мекунад, ки иборатанд аз эҳсос, тасаввур ва ваҳм»[2]. «Эҳсос, - навишта буд Ибни Сино, - инъикоси сурати чиз аст, ки аз модда таҷрид шудааст ва дар ҳис мунтабиъ гардидааст»[3]. Ӯ хусусиёти эҳсосро ба ҳайси маърифати ҳиссӣ чунин муқаррар мекунад: 1. Эҳсос танҳо таҳти таъсири бевоситаи ашё ба олатҳои ҳис пайдо мешавад ва аз ин сабаб чун ашё аз мадди назари эҳсоскунанда ғоиб шавад, сурати он низ зоил мегардад. 2. Эҳсос маърифати мушаххаси ҳиссист, зеро суратҳое, ки ҳиссҳо ташаккул медиҳанд, ҳоло ҳам хусусияти моддӣ доранд ва ба куллӣ аз модда таҷрид нашудаанд. Бинобар ин баъди қатъ шудани таъсири ашё дер боқӣ наемонанд. 3. Дар дараҷаи ҳиссҳои зоҳирӣ эҳсос қодир нест, ки сурати комили ашёро ташаккул диҳад, зеро ҳар як олати ҳиси зоҳирӣ танҳо мавзуъи эҳсоси худашро маърифат менамояд ва байни он чӣ худаш маърифат мекунад ва он чӣ ҳисҳои дигар медонанд, робита муқаррар карда наметавонанд.

Вазифаи ташкил додани сурати комили ашёро ҳисси муштарак анҷом медиҳад. Вай ба ин кор ба он сабаб қодир аст, ки маркази ҳама ҳиссҳои зоҳирӣ ва ботинӣ аст. Ба ин сабаб ҳар чиро, ки медонад, онро ҳамзамон «мебинад, мешунавад, мебасовад ва мечашояд»[4]. Азбаски маркази ҳисси муштарак таҷвифи пеши димоғ (мағзи сар) аст, метавон гуфт, ки аз назари Ибни Сино вазифаи ташаккул додани сурати комили ашёро худи димоғ адо мекунад. Ибни Сино чунин мешуморид, ки ҳисси муштарак барои ташаккул додани сурати комили ашё аз таҷрибаи пешин низ баҳра мебарад. «Ҳаргоҳ мо, - навишта буд ӯ, - овози шахси муайян ва шиносро мешунавем, ӯро ба таври комил дарк мекунем ва мешиносем. Ин ба он сабаб рух медиҳад, ки мо пеш аз ин медонистем, ки

1 Ибни Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6-ан-Нафс. С.162.
2 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.53.
3 Ибни Сино. ан-Наҷот. ал-Қоҳира. 1338 ҳ. С.261.
4 Ибни Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт.6- ан-Нафс. С.133.

соҳиби ин овоз – соҳиби ин сурат аст»[1]. Вале ҳисси муштарак сурати комили мушаххаси ҳиссии чизро танҳо дар заминаи пазируфтани таъсири бевоситаи он ташаккул медиҳад.

Тасаввур чун навъи маърифати ҳиссӣ ташаккули сурати куллитар ва муҷаррадтари ашёест, ки дар заминаи суратҳои ҳифзшудаи эҳсос, ҳисси муштарак ва фикрат ба вуҷуд меояд. Хусусиёти тасаввур ба ҳайси маърифати ҳиссӣ чунинанд: а) тасаввур нисбат ба ҳисси муштарак маърифати муҷаррадтар аст, зеро вай сурати чизро аз моддаи он ба таври комилтар ҷудо мекунад; б) тасаввур барои такроран пайдо шудани сурати чиз ба таъсири бевоситаи он ниёз надорад. Вай метавонад дар заминаи робитаи падидаҳои равонӣ ба вуҷуд биояд; в) суратҳое, ки тасаввур ба вуҷуд меорад, нисбат ба суратҳое, ки ҳисси муштарак ташаккул медиҳад, омтар ва куллитаранд. Вале онҳо ба он дараҷа куллӣ ва ом нестанд, ки ҳама маҷмуъи ашхоси ҳамин ҷинсро дарбар гиранд: г) суратҳои тасаввурӣ сарфи назар аз муҷаррад ва куллӣ буданашон дар ҳудуди суратҳои ҳисси боқӣ мемонанд, зеро тасаввур суратро аз модда таҷрид мекунад, вале наметавонад онро аз сифатҳои лоҳиқи модда қатъан барӣ созад.

Ваҳм ба ҳайси тафаккури мушаххаси ҳайвонӣ навъи олии маърифати ҳиссӣ аст. Вай аз маърифати чунин мафҳумҳои худ ба худ ғайримоддӣ, вале аразан мавҷуд дар модда, мисли хайр, шарр, дӯстӣ, душманӣ ва дигарон иборат аст. Аз назари Ибни Сино хусусияти ваҳм ҳамчун навъи олии маърифати ҳиссӣ аз он иборат аст, ки он «суратҳои маърифатшавандаро аз лавоҳиқи модда ҷудо намесозад, зеро он суратҳоро як чизи фардӣ мегирад, онҳоро мутобиқ ва мувофиқ ба модда дармеёбад, онҳоро дар робита бо сурати ҳиссӣ... ва бо иштироки тасаввур маърифат мекунад»[2] . Ҳарчанд, ки ваҳм маърифати андеша (идея) аст, вале дар пояи он лафзҳои куллӣ пайдо намешаванд, зеро ваҳм танҳо ба маърифати андешаҳои (идеяҳои) ҷузъӣ сарукор дорад, ки аз лавоҳиқи моддӣ пурра таҷрид нашудаанд ва дар робитаи қавӣ ба сурати ашё дарк гардидаанд. Ибни Сино ба ин суол, ки «агар андешаҳои (идеяҳои) ғайримоддӣ дар ҳиссҳои зоҳир мунтабеъ нашаванд, пас чӣ гуна дониста мешаванд?» - чунин ҷавоб дода буд: «Аз роҳи илҳоми илоҳӣ, таҷриба ва муқоиса». Мутафаккир илҳоми илоҳиро ба ҳайси роҳи асоситарини маърифати андешаҳо пазируфта, мавқеи таҳлили фалсафӣ-табиъии масъаларо тарк мекунад ва роҳи назарияи маърифати ирфониро пеш

1 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.133.
2 Ибни Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. ан-Нафс. С.52.

мегирад.

Таълимоти Ибни Сино дар бораи ваҳм ба ҳайси хирадӣ мушаххаси ҳайвонӣ [1] аз назари интиқоли тадричӣ аз қувваҳои мудрикаи ҳайвонӣ ба фаъолияти аклонии инсон бисёр ҷолиб аст. Ин андеша, ки баъзе шаклҳои соддаи тафаккур байни ҳайвоноти олӣ ва инсон муштарак аст, ба илми ҳозира низ бегона нест.

Таълимоти Ибни Сино дар бораи ваҳм ба назариёти ӯ дар хусуси қувваи муфаккира, мутахайила, мутазаккира ва ҳофиза сахт вобаста аст. Ӯ навишта буд: «Ба назар мерасад, ки қувваи ваҳмия ба айни худ қувваи муфаккира, мутахайила ва мутазаккира низ ҳаст. Ва он ба айни худ ҳоким низ ҳаст. Вай ба зоти худ ҳоким ва ба ҳаракату афъоли худ қувваи мутахайила ва мутазаккира мебошад. Чун дар сувар ва маъонӣ амал кунад, қувваи мутахайила бошад ва чун амали он дар сурат ва маънӣ интиҳо ёбад, қувваи мутазаккира бошад. Аммо ҳофиза қувваест, ки хизонаи қувваи ваҳм аст. Ва наздик ба яқин он аст, ки тазаккур ва ба ёд овардани бақасд аз хасоиси инсон бошад. Ва хизонаи сурат қувваи мусаввира ва хаёл ва хизонаи маънӣ ҳофиза аст»[2].

Ибни Сино пиромуни нақши маърифатии қувваи ҳофиза ва мутахайила низ андешаҳои бисёр ҷолиб баён кардааст. Ӯ моҳияти маърифатии ҳофизаро аз нигоҳ доштан ва ҳифз намудани маъниҳое медонист, ки қувваи воҳима онҳоро донистааст. Ҳофиза ин вазифаи худро аз роҳи дар он мунтабиъ гардидани маъниҳои дарккардаи ваҳм ба иҷро мерасонад. Агар ҳофиза қобилияти нигоҳ дошатн ва ба ёд овардани суратҳо ва маъниҳоро намедошт, инсон маҷбур буд, ки онҳоро ҳар бор аз нав бидонад. Ин амр фароянди маърифати ашё ва фаъолияти амалии исонро бисёр халалдор мекард. Нақши маърифатии қувваи мутахайиларо баррасӣ карда Ибни Сино муқаррар кардааст, ки он (1) суратҳо ва маъниҳоеро, ки ҳисҳо ва ваҳм донистаанд, аз ҳам ҷудо ва ба ҳам мепайвандад, (2) суратҳои дарёфтаро бо ҳам ва ба маъниҳои даркшуда вифқ медиҳад, (3) зимни суратҳои воқеъӣ суратҳое меофарад, ки воқеъияти айнӣ надоранд, чун «инсони паррон» «дарахтодам» ва монанди инҳо, (4) бо ёрии қувваи мутазаккира суратҳо ва маъниҳои дар гузашта донистаро таҷдид менамояд. Мафҳум аст, ки бе ин хосиятҳои маърифатии мутахайила фароянди маърифат ба ишколҳои зиёд рӯ ба рӯ мешуд.[3]

1 Ибни Сино. Табиъиёти «Донишномаи алоӣ»,Ҳамадон,1383.С.96.

2 Ибн Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6-ан-Нафс. С.150.

3 Барои иттилоъи бештар ниг.: Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сино. –Душанбе, 1985. –С.186-194.

Таҳлил нишон медиҳад: 1. Ибни Сино ҳангоми таъбири моҳияти маърифати ҳиссӣ ба таври собит дар мавқеъи назарияи инъикоси муроқибавӣ қарор дорад. 2. Бисёр андешаҳои ӯ дар бораи маърифати ҳиссӣ то ҳанӯз аҳамияти илмии худро аз даст надодаанд. Масалан, андешаи ӯ дар бораи эҳсос чун маърифате, ки таҳти таъсири бевоситаи ашё пайдо мешавад, ҳисси муштарак чун мудрики сурати комили ашё, хусусияти эҷодӣ ва таҷдидӣ доштани тахайюл ва механизми фаъолияти маърифатӣ аз ҷумлаи ҳамин андешаҳоянд. 3. Лафзи «маърифати ҳиссӣ» дар фалсафаи Ибни Сино нисбат ба фалсафаи антиқа ва муосир ҷомеътар аст. Масалан, на дар фалсафаи антиқа, на дар фалсафаи муосир таълимот дар бораи ваҳм чун нерӯи маърифатӣ ва навъи маърифати ҳиссӣ вуҷуд надорад.

3. Ақл ва маърифати ақлӣ

Аз назари ибни Сино маърифати ақлӣ шакл ва навъи сирф нисонии маърифат аст, ки дар заминаи ақл ва қобилияти ақлии ӯ сурат мегирад. Аз ин рӯ пеш аз ҳама зарур аст, ки моҳияти таълимоти мутафаккирро дар бораи ақл бидонем, то роҳи фаҳми вижагиҳои назарияи маърифати ақлшии ӯ боз гардад.

Дар бораи масъалаи моҳияти ақл ва мақоми маърифатии он байни мутақаддимон, муосирон, пайравон ва ҳарифони Ибни Сино назарияи ягона вуҷуд надошт. Саид Шарифи Ҷурҷонӣ (асри 14) – муаллифи «Китоби таърифот» ақоиди мутафаккирони мамолики исломиро дар ин масъала талхис карда навишта буд, ки бархе ақида доранд, ки «ақл худи нафси инсонӣ аст, ки ҳар инсон онро тавассути лафзи «ман» ишора мекунад. Баъзеҳо гуфтаанд, ки ақл ҷавҳари руҳонии мутааллиқ ба бадани инсон аст. Бархе гуфтаанд, ки вай нуре дар дил аст, ки инсонҳо тавассути он ҳақро аз ботил тамиз медиҳанд. Баъзеҳо гуфтаанд, ки он ҷавҳари муфориқ аз модда аст, ки бо бадан робитаи тадбирӣ дорад. Баъзеҳо гуфтаанд, ки вай қувваи муфаккираи нафси инсон аст. Дар ҳақикат фоъил нафс аст, акл олати ӯст. Баъзеҳо гуфтаанд, ки ақл, нафс ва зеҳн як чизанд»[1]. Ибни Сино, чунон ки аз осори ӯ бармеояд, ақлро қувваи нафси нотиқа мешуморид ва моҳияту вазифаҳои онро аз донистани суратҳо ва маъниҳои ашё ва ташаккул додани лафзҳои омми онҳо тавассути қазия, қиёс, истиқро, истинбот ва тамсил иборат медонист. Дар «Дониш-

1 Али ибн Муҳаммад аш-Шариф ал-Ҷурҷонӣ. Китоб-ут-таърифот. Бейрут, 1978. С.157.

нома» ӯ навишта буд, ки ақл он қувват аст, ки «мардум ба вай андарёбад маъниҳои куллии муҷаррадро… ва ба ин қувва маҷҳулҳоро маълум кунад. Ва дигар ҳайвонҳоро ин [қувва] нест… Ва агар эшонро қуввати ҷустани чизҳои маҷҳул будӣ, гуногун чизҳо биҷустандӣ ва ба кор оварандӣ ва бигузидандӣ ва эшон бар як гуна ва бар як кирдор набудандӣ. Пас хосияти мардум тасаввур ва тасдиқи куллиёт аст ва истинбот кардани маҷҳулот аз улум ва саноъот ва ин ҳама қуввати [ақли] як нафс (яъне нафси нотиқа – М.Д.) аст»[1].

Аз назари Ибни Сино ақл дар навбати аввал ду гуна аст: яке – ақли амалӣ ва дигаре – ақли назарӣ. Ақли амалӣ мабдаи муҳаррики ҷисми инсон аст, ки онро ба содир кардани амалҳои фардии оқилонаи мувофиқи ҳадафе бармеангезад. Вай ба қувваҳои шаҳвонӣ, мутахайила ва ваҳмияи ҳайвон сахт робита дорад. Дар айни ҳол ақли амалӣ асоси ҳама аслҳо ва меъёрҳои ахлоқии инсон аст. Барои он ки дар табиъати инсон меъёрҳои зишт ва пасти ахлоқӣ реша нагиранд, ақли назариро мебояд тамоми қувваҳои танро бар тибқи дастури ақли назарӣ ба худ тобеъ созад[2]. Ақли назарӣ қобилияти нафси нотиқа аст, ки суратҳо ва маъниҳои куллии ашёро, ки аз модда таҷрид карда шудаанд, дар худ мунтабиъ, инъикос, иртисом месозад ва ба ин васила медонад[3]. Ақли назарӣ аз рӯи муносибаташ ба суратҳои куллӣ, маъниҳои муҷаррад ва омодагиаш барои интибоъ ва иртисоми онҳо чандин мартаба дорад:

1. Ақли ҳаюлонӣ, ё ақли бақувва – қувваи мутлақа, ки ҳеҷ чиз аз камолро напазируфта бошад. Ин қувва, ки ақли ҳаюлонӣ ном дорад барои ҳар шахси навъ вуҷуд дорад. Онро аз он ҷиҳат ақли ҳаюлонӣ гӯянд, ки ба ҳаюлои нахустин, ки дар зоти худ ба ҳеҷ як сувар мусаввар нест ва барои ҳар сурате мавзуъ маҳсуб мешавад, ташбеҳ шудааст[4]. Дар «Донишнома» ӯ ин маъниро сареҳтар баён кардааст: ақли ҳаюлонӣ – ақлест, ки «ба аввал сода бувад ва ҳеҷ сурати маъқул андар вай набувад, валекин пазирои [он сувар] бувад»[5]. Ба ин маънӣ ақли ҳаюлонии Ибни Сино «tabula rasa»-и файласуфони Ғарбро ба ёд меорад, ки дар он чизе акс наёфтааст ва ҳеҷ маънии фитрие дар он мавҷуд нест. Ақли ҳаюлонӣ қобилияти сирфи тифлро мемонад, ки лаёқати навиштан дорад, вале ҳанӯз навиштан наметавонад.

1 Ибни Сино. Табиъиёти «Донишномаи алоӣ». С.106-108.
2 Ниг.: Ибн Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6-ан-Нафс. С.37-38.
3 Ниг.: Ибн Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6-ан-Нафс. С.39.
4 Ниг.: Ибн Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6-ан-Нафс. С.39.
5 Ибни Сино. Табиъиёти «Донишномаи алоӣ». 108.

2. Ақли бамалака, ё хиради тавоно – қувваи нафси нотиқа, ки маъқулоти нахустинро дармеёбад, дар худ мунтабиъ месозад ва тавассути онҳо ба маърифати маъқулоти дуввумин ноил мегардад. Дар шарҳи моҳияти ақли бамалака (ё хиради тавоно) Ибни Сино навишта буд: «Мурод аз маъқулоти аввалия муқаддамоте аст, ки ба ёрии онҳо тасдиқ воқеъ мешавад ва шахс онҳоро иктисоб накарда ва дар ҳоле, ки ба ин маъқулот тасдиқ дорад, мушъир нест, ки аз тасдиқ ба онҳо ғофил бувад, мисли ин ки мо муътақидем кул бузургтар аз ҷузъ аст ва ашёи мусовия бо як чиз худ ба ҳам мусовиянд. Пас, вақте ки дар ақли назарӣ ин қадар аз илм, яъне ҳамин маъқулоти аввалия пайдо шуд, он ақл бамалака номида мешавад. Ҷоиз аст, ки ақли бамалакаро дар қиёс ба ақли ҳаюлонӣ ақли бафеъл номанд, зеро қувваи ҳаюлонӣ наметавонад чизеро бафеъл таъаққул кунад, аммо ин қувва метавонад [маъқулоти аввалинро] бафеъл таъаққул намояд»[1].

Аз ин ҷо натиҷа метавон гирифт, ки аз назари Ибни Сино ақли бамалака имкони интиқол ба тафаккури воқеъӣ, интиқол аз надонистан ба донистани маъқулоти аввалия, ғайрииктисобӣ ва куллӣ мебошад. Ин навъи ақл дар осори Арасту ва Форобӣ вуҷуд надорад[2].

3. Ақли бафеъл – қувваи нафси нотиқа аст, ки дар он баъд аз маъқулоти аввалия сувари маъқулоти муктасиба низ ҳосил шудааст, вале он наметавонад ин суварро бафеъл мутолаъа кунад ва ба онҳо ручуъ намояд. Аммо ба назар мерасад, ки ин сувар дар он махзунанд ва ҳар гоҳ бихоҳад онҳоро мутолаъа ва таъаққул мекунад. Ин навъи ақл барои он ақли бафеъл номида мешавад, ки нафс дар ин марҳала ақле гардидааст, ки ҳар вақт бихоҳад бе таҳаммул ва ранҷ сувар ва маъонии ашёро касб кунад ва бидонад. Ақли бафеълро нисбат ба ақли баъди он, яъне ақли мустафод, метавон ақли бақувва номид[3].

4. Ақли мустафод – қувваи нафси нотиқа аст, ки сувари маъқула назди вай бафеъл ҳозир аст ва онҳоро бафеъл таъаққул ва мутолаъа менамояд ва инро низ таъаққул мекунад, ки бафеъл машғули таъаққули сувар ва маъонии ашёст. Ин мартабаи ақли назарӣ аз он сабаб ақли мустафод номида мешавад, ки «ақли бақувва ба сабаби ақле, ки доиман бафеъл аст (яъне ақли фаъол – М.Д.) ба мартабаи фаъолият мерасад… Ҳар гоҳ ин қувва ба ақле, ки ҳамвора бафеъл аст навъе иттисол пайдо кунад, баъзе

1 Ибн Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6. ан-Нафс. С.40; ал-Фан ас-содис мин Китоб аш-Шифо. Тарҷумаи равошиносии «Шифо». С.49.

2 Ал-Фарабӣ. Философские трактаты. Алма-Ата, 1978. С.23-38.

3 Ибн Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6-ан-Нафс. С.40; ал-Фан ас-содис мин Китоб аш-Шифо. Тарҷумаи равошиносии «Шифо». С.49.

аз сувар [ва маъонӣ] дар зоти ӯ мунтабиъ мешавад, ки ин сувар [ва маъонӣ] аз хориҷ мустафод шудааст»[1]. Аз назари мо ақли мустафод дар низоми фалсафии Ибни Сино муродифи тафаккури муҷаррад аст, ки ҳам сувар ва маъонии аз ашёи хориҷӣ таҷридшуда (ба истилоҳи худи Ибни Сино – маъқулоти аввалия) ва ҳам маънии лафзҳо ва қазоё (ба истилоҳи Ибни Сино – маъқулоти сонавия)-ро медонад. Агар ҳамин маънии дуюми ақли мустафодро ба назар бигирем, метавонем ба А.В.Сагадеев ҳамдостон шавем, ки «ақли мустафод намоди тафаккури фалсафӣ, тафаккур андар тафаккур аст»[2].

Ибни Сино ақли доиман бафеълеро, ки ақли мустафод бо ёрии он сувар ва маъонии муҷаррадро дармеёбад, **ақли фаъол** меномад. Вай муътақид аст, ки ҳангоми ба ақли фаъол иттисол пайдо кардани ақли мустафоди инсонӣ, дар он сурат ва маъниҳои ашёи маҳфуз дар ақли фаъол инъикос меёбанд ва инсон ба ин сабаб аҷсому аҷром ва падидаҳои ба онҳо мувофиқро медонад ва дармеёбад. Ба манзури шарҳи ин ақида худи Ибни Сино навишта буд: «… Ҳамоно нафси инсонӣ бақувва оқил аст, ки сипас оқили бафеъл мегардад. Ҳар чизе, ки аз қувва ба феъл меояд, албатта ба сабабе ба феъл мерасад. Пас дар ин ҷо ҳам сабабе аст, ки нафсҳои моро дар маъқулот аз қувва ба феъл меоварад. Чун он сабаби иътои сувари ақлия аст, пас он ақли бафеъл аст, ки мабодии сувари ақлияи муҷаррад дар он аст. Нисбати ин ақли фаъол ба нафси мо чун нисбати Хуршед ба чашмони мост. Ҳамчунон ки Хуршед ба зоти худ дида мешавад ва ба нури он ҳар чи ки бафеъл қобили дидан нест, бафеъл дида мегардад, ҳоли он ақл ҳам нисбат ба нуфуси мо чунин аст. Ҳар гоҳ қуввати ақлия бар ҷузъиёте, ки дар хаёл аст, огоҳ гардад ва нури ақли фаъоли мо бар онҳо бидурахшад, ин сувар, ки зикр кардем, аз модда муҷаррад мешавад ва дар нафси нотиқа мунтабиъ мегардад: на ба ин маънӣ, ки худи ин сувар аз тахаюл ба ақли мо мунтақил гардад ва на ин ки маънои мағмур дар алоиқи модда, ки худ ба худ муҷаррад аст, монанди худ чизе пайдо кунад, балки ба ин маънӣ, ки мутолаъаи он сувар нафсро омода месозад, ки сурате муҷаррад аз ақли фаъол бар он ифоза шавад»[3]. А.В.Сагадеев ақли фаъолро чун робитаи ҳамагонӣ ва зарурии ашё, Г.Б. Шаймухамбетова[4] чун ҳамбастагии байни тафаккури

1 Ибн Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6-ан-Нафс. С.40; ал-Фан ас-содис мин Китоб б аш-Шифо. Тарҷумаи равошиносии «Шифо». СС.40; 49.

2 Сагадеев А.В. Ибн Сина. М., 1980. С.140.

3 Ибни Сино. аш-Шифо. Ат-Табиъиёт. 6-ан-Нафс. С.208; ал-Фан ас-содис мин Китоб-аш-Шифо. Тарҷумаи равоншиносии «Шифо». С.244.

4 Шаймухамбетова Г.Б.Арабоязычная Средневековая философия и классическая традиция. М.1979.С.93-94.

фардӣ ва илм ба ҳайси маҳсули эҷодиёти дастаҷамъии наслҳои бисёри инсон шарҳ медиҳанд. Аз назари мо ин шарҳҳо ворид ва қобили қабул нестанд. Зеро аз рӯи назарияи судури Ибни Сино дах ақл вуҷуд дорад, ки дар шариъат малоика (фариштa) номида мешаванд. Ақли аввалро бе ҳеҷ гуна восита, ба тариқи ибдоъ Воҷибулвуҷуд (Аллоҳ) офаридааст. Нуҳ ақли дигар пайиҳам аз якдигар содир шудаанд, ки ақлҳои нӯҳ фалаки ба онҳо хос дониста мешаванд. Ақли фаъол, ки дар шариъат Руҳулқудус, ё Ҷабраил ном дорад, ақли фалаки нӯҳум, ё ақли олами зери Қамар ном дорад[1]. Аз рӯи чунин баёни масъала ҳеҷ далеле вуҷуд надорад, ки ақли фаъол робитаи куллӣ ва зарурии ашё, ақли коинот ё илм ташреҳ карда шавад. Ақли фаъол аз назари Ибни Сино ва пайравони ӯ ақли ғайриинсонӣ, фавқуттабиъӣ, қаблуттабиъие аст, ки гӯё дар вай сурат ва маънии ҳама маъқулот мунтабиъ аст ва ақли мустафоди инсонӣ ҳангоми иттисол ба он донишҳоро дарёфт мекунад. Равшан аст, ки дар ин маврид Ибни Сино саҳнаи фалсафаро тарк мекунад ва ба майдони ирфон меояд.

Ибни Сино ақлро на танҳо аз рӯи мартаба, балки аз рӯи каммият ва кайфият низ фарқ мекард. Каммияти ақл дараҷаи истеъдоди ақлӣ аст, ки дар одамон ҳаргуна зоҳир мешавад. Кайфияти ақл суръати ақл, истеъдоди замонии донистани мавзуъи маърифат аст. Суръати ақл ҳар қадар баланд бошад, ҳар қадар он ҳадди авсат, яъне далелу бурҳонро тезтар дарк кунад, кайфияти вай ба ҳамон андоза баланд хоҳад буд. Кайфияти ақли инсонҳо низ гуногун аст. Инсонҳое ҳастанд, ки каммият ва кайфияти ақли онҳо бисёр паст аст, вале инсонҳое ҳам ҳастанд, ки каммият ва кайфияти ақли онҳо басе баланд буда, хуб рушд кардаанд. Ақли дорои каммият ва кайфияти ниҳоят баландро Ибни Сино **ақли қудсӣ** меномад. Моҳияти ин навъи ақлро ӯ чунин баён мекунад: «Бидон, ки тааллум хоҳ аз ғайри мутааллим ҳосил бошад, хоҳ аз нафси мутааллим, мутафовит хоҳад буд, зеро бархе аз мутаалли-мон ба тасаввур наздиктаранд, чунки истеъдоде, ки дар онҳо аст, …қавитар аст. Агар ин амр барои инсон дар чизе бошад, ки бувад, ин истеъдоди қавиро **ҳадс** номанд. Ин истеъдод дар баъзе мардум [басе] шадид мешавад, то ҳадде, ки дар бисёр чизҳо эҳтиёҷ надорад ба ақли фаъол иттисол ҷӯяд ва ба тахриҷ ва таълим муҳтоҷ нест. Балки чунин шахс истеъдоди шадид дорад ва ба ин сабаб истеъдоди дуввум барои ӯ ҳосил аст ва чунин аст, ки ӯ ҳама чизҳоро тавассути нафси худ медонад. Ин дараҷа бартарин дараҷаи ин истеъдод аст.

1 Сайид Чаъфар Саҷҷодӣ. Фарҳанги улуми ақлӣ. Теҳрон, 1321. С.386-388; 390-400.

Ин мартабаи ақли ҳаюлониро бояд ақли қудсӣ номид. Он аз ҷинси ақли бамалака аст, ҷуз ин ки мартабаи он болотар аст ва чизе нест, ки ҳамаи мардум дар он шарик бошанд»[1]. Ин таъбироти Ибни Сино аз он хусус дарак медиҳад, ки ақли қудсӣ чун муродифи ҳадс қувва, ё истеъдоди ирфонӣ, фавқуттабиъи ва фавқулинсони нест, балки қувва ё истеъдоди олии маърифатии инсон аст, ки дар заминаи ақли ҳаюлонӣ ва ақли бамалака пайдо мешавад ва рушд менамояд.

Таҳлили мухтасари таълимоти Ибни Синоро дар бораи ақл анҷом дода бояд гуфт, ки вай дар ин маврид чандин андешаи солимро баён кардааст, ки ҳанӯз ҳам аҳамияти илмии худро гум накардаанд: 1. Ақл қувва ва истеъдодест, ки дар дараҷахои олии худ танҳо ба инсон хос аст ва дигар мавҷудоти зинда ин қувва ва қобилиятро надоранд. 2. Инсон дар ибтидои ҳаёти худ танҳо бақувва дорои истеъдоди ақлӣ аст, ки баъд дар рафти ҳаёти шахсии ӯ он рушд ва нашву нумувв мекунад. 3. Ақли инсон дараҷаҳои гуногун дорад ва истеъдоди ақлонии одамон мутафовит аст. Ҳамаи ин андешаҳо дар илми кунуни аз роҳи таҷриба ва озмун ба тасвиб расидаанд. Дар айни ҳол дар назарияи ақли Ибни Сино андешаҳое вуҷуд доранд, ки на танҳо ба илми кунунӣ, балки ба орои худи ӯ мухолифанд. Масалан, ақидаи ӯ дар бораи ақл чун ҷавҳар ба комёбиҳои табиъӣ-илмӣ ва тиббии худи ӯ созгор нест. Бо эътирофи ақли фаъол чун манбаъъи дониш, назарияи таҷриди худро халалдор кардааст. Акидаи ӯро дар бораи ин ки ташаккули қувва ва истеъдоди ақлӣ аз донистани қазоёи куллӣ, ғайритаҷриби ва ғайрииктисоби оғоз мегардад, таърихи ташаккули қобилият ва истеъдоди ақли кӯдак ва инсоният тасвиб намекунанд. Вале сарфи назар аз ин бояд гуфт, ки Ибни Сино моҳияти маърифати ақлиро асосан хуб дарёфта ва баён кардааст.

Ибни Сино нобасандагии маърифати ҳиссиро барои ошкор кардани муносибат, робита, қонунмандиҳои ашё ва фаъолияти амалии инсон дарк карда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки моҳияти маърифати ақлӣ ва равишҳои ташаккули онро ҳарҷониба таҳлил намояд. Аз назари ӯ маърифати ақлӣ шакли соф инсонии маърифат аст, ки дар заминаи қобилияти ақлонии вай пайдо шудааст. Он аз инъикоси суратҳои куллии муҷарради ашё дар ақл иборат аст. Агар суратҳои ашё худ ба худ муҷаррад бошанд, маърифати ақлӣ аз интибоъи одии онҳо дар ақл иборат мегардад. Вале агар суратҳои ашё худ ба

1 Ибни Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6-ан-Нафс. –С.219; ал-Фан ас-содис мин Китоб-аш-Шифо. Тарҷумаи равоншиносии «Шифо». С.258.

худ муҷаррад набошанд, маърифати ақлӣ аз комилан таҷрид кардани суратхо аз модда ва лавоҳиқи он ва дар ақл мунтабиъ сохтани онҳо иборат хоҳад буд. Дар натиҷа лафзҳои куллие ба вуҷуд меоянд, ки чун маҳмул дар бораи маҷмуъи чизҳои бисёр гуфта мешаванд, масалан, чун лафзи «инсон», ки ҳамаи фардҳои инсониро шомил аст[1] . Пас, маърифати ақлӣ бар хилофи маърифати ҳиссӣ донистани хосиятҳо, робитаҳо ва муносибатҳои куллии айнии ҳам мавҷудоти моддӣ ва ҳам мавҷудоти ғайримоддӣ (руҳонӣ) аст. Маърифати ақлӣ чун маърифати куллиёт дар айни замон маърифати моҳияти ашё низ мебошад, зеро куллиёт ифодаи моҳияти ашёи муарраф аст. Аз назари Ибни Сино хусусияти муҳимми маърифати аклӣ аз он иборат аст, ки он дар заминаи ташаккули лафзҳои куллии ашё таҳаққуҳ меёбад. Вале суол ба миён меояд, ки куллиёт дар ақл чӣ гуна инъикос меёбад ва мунтабиъ (муртасим) мегардад, ки лафзҳои онҳо ташаккул ёбанд? Ибни Сино ба ин суол чунин ҷавоб додааст: агар сухан аз боби маърифати кулл дар аҷсоми моддӣ ва ташаккули лафзҳои онҳо равад, пас ақл дар ибтидои фаъолияти худ ин амалро тавассути хиссҳо анҷом медиҳад, вале агар сухан дар бораи маърифати мавҷудоти руҳонӣ ва худ ба худ муҷаррад равад, пас онҳо тавассути сурати чизҳои мушаххас, таҷриба ва киёс дониста мешаванд. Аз ин ҷо танҳо як натиҷа бармеояд: Ибни Сино дар мавриди шарҳи моҳияти маърифати ақлӣ ҳам дар мавқеи назарияи инъикос қарор дорад. Ин хулоса танҳо муттако ба он нест, ки ӯ олами айниро манбаъ ва мавзуъи маърифати ақлӣ медонад, балки бар он низ такя дорад, ки қобилияти фикрӣ ва ҳама қобилиятҳои дигари равониро хосияти димоғ (мағзи сар) меҳисобад. Вале эътироф бояд кард, ки таваҷҷуҳи мутафаккир ба ақли фаъол чун сарчашмаи ҳама донишҳои инсон фаҳми маърифати ақлиро ба ҳайси инъикос душвор мегардонад.

Аз назари Ибни Сино маърифати ақлӣ дар шакли лафз (тасаввур) ва қазия сурат мегирад. Лафз (тасаввур) чун шакли маърифати ақлӣ сурати ақлии куллии аломат ва хусусиятҳои муҳимми ашё, сурати куллии моҳияти онҳост. Моро ба ин хулоса таҳлили мушаххаси назарияи таҷриди Ибни Сино, андешаҳои бешумори ӯ дар бораи лафз (тасаввур), мақулаҳо, умури куллӣ ва муносибати онҳо ба воқеияти айнӣ овардааст, ки таҳлилашон дар боби мантиқ гузашт. Ӯ муътақид буд, ки кулл чун заминаи лафзи куллӣ дар худи воқеият вуҷуд дорад, он як чизи айнист ва аз ақл вобаста нест. Лафзи куллӣ

1 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.52-53.

ифодаи ақлонии кулли айнӣ аст, ки дар худи воқеият, дар худи чизҳо, ҷисмҳо ва падидаҳо вуҷуд дорад. Чунин таъбири таносуби кулл ва лафзи куллӣ дар «Шифо», «Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот» ва «Донишнома» бисёр возеҳ ва сареҳ баён шудааст. Ба назардошти ин баёнот ба акидае, ки гӯё Ибни Сино дар ҳудуди таълимоташ роҷеъ ба мафҳумҳо (лафзҳо) ва умури куллӣ исмгаро (номиналист) буд, наметавон розӣ шуд, зеро исмгароён бар хилофи ӯ ақида доштанд, ки дар лафзҳои куллӣ аз худи ашё чизе вучуд надорад, онҳо танҳо номҳои шартӣ ва мусталиҳотии ашё ва падидаҳо мебошанд.

Аз диди Ибни Сино хусусияти умдаи лафз чун маърифати ақлӣ он аст, ки вай маърифати муҷаз аст ва бояд тафсил биёбад. Васоили муҳимтарини тафсили он ҳадд (таъриф) ва расм аст.

Ибни Сино нақши маърифатии лафзҳоро дар он медид, ки онҳо чун инъикоси моҳият ва хосиятҳои ашё имкон медиҳанд, ки ашё ва падидаҳо дарк шаванд, дар хотир бимонанд, тавассуташон натиҷаҳои дониш сабт гардад ва ба дигарон расонда шавад. Лафзҳо ин вазифаро ба он сабаб иҷро карда метавонанд, ки чун суратҳои зеҳнӣ ва ақлии куллӣ қодиранд ашё ва хосиятҳои онҳоро ба таври мутобиқ сабт ва ифода намоянд. Бинобар ин лафзҳо олоти муҳимтарини фикр мегарданд. Онҳо дар айни ҳол унсурҳои соддатарини қазия ва қиёсанд.

Агар на тафаккури ташаккулёфта, балки тафаккури ташаккулёбандаро дар назар бигирем ва ба маълумот дар бораи рушди нутқи кӯдак муттако бошем, бояд эътироф кунем, ки ин андешаи мутафаккир комилан дуруст аст.

Ба назари Ибни Сино қазия чун навъи маърифати ақлӣ донистани робитаҳои қонунии ашё ва падидаҳои воқеият, донистани робитаи мутақобила, таъсири мутақобил ва машрутияти мутақобилаи онҳост. Агар қазия дарёфтани робита ва муносибатҳои доимию қонунии воқеият набошад, ба ҳам пайвастани лафзҳо дар шакли қазия, ки чизеро дар бораи ашёву падидаҳо салб ё эҷоб мекунад, амалан имконнопазир мебуд. Вале азбаски қазия маърифати робитаҳои қонунии ашё ва падидаҳост, дар он тавассути пайвастани мавзуъ ва маҳмул ё ба тарзи эҷобӣ, ё ба тарзи салбӣ роҷеъ ба муносибати як лафз ба лафзи дигар қазоват карда мешавад. Хусусияти умдаи қазия чун шакли маърифати ақлӣ аз он иборат аст, ки вай на дарки хосиятҳои тасодуфии ашёи ҷудогона, балки дарёфти робита ва муносибатҳои зарурию ҳамешагии онҳост, ки аз назари Ибни Сино ҳам тавассути мушоҳидаи бевосита ва ҳам тавассути фикрат дониста мешаванд. Қазия аз лафз аз он рӯй низ фарқ дорад, ки он ҳатман ё ҳақиқӣ, ё

козиб ё ҳақиқатнамо мешавад. Ин ба он сабаб аст, ки қазия қавли ҷозим аст, қавлест, ки дар ин ё он бора қазоват ва ҳукм мекунад. Бинобар ин агар он қонуният ва робитаю муносибатҳои ашёву падидаҳоро дуруст иъникос карда бошад, ногузир ҳақиқӣ ва яқинӣ хоҳад буд, вале агар онҳоро дуруст инъикос накарда бошад, козиб ё ҳақиқатнамо хоҳад буд. Аммо лафз чизро танҳо номгузорӣ мекунад: дар он салб, ё эҷоб ҷой надорад. Бинобар ин дар бораи вай наметавон ҳукм кард, ки ҳақиқӣ аст, ё козиб. Қазия ба ҳайси маърифат аз лафз ба ҳайси маърифат аз рӯи равиши (методи) ташаккули худ низ тафовут дорад. Қазия бар хилофи лафз дар пояи бурҳон ташаккул меёбад, ки шаклҳои асосии он қиёс, тамсил, истиқроъ ва истинбот мебошанд. Лафз ва қазия чун ду шакли маърифати ақлӣ иктисобӣ, ғайрииктисобӣ ва ҳадсӣ мешаванд.

4. Маърифати ғайрииктисобӣ ва иктисобӣ.Масъалаи ҳадс.

Аз рӯи суннати арастуӣ Ибни Сино маърифати ғайрииктисобиро чун маърифати бадеҳӣ ва худ ба худ возеҳ таъриф мекунад, ки ба ҳеҷ гуна ҳад, расм ва бурҳон ниёз надорад ва заминаи таҳсили маърифати иктисобист. Ӯ ба ҷумлаи чунин маърифат, ки олимон ва оммаи мардум онҳоро бебурҳон мепазиранд, муқаддамоти аввалиёт, маҳсусот, муҷарработ, ваҳмиёт, машҳурот, мақбулот, мусалламот, мушаббаҳот, мазнунот ва мухайялотро мансуб медонист. Вале аз назари худи мутафаккир танҳо муқаддамоти аввалиёт, маҳсусот, муҷарработ ва мақбулот дорои бадоҳат, сароҳат, вазоҳат ва ҳақиқат (сидқ)-и бевоситаанд. Маҳз ҳамин муқаддамот заминаи илм ва фалсафаи ҳақиқианд. Ҳамаи дигар муқаддамот дорои бадоҳат ва ҳақиқати (сидқ)-и бевосита нестанд. Онҳо ё муқаддамоти калом ва динанд, ё муқаддамоти хитоба ва шеър. Хусусияти умдаи маърифати ғайрииктисобӣ аз он иборат аст, ки ба сабаби вазоҳат, сароҳат ва бадоҳати худ ба ҳеҷ гуна ҳад (таъриф), расм, қиёс (муқоиса), мушоҳада ва бурҳон ниёз надорад[1].

Бояд гуфт, ки ҳамоно нуктаҳо, ҳақиқатҳо ва бадеҳиёте вуҷуд доранд, ки дар дараҷаи ба даст омадаи тафаккур чун ҳақиқатҳои «бевосита возеҳ» ва худ ба худ равшан дарк мешаванд (мусалламоти риёзиёт, шаклҳои қиёс, муқаддамоти маҳсусот ва муҷарработ). Вале бадоҳати маърифат, ҳатто дар мавриде, ки гӯё вуҷуд дорад, бекайду бешарт нест, зеро маърифат ба таври куллӣ ҳаракат ва раванде аст, ки ҳар як зинаи

1 Барои тафсилоти бештар ниг.: Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон,1383. С.109-134. М.Диноршоев.Натурфилософия Ибн Сины.Душанбе,1980.С.210-215.

он машрут ва мубтанӣ ба зинаи пешин мебошад. Бинобар ин маърифатро аслан на бевоситагӣ, балки бавоситагӣ хос аст. Зеро ҳарчанд, ки маърифат инъикоси табиъат аз ҷониби инсон аст, вале он инъикоси оддӣ ва бевосита нест, балки раванди таҷридҳо, ташаккул ва созмон додани лафзҳо, қазияҳо, қиёсҳо,фарзияҳо ва назарияҳост.

Маърифати иктисобӣ аз диди Ибни Сино дониш дар бораи чизҳои ношинохта ва маҷҳул аст. Вай тавассути ҳад, расм, қиёс (муқоиса), мушоҳида ва бурҳон касб карда мешавад. Маърифати иктисобӣ пеш аз ҳама ба он сабаб иктисобӣ хонда мешавад, ки дар пояи донишҳои аз пеш мавчуд ба вуҷуд меояд. Ибни Сино нигошта буд: «Пас, ҳар чи надонем ва хоҳем, ки бидонем, ба чизҳо донем, ки аввал эшонро дониста бошем. Ва ҳар чи нодониста бувад, ба дониста дониста шавад» [1]. Эътироф бояд кард, ки пайдоиши андешаҳо, фарзияҳо ва назарияҳои илмӣ дар заминаи донишҳои пешин яке аз муҳимтарин қонуниятҳои дохилӣ ва хусусиятҳои мантиқи рушди маърифат аст. Аз чумла таърихи фалсафа нишон медиҳад, ки ҳар як таълимоти муҳимми нави фалсафӣ дар заминаи тараққиёти афкори ақлонии пешин ба вуҷуд меояд. Ин қонуният ба ин ё он сурат дар дигар риштаҳои илм низ ҷой дорад. Вале ин қонуниятро на бояд мутлақ пиндошт. Ба назар мерасад, ки Ибни Сино инро хуб дарк мекард. Аз ин сабаб ба ҳайси равиш (метод)-и таҳсили маърифати иктисобӣ на танҳо истинбот (дедуксия), балки истиқро (индуксия), тамсил (аналогия), муқоиса ва мушоҳидаро низ пешниҳод кардааст. Зиёда аз ин ба ӯ руҳи дониши таҷрибӣ ва озмунӣ низ бегона набуд. Далели ин аз ҷумла назарияи тиббӣ, дорусозӣ ва дорушиносии ӯст.

Дар осори Ибни Сино ба таҳлили масъалаи ҳадс низ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир шудааст. У ҳадсро ба ду маънӣ шарҳ додааст: 1) ҳадс чун қобилияти идрок ва маърифат; 2) ҳадс чун навъи маърифат. Ҳадс (ё ақли қудсӣ) ба маънои аввал қобилияти олии маърифатии инсон аст, ки дар пояи ақли моддӣ ва ақли бамалака рушд мекунад. Ин қобилият дар инсонҳо каммият ва кайфияти гуногун дорад: дар баъзеҳо он бисёр қавӣ ва дар баъзеҳо ниҳоят заъиф аст. Ҳадс ба маънои дуюм шакли олии маърифати ақлӣ аст. Моҳияти ҳадс аз он иборат аст, ки «ҳади авсати [қиёс] ё ба василаи орзӯ ва шавқ бе ҳаракат ва ё бе шавқ ва бе ҳаракат ба як бор дар зеҳн мутамассил гардад. Ҳангоми ҳадс ҳадди васати [қиёс], ё он чи дар ҳукми

1 Ибни Сино.Рисолаи мантиқи «Доннишномаи алоӣ». С.9.

он аст, дар зеҳн мутамассил мешавад»[1]. Ибни Сино ҳадсро аз он сабаб маърифати сареъ ва якборагии (ногаҳонии) ҳадди васати қиёс медонад, ки он (ҳадди васат) шарти робитаи муқаддамот ва истихроҷи дониши нав аз онҳо, далели сидқи қазия ва ҳастии ашёест, ки аз он қазоват мешавад. Аз ҳад (таъриф)-и ҳадс ин натиҷа низ бармеояд, ки маърифати ҳадсӣ дарёфти бевоситаи ҳақиқат аст, ки на танҳо бе ҳеҷ гуна таҳлили лафз ва қазия, балки бе омӯхтани худи воқеият ҳосил мешавад. Ин хулосаро аввалан андешаи мутафаккир, ки тибқи он ҳадс маърифатест, ки бе ҳеҷ гуна таълиму таъаллум ва фикрату шавқ ба вуҷуд меояд, таъйид мекунад. Далели дуюми дурустии ин хулоса таълимоти вай дар бораи маърифати муфассал аст, ки дар пояи андеша, фикрат, таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуъ ба вуҷуд меояд. Ба назардошти таҷрибаи фаъолияти илмӣ ва шаҳодати бисёр мутафаккирони бузург, аз ҷумла худи Ибни Сино, ки баъзе ҳақиқатро аз роҳи ҳадс ва ҳатто дар хоб кашф кардаанд, бояд гуфт, ки Ибни Сино бештар он гоҳ ҳақ аст, ки мегӯяд: ҳатто одамони дорои ҳадси қавӣ чизҳоро аз роҳи фикрат ва меҳнат маърифат мекунанд, вале бе он ки худро зиёд ранҷ бидиҳанд.

Ибни Сино баъзе хусусиёти маърифати ҳадсиро низ дуруст муайян кардааст. Аз ҷумла ӯ хуб дарёфтааст, ки маърифати ҳадсӣ – маърифати якбора, муҷаз, бевосита (бадеҳӣ) ва мантиқӣ аст. Эътирофи хусусияти мантиқии маърифати ҳадсӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки Ибни Сино аз эҷодкорони назарияи ақлонии ҳадс аст. Вале дар асри мо назарияҳои ғайриақлонии ҳадс бештар ривоҷ доранд.

5. Ҳақиқат, гумон ва кизб.

Чун Ибни Сино аз ҷонибдорони матин ва пайгири назарияи маърифатпазирии олам буд, ба шарҳи масъалаи ҳақиқати донишҳо низ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир кардааст. «Аммо аз (лафзи) ҳақ... - навишта буд ӯ - ҳоли қавл, ё эътиқоде фаҳмида мешавад, ки ба ҳоли чизи хориҷӣ далолат мекунад. Агар он қавл ва эътиқод ба ҳоли чиз мутобиқ бошад, мегӯем, ки ин қавл ва ин эътиқод ҳақ аст»[2] . Равиши ақидатӣ ва ҷаҳоншиносии ин ҳадди (таърифи) ҳақиқат вобаста аз он аст, ки зери лафзи шайъи хориҷӣ ва воқеият чӣ дар назар аст – андеша, маҷмӯъи эҳсосот, ё воқеияти моддӣ? Осори Ибни Сино нишон медиҳад, ки дар ин маврид ӯ воқеияти моддиро дар на-

1 Ибни Сино. ал-Ишорот ва -т-танбеҳот маъа шарҳи Насируддин ат-Тусӣ. ал-Қисм ас-сонӣ. ат-Табъат ас-сонӣ. С.393-394.

2 Ибни Сино. аш-Шифо. ал-Илоҳиёт. (1). ал-Қоҳира, 1380. С.48.

зар дорад. Аз ин рӯ ҳадди ҳақиқат назди ӯ ҳусусияти ошкоро фалсафӣ-табиъӣ дорад. Аз таъбироти ӯ чунин ба назар мерасад, ки ҳақиқат нусхаи оддии ашё, феҳристномаи оддии падидаҳост, на инъикоси фаъол ва эҷодкоронаи воқеият.

Аз назари Ибни Сино дониш аз рӯи дараҷаи ҳаққоният яқинӣ, гумонӣ (заннӣ) ва козиб (дурӯғ) мешавад. Дониши яқинӣ донишест, ки моҳият, хосият, ҳама сабабҳо ва шартҳои ҳастии мавзуъро пурра ва ҳамаҷониба ошкор кардааст. Ин гуна дониш ду навъ дорад: яке дониши ҳақиқии абадӣ ва дигаре дониши ҳақиқии ғайриабадӣ. Дар ин тақсимоти дониш метавон андешаи дониши мутлақ ва нисбиро дарёфт. Вале ин ҷо суоле пеш меояд, ки Ибни Сино ҳаққонияти донишро чӣ гуна муқаррар мекард? Вай дар ҷавоби ин суол навишта буд: «... бисёр қиёсҳо буванд, ки муқаддамоти эшон ба гумон бувад ва на ба ҳақиқат буванд... Ва ҳар гоҳ ин муқаддамоти қиёс чунон бошанд..., ҳар оина эшонро муқаддамоте дигар дуруст карда бошанд. Ва инро охир бувад ва ба муқаддамоте расад, ки эшонро ба дигар муқаддамот дуруст накунанд. Ва эшон ба ҳақиқат асл буванд» [1]. Аз ин ҷо чунин натиҷа гирифта мешавад, ки Ибни Сино тафтишпазирӣ (верификатсия)-ро меъёр ва маҳаки ҳаққонияти дониш медонад. Чунин тарзи тафтиши хаққонияти дониш то ҳудуди муайян дар илм корбаст шуда метавонад. Вале суол пеш меояд, ки дар ниҳоят ҳаққонияти донишҳо чӣ гуна муқаррар карда мешавад ва меъёру маҳаки ҳаққонияти онҳо чист? Ибни Сино ин суолро матраҳ накарда ва ба он ҷавоб надодааст. Шояд ӯ дар ин маврид таҳти таъсири назарияи худ дар бораи дониши ғайрииктисобӣ қарор доштааст.

Ибни Сино ба дониши ҳақиқӣ гумон (занн) ва дурӯғ (кизб)-ро муқобил мегузорад. Гумон дониши эҳтимолӣ аст, зеро на дар заминаи дарёфти ҳама сабабҳои ҳастӣ, балки дар пояи дарки баъзеи онҳо ташаккул меёбад. Гумон аз рӯи мавзуъ ҳам аз дониши яқинӣ тафовут дорад. Мавзуъи дониши яқинӣ ё ашё ва падидаҳои собити зарурии бешарт, ё ашё ва падидаҳои шартан зарурӣ мебошанд. Мавзуъи гумон ашё, ё падидаҳои мутағайир ва гузарост.

Дурӯғ (кизб, ботил)-ро Ибни Сино чунин таҳдид (таъриф) кардааст: «нақизи ҳақ ботил бувад»[2] . Ба назардошти ин гуфтаи мутафаккир ва назарияи ӯ дар бораи ҳақиқат метавон гуфт, ки дурӯғ (кизб, ботил) номутобиқатии фикр ба воқеияти хориҷӣ ва надонистани сабабҳои аслии ҳастии он аст.

1 Ибни Сино. Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ».Ҳамадон,1383.С.107-108.
2 Ибни Сино.Рисолаи мантиқи «Донишномаи алоӣ».С.123.

БОБИ ШАШУМ.
ФАЛСАФАИ ҲАСТИИ ИҶТИМОЪИИ ИБНИ СИНО

1. Тарҳи масъала

Дар адабиёти таҳқиқӣ ақидае вуҷуд дорад, ки Ибни Сино ба таҳқиқи масоили ҳаёти ҷомеа камтар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Шарқшиноси олмонӣ Герман Лей ин нуктаро чунин шарҳ медиҳад, ки «масоили иҷтимоӣ дар даврони Ибни Сино усулан ҳамон масоиле мебошад, ки дар замони Форобӣ буданд, аз ин рӯ гумон аст, ки Ибни Сино дар ин самт чизе мутафовит аз пешиниёни худ мегуфт». Дар навбати худ шарқшиноси рус А.В. Сагадеев[1] ақида дорад, ки дар даврони зиндагии Ибни Сино ҳаёти сиёсии шарқи мусулмонӣ хаёлӣ будани орзӯҳоро дар бораи барпо кардани «мадинаи фозила», ки намодашонро Форобӣ пешниҳод карда буд, намоиш дод. «Дар чунин шароит меъёрҳои ахлоқию сиёсие, ки аз тарафи Форобӣ эҷод гардида буданд, на чун раҳнамои амал, балки танҳо чун ормон, ё дастур ва аҳкоми муназзамкунандаи худтакмилдиҳии одамони оддӣ ва ҳокимон буда метавонистанд, дар сурате, агар ба таври фардӣ дар вуҷудашон чунин хоҳише пайдо шуда бошад. Ба пиндошти мо сабаби дар осори Ибни Сино мавҷуд набудани рисолаҳои динию сиёсӣ ва ахлоҳие, ки аз рӯи ҳадаф ва миқёс бо рисолаҳои Форобӣ шабоҳат дошта бошанд ҳамин аст»[2]. Ақида дар бораи он ки Ибни Сино ба масоили фалсафаи амалӣ тававҷҷуҳи зиёд зоҳир накардааст, дар байни муҳаққиқони кишварҳои исломӣ низ ҷой дорад. Масалан, муаррихи фалсафаи мамолики исломӣ- донишманди шинохтаи араб Моҷид Фахрӣ муътақид аст, ки Шайхурраис масоили фалсафаи амалӣ, аз ҷумла масоили ахлоқро ба таври мабсут ва алоҳида баррасӣ накардааст, балки зимни осори равоншиносии худ шарҳ додааст, ё худ таҳқиқи ин ристаи муҳимми фалсафаро ба дигарон ҳавола кардааст. Файласуфони форс Сайид Ҷаъфар Саҷҷодӣ ва Алиаскар Ҳалабӣ низ бар ҳамин ақидаанд, ки Ибни Сино дар ристаи фалсафаи иҷтимоъӣ таҳқиқоти муфассал ва мабсуте анҷом надодааст. Алиасғар Ҳалабӣ, масалан, менависад, ки «Ибни Сино як низоми иҷтимоъии комил, ки бо он ҳамчун Афлотун ва Форобӣ низомии фалсафии худро такмил намо-

1 Сагадеев А.В. Ибн Сина. М., 1980. С.146.
2 Сагадеев А.В. Ибн Сина. М., 1980. С.200.

яд, вазъ накардааст ва китобе маъруф, ки махсуси сиёсат бошад, нанавиштааст. Валекин дар ин боб оро ва ақоиде иброз дошта ва суханоне гуфтааст, ки ҷомеъатарини онҳо матолибе аст, ки дар охири китоби «аш-Шифо» омадааст. Шайх дар ду фасл – «Фӣ-л-халифати-ва-л-имоми ва вуҷуди тоъатиҳумо ва-л-ишорату ило-с-сиёсати ва-л-муъомилоти ва-л-ахлоқи» ва «Фӣ ақди-л мадинати ва-л-ақди-л-байти» баъзе матолиб гуфта ва агарчи ин матолиб парокандааст, ба навҳе аз анҳо ба низоми фалсафии ӯ марбут мешавад. Шайх ин ҷо ва он ҷо – албати пароканда ба бархе аз ақоид ва орои Афлотун ва Форобӣ мутако мешавад ва ё ба онҳо ишора менамояд»[1]. Вале бояд гуфт, ки ин ақида шояд дуруст набошад.Зеро аз «Саргузашт»-и Ибни Сино маълум аст, ки вай соли 1001 (яъне дар синни 21-солагиаш) китобе бо номи «ал-Маҷмуъ» таълиф карда буд, ки дар он ба гуфти худи ӯ ҷуз риёзиёт ҳама улуми дигар, аз ҷумла фалсафаи амалӣ, баён шуда буданд. Аз рӯи маълумоти Сайид Ҷаъфар Саҷҷодӣ ин асар соли 1950 дар Миср ба чоп расидааст[2] ва аз он маълум мегардад, ки Ибни Сино дар вай зимни баёни масъалаҳои фалсафаи амалӣ - масоили ҳукумат, шаклҳои он ва тарзҳои мулкдориро муфассал баррасӣ намудааст. Дар ҳамин давра ӯ китоби «ал-Ҳосил вал-маҳсул»-ро қариб дар бист ҷилд таълиф кардааст, ки дар он ҳам масоили фалсафаи амалӣ, аз ҷумла фиқҳ, ба таври мабсут баён шуда буданд. Масоили ахлоқ бошад дар асари дуҷилдии ӯ, «ал-Бирр ва-л-исм», ки он ҳам дар ҳамин давраи ҳаёти вай таълиф шудааст,таҳлил ва баррасӣ гардида буданд. Дар ин замина метавон гуфт, ки чун масоили фалсафаи амалӣ дар ин осори ӯ ба таври муфассал баён шуда буданд, бинобар ин раво надидааст, ки дар осори баъдиаш ба таҳлили мабсути онҳо бипардозад. Аз ҳамин сабаб аст, ки мутафаккир дар осори баъдии худ, чун «Шифо», «Наҷот» ва «Донишнома» ва ҳам дар рисолаҳои «Андар саъодат», «Таҳсил-ус-саъодат», «Андар сиёсати илоҳия», «Тадбир ул-ҷунд ва -л-мамолик ва ал-аскар ва арзоқуҳум ва хироҷ ул-мамолик», «Тадбири манзил», «Рисола фӣ исботи ан-нубувват», «Рисола фӣ-с-сиёсат», «Рисола фӣ-л-ахлоқ» масоили фалсафаи амалӣ (иҷтимоӣ)-и замони худро муҷаз, вале басе пурмазмун таҳлил кардааст.

Таҳлили масоили фалсафаи амалии Ибни Синоро аз баррасии ақоиди ӯ дар бораи масъалаи моҳияти инсон оғоз бояд кард, зеро то моҳияти иҷтимоъии инсон дарк нашавад, фаҳми дигар масоили фалсафаи амалӣ ба даст нахаҳад омад.

1 Алиасғар Ҳалабӣ. Таърихи фалсафа дар Эрон ва ҷаҳони исдломӣ. Теҳрон, 1373. с.222-223.
2 Ниг. Абунасри Форобӣ.Сиёсати мадина.Теҳрон,1358.С.39.

Аммо осори Ибни Сино чун «Ҳақиқат-ул-инсон» ва «ал-Фирдавс фӣ ҳақиқат-ил-инсон» дар дастраси мо қарор надоранд. Бинобар ин мо ин масъаларо дар заминаи андешаҳои ӯ, ки дар осори дигари вай парокандаанд, мухтасаран баррасӣ мекунем.

2. Инсон – мавҷуди иҷтимоъӣ

Ибни Сино масоили таносуби «ҷомеъа – инсон»-ро таҳлил намуда, ба хулосаи комилан диалектикӣ расидааст: чунон ки ҷамъият бе низоми куллии кори барои тарафайн судбахш ва иттиҳоди фардҳои алоҳидаи одамон дар ҷомеъаи ягона имконнопазир нест, ҳамчунин зиндагии одамони алоҳида бе ҳамкорӣ ва ёрии тарафайн аз имкон берун мебошад. Чунин тарҳи масъала ба мо имкон медиҳад бигӯем, ки Ибни Сино дар шахси инсон мавҷуди иҷтимоъиеро медид, ки нерӯҳои худашро фақат дар ҷомеъа метавонист пиёда созад. Ӯ якчанд аломати иҷтимоъияти инсонро таъкид месозад:

Яке аз ин аломатҳо ҳадафнокӣ (мақсаднокӣ) ва фаъолияти дастаҷамъии барои тарафайн судбахш аст. Ӯ бо эътимоди қавӣ менависад: «Мо мегӯем: аввалин хосияти инсон ин аст, ки азбаски вай дорои мақсад аст, дар бақои худ аз мушорикат [ба анвоъи навъаш] бениёз нест ва наметавонад чун ҳайвонҳои дигар танҳо зиндагӣ карда фақат ба чизҳое, ки дар табиъат аст, иктифо кунад. Аммо агар як инсони воҳид вуҷуд медошт ва фақат додаҳои табиъат дастрасаш мебуд, ӯ ҳалок мешуд, ё зиндагии нохуше медошт… Инсон ба чизҳои зиёдтар аз он чи дар табиъат аст, ниёз дорад… Пас, ба ин сабаб аввалин ниёзи инсон ба кишоварзӣ ва ҳамчунин ба саноъати дигар аст. Бинобар ин инсони воҳид наметавонад ҳама ниёзҳои худро фароҳам созад. Балки ӯ ба мушорикат ва ёрии дигарон ниёзманд аст, то яке барои ӯ нон бипазад ва яке порчае бибофад ва дигаре аз кишварҳои дур барои вай матоъе биёварад ва ӯ ба вай чизе, ки ба матоъ наздик бошад, бидиҳад»[1] .Аз назари мутафаккир тафовути бисёр муҳими инсон аз тамоми ҳайвоноти зиндаи дигар аз он иборат аст, ки ӯ ашёи табиъатро аз рӯи меъёри худ тағйир медиҳад, зеро инсон, масалан, ғизои пухта ва ҷомаи дӯхта мехоҳад. Бинобар ин то дар ғизое, ки дар табиъат мавҷуд аст, тасарруфе накунад, он ғизо бо мизоҷи ӯ мулоим нашавад ва ба он ғизо зиндагии хуше нахоҳад дошт. Ашёе, ки дар табиъат вуҷуд доранд, наметавонанд барояш ба сифати пӯшок хизмат кунанд,

1 Ибни Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6-ан-Нафс. С.181; ал-Фан ас-содис мин Китоб-аш-Шифо. Тарҷумаи равоншиносии «Шифо». С.209-210.

зарур аст, ки онҳо аз рӯи шакл ва сифате сохта шаванд, то инсон онро пӯшида тавонанд».

Ибни Сино забонро аз ҷумлаи муҳимтарин аломатҳои вуҷуди иҷтимоъӣ доштани инсон мешуморад[1]. Ӯ бо исрор таъкид менамояд, ки ҷомеъаи инсонӣ дар пояи ҳусни тафоҳум қарор дорад. Дар навбати худ ҳусни тафоҳум бе нутқи сареҳ, бе забон аз имкон берун аст. Василаи мувофиқтарини ифодаи ҳолатҳои инсонӣ овозҳо мебошанд ва қобилияти содир кардани онҳоро инсон аз табиъат касб кардааст. Дар ин кор одамон ба дигар ҳайвонот шабоҳат доранд. Вале дар ин бобат байни ҳайвон ва инсон тафовути муҳиме вуҷуд дорад: ҳолатҳои ҳайвонӣ махдуданд, садоҳои онҳо ғаризианд ва онҳо дорои нутқи сареҳ нестанд. Ҳолатҳо ва хоҳишҳои инсон амалан беинтиҳоанд, вале барои ифодаи онҳо наметавонад шумораи беохири овозҳои мувофиқ вуҷуд дошта бошад. Аз нигоҳи Ибни Сино садоҳои одамӣ маҷмуъи овозҳои ба мувофиқа расидае мебошанд, ки дар асл таркибҳои бисёри мураккабе барои ифодаи ҳолатҳои бешумори инсонианд ва вазифаашон сабти ин ҳолатҳо, расондани онҳо ба дигарон ва аз насл ба насли дигар интиқол додани таҷрибаи андӯхтаи инсон мебошад. Эҳтимол меравад, ки андешаи зерини Ибни Синоро ҳамин тавр бояд фаҳмид: «гумони мо ин аст, ки касе метавонад чизеро аз тариқи каси дигар бидонад, бе он ки худи ӯ бевосита онро мушоҳида карда бошад». Аз гуфтаҳои боло чунин хулосаи муҳим бармеояд, ки барои Ибни Сино андешаи имконияти интиқоли таҷрибаи иҷтимоъӣ аз тариқи аломатҳои забон, ки ба тавассути онҳо наслҳои баъдии инсон зарурияти ба таври фардӣ аз сари нав шинохтани оламу ҳаётро надоранд, ошно буд. Азбаски ҳар як насли инсон таҷрибаи муайяни иҷтимоъиро дорост, метавонад ин таҷрибаи иҷтимоъиро дар асоси таҷрибаи ҳаётии худ ғанӣ гардонад.

Ба ақидаи Ибни Сино дигар аз хасоиси инсон, ки ӯро аз олами ҳайвонот ҷудо месозад, эҷоди санъат аст. Вале вай ин масъаларо ба тафсил таҳлил накардааст ва ба ин қадар иктифо намудааст, ки «иттихози маҷомеъ ва истинботи саноеъ» аз хасоиси инсон аст. Дар айни ҳол вай таъкид мекунад, ки ҳайвоноти дигар, хусусан паррандагон ва мӯрон, дар сохтани лона саноеъе шигифт доранд. Вале саноеъофаринии онҳо на аз рӯи фикр, истинбот ва қиёс, балки ба тақозои тасхири табиъӣ ва илҳом аст. Бинобар ин санъатҳои онҳо мухталиф ва гуногун нестанд ва бештари онҳо танҳо барои ислоҳи аҳвол ва зарурати навъашон мебошанд, на барои зарурати

1 Ибни Сино. Ҳамон асар.С.183.

шахсӣ – «Вале санъате, ки аз хавоси инсон аст, бештар барои зарурати шахсӣ ва салоҳи кори ҳамон шахси санъатгар аст»[1]. Бояд гуфт, ки инсон дар заминаи ҳамин санъатгарӣ табиъати дуввум, яъне фарҳанги пургановатро эҷод карда, шароити ҳаёти ҷамъиятии худро гуворо гардонидааст ва барои ҳастии худ ва навъи башар заминаи боэътимод муҳайё сохтааст.

Аз назари Ибни Сино аломати умдаи мавҷуди иҷтимоъӣ будани инсон аз он иборат аст, ки вай соҳиби меъёрҳои муайяни рафтор аст. Дар «Китоб-ун-нафс» ӯ чунин навиштааст: «Инсон низ дорои ин хосият аст, ки баъзе аз корҳоеро, ки метавонад бикунад, корҳое ҳастанд, ки иҷрои онҳо барои ӯ сазовор нест. Ӯ дар хурдсолӣ таълим мегирад, ки ин корҳоро накунад ва ҳамин тавр бузург мешавад. Чун дар кӯдакӣ ёд гирифта, ки ин корҳоро накунад, ин эътиқоди ғаризии ӯ мешавад. Дар муқобили афъоле, ки набояд бикунад, дастаи дигаре аз афъол аст, ки ба ӯ таълим дода мешавад, ки бояд онҳоро анҷом бидиҳад. Дастаи аввалро афъоли қабеҳ ва дастаи дуввумро афъоли ҷамил меноманд. Ин хосият дар ҳайвоноти дигар вуҷуд надорад.[2]

Бар хилофи рафтори ғаризии ҳайвонҳо меъёрҳои рафтори инсон мувофиқатӣ буда, ба қобилияти ақлии вай такя мекунанд ва зери таъсири шароити ҷомеъа, таълиму тарбия ташаккул меёбанд. Ибни Сино шароити ҳаёти ҷомеъа ва таълиму тарбияро омили густариши рафтор ва ахлоқи инсон қарор дода, бори дигар андешаи худро дар хусуси мавҷуди иҷтимоъӣ будани инсон ва иктисобӣ будани меъёр ва фазилатҳои ахлоқӣ ба тасвиб мерасонад.

Ба сифати аломати иҷтимоъии инсон Ибни Сино қобилияти сирф инсонии ояндабиниро низ пешниҳод кардааст. Ӯ собит мекунад, ки ҳайвонот фақат барои лаҳзаи ҳозираи ҳаёт зиндагӣ мекунанд ва дар онҳо «аз миёни қобилияти омода будан барои оянда фақат як хосияти фитрӣ вуҷуд дорад ва ин эҳсоси он аст, ки оё ин амал барояшон судманд аст, ё музир»[3].

Инсон тавассути қобилияти ақлии худ ва истеъдоди ояндабиниаш дар бораи оянда, оқибатҳои рафтори худ, ҳалли вазоифи пешбинишуда ва амалӣ сохтани ҳадафҳои дилхоҳ, дар бораи кадом амалро анҷом додан ва аз кадом амал ва рафторҳо даст бордоштан фикр мекунад. Лекин бояд гуфт, ки аз диди Ибни Сино бузургтарин хасисаи инсон таъаққули куллиёт, яъне дарки маъонии куллӣ ва муҷаррад мебошад,

1 Ибни Сино. аш-Шифо. ат-Табиъиёт. 6-ан-Нафс. С.182-183.
2 Ҳамон асар.С.183.
3 Ҳамон асар. С.176.

ки ҳатто олитарин навъи ҳайвон дар ин хасиса ба ӯ шарик ва анбоз нест.[1] Чун дар бораи ин хасисаи инсон дар мавриди назарияҳои лафз,таҷрид, ақл ва маърифати ақлии Шайхурраис гуфтугӯ карда будем, дар ин ҷо аз такрор даст бозмедорем.

3. Асосҳои фалсафии таълимоти ахлоқии Ибни Сино

Инсони иҷтимоъи бояд дорои ахлоқи неку бошад. Аз ин рӯ дар кисми аввали фалсафаи иҷтимоъии худ, ки таҳзиби ахлоқ ном дорад, Ибни Сино кӯшиш мекунад, ки пеш аз ҳама масъалаи камолоти нафси фардии инсониро таҳлил кунад. Дар ин мавриди мантиқи тафаккури Ибни Сино чунин аст: нафс мабда ва ҳомили тамоми амалҳо ва рафторҳои ахлоқӣ ва ғайриахлоқии инсон аст ва барои ислоҳи ахлоқ пеш аз ҳама ҳомили онро ислоҳ ва такмил бояд дод. Дар заминаи ин мантиқ Ибни Сино дар рисолаи «Тадбири манзил» таъкид кардааст:

«Нахустин сиёсате, ки сазовор аст инсон ба он огоз кунад, ҳамоно сиёсати нафси худи ӯст. Яъне аввал, бояд дар ислоҳи нафси худ бикӯшад, сиёсату тадбирашро дар ин кору кӯшиш ба кор бурда, хештанро солеҳу некӯ бинамояд... Ва агар касе, аз уҳдаи сиёсати некӯ ва ислоҳи нафси худ барояд, он гоҳ боке бар вай нест, ки ба болотар аз он иқдом карда, ба сиёсати билод бипардозад. Яъне касе, ки худро ислоҳ карда бошад, метавонад ба сиёсату тадбири умури мардум иштиғол варзад»[2]. Ин андешаро ӯ дар «Рисолаи ахлоқ» низ ба вазоҳати том баён кардааст: «Ҳар касе ба шинохти хештани хеш аҳамият медиҳад ва мехоҳад фазилатҳои худ ва роҳи чигунагии тобеъ сохтани онҳоро бидонад, то тавассути онҳо нафси худро пок созад, бояд барои ин саъй варзад. Ҳамчунин ҳар касе мехоҳад разилатҳои хеш ва чигунагии аз онҳо муҳофизат карданро бидонад, бигузор нафси хештани хешро аз онҳо пок намояд».[3] Вале ба ислоҳ ва такмили нафс ва ахлоқи худ чӣ гуна метавон пардохт? Ба ин суол Ибни Сино чунин ҷавоб медиҳад:

Якум, инсон бояд тамоми айбу нуқси нафсу ахлоқи худро бидонад, зеро дар сурати нодида гирифтани нуқсони ахлоқии худи ӯ ба маризе монанд мешавад, ки дар вақташ табобат наёфтааст.

Дуюм, инсон бояд тамоми амалиёт ва рафтори худро таҳти назорати ақли худ қарор диҳад, онҳоро ба нури ақли худ му-

1 Ҳамон асар.С.190-191.

2 Абуалӣ ибни Сино. Тадбири манзил.//Абуалӣ ибни Сино.Осори мунтахаб.Ҷилди2.Душанбе1983.С.16.

3 Ибни Сино. Рисолаи ахлоқ.//Абуалӣ ибни Сино.Осор.Ҷилди2.Душанбе,2005.С.644.

наввар созад ва аз тариқи ақл онҳоро андозагирӣ намояд. Ин ҳама ба хотири он аст, ки фарқ миёни некӣ ва бадӣ, хубӣ ва зиштӣ пайдо шавад ва роҳҳои ислоҳи сифатҳои манфур дар ниҳоди одамон пайдо карда шаванд.

Сеюм, касе, ки барои ислоҳ ва такмили нафсу ахлоқи худ саъй дорад, набояд аз маслиҳати дӯстони зираки худ сарфи назар кунад ва аз муошарати ҷамъияти одамони олитабор дурӣ ҷӯяд. Ин кор махсусан барои он муҳим аст, ки ба инсон ҳангоми таҳлил ва мушоҳадаи амалиёт ва рафторҳои худ воқеъбин будан хеле душвор аст. Бинобар ин инсон ба дӯсти хирадманде, ки чун ойина хубияшро хуб ва бадию зиштиашро баду зишт нишон бидиҳад, муҳтоҷу ниёзманд аст[1]. Ин чунин маъно дорад, ки Ибни Сино ба он ақида моил аст, ки мувофиқи он меъёр ва нуқтаи ибтидоии такмили ахлоқии инсон инсонҳои дигар мебошанд. Дар ин ҷо суханони Карл Маркс беихтиёр ба хотир меоянд, ки гуфтааст: «Инсон барои он ки худро бишносад нахуст ба ойина менигарад, вале ин ойина барояш инсони дигар аст. Инсон Петр танҳо баъди бархӯрд бо инсон Павел, ки ҳамҷинси ӯст, нисбат ба худаш ҳамчун ба инсон муносибат карданро оғоз мекунад»[2].

Чаҳорум, инсон бояд одатҳо ва рафторҳои худро бо одоту рафторҳои дигарон қиёс кунад, ҷиҳатҳои хуби ахлоқи дигаронро бипазирад ва дар худ рушд диҳад ва инчунин сифатҳои бади ахлоқи худ ва дигаронро рад кунад.

Панҷум, бо мақсади такмили нафс ва ахлоқ инсон бояд худаш барои нафси худ сазо ва ҷазо муайян кунад. Ҷазо бояд аз он иборат бошад, ки хоҳишҳои разилонаи нафсро саркӯб кунад, маҳдуд созад ва баъдан комилан аз байн бибарад, вале сазо иборат аз он аст, ки ниятҳои неки нафсро таҳким бахшад.

Пурра ба назар гирифтани ин шартҳо ба инсон имконият медиҳад дар худ сифатҳое тарбия намояд, ки ба чаҳор сифати накӯкорӣ, яъне парҳезкорӣ, шуҷоат, заковат ва адолат мувофиқ меоянд ва аз сифатҳои ахлоқии зишт ба мисли ҳарисӣ, ифроткорӣ, молпарастӣ, фориғболӣ ва беақлӣ дур шавад. Ҳамаи ин маънои онро дорад, ки барои Ибни Сино аҳкоми асосии таҳзиби ахлоқ аз худшиносӣ, худогоҳӣ, худро бо дигарон дар қиёс дидан ва назорат ба худ, иборатанд.

Андешаи Ибни Сино дар бораи таҳзиб ва такмили ахлоқ дар заминаи эътирофи асли бунёдии таъғирпазирӣ ва иктисобӣ будани сифатҳои ахлоқӣ пайдо шудааст. Ба назардошти

1 Абуалӣ ибни Сино. Тадбири манзил. С.17.
2 К.Маркс. Капитал. Т.1. М., 1955. С.59. (примечание).

ҳамин андешаи куллӣ Ибни Сино дар «Рисола фи-л-ахлоқ» навишта буд, ки меъёрҳои ахлоқӣ танҳо тавассути анҷом додани амалҳое парвариш меёбанд, ки дар пояи ҳамин сифатҳои ахлоқӣ падид меоянд. Сифатҳои ахлоқӣ комилан иктисобӣ ва тағйирпазир буда, тавассути одат ва малака истиқрор меёбанд. Далели дурустии ин андеша, масалан, «ҳолати ахлоқии сиёсатмадорони нексиришт ва мардумони фозил аст. Онҳо аҳли шаҳрҳоро ба корҳои нек ва хайр ҳидоят карда, эшонро мардуми накӯкор ва нексиришт месозанд. Айнан ба ҳамин минвол сиёсатмардони бадтинат ва золимони шаҳрҳо аҳли шаҳрҳоро ба корҳои зишт раҳнамун намуда, ин шаҳрҳо ва аҳли онҳоро бадкирдор ва зиштрафтор месозанд»[1] . Таҷрибаи таърихӣ ба таври возеҳ ҳақиқати ин суханони Ибни Синоро тасдиқ мекунад. Ақидаи Ибни Сино дар бораи иқтисобӣ ва тағйирпазир будани ахлоқ аҳамияти бузурги равишшиносӣ дошт ва дорад: фақат дар пояи эътирофи ин асл зарурати таълиму тарбия пеш меояд. Агар ахлоқ ғайрииктисобӣ ва тағйирнопазир мебуд, ба таълиму тарбия ниёзе наменомд.

Ибни Сино дар заминаи аслҳое, ки баён шуд, бовар дорад, ки инсон комилан қодир аст (1) фазилатҳои ахлоқӣ-иффат (покдоманӣ), шуҷоат (далерӣ), ҳикмат (хирадмандӣ), адолат (дод) ва фаръҳои онҳоро касб кунад, (2) разолатҳои ахлоқӣ - ҳасад, кина ва ниқорталабиро рафъ намояд, (3) барои саъодати дунявӣ ва ухравии худ шароит фароҳам оварад[2].

4. Фалсафаи манзилдории Ибни Сино

Чунон ки дар боло зикр гардид инсони алоҳида аз рӯи андешаи Ибни Сино фақат дар ҳамбастагӣ бо ҷомеъаи одамони ҳамҷинси худ зинда мемонад ва ба саъодат мерасад. Шакли ибтидоӣ ва содатарини чунин ҷомеъаро Ибни Сино манзил меномад. Ибни Сино маҷмуъи масоилеро, ки ба пайдоиш ва идораи манзил марбут аст, дар қисми дуюми фалсафаи амалии худ, ки тадбири манзил ном дорад, баррасӣ мекунад.

Таҳлили асарҳои мутафаккир нишон медиҳад, ки ӯ пайдоиш ва ташаккули манзилро ба зарурати пайдо кардани васоили ҳаёт, ҳифзи онҳо ва имтидоди насли инсонӣ вобаста медонад. Ин чунин маъно дорад, ки мутафаккир дар симои манзил пеш аз ҳама ҳавзаи хурди мулкдорӣ ва иқтисоддириро мебинад, ки ба истеҳсол ва пайдо кардани васоили ҳаёт

1 Ниг. Ибни Сино. Рисолаи ахлоқ. //Абуалӣ ибни Сино.Осор.Ҷилди2. Душанбе, 2005. С.652.

2 Ниг.: Ибни Сино. Ҳамон асар. С. 644-655

машғул аст. Дуввум, мутафаккир манзилро тарзи истеҳсоли бевоситаи ҳаёт - тавлид ва ҳифзи навъи инсон медонад. Ӯ роҷеъ ба вазифаи аввали манзил сухан ронда, дар рисолаи «Тадбири манзил» менависад: «Ҳама кас аз подшоҳу раият ниёзманд аст ба ғизову хӯрокӣ, ки мояи ҳаёт аст ва низ ба таҳияву омода сохтани зиёдии хӯрок ва рӯзӣ барои рӯзи ҳоҷат, ки барояш пеш меояд, муҳтоҷ аст... Балки инсон ниёзманд аст ба макону ҷое, ки он чиро ба даст овардааст, дар он ҷо ҷамъу захира карда, барои ҳангоми ҳоҷаташ нигоҳ бидорад. Пас, бинобар ин инсон муҳтоҷ аст ба ин, ки барои худ манзилу маскане иттихоз кунад. Чун одамизод манзилу хонае сохт ва дар он ҷо барои ҳангоми ҳоҷаташ захирае андӯхт, муҳтоҷ мешавад ба касе, ки андӯхтаашро аз дастбурди дигарон, ки мехоҳанд онро аз вай бирабоянд, ҳифзу ҳиросат бинамояд... Пас, муҳтоҷ аст ба ин, ки барои ҳифзу ҳиросати андӯхтааш каси дигарро ҷонишини худ бинамояд. Ва барои ҷонишин ҳам бояд касе бошад, ки мавриди итминони нафсу оромиши хотир бошад. Барои ин кор касе шоиста ва сазовор нест магар зан, ки Худо ӯро барои мард ҷуфту мавриди итминону сукунати нафс қарор додаст. Ба-д-ин ҷиҳат мард ногузир мешавад ба ин, ки зан бигирад»[1] .

Барои он ки иттифоқи шавҳар ва зан халалнопазир бошад, мард, яъне сардори манзил, бояд нисбат ба зан сиёсати зеринро пеш гирад: 1) ба зан тарс ва эҳтиромро нисбат ба шавҳар талқин намояд, то ки зан амри шавҳарро рад карда натавонад. Вале ин кор дар сурате натиҷаи дилхоҳ хоҳад дод, ки агар мард шараф, номус ва имони худро дифоъ кунад ва инчунин ба ваъдаҳои худ бе чуну чаро вафо намояд; 2) нисбат ба зан иззат ва эҳтиром нигоҳ дорад ва беҳтарин шароити зиндагиро барояш муҳайё созад, аз рашк нисбат ба ӯ даст бидорад; 3) ғамхорӣ дар ҳақи зан, то ки фикри ӯ ба масъалаҳои муҳими манзил банд бошад ва хаёли мардони бегона ва хиёнат ба дилаш роҳ наёбад.

Ибни Сино мақоми занро дар таҳкими манзил ва манзилдорӣ хеле баланд арзёбӣ кардааст. Ӯ чунин мешуморад, ки «зани шоиста ва некӯ шарики мард аст дар мулкаш ва қайими ӯст дар молаш ва ҷонишини вай аст дар хонааш ва амини вай аст дар парваришу тарбияи фарзандонаш»[2].

Аз назари Ибни Сино беҳтарин зан бояд дорои сифатҳои зерин бошад: хирадманд, диндор, бошарм, зираку бофатонат, дӯстдору бомуҳаббат, валуд, итоаткор, забондароз на-

1 Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.2. С.15.
2 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. Ҷ.2. С.22.

бошад, покдилу беғаш бошад, дар пушти сари мард ва ҳоли ғайбати ӯ амин бошад, вазнину сангин бошад, бовиқор ва боҳайбат бошад, дар мақоми хидмат ба шавҳараш такаббур наварзад, балки фурӯтан бошад, тадбири кору кирдорашро хубу неку бинамояд, андаки шавҳарашро ба сарфаҷӯӣ зиёд кунад, гарду ғубори ҳузну андуҳро аз дили шавҳараш ба василаи ахлоқи некӯ ва забонаш пок кунад ва ҳумуми шавҳарашро бо лутфи мудорои худ таслият диҳад. Ҳоҷат ба исбот нест, ки Ибни Сино дар ин талаботи худ симои занеро тасвир кардааст, ки ба шароити воқеъии даврони ҳаёти худи ӯ ва талаботи шариъати ислом созгор аст.

Ибни Сино аҳамияти басе муҳимми иҷтимоъии муносибатҳои манзилдориро дар таъмини ҳифзи насли инсонӣ зикр намуда, таъкид менамуд, ки зинокорӣ, лавотат, фисқу фуҷур ва ҳар гуна бадахлоқӣ бояд аз тарафи ҷамъият ба таври қатъӣ маҳкум карда шаванд, зеро онҳо ба тавлид ва тарбияи насл равона нашудаанд, балки акди никоҳи қонунӣ (шаръӣ)-ро халалдор карда, ба муносибатҳои заношӯӣ зарари ҷубронопазир ворид месозанд, инчунин онҳо сабаби вайрон шудани манзил, муносибатҳои манзилдорӣ ва иҷтимоъӣ мегарданд.

Ибни Сино бар хилофи Афлотун таъкид мекунад, ки никоҳ аввалин чизест, ки онро бояд қонун муайян ва мунаввар созад. «Он бояд равшан амалӣ гардад, то ки дар нисбати меросхӯрон ҳеҷ гуна шак ва гумон ба вуҷуд наояд ва ба ин сабаб дар тақсими мерос, ки асоси моликият мебошад, ҳарҷу марҷ пайдо нашавад. Зеро оғози ҳар гуна зиндагӣ бе моликият аз имкон берун аст»[1]. Ибни Сино муътақид буд, ки бештари сабабҳои беҳбудии никоҳ муҳаббат аст. Амали муҳаббат ҷуз ба унс баста намегардад ва унс ҷуз ба одат ва одат ҷуз аз роҳи муддати дароз бо ҳам муошират доштан пайдо намешавад. Ӯ таъкид мекунад, ки ҷиҳати таҳкими никоҳ ва робитаҳои заношӯи зарур аст, ки чораҳои қатъӣ дида шаванд, то ки барои талоқ бо сабабҳои назарногир замина ба вуҷуд наояд, зеро талоқ ба ҷудоии фарзандон, волидайн ва хешу табор меанҷомад ва ба ҳаёти онҳо зарару мушкили зиёд ворид месозад. Яке аз воситаҳои муассири пешгирии талоқи бемулоҳиза суннати пайғамбар аст, ки мувофиқи он «зан баъди се талоқ барои шавҳар номаҳрам аст». Бо вуҷуди ин Ибни Сино аз андешаи мутлақан рад кардани талоқ дур аст, баръакс, ӯ чунин мешуморад, ки дар мавридҳои мушаххас талоқ имконпазир аст: пеш аз ҳама дар сурати ба ҳам мувофиқ наомадани табиъати зану шавҳар: «Баъзе табиъатҳо, - навишта

1 Ибни Сино. аш-Шифо. ал-Илоҳиёт. (2). С.448-449.

буд Ибни Сино ,– бо табиъатҳои дигар мувофиқ намеоянд ва ҳар гуна кӯшиши омезиши онҳо мояи афзоиши бадӣ, ҷудоӣ ва ифрот мегардад». Мавриди дуюми имконпазир будани талоқ новалуд-ноқобил будани зану шӯ барои тавлиди насл аст. Ӯ таъкид мекунад: «Имкон дорад, ки як ҷуфти заношӯӣ қудрати тавлиди наслро надорад. Вале ҳангоме, ки зану шӯй аз ҳам ҷудо мешаванд ва ҷуфти дигари заношӯиро ба вуҷуд меоранд, имконияти тавлиди насл ба онҳо даст медиҳад». Ин андешаҳои мутафаккир комилан асоси илмӣ доранд ва ба илми кунунӣ низ созгоранд.

Таҳлили мухтасари андешаҳои Ибни Синоро дар мавриди муносибати тарафайни зану шавҳар ба охир расонда, мехоҳем таъкид кунем, ки ақидаҳои ӯ дар ин масъала ҷавобгӯи арзишҳои исломӣ мебошанд. Ин ҷиҳат, махсусан ба таври возеҳ ҳангоми таҳлили масъулияти зан ва чигуна будани ӯ ошкор мегардад. Ибни Сино дар руҳияи аҳкомҳои ислом пешниҳод мекунад, ки зан бояд диндор, бошарм, зираку бофатонат, итоаткор ба мард ва дур аз корҳое бошад, ки муошират бо мардҳои бегонаро талаб мекунанд.

Ибни Сино ба масоили мақоми оила дар тарбияи фарзандон диққати зиёд додааст. Ӯ масъулияти сарвари оила – падарро чунин арзёбӣ мекунад: интихоби номи накӯ барои фарзанд; интихоби дояи солим барои тарбияи фарзанд, дояе, ки худ некӯ тарбият дида бошад; тарбияи сифатҳои ҳамида ва неки ахлоқӣ дар фарзанд; ба фарзанд таълим додани илму ҳунар ба манзури раҳнамун сохтани ӯ ба ҳаёти мустақилона. Ӯ чунин мешуморад, ки ҳангоми таълими илму ҳунар, хусусиятҳои фардии кӯдак бояд ба назар гирифта шаванд, то ки таълим ва омодагии ӯ ба ҳаёти мустақилона бомуваффақият бошад. Шакке нест, ки ин тавсияҳои Ибни Сино аҳамияти худро дар замони мо ҳам аз даст надодаанд.

Ибни Сино муътақид буд, ки на танҳо волидайн дар назди фарзандон масъуланд, балки фарзандон низ дорои масъулияти муайяне дар назди волидайн мебошанд. Онҳо дар ҳама ҳолат бояд ба волидайн гӯш фаро бидиҳанд, дар ҳама корҳо ба онҳо мадад расонанд ва ҳангоми маризӣ ва пирӣ онҳоро парастории кунанд. Фоидаи амалии ин пешниҳодҳо ҳатто барои оилаи замони ҳозира аз шубҳа берун аст.

Яке аз сифатҳои муҳимтарини манзили ашрофии асрҳои миёна хизматгор доштани онҳо буд. Аз ин рӯ дар рисолаи «Тадбири манзил» ин масъала дар маркази таваҷҷуҳи Ибни Сино қарор гирифтааст. Мағз ва ҷавҳари андешаҳои ӯ дар ин масъала аз қарори зайл аст: хидматгорони инсон ба манзалаи

узвҳои бадани ӯянд, аз ин рӯ месазад, ки «онҳоро ба худат **наздик кунӣ ва аз худат дур накунӣ ва тафаққуд намоӣ ва музиллашон нагзорӣ ва бо рифқ рафтор кунӣ ва танг нагирӣ, зеро ки онҳо ҳам башаранд, хаставу малул мешаванд ва сустию пирӣ ба онҳо ориз мегардад, ҳавоиҷу хоҳишҳое, ки дар табиъати башар ҳаст, барои онҳо ҳам ҳаст»**[1]**.** Ин андешаҳои мутафаккир бешубҳа саршори руҳияи баланди инсондустӣ буда, ба ақидаи Афлотун ва Арасту дар хусуси ин ки ғуломон олоти гӯёи кор ва ё танҳо ҳайвони нотиқ мебошанд, комилан мухолифанд. Вале ин тағйири назар дар нисбати ғуломон ва хидматгузорон дар заминаи рушди ҳаёти иҷтимоъӣ – аз байн рафтани сохти ғуломдорӣ ва ба вуҷуд омадани ҷомеъаи заминдорӣ (феодалӣ), ки дар он истиклоли фардии аҳли кор хеле рушд карда буд, ба вуҷуд омадааст.

5. Назарияи мадинаи одилаи Ибни Сино

Қисми саввуми таркибии фалсафаи амалии Ибни Сино сиёсати мудун ном дорад. Дар ин қисмати фалсафаи амалии худ ӯ андешаҳои хешро дар мавриди сабабҳои пайдоиш ва моҳияти ҷомеъа, сохтори сиёсии он ва ҳокимияти сиёсӣ баён медорад.

Аз диди Ибни Сино сабаби пайдоиши ҷомеъа зарурати таъмини шароит барои ҳаёти мардум, ҳифз ва идомати ҳастии насли инсонӣ мебошад. Ин зарурати бунёдӣ, ба фикри ӯ, одамонро маҷбур сохт, ки дар ҷамоъа муттаҳид шаванд, то ки аз тариқи ҳамкорӣ, ёрии ҳамдигарӣ ва табодули натиҷаҳои кор барои ҳаёти фардҳои инсонӣ ва ҷинси инсонӣ шароити мусоид ба вуҷуд биёваранд. Ибни Сино менависад: «Маълум аст, ки инсон аз ҳамаи ҳайвонот бо он тафовут дорад, ки агар аз ҷомеъа ҷудо шавад, худ ба танҳоӣ наметавонад зиндагии матлубе дошта бошад ва ниёзҳои зарурии худро бе ҳамкорӣ ва мушорикати дигарон анҷом диҳад. Бинобар ин бояд аз афроди дигаре кӯмак бигирад ва худ низ бо онон ҳамкорӣ кунад. Масалан, чунин бошад, ки яке барои дигаре боре ҳамл кунад ва дигарӣ барои ӯ нон бипазад. Ва ин яке барои дигарон дӯзандагӣ кунад ва он дигаре барои ӯ абзор ва васоили дузандагӣ бисозад, то ниёзи ҳама бароварда шавад. Аз ин рӯ инсон ба зиндагии дастаҷамъӣ гардан ниҳод ва ба эҷоди шаҳр ва ҷомеъа пардохт. Пас агар яке аз онҳо дар эҷоди зиндагии иҷтимоъӣ ба шароити лозимаи ҷомеъа пойбанд набошанд, танҳо ба ҳамзистӣ бо афроди ҳаммонанди худ басанда мекунад. Дар натиҷа ба навъе зиндагии бисёр ноҳамгун ба

1 Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.2. С.26.

зиндагии инсон, ки дур аз камолоти инсонӣ аст, даст хоҳад ёфт. Бо ин ҳама ин афрод ҳам ночоранд ба навъе зиндагии ҷамъӣ гардан ниҳанд ва худро ба мардумони иҷтимоъӣ ва мутамаддин ҳамсон созанд»[1].

Мувофиқи ақидаи Ибни Сино шарти асосии ҳаёт ва пешрафти ҷамъият кори фоидабахш ва мубодилаи натиҷаи кор мебошад. Кори барои тарафайн фоидабахш – масъулияти ҳар як фарди қобили кор аст. Танҳо одамони ғайриқобили кор ва посбонон аз кори ҷисмонӣ озод буда, ба маъош аз ҷониби давлат таъмин мегарданд. Ҷомеъа вазифадор аст, ки ба муқобили муфтхӯрон, коргурезон то ҳадди ҷисман нест кардаашон муборизаи беамон барад, ҳаргуна фаъолияти зиддиҷамъиятиро (аз қабили дуздӣ, зинокорӣ, судхӯрӣ) қатъан манъ намояд.

Дар баёни масъалаи сохтори иҷтимоъии ҷамъият Ибни Сино пайрави назарияи афлотунӣ-арастуӣ аст. Ӯ чунин мешуморад, ки ҷомеъа дар сурате вуҷуд дошта ва рушд карда метавонад, ки агар аҳли он ба табақа ва тоифаҳои зерин ҷудо шуда бошанд:

1) мудаббирон – подшоҳон, аҳли дарбор, лашкаркашон;

2) ҳунармандон – пешаварон ва зироаткорон;

3) посбонон – лашкариён ва ҳофизони тартиботи ҷомеъа.

Ибни Сино навиштааст: «Мебояд одамоне вуҷуд дошта бошанд, ки ба одамони дигар хидмат кунанд. Ин одамон бояд ҳамвора дар хидмати аҳли Мадинаи Одила бошанд; ба гурӯҳи чунин одамон онҳое дохил мешаванд, ки аз дарки накукорӣ дур мондаанд. Барои ҳифзи низоми ҳаёти иҷтимоъӣ шахси қонунгузор бояд дар ҳар яке аз ин гурӯҳҳо сардоре таъин кунад, ки аз паси он сардорҳои дигар қарор дошта бошанд ва ҳамин тариқ то ба охир, - то ҷое, ки ин қатор бо одами аз ҳама паст ба охир расида бошад. Дар Мадинаи Одила набояд касе бекор ва бе ҷои муқаррар вуҷуд дошта бошад. Ҳар касе бояд фоидае ба ҷомеъа расонида бошад»[2].

Чунон ки гуфта шуд, ҷомеъа ба пиндошти Ибни Сино дар пояи ҳамкорӣ ва ёрии мутақобил қарор дорад. Барои ҳамкорӣ бошад «касе зарур аст, ки қонун ва адолатро муқаррар кунад ва чунин кас бояд тавассути сухан имконияти муроҷиъат ба мурдумро дошта бошад ва мардумро барои риояи қонун ухдадор кунад..., ва ӯ наметавонад, ки мардумро ва назариёти онҳоро бе раҳнамоӣ нигоҳ дорад, зеро дар акси ҳол дар байни онҳо нифоқ ба вуҷуд хоҳад омад ва ҳар касе

1 Абуалӣ ибни Сино. ан-Начот. ал-Коҳира, 1337. С.303.
2 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.304.

он чизро адолат мешуморад, ки барояш фоидабахш аст ва ғайриадолат он чизеро медонад, ки барояш зараровар аст»[1].

Ба ин тариқ, Ибни Сино ба таҳлили масоили ҳокимияти сиёсӣ ва асосҳои ҳуқуқии он мепардозад. Аз рӯи назарияи нубуввати ӯ чунин бармеояд, ки ӯ тарафдори шакли ҳокимияти сиёсие мебошад, ки онро халифат номидан мумкин аст. Ин давлате аст, ки сарварии онро пайғамбар, ки ҳокимимяти динӣ ва дунявиро муттаҳид сохтааст, ба уҳда дорад. Вале азбаски мавҷудияти чунин шахсе ба мисли пайғамбар на дар ҳама давру замон имконпазир аст, аз ин рӯ ин ҷо масъалаи халифати ӯ бармехезад. Ибни Сино ду роҳи ҳалли ин масъаларо пешниҳод мекунад:

1) Таъини халифа аз тарафи худи пайғамбар. Таъин бояд ба нас – ба таври хаттӣ бошад, то ки гурӯҳбозӣ ва ҷудоандозиро пешгирӣ кунад;

2) Интихоби халифа бояд дар асоси иҷтиҳод – раъйю иҷтимоъи саҳобаҳои пайғамбар сурат гирад. Зарур аст, ки интихоби ҳалифа аз тарафи тамоми мардуми мамлакат тасвиб гардад. Халифаи интихобшуда бояд хирадманд, ҷасур, ҷавонмард, эҳтиёткор, нозими кордони масоили иҷтимоъӣ, донандаи дин ва шариъат бошад[2]. Агар ба вазифаи халифа одаме даъво кунад, ки кудрат ва амвол дорад, вале ҳуқуқи халифа шудан надорад (халифа таъин ва интихоб нашуда бошад), дар ин сурат тамоми халқи мамлакат бояд бар зидди ӯ ба ҷанг бархоста ӯро нобуд созанд[3]. Вале агар даъвогар аз рӯи фазилатҳои худ нисбат ба дигарон сазовортар аст, он гоҳ аҳли кишвар ҳақ доранд аз ӯ дифоъ кунанд, зеро фақат фазилатҳои шахсӣ ба инсон ҳуқуқ медиҳанд, ки ҳокими Мадинаи Одила ва султони олами заминӣ бошад. Нуктаҳои баёншуда моро ба хулосҳои зайл меоранд:

1. Дар масоили ҳокимияти сиёсӣ Ибни Сино пайрави Абу Ҳанифа, Моварди ва Форобӣ мебошад,.

2. Ибни Синоро наметавон аз мутафаккирони сиёсии шиъа донист, зеро тарафдори ҳокимияти меросӣ нест.

3. Барои Ибни Сино муҳимтарин шарти интихоби сарвари Мадинаи Одила на насаб, балки фазилатҳои шахсии ӯ маҳсуб меёбанд.

Мантиқи фикри Ибни Сино моро водор месозад ба чунин хулоса биёем, ки ӯ вазифаи асосии ҳокимияти сиёсӣ ва сарвари онро аз муқаррар кардани ҳамкории боадолат ҳамчун заминаи бунёдии фаъолияти ҷомеъа иборат медонист. Ҷо-

1 Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар С.304-305.
2 Ибни Сино. Аш-Шифо. ал-Илоҳиёт. (2). С.451.
3 Ҳамон асар. С.459.

меъае, ки дар он қонуни ҳамкории боадолат ҳукмрон аст, ба фикри ӯ, Мадинаи Одила аст.

Ибни Сино дар «Китоби ал-маҷмӯъ» ё «Ҳикмати арузия»-и худ аз навъҳои зерини ҳукумат низ сухан ба миён овардааст: 1. Ҳукумати мардумӣ, ки ҳамаи аҳли он мусовианд ва раиси он ё ба василаи ҳамаи мардум, ё раисони дараҷаи дуюм интихоб мешавад. 2. Ҳукуматҳое, ки таҳти султаи раёсатҳое пастанд. Ӯ ин гуна ҷомеъаҳоро ба мисли Форобӣ ба чандин навъ бахш кардааст. 3. Ҳукумати истибдодӣ, ки вай онро ҳукумати ваҳдониятулраиса (монархия) номидааст. 4. Ҳукумати ашрофӣ, ки Ибни Сино онро риёсати одила хондааст. Аз ҳамаи ин шаклҳои ҳукумат Ибни Сино ҳукумати ваҳдониятулраисаро писандидааст[1].

Чунон ки дар боло зикр гардид, Ибни Сино дар «Фалсафаи машриқия»-и худ ба сифати қисми чаҳоруми фалсафаи амалӣ фиқҳро ном мебарад. Вале мутаассифона, мо бо асарҳои фикҳии Ибни Сино ба сабаби барои мо дастнорас набудани онҳо шинос нестем. Аз ин рӯ баррасии ин қисмати фалсафаи амалии ӯро мавқуф мегузорем.

1 Ниг.: Сайид Ҷаъфар Саҷҷодӣ. Муққаддима//Абӯнасри Форобӣ. Сиёсати мадина. Техрон,1358.С.39-40.

БОБИ ҲАФТУМ
ИЛОҲИЁТИ ИБНИ СИНО

Ибни Сино дар шароити ҷомеаи динӣ, ки мафкураи ҳукмрони онро дини ислом ташкил медод, зиндагӣ кардааст. Аз ин рӯ фалсафаи ӯ ба андозаи зиёд ба таълимоти ислом, ки дар пояи аҳкоми ваҳйи илоҳӣ ва ваҳдонияти комил қарор гирифтааст, мутамоил аст. Ин ҳолат ба таври ошкоро пеш аз ҳама дар назарияи таснифи илмҳои фалсафӣ, ки аз тарафи мутафаккир эҷод гардидааст, мушоҳида мешавад: дар «Шифо», «Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот», «Донишнома», «Мабда ва маъод»-и ӯ масоили илоҳиёт ҳамчун яке аз риштаҳои муҳимтарини мобаъдуттабиъа (илоҳиёт) муаррифӣ мегардад. Дар ин асарҳои худ мутафаккир ба қатори масоили илоҳиёт масъалаҳои Воҷибулвуҷуд, ягонагии он, сифатҳои вай, ваҳй ва ҳомили он – пайғамбар, ҳаёти баъди марг, қиёмат ва ғайраҳоро ворид мекунад. Дар «Ҳикмат-ул-машриқия» бошад, илоҳиёт ҳамчун қисми сеюми мустақили фалсафаи назарӣ ҷудо гардида, ба сифати таълимот дар бораи Холиқи Мутлақ ва баъзе навъҳои фариштаҳо баррасӣ гардидааст. Шубҳае нест, ки бе таҳлили мухтасари асосҳои илоҳиёт баёни низоми фалсафии Ибни Сино нопурра хоҳад буд. Аз ин рӯ зарур аст, ки ба таври иҷмолӣ муҳимтарин аҳкоми илоҳиёти ӯро таҳлил ва моҳияти ҷаҳоншиносии онро муайян намоем.

1. Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд

Асли нахустини илоҳиёти Ибни Сино таълимот дар бораи Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд аст, ки асосҳои аввалияи ҷаҳонбинии ӯро муайян мекунад. Мувофиқи ин таълимот, «Воҷибулвуҷуд мавҷудест, ки аз фарзи набуданаш муҳол лозим ояд... Воҷибулвуҷуд мавҷудест, ки ҳастиаш зарурист. Воҷибулвуҷуд гоҳе ба зоти худ воҷиб аст ва гоҳе ба зоти худ воҷиб нест. Воҷибулвуҷуд ба зот он аст, ки ба хотири худаш, на ба хотири чизи дигаре, аз фарзи адамаш муҳол лозим ояд..[1].». Ибни Сино дар мавриди тавсифи Воҷибулвуҷуд таъкид менамояд, ки он ба «ягон ҷинс дохил нест, ба ҳад ё исбот ниёз надорад, аз «чандӣ» «куҷоӣ» «кайӣ» ва ҳаракат барист; он бемисл аст ва зид надорад, аз ҳама ҷиҳат яктост, на билфеъл, на билқуввa ва на дар ақл тақсимпазир нест, зеро вуҷудаш вучуди маънавист...», на ҷисм аст, на ҷисмонӣ, балки Хайри мутлақ, Ҳақиқати мутлақ ва Ақли мутлақ аст. Аз рӯи ин сифатҳояш Воҷибулвуҷуди Ибни Сино, аз як сӯ,

1 Мабда ва маъод. Теҳрон, 1332. С.2.

ба Воҳид (Хайр)-и Афлотун ва Афлутин (Плотин), аз сӯи дигар, ба Муҳаррики аввали Арасту мутобиқ аст. Ин амр дар бораи асосҳои усулан ягонаи илоҳиёти онҳо дарак медиҳад. Аз сӯи дигар, Воҷибулвуҷуди Ибни Сино тибқи ин сифот ба мафҳуми Аллоҳ дар дину илоҳиёти ислом низ мутобиқ аст. Ин гуна мутобиқат иборат аз он аст, ки ҳамаи сифатҳои ба Воҷибулвуҷуд нисбат додаи Ибни Сино ба тасаввуроти илоҳиётшиносони мусулмон дар бораи сифоти Аллоҳ созгор мебошанд. Ин ҳақоиқ далели он аст, ки андешаҳои илоҳиётшиносии ӯ аз арзишҳои исломӣ маншаъ гирифтаанд. Дар баробари ин бояд таъкид кард, ки Ибни Сино муносибати Аллоҳ ва оламро на ҳамчун муносибати холиқу махлуқ, балки ҳамчун таносуби иллату маълул маънидод намуда аст. Дар ин мавриди андешаҳои ӯ аз тасаввуроти исломӣ нисбат ба қодиру олими мутлақ будани Аллоҳ андаке фарқ менамоянд, ки ин ҳолат сабаби аз ҷониби мутакаллимони исломӣ, бавижа Муҳаммади Ғаззолӣ, накд шудани онҳо гардидааст.

Ибни Сино мафҳуми «имконулвуҷуд»-ро ба тариқи зайл таъриф менамояд: «Имконулвуҷуд мавҷудест, ки на аз фарзи вуҷуд ва на аз фарзи адамаш муҳол лозим наояд.... Имконулвуҷуд мавҷудест, ки аз ягон ҷиҳат, яъне на аз ҷиҳати вуҷуд, на аз ҷиҳати адам зарурӣ нест»[1]. Ибни Сино ба ин навъи вуҷуд тамоми мавҷудоти аз Аллоҳ поёнтар, яъне аз Ақли Аввал то ҳаюло ва ҳастии ҳиссиро мансуб медонад. Сифати асосии имконулвуҷуд, ки онро аз Воҷибулвуҷуд ҷудо мекунад, аз ин инборат аст, ки вай causa sui (худ сабаби худ) намебошад. Аз ин сабаб иконулвуҷуд метавонад дар ҳолати имкони абадӣ бимонад, балки ҳатто ба ҳолати имтиноъ интиқол ёбад, агар ҳастии он аз ҷониби Воҷибулвуҷуд тақвият наёбад ва ба ҳолати Воҷибулвуҷуд бағайр оварда нашавад. Аммо ҳангоми тақвият ёфтан аз ҷониби Воҷибулвуҷуд ва пайдо будани сабабҳои муваллида ва муҳассила имконулвуҷуд метавонад Воҷибулвуҷуд бағайр гардад. Имконулвуҷуде, ки воҷибулвуҷуд бағайр гаштааст, барои тавқияти ҳастии худ (на барои тавлиди дубораи худ) ҳамеша ба Воҷибулвуҷуд биззот ниёзманд аст. Ибни Сино дар ин мавриди чунин мешуморад, ки байни Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд на робитаи холику махлуқ, балки робитаи иллату маълул (сабаб ва мусаббаб) вуҷуд дорад. Воҷибулвуҷуд иллат аст ва имконулвуҷуд маълули он. Тибқи назарияи Ибни Сино маълул барои ҳифзи ҳастии худ ҳамеша ба иллати фоъилӣ ниёз дорад. Роби-

1 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.2.

таи байни Воҷибулвуҷуд (ҳамчун иллат) ва имконулвучуд (ҳамчун маълул) низ ба ҳамин минвол аст. Мутафаккир дар «Ишорот ва танбеҳот» ва «Мабда ва маъод» ин андешаро чунин мудаллал месозад: Робитаи маълул ба иллати фаъол машрут ба он нест, ки адам ба маълул муқаддам аст, балки баста ба он аст, ки вай ба зоти худ воҷибулвуҷуд нест ва тавассути ғайр воҷибулвуҷуд мешавад. Маълул на танҳо дар лаҳзаи пайдоишаш, балки ҳамеша дорои чунин сифат аст. Заминаи робитаи иллат ва маълул аз ҳамин иборат аст. Пас ин робита – робитаи доимӣ ва ҳамешагист. Агар робитаи маълул ба иллат на куллӣ, балки ҷузъӣ бошад, на бояд натиҷа гирифт, ки маълул аз иллати худ танҳо дар лаҳзаи пайдоишаш вобаста аст ва баъдан ба он ниёзе надорад. Баръакс, ин робита робитаи доимӣ аст[1]. Аз сӯи дигар, андешаи робитаи доимии Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд ба нуктаҳои асосии назарияи сабабият (иллият)-и Ибни Сино сахт алоқаманд аст, ки тибқи он рафъи иллат боиси рафъи маълул мегардад. Аз ин рӯ Ибни Сино тобеъияти доимии имконулвуҷудро ба Воҷибулвуҷуд бо исрор таъкид мекард, то ки барои исботи назарияи қидами олами худ заминаи илмӣ, мантиқӣ ва мазҳабӣ омода созад. Ба назардошти ақидаи мазкур ӯ касонеро, ки ниёзмандии оламро ба иллати фоъилӣ танҳо то пайдо шудани он эътироф мекарданд, шадидан накд кардааст.

Чаро Ибни Сино Воҷибулвуҷуд – Аллоҳро иллати аввали ҳастии олам мешуморад? Агар назарияи мазкури таносуби Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд ва ҳатмияти (детерминизми) Ибни Синоро ба эътибор бигирем, ду сабаби асосиро бояд нишон дод. Якум, Ибни Сино андешаи ҳаракати худ ба худи модда ва ҳастии худ ба худи оламро қабул надошт. Аз ин рӯ, ӯ сабаберо, ки тавассути он олам таҳаққуқ ёфтааст, ҷустуҷӯ мекард. Ин гуна иллат аз назари ӯ Аллоҳ - Воҷибулвуҷуд аст. Дуввум, тасаввурот дар бораи Аллоҳ ҳамчун сабаби ниҳоии ҳастии олам натиҷаи назарияи ҳатмият (детерминизм)-и Ибни Сино мебошад, ки мувофиқи он силсилаи равобити иллату маълули моддӣ поёнпазир аст. Дар натиҷа мутафаккир ба ин хулоса расидааст, ки силсилаи иллату маълули моддӣ наметавонад беинтиҳо давом ёбад: бояд чунин сабаби олие вуҷуд дошта бошад, ки ҳамаи сабабҳо ба он анҷом пазиранд. Аз назари Ибни Сино чунин сабаби олӣ ва ё сабаби сабабҳо бояд Воҷибулвуҷуд – Аллоҳ бошад.

Назарияи Ибни Сино дар бораи Воҷибулвуҷуд ва имко-

1 Ниг. Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.164-178; Мабда ва маъод. С.28-32.

нулвуҷуд аз он дарак медиҳад, ки вай дар ҳалли масъалаи заминаҳои аввалини ҳастӣ дар мавқифи якгароии илоҳиётӣ (монизми илоҳиётӣ), ё яктопарастӣ (монотеизм-ваҳдоният) қарор дорад, ки ба мусулгароии айнӣ (идеализми объективӣ) қаробат дорад. Зеро, чунон ки дар рафти таҳлили назарияи ӯ нишон дода хоҳад шуд, вай заминаи аввалин ва ниҳоии ҳастиро Воҷибулвуҷуди яктои муфориқ медонад, ки муродифи Аллоҳи дини мубини Ислом аст. Ин таълимоти ӯ бо бурҳонҳои зерин мудаллал сохта шудааст:

1. Ибни Сино боисрор собит мекунад, ки ду Воҷибулвуҷуд таҳаққуқ дошта наметавонад ва санавият аз ҳама ҷиҳат ҷаҳонбинии ботил аст. Вай навишта буд: «Ҷамоате гуфтанд, ки ин чизи маҳсус ба зоти хеш мавҷуд аст ва ба зоти худ Воҷибулвуҷуд аст. Аммо чун ту он шароит, ки андар Воҷибулвуҷуд гуфтем, ёд дорӣ, ин маҳсусро воҷибулвуҷуд ба нафси худ надонӣ… Ва ҷамоате дигар гуфтанд, ки ин вуҷуди маҳсус маълул аст ва онҳо гурӯҳе чанданд: гурӯҳе гуфтанд асл ва тинати ӯ на маълул аст, аммо сиғати ӯ маълул аст. **Ва инҳо, ки ин мақолат доранд, ду воҷибулвуҷуди айнӣ исбот мекунанд ва ту донистӣ, ки ин мустаҳил аст. Ва гурӯҳе дигар вуҷибулвуҷуди ду зид ё чанд чизро исбот карданд ва гуфтанд, ки дигар чизҳо аз он [ҳо] падид ояд. Ва инҳо дар ҳукми ду гурӯҳи пешинанд**[1]**».** Илова бар ин ӯ дар намати чаҳоруми «Ишорот ва танбеҳот», ки «Фӣ-л-вуҷуд ва илалҳо» (Андар вуҷуд ва сабабҳои он) ном дорад, таъкидан менигорад: «Воҷибулвуҷуд як зоти муайян [аст]. Агар таъайюн мар ӯро аз он рӯй бошад, ки Воҷибулвуҷуд аст, пас ҳеҷ Воҷибулвуҷуд ба ҷуз аз вай набошад»[2].

2. Ибни Сино боисрор таъкид мекунад, ки Воҷибулвуҷуд дар ҳастии худ зид, нид ва шарик надорад. «Бидон, ки – навишта буд ӯ, - «зид» ба наздики мардум чизеро гӯянд, ки баробари чизе бошад дар қувват ва вайро мамониъат кунад. Ва ҳарчи ҷуз аз аввал аст, маълул аст ва маълул мусовии мабдаи воҷиб набошад. Пас лозим ояд, ки ӯро зид набошад аз ин ваҷҳ. Ва наздики хосса «зид» онро гӯянд, ки мушорики чизе бувад дар мавзуъ ва бо вай ҷамъ наояд андар он мавзуъ… Ва зоти Аввал Таъоло ба ҳеҷ чизе тааллуқе надорад, на ба мавзуъ танҳо. Ва чун чунин бошад, Воҷибулвуҷудро зид набошад… Аввалро ҳамто нест… ва зид нест ва ӯро ҷинс ва фасл нест, пас вайро ҳад нест ва ишоратпазир нест, илло ба сареҳи ирфони ақлӣ»[3]. Ин андеша дар «Донишнома» низ таъ-

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. Теҳрон, 1333. С.188-189
2 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.172.
3 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.175-176.

кид шудааст: «Пас аз ин миқдор, ки гуфта омад, падид омад, ки Воҷибулвуҷудро ҷинс нест, пас ӯро фасл нест, пас ӯро ҳад нест ва падид омад, ки ӯро маҳал ва мавзуъ нест, пас ӯро зид нест ва падид омад, ки ӯро сабаб нест, пас варо гардиш ва баҳрапазириш нест»[1]. Аз ин ҷо натиҷа гирифта мешавад, ки Воҷибулвуҷуд якто ва танҳо яктост.

Вале сарфи назар аз ин изҳороти равшан ва возеҳи мутафаккир ҳанӯз аз замони Муҳаммад Ғаззолӣ одат шудааст, ки таълимоти фалсафӣ ва илоҳиётии Ибни Синоро ҳамчун санавият қаламдод намоянд. Ин мавқифро баъзе олимони кунунӣ низ ҷонибдорӣ кардаанд[2]. Онҳо барои исботи санавияти ҷаҳонбинии мутафаккир пеш из ҳама ақидаи ӯро дар бораи ҳамқадимии Аллоҳ ва олам далел меоваранд, ки ҷузъи назарияи Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуди вай аст. Вале барои муқаррар кардани ҳақиқати чунин арзёбии намудани ҷаҳонбинии файласуф зарур аст, ки дар ҳусуси моҳияти худи санавия чанд сухан бигӯем ва аслҳои умдаи онро дар заминаи шаклҳои таърихии вай муайян намоем, зеро дар баъзе таҳқиқоти охирин (масалан, дар мақола ва китоби Р.Г.Содиқов) санавия (дугаройӣ) ба дуият баробар дониста мешавад, ки комилан нодуруст аст.

Яке аз шаклҳои таърихан аввалини санавия – санавияи ба ном форсӣ аст, ки дар таълимоти зартуштия[3] , марқуния, дайсония, монавия ва маздакия зуҳур карда буд. Муҳаммад Шаҳристонӣ, ки дар асараш «ал-Милал ва-н-ниҳал» назариёти санавияи форсиро баррасӣ карда аст, моҳияти онро чунин таъин мекунад «Санавия тоифаеанд, ки ду азалӣ собит кунанд, ки эшонро «асҳоби иснайн» гӯянд. Заъми эшон он аст, ки «Нур» ва «Зулмат» ду азалианд қадим, ба хилофи «Маҷус», ки ба худуси зулмат қоиланд ва сабаби ҳудуси онро меҷӯянд. Ва ин тоифа (яъне санавия – М.Д.) гӯянд, ки «Нур» ва «Зулмат» дар қадим будан бо ҳам мушориканд ва ихтилофи инҳо дар ҷавҳар ва табъ ва феъл ва ҳайиз ва макон ва аҷнос ва абдон ва арвоҳ мебошад»[4].

Шаҳристонӣ ин таърифи умумии санавияро дар заминаи

1 Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ» Ҳамадон, 1383.С. 79.

2 Богоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии. Сталинабад, 1961. С.115-116; Баратов М.Б. Мировоззрение Ибн Сны // Ибн Сина. Канон врачебной науки. Кн.1. Ташкент, 1981; Садыков Р.Г. К оценке мировоззрения Ибн Сины // Известия АН Таджикской ССР. Серия: философия, экономика право, 1990. №2. С.30. Садыков Р.Г Концепция человека в философии Ибн Сины. Издательство С. Петербургского университета, 2006 С. 115-144.

3 Дар таҳқиқоти солҳои охир Зартуштия назарияи ваҳдонӣ шумурда мешавад. Чунин ақида вуҷуд дорад, ки истилоҳи санавия – дуализм дар илм дар асри 17 аз ҷониби Т.Гайд ва Христиан Волф ҷорӣ карда шудааст. Вале он дар осори Муҳаммад Шаҳристони – мутафаккири асри 12 ҷой дорад. Ба назар мерасад, ки ин истилоҳро Абубакри Розӣ ва Мотридин (Мотуридин) Самарқандӣ (асри 10) истифода кардаанд.

4 Муҳаммад Шаҳристонӣ. Тавзеҳи ал-Милал. Тарҷмаи «ал-Милал ва ниҳал». Ҷилди аввал. Чопи чаҳорум (Бе соли нашр)». С.409.

баррасии санавияи Монӣ мушаххас менамоянд ва менависад: «Монии ҳакимро заъм он аст, ки олам сунъат ёфтааст аз ду асли қадим: яке «Нур» ва дигаре «Зулмат», ки ҳарду азалианд, ки азалан ва абадан бошанд ва инкор кунад аз он, ки чизе на аз асли қадим мавҷуд тавонад буд. Ва заъми ӯ он аст, ки «Нур» ва «Зулмат» қавианд (қадиманд) ва ҳассос ва дарроканд (яъне ҳис ва маърифат ва дарёфт доранд) ва шунаво ва бедоранд. Ва бо вуҷуди он дар нафс ва сурат ва феъл [ва тадбир] бо ҳам зиданд. Ва дар ҳайиз мутаҳозианд, монанди шахс ва соя, ки мутаҳозӣ бошанд. Ва афъол ва ҷавҳари ҳарду дар ин ҷадвал зоҳир мешавад:

	ан-Нур	аз-Зулмат
а л - Ҷавҳар	Ҷавҳаре нек, фозил, карим [пок], хушбӯй, хушманзар	Ҷавҳаре қабеҳ, ноқис [луйим], тира, хабис, бадбӯй, зиштманзар
ан-Нафс	Нафсе карим, хайир, ҳаким, нофеъ, олим	Нафсе шарир, луйим, сафеҳ, зараррасонанда, ҷоҳил
ал-Феъл	Феъле, ки мутаззамини салоҳ ва хайр бошад ва мусталзами сурур ва тартиб ва низом ва иттифоқ	[Феъли мутаззамини] шар, фасод ва зарар ва ғам [ва ташвиш] ва татабур ва ихтилоф
ал-Ҳайиз	Ҷиҳати он [ҷиҳати] болост. Аксари эшон (монавиён – М.Д.) бар онанд, ки муртафеъ аст аз ҷиҳати Шимол. Ва заъми баъзе он аст, ки ба ҷануби Зулмат аст	Ҷиҳати он ҷиҳати сифл аст. Ва аксари эшон бар онанд, ки мунҳат (яъне фуд аст) аз ноҳияи Ҷануб. Ва заъми баъзе бар он аст, ки ба ҷануби Нур аст.
[а л - А ҷ - нос]	Аҷноси Нур панҷ аст: ҷаҳор аз он абдон аст ва панҷум арвоҳи он абдон аст. Ва абдон нур аст ва нор ва бод ва об. Ва руҳи он насим аст, ки дар ин абдон ҳаракат мекунад.	Аҷноси он панҷ аст: чаҳор абдон ва яке арвоҳи абдон. Ва абдон – ҳариқ ва зулмат ва самум ва забоб аст ва рӯҳи он духон аст [ва ҳома номида мешавад], ки ҳаракат мекунад [дар ин абдон]
ал-Сифат	Зиндагӣ ва покӣ ва накукорӣ	Мурдагӣ ва бадӣ (шарорат), палидӣ, чиркинӣ [1]

Инак , агар ин нукотро ба назар бигирем, бояд гуфт, ки санавия ба маъниии том ва дақиқи ин истилоҳ такя ба аслҳои зерин дорад:

1. Мабдаи ҳастӣ ду ҷавҳари ҷовид ва азалию абадӣ мебошанд, ки якеаш рӯҳонӣ (Нур), дигараш – моддӣ (Зулмат) аст.

1 Муҳаммад Шаҳристони. Ҳамон асар. С.414.

2. Чун ҷавҳар онҳо зимнан ҳам мутаъодиланд ва ҳам зид.

3. Мутаъодилияти ҷавҳарҳо ҳамқидамӣ, ҳастии зотӣ, мутлақият, ҳастии худ ба худ, худистиқлолӣ ва худмухтории онҳоро ифода менамояд.

4. Тазоди ҷавҳарҳо ававалан аз он иборат аст, ки онҳо аз рӯи табиъати худ фарқ мекунанд. Ин табиъати онҳо тақозо мекунад, ки якеашон моддӣ ва дигарашон руҳонӣ (муфориқ) аст. Дуюм, тазоди ҷавҳарҳо натиҷаи он аст, ки ҳар яки онҳо сифатҳои ба худ хос доранд. Масалан, сифати асосӣ ва умдаи ҷавҳари руҳонӣ тафаккур ва адами хосиятҳои моддӣ, сифати асосии ҷавҳари моддӣ имтидод ва ҷисмият аст.

Дар мавриди чунин таъбири санавия ва усули он таълимоти Ибни Синоро дар хусуси ҳамқидамии Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд, ё Аллоҳ ва олам, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон чун таълимоти санавӣ маънидод кард. Зеро ҳарчанд Ибни Сино ҳамқидамии Воҷибулвуҷуд (Аллоҳ) ва имконулвуҷуд (олам)-ро эътироф дорад, вале онҳоро мабдаҳои номуъодил ва нобаробари ҳастӣ мешуморад. Воҷибулвуҷуд аз назари ӯ мабдаи мутлақ, худистиқлол, худмухтор ва билфеъли ҳастӣ аст, ки ҳам сабаби ҳастии худ ва ҳам сабаби ҳастии тамоми мавҷудоти дигар аст. Вале имконулвуҷуд, ё олам фақат мабдаи билқувваи ҳастӣ аст, ки танҳо тавассути ғайрихуд, яъне Аллоҳ, воҷибулвуҷуд бағайр мегардад. Худи Ибни Сино ин маъниро чунин баён кардааст: «Ҳастии аҷсом ва аъроз ва билҷумла мақулоти ин олами маҳсус зоҳир аст. Ин ҳамаро моҳият ҷуз иннийат аст, ки андар даҳ мақулот ҳамеафтад. Ва гуфта будем, ки ин ҳама имконулвуҷуданд. Ва аърозро қивом ба аҷсом аст. Ва аҷсом пазирои тағйиранд. Ва низ аҷсом аз моддат ва сурат мураккабанд ва ҳарду ҷисманд. Ва моддат ба нафси хеш қоим ба феъл нест ва сурат низ ҳамчунон. Ва гуфта будем, ки ҳар чӣ чунин бувад, мумкинулвуҷуд бувад. Ва гуфта будем, ки мумкиулвуҷудро вуҷуд ба иллат бувад ва ба худ ӯро ҳастӣ набувад ва ба чизе дигараш ҳастӣ бувад. Ва муҳдасӣ ин бувад. Ва низ гуфта будем, ки иллатҳо охир ба Воҷибулвуҷуде расанд ва Воҷибулвуҷуд яке бувад. Пас падид омад, ки мар оламро аввале ҳаст, ки ба олам намонад (ба олам монанд набувад – М.Д.) ва ҳастии олам аз вай аст ва вуҷуде воҷиб аст ва варо вуҷуд ба худ аст, балки **вай ба ҳақиқат ҳастии маҳз аст ва вуҷуди маҳз аст ва ҳамаи чизҳоро вуҷуд аз вай аст»**[1].

Инро низ бояд дар назар дошт, ки Ибни Сино гарчи Аллоҳ (Воҷибулвуҷуд) ва оламро дар замон ҳамқидам ҳисобад ҳам,

1 Илоҳиёти «Донишномаи алой». Ҳамандон, 1383. С.82-83.

вале дар айни ҳол собит мекард, ки аз рӯи зот, мартаба, мақом ва камол онҳо ҳамқидам, мутаъодил ва баробар нестанд. Аз ин ҷиҳат Аллоҳ (Воҷибулвуҷуд) бартар ва муқаддамтар аз олам аст. Аз ҷумла, бартарӣ ва тақаддуми зотии Аллоҳ бар олам иборат аз он аст, ки вай ҳастии ба зоти худ мутлақ, мабдаи худистиқлолест, ки ҳам сабаби худаш ва ҳам сабаби ҳама мавҷудоти дигар аст. Вале олам causa sui нест, вай танҳо ҳастии билқуввa, имконӣ ва маълули ҳамешагии Аллоҳ буда, тавассути он воҷибулвуҷуд мегардад. Воҷибулвуҷуди бағайр ба Воҷибулвуҷуди базот мутаъодил ва баробар нест.

Инак, дар заминаи асли «Воҷибулвуҷуд – имконул-вуҷуд» ва «ҳамқидамии Аллоҳ ва олам» ҳеҷ гуна имконе вуҷуд надорад, ки санавияти ҷаҳонбинии Ибни Сино ба исбот расонда шавад. Шояд аз ин сабаб бошад, ки баъзе муҳаққиқони кунунӣ кӯшиш доранд ё вазифаҳои ҷаҳонбинии ин аслҳои фалсафа ва илоҳиёти мутафаккирро беарзиш созанд, ё онҳоро аслан инкор кунанд. Баъзеи онҳо бо назардошти ин ҳадафи худ менависанд: «Агар ҷоиз дониста шавад, ки Ибни Сино барои эътирофи санавият (дуализм) маҷбур буд, ду Воҷибулвуҷудро эътироф намояд, пас дар ин ҷо, бешак, мутаъодилии мабдаҳои нахустин вуҷуд хоҳад дошт, вале зидди ҳамдигар будани онҳо ҷой нахоҳад дошт. Бинобар ин ҳастии ду **Воҷибулвуҷудро шарти санавияти фалсафаи Ибни Сино қарор додан маъние надорад»**[1]**.** Вале суол ба миён меояд, ки чаро ду Воҷибулвуҷуд бояд мутаъодил бошанд, вале зид набошанд? Агар, масалан, ҳастии Воҷибулвуҷудҳои руҳонӣ ва моддӣ эътироф карда шавад, пас чаро онҳо ҳамтман мутаъодил бошанд, вале зид набошанд? Аз рӯи таърифи санавия, ки дар боло дар заминаи тавсифи санавияи Монӣ баён кардем, онҳо имкони бештар доранд зимнан ҳам мутаъодил ва ҳам зид бошанд. Онҳо ба он сабаб мутаъодил хоҳанд буд, ки ҳар якеашон мавҷуди мутлақу мухторанд ва аз ҳамдигар вобаста нестанд. Ин Воҷибулвуҷудҳо аз он рӯ зид хоҳанд буд, ки якеашон – моддӣ ва дигарашон руҳонист, якеашон ҷисмонӣ буда ба сифат, миқдор, изофа, «кайӣ?», «куҷоӣ?» вобаста аст, соҳиби касрат мебошад, таҷзияпазир ва мутағайир аст (Воҷибулвуҷуди моддӣ), вале дигараш ғай-

1 Садыков Р.Г. К оценке мировоззрения Ибн Сины// Известия АН ТССР. Серия: философия, экономика, право. 1990 №2.С.30. Содиқов Р.Г. соли 2005 дар нашриёти Донишгоҳи С. Петербург китобе бо номи «Концепция человека в философии Ибн Сины» ба табъ расонидааст, ки дар он низ бе ҳеҷ гуна асоси кофӣ фалсафаи Ибни Синоро чун фалсафаи санавӣ (дуалистӣ) қаламдод мекунад. Мутолаъаи ин китоби ӯ нишон медиҳад, ки вай бо осори Ибни Сино ба таври басанда шинос нест ва хулосаҳояш далели кофии қаринаӣ надоранд. Аз ҷумла, аз ин асари ӯ маълум намешавад, ки назарияи инсони Ибни Сино чӣ гуна будааст. Зеро вай маводи зарурии ба ин масъала вобастаро, ки дар осори Ибни Сино мавҷуд аст гирдоварӣ ва таҳлил наменамояд ва бо пешфарзҳои худии бедалел қаноат мекунад.

риҷисмонӣ буда ба сифат, миқдор, «кайӣ?», «куҷоӣ?», изофа вобаста нест, касратпазир, тақсимпазир, тағйирпазир намебошад, ақли маҳз ва хайри маҳз аст (Воҷибулвуҷуди руҳонӣ). Агар Ибни Сино чунин ду (ё бештар) Воҷибулвуҷудро эътироф мекард, пас ҳеҷ ҷои шубҳа боқӣ намемонд, ки фалсафаи ӯ чун фалсафаи санавӣ арзёбӣ шавад. Вале Ибни Сино ҳам ошкор ва ҳам ниҳон ҳастии воҷибулвуҷуди моддии ба зоти худро инкор мекунад. Инкори ошкорои воҷибулвуҷуди моддии ба зоти худ аз ҷониби ӯ дар он зоҳир мешавад, ки ба ақидаи вай чизи маҳсус наметавонад воҷибулвуҷуд бошад. Инкори ниҳонии Воҷибулвуҷуди моддиро мо дар гуфтори ӯ «Воҷибулвуҷуд» нид (зид) ва шарик надорад», пайдо мекунем. Инкори воҷибулвуҷуди моддӣ аз ҷониби Ибни Сино вокунише буд ба таълимоти санавии Даврони Қадим ва Асрҳои миёнаи тоҷику форс, ки дар назариёти монавия, маздакия, марқуния, дайсония ва… зоҳир шуда аст. Ибни Сино дар асл ҳастии ду воҷибулвуҷуди руҳониро низ нафй мекард ва ақидааш ин буд, ки Воҷибулвуҷуде, ки ӯ чун мавҷуди руҳонӣ ва муфориқ тасаввур мекунад, нид (зид), шабеҳ ва шарик надорад. Агар баъзе муҳаққиқони муосир, хусусан Р.Г.Содиқов, асли «Воҷибулвуҷуд - имконулвуҷуд»-и фалсафа ва илоҳиёти Ибни Синоро аз назари санавия бемаънӣ донанд, пас асли «ҳамқидамии Аллоҳ ва ҷаҳон»-ро, ки низ яке аз аслҳои муҳими фалсафа ва илоҳиёти вай аст, комилан инкор мекунанд. Р.Г.Содиқов, ки яке аз ҷонибдорони ин мавқиф аст, менависад: «Аз назари Ибни Сино на олам, балки модда бо Аллоҳ ҳамқидам аст. Олам гузаро ва мутағайир аст; на худи олам мабда аст, зеро вай натиҷаи ба ҳам пайвастани модда ва сурат аст. Ба ин маънӣ олам қадим ва абадӣ нест, балки гузарост, вале мабдаи моддӣ қадим ва абадист». Ҳар касе, ки ба таърихи фалсафаи Асрҳои Миёна умуман ва осори Ибни Сино хусусан, андаке шинос бошад, бе заҳмат хоҳад дарёфт, ки дар ин гуфтаи Р.Г.Содиқов ҳеҷ чизи таърихан дуруст ва яқинӣ вуҷуд надорад ва он маҳсули хаёли соф ва бофтаи худи муаллиф аст. Ҳаргоҳ тарафдорони ин ақида собит карданӣ мешаванд, ки аз назари Ибни Сино на олам бо Аллоҳ ҳамқидам аст, балки модда, асли таърихиятро ба эътибор намегиранд ва фаромӯш мекунанд, ки дар Асрҳои Миёна масъала иборат аз он набуд, ки «оё моддаро Худо офаридаст, ё он аз азал вуҷуд дошт?», балки иборат аз он буд, ки «оё оламро Аллоҳ офаридааст, ё он аз қадим вуҷуд дошт?» Ба ин суол ҷавоб гуфта, як гурӯҳи файласуфон назарияи ҳамқидамӣ (ҳамазалиятӣ)-и Аллоҳ ва оламро эҷод карданд (Ибни Сино, Ибни

Рушд, Насируддини Тӯсӣ); гурӯҳи дигари онҳо асли азалият ва қадимати Аллоҳ ва ҳадосати оламро пешниҳод карданд (файласуфони муткаллим); гурӯҳи сеюм азалияту қадимат ва абадияти оламро таъйид карда, ҳастии ҳамагуна мавҷуди муфориқ ва фавқуттабииро рад намуданд (зурвониён ва даҳриён); гурӯҳи чорум қадимати панҷ ҷавҳари мустақилзот – яъне модда, замон макон, Борӣ ва нафсро қоил буданд (Абубакри Розӣ) ва ғайра. Ин муҳаққиқон ба ҷои он ки таҳлили мушаххаси масъалаи таносуби Аллоҳ ва оламро анҷом бидиҳанд, аз нафйи он кори беҳтаре наёфтаанд. Агар Р.Г.Содиқов – муаллифи ин ақида – ба таҳқиқи мушаххаси фалсафа ва илоҳиёти Ибни Сино мепардохт, ҳатман дармеёфт, ки ин андешаи ӯ аз бех ба аслҳои фалсафа ва илоҳиёти мутафаккир зид аст. Аз ҷумла, вай дармеёфт, ки ин андешаи ӯ ба таълимоти Ибни Сино дар бораи Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд, ки аслан таълимот дар бораи Аллоҳ ва олам аст, комилан мухолиф аст, зеро Воҷибулвуҷуд мабдаи ба зот, мутлақ, заруратан қадиму абадӣ ва мухтори ҳастӣ аст, вале олам мабдаи на ба зот, на мутлақ, на заруратан қадиму абадӣ ва номухтори ҳастӣ мебошад. Вай танҳо тавассути Аллоҳ билфеъл ва воҷибулвуҷуд мегардад ва дар ҳастии худ ҳамеша ба ёрии он ниёз дорад. Магар ин тарҳи дақиқ ва ҳалли равшани масъалаи ҳамқидамии Аллоҳ ва олам нест? Зиёда аз ин, агар дар ёд дошта бошем, ки Ибни Сино зери мафҳуми олам маҷмуъи ҳама ҷисмҳои содаи табиъӣ, маҷмуъи мавҷудоти ҳамҷинси олами табиъат, олами нафс ва олами ақл ва зери мафҳуми «ҷисмҳои содаи табиӣ» нахустунсурҳо, яъне об, ҳаво, замин ва оташро, ки ҳаюло номида мешаванд, дар назар дошт, пас равшан мегардад, ки масъалаи ҳамқидамии Аллоҳ ва модда дар фалсафа ва илоҳиёти ӯ танҳо як ҷиҳат, як тараф ва як нуқтаи масъалаи ҳамқидамии Аллоҳ ва олам, ё ҳамқидамии Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд аст. Бинобар ин ҳеҷ далеле вуҷуд надорад, ки он мутлақ ва барҷаста карда шавад, масъалаи умдаи фалсафа ва илоҳиёти мутафаккир таъин гардад ва асли асосӣ ва куллии он, яъне ҳамқидамии Аллоҳ ва олам инкор карда шавад. Р.Г.Содиқов инчунин муътақид аст, ки аз назари Ибни Сино олам наметавонад бо Аллоҳ ҳамқидам бошад, зеро он мутағайир ва гузарост. Вале ин ақидаи вай бо назариёти Ибни Сино комилан мухолиф аст. Дар ин сурат ӯ ба назар нагирифтааст, ки мафҳуми «олам» аз диди Ибни Сино васеътар аз мафҳуми «олами моддӣ» аст, зеро ӯ дар баробари олами табиъат, ки маҷмуъи ҳамаи аҷсоми табиъист, ба ҳастии олами нафс ва олами ақл қоил аст. Олами табиъат

аз назари Ибни Сино дар ҳақиқат мутағайир ва гузарост, зеро дар он таҳаввули ҳамешагии шаклҳои ҳастии аҷсоми моддӣ ҳукмфармост. Вале ӯ муътақид аст, ки таҳаввули шаклҳои ҳастии аҷсоми моддӣ далели қадим ва абадӣ набудани олам нест, зеро сарфи назар аз ҳама тағйирот, табаддуллот ва таҳаввулот, олами табиъат чун «маҷмуъи ҳамаи аҷсоми содаи табиъӣ, чун маҷмуъи мавҷудоти ҳамҷинс» ҳамеша боқӣ мемонад. Аммо олами нафс ва олами ақл аз назари Ибни Сино номутағайир ва мустақаранд. Ақли кул ва нафси кул ҳам азалию абадианд. Дар партави он чи баён шуд, мо бояд ин даъворо, ки гӯё аз назари Ибни Сино фақат асоси моддии олам қадим аст, қотеъона рад намоем. Решаи ҳамаи ин таъбирҳои носаҳеҳ ва ғалат дар он аст, ки ҷонибдорони ин назарот заҳмати таҳлили қаринаӣ ва ҳерменевтии муҳтавои назария, мафҳум ва мақулоти фалсафа ва илоҳиёти Ибни Синоро ба душ нагирифта, ба ӯ чунин андешаҳо ва ақидаҳои худбофтаеро нисбат додаанд, ки дар осори вай аслан ёфт намешаванд.

Ҷонибдорони тавҷеҳи санавии фалсафа ва илоҳиёти мутафаккир чун дар таълимоти вай дар бораи «Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд» ва «Ҳамқидамии Аллоҳ ва олам» барои исботи ақидаи худ бурҳон ва далеле пайдо накардаанд, кӯшиш ба харҷ додаанд, ки назароти худро тавассути дигар нукот ва ҷиҳатҳои таълимоти мутафаккир ба исбот бирасонанд. Дар ин мавриди онҳо барои исботи санавияи Ибни Сино «бурҳон» ва «далелҳо»-и зиёд мебофанд[1]. Вале мо дар ин ҷо ба таҳлили ҳамаи ин «бурҳон» ва «далелҳо»-и сохтаи онҳо машғул намешавем, балки танҳо далелу бурҳонҳои ононро, ки ба ҷиҳати мавриди таҳқиқи ақоиди мутафаккир дахл доранд, баррасӣ менамоем. Чунин «бурҳонҳо» дутоанд. Яке аз онҳо чунин сабт шудааст: «Танҳо дар мавриди таносуби Аллоҳ ва модда аҳкоме вуҷуд дорад, ки ба талаботи санавия ба таври возеҳ мутобиқанд, яъне мутаъодилият ва зиддияти мабдаҳо. Мутаъодилияти Аллоҳ ва модда аз он иборат аст, ки онҳо ба таври мутасовӣ барои сунъи олами ашё ва аҷсом заруранд. Воҷибулвуҷуд бе модда чизе офарида наметавонад, ҳамчунин модда ҳам худ ба худ шакли оламро гирифта наметавонад. Вале зиддият аз он иборат аст, ки Воҷибулвуҷуд ва модда дар манзараи сохтмонии олам ду мавзеъи канориро ишғол мекунанд, чун боло ва поён, чун комил ва нокомил, чун собит ва мутағайир»[2]. Нуқси умдаи ин далел аз он иборат

1 Садыков Р.Г. Ҳамон асар. С.31-37.
2 Садыков Р.Г. Ҳамон асар. С.34.

аст, ки муаллифи он мафҳуми классикӣ ва мазмуни таърихии асли зиддияти мабдаҳои ҳастиро, ки таҳкурсии ҳамагуна санавиятанд, таҳриф ва инкор менамояд. Агар эҷодкорони таълимоти санавӣ зери мафҳуми «мутаъодилияти мабдаҳо» ҳамқидамӣ, ҳастии ба худ, худистиқлолӣ, новобастагӣ ва мухторияти онҳоро аз якдигар ва зери мафҳуми «зиддият» тафовути онҳоро аз рӯи табиъат (яъне моддӣ ё руҳонӣ будан), сифат (чигунагӣ), каммият (чандӣ)… дар назар дошта бошанд, пас муаллифи ин «далел» мутаъодилияти мабдаҳоро чун яксонии зарурати онҳо барои сунъи олами ашё ва аҷсом ва зиддияти онҳоро чун тафовути боло ва поён, комил ва нокомил, собит ва мутағайир маънидод менамояд. Ҳамин маънидоди носаҳеҳ, ғалат ва ноаниқи мутаъодилият ва зиддияти мабдаҳои ҳастӣ сабаб шудааст, ки вай дар таносуби Аллоҳ ва модда нуктаеро пайдо кунад, ки аз назари ӯ сареҳан ба талаботи санавия ҷавобгӯ аст. Вале агар таъбири таърихан муқаррар шудаи асли мутаъодалият ва зиддиятро дар назар бигирем, пас дар тавҷеҳи Ибни Сино роҷеъ ба таносуби Аллоҳ ва олам ҳеҷ гуна нуктаеро пайдо намекунем, ки мутобиқи санавият бошад. Аввалан, аз назари Ибни Сино қадимат (азалият)-и Аллоҳ ва қадимат (азалият)-и олам мутаъодил нестанд: қадимати Аллоҳ мутлақ аст, зеро вай сабаби ҳастии худ ва сабаби қадимати худ аст. Ба ин маънӣ вай ба зоти худ қадим аст; қадимати модда нисбӣ аст, вай сабаби қадимати худ нест ва дар ҳастии азалию абадии худ ҳамеша ба Аллоҳ ниёз дорад. Ба ин маънӣ вай ба зоти худ қадим нест, балки танҳо тавассути Воҷибулвуҷуд азалӣ ва абадӣ мегардад. Сониян, Аллоҳ мабдаи мутлақ, мавҷуд ба зоти худ ва худмухтор аст ва ин чунин маънӣ дорад, ки ӯ ба зоти худ ва тавассути худ мавҷуд буда, дар ҳастии худ ба ҳеҷ сабаби дигаре ниёз надорад. Аммо модда танҳо имконулвуҷуд аст ва аз ин рӯ наметавонад мабдаи мутлақ, мавҷуд ба зоти худ ва худмухтори ҳастӣ бошад. Вай танҳо тавассути Аллоҳ метавонад чунин сифатҳо пайдо кунад, яъне Воҷибулвуҷуд бағайр гардад. Сеюм, ҳарчанд аз назари Ибни Сино Аллоҳ ва модда табиъатан мабдаҳои зиданд ва ба ҳам намеоянд, зеро Аллоҳ мавҷуди руҳонӣ ва модда мавҷуди ҷисмонӣ аст, вале ин зиддияти онҳо наметавонад далели санавияти фалсафа ва илоҳиёти ӯ талақӣ шавад, зеро вай онҳоро чун ду мабдаи мутаъодили ҳастӣ намедонад, чунки модда танҳо имконулвуҷуд буда, дар ҳастии билфеъли худ ниёз ба мадади Аллоҳ дорад. Чорум, Ибни Сино дар баъзе асарҳояш Аллоҳро низ ҷавҳар меномад. Вале Аллоҳ аз назари ӯ ҷавҳарест, ки ба мадади чизе, ё

касе ниёз надорад, ба зоти худ мавҷуд аст ва дар мавзуъ ва маҳалл нест. Модда ҳам ҷавҳарест, ки дар мавзуъ ва махалл нест, вале дар ҳастии билфеъли худ ба мадади Аллоҳ ниёз дорад. Чунин нуктаро низ дар назар бояд дошт: дар «Донишнома» мутафаккир таъкид мекунад, ки бар хилофи ҷавҳар, ки ҷинси ашёст, «Воҷибулвуҷуд ҷавҳар нест ва бачумла дар ҳеҷ мақулот нест, зеро ки ҳама мақулотро вуҷуд аразӣ аст ва зиёдат аст бар моҳият ва берун аз моҳият. Ва Воҷибулвуҷудро вуҷуд моҳият аст»[1]. Дар мавриди чунин ҳаллу фасли масъала ҳеҷ далеле вуҷуд надорад, то даъво шавад, ки «танҳо дар таносуби Аллоҳ ва модда нукоте вуҷуд доранд, ки возеҳан мутобиқи талаботи санавия мебошанд», зеро Ибни Сино аз ҷавҳар шумурдани Аллоҳ даст боздошта, дар асл масъалаи таносуби Аллоҳ – ҷавҳар ва Аллоҳ – моддаро аз байн мебарад ва рафъ менамояд.

Гуфтори зерини муҳаққиқ низ ба ҳақиқати таърихӣ комилан зид аст. «Санавияи фалсафа ягонагии Аллоҳро рад намекунад, балки онро дар назар дорад. Агар аз як сӯ бар фавқи олам Аллоҳи холиқ – мабдаи фаъол истода бошад, пас [аз тарафи дигар] ба он, агар чунин гуфтан ҷоиз бошад, Алайҳаллоҳ (Антибог) - моддаи ба Аллоҳ зид, ки мабдаи мафъул, моддаи халқи олам аст, муқобил истодааст. Ибни Сино ба санавия таваҷҷуҳи вижаӣ зоҳир намекунад, баръакс вай дар назариёти худ ба ҳар тарз мабдаи иллоҳиро таъкид ва таъйид мекунад. Ва дар ин ҷо тақобул ва нафйи санавия вуҷуд надорад. Ибни Сино аз ин ду мабда мабдаи беҳтар ва олитарро тарҷеҳ медиҳад. Муваҷҷаҳ (вектор)-и самтгирии арзишӣ ду қисмат намешавад, балки аз модда ба сӯи Аллоҳ майл мекунад»[2]. Санавия, бешубҳа, ягонагии Аллоҳро рафъ ва истисно намекунад, балки онро дар назар медорад, агар он чун таълимот дар бораи ду мабдаи ҳастӣ дониста шавад, ки якеашон мабдаи фаъол ва эҷодгар, дигарашон мабдаи мафъул, танҳо маводи сунъ ҳисобида шавад. Вале агар фаҳмиши таърихан муқарраршудаи санавия – санавия чун таълимот дар бораи ду мабдаи мутаъодил ва мутазоди ҳастӣ – ба эътибор гирифта шавад, пас он на танҳо инкори ваҳдоният, балки нафйи ҳамагуна якгароӣ (монизм), кӯшиши болотар будан ҳам аз якгароии динӣ ва ҳам якгароии фалсафӣ аст.

Андешаи муҳаққиқ дар ин хусус ҳам, ки модда Алайҳаллоҳ (Антибог) аст, дар осори Ибни Сино ҳеҷ заминае надорад. Аз осори мутафаккир садҳо иқтибос метавон оварда, ки Аллоҳ нид,

1 Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». С.78-79.
2 Садыков Р.Г. Ҳамон асар. С.33.

зид, шабеҳ, ҳамто ва шарик надорад. Вале дар тамоми осори бузурги мутафаккир на танҳо як иқтибос, балки як ишораеро наметавон ёфт, ки ин андешаи аз назари дин ва илоҳиёт куфромезро тасдиқ ва таъйид намояд. Илова ба ин бояд гуфт, ки агар модда танҳо мабдаи мафъул барои халқи олам бошад, пас чӣ гуна метавон онро Алайҳаллоҳ донист, то ки дар ин замина санавияти фалсафа ва илоҳиёти Шайхурраис исбот карда шавад? Охир, асли умдаи санавия аз эътирофи ду мабдаи мутаъодил ва мутазод иборат аст! Чунин суол низ ба миён меояд: агар Ибни Сино ба санавия таваҷҷуҳи вижаӣ зоҳир накарда бошад ва муваҷҷаҳи самтгирии арзишии вай ба ду қисмат тақсим намешуда бошад, пас магар ин чунин маънӣ надорад, ки фалсафа ва илоҳиёти ӯ дар ҳаллу фасли мабдаҳои ҳастӣ машраби санавӣ надорад?

Бурҳони дуюми ҷонибдорони ташреҳи санавии ҷаҳонбинии Ибн Сино, ки мансуб ба ҷиҳати мавриди таҳқиқи таълимоти ӯст, аз ин қазия иборат аст, ки гӯё Ибни Сино ба ҳастии ду Худо, яъне 1) Воҷибулвуҷуд ва 2) Аллоҳ, қоил аст. Масалан, Р.Г.Содиқов менависад: «Метавонанд эрод ворид кунанд, ки Воҷибулвуҷуд ва Аллоҳ ҳамон як Худоянд, аммо танҳо номҳои гуногун доранд, вале ин ҷо сухан танҳо аз номҳои гуногун нест, балки аз вазифаҳои гуногуни онҳо низ ҳаст. Дар як маврид Худо (Воҷибулвуҷуд) намуна ва ормони пайравӣ, лаззати ақлонӣ ва мушоҳидаи пас аз марг аст. Дар дигар маврид Аллоҳ пеш аз ҳама мавзуъи суҷуд, мабдаи боздоранда, таҳдиди ҷазо барои ноитоаткорӣ ва зиндагии нопорсоёна аст. Дар як маврид он мавзуъи исбот, дар дигар маврид мавзуъи суҷуд аст. Воҷибулвуҷуд маҳсул ва ҷамъбастии ниҳоии ҳама илмҳо, вале Худои дин аввал ибтидои эътиқод ва имон, пас ҳама чизи дигар аст. Дар як маврид сазо ва саодат ба ивази итоат ва иҷрои ҳама расму оинҳои динӣ, дар дигар маврид онҳо на танҳо барои маърифати муроқибавии Худо, балки барои шинохти табиъат эъто мешаванд. Дар хусуси тафовути ин худоён ва вазифаи онҳо он чиз шаҳодат медиҳад, ки Ибни Сино дар як ҳолат ҷазои ҷисмониро инкор ва дар ҳолати дигар таъйид мекунад, то ки ба диндорон ба таври аёнӣ азоб, ё лаззати дар пеш истодаи ҳаёти охиратро нишон бидиҳад»[1] . Ин бурҳонро таҳлил карда, дар бораи чанд нуқтаи он таваҷҷуҳ бояд намуд. Аввал он нукта аст, ки гӯё Воҷибулвуҷуд ва Аллоҳ на танҳо аз рӯи ном, балки аз рӯи вазифа ҳам тафовут доранд. Ин нуктаро пеш оварда

1 Садыков Р.Г. Ҳамон мақола. С.36.

муҳаққиқ нишон намедиҳад, ки вазифаҳои Аллоҳ ва Воҷибулвуҷуд аз чӣ иборатанд, то ки дар ин замина хонандаро бовар кунонад, ки Воҷибулвуҷуд ва Аллоҳ на танҳо ба ном, балки аз рӯи вазифа низ тафовут доранд ва бинобар ин ду мавҷуди мутлақ ва мутазоданд. Дар асл вазифаҳои Аллоҳ, ки дар Қуръони Маҷид ва Ҳадисҳои пайғамбар ва вазифаҳои Воҷибулвуҷуд, ки дар осори Ибни Сино тавсиф шудаанд айни якдигаранд: ӯ ҳам дар Қуръону Ҳадис ва ҳам дар осори Ибни Сино ал-мубдиъ, ас-сонеъ, ал-холиқ, ал-мудаббир, ар-раззоқ, ал-одил ва… номида шудааст. Агар дар назар дошта бошем, ки сифатҳои Аллоҳ ва Воҷибулвуҷуд низ ба ҳам мутобиқанд, пас равшан хоҳад гашт, ки ба Ибни Сино нисбат додани ақидаи ҳастии ду Худо – Аллоҳ ва Воҷибулвуҷуд таҳрифи маҳзи назариёти ӯст. Бебунёдии ин андешаро шарҳи мутафаккир ба сураи «Ихлос»-и Қуръони маҷид собит менамояд, зеро дар ин шарҳ ӯ Аллоҳ ва Воҷибулвуҷудро комилан, айни ҳамдигар дониста дар тавҷеҳи алфози илоҳии «Қул: ҳува Аллоҳу аҳад» («Бигӯ: Вай Худои яктост») менависад: «Вай мутлақ аст, зеро ҳуввияташ аз ғайри ӯ вобаста нест…Он ки ҳуввияташ аз зоти худаш бармеояд, мутлақ аст… Он ки ҳуввияташ аз зоташ бармеояд, Воҷибулвуҷуд аст… Мабдаи аввал ба сабаби зоташ ҳастии мутлақ аст, зеро заруроти он зоти ӯст. Бинобар ин Воҷибулвуҷуд мавҷудест, ки чуз ӯ Худои дигаре нест». Файласуфи шинохтаи араб Умар Фаррух комилан барҳақ мегӯяд, ки «дар дин Воҷибулвуҷуд Аллоҳи ягона аст… дар фалсафа Воҷибулвуҷуд ба худии худ Аллоҳ аст»[1]. Дуюм, азбаски Аллоҳ ва Воҷибулвуҷуд як мавҷуданд, бинобар ин муқобил гузоштани онҳо, чунон ки муҳаққиқи мазкур амал мекунад, ҳеҷ асоси мантиқӣ надорад, зеро сифатҳое, ки ҷудо-ҷудо ба Аллоҳ ва Воҷибулвуҷуд нисбат дода мешаванд, дар асл сифатҳое ҳастанд, ки ҳамзамон ба Аллоҳ – Воҷибулвуҷуд (ё Воҷибулвуҷуд - Аллоҳ) хосанд. Сеюм, андешаи муҳаққиқ дар бораи ин ки «Ибни Сино дар як маврид маъодро инкор ва дар дигар маврид эътироф мекунад» далели санавияти фалсафа ва илоҳиёти ӯ шуда наметавонад. Зеро назари ҳақиқии мутафаккир аз он иборат аст, ки (1) маъод танҳо руҳонист; (2) маъоди ҳамзамони ҳам ҷисм ва ҳам нафс мумтанеъ аст; (3) маъоди нафс тавассути таносух ақидаи бебунёд аст, танҳо маъоди худи нафс воқеист[2].

Ба назардошти таҳлилоти фавқ мо муътақидем, ки Ибни Сино дар мавриди ҳаллу фасли заминаҳои куллии ҳастӣ мавқифи як-

1 Умар Фаррух. Ҳамон асар. С.413.
2 Муфассалтарниг.: Ибни Сино. Мабда ва маъод. Теҳрон, 1333. С.91-131.

гароӣ (монизм)-ро пеш гирифтааст ва чунон ки назарияи судур (файз)-и ӯ нишон медиҳад ин якгароии ӯ мутамоил ба худогароӣ (деизм) аст.

2. Назарияи судур

Таълимоти Ибни Сино дар бораи муносибати Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд дар асли дигари илоҳиёти ӯ – асли файз (судур) мушаххас мегардад. Ин назария аз ибтикороти Афлутин (Плотин) маҳсуб мешавад, вале Ибни Сино онро чун таълимоти Арасту пазируфтааст, зеро ба вай тавассути «Илоҳиёт»-и ҷаълии [сохта ва бофтаи] мансуб ба Арасту, ки дар асл яке аз қисматҳои «Тосеъот»-и Афлутин аст, шинос шуда буд. Ибни Сино назарияи судурро дар «Мабда ва маъод» муфассалан шарҳ дода аст. Чунон ки аз ин ва дигар осори ӯ бармеояд, назарияи судур дар фаҳмиши Ибни Сино таълимот дар бораи таносуби Худо ва табиъат буда, ба суоли «оё оламро Худо офаридааст ё он азалан вуҷуд дорад?» ҷавоб бояд бидиҳад. Ибни Сино дар «Мабда ва маъод» ба ин суол ба тариқи зайл ҷавоб медиҳад: Воҷибулвуҷуд - Аллоҳи воҳид, абадӣ, ғайримоддӣ, қорруззот ва мутлақ ба ҳадафе, ки дониста ва шинохта шавад, бе ҳеҷ гуна восита Ақли куллро офарид, ки он худ мавҷудест, ки ҳам худ ва ҳам холиқи худро маърифат мекунад. Аз ин рӯ, аз Ақли кулл пайи ҳам даҳ фалак ва нафсҳои онҳо содир (фаязон) шудаанд. Ба ақидаи Ибни Сино дар фалаки Қамар (Моҳ) силсилаи судур (фаязон) ба охир расида аст, зеро «то ба ин ҷойгоҳ олами басотат тамом шуд ва сипарӣ гашт ва тарафи бадоят то ба охир расид ва аз ин ҷо тарафи иъодат (бозгашт) оғоз кард»[1] . Дар ин хатти иъодат ба сабаби имтизоҷи чаҳор унсур (об, оташ, хок, ҳаво) тадриҷан ҷамодот, наботот, ҳайвонот ва инсон ба вуҷуд омаданд. Ба меъёри тасфияи маънавию ахлоқӣ инсон метавонад то ба зинаи акли фаъол расад, ва мартабаи пайғамбар ва фариштаро соҳиб шавад.

Дар назари аввал чунин менамояд, ки назарияи судури Ибни Сино таълимоти соф динӣ-мусулгаройӣ, ё ирфонӣ буда, комилан ба дини мубини ислом мувофиқ ва мутобиқ аст. Аммо баъди таҳлили амиқи андешаҳои Ибни Сино маълум мегардад, ки ҳарчанд назарияи судури ӯ ба либоси диниву ирфонӣ оро дода шудааст, вале наметавон онро як назарияи комилан динию ирфонӣ донист. Чунин ба назар мерасад, ки моҳияти ин таълимот бештар аз шарҳи худога-

1 Ибни Сино. Рисола дар ҳакикат ва кайфияти силсилаи мавҷудот. Теҳрон. 1331. С.24.

роёнаи (деистии) пайдоиши олам иборат аст. Ин хулосаро далелҳои зерин таъйид мекунанд:

1. Ибни Сино ҳудуди феъли бевоситаи Худоро бо офаридани Акли Аввал маҳдуд карда, аз андешаи дахолати доимии ӯ ба корҳои олам даст бозмедорад. Ӯ менависад: «Бошад, ки ту гӯи, ки аз ин сухан лозим ояд, ки муҳаррики осмон муфориқи ақлӣ бошад. Ва пеш аз ин маън кардаӣ, ки мубошири таҳрик чизе бошад ақлӣ, балки кувватест ҷисмонӣ. Ҷавоби ту он аст, ки ин ки собит шуд, Муҳаррики аввал аст ва равост, ки мулосиқи таҳрик, яъне муҳаррики қариб, ҷисмонӣ бошад»[1] .

2. Ибни Сино таносуби байни Худо ва табиъатро на ҳамчун таносуби байни холиқу махлуқ, балки чун робитаи иллат ва маълул (сабаб ва мусаббаб) маънидод мекунад. Чунин маънидоди масъала ба ин хулоса мерасонад, ки олам на ба иродаи Худо, балки аз рӯи зарурат офарида шудааст, зеро тибқи назарияи ҳатмият (детерменизми)-и Ибни Сино таъсири мутақобилаи иллат ва маълул на робитаи тасодуфӣ, балки робитаи зарурист ва «ҳар чизе, ки аз сабабе бармеояд, аз рӯи зарурат бармеояд»[2]. Иллат танҳо дар ҳолате сабаби воқеъиву ҳақиқӣ мешавад, ки агар маълулеро ба вуҷуд биёрад, дар акси ҳол он чун иллати билкувва боқӣ хоҳад монд. Аз ин рӯ зарур буд, ки Худо оламро биофарад, то ки сабаби билфеъл гардад. Қазияи охирин, агар онро мантиқан идома диҳем, ба хулосае меоварад, ки иллати феълӣ машрут ба зарурат аст ва мухтор нест[3] . Ин андеша ба таълимоти динӣ ва илоҳиёти динӣ созгор нест. Аз ин рӯ, мутакаллимони файласуфмаоб, хусусан Муҳаммади Ғаззолӣ, Муҳаммади Шаҳристонӣ, Абулбаракоти Бағдодӣ, Фахруддини Розӣ ин андешаи Ибни Синоро ҷиддан рад намудаанд.

3. Назарияи судури Ибни Сино ба назарияи сунъ ва ибдоъи исломӣ на аз ҳамаи ҷиҳатҳо созгор аст. Зеро он таҳаввули шаклҳои ҳастиро ҳам дар хатти нузул ва ҳам дар хатти суъуд дар назар дорад. Ин назария дар шакли ирфонӣ ҳам бошад масъалаи таҳаввули тадриҷии ҳастиро матраҳ мекунад ва пайдоиши паёпайи олами ҷамодот, наботот, ҳайвонот ва инсонро таъйид мекунад. Муҳаммади Ғаззолӣ носозгории назарияи судурро ба аҳкоми ислом дарк карда, онро боҷуръат накд кардааст. Аз назари ӯ пайравони чунин назария «холиқи мухтор ва қодир» будани Худоро сарфи назар намуда, «ҳолати ӯро ба ҳолати мурда (майит)-и ғофил аз воқеъоти

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.204.
2 Ҳамон асар. С.76.
3 Чаҳордаҳ мақола. Теҳрон, 1340. С.143-144.

олам наздик намудаанд»[1].

Муҳаммад Ғаззолӣ ба он манзур ба ин натиҷа расидааст, ки назарияи файзи Ибни Сино холиқияти Аллоҳро бо халқи Ақли аввал маҳдуд карда, халқи дигар мавҷудотро натиҷаи феъли дигар ақлҳо қаламдод кардааст. Дар навбати худ Абулбаракоти Бағдодӣ дар асараш «ал-Муътабар фӣ ҳикмат» қоидаи муҳимми назарияи файзи машшоиёнро, ки бо номи «ал-воҳид лоясдару анҳи илло ал-воҳид» («аз воҳид ҷуз воҳид содир намешавад») машҳур аст, мавриди нақд қарор додааст[2]. Нуқси ин қоидаи назарияи файзро Абулбаракоти Бағдодӣ дар он мебинад, ки машшоиён аз Ақли Аввал, ки ба мисли Аллоҳ воҳид аст, содир шудани се вуҷуд, яъне (1) ақли дуввум, (2) ҷирми фалаки аввал ва (3) нафси ба он марбутро таъкид мекунанд ва ба ин васила қоидаи мазкури худро халалдор ва вайрон менамоянд. Мағзи эроди Абулбаракот аз қоидаи «ал-воҳид» он аст, ки Худованд на фоъили муҷиб, музтар ва маҷбур аст, чунон ки машшоиён мегӯянд, балки фоъили мухтор ва ҳаматавоност ва қоидаи мазкур дар мавриди он дуруст нест. «Дар ин ҷо бояд ду нуктаро ёдовар шавем: аввал ин ки бар хилофи сухани Абулбаракот фалосифаи машшоиёни исломӣ, аз ҷумла Ибни Сино, бо таваҷҷуҳ ба робитаи тулии миёни маротиби ҳастӣ ва бо тавассул ба ин қоида, ки иллати шайъ иллати он шайъ (низ) ҳаст, Мабдаи Авваро фоъили ҳақиқӣ медонанд ва силсилаи уқулро фақат ба унвони воситаи файз талаққӣ мекунанд, на мабдаи файз. Ва зоҳиран Абулбаракот миёни ин ду хилт кардааст ва сухани ӯ мушкилеро ҳал намекунад. Дуввум ин ки наҳваи баёни Абулбаракот гоҳе вофӣ ба мақсуд нест…ва мушкилро намегушояд».[3]

Барои он ки сухан ба дарозо накашад, аз шарҳи бештари назарияи файзи Ибнм Сино даст боз медорем ва нақшаҳои рамзии назарияи файзи Афлутин, «Ихвонус-сафо», Форобӣ ва Ибни Синоро меоварем, то хонанда худаш ба таври аёнӣ моҳият, умумият ва тафовутҳои назарияҳои файзи онҳоро дарк намояд.

1 Муҳаммад ал-Ғаззолӣ. Таҳофут ул-фалосифа. Бейрут, 1341. С.103.

2 Ниг.:Абулбаракот Ҳибатулло ибни Алии Бағдодӣ.Китоб-ул-муътабар фи-л-ҳикмат.Ҷилди саввум.Ҳайдарободи Дакан,1358.С.156-158. Барои иттилоъи бештар дар бораи Абулбаракоти Бағдодӣ ниг. Доират-ул-маъорифи бузурги исломӣ.Ҷилди панҷум. Теҳрон,1372.С.202-209.

3 Доират-ул-маъорифи бузурги исломӣ.Ҷилди5.С.205

Сурати рамзии силсилаи файз дар фалсафаи Афлутин[1]



Нахустмоҳият ва нахустмабдаи комил, мутлақ, коин ба зот ва номаҳдуд. На ақл ва на мавзӯъи маърифати ақлӣ аст. Номутаҳаррик сарфи назар аз тағйири коинот ва табдили дараҷаҳои ҳастӣ. Ақлро аз худ содир мекунад, вале камоли худро аз даст намедиҳад.

Маълули файзи Воҳид (Хайр). Шабеҳ ба воҳид аз ҷиҳати фикр, андеша ва сурат. Бо Хайр (Воҳид) мубошират ва иттисоли доимӣ дорад.

Маълули нузули Ақл. Худро ба Воҳид мансуб намедонад, вале ба он рағбат дорад. Ду навъ дорад: 1. Навъи олӣ, ки аз Худо ва нафсҳои ситораҳои беҷисм тавлид мешавад. 2. Навъи сифлӣ, ки дар одами шайтонҳо, инсонҳо, наботот ва ҳайвонҳо тавлид ва такассур меёбад.

Зодаи нафси ҷаҳонӣ. Бо такосуф ёфтани хайюлоМабдаи Илоҳӣ беш аз пеш бо пардаи табиъӣ печонда ва аз Воҳид дур мешавад. Бинобар ин файзи қувваи илоҳӣ тавассути ақл ва нафс дар табиъат заъиф мегардад ва дар ҳаюло комилан қатъ мегардад. Ҳаюло, ки аз ҳақиқат ва Хайр барӣ аст, шарри мутлақ аст.

1 Ин нақшаро ман сохтаам. Се нақшаи дигар аз Абдуҳ Шиёлӣ. Таърих-ул-фалсафат-ил-арабия. Ат-Табъат-ур-робиъати. Бейрут, 1965. С.280, 368, 409 иқтибос шудаанд.

Ҷадвали рамзии силсилаи файз дар фалсафаи Форобӣ

Воҷибулвуҷуд ба худ камоли мутлақ, хайри маҳз, нафси худро тааққул мекунад, ба он ошиқ ва муктафӣ аст. Аз он ақли дуввум содир мешавад.

Аслан ҷавҳари ғайриҷисмонӣ, мумкинулвуҷуд ба худ воҷиб ба Ақли Аввал нокомилтарин ва нисбат ба ақл баъди худ комилтарин, нафси худро тааққул мекунад. Аз он фалак файз мешавад. Ба масдари камоли худ рағбати зиёд дорад ва онро тааққул мекунад.аз Ақли Аввал ақли дувум файз мегардад. Ин дар уқул то расидан ба Ақли фаъол -Ақли ёздаҳум идома меёбад.



Ҷадвали рамзии силсилаи файз дар фалсафаи Ихвонуссафо



Ҷадвали рамзии силсилаи файз дар фалсафаи Ибни сино

Воҷибулвуҷуд ба худ камоли мутлақ, хайри маҳз, нафси худро тааққул мекунад, ба он ошиқ ва муктафӣ аст. Аз он ақли дуввум содир мешавад.

Аслан ҷавҳари ғайриҷисмонӣ, мумкинулвуҷуд ба худ воҷиб ба Ақли Аввал нокомилтарин ва нисбат ба ақл баъди худ комилтарин, нафси худро тааққул мекунад. Аз он фалак файз мешавад. Ба масдари камоли худ рағбати зиёд дорад ва онро тааққул мекунад.аз Ақли Аввал ақли дувум файз мегардад. Ин дар уқул то расидан ба Ақли фаъол -Ақли ёздаҳум идома меёбад.



3. Пайғамбар ва пайғамбарӣ

Масъалаи пайғамбар ва пайғамбарӣ дар илоҳиёти Ибни Сино яке аз ҷиҳатҳои масъалаи куллии фалсафии инсон ва фаъолияти маърифатии он мебошад. Чунин тарҳи масъала аз гуфторҳои худи мутафаккир возеҳ мегардад. Аз ҷумла ӯ навишта буд: «Мардуме, ки шоистаи номи инсон ҳастанд, ононанд, ки дар охират ба саъодати ҳақиқӣ мерасанд. Ва инонро низ маротибе аст, ки аз ҳамаи эшон ашраф ва акмал он кас аст, ки ба нерӯи пайғамбарӣ ихтисос ёфта бошад. Нерӯи пайғамбариро се хосса аст, ки гоҳе он се хосса дар як инсон фароҳам меояд ва гоҳе чунин нест ва онҳо мутафарриқанд»[1] .

Аз диди Ибни Сино яке аз ин се хоссаи нерӯи пайғамбарӣ ба қувваи ақл марбут аст ва аз ҳастии ҳадси фавкулъода иборат мебошад. Ин нерӯ ҳамчунин ақли набавӣ (пайғамбарӣ) ва ақли қудсӣ низ номида мешавад. Ақли набавӣ (қудсӣ), ё ҳадси фавқулъода қавӣ буда, падидаи басе ба нудрат аст, вале имконнопазир нест. Бинобар ин мутафаккир бовар дорад, ки дар байни одамон метавонад касе бошад, ки дорои ақли қудсӣ (ҳадси қавӣ) буда, бе муаллим ва таълим ҳама, ё аксари маъқулотро дар андак муддат бидонад. Чунин кас бо доштани дигар нерӯҳои пайғамбарӣ пайғамбари фозил ва пуршаън хоҳад буд. Ибни Сино дар «Донишнома» меоварад: «...андар миёни мардумон касе бувад, ки варо дар бештари чизҳо муаллим бояд ва ҳеҷ ҳадс натавонад кардан, балки низ бувад, ки аз муаллим низ фаҳм натавонад кардан. Шояд, ки яке бувад, ки бештари чизҳоро ба ҳадс ба ҷой оварад ва андаке ҳоҷат бувад варо ба муаллим. Ва шояд, ки касе бувад нодир, ки чун бихоҳад бе муаллим андар як соат аз авоили улум ба тартиби ҳадсӣ то охир бирасад аз некпайвандии вай ба ақли фаъол, то ӯро худ ҳеҷ андеша набояд кардан ва чунин пиндорад, ки аз ҷое андар дили вай ҳамеафкананд. Балки ҳақ худ ин бувад ва ин кас бояд ки асли таълими мардумӣ аз вай бувад ва ин аҷаб набояд доштан, ки мо касе дидем, ки варо ин манзалат буд ва чизҳо ба андеша ва ба ранҷ омӯхтӣ. Валекин ба куввати ҳадс аз ранҷи бисёр мустағнӣ буд ва ҳадси вай дар бештари чизҳо мувофиқи он будӣ, ки андар китобҳост. Пас, варо ба бисёр хондани китобҳо ранҷ натавонистӣ бурдан. Ва ин касро ба ҳаждаҳсолагӣ, ё нуздаҳсолагӣ улуми ҳикмат аз мантиқ ва табиъиёт ва илоҳиёт ва ҳандаса ва ҳисоб ва ҳайат ва мусиқӣ ва илми тиб ва бисёр илмҳои ғомиз маъқул шуд,

1 Ибни Сино. Мабда ва маъод. С.133.

чунон ки чун хештан надид» [1].

Ин андешаҳои мутафаккирро арзёбӣ намуда, таъкид бояд кард, ки қобилияти ҳадсро, ки ӯ онро ақли пайғамбарӣ, ё кудсӣ низ меномад, набояд инкор кард. Илм ва фалсафаи имрӯза ҳам ҳастии қобилияти ҳадсро эътироф дорад, вале онро чун Ибни Сино на дар ҳудуди назарияи ақлгароӣ, балки дар масири назарияи ноақлгароӣ ва таҳтишуурӣ таҳлил менамоянд. Аммо назарияи ақли пайғамбарии Ибни Сино ба таври комил назарияи ақлонӣ нест. Он дар айни ҳол то ҳадди зиёд машраби ирфонӣ дорад. Ақоиди ӯ дар бораи робитаи ақли пайғамбарӣ ба ақли фаъол (ки дар ҳудуди дин Ҷабраил ном дорад) ва тавассути ӯ дарёфтани асрори ҷаҳон муяссар мегардад, ин натиҷагириро таъйид мекунад.

Хоссаи дуввуми нерӯи пайғамбарӣ аз диди Ибни Сино ба тахаюли инсони дорои мизоҷи комил марбут аст. Аз назари мутафаккир хусусияти тахаюлии инсони дорои мизоҷи комил иборат аз он аст, ки он касро ба донистани асрори ашё ва дарки мавҷудот роҳнамоӣ мекунад. Ин хоссаи тахаюл дар инсонҳо гоҳо ҳатто дар хоб низ зоҳир мешавад. Вале пайгамбарон ҳам дар хоб, ҳам дар бедорӣ молики ин хоссаанд. Аммо эҳсос ва ақл ба тахаюл дар иҷрои вазифааш монеъ мешаванд. Вале «касе, ки хаёлаш бисёр қавӣ ва нафсаш ҳам бисёр нерӯманд бошад, маҳсусот наметавонад ӯро ба куллӣ ба худ машғул ва мустағрақ гардонад ва ӯ метавонад фурсате барои иттисол ба он олам ба даст оварад ва ин кор ӯро дар бедорӣ имконпазир аст. Ва хаёлро ҷазб мекунад, пас ҳақро мебинад ва ҳифз мекунад. Ва хаёл кори худро ба анҷом мерасонад ва дуруст анҷом медиҳад. Он чиро мебинад монанди ин аст, ки ба чашм ва гӯш ҳис карда бошад. Ва чунон нест, ки тахаюли пайғамбар ин илмро дар ҳангоми иттисол ба мабдаи коинот анҷом диҳад, балки ҳангомест, ки нури ақли фаъол тобон шавад ва маъқулотро бар нафси ӯ ифоза ва ишроқ кунад. Пас, хаёл мегирад ва ин маъқулотро тахаюл мекунад ва дар ҳисси муштарак онҳоро ба тасаввур меоварад»[2] . Ба сабаби чунин матраҳ кардани масъалаи моҳияти маърифати пайғамбарӣ Ибни Сино бовар дошт, ки пайғамбарон маъқулотро бе муаллим ва таълим, дар заминаи робита ба олами малакут ва раҳ бурдан ба олами ғайб тавассути тахаюл ва ваҳй дармеёбанд. Ваҳй робитаи байни малакут ва нафсҳои одамон аст. Вай дар бораи он ҳолати мавҷудот хабар медиҳад, ки ба ҳаюлои олам таъсир мерасонанд, то ки муъҷизот

1 Ибни Сино.Табиъиёти «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон,1333. С.143-144.
2 Ибни Сино. Мабда ва маъод. С.137.

эҷод кунанд ва як сурати ҳаюлоро зоил намуда ба он сурати дигар бидиҳанд.

Эътирофи нақши хоси тахаюл дар раванди маърифат ва фаъолияти эҷодӣ дар он хусус далолат мекунад, ки Ибни Сино ба кашфи моҳияти ин нерӯи маърифатии инсон хеле наздик омада буд. Дар айни ҳол бояд гуфт, ки ӯ чун дар мавриди ҳадс, нақши маърифатии тахаюлро машраби динӣ ва ирфонӣ медиҳад: тахаюл танҳо ҳангоми робита ба Ақли фаъол метавонад сабаби эҷоди дониши пайғамбарӣ гардад.

Хоссаи сеюми нерӯи пайғамбарӣ ба нафс вобаста аст. Пайғамбарон, аз назари Ибни Сино, дорои қавитарин нафсанд, ки қодир аст ба табиъат таъсир кунад ва онро тағйир диҳад. Нафси онҳо чунон қавӣ аст, ки метавонад таҳаввулоти гуногун ва ҳаводисеро падид орад, ки дар табиъат сабабҳои хос доранд, мисли зилзила, бод, барқ ва ғ. Ҳамаи инҳоро Ибни Сино чунин шарҳ медиҳад: «Моддаи ҳамаи баданҳои унсурӣ (яъне ҷисмҳо, ки аз таркиби оташ, об, ҳаво ва хок ба вуҷуд меоянд – М.Д.) ба ҳасби асл яке аст, таркиб ва унсури ҳама пазирои умурест. Пас, агар фоъил нерӯманд бошад, ногузир унсур аз он мепазирад... Пас, дур набошад, ки нафсе чунон нерӯманд бошад, ки таъсираш ба бадани худ махдуд набошад, балки аз он бигзарад ва дар чизҳои дигар таъсир кунад»[1] . Ба ҳайси мисол Ибни Сино ба падидаи «чашмзадагӣ» ишора мекунад ва онро чун таъсири нафси қавӣ ба нафси заъиф маънидод менамояд. Бамаврид аст таъкид гардад, ки ин андешаи мутафаккир набояд рад карда шавад, балки зарур аст, ки ҳодисаҳои баршумурдаи ӯ аз чиҳати илмӣ ҷиддан таҳлил гарданд, зеро чунон ки худи ӯ таъкид мекунад, ин гуна падидаҳо ба «мазҳаби табиъат» мухолиф нестанд.

Ба андешаи Ибни Сино дараҷаи ниҳоии инсоният марбут ба дараҷаи фариштагон аст. Чунин инсон, аз назари ӯ, вакили Худо дар замин аст. Мавҷудияти вакили Худо хилофи ақл нест ва он барои инсоният амри воҷиб аст. Ин заруратро мутафаккир чӣ гуна мудаллал месозад? Ҷавоби ин суолро мо дар китоби «Шифо»-и ӯ пайдо менамоем: «Агар чунин инсон ҳаст шавад, бояд ба изни Аллоҳи таъоло, фармону ваҳйи вай ва фурӯ фиристодани Руҳулқудус сӯи ӯ дар корҳои мардумон суннатҳо муқаррар намояд. Асли аввале, ки ӯ суннат мегардонад ин аст, ки онҳоро бидононад, ки эшонро Офаридгори яктои тавоно аст. Вай донои ошкору ниҳон аст, ҳаққаш ин аст, ки ба ӯ итоат бояд кард.... Ӯро зарур нест, ки мардумонро ба донистани чизе аз маърифати Худои Таъоло машғул

1 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.138.

дорад, ки аз донистани «ӯ ягона, ҳақ ва беҳамто аст», бартар бошад. Вале зарурати пайғамбарӣ бо ҳамин нукта маҳдуд намешавад. Маълум аст, ки ҷомеъаи инсонӣ бе ҳамкорӣ ва муносибати мутақобилаи аҳли он вуҷуд дошта наметавонад. Барои ҳамкорӣ қонун ва густариши адолат зарур аст[1]. Барои эҷоди қонун ва густариши адолат қонунгузор зарур аст, ки адолатро ҷорӣ намояд[2]. Ба ақидаи Ибни Сино чунин қонунгузор бояд пайғамбар бошад. Аммо ба одамон ҳамеша фаромӯшхотирӣ, ё таҳрифи суннатҳо ва қонунҳои пайғамбар хос аст. Бинобар ин такроран муқаррар кардани суннатҳо ва қонунҳо зарур мешавад. Сабаб ҳамин аст, ки Худованд ҳаргоҳ пайғамбаронро бармегузинад, то ки дини ҳакро таҷдид ва эҳё кунад. Ҳама гуфторҳои Ибни Сино дар бораи пайғамбар ва дин саршор аз ғамхорӣ дар роҳи таҳким ва таъйиди ҳастии Мадинаи Фозила мебошанд, ки тавсифаш дар боби пешини ин китоб баён шуд.

Инак, таҳлили масъалаи нубувват нишон медиҳад, ки Ибни Сино заминаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва равоншиносии падидаи пайғамбариро басе нозукбинона баррасӣ карда, зарурати иҷтимоъии онро дар бобати таъмини рушди устувори Мадинаи Одила аз роҳи эҷод ва густариши шариъати муайян, ки шомили маҷмуъи меъёрҳои иҷтимоъӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва мазҳабӣ аст, равшан муқаррар кардааст. Бояд гуфт, ки назарияи нубуввати Ибни Сино зимни ҷанбаи илоҳиётиаш, мазмуни жарфӣ фалсафӣ низ дорад ва аз назарияҳои каломӣ, тасаввуфӣ ва ишроқӣ зотан мутамоиз аст. Аз рӯи муҳтавои худ вай акси назарияи нубуввати Абубакри Розӣ низ аст, зеро ин мутафаккир даъво дошт, ки «Худованд ҳамаи бандагони худро мусовӣ халқ карда ва ҳеҷ касро бар дигаре бартарӣ надодааст. Ва агар бигӯем, ки баҳри раҳнамоии онон ҳоҷат ба интихоби касе дошт, ҳикмати болиғаи вай мебоист чунин иқтазо кунад, ки ҳамаро ба манофеъ ва мазорри онӣ ва отияшон огоҳ созад ва бо интихоби имом ва пешво боиси он нашавад, ки ҳар фирқае танҳо аз пешвои худ пайравӣ ва дигаронро такзиб кунад ва бо назари буғз ба-донон бингарад ва ҷамоати бузурге бар сари ин ихтилоф аз миён биравад»[3].

4. Назарияи илми илоҳии Ибни Сино

Дар илоҳиёти Ибни Сино назарияи илми илоҳӣ мақоми

1 Ибни Сино. аш-Шифо. ал-Илоҳиёт. (2). С.442.
2 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.443.
3 Иқтибос аз:Забеҳулло Сафо. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни ислом. Ҷилди аввал. Теҳрон,1371.С.175.

хос дорад. Ин назария дар низоми илоҳиёти мутафаккир аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаҳоест, ки баҳсҳои шадидро барангехта ва аксаран боиси ба куфру илҳод муттаҳам кардани вай гардида буд. Барои он ки ҳақ аз ботил ҷудо карда шавад, моро зарур аст, ки ба суолҳои зерин ҷавоб бигӯем:

- моҳияти назарияи илми илоҳии Ибни Сино аз чӣ иборат аст?

- таносуби илми илоҳӣ ва инсонӣ дар илоҳиёти вай чӣ гуна аст?

- оё дуруст аст, ки назарияи Ибни Сино дар бораи илми илоҳӣ ба куфр мунҷар мешавад ва илҳодро ба бор меоварад ва густариш медиҳад?

- Илми Илоҳӣ чӣ маънӣ дорад ва ба кадом маънӣ бояд фаҳмида шавад?

- Аллоҳ (Воҷибулвуҷуд) чизҳои бисёрро чӣ гуна дарк мекунад, то ки дар зоти ӯ таксир пайдо нашавад?

- Аллоҳ ашёи тағйирпазирро чӣ гуна медонад, то ки дар худи ӯ ва зоти вай тағйир рух надиҳад? Танҳо дар заминаи таҳлили айнӣ, воқеъбинона ва беғаразонаи ҳамин масоил метавон моҳияти аслӣ ва арзиши ақидатии назарияи илми илоҳии Ибни Синоро барҳақ муайян кард.

Ба ин суолҳо тавассути таҳлили назарияи ӯ дар «Шифо», «Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот», «Донишнома» ва «Мабда ва маъод» ҷавоб бояд гуфт, зеро дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни назарияи мазкур муфассал ва равшан баррасӣ шудаанд:

Осори номбурдаи Ибни Сино нишон медиҳад, ки нуктаи асосии назарияи илми илоҳии ӯ аз он иборат аст, ки Аллоҳ ҳама чизро - аз хурдтарин ашё то аҷроми самовӣ – медонад ва аз зоти ҳамабин ва ҳамадони Вай ҳеҷ чиз ниҳон намемонад. «Ҳамоно, - навишта буд ӯ, - Воҷибулвучуд ҳар як чизро ба таври кулли тааққул мекунад. Дар айни ҳол ягон чизи шахсӣ аз тааққули Вай пинҳон намемонад. Аз тааққули ӯ дар Осмонҳо ва Замин чизе пинҳон намемонад, агарчи миқдоли заррае бошад. Ин аз ҷумлаи он ҳаводиси аҷиб аст, ки тасаввури он ба лутфи кареҳа ниёзманд аст»[1]. Дар «Донишнома», ки дар охири умри муаллиф таълиф шудааст, низ ҳамин андеша таъкид мешавад: «Ва Воҷибулвуҷуд ҳамаи чизҳоро донад ба илме куллӣ, ки ҳеҷ хурд ва бузург аз илми вай ғоиб набувад»[2].

Ин нуктаи аввалини шинохтшиносии илоҳиёти Ибни Сино дар бобати моҳияти Илми Илоҳӣ комилан ба аҳкоми Қуръонӣ мутобиқ аст. Ин ақидаро оёти зерини Қуръони Маҷид

1 Ибн Сино. Аш-Шифо. Илоҳиёт (2). С.359.
2 Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383 . С.93.

таъйид менамояд:

« -... Ҳамоно ҳеҷ чиз на дар замин ва на дар Осмон ба Аллоҳ пӯшида нест[1];

-«...Ва ҳамвазни заррае на дар замин ва на дар осмон аз Парвардигори ту пинҳон наемонад ва на хурдтар аз он ва на бузургтар»[2].

Заминаи назарии ин эътиқоди шинохтшиносии Ибни Сино таълимоти ӯ дар бораи моҳияти Илми Илоҳӣ аст, ки мувофиқи он Воҷиб-улвуҷуд (Аллоҳ) зоти худро медонад ва зоти вай ба ҳама ашё ба тартибе, ки вуҷуд доранд, ҳастӣ мебахшад. Ин чунин маънӣ дорад, ки Аллоҳ ҳама чизҳоро тавассути зоти худ медонад, на тавассути он ки чизҳо сабаби илми вай бошанд; баръакс илми ӯ сабаби ҳастии ҳама чизҳои пеш вуҷуд дошта, ҳоло мавҷуд ва дар оянда ҳодисшаванда мебошад. Бо назардошти ин нукта бояд гуфт, ки аз назари Ибни Сино Илми Илоҳӣ илмест, ки аз зоти худи Аллоҳ бармеояд, на илме, ки тавассути таъсири ашё дар қуввои мудрика - дар ҳавос ва ақл сурати онҳо мунтабиъ мегардад.

Ба ин муносибат Ибни Сино ин масъаларо низ баррасӣ кардааст, ки Аллоҳ чизҳои бисёрро чӣ гуна медонад, то дар зоти ӯ таксир пайдо нашавад. Дар натиҷаи таҳлили ин масъала вай дар ҳама асарҳояш таъкид мекунад, ки «Аввал чизе бибояд донист, ки Илми Воҷибулвуҷуд на чун илми мо бувад ва на дар қиёси илми мо. Дигар, ин ки андар мо ду гуна илм аст: яке бисёрӣ воҷиб кунад ва яке накунад. Он ки бисёрӣ воҷиб кунад, варо илми нафсонии ҳиссӣ хонанд ва он ки воҷиб накунад, варо илми ақлӣ хонанд»[3]. Агар назарияи Ибни Сино дар бораи маърифати инсонӣ ба эътибор бигирем, пас бояд таъкид кард, ки вижагии он аз Илми Илоҳӣ аз он иборат аст, ки вай дар натиҷаи таъсири ашё ва ҳаводис ба қувваҳои мудрикаи инсонӣ – ҳавос ва ақл – ва дар онҳо мунтабиъ гардидани хосият, сифат ва робитаи ашё ва ҳодисаҳо пайдо мешавад. Аммо дар мавриди Илми Илоҳӣ бояд гуфт, ки вижагии вай аз он иборат аст, ки машрут ва муқайяд ба Зоти Аллоҳ аст ва мутлақан ба таъсири ашё ва ҳодисаҳо вобаста нест. Бо такя ба ҳамин назарияи куллии маърифатшиносии Ибни Сино бояд гуфт, ки маърифати нафсоние, ки ӯ аз он сухан мегӯяд, ҳамон маърифати ҳиссист, ки ҳам ба ҳайвон, ҳам ба инсон хос аст, вале дар инсон бо нури ақл мунаввар гардидааст. Дониши нафсонӣ (ҳиссӣ)-е ки бо нури хирад мунаввар гаштааст, вижагии маърифати инсон буда, на ба ҳай-

1 Қуръон 3:5.
2 Қуръон 10:61. Ниг. низ: 34:3.
3 Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. С.82-83.

вон, на ба Аллоҳ хос нест. Вай хоси ҳайвон нест, зеро ҳайвон ақл надорад. Он хосси Аллоҳ низ нест, зеро Вай Ақли Маҳз аст. Маърифати ҳиссӣ аз он сабаб низ хоси Аллоҳ нест, ки он чун инъикоси хосият, сифат ва робитаҳои ашёи мутағайири олам ва чун маърифате, ки андешаи зиёд ба бор меорад, ба Зоти Аллоҳ ва ягонагии вай, ки ҳеҷ гуна тағйир ва таксирро намепазиранд, мутобиқ нест.

Ибни Сино вижагии маърифати ақлонии инсонро дар он медид, ки вай дар заминаи як андешаи ягона, ки мабда ва сабаби суратҳои ақлонӣ аст, ба вуқуъ мепайвандад. Ҳамчун дониши марбут ба суратҳои бисёр, ки аз як сурат ҳосил мешаванд, таксирро ба миён намеоварад. Дар натиҷаи ин таҳлил Ибни Сино ба чунин натиҷа мерасад: « Пас падид омад, ки чӣ гуна шояд, ки олиме бувад ба чизҳои бисёр бе бисёрӣ. **Ва ҳоли олимии Воҷибулвуҷуд ба ҳамаи чизҳо чун ҳоли он яке хотирдон ба чизҳои бисёр [бувад], балки аз он олитар ва ягонатар ва муҷаррадтар, ки он хотирро пазирое бувад, ки андар вай бувад он хотир. Ва он Воҷибулвуҷуди муҷаррад аст»**[1]**.** Пас, маърифати ақлонии инсон – маърифати нисбист, зеро вай натиҷаи таъсири ашё, ҳодисаҳо, хосиятҳо, сифатҳо ва робитаҳои онҳо ба ҳисс ва ақли инсон аст. Шояд ибораи Ибни Синоро дар хусуси ин ки андешаҳои ақлонӣ маҳал доранд ва дар он мутамаккинанд, ба ҳамин маънӣ фаҳмид. Бар хилофи маърифати ақлонии инсон, Илми Илоҳӣ – илми мутлақ аст, зеро ҷуз аз Зоти Аллоҳ ба чизе машрут ва муқайяд нест.

Ибни Сино дар мавриди баррасии масъалаи маърифати ҳодисаҳои имконӣ чунин андешаҳои муҳимро баён кардааст:

1. Имконот танҳо дар сурате дониста мешавад, ки он зарурат дошта бошад. Агар ҳастӣ ва нестии имконот зарурӣ набошад, онҳоро наметавон донист. Зеро агар чизе ҳаст шумурда шавад, вале дар асл вуҷуд надошта бошад, пас илм дар бораи он дурӯғ хоҳад буд. Дурӯғ илм нест, балки танҳо гумон аст;

2. Ҳастӣ ва нестии ҳама гуна ашё ва ҳаводис тавассути сабаб (сабабҳо) зарурӣ мегардад. Чун ашё, ҳаводис ва равобит тавассути донистани сабабҳояшон дарк мешаванд, пас онҳо заруратан дониста мешаванд. Пас, имконот фақат дар сурате дониста мешаванд, ки дар ҳукми зарурат бошанд;

3. Ҳар як ашё сабаби ҳастӣ дорад. Вале сабабҳои ҳастии ашё ба таври комил ба мо маълум нестанд. Аз ин рӯ зарурати ҳастии онҳо низ ба мо ба пуррагӣ маълум нест. Агар мо танҳо баъзе сабабҳои ҳастии ашё ва ҳодисаҳоро медониста бошем,

1 Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. С.88.

пас ин танҳо гумонро ба бор меоварад, на дониши яқиниро. Зеро ин баъзе сабабҳо, ки мо онҳоро донистаем, ҳастии ашёро зарурӣ намегардонанд. Метавонад чунин бошад, ки ашё сабабҳое доранд, ки мо онҳоро надонистаем. Дониши яқинӣ дар сурате вуҷуд дошта метавонад, ки «шояд» ҷой надошта бошад, яъне агар ҳама сабабҳо ва ҳама шартҳои ҳастии ашё ва ҳаводис муқаррар карда шуда бошанд.[1]

4. «Ва чун ҳарчӣ бувад варо бозгаштан аст ба Воҷибулвуҷуд. ки воҷиб ҳамебувад омадани вай аз вай. Пас ҳамаи чизҳоро нисбат воҷиб аст ба Воҷибулвучуд бо он ки эшон бо вай воҷиб шаванд. Пас ҳамаи чизҳо варо маълуманд»[2].

Дар ин таълимоти Ибни Сино тафовутҳои байни дониши инсонӣ ва Илми Илоҳӣ бисёр возеҳ баён шудаанд. Инсон ашё ва ҳаводисро дар заминаи ошкор кардани сабабҳо ва шартҳои ҳастии онҳо медонад. Вале инсон қодир нест, ки ҳама сабабҳо ва шартҳои ҳастии ашёву ҳаводисро бидонад, зеро онҳо новобаста ба вай вуҷуд доранд ва ҳамеша дар ҳоли тағйиротанд. Бинобар ин дониши инсон дар асл дониши нисбӣ аст. Агар ин ақидаи Ибни Сино аз дидгоҳи раванди маърифати ҷаҳон, тағйири аҷсом, ашё ва ҳаводис арзёби шавад, пас ӯ комилан ва бегумон ҳақ аст. Вале аз дидгоҳи маърифати аҷсоми ҷудогона, ашё, ҳаводис, равандҳо, алоқа ва равобити мутақобилаи онҳо дар муҳтавои дониши инсонӣ донаҳои ҳақиқати мутлақ бешак вуҷуд доранд. Бар хилофи дониши инсонӣ Илми Илоҳӣ, аз назари Ибни Сино, дониши яқинии мутлақ аст. Зеро ҳама чизе, ки буд, ҳаст ва хоҳад буд, аз ӯ чун сабаби нахустин, чун сабаб-ул-асбоб ҳосил мешавад. Илми Илоҳӣ аз он рӯй илми мутлақ аст, ки ҳама чизҳо ба ӯ чун сонеъи онҳо, чун холиқи онҳо, чун сабаби зарурати онҳо маълуманд.

Чунон ки маълум аст, яке аз аҳкоми муҳими дини мубини Ислом назарияи саботати Аллоҳ дар ҳама ҳолатҳо, мавридҳо ва замонҳо аст. Ин масъала мавриди таваҷҷуҳи файласуфони гуногунмашраб низ буд. Ибни Сино ин масъаларо, чунон ки гуфтем ҳангоми таҳлили масъалаи қадимат ва абадияти олам баррасӣ карда буд. Вай ин масъаларо ҳангоми таҳқиқи ин қазия, ки Воҷибулвуҷуд чизҳои мутағайиро чӣ гуна медонад, то худаш тағайир наёбад, низ баррасӣ мекунад. Натиҷаи ин таҳлил аз он иборат аст, ки ду навъ маърифат вуҷуд дорад: 1) маърифати замонии чизҳои ҷузъии мутағайир; 2) маърифате, ки маънии куллӣ дорад, ё маърифати куллӣ. Маърифати за-

1 Ниг.:Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ».С.89
2 Ибни Сино. Ҳамон асар.С. 89-90.

монии чизҳои ҷузъии мутағайир ба навъи маърифати ҳиссӣ мутааллиқ аст. Чун дониши замонӣ, он фақат дар ҳудуди ҳамин замон яқинӣ буда метавонад. Берун аз ин замон вай яқинияти худро аз даст медиҳад ва ҳатто ба гумон ва дурӯғ табдил меёбад. Мисоли чунин дониш қазияи «Имрӯз Офтоб дучори хусуф мешавад» аст, ки дар ҳудуди «Имрӯз» қазияи яқинӣ аст, аммо чун фардо фаро расад, он қозиб хоҳад шуд. **Вале Илми Илоҳӣ чун илми собит ва мутлақан яқинӣ наметавонад нисбат ба ашёи мутағайир илми замонӣ ва ҷузъӣ бошад. Ба ин муносибат Ибни Сино чунин суол пеш меорад: «Аммо чӣ гуна шояд, ки бувад?» ва ҷавоб мегӯяд, ки « Чунон шояд, ки бар вай куллӣ бувад, на ҷузвӣ»[1].**

Илми Илоҳӣ, ё илми куллӣ, чунон ки Ибни Сино, шарҳ медиҳад, дониши ақлоние аст, ки дар ҳама маврид ва ҳолатҳо яқинист ва бо мурури замон ҳақиқати худро аз даст намедиҳад. Намунаи чунин дониш – дониши ҳайатшинос дар хусуси ин, ё он ситора ва ё ин, ё он сайёра аст, ки на тавассути мушоҳида, балки аз роҳи истифодаи усул ва қавоиди хосе ҳосил гардидааст. Ибни Сино фарқи байни маърифати замонии чизҳои ҷузвии мутағайирро муайян карда, менависад: **«Воҷибул-вуҷуд ҳама чизҳоро донад ба илме куллӣ, ки ҳеҷ хурд ва бузург аз илми вай ғоиб набувад»[2].**

Ин ақидаи Ибни Сино бори дигар андешаи ӯро дар бораи ҳамадонии Аллоҳ ва ҳаматавоноии ӯ дар мавриди маърифати кулл ва ҷузъ тасдиқ ва тайид мекунад. Вале аз ин ақидаи ӯ ин натиҷа низ бармеояд, ки Аллоҳ на танҳо куллро, балки ҷузъро низ тавассути илми куллӣ медонад. Пас барои Ибни Сино Илми Аллоҳ дар бораи ҷузъ на дониши ҷузъӣ, балки дониши куллӣ, на маърифати ҳиссӣ, балки маърифати ақлонӣ аст. Дар хусуси мантиқӣ ва бетаноқуз будани ин ақидаи Ибни Сино ҳеҷ шакк ва тардиде нест, зеро Аллоҳ ба зоти худ ақли мутлақ аст ва аз ҳамагуна «чигунагӣ», «кайӣ», «куҷоӣ» ва олати ҳис барӣ мебошад. Тафовути амиқи байни маърифати инсонӣ ва Илми Илоҳӣ аз ҳамин иборат аст. Инак, дар таълимоти Ибни Сино дар хусуси Илми Илоҳӣ доираи васеъи масъалаҳо баррасӣ шудаанд: мафҳуми Илми Илоҳӣ; моҳияти Илми Илоҳӣ; вижагиҳои Илми Илоҳӣ; хусусиятҳои Илми Илоҳӣ; Сифоти Аллоҳ ба ҳайси омили маърифат...

Вале ҳарифони назарияи Илми Илоҳии Ибни Сино, хусусан Муҳаммад Ғаззолӣ ва пайравонӣ ӯ, тамоми қувваи нақди худро бар зидди ин нуктаи файласуф гирд овардаанд,

1 Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383. С.91.
2 Ҳамин асар. С.13.

ки «Воҷбулвуҷуд ҳама чизро ба тарзи куллӣ медонад». Агар мушаххастар бигӯем, онҳо ба муқобили хулосае, ки аз ин назария бармеояд хуруҷ кардаанд: Аллоҳ ҷузъро ҳам ба таври куллӣ медонад. Муҳаммад Ғаззолӣ ва пайравонаш айб ва нуқси асосии ин таълимоти Ибни Синоро дар он дидаанд, ки вай пояҳои ҳама шариъатҳо ва динҳоро хароб мекунад, зеро ба ин натиҷа меанҷомад, ки Аллоҳ ҷузъро намедонад. Муҳаммад Ғаззолӣ навишта буд: «Мазмуни он ин аст, ки агар, масалан, Зайд Худои Таъолоро тоъат ва ё исён варзида бошад, Худои Таъоло ба он чи аз аҳвол дар ӯ падид меояд олим набошад, зеро ӯ Зайдро биайниҳи намешиносад, чун шахсе аст ва афъоли ӯ баъд аз он ки набуд ҳодис гашта. Ва вақте шахсро нашиносад, аҳвол ва афъоли вайро ҳам нашиносад, балки куфри Зайд ва исломи вайро ҳам нашиносад ва фақат куфри инсон ва исломи ӯро ба таври мутлақ мешиносад, яъне ба таври куллӣ, на махсус ба ашхос. Балки лозим меояд бигӯем, ки Муҳаммад ба нубувват қиём кард, дар ҳоле, ки Ӯ (Аллоҳ) намедонист, ки Муҳаммад дар он ҳол ба сӯи вай даъват мекунад. ва ҳамчунин аст ҳол бо ҳар паёмбари муайян. Ва фақат Ӯ медонад, ки аз мардум касе ба нубувват қиём намуда ва сифати ӯ чунин ва чунон аст. Ва аммо паёмбари махсусро ба танҳоӣ намешиносад, зеро ин амр ба ҳис шинохта мешавад. Ва аҳволи ношӣ аз ӯро низ намедонад, зеро онҳо аҳволеанд, ки дар мавриди шахси муайян ба инқисоми замон мунқасим мешаванд ва маърифат тағйир мегардад»[1]. Ба назардошти чунин мантиқи баён ва далелҳо Муҳаммад Ғаззолӣ дар асарҳояш «Таҳофут-ул-фалосифа» ва «ал-Мунқиз мин аз-залол» Ибни Сино ва пайравони ӯро кофир ва мулҳид эълон мекунад ва ба қатли онҳо фатво медиҳад[2].

Оё даъвоҳои Ғаззолӣ ва пайравонаш ба муқобили Ибни Сино саҳеҳ ва боварибахшанд? Оё далелҳои Ғаззолӣ ва пайравонаш дар нақди назарияи Илми Илоҳии Ибни Сино ва ба куфру илҳод муттаҳам кардани вай, далелҳои айнӣ, мантиқӣ ва беғаразонаанд?

Бешак назарияи Ибни Сино дар бораи Илми Илоҳӣ, ки мувофиқи он Аллоҳ ҳама чизро медонад, вале аз роҳи илми куллӣ, душвориҳое дорад. Яке аз онҳо таносуби илми куллӣ ва илми ҷузъӣ дар Илми Илоҳӣ аст. Ибни Сино ин ва дигар душворихои назарияи мазкури худро хуб дарк мекард. Бинобар ин, чунон ки пеш ёдовар шудем, худи ӯ таъкид карда буд: ин ки Аллоҳ тамоми мавҷудотро тавассути илми куллӣ

1 Муҳаммад ал-Ғаззолӣ. Тахафут ал-фалосифа.Бейрут, 1922. С.166-167.
2 11 Абуҳомид Муҳаммад ал-Ғаззолӣ. Ҳамон асар. С.254.

медонад, «аз ҷумлаи ҳаводиси аҷибе аст, ки донистани онҳо ба фазл ва лутфи қареҳа ниёз дорад». Вале ҳарифони Ибни Сино бо сарварии Абуҳомид Ғаззолӣ ҳангоми баррасӣ ва арзёбии назарияи ӯ «фазл ва лутфи қареҳа» зоҳир наменамоянд. Онҳо ин назарияи Ибни Синоро чунин шарҳ медиҳанд, ки гӯё ба ақидаи вай Аллоҳ куллро медонад, вале ҷузъро намедонад. Аммо дар ягон асари ИбниСино ҳамчунин андеша тамоман вуҷуд надорад. Абуҳомид Ғаззолӣ ва ғаззолиён ин андешаро худ бофтаанд, то ки ба куфру илҳод муттаҳам кардани Ибни Сино ва синовиён барояшон осонтар гардад. Вале агар хулосаҳои Ибни Сино ва ҳарифони ӯро ба таври таҳлили татбиқӣ ба тарозуи ақл баркашем ва бисанҷем, маълум мегардад, ки ҳарифони вай ҳадди ақал муғризона амал кардаанд ва ба кунҳи ҳақиқати фалсафӣ, мантиқӣ ва аслии назарияи Илми Илоҳии ӯ нарасидаанд: 1. Ба ақидаи Ибни Сино Воҷибулвуҷуд зоти худро медонад ва зоти ӯ сабаби вуҷуди ҳама ашёст ба он тартибе, ки вуҷуд доранд. Азбаски Воҷибулвуҷуд зоти худро медонад ва зоти ӯ сабаби ҳастии ҳама ашё, чӣ куллӣ ва чӣ ҷузъӣ аст, бинобар ин ҳама ашё, чӣ куллӣ ва чӣ ҷузъӣ ба ӯ тавассути зоташ маълуманд. Ба ибораи дигар, ашё сабабе нест, ки Аллоҳ тавассути онҳо мавҷудотро бидонад. Баръакс, Илми ӯ сабаби ҳастии ҳам ашёи куллӣ ва ҳам ашёи ҷузъист ба он наҳв, ки ҳастанд. Аз ин ҷо чунин хулосаи мантиқӣ бармеояд, ки чун Илми Илоҳӣ сабаби ҳастии ҳам ашёи куллӣ ва ҳам ашёи ҷузъӣ аст ва ҳама ашё ба ӯ тавассути зоташ маълум аст, пас Воҷибулвуҷуд ҳам куллро медонад ва ҳам ҷузъро. 2. Андешаи Ибни Сино дар ин хусус, ки Аллоҳ ҳама мавҷудотро ба наҳви куллӣ медонад мутакко ба ин назария аст, ки Аллоҳ Ақли маҳз аст. Чун Ақли маҳз Аллоҳ Таъоло аз эҳсос барӣ аст, то тавассути онҳо ашёи ҷузъиро бидонад. Бинобар ин вай чун Ақли маҳз чизҳои ҷузъиро ҳам ба наҳви куллӣ медонад. Агар Абуҳомид Ғаззолӣ дар атрофи ин масъала аз рӯи ҳамин мантиқи баён мулоҳиза меронд, бегумон Ибни Синоро ба куфр ва илҳод айбдор намекард. 3. Ибни Сино Илми Илоҳиро аз он сабаб илми куллӣ номидааст, ки вай илми замонӣ нест, хоҳ илм дар бораи ашёи куллӣ бошад, хоҳ дар бораи ашёи ҷузъӣ, хоҳ дар бораи ашёи мутағайир, хоҳ илм дар бораи ашёи собит. Вай бо тағйири замон, макон, ашё ва ҳодиса тағйир намеёбад ва ба навъе худкифоя ва биайниҳи боқӣ мемонад.

Бо назардошти ҳамин далелҳо мо чунин мешуморем, ки Абуҳомид Ғаззолӣ ва ғаззолиён бидуни таҳлили амиқи назарияи Илми Илоҳии Ибни Сино ӯро бе асоси кофӣ, муғри-

зона, фурсатталабона, бе назардошти вижагиҳои Аллоҳ чун омили илм ва маърифат ба куфр ва илҳод муттаҳам кардаанд. Илова бар ин Абуҳомид Ғаззолӣ ва ғаззолиён Ибни Синоро бар ин асос ба куфр ва илҳод муттаҳам мекунанд, ки гӯё вай муътақид аст, ки «Аллоҳ ҷузъро намедонад». Мо қотеъона исрор медорем, ки дар ягон асари ӯ чунин ибора ва ҷумла ба чашм намерасад ва ин сохтаву бофтаи худи Абуҳомид Ғаззолӣ ва пайравони вай аст, то ки мутафаккири мутабаҳҳирро бадном кунанд ва нуфузашро дар ҷомеъа ва доирахои илмии замонаш ва даврахои оянда бишкананд.

Назарияи Илми Илоҳии Ибни Сино, хусусан он ҷузъи вай, ки Аллоҳ ҳама чизро ба наҳви куллӣ медонад, дар рӯзҳои мо ҳам мавзуъи баҳс аст. Масалан, олими Покистон Саъид Шайх дар мақолааш «ал-Ғаззолӣ: мобаъдуттабиъа», ки барои «Таърихи фалсафа дар ислом» навишта шудааст, мутобиқати ақидаи мазкури мутафаккирро бо оятҳои Қуръони Карим таъкид карда, менависад: аҷаб аст, ки Ғаззолӣ бе ҳеҷ тардид дар ин масъала Ибни Синоро ба куфру илҳод айбдор мекунад. Вай исрор медорад, ки ин ақидаи Ибни Сино чунин маънӣ надорад, ки Аллоҳ ҷузъро намедонад, балки фақат собит менамояд, ки Аллоҳ нисбат ба ҷузъиёт илми (дониши) ҳиссӣ надорад. Саъид Шайх менависад: «Агар худо оламро бо ҳамаи ҷузъиёти муайяни он намедонист, олам ҳаргиз ба вуҷуд намеомад. Дар воқеъ ин назарияи бисёр асил ва мубтакиронае дар хусуси Илми Худо ба ҷузъиёт аст. Ва аз сӯи дигар тардиде наметавон кард, ки аз моҳияти таҳқиқии барҷаста бархурдор аст»[1].

Вале ҳамин муаллиф дар асараш «Мутолиъоти татбиқӣ дар бораи фалсафаи исломӣ» аслан ба дидгоҳи Абуҳомид Ғаззолӣ ва ғаззолиён бармегардад ва гумони онҳоро дар хусуси куфру илҳоди Ибни Сино ҷонибдорӣ менамояд[2]. Ин ихтилофот дар бораи як мавзуъ дар таҳқиқоти як муаллиф аз он дарак медиҳад, ки масъала сахт ғомиз аст ва дар заминаи сарчашмаҳо тадқиқоти густурдатареро тақозо мекунад.

5. Назарияи маъод ва таносух

Масъалаи маъод аз ҷумлаи қадимтарин масоиле аст, ки инсониятро дар тули тамоми таърихаш нигарон карда аст. Ин қазия дар рӯзҳои мо ба сабаби равандҳои эҳёи динӣ ва нуфузи ҷиддӣ пайдо кардани омили дин дар ҳаёти ҷомеъаи ҷаҳонӣ аҳамияти зиёд касб кардааст. Дар ҷомеъаи кунунӣ

1 Таърихи фалсафа дар ислом. Ҷилди 2. Теҳрон, 1365. С.32.
2 Саъид Шайх. Мутолиоти татбиқи дар бораи фалсафаи исломӣ. Теҳрон, 1369. С.172-173.

таваҷҷуҳ ба ин масъала тавассути шефтагӣ ба таълимоти гуногуни ирфонӣ низ боло рафтааст. Вале ҳамаи ин чунин маънӣ надорад, ки қазияи маъод сирф масъалаи илоҳиёт, дин ва ирфон аст. Вай дар айни ҳол масъалаи муҳими фалсафӣ низ ҳаст, зеро тарзи ҳалли он на танҳо аз роҳи ҷаҳонбинии динӣ ва ирфонӣ, балки аз роҳи ҷаҳонбинии фалсафӣ низ муайян мегардад.

Дар таърихи фалсафаи тоҷик-форси пешосиноӣ ҳадди ақал ду назарияи асосии маъод вуҷуд дошт. Назарияи якумро метавон назарияи динӣ номид, ки таърихан аввал дар шакли назарияи динӣ – мазҳабии зартуштия ва навъҳои гуногуни он (монавия, маздакия…) ва сипас дар сурати назарияи исломӣ-каломӣ зуҳур карда буд. Дар «Ҳотҳо» (қисме аз Авесто), ки эҷоди асили худи Зартушт мебошанд, маъод, ҷазо ва сазо, биҳишт ва дӯзах падидаҳои сирф руҳонӣ дониста мешаванд. Вале дар «Вандидод» - қисмати ҷавонтари «Авесто» таҳаввули назарияи ҳотоии маъод ба назар мерасад, ки мувофиқи он маъод, ҷазо ва сазо, биҳишт ва дӯзах падидаҳои ҷисмонӣ қаламдод мешаванд[1]. Дар Қуръони карим асли маъод (ҳашр, эҳё, нашр) ва халқи ҷадид дар сураҳо ва оятҳои зерини он бо исрор таъкид шудааст: 2:28, 243, 259; 6: 2, 36; 7:25; 17: 49-52; 20:55; 22:6, 7; 23:12, 16; 31:28; 36: 51-53; 42:9; 58: 6, 18; 64:7; 83:4; 85:8; 100:9-11… Вале дар Қуръони қудсӣ мушаххасан ишора нашудааст, ки онҳо падидаҳои руҳонианд, ё ҷисмонӣ. Сарфи назар аз ин, мутакаллимони исломӣ бо исрор таъкид мекунанд, ки маъод ҷисмонӣ аст ва дар шахси Абуҳомид Ғаззолӣ ва ёронаш ҳарифони худро кофир шумурда ба қатли онҳо фатво медиҳанд[2].

Назарияи дуюми маъод назарияи фалсафӣ аст, ки таърихан бори аввал дар сурати таълимоти зурвониёну даҳриён ва машшоияи шарқ арзи вуҷуд кард. Зурвониёну даҳриён, ки тамоми мавҷудот, аз ҷумла, нафсро ҳам, ҷисмонӣ мешумориданд, дар ҳеҷ шакл - на дар шакли ҷисмонӣ, на дар шакли руҳонӣ маъодро эътироф намекарданд. Вале машшоиёни шарқӣ, аз ҷумла Ибни Сино, аслан назарияи дугонагии маъодро – маъоди ҷисмонӣ ва маъоди руҳониро эҷод карданд. Аз рӯи ин назария маъоди ҷисмонӣ қисмати уммиён ва маъоди руҳонӣ насиби ҳакимон аст.

Моҳияти назарияи дугонагии маъоди Ибни Сино ба таври возеҳ ва равшан дар «аш-Шифо», «ан-Наҷот», «Мабда ва маъод» ва «Азҳавия» баён шудааст. Вай дар «ан-Наҷот»

1 Ниг.Фарҳанг Меҳр. Диде нав аз дине куҳан. Фалсафаи Зардушт. Чопи дуввум. Лос-Анжелос,1994.С.94-103.

2 Абуҳомид Муҳаммад ал-Ғазолӣ.Таҳофут-ул-фалосифа.С.256.

менависад: «… Бояд бидонем, ки мо аз дин ва шариъат навъе аз маъодро мепазирем ва барои исботи ин навъи маъод роҳе ҷуз шариъат ва тасдиқи хабари паёмбарон надорем ва ин ҳамон маъоди ҷисмонӣ аст. Ва хайру шарри ҷисм барои ҳамагон равшан аст ва ниёзе ба тавзеҳ надорад. Ва шариъати барҳаққе, ки паёмбари мо ҳазрати Муҳаммад овардааст, дар бораи саъодат ва шақовате, ки бар асоси ин бадани моддӣ хоҳад буд, ба тафсил доди сухан додааст. Ва навъи дигари маъод, маъоде аст, ки бар асоси ақл ва бурҳон исбот мешавад ва мактаби анбиё низ онро тасдиқ мекунад. Ва он иборат аст аз саъодат ва шақовате, ки бар асоси бурҳон барои нуфуси башарӣ ба исбот мерасад, ҳарчанд ки дар ҳоли ҳозир бо далоиле, ки тавзеҳ хоҳем дод, авҳоми мо аз тасаввури онҳо нотавон бошад. Ҳукамои илоҳӣ барои расидан ба ин гуна саъодат, нисбат ба саъодати ҷисмонӣ ва моддӣ, аҳамият ва алоқаи бештар нишон медиҳанд. Балки гӯё онҳо аслан ба саъодати ҷисмонӣ таваҷҷуҳе надоранд ва, агар он саъодатро дошта бошанд, ба он дар канори саъодати маънавӣ, ки ҳамон қурби ҳақ Таъоло аст, таваҷҷуҳе нахоҳанд дошт»[1] . Ин бардошт (равиш)-и файласуфон мутакко ба асли ҳақиқати дугона аст, ки Ибни Рушдро бунёдгузори он меҳисобанд. Вале чунон ки аз тавзеҳоти Ибни Сино бармеояд, он дар осори вай возеҳ баён шудааст. Ибни Сино ҳангоми мудаллал сохтани назарияи дугонагии маъод – маъоди ҷисмонӣ - қисмати умумиён ва маъоди руҳонӣ - насиби ҳакимон, аз ҳамин назарияи ҳақиқати дугона – ҳақиқати дин ва ҳақиқати фалсафа (илм) истифода мекунад. Мантиқи фикри Ибни Сино дар ин маврид иборат аз он аст, ки ҳақиқатҳои дин, чунон ки дар асл ҳастанд, аз дарки уммиён болоанд. Масалан, маълум аст, ки барои дин эътирофи ягонагии Холик, эътирофи барӣ будани вай аз сифатҳои «чигунагӣ», «куҷоӣ», «музоф», таҳвил аз ҳоле ба ҳоле, доштани шарик ва нид, ҷузъҳо аз рӯи «чандӣ» ва «чигунагӣ», надоштани ҷинс ва фасл, набудан дар олам ва берун аз он зарур аст. Вале ба ақидаи Ибни Сино ин ҳақиқатро дар ин шакл ба ҳамаи мардум, хусусан ба авом, гуфтан мумкин нест, зеро эшон дар ин шакл наметавонанд онҳоро дарк намоянд ва бифаҳманд. Бинобар ин онҳо мутафиқона ва якдилона имкони вуҷуди чунин мавҷудро рад менамоянд. «Ва чун чунин бувад ва шаръ баёни хайр чунон кунад, ки ҳаст ва эшон дарнаёбанд [ва] қабули шаръ ило ба зӯру тарс накунанд. Ва муҳол аст, ки як шахс аз мардумро чандон тарс тавонад буд, ки ба-д-ин ғараз вафо кунад. Ва чун ба-д-ин

1 Ибни Сино. Илоҳиёти «Наҷот». Теҳрон,1377.С.293-294

тариқ натавонад буд, ҳароина шаръ бояд, ки тақрир кунад, ки неккирдорро дар охират савоб аст ва бадкирдорро иқоб, ба вачҳе, ки монанди дида ва шунидаи эшон бошад. Ва Борӣ Таъоло ба худии худ подоши корҳои мардум хоҳад дод[1] , то чун тасаввур кунанд ва бидонанд, шаръро қабул кунанд. Ва бояд, ки корҳои охират ба мисоле баён кунад, ки эшон онро муҳол надонанд ва ба-д-он рағбат намоянд».[2]

Бо назардошти ҳамин андешаи умда Ибни Сино чунин мешуморид, ки азбаски даъвати мустақими авом ба дарёфти хайр ва ҳақиқати асили дин имконпазир нест, пас лозим аст, ки роҳи дигар пеш гирифта шавад: моҳияти ҷазо ва сазои ҷисмонӣ возеҳ ва равшан ифода гардад; эҳёи ҷисм ва ҷазову сазои он барои амали хайр ва шараш равшан шарҳ ёбад; тавзеҳ бояд дод, ки ҷазову сазо танҳо дар сурате имкон доранд, ки аҷсом эҳё карда шаванд. Паёмбари ислом Муҳаммади Мустафо ин вижагии ташаккули шуъури диниро хуб дарк мекард. Аз ин рӯ масъалаи маъоди ҷисмро ба он андоза равшан баён кардааст, ки ба он чизе илова нметавон кард. Дар айни ҳол Ибни Сино муътақид аст, ки дар Қуръони Маҷид ва дар ҳадисҳои Паёмбар маҷоз ва истиораҳои зиёд вуҷуд дорад, ки дарки онҳоро на танҳо барои авом, балки ҳатто барои ҳакимон ва хирадмандон душвор мегардонад. Ибни Сино хитоб карда буд: «Ва чун зиракону хирадмандон чунин бошанд (яъне маъниҳои Қуръонро бо сабаби маҷозу истиораашон ба осонӣ дарк накунанд-М.Д.), пас ғайри эшон аблаҳ буванд ва араб, ки сару кори эшон ба биёбон ва уштур будааст, чун дартавонанд ёфт бе баёни тамом»[3].

Муносибати куллии Ибни Сино ба таълимот дар бораи маъоди ҷисмонӣ чунин аст: Паёмбар ин масъаларо ба таври ҳиссӣ ва дар сурати моддӣ мутобиқи дарки оммаи таълим-надида, ки барои вай тарзи баёни ақлонӣ бегона аст, иброз доштааст. «Чун Илми Илоҳӣ надонанд, - навишта буд Ибни Сино, - набояд, ки ба шариъат ва диёнати Илоҳӣ ба чашми истиҳқор[4] нигаранд»[5] . Зиёда аз ин вай боисрор таъкид мекард, ки қонуни шаръро бояд чун амри мутлақ қабул кард ва ҳама чизро ба он татбиқ дод.

Назари Ибни Сино дар бораи андешаи касоне, ки мегуфтанд нафс баъди маъод ба ҷисми дигаре мепайвандад, аз ин иборат аст, ки чунин андеша ҷуз таносух чизи дигаре буда

1 Дар матн: «буд», ки маъниро дуруст намерасонад.
2 Абуалӣ ибни Сино. Рисолаи азҳавия. Душанбе,1980.С.48-49.
3 Абуалӣ ибни Сино.Рисолаи азҳавия.Душанбе, 1980. С.30-31.
4 Дар матни асл «истиҳқоф», дар поварақ «истиҳқоқ», ки маъниро дуруст намерасонанд.
5 Абуалӣ ибни Сино. Рисолаи азҳавия. С.38.

наметавонад. Назарияи таносух ба рӯҳи фалсафаи вай ва таълимоти ӯ дар бораи нафс мутлақан зид буд. Нақди таносух дар осори Ибни Сино бисёр сареҳ ва дақиқ баён шудааст: «Ва агар касе гӯяд, ки чун нафсро баъс кунанд, лозим нест, ки пайванди ӯ ҳам бар он колбуд бувад, ки аввал буд ва моддат [ҳам] ҳамон бувад, балки аз ҳар хоку бод ва обу оташ, ки иттифоқ уфтад, раво бошад. Ҷавоб диҳем, ки ин сухан биайниҳи мазҳаби таносухиён аст ва мазҳаби аввал [ҳам] таносух аст, аммо ба гуфтан ба сурати дигаре берун додаанд. Аммо дар ҳақиқат ҳеч фарқе нест миёни ду унсури ҳаммонанд ба якдигар, ки яке дар он сурати одамӣ буда ва муфориқат кард ва нест шуд ва яке на буда буд ва на ҳаст. Ва чун чунин бувад, агар бозомадани руҳ ба яке аз ин ҳар ду таносух бувад, боз омадан ба-д-он дигар ҳам таносух бувад, зеро ки бадан, [ки] дар офариниши дуввум руҳ ба-д-ӯ пайвандад, на он аст, ки аввал буд. Ва бозмондани руҳ ба колбуде, ки на он колбуди аввал аст, таносух аст»[1].

Ибни Сино таносухро ба сабабҳои бисёр рад кардааст. Якум, ҳар як ҷисм мувофиқи имтизоҷоти унсурҳояш ба нафси барояш хос ниёз дорад. Имкон надорад, ки баъзе баданҳо ба нафси ба худ хос ниёз дошта бошанд ва дигар баданҳо чунин ниёзе надошта бошанд, зеро нафс ҳамзамон бо бадани ба он мувофиқ пайдо мешавад. Дуюм, робитаи байни бадан ва нафс робитаи зарурист, на тасодуфӣ ва иттифоқӣ, зеро нафс танҳо ба бадани ба вай хос мепайвандад, на ба ҳар бадан, ки иттифоқ афтад. Сеюм, агар нафсе, ки дар дигар бадан аст, ба ин бадан интиқол ёбад, пас зарур аст, ки дар як бадан ду нафс ҷой дошта бошад. Вале ин комилан муҳол аст, зеро ҳар як мавҷуди зинда вобаста ба табиъати худ танҳо як нафс дорад. Чаҳорум, ҳеҷ шакке нест, ки нафс баданро якнавохт идора мекунад. Пас, дар як бадан танҳо як нафс аст. Дар акси ҳол зарурат пеш меояд, ки як ҳайвон чун ду ҳайвон, як инсон чун ду инсон амал кунад. Вале дониши ҳиссии мо, мушоҳида ва таҷрибаи мо нишон медиҳанд, ки як инсон ва як ҳайвон, танҳо як инсон ва як ҳайвонанд. Панҷум, нафс пеш аз бадан вуҷуд надорад, вай ҳамроҳи бадане пайдо мешавад, ки омодаи пазприши он бошад ва машрут ба табиъати он аст. Бинобар ин нафсе, ки мувофиқи табиъат ва мизоҷи як тан бошад, мутобиқи табиъат ва мизоҷи бадани дигар буда наметавонад[2] . Ҳамаи ин нукот далели он аст, ки Ибни Сино маъодро дар шакли таносух қотеъона рад мекард.

1 Абуали ибни Сино. Рисолаи азҳавия.Душанбе, 1980. С.43-44.
2 Ниг.: Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.53-86.

Ибни Сино назарияи ҳамзамонии маъоди нафсу баданро низ инкор мекард, ки мувофиқи он бадан тавассути нафс вуҷуд дорад ва ҳангоми бозгашт ба бадани худ ба ҷазо ва сазои руҳонӣ ва ҷисмонӣ гирифтор мегардад: агар нафс хайир бошад, ба ҷазову сазои руҳонӣ, агар шарир бошад, ба ҷазову сазои ҷисмонӣ мубтало мешавад. Ибни Сино якчанд душвории назарияи маъоди ҳамзамонии нафсу баданро таъкид кардааст. Аз ҷумла ӯ оқилона ва барҳақ чунин суол пеш овардааст: агар нафс баъди аз бадан ҷудо шудан боз ба бадан бар мегашта бошад, пас ба кадом бадан бармегардад: ба он бадан, ки дар соати марг дошт, ё ба он бадан, ки дар тамоми умр соҳиб буд, ё ба бадани тамоман дигар? Агар нафс ба бадане бозгардад, ки дар соати марг дошт, пас зарур аст, ки ин одам баъди маъод ҳамчунон бошад, ки то марг буд: масалан, бо бинӣ, даст ва гӯши дар ҷиҳод бурида. Вале нафс бояд ба ҳама узвҳои бадани инсон баргардад, ки дар тамоми умр дошт. Бинобар ин зарур аст, ки ҳангоми маъод ҳама узвҳои бадан бар ҷой бошанд: ҳам дастонаш, ҳам сараш, ҳам ҷигараш, ҳам дилаш... Лекин агар касе гӯяд, ки маъод танҳо ба узвҳои ҳаётан муҳими инсон дахл дорад, он душворӣ бартараф намешавад, зеро ҳама узвҳои бадан мусовианд, ҳарчанд ки баъзеи онҳо асосӣ ва баъзеашон кӯмакрасон ҳастанд. Душвории ин масъаларо андешаи онҳо дар хусуси ин ки бадани эҳё шуда узвҳоеро дарбар дорад, ки заминаи ҳаёти нахустинанд, низ ҳаллу фасл намекунад. Ба ақидаи Ибни Сино ин андеша, ки ҳангоми маъод баъзе узвҳои бадан эҳё мешаванд ва баъзеашон эҳё намешаванд, як сухани пуч ва бемаънӣ аст, ки ҳеҷ фоида надорад.

Чунон ки дар пеш ишора рафт, Ибни Сино навъи асосии маъодро аз маъоди руҳонӣ ва ҷазову сазои руҳонӣ иборат медонад. Умдатарин нуктаи таълимоти ӯ дар ин маврид аз он иборат аст, ки инсон на тавассути мавзуъи худ, ки бадан (тан) ном дорад, инсон мешавад, балки вай ба сабаби сурати худ, ки нафс ном дорад ва дар бадани ӯ ҷойгир аст, инсон мегардад. Корҳои инсонӣ, чун ҳунар ва илм танҳо ба сабаби сурат-нафс таҳаққуқ пайдо мекунанд, на тавассути бадан. Ҳар гоҳ ки сурат-нафс танро тарк меукнад ва ба хок, ё унсури дигаре табдил мешавад, мавзуъе, ки бадани инсон буд, нест мешавад. Агар дар ин мавзуъ (бадан) нафси дигар инсон пайдо шавад, пас он инсоне дигар аст, зеро аз инсони аввал – инсони дуввум фақат моддаро баргирифтааст ва сурати он – нафси он чизе дигар аст. Инсон тавассути сурат-нафс инсон мешавад, на тавассути бадан (тан, ҷисм). Пас, маълум

мегардад, ки таҳсин ва тавбих, ҷазо ва сазо мутаалиқ ба сурат-нафсанд, на ба бадан.

Он кас, ки таълимоти Ибни Синоро дар бораи сурат медонад, ба осонӣ дарк мекунад, ки дар ин мулоҳизоти ӯ роҷеъ ба «Сурати инсон» сухан аз нафси нотиқа, ё худ нафси оқилаи инсон меравад, ки аз назари ӯ ҷавҳари ҳодис, вале абадӣ буда, дар айни ҳол моҳияти инсон аст. Ин андешаи ҷавҳарӣ ва умда танҳо гӯшзад нагардидааст, балки дар осори марбути ӯ бо далелҳои мушаххас исбот карда шудааст. Дар «Азҳавия»-и ӯ, масалан, омадааст: «Ва гар на аз таҳқиқи ҳақиқати мардум, бо он чиз, ки мардум ба он мардум аст ва аз мардум он маънӣ муътабар аст, яъне он чиз, ки корҳои мардумӣ, чун донистани чизҳо ва берун овардани пешаҳои гуногун аз ӯст [нафс аст]. Ва он чиз[1] ки мардум андеша кунад дар ҳастии худ ва аз ҷумлаи андомҳо ғофил бошад ва худро донад, нафс аст. Ва парҳезгорӣ аз шар ва умед доштан ба хайре, ки ба ҳақиқати хайру шар ба мардум расад, ё хайре ва шаре, ки ба чизе расад, ки берун аз мардум аст ва мардум дар он ранҷу хуррамӣ ва лаззат ба-д-он чиз анбоз аст [ҷумла аз ҷиҳати нафс аст[2]]». Ҳамин мантиқи қазоват ва бурҳони ҷиддӣ Ибни Сино ва пайравони ӯро ба этирофи маъоди руҳонӣ, ҷазо ва сазои руҳонӣ водор сохтааст. Яъне агар моҳияти инсон на бадан, балки нафс аст, пас маъоди руҳонӣ навъи олии маъод аст, зеро тани бечону бенафс ҳеҷ гуна ҷазо ва сазоро эҳсос намекунад, агар нафси дар ҳаёти дунявӣ ба он мутааллиқ ба он бозгардонда нашавад.

Вале таълимоти Ибни Сино дар бораи маъоди руҳонӣ заминаҳои дигар низ дорад. Аз ҷумла он ба назарияи вай дар бораи абадияти нафс баъди муфориқат аз бадан такя дорад. Ибни Сино чунин меандешид, ки чун нафс баъди фанои бадан бақо меёбад ва зиндагии ухравиашро идома медиҳад, пас равшан аст, ки инсонҳо дар олами охират ҳамчунон хоҳанд буд, ки дар олами ҷисмонӣ ҳастанд. Фарқи онҳо фақат аз он иборат аст, ки аз бадане, ки ба моҳияти онҳо тааллуқ надорад, ҷудо мегарданд.

Ҳарифони Ибни Сино бо сарварии Муҳаммад Ғаззолӣ ақидаи ӯро мавриди таҳлил қарор дода, ба хулосае расидаанд, ки аксарияти андешаҳои вай ба шариъат мухолиф нестанд. «Мо, - навишта буд Муҳаммад Ғаззолӣ, - мегӯем: аксари ин умур мухолифи шаръ нест. Ва мо ҳамчунин инкор намекунем, ки дар охират анвоъи лаззате вуҷуд доранд, ки аз

1 Дар поварақ «чиз» аст, дар матни асл «хайр».Ба назар мерасад, ки аввалӣ дуруст аст.
2 Абуалӣ ибни Сино. Рисолаи азҳавия.С.79.

маҳсусот бузургтаранд. Бақои нафсро ҳам, ки аз бадан ҷудо мешавад, инкор намекунем. Валекин мо ин амрро тавассути шаръ шинохтем, зеро шаръ маъодро ворид кардааст. Ва маъод ҷуз ба бақои нафс фаҳмида намешавад. Мо пеш аз ин даъвои онҳоро дар хусуси танҳо тавассути ақл донистани ин умур инкор карда будем. Вале он чӣ аз ақоиди онҳо мухолифи шаръ аст, аз инкори ҳашри аҷсод, инкори лаззати ҷисмонӣ дар биҳишт, инкори дардҳои баданӣ дар оташ ва инкори вуҷуди биҳишту дузах ба тавре ки дар Қуръон васф шудааст, иборат мебошад»[1]. Вале чунон ки дар пеш нишон додем Ибни Сино на маъоди ҷисмонӣ, на ҷазо ва сазои ҷисмонӣ, на дӯзах ва на биҳиштро чунон ки дар Қуръони Маҷид ҳаст, инкор накардааст. Вай танҳо таъкид кардааст, ки ҳар он чи дар шариъат дар хусуси ин умур гуфта шудааст, маҷоз, ташбеҳ ва истиораеанд, ки мувофиқи дарки авом истифода шудаанд. Аммо дар асл сифати ҳақоиқи Илоҳӣ болотар аз он аст, ки авом тасаввур мекунад. Илова бар ин Ибни Сино борҳо таъкид кардааст, ки чун авом Илми Илоҳӣ надонанд, бояд ҳама масоили диниро чунон ки дар шаръ баён шудааст, бипазиранд.

Абуҳомид Ғаззолӣ ва ғаззолиён дар ин маврид ба муқобили Ибни Сино ду эрод (эътироз) пеш меоваранд:

1. Аз рӯи одати араб калимаҳое, ки ба таври ташбеҳ, маҷоз ва истиора истеъмол мешаванд, бояд тафсир шаванд. Вале он чи дар Қуръони Маҷид дар хусуси чигунагии Биҳишт, Дӯзах ва баёни ин ҳолатҳо гуфта шудааст, чунон возеҳ ва дақиқ баён шудааст, ки ба тафсиру тавзеҳ ва шарҳу эзоҳ ниёз надорад. Шояд барои Абуҳомид Ғаззолӣ, ки дар улуми динӣ ва шаръӣ марде мутабаҳҳир буд ва дар Аҳодиси Паёмбар мутолаъаи фаровон дошт, ҳам оёти муҳкамот (оёти бадеҳӣ) ва ҳам оёти муташобеҳот (оёти бисёрмаъно)-и Қуръони Раббонӣ равшан ва ошкор буд. Вале ба маҷмуъи мардуми авом, ки хондан ва навиштан наметавонистанд, на танҳо мазмуну мундариҷаи оёти муҳкамот, балки оёти муташабеҳот низ дастнорас буд. Вазифаи шарҳу тавзеҳи моҳият ва маънии оятҳои Қуръони Маҷид барои оммаи муминон дар сапедадами танзими Қуръони Карим суннати тафсири онро ба вуҷуд овард, ки ҳоло мо даҳҳо, ҳатто садҳо тафсирҳои бисёрҷилдаи онро дар даст дорем. Чунон ки ин тафсирҳо нишон медиҳанд дар онҳо ҳам оёти муҳкамот ва ҳам оёти муташаббеҳоти Китоби Аллоҳ тафсир шудаанд.

2. Бурҳонҳои ақлӣ ишорат бар он доранд, ки Аллоҳ макон,

1 Абуҳомид Муҳаммад ал-Ғаззолӣ. Таҳофут ал-фалосифа. С.240-241.

ҷиҳат, даст, сурат ва чашм надорад. Дар ин маврид шарҳу тафсири ин умур тавассути бурҳонҳои ақлонӣ зарурӣ мегардад. Вале он чӣ дар бораи ҳаёти ухравӣ ваъда шудааст, таҳақуқашон барои қудрати Худованд мумтанеъ нест. Вале ин эроди Муҳаммад Ғаззолӣ дар нисбати Ибни Сино содиқ нест, зеро чунон ки пештар гуфтем, Ибни Сино мукаррар таъкид кардааст, ки чун авом Илми Илоҳӣ надонад, аҳкоми Қуръони Маҷидро бояд аз рӯи зоҳири он бе чуну чаро бипазирад.

Чунон ки мебинем Абуҳомид Ғаззолӣ далел ва бурҳонҳои Ибни Синоро дар бораи маъод баррасӣ карда, бар зидди онҳо эроди қотеъ пешниҳод намекунад, вай танҳо гӯшзад мекунад, ки дар хизонаи қадар муъҷизот ва асроре аст, ки бе каму кост ва тамомият донистанашон мумтанеъ аст. Ва танҳо касе онҳоро инкор мекунад, ки гумон дорад ҷуз он чиро, ки вай мушоҳида мекунад, чизи дигар вуҷуд надорад. Ин аз он дарак медиҳад, ки ҳарифони Ибни Сино бо сарварии Абуҳомид Ғаззолӣ бар зидди ақоиди ӯ дар бораи маъод танҳо далелҳои мазҳабӣ пеш меоваранд ва аз тақдими бурҳони ақлӣ даст боз медоранд.

Абуҳомид Ғаззолӣ ва ғаззолиён ба назарияи номумтанеъ будани маъоди ҳамзамонии нафсу бадан ва ҷазову сазо низ муттафиқ нестанд. Вале онҳо ин назарияи Ибни Синоро ба тафсил таҳлил намекунанд, балки ба чунин суол иктифо мекунанд: «чӣ чиз монеъ мешавад, ки ду навъи саодат-саодати руҳонӣ ва ҷисмонӣ ва ду навъи шақоват -шақовати руҳонӣ ва ҷисмонӣ бо ҳам таҳаққуқ ёбанд?»[1].

Инак, суол ба миён меояд, ки оё Муҳаммад Ғаззолӣ ва ғаззолиён барҳақанд, ки ҳангоми баррасии назарияи маъоди Ибни Сино мутафаккирро ба куфр ва илҳод муттаҳам месозанд? Агар ба оёти мутааддидаи Қуръони Карим, ки дар пеш ёдовар шудем, мутакко бошем, пас бояд фатвои Ғаззолӣ ва ғаззолиёнро ботил бидонем, зеро дар оёти зикршуда фақат сухан аз он меравад, ки Аллоҳи Таъоло мутлақан қодир аст мурдагонро дар Рӯзи қиёмат (Рӯзи Растохез) зинда бигардонад ва онҳоро дар халқи ҷадид халқ намояд. Вале дар ҳеҷ як аз ин оёт гуфта нашудааст, ки маъод ва халқи ҷадид раванди руҳонӣ аст ё ҷисмонӣ. Агар дар Қуръони Маҷид бо сароҳат ва вазоҳат ва ба як маънӣ гуфта мешуд, ки маъод ҷисмонӣ аст, пас Абуҳомид Ғаззолӣ ва ғаззолиён аз назари ислом комилан барҳақ мебуданд, ки файласуфон ба куфр гирифтор шудаанд. Вале азбаски ин оёти Қуръонӣ фақат маъодро тас-

1 Абуҳомид Муҳаммад ал- Ғаззолӣ. Таҳофут ал-фалосифа. С.241.

диқ мекунанд, вале ҷисмонӣ, ё руҳонӣ будани онро муқаррар наменамоянд, ба куфр айбдор ва муттаҳам кардани Ибни Сино як андешаи бедалел, бебурҳон ва беасос аст. Масъалаи вижагии эҳё ва маъод дар дини мубини Ислом бояд аз рӯи назарияи Қуръонии халқи аввали инсон ҳаллу фасл гардад. Мувофиқи ин назария пайкараи инсони нахустин, ки Худованд аз махлути гил дуруст карда буд, муддати дароз зинда нашуд, то вай аз руҳи худаш ба он надамид[1] . Айнан мисли ҳамин ҷисми мурдаи инсон танҳо он гоҳ эҳё мешавад, ки Аллоҳ Таъоло нафсро ба бадане, ки дар ҳаёти дунёӣ дошт, бозгардонад. Бо назардошти чунин мантиқ бояд гуфт, ки Абуҳомид Ғаззолӣ ва пайравонаш дар мавриди арзёбии ин масъала Ибни Сино ва дигар файласуфони машшоиро бе асос ва бурҳони қотеъ ба куфр ва илҳод муттаҳам кардаанд.

Абуҳомид Ғаззолӣ назарияи маъоди Ибни Синоро рад карда, назарияи маъоди худашро пешниҳод кардааст. Муҳтавои ин ақидаи ӯ, ки дар асараш «Файсал-ат-тафриқа байн-ал-ислом ва-з-зиндиқа» баён шудааст, аз он иборат аст, ки нафс пас аз муфориқат аз бадани ҷисмонӣ ба бадани ҷисмонии дигар мутаалиқ мешавад, ба ин тариқ ки тамоми аҷзои бадани аввал авд намекунад. Аммо бадане, ки руҳи ҳашрӣ ба-д-он тааллуқ гирифта, чунон аст, ки гӯйи ҳамон бадани аввал аст. Ва билҷумла бадани ҷисмонӣ доиман дар таҳлил ва тағйир ва табдил аст ва дар айни ҳол ҳақиқате собит дорад, ки дар ҳама аҳвол маҳфуз аст. Ҳамин аҷзои собити маҳфуз аст, ки онро аҷзои аслия мегӯянд[2] . Абуҳомид Ғаззолӣ дарк мекард, ки назарияи маъоди ӯро метавонанд чун назарияи таносух бифаҳманд ва арзёбӣ кунанд. Бинобар ин зарур мешумурд, ки чунин тавзеҳ бидиҳад: фарқи баёни маъод ва таносух он аст, ки дар мавриди маъод бадан ҳамон бадан аст, ки нафс дар ибтидо ба он мутааллиқ буд; дар мавриди таносух бадан тамоман дигар аст ва он аз бадани аввалӣ ба куллӣ фарқ дорад. Пас, Абуҳомид Ғаззолӣ таъкид мекунад, ки агар нафси аз бадан ҷудо шуда боз ба бадане тааллуқ бигирад, ки ба ҳайси ҷузъҳои аслии бадан ба шахси аввал монанд аст, мо онро маъод меномем. Лекин агар инсони эҳёшуда аз шахси аввал фарқ дошта бошад, пас ин таносух аст.

Бояд гуфт, ки назарияи таносух, ки Ғаззолӣ тадвин кардааст, чизи наве нест. Вай ҳанӯз дар замони Ибни Сино вуҷуд дошт, ки ӯ онро ошкор назарияи таносух арзёби карда буд. Назарияи маъоди Абуҳомид Ғаззолиро баъзе ҳамзамонҳои

1 Қуръон. 5:29; 32:9; 38:72; 55:14.
2 Ҷалолуддин Ҳумой. Ғаззолинома. С.437.

ӯ ва бархе мутафаккирони садаҳои баъдӣ низ чун таносух маънидод карда буданд. Зиёда аз ин, онҳо ӯро ба он чӣ файласуфонро муттаҳам карда буд, яъне ба куфр ва илҳод, айбдор карданд. Масалан, Ғиёсуддин Мансури Даштакии Шерозӣ (вафоташ 948/1541) дар рисолааш «Маъод» таълимоти Муҳаммад Ғаззолиро дар бораи маъод пуртанақуз арзёбӣ карда, чунин меҳисобид, ки вай дар ин маврид чун мулҳиди бузург ва бедин сухан гуфтааст[1].

Осори Ғаззолӣ нишон медиҳад, ки вай дар ҳалли масъалаи мазкур чандон пайгир ва собитақида набуд. Инро ҳанӯз Ибни Туфайл мушоҳада карда, навишта буд: «Зимнан вай (Абуҳомид Ғаззолӣ-М.Д.) дар китобаш «Таҳофут ал-фалосифа» файласуфонро барои инкори маъоди бадан ва эътирофи ҷазову сазои руҳонӣ ба куфр муттаҳам мекунад, сипас дар ибтидои китоби «Мизон» қотеъона мегӯяд, ки ин гумони шайхони суфист; баъд дар асараш «Ал-Мунқиз мин-аз-залол» даъво мекунад, ки андешаи ӯ шабеҳи андешаи суфиён аст ва вай баъди таҳқиқи зиёд онро пазируфтааст»[2]. Ин шаҳодати Ибни Туфайл аз он дарак медиҳад, ки Абуҳомид Ғаззолӣ дар ҳаллу фасли масъалаи мавриди баҳс собитақида набудааст ва дар тӯли ҳаёти худ дар ҳалли ин масъала як ақидаро пайгирона дастгирӣ накардааст. Ҳамаи ин далел бар он аст, ки худи Муҳаммад Ғаззолӣ ба таври шоиста ва боиста ба кунҳи назарияи маъоди Ибни Сино нарасидааст ва дар байни назарияҳои гуногун саргардон будааст. Бо назардошти ин вазъ оё метавон нақди ғаззолиёнаи назарияи синоии маъодро ҷиддӣ донист?

1 Муфассалтар ниг.: Ҷалолуддин Ҳумоӣ. Ғаззолинома. С.236-239.

2 Ибни Туфайл. Роман о Хайе, сыне якзана // Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. М., 1961. С.334-335.

БОБИ ҲАШТУМ
ДАР БОРАИ ТАҲАВВУЛИ АҚОИДИ ФАЛСАФИИ ИБНИ СИНО

1.Тарҳи масъала

Чунон ки аз феҳристи осори Ибни Сино маълум мегардад, дар байни муаллафоти ӯ китобҳои «Ҳикмати машриқия», «Ишорот ва танбеҳот», расоили «Ҳай ибни Яқзон», «Саломон ва Абсол», «Тайр», «Ишқ» ва қасидаи «Айния» вуҷуд доранд. Муҳаққиқон дар заминаи таҳлил ва баррасии ин осори мутафаккир масъалаи бо гузашти замон таҳаввул ёфтани ақоиди фалсафии ӯро матраҳ кардаанд. Масалан, шарқшиноси машҳури собиқ шуравӣ Е.Э.Бертельс навишта буд, ки дар «Китоб ул-инсоф»- и номаҳфуз, ки аз он танҳо пораҳои муқаддамааш то замони мо боқӣ мондаанд, Ибни Сино ба нақди Арасту оғоз мекунад ва арз менамояд, ки ҳама андешаҳои нави ин китоб асиланд ва аз юнониён гирифта нашудаанд. Дар асари охирини худ «Китоб ул-ишорот» олим робитаи худро бо Арасту қариб тамоман қатъ менамояд»[1]. Дар навбати худ Эҳсон Ёршотир дар мақолаи муқаддамотии худ ба нашри форсии «Ишорот ва танбеҳот» меоварад, ки «Ирфони афлотунӣ, чунон ки ба назар мерасад, усулан аз фалсафаи Ибни Сино дур нест. Аммо ин низ муҳтамал аст, ки Ибни Сино дар сайри маънавии худ беш аз пеш ба ҳикмати ирфонӣ наздик шуда бошад. Ин роҳе аст, ки бисёре аз файласуфон ва мункирон сипаридаанд. Фусули охири «Ишорот» ин эҳтимолро қувват мебахшад»[2]. Олимони Афғонистон Абдулғаффор Равон Фарҳодӣ[3] ва Саид Нурулҳақ Ковиш[4] низ аз ҷонибдорони ақидаи ба ирфон ва тасаввуф майл кардани Ибни Сино мебошанд. Саид Нурулҳақ Ковиш дар ин замина менигорад, ки «дар назари аввал басе аҷиб менамояд, ки чаро олими барҷаста, файласуф ва мантиқшиносе, ки андешаҳо ва аслҳои таълимоти Арастуро идома ва тараққӣ медод, аз таҳриф ҳифз мекард, тамоми ҳаёти бошууронаи худро сарфи таҳлили масоили имлӣ намуда, баъди худ осори бузурги маънавие дар ҷамеъи риштаҳои улуми Асрҳои Миёна ба ёдгор

1 Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. М.1960.С.117

2 Эҳсон Ёршотир. Муқаддима [ба] тарҷимаи «Ишорот ва танбеҳот»// Шайхурраис Абӯ Алӣ Ибни Сино. «Ишорот ва танбеҳот». Теҳрон, 1332 ш. С.3

3 Абдулғаффор Равон Фарҳодӣ. Майлони Ибни Сино аз фалсафа ба ирфон. Кобул, 1359.

4 Сайид Нурулҳақ Ковиш. Ирфони Ибни Сино. Кобул, 1372.

гузошта буд, тавонист ҳамаи инҳоро тарк кунад ва ба ирфон рӯй оварад. Сабабҳои ботинӣ ва зоҳирие, ки боъиси ин интиқол гардидаанд, чӣ гунаанд?» Ӯ бовар дорад, ки интиқоли Ибни Сино аз фалсафа ба ирфон ба сабаби (1) қавӣ шудани фишори ақоиди Ислом, (2) густариши васеъ, тараққӣ ва дар шуури ҷомеа сахт русух кардани назария ва амалияи тасаввуф ва (3) вусъату рушди унсурҳои ирфонии таълимоти худи мутафаккир рух додаст. Шарқшиноси машҳури фаронсавӣ Ҳенри Корбен[1] ҳам ҳанӯз дар солҳои 50-уми садаи гузашта дар заминаи таҳлили расоили рамзии Ибнии Сино китобе таҳти унвони «Ибни Сино ва тамсили ирфонӣ» тасниф карда буд, ки дар он ҳамин ақидаи аз фалсафа ба ирфон интиқол ёфтани Шайхурраисро таъйид мекард. Дар айни ҳол муҳаққиқоне ҳастанд, ки мавҷудияти ирфонро дар осори мазкури Ибни Сино рад мекунанд, ё муътақиданд, ки Шайхурраис дар ин осори худ чун ҷонибдори ирфони ақлонӣ, на ирфони завқӣ (тасаввуфӣ) намоён мешавад. Масалан, Ҳано ал-Фохурӣ ва Халил ал-Ҷар дар асарашон «Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ» менависанд, ки «агар тасаввуфро як таҷрибаи ботинӣ ва завқӣ ба ҳисоб оварем ва бигӯем, ки суфӣ кассе аст, ки ба ин таҷриба даст бизанад ва аз тариқи ин завқ ба кашф ноил ояд, душвор аст, ки Ибни Синоро аз ҷумлаи суфия ба ҳисоб барем».[2] Ҳано ал-Фохурӣ ва Халил ал-Ҷар баъди таҳлили муҳимтарин орои Ибни Сино дар бораи тасаввуф ин суолро матраҳ мекунанд, ки «бо ин тафосил оё метавон Ибни Синоро дар шумори мутасаввифа овард?». «Посухи ин суол,- менависанд онҳо, - манфӣ аст, зеро зиндагии Шайх он гуна, ки худ барои мо навишта, ё шогирдаш Ҷузҷонӣ ба риштаи таҳрир даровардааст, зиндагии зуҳд ва парҳез ва риёзат набудааст»[3]. Дар навбати худ Абдулҳамид Ҳамуд муътақид аст, ки «тасаввуфи Ибни Сино аз мазҳаби суфия ва суннатгароёни ислом мутамоиз аст. Тасаввуфи ӯ мардумро ба зуҳд ва эътизол аз наъими ҷаҳон даъват намекунад, балки тасаввуфи ӯ мазҳабе ҳаст ақлӣ, ки ба интисори зеҳн ва ишроқи ақл ва тазкияи нафс мунтаҳӣ мешавад, то нафс мустаъиди дарёфти файзи ақли фаъол гардад»[4]. Муаллифони китоби «Буали Сино» низ бар ин ақидаанд.[5] Баъзе муаллифон бар ин ақидаанд, ки байни машшо, ирфон (тасаввуф) ва ҳикмати ишроқ

1 Ҳенри Корбен. Ибни Сино ва тамсилоти ирфонӣ. Чопи нахуст. Теҳрон, 1387.
2 Ҳуно ал-Фохурӣ ва Халил ал-Ҷар. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ. Чопи савум. Теҳрон, 1368. С.492.
3 Ҳамон асар.С.497.
4 Ҳамон асар.С.493.
5 Буалӣ Сино. Ҳамадон. 1389. С. 135-153.

аслан фарқе нест[1]. Дар зимни таҳлили расоили рамзӣ, «Ҳикмат-ул-машриқия» ва «Ишорот ва танбеҳот»-и Шайхурраис кӯшиш мекунем исбот кунем, ки ҳақ дар кадом ҷониб аст.

2. Рисолаҳои тамсилии Ибни Сино ва муҳтавои ақидатии онҳо

Рисолаҳои тамсилии Ибни Синоро «Ҳай ибни Яқзон», «Саломон ва Абсол» ва «Тайр» ташкил медиҳанд. Рисолаҳои мазкур соли 1023 – замони дар қалъаи Фардаҷон зиндонӣ будани муаллиф навишта шудаанд ва руҳияи шаккоконаи ӯро, ки ба вазъи зиндониаш мутобиқ буд, ифода менамоянд. Ӯ худ дар қасидае, ки дар ин қалъа сурудаст, навишта буд:

Духулам дар яқин тавре, ки дидӣ
Тамоми шубҳа дар тарзи хуруҷ аст[2]

Дар рисолаи **«Ҳай ибни Яқзон»**, ки аввалин достони тамсилии Ибни Сино аст, сухан аз боби бо дӯстони хеш ба сайру тамошои тамошогоҳи атрофи шаҳр рафтан, мулоқот бо пири нуронӣ, вале барно ва суҳбат бо ӯ дар масоили ҳикмат, ҷаҳоншиносӣ ва кайҳоншиносӣ меравад. Мазмуни он суҳбат тавассути тамсилҳо баён шудааст. Бинобар ин барои дарки маънии ин достон ва мазмуни ақидатии он зарур аст, ки ин рамзҳо гушода шаванд ва маънии воқеии онҳо ошкор карда шавад. Дар ин кор моро бешак шарҳи «Ҳай ибни Яқзон»-и Ибни Зайло, тарҷимаву шарҳи Абуъубайди Ҷузҷонӣ – шогирдони Ибни Сино, ки шояд онҳо аз назари худи Ибни Сино гузашта бошанд, кӯмак хоҳанд кард. Аз рӯи ин шарҳҳо тамсилҳо ва рамзҳои «Ҳай Ибни Яқзон» маъниҳои зеринро мерасонанд:

• Ман дар кишвари худ будам – нафси ман дар бадани ман буд;

• Ёрон ва ҳамраҳони сафар – нерӯҳои ҳаётӣ ва майлҳои инсон;

• Сайр – майли донистани надонистаҳо;

• Пирамарди нуронӣ ва боъазамат – ақли фаъол;

• Зинда пури Бедор – ақли фаъол, ки инсонро ба донистан ҳидоят мекунад;

• Ҳай – нафси куллӣ;

• Яқзон- ақл;

• Илми фаросат – мантиқ;

• Ёроне, ки дар гирди туанд – нерӯҳои баданӣ, ки аз ақл

1 С.С.Оштиёнӣ. Муқаддама ба маҷмуъаи расоили Сабзаворӣ. Теҳрон,1922.

2 Ибни Сино. Рисолаи саргузашт.// Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди якум. Душанбе, 1980. С.22.

ҷудо нестанд;

• Ёри дар пеши рӯи ту истода – нерӯи тахаюл, ки ростро бо дуруғ ва ҳақро бо ботил омезад; вале тавассути он чизҳои ғоиб дониста мешаванд.

• Ёри дар тарафи дасти рост қарор дошта – қувваи хашму ғазаб;

• Ёри дар тарафи дасти чап қарордошта – қуввахои тағзия ва шаҳват;

• Ғарб - дунёи моддӣ, олами ҳаюло;

• Шарқ – олами суратҳо (нафс) – и абадӣ;

• Таҳорат бо обҳои чашмаҳои ҳаётбахш – маърифат тавассути фалсафа ва мантиқ;

• Таҳорат бо обҳои чашмаҳои рокид – маърифат аз роҳи дигар илмҳо;

• Баҳри зулмот – нафси инсонӣ, ки бе мадади ақл ба дониstани ҳақ қодир нест;

• Кишвари мурда – ҳаюло (модда), ки онро нафс зинда накардааст;

• Баҳри ҷӯшон – олами ҳаюло, ки дар ҳаракат ва таҳаввули ҳамешагист;

• Иқлимҳои нӯҳгона – сайёраҳои нӯҳгона;

• Панҷ роҳи умда – панҷ нерӯи ҳис;

• Соҳиби барид – ҳисси муштарак.

Инак, агар рамзҳои «Ҳай ибни Яқзон» - ро ба ин мафҳум ва мақулаҳо бадал кунем, хоҳем дарёфт, ки Ибни Сино дар ин асараш низ ҳамон назаротеро дар бораи нафс, тан, ҳис, ақл, маърифат, ҳаюло, сурат, саботат, коинот ва таҳаввул баён медорад, ки дар «Шифо», «Наҷот» ва «Донишнома»… дида мешаванд.

Дар **«Саломон ва Абсол»** Ибни Сино достони бародарони ҳамтани мушфиқ, - Саломон ва Абсол, қиссаи ба Абсол – бародари шавҳараш ошиқ шудани ҳамсари Саломон, найрангҳои ӯ дар роҳи ба доми худ афкандани Абсол, қасдҳои зани Саломон барои нобуд кардани Абсол ба сабаби ба ӯ ҳамдостон нашуданаш, кишваркушоиҳои Абсол барои бародараш, аз нав ба бародараш бозгардонидани подшоҳӣ, бо ҳамдастии таббох ва хидматгор куштани Абсол аз ҷониби ҳамсари Саломон ва ба қатл расонидани омилони ин амал аз ҷониби Саломон, ба дигарон вогузор кардани подшоҳӣ ва гӯшанишинӣ ихтиёр кардани Саломон нақл шудааст. Ибни Сино ҳамаи ин маъниҳоро тавассути тамсил ва рамзҳо баён кардааст. Ба истифода аз равишшиносӣ (методология)-е, ки дар баррасии «Ҳай ибни Яқзон» истифода кардем ва ба назардошти шарҳи

Ҷӯзҷонӣ, ки ба гуфти худи вай ба ақоиди Ибни Сино дар «Рисолаи қадр» мутобиқ аст, маълум мегардад, ки рамзҳо ва тамсилҳои ин асар маъниҳои зеринро мерасонанд:

• Саломон – нафси нотиқаи инсонӣ;

• Абсол – ақли назарии инсон, ки рағбати ноил шудан ба ақли мустафодро дорад;

• Ҳамсари Саломон – нерӯи ҷисмонӣ, ки мехоҳад тавассути ҳирс, ғазаб ва қувваҳои ҷисмонии дигар ба ҳадафҳои шаҳвонии худ бирасад;

• Даст боздоштани Абсол аз курбат ба зани Саломон – мутаваҷҷеҳ будани ақл ба олами хеш;

• Хоҳари ҳамсари Саломон – неруи амалӣ, ё ақли амалӣ, ки ба ақли назарӣ тобеъ аст;

• Либоси хоҳари худ дар бар кардани зани Саломон ва ба оромгоҳи Абсол ворид шудани ӯ – найранги нафси амора ҷиҳати ноил шудан ба ниятҳои зишт, ки чун ҳадафҳои олӣ намуда мешаванд;

• Дурахши барқи абри сиёҳ – Нури Илоҳӣ, ки нафси дар зиштиҳо мустағракро панд медиҳад;

• Нохушнудии Абсол аз зани бародараш – даст боздоштани ақл аз иштиёқҳои ҷисмонӣ ва ҳавову ҳаваси дунёӣ;

• Кишваркушоиҳои Абсол – огоҳии нафс аз олами улвӣ тавассути ақли назарӣ;

• Кишваркушоиҳои Абсол ба хотири бародараш Саломон – огоҳии нафс аз олами улвӣ ва аднӣ тавассути ақли назарӣ ва интиколи он ба олами малакут (илоҳӣ);

• Ниёзмандиҳои тан ва манзилро тадбир кардани нафс – тадбири нафс корҳои ҳарду оламро;

• Аз итоати Абсол сар боззадани лашкариён – қатъи фаъолияти неруҳои ҳиссӣ дар мавриди иртифоъ ба олами улвӣ;

• Заъфи неърӯҳои ҷисмонӣ – даст боздоштани нафси нотиқа аз таваҷҷуҳ ба неруҳои ҷисмонӣ ва дигар корбаст накардани онҳо;

• Бозгашти Абсол сӯи бародари хеш – бозгашти ақл сӯи таклифоти аслии хеш;

• Суиқасд ба Абсол – заъф ва фанои ақл дар куҳансолӣ;

• Таббох (ошпаз) – неруи ғазаб, ки ҳангоми зарурати қисос афрухта мешавад;

• Ҳамсари худ ва шарикони ӯро аз байн бурдани Саломон – даст боздоштан аз нерӯҳои ҷисмонӣ, нобуд кардани неруҳои ғазаб ва ҳирс;

• Узлат гирифтани Саломон ва ба дигарон вогузоштани идораи кишвар – қатъи тадбири тан аз ҷониби нафс.

Файласуф ва олими шаҳири асри 13 Насриддини Тусӣ, ки аз пайравони собитқадами Ибни Сино буда, фалсафаи ӯро аз накдҳои каломии Муҳаммад Шаҳристонӣ ва Фахруддини Розӣ дифоъ кардааст, дар «Шарҳи «Ишорот»-и худ тамсилҳо ва рамзҳои «Салмон ва Абсол»-ро дар ҳамовоӣ ба Абуъубайди Ҷузҷонӣ чунин бозгушоӣ кардааст:

«Саломон дар ин достон киноя ва масал барои нафси нотиқа аст, ки бар бадан ҳукмфармост.

Абсол масал ва киноя аз ақли назарӣ аст, ки охирин мартабаи такомули он ақли билмустафод аст ва ҳамин маротиби ақли назарӣ дараҷа ва мартабаи нафси нотиқа дар ирфон аст, ки аз дидгоҳи фалосифаи машшо ақли назарӣ дорои чаҳор мартаба аст ба-д-ин қарор: 1- ақли ҳаюлонӣ, 2 – ақли билмалака, 3 – ақли билфеъл, 4 – ақли билмустафод.

• Ҳамсари Саломон: дар ин достон масал ва киноя аз нерӯи баданӣ аст, ки фармони ӯ рӯй овардан ва гароиш ба шаҳват ва ғазаб аст. Нерӯи баданӣ бо нафси нотиқа яке аст ва аз дидгоҳи фалосифаи машшо ин ду унсури муҷҷарад ва моддӣ (яъне нафси нотиқа ва неруи баданӣ)-ро «инсон» номанд.

• Ишқи ҳамсари Саломон ба Абсол: масал ва киноя аз майли қувваи баданӣ бар чира шудани ақл аст, то аз ин сӯй ба лаззатҳои моддӣ ва хостаҳои ҳиссӣ, ки тағйирпазир ва зудгузар аст, даст ёзад.

• Сар боззадани Абсол аз ишқи ҳамсари Саломон: масал ва киноя аз он аст, ки кӯшиши ақли назарӣ ба ҷаҳони номахсус ва ғайримоддӣ аст ва ба ҳамин сабаб аз лаззатҳои тағйирпазири моддӣ дурӣ меҷӯяд.

• Хоҳари зани Саломон, ки ба ҳамсарии Абсол даромадааст: масал ва киноя аз ақли амалӣ аст, ки ҳамвора аз ақли назари пайравӣ менамояд ва номи он нафси мутмаъина аст.

• Пинҳон доштани ҳамсари Саломон худро ба ҷои хоҳараш ва фиреб додани ӯ Абсолро: масал ва киноя аст аз оростани нафси аммора лаззатҳои моддӣ ва хостаҳои ҷисмонии тағйирпазир ва дигаргуншуданишто ба ҷои саъодатҳои ақлӣ ва камолоти тағйирнопазири ҳамешагӣ.

• Барқе, ки аз абри тира дурахшид: масал ва киноя аст аз ҷозибаи Илоҳӣ, ки ба ҳангоми гароиши нафс ба лаззоти моддӣ ва хостаҳои зудгузари ҷисмонӣ дар нафси нотиқа таҷаллӣ мекунад ва ақли назариро ба сӯи камолоти ҳақиқӣ, ки собит ва дигаргунношуданӣ аст, мекашонад.

• Дурӣ ҷустани Абсол аз ҳамсари Саломон: масал ва киноя аст аз дурӣ ҷустани ақлӣ назарӣ аз лаззоти зудгузари моддӣ ва хостаҳои ҷисмонӣ, ки маълули нерӯи шаҳватанд.

• Гушудани Абсол кишварҳоро барои Саломон: масал ва киноя аз ин аст, ки нафси нотиқа ба кӯмаки ақли назарӣ ба ҷаҳони номахсуси ҷабарут ва малакут огоҳӣ ёфта ва тавонистааст бо ҳамкории ақли амалӣ ба ҳамаи неруҳои модии кишвари тан султа пайдо кунад ва чумлагиро барои расидан ба камолоти пойдор хамоханг ва хамдостон созад. Ва ба хамин сабаб ӯро аввалин «Зиқарнайн», яъне дорандаи ду хофиқ (ё ду канора, яъне Машриқ ва Мағриб, ё осмон ва замин, ё ҷаҳони муҷаррад ва модда) ном ниҳодааст.

• Танҳо гузоштани сипоҳиён Абсолро дар майдони корзор: масал ва киноя аст аз ин ки ба ҳангоми суъуд намудани ақли назарӣ ба сӯи ҷаҳони муҷаррад аз модда ва расидан ба камолоти маънавӣ ва саъодат ҳамешагӣ, нерӯҳои ҳиссӣ ва қувваи ҳиссию хаёлӣ ба сабаби гирифтор будан дар ҷаҳони модда тавоноӣ надоранд, ки дар ин сафар бо ақли назарӣ ҳамроҳ гарданд ва ба ночор ақли назариро дар ин сафар танҳо хоҳанд гузошт.

• Тағзияи Абсол аз шири ҳайвони ваҳшӣ: киноя ва масал аст барои баёни ин ҳақиқат, ки ақли назарӣ дар фарогирифтани улум ва донишҳо аз ақли муҷаррад ва ҳастиҳои муфориқ аз модда баҳра гирифта ва он ҳастиҳо нисбат ба ҷаҳони модда бегона ва ваҳшианд ва ба ҳеч ваҷҳ ононро бо ҷисмониёт ҳамоҳангӣ ва унсу улфате нест.

• Парешонӣ ва ихтилоли Саломон ва ғаму андӯҳи ӯ аз даргузашти Абсол: масал ва киноя аст аз парешонии нафси нотиқа ба сабаби он ки ақли назарӣ бо гароиш ба ҷаҳони муҷаррад аз модда ва сафар ба ҷаҳони улвии номахсус аз тадбири тан бозмонда ва дар танзими қувваи он иҳмол намудааст.

• Бозгашти Абсол ба назди Саломон: масал ва киноя аст аз ин ки ақли назарӣ ба интизоми масолеҳи бадан ва тадбири он ҳиммат гумоштааст.

• Ва он ду шахс, яъне ошпаз ва пешхизмат, ки фармони ҳамсари Саломонро [дар сӯиқасд ба Абсол] пазируфтанд: масал ва киноя аст барои ду нерӯи нафси аммора, - яке нерӯи ғазаб (= таббоҳ), ки ба ҳангоми интиқом аз фармони ақли назарӣ саркашӣ намуда ва шӯълавар мегардад ва дигаре нерӯи шаҳват (томиъ), ки ба ҳангоми хостаҳои нафсонӣ он чиро ки нафси аммора ва нерӯи моддӣ мехоҳад, саъй ва талош мекунад то ба-д-он даст ёзад.

• Ҳамоҳанг шудани онон [яъне ошпаз ва пешхидмат] бар нобудии Абсол [ба фармони ҳамсари Саломон]: масал ва киноя аз нобудии ақли назарӣ дар поёнии умр аст ба-д-он

сабаб, ки нафси аммора ду нерӯй – ғазаб ва шаҳватро дар ин ҳангом ба кор гирифтааст.

• Нобуд намудани Саломон ҳар се танро [яъне, ҳамсари хеш, таббоҳ ва пешхидматро]: масал ва киноя аз он аст, ки дар поёнии умр ва ба ҳангоми ҷудоии нафси нотиқа аз бадан,…нафси нотиқа бадан ва ду нерӯи нафси аммора, яъне нерӯи ғазаб ба нерӯи шаҳватро раҳо намуда ва аз ин сӯй ин се нерӯ ба нестӣ мегароянд.

• Канорагирии Саломон аз салтанат ва вогузоштани он ба дигаре: масал ва киноя аст аз ин ки нафси нотиқа аз тадбири бадан ва интизоми қуввои моддӣ даст бардошта ва бадан ва қуввои ҷисмонӣ дар ин ҳангом таҳти тасарруфи умури ҷисмонӣ ва табиъӣ қарор гирифтааст[1].

Ба назардошти рамзҳое, ки мафҳумҳо ва маъниҳои фавқузикроро мерасонанд, бо эътимоди тамом метавон гуфт, ки Ибни Сино дар «Саломон ва Абсол» низ ҳамон фалсафаи нафс, тан ва ақлро, ки дар «Шифо», «Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот» ва «Донишнома» мундариҷ аст, баён мекунад. Вале бояд гуфт, ки шарқшиноси маъруфи фаронсавӣ Ҳенри Корбен[2] ин тарзи гушудани рамзҳои рисолаҳои тамсилии Ибни Синоро намеписандад ва менигорад, ки «дар ин шуруҳ хатое муштарак дар мақоми гушудани рамзҳои рисолаи тамсилии мо («яъне «Ҳай ибни Яқзон») ба чашм мехӯрад, яъне гӯё мекӯшанд то ба кӯмаки «қонунномае» мушшаххас ба размгушоии онҳо мубодират кунанд. Ин шуруҳ маърифате аз навъе комилан мутафовитро, ки ёфтаҳои маҳсус, ё мухайялро дарк ва онҳоро ба рамз мубаддал месозанд, нодида гирифтаанд. Ин шуруҳ ба ҷои он ки ҳикоятро дар марҳалаи табдили ирфонии …он дар назар бигиранд, гӯё онро бо танзил додани маърифатоти рамзиаш ба бадоҳатҳо ва иборатҳои маърифати табиъӣ ба бадоҳатҳо ва иборатҳои рисолаҳои таълимӣ маҷбур ба қаҳқаро мекунанд. Бо анвоъ ва ақсоми талошҳо барои бозгардондани рамзҳои ҳикоят ба бадеҳати ақлӣ, дар ниҳоят ин рамзҳоро ба маҷоз таназзул медиҳанд». Ин ақидаи Ҳенри Корбен ба ақидаи бунёдгузори «Ҳикмат-ул-ишроқ» Шаҳобуддин Сӯҳраварди, ки муҳтавои рамзҳои расоили тамсимии Ибни Сино ва ҳикмати машриқияи ӯро хуб дарк карда буд, созгор нест. Зеро Шаҳобуддин Сӯҳравардӣ дар рисолаи худ «Қиссат-ул-ғурбат-ил-ғарбия» ҳамин андешаро, ки дар

1 Ибни Сино. ал-Ишорот ва-т-танбеҳот маъа шархи Насируддин Тусӣ. ал-Кисму-р-робеъ. Дор-ул-маъориф би Миср. 1968. С.53-57; Тарчума ва шарҳи «Ишорот ва танбеҳот»-и Ибни Сино.. Ҷ. 1. Теҳрон. 1368. С.535-538.

2 Ҳенри Корбен. Ибни Сино ва тамсили ирфонӣ. Чопи нахуст. Теҳрон. 1387. С.291.

«Ҳай ибни Яқзон» ва «Саломон ва Абсол»-и Ибни Сино мазмунҳои ирфонӣ вуҷуд надоранд, таъкид кардааст: «Чун достони «Ҳай ибни Яқзон»-ро хондам, ҳарчанд шомили суханони руҳонии шигифт ва ишоратҳои амиқи шигарф аст, онро орӣ ёфтам аз талвеҳоте ки ишора кунад ба тавр [ҳадд]-и аъзам, яъне томмаи кубро[1], ки дар номаҳои худовандӣ махзун аст ва дар рамзҳои ҳакимон макнун. Ва ҳам дар достони «Саломон ва Абсол», ки гуяндаи қиссаи «Ҳай ибни Яқзон» онро пардохтааст [ин маънӣ] пӯшида омадааст. Розе аст, ки мақомоти пайравони тасаввуф ва соҳибони мукошифа бар он устувор аст ва дар рисолаи «Ҳай ибни Яқзон» [низ] бад-он ишорате нест… Пас бар он шудам, ки андаке аз он ба шеваи достонии ба номи «Ғурбат-ул-ғарбия» барои дӯстони бузургвор бипардозам. Ва маро дар он чи оҳанг кунам, бар Худо таваккул аст[2].

Дар рисолаи **«Тайр»,** ки ба силсилаи осори тамсилии Шайхурраис мансуб аст ва баъзе муҳаққикон онро низ намунаи осори ирфонии вай медонанд, сухан аз боби парвози дастаи паррандагон ба суи Подшоҳи Бузург меравад. Дар мавриди ин сайр паррандагон ба доми сайёдон меафтанд. Баъзеи онҳо амри ба дом афтоданро тан намедиҳанд ва ба кӯшиши худ хештан ва дигар паррандагонро аз доми сайёдон озод мекунанд. Дар ҳоле ки бандҳои сайдон аз пойи онҳо комилан наафтидаанд, ҳашт водиро тай мекунанд ва ба даргоҳи Подшоҳи Бузург (Малик) мерасанд, ки шикваҳои ононро шунида, ваъдаашон медиҳад, ки онҳоро ба озодии комил хоҳад баргардонд. Барои он ки маънии ақидатии ин достон ошкор гардид ва мазмуни ирфонӣ доштан, ё надоштани он аён шавад, тамсилҳо ва рамзҳои онро бояд гушуд ва бо осори Шайхурраис, ки мундариҷаи ирфонӣ надоштанашон ҳувайдост, муқобила кард. Ба ақидаи ин ҷониб тамсилҳо ва рамзҳои ин достон маъниҳои зеринро мерасонанд:

• Парранда (паррандагон) – нафси (нафсҳои) нотиқаи инсон, ки аз назари Ибни Сино ҳамроҳ бо ҷисми омодаи пазируфтани он пайдо мешавад ва баъди марги бадан аз он ҷудо гардида, зиндагии абадӣ ва ҷовидона хоҳад дошт.

• Сайёдон – танҳои инсонҳо, ки нафсҳоро ба худ машғул медоранд ва шефтаи худ месозанд.

• Тури сайёдон – ҳаво ва ҳавасҳои гуногуни баданӣ, ки

1 Дар луғатҳо «томаи кубро» бо маъноҳои 1. Ҳодисаи бузург, балои бузург; 2. Аҳволи пароканда; 3. Маорифе, ки суфиён ба забон ронанд ва дар назар газофа намоянд, истифода шудааст.

2 Маҷмуъаи мусаннафоти Шайхи ишроқ Шаҳобуддин Сӯҳравардӣ. Ҷилди дуввум. Теҳрон, 1397ҳ.қ. С.275-276.

нафсро чун дом ва тури сайёдон муқайяд месозанд ва намегузоранд, ки озодона афъоли худро анҷом бидиҳад.

• Подшоҳи (Малики) бузург – Аллоҳ таъоло, Борӣ, ки танҳо ӯ метавонад нафсро аз бадан озод кунад ва бандҳо аз пойи он бигирад, яъне нафсро аз шавоғили амалҳои индунёӣ бираҳонад.

• Ҳашт қуллаи кӯҳ – ҳашт улум, ки нафс тавассути аз бар кардани онҳо ба сафо ноил мегардад ва аз машоғили дунё, ҳавову ҳавас, шаҳватҳо ва эҳсосоти моддӣ канораҷӯи мекунад.

• Боғҳо ва марғзорҳо – фурӯъи гуногуни улум.

Агар тамсилҳо ва рамзҳои рисолаи «Тайр»-ро ҳамингуна таъбир кунем ва муҳтавои онро бо осори ғайритамсилии Шайхурраис татбиқ бидиҳем, ба осонӣ хоҳем дарёфт, ки дар ин асар ҳам ӯ ҳамон ақоидеро изҳор доштааст, ки дар «Шифо», «Наҷот» ва «Донишнома» ба чашм мехӯрад. Равшантар бигӯем муқоисаи рисолаи «Тайр» бо ин осори файласуф ошкор хоҳад кард, ки дар он маъниҳои соф ирфонӣ ва тасаввуфӣ ба чашм намехӯрад, балки ҳамон назарияи нафсу тани машшоиён ва тамоили нигарон будан ба дини мубини ислом зоҳир мешавад.

Тафсири дигаре аз рисолаи «Тайр» ба қалами олими ӯзбек А.Ирисов мутааллиқ аст, ки ҳама гуна шарҳи ирфонӣ ва тасаввуфии онро қатъиян рад мекунад. Ӯ менависад: «Ҳарчанд қаҳрамонони рисола паррандагонанд, вале душвор нест дарёфт, ки Ибни Сино дар он як қисми тарҷумаи ҳоли шахсии худро дар назар дорад. Дар асараш дар бораи паррандагон ва сайёдон, ки барои боздоштани парнадаҳо тур гузоштаанд, Маҳмуди Ғазнавӣ дар назар аст, ки барои Ибни Синоро ба дарбораш ҷалб кардан кӯшиши зиёде ба харҷ дод. Чун Ибни Сино дар ҳама ҷо мавриди таъқиби султон Маҳмуд ва моҷароҳои ӯ қарор дошт, маҷбур буд аз ҷое ба ҷое фирор кунад. Ҳамаи ин [ҳолат] дар асари Ибни Сино «Рисолат ут-тайр» дарҷ гардидааст. Туре, ки дар он тасвир шудааст, чанголҳои Мамҳуди Ғазнавианд. Таъкиби паррандагон аз ҷониби сайёдон таъкиби Ибни Сино аз ҷониби султон Маҳмуд аст. Он чи ки ба кӯҳҳо ва водиҳои тайкардаи мурғон дахл дорад, ишора ба саргардониҳои бешумори Ибни Сино дар кӯҳҳои Осиёи Миёна ва Эрон баҳри ҷустуҷӯи маъвои беҳатар аз таъқиботи Маҳмуд аст. …Дар рисолаи «Тайр» дар симои подшоҳи нотавон Ибни Сино хоразмшоҳро, ки вобастаи Маҳмуди

Ғазнавӣ буд, тасвир кардааст»[1]. Агар ин шарҳи А.Ирисовро бипазирем, бояд гуфт, ки дар «Тайр» ҳеҷ гуна тамоили ирфонӣ, тасаввуфӣ ва ҳатто нигаронӣ ба дини Ислом вуҷуд надорад. Лекин бояд гуфт, ки дар ин масъала тундравӣ набояд кард. Дар айни ҳол эътироф бояд кард ва ба шарқшиноси рус Ю.И.Заводовский ҳамақида шуд, ки дар ин достонҳои тамсилӣ ишораҳои боризе дар бораи вазъи зиндагии худи Ибни Сино ва руҳияи дилшикастагӣ ва ҳузновари ӯ сабт шудааст. «Ибни Сино, - менависад Завадовский, - бори нахуст дар вазъе қарор дода шуд, ки ӯро маҷбур кард дар бораи роҳи ҳаёти худаш андеша кунад… Зиёда аз ин шояд вай ин достонро ба Алоуддавла ихтисос дода буд, ки ин ҳоким тамсилҳо ва рамзҳои онро бозгушоӣ мекунад ва ба доди ӯ мерасад»[2].

Ба мӯҳтавои «Тайр» қасидаи **«Айния»-и** Шайхурраис қаробат дорад ва бисёр муҳаққиқон онро низ аз ҷумлаи осори ирфонию тасаввуфии вай медонанд. Мо дар поён тарҷумаи таҳтуллафзи ин қасидаро, ки шоири эронӣ Муҳаммадалӣ Илоҳии Фариданӣ анҷом додааст[3], дарҷ менамоем ва сипас ба таҳлили муҳтавои он мепардозем, то пайдо кунем, ки ҳақиқати хол чӣ гунна аст:

Фуруд омад ба сӯи ту аз ҷойгоҳи баландтар,
Кабутаре худованди чирагиву бузургӣ.
Пӯшидааст аз ҳар чашми донишманде,
Ва ӯ он аст, ки ошкор шуду рӯпуш надорад.
Расид бар нописандӣ сӯи туву басо
То писанд дорад ҷудоии турову ӯ худованди зорӣ кардан аст.
Сар боззаду наёмехт, пас чӣ гунна расид,
[Ки] пазируфт ҳамсоягии вайронаи тиҳиро.
Ва гумон мекунам ӯ фаромӯш кардаст паймонҳоеро ба меҳан,
Ва ҷойгоҳҳоеро, ки бе ҷудоии онҳо насозад.
То ҳангоме, ки пайваст ба каронаи хастияш,
Аз каронаи ҷойгоҳаш дар замини хушрег.
Овехт ба ӯ каронаи маниши сангин, пас гардид
Миёни нишонаҳову бозмондаҳои фурӯафтода.
Гиря мекунаду ҳамоно ёд кардааст паймонҳоеро ба меҳан,
Ба ашкҳое, ки фурӯ мерезанду бурида намешаванд.
Ва мегардад хонанда бар бозмондаҳое он чуноне ки
Кӯҳна шудаанд ба бозоварда бодҳои чаҳоргона.

1 Иктибос аз: Ю.Н.Заводовский. Абу Али ибн Сина. - Душанбе. 1980. С.165.
2 Ю.Н.Заводовский. Абу Али ибн Сина. Душанбе, 1980. С.164.
3 Фаридани ин қасидаро ба назм низ тарҷума кардааст, ки чандон диқиқ нест. Тарҷумаҳои таҳтулафзӣ ва шеърии дигар ва шарҳҳои зиёди ин қасида низ вуҷуд доранд. Барои огоҳии бештар ниг.: Ҳано ал-Фахурӣ ва Халил ар-Ҷар. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ. Техрон,1377.С.501-502; Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. Техрон, 1371.С.306-313. Абуалӣ ибни Сино. Авҷи Зуҳал. Душанбе, 1980. С.42-44, 51-52.

Зеро боздошт ӯро доми палид, пас бигардонид ӯро,
Оке аз баланд ҷой, ки фарох аст ҷойгоҳи баҳории он.
То ҳангоме, ки наздик шуд рафтан ба сӯи меҳан,
Ва фаро расид кӯч кардан ба сӯи нивори фарохтар.
Бихобиду ҳамоно бардошта шуд парда, пас дид,
Чизеро, ки нест, ки дарёфта шавад ба чашмҳои хоболуд.
Гардид ҷудошаванда мар ҳар чизеро, ки бозмондааст,
Аз ӯ ҳамроҳи хок на падрудкунанда.
Ва оғоз кард, ки бихонад ба шодӣ болои қуллаи кӯҳи баланд,
Ва дониш баланд мекунад ҳар касеро, ки баланд нашудааст.
Пас барои чи чиз фуруд оварда шудааст,
Аз кӯҳи расову баланд ба сӯи таҳи гудоли пасттар.
Агар ҳаст, ки фурӯ фирисмтодааст ӯро Худо барои розе [ки],
Пӯшидааст бар зираки хирадманди тезҳуш
Пас фуруд омаданаш агар бошад каре боиста,
Барои ин ки бошад шунаванда ба он чи ки нашнидааст.
Ва барои он ки бигардад дано ба ҳар рози пинҳонӣ,
Дар ҷаҳониён, пас порагии ӯ пургола нагашт.
Ва ин ҳамон аст, ки буридааст рӯзгор раҳашро,
То ин ки ҳаройина хамоно пинҳон шудааст бе ошкорӣ.
Пас киро дурахше бувад, ки дурахшад дар меҳан,
Пас дарҳам нуре дида шуд, пас гӯё он дурахшанда аст.
Бахшиш кун баргардонидани посухи чизе, ки ман ҷӯёнам,
Аз он пас оташи дониши Худованд тобидан аст»[1].

Дар мавриди таҳлили мазмуни ин қасида чанд нуктаро гӯшзад бояд кард:

Якум, «кабутар» (варқо) тамсил ва рамзи нафси нотиқаи инсонист, ки дар достони «Тайр» парранда таъбир шудааст. Нафси нотиқаи инсониро тавассути тамсили «парранда» ё «кабутар» тасвир кардан дар таърихи афкори башар чизи нав ва тозае нест. Зеро чунон ки файласуфон шинохтаи араб Ҳано ал-Фохурӣ ва Халил ал-Ҷар дуруст ташреҳ мекунанд «андешаи нафси маҳбус дар ҷасад дар таърихи фикри башарӣ собиқае тӯлони дорад. Афлотун ва Фисоғуриён ва Фулутин низ чунин ақидае доштанд. Мусаллам аст, ки парандаи маҳбус дар қафас мехоҳад, ки озод шавад ва дар фазои гушода парвоз кунад. Ва агар нафс ҳам, ки ба доми ҷаҳони модда афтода хоҳони озодӣ аз он ва пайвастан ба олами руҳонӣ бошад, аз табиъати ӯст. Танҳо суфия набуданд, ки ба ин гуна оро ошноӣ доштанд, балки ҳама фалосифаи руҳони (ва на танҳо онҳо – М.Д.), яъне онҳо, ки ҷасад ва шаҳвати ҷисмониро қайд ва банди озодии нафс медонистанд, бо ин афкор

1 Абуали ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.2. Душанбе, 1980. С.683-687.

ошно буданд. Аммо равиши рамзие, ки Шайх дар осори худ ба кор бурда дар байни мутафаккирони Юнон собиқае дур доштааст. Низ нависандагон ва шоирони Эронии муосири Ибни Сино (масалан ба ёд оред марсияи устод Рӯдакиро дар марги Муродӣ – М.Д.) онро дар шеър ва адаб ва фалсафа ва дин иъмол мекарданд. Шоирони араб, ки бештарашон эронинажод буданд, хоҳу нохоҳ аз ин сабк барҳӯрдор буданд»[1].

Дуюм, ақидаи Ибни Сино дар бораи нафси нотиқаи инсонӣ дар қасидаи «Айния» нисбат ба «Шифо», «Наҷот», «Донишнома» ва «Ишорот ва танбеҳот» тафовути ҷиддӣ дорад. Дар ин асарҳо ӯ нафсро азалӣ (қадим) намедонад ва собит наменамояд, ки он аз ҷойгоҳи баландтарин (яъне олами малакут) фуруд омада ба ҷасади инсон ворид шудааст. Аз рӯи ин асарҳо нафс умуман ва нафси нотиқаи инсонӣ, хусусан, азалӣ нест, балки ҳангоме пайдо мешавад, ки ҷисми омодаи пазируфтани он ба вуҷуд ояд. Вале дар «Айния» зимни таъкиди абадияти нафси нотиқаи инсонӣ, ки дар «Шифо», «Наҷот», «Донишнома» ва «Ишорот ва танбеҳот» низ вуҷуд дорад, азалият ва қидами он низ таъкид шудааст. Инро метавон чун таҳаввули ақоиди ӯ дар ин масъала маънидод кард, агар собит карда шавад, ки он масалан, пас аз «Шифо», «Наҷот», «Донишнома» ё «Ишорот ва танбеҳот» навишта шуда аст. Лекин чунин мадрак дар даст надорем. Эҳтимоли қавӣ аз ин иборат аст, ки ин қасидаро ҳам ӯ замони дар қалъаи Фардаҷон зиндонӣ буданаш навиштааст. Пас, душвор аст ақоиди дар ин қасида дарҷшударо намунаи таҳаввули назариёти вай бипазирем. Беҳтар аст бигӯем, ки он руҳияи зиндонии Шайхро инъикос менамояд, хусусан дар он маврид, ки мегӯяд нафс (кабутар) ба ин дунё (яъне ба зиндони Фардаҷон) ба ихтиёри худ наомадааст;

Сеюм, агар, тафовути мавқифи «Шифо», «Наҷот», «Донишнома» ва «Ишорот ва танбеҳот»-ро ки ҳодис будани нафси нотиқаро таъкид мекунанд, аз мавқеъи қасидаи «Айния», ки азалият ва қадимати онро исбот мекунад, ба назар гирем, бояд тазаккур дод, ки ин қасида чакидаи килки Шайхурраис нест.

Чаҳорум, қасидаи «Айния»-ро наметавон намунаи осори ирфонии Ибни Сино, ё майлони ӯ ба сӯи ирфон донист, зеро мазмуне, ки дар он баён шудааст танҳо дар осори урафо ва суфия ба чашм намехӯрад, балки дар навиштаҳои бисёре аз ҳакимони завқия ва ҳатто ғайризавқияи Давраи Бостон ва Асрҳои Миёна ба назар мерасад.

1 Хуно ал-Фохури, Халил ал-Чар. Хамон асар. С.502-503.

Панҷум, Ибни Сино дар расоили тамсилии худ ва қасидаи «Айния» асли иттиходро, ки суфиён ва орифон роҳи расидан ба саъодот шуморидаанд ба қатъияти тамом рад кардааст. Ӯ бовар дошт, ки инсон аз роҳи ишроқи ақли фаъол ба саъодат мерасад. Ин ишроқ аз назари ӯ барои банда як навъ иттисол пайдо мекунад, на иттиҳод, ки суфиён ва орифон ба он муътакиданд.

Шашум, Ибни Сино асли тасаввуфӣ ва ирфонии як шудани ақли фаъол ва ақли мустафодро ба куллӣ намепазирад. Назарияи файзи ӯ, ки дар боби ҳафтуми ҳамин китоб тавсифи он гузошт, ин ақидаи моро ба хубӣ таъйид мекунад. Илова бар ин худи Шайхурраис дар «Ишорот ва танбеҳот» сареҳатан навиштааст: «Агар касе гӯяд, ки чизе дигар шавад на бар сабили истиҳолат аз ҳоле ба ҳоли дигаре, ё таркиб, ё чизи дигар, чунон ки аз он ду чиз саввуме пайдо шавад, балки аз он тарик, ки он як чиз бувад ва чизи дигар шавад, сухане шеърӣ ва номақбул бошад».

Хулоса дар заминаи осори тамсилии Ибни Сино майлони ӯро ба ирфон наметавон исбот кард. Шояд ин майлон дар осори ӯ «Ҳикмати машриқия», ё «Ишорот ва танбеҳот» рух дода бошад? Барои дарёфти ҷавоби ин суол ба таҳлили иҷмолии ин осори ӯ мепардозем.

3. Дар бораи «Ҳикмати машриқия» -и Ибни Сино ва мазмуни ақидатии он

Ҳангоме, ки аз таҳаввули ақоиди Ибни Сино аз фалсафа ба ирфон сухан ба миён меояд, муҳаққиқони ҷонибдори ин андеша ба «Фалсафаи машриқия» ё «Ҳикмати машрқия»-и ӯ низ истинод мекунанд. Таърихи дақиқи навиштани ин китоб маълум нест. Вале аз муқаддамаи «Шифо» маълум мегардад, ки он то ба поён расонидани таълифи «Шифо», яъне солҳои 1029-1030 навишта шудааст. Зеро дар муқаддамаи «Шифо» омадааст: «Маро ҷуз ин ду китоб (яъне «Шифо» ва «Лавоҳиқ» - М.Д.) китоби дигаре ҳаст, ки дар он фалсафа ба зоти худ баён мешавад. Ин китоби «Фалсафаи машриқия»[1] аст».[2] Ин гуфтори Шайхурраис ақидаи касонеро, ки мегӯянд «Ҳикмати машриқия» китобест, ки Ибни Сино онро нанавиштааст ва нияти навиштан ҳам надошт[3], комилан рад мекунад. Ақидаи мазкурро феҳристи китобҳои Ибни Сино, ки Ҷузҷонӣ ва Байҳақӣ тартиб додаанд, низ рад мекунанд, зеро

1 Ин китоби Ибни Сино бо номи «Ҳикмати машриқия» низ машҳур аст. Аз ин сабаб мо онро аксаран бо ҳамин номи машҳураш зикр кардаем.

2 Ибни Сино. аш-Шифо. ал-Мантиқ. ал-Мадхал. ал-Қоҳира. 1371. С.19.

3 Ниг. Сагадеев А.В. Ибн Сина. Москва, 1980.

он дар ҳарду феҳрист сареҳан номбар шудааст. Дар хусуси чунин китоб таълиф кардани Ибни Сино ҳам мутафаккирони Шарқ (Суҳравардӣ) ва ҳам файласуфони Ғарб (Ибни Туфайл, Роҷер Бэкон) шаҳодат додаанд. Аз ҷумла Ибни Туфайл навишта буд: «Касе ки ҳақиқати соф ва маҳзро меҷӯяд, бояд асари ӯ «Андар фалсафаи шарқ»-ро мутолаъа кунад».[1] Худи Ибни Сино дар мукаддамаи ин асараш дар бораи муҳтавои он чунин менигорад: «Ғарази мо аз ин иборат нест, ки баёни ҳама қисмҳои фалсафаи назарӣ ва амалиро ба ин китоб ворид кунем. Баръакс, мо ба он ин қадар ворид мекунем, ки илми олат (яъне мантиқ – М.Д.), илми куллӣ (яъне фалсафа), илоҳиёт ва табиъиёт ҳақиқиро дарбар гирад. Аз илми амалӣ ба вай фақат он чиро ворид мекунем, ки ҷӯяндаи наҷот ба он ниёз дорад. Аммо илми риёзӣ илме нест, ки дар он ихтилоф вуҷуд дошта бошад. Он чи дар «Китоб-уш-Шифо» аст, ҳамонро ба ин китоб ворид мекунем, агар ба риёзиёт иштиғол варзем. Ҳоли улуми амалӣ низ чунин аст, ки онҳоро мо дар ин китоб намеорем».[2]

Вале аз ин китоб танҳо ҷузъҳои нопурраи мантиқ ва табиъиёти он боқӣ мондаанд. Қисми мантиқ бори нахуст соли 1910 дар Қохира ва бори дуввум соли 1982 дар Бейрут ба табъ расидааст. Қисмати нопурраи табиъиёти он дар китобхонаи Сулаймонияи Исломбул таҳти рақамҳои 2403 ва 4894 нигоҳдорӣ мешаванд. Соли 1980 Академияи илмҳои Тоҷикистон микрофилми ин нусхаҳои «Ҳикмати машриқия»и Ибни Синоро ба ивази нусхаи комили «Девон»-и Алишер Навои ба даст овард. Шиносоӣ бо ин нусхаҳо нишон дод, ки онҳо аввалу охир надоранд. Бинобарин қотеъона наметавон ҳукм кард, ки онҳо воқеан ҷузъҳои «Ҳикмати машриқия» мебошанд, ё на. Вале дар мансубияти ин китоб ба Ибни Сино шакке нест, зеро муаллиф дар он борҳо ба «Шифо»-и худ ва фаслҳои гуногуни он истинод медиҳад.[3] Матни нусхаи 2403 аз ҷониби шарқшиноси шинохтаи тоҷик С.Сулаймонов ба забони тоҷикӣ ва русӣ тарҷума шуда ба табъ расидааст. [4] Як нусхаи дигари ин китоб зери рақами 400 бо ҳуруфи ибрӣ дар китобхонаи Донишгоҳи Оксфорд маҳфуз аст. Агар ин нусха таҳқиқ ва бо нусхаҳои номбурда муоқиса ва муқобала мешуд, масъалаи «Ҳикмати машриқия» будан, ё набудани нусхаҳои китобхонаи Сулаймонияи Туркия, муҳтаво ва маънии фалса-

1 Ибн Туфайл. Роман о Хайсе сыне Якзана //Избранные произведения мыслителей Ближнего и Среднего Востока. С.334.

2 Абуалӣ Сино. Мантиқ-ул-машриқиин. Бейрут. 1982. С.28.

3 Ниг.: Абуалӣ ибни Сино. Осор. Душанбе, 2005. С.66; 338; 371-373.

4 Абуалӣ ибни Сино. Осор. Душанбе, 2005. С.59-443; Абу Али ибн Сина. Сочинения. Душанбе. 2005. С.51-591.

фию ҷаҳоншинохтии ин асар равшантар мегардид.

Ибни Сино дар муқаддимаи «Мантиқи машриқия» хидматҳои бузурги Арастуро дар тараққии фалсафа ва илм эътироф карда, бо таассуф таъкид намудааст, ки пайравони ӯ ба ҷои ин ки хатоҳои устоди худро ислоҳ кунанд, «тамоми умри худро сарфи дарки нуктаҳои дурусти он ва ҳифзи мутаассибонаи ақоиди ғалат ва хатои вай карданд». Ӯ дар бораи худ менависад: «Мо нукотеро, ки онҳо (машшоиён – М.Д.) баён кардан мехостанд ва натавонистанд, равшан кардем. Мо аз хатоҳои машшоиён чашм пӯшидем, Ҳарчанд ки онҳоро медонистем ва амдан кӯшиш доштем, ки барои ин хатоҳо ваҷҳе бисозем ва онҳоро ҳақ бинамоем. Танҳо дар мавридҳое, ки ҳақ нишон додани хатоҳои ошкор имкон надошт, мо маҷбур шудем ошкоро мухолифат кунем»[1].

Дар бораи маънии «Ҳикмати машриқия» байни муҳаққиқон тавофуқи назар вуҷуд надорад. Назарҳои асосӣ чунинанд:

1. Ҳикмати машриқияи Ибни Сино фалсафаи мактаби Гунди Шопур аст, ки ҳадафаш муқаррар кардани робита байни ақлгароӣ ва таҷрибагароӣ мебошад (Гуашон).
2. Ҳикмати машриқияи Ибни Сино ирфони шарқӣ аст (Л. Гутер, Гарде, Эҳсон Ёршотир, Қосим Ғани).
3. Ҳикмати машриқияи Ибни Сино ҳикмати ишроқ аст (А.Корбен, С.Наср).
4. Ҳикмати машриқия фалсафаи шореҳони бағдодии Арасту аст. Вай дар нисбат ба фалсафаи шореҳони искандаронии Арасту ҳикмати машриқия хонда шудааст (Забеҳулло Сафо).
5. Шарқ – шаҳри Бухоро – меҳани Ибни Сино, ғарб-шаҳри Бағдод – ватани шореҳони Арасту аст. Мутобиқан «Ҳикмати машриқия» - Ҳикмати худи Ибни Сино ва «Ҳикмати ғарбия» - Ҳикмати шореҳони бағдодии Арасту аст.[2]

Масъалаи моҳияти «Ҳикмати машриқия»-и Ибни Сино на дар заминаи гумонҳо ва фарзияҳои гуногун, балки бояд аз роҳи таҳқиқ ва баррасии амиқи қисматҳои дар даст будаи «Ҳикмати машриқия», аз як су, муқоисаи он бо «Шифо», «Наҷот» ва «Донишнома»-и муаллиф, аз сӯи дуввум, муқобалаи вай ба «Ҳикмати ишроқ»-и Сӯҳравардӣ ва «Мабоҳис ул-машриқия»-и Фахруддини Розӣ, аз сӯи сеюм, ҳалу фасл гардад. Танҳо дар ҳамин замина метавон дар ин баҳс, ки қариб ҳазор сол боз (аз замони Суҳравардӣ) идома дорад, равшанӣ андохт.

Мо дар мавриди таҳлили татбиқии муҳтавои «Ҳикмати

1 Ибни Сино. Мантиқ-ул-Машриқиин. ат-Табъат- ул-уло. С.19-30.

2 Барои иттилоъи бештар ниг.: Саид Ҳусайни Наср. Назари мутафаккирони исломӣ дар бораи табиъат. Техрон. 1332 ҳ.

машриқия», «Шифо», «Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот» ва «Донишнома»-и мутафаккир баъзе таҳқиқоти муқаддимотиро анҷом додаем. Онҳо моро ба ин натиҷа расонданд, ки «Ҳикмати машриқия»-и Ибни Сино на «Ҳикмати ишроқ» аст, на ирфони шарқӣ, балки ҳамон фалсафаи машшоъ аст, ки фақат баъзе такяҳо (аксентҳо)-и он андаке тағйир дода шудаанд. Барои исботи дурустии ин андеша далелҳои зерин кофианд.

- Муқоисаи қисмати мафҳузи «Мантиқи машриқия» бо қисмати мантиқи «Шифо», «Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот» ва «Донишнома»-и Ибни Сино нишон медиҳад, ки ҳам дар он ва ҳам дар ин асарҳо Шайхурраис ҳамон як низом ва назарияи мантиқиро баён мекунад. Вале ба мо гуфта метавонанд: шаклҳои тафаккури мантиқӣ барои ҳама мутафаккирон яксонанд, хоҳ онҳо модигаро бошанд, хоҳ руҳгаро; хоҳ машшоӣ бошанд, хоҳ ишроқӣ; хоҳ суфии бошанд, хоҳ мутакаллим. Бинобар ин яксонии низоми мантиқи «Ҳикмати машриқия» ва «Шифо» далели ягонагии назарияи фалсафии «Ҳикмати машриқия» ва «Шифо» буда наметавонад. Дар ҷавоби ин шубҳа мегӯем: шаклҳои тафаккури мантиқӣ воқеан барои Ҳама инсонҳо, аз ҷумла мутафаккирон, яксонанд. Вале, аввалан, бояд гуфт, ки дар мантиқ масоили ҷаҳоншиносӣ низ вуҷуд дорад. Яке аз онҳо масъалаи лафз ва умури куллӣ аст, ки ҳалли он сарманшаи аз ҳам ҷудо кардани навъҳои ҷаҳоншиносӣ дар ҳудуди мантиқ аст. Муқоисаи татбиқии «Мантиқи машриқия» ва мантиқи «Шифо», «Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот» ва «Донишнома» нишон медиҳад, ки Ибни Сино ҳам дар ин ва ҳам дар он китобҳо як мавқеъ дорад: лафз ва умури куллӣ инъикоси хоситяҳои куллии ашё ва ҳаводис дар ақл буда, тавассути амали таркибдиҳандаи тахаюл ва таҷридкунандаи ваҳму ақл сурат мегирад. Дуюм, ин ки ҳангоми муоқисаи муқаддимотии таълимоти мантиқи калом аз рӯи осори Муҳаммад Ғазолӣ ва мантиқи ишроқии Суҳравардӣ бо мантиқи машшоӣ, аз ҷумла мантиқи Ибни Сино, байни онҳо фарқҳои ҷиддӣ ба назар намерасад. Аз ин ҷо чунин натиҷа метавон гирифт, ки агар Ибни Сино дар «Мантиқи машриқия» нисбат ба мантиқи «Шифо» таълимоти дигареро баён мекард, тафовути онҳоро ошкор кардан душвор намебуд.

- Дар қисмати маҳфузи «Ҳикмати машриқия», ки аз рӯи муҳтаво ба бахши табиъиёти «Шифо» мутобиқ аст, ҳама масъалаҳои фалсафаи табиъиёт – таълимот дар бораи ҳаюло, сурат, адам, ғоят, фоъил, сабабият, бахт ва иттифоқ (тасо-

дуф), ҳаракат, макон, замон, азалияту абадияти олам, нафсу тан, таноҳӣ ва нотаноҳӣ, сабот, тағйир, маъданиёт ва осори улвӣ, феъл ва инфиъол на танҳо мутобиқ ба рӯҳ, балки мутобиқ ба ҳарфи «Шифо» баён шудаанд.[1]

- Ҳам дар «Шифо» ва ҳам дар «Ҳикмати машриқия» ҳамон як назарияи маърифат (шинохтшиносӣ) ба назар мерасад. Ҳам дар «Шифо» ва ҳам дар «Ҳикмати машриқия» дониш (маърифат) чун инъикос (интибоъ, иртисом), чун таҷрид баррасӣ шудааст. Хасоис, анвоъ ва шаклҳои маърифати ҳиссӣ ва маърифати ақлӣ ва моҳияти дониши истидлолӣ ва ҳадсӣ яксон таъбир ва тавҷеҳ гардидааст. Моҳияти масъалаи нафс, ҳодис, вале абадӣ будани он низ чунон таъбир шудааст, ки дар «Шифо» мушоҳида мешавад.[2]

Андешаи моро дар хусуси ин ки «Ҳикмати машриқия»-и Ибни Сино на ирфони шарқӣ аст, на ҳикмати ишроқ, балки ҳамон фалсафаи машшоӣ аст, таҳлили татбиқи (муқоиса)-и «Ҳикмати машриқия»-и Ибни Сино ва «Ҳикмати ишроқ»-и Суҳравардӣ низ тасвиб мекунад. Тафовути фалсафае, ки дар ин ду асар баён шудааст, мухтасаран аз инҳо иборат аст:

а) Заминаи назарии фалсафаи «Ҳикмати машриқия»-и Ибни Сино, чунон ки аз қисматҳои маҳфузи он ва муқобалаи онҳо бо осори Арасту маълум мегардад, таълимоти Арасту аст. Вале Суҳравардӣ дар «Ҳикмати ишроқ» ба санавияти нуру зулмати ҳикмати бостонии Эрон ва таълимоти Афлотун ва навафлотуниён такя мекунад;[3]

б) Ибни Сино дар «Ҳикмати машриқия» чун дар «Шифо» Воҷибулвуҷуд – Аллоҳро сабаби воқеии тамоми ҳастӣ медонад. Вале Суҳравардӣ дар «Ҳикмати ишроқ» бар он ақида аст, ки иллати тамоми ҳастӣ Нури ғайримоддӣ аст. Тамоми ашё ва ҳаводиси гуногуни олам ҳам фаязони Нури ягонаи номоддӣ ва муҷаррад аст;[4]

в) Ибни Сино дар «Ҳикмати машриқия» ҳам ҷонибдори назарияи модда ва сурат аст. Вале Суҳравардӣ дар «Ҳикмати ишроқ» ин назарияро қатъиян рад мекунад.[5]

г) Ибни Сино назарияи мусули Афлотунро ҷиддан қабул надорад. Дар «Ҳикмати ишроқ»-и Суҳравардӣ он яке аз усули асосӣ ба шумор меояд;[6]

д) Ибни Сино аз ҷонибдорони фалсафаи истидлолӣ аст.

1 Абуалӣ ибни Сино. Осор. Ҷилди.дувум. Душанбе, 2005. С.156-322.
2 Ниг.: Абуалӣ ибни Сино. Ҳамон асар. С.334-433.
3 Шаҳобуддин Суҳравардӣ. Маҷмуъаи мусаннафоти Шайхи Ишроқ. Ҷилди дувум. Теҳрон. 1976. С.9-13.
4 Ҳамон асар. С.12-13; 93-94; 106-126.
5 Ҳамон асар. С.106-124.
6 Ҳамон асар. С.92-94.

Суҳравардӣ илова бар фалсафаи истидлолӣ, ҳикмат (фалсафа)-и ишроқро низ эътироф дошт. Ӯ муътақид буд, ки фалсафаи истидлолӣ – фалсафаи сифлӣ, вале фалсафаи ишроқ – фалсафаи олӣ аст. Мутобиқ ба ҳамин Ибни Сино як равиш (метод)-и маърифат – равиши мантиқиро эътироф дошт. Вале Суҳравардӣ зимни равиши мантиқӣ – равиши ишроқиро низ мепазируфт. Дар айни ҳол ӯ таъкид мекард, ки равиши асосии маърифат ҳамон ишроқ аст.[1]

- Суҳравардӣ дар китоби худ «ал-Машореъ ва-л-Моториҳот» таъкид мекунад, ки ҳикмати машриқияи Ибни Сино ҳикмати ишроқ нест, балки ҳамон фалсафаи машшоия мебошад. Ӯ навиштааст: «Шайх Абуалӣ (Ибни Сино – М.Д.) дар кариссе (ҷузваҳое – М.Д.), ки ба машриқиён мансуб дониста мешаванд ва дар ҳоли мутафарриқ ва нотамом вуҷуд доранд… сареҳан баён мекунад, ки лафзҳои сода на тарсим карда мешаванд, на таҳдид… Ҳарчанд ин карорис (ҷузваҳо) ба машриқ мансуб дониста мешаванд, вале айнан аз… [баёни] усули машшоиён ва фалсафаи омма иборатанд… Вале шояд ӯ баъзе иборотро тағйир медиҳад, ё дар баъзе масъалаҳои фаръӣ тасарруф мекунад, ки ба китобҳои дигараш наздиканд, аз онҳо тафовути ҷидди надоранд ва дар хусуси онҳо исрор набояд мекард. Муҳтавои ин карорис ба асли машриқӣ, ки дар даврони уламои хусравонӣ муқаррар шудааст… мутобиқ нест, зеро он осори бузург ва фалсафаи гузидагон аст. Ҳадафи мо дар ин китоб танҳо аз такмили равишҳои машшоиён, табақабандӣ ва ислоҳи онҳо иборат аст. Ин равишҳо аз фалсафаи оммаи ҳама машшоиён иборатанд, ҳарчанд дар онҳо нуктаҳои олии истидлолӣ ва васиятҳои азим ба ҳам вифқ дода шудааст. Онҳо дар китоби мо, ки шомили усулҳои олист ва «Ҳикмати ишроқ» хонда мешаванд, дарҷ шудаанд».[2] Аз ин гуфтаи Суҳравардӣ бармеояд, ки андешаи касоне, ки «Ҳикмати машриқия»-и Ибни Синоро – муқаддима ва даромаде барои ҳикмати ишроқи Суҳравардӣ медонанд[3] асоси кофӣ ва басанда надорад.

- Чунон, ки гуфтем, Фахруддини Розӣ (асри 12) китобе дорад бо номи «Мабоҳис ул-машриқия», ки то андозае ба муҳтавои «Шифои»-и Ибни Сино наздик аст. Агар Ибни Сино дар «Ҳикмати машриқия» назар ба «Шифо» фалсафаи дигареро баён мекард, Фахруддини Розӣ асари худро «Мабоҳис-ул-машриқия» номида, тафовути назарияи худро, ки дар он дарҷ

1 Ҳамон асар. С.106-124.
2 Ҳамон асар. С.195.
3 Ниг.: Таърихи фалсафаи исломӣ.Ҷилди якум. Интишороти Хикмат.Теҳрон, 1387. С.426.

шудааст, аз назарияи Ибни Сино дар «Ҳикмати машриқия» нишон медод. Вале азбаски ӯ дар ин бора хомӯш аст, бо эътимоди қавӣ метавон гуфт, ки вай байни назарияи «Шифо» ва «Ҳикмати машриқия»-и Ибни Сино тафовуте надидааст. Ба маврид аст бигӯем, ки дар таҳқиқоти олимони Ғарб ақидаҳое вуҷуд доранд, ки тибқи онҳо «Мабоҳис-ул-машриқия»-и Розӣ китобест (1) дар фалсафаи ишроқ, (2) дар фалсафаи калом. (3) дар фалсафаи тасаввуф. Вале ҳеҷ кадоми ин назарҳо ба муҳтавои «Мабоҳис-ул-машриқия»-и Розӣ мутобиқ нест. Ба назар мерасад, ки мусташриқини Ғарб ин китобро нахонда дар бораи он танҳо тахминҳо задаанд. Ҳақ дар ҷониби олими араб Зарқонӣ аст, ки мегӯяд: «Мабоҳис ул-машриқия»-и Розӣ дар руҳи «Шифо»-и Ибни Сино нигошта шудааст, ҳар чанд дар он баъзе эродот ба Ибни Сино ҷой дорад.

- Машҳур аст, ки Муҳаммад Ғаззолӣ (1058-1111) дар «Таҳофут ул-фалосифа»-и худ Ибни Синоро шадидан нақд кардааст. Агар мавқеи ақидатии Ибни Сино дар «Ҳикмати машриқия» нисбат ба мавқеи ӯ дар «Шифо» тафовут медошт, вай ҳатман онро гӯшзад мекард. Вале азбаски ӯ дар ин бора ишорае накардааст, метавон гуфт, вай байни мавқеи Ибни Сино дар «Шифо» ва «Ҳикмати машриқия» тавофуте надидааст. Метавонанд бигӯянд: Ғаззолӣ дар ин бора аз он сабаб хомӯш мондааст, ки дар замони вай «Ҳикмати машриқия»-и Ибни Сино аз даст рафта буд. Аммо чунин эрод – эроди корӣ нест ва ба шаҳодати Суҳравардӣ, ки баъди Ғаззолӣ зистааст, мутобиқат надорад.

Инак, ба назардошти далелҳои ироашуда бори дигар таъкид мекунем, ки аз диди мо дар мавқеи фалсафии Ибни Сино ҳеҷ гуна духурагӣ ва дугунагӣ вуҷуд надорад ва дар «Ҳикмати машриқия»-и ӯ таҳаввул аз фалсафаи машшо ба ирфон дида намешавад. Ӯ дар тамоми ин китоб ҳамон фалсафаи машшоиро баён мекунад, ҳарчанд ки ба назардошти хостгоҳҳои ислом ва ниёзҳои замон дар он тасҳеҳоте ворид месозад ва баъзе такяҳои онро тағйир медиҳад.

4. «Ишорот ва танбеҳот»-и Ибни Сино ва мавқифи ақидатии он

Як даста муҳаққиқони осори Ибни Сино, аз ҷумла Гуашон, Эҳсон Ёршотир, Қосим Ғани, Е.Э.Бертельс ва Сайид Ҳусайн Наср, «Ишорот ва танбеҳот»-и ӯро, ки соли 1037 - чанде пеш аз маргаш таълиф кардааст-намунаи ошкори осори ирфонӣ (тасаввуфӣ) ва ишроқии вай медонанд. Вале ин ақидаи онҳо ҷуз як

пешҳадсе чизи дигаре нест, зеро ба таҳлили қаринаии «Ишорот ва танбеҳот» такя надорад.

Таҳлили каринаии қисмати мантиқи «Ишорот ва танбеҳот», ки дар боби саввуми ин китоби мо анҷом дода шудааст, андешаи касонеро, ки онро намунаи окшори ирфон ва ишроқи муаллиф медонанд, таъйид намекунад. Зеро ақоиди мантиқие, ки Ибни Сино дар ин ҷо баён мекунад, ба мундариҷаи кисматҳои мантиқи «Шифо», «Наҷот» ва «Донишнома» комилан мутобиқанд. Таҳлили татбиқии «Ишорот ва танбеҳот» ва осори ошкоро машшоии Ибни Сино ва ҳатто «Ҳикмати машриқия» возеҳ нишон медиҳад, ки дар «Ишорот ва танбеҳот» ҳамон назарияи мантиқӣ баён шудааст, ки дар осори машшоии вай ҷой дорад. Андешаи асари ирфонӣ ва ишроқи будани «Ишорот ва танбеҳот»-ро қисмати табиъиёт ва илоҳиёти он низ тасдиқ намекунад. Масалан, намати авали қисмати ҳикмати ин асар «Дар таҷавҳури аҷсом» ном дорад ва дар он ҳамон назарияи аҷсом ва сифатҳои вай, ки дар «Шифо» ва дигар осори Шайхурраис мундариҷ аст, баён шудааст. Дар ин ҷо Ибни Сино назарияи зарраии Демокритро нақд мекунад ва назарияи модда ва сурати Арасту ва худро мухтасаран баён менамояд. Ӯ дар ин асар масъалаи ҳаракат, макон ва замонро, ки дар «Шифо» муфассал таҳлил шудааст, ба таври мухтасар, вале бо нигоҳдошти ҳамаи нукоти муҳимми он сабт мекунад. Аз ҷумла, дар «Ишорот ва танбеҳот» чун дар «Шифо» исбот карда мешавад, ки ҷисм аз пайвастани модда (ҳаюло) ва сурат таркиб меояд ва дар макон ва замон ҳаракат менамояд; ҳаюло, ҳаракат ва замон азалӣ ва абадианд. Ибни Сино навишта буд: «Бидон ки моддаро, ки ҳомил хонанд, вайро вазъ аз он ҷиҳат ҳосил мешавад, ки сурати ҷисмонӣ ба вай мепайвандад»[1]. Ӯ ба замми ин таъкид мекунад, ки «Бидон, ки ҳаюло чунон ки аз сурати ҷисмонӣ холи натавонад буд, аз суратҳои дигари табиъӣ ҳам холӣ натавонад буд».[2] Ӯ афзудааст: «Бидон, ки ҳаюло муҳтоҷ аст дар будани бафеъл ба пайванд гирифтан ба сурат».[3] Вале сарфи назар аз ин Ибни Сино дар «Ишорот ва танбеҳот», чун дар «Шифо» таъкид мекунад, ки сурати ҷисмонӣ ба таври мутлақ сабаби ҳастии ҳаюло натавонад буд. Барои он ки сухан дар боби таносуби модда ва сурат ба дарозо накашад, ба таври хулоса мегӯем, ки Ибни Сино дар «Ишорот ва танбеҳот» бар ин ақидааст, ки онҳо тавассути якдигар ташахус меёбанд. «Ва аз фароҳам омадани ҳарду (яъне, сурат ва ҳаюло), - навишта буд Ибни Сино, - вуҷуди ҳаюло тамом шавад ва сурат ба вай шахсӣ шавад ва вай низ ба

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. Теҳрон. 1332 ш.-1373қ. С.99.
2 Ҳамон асар. С.101.
3 Ҳамон асар. С.102.

сурат шахсӣ бошад». [1] Ин ҳамон ақидае аст, ки онро Ибни Сино дар «Шифо» муфассал баён кардааст.

Дар қисмати ҳикмати «Ишорот ва танбеҳот» масъалаи нафсҳои самовӣ ва аразӣ ва маърифат (дарёфт, шинохт) низ мавриди таваҷҷуҳи хоси муаллиф аст. Ӯ дар ин ҷо, масалан таъкид мекунад, ки «бидон ки дарёфт мар чизро он бувад, ки ҳақиқати он чизи дарёфта мутамассил бошад дар зеҳни дарёбанда ва он дарёбанда мар онро мушоҳидат мекунад. Ва он ҳақиқат ё ҳақиқати он чиз аст, ки берун аз дарёбанда аст, аъни берун аз он чи дар зеҳни вай ҳосил аст аз дарёфтан, ё на ки он аст, ки аввал ниҳодем. Лекин он ҳақиқат на нафси ҳақиқати он чиз аст, ки берун аз дарёбанда аст, ки агар чунин будӣ ҳама мавҷудотро андарёфта будӣ ва маъдумро дарнаёфта будӣ. Ва ин ҳар ду толӣ муҳол аст, зеро ки ҳама мавҷудотро дарнамеёбад. Ва бошад, ки дарёфта ҳақиқати чизе бувад, ки вайро ҳастӣ дар аъён бафеъл набошад, чунон ки бисёр аз ашколи ҳандасӣ, ки фарзи он мумтанеъ набошад ва дар вуҷуд наёяд. Ва чун ин қисм ботил шуд, он қисми дигар бимонад, ки «дарёфт он аст, ки ҳақиқати ҷисм муртасим бувад дар нафси дарёбанда ва аз вай ҷудо набувад».[2] Ин ҳамон андешаи Ибни Сино дар бораи моҳияти маърифат аст, ки дар «Шифо» ва дигар осори Шайхурраис мундариҷ мебошад ва мо онро дар боби панҷуми ин китоб муфассал таҳлил кардаем. Назари Ибни Сино дар «Ишорот ва танбеҳот» дар бораи қудрати маърифатии ҳавоси зоҳиру ботин ва зеҳну ақл, ҳадсу фикрат низ ҳамон аст, ки дар «Шифо» ва дигар осори ӯ ба чашм мехӯранд. Барои исботи ин фикр ба саҳифаҳои 136-163 «Ишорот ва танбеҳот» (Теҳрон, 1332 ш./1373 қ.) бингаред ва мазмуни онҳоро ба ҷойҳои дахлдори «Шифо», «Наҷот» ва «Донишнома» муқоиса кунед.

Дар «Ишорот ва танбеҳот» масъалаи вуҷуд ва сабабҳои он аз масоили меҳварӣ аст. Дар ин ҷо Ибни Сино назари мардумро, ки танҳо вуҷуд (мавҷуд)-и моддӣ ва маҳсусро эътироф мекунанд, нақд карда, ҳастии вуҷуд (мавҷуд)-и ғайриҷисмонӣ (руҳонӣ, маъқул, маънавӣ)-ро собит менамояд. Аз назари ӯ, масалан, мафҳуми «инсон» ҳастии ғайриҷисмонӣ аст ва аз он руй, ки «ҳақиқати аслӣ ӯст… мардуми бисёр, чун Зайд ва Амр, дар он ихтилоф надоранд, на маҳсус аст, балки маъқули холис аст. Ва ҳол дар ҳама куллиёт чунин аст».[3] Ибни Сино илова бар ин таъкид мекунад, ки … «баъд аз ин усул бидон, ки ҳеҷ чиз аз «ишқ» ва «хиҷолат» ва «тарс» ва «далерӣ» ва «хашм» ва «баддилӣ» дар ваҳм наояд, ҳар чанд, ки ин чисзҳоест, ки мутааллиқ ба маҳсус. Ва чун ҳол дар маҳсусот чунин бошад, туро чи занн

1 Ҳамон асар. С.105.
2 Ҳамон асар. С.138.
3 Ҳамон асар. С.165.

бувад ба мавҷудоте, ки агар завоти эшон берун аз маҳсусот бувад ва эшонро алоқа ба маҳсус набошад».[1] Ин ақидаи мутафаккир дар бораи вуҷуд (хастӣ)-и моддӣ ва ақлонӣ (муфориқ) ба руҳи «Шифо», «Наҷот», «Донишнома», ки аслҳои онҳоро дар боби чаҳоруми ин китоб баррасӣ кардем, комилан мутобиқ аст. Назарияҳои сабаб ва мусаббаб, Воҷиб-ул-вуҷуд» ва имконулвуҷуд, ки дар ин бахши «Ишорот ва танбеҳот» баён шудаанд, зотан ба ақоиди Шайхурраис дар осори пешинаш вифқ доранд. Хулосаи куллии ӯ дар «Ишорот ва танбеҳот» дар хусуси сабаб ва мусабаб ин аст, ки чизҳо сабабҳои наздику бевосита ва сабабҳои дур ва ниҳоӣ доранд. Сабабҳои наздику бевоситаи ашё метавонанд ашёи моддӣ бошанд. Вале сабаби дур ва ниҳоии ашё як чизи ягонаи муфориқ аст, ки ҳамон Воҷибулвуҷуд мебошад. Воҷибулвуҷуд, ё мабдаи аввал назир, зид, ҷинс, навъ ва ҳад надорад, ишоратпазир нест ҷуз ба сареҳи ирфони ақлӣ, маъқулулуззот, қаюмуззот ва барӣ аз ҳама алоиқи моддӣ мебошад. Дигар ҳама мавҷудот имконулвуҷуд аст ва танҳо тавассути Воҷибулвуҷуд имкони ҳастии воқеӣ ва воҷиб пайдо менамоянд.[2] Агар ин нукоти «Ишорот ва танбеҳот» бо осори пешини ӯ муқобала ва муқоиса шавад, равшан хоҳад шуд, ки дар ин масоил дар ақоиди ӯ таҳаввули ошкоре рух надодааст.

Масъалаи бисёр муҳимми меҳварӣ ва ҷаҳоншиноҳтӣ, ки дар қисмати ҳикмати «Ишорот ва танбеҳот»-и Ибни Сино мавриди баён қарор гирифтааст, масъалаи сунъ ва ибдоъ аст. Ин масъала дар асари мазкур, агар мухтасар бигуем, чунин таъбир шудааст: а) сунъ – «он аст, ки чизе чизи дигарро падид оварад баъди он ки вай нест буд». Ибни Сино бори дигар бо таъкид менависад: «Чун чизе аз чизҳо нест бошад ва пас аз он ҳаст шавад ба сабаби чизе дигар он чизро мафъул (яъне, маснуъ – М.Д.) хонем».[3] Аз таҳлиле, ки Ибни Сино баъдан анҷом медиҳад, бармеояд ки мабдаи нахустини сунъ Воҷибулвуҷуд аст ва сунъ дар замоне муайян ва аз чизе сурат мегирад. Чизи маснуъ худ ба худ воҷибулвуҷуд нест. Вале танҳо тавассути Воҷибулвуҷуд базот воҷибул-вуҷуд ба ғайр мегардад. Ҳастии маснуъот ба ҳифзи доимӣ аз ҷониби Мабдаи аввал ниёз доранд. Аз ин назар вай ақидаи мутакаллимонеро, ки робитаи доимии сонеъ ва маснуъро дар амри ҳастии маснуъ зарурӣ намедонистанд, ҷиддан рад кардааст. «Инҳо – навишта буд ӯ, - эътиқод доранд, ки чун фоъил (сонеъ – М.Д.) чизеро ҳаст кард ва падид овард, ниёзмандии вай ба фоъил (сонеъ – М.Д.) бархост, то агар тақдир кунӣ, ки фоъил бархезад ва нест шавад, раво бувад, ки мафъул (маснуъ – М.Д.) ҳаст бимонад. Ва гуфтанд, ки ин ҳол монанди «бино» ва «бино-

1 Ҳамон асар. С.165-166.
2 Ҳамон асар. С.172-177.
3 Ҳамон асар. С.178-179.

кунандааст», ки диданд, ки бинокунанда нест шавад ва «бино» бимонад. Ва бисёре аз эшон таҳошӣ накунанд аз гуфтани он, ки агар Бори Таъоло раво бувад, ки вай нест шудӣ, олам нест нагаштӣ, зеро ки олам андар ҳастшудан ва падид омадан аз адам андар вуҷуд ба Борие ниёзманд бувад, то ӯро дар вуҷуд оварад. …Аммо чун оламро падид овард ва вайро аз нестӣ ҳастӣ дод, ӯро дигар бора аз адам ба вуҷуд чи гунна оварад, то ниёзманд бошад ба фоъил…?» Ва гуфтанд, ки ниёзмандии олам ба фоъил агар аз он рӯй аст, ки мавҷуд аст, лозим омадӣ, ки ҳар мавҷуде ба муҷиде дигар ниёзманд будӣ. Ва Бори Таъоло мавҷуд аст, пас вай ниёзманд будӣ ба фоъил. Ва ҳамчунин он мавҷуди дигаре ниёзманд будӣ, ило мо лоятоҳи (ба он чи интиҳо надорад – М.Д.)». Ин ақидаи мутакаллимон натиҷаи назарияи онҳо дар бораи ғайризарурӣ ва ноҳамешагии робита ва таъаллуқи сабаб ва мусаббаб (иллат ва маълул, сунъ ва сонеъ, фоъил ва мафъул) аст. Аммо Ибни Сино робитаи сабаб ва мусаббаб, сонеъ ва маснуъро робитаи ҳамешагӣ, доимӣ ва зарурӣ медонад. Аз ин рӯ, вай ақидаи мутакаллимонро қотеъона напазируфта ва ғалат донистааст. Ин ҳамон андешаест, ки дар осори пеш аз «Ишорот ва танбеҳот» таълиф кардаӣ мутафаккир, масалан дар «Шифо» муфассал баён шудааст ва мо онро дар боби чаҳоруми ин китоб ба таври мабсут таҳлил кардем.

Вале Ибни Сино дар «Ишорот ва танбеҳот» ибдоъро чунин таъриф кардааст: «Бидон ки маънии ибодъ он аст, ки аз чиз ҳастии дигаре бошад ва мутаъаллиқ бошад ба вай бе тавассути олате ва моддае ва замоне. Ва ҳар чиз, ки адами замонӣ бар вай собиқ бошад, бениёз набувад аз воситаи моя. Пас рутбати «ибдоъ» олитар бувад аз такаввун ва эҳдос [ва сунъ]»[1]. Ин таърифи ибдоъ ба он чи Шайхурраис дар осори пеш аз «Ишорот ва танбеҳот» таълиф намудааш, баён кардааст, комилан мувофиқ аст. Масалан, дар «Шифо» омадааст: «Агар чизе аз чизҳо зотан сабаби доимии вуҷуди чизи дигаре бошад, то ҳангоме ки зоти он мавҷуд аст, сабаби доимии он аст. Ва агар доимулвуҷуд бошад, маълулот низ доимулвуҷуд аст. Ва инчунин иллат ба иллият шоистатар аст, зеро мутлақи адамро аз чиз бозмедорад ва ӯст, ки вуҷуди том ба шайъ мебахшад. Ва ин ҳамон масъалае аст, ки назди ҳукамо ибдоъ номида мешавад. Ва [он] иборат аст аз ҳаст кардани чизе пас аз нестии мутлақ, зеро шаъни маълули ба худ он аст, ки набошад ва ба ҳасти иллаташ дорои вуҷуд бошад… Ва агар вуҷудаш пас аз нести мутлақ бошад, судури он аз иллат аст. Ва он судур ҳамон ибдоъ аст ва бартарин наҳваи ҳастибахшӣ аст, зеро адам ба куллӣ аз он манъ ва вуҷуд бар вай мусаллат шудааст».[2] Дар «Мабда ва маъод» ҳам, ки намунаи

1 Ибни Сино. Ҳамон асар. С.187.
2 Ибни Сино. аш-Шифо. Илоҳиёт (1). С.266-267. Ниг инчунин: Илоҳиёт (2). С.526-527.

осори машоии Ибни Синост, омадааст: «…Ҳукамо истилоҳан нисбатеро, ки зоти нахустин бо куллӣ вуҷуд дорад, ибдоъ менома-манд. Аммо ибдоъ назди омма ба маънои дигаре аст, ки ҳамоно ихтироъи ҷадид бошад, аммо аз модда. Вале мақсуди ҳукамо аз ибодъ ҳаст кардани чизе аст, ки зотан нест бошад. Ин идомаи ҳаст кардан ба ҳеҷ иллате ҷуз Зоти Нахустин ҳеҷ гуна таъаллуқ – чи моддӣ, чи маънавӣ, чи афзорӣ, чи бевосита – надорад ва пайдост, ки ин маънӣ бартар аз феъл аст».[1] Ба ин тариқ, маълум мешавад, ки Ибни Сино дар ҳама осораш масъалаи сунъ ва ибдоъро ба як наҳва таҳлил ва баррасӣ кардааст ва дар андешаҳои ӯ таҳаввули ҷиддие дар масъалаҳои сунъ ва ибдоъ ба назар намерасад. Дар ин ҷо бо мақсади бештар равшан шудани масъала бояд бори дигар таъкид кард, ки сунъ офариниши замонӣ аст ва ҳар чизе, ки адами замонӣ бар вай собит гашта бошад, дар офариниши худ ҳатман ба модда ниёз дорад. Аз ин таъбироти Ибни Сино ба ин натиҷа метавон расид, ки тамоми мавҷудоти чисмонӣ, ҷуз фалакулафлок, аз модда офарида шудаанд. Аммо ақлҳо ва муфориқот, ки мавҷуди ибдоъӣ хонда мешаванд, аз ҷониби Воҷибулвуҷуд бе тавассути модда ва замон офаридашудаанд ва қадим мебошанд. Инро низ бояд гуфт, ки фалакулафлок низ чун ақлҳо ва муфориқот қадим ва ибдоъӣ дониста шудааст, зеро аввалин мавҷуди ҷисмониест, ки аз муфориқот падид омадааст ва масбуқ ба модда набудааст. Ибни Сино рутбаи ибдоъро аз рутбаи таквин, эҳдос, сунъ, ихтироъ, халқ ба он сабаб авлотар медонад, ки ибдоъ бе тавассути афзор (олат), модда ва замон сурат мегирад. Аммо таквин, эҳдос, сунъ, ихтироъ ва халқ тавассути ё модда, ё замон, ё афзор, ё ҷамъи онҳо падид меоянд.

Ибни Сино дар «Ишорот ва танбеҳот» зимни баррасии масъалаи сунъ ва ибдоъ назароти гурӯҳҳо ва мактабҳои гуногуни фалсафӣ ва фалсафӣ – мазҳабиро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад ва онҳоро чунин табақабандӣ менамояд:

1. Гурӯҳе, ки гӯянд ин чизи маҳсус, яъне олами моддӣ ба зоти худ мавҷуд ва ба зоти худ воҷибулвуҷуд аст.[2] Ибни Сино таъин намекунад, ки ин гурӯҳ чи ашхосе буданд? Вале аз таърихи фалсафа медонем, ки чунин ақидаро моддагароён (материалистон) тарғибу ташвиқ мекарданд. Ин назария дар таърихи фалсафаи мо аз ҷониби зурвониёни моддагаро, даҳриён, табоъиён ва ҳатто асҳоби ҳаюло баён шудааст.[3]

2. Ҷамоате, ки гӯянд вуҷуди маҳсус маълул аст, яъне ба зоти худ воҷибулвуҷуд ва қадим нест. Ин ҷамоат худ чанд гурӯҳанд:

1 Ибни Сино. Мабда ва маъод. Теҳрон. 1363. С.77. Барои иттилоъи бештар дар бораи «ибдоъ» ниг.: Доиратулмаорифи бузурги исломи. Ҷилди дувум. Теҳрон. 1368. С.372-383.

2 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.188.

3 Барои иттилоъи бештар ниг: М.Диноршоев. Аз таърихи фалсафаи тоҷик. Душанбе, 1988. С.6-28.

а) гурӯҳе муътақиданд, ки асл ва тинати мавҷуди маҳсус маълул нест, аммо сиға (сурат)-и он маълул аст. Ин гурӯҳ ду воҷибулвуҷуд дар ҳастии айнӣ исбот мекунанд. Дар таърихи фалсафаи мо чунин ақида, масалан, дар таълимоти монавия ва маздакия мушоҳида мешавад, ки ба ҳастии мабдаи Хайр ва Шар, ё Нур ва Зулмат муътакид буданд ва зери ин мафҳумҳо Аҳурамаздо ва Аҳриман, ё Ақл (Нур) ва модда (Зулмат)-ро дар назар доштанд. Ибни Сино ин назарияи ба зоти худ санавиро мустаҳил медонад.[1]

б) гурӯҳе, ки воҷибияти вуҷуди ду зид, ё чанд чизро исбот мекунанд ва мегӯянд, ки дигар чизҳо аз онҳо падид оянд. Ва инҳо дар ҳукми гурӯҳи пешинанд. Аз таърихи фалсафаи форс-точик маълум аст, ки ононе, ки зиёда аз ду воҷибулвуҷуд ва мабдаи қадим қоиланд, ҷонибдорони фалсафаи касртгароӣ мебошанд, ки намояндаи шинохтатарини он Абубакри Розӣ (865-925) -муассиси назарияи қудамои ҳамса аст.[2]

3. Гурӯҳе, ки мувофиқат карданд, ки Воҷибулвуҷуд яке аст, вале дар навбати худ ба ду ҷамоат тақсим шуданд:

а) гурӯҳе, ки гуфтанд Воҷибулвуҷуд буд, вале аз вай вуҷуди чизе падид наомада буд. Ин назари мутакаллимон аст. Ҷамоате аз ин гурӯҳ инчунин муътакид буд, ки олам он вақт ҳаст шуд, ки вуҷуди ӯ дар он вақт аслаҳ буд. Ибни Сино ин ақидаи мутакаллимонро напазируф-тааст. Зеро бовар дошт, ки ин ақида ба он меанҷомид, ки вақте будааст, ки Воҷибулвуҷуд Сонеъ ва Мубдиъ набудааст ва сипас, яъне вақте ки ба сунъ (таквин, халқ, иҳдос) ва ибдоъи олам пардохт сонеъ ва мубдиъ гардид. Аз диди Ибни Сино нуқси ин назарияи мутакаллимон аз он иборат аст, ки ақидаи доим фоъил, сонеъ, мубдиъ ва ба зоти худ таъғирнопазир будани Воҷибулвуҷудро халалдор намуда ба ин меанҷомад, ки омили дигаре онро аз ҳоли носонеъӣ ва номубдиъӣ ба ҳоли сонеъӣ, мубдиъӣ ва холиқӣ овардааст.

б) гурӯҳе, ки муътарифи яногани ва яктоии Воҷибулвуҷуд (мабдаи аввал) мебошад ва мегӯяд, ки вай дар ҳамаи сифот ва аҳволи аввалӣ, ки ӯрост, аз азал ба зот Воҷибулвуҷуд, сонеъ ва мубдиъ аст ва ба ҳеч фоъил, сабаб (иллат) ва мураҷҷиҳи ғайри худ мутлақан ниёз надорад. Ин назари машшоиён аст, ки Ибни Сино онро чи дар «Шифо» ва чи дар «Ишорот ва танбеҳот» баён кардааст ва комилтарин назар дар боби Воҷибулвуҷуд, сонеъ ва мубдиъи азалии будани он дониста аст. Ин чунин маъниро мерасонад, ки Ибни Сино дар ҳаллу фасли масъалаи сунъу ибдоъ ҳеҷ майлоне аз фалсафа ба сӯи ирфон ва тасаввуф нишон надодааст ва назарияи ваҳдати вуҷуд, ё ваҳдати шуҳуди онҳоро аслан ёдовар нашудааст.

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.189.

2 Барои иттилоъи бештар ниг.: Мусо Диноршоев. Аз таърихи фалсафаи тоҷик. Душанбе, 1986. С.28-83.

Дар «Ишорот ва танбеҳот» масъалаҳои ғоят, мабда ва маротиби ҳастӣ (намати шашум), аз ҷумла, масоили аҷроми самовӣ, ҳаракати аҷроми самовӣ, ваҳдат, касрат ва судур ҳамон гуна таҳлил ва баррасӣ шудаанд, ки дар осори пешини Шайхурраис дида мешаванд Масалан, у назарияи файз, ё судурро ба ин тариқ баён кардааст: «…Туро равшан шуд, ки ҷавоҳир, ки на ҷисмонианд, мавҷуданд. Ва Воҷибулвуҷуд яке аст ва ӯро бо ҳеҷ чизе анбозе нест, на андар ҷинс ва на андар навъ. Пас, лозим ояд, ки касрат ва бисёри маълули ин ҷавоҳир бошанд, ки ҷисмонӣ нестанд. Ва низ бидонистӣ, ки аҷсоми самовӣ маълули иллатҳоанд, ки на ҷисмонианд. Пас, аз ин ҷиҳат бисёрӣ буванд. Ва ту донистаӣ, ки Воҷибулвуҷуд нашояд, ки мабдаи ду чиз бувад ба ҳам, бе он ки яке мутавассит бошад андар будани яке аз вай. Пас, воҷиб бувад, ки маълули аввал, ки аз ӯ содир аст, ҷавҳаре бошад аз он ҷавҳари ақлӣ. Ва ҷавоҳири ақлии дигар аз ӯ ба тавассути он яке бошанд. Ва аҷсоми самовиёт аз ӯ ба тавассути ақлиёт бошанд. …Ва туро маълум аст, ки ду аз якӣ аз ду ҷиҳат лозим ояд ва ду ҷиҳати ихтилоф дар маълули аввал ҷуз аз он руйӣ нест, ки ҳар яке аз онҳо ба зоти хеш мумкинулвуҷуданд ва ба Аввал воҷибулвуҷуданд. Ва ӯ зоти худро донад ва Аввалро донад. Пас, ба-д-он чи ӯрост аз донистани Аввал, ки муҷиби вуҷуди ӯст ва ба-д-он чи ӯрост аз ҳоли ӯ наздики вай, мабдаи чизе бошад ва ва ба-д-он чи ӯрост аз зоти худ мабдаи чизи дигар бувад. Ва чун маълул бувад монеъе набошад аз он ки зоти вай аз чанд чизи мухталиф бувад. Ва чун [на] чунин бувад ва ӯро моҳияте бошад имконӣ ва ҳасти вай аз дигари воҷиб аст? Ва воҷиб бошад, ки он чӣ аз ӯ монанди сурат аст, мабдаи ин коин бошад, ки муносиби сурати ӯст. Ва он чи ба моя монанд аст. мабдаи он коин бошад, ки муносиби моя аст. Пас, ба-д-он ҷиҳат, ки вай оқил аст ба Аввал [ки ба вай воҷиб аст], мабдаи ҷавҳари ақлӣ бошад ва ба-д-он дигар ҷиҳат мабдаи ҷавҳаре ҷисмонӣ бувад. Ва равост, ки он дигарро тафсиле бошад ба ду чиз, ки ба-д-он ҳарду сабаби сурате ва мояи ҷисмонӣ шавад. …Аввал Таъоло ибдоъи ҷавҳари ақлӣ кунад, ки вай ба ҳақиқат мубдиъ аст ва ба тавассути ӯ ҷавҳаре ақлӣ ва ҷирме осмонӣ падид ояд. Ва ҳам бар ин тариқ, аз он дигар ҷавҳари ақлии он дигар ҳаст ҳаст шавад, то ҳастии аҷроми осмонӣ тамом шавад ва ба ҷавҳаре ақлӣ расад, ки аз он ҷирми осмонӣ лозим наояд. Воҷиб аст, ки ҳаюлои олами унсурӣ лозим аз ақли охир бошад ва мумтанеъ нест, ки аҷроми осмониро зарбе аз муовинат ва ёрӣ додан бошад андар он… Ва сувари ин ҳаюло ҳам файзи ин ақл аст. Аммо ба ҳасби истеъдодҳои мухталиф, ки андар ҳаюло меафтад, сурат мухталиф мешавад. …Пас, он гоҳ нафси наботӣ ва ҳайвонӣ ва нафси нотиқа аз он ҷавҳари ақлӣ,

ки гуфтем, яъне ақли фаъол, фоиз шавад. Ва чун нафси нотиқа падид омад, тартиби вуҷуди ҷавоҳири ақлӣ бозистад. Ва нафси нотиқа, агарчи ҷавҳари ақлӣ аст, аммо муҳтоҷи истикмол аст ба олоти баданӣ, то мустаъиди файз шавад аз ҷиҳати мабодӣ… Тааммул кун, ки чӣ гуна оғоз кард вуҷуд аз он чи шарифтар аст ва ҳамчунин аз ашраф ба ашраф меомад, то ба ҳаюло расид, ки хасистар аз ҳама аст ва дигар бора боз гардид ва аз аҳсан ба аҳсан меомад, то ба шарифтарин расид, ки нафси нотиқа аст ва ақлӣ мустафод, ки аз ӯ шарифтар аст». [1] Агар ин порчаи «Ишорот ва танбеҳот» ба он чи дар мавзуъи судур дар «Шифо» ва «Мабда ва маъод» аст бо диққати том муқоиса ва муқобала гардад, маълум хоҳад шуд, ки дар ҳалли масъалаи судур (файз) ҳам мавқифи ақидатии Ибни Сино таҳаввул напазируфтааст.

Ибни Сино дар намати ҳафтуми «Ишорот ва танбеҳот» зери унвони «Андар таҷрид» ду масъалаи муҳимро таҳлил ва баррасӣ кардааст. Масъалаи якум масъалаи моҳияти нафси нотиқаи инсонӣ, робитаи он бо ҷисм ва мақоми вай дар фароянди маърифат аст. Хулосаи ақоиди Ибни Сино чунин аст:

1.Нафси нотиқаи инсонӣ дар ҷисм мунтабиъ ва қоим нест, яъне хосияти ҷисм нест ва ҷисм танҳо олати он аст. Аз ин сабаб мустаҳил шудани ҷисм ба марг ҷавҳари нафси нотиқаро зиёне надорад. Вай ҳамчунон боқӣ мемонад ва ҳаёти ҷовидона ва абадии худро идома медиҳад, зеро мабдаи вуҷуди он ҷавоҳири азалӣ ва абадианд.

2.Чун нафси нотиқа малакаи пайванд ба ақли фаъол пайдо кунад, нест шудани олоти ҷисмонӣ ӯро дар донистан аҷсом ва падидаҳо зиёне нарасонад, зеро ки ӯ ба зоти худ доност, на тавассути олати ҷисмонӣ. «Ва таҳқиқи ин сухан он аст, ки агар доноии ӯ, - навишта буд Ибни Сино, - ба олат будӣ, натавонистӣ буд, ки олат кунд шудӣ илло ки ӯ низ ба зарурат кунд шудӣ… Ва чун эътибори қуввати ҳис ва ҳаракат кунӣ ин сухан туро муҳаққақтар шавад. Лекин ба кундии олат ва аз кор мондани [он] нафсро (яъне нафси нотиқаро – М.Д.) калол ориз намешавад. Ва таҳқиқи нақизи ин толӣ туро аз мушоҳада маълум шавад. Ва қувватҳои ҳис ва ҳаракат андар тариқи инҳилол бошанд ва қуввати аклӣ ё собит бувад, ё андар зиёдатӣ…».[2] Лекин сарфи назар аз ин Ибни Сино таъкид мекунад, ки **«…сурати ақлӣ ба вачҳе равост, ки аз сурати хориҷ ҳосил шавад андар ақл, чунон ки ақл истифодати сурати осмон кунад аз осмон. Ва равост, ки аввал сурат собиқ шавад ба будан андар ақл ва пас аз он суратро вуҷуди хориҷи хосил шавад, чунон ки мо шакле андар ёбем ва баъд аз он ӯро ба амал бикунем».[3]**

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.212-216.
2 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.217.
3 Ҳамон асар. С.225.

3.Воҷибулвуҷуд (Аллоҳ) зоти худ ва ҳама чизҳои дигарро тавассути зоти худ медонад. Дар ин бобат ӯ навиштааст: «Воҷибулвуҷуд бошад, ки ба зоти хеш доно бувад ва доноии вай ба зоти хеш на аз чизе дигар ҳосил бошад… Ва он чи ғайр аз ӯст ба-д-он ҳам доно бошад, аз он руй, ки ӯ иллати ҳама аст. Ва ҳама чизҳоро аз он руй донад, ки воҷиб аст, ба-д-он тартиб, ки ҳаст, чунон ки воҷиб шудааст ҷавоҳири ақлӣ ба тартиб ва аҷроми фалакӣ ба тартиб».[1]

Ин нукоти «Ишорот ва танбеҳот» такя ба «Шифо», «Наҷот» ва «Донишнома» доранд, ки мо онҳоро дар «Фалсафаи табиъиёти Ибни Сино»[2] ва «Мухтасари фалсафаи Ибни Сино»[3] -и худ муфассал таҳлил кардаем. Муқоисаи ин нукот бо маводи асарҳои зикршуда тафовути боризеро нишон намедиҳад. Бинобар ин таъкид мекунем, ки аз рӯи таъбири ин масоил ҳам дар ақоиди Ибни Сино майлоне ба сӯи ирфон ва тасаввуф рух надодааст.

Вале бояд гуфт, ки дар «Ишорот ва танбеҳот» наматҳое вуҷуд доранд (наматҳои – 8, 9, 10), ки дар бораи тасаввуф ва ирфон баҳс мекунанд. Фахруддини Розӣ, ки дар «Шарҳи «Ишорот ва танбеҳот»-и худ Ибни Синоро дар боби тамоми масоили асосии мантиқӣ ва фалсафӣ мавриди нақди шадид қарор додаст, дар оғози шарҳи намати нуҳӯми китоби мазкур, ки «Дар мақомоти орифон» ном дорад, менависад: «ин боб муҳимтарин ва арзишмандтарин матолиби ин китоб аст, зеро [Ибни Сино] дар он улуми суфияро ба наҳве мураттаб кардааст, ки пеш аз ӯ касе чунин накарда буд ва баъд аз ӯ ҳам касе бар он [чизе] наафзудааст».[4] Пас шояд дар ҳамин наматҳои сегонаи охири китоб майлони Ибни Сино аз фалсафа ба тасаввуф ва ирфон зоҳир шуда бошад? Барои ҷавоб ба ин суол мазмуни наматҳои мазкурро ба риштаи таҳлили иҷмолӣ мекашем.

Дар намати ҳаштуми «Ишорот ва танбеҳот», ки «Фи-л-баҳҷат ва-с-саъодат» («Андар шодмонӣ ва некбахтӣ») ном дорад, масъалаҳои лаззат ва дардҳои ҳиссӣ, ботинӣ, ақлонӣ, хайр ва шарр ва дарёфти ин падидаҳо, саъодат ва лаззати орифон ва маротиби ҷавҳарҳои муҷаррад аз рӯи камолу нукс баррасӣ шудаанд. ҳарчанд ин намат «Андар шодмонӣ ва некбахтӣ» ном дорад, вале Ибни Сино таъриф ва ҳадди ин мақулаҳоро наовардa, бевосита ба баёни моҳияти лаззат ва алам (дард) мепардозад ва дар таърифи онҳо менависад: «Бидон, ки лаззат маърифат ва расидан аст ба-д-он чиз, ки ба наздики дарёбанда камол ва хайр аст… Ва аламу дард ҳам маърифат ва расидан аст ба-д-он чиз,

1 Ҳамон асар. С.225.
2 М.Диноршоев. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе, 1985. С.159-235.
3 М.Диноршоев. Компендиум философии Ибн Сины. Душанбе, 2010. С.208-222; 272-283.
4 Ибни Сино. ал-Ишорот ва-л-танбеҳот маъа шарҳи Насириддин ат-Тусӣ. ал Қисм ар-робиъ. ат-Табъ ас-сония. Дор ул-маъориф би Миср.С47.

ки ба наздики дарёбанда шарр ва офат аст».[1] Дар асоси ин таъриф Шайхурраис лаззотро ба се қисм тақсим кардааст:

1) Лаззатҳои ҳиссӣ – лаззатҳое, ки шахс аз чизҳои моддӣ тавассути ҳисҳои зоҳирӣ касб мекунад; 2) лаззатҳои ботинӣ – лаззатҳое, ки аз роҳи ҳисҳои ботинӣ ба даст омадаанд; 3) лаззатҳои ақлонӣ – лаззатҳое, ки ақли инсонӣ аз роҳи дарёфти моҳияти руҳониёт, маънавиёт ва муфориқот ноил мегардад. Ба назар мерасад, ки аламҳо (дардҳо) низ аз назари Ибни Сино ҳамин гуна табақабандӣ мешаванд.

Хулосаи умдаи Шайхурраис дар бораи таносуби лаззатҳои ҳиссӣ, ботинӣ ва ақлонӣ аз он иборат аст, ки лаззатҳои ботинӣ бартар аз лаззатҳои ҳиссӣ ва лаззатҳои ақлонӣ бартар аз ҳардуи онҳоанд. Ибни Сино ин нуқтаи ақоиди худро ба бурҳонҳои зерин чунин мудаллал ва мубраҳан месозад:

- инсони хирадманд пирузӣ ба ҳарифро аз лаззатҳои ҳиссӣ афзал медонад. Аз ин сабаб аст, ки ашхоси хирмадманд барои расидан ба лаззати руҳонию ақлонӣ аз лаззати ҳиссӣ даст бозмедорад, чунон ки дар бозиҳои шатранҷ ва нард дида мешавад;

- инсони хирадманди тандуруст ва солим барои ҳифзи ҷоҳ ва мақоми хеш аз лаззатҳои ҳиссие, ки ӯро пеш ояд, даст мекашад;

- мардони саховатманд ва бузургвор инъом ва бахшишро аз лаззатҳои ҳиссӣ афзал ва авло медонанд. Ба ҳамин сабаб аст, ки дар назари онҳо таҳаммули гуруснагӣ гуворотар аз инъом ва бахшиш аст. Саъодат ва некбатхтӣ аз назари ин гуна мардон он аст, ки мустамандеро дастгирӣ ва кӯмак намоянд;

- бузургворон, баландҳимматон ва шарифон дар корзор қаҳрамонона ба марг расиданро аз зинда мондани нанговар арзандатар медонанд;

- на танҳо назди мардони шариф ва номовар, балки назди ҳайвоноти ногӯё ҳам гоҳ-гоҳ лзззатҳои таваҳҳумӣ ва хаёлӣ бар лаззатҳои ҳиссӣ бартарӣ доранд, чунон ки саги шикорӣ, бо вуҷуди гурусна буданаш, сайдро пеши соҳибаш меоварад, ё чунон ки ҳайвоноти ширдеҳ барои ҳифзи бачааш худро ба хатари бештар меандозад.[2]

Ибни Сино инчунин муътақид аст, ки дардҳо (аламҳо)-и ақлонӣ қавитар аз дардҳои ҳиссианд. «Ин дардҳо ва оломи руҳонӣ, - навишта буд ӯ, - муқобили он лаззати руҳонӣ аст, ки васфи он гузашт ва он ҳамон алами оташи руҳонӣ аст, ки аз дардҳои ҳосил аз оташи ҷисмонӣ бартар аст».

Бояд гуфт, ки андешаи Ибни Сино дар бораи афзалият ва авлавияти лаззатҳо ва дардҳои ақлонӣ (руҳонӣ, маънавӣ) бар лаззатҳо ва дардҳои ҳиссӣ натиҷаи таъсири ирфону тасаввуф

1 Ибни Сино. ал-Ишорот ва-л-танбеҳот маъа шарҳи Насириддин ат-Тусӣ. ал Қисм ар-робиъ. ат-Табъ ас-сония. Дор ул-маъориф би Миср.С47.

2 Ниг.: Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.236-237.

бар афкори ӯ нест, то аз ин ҷо натиҷа гирифта шавад, ки ӯ аз фалсафа ба ирфон майл кардааст. Ин андеша натиҷаи назарияи умдаи худи ӯ дар бораи авлавияти ақлониёт (руҳоният, нафсониёт, маънавиёт, муфориқот) бар маҳсусот аст, ки дар тамоми осор ва таълимоти ӯ дида мешавад. Далели дурустии ин хулосаи мо назариёти мутафаккир дар бораи мабдаҳои муфориқи ҳастӣ, сабаби муфориқи ниҳоии ҳастӣ ва файз аст, ки дар фаслҳои марбутаи ин китоб таҳлил шуданд.

Муҳим он аст, ки Ибни Сино дар ин намати «Ишорот ва танбеҳот» бори нахуст дар таърихи фалсафа ба таҳлили масъалаи лаззати орифон мепардозад ва собит менамояд, ки орифон ба сабаби парҳезкории худ метавонанд ба олитарин маротиби лаззатҳои руҳонӣ бирасанд. Ба ҳамин манзур ӯ менависад: «Бидон, ки орифони парҳезкор чун вуболи бадан аз гардани эшон бархезад ва шавоғил мунқатеъ шавад ва ба олами қудс ва саъодат бипайванданд ва ба камоли бузургтар мутанаққиш шаванд, азимтар лаззате андарёбанд… Ҷамоъате, ки ҳамеша андар тааммули ҷабарутанд ва аз шавоғил ва мавонеъ муъриз ва рӯй баҳамагӣ ба-д-он ҷониб карда, эшон дар ҳоли пайванд ба бадан аз он лаззат ҳаззе тамом биёбанд ва чун бар он исрор намоянд ва мутамаккин шаванд, эшонро аз ҳама чизе биситонад. Бидон, ки нафсҳои басаломат, ки корҳои дунё ӯро сахтдил ва дурушт накардаанд, чун зикри руҳонӣ шунаванд, ки ишорат ба аҳволи муфориқат кунад, ӯро ғушйе [беҳушие] расад ва шавқе ӯро падид ояд ва вақте сахт ба вай расад ва лаззате муфарраҳ, то он ҳол падид ояд. Ва бошад, ки он ҳолат ба даҳшат ва ҳайрат анҷомад. Ва ин маънӣ озмудаанд. Ва касе, ки ӯро ин ҳолат бувад, фозилтарин боъисе бошад ӯро бар талаб кардани ҳақ. Ва ҳар кӣ боъиси вай талаби ҳақ аст қаноат ҷуз ба тамомии басират накунад. Ва ҳар кӣ боъиси ӯ талаби сутудани мардум аст ва бартарӣ ҷустан ба ҳампоёни хеш, ба-д-он чи вайро ба-д-ин ғараз расонад, қаноат кунад. **Ва он ҳол, ки гуфтем, ҳоли лаззати орифон аст.**[1] Ин ҳолати орифон дар касби лаззат, ки Ибни Сино тасвир кардааст, албатта таъмим ва ҷамъбасти амалияи орифонаи худи ӯ нест, зеро вай, чунон ки зиндагиномааш нишон медиҳад, аз аҳли сайру сулуки орифон ва суфиён набуд, ҳаёти зоҳидона ҳам надошт. Агар Ибни Сино ҳаёти орифона медошт, аҳли сайру сулук ва мавқифҳои ақидатии орифонро ҷонибдор мебуд, ин андешаҳои худро на дар тарзи баёни шахси сеюм, балки дар тарзи баёни шахси якум ифода мекард. Он чи Ибни Сино дар бораи ҳолати орифон иброз медорад, аслан натиҷаи таъмими сайру сулуки суфиён ва орифони замонаш, хусусан Харақонӣ ва Абусаъид Абулхайр, ки бо онҳо шиносоӣ,

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.242-243.

мусоҳиба ва мукотиба дошт, чизи дигаре нест.

Ибни Сино дар намати нуҳӯми «Ишорот ва танбеҳот»-и худ масъалаҳои таносуби лафзҳои «зоҳид», «обид» ва «ориф», мақомоти орифон ва моҳияти ирфонро мавриди таҳқиқ қарор додаст. Таҳқиқи масъалаи таносуби лафзҳои «зоҳид», «обид» ва «ориф» барои шинохт ва тафриқаи орифнамоён аз орифони ҳақиқӣ аҳамияти хоса дорад. Аз ин сабаб Ибни Сино кӯшиш ба харҷ додаст, ки тафовути маънии истилоҳии ин лафзҳоро равшан намояд. Ба ин манзур ӯ менависад, ки «муъриз аз матоъи дунё ва хушиҳои он, ӯро «зоҳид» хонанд. Ва он касро, ки мувозиб бошад бар иқомати нафли ибодат аз намоз ва рӯза, ӯро «обид» хонанд. Ва он касро, ки фикри худро сарф карда бошад ба қудси ҷабарут ва ҳамеша мутаваққеъи шуруқи нури ҳак бувад андар сари худ, ӯро «ориф» хонанд. Ва ин аҳвол, ки баршумурдем, бувад, ки баъзе бо баъзе мутараккиб шавад».[1] Ин ҷо Ибни Сино зимни таърифи «зоҳид», «обид» ва «ориф» «зуҳд», «ибодат» ва «ирфон»-ро низ таъриф кардааст. Аз муқобалаи ин лафзҳо бар меояд, ки «зуҳд» рӯгардонидан аз хушиҳои дунё; «ибодат» анҷом додани рафтори хосе, чун намоз, рӯза ва кироати Қуръон мебошад; ирфон мунсариф сохтани зеҳн аз мосивои Аллоҳ ва таваҷҷуҳи комил ба зоти ҳақ барои тобиши нури ҳақ бар сар ва қалби ориф аст. Аз ҷумлаи охири гуфтори Ибни Сино бармеояд, ки гохе зуҳд бо ибодат, ибодат ба ирфон ва ирфон бо зуҳду ибодат мураккаб мешаванд. Аз ин рӯ як нафар метавонад дар як замон ҳам зоҳид бошад ва ҳам обид, ё ҳам обид бошад ва ҳам ориф ва ё ҳам обид ва ҳам ориф. Вале аз гуфтори Шайхурраис чунин натиҷа низ метавон гирифт, ки як шахс метавонад зоҳид, ё обид бошад, вале ориф набошад, аммо мумкин нест, ки шахс ориф бошад, вале зоҳид ва обид набошад. Ин аз он сабаб аст, ки байни зоҳид, обид ва ориф сифатҳои хосу ом ва мутафовит зиёд аст. Худи Ибни Сино ба ин ҷиҳати масъала ишора кардааст. «Бидон, ки зуҳд ба наздики ғайри ориф «муъомилате» аст гуйӣ, ки матоъи дунё ба матоъи охират медиҳад. Ва ба наздики ориф [зуҳд] танзеҳ ва покизагӣ аст аз ҳар чӣ сирри вайро машғул кунад аз ҳақ ва такаббур аст бар ҳамаи чизҳо, ки ҷуз аз ҳак аст. Ва ибодат наздики он кас, ки ориф нест, ҳам «муъомилате» аст ва гӯйӣ амале андар дунё мекунад аз барои музде, ки ба охират ба вай диҳанд ва он савоб аст. Ва ба наздики ориф ибодат риёзате аст ҳиммathҳои ӯро ва қувватҳои нафси ӯро, чун [қувватҳои] мутаваҳҳим ва мутахайила, то дар вай одат шавад бозгардидан аз ҷониби гурур ба ҷониби ҳақ, то ба хадде расад, ки ин қувватҳо мусолим ва мутовиъи сирри ботин шаванд, яъне он ҳангом, ки нафс истиҷлои

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.265.

маъқулоти ҳақ кунад аз ҷиҳати мабодӣ ва бо вай мунозиъат накунад, то нафс ба ақли фаъол пайвандад ва чизҳо дармеёбад ва нури вай бар вай метобад. Ва ин ҳол ӯро малакае шавад мустаққар, то ҳар вақт ки хоҳад, ӯро иттилоъ афтад бар нури ҳақ. Ва ҳеҷ қувват ӯро музоҳимат накунад, бал ӯро ёрӣ диҳанд, то ба ҳамагии худ мунхарит бошад дар силки қудс».[1] Хулоса, аз назари Ибни Сино ориф, бар хилофи обид ва зоҳид, ки охиратро ба матоъи дунё мехаранд, ҷуз хоҳони ҳаққи Аввал, хоҳони чизи дигаре нест. Бинобар ин зуҳд ва ибодати ӯ на аз рӯи риё, на аз рӯи тарс, на аз рӯи тамаъ, балки танҳо аз рӯи васл ба ҳаққи Аввал аст. Ибни Сино собит менамояд, ки ориф ба ин ҳадаф танҳо дар сурате метавонад даст ёбад, ки роҳи тариқат ва сайру сулукро пеш гирифта ва чандин мақомотро тай карда бошад. Ин андешаи ӯ, чунон ки гуфтем, албатта натиҷаи таълими таҷрибаи орифронаи худи ӯ нест, чунки ӯ ҳаёти орифона ба сар набурдааст, балки таъмими таҷрибаи суфиён ва орифони замонаш, чун Харақонӣ ва Абусаъид Абулхайр аст. Ибни Сино дар натиҷаи таъмими амалияи ирфонии орифони замонаш ба ин натиҷа расидааст, ки ориф дар сайри такомулии худ бояд чандин мақомоту дараҷотро тай кунад:

1. Иродат: «Аввали дараҷаи ҳаракоти орифро «иродат» хонанд. Ва иродат он чиз аст, ки он касе, ки мустабсир бошад ба яқини бурҳонӣ, ё он кас, ки нафси ӯ ба-д-он ақида, ки ӯро ҳосил аст, сукун ёфта, аз худ ёбад, ки ӯро рағбат бошад, ки даст дар ҳабли Илоҳӣ занад ва сирри ӯ ба ҷониби Қудс ҳаракат кунад, то руҳ иттисол ба он ҷиҳат дарёбад. Ва модом ки дараҷаи вай ин аст, вай мурид бошад».

2. Риёзат: «Баъд аз ин ҳол мурид мӯҳтоҷ бошад ба риёзат. Ва бидон, ки риёзат аз барои се ғараз аст. Яке, он ки ҳарчи ҷуз аз ҳак аст, аз роҳи ихтиёр баргирад. Дуввум, он аст, ки нафси аммораро тоъатдори нафси мутмаинна гардонад, то қуввои тахайюл ва ваҳм мунҷазб шаванд ба таваҳҳумоте, ки муносиби амри қудсӣ бувад ва аз таваҳҳумоте, ки муносиби корҳои зерин бошад, бозгардад. Ва ғарази саввум он аст, ки сирри вай латиф шавад бедориро. Ва ғарази аввал ёридиҳанда бар он зуҳди ҳақиқӣ аст. …Ва ғарази дуввумин муъин бошад бар он чанд чиз: яке ибодат кардан ба фикрат; дуввум, алҳоне, ки истихдоми қувваи нафсонӣ кунад… Ва ғарази саввум муъин бошад бар он фикре латиф ва ишқе афиф, ки фармоянда андар он шамоил маъшуқ бувад, на султони шаҳват».

3. Авқот: «…Чун иродат ва риёзат ба ҳадде расад, андаруфтад ӯро халасоте лазиз аз нури ҳақ бар вай, ҳамчунон ки барқе бидаравшад ва андарҳол бимурд. Ва наздики эшон ин ҳолро

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.247-248.

«авқот» хонанд. Ва ҳар «вақтеро» ду вақд муктанаф бошад [яъне, фаро гирад]: яке ба вай ва яке бар вай [яъне, яке пеш аз вай ва яке пас аз вай]. Ва баъд аз он чун дар иртиёз (риёзат) имъон ва мудовимат ва муболиғат кунад, аз ин ҳол ӯро бисёр падид ояд».

4. Дар ҳама чиз дидани ҳақ: Баъд аз ин агар чи дар риёзат набошад «ба ҳадде расад, ки ба ҳар чи андарнигарад, аз он ба ҷаноби қудс гардад ва аз кори қудсӣ чизе ба ёд оварад. Ва он ҳол бар вай муставлӣ шавад, то чунон шавад, ки пиндорӣ дар ҳама чизҳо ҳақро мебинад».

5. Сакина ва муъорафа: дар ин мақом «риёзати вай ба ҳадде расад, ки вақти вай сакина шавад ва он чи чун рабуда буд, маълуф [одат] шавад ва қарор гирад. Ва он чи ҳам чун барқе буд, ки бидиравшидӣ ва андар ҳол фурӯ нишастӣ, чун нуре собит шавад ва вайро аз он муъорафаи мустакар [шиносоии муҳкам] ҳосил ояд ва сӯҳбати ин ҳол бо вай мустақар бимонад. Ва вай мустамтиъ ва мултаз бошад ба хуррамӣ ва баҳҷати он ҳол. Ва чун аз вай баргардад ва рӯй ба коре дигар орад саргардон ва дарднок бошад».

6. Мушоҳадаи осори ҳақ: «…Чун риёзат аз ин бигзарад ва ба найл расад сирри ботини ӯ ойинаи зудуда шавад, ки дар баробари ҳақ дошта ва ӯ дар он осори ҳақ мушоҳида мекунад. Ва гӯйи он лаззоти бузург бар вай мерезанд ва ба худ хуррам мебошад, аз он руй ки осори ҳақ андар вай бувад. Ва ӯро дар ин ҳолат назаре бо ҳақ бошад ва назаре бо нафси хеш ва ҳануз мутараддид бошад».

7. Ғайбат аз хеш: Баъди риёзати бештар ва даст шустан аз ҳама шавоғили дунё ориф «аз хештан ғоиб шавад ва назари вай бар ҷониби Қудс мақсур бошад. Ва ба хештан назар аз он рӯй кунад, ки нигариши ҳақ ба вай аст, на аз он рӯй, ки вайро он рутбат ҳосил аст ва он ҷо ҳақиқат расидан аст». [1]

Хулоса, Ибни Сино мақомот ва дараҷоти орифонро натиҷаи сайру сулуки онҳо медонад. Ҳосили ин сайру сулук ва тай кардани мақомот ва дараҷоти гуногун орифро комилан аз худ бегона месозанд ва ба шинохти воқеъӣ ва ҳақиқии ҳақ мерасонанд, ки ҷуз ӯ чизи дигаре намебинад.

Дар заминаи ҳамин дарки сайру сулук ва мақомоту дараҷоти ирфонӣ Ибни Сино ирфонро чунин таъриф менамояд: «Ибтидои ирфон»[2] мунқатеъ гаштан ва даст бидоштан аст аз ҳар чи ҷуз ҳақ аст ва бигзоштан ва андохтани ҷумлаи чизҳо ҷуз аз ӯ ва баъд аз он муболиға намуданаст ва имъон кардан дар ҷамъ. Ва он ҷамъи сифоти ҳақ аст зотеро, ки хоҳони сидқ аст. Ва баъд

1Дар бораи мақомот ва дараҷоти ирфон ниг.: Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.251-254.

2 Дар матни тарҷима «маърифат» омадааст. Вале дар матни аслии араби «ал-ъирфон» аст. Бинобар ин мо ин ислоҳро ворид кардем.

аз он расидан аст ба якӣ ва он гоҳ истодан аст». [1] Ин таърифи ирфон, ки Ибни Сино эҷод кардааст, ҳақиқати ирфонро бисёр саҳеҳ ва равшан баён менамояд ва аз садҳо таърифҳои ирфон, ки пеш аз ӯ ва баъд аз вай тадвин шудаанд, моҳияти ирфонро возеҳтар ва ошкортар ифода месозад. Масалан, дар қарни ҳаштуми ҳичрӣ, ки даврони авҷи низомҳои ақидатии ирфон ва тасаввуф буд, Қайсарӣ (ваф.750 ҳ.) дар рисолаи «Тавҳид ва нубувват ва валоят»-и худ ирфонро чунин таъриф кардааст: «Ирфон иборат аст аз илм ба ҳазрати ҳаққи субҳон аз ҳайси асмо ва сифот ва мазоҳираш ва илм ба аҳволи мабда ва маъод ва ба ҳақоиқи олам ва чигунагии бозгашти он ҳақоиқ ба ҳақиқати воҳиде, ки ҳамон зоти аҳадии ҳақ Таъоло аст ва маърифати тариқи сулук ва муҷоҳида барои раҳо сохтани нафс аз тангноҳои қайд ва банди ҷузъият ва пайвастан ба мабдаи хеш ва иттисофи вай ба наъти итлоқ ва куллият».[2] Аммо ин таърифи Қайсарӣ таърифи бисёр омаест ва вижагиҳои хоси ирфонро мушаххасан ифода намекунад. Дар асл он таърифи ирфон нест, балки расми ирфон аст.

Як нуктаи муҳимми дигари андешаи Ибни Сино дар бораи ирфон аз он иборат аст, ки аз назари ӯ дар он хавфи санавият ниҳон аст. Ин хавф дар он маврид рух медиҳад, ки агар ориф ирфонро барои ирфон ихтиёр кунад, яъне ирфонро барои улуҳият пайдо кардани худ ихтиёр кунад, на барои шинохти Аллоҳ ва иттисол ба он. Ибни Сино худ навиштааст: «Ҳар кас, ки ихтиёри ирфон кунад аз барои ирфон вай мушрик бувад ва дуӣ гуфта бошад. Ва ҳар ки ирфонро [3] чунон ёбад, ки гӯё худ намеёбад, балки маъруфро ёбад, пас хавз дар қаъри вусул [кунад]»[4].

Намати даҳуми «Ишорот ва танбеҳот» «Андар асрори оёт» ном дорад. Агар аз рӯи номи ин намат қазоват кунем, шояд ба ин натиҷа бирасем, ки майлони Ибни Сино аз фалсафа ба ирфон дар ҳамин намати китоб дарҷ ва зоҳир шудааст. Вале чун матни китобро қироат кунем ва мазмуни онро таҳқиқ намоем, маълум мешавад, ки Ибни Сино дар ин намати асари худ сабабҳои табиъии амалҳои хориқулъодаи орифонро ҷустуҷӯ ва таҳлил кардааст. Омӯхтан ва ҷамъбаст кардани асрори оёти орифон ба ӯ имкон додаст, ки хусусияти кулли доштани асли сабабиятро собит созад. Дар ин замина ӯ як андешаи бисёр муҳиммро баён кардааст: афъол ва аъмоли орифон, ки дар назари аввал муъҷиза менамоянд, дар воқеъ баста ба сабабе ҳастанд ва аз ҳудуди қонунмандии табиъи (ва ё ба истилоҳи худи Ибни

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.254.
2 Иқтибос аз Сайид Якҳё Ясрибӣ. Ирфони назарӣ. Нашри чаҳорум. Теҳрон. 1380. С.27-28.
3 Дар ҳар се маврид дар матни тарҷима «маърифат» аст. Калимаи «Ирфон» ба ҳасби матни арабӣ ворид карда шуд.
4 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.254.

Сино – мазҳаби табиъат) берун нестанд. Барои исботи ин фикр овардани чанд иқтибосро зарур мешуморем:

1. «Чун ба ту расад, ки орифе имсок кард [даст боздошт] аз қуте, ки ӯро ҳаррӯзӣ муқаддар бувад, муддате, ки муътод набошад, ки андар он қут аз худ бозгирад, онро тасдиқ кун ва мункир мадор ва эътибор кун он ҳол ба мазҳаби табиъат…»

2. «Чун ба ту расад, ки орифе ба қуввате, ки ӯрост тоқати феъле дошт, ки он феъл аз вусъи мисли ӯ берун бошад, онро инкор макун ва бовар дор, ки ба сабаби он роҳ тавонӣ ёфт, чун эътибори мазҳаби табиъат кунӣ».

3. «Чун ба ту расад, ки орифе аз ғайб хабар дод ва рост омад, чунон ки аз чизе башорате диҳад, ё анзоре кунад [огоҳӣ диҳад], ӯро рост дон ва имон ба-д-он овардан бар худ сахт мадор, зеро ки онро дар мазҳаби табиъат асбобе маълум аст».

4. «Бувад, ки ба ту расида бошад чизҳо аз орифон ба қалби одатӣ ва ту ба рад кардани он шитобӣ ва дуруғ кунӣ. Ва ин маънӣ монанди он аст, ки гӯянд орифе аз барои мардум борон хост ва эшонро барон доданд, ё беморонро шифо хост, эшонро шифо омад, ё бар қавме дуъои бад карданд ва хусуфу зилзила эшонро ҳалок кард, ё ба вақҳе дигар ҳалок шуданд, ё эшонро дуъо кард то вабо ва марг ва тӯфон ва офати дигар аз эшон мундафиъ гашт, ё дадакон эшонро фармонбардор шуданд, ё мурғон аз эшон нарамиданд ва монанди чунин чизҳо, ки на аз қабили муманеъи сирф бошад. Чун бишнавӣ таваққуф кун ва шитоб макун, ки дар асрори табиъат монанди ин аҳволро асбобе аст…».[1]

Ибни Сино таҳқиқи асрори оёти орифонро ҷамъбаст карда ба ин натиҷа мерасад, ки ҳама падида ва ҳаводисе, ки дар назари аввал муъҷиза менамоянд, сабабҳои хос доранд ва аз қонунмандии табиъӣ, ё мазҳаби табиъат (ба истилоҳи худи Ибни Сино) берун нестанд. Ба ҳамин маъни ӯ навиштааст: «Бидон ки корҳои ғарибе, ки дар олам падид ояд аз се мабда бошад. Яке ҳайати нафсонӣ, чунон ки баён кардем. Дуввум хавоси аҷсоми унсурӣ, чунон ки ҷазби мағнотис оҳанро ба сабаби қуввате, ки ба вай мутахассис аст. Саввум, қувваҳои осмонӣ, ки миёни эшон ва миёни мизоҷҳои аразии махсус ба ҳайате вазъӣ, ё миёни эшон ва миёни қувватҳои нуфуси аразии махсус ба афъоле, ё инфиъоле муносибате бувад ва ба-д-он сабаб осоре ғариб падид ояд. Ва «сеҳр» аз қабили қисми аввал аст, балки мӯъҷизот ва каромот [низ]. Ва «найранҷот» аз қабили қисми дуввум аст. Ва «тилисмот» аз қабили қисми саввум аст…».[2]

Агар Ибни Сино дар «Ишорот ва танбеҳот» аз фалсафа ба

1 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. С.258; 260-261; 272.
2 Ҳамон асар. С.275.

ирфон майл мекард, ӯ ҳаргиз дар ин асараш асли сабабиятро бо қатъияти том дифоъ намекард ва барои муъҷиза, каромот ва найранҷот сабаби табиъӣ намеҷуст, зеро инкори сабабият яке аз аслҳои калом, ирфон ва тасаввуф аст ва Ҷалолуддини Балхӣ ин ақидаи суфиён ва орифонро чунин назм кардааст:

Ҷумла Қуръон аст дар нафйи сабаб,
Иззи дарвешу ҳалоки Булаҳаб.
Мурғи бобили ду-се санг афканад,
Лашкари зафти ҳабашро бишканад.
Ҳаст дар асбоб асбоби дигар,
Дар сабаб мангар, дар он афкан назар.
Анбиё дар қатъи асбоб омаданд,
Муъҷизоти хеш бар кайвон заданд.
Бе сабаб мар баҳрро бишкофтанд,
Бе зироъат чоши гандум коштнад.
Ҳамчунин з-оғози Қуръон то тамом,
Рафзи асбоб асту иллат ва-с-салом.
Дар ҳақиқат иллати асли Худост,
В-ин сабабҳои дигар рафъи Худост.[1]

Ба ин тариқ, таҳлили мухтасари мавзуъоти мантиқ, табиъиёт ва илоҳиёти «Ишорот ва танбеҳот» нишон медиҳад, ки Ибни Сино дар ин асараш ба усули фалсафаи машшоъ содиқ мондааст. Баррасии наматҳои 8-10 ин асар, ки ба баёни мавзуъҳои ирфон ва тасаввуф бухшида шудаанд, ақидаи касонеро, ки майлони Ибни Синоро аз фалсафа ба ирфон собит карданианд, тасдиқ наменамояд. Дар ин наматҳои асари худ Ибни Сино моҳияти ирфонро чун як файласуф таҳлил карда заминаҳои равоншинохтӣ ва маърифатшинохтии онро ошкор кардааст. Вақте як файласуф моҳияти ирфон, аслҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии онро таҳлил ва баррасӣ менамояд, ин чунин маъни надорад, ки худи вай ориф аст, ё ба ирфон майл кардааст. Ба мисли ҳамин вақте, ки як мутакаллим назари файласуферо таҳлил ва нақд мекунад ин чунин маъно надорад, ки ӯ ба фалсафа майл кардааст.

Вале сарфи назар аз ин унсурҳои ирфонӣ ва каломиро дар фалсафаи Ибни Сино комилан наметавон рад кард. Ин гуна унсурҳо дар низоми фалсафӣ ва илоҳиёти ӯ вуҷуд доранд ва мо онҳоро дар мавридҳои дахлдор дар ин асар баррасӣ кардаем. Ақидаҳои Ибни Сино дар бораи мабдаҳои муфориқи ҳастӣ, сабаби ниҳои ҳастӣ, файз (судур)-и олам, воҳиббуссувар, ақли фаъол ва ғайра бешак оҳанги каломӣ ва ирфонӣ доранд. Лекин ин унсурҳо аз калом, ё ирфон гирифта ва иқтибос нашудаанд, балки ҷузъҳои таркибии фалсафаи машшоии худи Ибни Сино мебошанд.

1 Ҷалолуддини Румӣ. Маснавӣ. Дафтари дувум. С.258.

ХУЛОСА

Мо дар ин китоб масоили зиндагӣ, осор, сарчашмаҳои ақоид, низоми фалсафӣ, назариёти мантиқӣ, фалсафӣ ва илоҳиётшиносии Шайхурраисро ба таври муъҷаз баён кардем. Ин таҳлил моро ба хулосаҳои зайл овард:

1. Манбаъъи умдаи фалсафаи Ибни Сино фалсафаи антиқаи Юнону Рим, хусусан фалсафаи машшоияи Арасту аст, ҳарчанд осори вай нишон медиҳад, ки ӯ бо назариёти дигар намояндагони фалсафаи антиқа, чун Афлотун, Эмпедокл, Анаксагор, Гераклит, Демокрит, Зенон, Парменид, Афлутин, Прокл ва дигарон низ шинос будааст. Таҳлили қаринаӣ ва татбиқии осори Ибни Сино нишон медиҳад, ки ақидаи роиҷ, ки мувофиқи он фалсафаи ӯ гӯё аз таркиби фалсафаи Арасту, Афлотун ва Афлутин (васеътар бигирем – аз таркиби Арастуия, Афлотуния ва навафлотуния) иборат аст, дуруст ва барҳақ нест, зеро Шайхурраис усули меҳварии фалсафаи Афлотун, яъне назарияҳои мусул, тазаккуру ва мусулгароии риёзии ӯро қотеъона рад мекард. Вале ин чунин маъно надорад, ки дар фалсафаи ӯ тамоюлҳои афлотунӣ, навафлотунӣ ва ирфонӣ комилан вуҷуд надоранд.

2. Ҳарчанд таъсири фалсафаи антиқа дар ташаккули ақоиди фалсафии Ибни Сино бузург аст, вале боисрор бояд гуфт, ки нубуғи ӯ маҳсули шароити таърихию фарҳангии замони Сомониён аст, ки барои ворид ва ҳазм шудани арзишҳои фарҳангии антиқа дар Осиёи Марказӣ шароити мусоид ба вуҷуд овард ва эҳё, рушд ва такомули фарҳанги бумии аҷдодони моро таъмин намуда, дар шахси Форобӣ, Ибни Раббани Табарӣ, Абӯбакри Розӣ, Мотридӣ (Мотуридӣ)-и Самарқандӣ, Абулҳасани Омирӣ, Абуалӣ Мискавейх, Абуррайҳони Берунӣ ва бисёре дигарон барои тавлиди нубуғи Ибни Сино вазъи фарҳангӣ ва ақлонии зарурӣ фароҳам овард. Набояд фаромӯш карда, ки Ибни Сино чун олим ва файласуф дар фазои маънавии ҷомеъае ба камол расид, ки мафкураи расмиаш динии мубини Ислом буд ва дар он ғайр аз суннати фалсафаи машшо, дигар ҷараёнҳои динӣ-фалсафӣ, чун «Ихвонус-сафо», калом, тасаввуф ва ғайраҳо низ вуҷуд доштанд. Ин ҷараёнҳои фикрӣ дар ҳаёти маънавии ҷомеъа ва ташаккули нубуғи Ибни Сино таъсири бориз доштаанд.

3. Даъвои муҳаққиқоне (чӣ Шарқӣ ва чӣ Ғарбӣ), ки дар симои Ибни Сино танҳо шореҳи содаи Арасту ва пайрави одии Форобиро мебинанд, комилан асосе надорад. Таҳлили мухтасари мантиқ, фалсафа ва илоҳиёти мутафаккир шинон дод, ки ӯ гарчи суннати Арасту – Форобиро давом додааст, вале дар айни ҳол низоми бузурги фалсафиеро эҷод кардааст, ки дар осори онҳо вуҷуд надорад. Ба замми ин ӯ андеша, фарзия ва назарияҳои нави бисёреро пешкаш намудааст, ки дар навиштаҳои онон ба чашм намерасанд.

Барои ба ин хулоса бовар кардан, зарур аст қисматҳои ҳамин асар, ки таҳлили мухтасари назарияҳои мантиқӣ, фалсафӣ ва илоҳиётшиносии Ибни Синоро шомил аст, бо тавоҷуҳ ва диққат мутолаъа шаванд. Таҳлили мабсут ва муфассали осори Ибни Сино бешак метавонад нерӯи ибтикории ӯро бештар ҳувайдо гардонад. Бо назардошти ибтикороти Шайхурраис бе муболиға метавон гуфт, ки таълимоти фалсафии ӯ марҳалаи наве дар тараққии афкори фалсафӣ буд ва тамоми рушду нумувви баъдии фарҳанги маънавӣ умуман ва фарҳанги фалсафӣ хусусан, зери таъсири андеша, фарзия ва назарияҳои файзбахши ӯ сурат гирифтааст. Барои ба ин хулоса эътимод пайдо кардан сайри мухтасар дар фалсафаи ишроқи Шиҳобуддин Суҳравардӣ, тараққии калом, тасаввуф ва фалсафаи мутаолиҳаи мактаби фалсафии Исфаҳон, ки намояндагони барҷастаи он Мир Финдирискӣ, Мирдомод, Садрои Шрозӣ ва ҳоҷии Сабзаворӣ буданд, зарур аст.

4. Равияи асосии ҷаҳонбинии фалсафаи Ибни Синоро на моддагароӣ (материализм), на мусулгароӣ (идеализм), на ҳамахудоӣ (пантеизм) на санавия (дуализм), балки худогароӣ (деизм) ташкил медиҳад. Ин хулосаи мо натиҷаи назарияҳои зерини ӯст:

• ҳастӣ мабдаҳои мобаъдуттабиъӣ ва табиъӣ дорад. Мабдаҳои мобаъдуттабиъӣ, хусусан Воҷибулвуҷуд, заминаҳои аввалин ва ниҳоии ҳастии моддӣ мебошанд. Мабдаҳои моддии ҳастӣ – модда, сурат, ҷисм – заминаҳои наздик ва дуюмӣ ҳастанд;

• аз рӯи назарияи сабабияти мутафаккир сабаби якум ва ниҳоии ҳастӣ қувваи муфориқа ва ғайримоддии Воҷибулвуҷуд мебошад, вале сабабҳои наздиктарини ашё ҷисмҳои моддианд;

• олам амри ибдоъӣ аст. Аз рӯи ин назария Аллоҳ чун Холиқи Воҷибулвуҷуд аз ҷиҳати мақом, мартаба, зот ва вазъ аз олам бартарӣ дорад. Он худ ба худ Воҷибулвуҷуд буда дар ҳастии худ ба ҳеҷ сабабе ниёз надорад. Вале олам ба зоти худ танҳо ҳастии имконулвуҷуд аст ва фақат тавассути Воҷибулвуҷул метавонад воҷибулвуҷуд ба ғайр гардад;

• ҳаракат, макон ва замон хусусияти ибдоъӣ дошта, қадим ва абадианд ва ҷуз Аллоҳ ба онҳо чизе пешӣ надорад. Аллоҳ нисбат ба ҳаракат ва макон аз рӯи мақом, мартаба ва вазъ пешӣ дорад. Дар замон онҳо ҳамқадиманд;

• аз рӯи назарияи файз (судур)-и Ибни Сино аввалин чизе, ки Аллоҳ офаридааст, Ақли кулл аст. Мавҷудоти дигар тавассути ақлҳои даҳгона содир шудаанд, яъне Аллоҳ файёзи аввал ва ниҳоии олам аст, фаёзи наздики мавҷудот ақлҳои даҳгонаанд.

5. Фалсафаи Ибни Сино нигарон ба дини мубини Ислом аст, ки дар шароити Асрҳои Миёна падидаи комилан зарурӣ буд. Ин нигаронӣ дар ҳастишиносии ӯ дар шакли эътирофи мабдаҳои муфориқи ҳастӣ зоҳир гаштааст. Дар маърифатшиносии Ибни Сино нигаронӣ ба дин дар таълимоти вай доир ба ҳадс, ақли қудсӣ ва

ақли фаъол мушоҳида мешавад. Вале ин нигаронӣ ба дин дар фалсафаи ахлоқ, манзилдорӣ ва сиёсати мудуни мутафаккир боризтар ба чашм мерасад. Нигаронии фалсафаи Ибни Сино ба дин амри табиъист, зеро дар Асрҳои Миёна ҳаёти ҷомеъа зери султаи дин қарор дошт ва ҳеҷ як мутафаккир наметавонист онро сарфи назар кунад.

6. Чунон ки пеш ишора шуд (Боби ҳаштум) дар адабиёти илмӣ ақидае вуҷуд дорад, ки Ибни Сино бо гузашти замон алоқаашро бо Арасту пурра гусаст, фалсафаи машриқии хосси худро таъсис дод ва ба мавқеи ирфон ва тасаввуф майл кард. Мо дар асоси таҳлили мухтасари ҷузъҳои боқимондаи «Ҳикмати машриқия», рисолаҳои рамзии ӯ ва «Ишорот ва танбеҳот»-и ӯ ба ин натиҷа расидем, ки ин ақида комилан ғалат аст. Вале барои ҳалли қотеъонаи ин қазия, аз як сӯ, таҳлили мабсути татбиқии «аш-Шифо» бо «Ҳикмати машриқия», «Ишорот ва танбеҳот» ва рисолаҳои тамсилии ӯ, ва аз сӯи дигар, муқобалаи татбиқии ин осори вай ба «Ҳикмат-ул-ишроқ»-и Шаҳубуддин Суҳравардӣ ва «Мабоҳис-ул-машриқия»-и Фахриддини Розӣ зарур аст. Дар ин маврид таҳлил ва баррасии мукотиботи вай ба Абусаъид Абулхайр – орифи ҳамасри ӯ низ басе муфид хоҳад буд.

7. Барои дақиқ муайян кардани нақши Шайхурраис дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ низ зарур аст:

• баёни муфассал ва мабсусти ҳама масоиле, ки дар ин китоб мухтасар ва муъҷаз баррасӣ шудаанд;

• таҳқиқи густурдаи мақом ва нақши ӯ дар таърихи фалсафаи Шарқ ва Ғарб, баррасии таъсири ӯ дар тараққии машшоияи шарқ, калом, тасаввуф, фалсафаи ишроқ, ҳикмати мутаолиҳа ва ҳикмати мутаъолияи мактаби фалсафии Исфаҳон;

• таҳқиқи татбиқии мушаххаси таълимоти фалсафии вай бо назариёти мадрасиён (схоластикҳо)-и асрҳои 12-13 ва мутфаккирони Давраи эҳёи Аврупо.

КИТОБИЁТ-

1. МАЪХАЗҲО

1. ابن سينا.- المباحثات – عبد الرحمن بدوي. ارسطو عند العرب. القاهرة، ١٩٧٨.
2. ابن سينا.- كتاب الحكمة المشرقية. مخطوط في مكتبة سليماني في استنبول. رقم ٢٤٠٤.
3. ابن سينا. رسايل في اسرار الحكمة المشرقية. ليدن، ١٨٨٩-١٨٩٩.
4. ابن سينا. منطق المشرقيين. القاهرة، ١٩٨٢.
5. ابن سينا. رساله در روانشناسي. تهران، ١٣١٥.
6. ابن سينا. مبحث عن القوي النفسية. القاهرة، ١٣٢٥.
7. ابن سينا. رسايل. تهران ، ١٣٢٦.
8. ابن سينا.رساله منطق دانشنامهء علاي. همدان ، ١٣٨٣.
9. ابن سينا. الاهيات دانشنامهء علاي. همدان ، ١٣٨٣.
10. ابن سينا. طبيعيات دانشنامهء علاي. همدان ، ١٣٨٣
11. ابن سينا. رساله در كيفيت و حقيقت سلسلهء موجودات. تهران، ١٣٣١.
12. رسالهء نفس. تهران، ١٣٣١. ابن سينا.
13. ابن سينا. قراضهء طبيعيات. تهران، ١٣٣٢.
14. ابن سينا. مبدأ و معاد. تهران، ١٣٣٣.
15. ابن سينا. روانشناسي شفاء. چاپ سوم. تهران، ١٣٤٨.
16. ابن سينا. مجمع الرسايل. حيدراباد، ١٣٥٤.
17. ابن سينا. رسالة اضحوية في الامر المعاد. القاهرة، ١٩٥٤.
18. ابن سينا. النجاة. القاهرة، ١٣٣٧.
19. ابن سينا. الشفاء. منطق.١-المدخل.القاهرة، ١٣٧١(١٩٥٢).
20. ابن سينا. الشفاء. منطق.٢ - المقولات.القاهرة،٨ ١٣٧.
21. ابن سينا. الشفاء. المنطق. ٣- العبارة. القاهرة، ١٩٧٠.
22. ابن سينا. الشفاء. المنطق. ٤- القياس، القاهرة، ١٣٨٤.
23. ابن سينا. البرهان. القاهرة، ١٩٥٤.
24. ابن سينا. الشفاء. المنطق. ٦-الجدل، القاهرة، ١٣٧٥-١٩٦٥.
25. ابن سينا. الشفاء. المنطق. ٧- السفسطة، القاهرة، ١٣٧٧-١٩٥٨.
26. ابن سينا. الشفاء. المنطق.٨- الخطابة، القاهرة، ١٣٨٣ - ١٩٥٤.
27. ابن سينا. الشفاء. المنطق. ٩- الشعر، القاهرة، ١٣٨٦-١٩٦٦.
28. ابن سينا. الشفاء. الطبيعيات. ٢- السماء و العالم، ٣ – الكون و الفساد. ٤ – الافعال و الانفعالات. القاهرة، ١٩٧٣.
29. ابن سينا. الشفاء. الطبيعيات. ٦- النفس. القاهرة، ١٣٥٩-١٩٧٥.
30. ابن سينا. الشفاء. الطبيعيات. ٧- النبات. القاهرة، ١٣٧٤-١٩٦٥.
31. ابن سينا. الشفاء. الالهيات (١-٢) بمناسبة الذكري الالفية للشيخ الرييس.
32. ابن سينا. فن سماع طبيعي. تهران، ١٣١٦.
33. ابن سينا. فنون سماع طبيعي. تهران، ١٣١٩.
34. ابن سينا. تعليقات. القاهرة، ١٩٧٣.
35. ابن سينا. اشارات و تنبيهات. تهران. ١٣٣١.
36. ابن سينا. الاشارات و التنبيهات مع شرح نصير الدين الطوسي، القسم ١-٤ الطبعة الثانية، دار المعارف بمصر.

37. ابن سينا. عيون الحكمة. بيروت، ١٩٨٠.
38. ابن سينا. هدية الرييس للامير. مصر، ١٣٣٤.

39. Ибн Сина. Об образовании гор и минералов (фрагмент из книги «Исцеление») // Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. М., 1961.
40. Ибн Сина. О душе (фрагмент из книги «Спасение») // Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. М., 1961.
41. Ибн Сина. Математические главы «Книги знания». Душанбе, 1967.
42. Ибн Сина. Трактат о любви // Серебряков С.Б. Трактат Ибн Сины (Авиценны) о любви. Тбилиси, 1967.
43. Ибн Сина (Авиценна). Избранное. М., 1980.
44. Ибн Сина. Трактат об определении // Общественные науки в Узбекистане. 1980. № 8-9.
45. Ибн Сина. Жизнеописание // Абу Али ибн Сина. Избранные произведения. Т.1. Душанбе, 1980.
46. Ибн Сина. Даниш-намэ // Абу Али ибн Сина. Избранные произведения. Т.1 Душанбе, 1980.
47. Ибн Сина. Указания и наставления // Абу Али ибн Сина. Избранные произведения. Т.1. Душанбе, 1980.
48. Ибн Сина. Освещение // Абу Али ибн Сина. Избранные произведения. Т.1. Душанбе, 1980.
49. Ибн Сина. О душе // Ибн Сина. Избранные произведения. М., 1980.
50. Ибн Сина. Трактат о птицах // Ибн Сина. Избранное. М., 1980.
51. Ибн Сина. Канон врачебной науки. Книги 1–5. Ташкент, 1957–1966; 2-е издание. Ташкент, 1979 – 1983.
52. Ибн Сина. Переписка с Беруни // Абу Али ибн Сина. Избранные произведения. Т.1. Душанбе, 1980.
53. Ибн Сина. Книга исцеления. (Перевод пятого раздела физики «Исцеления», называемого метеорологикой и минералогией) // Известия Отделения общественных наук АН Таджикской ССР. 1953. № 4.
54. Ибн Сина. Восточная философия // Абу Али ибн Сина. Сочинения. Т.2. Душанбе, 2005.
55. Ибн Сина. Руководство по философии // Абу Али ибни Сина. Сочинения. Т.2. Душанбе, 2005.
56. Ибн Сина. Трактаты // Абу Али ибн Сина. Сочинения. Т.2. Душанбе, 2005.
57. Аверроэс. Опровержение опровержения. Санкт-Петербург, 1999.
58. Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. М., 1960.
59. Избранные трактаты Плотина // Вера и разум. 1898.

60. Прокл. Первоосновы теологии. Тбилиси, 1972.
61. Ибни Сино. Рисолаи саргузашт // Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб, ҷ.1. Душанбе, 1980.
62. Ибни Сино. Донишнома // Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб, ч.1. Душанбе, 1980.
63. Ибни Сино. Ишорот ва танбехот // Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб, ҷ.1. Душанбе, 1980.
64. Ибни Сино. Мабда ва маъод // Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб, ҷ.1. Душанбе, 1980.
65. Ибни Сино. Дар баёни таксими нуфус // Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб, ҷ.2. Душанбе, 1980.
66. Ибни Сино. Рисолаи нафс // Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб, ҷ.2. Душанбе, 1980.
67. Ибни Сино. Дар аксоми улуми аклӣ // Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб, ҷ.2. Душанбе, 1980.
68. Ибни Сино. Дар баёни кайфият ва иллати будани замин // Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб, ҷ.2. Душанбе, 1980.
69. Ибни Сино. Таъбири руъё // Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб, ҷ.2. Душанбе, 1980.
70. Ибни Сино. Дар хакикат ва кайфияти силсилаи мавчудот ва тасалсули асбобу мусаббабот // Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб, ч.2. Душанбе, 1980.
71. Ибни Сино. Давохои дарди дил // Абуали ибни Сино. Осори мунтахаб, ҷ.2. Душанбе, 1980.
72. Ибн Сина. Ҳикмат-ул-машриқия. – Абӯалӣ ибни Сино. Осор. Ҷилди 2. Душанбе, 2005.
73. Ибни Сино. Осор. Ҷилди 1-5. Душанбе, 2005-2009.
74. Носири Хусрав. Куллиёт. Осори фалсафӣ ва динӣ. Душанбе, 2003.
75. Носири Хусрав. Куллиёт. Осори фалсафӣ. Душанбе, 2003.
76. Носири Хусрав. – Дирӯз, имрӯз, фардо. Хуҷанд, 2005.
77. Ibn Sina (Avicenna). Livre des directives et remarques (kitab al-isarat wa l-tanbihat). Trad. par..M.Goichon. Beyrouth – Paris, 1951.
78. Avicenna. Le livre de science. Trad. par. M.Achen et H.Masse. Paris, 1955, v.1-2.
79. Ibn Sina (Avicenna). Pcychologie d'apre's son oevra as-Sifa. Ed. et trad. par. J.Bakos, Prague, 1956, v.1-2.
80. Avicenna. De anima. Ed. F.Rahman. London, 1959.
81. Ibn Sina (Avicenna). La methaphysique du Shifa. Trad. par. C.C.Anavati. Paris, 1978.
82. Averroes. Tahafut al-tahafut, vol. 1-2. Oxford, 1954.
83. Avicenna. Traites myctiques. Texte arabe avec explication francaise par A.F.Mehren, fasc. 1-4. Liyde 1889-1899.
84. Avicenna. The prepositional logic. A translation from (al-Sifa): ai-Qiyas by N.Shehaby. Boston, 1973.
85. ابن خلكان. وفيات الاعيان. المجلد الاول. القاهرة، ١٩٤٧.

86. ابن ابي اصيبعة – عيون الانباء. القاهرة، ١٨٨٢.
87. ابن القفطي. تـــأريخ الحكماء. ليبزيک، ١٩٠٣.
88. ابن رشد. تلخيص ما بعد الطبيعة. بيروت، ١٩٥٨.
89. ابن حوقل. صورة الارض، تهران، ١٣٤٥ ه. ش
90. عامري. الاعلام بمناقب الاسلام، تهران، ١٣٦٧. الحسن ابو
91. ابو بكر بن زكريا الرازي. رسايل فلسفية. القاهرة ١٩٣٩.
92. ابو حامد الغزالي. تهافت الفلاسفة. بيروت، ١٣٤١.
93. ابو حامد الغزالي. المنقض من الضلال ، الطبعة الخامسة، دار الكتب الحديثة، ١٣٧٥.
94. ابو عبد الله محمد ابن احمد مقدسى. احسن التقاسيم فى معرفة الاقاليم. چاپ دوم، تهران ١٣٨٥
95. اسطخري، ابو اسحاق ابراهيم مبسالک و ممالک تهران، ١٣٤٨ ه
96. باقلاني. التمهيد في الرد علي الملحدة و المعطلة و الرافضة و الخوارج و المعتزلة. القاهرة، ١٣٧٧
97. بهمنيار ابن المرزبان. التحصيل. تهران ، ١٣٧٥.
98. بيهقي. تتمة صوان الحكمة. لاهور، ١٩٣٥.
99. جابر انصاري اصفهاني. تأريخ اصفهان و ري. تهران، ١٩٤٣.
100. چهارده مقاله. تهران، ١٣٤٠.
101. خاقاني شيرواني. ديوان. تهران، ١٣٣٤.
102. خاقاني شيرواني. تحفة العراقين. تهران، ١٣٣٣.
103. دورهء اثاز فلوطين "تا سوعات". جلدهاي ١-٣ انايدهاي ١- ٩. تهران، ١٣٦٦هـ.ش.
104. رسائل ابو الحسن عامرى. تهران ١۴٧٥
105. رسايل اخوان الصفاء. ج ١-٥. بيروت، ١٣٧٦-١٣٧٧.
106. سهروردي شهاب الدين. مجموعه مصنفات شيخ اشراق. ج ١-٣. تهران ، ١٩٧٦- ١٩٧٧.
107. سيد شريف جرجاني. التعريفات. اسلامبول، ١٣١٧.
108. سيف الدين محمد فرغاني. ديوان. جلد يک، تهران، ١٣٤١.
109. شراف الدين سامي. قاموس الاعلام. استامبول، ١٣٤١.
110. شيخ عطار. منطق الطير. تهران، ١٣١٩.
111. شيخ عطار. اسرارنامه. تهران، ١٣١٦.
112. عبد الرحمان جامي. ديوان كامل. تهران، ١٣٤١.
113. عبد القاهر بغدادي. تأريخ مذاهب اسلام، ١٩٣٣.
114. عبد الكريم شهرستاني. كتاب نهاية الاقدام في علم الكلام. بغداد مكتبة المثني.
115. عبد الكريم شهرستاني. الملل و النحل. الجزء الثاني.القاهرة. ١٩٦١.
116. عبد الكريم شهرستاني. كتاب المصارعة مع شيخ الرييس ابو علي ابن سينا. مخطوط في مكتبة معهد القازان.
117. عمر بن سهلان الساوي. كتاب المصارعة. مخطوط في مكتبة معهد القازان.
118. عمر خيام. رسايل. دار النشر للادب الشرقية. موسكو ١٩٦٢.
119. فخر الدين رازي لباب الاشارات – ابن سينا. الاشارات و التنبيهات و لباب الاشارات از فخر الدين رازي. تهران، ١٣٢١.
120. فخر الدين الرازي. رسالة الكمالية في الحقايق الالهية. تهران، ١٣٣٥.
121. فخر الدين الرازي. البراهين در علم كلام. تهران، ١٤٣١.
122. فخر الدين الرازي المباحث المشرقية. ج ١-٢. تهران، ١٩٦٦.
123. قرآن المجيد
124. مجد الدين سناي. ديوان. تهران، ١٣٤١.

125. ناصر خسرو. جامع الحكمتين. تهران، ١٩٣٥.
126. ناصر خسرو. زاد المسافرين. تهران، ١٣٨٣.
127. نصير الدين طوسي. اساس الاقتباس. تهران. ١٣٢٥.
128. نصير الدين طوسي. اخلاق ناصرى. تهران. ١٣٦٤.
129. نصير الدين طوسي. شرح الاشارات ابن سينا. الاشرات و التنبيهات مع شرح نصير الدين الطوسي ج ١-٤، الطبعة الثانية، دار المعارف بمصر.
130. نصير الدين طوسي. تلخيص المحصل. تهران. ١٣٥٩.

131. Абу-л -Фазл Бейхаки. История Масъуда. М., 1969.
132. Аль-Фараби. Философские трактаты. Алма-Ата, 1970.
133. Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. Алма-Ата, 1973.
134. Аристотель. О душе. Соч. Т.1. М., 1976.
135. Аристотель. Метафизика. Соч. Т.1. М., 1976.
136. Аристотель. Первая аналитика. Соч. Т.2. М., 1978.
137. Аристотель. Вторая аналитика. Соч. Т.2. М., 1975.
138. Аристотель. Топика. Соч. Т.2. М., 1976.
139. Аристотель. О софистических опровержениях. Соч. Т.2. М., 1978.
140. Аристотель. Физика. Соч. Т.3. М., 1981.
141. Абурайхан Беруни. Избранные произведения. Т.3. Ташкент, 1976.
142. Газзали Абу Хамид. Избавляющий от заблуждения // Абу Хамид Мухаммад ал-Газзали.Опровержение философов. Душанбе,2008.
143. Газали Абу Хамид. Воскрешение наук о вере. М., 1980.
144. Газзали Абу Хамид. Опровержение философов. Душанбе, 2008.
145. Ибн Рушд. Опровержение опровержения // Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. М., 1961.
146. Ибн Туфейль. Роман о Хайе, сыне Якзана // Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. М., 1961.
147. Ленин В.И. Материализм и эмпириокритицизм. Полн. собр. соч.Т.18.
148. Ленин В.И. Философские тетради. Полн. собр. соч. Т. 29.
149. Маркс К. К критике гегелевской философии права // Маркс К. и Энгельс Ф. Соч. 2-е изд., т.1.
150. Маркс К. Тезисы о Фейербахе // Маркс К. и Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. Т.3.
151. Маркс К. и Энгельс Ф. Святое семейство или критика критической критики // Маркс К. и Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. Т.2.
152. Кайковус А. Кабус-намэ. М., 1958.
153. Низами Арузи Самарканди. Собрание редкостей. М., 1963.
154. Насир-и Хисрау. Книга путешествий. М.-Л., 1935.
155. Носири Хусрав. Избранное. Душанбе, 2003.
156. Носири Хусрав. Зад ал-мусафирин // Припасы путников. Душанбе, 2005.

157. Омар Хайям. Трактаты. М., 1961.
158. Платон. Менон // Платон. Сочинения. Т. 1. М., 1968.
159. Платон. Федон // Платон. Сочинения. Т. 2. М., 1970.
160. Платон. Федор // Платон. Сочинения. Т. 2. М., 1970.
161. Платон. Государство // Платон. Сочинения. Т. 3, ч.1. М., 1971.
162. Платон. Тимей // Платон. Сочинения. Т. 3, ч.1. М., 1971.
163. Платон. Теэтет // Платон. Сочинения. Т. 2. М., 1970.
164. Плотин. Эннеады. Первая – шестая «Эннеады». М., 2004.
165. Худуд-ал-Алем. Рукопись Туманского с введением и указаниями В.В.Бартольда. Л., 1930.
166. Прокл.Первоосновы теологии. Тблиси, 1972.
167. Энгелсь Ф. Анти-Дюринг // Маркс К. и Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. Т.20.
168. Энгельс Ф. Диалектика природы // Маркс К. и Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. Т.20.
169. Энгельс Ф. Людвиг Фейербах и конец классической немецкой философии // Маркс К. и Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. Т. 21.

2. ТАҲҚИҚОТ

170. Абдуллаев М.А. Ибн Сина и естественнонаучная мысль в Дагестане // Абу Али ибн Сина и естественные науки. Материалы конференции. Ташкент, 1981.
171. Абу Али ибн Сина и мировая цивилизация // Тезисы докладов международной научной конференции. Душанбе, 2005.
172. Александров Г.Ф. Учение Аристотеля о категориях бытия // Аристотель. Категории. М., 1939.
173. Арабзода Н. Мир идей и размышления Носира Хусрава. Душанбе, 2005.
174. Асимов М.С. Великий гуманист // Известия АН Таджикской ССР, ООН. 1980. № 3.
175. Асимов М.С. Великий энциклопедист и естествоиспытатель // Вопросы истории естествознания и техники. 1980. № 4.
176. Асимов М.С. Авиценна и мировая цивилизация // Народы Азии и Африки. 1980. № 5.
177. Асимов М.С. Величие Авиценны // Вопросы истории. 1980. №8.
178. Асимов М.С., Диноршоев М. Ибн Сина и его роль в развитии мировой цивилизации // Ибн Сина. Избранные философские произведения. М., 1980.
179. Асимов М., Диноршоев М. Вклад Ибн Сино в мировую цивилизацию // Ибн Сино и средневековая философия. Душанбе, 1981.
180. Асмус В.Ф. Абу Али ибн Сина // Новый мир. 1952. № 8.
181. Асмус В.Ф. Проблема интуиции в философии и математике. М., 1963.
182. Асмус В.Ф. Античная философия. М., 1976.
183. Ахундов М.Д. Концепция пространства и времени: истоки,

эволюция, перспективы. М., 1982.
184. Ашуров Г.А. Философские взгляды Носири Хисрава. Душанбе, 1965.
185. Бабаев К. Ибн Сина в средневековой Европе // Известия АН Тадж. ССР. ООН. №3.
186. Баратов М.Б. Мировоззрение Абу Али ибн Сины // Ибн Сина. Канон врачебной науки. Т.1. Ташкент, 1981.
187. Баратов М.Б., Булгаков П.Г., Каримов У.И. Абу Али ибн Сина. Ташкент, 1980.
188. Бертельс Е.Э. Предисловие к кн. «Кабус-намэ». М., 1958.
189. Бертельс Е.Э. История таджикско-персидской литературы // Избранные произведения. Т.1. М., 1960.
190. Бирюков Д.В. О синтезе философского и естественнонаучного знания в трудах Абу Али ибн Сины // Абу Али ибн Сина. Его медицинские и некоторые философские воззрения. Материалы республиканской научной конференции, посвященной 1000-летию Абу Али ибн Сины. Ташкент, 1979.
191. Бирюков Д.В. Онтологическое содержание учения Ибн Сины о человеке, его жизни и бессмертии // Вестник Каракалпакского филиала АН Узбекской ССР. 1980. № 3.
192. Блонский П.П. Философия Плотина. М., 1918.
193. Богданов И. Абу Али ибн Сина. София, 1974 (на болгарском языке).
194. Богоутдинов А.М. Великий мыслитель средневековья // Литературный Таджикистан. Альманах, кн. 5. Сталинабад, 1953.
195. Богоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии. Сталинабад, 1961.
196. Болтаев М.Н. Вопросы гносеологии и логики в произведениях Ибн Сины и его школы. Душанбе, 1966.
197. Болтаев М.Н. Абу Али Ибн Сина – великий мыслитель, ученый-энциклопедист средневекового Вос-тока. Ташкент, 1980.
198. Болтаев М.Н. Абу Али ибн Сина. М., 2002.
199. Булгаков П.Г. Жизнь и труды Беруни. Ташкент, 1972.
200. Булгаков П.Г. Энциклопедизм Ибн Сины // Абу Али ибн Сина и естественные науки. Материалы научной конференции, посвященной 1000-летию со дня рождения Абу Али ибн Сины (Авиценны). Ташкент – Бухара, 1981.
201. Булгаков П.Г. Значение сведений Беруни для изучения деятельности Ибн Сины // Общественные науки в Узбекистане. 1980. № 8-9.
202. Бунге М. Интуиция и наука. М., 1967.
203. Бурабаев М.С. Великий ученый и мыслитель // Вестник АН Казахской ССР. 1980. № 11
204. Бурабаев М.С., Курмангалиева Г. Преемственность во взглядах ал-Фараби и Ибн Сины и проблема противоречия в их учении // Известия АН Казахской ССР. ООН. 1981. № 2.

205. Быховский Б.Э. Философское наследие Ибн Сины // Вопросы философии. 1955. № 5.
206. Быховский Б.Э. Эрозия «вековечной» философии. М., 1973.
207. Быховский Б.Э. Сигер Брабантский. М., 1979.
208. Гафуров Б.Г., Касымжанов А.Х. Аль-Фараби в истории культуры. М., 1975.
209. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. М., 1972.
210. Гафуров Б.Г. Идея конечности и бесконечности в трудах мыслителей Средней Азии // Труды Самаркандского университета им. А.Навои. Новая серия, № 357, 1978.
211. Гегель Г.В.Ф. Эстетика. Т.1. М., 1968.
212. Гегель Г.Ф. Лекции по истории философии // Гегель Г.Ф. Соч. М.
213. Георгиев Ф.И., Дубовской В.И. и др. Чувственное познание. М., 1965.
214. Геюшев З.Г. Ибн Сина и Средневековая азербайджанская этическая мысль // Торжество разума. Душанбе, 1988.
215. Григорян С.Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана VII – XII вв. М., 1960.
216. Григорян С.Н. Средневековая философия народов Ближнего и Среднего Востока. М., 1966.
217. Джалилов А. Наука и искусство эпохи Абу Али ибн Сины // Мушкилоти Ибни Сино. Душанбе, 1980.
218. Джибладзе Г. Системы Авиценны. Тбилиси, 1985.
219. Джонбобоев С. Ибн Сина об отношениях общих понятий и объективной реальности // Торжество знаний. Душанбе, 1980.
220. Джохадзе Д.В. Диалектика Аристотеля. М., 1971.
221. Джумабаев Ю.Д. Этические взгляды Абу Али ибн Сины. Торжество разума. Душанбе, 1988.
222. Диноршоев М. Философия Насириддина Туси. Душанбе, 1968.
223. Диноршоев М. Гносеология Газали и ее мировоззренческая сущность // Известия АН Таджикской ССР. ООН. 1976. № 4
224. Диноршоев М. Философские основания «Канона врачебной науки» Ибн Сины // Известия АН Таджикской ССР. ООН. 1979. № 1.
225. Диноршоев М.Философская онтология Ибн Сины // Известия АН Таджикской ССР. ООН. 1979. № 2.
226. Диноршоев М. Ибн Сина о природе познания // Известия АН Таджикской ССР. ООН. 1979. № 4.
227. Диноршоев М. Ибн Сина и его философские воззрения // Абу Али ибн Сина. Избранные произведения. Т.1. Душанбе, 1985.
228. Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе, 1980.
229. Диноршоев М. Рационалистическая тенденция гносеологии Ибн Сины // Рационалистическая традиция и современность. М., 1990.

230. Диноршоев М. Учение Ибн Сины о необходи-мосущем и возможносущем и его мировоззренческая сущность // Известия АН РТ. Серия: философия и правоведения. 1996. № 3-4.
231. Диноршоев М. Ибн Сина: от метафизики к теологии и универсальной науке // Известия АН РТ, серия: философия и правоведения. 2001. № 1-4.
232. Диноршоев М.Проблема разума и веры в трудах Мухаммада ал-Газзали // Известия АН РТ, серия: философия и правоведения. 2001. № 1–4.
233. Диноршоев М. Фараби и развитие таджикской философии // Известия АН РТ. Серия: философия и правоведения. 2001. № 1-4.
234. Диноршоев М. Зажегший свет разума и посеявший семена знания // Абу Али ибн Сина (Авиценна). Сочинения. Т.1. Душанбе, 2005.
235. Диноршоев М. Носири Хусрав и его «Зад ал-мусофирин» // Носири Хусрав. «Зад ал-мусофирин» – «Припасы путников». Душанбе, 2005.
236. Диноршоев М. Абу Хамид Мухаммад ал-Газзали и его «Опровержение философов //Абу Хамид Мухаммад ал-Газзали. Опровержение философов. Душанбе, 2008.
237. Диноршоева З. М. Мухаммад Ал-Газзали и его отношение к философии. Душанбе, 2002.
238. Дмитриченко В.С., Тихолаз А.Г. Таджикский ученый-энциклопедист. Философска думка. Киев. 1980. № 5.
239. Додихудоев Х.Д. Очерки философии исмаилизма. Душанбе, 1976.
240. Додихудоев Х.Д. Ибн Сина и гносеологический материализм // Известия АН Таджикской ССР. ООН. 1979. № 2
241. Додихудоев Х.Д. Философия крестьянского бунта. Душанбе, 1989.
242. Диалектика научного познания. М., 1978.
243. Жураев Ш. Ибн Сина об элементах противоречий материального мира // Общественные науки в Узбекистане. 1979. № 7
244. Жураев Ш. Некоторые вопросы противоречивости познавательного процесса во взглядах Ибн Сины // Общественные науки в Узбекистане. 1975. №3.
245. Жураев Ш. Элементы диалектики в воззрениях Ибн Сины. Ташкент, 1980.
246. Жураев Ш. Идеи Ибн Сины о диалектическом характере движения // Абу Али ибн Сина. К 1000-летию со дня рождения. Ташкент, 1980.
247. Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. Душанбе, 1980.
248. Закуев А.К. Психология Ибн Сины. Баку, 1958.
249. Закуев А.К. Философия «Братьев чистоты». Баку, 1961.
250. Западная философия от истоков до наших дней. Т. 1-4. СПб., 2004–2006.

251. Захидов В.Ю. Некоторые аспекты мировоззрения Ибн Сины // Абу Али ибн Сина. К 1000-летию со дня рождения. Ташкент, 1980.
252. Зуфаров К.А., Арзуметов Ю.С. Абу Али ибн Сина – врач, философ, энциклопедист // Наука и жизнь. 1981. № 1.
253. Ибрагим Тауфик Камель. Атомистика калама и ее место в средневековой арабо-мусульманской философии. Автореф. дис. М., 1978.
254. Иванов А.В., Миронов. Университетские лекции по метафизике. М. 2004.
255. Идибеков Н. Ибн Сина о свободе воли // Торжество разума. Душанбе, 1988.
256. Имамалиева Р. Вопросы причинно-следственной связи в книге Ибн Сины «Даниш-намэ» // Общественные науки в Узбекистане. 1979. № 12.
257. Имамходжаева А. Малоизученный трактат Ибн Сины о душевных силах // Общественные науки в Узбекистане. 1982. № 7.
258. Ирисов Б.А. Сирийские ученые о наследии Ибн Сины // Общественные науки в Узбекистане. 1982. № 8.
259. История Узбекской ССР. Т.1. Ташкент, 1967.
260. История философии. Т. 1-3. М. 1941–1943.
261. История философии. Т. 1-6. М. 1957–1965.
262. Каримов У.Н. Классификация наук по Ибн Сине // Материалы первой Всесоюзной научной конференции востоковедов в Ташкенте 4–11 июня 1957 г. Ташкент, 1958.
263. Касымджанов А.Х. Абунаср аль-Фараби. М., 1982.
264. Кедров Б.М. О методе изложения диалектики. М., 1983.
265. Кедров Б.М. День одного великого открытия. М., 1958.
266. Кедров Б.М. Античная натурфилософия о началах и элементах природы // История античной диалектики. М., 1972.
267. Киладзе Н.В. О сопоставлении некоторых философских терминов Ибн Сины и грузинского мыслителя XI–XII вв. Иоанна Петрици // Торжество разума. Душанбе, 1988.
268. Кисель М.А. Судьба старой дилеммы. М., 1974.
269. Камили А. Физика ар-Рази и Ибн Сины. М.: 1999.
270. Комили А. Физика Авиценны. Душанбе, 2005.
271. Концепции современного естествознания. М., 2003.
272. Копнин П.В. Проблемы диалектики как логики и теории познания. М., 1982.
273. Краинская Э.Б. Диалектический целостный подход к изучению человека в трудах Абу Али ибн Сины. Оценка наследия Абу Али ибн Сины в области физических упражнений. Ташкент, 1982.
274. Кубесов А. Методология естествознания у Фараби и Ибн Сины // Торжество разума. Душанбе, 1988.
275. Кузнецов Б.Г. Эволюция картины мира. М., 1961.
276. Кулматов Н. Фахриддин Рози. Душанбе, 1980.
277. Кулмуродов У. Вопросы чувственного познания в произве-

дениях мыслителей Средней Азии эпохи Средневековья // Научные труды Таш.ГУ, 1973, вып. 453.
278. Курбонмамадов А. Проблемы прекрасного в эстетической концепции Ибн Сины // Торжество разума, 1988.
279. Лей Г. Очерк истории средневекового материализма. М., 1962.
280. Ленинская теория отражения и современность. София, 1969.
281. Лифшиц Г.М. Абу Али ибн Сина – выдающийся представитель средневековой науки и культуры // Вестник Белорусского Государственного университета им. В.И.Ленина. Серия III. История. Философия. Науковы коммунизм. Экономика. Права. 1980. № 2.
282. Логика научного исследования. М., 1965.
283. Логико-гносеологические идеи мыслителей Средней Азии. Ташкент, 1981.
284. Лунин Б.В. Библиографический указатель советской литературы об Абу Али ибн Сине и издании его произведений (1918–1978 гг.) // Общественные науки в Узбекистане. 1979. №4
285. Маджижов Р.М., Гордеев В.Д. Неврологические воззрения Ибн Сины. Ташкент, 1980.
286. Майоров Г.Г. Формирование средневековой философии. Латинская патристика. М., 1979.
287. Майоров Г.Г. К вопросу об эволюции аристотелизма в средние века // Известия АН Таджикской ССР. ООН. 1981. № 2
288. Маковельский А.О. Велики таджикский философ Абу Али ибн Сина. // Труды исторического факультета Азербайджанского госуниверситета, серия философских наук. Вып. 2. Баку, 1958.
289. Маковельский А.О. История логики. М., 1967.
290. Мамедов Ш.Ф. Философия Абу Али ибн Сины // Из истории философии народов СССР. М., 1982.
291. Мамедов З.Дж. Азербайджанские представители школы Ибн Сины // Торжество разума. 1980.
292. Математика и астрономия в трудах Ибн Сины, его современников и последователей. Ташкент, 1981.
293. Мееровский Б.В. Джон Толанд. М., 1979.
294. Муродова Т. О некоторых аспектах теории эманации с точки зрения Авиценны и Носира Хусрава // Торжество разума, 1988.
295. Мухаммедходжаев А. Мировоззрение Фаридиддина Аттора. Душанбе, 1974.
296. Мухтор Ш. Абу Али ибн Сина во Франции // Известия АН Таджикской ССР. ООН. 1980. № 3.
297. Налчаджян А.А. Некоторые психологические и философские проблемы интуитивного знания. М., 1972.
298. Немов Р.С. Психология. Т. 1–3. М., 2005–2007.
299. Насимов А. Чувственное познание в восточном перипатетизме // Торжество разума. Душанбе, 1988.
300. Насимов А. Теория отражения восточного перипатетизма и

ее истоки // Известия АН Таджикской ССР. ООН. 1982. № 4.
301. Насыров Р.Н. Идеи рационализма в воззрениях Ибн Сины // Общественные науки в Узбекистане. 1980. № 1.
302. Наумкин В.В. Трактат Газали «Воскрешение наук о вере» // Газали Абу Хамид. Воскрешение наук о вере. М., 1980.
303. Нуралиев Ю.Н. Система медицины Ибн Сины. Душанбе, 2005.
304. Общая психология. М., 1983.
305. Ойзерман Т.И. Главные философские направления. М., 1971.
306. Олимов К. Мировоззрение Санои. Душанбе, 1973.
307. Олимов К. Ибн Сина и суфизм // Известия АН Таджикской ССР. ООН. 1979. № 2.
308. Панов В.Г. Чувственное, рациональное, опыт. М., 1976.
309. Петров Б.Д. Ибн Сина – великий среднеазиатский ученый-энциклопедист // Ибн Сина. Канон врачебной науки. Т.1. Ташкент, 1981.
310. Петров Б.Д. Ибн Сина. 980 – 1037. М., 1980.
311. Полемика Г.Лейбница и с Кларком. М., 1960.
312. Пулатов А.Т. Ибн Сина и его вклад в неврологию. Душанбе, 1980.
313. Рожанский И.Д. Развитие естествознания в эпоху античности. М., 1979.
314. Рожанская М.М. Ибн Сина как механик // Абу Али ибн Сина. К 1000-летию со дня рождения. Ташкент, 1980.
315. Раджабов М. Абдурахман Джами и таджикская философия XV в. Душанбе, 1968.
316. Рахимов М. Философия человека Абу Али ибн Сины (Авиценны), Душанбе, 2005.
317. Рахматуллаев Н. Влияние Авиценны на философскую мысль средневековой Западной Европы // Материалы республиканских конференций молодых ученых Тадж. ССР. Душанбе, 1975.
318. Рахматуллаев Н. Философские взгляды Ибн Сино в «Указаниях и наставлениях». Душанбе, 1980.
319. Рахматуллаев Н. Об отношении Ибн Сино к мистицизму. Душанбе, 1988.
320. Решетова В.Ф. Фараби и ибн Сина о свободе воли // Общественные науки в Узбекистане. Ташкент, 1967. №2
321. Рза-Кулидзаде С.Д. Роль Ибн Сины в развитии средневекового свободомыслия // Торжество разума. Душанбе, 1988.
322. Рике Д. Критика идеалистического натурализма: методологическое засорение американской философии // Современная прогрессивная философская и социологическая мысль в США. М., 1977.
323. Роузенталь Ф. Торжество знания. М., 1978.
324. Сагадеев А.В. Ибн Рушд (Аверроэс). М., 1973.
325. Сагадеев А.В. Ибн Сина. М., 1980.
326. Сагадеев А.В. Список и хронология трудов Ибн Сины по

анонимному дополнению к биографии мыслителя, составленной Абу-Убайдом аль-Джузджани // Ибн Сина (Авиценна). Избранное. М., 1980.

327. Сагадеев А.В. Ибн Сина как систематизатор средневекового научного знания // Вестник АН СССР. 1980. № 11.

328. Сагадеев А.В. От Авиценны к Ибн Сине: опыт адекватной реконструкции восточно-перипатетической мысли // Абуали ибн Сина. К 1000-летию Абуали ибн Сины. Ташкент, 1980.

329. Сагадеев А.В. Бахманьяр аль-Азербайджани о некоторых основоположениях философии Ибн Сины // Вопросы философии. 1980. №5.

330. Садыков А.С. Абу Али ибн Сина и развитие естественных наук // Вопросы философии. 1980. №7.

331. Садыков Р.Г. К оценке мировоззрения Ибн Сины // Изв. АН РТ. Серия: философия, экономика, право. 1990. №2.

332. Салдадзе Л.Г. Ибн Сина. Ташкент, 1983.

333. Сайфуллаев Н.М. Логика Ибн Сины. Душанбе, 1991.

334. Сайфуллаев Н.М. Ибн Сина – логик – новатор // Торжество разума. Душанбе, 1988.

335. Сейфуллаев Р.С. Натурфилософские идеи Авиценны // Абу Али ибн Сина и естественные науки. Ташкент, 1981.

336. Сейфуллаев Р.С. Ибн Сина о детерминизме // Торжество разума. Душанбе, 1988.

337. Семенов А.А. Абу Али ибн Сина (Авиценна). Биографический очерк. Душанбе, 1953.

338. Сироджов Ф. Проблема извечности мира в философии Ибн Сины // Торжество разума. Душанбе, 1988.

339. Смирнова О.И. Очерки из истории Согда. М., 1970.

340. Современные философские проблемы естественных, технических и социально-гуманитарных наук. М., 2006.

341. Стратий Я.М. Проблемы натурфилософии в философской мысли Украины XVIII в. Киев, 1981.

342. Современные проблемы теории познания диалектического материализма. Т. 1–2. М., 1970.

343. Соколов В.В. Спиноза и современность. М., 1967.

344. Соколов В.В. Средневековая философия. М., 1979.

345. Соколов В.В. Ибн Сина и проблема универсалий // Торжество разума. Душанбе, 1988.

346. Согдийские документы с горы Муг. Выпуск 2. Юридические документы и письма. Чтение, перевод и комментарии В.А.Лившица. М., 1962. № 1.

347. Степанянц М.Т. К вопросу об изучении философии народов зарубежного Востока // Вопросы философии. 1983. №9.

348. Степанянц М.Т. Концепция «совершенного человека» в творчестве Джалал-ад-дина Руми и Мухаммада Икбала // Творчество Мухаммада Икбала. М., 1982.

349. Степанянц М.Т. Суфийские порывы в философии Ибн Сины // Торжество разума. Душанбе, 1988.
350. Стяжкин Н.И. О развитии идей философии природы в средние века // Философские науки.1983. №2.
351. Сулаймонов Н.С. Теория суждения Ибн Сины // Известия АН Тадж. ССР. ООН. 1980. №3.
352. Султанов М. Гносеология Али Хамадони и ее связь с философской школой Ибн Сины // Торжество разума. Душанбе, 1988.
353. Сучкова Г.Г. Учение Ибн Сины о пространстве и времени // Известия АН Таджикской ССР. ООН. 1980. №3.
354. Терновский В.Н. Ибн Сина. М., 1969.
355. Трахтенберг О.В. Очерки по истории западно-европейской средневековой философии. М., 1957.
356. Турсунов А. К мировоззренческой коллизии фило-софского и теологического // Вопросы философии, № 7, 1980.
357. Турсунов А. «Лишь истина была ему пример» // Природа. 1980. № 9.
358. Турсунов А. Философия Ибн Сины. Истоки, проблемы, исторические судьбы // Философские науки. 1981. № 1.
359. Уемов А.И, О достоверности выводов по аналогии // Философские вопросы современной формальной логики. М., 1963.
360. Уразбеков А.У. Этическая концепция Фараби и Ибн Сины // Торжество разума. Душанбе, 1988.
361. Файзуллаев А.Ф. Вопросы противоречивости движения в философской дискуссии Беруни и Ибн Сины // Общественные науки в Узбекистане. 1968. №10.
362. Файзуллаев А.Ф., Насыров Р.Н. Вопросы истины в философской дискуссии Беруни и Ибн Сины // Общественные науки в Узбекистане. 1970. №6.
363. Файзуллаев А.Ф. Идеи Ибн Сины о диалектике устойчивости и изменчивости в природе // Общественные науки в Узбекистане.1980. №8–9.
364. Файзуллаев А.Ф., Насыров Р.Н. Учение Ибн Сины о познании // Абу Али ибн Сина. К 1000-летию со дня рождения. Ташкент, 1980.
365. Федосеев П.Н. Ибн Сина – великий мыслитель и ученый-энциклопедист // Философские науки. 1981. № 5.
366. Философия естествознания. М., 1966.
367. Фролова Е.А. Ибн Сина и история науки // Вопросы философии. 1968.№ 12.
368. Фролова Е.А. Между умозрением и гипотетико-экспериментальным методом // Ибн Сино и средневековая философия. Душанбе, 1980.
369. Фролова Е.А. Проблема метода в наследии Ибн Сины // Вопросы философии. 1980. № 9
370. Хайруллаев М.М. Бессмертный энциклопедист из Бухары

// Абу Али ибн Сина. Его медицинские и некоторые философские воззрения. Материалы республиканской научной конференции, посвященной 1000-летию Абу Али ибн Сины. Ташкент, 1979.

371. Хайруллаев М.М. Фараби и Ибн Сина // Абу Али ибн Сина. К 1000-летию со дня рождения. Ташкент, 1980.

372. Хайруллаев М.М. Захидов А. Малоизученные страницы наследия Ибн Сины. (О переписке и посланиях) // Вопросы философии. 1980. № 7.

373. Хайруллаев М.М. Абу Наср ал-Фараби. М., 1982.

374. Хайруллаев М.М. Средневековая логика и Абу Али ибн Сина // Торжество разума. Душанбе, 1988.

375. Харенко Е.Д. «Органон» Аристотеля – основа логических исследований Фараби и Ибн Сины // Торжество разума. Душанбе, 1988.

376. Хидоятов Г.А. Крушение Саманидов. Ташкент, 2004.

377. Хуршут Э. Абу Али ибн Сина (Авиценна) и средневековая Европа // Абу Али ибн Сина и естественные науки. Ташкент, 1981.

378. Хусанбаев М. К проблеме единичного и всеобщего в прогрессивной общественно-философской мысли Средней Азии // Общественные науки в Узбекистане. 1966. № 7.

379. Чарыев Г.О. Авиценна и ренессанс // Торжество разума. Душанбе, 1988.

380. Чалоян В.К. Восток – Запад. М., 1968.

381. Черкесов В.И. Материалистическая диалектика как логика и теория познания. М. 1961.

382. Шад П. Теория познания Ибн Сины // Из истории философии. М., 1952.

383. Шаймухамбетова Г.Б. Арабоязычная философия средневековья и классическая традиция. М., 1979.

384. Шаймухамбетова Г.Б. Проблема универсалий в арабоязычной западноевропейской философии средне-вековья // Ибн Сино и средневековая философия. Душанбе, 1981.

385. Шамин А.Н. Труды Ибн Сины в Европе эпохи Возрождения // Вопросы истории естествознания и техники. 1980. № 4.

386. Шарипов А. Великий мыслитель Абу Райхан Беруни. Ташкент, 1972.

387. Шарипов А. Философская переписка Беруни и Ибн Сины // Вопросы философии. 1978. № 10

388. Шарипов А.Д. Трактат «Об определениях» Ибн Сины // Общественные науки в Узбекистане. 1980. № 8-9.

389. Шептулин А.П. Диалектический метод познания. М., 1983.

390. Шидфар Б.Я. Ибн Сина. М., 1981.

391. Штекл А. История средневековой философии. М., 1912.

392. Ярошевский М.Г. Учение Аристотеля о душе и античный детерминизм // Вопросы философии. 1966. № 6.

393. Абуали ибни Сино ва тамаддуни ҷаҳонӣ // Тезисҳои маъру-

заҳои конференсияи байналмилалии илмӣ. Душанбе, 2005.
394. Воҳидов С., Қулматов Н. Абӯали ибни Сино дар назми асрҳои XII – XV // Мушкилоти Ибни Сино. Душанбе, 1980.
395. Диноршоев М., Қулматов Н. Баҳси мутакаллим бо файласуф // Мушкилоти Ибни Сино. Душанбе, 1980.
396. Диноршоев М.Фалсафа дар аҳди Сомониён // Фалсафа дар аҳди Сомониён.,Душанбе,1999.
397. Диноршоев М. Масоили идрок (маърифат) дар фалсафаи Ибни Сино//Фалсафа дар аҳди Сомониён. Душанбе,1999.
398. Диноршоев М.Каломи Мотридӣ // Фалсафа дар аҳди Сомониён. Душанбе,1999.
399. Диноршоев М. Дар бораи фалсафаи Абӯнасри Форобӣ // Фалсафа дар аҳди Сомониён. Душанбе,1999.
400. Диноршоев М., АшуровҒ. Ибни Сино // Энциклопедияи Советии Тоҷик.Ҷилди 2.Душанбе,1980.
401. Диноршоев М. Ибни Сино // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик.Ҷилди 2. Душанбе, 1988.
402. Диноршоев М., Ашуров Ғ. Осори мунтахаби Ибни Сино // Абӯалӣ Ибни Сино. Осори мунтахаб. Душанбе,1980.
403. Диноршоев М. Афрузандаи нури хирад ва афшонандаи тухми маърифат – Абу Али ибни Сино. Осор. Ҷилд 1. Душанбе, 2005.
404. Диноршоев М., Қулматов Н. Баҳси Ф.Розӣ бо Ибни Сино // Садои Шарк. 1980. № 6.
405. Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ. Душанбе, 2005.
406. Осимов М.С. Ҳаким, мутафаккир ва инсонпарвари бузург // Коммунисти Тоҷикистон. 1980. № 9.
407. Осими М. Пайдоиш ва ташаккули тафаккури фалсафӣ. Душанбе, 1970.
408. Сироҷов Ф. Масъалаҳои фалсафаи ҳастӣ дар «Наҷот»-и Ибни Сино. Душанбе, 1980.
409. Султонов М. Аҳамияти «Рисолаи саргузашт» дар омӯзиши аҳвол ва осори Ибни Сино. Душанбе, 1980.
410. Султонов У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абуали Сино. Душанбе, 1975.
411. Султонов У. Муосирони Абӯали ибни Сино. Душанбе, 1980.

412. اربيري ا. مرد شرق در نظر فلاسفهء غرب. ترجمه م. بينا، تهران، ١٩٥٤.
413. الطريحي محمد. ابن سينا. بحث و تحقيق. نجف، ١٩٤٩.
414. العراقي محمد عاطف. فلسفة الطبيعة عند ابن سينا. القاهرة ١٩٧١.
415. بديع الزمان فروزانفر. ابو علي سينا و تصوف. جشن نامه ابن سينا. ج ٢. تهران، ١٣٣١.

416. بو علی سينا. تهران، ١٣٨٨.
417. تاريخ فلسفه شرق و غرب. جلد اول تاريخ فلسفه شرق. تهران ، ١٣۶٧.
418. تاريخ فلسفه شرق و غرب. جلد دوم. تاريخ فلسفه غرب. تهران ، ١٣۶٧.

.

419. تاريخ فلسفه در اسلام. جلدهای ۱-۵. چاپ دوم، تهران ، ۱۳۸۷- ۱۳۹۸.
420. پرويز ناتل خانلري. تأريخ زبان فارسي. جلد هاي ۱-۳. تهران، ۱۳۷۷.
421. تيسير شيخ الارض. المدخل في الفلسفة ابن سينا. بيروت ، ۱۹٦۷.
422. جشن نامه ابن سينا. تهران، ۱۳۳۱-۱۳۳٤.
423. جميل صليبا. فرهنگ فلسفی. انتشارات حكمت، ۱۳۶۶.
424. جميل صليبا. من افلاطون الي ابن سينا. دمشق، ۱۹۵۱.
425. چهاردهي م.م. تاريخ فلسفة الاسلام. ج ۱-۲. تهران، ۱۳۳٦.
426. حاشم رضی. حكمت خسروانی. انتشارات بهشت، ۱۳۷۹.
427. حمود غرابة. ابن سينا بين الدين و الفلسة. القاهرة، ۱۳۲۷.
428. حنا الفاخوري، خليل خليل الجر. تأريخ فلسفة در جهان اسلام. چاپ ۵، تهران، ۱۳۷۷.

429. خياطه سليم. فيلسوف بزرگ پارسي. ارمغان. ۱۹۳۲. رقم ۲.
430. دائرة المعارف بزرگ اسلامی. جلد چهارم. تهران ۱۳۷۵.
431. ذبيح الله صفا. تاريخ علوم عقلي. ج-۱. تهران، ۱۳۲۷.
432. ذبيح الله صفا. تأريخ ادبيات در ايران . جلد هاي ۱-۵، تهران، ۱۳۷۱-۱۳۷۳.
433. روبرت ويسنووسكی. متافيزيک ابن سينا. تهران، ۱۳۸۹.
434. سعيد نفيسي. پور سينا. تهران، ۱۳۳٦.
435. سيد جعفر سجادي. فرهنگ علوم عقلي. تهران، ۱۳۲۱.
436. سيد جلال الدين آشتيانی. هستی از نظر فلسفه و عرفان. تهران، ۱۳۷۶.
437. سيد حسين نصر. نظر متفكران اسلامي در بارهء طبيعت. تهران، ۱۳۳۲.
438. سيد صادق گوهرين. حجت الحق ابو علي سينا. تهران، ۱۳۳٦.
439. سيد نور الحق كاوش. عرفان ابن سينا، كابل، ۱۳۷۲.
440. سيد يحی يثربی. عرفان نظری، چاپ چهارم، تهران، ۱۳۸۵.
441. شاهوردي محمد. فلسفهء ابن سينا. تهران، ۱۳۳۳.
442. شريف م.م. تأريخ فلسفه در اسلام. جلدهاي ۱-٤. تهران ۱۳٦٦- ۱۳۷۰.
443. شيالي. دراسة في تأريخ الفلسة العربية الاسلامية، بيروت ۱۳٤۰.
444. شيخ عبد الله نعمه. فلاسفه شيعه، چاپ اول ، تهران، ۱۳٦۷
445. عارف تامر. ابن سينا في مرابع اخوان الصفا. بيروت، ۱٤۰۳.
446. عبد الامير الاعصم. تأريخ ابن راوندي الملحد. بيروت، ۱۹۷۵.
447. عبد الرحمن بدوي. ارسطو عند العرب. القابرة، ۱۹۷۸.
448. عبد الرحمن بدوي. افلوطين عند العرب. القابرة، ۱۹۷۷
449. عبد الرحمن بدوي. من تأريخ الاحاد في الاسلام. بيروت، ۱۹۸۰.
450. عبد الرفيع حقيقت (رفيع) تاريخ علوم و فلسفه ايران، چاپ اول، تهران، ۱۳۷۶ خورشيدی .
451. عبد الرفيع حقيقت. تاريخ و عارفان ايرانی. چاپ سوم، ۱۳۷۵خرشيدی.
452. عبد الغفور روان فرهادي. ميلان ابن سينا از فلسفه به عرفان. كابل، ۱۳۵۹.
453. عثمان نجاتي. الادراک الحسي عند ابن سينا. مصر، ۱۹٦۱.
454. علي اصغر حلبي. تأريخ فلاسفء ايراني. تهران، ۱۹۷۳.
455. علي اصغر حلبي. تأريخ فلاسف در ايران و جهان اسلامی، چاپ اول. تهران، ۱۳۷۳.

456. علي اصغر حلبي. تأريخ علم كلام در ايران و جهان اسلامی. چاپ دوم، تهران، ۱۹۷۶.

457. علي اصغر حلبي. مبانی عرفان و احوال عارفان. تهران، ۱۳۷۷.
458. علي اكبر سياسي. علم نفس ابن سينا و تطبيق ان با روانشناسي جديد. تهران، ۱۳۳۳.

459. عمر فروخ. تأريخ الفكر العربي. بيروت، ۱۹۸۱.
460. غلام حسين ابراهيم دينان. نصيرالدين طوسی فيلسوف گفتگو. تهران، ۱۳۸۹.
461. غني قاسم. ابن سينا. تهران، ۱۹۳۷.
462. فرهنگ مهر. فلسفه زرتشت. لوس آنژلوس، ۱۹۹٤.
463. قنواتي. مؤلفات ابن سينا. القابرة، ۱۹۵۰.
464. كريم نيرومند. تاريخ پيدايش تصوف و عرفان و سير تحول و تطور آن. تهران، ۱۳۶۴
465. ماجد فخري. سير فلسفة در جهان اسلام. تهران ۱۳۸۲.
466. مبلغ اسماعيل. نقد فلسفة از نظر جامي. كابل، ۱۳۲۳.
467. محمد تقي بهار. سبک شناسي. جلدهاي ۱-۳، تهران، ۱۳۷۰.
468. محمد حسين خليلی. مبانی فلسفی عشق از منظر ابن سينا و ملا صدرا. قم، ۱۳۸۲.
469. محمد خوانساری. فرهنگ اصطلاحات منطق. انتشارات فرهنگ ايران، ۲۵۳۶ شاهنشاهی.
470. محمد صالح حاير مازندراني. حكمت ابو علي ابن سينا. ج ۱-۵. تهران، ۱۳۳۵- ۱۳٤۲.
471. محمد فروغي. ديباچه – ابن سينا. فن سماع طبيعي. تهران ۱۳۱٦.
472. مراد وهبة. يوسف كرم، يوسف شلالة. المعجم الفلسفي. بيروت، ۱۹۷۱.
473. مروة حسين. النزعات المادية في الفلسفة العربية الاسلامية. ج ۱-۲. بيروت، ۱۹۷۸.
474. منوچهر. طبقه بندي علوم از نظر ابو علي سينا. جشن نامه ابن سينا، ج ۲. تهران ۱۳۳۱.
475. مهدوي يحي. فهرست نسخهاي مصنفات ابن سينا. تهران، ۱۲۳۳.
476. موسي دينارشاهوف. از تأريخ فلسفه تاجيک. دوشنبه ۱۹۸۸.
477. هانری كوربين. تاريخ فلسفه اسلامی. تهران،
478. هانری كوربين.ابن سينا و تمثيل عرفانی. چاپ نخست، تهران، ۱۳۸۷.
479. يار علی كرد. نوآوريهای فلاسفه اسلامی در قلم روی ما بعد الطبعه به روايت ابن سينا. قم، ۱۳۸۷.

480. Avicenna. 1.Problem der Philosophie; 2. Wissens-chaftsgeschichte Halle (Saale). 1980.
481. Afnan S.M. Avicenna. His life and works. London, 1958.
482. Bloch Ernst. Avicenna und die Aristotelische Linke. Berlin. Rütten Loening, 1952.
483. Bown H.V.B. Avicenna and the christian philosophers in Baghdad. – in: Islamica philosophy and classical traditions. Colombia, 1973.
484. Broch Frust. Avicenna und die Aristotelische hinre. Berlin, 1963.
485. Corbin H. Avicenna et le Resit vissionaire. Tegeran – Paris, 1954, t. 1-2.

486. Cunningham F.A. Averros vs. Avicenna on being. – The new sholasticism. Washington, 1974, vol. 48.
487. Dingler H. Geschichte der Naturphilosophie. B., 1932.
488. Gardet L. La connaissanse mystigue ches Ibn Sina et ses presupposes philosophigues. Le Caire, 1952.
489. Gershevitch I.A Grammar of manichean Sogdian. Oxford, 1961.
490. Goishon L. La pensée religiuse d'Avicenne. Paris, 1951.
491. Gilson E. L'esprit de La philosophie médiévale. Paris, 1951.
492. Gardet A.M. Le Resit de Hayy ibn Yagzan. Paris, 1959.
493. Gardet A.M. The philosophy Avicenna and its influence of medieval Europe. Tr. From Franch willi notes M.S.Khan. Delhi, Banassidass, 1969.
494. Justi Iranisches namenbuk. Marghbourg, 1845.
495. Labourt J Lt christianisme d ans L'mpire perse Soul La dinastie Sassanide. Paris, 1904.
496. Mahdi M. Islamic philosophy: the Tastern and Western schools – «Cultures». Paris, 1978, vol. 1.
497. Nasr S.H. An introductions to islamic cosmological doctrines. Cambridge, 1964.
498. Naturphilosophie. Von der Spekulation zur Wissenschaft. B., 1969.
499. Rahman F. Avicenna's Psychology. Oxford, 1952.
500. Rousseau M.F. Avicenna and Aguinas on incorruptibility. – New sholasticism. Washington, № 4, 1977, vol. 51.
501. Siassi A.A. La psychologia d'Avicenna et ses analogic dans la psychologia moderne. Teheran, 1956.
502. M.Sharif. A history of muslim philosophy. Wiesbaden 1963-1966, vol. 1-2.
503. Suhel Unver. Tib tarihi. Istanbul, 1943.
504. The Great Turkish Philosopher and Master of Medicine, Ibn Sina (Avicenna), Studies on his Personality and Works. Istanbul, 1937 – Turkish Historical Society (Ankara) Pub. VII Series, Nl.
505. The Questions of Personality and Nationality of Ibn Sina (Avicenna). – Turk Tarih Kurumu Belleteni (Ankara). 4. 13, 1940.
506. Fakhri Majid. A history of islamic philosophy. New York – London, 1970.
507. Ledler B.N. The prince of physicians on the nature of man. Mod. Schoolman. Saint Louis, 1978, vol. 55, 2.
508. Wolfson H.A. The philosophy of the kalam. Cambridge, 1976.
509. Worms W. Die lehre liber die Anfangslosgkeit bei der mittelalterischen arabischen Philosophen. Munster, 1900.

М. ДИНОРШОЕВ

ҶУСТОРҲО ДАР ФАЛСАФАИ ИБНИ СИНО

М. ДИНОРШОЕВ

ИЗЫСКАНИЯ В ФИЛОСОФИИ ИБН СИНЫ

Муҳариррири техникӣ: Ш. Н. Ҳамдамов

Ҳуруфчин: Н. А. Тоҳирова

Мусаҳҳеҳ:

Ба матбаа 20.11.2017 супорида шуд.
Ба чопаш 24.11.2017 иҷозат дода шуд.
Коғази офсет. Андозаи 70х100 1/16.
Ҷузъи чопии шартӣ 40. Адади нашр 1000 нусха.
Супориши № 87.

Бо фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
дар матбааи ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расидааст.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, 36.

512